АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

# РАСОИЛ-УЛ-ЭЪҶОЗ

امیر خسرو دهلوی

# رسایل الاعجاز

ИТОБ БА ИФТИХОРИ ГИРОМИДОШТИ 760-СОЛАГИИ ЯКЕ АЗ АБАРМАРДОН ВА
ІОСДОРОНИ ФАРҲАНГИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ БА ЗЕВАРИ
ТАБЪ ОРОСТА ГАРДИД.

ПАЖӮҲИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҲҚИҚОТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ПАЖӮҲИШГОҲИ ЗАБОН, АДАБИЁТ, ШАРҚШИНОСӢ ВА МЕРОСИ ХАТТИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ**

# РАСОИЛ-УЛ-ЭЪҶОЗ
*маъруф ба*
# ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ

Матни илмӣ-интиқодӣ
бар асоси чаҳор нусха

Бо муқаддима, тасҳеҳи матн, тавзеҳот ва шарҳи луғоту таркибот:
**Мисбоҳиддини Нарзиқул**

Зери назари:
академик **Мамадшо Илолов**
профессор **Худой Шарифов**

Душанбе - 2013

**ББК 83.3(0)9+83.3(2тоҷик)**

Муҳаррири масъул:
**Акбар Турсунов**

Муҳаррирони махсус:
**Тоҷиддин Мардонӣ**
**Шодимуҳаммад Сӯфиев**

Амир Хусрави Деҳлавӣ. Расоил-ул-эъҷоз / Эъҷози хусравӣ. Матни илмӣ-интиқодӣ. Таҳияи матн бо муқаддима, тасҳеҳ, тавзеҳот, таълиқот (шарҳи луғоту таркибот, ибора, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ) ба кӯшиши **Мисбоҳиддини Нарзиқул**.- Душанбе: Дониш, 2013.- 470 саҳ.

Дар ин маҷмӯа барои нахустин бор ба хатти кириллии тоҷикӣ матни комили панҷ рисолаи "Расоил-ул-эъҷоз"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки маъмулан таҳти унвони "Эъҷози хусравӣ" машҳур аст, фароҳам омадааст. Мундариҷаи асосии ин асар фарогири масъалаҳои марбут ба ҳунари нависандагӣ ва дастури нигориш мебошад. "Расоил-ул-эъҷоз" дар асоси чаҳор нусха тасҳеҳ гардида, дар охири ҳар як рисола тавзеҳот ва дар фаровард таълиқот - шарҳи луғоту таркибот, ибора, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ илова шудааст.

Маҷмӯа хидмати адибон, муҳаққиқон, донишҷӯён ва доираи васеи аҳли мутолиа манзур мегардад.

**ISBN: 978-99947-954-3-7**

**© Мисбоҳиддини Н. 2013**

## Муқаддима

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи бузургтарин адибонест, ки мероси ғании манзуму мансур боқӣ гузоштаанд. Дар миёни осори мутааддиди вай китоби «Расоил-ул-эъҷоз», ки бо унвони «Эъҷози хусравӣ» машҳур аст, ҷойгоҳи махсусе дошта, аз нигоҳи таърихи назарияи нависандагӣ, балоғату фасоҳат арзиши адабӣ ва илмии бузурге дорад.

Ҳамаи донишмандони ватанию хориҷие, ки то кунун перомуни муҳтавои "Эъҷози хусравӣ" сухан ба миён овардаву ибрози ақида намудаанд, нусхаи чопи сангии китобро, ки дар шаҳри Лакҳнави кишвари Ҳинд ба зевари табъ ороста гардидааст, дар назар доштаанд. Касе аз онҳо дар бораи мавҷудияти нусхаи хаттии асар иттилоъ надодааст. Роқими ин сатрҳо солҳои зиёд аст, ки ба таҳқиқ ва ба чоп омода кардани матни илмии "Эъҷози хусравӣ" машғул мебошад ва матни илмӣ-интиқодии онро дар асоси чаҳор нусха омода намудааст.

**Нусхаҳои дастнавис ва чопии "Эъҷози хусравӣ".** Феҳристҳои нусахи хаттӣ аз якчанд нусхае дарак медиҳанд, ки аз нигоҳи кайфият ҳамгун нестанд. Бинобар аҳаммияти тахассусӣ доштани мабҳаси нусхашиносии китоби мавриди назар тасвири нусхаҳоро бо таваҷҷуҳ ба маълумоти мундариҷ дар феҳристҳои мавриди назар оварда, тавзеҳоти лозимро илова менамоем. Ҳангоми шарҳи нусхаҳо ба шеваҳои бархурд ва соири мушаххасот низ ишора мешавад:

I. Дар "Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ"- и Аҳмади Мунзавӣ, пас аз овардани маълумоти мухтасар дар бораи асар, аз се нусхаи зерин ёд шудааст:

1. 20235 - нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Малик, таҳти шумораи 2/6180; садаи 12, настаълиқи ҳиндӣ. Оғозаш афтодагӣ дорад.

2. 20236 - нусхаи мавҷуд дар Лоҳур, ки таърихи китобаташ зикр нагардидааст. Дар феҳристи профессор Шеронӣ таҳти шумораи 9/1844/4864 таҳти унвони "Муншаот" ёд шудааст.

3. 20237 - низ нусхаи Лоҳур, ки бидуни таърих буда, дар феҳристи профессор Шеронӣ таҳти рақами 5/6360 зикр шудааст. Дар миёна сурудаҳое ба урду низ дорад.

II. Дар китоби "Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи миллии Малик" аз як нусхаи китоб ёд шудааст, ки таҳти шумораи 6180 дар махзани ҳамон китобхона нигаҳдорӣ мешавад. Китоб таҳти унвонҳои "Расоил-ул-эъҷоз" ва "Эъҷози хусравӣ" муаррифӣ гардида, махсуси тарассул буданаш ёд шудааст. Оғози нусха афтодагӣ дорад.

Ин нусха танҳо рисолаи аввали "Расоил-ул-эъҷоз"-ро шомил мебошад. Микрофилми ҳамин нусха дар китобхонаи марказии Остони қудси разавӣ дар Машҳад маҳфуз аст.

III. Нусхаҳои хаттии маҳфуз дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон инҳоянд:

1. Микрофилми шумораи ф-1583 аз нусхаи хаттии № 3289 - шомили амсоле мебошад, ки аз "Эъҷози хусравӣ" нақл шудааст. Оғозаш чунин аст: чашм аз рӯйи дӯстон равшан шавад, на аз боғу бӯстон...

Ин микрофилм аз панҷ сафҳа иборат аст, сафҳаҳои чоруму панҷум шуморагузорӣ шудааст ва аз он боло танҳо ду саҳифаи дигар ҳаст. Нусхаи асл танҳо аз чор сафҳа иборат аст.

2. Нусхаи хаттии № 3289 - асли микрофилми боло буда, шомили масалҳои баргузида аз «Маҷмаъ-ул-амсол»-и Муҳаммадалии Ҳабларӯдӣ, байтҳое аз «Девон»-и Соиб, «Фарҳанги рашидӣ» ва "Эъҷози хусравӣ" мебошад. Оғози амсоле, ки аз "Эъҷози хусравӣ" баргузида шудааст, монанд ба оғози микрофилм буда, анҷомаш чунин аст: ҷавҳаре, ки оби марворид аз чашмаш фуруд омада бошад, оби марворид кай бинад?!

3. Фотокопияи (нусхаи аксӣ) маҷмӯаи "Расоил-ул-эъҷоз", ки зоҳиран аз рӯйи нусхаи Париж (S.P.II 89) аккосӣ шудааст. Баъзе саҳифаҳо равшану хоно ва баъзе, бахусус саҳифаи аввал, нохоно: қисмати якум саҳафоти 1-84, қисмати дувум саҳафоти 85-165 ва қисмати севум саҳафоти 166-245-ро дар бар мегирад.

Ин фотокопӣ дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон маҳфуз буда, мо низ аз рӯйи он нусхаеро дар даст дорем, ки он шомили рисолаҳои якуму севуму панҷум

мебошад: рисолаи якум аз 89 варақ иборат буда, ба нусхаи Китобхонаи миллии ҶИЭ, ки аз он низ баъдтар ёд хохем кард, хеле шабоҳат дорад; рисолаи севум аз 54 варақ ва нисфи варақи 55 таркиб ёфтааст; аз нисфи дувуми варақи охири рисолаи севум рисолаи панҷум оғоз мешаваду дар 89 варақи дигар идома меёбад. Ҳар се рисола шакли комил доранд. Ҳангоми таҳияи матн бинобар мавҷуд буданаш дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон ин нусха бо нишонаи ДТ мушаххас шудааст.

IV. Нусхаи Китобхонаи Маҷлиси шӯрои исломӣ, таҳти шумораи 13802, ба таври зайл муаррифӣ шудааст: "Расоил. "Эъҷози хусравӣ", аз Амир Хусрави Деҳлавӣ (725-728 қ.), панҷ рисола аст дар номанигорию дастуроту одоби он ва ҳар як дар чанд фасл бо унвони "Хат", асомии расоил чунин аст… Нусхаи ҳозир рисолаи севумро шомил аст, муштамил бар ду хат…". Оғозу анҷоми нусха ҳам зикр шудааст. Таърихи китобати нусха маълум нест.

Ин нусхаро мо дар даст дорем, он танҳо шомили рисолаи севум набуда, балки фарогири рисолаҳои севуму чаҳоруму панҷум ҳам мебошад: аз варақи 1 то нисфи 8, яъне дар 21 сафҳа рисолаи сеюм омадааст, ки комил намебошад; аз нисфи варақи 8 то 106 рисолаи чаҳорум омадааст, ки оғози он аз охири хатти аввали рисола шурӯъ мешавад; аз варақи 106 то 161 рисолаи панҷум сабт гардидааст, ки комил мебошад.

Дар таҳияи матн ин нусха бо нишонаи МИ ишора шудааст.

V. Як нусха аз "Эъҷози хусравӣ" дар Китобхонаи миллии Эрон таҳти шумораи 4648 нигаҳдорӣ мешавад. Мушаххасоти ин нусха ба таври зайл аст: 90 варақ, 15 сатр, андозаи сатрҳо 19×85, қатъ 26×160, навъи коғаз: исфаҳонии нахӯдӣ, бо хатти настаълиқ, ду саҳифаи аввал зарҳалкорӣ, сарлавҳаҳо бо ранги сурх мушаххас шудаанд.

Ин нусха шомили рисолаи аввали "Эъҷози хусравӣ" буда, бо китобати зебо ва хатти хоно аз соири нусах имтиёз дорад. Ҳангоми таҳияи матн ва мавориди лозима бо нишонаи КМ ёд мешавад.

VI. Аҳмади Мунзавӣ дар "Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи Ганҷбахш" як нусхаи асарро бо унвони "Расоил-ул-эъҷоз" ба таври зайл муаррифӣ намудааст: "Расоил-ул-эъҷоз": "Эъҷози хусравӣ", аз Амир Хусрави Деҳлавӣ (725 ҳ. / 1325 м.), дар панҷ рисола ва ҳар рисола дар чанд хатту ҳар хатте дар чанд ҳарф, рисолаҳои панҷгонаи он ҳар як дар панҷ муҷаллад чоп шудааст... 3030 - 4206: настаълиқи пухта, садаи 12 ҳ.қ., анҷом афтодааст...". Ин нусха шомили рисолаи якум буда, аз 116 саҳифа таркиб ёфтааст.

VII. Дар «Феҳристи муштараки нусхаҳои хаттии форсии Покистон», ки он ҳам ба қалами Аҳмади Мунзавӣ мутааллиқ аст, якчанд нусхии "Эъҷози хусравӣ" муаррифӣ гардидааст, ки бинобар адами дастрасӣ ба нусхаҳо аз кайфияти онҳо иттилоъ надорем.

VIII. Китоби мавриди назар бо номи "Эъҷози хусравӣ" дар соли 1872 ва 1876 мелодӣ бо таҳшияи Мавлавӣ Ғуломҳусайн дар Лакҳнав дар ду ҷилд зевари табъ ба бар кардааст. Ҳангоми ба чоп омода кардани асар ин чопи сангӣ низ мавриди истифода қарор дошт. Матни нусхаи мазбур бо нишонаи НЛ ишора шудааст.

Ҷилди аввали китоб шомили рисолаҳои якуму дувум буда, таҳти шумораи 3990 дар китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷилди дуюми он фарогири рисолаҳои севуму чаҳоруму панҷум буда, таҳти рақами 3026 дар шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфуз аст. Дар шуъбаи мазкур як нусхаи дигар ҳам таҳти рақами 5808 мавҷуд аст, ки фарогири рисолаҳои севуму чоруми "Эъҷози хусравӣ" мебошад.

Бино ба маълумоти Муҳаммадвафо Бақоев, "Эъҷози хусравӣ" бори дуюм дар соли 1303 қамарӣ/1886 мелодӣ дар Лакҳнав нашр шудааст, вале ҷойи таассуф аст, ки аз ин нашр дараке пайдо карда натавонистем. Хушбахтона, се ҷилди дар боло зикр кардаамон, ба ҷуз ҳашт саҳифаи рисолаи панҷум, то ба имрӯз дар шакли комил боқӣ монда, бо хатти хоно, саҳифаҳои комил, ҳошияҳои муфассал дар ҳар саҳифа бартарӣ доранд. Ҳашт сафҳаи рисолаи панҷуми ин нусхаро, ки дар ихтиёр надоштем, фурсати такмили он аз рӯйи нусхаи ҳамгуни мавҷуд дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон фароҳам омад.

Ҳангоми таҳияи матни комили "Эъҷози хусравӣ" аз чаҳор нусха истифода гардид, ки мушаххасоти ҳар кадом то ба ин ҷо маълум шуд. Асоси матни рисолаи аввал нусхаи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон, рисолаҳои сеюму панҷум нусхаи

Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон баргузида шуд. Матни рисолаи чаҳорум дар асоси нусхаи Лоҳур ва дар қиёс ба нусхаи Китобхонаи Маҷлиси шӯрои исломии ҶИЭ тасҳеҳ шуд. Дар ҳеҷ як аз нусахи хаттии дастрас матни рисолаи дуюм забт нагардидааст. Аз ин ҷиҳат, ин бахши асар аз рӯйи матни чопи сангии Лоҳур омода гардид. Саҳифаи нусхаи аслӣ дар хилоли матн, дар дохили қавсайн, оварда мешавад.

Мувофиқи қоидаи танзими матни илмӣ дар поварақ тафовути нусхаҳо ва соири андешаҳои марбут ба сиҳҳати матн дода шудааст.

Мушаххасоти расмулхаттии нусхаҳо ба таври зайл аст:

1. Ба ҷойи ҳарфи "гоф" "коф" омадааст, монанди "кумроҳ" ва "барк" ба ҷойи "гумроҳ" ва "барг"(کمراه= گمراه، برک = برگ). Дар матн, ба хотири дарки саҳеҳи ибдоъ ва ихтироъи мусанниф, ҳарфи "гоф" барқарор шудааст.

2. Дигар ҳуруфи хосси алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ, амсоли "п, ж, ч" низ дар шакли муарраб оварда шудаанд, монанди "дебоҷа, бадид, безан" ба ҷойи "дебоча, падид, бежан" («دیباجه، بدید، بیزن» =دیباچه، پدید، بیژن») ва ғайра.

3. Дар НЛ "ё"- и ваҳдат дар калимаҳое, ки бо "ҳ"- и ҳавваз ("ҳ"-и ғайрималфуз) ба охир расидаанд, ба сурати ҳамза навишта шудаанд, ба монанди "калимаи, руқъаи, нуқтаи" (کلمهٔ، رقعهٔ، نقطهٔ) ба ҷойи "калимае, руқъае, нуқтае" (کلمه ای، رقعه ای، نقطه ای).

4. Бандаки изофӣ дар калимаҳое, ки бо "алиф" ба охир расидаанд, дар шакли "ҳамза" (ء)ки дар расмулхатти мо бо ҳарфи "ъ" ифода мешавад, навишта шудаанд, монанди "иншо(ъ), ло(ъ), туғро(ъ) (انشاء، لاء، طغراء) ба ҷойи "иншои, лои, тугрои" (انشای، لای، طغرای) ва мавориди зиёди дигар.

5. Пешвандҳои "на" ва "ба" аз калима ҷудо навишта шудаанд, монанди "на танад, би бин, би бехтанд" (نه تند، به بین، به بیختند) ба ҷойи "натанад, бибин, бибехтанд" (نتند، ببین، ببیختند)... Дар матн шакли охир баргузида шудааст.

6. Бандаки хабарии шахси севуми танҳо - "аст" бо калимаҳо пайваст омадааст, монанди "вайаст, бораст, нораст" (ویست، بارست، نارست) ба ҷойи "вай аст, бор аст, нор аст". Дар матн сурати охир ихтиёр шудааст.

7. Калима ва таркиботе амсоли "оғӯш, аз ӯ, балки, пойдор, корвонӣ, вайрон" (آغوش، از او، بلکه، پایدار، کاروانی، ویران) ба суратҳои "окӯш, азӯ, балк, поидор, корбонӣ, байрон" (آکوش، ازو، بلک، پائدار، کاربانی، بیران) навишта шудаанд. Дар матн суратҳои саҳеҳ оварда шудаанд.

Ҳангоми таҳияи матни комили китоби "Эъҷози хусравӣ" барои осон шудани дарёфти асли маънӣ ва ғарази муаллиф дар таҳияи пораҳои манзуми хилоли гуфторҳо, ки онҳо гоҳе мустақилу аз равиши гуфтор ҷудо ва гоҳе давоми фикранд, мушаххасоту нишонаҳои зайлро ба эътибор гирифтаем, ки ҳангоми мутолиа таваҷҷуҳ ба онҳо муҳим аст:

1. Ҷойе, ки вожаи "назм" меояду пораи манзуми баъд аз он фикрро ҷамъбаст мекунад, ҳамон равиш бидуни тағйир нигоҳ дошта шуд.

2. Баъзан унвони гуфтори навбатӣ дар шакли манзум оварда мешаваду қабл аз он меояд. Дар ин сурат вожаи "назм" ё "мисроъ" зикр гардида, он пеш аз байт ё мисроъ дар сархат оварда шуд.

3. Гоҳе авқот дар охири ҷумлае бо нишонаҳои ишоратии "ъ" («ع») ва "м" (م) як мисроъ оварда мешавад. Ба ҷойи нишонаҳои ишоратии мазкур аломати дунуқта, ё худ нишонаи баён (:) гузошта шуд; дар ҳолоте, ки мисраи мазбур идомаи мантиқии ҳамон ҷумла ба ҳисоб меравад, низ ҳамин равиш риоят гардид.

4. Абёте, ки пас аз итмоми ҷумлаҳо бо нишонаҳои ишоратӣ меоянд, бадали онҳо низ нишонаи дунуқта (:) оварда шуд.

5. Дар ҳолоти дар байни ҷумлаҳои тӯлонӣ оварда шудани порчаҳои манзум, ки бо калимаҳои "назм", "шеър", "қитъа", "рубоӣ", "мисраъ" мушаххас шудаанд, баъд аз онҳо нишонаи хатти фосила (-) гузошта ва дар идома ҷумла оварда шуд, ба таври зайл: "Нозире, ки аз пирию тафовути назар санги бас гаронро пеш гирифта ва ба судан чоксуву тӯтиё мондааст, шуғли назарро чӣ лоиқ бошад. Ва банда, ки ба ҳангоми ҳирзи мазруъот аз тезии назар, байт:

*Мӯ дар сари хӯшаҳои пур бишкофад,*
*То ришта нагашта пунбаро барбофад –*

чаро муставҷиби азл гардад? Он макфуфро ҳанӯз чи ҷойи кифоят мондааст, ки...”

Чунончи мисрае дар чунин шакл омада бошад, бевосита баъд аз хатти фосила идомаи ҷумла меояд.

6. Унвон ва нисбатҳое, ки дар қолаби байт бидуни зикри калимаи мушаххаскунанда меоянд, дар сархатти нав оварда шуданд.

7. Унвонҳое, ки дар қолаби мисроъ бо нишонаи “мисроъ” («مصراع») меоянд, дар сархат бидуни ҳазфи ҳамон нишона омадаанд, ба таври зайл:

Мисраъ: пурсиши бемору нисбат ҳам ҳамон.

Чунончи дар чунин маворид нишонаи ишоратии “ъ” («ع») омада бошад, дар ин сурат нишона ҳазф гардида, сарлавҳа нигоҳ дошта шуд, ба таври зайл:

Руқъа дар таҳнияти шуғли додбекӣ -«ع: رقعه در تهنیت شغل داد بیکی» .

8. Дар сурати пай дар пай омадани як мисроъ ва як байт, ба хотири таъйини ҳудуди мисроъ ва байт, пеш аз мисроъ нишонаи дунуқта ва пас аз он нишонаи хатти фосила гузошта шуд, мисли намунаи зерин:

“...адъияи вофира ба адади зарроти хок рафъ мекунанду аз ҳадбаи офтоби анвар: на дар осмон асту на дар замин -

انا ذرة سيماء شمس تعشق و من الهوى بين الهواء تعلق»

Дар сурати пас аз байт омадани мисраъ баъд аз байт нишонаи фосила гузошта, мисраъ дар сатри нав оварда шуд.

Зимнан, ба хотири иҷтиноб аз иштибоҳу ғалатнависӣ байтҳои арабии дохили матнҳои кулли рисолаҳо дар шакли асл, яъне ҳуруфи алифбои арабиасос оварда шуда, тарҷумаи онҳо – бо истифода аз тарҷумаи ҳошиявии матни чопи сангии НЛ – дар бахши тавзеҳот ҷой дода шуд.

9. Нишонаи дунуқта ва хатти фосилае, ки пас аз вожаи “мисроъ” («مصراع») оварда шуд, далел бар он аст, ки пас аз ҳамон мисроъ бо нишонаи қарордодии “ъ” («ع») мисраи дигаре омадааст, ки идомаи фикри мисраи аввал аст, аммо байни ин ду мисроъ пайванди вазнӣ вуҷуд надорад, ба таври зер:

“Ҳеҷ мева дар лаззату ҳаловат муҳтоҷи меваи дигар нест, мисраъ: сурхрӯйии ӯ аз эшон аст: - бе эшон пай аст сабзизор”.

10. Агар ду мисраи пасупешоянда бо ибдоъоту ихтироъот бастагӣ дошта бошанд, дар ин сурат пас аз мисраи аввал ба ҷойи нишонаи қарордодии “ъ” («ع») хатти фосила оварда шуд. Масалан, дар мавриди зайл, ки барои санъати дурӯбинӣ зикр шудааст ва ин санъат аз ҷумлаи ихтирооти худи Амир Хусрав мебошад:

“Мисраъ: Тарӣ з-ӯ раҳо кун, мадоре бубинӣ - Тарозу раҳо кун мадоре бубинӣ”.

Дар рисолаи севум, ки махсуси ибдоъоту ихтироъоти Амир Хусрав аст, барои намоёнидани санъатҳои ҷадид суратҳои навишторини матни арабӣ ба сурати асосӣ ва матни форсӣ ба хатти кириллии тоҷикӣ нигошта шуд.

Мушаххасоти мазбур аҳаммияти фақат матншиносӣ надоранд, балки намоёнгари сохтори ҷумлаҳое мебошанд, ки дар онҳо бахше аз андеша дар қолаби наср ва бахше дар чаҳорчӯби назм ироа гардидаанд.

Амир Хусрав худ дар ҳарфи ҳафтуми хатти аввали рисола, ки “Дар илтимоси тасҳеҳу итқони китобати ин китоб” ном дорад, ба таври зерин дастури китобати китобашро пешниҳод кардааст, ки зикри он дар ин ҷойгоҳ муҳим менамояд: “Агар муҳаввисони ҳарфшиносро иттифоқи он бошад, ки қалами осудаи худро дар ин арсаи саҳлу ноҳамвор ранҷа кунанду хурдҳои китобро ба интисохе бузург гардонанд, дархост он аст, ки дар китобати ин ҷарида тариқи тасҳеҳу итқон то ҳадди имкон воҷиб доранд. Ва котиберо ба ваҷҳи китобат сим диҳанд, ки рӯйи сим набинанду рӯйи симини коғазро аз ҷавоҳири сиҳҳат тарсеъ диҳанд, на аз шабаҳи сиёҳи саҳв тасвид кунанд ва се бор муқобала фармоянд. Яъне, чун муқобала ба саодати таслис расад, нахуст, хаторо аз ин тақвим ба куллӣ берун барад, кироми куттоб ин номҳоро ба шини хато сияҳрӯй накунанд. Аз холиқи қалам ба дуо мехоҳам, ки кироман котибинро нагузорад, ки номҳои эшон ба набиштани хатоё сияҳрӯй гардонанд...

Ва китобати ин ҳадяи кӯдакфиреб баъд аз савод, ки ранги асл аст, аз ду ранги дигар ҳеҷ гуна холӣ намебояд дошт: яке ранги сурх, ки ҷумлагии рисолоту хутуту ҳуруфу арқоми ҷумал дар таъриху муаммиёт бад-он мубайяну мумайяз шавад ва бе он ҷумлагии равобит мухтал гардад. Ва ранги дувум дар васати китобату наматҳои нисбату асомии муқаддимот хоҳад буд ва бар баъзе алфоз ба ҷиҳати он, ки биноён чун бар сари он лафзи рангин бирасанд, донанд, ки дар ин зер нақшбандие ҳаст. Ва дар арабию порсӣ иъробу нуқатро фурӯгузошт намебояд кард, ки бисёр латоифу дақоиқ барбастаи он аст ва дар таркиботи арабӣ баъзе ҷой, ки мушкил аст, возеҳ низ бар кор мебояд дошт, то аз баёни маонӣ оёти сеҳр мубайян гардад".

Ҳамин тавр, тибқи дастури мазкур ва бо истифода аз имконоти навишторий роиҷ дар хатти кириллии тоҷикию расмулхатти арабиасос пешниҳодоти мусанниф ба сурати зерин ба эътибор гирифта шуд:

1. Ба ҷойи ранги сурхи пешниҳодӣ "ҷумлагии рисолоту хутуту хуруфу арқоми ҷумал дар таъриху муаммиёт" ба **хатти ғафс** мушаххас шудаанд. Наматҳои нисбату асомии муқаддимот, ки дар васати китобат омадаанд, низ бо **хатти ғафс** навишта шуданд.

2. Барои мухтал нагардидани ҷумлагии равобит аз аломатҳои китобатии роиҷ дар расмулхатти кириллии тоҷикӣ истифода гардид.

3. Ба ҷойи ранги дувуме, ки мусанниф дар назар дорад, *хатти моил (курсив)* интихоб шуд. Яъне, ҳар ҷо, ки чунин шакл падидор мегардад "бар баъзе алфоз, ба ҷиҳати он, ки биноён чун бар сари он лафзи рангин бирасанд, донанд, ки дар ин зер нақшбандие ҳаст". Дар ин маврид ба ибдоъоту ихтироъоти Амир Хусрав таваҷҷуҳ мебояд, то дурри мақсуде, ки мусанниф дар назар дорад, ба таври дуруст шинохта шавад.

4. Дар мавриди пешниҳоди дигар, ки тибқи он "дар арабию порсӣ иъробу нуқатро фурӯгузошт намебояд кард, ки бисёр латоифу дақоиқ барбастаи он аст ва дар таркиботи арабӣ баъзе ҷой, ки мушкил аст, возеҳ низ бар кор мебояд дошт, то аз баёни маонӣ оёти сеҳр мубайян гардад", мо равишҳои зеринро пеш гирифтем:

а) матнҳои арабии бо мақсади иншои номаи арабӣ таснифшударо дар сурати асл овардем;

б) барои маърифати дурусти калимаву таркиботи форсию арабӣ дар поёни матн бахшҳои луғат ва ибораю таркибот таҳия гардид. Дар дурустхонии бахшҳои мазкур аз фарҳангу луғатномаҳои муътабар ва ҳошияи матни чопии китоб (НЛ) истифода шуд;

в) байтҳои арабӣ дар матн айнан зикр шудаанд, аммо тарҷумаҳои тоҷикии онҳо дар бахши тавзеҳот ҷой дода шудааст.

**Сохт ва таркиби "Эъҷози хусравӣ".** Китоби "Расоил-ул-эъҷоз"- и Амир Хусрави Деҳлавӣ аз нигоҳи сохтору таркиб дар қиёс ба дигар осори ҳамнавъи худ тафовут дорад. Он аз муқаддима, ки фарогири ҳамду наът мебошад, дебоча ва панҷ рисолаву хотима, ки банду басти хос доранд, иборат аст. Дар маҷмӯъ ҳар панҷ рисола аз сию се боб, ки "хат" номида шудаанд, як саду сию нуҳ фасл, ки "ҳарф" номида шудаанд, таркиб ёфтааст.

Бахши муқаддамотии китоб бо ҳамду сано ва наът оғоз мешавад, ки он ҳарфи аввали китоб буда, аз қалам нисбат ёфтааст. Баъд аз он наъти Расул (с) меояд, ки нисбат аз китобат дорад. Яъне, ин бахш ба қаламу китобат бастагӣ дошта, намудори ғарази аслии расоили панҷгона мебошад. Ин мартабаи аввал аст. Дар мартабаи дувум аз чаҳорёрон – Абӯбакру Умару Усмону Ҳайдар, саҳобаи дигар, азвоҷи маъсумаи Расули акрам (с) ва олу атбоъи ӯ бо эҳтиром ва зикри сифоти хайр ёд мешавад. Дар мартабаи севум ситоиши Шайхи шуюх-ул-олам Низом-ул-ҳақ ва-т-таҳқиқ ва-ш-шаръ ва-д-дин, ки пири Амир Хусрав аст, инчунин мадҳи подшоҳ Абулмузаффари Муҳаммадшоҳу тоҷдори аҳд Абулмузаффари Мубορакшоҳ меояд. Ин шоҳ писари Абулмузаффари Муҳаммадшоҳ аст, ки хилофату салтанати ӯ баъд аз падар будааст. Амир Хусрав подшоҳии ӯро пас аз падар монанд ба хилофати Абӯбакр баъд аз ҳазрати Муҳаммад (с) медонад.

Дар миёни бахшҳои мазкур аз ҳама тӯлонитар мадҳи подшоҳ буда, то ба ин ҷо қисмати муқаддамотӣ ба охир мерасаду дебочаи китоб оғоз мешавад.

Дебочаи “Эъҷози хусравӣ” бо нисбати таламмуз оғоз мешавад ва дар хусуси масъалаҳои мурод аз офариниши инсони кабир, девони иншо, назму наср, китобату қалам, сабаби дар қолаби насру нисбатҳои гуногун иншо гардидани асар сухан меравад.

Оғози китоб аз иншову тасниф нисбат ёфтаву фарогири масоили зайл мебошад: оғози тартиби тарассул, ҷовидонии каломи мусанниф, нуҳ тариқи ибороти порсӣ, ё худ феҳристи ибороти порсӣ, ки миёни аксари халоиқ мусталаҳ аст, муштамил бар нуҳ тариқ: тариқаи аввал -сулуки машоих, тариқаи дувум - уламои муҳаққиқ, тариқаи севум - мутарассилон, тариқаи чаҳорум - ҳукамои ҳозиқ, тариқаи панҷум - музаккирон, тариқаи шашум - боҳафсон, тариқаи ҳафтум - авом, тариқаи ҳаштум - асҳоби амал ва шуғлу ҳирфат, тариқаи нуҳум - асҳоби мазоҳик ва тариқаи даҳум, ки хосси худи Амир Хусрав аст; баёни мухтассоти ҳар як тариқаи нуҳгона ва тартиби китоб ба рисола, хат, ҳарф ва феҳристи онҳо, ба таври зерин, ки ба забони арабӣ омадааст:

الرسالة الاولى فى المفردات و المركبات، تشتمل على عشرة خطوط. الرسالة الثانية فى المرتبات من المكتوبات، تشتمل على عشرة خطوط. الرسالة الثالثة فى اللطائف من المصنوعات، تشتمل على خطين. الرسالة الرابعة فى البدائع من المعنويات، تشتمل على خمسة خطوط. الرسالة الخامسة فى السوابق من المنشأت، تشتمل على ستة خطوط.

**Феҳристи рисолаҳо ва мундариҷаи китоб.** Рисолаи аввал “Дар муфрадот ва муракабот” унвон дошта, аз даҳ хат фароҳам омадаасту ҳар хат, дар навбати худ, ба ҳарфҳо ҷудо шудааст, ки чунин тартиб дар ҳар панҷ рисола риоя мешавад. Дар як маврид – дар хатти аввали рисолаи чаҳорум ҳуруфи тафсил наомадааст, зеро ки ин хат барои ҳамин рисола хусусияти муқаддамотӣ дошта, ҳамчун дебоча омадааст.

Хатти аввали рисолаи аввал “Дар кайфияти чанд мухталаф, ки намудори он зарурист” унвон дошта, аз ҳафт ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар моҷарои шароеъи мутарассилони қадим ва равиши ҷадид, ки аз айни табъи мутабаҳҳирони Ҳинд мавҷ зада, ҳарфи дувум – дар боисаи ибдоъи тарз, ҳарфи севум – дар сифати тариқи пухтаи мутарассилону баёни хома рондани ҷадиди котиб, ҳарфи чаҳорум – дар гусастани ҳамоили тазмин аз ин мухаддара ва ҳам аз силки назми мулкаш савор пӯшонидан, ҳарфи панҷум – дар маъзарати шеъри арабии хеш, ҳарфи шашум – дар тарки перояҳои лафзӣ, ҳарфи хафтум – дар илтимоси тасҳеҳ ва итқони китобати ин китоб.

Чунонки аз мундариҷаи ҳуруфи хатти мазкур бармеояд, он муқаддимоти вижаест барои ошноию маърифати яклухти кулли рисолаҳои асар. Нукоти баёнгардида ҳама аҳаммияти муқаддамотию вурудӣ ба мабоҳиси баъдиро доранд.

Хатти дувум “Дар муфрадот” унвон дошта, муштамил бар панҷ ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар истеъмоли алфози касир-ул-маънӣ ба тариқе, ки ҳеҷ маънии лафз зоеъ нашавад ва дар алфози орияти арабӣ иштироке ба ҳосил ояд, ҳарфи дувум – дар намудори тариқи ангехт аз алфози порсии сирф, ҳарфи севум – дар тарошидани алфози музлиқ аз ин лавҳ ва истеъмоли алфози мусталаҳу латиф, ҳарфи чаҳорум – дар алфозе, ки аз он латоифи бисёр хезад, ҳарфи панҷум – дар маъзарати такрори лафз.

Хатти севум “Дар латоифи алфози наҳву тасрифу адавоту ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва он чи бад-ин муносиб аст ва намудори ангехт дар инҳо” унвон дошта, муштамил бар ҳашт ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар алфозе, ки маънию сарфи он дар маҳалле, ки зоянда гардад ва амсолу назоири он аз наҳву тасриф, ҳарфи дувум – дар латоифи адавот, ҳарфи севум – дар латоифе, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ хезад, ҳарфи чаҳорум – дар латоифе, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба порсӣ тавон ангехт, ҳарфи панҷум – дар латоифи ҳамза, ҳарфи шашум – дар таркиби ҳуруф ба порсӣ, ҳарфи ҳафтум – дар маонӣ, ки аз махориҷи ҳуруф зояд, ҳарфи ҳаштум – дар натоиҷе, ки аз алфоз зояд.

Хатти чаҳорум “Дар наводире, ки аз алфозу истилоҳоти улум хезад” унвон дошта, аз чаҳор ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар истеъмоли алфозу истилоҳоти фиқҳ, ҳарфи дувум – дар истеъмоли алфози мантиқ, ҳарфи севум – дар мақулоти ашара, ҳарфи чаҳорум – дар алфозу истилоҳи илми назар.

Хатти панҷум “Дар алфози мусталаҳи тарассулоти қадиму намудори истеъмол ба расми ҷадид” унвон дошта, муштамил бар нуҳ ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар намудори истеъмоли алфозу маҳалли нисбат, ҳарфи дувум – дар алфози амсилаву ашғол, ҳарфи севум – дар алфози мутафарриқаи мактубот, ҳарфи чаҳорум – дар сарфи алфози

парокандаи порсӣ, ҳарфи панҷум – дар калимоти ҷамъ, ҳарфи шашум – дар алфози ташбеҳ, ҳарфи ҳафтум – дар калимоти маъзарат, ҳарфи ҳаштум – дар иншоа-л-Лоҳ, ҳарфи нуҳум – дар адъияе, ки дар охири нома ояд.

Хатти шашум "Дар муносибати таркиби алфозу алқобу асомиву китобате, ки аз аввали нома то оғози ғараз ояд" унвон дошта, аз се ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар таркиби алфоз ба муносибати якдигар, ҳарфи дувум – дар нисбати алқобу асомӣ, ҳарфи севум – дар баёни муқаддимоте, ки дар мактуб аз маҳалли таслимот то оғози ғараз ояд.

Хатти ҳафтум "Дар оғози мазмуноту ағрози макнунот" унвон дошта, муштамил бар шаш ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар тафсили муқаддимоте, ки дар кайфиёту аҳволи салотину мулуку ҳашаму асҳоби сафар бувад, ҳарфи дувум – дар ангехти латоиф аз авсофу ахлоқу аҳволу аъмол ва асҳобу ақориб ва алқобу асомии халоиқ ба тарзи мадҳу зам, ҳарфи севум – дар баёни маонӣ, ки аз авсофу аъмол ва алқобу асомии бандагони турку ҳинд хезад, ҳарфи чаҳорум – дар хаёлот, ки аз авсофи ҳайвонот хезад, ҳарфи панҷум – дар муқаддимоти мутафарриқа аз кайфиёти мухталифа, ҳарфи шашум – дар ирсоли мактуботу қосидону ҳадоё ва тавқеоту аътиёту мустаъороту вадиъоту аҳволи мутафарриқаи дигар.

Хатти ҳаштум "Дар адъияи қадиму ҷадид, барбасти ҳикоёт" унвон дошта, аз се ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар истеъмоли калимоти қадиму адъия ба расми ҷадид, ҳарфи дувум – дар адъияи риҷол ба расми ҷадид, ҳарфи севум – дар адъияи мастуроти зиндаву гузашта ба расми ҷадид ъалал иҷмол ва-л-асомӣ.

Хатти нуҳум "Дар таърих" унвон дошта, муштамил бар ҳафт ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар таърихи иттифоқии латифаомез, ҳарфи дувум – дар таърихи ҳафта бо нисбати кавокиб, ҳарфи севум – дар таърихи дувоздаҳ моҳ, мутазаммини латоифе, ки аз номҳои моҳу мавосим ба тариқи нисбату ҷумал хезад, ҳарфи чаҳорум – дар таърихи сирӯзаи моҳ ба ҳисоби ҷумал, ки сайри моҳ дар буруҷу манозил низ зимнан биёяд, ба тариқи муаммою иҳом, ҳарфи панҷум – дар таърихи муҷарради моҳ ба ҳисоби ҷумал, мувашшаҳ ба хаёлоти беҳисоб, ҳарфи шашум – дар таърихи сол ба ҳисоби ҷумал, ҳарфи ҳафтум – дар латоифе, ки аз ҳандаса ва ҷумал хезад.

Хатти даҳум "Дар шароити нисбат" унвон дошта, аз ҳашт ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар нисбати мактуб аз аввал то охир, ҳарфи дувум – дар нисбати алқоби камнитоҷ, ҳарфи севум – дар рухсати гусастани силки нисбат, ҳарфи чаҳорум – дар ҳинҷори танидани тору пуди нисбати китобу мактуб, ҳарфи панҷум – дар ҷавозу лоҷавози нисбат, ҳарфи шашум – дар авроқи назм ҳангоми тамом шудани нисбати китоб, ҳарфи ҳафтум – дар пайванд кардани аҷниҳаи нисбат ҳангоми пур кам шудан, ҳарфи ҳаштум – дар интизоми дуву севу чаҳор нисбати қарибу баъид.

Рисолаи дувум "Дар мураттабот аз мактубот" унвон дошта, низ аз даҳ хат фароҳам омадааст.

Хатти аввали рисолаи дувум "Дар амсилаву парвона ва мактуботи қузоту машоиху содот" унвон дошта, аз ду ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар амсилаву парвона, ҳарфи дувум – дар мактуботи қузоту машоиху содот.

Хатти дувум "Дар мактуботи асҳоби муносиби девону катаба ва диғар асҳоби ашғол" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар мактуботи асҳоби муносиби девону катаба, ҳарфи дувум – дар мактуботи асҳоби шуғл.

Хатти севум "Дар мактуботе, ки аз нисбати танҷиму улвиёти тақвим бояд" унвон дошта, аз се ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар китобатҳои мулаққаб ба шамс хос ва сари номаҳои муъҷаз ба сӯйи шамсу қамар, ҳарфи дувум – дар китобат ба сӯйи қамару бадр, ҳарфи севум – дар китобатҳои лақаби наҷм.

Хатти чаҳорум "Дар мактуботи мутафарриқа дар обу ҷавоҳиру аслиҳа ва лақаби камнитоҷ" унвон дошта, муштамил бар чаҳор ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар баёни латоифи лақаби ъайн ва тааммуқ намудан дар ғаврҳои об, ҳарфи дувум – дар латоифи лақаби тоҷ ва тарсеъи сухан аз ҷавоҳир бешбаҳост, ҳарфи севум – дар барбастҳои муҳками аслиҳа ва рӯшан кардани осори теғу пайкон ҳамчунин, ҳарфи чаҳорум – дар лақаби камнитоҷ ва намудори анғехт бар вай ба ҳила.

Хатти панҷум "Дар китобат сӯйи обову уммаҳоту авлод" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар намудори китобате, ки падар сӯйи фарзанд кунад, ҳарфи дувум – дар китобате, ки валад сӯйи волид кунад.

Хатти шашум "Дар китобатҳои арабию форсӣ" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар китобатҳои арабии сирф, ҳарфи дувум – дар набиштаҳои порсӣ, ки бе омезиши арабӣ аст.

Хатти ҳафтум "Дар амсоли арабию форсӣ" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар амсоли арабӣ, ҳарфи дувум – дар амсоли форсӣ.

Хатти ҳаштум "Дар мактубот ва баёни хузаъбалоти ошиқон" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар муъошақа, ки миёни хубони мастур ва муштоқони носабур бувад, ҳарфи дувум – дар мукотаба, ки миёни қабопӯшони покдоману покназарони тарчашм бувад.

Хатти нуҳум "Дар асбоби маҷлису руқаъоти мутафарриқ" унвон дошта, муштамил бар чаҳор ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар латоифи гулу меваҳои гуногун, ҳарфи дувум – дар маҷории аҳволи мастону авсофи шаробу латоифи он, ҳарфи севум – дар иншиъоби усулу фурӯъи мусиқӣ, ҳарфи чаҳорум – дар ангезиши мансуботи нарду шатранҷ.

Хатти даҳум "Дар руқаъоту китобатҳои мутафарриқ" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – даҳ руқъа дар баёни аҳволи маъишат бо халқ, ҳарфи дувум – дар китобатҳои мухталифу пароканда.

Рисолаи севум "Дар латифаҳое аз маснуъот" ва шомил аст бар ду хат.

Хатти аввали рисолаи севум "Дар санъатҳои қадим ва тасарруф дар онҳо ба расми ҷадид" унвон дошта, аз дувоздаҳ ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар ибҳом, ҳарфи дувум – дар санъати таҷнис, ҳарфи севум – дар санъати тасҳиф, ҳарфи чаҳорум – дар санъати қалб, ҳарфи панҷум – дар санъатҳои нуқта, ҳарфи шашум – дар санъати гарсеъ, ҳарфи ҳафтум – дар санъати талмеҳ, ҳарфи ҳаштум – дар санъати иштиқоқ, ҳарфи нуҳум – дар санъати назм-ун-наср, ҳарфи даҳум – дар санъати мусаммат, ҳарфи ёздаҳум – дар саҷъ, ҳарфи дувоздаҳум – дар санъати муаммо.

Хатти дувум "Дар санъатҳои ҷадид, ки баъзе вазъи Хусрав асту баъзе муштарак" унвон дошта, муштамил бар понздаҳ ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар санъати дурӯбинӣ, ҳарфи дувум – дар санъати зурӯятайн, ҳарфи севум – дар санъати қалб-ул-лисонайн, ҳарфи чаҳорум – дар санъати форс-ул-араб, ҳарфи панҷум – дар санъати мубодалат-ур-раъсайн, ҳарфи шашум – дар санъати қатъ-ул-ҳуруф, ҳарфи ҳафтум – дар санъати васл-ул-ҳарфайн, ҳарфи ҳаштум – дар санъати иттисол-ал-ҳуруф, ҳарфи нуҳум – дар санъати арбаъат-ул-аҳруф, ҳарфи даҳум – дар санъати хамсаи муфрада, ҳарфи ёздаҳум – дар санъати муъҷизат-ул-алсина ва-ш-шифот, ҳарфи дувоздаҳум – дар санъати азл-ул-лисон, ҳарфи сездаҳум – дар санъати тарҷумат-ул-лафз, ҳарфи чаҳордаҳум – дар санъати зимн-ул-лафз, ҳарфи понздаҳум – дар муаммиёт.

Рисолаи чаҳорум "Дар бадоеъ аз маънавиёт" ва шомил бар панҷ хат аст.

Хатти аввали рисолаи чаҳорум "Дар дебочаи ин қисму баёни кайфиёте, ки зарурист аз ташбеҳоту латоифи бадеъ, ки мулоими ин қисм аст" ва дар ин қисм ҳуруфи тафсил хайр аст.

Хатти дувум "Дар муфрадоти ин қисму ангехт дар он" унвон дошта, муштамил бар се ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар зикри Борӣ таъоло ва зикри анбиёву рӯҳониён ва машоиху уламо ва подшоҳону мулуку катабаи хосу авом ва обову авлоду ақориб, ҳарфи дувум – дар обои улвию уммаҳоти сифлию маволиди суласа ва он чи нисбат ба инҳо дорад, ҳарфи севум – дар муқаддимоти муфрад, ки дар мактубот ҳангоми таркиб дар махалле ба кор ояд, аз унвон то ба дуъои зайл.

Хатти севум "Дар амсила ва мактуботи салотину мулук" унвон дошта, муштамил бар се ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар ташаббуҳоти амсила, ки аз ғараз тамом фурӯ бошад, ҳарфи дувум – дар амсила, ҳарфи севум – дар мактуботи салотину мулук.

Хатти чаҳорум "Дар мактуботи илму ҳикмату фазлу адабу мавоизу насоеҳ" унвон дошта, аз се ҳарф иборат аст: ҳарфи аввал – дар мактуботи илму ҳикмат, муштамил бар се мактуб: нома дар фиқҳ, нома дар истилоҳи фиқҳу назари мамзуҷ, нома дар истилоҳи

мантиқ, ҳарфи дувум – дар мактуботи фазлу адаб, муштамил бар ду мактуб: нома дар санъати тасриф, нома дар наҳву латоиф, ҳарфи севум – дар мактуботи вазъу насоеҳ, муштамил бар се мактуб: нома ба исми фарзанди худ Айниддин Аҳмад, нома ба исми Яминуддин Муборак, муштамил бар панҷ бино, нома ба лавозими нуру Қуръон ба исми Нуриддин.

Хатти панҷум "Дар руқаъоти муъҷаз" унвон дошта, муштамил бар се ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар руқаъоти миёни муҳаддисону мунозирону асҳоби фароиз, ҳарфи дувум – дар руқаъоти таҳнияту маросим, аз истифтоҳ то ошуро, ҳарфи севум – дар руқаъоти мутафаррика ба ҳар навъ.

Рисолаи панҷум "Дар пешин аз иншоҳо" унвон дошта, шомил аст бар шаш хат.

Хатти аввали рисолаи охир "Дар китобатҳое, ки нисбат ба ҳарфу қаламу катаба ва изофат ба қаламу ҳарфи аслиҳа дорад" унвон дошта, муштамил бар се ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар латоифи саҳоифе, ки аз равиши қалам бигзарад, ҳарфи дувум – дар ду ҳарфи теғу қалам, ки ҷориҳу роҷиҳанд ба якдигар ва ҳуҷҷати қотеъаи ҳар ду, ҳарфи севум – дар барбастҳое, ки таъаллуқ ба аслиҳа дорад.

Хатти дувум "Дар нисбати танҷиму обои улвӣ" муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар тақвими дақоиқи нуҷум, ҳарфи дувум – дар баёни обои улвӣ.

Хатти севум "Дар тавқеъот" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар илтимоси кулоҳ, ҳарфи дувум – дар тавқеъи ғалла.

Хатти чаҳорум "Дар маразн ришта" муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар китобате, ки ба сарриштаи назм барбаста бошад, ҳарфи дувум – дар насре аз хизонаи ғайб, ки риштатобӣ дар вай набошад.

Хатти панҷум "Дар китобати азо" унвон дошта, муштамил бар ду ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар азонома аз забони ғайр бар сабили эҷоз, ҳарфи дувум – дар таъзиятнома аз забони Хусрав сӯйи Латифуддини муқрӣ.

Хатти шашум "Дар тибату ҳазл" унвон дошта, муштамил бар чаҳор ҳарф аст: ҳарфи аввал – дар тибати ҷид бо ҳазл, ҳарфи дувум – дар тазкири бар пой доштани суннати нахис ва ин номаро ном "Идбор-ул-идбор" шуд, ҳарфи севум – дар баёни аҳлияти ноаҳлон ва номи ин "Сеҳр ус-сахр" аст, ҳарфи чаҳорум – дар бароат ва қабзи сахр.

Хотимаи китоб бо унвони "Зикри итмом ба панҷ рисола" масъалаҳои шинохти равиши котиб ва маърифати саҳеҳи асарро шомил мебошад.

Матни "Эъҷози хусравӣ" бо услубе омехта миёни забони форсии тоҷикию арабӣ нигошта шудааст. Илова бар ин, мусанниф арсаи порсию арабиро чунон ба ҳам омезиш додааст, ки барои маърифати дурусти каломи ӯ ба эътибор гирифтани имконоти маънисозии калимаҳои ҳар ду забон муҳим мебошад. Бинобар ин ҳангоми таҳияи матн, бо таваҷҷуҳ ба ҷиҳати мазкур, дар истифодаи баъзе ҳарфҳои махсуси забони арабӣ, бахусус ҳарфи "ъайн" (ъ), аз нишондоди имлои ҷорӣ убур шудааст. Дар акси ҳол, дар сурати ҳазфи ҳарфи мазкур дар аксари калимаҳо маънии матлуб ба даст намеояд. Нишонаи ситорача (*), ки пас аз баъзе калимаву ибораву таркибот гузошта шудааст, чунин маънӣ дорад, ки ҳамон калимаву ибораву таркибот ва ё агар дар оғози порчаҳои манзум омада бошад, ҳамон абёт дар бахши "Тавзеҳот" эзоҳ ёфта, ё худ тарҷумаашон оварда шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки нигоранда дар заминаи пажӯҳишҳое, ки дар атрофи омода кардани матни илмии "Эъҷози хусравӣ" анҷом дод, як рисолаи таҳқиқӣ мусаввада кардааст, ки дар назар аст ба шакли рисолае ҷудогона таҳти унвони "Калиди эъҷоз" (*"Эъҷози хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва масъалаи равишҳои нависандагӣ*) мунташир гардад, *ин шоа-л-Лоҳ*.

Чопи матни илмии "Эъҷози хусравӣ" бо машварат ва маслиҳати устодон Худой Шарифов, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, таҳрири Тоҷиддин Мардонӣ ва ёрию мусоидати Шодимуҳаммад Сӯфизода анҷом ёфтааст. Аз ҳиммату ҳамкории устодон миннатдорам. Бозхонии пораҳои арабии китоб бо мадади бародари донишманд Амондуллоев Бегмурод анҷом ёфт, ки аз эшон низ сипосгузорам.

*Мисбоҳиддини Нарзиқули Маҳмудзода,*
*д.и.ф., профессори ДМТ*

# РИСОЛАИ АВВАЛИ "ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ"

Рисолаи аввали “Эъҷози хусравӣ”

Бисми-л-Лоҳи- р-Раҳмони-р-Раҳим

Ҳаза-л-китобу бифазли-л-Лоҳи зи-л-карами,
Аншаъту сиҳран* лисайди-л-ҷинни ва-н-насами.
Фа-л-Лоҳу наввара аъйон-ал-кироми биҳи,
Мо лоҳа ҳарфун ъала-л-қиртоси мин қалами.

Ҳарфи аввал аз қалам* нисбат ёфт[1],
Нисбат аввал зи қалам ёфт рақам.

Алҳамду ли-л-Лоҳи-л-лазӣ халақ-ал-қалама ли-р-рақам ва халақа-н-насама лирақа... л-қалам ва аҷро қаламаҳу ъала-л-халқи би-л-ҳукми ва-л-ҳикам ва ҷаъала-л-қалама ъала... ли-л-ъилми фи-л-ъолам. Камо қола ъазза ва ҷалла: *ъаллама би-л-қалами, ъаллама-л-ин... мо лам яълам*. Ва-с-салоту ъало ар-расул-ал-мурсал-ал уммия-л-лазӣ унзила илайҳи-... китобу ва буриа биҳи-л-лавҳу ва-л-қалам. Камо ясдуру минҳо-с-сидқу ва-с-савобу ва ъа... олиҳи ва асҳобиҳи зави-л-фазли ва-л-одоби, саббатана-л-Лоҳу ъало атбоъиҳим ан-на... явма-л-ҳисоб.

Ҳамде, ки дар саводи он абадан[2] сари қалам бигардаду саное, ки дар савдои ... холидан[3] даҳони давот боз монад. (2) Нақшбанди дебочаи “коф”-у “нун”-у вараққу... сипеҳри бӯқаламун, ки сарнабишти мардум аз қалам ба ҳикмати ӯсту сарнабишти қа... аз мардум ҳам ба хукумати ӯ, номаи ҳеҷ иборат бо китоби каримаш бознахонаду хомаи ... истиорат дар каломи қадим*аш[4] ҳадисе гуфтан натавонад, шеър:

В-ар сухане, к-аз вай аст, кулли лисон-ул-уқул,
Ваҳ, ки чӣ дам мезанад одамии бу-л-фузул?!

Қодири молик-ул-мулке, ки тавқеъи “*инни* ана-л-Лоҳ*”-ро бар вараqи тӯлонии даҳр, ... саводу баёзи лайлу наҳор дар тайи он баст ёфтааст, ба қудрати комил сикка зад ва со... холиқ-ул-халқ, ки туғрои “*ало* лаҳу-л- халқу ва-л-амру*”-ро бар вараqи нуронии чарх ... нуқуши нуфуси кавн дар дурҷи он дарҷ пазируфтааст, ба ҳикмат[5] шомили нигор ба... шеър:

*كما مثلهُ غيرهُ ما يُرى        لهُ الحُكمُ بالحقّ فيما جرى

Маншури аҳадиятро, ки “*танзил*-ул-ъазизи-р-раҳим*” сифати поки ӯст, ба баёни “... *китобуно янтиқу ъалайкум би-л-ҳақ*” машрӯҳ гардад. Мисоли башариятро, ки аз де... иншо “*ҳува-л-лазӣ аншаакум*” ҳулияи ҳоли ӯст, ба ташбиби “*савваракум фа аҳсана сувара...* манқуш гардонид, шеър:

*تعالى صانعٌ ملکٌ حکيمٌ        يُصوِّر صُنعه ما لا يُصوِّر

Хатти мусалсали “*яфъалу-л-Лоҳу мо яшоъ*”- ро силсила[6] (3) сохт дар ҳалқҳои халои... агар анҷуму афлок бо чандон қуввату тавоноӣ кашиш намоянд, натавонанд гусаст ва ҳа... “*яҳкуму мо юрид*”- ро шамшере пардохт барои қатъи ъазоим, ки агар моҳу хуршед ... кӯшиш сипарӣ шаванд[7], наёранд шуд, байт:

*Зи** мо рӯ нагардад чу тири қазош,
Бувад ҷуннат ин ҷо сипар хостан.

Бароти саъду наҳси махлуқот, ки дар девони қисматаш нависад, агар нуҳ му... сипеҳр гирд гардад, шустани он натавонад ва парвонаи умру рӯзии мавҷудот, ки ... илми ӯ шӯяд, агар сиёҳиву сафедии олам якҷо шавад, нуктае аз он нигоштан наёрад, ше...

*فارض يا ذوالنُهى بما يَجرى        قلَمُ اللهِ خالِق القلم.

[1] КМ ва ДТ: ин мисроъро надоранд, аз НЛ оварда шуд.
[2] НЛ: ин вожаро надорад.
[3] НЛ: холид аст.
[4] Таркиби “дар каломи қадимаш” аз НЛ оварда шуд.
[5] НЛ: “ба ҳикмат”-ро надорад.
[6] НЛ: силсилае.
[7] НЛ: баъд аз ин калима ибораи “сабри он” омадааст.

Ба дасти қудрат чандин ҳазор нақши хатту зулф бандад[8], мӯйи хатое дар сари қаламаш напечад ва ба қалами ҳикмат бешумор сурати узору ораз нигорад, ки нишони саҳве ба ҷаридаи сунъи ӯ рақам напазирад, байт:

Худойро куҷо дархур бувад он-к
Ало* маснуъиҳи хатоун яҷузу.

Ҳафт файласуфи чарх аз[9] ду ҳарфи "коф"-у "нун"-и ӯ ҳайрону нуҳ паргори даввор аз як нуқтаи сунъи ӯ саргардон, балки рақами "кун" пойи мӯре дар биёбони ҳукми ӯ, нуқтаи вуҷуд сари магасе аз Хузистони* ҳукми ӯ, байт:

Дар парда Худойрост оламҳое[10],
К-он ҷо набарад раҳ қалами савдое.

Доли даври ду идрок (4) ба давидан дар бодияи маърифати ӯ гумроҳу ъайни дурбини ақл ба расидан бар кунгураи кибриёӣ назар[11] кӯтоҳ ва мактуботи санъаташ бар сафҳаи ҳар барги дарахте мастуру макнуноти сайраш дар хатти тахтаи ҳар пешонӣ мастур. Камоли маониро аз робитаи баёни фузалои олам забон доду мабонии каломро ба воситаи забони фусаҳои банӣ Одам ба ком расонид:

Гар бидонад одамӣ, к-ин неъмати гуфтор чист,
Рӯзу шаб ҷуз шукри ин неъмат наёрад бар забон.

Малакро котиби таҳрири бандагон гардонид, то моҷарои мусаҷҷали эшон баъзеро қиболаи ъитқ молик шуду баъзеро вуболи номаи явм-ул-ҳисоб молик гашт ва фалакро хизонаи вазоифи рӯзихорон сохт, то аз бароти қисмати хеш баъзе вуҷӯҳотро нусуҷи беҳисоб ёфтанду баъзеро мункасароти номуваҷҷаҳ дар ҳисоб омад, байт:

Ҳар он ч-ӯ кард ризқи бандаи хеш,
На кам гардад аз он як зарра, не беш.

Ҷое, ки ҷоизаи изни ӯ нест, корномаи шафоати анбиё бар донаи нор аст ва он ҷо, ки зоичаи ъавн худ набишт, тозиномаи сафоҳати ашқиё парвонаи бор аст:

*فطوبی العبدُ خصّهٔ خالقُ الورَی بإحسانه فضلاً و أعطاهٔ ما رجا

Ба инояти беиллат анбиёро дар маншури "наҳну* халақнокум мин тинин" мартабаи таблиғи рисолат арзонӣ дошт ва баъзеро бар баъзе фазл дод, тилка-р-русулу "фаззално* баъзаҳум ъало баъзин".

**Наъти расул,** *салла-л-Лоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам.* **Нисбат* зи китобат** (5) андар ин ҳам[12]. Сардафтари ҳамаи афозили бароё Муҳаммад *расул-ул-Лоҳ*ро сохт, шеър:

*علیهِ أفضلُ الصّلوات حقّاً من الرّحمن ذی الفضل العظیم

Он афсаҳу-л-араб ва-л-аҷам, ки ба эъҷози нохондагӣ хонда, ҳамаи булаға нубуваташ набиштанд ва он аввалин нуре, ки килки рострави тақдир дар зулумоти адам ҳамагии нақши коинот дар рӯшноии чароғи ӯ нигошт ва он охирин офтобе, ки тамомии зилоли зилом аз саводи Шарқу Ғарб ба партави зоти ӯ маҳв шуд: "Зуввият* лӣ ал-арзу фараайта машориқаҳо ва мағорибаҳо фаяблуғу мулка умматӣ мо заво лӣ минҳо", байт:

Замин чист дар пеши фармон-ш ҷое,
Ки дар хатти ҳукмаш ду олам дарояд?!

Олам тифлест, ки чун аз шиками "нун"-и "кун" мутаваллид гашт, сити аҳмадӣ дар гӯшаш бонги намоз дод ва одам пирест, ки чун чилаи* арбаъин сабоҳан зинда дошт, дар он бонги намози баланд *қуррату* ъайни Расули-л-Лоҳ* гуфт ва ба миннат ангушт бар дида ниҳод, назм:

Чун мардуми ду дида он дастрас надорад,
К-ояд буруну бӯсад он номи боъулуро.
Лабҳо ҳаме фиристад бӯса ба дасти нохун,
То мардумони дида бӯсанд номи ӯро.

---

[8] НЛ: бандад, ки.
[9] НЛ: дар.
[10] ДТ: ҳудуди байт мушаххас нест.
[11] НЛ: баъд аз ин калимаи "ӯ" омадааст.
[12] ДТ: баъд аз ин калимаи "эй" хат зада шудааст.

Матвиёти саҳифаи ғайбро, ки сароири аҳволи[13] афлоку[14] алвоҳи хок дар вай (6) мазмун аст, барои хондани он хотам-ун-набийин ба дақоиқи пухта муҳри хотимат ниҳоданд, то он дақоиқ ҳам аз вай кушода гашт ва мазиёти ҷаридаи лорайбро, ки ҳақоиқи[15] асрори дину осори яқин дар вай макнун аст, барои рисолати он мурсал фуруд фиристоданд, то он ҳақоиқ ҳам аз вай ба баён пайваст, шеър:

*هُدی النّاسُ حقّاً بِتبیانه      کتابٌ لهُ جاء بالبیّنات

Ба[16] пеш аз аҳди он ҳисеби нуҳ доираи сипеҳр болои тахтаи хок сифрҳое буд бекор. Чун сари ҳарфи аҳмадӣ бар сари[17] сифрҳо хатти рост кашид(а) бар ҳама маҳсуб гаштанд, ба муҳосаботи бешумор. Зиҳӣ туғрокаши "инно* фатаҳно лака", ки бар ҳафтоду ду миллати мардум ба ду* тавқеъи шаҳодат[18] коррон шуд, ваҷҳе фармонфармои "баллиғ* мо унзила илайка" иқтоъоти ду олам[19] ба маншури сиёдат дар басти худ кард:

Ба номи Эзид, он сайид(и) бемисол,
Ки бандад ду олам ба маншури хеш.

Маншури авомиру навоҳияш ба як поя фурӯтар аз амри илоҳӣ ва ба ҳазор поя беҳтар аз умури илми сепоя ва тахти чаҳорпояи подшоҳии ҳар гарданфарозе, ки сар бар ҳукми хатти ӯ ниҳад, сари худ парвонаи *қад* афлаҳа-л-муъминун* дар хатти амон бинад ва ҳар саркаше, ки гардан аз қаламӣ шаръи ӯ битобад, гардани худро ба теғи "фақтул*-ул-мушрикин" қалам биёбад. Ба номи Эзид, ай "қуррату ъайни лиъумрика" ва ғураи ҳилоли "нун ва-л-қалам" (7) ва кушояндаи ноираи салсабил ва кушандаи ноираи ҷаҳаннам, шеър:

*عَلیکَ سَلامُ خالقِنا دَواماً      و بعدُ علی صَحابتِکالکِرامُ

Аввал, Абӯбакр, ки амонномаи[20] имон аввал ба номи он бандаи озод таҳрир шуд, то рӯяш бад-он нур чун сари[21] нома сафед гашт. Дуюм, Умар[22], ки адл аз номи ӯ рақами умр ёфт, балки пойи шаръро тоҷи сари худ сохт. Сеюм, Усмон, ки Мусҳафи маҷидро[23] аз раги ҷон шероза баст, ки аз таҳи он ҷилд нуқта боло бурданду башорати хулдаш расониданд. Чаҳорум, Алӣ, ки мувалллаъи улум дар қалб ба масобате буд, ки дар Мадинаи расул дари мадинаи илм гашт. Ва саҳобаи дигар, ки ҳошияи номаи рисолатанд ва азвоҷи маъсумаи ӯ, ки уммаҳоти маонии исматанд ва зурриёти мукаррама[24], ки нуқтаҳои ҳуруфи "ё син"-анд ва олу атбоъи ӯ, ки дар сифри мусаффир* атбоъи "фазлун билхайр"-анд, шеър:

*جاء مِن ربّنا هِدایتُهم      رَضِی اللهُ عَنهُم و رَضُوا عنه

**Мадҳи Шайхи** шуюх-ул-олам Низом-ул-ҳақ ва-т-таҳқиқ ва-ш-шаръ ва-д-дин[25]. Мидҳати Шайху **нисбаташ ба тасаввуф**. Пай бар пайи наъти пайғомбаре, ки муқаддами анбиёст, мадҳи баландқадаме иқдом кунам, ки қадами мутобиат пай дар пайи ӯ мезанад. Яъне, пешрави равандагони тариқат ва расидатарин расидагони олами ҳақиқат ва сареъ-ус-сайри хутутайн ва "қад васала" ва роҳнамои "ва қад* минҳо ило мо ъамилу мин ъамал" ва таслими[26] ҳабл-ул-матини "фаъъолун* ли мо юрид" ва камандандози (8) "наҳну ақрабу илайҳи мин ҳабл-ил-варид" ва ниёбатдори "инно* арсалнока шоҳидан ва мубашширан ва назиран" ва равотитрасони[27] "ва ютъимуна-т-таъома ъало ҳуббиҳи мискинан ва ятиман ва асиро" ва салогӯи "ниъматаҳу мин ъиндино" бар оммаи башар ва ҳаловатшиноси чошнии

---

[13] НЛ: дақоиқи.
[14] НЛ: баъд аз ин калимаи "аҳвол" омадааст.
[15] НЛ: ин калимаро надорад.
[16] НЛ: ин калимаро надорад.
[17] НЛ: сари он.
[18] НЛ: мушоҳидат.
[19] НЛ: оламро.
[20] НЛ: унвони номаи.
[21] НЛ: аввали.
[22] КМ ва ДТ: *лафзи* "Умар" дар ҳар ду маврид ҳазф шудааст.
[23] НЛ: шарифро.
[24] НЛ: мукаррамаи ӯ.
[25] Ин сарлавҳа аз нусхаи НЛ оварда шуд.
[26] НЛ: барвоз (парвоз).
[27] НЛ: равотибрасони.

“ва нақзӣ* ман шакара” ва нозими умури динии ҳаққ-ул-яқини аъзам Низом-ул-ҳақ ва-д-дин, шеър:

*نَظَّمَ اللهُ امرهُ حتّی أمرنا مِن نِظامِهِ انتَظَما

Зиҳӣ, Шайхи шуюх-ул-олам, ки хирқаи ҳазормехии фалак бар қомати азамати ӯ танг асту автоди* ҷибол дар мувозанаи ҳилми ӯ посанг ва балки бесанг. “Ло”-и лоҳут, ки аз ду шӯъбаи хеш сояи қазову қадар бар ҳар ду ҷаҳон густурдааст, самараи бораш расонида ва “лан”-и “лан таронӣ*”-ро, ки пеши боргоҳи рӯъят пардаи абад аст, ба қуввати нафси ӯ аз пеши назарҳо барпаронида. Ду олам дар назари ӯ дуто нонест, ки рӯзаи таваккули ӯ бад-он нашканад ва дарёҳои “мо сиво-л-Лоҳ*” пеши чашми ҳиммати ӯ қатраи обест, ки дасти тақвои ӯ ангушт бад-он наёлояд. Ҳар ангуште бар дасти эшон калиди дарҳои самовоту ҳар хатте бар кафи эшон ҷоизаи иҷобати даъавот, шеър:

* اذا کان یبسط کفّهُ فی دعوتٍ ملکُ الاجابتِ عاجلاً یتقبل

Аммомаи мутаввали эшон мисоли вилоят аз девони малики акбар ва кафши мутаххари (9) эшон киштии каромат ба ҷиҳати абраи дарёи ахзар. Кулоҳи сӯфиёнаи ӯ осмонест, ки мадораш бар қутб аст. Аҷаб қутбе, ки аиммаи муштабаҳа назари симати қабиларо аз он шинохтанд ва тариқаи мустақим, ки аз пир бад-ӯ расидааст, ба хатти мустақим мемонад, ки миёни ду қутб фарз кунанд. Рабби Каъба назари қалби моро, ки қибла[28] қубла задааст, шиносандаи он кутб*и воло гардонод, то қиблаи яқинро ба ситораи собити дили ӯ, ки инқилоб бо он нисбат надорад, бишиносем, ба “бимашийяти-л-Лоҳ”, назм:

**Мидҳати подшоҳи рӯйи замин,**
**Нисбат аз ҷомаи меҳину кеҳин.**

Китобаи мадоеҳи подшоҳ бар дебочаи китоб ҳамон ҳулия ороиш дорад, ки илм бар дебову тироз бар қабо. Валекин агар банда Хусрав пашминаи дақоиқи худро бад-он тарсеъ биёрояд, бад-он гуна номуносиб бувад, ки гилемро ба лаолии шоҳвор мукаллал кунанд ва палосро ба ҷавоҳири обдор мурассаъ. Аммо чун ҳеҷ ҳирфа таснифе бе зевари хитоби салтанат қадру қимате надорад, банда Хусрав, ки гадоест камбизоъат, чун дар айбаи ҳунар ҷуз абрешимина надошт, ки дар коргоҳи пардохт харҷ кунад, ночор ин пашминаро ба тофтагиҳои бисёр аз мӯй бориктар тофт [ва бар минволе барбофт, ки аз ҳеҷ “насиҷ ваҳдаҳу*” шарманда намонад. Баъд аз он ба андозаи дастраси хеш аз раги дилу риштаи ҷон мафтул сохту дуъову санои подшоҳро, ки агар бар зарришта тофта шуъои хуршед бар чархи атлас дӯзанд ё бар хази тофтаи офтоб таҳрир кунанд, дархур бувад бар ин гилемина дурдӯз карду онро ба чанд дурри қалб, ки наздики доноён раддест ва чанд наъли дурӯғини иборат, ки ҳар як дар сина қуллоби иззат ҷигаргӯша дорад, мурассаъ гардониду гилеми худро бад-ин тироз мартабаи дебо дод. Чун ҳоли ифлоси хеш ба либоси ҳар чӣ пӯшидатар боз намуд, умедвор аст, ки зайли отифати худойгонӣ сотири айби бараҳнаи ин урён гардаду касе бад-ин муохаза остинам нагирад, ки, назм:

Хитоби шаҳ тирози ҷомаҳои қимматӣ бошад,
Гадоро бин ҳаваснокӣ, ки дӯзах бар Калим онро.][29]

**Нисбати мулку хилофат нигаред**. Чун шарти маъзарат ба ҷо овардам, акнун хидмате, ки мо ҳазар* тӯли (10) ҳоле дорад, арз кунам. Пеши тахти аршпояи худойгонӣ, ворисн мулки сулаймонӣ ва хува-с-султону-л-қодир-ул-комиъ-ул-қоҳир-ул-бурҳон-ул-боҳир-уз-зоҳиру, молики риқоби санодиди-ш-шарқи-с-син, босит-ил-маснад-ил-ъалийи-л-аъло ъилийин Ало-уд-дунё ва-д-дин, Шамс-ул-хулафо ва-с-салотин, зилл-ул-Лоҳи ъала-л-ъоламин, фалак-ул-маъолӣ, қутб-ул-аъло, муҳит-ур-рубъи-л-маскун, бадират-ул-ҷунуд, муҳриқ-ил-ъуззоми-л-кафарати, набоират-ус-сайфи фӣ-л-ҳудуд, рофиъу айвон-ил-мулки ъало касри-л-каёсира, носибу аъломи-л-фатҳи бикасри-л-акосира, саворимуҳу машҳурат-ул-офоқи ва ъаворифуҳу маъруфатун бизимон-ил-арзоқ. Амара тавоифа-л-инсон биамри холиқ-ир-рӯҳи ва-л-ҷон, ҳомию умматиҳи-л-муҳаммадияти ас-султона-л-мансур

[28] НЛ: кибларо.
[29] Матни дохили қулоб аз нусхаи НЛ оварда шуд. Аз оғози “Нисбати мулку хилофат” ҳам маълум мешавад, ки овардани ин матн амре зарурист.

Абулмузаффар Муҳаммадшоҳ мин таворик-ил-ҳадасон, ас-султон-ул-мансур мин хайри носирин би-л-фатҳи-л-мубин, носиру амир-ал-муъминин, шеър:

*يدعو البرايا مدّ ظلّ محمّد       و عداه تعدم مثل ظل محمد

Улохитобе, ки "ъайн"-и "ъуло"-и ӯ ба манчуқ ъайн* бар гунбади фирӯза бароварда ва Муҳаммад номе, ки аз "мим"-и Муҳаммадшоҳ ахтаронро ҳалқа дар гӯш карда. "Нун"-и туғрои ӯ ба даъвии ҳилолият бар осмон баромадаву саҳифаи фармони ӯ ҷаҳону ҷаҳониёнро чун осмон бар сар омада ва чатри сиёҳи ӯ абрест раҳматбор. Равзаи мулк ҳар рӯз аз ӯ физояндатару тоирон чатри ҳумой аст ҳумоюн(11)осор. Байзаи ислом ҳар лаҳза аз ӯ зояндатар. Давлат, ки бад-он чатри сиёҳ пайваст[30], шаби қадр дарёфтаву иқбол, ки дар ҷиноҳи он ҳумойи ҳумоюн паноҳ ҷуста, аз Ҷабраил сояи шаҳир ёфта. Алами мансури ӯ қоиммақоми сидрат-ул-мунтаҳо*ст, ки зили мамдуд[31] дар офтоб ғирдаш густурдаву қалами маншури ӯ шаҷараи Тубо*ст, мӯъминонро ба талҳи манзуд парварда, шеър.

*ربّ البرايا ربّ دوحة سرده       ليتربّى بثمارها و ظلالها

Дар аввали ҷулус тоҷи салтанатро аз фарқи иклилафрӯзи хеш қоидаи сарфарозӣ дод, ки ҳамагии тоҷварони рӯзгорро ба боло дидан он кулоҳ аз сар бияфтод ва тахти мамлакатро[32] пойи сариророи хеш қоимаи пойдорӣ собит кард, ки ба ҷиҳати баландии поя сарҳои ҷумлагии саркашони куффорро зери пояи тахт ниҳод, шеър:

*حتّى على فوق السّماء سريره       و رؤسهم غابت و تحت الثرى

**Нисбати "Шоҳнома"** бин ин ҷо. Чандин каррат* Рустамони сипоҳи зафаршиорро, ло зола* музаффаран, бар афросиёбони Туркистон номзад фармуд, ки ба захми шамшери пӯлодвандосор бар пушти ҳар рӯинтане ғори Кайхусрав падид карданду ба нӯги найзаи чун мори Заҳҳок чоҳи Бежан дар шиками ҳар сӯхробваше бозкушоданд, чунонки аз халқу фарқи он айвони сапед сели хун то ба Ҳираи Мозандарон равон бирасид, байт[33]:

Бад-он сон, ки шуд рӯйи саҳро саросар
Пур аз баҳмани лаълу хуни Сиёваш.

(12) **Нисбат зи сиёдати муғул бин**. Ҳамон муғули сарбурида, ки ғул шадда* барои гардани мӯъминон ҳар сол аз тумари Қиқ* занҷир меоварад, то барда[34] барад. Чун баъзеро ҳамон занҷир бар гардан теғ гашту ҷонашро сӯйи салосили дӯзах кашид ва баъзе, ки аз теғ дар ҳимояти занҷир гурехтанду ҷонро аз забонаи теғу ҳарбазабонӣ бозраҳониданд, агарчи сатри мусалсали занҷир хатти озодии эшон шуд, аммо чун аз нерӯи рӯинтании хеш ба ҷиҳати ғавғову фитна занҷир мегусастанд, фармон шуд, ки баъзе туманҳоро аз кунгураи ҳисор ба абр расониданд, то тани обиён ҳам бад-он об сард шудаңду аз гулӯгоҳи туманҳои дигар борони хун бар замин рехтанд ва вуҷуди ҳаббаранги эшонро дар хок тухм карданд, то аз он тухм ҳама сурхмарду райҳони таторӣ баромад, пас аз сарҳои он калоби миррихӣ нисбати бурҷе баркашиданд айни бурҷи Асад. Сараш[35] даҳони шер фаррох кушодаву кунгураҳо чун дандонҳои низ[36] тез баромада, то аз иртифоъи он сурхчеҳрони барно бурҷи асадваш авҷи Миррих дар Асад собит гашт. Зиҳӣ, улударача он бурҷ, ки аз бахшиши подшоҳӣ ба як бор ҳазор камари сафед барбаст. Он ҳама сарҳо дар ҳар камаре гӯй, ки ҳазорон ҳазор раъс аст, ки аз Ҷавзо ба шарафи хеш хеш[37] аст. Агарчи ба ҷунби атоёи он дастгоҳ он ҳама камарҳо сар-сар будӣ, (13) аммо бад-он сабаб, ки он бурҷи баркашида ободии бандагони ин ҳазрат аст, сар ба сар шуд бо буруҷи осмон ва дар ақсои мамолик низ бурҷҳои дигар ҳам бар ин наҳҷ саросар ба раъси фалак расониданд.

Анун қадре ҷавлони сухан[38] аз маҷоли муболағат ба маҷоли балоғат расонам, назм:

Сарҳо, ки бурд сӯйи ҳаво каргасу гузошт,
Аз кунгураи бурҷ ба каргас расид боз[39].

---

[30] НЛ: пайваста давлати.
[31] НЛ: мамдудро.
[32] НЛ: мамлакатро аз.
[33] НЛ: шеър.
[34] НЛ: бардае.
[35] НЛ: сараш монанди.
[36] НЛ: шер.
[37] НЛ: расида.
[38] НЛ: суханро.

*رُؤسُ من الحاجاتِ جائت إلى الثَّرى          الى مَصعَدِ الهامات عادت بِبُرجها

**Нисбат аз даст нигар даст ба даст**. Шахрҳо, ки[40] аз деҳодеҳи муғул чун кафи даст гашта буд, роҳате дар онҳо намондаву мурофиқи он ба куллӣ бишкаста аз басти дасти ин халифаи зу-л-акноф[41] ба ҳадде маъмур гашт, ки агар ҷонибе ангушт фароз кунанд, набинанд магар, шеър:

*بيوتاً على كفّ الثُّريا رِواقُها          مَصيرهُ شهرٌ لاحقت كالانامُل

**Нисбати об нигаҳ кун ин ҷо**. Баъд аз ин то тезоби теғи ӯ дар миён бошад, муғули хунрезро з-ин сӯйи Ғазнӣ убраи Синд муяссар нагардад ва то найзаи болооби синони ӯ доим бар сари найза бувад, тотори хунхор з-он сӯйи Ҷайҳун оби хуш нахӯрад:

В-агар з-ин сӯйи Ҷайҳун хоҳад оби хуш хурад          кофар,

Ба ҷуз тезоби тегаш набвад он ё қатраи ханҷар.

**Нисбати амну фатҳ дар ҳар сӯй**. Зиҳӣ густурдани бисоти амну амон, ки аз ҳазҳо[42] Деҳлӣ то саҳнҳои (14) Хуросон аз хуни сурхчарӯёни Чин фарш атласи лаъл густурда, то ҷумлагии ғавгоҳо бинишасту фитнаҳо бихуфту фитнаангезон бигалтиданду осонӣ кард ҷумла душворӣҳо.

Аз он ҷониб лашкари кӯҳистоди чингизхониёнро аз тундбоди ҳайбат з-он суйи оби Ҷайҳун бирониду аз ин ҷониб роёни* гаронҷунбиши ҳиндуро, ки бо ҳазорагон пил бар сафи туркон пилмол меоварданд, ба овардани пилу моли эшон басанда накард, балки баъзеро, ки ҳанӯз дабдабаи пилмолӣ доштанд, бар намате шон пилмол фармуд, ки аз сари хеш ва ба дарёи пил афканданду аз равғани он ва ба дурустиҳои пойи пил чарб карданд ва баъзе, ки дар пеши пилпояи даҳлези салтанат сар ниҳоданд, ба пили болотарбияту марҳамат фахс гаштанд, байт:

Инчунин бояд шаҳи роятфароз,

К-ӯ бувад қодиркушу оҷизнавоз.

**Ин нисбати оташу чароғ аст**. Гавҳарҳои теғаш, ки дар меҳроб чарогҳоеанд ба об афрӯхта, оташ[43] буту бутхона задаву дуд аз қиблаҳои оташпарастон баровардa ва ба ҷойи он масҷидхое бино карда, аз меҳроб теғи оҳанин бунёдтар ва дар онҳо чароғҳо афрӯхта, ки чун гавҳарҳои шамшер: кушта нашавад зи ҳеҷ боде. Ва ҷавоҳири бахшиши ӯ, ки ҳама гавҳари шабчароғ аст, бе ҳеҷ бароту парвона хонаи муфлис (15) ва мунҳимро рӯшан кард, шеър:

*فَمَشاعِلُ الاِحسانِ اَو قَدَ بِالنَّدى          اِيقادُ مَشعَلَةُ السَّماء على الوَرى

**Нисбати парвариши омаи халқ**. Дар маротиби додгустарию раиятпарварӣ аз табъи рӯшан ойинҳое вазъ кард, ки на дар ойинаи хаёли Сикандар сурат бандаду на аз ҷоми Ҷамшед рӯй намояд. Арзонии[44] ғалла, ки хамирмояи зиндагонист, ба санҷиши андеша мизоне баст, ки агар солҳо абру офтоб гарди арақ аз пешонӣ начаконаду боди гармизоҷ мураввахa бичашонад, вакили гулрӯй сабза нарӯёнаду хуршеди оташафрӯз дона напазонад, оммаи халоиқро аз анбори хосаи меҳмон наволҳои гармогарм тавонад дошт, шеър:

*و لو لم يكن سُحبُ السَّماء تُقاطِرت          دواماً اَبادَ بهِ تُريدُ نوالها

**Дигар**. Мояҳтоҷи ҷумҳури мардумон агар ҳама гӯгирди сурх[45] ва ё лаъли сапеди арзон аз ду боби тирози каҳрабои зарду ҳаббаи лаъл гардониду молро, ки иксири марот[46] ва ганҷинаи матлубот аст, ба атиёти пилбору садақоти пилвазн васияте арзонӣ дошт, ки гаронии ҳеҷ матоъе бар дилҳо гарон нанамуд, то дар арсаи мамолик хушию осоише пайдо гашт, шеър:

*يَعيشُ جَميعُ النَّاسِ عَيشاً براحَةٍ          كَجَمعِ عَصافيرَ بِرَوضِ السَّا بِلِ

---

[40] НЛ: ки аз.
[41] НЛ: Баъд аз ин: даст ба даст.
[42] НЛ: хазҳои.
[43] НЛ: оташ дар.
[44] НЛ: ба ҷиҳати арзонӣ.
[45] НЛ: сурх аст.
[46] НЛ: муродот.

**Нисбат зи ҷаҳонбиниву аз амну амон**. Олим халифа[47], ки муншии тақдир латоифи манзуми *инно ҷаъалнока халифатан фи-л-арз* дар назми умури (16) ӯ тазмин карда ва одил султоне, ки дабири маъдалатхуҷастаи ӯ дар маншури ҷаҳондорӣ *инна-л-Лоҳа яъмуру би-л-ъадли ва-л-иҳсон** иқтибос намуд[48], бахту давлати раоёро аз шодии аҳди ӯ ҳар рӯзу шаб бедорӣ ва салоҳу иддаги маъорикро аз амну амон дар замони фархундаи ӯ ҳар ҷониб бекорӣ. Ғузоти абрдаст аз боридани боронҳои тез даст шуставу муҷоҳидони дарёҷӯш новадонҳои ханҷарро аз рехтани селоби хун боз баста. Теғи ҳиндии мӯъминон, ки аз синаи сунниён софтар бувад, чун дили оҳании ҳиндувон зангор гирифта. Таторчаи туркон, ки аз ширинии ҷонҳо парвариш дошт, хӯрди мӯрча шуд ва обҳо аз фарқ рост карда, мухаддароти зери виқояи исмат фароҳамтару вилоятҳо аз дили осудаи тифлон дар оғӯши модари меҳрубон беғамтар. Дузд аз сояи коло чун соя аз хуршед ба пой пай дар гурезу адл барои қалъи зулм чун чароғ ба ҷиҳати маҳви зулмат корхез. Пили кӯҳшиканро ёрои он на, ки дар гузаргоҳи мӯре лӯк ба раъноӣ тавонад хиромиду шери даҳонбастаро заҳраи он на, ки дар рақси оҳуи[49] ланг ханда тавонад кард. Субҳи давлати ӯро ҳар рӯз кор нест, магар мизбонӣ кардан бар зарроти олам ва шоми чатри ӯро бар шаб расм нест, ба ҷуз хоби осоиш (17) додан ба зурёти одам, шеър:

*يا ربّ ذتوقّه فى رأفة　　　ابدِيّة لِطيب اهلُ العالم

**Нисбат зи туюр бин дар ин лавҳ**. Дар ин ҳазрати заифнавози қодиргудоз арза медорад бандаи камтарин Хусрави *лочин**[50], ки чун бар ъайни ъотифати худойгонӣ эътимоде тамом аст, ки дар ағмози айб ва абсори ҳунар назар дар чашм боз дорад, на бар пойи товус. Ва агар мӯре пеши он тахти сулаймонӣ пойи малахе хидмате мебарад, онро азми симурғ мениҳаду ағар анкабуте пари магасе пешкаш мекунад, ба иззат бар думи товус дармепазирад. Мани банда, ки дар маҷлиси аъло солҳо гулбонги ҳазордастон задаам, ин сияҳу сафедро, ки монанди зоғи аблақ кисвати зебоӣ надорад, аз “мим”-и мадҳи ин даргоҳ фохтаи тавқдор гардонидаму чун сайёди рустоӣ, ки чуғдро пеши Ҷамшед хидмате барад, ки ҳумо аст ва Ҷамшед бо камоли дониш таҷоҳул намуду онро бо узозҳое[51] қабул фармуд, мисраъ: ва мо шоа* ан яхҷил-ал-муртаҷо.

**Нисбат ин ҷо зи бӯйи хуш** нигаред. Мискинвор ба бӯйи карам пеш овардам. Риҷои восиқ аст, ки аз муҳиби мавоҳиби ҳазрати хилофат насими[52] қабуле бар ин савод вазад, то ҳар гиёҳе аз ӯ, ки хаси хасису хасаки хушк аст, сунбулу бунафшаи тару тоза ва райҳону савсане мутибу (18) муанбар шавад, чунонки аз тиби он гунбади симини фалак миҷмараи уд гардаду абад-уд-даҳр мурғони рӯҳонӣ аз ин раёҳин паранду бад-ин шамоил тар димоғ[53] кунанд ва бад-ин аврод маст бошанду бар ҷузве аз ӯ, ки ба гули музоаф монад, дастанбӯйи гулбӯёни маонӣ гардад, шеър:

*وَ بلعزّتعلوا على كُل كفٍ　　　كما دفترُ الورد حين النّضارت

**Нисбати теғу тир** бин ин ҷо. Илоҳӣ, то саҳми саодат аз кеши муҳаммадӣ тавон ёфт, хаданги хайбаркушои ин Муҳаммади ҳайдармасоф калиди чорпараи ҳафт иқлиму сутуни абнияи хамсаи ислом бод. Авлиёро* аз саҳми ғайб арзи дил ҳосилу аъдо ҳама тан ғараздор аз ғайб саҳме дар дил, шеър:

برامِن رَمى اِعجازهُ البدرَ فى السّما　　　وَ شقّ على التّصيقِ ذالترسِ فى الدُّجى

Ва ахлофи хилофат, ки ҷавоҳири зулфиқори шоҳию қотеъи ғавароти номутаноҳианд, ҳар як ба осори бахту давлат ҳулияи фатҳу нусрат ороста[54], байт:

Ба ҳаққу ҳурмати авлод онро,
Ки бигрифтанд ба шамшер ҷаҳонро.

**Мидҳати тоҷдори аҳд** нигар. – **Нисбат** аст ин **зи анҷуму ахтар**.

---

[47] НЛ: халифае, ки.
[49] НЛ: ҳарфи аввал – “о” бас урати “алиф” омадааст.
[50] НЛ: лочинро.
[51] НЛ: ъузозотҳое.
[52] НЛ: боди.
[53] НЛ: димоғ тар.
[54] НЛ: Баъд аз ин: бод, ба ҳаққу ҳурмати авлоди Муҳаммад (с), мисраъ: Онҳо, ки гирифтанд ба шамшер ҷаҳонро.

Сапедадам, ки шамси фалакӣ саводи шабро баёз мекарду зиёи машриқӣ дар савод[55] фурӯ рафта буд, эй[56] саводи музламанд, ки андак бар ӯ (19) рӯшан мешуд, ҳанӯз килки шаҳоби сареъ-ул-қалам дар девони рӯҳонӣ чараёне менамуд, дар он дам банда Хусрав ба сеҳри сухан тасхири Аторуд мекард. Ҳоле, ки қалам овоз дод, Аторуд аз Ҷавзо камарбаста даррасиду бар[57] оинаи зонуи ман бӯса зад ва барои таъзим он оина нафас дар хештан даркашид. Килк[58] бо он, ки саргаштаи савдо буд, пеши ӯ нимқиёме ба ҷо овард. Аторуд аз шармсории он нимқиём ба тавозӯъи тамом чун қалами равандаву тири фурудоянда сар бар замин ниҳод. Пас аз но ҷо, ки дар кори назму наср ҳаваснокии ӯст, ба ҳинҷори адаб ин қадар гуфт, ки, шеър:

*أرنى عَجَباً من غَريب البَدايع    أبدَعتها حتّى يهيمَ عَطارِدُ

**Нисбати рост бин зи тир ин ҷо**. Чун он тири ғаразе, ки дошт дархост намуд, банда нахост, ки ҳукми ӯ рад кунад. Ночор саҳифаро, ки пеш дошт, ба ҷиҳати пешниҳоди ғарази хеш бурҷосе ниҳоду саҳми *ман* саннафа фақад истаҳдафа* пора-пора, ки дар даруна мехалид, ҳам ба муҷарради дидани он якандозҳо норост карда, тири баланд бар чархро сари[59] чун суфор боз шуду аз ин захмаи гайрат, ки *рамийян* бихи гайра ром* бад-ӯ расид, хост, ки роҷеъ шавад. Гуфтам: риҷъат аз тир нописандида аст. Аз ин риҷъат бозгарду мустақим шаву биншин, то мо ҳам саҳми муроде, ки аз ту дорем, дархост намоем. (20) Ба шикастагии тамом ҷавоб гуфт, ки ин кушоди ту бо ман рост бад-он монад, ки[60] хунсур кашидани камони чарх ҷӯянду ангушти шашумро ангуштвона пӯшонанд, аммо бад-он ҷиҳат, ки тири кӯҳнааму бар омоҷҳои ҳунар бисёр гузашта ва ҷойе, ки ростист, равишҳои савобу хато некӯ меафканам, байт:

Савобу хатое, ки пурсанд аз ман,
Ҳадисе, ки он рост бошад, бигӯям.

Инак, ин **нисбат зи таому хуриш**. Боз дақиқаи борику бехатар аз пардаи дили хеш берун рехтам, ки чун ҳама пухтакорон лаззоти маъонӣ бар ниъами фазли зайф файзи қалб тавонад, аз он ҳалвоҳо, ки дар атбоқи осмон дорӣ, қадре бар коғази ман рез, ки бар мавоиди мадҳи подшоҳ[61] тӯҳфа созам. Боз Аторуд дар маъзарат омад, ки мултамиси нав аз ман, ки тирам, бар он гуна аст, ки аз найи тиҳӣ шакар ҷӯянду аз мошура ҷулаҳи шира. Маъа ҳаза чун талаби ин неъмат барои хони маҳомиди Худойгонист, дастам ба қурси хур намерасад, ки музди дандони хурдат расонам ё газанде ба рубоъии ту диҳам, то тутмоҷи дақоике, ки чун аз ман тире ба печиши бисёр рост шудааст, хуш турше дорам: ки тадбире хуриш хуш аст боре.

Инак, ин **нисбати танбӯл** нигар. Чун аз он ҷавоби турщдандон ҳавасам кунд гашту аз авроқи Аторуд барги он наёфтам, ки дандонҳои қаламро сиёҳ (21) гардонад, гуфтам: дар ин хиҷолат қалам бар ман дандон сафед хоҳад кард. Ба зарурат бар вароқи кофурии хеш ранги мушкини қаранфулбӯйро дар кор овардаму табъро бар ҷасорати мадҳи хилофат танбӯл додам. Акнун чун замири диловар бар ин муҳими бузург бераҳ ситуд, инак-инак латоифе бар варақ кашидам, ки Муштарӣ пеши он ҷонсупорӣ кунаду нурҳои кавокибро бар саводи тари ман ба ҷойи хок бояд пароканд:

Балки марвориди анҷумро бибояд сӯхтан,
Чуна кардан, пас бар ин хатти тари ман рехтан.

**Нисбат аз шоҳиву хитоботаш**. Агарчи улумартабати ин ғароиб бартар аз он аст, ки авсофи осмонгир дар ӯст, ҷуръат ба азёли саҳоифи он тавонад расонид, маъа ҳаза пояи рутбаташ он гоҳ баланд гардад, ки шарафи хокбӯс дарёбад дар ҷаноби халифаи замон. Ва *хува-л-маҷлис-ул-аъло** ва-л-муснад-ал-анвар ва шамсу само-ил-хилофат фӣ давр-ил-қамар, султон-ус-салотин, қутбу-д-дунё ва-д-дин, ҳомии ҳумот-ул-ислом ва-л-муслимин,

---

[55] НЛ: саводи ӯ.
[56] НЛ: ва он.
[57] НЛ: бар сари.
[58] НЛ: килки котиб.
[59] НЛ: раъси.
[60] НЛ: ки аз.
[61] НЛ: мадҳ подшоҳро.

роъӣ руҳот-ул-бароё фи-л-Ҳинд ва-с-Син, ал-қоҳир ъала-л-ақосӣ ва-л-адонӣ би-р-роъят в р-ройи-л-қодир ъала-л-асвади ва-л-аҳмари би-з-зарқ ва-з-зарқои, ҷулусуҳ ъала-с-сарир тулӯъ-уш-шамс ъала-с-самои ва камолуҳу фи-л-манозили камолу-л-бадр би-з-зиё, ал-қои биҳуҷҷати-л-Лоҳи бимаҳви тариқ-ал-куфри ва-л-бутлони, ал-восиқ (22) бинусрати-л-Лоҳ, н насри ансорт-д-дини ва-л-имон, ал-муайяд битаъйид-ил-малики-д-дайён Абулмузаффари Муборакшоҳ, ас-султони ибни-с-султон, рофеъ-ул-аройики-с-сулаймони бияди ҷалолатиҳи, носиб-ул-улвияти-л-аббосия биямини хилофатиҳи, шеър:

*كانت خلافتهُ عقيبَ مُحمّد كَخِلا فة الصّدّيق بعد مُحمّد

**Нисбат** ин ҷо зи **дастгоҳи хилофат**. Таборака-л-Лоҳу, зиҳӣ халифат-ул-Муътази би-л-Лоҳ*, ки аз асобиъи-р-раҳмон* эътизоде ёфтааст, ки бе он ки аз дастгоҳи муъозадат хеш ҷунбиш намояд, як бозуи ӯ дар шарқ фуруд аст. Кафи дарёи Чин сад чун фағфур хоқонро дар қабзаи иқтидори хеш овардаасту бозуи дувум дар Ғарб қавидаст, қавидастон арабро, ки ҳар як зу-л-акноф ва зу-л-ямини аҳди худанд, бозуи тавоноӣ хурд бишкаста Шак нест, ки, шеър:

*مَن كانَ عاضِدُهُ ايادي رَبّه لاَعزّ و لو كان العظامُ يُكسَرُ

**Нисбат аз хутбаву сика** аст ин ҷо[63]. Дар ҳар шаҳре, ки хутбаи волои ӯ ба нардбон минбар то осмон баромада, ҳафазаи Худой ба ҳурмати он чун Масеҳ дар Байти маъмур сокин гаштаву офату фитна аз он овоз чун дев аз нағмаи Қуръон рам хӯрда ва дар ҳа кишваре, ки дирами сиккаи ӯ гирд гашта, хавоси базлу футувват дар авоми он ҳудуд чу иштиҳои аклу (23) шурб дар ҳайвон, ки сабаби он мумкин набошад, тамкин пазируфта, т дар он диёру билод бад-ин таъсир, назм:

Соил азизтар шуда аз об ташнаро,
Хоҳанда ҳам зи хоста боистатар басе.

Хуршед, ки зарро ранг дода, аз он рӯй сурхрӯии зар аз хитоби муборакӣ ин мубора ном дида, аз зар ранг овардаву дирами сиёҳи нимдурусти қамар, ҳарчанд шамси зарга дар вай нуқра бештар афканда, агарчи равони шаҳр гашта, аммо ҳам пеши ин сикка султонӣ ба нуқсони комил маъхуз шуда: ҳам бад-ин тағйираш андар қалб манзил додаанд.

**Нисбат** аз **бори подшоҳ** нигар. Ҳангоме[64], ки ин қутби собит бар авҷи сарири савобит маҳалли мадориҷи уруҷро шарафи бор арзонӣ фармуда, чашми ҳурони бинанда, ки да он талъати офтобҷабҳа назар дошта, аз атсаи шуоъу фожаи ҳайрат саргашта гашта ва ха сӯ, ки ин найири аъзам чашми меҳр боз кушода, усории ӯ банде аз банди маҷолис бар сон занбӯрон аз ғунчаи нилуфар гоҳи тулӯъи хуршед садгон раста, раста, байт:

Бастаеро, ки муҳри ӯ бикушод,
Ба сеҳри нилуфарӣ наёрад баст.

Дар муқобалаи лавомеъи иклили ӯ баландпарони қудс худро зинда бисӯзанд, ки ба машъалаи ин хуршед ҷуз малоик парвона назебад ва дар муҳозоти лавоиҳи зоти ӯ маснаднишинони сипеҳр (24) гарм дар оташ афтад, ки ба ҷиҳати айн-ул-камол он бадр ҷу ситораи сипанд нашояд, назм:

Чӣ ҳоҷат аст, ки дар оташ афтад он анҷум,
Ки худ зи тоби рухаш муҳтариқ шаванд
ҳама?!

Хаёли зоти анвари ӯ дар ҳама дилҳои фурӯзон ба ҳайат фармояд, ки як ҷирм асту дар ҳама ҷӯйхо ва обҳо ҷудо-ҷудо акс меафканад. Пас дар ин сурат он як зотро сад ҳазоро ҳазор тасаввур тавон карду ҳазорон ҳазор авсофи тахтнишинон, ки дар шамоили ӯ дарояд[65], ҳама як васфи ӯ бошад. Бар он гуна, ки чандин селу рӯд, ки дар дарё афтад, ҳамб як дарё беш натавон хонд. Пас бар ин маънӣ ҳазорон ҳазор шоҳонро як зоти[66] ӯ таво гирифт, назм:

Аҳсан-т, эй шаҳе, ки ҳазорон Ҷаму Қубод
Як ҷой кардаанд, яке шоҳ сохтаанд.

---

[63] НЛ: Нисбат аз хутбаву аз сикка бубин.
[64] НЛ: ба ҳангоме.
[65] НЛ: дар омада.
[66] НЛ: зоти писандида.

Сад саҷда сарону сарварони аҳолим дар пойи алами дохул*и ӯ бар он наярзад, ки он алам пеши эшон қиём намояду ҳазорон кулоҳи тоҷдорони аҳосӣ он мартаба надорад, ки чӯби дарбони ин сарой[67], ки бар онҳо осеб расонад. Рӯйи остони рифъаташ аз сиёҳии дидаи ардашерону шерӯягони замон пушт пӯз гаштаву сангрезҳои хоки ҷанобаш аз зудудани чашми кӯрҷонону гургиниён айн-ул-ҳайрат шуд. Салотини тездавлат агар ҷониби осмон назари тез кунанд, Мирриху Зуҳалро бо ҳам дӯзанд (25). Дар самотин борҷойи ӯ аз саҳми ҷониби боло тез дидан наёриста, балки ба тезии назар пушти пойи худ дӯхтаву тоҷварони баландгавҳар, ки мулуки кибор ба мӯйи пешонӣ гарди рикоби эшон афшонанд, ба аракчин ғубори роҳи тавсанони ӯ фуруд нишонда, назм:

Рехта он ҷо гар обе дошта
В-обрӯйи худ ҳамон пиндошта.

**Нисбат зи мулуки асру айём**. Шоҳони фирӯзманди Нимрӯзу Шом, ки дар ин асранд, агар дар роҳи ин зиллу-л-Лоҳ монанди соя дар хок нағалтанд, офтоби умри эшон пеш аз завол ба Мағриб расад ва мулуки сиёҳҷурдаи зангу ҳабаш агар ба судани чеҳра бар санги остони ӯ сафедрӯй нагарданд, суюфи ҷайши шоҳӣ ба салхи тамом пӯст аз рӯйи эшон боз кушояд: то бад-ин сон сафедрӯй шаванд.

**Нисбат аз ҷизяву хироҷ нигар**. Ба амри ҷории ӯ, ки мавҷи лашкар аз он сӯйи баҳр муҳит афкандааст, ҳамакнун аз Баҳрайну Барбар, ки саводи хатти арабу шатти баҳри муҳит аст, дар дари дарё лаолии обдори ибраи баҳру ҷазоиру савоҳил ба даргоҳ даррасид ва ба ҳукми қоҳири ӯ, ки қабопӯшони Чинро дар чини қабо хазонидааст, кӯҳ-кӯҳ зари комилиёри дувоздаҳмоҳа яксола ҷизяи он вилоёт хазинаи[68] хосро таслим шуданд, шеър:

*فيعطى جميعَ النّاس فضلاً و رأفةً          جميع نقودِ الغزو بالسّيف (26) يأخذُ

**Нисбат аз лашкару маротиби ҷанг**. Бузург лашкарорайе, ки ҳар гоҳ аз ҷой биҷунбад, аз[69] сипоҳаш осмону замин гум шавад, чунонки замин дар осмон. Ва аҷаб ғазофармойе, ки чун бар куффор шамшер[70] ронад, замин дар хун фурӯ равад, чунонки хун дар замин, шеър:

*ظَلَّ الاراضى فى الدّماء لغزوه          كالتّرب فى تبر زمان عطايه

Эъломи фатҳ дар мабниёти афъоли ӯ мансубу маонии зафар дар асмои эъломи ӯ манзур. Аз даври нуҳ чатри ӯ нуҳ фалакро даврон оварда, ки ончунон нуҳ фалак даврон наёварда. Ҷирми мунаввари ӯ дар миёни сад дурбош дар ломеъ[71] офтобе бо сад забона нур намуда, ки офтоб ончунон забона нур намуда чатри сафедаш дар зилли абр бар сари зиллу-л-Лоҳ офтобе миёни ду соя ва чатри сиёҳ гоҳи офтоб бар сараш соя дар миёни ду хуршед, шеър:

*أيا ذالعقل هل زمناً و عصراً          رأيتُ ظهورَ ظلٍّ بين شمسين

В-аз[72] кавкабаи дағо, ки чарх зердасташ бувад, чун Аторудро аз хонаи Муштарӣ сайр диҳад, ки агар ҳама лашкари анҷум бар шакли анҷумани Сурайё иҷтимоъ пазирад, ба як савлати шаҳобияш Банот-ун-наъш созад. Агар ба Самоки ромеҳ сӯйи сар ишорат фармояд, Миррихи қаттол харба хурад, чунонки дилаш бияфтаду ҷонаш барояд, шеър:

*و مهجته تصير بسهم رعب          كغربال (27) به ثُلَمٌ كثيرةٌ

**Нисбат аз корронии шоҳон**. Дар қуруни солифа аз шавкати хор-хори боғбон перомуни бӯстонҳо мамолики салотини Ҳинд аз теғу пайкон хорбаст будӣ, ки туздони офату махофатро мадхал набошад. Дар айёми ин зу-л-амон аз бас амн ба ҷойи он ҳама теғу пайкон ҷуз савсану сурӣ муоина намешаваду беш аз ин аҳлаи роёт ҷуз дар он Хоразму Хуросон ниъоли марокиби муғул гашта буд ва дар замони ин ҳомию-л-ислом аз тавсанони ғузот лагаде хӯрданд, ки аз захми наъли боргуна доғи лаън бар ҷабини эшон баромад:

Бад-он сон, к-он малоъинро набувад захра баъди он,
Ки рӯйи лаънати худро ниҳанд ин сӯ зи берӯӣ.

---

[67] НЛ: ин дар.
[68] НЛ: хизонаи.
[69] НЛ: аз ғубори.
[70] НЛ: шамшери обдор.
[71] НЛ: зили ломеъ.
[72] НЛ: рӯзи.

Ин фирӯзмандии ӯ худ аз осмони фирӯза ошкоротар асту ин ҷаҳонгирии ӯ аз офтоб рӯшантар, ки ханҷари хуршедтобро ҳар бор, ки бар муғули сардмеҳр бармеорад, ба як ҷунбиш бодпоёни баҳорбанди чашми ӯ бурдобурдони хунукмизоҷон чун яхбанди Ҷайҳун дар айёми баҳорӣ бишканаду дилҳои камонкашони сабоҳаш аз боди нерӯи ӯ монанди яххои қавсӣ дар Русу Хайзарон пӯлодзӯр мегардад, назм:

Зи сад маҳ сафаш аз оҳанин шавад на аҷаб,
Ба ҷӯйҳо зи раҳи обу (28) оби ҷавшанҳое.

Каъсараи Аҷам агар дар ин вақт будандӣ, аз теғи кабудвоми ин шоҳи гозӣ фиръавнвор ҷомаи ҳаёт дар Нил задандию қаёсираи Рум агар оби кори ин салтанат дидандӣ, аз беобии худ ба дарёи Юнон ғарқ шудандӣ: камо арзу* Юнони фӣ қаъри ямми.

Хурӯши кӯси давлаташ дар атрофи гетӣ ба маҳобате ғулғули қаҳру қудрат афкандааст, ки гарданкашони ағлаб куфрро аз он ғулғули дукон ғули асирӣ дар рақабаи рақиб то ҳалқҳои сипеҳр мусалсал аст, хоҳад буд, балки овози нойи навбати ӯ бар ахтарони ситамкор, ки ҷафо бедиранг мекарданд, бонги диранг-диранги тундӣ[73] барзада, ки то замони сайҳаи сур: ҷаврашон дар диранг хоҳад монд. Он ҷо, ки рафъати ин салимони рӯзгор пуштибони ҳар мискинест, агар мӯрчаи паст бар сари пиле баланд ба густохии тамом баррафта, пил бо он сари бузурге, ки дорад, дам задан наёриста, ки набояд он зуъуф аз ҷойи худ бираваду пуштаи ночиз ба қуввати маъдалаташ бар шерони маст[74] ба эҳтисоб зӯр оварда, чунонки шери ӯ газида шуду аз гӯшту пӯсти хеш газидаш дода, назм:

Қавӣ заифнавозе, ки пашша аз авнаш (29)
Зи хуни шер ба бонг камончае карда[75].

**Нисбати адлу раъбу раъфати шоҳ**. Адли умарӣ. Ҳафтсад сол интизор намуда то ин айёми адлро дарёфта, ки нисфати он қарнро дар ин навбат аз сар тоза кардаву сад маҳ инсофи ин аҳд ба ғояте тунд вазида, ки зулми мустақбалу ҳолро барпаронидаву то поёни даври Қамар бурда, ки дар забари домони қиёмат мастур монда, шеър:

*اللهُ يَعصمُ مُقسطاً من قسطه          سقطُ التَّعدى مثل سُقْطٍ من رحم

Ва аз камоли ашфоқи ӯ дар боби зуррийёти Одам силсилаи бандагону бандиён хатти мусалсали итқ утуқи эшон гаштаву таҳрири он риқоб ба рақобат тамом карда ва аз вуфури иқтидори ӯ ҳабл-ул-вариди ҳама гардантобон итоати расани гулӯи эшон шуда то ҳамчунон бо қайди рақабаи рабақаи[76] инқиёд даромада, шеър:

*انشاء صيدالعصر صيداً قاهراً          اقبالُه صيدُ بقيدِ حباله

Осиёни фитнаҷӯй аз ҳайбати ларзонандаи ӯ дар ҳимояти теғи ӯ афтода: чун сармозадагони бараҳна, ки аз рамаи дай сӯйи офтоб гурезанда ва соилони обҷӯй аз сӯхтагии ҳоли худ ҷониби дарёи кафи ӯ давида, ҳамчун гармозадагони[77] ташна, ки аз аташи сӯзанда сӯйи об шитобанд, байт:

Ҳамеша бод бар оби ҳаёти он дарё,
Ки ташнагони ҷаҳон об мехӯранд аз ӯ.

(30) **Нисбат аз бахшиши шаҳ аст ин ҷо**. Базлу аторо. Худ, субҳона-л-Лоҳ, чи сифат тавонад кард, ки сифат натавон кард. Агар фи-л-масал ато дар ҳаққи алиф бо лак карданист, ҳеҷ гоҳ нагуфт, ки *аъто алфа лак*, балки фармуд: *аъто лака алфан лака мироран*. Ва азбаски омоли ҷоеъи мол аз наволҳои карами ӯ сер гашта, дилҳое аз зар чун аз зарҷуна мебаранд ва азбаски синаҳои мутаъаттиш шарбати обе аз симҳои чун об равон сер гашта, ба хайлони сияҳрӯ, ки бар ақиқи сурх бар сони дуд бар оташ ларзидандӣ, аз лаъли оташину ёқути нордона монанди симоб аз оташ мегурезад, шеър:

*اللهُ يحفظُ ذارفدٍ بِبَسطه          يفرُ من حَبْلِ الياقوت طلّابُ

**Нисбат** нигар **аз чаҳор унсур**. Бо чандин авсофи шоҳонаи хос унсури шарифи ӯ ҳама бар қонуни ҳикмат: хашме чун ҷавҳари оташ пухтакор, на ҷаҳонсӯз ва афве чун табъи бод

---

[73] НЛ: ба тундӣ.
[74] НЛ: сармаст.
[75] НЛ: камонча мехӯрад.
[76] НЛ: дар рабақаи.
[77] НЛ: гармохӯрдагон.

бе гирифт, на ғубор ангезад, хулқе бар мизоҷи об мояи лутф, на муҷиби ғарқ ва базле ба мисли маъдани хок хизонаи рӯзӣ, на фурӯбарандаи мол, байт:

Ҳама собит ин васфҳо чун савобит,
На гардон чу унсур зи ҳоле ба ҳоле.

**Нисбат зи сипеҳру анҷум** аст ин[78]. Сонеъи анҷуму афлок, таола ва тақаддас, то тоҷи моҳи ба дурару (31) лаолии кавокиб мурассаъ буваду камари Ҷавзо ба алоқаи Парвин музайян, он тоҷдори баландгавҳарро бар сари ҷаҳониён чун осмон саромадаи ҷаҳонбонию бар сони офтоб баромадаи ҷаҳонситонӣ дород. Камари бандагони ихлосаш дар симоти бандагӣ чун назми Ҷавзо саф баставу парвинвор ҷамъ ва зуҳалфеълони хилофаш ба самсоми меҳросор ҳам бар мисоли Ҷавзо ду пайкар шудаву аз байлаки барқвашаш ба шакли Парвин қатра-қатра гашта, қитъа:

Ба вологавҳари тоҷи рисолат Аҳмади мурсал,
Ки гавҳарҳо аз ӯ доранд ҳам Ҷавзову ҳам Парвин,
Баровар то ба Ҷавзо дасти хоҳиш дар дуъо, Хусрав,
Ки инак ҳар ду каф бар карда Парвин мекунад омин[79].

**Дебочаи китоби "Расоил-ул-эъҷоз". Дебоча ба нисбати таламмуз.** Бар алвоҳи замоири устодони ҳарфшинос лоиҳу возиҳ аст, ки Ҳакими ъалим инсони кабирро, ки аз тахтаи лам якун ба ду ҳарфе: "коф" ва "нун" расонид, мурод он дошт, ки авлоди Одамро ба таълими *ъаллама* би-л-қалами, ъаллама-л-инсона мо лам яълам* мукаррам гардонад. Пас сотадилони ниҳонхонаи азалро бифармуд, ки дар арсаи *фӣ ситтати айём* сабақи сабқати *ва лақад сабақат калиматино биъибодин-ал-мурсалин* дуруст кунанд. Он норасидагон ба ҳукми фармони рақиби қазо дар ҷомеъи вуҷуд ҳозир омаданду аз назари инояти омӯзандаи ноқиди басир баъзе (32) ақли маҳз гаштанду баъзе нафси кулл ва баъзе малаки мутлақу баъзе рӯҳи муҷаррад ва баъзе ҷони мусаввар, то навбати Одам даррасид. Чун ҳам аз масқати азал то замин обои улвию уммаҳоти сифлияш гардонида буданд, аз муқаттаоти адам ба мураккаботи вуҷудаш расониданду ҳадяи абҷади одамияташ набиштанд. Як чилаи комил тахтаи *хулиқа одаму ъало суратиҳи*ро ороиши обу гил медод, то китобаи *аҳсан-ул-холиқин* аз қалами Рабб-ул-ъоламин[80] тамом гашт. Пас боди инояти ҳарфшиноси *иннӣ аълам* дами *нафахту фиҳи мин руҳӣ* дар вай дардамид. Талқини ал-ҳамдаш арзонӣ аз он ҷо, ки дар валодатномаи *аҳсан-ут-тақвим* қобил афтода буд. Анқариб мӯҳри унвони *ва ъаллама Одам-ал-асмоа куллаҳо* бар ӯ боз карданд, то номҳо хондан гирифт ва ба сабақи *иннӣ ҷоъилун фи-л-арзи халифати* чунон бар асҳоб собиқ шуд, ки ба хилофати мактаби *кун факонаш* нишонданд.

Хонандагони сухани тасбеҳи биҳамдик, ки ғулғули *тақаддас лака* дар Масҷиди Қудс афканда буданду беш аз он гояти[81] тағйир доғи сиёҳии *ясфик-ад-дамо(ъ)* бар итфи доманаш ниҳода ва дар ҳаққи ӯ ба хун гувоҳӣ дода. Чун ашфоқи муаллими қазо мехост, ки ӯро ба маҳалли устодии *айнаҳум биасмоиҳим* расонад, муҳри *мо ло таъламун* бар даҳони эшон ниҳод, то ба ҷаҳли худ эътироф намуданд, ки *Раббано, ло ъилма лано илло мо ъалламтано.* (33) Пас фармонаш доданд, ки эшонро китоби асомӣ биёмӯзад[82], *фаламмо анбааҳум биасмоиҳим*. Чун он[83] дуруст карданд, ишорат чунон шуд, ки ба омӯхтан сари адаб[84] ниҳанду шарти хидмат ба ҷо оранд, *фақаъу лаҳу соҷидин*. Ҳар ҳама пеши халифаи хеш ҷабҳаи тавозуъ бар бисоти таъзим ниҳоданд, магар Боҳафси куҳан, ки ҳам аз аввал рақами ҳиҷои *лиагвияннаҳум аҷмаъин* равон шуда буд, мисраъ: аз ғайрат истода бар ҷой бимонд.

**Нисбат зи аносир** аст ин ҷо. Ва аз бас оташе, ки дошт, ҳарораи забон мекард, ки *халақтанӣ мин нор*. Боз агарчи аз баёни *халақаҳу мин тин* ҳам худ хок дар даҳони худ меафканд, аммо чун оташи хилқаташ тунд сар бароварда буду ҳавои дил дамаш медод,

---

78 НЛ: Пеш аз ин лафзи "мисраъ" омадааст.
79 НЛ: Баъд аз шеър: "Ва сала-л-Лоҳу ъало Муҳаммад ва олиҳи".
80 НЛ: Фатаборак-ал-Лоҳу Раб-ул-ъоламин.
81 НЛ: аз ғояти.
82 НЛ: биёмӯзад, ба ҳукми.
83 НЛ: он тахта.
84 НЛ: адаби сар.

шуълаи ӯ бад-он хок кушта намегашт ва аз он ҷиҳат, ки хосияти оташ саркашист: сар сӯйи ҳаво баланд медошт.

Аҷаб норе, ки ҳар гоҳ лавси беобӣ мегардониду он тардомани сӯхтахирман обу оташ мешуду аз боди *вастакбара* дар дудангезӣ боде мегашт, то ҳам аз оташи ӯ рақами лаънатӣ бар тахтаи пешонияш доғ карданд ва чун "лат"-и лаънат, ки дар вай ъано бепоён аст, ба сабаби Одамаш расида буд, ногоҳ аз камини *фавасваса* берун омаду асои *ҳазиҳи-ш-шаҷарату* ба ҳадде бар ӯ гузорад, ки[85] захми *ъасо* Одам Раббаҳу* хӯрда, аз осмон бар замин афтод, ки агар қуввату (34) тоби *фатоба ъалайҳи* набудӣ, ҳаргиз дар мақоми *ва ҳудо* ба пойи рост қиём натавонистӣ намуд, байт:

Банди он захми асо аз алифи иблисаш,
Балки буд аз қалами ҳукм бар ӯ захми асо.

Нигаҳ кун **нисбати девони иншо**. Алқисса, чун аз масҷиди биҳиштиён берун омад, аз он ҷо, ки аҳлияти *фаталаққа* Одаму ми-р-Раббиҳи калимотин* ҳосил карда буд, боз ба ташрифи *сумма-ҷ-табоҳу Раббуҳу* мушарраф гашт ва аз ҳазрати Молик-ул-мулк ба шуғли девони иншош мисол додаҷ, то ҳар рӯз мазмуни номаи *аинно халақно-л-инсона мин нутфатин* бар рӯйи об меовард, чандон ки аз алифи болои авлод туғрои *ва лақад каррамно банӣ Одама* дар саҳифаи олам рост карду чандин коргузорони таблиғу рисолатро аз заҳру батни маншури нисбати хеш рақами зуҳур дод, байт:

З-он гуна, ки ҳар яке дари шоҳ заданд,
Тавқеъи таваккалту ъала-л-Лоҳ заданд.

**Нисбати назму наср** бин ин ҷо. Баъд аз он ки ҷавоҳири ваҳй насри табақаи анбиё шуд, навбати назми кори сухан ба шуаро расид. Эшон худ бар гузари қофияи ӯ ҳай биистоданду файзе, ки аз букяи ваҳй мавҷ мезад, дар буҳури молеҳи шеър гирд меоварданду ташнагони зулоли латоифро рӯ мегардониданд. Бар ин чошнӣ дар ҳар аср шакарфишонию дар ҳар давр нӯшрасонӣ месохту шаробе чанд муоширони муосирро мехӯронид[86] ва мехӯрду мегуфт, (35) шеър:

*وَ فی الدَّور کنّا کاضیافِ راحِ        شَربنا مُداماً و فی التُّرب نُمنا

**Нисбати сеҳру қиссаи Мӯсо**. То ҳангоми сеҳркории мо даррасид, ҷамоате, ки дар ин кор азиматашон содиқ буд, рақабаи ақломи хеш Мӯситабъам[87] медоштанд, *ва ъисийюҳум юхайялу илайҳим мин сиҳриҳим иннаҳо тисъо*. Ман низ аз он ҷо, ки мӯъҷизаи Калим дар сари асои килкам ниҳоданд, он суъбон*ро дар кор меовардаму бар ҳама сар мениҳодам, чунонки тафсири *фаулқия-с-саҳарату* суҷҷадан* аз хатҳои пешонии эшон возеҳ мегашт. Алқисса, ҳар бор, ки коғаз бар даст кардам[88], яди байзо намудаму ҳар кӣ аз ҷодувони Мисру Мадоин ба назораи килки ҷонварам расид, *раоҳо таҳтаззу кааннаҳо ҷоннун*, назм:

Сеҳр мекардам аз ин гуна басе,
Ман ба сеҳру ҳама олам ба дуо.
Ҷодувон омада дар даъвигоҳ,
Рост карда раҳе аз хома асо.
Ҳотифи ғайб ҳаме дод овоз:
"*Ло тахаф** иннака анта-л-аъло*".

**Нисбати хозину хизонаву ганҷ**. То хозини мавҳибат харҷи беҳисоби ёдгорхонаи хотирам бидиду он чи дар махзани *ва ин* мин шайин илло ъиндано хазоинуҳу* барои ман аз нафоис захира буд, амини зеҳну муътамади фикратамро таслим кард ва аз сарриштаи *ва ли-л-Лоҳи мақолиду-с-самовоти ва-л-арз* калиди ду дандонаи қалам бикушоду ба дастам супурд, ки инак хазинаву инак калид: хоста бибахшу нохоста низ. Ман (36), ки он фатҳбоб дарёфтам, самоҳати табъам дар кор омад, пардаи дили оҳанинро кушод додаму дурре, ки аз он хизона дар сандуки устухони сина макнун мешуд, берун мерехтам, шеър:

*دُرَرٌ اذا لاحَت بلیلِ مُظلمِ        مِن لوحِها خطّ الغُبارِ بلَونه

---

[85] НЛ: ки ӯ.

[86] НЛ: медод ва мехӯронид.

[87] НЛ: пеши мӯсии.

[88] НЛ: мекардам.

Аз ин ҷо **нисбати авлоду обост**. Ала-д-давом умм-ул-ҳуруфи худро, ки ҳосили сувари маонист, *зодаҳа-л-Лоҳу ахлофан,* ба қуввати табиати қобила дар таволид меовардаму дамидам. Разиъе болиғи печида ба қимоти ҳарирӣ манзури аъёни басират меғардониду ба партави назари эшон дар айни саводи олами Деҳлӣ қуррат-ул-ъайни биноён мегашт, то ба иҷмоъи ҷумҳури фуҳули иншо ин мувалладот аз уммаҳоти тасонифи абнои ҷинс ба сар омад, шеър:

*فمضت على الحدقات اعزازاً كما    مقل الورى من عزها يتعزز

Ин ҷадвали **нисбати нуҷум** аст[89]. Чун ҳар байте дар иртифоъ аз Шиъро мегузашту рифъаташ ба дараҷае буд, ки дар байт-ул-моли Бирҷис захираи дақоиқ мениҳод, овоза чунон баланд баромад, ки Аторуд дар Ҷавзо чун нимаи ҷавз тамомгӯш гашту истироқи самъ оғоз кард[90], ки ба гӯшаи чашми ҳақорат. Чунонки тиргарон сӯйи тир каз бубинанд, рост сӯйи он тир медидаму мегуфтам, байт:

Ки деворро гӯш бошад шунидам,
Вале тири каж гӯш дорад, надидам.

(37) Ин **нисбати моҷарои об** аст. Рӯз[91] дар ҳавои тардоманӣ бо чашми намноку дили ғамнок назме[92] иншо мекардаму абр мегиристу заминро низ чашмҳо равон шуда буд ва барқ ҳам дар парда месӯхт, аммо ба ханда берун мебурд. Дар он ҳол баңдаро ин ғазали обдори равон дар хотир гузашт:

Абр мебораду ман мешавам аз ёр ҷудо,
Чун кунам дил ба чунин вақт* зи дилдор ҷудо.

Хостам, ки қаламро дар ҷараён орам ва ин мои ҷориро ба сеҳри хат муқайяд гардонам, шеър:

*بلی قد قیل انّ الشعر ماء    و قید الماء بالاقلام سحر

**Нисбат** нигар **аз ҷавоҳиру баҳр**. Ҷавҳаре комилнақд ҳозир буд. Килки борандаи котибро овоз дод: эй[93] саромадаи зубдаҳои латофат, бо он ки дурри назм чун тангдилон ҷавоҳири санҷида рехтӣ, ҳам ҳамагии буҳурро лаболаб гардонидӣ, чунонки ҷумла гузарҳои қофияву қароини он об лаолии манзум сероб шуд, магар намедонӣ, ки ҷавонмардии абр бар дарё чунон бошад, ки ҷуд-ул-лайим ъала-л-мало ва рехтани борон бар хушкӣ, чунонки нада-л-ҳарри ъала-с-соил. Акнун қатрае аз баҳр бар карон шаваду бар[94] ҷаҳониён ҷавоҳире наср кун, ки на дар баҳр гунҷаду на дар мизон санҷад[95]. Қалами тиҳимиён хушк[96] овард, баъд аз он забон тар кард, ки ту ибраи садсолаи баҳр меҷӯйию аз мани якшаба бахила чакад. (38) Мутабаҳҳире, ки маро бар даст карда медорад, ин нафоис аз кафи ӯ бар рӯйи об ояд. Ба сони ҷавҳаре фурӯ рехт, ки оре, баҳр ҳам аз он ҷо илтимос мебояд намуд. Ночор қалам рашҳе аз ин ҳарф бо мо фурӯ таровид. Ҷавобаш додам, ки охир қалами моӣ, худро хушкнӯл чи месозӣ? Абри найсониро нашояд, ки ба имсок мансуб гардад. Мояе, ки аз хуни ман дарёе дар канор оварда: хуш-хуш бибор, бар сари ҷӯянда кун нисор.

**Нисбат зи китобату қалам** бин. Қалами саргашта аз сари савдо сар дар гиребони давот фурӯ бурд. Гуфтам: аз кадомин савдо фурӯ шудаӣ? Овоз[97] дод, ки ниҳоду бардошти ман бар дасти тусту туро аз равиши ман илме тамом, ки ман найи хушкаму бештар дар кафҳо бошам ва дар қаъри баҳр ғаввосӣ натавонам намуд, ки ба мусодақати лӯълӯи хушоб расам ва номи ҷавонмардӣ, ки ҳам аз аввали хилқат котиби қазо бар сари ман набиштаву бад-ин сарнабишт ҳар чӣ аз сари забон ҳосил кунам ҳам, ба ишорати забоне исори доноён созам, чандон ки аз чандон гавҳари шабчароғ дуди чароғе бар ман ба ҳила монад, байт:

Муфлисе, к-ӯ аз ҷавонмардӣ парад,
Аз куҷо бошад бар ӯ чандин гуҳар.

---

[89] НЛ: Ин нисбати шиърову нуҷум аст.
[90] НЛ: ниҳод.
[91] НЛ: рӯзе.
[92] НЛ: мерафтаму назме.
[93] НЛ: ки эй.
[94] НЛ: бар сари.
[95] НЛ: на дар кафаи баҳр гунҷад ва на дар мизони баҳр санҷад.
[96] НЛ: аввал хушк нӯл овард.
[97] НЛ: ӯ овоз.

Боз қаламро гуфтам, ки: эй сарат парида, пайдост, ки туро худ ҳеч гоҳ дар гиреҳ чизе набуду ҷавонмардӣ, ки бад-он алам шудаӣ, ҳам ту неку медонӣ, ки ман мекунаму туро ангушт(39)намо месозам ва ин замон к-ит дурари наср[98] мефармоям. Онро низ пеш аз он дар дили худ ваҷҳе андешидаам, ки дар ҳеҷ хазинаи зеҳне нагунҷад ва он ин аст, ки ман шоираму забони ман калиди ганҷҳои арш. Камо қола хозин-уш-шаръ: *инна ли-л-Лоҳи кунузан таҳта-л-ъарши мафотиҳуҳо ал-синат-уш-шуаро*. Чандин ҷавоҳир даруни он ганҷҳо тавон ёфту беруни он ҳосил нашавад. Қалами муҳкамгиреҳ, ки сухани ганҷ бишнид, сараш бигашт, - мисроъ: ва аҳтаззу касоилин ъуюнан ваҷадан - М.: Бин **нисбати ҷавҳару маъодин** - дардавиду он ҷавҳариро ба бонги сарир овоз дод ва ба насре, ки матлуби ӯ буд, бар сари хеш набишт. Акнун маълуми[99] ковандагони маъодини маонӣ бод, ки фароид пазируфта, ба зарурат бар сари ҷӯяндагони муҳтоҷ нисор мебояд кард. Умед аз сонеъе, ки ҷавоҳири манзуми Қуръонаш дар ҳеҷ баҳре нагунҷад ва *ал-баҳру ямуддуҳу мин баъдиҳи сабъату абҳарин мо нафадат калимоту-л-Лоҳ*, ки дар ин наср марвориде рехта шавад, ки ниёбати *ланафида-л-баҳру қабла ан танфада калимоту Раббӣ* нигоҳ тавонад дошт.

Маро худ резиши ин рехтанӣ зарурист, аз он ваҷҳ ки амвоҷи файзи ғайб чандон дар баҳри қареҳаи ман рехтанд, ки аз пурӣ лаб берун рехтан гирифт. Аз он ҷо, ки нуқсони ҳиммати одамист, пиндоштам, ки ин файзро ниҳояте бувад, дар буҳури назми луолӣ ба вазни тарозу (40) мерехтам. Кор ба ҳадде расид, ки он ҳама буҳур лаболаб шуду ҳанӯз оламе аз ҷавоҳири носуфта дар муҳити сина боқӣ бувад. Лобуд, тарозуро дар гӯша ниҳодам, он[100], эй муфлиси мӯҳрачин, назм:

Дурри назмам баркашида бар тарозу бурдаӣ,
Наср бар акнун, ки гавҳар бе тарозу медиҳам.

**Оғози китоб[101]. Зи иншову тасниф нисбат** нигар. Ба фазли муншии бадоеъ оғоз кардам тартиби ин тарассул ба таровате, ки селоби латофаташ қалами Аторудро пойи ростситодан надиҳаду мавҷи латоифаш Бирҷисро об аз сар бигзаронад. Аз саҳоифи ин ҷарида мактуботе дар юмни кироми куттоб ояд, ки кироманкотибинро ямини таъзим ба зайли иззати он бошаду аз навардҳои ин парниён руқъаҳо дар остини фузалои инсу ҷон афтад, ки Рӯҳуламин пайванди ҷонаш созад. Ва Хизр, ки пеш аз ин ба чандин ҳазор сол об дар сиёҳӣ андохт, ҳамоно интисохи ин нусхаро интизор мекарду Исӣ, ки чандин давр дар байти маъмур мӯътакиф гашт, мағар қироати ин китобро тарассуд менамуд. Ҳам дар девони азал, ки ин дафтар ба таҳрир пайваст, қалами қазо биёсуд ва то абад, ки рӯзу шаб набошад, ин саводу баёз хоҳад буд, назм:

Гар аз ҷаҳон биравад рӯзу шаб, матарсӣ з-он ки
Мақом бараду нигаҳ дорад ин баёзу савод.

**Нисбати пирию ҷавониву тифлӣ**. Чун аз[102] унфувони шубоб саводе дар сар доштам, ки ба балоғате тамом тарассуле ороста(41)[103]тар аз хатти орази хубон миёни абнои ҷинс берун диҳам, ба расми навхезони маҳвас гирди мукотаботу муросалоти булағои мутақаддиму муосир бармеомадаму натоиҷи устодонро тилмизвор таламмуз менамудам, то мувалладоти ҳамаро аз нафоису хасоис он чи аз ҷинси китобат аз қаламе бизояд, ба айни биниш бидидам. Ёфтам ағлаби иборати порсӣ, ки мутадовил аст миёни арбоби илму фазлу дар уммаҳоти кутубу авоми катаба муштамил бар нуҳ тариқа. Акнун чунончи тариқаи ҳар яке аст, дар батни коғаз ба зуҳур расонам, то тариқаи даҳум, ки натиҷаи табъи ман аст. Чун бо натоиҷи дигарон мушобаҳате надораду борикиҳои хатташ мӯй ба мӯй аз маҳосини котиб ҳикоят мекунад, маълум гардад, ки халафест ҳалолзода, хос аз нӯги қаламам дар масқати варақ чакидаву гавҳари покаш бар ҳалолзодагӣ содик[104]:

Инак, он нуҳ қуррат-ул-ъайн ҳама якдам бубин
В-аз туфайли он ҳама як дидаи ман ҳам бубин.

---

[98] НЛ: насри дуррар.
[99] Ин калима аз НЛ оварда шуд.
[100] НЛ: ҳон.
[101] НЛ: Оғози китоби "Расоил-ул-эъҷоз".
[102] НЛ: дар.
[103] КМ: Ин варақро надорад, вароқи нусхаи ДТ-ро асл қарор додем.
[104] НЛ: гувоҳе аст содик.

**Феҳрасти иборати порсӣ**, ки миёни аксари халоиқ мусталаҳ аст, муштамил бар нуҳ тариқ: тариқаи аввал – сулуки машоих, тариқаи дувум – уламои муҳаққиқ, тариқаи севум – мутарассилон, тариқаи чаҳорум – ҳукамои ҳозиқ, тариқаи панҷум – музаккирон, тариқаи шашум – боҳафсон, тариқаи ҳафтум – авом, тариқаи ҳаштум – асҳоби амал ва шуғлу ҳирфат, тариқаи нуҳум – асҳоби мазоҳик.

**Тариқаи аввал** – сулуки машоих, раҳимаҳуму-*л-Лоҳ*[105]. **Нисбаташ ҳам зи сулук** аст. Инак, (42) ин тариқа бар ду равиш аст: яке ибороти аҳли тамкину мақомоту дигар калимоти асҳоби аҳволу ғалабот. Сухани аҳли тамкин, чунин ки сайру манозили тариқатро ба иборате, ки хосаи эшон аст, дар баён оранд, ки чун соликро аз ваҳли тинат пой дар гил монда[106] муқтадои пешқадам бар кадом наҳҷ дастгирияш кунад, ки ӯ аз ин хоки пойгир халос ёбаду ба мақоми асл расад. Чунонки аз кутуби порсӣ китоби "Кашф-ул-маҳҷуб" асту "Сулук-ул-муридин" ва дигар кутуби равандагони мутақаддиму мутааххир ва он равишест, ки ҳам аз эшон ояд:

Дар он маҳал нарасанд аз такаллуфу таклиф,
Ки санг бозфитад аз ҳаво ба ҷойи касиф.

Сухани ҳол, чунонки мӯшикофии Хоҷа Аҳмади Ғаззолию борикбинии Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст. Ва дигар калимоти ҳалқаи сӯфиён, ки сари мӯйе аз он дар[107] мутаъаммими каломию калаи фақеҳи нотарошида ва киллаи мутасаввифи расмӣ нагунҷад, ки ҳалқи Сарӣ дигар асту ҳалқи сарсарӣ дигар. Агар бофандагон маншурвор сол сад бор аз тезии табъ сари хомаро битарошанд, чун хоҳанд, ки бад-ин шиор қаламро ҷаъд кунанд, оқибат мӯй аз сари қалам печад, байт[108]:

Эй шона, ба хубон-т амалронӣ чист?
Зулфи *Лайлӣ*, ки бозмешонӣ чист?
Гесуи парешонаш ту кай донӣ чист? (43)
Маҷнун донад, ки он парешонӣ чист!

**Тариқаи[109] уламои муҳаққиқ**, раҳимаҳуму-*л-Лоҳу* таъоло. Ҳам **аз олиму илм[110] нисбат** ин ҷо. Ин тариқ чунон бувад, ки шореъи машореъи улум айни иборатро аз мавҷи табаҳҳури хеш ба чошнӣ об диҳад, ки дилҳои мурда[111] зинда гардонад. Чунонки кутуби порсии Мавлоно баҳрулмаонӣ Муҳаммади Ғаззолӣ аст ва тарҷумаи "Эҳё" аз они имоми мутабаҳҳир Маҷдуддини Ҷоҷармӣ. Салосати иборати[112] гӯй, ки ба як бор рехтаанду латофати маонӣ пиндорӣ ҳазор бор бехтаанд[113], назм:

*Лафз арчи басе чун дурри ғалтон бичакад,*
Он об диҳӣ, гӯ, ки аз ӯ ҷон бичакад.

**Тариқаи мутарассилон**, раҳмату-*л-Лоҳи* таъоло. **Нисбати пухтани дақоиқу безиш**. Ин тариқа чунон бувад, ки борикбезони иншо дар сахтани иборати латиф мизони қаламро ба кор оранду малоҳати лафзи арабиро дақоиқи[114] пухтаи порсӣ чунон тахмир диҳанд, ки ба латофати тамом сиришта шавад. Ин ҷо сириштатар аз вай хом тааллуқ надораду аз риштаи нопухтаи хомкорон пухта нанамояд, зеро ки ин дақиқаҳоест, ки осиёи бесанги даврон аз ҳаббат-ул-қалби мудаққиқон ба таҳни бисёр берун меорад. Орди ҷаву гандум нест, ки ба захми мушт хамир кунанд. Бисёр хун об бояд кард, то андаке аз ин сиришта шаваду дар конуни сина оташе бағоят тез бояд кард, ки он сиришта пухта гардад. Ин

---

105 Аз таркиби "феҳристи ибороти порсӣ" то ба ин ҷо аз НЛ оварда шуд, дар ДТ тариқаҳо шуморагузорӣ нашудаанд.
106 НЛ: монда бошад.
107 НЛ: дар сари.
108 НЛ: рубой.
109 НЛ: тариқаи дувум. Дигар тариқаҳо низ дар ин нусха шуморагузорӣ шудаанд.
110 НЛ: илм бин.
111 НЛ: мурдаро.
112 НЛ: иборати он.
113 НЛ: аз он лафзи гуҳарнисор бехтаанд.
114 НЛ: бо дақоиқи.

пухтану сириштан ҷуз[115] аз соҳиби (44) "Калила ва Димна" ва Баҳои Бағдодӣ бар мазоқ омад[116]:

Дигар ҳар он, ки пухту сиришт ин наъимро,
Дархӯрди он набвад, ки касро фурӯ шавад.

**Тариқаи ҳукамо**, раҳимаҳуму-л-Лоҳу таъоло. **Нисбати зарбу сиккаву меъёр**. Ин тариқа чунон бувад, ки аз хизонаи илоҳию ёдгорхонаи табиӣ ва шумори тахтаи риёзию меъёри пухтаи мантиқӣ зарри сомити маонӣ берун оранду бар зарбе, ки тағйирро дар вай мадхал набошад, сиккаи иборат зананд, чунонки рақами истилоҳ дуруст[117] мунтабиқ шавад. Чун тамоммуҳру комилиёр бошад: ҳар ҷо, ки равад, роиҷу ҷорӣ гардад.

**Тариқаи музаккирон. Нисбати нақшбандии наққош**. Ин тариқа бар ду гуна аст: яке рангину дувум сода. Рангин он бошад, ки нақшбанди шоху барг иборатхонаи суханро ба санъатҳои гуногун биёрояд. Ва сода чунонки воизи устод тахтаи минбарро ба ҳадяи Қуръону улуму тафсиру ахбор бе сурху зарди тифлфиреб таҳбир накунад, байт:

К-он нақш нишинад ба дили сода, чунонки
Дебоча шавад китобаи имонро.

**Тариқаи боҳафсон. Нисбати меъмориву асбоби он**. Ин тариқа чунон бувад, ки кованда бе ҳинҷор харсанги лафзи музлиқро дар шореъи иборат ба маҳаллу ғайримаҳал дар ғалтонад, то биноён тарки он роҳ гиранду нобиноён пой пеш ниҳанду дар сар оянд. Ва чун соҳиби он тариқ дар он равиш бисёр ғалтида бошад, ӯро он ноҳамвориҳо саҳл намояд (45) ва агар поктинате хоҳад, ки харсангҳои ӯ[118] қадре барчинаду халалҳоро пеши ӯ бинобар рози пӯшидатаре бозкушояд, он шайдоӣ пеши хеш девор бардораду санги дурри он меъмори оқил гирад, рубоия:

З-ин гуна зи харсангкашон бисёр аст,
К-аш санги худ афзун зи дурри шаҳвор аст.
Сангаш ба микод чун дилаш афкор аст,
Ангор, ки санге ба таҳи девор аст.

**Тариқаи авом. Нисбати моҳу солу рӯзу замон**. Ин тариқа чунон бувад, ки оммаи халоиқ аз шаҳреву сафаре аҳволи ҳавливу ҳолии хеш рӯз ба рӯз, моҳ ба моҳу ғурра ба ғурра, салх ба салх бозкарда[119] ва мукайяфу муарраху содаву бетакаллуфу муҳассили ғараз аз ҳар манзилеву шаҳре ирсол кунад, назм:

В-аз гавҳари зиннат нашавад айни иборат,
Чун моҳи навоз анҷуми рахшида музайян.

**Тариқаи асҳоби амалу шуғлу ҳирфат. Нисбати аҳли ҳирфату ашғол**. Ин тариқа чунон аст, ки ҳар тоифа аз шикарадорону даллолону заргарону мутрибону навбатиёну тавоифи дигар мафҳуми хешро истилоҳе доранд, ки агар мухтареъе дар он арсаҳо хоҳад, ки таснифеву тасарруфе кунад, яқин аст, ки мулаттафаи иншо аз латоифи он холӣ намонад, назм:

В-аз он ҳар истилоҳе нақди маъниҳо шавад ҳосил,
Чунон к-аз чокарӣ воҷиб, чунон к-аз пеша муздурӣ.

**Тариқаи асҳоби мазоҳик**, раҳимаҳум-ул-Лоҳу таъоло. **Нисбати тибу ханда ба тамом**. Ин[120] чунон бувад, ки асҳоби сухану мазоҳик ба истилоҳу алфозе, ки муҳаййиҷи зиҳку лоғ бошад, шамае аз равоеҳи батонаи хеш ба ҷиҳати гармии маҷолис берун диҳанд, то иҳдоси сухрамизоҷ ба тибати он ҳадис димоғ хуш кунанду бод дар бурут афкананд. Таҳаддусе, ки аз эшон зояду ҳам ба машоми эшон дархӯрад, чунонки дар ин ангехт сеҳрҳо намудаанд ва балки дар "сеҳр" нуқта бияфзуда ва аз эшон китобҳои мазоҳик чун дафтари гул мояи хандаву тибат миёни халоиқ нашр монда. Ҷамоате, ки аз он бод баранд, дастанбӯи маҷлис бошанд ва аз бас булаҷабӣ гоҳ тӯҳмати оҳу бар мӯйи нофа банданду гоҳ

---

[115] НЛ: хамири ғайр.
[116] НЛ: наёяд.
[117] НЛ: дар вай дуруст.
[118] НЛ: ӯро.
[119] НЛ: пӯст боз карда.
[120] НЛ: ин тариқа.

саводи мушк[121] ба Хито муохаза кунанд. Гули порапираҳанро заҳҳокӣ бирасонанду мушкбеди удиро сандал бартарошанд:

Зарчӯбаро ниҳанд лақаб шохи заъфарон,
Мақсудашон ҳамин ки шавад хандае дар он.

**Кайфияти даҳум**, ки хосаи Хусрав[122] аст. **Нисбати фаслу лафзу ҳарфу қалам**. Бидон, ки гавомизи нуҳ тариқа, ки дар сиёҳиву сапедӣ ҳукми он ҷорист, чун мунаққаҳу мушарраҳ боло фурӯ хонда шуд, акнун тариқаи даҳум, ки хосаи банда аст, ба назари басират малҳуз бояд гардонид, то рӯшан гардад, ки ин иборат[123] алоҳида вазъест ҷадиду аз ҳудуди қадим (47) бурида, ки пеш аз ин ҳеч доное аз ин фиқҳ илм надошту қалами қазо хос барои банда захира кард, шеър:

*بفضلِ الله هذاَ الفضل منّی        بداوِ الله ذوالفضل العظیم

Аз он ҷиҳат, ки ин тариқа муъҷизи мурассилон асту рисолоти муъҷизаи он аз ваҳйи хафӣ ҳокӣ, хитоби ин тарассул "**Расоил-ул-эъҷоз**" аз осмон фуруд омад:

Аз сарири килки ман он моя ёбад ин хитоб,
К-аз заминаш рафта бинӣ боз ҳам бар осмон.

Алқисса, бар он намат, ки тартиби кутуб ба абвобу ақсому фусул мекунанд, тартиби ин китоб ҳам бар нисбати ном ба рисолаву хаттеву ҳарф бунёд карда шуду бар панҷ рисола инҳисор ёфт, чунонки дар феҳрист мубайян гардад, назм:

Феҳрист ин аст, инак-инак бинигар,
Лекин накунӣ ба ғайри итқонаш назар.

**Ар-Рисолат ал-уло** фӣ-л-муфрадот ва-л-мураккабот мин-ал-мактубот таштамил ъало ъашрати хутут. Ар-рисолат ас-сония фӣ-л-мураттабот мин-ал-мактубот ъало[124] ъашрати хутут. Ар-Рисолат ас-солиса фӣ-л-латоиф мин-ал-маснуъот таштамил ъало хаттайн. Ар-Рисолат ар-робиъа фӣ-л-бадоеъ мин-ал-маънавиёт таштамил ъало хамсати хутут. Ар-Рисолат ал-хомиса фӣ-с-савобиқ мин-ал-муншаот таштамил ъало ситати хутут, шеър:

*جرىَ البَدايعُ فى هذهِ الرِّسالَتِ        كَما تَنجَرتِ الحورُ (48) بَينَ رَوضاتِ
حَدائِقُ كَفَراديسِ مِن غُضاضَتِها        كَانَّها سُقيَت مِن غيونِ جَنّاتِ

**Ар-Рисолат ал-уло** фӣ-л-муфрадот ва-л-мураккабот мин-ал-мактубот таштамил ъало ъашрати хутут. Андар ин дебоча **нисбат** ҳаст **аз ҳарфу қалам**. Ин рисола, ки болиғони фасоҳатро ба таламмуз хонад, адавотест барои таркибу тартиби иборати ин тарассул, то агар касеро дар ин тариқ ҳавасе хезаду майле афтад, бидонад, ки ин муфради ҷусту ҷолокро чигуна насб мебояд кард, ки дугону сегони маънии айниро ба қуввати тамом дар таҳти тасарруфи худ нигоҳ дораду мураккабро чи сон рабт мебояд дод, ки сегону чаҳоргони нисбатро бар басти муҳкам дар қайди маънӣ дорорад. Ҳар кӣ ҳуруфи маънавии ин адавотро дарёфт, ҳамагии ҳуруфшиносони таркибот пеши ӯ таламмузвор ангушт натавонанд ниҳод[125]. Аммо мебояд, ки дар ҳар ҳарфе чун қалам дар чаҳ фуруд раванд, то аз қалби он баҳре бароранду дар ҳар нуқта монанди андеша дар сувайдо тавоф намоянд, то шаммаи тайййибе аз он нуқта чун бӯй аз мушкдона берун оранд, назм:

Ҳар кӣ ин гуфторро з-ин сон ба борикӣ набезад,
Гарчи дарё ковад, аз нӯки қалам обе нахезад.

**Хатти аввал** дар кайфияте чанд мухталиф, ки намудори[126] зарурист, муштамил бар ҳафт ҳарф. **Хатти дувум** дар муфрадот, муштамил бар панҷ ҳарф. **Хатти севум** дар латоифи алфози наҳву тасрифу адавоту ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва он чи бад-ин муносиб аст ва намудори ангехти инҳо[127], муштамил бар ҳашт ҳарф. **Хатти чаҳорум** дар наводире, ки аз алфозу истилоҳоти улум хезад, муштамил бар чаҳор ҳарф. **Хатти панҷум** дар алфози мусталаҳи тарассулоти қадим ва намудори истеъмол ба расми ҷадид, муштамил бар нуҳ

---

[121] НЛ: мушкро.
[122] НЛ: банда Хусрав.
[123] НЛ: иборати латифа.
[124] НЛ: таштамил ъало.
[125] НЛ: ангушт бар ҳарф ниҳанд.
[126] НЛ: намудори он.
[127] НЛ: дар инҳо.

ҳарф. **Хатти шашум** дар муносибати таркиби алфозу алқобу асомӣ ва китобате, ки аз аввали нома то оғози ғараз ояд, муштамил бар се ҳарф. **Хатти ҳафтум** дар оғози мазмуноту ағрози мактубот, муштамил бар шаш ҳарф. **Хатти ҳаштум** дар адъияи қадиму ҷадид бар бастаи ҳикоят, муштамил бар се ҳарф. **Хатти нуҳум** дар таърих, муштамил бар ҳафт ҳарф. **Хатти даҳум** дар шароити нисбат, муштамил бар ҳашт ҳарф, қитъа:

Ҳар он-ч андар ду ҳарфи "кун"-и маъонист,
Аз ин даҳ хат тавонӣ кард маълум.
Бимонад ин рақам чун нақш бар санг,
Ки мешинад ба дил чун нақш дар мум.

**Хатти аввал** дар кайфияте чанд мухталиф, ки намудори он зарурист, муштамил бар ҳафт ҳарф: **ҳарфи аввал** дар моҷарои шароеъи мутарассилонаи қадиму равиши ҷадид, ки аз айни табъи мутабаҳҳирони Ҳинд мавҷ зад[128], **ҳарфи дувум** дар боисаи ибдоъи тарз, **ҳарфи севум** дар сифати тариқаи пухтаи мутарассилону баёни хома рондани ҷадиди котиб, **ҳарфи чаҳорум** дар гусастани ҳамоили тазмин (50) аз ин мухаддара ва ҳам аз силки назми мулкаш савор пӯшонидан, **ҳарфи панҷум** дар маъзарати шеъри арабии хеш, **ҳарфи шашум** дар тарки перояҳои лафзӣ, **ҳарфи ҳафтум** дар илтимоси тасҳеҳу итқони китобати ин китоб, байт:

Ин байт, ки рӯҳрост хона,
Ҳаст аз пайи фарқ дар миёна.

**Ҳарфи аввал** дар моҷарои шароеъи мутарассилонаи қадиму равиши ҷадид, ки аз айни табъи мутабаҳҳирони Ҳинд мавҷ зад. **Нисбати об** бин равону латиф. Ҳамаро аз оби софӣ рӯшантар аст, ки пеш аз ин акломи ҷорияи дабирони барру баҳр бар як об мерафту ҷуз равиши мутарассилон маҷрои дигар набуд ва ин тариқ то акнун ҳар ҷо, ки салсабили латофате, ки аз нойираи қалам чаконанд, бар оби худ мондаасту ҳанӯз доим хоҳад монд. Магар[129] дар саводи Ҳиндустон, ки айни иборат[130] бар қарори қадим ҷорист. Аммо равиши дигар низ ҳаст, равонкардаи дарёдилони Ҳинд, ки аз охир пайдо шуданд, мумтазиҷ ба маснӯъоти ширин, монанди обе, ки ба ҷуллоб омезанд. Ва аз ин чошнӣ яхшиканони Мовароуннаҳру Хуросон хабар надоранд, назм:

Ҳамчун араби бодия муштоқи ями шӯр
Нохӯрда чӣ донад мазаи шарбати ҷуллоб?!

**Ҳарфи дувум** дар боисаи ибдоъи тарз. **Нисбати иншову девони дабир**. Чун (51) банда дар саҳифаи зеҳни хеш фурӯ хонд, ки мабдаъи коинот дар дақоиқи иншо бемисолам офаридаасту ҳар чӣ дар харитаи атласи фалак ҷароиди ихтироъу саҳоифи ибдоъ аст, бештарӣ ба кафи кифояти ман ниҳода, сари қалам бар он фуруд наёяд, ки бар мисоли хат ба дунболаи килки ҳар кас давам. Бинобар он ки аз ҳама нафоис, ки дабири қазо дар колбуди ман тавқеъ фармудааст, мунтавию мултавӣ[131] нахоҳад монд ва касеро илм нахоҳад буд, ки фазли муншии қадим дар номаи замири котиб чи латоифи бадеъу бадоеъи латиф мазмун гардонидааст, пас тарзи мутарассилонаро, ки мутақаддимон дар руқоъи хеш доди он тариқ додаанду муҳаққақ шуда, ки насхи он мумкин нагардад, ҳам ба мутарассилон[132] бозгузоштам, назм:

В-андар пайи он шудам, ки шакле созам,
К-аз хеш намунаи дигар пардозам.

**Ҳарфи севум** дар сифати тариқаи пухтаи мутарассилону баёни хома рондани ҷадиди котиб. **Нисбати пухтани алвони ниъам**. Саводи пухтани мутарассилон аз найи хома беш аз ин нест, ки забони пухтаи порсиро аз тезиҳои араб чошнӣ диҳанд. Агар гуворо ояд, мутарассилона хонанд ва агар ногувор бошад, боҳафсона ва ҷуз як маънии гаҳтуллафз дар он набувад. Бар сони намаке, ки дар дег афкананду ҳавоиҷи дигар бо он зам накунанд ва чун ба ҷумлагии чошнигирони тарассулот ҷуз он ба завқе нарасидааст, мепиндоранд, (52),

---

128 НЛ: зада.
129 ДТ: Ин калимаро надорад.
130 НЛ: он иборат.
131 Ин вожа аз НЛ оварда шуд.
132 НЛ: мутарассилони қадим.

ки магар аз ин лазизтаре нест. Чунонки туркони нахчиргири сахрою ҳиндувони моҳигири дарё чун аз хӯрдҳо ҳавиҷи пухта хабар надоранд, ба намакею обе басанда кардаанд. Шак нест, ки намак дар хӯриш асли ҳама завқҳосту ҳавоиҷи дигар фаръ. Чунонки тарзи мутарассилона асл гиранд, ки ҷумлагии дақоиқи амсилаву мактубот барбастаи он аст ва таклифоти дигар монанди ҳавиче, ки дар дег андозанд, ки агар ҳавоиҷи дигар бошаду набошад, боре намак зарурист ва агар дар мактуботу амсила санъат кунанду накунанд, боре аз иборате фасеҳ чора набувад.

Пас мутарассилона аз он ҷо, ки малоҳати алфози арабӣ ёфтааст, гӯӣ кабобест намаколуда, завқи бетакаллуфи ҳавоиҷ, ки онро ҳеҷ айб натавон кард. Аммо дабир чун мутановили анвои латоифи иншо мебояд, агар ба оби зар қаламро ба китобе намаколуда тар дорад, ҳамон турки сахрой бувад, ки ҷуз он лаззате[133] дигар надонад. Ӯро бояд, ки аз деги савдои худ, яъне миҳбараи пухтагиҳои мутанаввеъ бар кафҷалаи[134] хома орад, ки меҳмонони туркмизоҷро ҳам ба кабобе намакзада хуш кунаду асҳоби завқро ба алвони ниъам меҳмон дорад. Банда муроббоеро кадре талаззуз кардаасту аз чошниҳо пештаре дарёфта, чун мутарассилонаро дид, ки мутақаддимон табақа бар табақа тановул намудаанду саҳл бақия (53) гузошта, ҳимматам нагузошт, ки ба пешхӯрдаи дигарон забони комгори худро олуда гардонам. Ҳарчанд иштиҳо содиқ буд, рағбатро дар худ фуруд хӯрдам. Аммо тарзҳои дигари худ баъзе аз онҳо буд, ки дар коми ҳаваси банда нагунҷад, чунонки ҳалвову табақоти машоиху мавоиди фавоиди уламои муҳаққиқу хулосаи диққати ҳукамои мудаққиқ ва баъзе, ки фурӯтар аз ин бувад, худ фарохӯри он надидам, ки ба коми илтизози ман дархӯрад. Пас аз он ҷо, ки пухтакорӣ оташи табъи ман аст, аз хеш сикбоҷе вазъ кардаму ҳар мева, ки аз боғи дил баромад, дар ӯ рехтаму ҷонро нарм-нарм дар он[135] месӯхтам, то пухта гашт. Бош, то ин[136] забар бори лазиз ба коми неъматхороне, ки дар латофати чошниҳои қадим ишбоъе тамом намудаанд, ҷой гираду дар ҳар наволаи завқ бодоми думағзаву хурмоҳои дупӯста бичашанду лаззати *фавокиҳу миммо яштаҳун* дар беххои дандон хурд фуруд равад. Ва бар ҳаловати ин наволҳои ғайб, ки мунъим ба ҳақ лукма карда ба ман супурдааст, балки бахшидаву ман салои ом дар додаам, ҳам забони эшон гувоҳӣ тавонад дод, балки савганд тавонад хӯрд, шеър:

والله والرحمن ماذاق الورى      فی ما مضی من مثل ذاک المطاعم

**Ҳарфи чаҳорум** дар гусастани ҳамоили тазмин аз ин мухаддара ва ҳам аз силки назми мулкаш савор пӯшонидан. **Нисбати пироя, чаҳор нисбати дигар**. Боз дар дурари иборати мутарассилона чун ришта (54) дар марворид ба дари хазҳои борик даррафтам: баъзе наср ёфтам аз ӯ шохи[137] мустағнӣ монанди арӯсе, ки аз зебоии худ муҳтоҷи зевар набошад ва дар баъзе ҳулияи назм аз дурҷи дигарон мустаор ва он дурри ятими бегонаро бар мисли бафите[138], ки ба фарзандии худаш ном бароранд, дар қимоти таснифи хеш печида, тарзе ки хосаи фузалои Ҳинд аст. Дар он низ дидам, ки аглаб ҳамон явоқити манзуми ағёрро ба василати тазмин ҷигаргӯшаи хеш ном мениҳанд. Бо худ тасаввур намудам, ки агар ман низ харидагони бешбаҳои худро, ки аз модари табиат бо зевари тамом зодаанд, бо ҳамон перояи мустаор[139] ороям, мисроъ: се хол айб нишинад ба чеҳраи эшон.

**Нисбати[140] хона**. Аввал он, ки чун байти дигаре дар хонаи сеҳри хеш дарорам ё мисраи гайре ба занҷири савдои хеш дарбаст кунам, ҳамон силсила дар фарёд ояду он мисроъ дар овоз ояд[141], ки ман аз они дигареам. Пас гӯӣ, ки дар ин бино қусури худро дар кушода бошам: ки бурҷи худ кунам рӯшан ба рӯшандони бегона.

---

[133] НЛ: бӯйе.
[134] НЛ: кафлези.
[135] НЛ: таҳи он.
[136] НЛ: аз ин.
[137] НЛ: назми.
[138] НЛ: нақите; ДТ: нафите.
[139] Ибораи "перояи мустаор" аз НЛ оварда шуд, ҷойи он дар КМ ва ДТ холӣ монда.
[140] Ин калима аз НЛ оварда шуд, ҷойи он дар КМ ва ДТ холӣ мондааст.
[141] НЛ: овоз диҳад.

**Нисбати шароб**. Дувум он, ки чун маънии худро аз ширинии назми ғайр чошнӣ дода шавад, холиси тасниф ба мамзуҷи таълиф бадал гардаду тасанифи ҳарф намонад. Пас он шароби маълул монанди хамре бошад фосид, ки аз шакар чошнияш диҳанд. Аз таълили он мудом муроҷиат (55) беҳтар, мисроъ: зеро набувад амал ба хамри амале.

**Нисбати хӯриш**. Севум он, ки бар риқоқи авроқи дигарон худро ба резачинӣ ангуштнамо карда бошам. Ман, ки аз деги ҳикмати хеш метавонам, ки ба чандин алвон ғизоҳои рӯҳпухтаву молеҳ барорам ва дар ҳама саҳни замин, балки бар нуҳ табақаи осмон косаи пухти димоғи ман расида, назм:

Ҳиммат набошад ин, ки дар андеша ҷо диҳам,
К-аз хони хеш нони касонро сало диҳам.

**Нисбати фиқҳ**. Пас бар хеш фарз гардонидам, ки чун оби рӯяти хеш дорам, аз хоки дигарон таяммум накунам. Инак, суннати тазминро, ки муҷтаҳидони ин илм мустаҳаб донистаанд, лоҷавоз мутлақ задам, то тариқаи банда алоҳида мазҳабе бошад, ки муқтадиён имом созанд, байт:

На имоме, ки бувад номаълум,
Бал имоме зи хатоҳо маъсум.

**Ҳарфи панҷум** дар маъзарати шеъри арабии хеш. **Нисбати тибу атри гуногун**. Чун банда дар оғози навбаҳори ҷавонӣ аз авроқи Абевардию азҳори Каъби Зуҳайр[142]у равоеҳи Абӯтаммом бӯйи тамом гирифта буду дар дафтари иншои ҳар як монанди занбӯр дар гул фурӯ шудаву аз нашиди хешу насими он сархуш гашта ва он ҳама аҷзоъу авроқро авроди худ сохта, ҳар ҷо, ки ҳаст, дар абёти эшон вуруд менамуду ғолияи тибе аз соҳати (56) он ҷанноти наъим ба носияи иззат мерафту аз он рӯфтҳои муанбар байте бебунёд матбӯъи хеш, чунонки тифлон аз хок созанд, месохт. Аммо судҳое, ки аз коғази эшон бармечид, дарюзаи лафзӣ беш набуд, боқӣ сиришти он аз об додани[143] хеш мекард, то он сириште пухта гашт. Пас ин боди ҳаво дар сар афтод, ки чун котибро дар ҷумлагии басотини иншо сунӯъи вазъе будааст, дар забони араб низ савсане бӯй кунад, ки пеш аз он набуда бошад ва дар мушки холиси Араб сандали Аҷамро бар наҳҷе тахлит диҳад, ки тафриқ мумкин нагардад[144] ва алоҳида ба ҷиҳати хеш шамомаи тарзе падид орад, чунонки дар вай агар бӯйи фасоҳати Араб дар машом натвонад буд, бӯ, ки ранге ба қабули порсиён сурат бандад. Пас рӯяти ғолияи банда он ҳама анбару абири лафзро ба гулоби маонии хеш ҳам ӯ[145] мухаммар гардониду байтҳое чун айвонҳои фирдавс беқусур аз он тини мушкин бино кард, чунонки ҳар якро агар дар Араб баранд, ҳаббат-ул-мискин хонанд ва агар дар Аҷам мушкбӯйи Хусрав. Боз дар атрсойии ин абёт низ ду бино вазъ шуд: лафзӣ ва маънавӣ. Лафзӣ чунинки, шеъре:

*صرتُ مسكيناً فی الصدع و صحی هُو          و غدا الشّعر بألوان جوی كافوراً

Маънавӣ чунинки[146], шеър:

*ذو الزّور نذكرهُ بطيب شمايل          كالكذب تكتبهُ بمسك ضايع

Ин байтҳоро аз сандали араб ба[147] беш нест, (57) боқӣ ҳарчанд биlivанд, аз даруни ҳама ғолияи Аҷам берун ояд. Ин низ алоҳида маъҷуне ғарибу машмуме бадеъ вазъ шуд, гӯӣ маншурест муаттар, ки тиби он то субҳи нушур нашр буваду ақломи дудандуди маҳвасон аз тароши он зери домани қиёмат миҷмараи атр ниҳанд, ё худ ғунчаест тозаву тар аз шуъбаи хомаи котиб шукуфта, ки агар аз ҳавое ҳувияти боди қабуле бар вай вазад, ҳаройина, ки ба машоми гулбӯёни латоиф ихтисос ёбад, шеър:

*إن شاء ربٌّ من عجايب صنعه          الوردُ تسكتُ و الروايحُ تنطق

Чун дар ҷузви ҳарири айбаи парҳези ин тарассул аз атри назми арабӣ ба ришта[147a] дарбоист буд ва котиб аз ғолияи удии воми ориёту тазмин домани саҳоифи худро барчида,

---

[142] НЛ: Захир.
[143] НЛ: даҳони.
[144] НЛ: набувад.
[145] НЛ ва ДТ таркиби "ҳам ӯ"-ро надоранд.
[146] НЛ: чунонки боз намуда мешавад.
[147] НЛ: калоба.
[147a] НЛ: арабӣ низ шамае.

пас атриёте, ки аз нахуст дурри салояи ёқутини ҷигар суда буду дар пардаи рақиқи дил бехта, аттори аввалам аз таътири ин таблаи хом ба кор омаду ҷой ба ҷой аз назми арабӣ дар вай ишмоме кардаму кисвати ҳаририи мухаддароти бадоеъро муаттар гардонид[148]. Ҳақиқат аст, ки ин авроқи муваррад нашр хоҳад шуду содиру воридро дар абёти он вуруде ба ҳосил хоҳад омад. Мушкдамоне, ки тиби ахлоқи эшон нофии мушк асту дар пӯст боз кардани нофаҳои тасниф ҷигарҳое хун карда. Чун дар ин абёт, ки ҳам саводи мушкомез доранду (58) ҳам оҳу хонахез дароянд, чунон аз бӯйи мушк маст шаванд, ки ба гирифтани оҳу напардозанд ва ин қадар низ донанд, ки ҳеҷ мушке бе оҳу набошад.

Боз тиҳимағзоне, ки димоғи эшон аз фазлҳои бисёр ганда шуда бошад, ҳама паридани эшон аз боди Абӯнувосу Абӯфирос ва бӯйи ибдоъею ихтироъе дар эшон на; ва аз дамҳои сарди ҳасрат хунҳои эшон фусурда шуд, ба тариқи шамотат саводу баёзи банда[149] мушки Хитову кофури Ҳинд ном хоҳанд ниҳод. Ман худ рағм-ун-нафйии эшон[150] мегӯям, ки ин анбар нест, хурда ба қирсат ва ба хӯри оҳу на, ки бухри шер ва мушки Чин[151] на, ки пашки гурбаи мушкин ё анбарест амалию кофуре ҷаълӣ, ҳар чӣ ҳаст, аз они ман асту бе хато аз ботини ман чун мушк аз нофу хун аз дил зода. Мушобеҳи натоиҷи диғарон нест, ки ҳар булфузуле дар қимоти худаш тавонад печид, зеро ки оқибат пӯшида намонад, шеър:

*كمسک ليس يخفى فى ثياب      و ريح الورد فى حجب كثير

Аҷаб корест ин, ки сухани хубу мушки холисро дуздӣ натавонад кард, байт:

Дузд аз ғаммоз тарсад, ваҳ, чи расво гардад он-к
Мушк дуздад ё сухан, то ҳар ду ғаммозӣ кунанд.

Алмақсуд, шамомоти арабияти банда агар бад-он намеарзад, ки дасте сӯйи бинӣ баранд, ман ангушт бар бинӣ мезанам, ки дам (59) намебояд зад. Зеро ки банда бад-ин мояи нозил изҳори фазле мекунаду медонад, ки аз дари тибият аст. Ва бодпӯше, ки боло рафт, он ки ба ибраи баъир худро зубдаи зубод ном ниҳодам, ин низ мутояба бувад, ки ба асҳоби тибат намудаму он гаҳ дар манаҳ будаи худро заъфарони судаи[152] худ кардам. Филҷумла, дар ҷумла мушкпошии ин рақ[153] хулосаи мурод беш аз ин набуд, ки[154] дар мақомоти сухани хеш ҷуз байти худ аз арабиву порсӣ, агар ҳама саросар хок аст, дарнаёрам ва назми ғайр, агар худ анбари баҳрӣ бувад, сари қалам бад-он тар накунам ва ҳамвора ин китобаи мутиби мутарразро, ки дебочаи суъуд аст, унвони номаи ҳиммат созам, шеър:

*نفعٌ على ذيلى تملكهُ شعارى      خيرٌ لدىّ من العبير المُستعار

**Ҳарфи шашум** дар тарки перояҳои лафзӣ. **Нисбати лаълу дурру зеварҳо**. Он, ки беш аз ин дар тарзҳои матбӯъ санъати лафзиро зевари иборат месохтанду овардани тарсеъу тавшеҳу тасҳифу таҷнисро коре шигарф мепиндоштанд, агарчи банда низ муросилоти қадими худро бисёр ҷой аз он [ҳулал ороише додааст, дар тарзи ин тарассул аз он][155] ҳама авроқ мӯҳра барчида, ки ҳеҷ обгинаи лафзиро нигинаи айни иборат насозад. Магар ҷойе бар сабили нудрат, ки лафзе ҷойе маънавӣ нигаҳ тавонад дошт, чунонки дар баъзе маҳал мино номи (60) зумуррадро рӯшан кунад. Назоиру амсоли ин баёни гавҳарин ин ҷо дурре аз дурҷе намудор ёфт, боқӣ дар қисми маснӯот мувашшаҳу муфассал пеши назари ноқидон хоҳад гузашт, иншоа-л-басир. Аммо он чи аз ҷумлагии хазоини маснӯоти қадим барои таҷлияи ин тарз гузидаву писандида берун оварда шуд, ду санъат аст: яке иҳому дувум хаёл. Ва ҷавҳариёни суханро рӯшан, ки иҳом ба ҷавҳаре монад мусаффо, ки дар вай аз ду ҷониб рӯй бинамояд, балки аз чаҳор ҷониб низ. Ва хаёл латофати[156] беш аз

---

148 НЛ: гардонидам.

149 НЛ: бандаро.

150 НЛ: эшонро.

151 Ин калима аз НЛ оварда шуд, ҷойи он дар КМ ва ДТ холӣ монда.

152 НЛ: сода хондам. Он ҳам ханда буд, ки дар маҳосини ашъори.

153 НЛ: варақ.

154 НЛ: пеш аз ин натавонад буд.

155 Матни дохили қулоб аз нусхаи НЛ оварда шуд. Аз мантиқи ҷумла маълум мешавад, ки овардани таркиботи мазбур амре зарурӣ мебошад.

156 НЛ: латоифи.

иҳом дорад, аммо онро ба лӯълӯе монанд тавон кард, ки дар вай як ҷониби сурат муъояна битавон дид[157] ва сӯйи дигар низ чизе дида шавад. Бад-ин ҷавоҳири дурфишон ин ганҷинаро моломол кардаму аз ҳар навъи ташбеҳоти ғарибу истиороти бадеъу муболиғатҳои аҷибу маъниҳои дақиқи беруни хаёл, ки аз хаёл берун бошад ва дар нудрат аз лаъли сафеду гӯгирди сурх ноёбтар, дар аснои барбастҳои хаёлот ҷой ба ҷой чун ёқуту зумурраде, ки дар силки марворид барои зебу зинат даркашанд, даркашидаму санъатҳое, ки хос вазъи хидматкор аст, бадеътар аз марвориди ғаввос, ки[158]: садақту* ъанҳу дуррат-ус-садаф.

Он низ дар ин ришта ба маҳалли лоиқ даровардам, (61) то гавҳари милк дар хазинаи малик маҳфуз монад. Дигар ҳамагии алфози якрӯяро, ки ба зуҷоҷаи нимрӯй монад ва булӯру каҳрабои тасҳифу таҷнисро, агарчи он низ аз ҳар ҷониб рӯй метавонад намуд, барои он ки монанди обгинаи камина ҳулияи тиҳимоягон аст, аз ин ҳамоил бигусустам, ки кам барбаст кунам:

Гавҳар чу басест, аз пайи беш кашам,
Хармухра чаро ба риштаи хеш кашам.

**Ҳарфи ҳафтум** дар илтимоси тасҳеҳ ва итқони китобати ин китоб. **Нисбати нақшу нақши хатти қалам**[159]. Агар муҳаввисони ҳарфшиносро иттифоқи он бошад, ки қалами осудаи худро дар ин арсаи саҳлу ноҳамвор ранҷа кунанду хурдҳои китобро ба интисохе бузург гардонанд, дархост он аст, ки дар китобати ин ҷарида тариқи тасҳеҳу итқон то ҳадди имкон воҷиб доранд. Ва котиберо ба ваҷҳи китобат сим диҳанд, ки рӯйи сим набинанду рӯйи симини коғазро аз ҷавоҳири сиҳҳат тарсеъ диҳад, на аз шабаҳи сияҳи саҳв тасвид кунад ва се бор муқобала фармоянд. Яъне, чун муқобала ба саодати таслис расад, нахуст, хаторо аз ин тақвим ба куллӣ берун барад, кироми куттоб ин номҳоро ба шини хато сияҳрӯй накунанд. Аз холиқи қалам ба дуо мехоҳам, ки Кироманкотибинро нагузорад, ки номҳои эшон ба набиштани хатоё сияҳрӯй гардонанд, шеър:

*سَوادُ صَوابٍ نورُ عینٍ و عَکسُهُ ظَلامٌ و لو مِن مُقلَة (62) العَینِ یَکتُبُ

Ва китобати ин ҳадяи кӯдакфиреб баъд аз савод, кӣ ранги асл аст, аз ду ранги дигар ҳеҷ гуна холӣ намебояд дошт: яке ранги сурх, ки ҷумлагии рисолоту хутуту ҳуруфу арқоми ҷумал дар таърихи муаммиёт бад-он мубайяну мумайяз шавад ва бе он ҷумлагии равобит мухтал гардад. Ва ранги дувум дар васати китобату наматҳои нисбату асомии муқаддимот хоҳад буд ва бар баъзе алфоз ба ҷиҳати он, ки биноён чун бар сари он лафзи рангин бирасанд, донанд, ки дар ин зер нақшбандие ҳаст, рубоия:

Монанди нигорхонаи Миср нигар,
К-аш сохт ба нақши ҳикмат устоди ҳунар.
Ҳар нақш, ки ковияш ба тезии назар,
Берун диҳад аз зиндагии хеш асар.

Дар ин ранг, ки лафзро барои маънӣ кисвати рангин хоҳанд дод, наққошони ин тарз мехаранд ба ҳар ранге, ки ҷуз сиёҳу лаъл бошад биёроянд. Мебояд, ки аз сиёҳиву сурхӣ дуртар бувад, то муштабеҳ нашавад, назм:

Сиёҳу лаъл нагардад чу рангрост шоҳ
В-агар бигардад ҳамчун нишонаи дигарон.

Ва дар арабиву порсӣ эъробу нуқатро фурӯгузошт намебояд кард, ки бисёр латоифу дақоиқ барбастаи он аст ва дар таркиботи арабӣ баъзе ҷой, ки мушкил аст, возеҳ низ бар кор мебояд дошт, то аз баёни маонӣ (63) оёти сеҳр мубайян гардад, шеър:

*خُذ ما کَتَبتُ بِجِدٍ لَو تُرِیدُ تَری سِحراً حَلالاً عَلَی القِرطاسِ بِالقَلَم

**Хатти дувум** дар муфрадот, муштамил бар панҷ ҳарф: **ҳарфи аввал** дар истеъмоли алфози касир-ул-маънӣ ба тариқе, ки ҳеҷ маънии лафз зоеъ нашаваду дар алфози орияти арабӣ иштироке ба ҳосил ояд, **ҳарфи дувум** дар намудани тариқи ангехт аз алфози порсии сирф, **ҳарфи севум** дар тарошидани алфози музлиқ аз ин лавҳ ва истеъмоли

---

[157] НЛ: кард.

[158] НЛ: ки, мисраъ:

[159] НЛ: Нисбати нақшу хатту қалам.

алфози мусталаҳу латиф, **ҳарфи чаҳорум** дар алфозе, ки аз он латоифи бисёр хезад, **ҳарфи панҷум** дар маъзарати такрори лафз.

**Ҳарфи аввал** дар истеъмоли алфози касир-ул-маънӣ ба тариқе, ки ҳеҷ маънии лафз зоеъ нашаваду дар алфози орияти арабӣ иштироке ба ҳосил ояд. **Тарки нисбат зи баҳри шарҳи ғараз**. Маълуми арбоби фазл бод, ки дар ин бисот пойи адаб мебояд ниҳоду алфози арабиро дар порсӣ ба як маънӣ бад-он насақ, ки дар мукотиботи қадим рабт медоданд, надод. Лафзе мебояд овард мутазаммини ду маънӣ, балки се ва чаҳор, ҳар чӣ бештар - беҳтар. Чунонки лафзи "ҷонӣ" ҳам мевачин асту ҳам гуноҳкор ва ҳам дар порсӣ дӯсти ҷонӣ[160]. Инро дар маҳалле сарф кунад, ки ҳар се маънӣ дуруст бихезад, чунинки гӯянд: меваи шохсори лутф барои дӯстони ҷонӣ аст. Дар ин [сурат ҳам маънии мевачин пухтаву дуруст афтаду ҳам гуноҳкор][161] ва ҳам дӯсти ҷонӣ. Ё нависад, (64) ки: шодии мутриб. Маънӣ он дорад, ки ӯро Шодӣ тавон хонд. Дар ин низ се маънии тамом хезад: аввал, маънии тамоми арабии "аш-шад" ва суруд гуфтану шодигӯ ва дувум, шодии беҳҷат ва севум, шодии ном.

Ва дар овардани ин алфоз, ки ду маънии арабию яке порсӣ зояд, чунонки "ҷонӣ", ё як маънии арабию ду порсӣ хезад, чунонки "шодӣ" ва ё як маънии арабӣ ва яке порсӣ, чунонки "нойӣ" фойида аст. Хоссаи табъи банда ин аст, ки чун лафзи араб ориятест, ки дар порсӣ барои зебу зинат дармеоранд, боре зеваре бошад муштарак миёни арабиву порсӣ, на он ки орияти мутлақ. Агар маънии порсӣ ғолиб аз амр[162] ҳукми ғалабаи порсӣ гиранд ва агар ҳар ду маънӣ баробар, худ ҷонибайн ширкате ба мусовот собит ва агар маънии арабӣ ғолиб[163], чун чизе аз порсӣ дар он ҳаст, ҳамнавъи милкияте бошад, назм:

Боре, он нанг набошад, ки гӯянд фалонӣ
Зеваре ория дорад, ки дар он милк надорад.

Аммо лафзи "сойил"[164] пурсанда асту ҳам хоҳанда ва ҳам оби равону доим, ки ҳам поянда асту ҳам оби истода. Дар ин ҳар ду лафз иштироки порсӣ гузар надорад ва[165] чун ҳар як аз ин ду лафз дар маҳале ҷорӣ гардонанд, ки ҳар се маънӣ рӯшан бар рӯйи об ояд, агарчи лафзи орият аст, аммо тасарруфи милк аст. Оқибат аз навъи иштироке холӣ (65) набошад, ба хилофи алфози якрӯя ба равиши гузаштагон, мисраъ: ки ба ҷуз орияти сирф дар он ҳеҷ набувад.

**Ҳарфи дувум** дар[166] тариқи ангехт аз алфози порсии сирф. Баҳри арз **тарки нисбат** ин ҷо ҳам. Чун боло ёд карда шуд, ки алфози мутакассир-ул-маънӣ[166a] мебояд овард ва як ду назир ба арабиву порсӣ намудор ёфт, акнун мисоле чанд дар баёни алфози порсии сирф бознамоям, то ҳадди ангехт маълум гардаду бидонанд, ки дар порсии сирф ангезиш беш аз он ояд, ки дар иборати мамзуҷи тозию аҷамӣ. Бидон, ки аввал боре алфози порсиро дармебояд ёфт, ки мутакассир-ул-маънӣ кадом аст, баъд аз он ангехт кард. Чунинки лафзи "тоб", истеъмолаш бад-ин гуна, ки: Офтоб тоби ҷабҳаи фалон надорад; ва: номи он моҳ гирифтам, моҳтоб бе тоб шуд; ва: дароздастии зулфи фалон, кӣ тоб тавонад дод, ки дилҳои тобхӯрдаву тофта аз чангули ӯ берун ояд?; ва: каманди фалон гардани шерро тоб медиҳад; [ва: шоҳи ахтарон пайваста тири чархро тоб медиҳад][167]; ва: камоне, ки гобхӯрда бошад, тобаш бибояд кашид, то рост истад; ва: белики милк чор партоб дорад; ва: фалон курра оташе дорад, ки аз барқи ҷаҳанда тобдортар аст. Имрӯз фалон курра оташе дорад, ки оташпораест ғарқ-ғарқ гашта бувату бе тоб шуда. Фалон мард аз онҳост, ки агар

---

[160] НЛ: баъд аз ин: ё ёри ҷонӣ.

[161] Матни дохили қулоб аз НЛ оварда шуд. Аз мантиқи ҷумла маълум мешавад, ки овардани он амре зарурист.

[162] НЛ: ғолиб оояд, онро бар.

[163] НЛ: ғолиб омад.

[164] НЛ: сойил ҳам.

[165] НЛ: валекин.

[166] НЛ: дар намудани.

[166a] НЛ: мутакасир ба маънӣ.

[167] НЛ: Аз НЛ оварда шуд.

бори оташ бар ӯ ниҳанд, (66) барнатобад. Фалон дар оташи саворон чун тир дарравад, ки рӯй натобад, назм:

Моҳе, ки кам ба талъати ӯ тоби маҳ расад,
Наврӯй ар баланд равад[168], то ба маҳ расад.

*Лафзи* "бар" низ самараи бисёр диҳад, чунонки: ҳар кӣ дарахти беҳӣ ниҳол кард, оқибат бар хӯрад; ва: раиси шаҳр чуз боғҳое бармерасад, то кай бар хоҳад расид. Дар боғи фалон дарахти нағзак бисёр аст, бар аз он бештар. Фалон арӯсу фалон шоҳ ҳар ду чун ду нахли барно рустаанд. Эй боғбон, дар боғ гул дорӣ, дар хона бари вай. Сафинаи фалонро дар канор гирифтам, баҳре буд, ки дар бар омад. Фалон гарон савор [бар аспе лоғар савор шуд, аммо бар гирифт он савор][169], ки бар як асп бар пуштаве ҷанибат афтода, ҳар дуро ба рукни *шамсу* наҷм некӯ баромадаанд. Фалон мубориз чун дар разм бароядд, Миррих пеши ӯ барнаёяд. Сад ҳазор кас дар дарёи маърифат фуруд рафтанд, ки ҳеҷ ҷой барнаёмаданд, байт:

Шоххо зад сухану чандин бар доду ҳанӯз
Ҳаст боқӣ, надиҳам, з-он ки дилат сер шавад.

Аз лафзи "бор" бо навбова беш аз ин бар табақи ғараз ояд. Аз "дар" низ барбастҳо бисёр кушояд. Аз "тар" ҳам фаровон латоиф мавҷ занад. Амсоли ин чандин лафзи дигар аст дар порсӣ, ки ҳар як алоҳида хазина дорад нуҳуфта, байт:

Додам чу ба ту калиди ҳинҷор,
Ҳинҷор куну гуҳар бурун ор.

(67) **Ҳарфи севум** дар тарошидани алфози музлиқ аз ин лавҳ ва истеъмоли алфози мусталаҳу латиф. Инак, ин **нисбати дурудгарӣ**. Алфози якрӯяи музлиқ, ки дар алвоҳи иншои мӯътабарони китобат кам омада бошаду ганда нотарошида монда, чунинки "имтихох" ва "интиҳол" ва "иътисо" ва "тасофуқ" ва "таторуқ" ва амсоли ин дигар дар тарошкории ин тарз ба ҳеҷ кор намеояд. Ва баъзе калимот, ки устодони бароат аз он[170] умда кори иборат доштаанд, чунонки "ҳис" ва "тасбис" ва "шуҷоъ" ва "ъуҷоҷ" ва "ъавойиқ" ва "таворик" ва дигар он чи аз ин бобат бувад. Чун ин ҳама калимот аз онҳост, ки ҳам бар рамали мутарассилон фасоҳат[171] ёбаду ба алвоҳи хаёлоти мо бознахонад. Агар ҷойе бар сабили нудрат ба истеъмоле, ки муносиби ин саноеъ бувад дар силсилаи барбасти арбоби ин тариқ дарояд, дар он боздоште нест. Монанди алфози якрӯяи мусталаҳ, чунинки "машият" ва "мавҳибат" ва "ъиззат" ва "фикрат" ва мисли ин дигар, ки[172] аз истеъмоли бисёр бар сони тахтаи рандазада, ки ба сабаби ламси баёнӣ бар дасте латиф гардад, ба латофат аз дари он шуда бошад, ки қаламро аз он осудагӣ ба ҳосил ояд. Чун нақшбандии иборотро мадор бар он аст, аз овардани он чора набошад. Боз баъзе алфози арабӣ, ки порсӣ надорад, чунинки "давлат" ва "ҳашмат" (68) ва "курсӣ" ва "тахт". Азбаски ба порсӣ мусталаҳ гаштааст, гӯйӣ асмоест муштарак миёни арабию порсӣ. Чунонки агар бар тахтаи арабӣ нависанд, арабӣ бувад ва агар ба автоди порсӣ банданд, порсӣ бошад. Рост бад-он батракаи дароз монад, ки дар ду чашма сақф ниҳанд, ҳам аз ин сӯй рост ояду ҳам бад-он ҷониб. Низ[173] аз ин бобат алфозро дар бояд овард, то шубҳаи орияти арабият камтар бошад. Фи-л-ҷумла, ҳар чӣ алфози арабӣ дар ин тариқат нигориш хоҳад кард, мебояд, ки аз миқдори ҳоҷат нагзарад ва дар он кӯшад, ки порсии ҳарфро[174] ба хаёлбозиву ангехт нақш бандад. Чунонки наҷҷори устод тахте созад аз чӯби сирфу дар он санъатҳое кунад, ки бе оҷгарӣ зебо намояд, назм:

Ки гар дар чӯб бандад оҷкорӣ,
Худ он зебо намояд, шак чӣ дорӣ.

---

[168] НЛ: шавад.
[169] Матни дохили қулоб аз НЛ оварда шуд.
[170] НЛ: онро.
[171] НЛ: пояи фасоҳат.
[172] НЛ: калимоте, ки.
[173] НЛ: бештар.
[174] НЛ: сирфро.

Аммо агар ҷӯбакнависе ба ғайри эхтиёҷ ҷумла алфози арабӣ тарошидаву нотарошида колбаде созад ҷӯбин, мехоҳад, ки дар китобхонаи иборат китобаи шараф созад, назм:

Монад ӯ рост бад-он тешазанони бекор,
Ки зи бекорӣ бозичаи тифлон созанд.

**Ҳарфи чаҳорум** дар алфозе, ки аз он латоифи бисёр хезад. Инак-инак, **нисбати дарёву об**. Бидон, ки баъзе алфоз аз онҳост, ки агар дар ғаври ҳар як фуруд раванд, дарёе ёбанд гавҳардор ва ё абре дарёбор ва баъзе дигар аз онҳо (69), ки агар бикованд, албатта, айни маънӣ берун тароваду оқибат зубда бар рӯйи об ояд. Ва ин, ки маънии бисёр аз[175] лафзи мӯъҷаз гунҷад, ба он монад, ки мисраъ: фӣ қатрати* баҳрин ъазимин юғраку.

Ғаввосе, ки дар ин муҳит ошноӣ дорад, ҳоле ки дар қаъри калима зарф[176] нигоҳ кунад, ғавс нокарда маҳалли гавҳар бишиносад ва чун шинохт, агар тааммуқ намояд, тавонад, ки дурри ятими маънӣ бардорад. Ва он, ки ғаввос нест, ҳарчанд дар вай фурӯ равад, яқин аст, ки чун ба мусодақати дурри макнун нарасад, садафта ъанҳу. Ва дар равиши ин тарассул бар ин калимот, ки мо дар миёни он медонем, эҳтиёҷи куллӣ, пас ночор маро, ки маълуму *тариқи* ин корам, маҳалли баровардани лаолии мактум ба ҷӯянда бибояд намуд, шеър:

*لِيَنحَل كُل لَفظِ بِالتَّامُّل    بس آن که برکشد آب گِل از گِل

**Ин аст латифаҳои алфози араб,**
**Аз оби латифу абр нисбат биталаб.**

“Ғамом” абрест ва чунонки абрро об дар миён аст, “ғамом”-ро “мо” дар миён аст. Ва агар “ғамом”-ро ба тариқи муаммо ангехт кунанд, чунин ояд, ки “ғамом омаду мо дар ғам”. Ва дар “ғамом” ғайн бар сари “мо”-ст, яъне “ғайн” абр асту “мо” об ва “ғамом” абре бар сари об. Ва “ғамом” “ғайн” бо “мо”-ст, яъне абр бо об. Ва агар қалб кунем, латифа чунин хезад, ки “мо мағ дидаем, ки ғамомро зеру забар кунад”.

“Ғайм” “ғайн” аст бар сари “ям”, яъне абрест бар сари дарё. Фалон бахшанда (70) ба ғайм монад, ки ҳам абр асту ҳам дарё. Ва: *Лафзи фалон ба ғайм монад, ки аз як ҳарфи он абре берун тароваду аз ду ҳарф дарёе*. Ва агар дар қалб афканем, латифа чунин хезад, ки ғайм меғ аст, ки аз фуруд боло рафтааст. Ва “сиҳоб” ва “рубоб” ҳар ду абранду ба лафзу маънӣ об доранд. Ва “рубоб”-ро агар аз фуруд боло баранд, “бо” барояд ва агар “сиҳоб”-ро бозгуна кунӣ, “боҳас” гардад.

“Бир” ҷоҳ асту “обор” ҷамъ. *Латифа чунин зояд, ки ҷамъи ҷоҳҳо обор аст*. Аз “баҳр “ ва “маъбар” низ ба лафзу маънӣ латифа мехезад, чунинки баҳрро ҳар ду карона бар асту қалби “баҳр” “раҳаб” аст ва дар “маъбар” низ як нима бар аст. “Домо” низ дарёст ва чунонки дар таҳи дарё об аст, дар таҳи “домо” “мо” аст. Дар “дур” низ дарёст ва чунонки дар дарё дур(р) наздик набошад, дар дурри “дур” низ ҳамон маънӣ дуруст омадааст. “Кумайт” майро мегӯянд ва дар лафзи “кумайт” низ май ҳаст. Ва “роҳ” шаробро гӯянд ва дар миёни лафзи “сурохӣ” низ “роҳ” ҳаст, мисроъ: бад-он сифат, ки бувад роҳ дар миёни сурохӣ.

**Ҷавоҳир диғаргуна бе силки нисбат**. *Лафзи “аъвар” як “ъайн” дораду ба маънӣ низ воҳид-ул-ъайн аст. Латифа чунин ки нақши “аъвар” ба ъайни лафзу ъайни маънӣ ягона аст. Латифа дар “ҷидор” чунин ки ҳар ҷо, ки сарой аст, дар ӯ девор бошад, чунонки “дор” дар “ҷидор”. Латифа дар “ахёр”, чунонки* (71) *ҳам бародар тавон ёфту ҳам ёр. Латифаи “ашрор”, чунинки дар ҷамъи ашрор наёбанд, магар иллату шар ва аз шарор се кунҷид бар оташи сӯзон ниҳӣ, ҷав шавад, яъне “саъир”-ро се нуқта ниҳӣ, “шаъир” шавад.* Қилати хурмо хор-ул-хавз аст, шудани амри хару феъли мозии хори мо ва нофия дар феъл даромадааст. Маънӣ он бошад, ки: гуфтам суст шав, суст нашуд. “Адӯ”-ро ъайн бикашу “ду “ кун.

**Бе риштаи нисбат** ниғар барбасти дуррҳои дарӣ. Нон ҳарғиз қалб нашавад ва аз тарбияти подшоҳ нони қалб нон аст. Ва агар килкро бозгуна кунанд, боз ҳамон килк бошад. Бодахорро ҷавонмардӣ ҳам аз лафзи “бода” мебояд омӯхт, мисроъ: яъне, ки бихӯр бода, на танҳо бода.

---

[175] НЛ: дар.
[176] НЛ: жарф.

Ва доно чун мехоҳад "ям"-ро зеру забар кунад ва нодон агар қатраи обе ёбад "дар"-ро пеш кунад. Яъне, "дар"-ро пеш кунӣ, "дур(р)" гардад. *Лафзи* "суруд" низ аз онҳост, ки дар *латифа лафз* бо маънӣ муносиб афтодааст, зеро ки руд аз *лавозими* суруд асту дар *лафзи* "суруд" ҳам руд *лозим* аст. Истеъмол чунин ки: суруд бе руд тамом набошад, ки агар тамом будӣ, *дар лафзи суруд н-омадӣ руд*.

"Барг" низ ҳам аз ин ҷинс аст ва чунонки бар пайваста бо барг бошад ва дар *лафз* низ бар пайваста бо барг аст. *Латифа* чунин ки: барги бе бар ҳеҷ нест. *Лафзи* "кадар" низ ҳам аз ин қабил аст. *Латифа* чунин ки: дари фалон чунон ба кадар пайваста (72) аст, ки дар як дар. *Лафзи* "дарзӣ" низ ҳам аз инҳост, зеро ки "зӣ" *либос* аст ва ӯ пайвастаи дарзист. *Латифа* чунин ки: фалон дарзии сулаҳост ё дарзии уламо. "Борон" низ ҳам аз ин об аст. *Латифа* чунин ки: агар боронро бозгуна кунанд, обу оташ гардад, яъне "нороб". Кадом ҷонвар аст, ки[177] сараш буранд, *ланг* гардад. Яъне, *куланг* ва *булбул*[178]. "Душман"-ро то дуним накунанд, аз ман ҷудо нашавад.

**Нисбати оина** аст ин қадаре. Инак, ҳам бад-ин намунаи инҳо алфозро, ки қобилияти хаёл доранд, мисқала бар кор мебояд дошт, то тасаввури муваҷҷаҳ рӯй намояд, шеър:

اذا کان تُصقلُ تِلک مَراةُ الصَّفا          ذوُ العَقل عَلَّقها علی تاج النُّهی

**Ҳарфи панҷум** дар маъзарати такрори *лафз*. **Нисбати хондану сабақу такрор**. Такрори *лафз* дар ин китоб айб намедорам. Аз он сабаб, ки ин такрор ҳар бор бар боми баланди маънии дигар хоҳад буд, ки он маънӣ мухтоҷ бошад бад-он *лафз*, ки агар он *лафз* қуввати такрор наёбад, маънии балиг аз маҳалли ангехт дур афтад ва чун сабақи бетакрор нисён мунсиян гардад. Ҳам дар он мақома сухан, ки нисбати такрору фурӯ хондани сабақу он чи аз *лавозими* ин аст, *илтизом* афтодааст, алфози мукарраррро ба иттифоқ нигоҳ бояд карду дарёфт, ки овардани он аз зарурате холӣ нест. Чун чунин бошад, то ҳадди имкон аз такрори *лафз* эҳтироз (73) авло, магар дар маҳалли зарурат, ки рӯшан кардани сурати маънӣ бад-он мавқуф бошад. Ва чун ҳар бор дар такрори *лафз* сабақи фаҳми маънии дигар боз хоҳад хонд, ҳар гоҳ ки ғулғули маънӣ баланд бошад, яқин аст, ки замзамаи такрорро бипӯшад, мисраъ: в-он чӣ шуд пӯшида, пиндорӣ, ки нест.

Чунонки шуарои мутабаҳирро агар маънии ғариб дар *дил* фуруд ояд, аз такрори қофия андеша накунанд. Зеро ки барои нишондани қавоиди *лафзӣ* аз сари *латоифи* равон натвон хост. Пас, чун айби такрори *лафз* бузургтар аз айби қофия нест, хунар он бошад, ки аз сари маънӣ нагзаранд:

Ҳар чӣ такрори маънавӣ бошад,
Ҳунар аст он чу санъати такрор.

**Хатти севум** дар *латоифи* алфози наҳву тасрифу адавоту ҳуруфи таҳаҷҷию он чи бад-ин муносиб аст ва намудори ангехт дар инҳо, муштамил бар ҳашт ҳарф: **ҳарфи аввал** дар алфозе, ки маънию сарфи он дар маҳалле, ки зоянда гардад ва амсолу назоири он аз наҳву тасриф, **ҳарфи дувум** дар *латоифи* адавот, **ҳарфи севум** дар *латоифе*, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ хезад, **ҳарфи чаҳорум** дар *латоифе*, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба порсӣ тавон ангехт, **ҳарфи панҷум** дар *латоифи* ҳамза, **ҳарфи шашум** дар таркиби ҳуруф ба порсӣ, **ҳарфи ҳафтум** дар маонӣ, ки аз махориҷи ҳуруф зояд, (74) **ҳарфи ҳаштум** дар натоиҷе, ки аз алфоз зояд, мисраъ: баҳри фарқ аст, инак, ин мисраъ.

**Ҳарфи аввал** дар алфозе, ки маънию сарфи он дар маҳалле, ки зоянда гардад ва амсолу назоири он аз наҳву тасриф. **Нисбат** ҳам **зи феълу *лафз*** нигар. Бидон, ки агарчи баъзе алфоз як маънӣ доранд, аммо ҷойе истеъмол метавон кард, ки аз он ду маънӣ ва бештаре ба ҳосил ояд, чунонки наҳвиён фатҳу насбу забарро гӯянду ҷарру касру зерро ва замму рафъу пешро ва вақфу сукуну қатъи ҳаракатро. Сарфи ҳар як бад-ин гуна бояд кард, ки: фатҳ дар сари "самсом" аст. Маънии зоҳир он, ки фатҳ аз сари самсом ҳосил шавад. Ва маънии наҳвӣ он, ки ҳарфи нахустини "самсом" мафтӯҳ аст ва агар ҷазм бо фатҳ ёр кунанду гӯянд, ки фатҳи билҷазм дар "самсом" сокин аст, ҳам маънии фатҳ, ки дар аввали ҳарфи "самсом" аст, дуруст ояд ва ҳам маънии ҷазм, ки қатъ аст, дуруст хезад. Ва чун ҷазм

---

[177] НЛ: ки агар.
[178] НЛ: паланг.

аломати сукун асту "мим"-и "самсом" сокин, ин низ тамом афтад ва он, ки "мим" шакли ҷазм дорад, ин низ тамом афтад ва он, ки лафзи "ҷазм"-ро ба "алиф"-у "лом" билҷазм набиштам, на ба ҷазми сарфа, ин аст, ки чун гӯям, ки фатҳи билҷазм бо самсом аст, ин аз рӯйи арабӣ "бо"-и сабаб шавад, яъне фатҳ ба сабаби қатъ бо ӯст. Ва агар "бо" ба маънии "маъа" доранд, ҳамчунин бошад, ки фатҳу қатъ ҳар ду бо ӯст. Аммо агар ба ҷазм бе алифу лом нависанд, сарфи порсӣ шавад ва он чандон фоида надиҳад. (75) Пас, мутасарриф касеро тавон гуфт, байт:

Ки кунад сарфи лафз бар наҳве,
Ки маонӣ фузун бурун ояд.

**Истеъмоли насб** бар ин наҳҷ бояд кард, ки: аламӣ подшоҳ ду ҷо насб мекунанд. Зоҳир он, ки алами султонӣ дар майманаву майсара насб мекунанд ва маънии наҳвӣ он, ки дар лафзи "ъалам" дар ду ҷо насб аст: ҳам "ъайн" ва ҳам "лом". Ин маънӣ аз рӯйи шоирист, на аз роҳи таҳқиқ, зеро ки "ъайн"-у "лом"-и "ъалам" фатҳ бар сар дорад, на насб. Аммо таҳқиқ инчунин беҳтар, ки ҳар ҷо, ки "ъалам" аст, ду фатҳ бо ӯст. Ва насбро чунин ҳам истеъмол кунанд, ки: насб-ул-фатҳ ъаламуҳу насбун ъала-т-таъзим. Зеро ки чун ъалам мафъул шавад, ҳаққи ӯ он аст, ки ба насб бошад ва чун маҳалли таъзим аст, мафъул натавон гуфт, пас, насб ъала-т-таъзим дуруст ояд. Боз фатҳро чунин низ насб тавон кард, ки: ҳаракоти ъалами малик мабнист бар фатҳ. Ва-л-фатҳу юнсаб раъс-ал-ҳарфи ва-л-қалами.

**Истеъмоли каср**, чунинки: ливои душман, ки сараш максур аст. Ё нависанд, ки: ҳама ҷо сари ринду сифла максур бувад[179] ва дили хиҷил ҳам максур. Як маънӣ он, ки сари ринду сари сифлаву дили хиҷил шикаста бошад ва дувум он, ки "син"-и сифлаву "ро"-и ринду "ҷим"-и хиҷил максуранд. Ҳарфи ҷарр, чунин ки: нависандаро оқибат дар сари сим ҷарре бибошад ва кист, ки дар сари мискин ҷарре наронад. Ва он, ки гӯянд "мим"-и мискин каср дорад, на ҷар, назири ҷарр чунин ки: ҳар кӣ дар маҳалле ба амале (76) музоф илайҳ шуд, ҳароина, ки ҳаққи хеш ҷар кунад. Ва: доно ҳар ҷо, ки захоир ҷамъ кунад, бе ҷарре натавонад кард. Як маънӣ он, ки бе ҷарре ҷамъи захоир душвор бувад ва дувум он, ки "захоир" ҷамъи лоянсариф асту ҳарфи бе дар вай ҷарр натавонад кард, шеър:

*قد جرّ ذيل تفاخُر هذ السّوادُ على العُلى     مَن بات مُعتصماً به من جرّ نفعٍ قد غنى

**Истеъмоли зам**, чунин ки: банда сари хидмат фуруд овард, то бар сари убудиёти собиқ зам гардад. Яъне, зам сарнагун асту бар сари "ъубудият" зам аст. Чавгоне, ки маҳдум фиристод[180], бар сари лутфҳои дигар зам шуд. Яъне, чавгон шакли "зам" дорад ва сари "лутф" мазмум аст ва ҳам диққат дар сари мулуку судур кажии "зам" бувад.

**Сарфи рафъ**, чунин ки: фалон, ки фоъили он феъл буд, амали ӯ рафъ шуд. Маънии ташбеҳӣ чунин ки ҷази тиру камон баланд бошад, чунон ки ҷуз он. Марфӯъи тащдид, чунинки: дар фалон масоф теғ ба шиддате мезаданд, ки рӯйи теғ [дар рӯйи теғ ба][181] сахтӣ дарменишаст, чунон ки аз ташдид ҳарф дар ҳарф. Ҷойе, ки хасмон музоъаф бошанд, сахт гуфтан бар рӯйи эшон баробари рӯйи теғ бошад, чунон ки дар музоъаф ташдид бадали ҳарф[182]. Ташбеҳе, чунин ки: тащдид, ки бар дили "зарроқ" кунанд, арра ниҳодан аст бар синаи "зарроқ". Дар нақши арра пайдост, ки тащдиде дорад.

Мад, чунин ки: Дар лавҳи вуҷуд алиф бо лои олои сармад аст. Як маънӣ он, ки "алиф"-ро (77) бо[183] "ло" ҷуфт кунанд, "ало" шавад ва дувум он, ки бар сари "ало" мад аст. Пас, "ало сармад" дуурст омад ва сармад ба маънии ҷовидонаи худ ҳаст. Ҳисоби ибраи баҳр мекарданд, дидам, ки мад бар сари об омад. Кашиши дилҳо бо болои хубон пайваста чунон аст, ки мад бо алифи мамдуд. Мисолу назире, ки мулоими муфрадот бошад, ин ҷо намуда шуд, шеър:

Таркиби мо бақӣ нигарӣ дар мураккабот,
Иншоа холиқун халақ-ал-мавта ва-л-ҳаёт.

---

[179] НЛ: аст.
[180] НЛ: фиристода.
[181] Аз НЛ оварда шуд.
[182] НЛ: ҳарф аст.

[183] НЛ: агар бо.

**Ҳарфи дувум** дар латоифи адавот[184]. **Нисбат** ин ҷо нигар **ҳам аз адавот**. Нукта аз ҳуруфи маънавиву калима аз латоифи афъолу ҳарфе аз асмои замири мунфасилу муттасил ин ҷо мутаҳҳар гардонидам, то дар замир бимонад. Бибояд донист, ки сарфи лафзи *"биҳи"* дар зикри беҳӣ беҳ бошад, чунин ки: фарзанди беҳтари ӯ бо беҳӣ зод. Ва: зода биҳи хабаруно. *"Банно"* - ҷойе, ки бунёди сухан бар иморат ниҳанд, чунин ки: банноун ъомиру биноин. *"Фамо"* ва *"фиҳи"* – ҷойе, ки сухан аз лабу даҳан гӯянд, чунин ки: он писарро гуфтам, ки туро даҳон нест. Қола: *фамо фӣ шаънӣ*. Ва: даҳони он гӯӣ наботи танг аст. Ва: *фиҳи калому* калимин ва қолат лӣ фамун қолат-ил-калома фиҳӣ*. Лафзи *"ё"*, чунин ки: анта залилун ё ъазиз. *"Камо"*, чунин ки: вазифаи фалон беш бояд кард, *камо ло юнқасу*. *"Қад"* – дар маҳале, ки аз қомату боло сухан гӯянд, чунин ки: *қад қомат қоматуҳу*. Мисраъ[185]: қад бола* таволи-юл-абтол мин қаламӣ.

*"Ъам"* – яке мураккаб аст аз "ъан" ва "мо " ва "нун"-у "алиф" соқит шуда ва (78) дувум "ъамма" феъли мозӣ аз ъумум. Сарфи ҳар ду дар зикри ақрибо муносиб бошад ва ҳар дуро як назир бас, чунин ки, мисраъ[186]: ъамма яғзибу* холуно аъамма фатаноғимуҳу.

Истеъмоли лафзи *"мо"*, чунин ки: мо таро - он чӣ намуда шавӣ, бинамоям. *"Мо роҳа"* – ҷойе, ки зикри шароб афтад. Ва "мо об" ва "мо таро" ва "мо ҳия" ҷойе, ки зикри об равад. "Мо дома" – ҷойе, ки сухани сайду сайёд гӯянд. Истеъмоли лафзи *"ло зола"* ҷойе, ки зикри пириву ҷавонӣ бошад. *"Ло ҳавла"* – ҷойе, ки зикри солу моҳ барояд. *"Ло лаҳу"* – ҷойе, ки зикри изҳор бошад, чунин ки: *заҳика-л-варду мин-ал-ғусни валякун ло лаҳу*. *"Ло ҳува"* – ҷойе, ки зикри киштиву рӯд равад: *ло ҳува фалакун изо ҷара бал фулкун*. Калимаи *"ло ҳува"* ва *"илло ҳува"* ва *"лоҳут"*-ро низ нисбати ҷория ҳамин аст, чунин ки: *ло завраҳа илло ҳува*. Тахтаи киштии он муаллим: *ло ҳува сабақун ли-р-риёҳ, ло ҳува*. Фирқаи мураққаъ, ки тахта ба тахта пайвандҳои муҳкам дорад, киштиест ҳазормехӣ, ки ба лоҳут бурда.

*"Вило"* – дар зикри муҳаббат, чунин ки: *ло шавқӣ ва ло ҳубби илло ило мавла-л-маволӣ*. Навъи дигар: *ло вуддӣ илайка ва ло вилоӣ*. *"Валӣ"* – дар зикри машоихи солеҳ ояд, чунин ки: вилоят-ул-фақри лака валиюн. "Лак" – ҷойе, ки зикри аъдоду ҳисоб бувад, чунин ки: миату алфи дирҳамин лак. "Фалак" – ҷойе, ки зикри улувиёт равад, чунин ки: мо фавқа-л-аносири фалакун. *"Ва лаҳу"* – ҷойе, ки зикри ишқеву шавқе бувад, чунин ки: шавқи фалон *лӣ ва лаҳу*. (79) Котиб бар сари ҷумла ғазалиёту рубоиёти ишқ дар китобҳои хеш "ва лаҳу" менависад, то муносиб афтад. Айзан, ҷойе, ки зикри ишқ набувад, бар ин насақ тамомии адавотро адо тавон кард. Аммо ин ҷо беш аз ҳарфе барои исму феъл намеорам, то хонандагонро сабақи таълим бувад. Боқӣ дар мураккабот асҳоби таркиброо маълум хоҳад шуд, ки ба қуввати сеҳр-ул-баён чи сон ҷомидро нотиқ гардонидааму аз шавқи қалам анвои мавзӯотро чигуна иштиқоқ дода ва маониро чун ҳуруфи ишбоъ, ки ҳангоми хондан нобуда дар овоз ояд, бар чи тариқ аз адам дар сухан оварда, чунонки ҷумлагии масодири фазл дар ин мизон ба иншиъоби тамом сарф карда шудааст, шеър:

*وَ أدغَمتُ المَعانی فی المَعانی كَما أدغَمتُ حُروفٌ فی حُروفٍ

**Ҳарфи севум** дар латоифе, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ хезад. **Нисбат аз ояндагону зодагон**. Вулидту табиъати-л-қобилати мин уммаҳоти-л-ҳуруфи қалилан мин маъонин тукассиру вилодуҳо касрату авлоди-л-вулуди. Фатулиду минҳо тариқату ъазроа заккара куллу фаҳулин инна батна-л-қиртоси атат биҳо ҳомилан атфолан болиғата-л-камоли. Ва ҳозо намузаҷун литаълими ахлофин саъидатин зодаҳа-л-Лоҳ, шеър:

Ман зода маънан ъало мо фоза мин хулдӣ,
Яфдиҳи руҳӣ ва набати-л-ъайну ва-л-кабад.

**Тафзил-ул-ҳуруф ва ташриҳу мо ясдуру минҳо дурру-л-латоифи**. (80) ал-алиф: ас-сахӣ ва-л-фард фӣ-л-фазоил, шеър:

Тара-л-фоъила ъало ароики        Давоман фӣ-л-фазоили ва-л-ъатоё.

Ал-бо: ар-раҷулу-л-касир-ул-ҷимоъ, мисраъ: ал-боу фӣ-л-қирбони яғзибу доиман.
Ат-то: ат-туроб-ул-лаййину, шеър:

---

[184] Ин ҷумла аз НЛ оварда шуд, дар КМ ва ДТ нест.
[185] Ин вожа аз НЛ оварда шуд.
[186] Лафзҳои "чунин" ва "мисраъ" аз НЛ оварда шуд.

Ин тадур фӣ риёзино давро,     Фатаро мин таҳти баракатин тоан.
Ас-со: ал-лаййин мин кулли шайъ, [шеър:
Изо ҷоъани зайфун ва қад ҳаллала раҳо,
Фаҷиъни бисои-л-хубзи ва-л-лаҳми] [187]:
Мисраъ: ликулли-н-носи соун байна ҳубиссаҳ. Ал-ҷим: ал-ҷумалу муғталиму, мисраъ: раъсу-л-ҷумули ҷимун қад ҷоа таҳта ҳавдаҷ.
Ал-ҳо: миръот-ус-сулияти, мисраъ: ал-ҳоу ло тусаллиту илло ъало ҳамир.
Ал-хо: шиъър-ул-ист, шеър:
Ли-л-хои маъа-т-таҳро висолун,        Ҳуттомун таъишу фараххан.
Ад-дол: ал-марат-ус-самина, шеър:
Даъ-ид-дола фӣ-л-байзои ё бадрониҳо,
Илал байди ва-д-дои-л-ъиқом лидоли.
Аз-зол: ъурифа-д-дика, шеър:
Бадо зола дикун ъало раъси дикин,
Камо зола дикун ъало раъси дикин.
Ар-ро: ал-қирод, яъне кунҳу, мисраъ: ар-роу ваклу замонин лозиму-л-бақара.
Аз-зо: ар-раҷул-ул-акул, мисраъ: раайт-уз-зоа фӣ ҷазаъин мадоман.
Ас-син: ал-ғани-юл-бахил, мисраъ: ас-сину ъала-д-давоми фӣ-л-хиссати.
Аш-шин: ар-раҷул-ул-касир-уш-шаҳвати, мисраъ: аш-шину фӣ-л-иҷтиҳои ка-ш-шини фӣ иштиҳо.
Ас-сод: ан-нуҳос ва-с-суфр, шеър:
Раайно ҳуллията минҳо ъаёнан ъайнуҳо содун
Ва би-т-ташбиҳи ъайнуҳо содун фӣ-л-ҳулияти.
Аз-зод: ал-ҳудҳуд, шеър:
Таро фӣ байзатин зодан,    Камо фӣ равзатин зодан.
Ат-то: шайх-ул-касир-ул-ҷимоъ, мисраъ: ат-то ъало давоми фӣ-л-ватй.
Аз-зоу: ал-маръат-ул-азимат-ус-садйайн, мисраъ: зарифи даъи-з-зоа (81) таҳт-ал-ғилози.
Ал-ъайн: касир-ул-маъонӣ, шеър:
Ва табъи таҳтуҳу маъно касирун,
Камо касар-ал-маъонӣ таҳта ъайнин.
Ҷидор-ул-ъайни ло ютӣ шаҳиҳан,
Шуъоъ-ул-ъайни яхиту мин ҷидорин.
Саално кироман мато ҷоа ъидун,
Аҷобу изо ҷоа ъайну ъало ядин.
Ғамомун лайса фиҳи-л-мои ғамму
Ва ъайшун лайса фиҳи-л-ъайн мотам.
Ал-ғайн: ғайм, шеър:
Алғайну холун куллуҳу
Ва-л-холу холун воҳидун.
Ъайн-ул-ғарим фӣ ғайни ғаррин
Ва ли-л-ғурабои зилл-ул-ғайни якфӣ.
Ва нуқтату холиҳо варадат биъайни.
Фасор-ал-ъайну ғайнан би-л-ғароми.
Ал-фо: забд-ул-бо, шеър:
Мин каффика фоза фоу рафадин,
Мо дома ъала-л-фуроти фоун.
Ал-қоф: ал-лазӣ ло яҳтоҷу ила-н-носи, мисраъ: ъало раъси-л-қаноати дома қофун.
Ал-коф: ал-муслиҳ ли-л-умур, мисраъ: мункиҳун мо тамма илло фиҳи коф.
Ал-лом: аш-шаҷару ва ҷамъ-ул-умла аъни-д-диръ, шеър:
Ва изо мо вақаъа-л-ломy фало ябқо зиллун,
Бағалун лайса лаҳу ломун бат.
Ал-мим: ал-Хуросонӣ, шеър:
Инна-л-маҷолис ло татимму маҷолисан,

Илло бидаври-л-мими ъинда-л-маҷолиси.
Ан-нун: ал-хуту ва-д-давот, шеър:
Ан-нуну фӣ-л-анҳори яскуну доиман,
Ан-нуну било нақшин ка-н-нақши било нунин.
Ал-вов: ал-кавир мин-ал-ибил, мисраъ: бил вови ясиру-л-ҷамалу маҳмулан.
Ал-ҳо: ли-т-тамма, шеър:
Било ҳоин даҳо-ут-тифли доун,
Ё соҳа ҳоун фавқа ломин ҳал юфиду.
Ал-лому ва-л-алиф: би-т-таркиб ло амлау широкун наълайн, шеър:
Ҷоа наълони-н-ниё минкум минкум,
Лам яҷид байнаҳумо илло ло.
Ал-ё: ал-ҳайя, шеър:
Изо роҳа ёун мин яман,     Ё за-л-фазоили ман лақо.

**Таркиб-ул-ҳуруфи ва мо яҷрӣ мин тартибиҳо, байт:**

لنا کلا **اب الف و باء**     لک مترک یا باء تحت التاب
ما را همه را پدریست جوان مردو شهوت پرست
و ترا جای فرود آمدن است ای مرد شهوت ناک زمرحاک توبه کن
یا باء تاخذ ثاء تدیتی ثیب     منها جمعت لقلبک المجموع **بثّ**
ای مرد باشهوت بکری تو نرم دو سنیان کامله را     جمع کردی برای دل خویش جمعیت اندوهی.
جاء و باء منهما **جبٌّ** بدی     فالحاء من باء تبین بقطع حبّ
آمد زنی زیردست و مرد شهوت پرست و از ایشان دوستی بیدا شد
پس زن زبردست از مرد شهوت پرست جدا می شود به قطع دوستی.
نری فی الحج حاء فوق جیم     خاء رایت لا **صفة الراء** و اصلا
دیدم ما در حج زنی زبردست بر شتری مست سوار     موی دیدم بیوسته بدان کنهیوستی.
فی است الحمار یا خلفی و الحمار خرّ     اذا یدخل الراء من بعد خاءٍ
در کون خر ای پسر من و خر بر روی افتاد     وقتی که دراید کنه از بس موی کون.
تیقنت بالقطع **خرّ** الحمار     دال مع الرای لعلاءٍ درٌ
یقین کرده شد قطعی که بر وی افتاد خر     به رهنمای با رای برای بلند کهریست.
دالٌ علی باء تری یتحرک     فی حال قربان کذبّ یرقص
زنی فربه بالای مرد شهونی دیدیم در خویش     در حال نزدیکی چون خری بای کوبد.
یا جامع الدالین تهلک فی ددٍ     یا راءُ تحت ذال **ذر** اذا خذب ذالاً
ای جمع کننده دو زن فربه حلاک می شوی در بازی در     ای کنه زبر افسر خروس بگذارد جنکه کرفتی افسر خروس را
بزاءٍ ان اتی عین **فعزّ**     اتاه و خصه بتمام عزّ
بسیار خوار اکر امد ازی بس ارجمندی     آمد او را خاص کردانید به تمام ارجمندی.
اذا ما مس سینُ دور میم     لدی اصحاب یعنی ذاک سمٌ
جون سود تو نکر بخیر دور شراب را     نزدیک اران معنی ان زهر است.
اتی سینُ لدی میم **فشم**     تنسم منهما و سکرت منه
بیامد شهوت پرستی نزدیکی شرابی بس بوئید     بوی داد ازان هر دو دست شدم من از آن.
اخلائی لنا عین و صاد     خذوا میما لکم **عصم** تماماً
دوستان من مار است زری و مس درد     بکیرید شراب برای عصمتهای تمام.
رایینا **ضلّ** صاد فوق لام     الطاء یسبح مثل النون فی **النطفی**
دیدیم ما کم شد هدهدی بالای درختی     مرد شهوت پرست شنا کند مانند ماهی در آبهای منی.
ایا من کنت طاءاً فی **الوطاء**     اخذت **الخط** من حاء و ظاءٍ
ای آنکه هستی شهوت پرست در جامه خواب     کرفتم بهره از زن زیردست و زنی بزرک بستان.
ان کان علی راسک عین یا **دال**     اقطع قطعاً رجل عدو **وعد**
ای زنهای خسمی سر تو بر هست اکر     و باز کرد دشمن را بای بیرمن ببر.
(84) یطیب الناس من غین و میم     و لکن عنده اصحاب الهوی غمٌ
خوش شوند مردمان از ابر و شراب صافی     ولیکن نزدیک یاران عشق غم است.
فاء الفرات و دال دجلة یا فتی     هل کان یروی ناهلا فی فد یدٍ
کف آب فرات و رهنمای آب دجله ای جوان     یعنی هست باشد که سیراب کند تشنه را در بیابانی
نری حاءً علی قاف رکوباً     و کان رکوبها لثبوت **حقٍّ**

و بر یم ما سلیط را بر نو نکری در سواری        و بود رکوب آن برای ثابت کردن حق.
عمرا لکن اذا یقعدکاف مع نون        اتی کاف و میم فوق لام
عمارت کرده شد خانه تن جون شیند مرد تمام کار با دوات و قلم    بیامد مردی تمام کار و شراب صافی زبرو رفت.
لکم جمعوا **فکمل** ما اردتم        فی مجلسی نونُ و میم رتبا
برای شما را یکجا کرده اند بس کامل کفه شد انچه می خواستند    و مجلس تنهای و شراب صافی مرتب کوشه.
نم منهما فی راحة سکرانا        جائت لسلطان الوری من کل دو
نجب از ان برود در اساش مست        بیامد برای بادشاه خلایق از همه دوستی ها.
جیمُ و واو فی الجنود مع **الجواد**        کم کنت نسال عن عطاء جوادنا
اشتری مست و اشتران بسیار در لشکر ها با اسبان یک رو        هر کاه که بر سیدی از جوان مردی بخشنده مارا.
(85) لا لیس بین کلامه **کم** تسمع        لا لیس فی الف و ان یکن لم یکون
نی نسبت میان سخن او بند بشنوی        نی نسبت در هیچ جوانمردی بر آنک اوست اکر هست.
الا بالله و الاءُ علی الاء        نری حاء لدی یاء اقامت
مکر به خدای نعمت ها بر نعمت ها   می بینم ما سلیط را نزدیک ناجتی مقیم شد.
فیما عجبا ایحیی منه حیّ        بس ای شگفت زنده ماند ازو زنده.

**Ҳарфи чаҳорум** дар латоифе, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба порсӣ тавон ангехт[189]. исбаташ ҳам зи лавҳу ҳарф нигар. Бидон, ки порсиён хатте надоранд ва ин бисту нуҳ рфи таҳаҷҷӣ арабисту моро тасарруф дар инҳо бар сабили истиорат. Чун чунин бувад, тоифе, ки аз ин ҳуруф ба тариқи арабӣ хезад, мисоли он боло намуда шудааст. Аммо ар хоҳанд, ки ба тариқи порсӣ ангезанд, он низ беш аз он аст, ки дар қалам ояд. Чунин ки ар алифро дар ташбеҳ афкананд: он ҷо, ки ростист, аз алифи самоки ромеҳ то хатти ҳвари замин ростор аст. Он чи ба қалам рост тавон овард, рост ояд. Ва ҳуруфи дигарро з агар бикованд, аз як ҳарф чашма берун тароваду аз ду ҳарф дарёе: яъне, аз як ҳарф айн" в-аз ду "ям". Аммо чун ин ҳуруф фард-фард бо амсолу назоири он дар қисми аммиёт омадааст, чунон ки биноёнро дида хоҳад шуд, ин ҷо сабақи такрор дарнавиштам аз баёни ҳуруфи фард (86) варақ гардонидам, назм:

Акнун қадре рамз зи ҳамза ангезам[189a]
В-он гоҳ ба таркиби ҳуруф овезам.

**Ҳарфи панҷум** дар латоифи ҳамза. **Нисбаташ ҳам зи ҳарф** ин ҷо ҳам[190]. Ҳамзаро фтам, ки биё, аз кажӣ бинишину рост бигӯ, ки ту алифӣ ё ҳамза, боре дар миёни бисту ҳ ҳарф дар шумор на? Ҳамза чун мор бар худ печид ва дар ҳаракат омаду гуфт, ки мани онаро ду ҳарф гиранд, зеро ки ҳам алифаму ҳам ҳамза. Он ҷо, ки сукунату ростӣ намоям, ифам, саромадаи ҷумла ҳуруф ва ҳангоми алифият сукуни ман ба ҳаддест, ки ҳеҷ кас дар н сухане натавонад гуфт ва чун ба ҳуруфи дигар пайвандам, ба тавозӯъи тамом фурӯтари ма биншинам. Ва он ҷо, ки мутаҳаррик бояд буд, худро чунон пайдо кунам, ки ҳар ҳама зи сухан аз ман кунанд. Он, ки худро аз шумори ҳуруф берун афкандаам, он низ бидон, аз маъни холӣ нест. Барои онрост, ки ҷумлагии ҳуруфро ҳар ҷо, ки тифлеву боҳафсест, ҷо мекунад ва ҳар якеро ангушт бар ҳарф ниҳанд[191]:

Гар шуморам дар он миён будӣ,
Баҳри ман ҳам ҳиҷо равон будӣ.

Чӣ ҳоҷат аст, ки ман дар миёни ҳарф дароям, то ҳар ҳама ангушт бар ҳарфи ман ҳанд?! Чун ба ғайри он ки дар ин силк дохил гардам, ба ҳаракоту саканоти хеш дар ин ста тасарруфе комил дорам ва ҳар бор аз он ҳаракатҳое, ки марост, ба сурати алиф дар фоз дармеояму ҳаракат медиҳам, (87) гоҳ аз сари амр меҷунбаму гоҳ дар суол дахлу гоҳ қироат пайдо мешавам. Ва агар нақши худро ба ташбеҳ берун намоям, гоҳе, ки изаам, ба кажкорде монам, ки ҷумлагии ҳуруфро ҳак кунад ва дар замоне, ки алифам, ба мҳи Хито мушобаҳат дорам, ки ҳалқаи мимро аз сари майдон бирабояд, назм:

Не, не, ки ба мору моҳие монам рост:
Дар ростравӣ ину гаҳи кажравӣ он.

---

Ин сарлавҳа аз НЛ оварда шуд; дар КМ ва ДТ нест.
НЛ: акнун қадре зи ҳамза ҳам ангезам.
НЛ: анҷомам.
НЛ: ангушт бар ҳуруф менихад.

Ҳанӯз аз маонии хеш он миқдор ба ҳила берун додаам, ки ҳамза ба муқобили бисту нуҳ ҳарф. Ту низ, ки *хусрави* каломию иборати ту муъҷизаи Мутанаббию айбкунандаи Муиззӣ дар боби ман аз масодири замири хеш сифате сарф кун? Ҷавобаш додам, ки чун фазли алими беиллат килки маро дар абнияи ибдоъу ихтироъ умдакор сохтааст, бар вай он қадар эътимод дорам, ки агар дар авсофи ту хавз намоям, китобе муфассал бинависам. Аммо маънӣ ин аст, ки туро ҳамза мегӯянду ҳамза айб кардан бошад. Пас, ҳар сифат, ки дар ҳаққи чун ту мавсуфе истеъмол ёбад, гӯӣ ҳунаре бошад[192] дар мавзеи айб мавзӯъ шуда ва ҳунарро дар маҳали айб сарф кардан аз шароити адаб баъид аст. Пас, намудори ангехт ҳамин миқдор кофӣ бувад, ки аз алифи қаламам иштиқоқ ёфт ва ту ки ҳамзаӣ, ба хеш музоф кардиву аз ҳар лафзе ганҷе ба қадри панҷ ганҷ барои тасрифи маонӣ берун додӣ. Аз халиле, ки беиллат аст, тавқеъ меафтад, ки агар дар мизони ин (88) калом "халил" бе иллат бинад ба сиҳҳат бе фикр берун барад. Ва чун саҳеҳ шудааст, ки дар иборати котиб лафзи саҳеҳ ҳам маълум аст, фузалои вофирадаб бояд, ки хато нагиранд, ки хато наздики ҳама маҳмуз аст. Ва забони худро, ки алиф аст, сокин дар тахта ҳаракат надиҳанд, ки ба ҳамза маъхӯз гардад. Ҳар кӣ қавли маро, ки ҷавфаш ба айни эътилол муохаза аст, тасҳеҳ фармояд: муддати умри ӯ музоъаф бод.

**Ҳарфи шашум** дар таркиби ҳуруф ба порсӣ. Ҳамон **нисбати ҳарф** ин ҷо ҳам аст. Агар алифро бо *бе* дарбаст кунӣ, зоянда гардад, яъне: аб. Алиф бо *ло* нисбати *ало*. Олои тамом аз ҷараёни қалам агар биёрӣ, бозе биёру бузе шикор кун. Ҷосусу хасисро миёни синаҳо иллат бошад. Алифу "ё"-и нақши синҳо агар шинӣ, се хол бар чеҳраи ту биниҳам. Миёнаи *шаҳр* роҳе бикашу бар сари *обе* шаву *шаробе* бигир, назм:

Ҳар сухан ороста дуррест з-ин таркиби ман,
Аввал аз дониш фурӯ рав, баъд аз он боре бубин.

**Ҳарфи ҳафтум** дар маъонӣ, ки аз махориҷи ҳуруф зояд. Ҳамон **нисбати ҳарф** ин ҷо ҳам аст[193]. Чун аз махориҷи ҳуруф низ маънӣ чунон мезояд, ки ҳарф аз қаламу қалам аз ҳарф, дар оғози ин далолат низ забонро ба ком расонем, то ҳар чи берун ояд, мисраъ[194]: *дол* бувад сӯйи маонӣ ба ҳарф.

Ангехт чунин ки зикри *ҳува* аз даруна барояд, зеро ки *ҳо* ва *вов* бо олоиши кому забон кор надорад. Чашмаи маърифат аз тарошидани (89) сар тавон ёфт, чунонки *ъайн* аз ҳалқи дарози ду табақ дуруст шавад, чунонки *боб* аз ду лабу ду забон. Қалам аз теғ пайдо гардад, чунонки *ло* аз забон оғозаду лат аз сари теғ хезад, чунонки *дол* аз сари забон. Ҳар ҷо, ки *сало* гӯянду *ло* нагӯянд, забонро табақ бояд сохт ва ҳар ҷо, ки *таъом* бошаду *ъом* набошад, чунон бувад, ки талаб бар забону аз лаб даври доираи чашм. Аз ду тахта дари подшоҳ ҳосил шавад, чунонки *мим* аз ду лаб. Ин ҷо дар гуфтани чашм сарфа он аст, ки ҳам чашмро доира асту ҳам нуқтаи чашм доираи мим дорад. Агар доираи лашкар гуфтамӣ, доираи мим зоеъ рафтию ибҳом нашудӣ. Завқ лафзану ҳиссан аз кому забон ҳосил[195] ояд. Лаззат низ лафзану ҳиссан аз сари забон тавон ёфт, назм:

Шавад з-ин баёнам ҳаловат муҳайё,
Чунон к-аз забон лаззату завқ ҳосил.

**Ҳарфи ҳаштум** дар натоиҷе, ки аз алфоз зояд. **Нисбат** ин ҷо ҳам **зи ҳарф асту нуқат**. Чун аз махориҷи ҳуруф латоифе, ки мумкин бувад, қадре бурун оварда шуд, акнун нуқтаҳоро низ арза кунему лутфи он бар сони рӯған аз кунҷид бикашем, то ҳар нуқта аз ин китоб чарбтару ширинтар аз кунҷиде бувад, ки бар лаби хубон бошад, шеър:

*و على نقطة نهجم جمعاً ملک    کالعصافير على سمسة قد يقع

Бидон, ки лафзи бар ду гуна аст: ваҳмию хатӣ: ту бубин, ки рӯди (90) нуқта[196] зи сари қалам намоям.

**Нуқтаи мавҳум, нисбаташ** ҳам зи **нуқтаи мавҳум**. Чун хатти подшоҳ дар маркази истиқомат бар сони хатти истиво рост биистод, доираи чашми душман нуқтаи мавҳум

---

[192] НЛ: аст.

[193] НЛ: Нисбати ҳарф бин ту ин ҷо ҳам.

[194] Аз НЛ оварда шуд.

[195] НЛ: ба ҳосил.

[196] НЛ: Ту бубин, ки ман ду нуқта...

гашт. Як маънӣ он, ки нуқтаи мавҳум маъдум аст ва дувум он, ки нуқати мавҳум нуқта[197] надорад. Ва: Дар доираи мулк саҳмнокеанд[198], ки ба қавсу тир нуқтаи мавҳумро ҳазор нуқта созанд.

**Нуқтаи хаттӣ. Нисбати ҳарфу лафз** ин ҷо ҳам. *"Ъйн"*се нуқта дораду чашм ҳам. *"Ъйн"*сар то пой ҳама *хол* аст, яъне ъайну хол ҳар ду абранд. Ва: Дар *ғайн* ҳеҷ ҳарфе аз хол холӣ нест, яъне аз нуқтаи доира нақш як [нуқта][199] дорад ва нақши доираи ду рух ба як хол рух тавон хонд. Ҳар гоҳ дувум шуд, захм бошад. Ҳар *дил*, ки як нуқта сиёҳӣ дорад, *зил* бошад, на дил. Дар абнои мулк ду кунҷид бахила бошад, чунонки дар нақши анбор ду нукта. Хубонро холи зери лаб чунон дармебояд, ки нуқта дар зери лаб. *Хат*, ки бе хол бошад, *ҳат* аст, [мисраъ:][200] *ҳусн* аз холи бисёр *хашин* шавад, шеър:

Ду холат зери дида дидаам, гӯӣ,
Ду дона чоксуст дар зери дида.

Тезтабъон бояд, ки аз ин ҳарфи намуна нақш ба устодӣ бигиранд, ки рахнаи сирқа дар ин коғаз роҳ наёбад, шеър:

*كأستادِ رمى حكّ حرفاً بضلّهِ          وَصفحةِ قرطاس (91) من الجرح تُسلمْ

**Хатти чаҳорӯум** дар наводире, ки аз алфозу истилоҳоти улум хезад, муштамил бар чаҳор ҳарф. Андар ин **нисбат илму адаб** аст. Чун калима[201] чанд дар шарҳи адабу фазл аз сари[202] қалам боло рафт, акнун далеле чанд берун диҳам, ки андешаро дар арсаи ҳар илме пешво шаваду дар захираи ин фиқҳ сарфаи дахлу фазл бознамонад, то ҳар кӣ дар ин тариқ шореъ гардад, ба маҳалли иҷтиҳод расад, иншо-Алоҳ-ал-ъалим.

**Ҳарфи аввал** дар истеъмоли алфозу истилоҳоти фиқҳ, **ҳарфи дувум** дар истеъмоли алфози мантиқ, **ҳарфи севум** дар мақулоти ашара, **ҳарфи чаҳорум** дар алфозу истилоҳи илми назар, мисраъ: инак, ин мисроъ низ аз баҳри фарқ.

**Ҳарфи аввал** дар истеъмоли алфозу истилоҳоти фиқҳ. **Ҳам аз фиқҳ аст** инак **нисбат** ин ҷо. Истеъмоли алфози мусталаҳи фиқҳ, чунонки аз фалон мутабаҳҳири шариат, ки бо об аст[201a], илми мусалмонӣ чист? Шаръ кардан дар фиқҳ тариқаи насафӣ* дар муқобалаи ҳидояти зулол аст. Ҳар кӣ бар фарши тааллум зону назанад, ҳароина, ки мабсут бар вай матвӣ монад. Мутааллиме, ки табъ надорад, манзума наздики ӯ мансура аст. Шоире, ки такрори илм накарда бошад, такрори қофияро ҳунар донад. Олими раббонӣ касест, ки наздики ӯ ҷавозро равоест[202] ва лоҷавозро норавое. Мудом нуктаи *шумо* дар таълил масткунандаи оқилон аст. Забони (92) мавлоное пухтагиҳои Қудурии мутановил аст. Таркиби Буздавӣ ҳам пухта асту ҳам равон. Бингар, ки чанд дуди чароғ бояд хӯрд, ки то "Фатовии Сироҷӣ" рӯшан шавад. Мавлонои моро дарс дар дил сард шудааст. Мукаррари мо муваҳҳад нест. Шаҷараи тайибаи илм ба усулу фурӯъ қоим аст. Фурӯъ бе усул номӣ нагардад ва аз усули бефурӯъ чизе нахезад. "Муҳит"-и беҳошия дарёи беканора аст, ки арсаи он дарнатавон ёфт. Созанда Ҳусомӣ табъе дошт боҳиддат, ки он ҳарф бурун додааст, ки ҳадди он кам касе дармебояд, чунонки бар рӯйи хасм адо тавонад[203]. Рив*оят* ва ҳид*оят* ба *оят* дуруст аст. Бар забони кӯштин дар кони Нӯъмон баҳс натавон кард, то ҳиддати табъ набошад. Асҳоби баҳс муххи изому судурро ҷуз ба казлики гӯштин бурун натавонанд кашид ва ё ба табъи тез:

*أريك نظيراً أن أعلَمْ طايراً          يُفيدُ كانسان فتاوى الشّرايعْ

**Ҳарфи дувум** дар истеъмоли алфози мантиқ. Бубин **нисбат** ҳам аз **мантиқ** дар ин фасл. Сарфи алфози мантиқ бар ин навъ: Муншии олам аз нутқ фасле сохтаасту инсонро омӯхта, ки ҳақиқати инсон бад-он пайдо гардад ва он фасл мӯҷиби куллист исботи

---

[197] НЛ: ҳам нукта.
[198] НЛ: саҳмноконеанд.
[199] Аз НЛ оварда шуд.
[200] АЗ НЛ оварда шуд.
[201] НЛ: калимае.
[202] НЛ: сулламӣ.
[201a] НЛ: шариатмаобест.
[202] НЛ: ривоятест.
[203] НЛ: тавонад кард.

башариятро ва солиби куллӣ ва[204] ҷамодиятро. Аз мардум чун одамиро фазли нутк вафо кунад, чандин ҷавҳари маънӣ бор орад: ва намо* (93) минҳу ҷамодун канаботин.

**Ҳарфи севум** дар мақулоти ашара. Ҳам **зи мақулоти ашр** бин **нисбат**. Зоти мард ҷавҳарест, ки каммияти ӯ *баландиву пастии* боло дарнатавон ёфту *кайфияти* ӯ ба ҳусни маҳосин тавҷеҳ напазирад. *Гарави* ӯ ба феъл донанд. Агар *рӯзе матоъе* ва *зиёъе*, ки *мулки* ӯст, зоеъ гардаду ӯ дар кӯю шаҳр ин-инкунон аз *вазъу нишасти* хеш берун наяфтаду аз рӯйи *инқибоз инфиъоле* бад-ӯ роҳ наёбад, ба зарурат исми меҳтарӣ бар вай музоф тавон кард, назм:

Агар як сухан гӯяд он пурхирад,
Баробар бувад бо мақулоти ашр.

**Ҳарфи чаҳорум** дар алфозу истилоҳи илми назар. **Нисбат** ин ҷо ҳам **аз назар** бингар. Сарфи алфози назар бар ин намат[205]: Мавлоно Айнуддин манозири мадор алайҳи даврон асту андешаро дар қиёси илми ӯ адамшумул, шеър:

*يلا زمُ طبعهُ عينَ المَعاني        مُلازمَةُ المَواطرِ للسَّحاب

**Ҳатти панҷум** дар алфози мусталаҳи тарассулоти қадиму намудори истеъмол ба расми ҷадид, муштамил бар нуҳ ҳарф: **ҳарфи аввал** дар намудори истеъмоли алфоз ба маҳалли нисбат, **ҳарфи дувум** дар алфози амсила ва ашғол, **ҳарфи севум** дар алфози мутафарриқаи мактубот, **ҳарфи чаҳорум** дар алфози парокандаи порсии сирф, **ҳарфи панҷум** дар калимоти ҷамъ, **ҳарфи шашум** дар алфози ташбеҳ, **ҳарфи ҳафтум** дар калимоти маъзарат, **ҳарфи ҳаштум** дар иншоа-л-Лоҳ, **ҳарфи нуҳум** дар адъия[206], ки дар охири нома ояд, мисроъ: мисроъ барои фарқ бинвис.

**Ҳарфи аввал** дар намудори истеъмоли алфоз ба маҳалли нисбат. Инак, ин ҷо **нисбати аъзо** нигар. Бидон, ки ҳар лафзеро дар маҳалли нисбати хеш аз сари диққат ба тариқи ангехт сарф мебояд кард, чунин ки алфози "садр"-у "зухр"-у "батн"-ро ду нисбат аст: аслию истилоҳӣ. Аслӣ ба аъзо ва истилоҳӣ ба коғазу девону маснад. Истеъмол дар нисбати аъзо чунин ки: мардумонро дидам ҳар ҳама зуҳреву батне доранд. Зоҳир он аст, ки ҳеҷ ботине аз баландӣ[207] холӣ нест ва аз ҷумлаи аъзои раисаи соҳиби садр дил аст, ки миёни изом масдар шудааст. Истилоҳӣ чунин ки: садри ҷаҳонро дилест чаҳон дар ҷаҳон. Ва: Қозии мо ҳам соҳиби садр асту ҳам соҳиби дил. Ва: Соҳибқулуб дигаранду асҳоби судур дигар. Дӣ маҳфили садри исломро дидем аз анбӯи судур сина бар сина мемолиданд. Парер садр-ул-ъизомро дидам устухоне дар пӯсте кашида. Садри пурдил Садруддин дар садри вазири муомалат. Ва: он қалба набошад ва қалберо дар садр нишондаанд, ки вазир аст. Духули судур дар девони аъло бисёр бошад. Садри муаззам аз устухони судури Туркистон аст. Ва: малик Ораз садре дорад чунон (95) васеъ, ки қалби подшоҳ дар он нагунҷад. Дар садри номаи махдум ҳама диддорӣ буд, назм:

Аз маънии садри нома пурсад таъвил[208],
Дар садр ҳанӯз ҳаст маънӣ боқӣ.

Аз батни парвонаи фалон хоҷа ҳама *раҳм*-ул-Лоҳ мезояд. Батни саҳифаи фалон, ки ба уммаҳоти латоиф обистан буд, хонда шуд. Батни коғаз, ки ҳомили натоиҷи бисёр аст. Коғазе, ки батни коғазро хуриш орад, медиҳад; он гӯй фолест, ки дақиқаҳо хоҳад ёфт. Дар ғояти ишбоъу зуҳр коғаз салб бошад. Истизҳорнома, ки дар батни ариза тавқеъ афтодааст, ҳам бар зухри он[209] сабт мебояд фармуд, то бад-он аснод асҳоби маснад музоҳарат ёбанд. Хоҷа Заҳирро ҳеҷ ҷойи коғаз набуд, ки ҷавоби руқъаи мо бар захрпуштӣ менавишт.

Ва ман[210] зобитаи истеъмоли алфози муфрад фард-фард ба маҳалли нисбат маълум гашт, акнун баъзе алфози амсалаву ашғолро ҳарф-ҳарф дар баён орам, байт:

То бад-он сон, ки намудам, ба ҳунар барбандад,
Дурр ба ҷойи дурру зар дар маҳалли зар бандад.

---

[204] НЛ: мар.
[205] НЛ: бар ин намат, ки.
[206] НЛ: адъияе.
[207] НЛ: палидӣ.
[208] НЛ: Аз маънии садр нома пур шуд то зайл.
[209] НЛ: он коғаз.
[210] НЛ: чун.

**Ҳарфи дувум** дар алфози амсила ва ашғол. **Нисбаташ** ҳам **зи дабирӣ** бинигар. Бидон, ки алфози амсала бисёр аст, аммо лафзе чанд, ки ба девони иншову асҳоби шуғл ихтисоси бештар дорад, бозменамоям, ки аз ин беш нагунҷад. Ин ҷо туғрои подшоҳ қатори аламҳои сиёҳро монад, ки барои фатҳ насб шаванд. Алифҳои туғрои султонро (96) дар иморати олам истодест, ки агар сақфи осмон халал орад, сутунҳои он тавонанд шуд. Подшоҳи аҳд ҳангоми ҷулус барои нишондани сиккаи тавқеъ аз Худо ёрӣ мехост, аз фатҳи боби осмонӣ овоз омад, ки *насрун мин Аллоҳ*. Подшоҳи мутаваккил бо қуввати таваккул *таваккалту ъала-л-Лоҳ*ро дар қолаби мулк афкандаасту тавқеъ ном ниҳода. Ва: *Тавқеъи султон хони подшоҳист*, ки дар колбудаш тавқеъ кардаанд. Тавқеъи шоҳаншоҳӣ бе иллат *тавқеъи бақои абадӣ* мекунад. Малик Борбак, ки *лисон-ус-салотин* аст, компонии ӯ ба фармони комгорист. Фалон хонзода дар синни сиву ду *лисон-ус-салотин* шуд. Муъминон[211] аз оташ халос нест, магар ба парвонаи рисолати Муҳаммад (с). Вакили дари Худой подшоҳ[212] малики вакилдар абарсола[213] равон мекунад сӯйи кофирон, то эшонро ба рисолаи рисол[214] даъват кунад. Умед аст, ки ҳама мусалмон шаванд, зеро ки дар адо(й) гӯӣ ваҳӣ мегузоранд. Фалон маликзодаи мо соири[215] ҳоҷиб шуду пеш аз балоғат ба маҳалли таблиғ расид. Роҳии балоғати малики ноиб Борбак дар таблиғи фармони подшоҳ фалонро маблағе инъом фармуд ва ба таблиғ мавқуф аст. Гумоштаи малик ноиби амири ҳоҷиб ҳангоми таблиғ караме бисёр мекунад, ки ба аввали *таблиғ* гирифтор бод. Малики хоси ҳоҷиб адое дорад, ки гӯӣ адои зару гавҳар мекунад. Ноиби хоси ҳоҷиб Адоӣ дар адои зар нишаста (97) буд, мардумонро аз адои хеш зар медод. Фалон адое дорад[216] нақши адо парокандатар, яъне адои пароканда[217], ки ҳарф ба ҳарф намепайвандад. Ва: Фалонро бо илми фалон ҳоҷиб қабои муъалам диҳанд. Қозии олам уламоро эълом фармуд, то дар маҷлиси илм ҳозир шаванд. Ҷуббаи қозӣ ба эъломи шаръ ороста бод.

*Лафзи* мувашшаҳ, ки дар амсила менависанд, се нисбат дорад: аслӣ дар тавшеҳу истилоҳӣ дар амсилаву шеърӣ, дар санъати истеъмол. Дар нисбати аслӣ, чунин ки: перояи маънӣ аз лафзи фалон иштиқоқ пазирад, чунонки мувашшаҳ аз тавшеҳ. Ва: фалон арӯс ба вишоҳи гавҳари пок мувашшаҳ аст. Истилоҳӣ, ки нисбат ба амсила дорад, чунин ки: ин фармон ба зевари туғрои мо тавшеҳ ёфт, то иъноқи гарданкашонро аз тавқи инқиёд мувашшаҳ гардонад. Шеърӣ, чунин ки: банда аз ҷавоҳири мадҳ шеърро мувашшаҳ сохту подшоҳ бандаро то гулӯ дар гавҳар ғарқ[218]. Ин ҷо латифаест, яъне шоирон шеърро мувашшаҳ кунанд, подшоҳ шоирро мувашшаҳ гардонад, байт:

Ҳар чӣ алфози амсила аст дигар
Ҳам бар ин гуна бемисол бибанд.

**Ҳарфи севум** дар алфози мутафарриқаи мактубот. **Нисбати мухталиф** нигар чун ғараз аст мухталиф. Бидон, ки лафзи *тар*бияту *тар*тибу *тар*ассуду *тар*киб ва шуш*тариву* муш*тарӣ* ва амсоли ин ҳар лафзе, ки дар вай *тар* ва *тарӣ* мавҷуд бувад, (98) иҷрои он ҳар чи[219] дар зикри *обу баҳр* муносиби *тар*. Ва ҷаво*бу* саво*бу* ма*об* низ чун *об* доим дар таҳ доранд: ҳам дар ин ҷӯй равон бояд дошт. Алфози атиёту тавқеъот ва он чи бад-инҳо наздик бувад, дар нисбати караму меҳтарӣ ва бузургӣ лоиқ бошад.

*Лафзи инъом*, чунин ки: инъоми хос расид, то ъому хос санъати акс шавад. Вазифаи соли тамом, ки инъоми ъом аст, *ирсол* фармояд, то маънии *ъом*, ки сол аст, дар шумор ояд. Инъоми подшоҳ, ки мушоҳараи ҳама шаҳр аст, берун ояд, то *ъому шаҳр* ба маънии солу моҳ[220] муносиб афтад. *Икром*, чунин ки: маҳалли кином дар икром аст. Ва: Аз икром чи гуна ҳама халқ ром нашаванд, ҷойе, ки дар лафзи *икром* низ аксари ҳуруф ром шудааст.

---

[211] НЛ: муъминонро.
[212] НЛ: подшоҳи мо.
[213] НЛ: малики Вакилдарро ба рисолати Кофирон.
[214] НЛ: рисолати расул.
[215] НЛ: маликзода нойиби амир.
[216] НЛ: дорад аз.
[217] НЛ: ин таркиброро надорад.
[218] НЛ: ғарқ гардонид.
[219] НЛ: иҷрои он ҳама.
[220] НЛ: шаҳр, ки маънии солу моҳ аст.

*Лафзи мул*тамисро чун дар аввал таркиби *мул* аст ва таам*мул*ро дар охир ва он чи дигар мисли ин ояд, дар шароб зикри мулоим бувад[221]. Дар *мурод* чун зимнан *род* меояд ва род ҷавонмардро гӯянд, ҳам дар ин нисбат авло. Ва: Чун аввали *мурод мур* асту маънии мур талх, пас дар нисбати ҳулв ва мур низ ширин намояд. Ва агар мурод дар қалб андешанд, ин маънӣ ҳам *дорам*. Лафзи *ғараз* ҷойе, ки нисбати тиру камону зеҳ равад, чунин ки: ғараз аз равон кардани килки тирваш он, ки... Лафзи *фаҳасб* дар зикри ҳисобу эҳтисоб маҳсуб афтад, яъне, ки[222]: фалон муҳаррир агар ҳисобҳо ба охир расонид, фаҳасб. Ва: фалон муҳтасиб ағар ҳасбатан *ли-л-Лоҳ* коре кард, фаҳасб... Лафзи *фабиҳо* дар зикри беҳӣ ва некӯӣ ояд, чунин ки: агар фалон ба беҳиву хайрият коре кард, фабиҳо... Аз лафзи *иҳмол* ҷуз маол ҳосил кам аст, ҳам дар нисбати мол харҷ бояд кард, чунин ки: фалон дар таҳсили мол иҳмол накунад, ки аз иҳмол нақши маол ҷуз бар коғаз натавон дид ва дар иҳ*мол мол* дар таҳ монад.

Лафзи тақсир чаҳор маънӣ дорад: кӯтоҳ кардани мӯю кӯтоҳ кардани ҷомаву шустани ҷома ва кӯтоҳ кардани ҳар чӣ ҳаст. Ҳар як[223] дар маҳалли нисбат сарф бояд кард. Истеъмоли кӯтоҳ кардани мутлақ, чунин ки: дар корҳо он[224] ҷо, ки дастрас бошад, тақсир накунад. Ва: дар додани вазифаҳое, ки дар айёми дароз мебояд[225], тақсир накунад, ё тақсирро муҳол надиҳад. Ва: дар таҳрири мулаттафоти ахбор тақсир нанамояд. Ва истеъмоли кӯтоҳ кардани ҷома, чунин ки: фалон мутаамим дар татвили аммома ҳеҷ тақсир намекунад. Ва: чун бо раоё кор ба либосот мебояд кард, то бад-он ҷо, ки зайли масолеҳ бирасад, тақсир маслиҳат нест. Истеъмоли кӯтоҳ кардан[226], чунин ки: фалон пир, ки муридонро пашмина ба халқ[227] мерасонад, дар он шиор ҳеҷ тақсир ҷойиз намедорад. Ва дар истеъмоли шустани ҷома маънии муҳтамил-уз-зиддайн фароҳам меояд, чунин ки: фалон козур дар шустани ҷома тақсир бисёр мекунад. Ин маънӣ бар навъи дигар аст, ки талбиси дарзиву тақсири козур чанд пӯшида монад.

Истеъмоли лафзи *музояқат*, чунин (100) ки: фалон дар фиристодани як-ду тунге ғалла музояқат нафармояд. Ва махдуми фарохнеъмат вазифаи банда фармуд, агар хозини тунукҳавсала музойиқат накунад: изо зоқа қалбун, фақад зоқа ризқуҳу.

**Ҳарфи чаҳорум** дар алфози парокандаи порсии сирф. **Тарки нисбат** зи ихтилофи ғараз. Алфози порсии сирфро, ки адавоти иборати порсист, бад-ин сон ангезиш бояд кард:

Лафзи *зеро ки*, чунин ки[228]: эй бар бом рафта боло мабош, зеро ки[229] ҷойи ту нест. Лафзи *дар*, чунин ки: дарбони мулк пардадорро дар дод. Ва: дари хазинаи хоҷа дар мебинам, қуфл муяссар нахоҳад шуд. Лафзи *тар*, чунин ки: агар гули тозаро тар кунанд, тозатар шавад. Ва: ҳарчанд мева обитар, беҳтар. Лафзи *чаро* ҷойе, ки зикри мароъию мавошӣ бувад, чунин ки: сутури фалон деҳро шиҳна нигоҳ доштааст, чаро намегузорад. Ва: ҷойе, ки гӯянд одамиро барои хӯрдан наофаридаанд, сутур бошад, ки чаро гӯяд. Лафзи *пар*варишу *пар*да ва он чи дар ӯ *пар* бошад, миёни паррандагонаш парвоз бояд дод. Ё он гаҳ аз пармаи нисбат дур бошад, ба ҳинҷор дар пардаи нисбат дар бояд овард, чунин ки лафзи *пар*чам *пар* ҳаст ва миёни парчаму мурғ нисбат бағоят баъид. Байнаҳумо муносабат бояд чунин ангехт:

Нисбати маънавӣ бар ин сурат, ки: рояти ҳумоюн, ки фатҳ аз риши парчамаш мепарад. (101) Агар гӯянд парчамро риш мӯй ҳаст, аммо риш, ки маънии ӯ пар аст, нисбат бад-он, ки баъзе парчам аз пар ҳам месозанд. Ва лафзӣ, чунин ки: аспи фалон бар тариқи мурғи ним*пари ҷ*он аст. Ва он, ки хонаи сипанҷу сарои сипанҷ мегӯянд, дар маҳалли шумор муносиб афтад, чунин ки: дарвеш ҳашт биҳиштро сипанҷ[230] гирад - се ва панҷ ҳашт бошад.

---

[221] НЛ: дар зикри шароб мулоим бувад.
[222] НЛ: чунинки.
[223] НЛ: ҳар якро.
[224] НЛ: то он.
[225] НЛ: мебояд дод.
[226] НЛ: кардани мӯй.
[227] НЛ: ҳалқ.
[228] НЛ: мисолаш чунинки.
[229] НЛ: ки он.
[230] НЛ: сарои сипанҷ.

Ва: Ҳоҷаи Бадр нимаи шаҳрро сипанҷ гирифтааст - се панҷ понздаҳ ва ними шаҳр понздаҳ аст, ки бадр он ҷост. Лафзи *бояд* он ҷо, ки зикри даст бошад, чунин ки: бахшише, ки *бояд* дорӣ, ҳамчунон *бо яд* бидор. Навъи дигар: бозу *бояд*, ки ба кор бошад, теғ метавон зад *шояд*. Ва *шояду* ҳар лафзе, ки дар охири он *яд* бувад, ҳам дар ин маҳал сарф бояд кард. Ва ҷойе, ки ибҳом даст диҳад, аз даст набояд гузошт.

Ва лафзи *занаду канаду донаду надонад* ва дар ҳар лафзе, ки дар охири он *над* бувад, чун маънии над хушбӯист[231], ҳам бар он ишмом хуш тавонад буд. Ва лафзи *буваду кабуд* низ чун *бӯ* дорад, ҳам дар ин маҳал. Ва лафзи *дорӣ* чун дорӣ аттор аст, он низ ҳамчунин ҷо. Ва лафзи *дораду* гузо*рад* чун охири он *рад* аст, ҳам сӯйи истеъмолоти рӯй рад бояд кард, назм:

Гарчи сухани ман ҳама дарх(в)арди рад аст,
Лекин накунад рад он, ки аҳли хирад аст.

**Ҳарфи панҷум** дар калимоти ҷамъ. Бин **нисбати** ин ғараз ҳам аз **ҷамъ**. Истеъмоли алфози ҷамъ бар ин ҷумла бояд кард, (102) бад-он, ки: ҷумла наҳвиёну ҷумла муҳаррирону ҷумла авому ҷумла масал. Сарфи ҷумла наҳвиён, чунин ки: ҷумлаи наҳв дар илми маонию баён аст. Ҷумла муҳаррирон, чунин ки: муҳаррирон ҷумла дар девон мебошанд, ки фармони вазир бар ин ҷумла аст. Ҷумла авом, чунин ки: ҷумла корҳо фароҳам дорад. Ва: фалон чун ҷумла ақриборо гирд кардааст, дар ҷумла парешонӣ накунад. Ҷумла масал, чунин ки: фи-л-ҷумла, дар ҷамъият кӯшад. Ва: ҳар кӣ сарриштаи харҷ дарёфтааст, бояд, ки хурд ҷумла кунаду бор барбандад. Ва он, ки менависанд *соири халқ*, маънии *соир* боқист. Ҷойе дуруст бувад, ки нахуст зикри ҷамъе рафта бошад, чунин ки дар мактуботи баъд аз мухотабот бисёр менависанд, ки *маъа соири алқобиҳи*. Яъне, бо боқии алқоб.

Ин лафзро котиб дар маҳали мадоеҳу авсоф ба нисбати мактуб таркиб медиҳад, чунонки агар дар мактуб нисбати шамс аст, *маъа соири авсофиҳи-л-ъолия* ва агар нисбати нуҷум *авсофиҳи-л-зоҳира* ва агар нисбати бадр *авсофиҳи-л-мунират*. Ва чун маънии соир раванда ҳам аст, ҷойе, ки маҳал афтад, ангезиш бар наҳҷе бояд кард, ки ҳар ду маънии соир рост ояд. Чунин ки: лашкари мансур омаду соири саворон расиданд ва корвон рафту соири мусофирон равон шуданд. Сифати акс, чунин ки: маорифи фалон шаҳр бо соири сокинон[232] бар ин ҷониб сайр намуданд.

Истеъмоли *кофа* (103) бештар ҷойе, ки нисбати ҳуруф афтад, чунин ки: *Айн*уддин бо *кофаи* киром ба лутфи ъамими подшоҳ зиндагонӣ мекунад. Ва: Подшоҳ *кофаи* киборро *бор* додааст. Ва агар кофро ба маънии манъ барбандад, кофаи катаб*а* бо рақами табаҳ монеъ хезанд. Истеъмоли ҳарфи *муҳаррирон*, чунин ки: ҳарфе теғзанону ҳарфе нависандагону ҳарфе асҳоби мактабу ҳарфе киштибонон. Лафзи *тоифа*ро ҷойе тавф бояд фармуд, ки зикри равандагон бошад, чунин ки: тоифаи ҳоҷиёну тоифаи мусофирону тоифаи соликону саворону қосидон. Ва агар санъати акс гирад, тоифаи сокинони фалон деҳ ва тоифаи нишинандагон.

Истеъмоли *ҷамоъат*, чунин ки: ҷамоъаи аиммаву ҷамоати мусаллиёну ҷамоати сунниёну ҷамоати аҳли суннат. Истеъмоли ҷамъ, чунин ки: ҷамъе музаккирону ҷамъе сӯфиён. Санъати акс, чунин ки: ҷамъе парешонкорону ҷамъе аштот. Истеъмоли *табақа*, чунин ки: табақаи осмониёну табақаи заминиён. Истеъмоли табақа ба тариқи сифату изофат, чунин ки: табақа[233] аз сӯфиёни ҳалводӯсту табақа аз мулуки танбӯлдеҳу табақа аз аҳли нисор. Агар нисбати арозили қавм афтад, табақаи ҳалвогарону табақаи заркӯбон, то он ҷо, ки тановули нисбат мерасад. Ман, ки мизбонам, табақҳоро пӯшида нахоҳам дошт, воҷиб ин аст, ки дар ин табақот ҳама бузургон дархӯрд бошанд. Мойидаи сухан фарох аст. Фурӯдастонро низ фарохӯри эшон дасте бояд дод, (104) шеър:

*عِظامُ النّاس لا یُحتاجُ عَظماً    الی عَظمٍ فَذاکَ لذی احتیاج

**Ҳарфи шашум** дар алфози ташбеҳ. **Нисбати** гараз бин ҳам аз **ташбеҳ**. Истеъмоли алфози ташбеҳ, чунин ки: *монандиву вору насақу намату тариқу шаклу шеваву гӯиву пиндориву сабилу минволу сону осову мислу чин* ва он чи дигар бад-ин монад. Пеш аз ин ин

---

[231] НЛ: хушбӯидошта аст.

[232] НЛ: сокинони хокӣ.

[233] НЛ: табақае.

алфоз дар ҳар маҳалле, ки ҳаст, истеъмол меёфт, дар ин тарз низ он равой ҷоиз аст. Аммо агар дар маҳалле сарфа кунанд, ки мутазаммини латифаву нисбате бошад, беҳтар. Чунин ки *монанди* дар маҳалле нависанд, ки зикри об бувад, чунонки: сухани фалонӣ дар равонӣ монанди об[234] аст. Ин ҷо *мо* ба латофат ҷорӣ гардад, аммо агар гӯянд *чун об аст* ё *ба сони об аст*, ташбеҳе бошад бе латифа.

*Лафзи гӯй* ҷойе, ки зикри гуфтугӯй бошад, чунин ки: гуфтори ту гӯй шакар аст эй[235] гӯйи малак, гӯй сари душмане. Ва: қомати фалон пир гӯй чавгон аст. *Дар лафзи пиндошт* ҷуз *дошт* ва дар *пиндор* ҷуз *дор* чизе дигар нест. Аз ин ҳамин намат бояд дошт, аммо дар *пиндорӣ дорӣ*[236] аттор аст. Ҷойе, ки нисбати ғолия ба кор дорӣ, оқибат шибҳ[237] ба кор ояд. Ва *шакл* ҷойе, ки зикри зулфу шоҳид ва ё истилоҳи мантиқ ва ё баёни шаклӣ бошад, чунин ки: хатти фалон хаттот (105) дар тасалсул шакли зулфи хубон дорад. Ин ҷо агар гӯянд "монанди зулфи хубон" аз таносуб дур афтад. Ва шакли мантиқ, чунин ки: фалон донишманд дар мантиқ чандин шакл дорад ё ин муқаддимаи сухан бар шакли мантиқ аст. Ва: фалон аврат шакли шоҳидон дорад, зеро ки ба истилоҳи асҳоби табъ карашмаву нозро шакл гӯянд. *Шева* низ ба шакл наздик аст, дар ҳаққи риндону аҳли малофӣ сарф бояд кард, чунин ки: фалон шаклу шеваи риндон дорад. [Агар гӯянд,][238] ки фалон шаклу шеваи зоҳидон дорад, чандон мустаҳсан набувад. Ва лафзи *вор* ҷойе, ки зикри бузургиву бузургон бошад, чунон ки гӯянд: ин кор мардвор карданист. Агар гӯянд: ҳар коре тифлвор намебояд кард, маънӣ дуруст аст, аммо аз таносуб дур меафтад, зеро ки *вор* бузургонро гӯянд на *вор* тифлонро, бузургвор мегӯянд, на хурдвор. Ва агар касе гӯяд хирвор низ мегӯянд, он низ дар маҳалли бузургист, зеро ки пуштвораи бузургро хирвор гӯянд, [на хурдвор][239].

Дар лафзи *осо*, чунонки пеш аз ин менабиштанд, ки остони осмоносо дарой[240]. Офтобосо ташбеҳе муҷаррради белатифа бувад. Онро ҷойе сарф мебояд кард, ки ба зикри осоишу роҳат ором гирад, чунонки: сухани фалон дилосо дар сина ҷо гирифт ва ҳавои фалон ҷоносо мояи ҳаёт аст. *Оин*ро (106) чандон арза нест, ки онро ба ҷамъ бояд бурд, то аз *оинҳо* сурати маъниҳои бисёр рӯй намояд, чунин ки: оинҳои фалон дар ҷаҳон рӯшан шудааст. Ва он, ки менависанд *ба ҳар намат* маънии намат бисоту фарш аст. Инро дар маҳалле бояд густурд, ки аз намати нисбат нагзарад, чунин ки: пеши подшоҳ бар *намати* бандагон хидмат бояд кард ё боргоҳи осмон намати подшоҳ, ё дар бисоти тазкир сухан бар он намат бояд ронд, ё фалон дар фарош бар намати беморон ғалтидааст. Ва он, ки менависанд, ки сухан бар ин минвол ронд ё бар ин минвол кор кунад, *минвол* ҷӯбест, ки нассоҷ ҷома бар он печад. Ин лафз ҳам бад-ин нисбат сарф бояд кард, чунин ки: барбофти сухан бар ин минвол бояд. Ва: минволи қалами фалон насиҷ ваҳдаҳуро тай кардааст, [ай, лам янсаҷ ъало минволиҳи ғайруҳу][241]. Ва: касе надонад, ки кисвати бахт ба чи минвол бофта шавад.

Ва он, ки менависанд, ки *бар ин тариқу бар ин наҳҷу бар ин сабил* маънӣ ин ҳар се лафзро ҳасту истеъмоли ҳар се қариб андак; тафрика, ки ҳаст, баён кунам, то касоне, ки дар наҳҷи мо шореъ шаванд, ба ҳеҷ сабил аз тариқи истиқомат нагзаранд. Бидон, ки равиши ин ҳар се лафз ҷониби хонаву шориъу сафару манзилу асҳоби тариқат ва он чи мушобеҳи ин аст, беҳ ояд, чунонки: (107) соҳибқадаме бояд, то ба тариқи раҳравон тавонад рафт. Ва: тариқи соликон бар ҷодаи қадами расул (с) аст. Ва: бозаргонро аввал тариқи амн бибояд дид в-он гоҳ сафар кард. Ин хона аз омаду шуди халқ тариқи шориъ шуд. Ва он, ки менависанд, ки корҳо бар тариқи сидқ охир расонанд, бояд набишт, ки дар маҷории умур тариқи сидқ маслук дорад.

---

234 НЛ: оби бақо.
235 НЛ: ё.
236 НЛ: дорӣ ба кор ояд, ки.
237 НЛ: шибҳворӣ.
238 Аз НЛ оварда шуд.
239 Аз НЛ оварда шуд.
240 НЛ: дорӣ.
241 Аз НЛ оварда шуд.

Чун лафзи *наҳҷ* бештар дар маҳалли ростию илму диёнат истилоҳ ёфтааст, ҳамчунон сарф бояд кард, чунинки: ҳар кӣ бар наҳҷи муомалат равад, албатта ҷойе бирасад. Ва: наҳҷи уламо сироти мустақим аст. Ва: фалон дар иқдоми азоим бар наҳҷи балоғат шореъ гардаду дар ҳар равише, ки ҳаст, қадам бар наҳҷи ростиву ростравӣ гузорад.

Ва лафзи *сабил*, чунин ки: фалон бар сабили суръат равон шуд. Фалон ибни сабил қадаме дорад, ки дарёро сабил созад. Хонаи солик барои ояндаву раванда сабил бошад. Сабили саканаи фалон деҳ он аст, ки ба ҳеҷ сабил фирору тафриқаро сӯйи хеш роҳ надиҳанд. Ва лафзи *чинону чунон* ба чими максуру мазмум ҳар ду мегӯянд ва дар таркиби он лафз ҷуз *нон* латифа дигар на, пас истеъмол ҳам бар ин нисбат дар хӯрдан бошад. Агар чимро максур дорад, маънӣ чунин хезад, ки: салои хона чинон аст, ки касе гирди нони (108) ӯ нагардад. Ва: диҳандаи тангдил чинон диҳад, ки серӣ натавон хӯрд. Чими мазмум, чунин ки: дар хони малик нони хӯриш чунон нест. Чокарро нон чунон бояд дод, ки кор пухта кунад. Мавлонои мо ҳалво чунон хӯрд[242], ки гуворояш бод. Он, ки менависанд, ки *бар ин гуна* ва *аз ин гуна* ҷойе рангин ояд, ки нақшу сурат ва рангу нигорише дигар ҳам аз ин гуна бувад, ки: подшоҳ фурӯдастонро ҷома бад-он гуна медиҳад, ки офтоб ҷавҳарро. Ва: корҳоро бад-он гуна нақш бояд баст, ки ваҷҳи сурхрӯӣ мусаввар шавад. Дидӣ, ки фалон хоҷа *гунаҳ* аз фалон сияҳкор чигуна ранг овард. Фалон қаламзан нақшҳои гуногун дорад. Ва алфози дигар, ки мисли он бошад, бар он сон, ки *мисливу чуну сон*. Чун дар инҳо ҳеҷ ангехте дарнамегунҷад, ҷойе, ки бештарии алфоз ангехта истеъмол ёфта бувад, эҳтироз ъани-т-такрор сарф бояд кард, назм:

Касе, к-ӯ бад-ин сон гузорад қалам,
Ба бемислияш хома гардад алам.

**Ҳарфи ҳафтум** дар калимоти маъзарат. **Нисбати мухталиф** зи баҳри ғараз. Сарфи лафзи *инбисот*, чунин ки: бар фарши инбисоте, ки густурда шуд, қоидаи афв қоим мебояд дошт. Ва: сафҳаи инбисотро ба дасти сафаҳ тай фарояд. Лафзи *таҷосур*. Чун аз таҷосур (109) ҷуз сур, ки кафш аст, чизе дигар намехезад, ангехт чунин ки: агар дар роҳи таҷосур қадаме гузорда шуд, ҷойи он аст, ки дар сафи ниъол ба айни узр биистем. Лафзи *бустохӣ*, чунин ки: дар ин бустохӣ ба лутфи *ъамим* аз *ъайни* ъафв нагардад. Ва он, ки дар охири мактуб менависанд, ки ин ҷуръатро ба зайли карам пӯшад, дар ин тарз сӯйи фузало чунин нависанд, ки: агар лафзе аз адаб дур афтода бувад, фазлро дар ин маҳал сарф фармояд. Ҷониби асҳоби девон, чунин ки: бар ин рақами ҳашв ҷоизаи ағмоз арзонӣ дорад. Сӯйи донишманд, чунин ки: остини аёдӣ бар ин хато пӯшад. Тарзи лашкарӣ, чунин ки: дар ин майдон агар ноҳамворӣ бинад, аз роҳи риёзат саҳл гирад. Дар ин саҳифаи маъзарат, назм:

Аслам чу хатост, гар хатое бинӣ,
Айбам накунӣ, ки асл хатое накунад.

**Ҳарфи ҳаштум** дар иншоа-л-Лоҳ. **Тарки нисбат** зи баҳри шарҳи ғараз. Он, ки дар мактубот менависанд, *иншоа-л-Лоҳ* ва *иншо(ъа) ваҳдаҳу* бар замири фузало музҳар аст, ки он калимаи шарт асту шо(ъ) феъли мозӣ ва дар ин ду калима ҳеҷ латифа намегунҷад, магар он, ки ба таркибу талаффуз, на ба китобати иншое[243]. Пас, лафзи иншо(ъ)а дар маҳалле беҳтар, ки нисбати девони иншову асҳоби тасниф бошад. Чунин ки сӯйи дабир нависанд: анша(ъ)а (110) мин иншоу-н-насри ва-ш-шеъри. Ё сӯйи шоир нависад, ки: анша(ъ)а раб-уш-шеъри. Ва агар ҷойе дигар нависанд, ки нисбати иншо набошад, мухайяр аст, хоҳ иншо(ъ)а нависанду хоҳ ба машият. Сӯйи олим: иншо(ъ)-ал-Лоҳ-ал-ъалим ё бимашияти-л-ъалим. Ва сӯйи ҳаким: иншо(ъ)-ал-Лоҳ-ал-ҳаким ва бимашияти-л-ҳаким. Сӯйи машоих иншо(ъ)-ал-Лоҳ муслиҳ-ул-ъибод ва иншо(ъ)а ман акорим-ал-муттақин. Ва сӯйи муҳаррир: бимашияти-л-Лоҳ-ал-кофӣ. Ва агар ҷониби сипоҳ[244] нависад*, сӯйи подшоҳ иншо(ъ)а ман ъало султонуҳу. Сӯйи малик: иншо(ъ)-ал-малик. Сӯйи амири ҳоҷиб: иншо(ъ)-ал-бор. Сӯйи лашкариён: иншо(ъ)а ман лаҳу ҷунуд-ус-самовоти ва-л-арз ва иншо(ъ)-ал-Лоҳа носир-ул-ғузот ва иншо(ъ)а воҳиб-ул-фатҳ ва иншо(ъ)а раббӣ насир-ул-ғузот.

---

[242] НЛ: мехӯрад.
[243] НЛ: иншо(ъ)а меояд.
[244] НЛ: аҳли сипоҳ.

**Ҳарфи нуҳум** дар адъия, ки дар охири нома ояд. Ҳаст ин ҷо ҳам аз **дуъо нисбат**. Ва он, ки дар номаҳо агар нисбати дуъое боло рафтааст, охир менависанд, ки *ад-дуъо камо сабақ*. Дар ин тарз *камо сабақ* ҷойе бояд набишт, ки нисбати илмеву фазле бошад, то сабақ дуруст афтад. Ва агар нисбати китобату қалам бувад, *ад-дуъо камо катаб* ва дар нисбати теғ *ад-дуъо камо маза* ва дар нисбати обу қазову қибола *камо ҷара*. Дар зикри нуҷум *камо фи-р-раъс* ва *камо фи-л-матлаъ*. Сӯйи шуаро низ *камо фи-л-матлаъ*. Ва агар сӯйи қозиву вазир бо лақаби садр бошад, бояд набишт: (111) *камо фи-с-садр* ва *тасаддур ад-дуъо*.

**Хатти шашум** дар муносибати таркиби алфозу алқобу асомиву китобате, ки аз аввали нома то оғози ғараз ояд, муштамил бар се ҳарф. Инак аст ин **нисбати хатту қалам**. Дар ин хат ва дар хатти дигар, ки баъд аз ин ояд, чун аз сабаби баёни ағрози мухталифа муқаддамоти бисёр хоҳад буд, баъзе мухтасару баъзе мутаввал ва ба набиштани назм нисбат бар муқаддамот муъҷаз. Ағарчи табъи зояндаро дар вазъи натоиҷ чандон мустағнӣ нест, аммо бар зиёдати такаллуф амал шавад. Пас, бар сари ҳар муқаддимаи сухан бадали назми нисбати китобаи арабӣ, ки унвон бошад, холӣ аз нисбату мазмун таҳрир афтод: то ҳар ду мурод ҳосид ояд аз вай. **Ҳарфи аввал** дар таркиби алфоз ба муносабати якдигар, **ҳарфи дувум** дар нисбати алқобу асомӣ, **ҳарфи севум** дар баёни муқаддамоте, ки дар мактуб аз маҳалли таслимот то оғози ғараз ояд: ҳаст ин мисроъ низ аз баҳри фарқ.

**Ҳарфи аввал** дар таркиби алфоз ба муносабати якдигар. **Нисбат** нигар **аз сипеҳру анҷум**. Бар замири[245] аторудони замин рӯшан карда мешавад, ки алфозро дар ин тақвим таркиби муносиб мебояд дод ва алахусус калимотеро, ки дар сари нома ояд, чунонки: хуршеди талъати малик-уш-Шарқ ва-л-Ғарб *Шамс*уддин, яъне хуршед малики Шарқу Ғарб аст ва талъатро низ бо хуршед нисбате тамом. Ё: офтоби ҷабҳа *шамс*-ул-офоқ, яъне ҷабҳа манзилест дар Асад, (112) ки хонаи офтоб асту баромади офтоб аз офоқ. Ва ё: зоти бокамоли комил-ул-айём Бадруддин, яъне бадр ба мурури айём комил мешавад. Ё: ғурраи маймуни ҳоҷиб Айнулалии ҳилол, яъне ҳоҷиб абрӯсту бо ҳилолу ъайн мушобаҳате тамом дорад ва "ъайн" офтоб аст, то нисбати ташбеҳиву истиориву маънавиву хаёлӣ ҳама[246] дуруст афтад. Ва он, ки Айнулалӣ ёд карда шуд, на Айнуддин; дар ин низ сарфа аст, яъне ъайни ҳилол ба Алӣ нисбате[247] дораду дар Алӣ низ ъайн ҳаст. Аммо агар Айнуддин набишта шудӣ, ҳамон лақаб беш наёмадиву хаёл нахостӣ. Ё нависанд, ки моҳи рӯят сипаҳдори Қамаруддин, яъне моҳ сипаҳдор асту офтоб сипаҳдор нест. Ин ҳама дар ситоиши зотанд, зеро ки талъату ҷабҳату иззату рӯъят тааллуқ ба зот дорад. Аммо дар баёни улулмаротиб, чунонки: офтоби Шарқу манзалату дараҷат *Шамс*уддин ё моҳи рутбату рифъат Қамаруддин, ё ситораи саъодат Наҷмуддин. На ончунон ки дар ҳама шаҳр ом аст, ки офтоби давлат Ихтиёруддин ё моҳтоби ҳашмат Ифтихоруддин. Дар ин сурат аввал муносибати лақаб аз сари нома дур меафтад ва дувум давлату ҳашматро бо офтобу моҳтоб нисбати истиорист ва талъату ҷабҳату Шарқу дараҷатро ҳақиқӣ. (113) Чун чунин бувад, назм:

Офтобе ҷилвакун, к-аз нури худ дорад ҷамол,
Не чу маҳ, к-аз орият нуқсони ӯ гирад камол.

**Ҳарфи дувум** дар нисбати алқобу асомӣ. Ҳам **аз ному лақаб** бин **нисбат** ин ҷо. Бидон, ки дар[248] истилоҳоти қадим бештари алқоб аз муносабати исм баъид афтодааст, чунонки Бадруддин Абӯбакру Насируддин Ҳусайну Сироҷуддин Масъуду Тоҷуддин Фаррухшаҳ ва амсоли ин бисёр аст, ки баъзе муносиб низ ҳаст ва он бар ду гуна аст: муносиби маънавӣ ва муносиби лафзию маънавӣ. Аммо муносиби маънавӣ, чунин ки Тоҷуддини Хусраву Ҳисомуддини Фалаҷу Синонуддини Сартир. Ва муносабати лафзиву маънавӣ, чунин ки Ҳамидуддин Муҳаммаду Насируддин Насруллоҳ ва Алоуддин Алӣ, ки агар доноён дар мухотаботи авлоду асҳоби худ ин ҳар ду навъ нисбатро муроот намоянд, ду фоида ҳосил ояд: аввал[249] он, ки лақабу ном бо якдигар ба муносабат рабт пазирад ва дувум он, ки бе

---

[245] НЛ: замири мунири.
[246] НЛ: ҳама дар ӯ.
[247] НЛ: нисбате тамом.
[248] НЛ: чун дар.
[249] НЛ: яке.

нисбате ба тақлид ба муносабате ъала-т-таҳқиқ бадал гардад: бар он сон, ки боло намудор кардам.

Ва номи Муҳаммаду Аҳмаду Ҳомид ва кунияти Абулқосиму асомии дигарро, ки таалluқ ба асоми расул дорад, чун расул пешвои дин аст, дар лақаб, албатта, лафзи дин хоҳад омад[250]. Агар нисбате дигар ангезанд, беҳтар бошад, вагарна ҳамон нисбати дин басанда аст. Аммо асмои (114) дигарро бояд, ки лақаби муносиб диҳанд, чунин ки Айнуддин Хизр, яъне Хизрро бо чашмаву сабза нисбате тамом аст. Ва Сироҷуддин Мавдуд, яъне сироҷ чароғ асту дар лафзи Мавдуд *дуд* меояд ва Наҷмиддин Масъуд, ки саъду наҳс бо ситора нисбате[251] дорад ва Бадруддин Муниру Шуҷоуддин Муборизу Ҷамолуддин Юсуф: дигар амсол ин чандон, ки бояд[252]. Ин дар лақабҳои қадим бувад, аммо агар лақабе аз хеш вазъ кунанд, он низ ибдоъе бувад: писандидаи хотири ҳушманд. Ҳақиқат ин аст, ки алқоби номусталаҳ аввал номатбӯъу музлиқ намояд, аммо чун ба хиффати лафзу латофати маънавӣ мувозии қадим бувад, баъд аз он, ки забонзадаи истилоҳ гашт, ин низ алами аламият насб тавонад кард, чунонки Айнуддин лақабест қадим. Чун як маънии Айнуддин[253] борон аст, агар мо дар изои он Ғайсуддин вазъ кунем, ҳоле бинобар адами истилоҳ номатбӯъ намояд. Чун[254] ба хиффати лафзу латофати маънӣ "ғайс" бо "ъайн" мутасовист, гӯӣ дар халаф бошад аз як об. Тафовут дар мушобаҳат ҳамон миқдор беш набувад, ки миёни ду бародари ҳақиқӣ: ва он низ тафовутест айнӣ.

Чун тариқи мувозот собит шуд, номе, ки муносиби Ғайсуддин бошад, яке беҳдор аст, ки дар зимни (115) исм дармеояд ва дурро бо борон нисбате тамом аст. Ва Ғайсуддини Лӯълӯъ ҳам бар ин об аст ва дигар чун боронро нисбат ба бахшишу ҷуд ҳам ҳаст. Номи Ҳотаму Атову Маҷдудро, ки дар вай *ҷуд* мавҷуд аст, низ мулоим бувад. Чун як маънии ъайн "чашма" аст, Манбаъуддин низ дар маҷрои Айнуддин ҷорӣ дошта омад. Ва ҳар исме, ки дар вай ъайн бувад, чунонки Умару Алӣ бо мо[255] бувад, чунонки Усмону Умо бо об бувад, чунонки Хаттобу Сухроб дархурди ин лақаб аст ва даҳ лақаби дигар марбут ба исми муносиб ба расми назир намудор карда шуд, мисроъ: то хоси ин китоб бувад ин намуна ҳам.

**Тафсири алқоб ва-л-асомӣ**. Мазҳаруддин[256] – Муҳаммаду Аҳмаду Ҳомид[257]; Рӯҳуддин – Исиву Яҳёву Ҷонӣ; Насимуддин – Абӯтайбу Абӯбакру Қабул; Яминуддин – Фарруху Муборак: Нуриддин – Абулмувиду Рабеъу Сунбулу Райҳон; Зафаруддин – Фирӯзу Мансуру Ғозиву Музаффар; Умдатуддин – Собиту Омир; Муклатуддин – Мунаввару Халаф; Валиюддин – Солеҳу Маҳбуб; Самоуддин – Аливу Баҳромшаҳу Кайвоншаҳ. Нақши ҳар лақаб, ки дар қалб гузашт, сурат кардаву пеши аҳли маънӣ дошта омад. Аз восиби мувоҳиб умедвори қабули (116) қулуб буда меояд, [ба иззи иҷобат мақбул бод. Шеър:]

*كالخلد خلد في الورى      لو كان في خلد دخل

**Ҳарфи севум** дар[258] баёни муқаддимоте, ки дар мактуб аз маҳалли таслимот то оғози ғаразояд. Мисроъ: **аз тиру камон** аст **нисбат** ин ҷо. Чун нисбати такриби алфоз ва барбасти муносиби алқобу асомӣ ба ростиву савоб намуда шуду тартиби убудиёту таҳмидоту сари номаҳову хитoботе, ки муносиби лақаб бувад ва ағрози куллӣ дар мактуботи мутаввал маълум хоҳад шуд[259], ин ҷо муқаддимае чанд аз ҳадди таслимот то огози ғараз бознамоям, баъд аз он ба муқаддимоти ағроз пардозем, шеър:

---

[250] НЛ: буд.
[251] НЛ: нисбате тамом.
[252] НЛ: бинӣ.
[253] НЛ: ъайн.
[254] НЛ: аммо чун.
[255] НЛ: лафзи мо.
[256] НЛ: қабл аз ин: Маҷдуддин.
[257] Дар нусхаҳои КМ ва ДТ дар зайли ҳар исм чанд ном бо ранги сурх навишта шудааст, ба хотири роҳ надодан ба иштибоҳ мо он асомиро тибқи нусхаи НЛ дар баробари ҳар исм оварда ва бо нишонаи хати фосила (-) ва нуқтавергул (;) ҳудуди онҳро мушаххас кардем.
[258] НЛ: дар баёни.
[259] НЛ: гашт.

*و نرمی سهام الفکر فیها بشدّة     تشقّ قلوب الحاسدین قیاسها

**Таслим-ал-хадамот**. Хадамоту таслимот чунин бояд набишт: хидматҳои беҳисоб, ки лавҳи пешониро тахтаи хок гардонаду суҷуди бешумор, ки сар боло кардан аз тахтаи хок мумкин нагардад ва хидмате бо таслими ҷондиҳандагӣ бо ҳазорон озодӣ таҳрир афтод: бар хоки остони азизон қабул бод.

**Мизони назм-ул-умур**. Он, ки дар мактубот баёни интизоми умур мекунанд, ки бар инҷониб аз фазли Борию юмни ҳиммати маҳдумӣ корҳо бар ҳасби мурод аст, дар ин тариқ чунин бояд набишт, ки бар ин(117)ҷониб аз айни инояти осмонию партави меҳру шафқати малик-уш-шарқ субҳи рӯшане бароянда асту офтоб аз дару равзан дароянда ва аз ин тараф аз фарти бирри Рабб-ул-ъиззат чунон муроди қалб дорам, ки бояд, валекин муҳиббони *некрой* бозгуна гаштаанду *ёркин* шуда, худойшон мулаққини доби адаб* бод. Бар ин сӯй аз карами беқусури раббонию баракати тинати поку мадади замири маъмури мавлоно айвонҳои умед дар бар омадаасту асбоби иморатхона дар даромада, назм:

В-омада бахри дӯстони абадӣ
Мин* яд-уд-даҳри роҳат-ул-хулдӣ.

**Равийят-ут-тааттуш**. Ва он, ки менависанд таатгуш ба ҷамоли фалон, равиши мо он аст, ки тааттуши мо ба шарбати дидори Айнуддин ё Айн-уш-шариат, ё ба амвоҷи равияти он мутабаҳҳир, ё бад-он манбаъи латоиф, ё айни улу ё ба ҳар назм дар нисбатҳои дигар низ бар ин об қалам ронанд. Сина аз шӯълаҳои шавқ оташгоҳи Намруд гаштааст, умед, ки аз насими лиқои он Халил гулистон шавад. Ва: ятиме чанд, ки хокзодаи[260] дидаи бандаанд, пеш аз он ки дар кӯча афтанд, бар сари эшон мебояд расид. Ҷигаргӯшае чанд, ки дар ғайбати он волида аз байт-ул-ъайни[261] ин фарзанд зодааст, агарчи ҷигарамро пора-пора мекунад, маъа ҳозо, аз хун безор натвон шуд. Умед, (118) ки неъмати ҷад ҳар чӣ зудтар бар сари эшон расад, то якборагӣ аз пӯст берун наафтад. Шӯълаи иштиёқе, ки дар чароғи дил гирифтаасту дар ҷаҳон чун офтоб рӯшан гашта, он ҷо низ рӯшан шуда бошад. Аз таманнои ғубори он мавкиб чашми мо дар роҳ мондааст. Ва: селоби кухл аз дида мил ба мил равон карда шуд, то гарди роҳи ояндагони он тараф бинишонад, байт:

Охир зи паси гард бубинам вақте
Он рӯйи чу моҳро чу моҳ андар гард.

**Саҳм-ул-ғараз**. Ғараз аз барҷош ниҳодани ин коғаз - дар нисбати тиру камон; қусри ин роз мабнӣ бар он ки ва асоси нома бар он-к...[262] - дар нисбати иморат; мақсур аст ин саҳифа мамдуд - дар нисбати наҳву тасриф; итноби ин аризаи тавила - дар зикри аспон; маълуми ройи олию рафеъ - дар нисбати улувиёт; муқаррари ройи анвару замири мунир - дар нисбати нуру сафову нуҷум; гузаронидан бар замири дарёваш ё бар он қалби раҳб, ки баҳр аст, гузаронида меояд - дар нисбати об; бар қалби он ҳибр, ки аз ӯ хонандагонро ранҷи тамом ҳосил меояд, маълум бод - дар нисбати уламо, назм:

Умдаи мақсуд аз ин таносуб маро он,
К-ин ҳама бунёдам устувор бимонад.

**Хатти ҳафтум** дар оғози мазмуноту ағрози макнунот, муштамил бар шаш ҳарф: **ҳарфи аввал** дар тафсили (119) муқаддимоте, ки дар кайфиёту аҳволи салотину мулуку ҳашаму асҳоби сафар бувад, **ҳарфи дувум** дар ангехти латоиф аз авсофу ахлоқу аҳволу аъмол ва асҳобу ақорибу алқобу асомии халоиқ ба тарзи мадҳу зам, **ҳарфи севум** дар баёни маонӣ, ки аз авсофу аъмолу алқобу асомии бандагони турку ҳинд хезад, **ҳарфи чаҳорум** дар хаёлоте, ки аз авсофи ҳайвонот хезад, **ҳарфи панҷум** дар муқаддимоти мутафарриқа аз кайфиёти мухталифа, **ҳарфи шашум** дар ирсоли мактуботу қосидону ҳадоёю тавқеоту атиёту мустаъороту диниёту диёнот ва аҳволи мутафарриқаи дигар.

**Ҳарфи аввал** дар тафсили муқаддимоте, ки дар кайфиёту аҳволи салотину мулуку ҳашаму асҳоби сафар бувад. **Тироз-ул-олам**. Эъломи сиёҳу лаъли зилли Илоҳӣ, ки Зуҳалу Миррих аз иртифои он ранг оранд, истазалла-л-асвада ва-л-аҳмара бизулолиҳо. Бо ҳулияи аббосиву салҷуқӣ аз саводи аъзаму кӯшки лаъл наҳзат фармуду дар саводи шаҳри ҳамсоя

---

[260] НЛ: холзодаи.
[261] НЛ: куррат-ул-ъайни.
[262] НЛ: бинобар он ки.

боргоҳи лаъл гашту аз ҷунбиши он: афтода ба Шому Рум ларза. **Савод-ул-чатр**. Чатри сапеди сояи Яздон, ки баёз аст, аз саводи чатри сиёҳ бо нури ҷабҳаи салтанат хонаи давлатро рӯшан гардонид. Ва: Ҳумои ҳумоюн чатри сиёҳи байзаи исломро дар ҷиноҳи парвариш дароварда, зодат байзута*ҳумо* (120) мадда-*л-Лоҳу* зилла*ҳумо* ъалайно. **Дақоиқ-ур-рамл**. Малик Нусрат, ки дохили бандагони даргоҳ аст, бо лашкаре ба ададн рамл аз атабаи истиқрор хориҷ шуд, алами лаълаш ҳумра баровардаасту парчами алам шакли лаҳёнӣ намуда. Зоти ӯ, ки ба вақти берун омадан нусрати хориҷа аст, далел кунад, ки муғулони кавсачшаклро ба захми тир чун нуқтаҳои рамл дугону ҷаҳоргон бо ҳам дӯзад ва аз мавҷи хун бар чеҳраи эшон: шакли кавсаҷро ба нақши ҳумра гардонад бадал. **Мавокиб-ул-кавокиб**. Моҳи рояти малик Бадруддини Қамарӣ ба толеъи саъид бо кавкабаи саодат аз хонаи шараф сӯйи авҷи иртифоъ ҳаракат фармуд, анқариб дар бурҷи истиқомат бо анҷуми масъудаш иҷтимоъ бод: дон иҷтимоъи маймун аз инъикос эмин. **Лаъаб-ул-бозӣ**. Бародар Туғрали хосадор бидонад, ки чун бози малики шикор як барбат чанг зад, малик маст буд, сӯйи чаковакҳову рӯдҳо майл кардаву бозгашт ва рояти ҳумоюн миёни қаряи боздорони навсорӣ гузашту як ҷиноҳ дар деҳи Болчанд* бирасид. Он мавзеъ, ки аз пари мурғ анбӯҳтар буд, дар он зоғрав чунон шуд, ки парранда пар намезад. Шоҳини ноиби шикорбакро бояд[263] гуфт, то аз харобии он ободбум пеши султон боз намояд: (121) моно, ки зи лутф парвариш фармояд. **Мулотафат-ул-мулук**. Қарбеки майсара, ки бар сари ҳашам сӯйи Мултон номзад буд, саворро мудом дар сароб[264] роҳат дошт, аммо Қарбеки майшуми маймана ба ҷуз қаробатони худ дигареро оби хуш хӯрдан надод. **Қалб-ул-қалб**. Дар қалби майсара ҳар сим[265], ки берун омадааст, амири сада Ясур русӣ* нигоҳ доштаасту ҳар кӣ меравад, ба сабаби машғулии шароб бораш намедиҳад. Қалба мезанад ва ҳам аз дар рад мекунад. Зари мардумон зеру забар кардаасту раз сохта. Рост аст он, ки мардум аз дирам бозгуна шавад. Он хирси сурхро, ки қалб аст ё раб барои зар бигиранд, то боз ҳамон зарро зеру забар кунад, ки зар ҳосил шавад: бад-он гаҳ лати бозгуна то тал кунад он. **Маъни[266]-юл-ғанимат**. Хоҷа Ваҷеҳи рӯйкаж бидонад[267], ки имсол дар тохтани вилояти мо лавҳи рӯинаву мисина бисёр афтодаасту аз хизона зари қалби мис берун омада. Қадре рӯйу мис ба дасти Суванёли заргар фиристода шуд, Хоҷа Ҳасани кимиёиро бидиҳад, то рӯйи моҳ нигоҳ дораду мисро зар кунад: зинҳор қалба назанад он мисинаро. **Машғалат-ул-ашғол**. Вазири бузургмеҳр Бузарҷмеҳр бошад. Дастуре, ки сафои қалб дорад, Осаф бувад. Хоҷа, ки дар хоҷагӣ устод аст, шогирдии[268] ғуломе накунад. Нависанда, ки рақами сиёқат (122) аз Алӣ донад, дар сиёқати рақам бояд, ки алимизоҷ бувад. Амир ҳоҷиби пардадори подшоҳ бошад. Ҳоҷиби соҳибпешонӣ пайваста бар[269] аъёни давлат нишинад. Асҳоб боргору борӣ доранд. Кордороне, ки истоди эшон барои бори подшоҳ аст, бояд, ки барои бори дарвешон истодагӣ кунанд. Сари ҷондорон дасти росту дасти чапи бозуи мамлакат бошанд. Аз ҷондор диддорӣ наёяд. Ҳар ду амири алам дар шугл бо якдигар кӯс мезананд. Малики сарҷомадор дар номардӣ чунон биравад, ки ба ҷиҳати обдор наистад, байт:

Чун дар ин барбастҳо дарёфтӣ тартиби кор,
Кордорони дигар ҳам з-ин намат бар кор дор.

Лафзи **қаҳрамон-ул-ҷуюш**. Қалби султон дарёест, ки агар лутфи ораз бошад[270], он ҷо саворкорони об ҳам бигзаранд. Ҳар кӣ гандуми султон талабад, ӯро дар анбори бало бояд рафт. Малик чунон соягустарди боранда бояд, ки чокари муҳтоҷ ориз нашавад. Фитроки бузургон дастовези умед аст. Дасти тааллуқ ба фитроке бояд зад, ки чарб бошад, то бими

---

263 НЛ: мебояд.
264 НЛ: шароб.
265 НЛ: сими қалб.
266 НЛ: фи-л-маънӣ.
267 НЛ: бигардонад.
268 НЛ: шогирдаш ғуломӣ.
269 НЛ: бар сари.
270 НЛ: шуда бошад.

гусастан набувад. Чокар чунон равандаву пӯянда бояд, ки дар корҳо боде шавад. Шароби лашкариён араќи пешонисту шаробе аз ин ҳалолтар набошад, байт:

Нест ин з-аҳли қалам зебо, ки ҳар ҷо мардро (123)
Сифр аз сар мекашанду[270a] баъд аз он рад мекунанд.

**Тааллуқ-ал-махдум би-л-махдум**. Маҳдум онро тавон хонд, ки хайру шарр ҳар чӣ дорад, хадумро диҳад. Хадум, ки сар зери пойи маҳдум ниҳад, махдум шавад. Маликро агар гавҳар набошад, мир гардад, аммо агар санг набошад, мард нашавад. Маҳдуми нонкӯрро дар кӯроб бояд гузошт, то аз ташнагӣ чашмҳош берун ояд. Худованди кор, ки бигӯяду надиҳад, ба абре монад, ки овоз диҳаду наборад. Чокаре, ки мутаҳҳараи обе ба маҳдум нарасонад, обаш бибояд рехт. Чокари обиро дар об ғарқ бояд кард. Ҷойи мардуми обӣ коми наҳанг аст. [Чокари беоташ нони худ пухта натавонад кард. Ҳар кӣ таалluқ кард, овехта шуд.][271] Чокари нонӣ саг бошаду чокари ҷонӣ кас. Бандаро ба банди оҳан бояд нигоҳ доштү озодаро ба банди зар, байт:

Чокар ҳама вақт чоки боре дорад,
Лекин зи барои нон даруни сина.

**Тароват-ал-ъуд**. Бародар Сунбули Биҳорӣ, назара-л-Лоҳу изҳора ъайшиҳи, бидонад, ки чун дар қасабаи Баҳроич аз мазори муаттари сипаҳсолори шаҳид ҳама Ҳиндустон бӯйи уд гирифтаасту маҷлиси бародар[272] он ҷо тиби айше дорад ва ҳам бад-он хуш бошад. Ва: ҳавои гулзорҳои Калокҳар, ки дар шаҳри Деҳлист, аз сар як сӯ ниҳад, ки ин чо райҳони боғ багоят сар баровардааст. Ва: боде бар сараш роҳ ёфтааст, мегӯяд, ки сунбул аз мо боғе шудааст, бихоҳам фармуд, ки аз бехаш баркананд: гар бехи ту маҳкам аст, аз ҷой маҷунб.

**Насим-ул-Биҳор**. Корвоне аз сӯйи Биҳор бори қаранфулу (124) шохи заъфарон баста, сӯйи Кара[273] меомад, аз анбустонҳои обаниву хӯшаи нағзак гузашт. Чун дар ҷангали Чанднотиҳа расид, он ҳама хушбӯӣ ба бод дод, ки дузде чанд тундтар аз сарсари хазон даррасидаиду эшонро чун дарахтон аз[274] баргрез бараҳна карданд: имсол баҳорашон чунин бор овард.

**Тарвият-уш-шароб**. Дар деҳи Хос расидем, шаробе хӯрдем. Мастӣ дар ӯ ҳамон миқдор, ки дар мастёр* аст. Ва: шир ҷустам, ҳамон миқдор ёфтам, ки дар номи Шерозу Кавошир аст. Ва: об чандон хӯрдем, ки дар саробу лафзи *сароб* аст. Худой таъоло шуморо аз ин деҳи[275] вайрон: ба номи Ободон хурсанда дорад. **Симои симиё**. Хоҷа Ҳакими Миқнаъӣ, ки маҳрӯёни Нахшабро дар каш меорад, зинҳор аз шабистони эшон шабошаб бигрезад, ки: не шаби Нахшаб шаб асту не маҳи Нахшаб маҳ аст.

**Ҳарфи дувум** дар ангехти латоиф аз авсофу ахлоқу аҳволу аъмол ва асҳобу ақорибу алқоб ва асомии халоиқ ба тариқи мадҳу зам. **Нашр-аш-шамоил**. Шамае аз тиби ахлоқи фалон сабо, ки ба бӯйи хуш нашр шудааст, парвардаи тиби хулқи фалон аст. Буридани гул аз сабосту базидани сабо аз хулқи фалон. Бӯйи хулқи фалон, ки аз шунидани он сари ғунча боз шавад. Равоеҳи ахлоқи фалон пӯст аз сари нофа (125) боз кунад. Гили фалон аз гулоби лутф сириштаанд. Тибати фалон аз гили биҳишт аст. Фалон аз тозарӯӣ гули биҳишт аст.

Ва агар дар урфу шуғлу нисбат ишмоми тибе бошад, беҳтар, чунинки: шама аз тиби хулқи Мавлоно Ваҳидуддини Кофурӣ ё бӯй аз бӯстони тибат. Бӯйи райҳон бо варде ё буғча аз гулистони вуҷуди Хоҷа Тибуддин. Насиме ё рӯҳе аз зоти муаттари Шаъбони Боғӣ ё ғолия аз атри сӯҳбати Хоҷа Чандани аттор, байт:

Бӯйи хулқи Шарафуддини Гулобӣ з-онҳост,
Ки шараф дорад бар ҳар ҳама бӯҳои гулоб.

**Ҷуд-ал-ҷавод биҷудиҳи**. Равонкунандаи асбро ҷавод бо ҷуд баробар бошад. Абрро бо бахшанда чи нисбат, ки бахшандааст бо рад. Ва: абри саворакӣ оби кафи дасти фалон дарёест, ки дарёро кафи даст кунад. Сим дар дасти ҷавонмард напояд, чунонки об дар

---

[270a] НЛ: сифр бар сар мекунанду.
[271] Аз НЛ оварда шуд.
[272] НЛ: бародарӣ.
[273] НЛ: Агра.
[274] НЛ: дар.
[275] НЛ: шаҳри.

мушт. Ҳимматбаланд ҳама чизро ҳақир бинад, чунонки баландҳиммат бузургонро хурд. Парранда аз пар-пару мард аз некӯй.

**Риш-ул-маръи маҳосинуҳу**. Фалон нохудо бар лаби дарё нондеҳӣ чунон мекунад, ки дарё оби он муҳайё натавонад дошт. Фалон малик аз фароҳдастӣ ҳама оламро дар мушт овардааст, байт:

Кушодадаст бигирад ба ҳар чӣ даст занад,
Зи мушти баста нагирӣ ҷуз он чи дар мушт аст.

**Ҷиҳат-ус-савъ**. Аз димоғи гандаи фалон халқе бинӣ мегиранду ӯ рағм-(126)ул-анфи эшон димоғро гандатар мекунад. Ҳар кӣ сӯйи бадхӯе равад, хоҳад, ки аз натни мизоҷи ӯ бозпас ояд, ки бӯйи суст мӯҷиби  мурочаат аст. Фалон аввони гарон шохношикаста аст. Фалон муҳаррир дар қалам задан қассобест, ки мардумонро ба ной забҳ мекунад. Муҳаррири мо гиреҳи қалам барои суннат мебураду қалами гардангиреҳ фарз медонад. Қалами фалон нависанда алифест бар сари рақам. [Мисраъ: *лазаъ-ал-варо куллан бизок-ал-арқами.*][276] Фалон турк дар рагу пайи ғуломон чунон дармеафтад, ки бӯзина дар танаста. Дар чашми пур сурмаи Сипоҳон нагунҷаду чашми тиҳӣ аз ҳама Сипоҳон пур нашавад. Фалон мумсик, ки аз бас хушкӣ соилро сард мекунад, агар об дар мушт бандад, баста шавад. Нозилҳиммат бар қатраи об гиреҳ занаду олиҳиммат аз дари хушоби ҷавз гиреҳ насозад. Ҷавонмарди козибишва ҳам ба сарфа харҷ кунад, ки бисёр мебояд дод. Мавизоб чигуна тавон хост аз касе, ки ҷавоб доданаш низ душвор ояд, шеър:

*جدارُ العين كيف يجوْد شجح　　　شعاعُ العين يحْتُ من جدار

**Мутобақат-ул-асомӣ би-л-маъонӣ**. Зиё дар чашм даромад, дида рӯшан гашт. Қуррат-ул-ъайн Нуриддин биноии чашм асту рӯшноии хона. Агар Тоҷ биёяд, ӯро дар сар ҷой аст. Агар Ҳисом бирасад, гардани фироқ бурида шавад. Сайф бирафту миёни (127) мо бишкаст. Шаҳоб қалби боҳуш дораду шиҳоби девонсӯз дар маънӣ оташ асту дар лафз об. Шаҳоб бирафтааст, моро аз танҳоӣ дев мегирад. Закариёро магар арра бар сар ниҳӣ, он гоҳ дуӣ дар сари ӯ пайдо ояд. Шайх Мӯсо мӯ бар сар дораду дигаронро метарошад. Шайх Исо даме дорад, ки мурдаро зинда гардонад. Сироҷи асил чароғи Шом асту Шамси саҳарӣ офтоби Нимрӯз. Юсуф, ки дар ҳама Мисри ҷомеъ азиз аст, Худояш ӯро аз ихвони бад нигоҳ дорад. Ҳамида ба лафзу маънӣ ситуда аст. Алӣ айни валӣ аст. Из айни бозист. Шаъбон ҳар сол миёни шаҳр бароте биёрад, понздаҳ рӯзи аввалаш диҳанду понздаҳи охир. Рамазон деврo банд кардаасту ба рӯзҳо машғул шуда. Музаккири Шиблӣ халқеро сайд мекунад, зеро ки овозаш зор аст. Ҳасан дар маънӣ некӯсту дар сурат хандонрӯй. Холид номе дорад, ки дар ҷаҳон ҷовид хоҳад монд. Имод дар иморати хайр собитқадам асту истодагӣ дорад. Имодуддин ҳама зот сурати намоз аст. Умдат-ул-мулк пояи тахт аст, Худояш қоим дорад. Сироҷи дарвеш дар тинат Бӯтуроб аст, ки сӯзандагон Бӯлаҳабаш месозанд. Шарафи манора азбаски гаронсанг аст, ҳар ҷо, ки муаззинест, бар сари ӯ бармеравад. Забони бадгӯён дар ҳаққи писари Хоҷа (128) Иброҳим [кордест дар гулӯи Исмоил. Дар боғи Хоҷа Иброҳим][277] нор гул кардааст, мисраъ: з-он гуна, ки саҳро ҳама гулнор гирифтаст.

**Қалил-ул-нитоҷ**. Алқобу асомии камнитоҷро бештар аз тариқи муаамо рӯшноӣ пайдо гардад, чунин ки: Сайиди бе иллат *сид* бошад. Саъид беҳ аз Азиз аст, зеро ки Азизро айн дар сар асту Саъид[278] дар дил. Ихтиёрро чун фурӯ бинанд, ёр аст. Ифтихорро чун фурӯ хонанд, хор аст. Ваҳидро дар дарун ним ҳилат аст. Номи Ваҳид гӯӣ ваҳӣ аст бар раҳнамоӣ фуруд омадааст. Садид ниме сиди исмат асту ниме яди неъмат. Ҷойе, ки ба об кашидан ҳоҷат афтад, *кабир* кофист бар сари чоҳ. Қола Нусайр, унсур ман хаза лака. [Маълум аст, ки дар ӯ наси барбарист.][279] Қамар, ки дар ҳама шаҳр ба шабгардӣ гаштааст[280], ниҳояти кораш салх аст. Наҷм агарчи шабхез аст: оқибат дар вубол меафтад.

---

[276] Аз НЛ оварда шуд.

[277] Аз НЛ оварда шуд.

[278] НЛ: Саъидро.

[279] Аз НЛ оварда шуд.

[280] НЛ: рӯшан гаштааст.

**Қалил-ул-ниточ**. Зини миёнтиҳӣ зан аст. Афиф сагест афафовоз. Саъидро ҳар гоҳ сар бияндозанд, *ъид* бошад. Ҷалолро пой буриданду ҷило карданд. Рашид - қалби вай шарри куллӣ пайдо кард, байт:

Пеши Бурҳон агар бигӯӣ бур,
Ҳон бар орад зи баҳри як гандум.

**Ситорат-ул-анҷум**[281]. Муштарӣ дар син аз хуршед хурд менамояд, аммо аз дандон баландтар аст. Зуҳра, ки ҳаргиз бероҳ набошад, мутриба аст, аммо саодате дорад. Тариқи ҳар хотун дар шаҳр рӯшан аст, ки рӯзе чанд андом (129) гирад ва чун ба камол расад, боз чунон коҳиш кунад, ки паҳлӯш бинамояд. Хуршед малики субҳхез аст. Агар Хадичаро хол бар хад набудӣ, ҳадди ҳусни ӯ пайдо шудӣ. Қамарро агарчи ҷамол бо камол аст, аммо аз кулфат холӣ нест. Шакар найи ширини аср аст: қатраборон аст ба покӣ дарак.

**Миръот-ул-акс**. Бинӣ[282] оина рӯ дигар асту паси пушт дигар. Бибигавҳарро то ришта дар сӯрох набошад, кам нигаҳ тавон дошт. Мухаддара, ки магзаш набошад, таҳаш дара шавад. Муштариро чун тарӣ дар таҳ дидам, фурӯ хондам, ки муштарист. Ҷамила набошад, ки майл дар дарунаи ӯ набошад. Шарифа, ки шар лозими номи ӯст, чигуна бадном набошад? Карима бо он, ки карӣ дорад, аммо чун фуруд бинӣ, аз онҳост, ки маҳ тавон хонд. Шарафро манора дар миён аст. Робиаи васатӣ аз он чи буданд, яке ба даҳ шуданд, Ошура ҳам бад-эшон пайваста. Гуфтам: "Иқди шумо бистгона бибояд". Гуфтанд, байт:

Ки мо ҳаменашносем иқди бист ҷуз он ки
Ду по баланду нарангушт дар миён бошад.

**Сафо-ул-қаробат ва аксуҳу**. Қаробатӣ бо касе бояд кард, ки ӯро сафо мудом бошад. Сафои козиб дар қаробат акси сафо аст. Дар қароба пушти падар тахтаи абҷад аст, ки фарзандро би-л-ҷумла ҳисоби аҳсани тақвим аз вай дуруст мешавад. Шиками модар кони кун фа кон аст, ки нутфа дар вай лаъл мегардад. (130) Фарзанд, ки аз оби падару хуни модар мавҷуд мешавад, хуноба аст зоянда ва ба ҷиҳат ҳар дуро. Ибни волидро агар дар охири умр зоде намондаст, он халаф зоди ин волид басанда аст. Фарзанд самарат-ул-фавод аст, агарчи боғест. Ҳар ҷо, ки меваи дил аст, албатта, обе бошад ва бо ин ҳама беҳ бошад. Об аз онҳост, ки об тавон хонд, зеро ки ҳайвоноту наботот аз вай мезояд. Ҳар гоҳ, ки аз *абно* аб ҷудо шавад, *но* монда бинӣ. Бачаи саркамро абкам ёбӣ. Устухони тифл аз ҷомаи шир пӯшида шавад, на аз қимоти ҳарир. Фалонча кибр дар сар дорад, гӯӣ аз пушти падар ҳама бинӣ[283] чакидааст. Писари содиқ нур асту писари козиб пур. Ду бародари ҳамтанӣ ду ҷигаргӯшаанд аз як хун. Ду бародар монанди ду нақшанд бар як об. Ду фарзанди тавъамон ду боранд ба як бор. Бародару хоҳари ҳамтанӣ аз зуҳру батни ягона бошанд. Ҳамшираи ҳақиқӣ ҳам шираи хун асту ҳам шираи ҷон. Бародарони салб ҳампушт бошанд, аммо аз бутона яке нашаванд. Ихвони уммиро тахтаи истизҳор бо якдигар боз бихонад. Ду теғ миёни ду бародар *ду ҳарфи иллат* бошад байни ахавайн. Хол, албатта, ҳавохоҳ бошад. Холи мо абри раҳмат аст. Меҳри ҷад беҳ аз сояи падар. Рӯйи аммаро дидам, ҳам офтоб асту ҳам маҳ. Тарбият аз ақориб таваққуъ бошад, зеро ки охири ақраб раб аст. (131) Дар хусрон ҳеҷ маънӣ набошад ба ҷуз зиёнкорӣ. *Хушу* аз *шӯ* ҳарфе зиёда бошад. Ҳаргиз *хушунат* бе *хушу* набошад, байт:

В-ар бархонӣ дуруст нақши домод,
Аввал дом аст, пас адо бепоён аст.

**Натоиҷ-ул-ақориб мин-ал-умам**. *Хола* моро ҳам хол асту ҳам раҳнамо. Имом-ул-уммат *Абулҳасан* писари некном дорад. *Амид* ҳам ам асту ҳам дасте дорад бар сари мо. *Амид* ҳам бояд, ки яди аёдӣ кушояд[284]. Волиди Бӯшамаро мутоябаи зотист. *Айнуддин* Ҷаъфари холи мо ҳар чӣ ёбад, ҳама тар кунад. *Заҳируддин* ин салобат ҳам аз пушти падар овардааст. Волиди *Шамс* ҳама тан меҳр аст. Фарзанди Шуъайб некӯ баромадааст, Худой он як шохро ҳазор шох гардонад. Фарзанди *Абулвалад* падари фарзанд аст. Фарзанди ту

---

[281] НЛ: Айзан фи-л-ҷав ситорат-ун-наҷум.

[282] НЛ: Бибиоина.

[283] НЛ: манӣ.

[284] НЛ: кушода дорад.

қуррат-ул-ъайн аст. *Абуъаммор* моро ҳам падар асту ҳам *ъам*. Ибни Мақула қуррат-ул-ъайн аст. *Абулъайно* дар дида айни ҳоҷиб дармеравад, ки нисбати ман аз ту рӯшан мешавад, байт:

*Латифа, к-аз лақабу ном, зоду кунияту нисбат*
Чу вазъ шуд зи ман, акнун ту ҷаҳд кун, ки бизояд.

**Уммаҳот-ул-латоиф ва ахавотуҳо би-л-асомӣ**. Ҳамшира *Фотима, ли-л-Лоҳи* дурраҳо, аз онҳост, ки шир аз фарзанди худ бозгирад. *Чарбии* мо аз ҳамшира зебидааст. *Амида* ъам асту Худояш яди лутф ҳам додааст. *Хадиҷа* чаҳор хол дораду Бибӣ Гавҳарро, ки бинт-ул-холи мост, заҳмати (132) ришта ба якборагӣ дароз кашид. Бар Аммори табиб рафта будем, ниъам гуна овард, аммо неъмати сиҳҳат аз Холиқ тавон ёфт, *ъамма ниъамаҳу*. Барои аҷузаи ахира, ки ба ҷиҳати зистан Оиша номаш накардаем, дуо мекардем, аз Баноти наъш овоз омад, ки, шеър:

*لعمرک لا یعمر ذوحیواة        بما تدعوهٔ عمارا و یحیی

**Ҳарфи севум** дар баёни маъонӣ, ки аз авсофу аъмолу алқобу асомии бандагони турку ҳинд хезад. **Саҳм-ул-атрок**. Турк чанд аз Хито расидаанд, ки тири эшон ба хато наравад. Хоҷа Наҷми Зиё миррихе чанд, ки аз сӯйи боло овардааст, тири эшон дар қавс чунон мустақим гаштааст, ки ба шаҳоби сӯзон Суҳоро ду пайкар созад. Малик Шамсуддин муштарии эшон шудааст. Менамояд, ки бадрҳои тамом ба салх хоҳад расонид. Турк[285] чанд сарвқомат аз вилояти боло расидаанд, агар қимати эшон ба андозаи қомат кунанд, аз он ҷо, ки ростист, ҳар якеро ҳар чӣ мегӯянд, боло меарзад. **Латоифи асли туркон** чунин ки: Ямак дарёваш бувад; Осро санг гарон бошад; чиниёнро нишони чин дар пешонӣ пайдост; Арас гурбачашму сагрӯй бошаду муғул шербинию сагзабону таторлаб аст; тиббатиро оби бинӣ бисёр бошаду оби даҳон кам; тунукчашмон ҳаргиз фарохчашм нашаванд: русии якрупия кам бинӣ, байт:

Турки (133) яхнирабо, ки ғар бошад,
Ҳирраи гӯштхор беҳунар аст.

**Хатти маҳосин-ул-атрок**. Ойбаки моҳрӯ дар хубӣ бо моҳи осмон паҳлӯ мезанад, аммо сақали савсан шуд. Кумаши тумар ҳам симбар асту ҳам оҳанинтан. Куни таъаззӣ гӯӣ офтобе баромадааст. Оқбушро сар сафед шудааст. Ақфаш боз сапед аст. Сунқури хосро малик зердасти ҳама менишонд, ки аз қуввати силоҳи хеш мардонро даствона мепӯшонад. Шоҳини шикорбакро дар ҳар нохуне ҳунарест, аммо ин қадар ҳаст, ки бар фурӯдастон лагад мераду меканад. Атиғдии сегониро шаҳре иктоъ бояд. Санҷари навбатӣ овоза беш надорад. Бонги дуҳул аз дур хуш аст. Қилиҷи хуниро агар касе кор фармояд, гарон сарандозест. Тункари обдор бағоят фароҳдилу кушодадаст аст, аммо ғаври ӯ касе дарнаёбад, ки чаро гавҳарро фуруд мебараду хасро бар рӯйи об меорад, [Мисраъ:][286] шери сиёҳ аст Қизиларслон.

**Баҳо харидат-ут-турк**. Туркбеҳ[287] чанд аз сӯйи Хито расидааст, чунонки аз сафои чеҳраи эшон рӯй битавон дид. Бузургон[288] аз он оинаҳои чинирӯй каз карда бозмегардонад, ки даллоли рӯмӣ мебинаду баҳо мекунад. Канизаки чинӣ, ки фалон хутанӣ овардааст, чунон мӯйи мушкогин дорад, ки гӯӣ сад ҳазор чин дар гесӯи ӯст. Агарчи канизаки ҳинду дар саҳифаи олам саводи ӯсту канизаки турк баёз, (134) аммо саводе, ки аз хато дур бошад, беҳ аз чиние, ки ҳама хато бошад. Барои рукуб ҷорияи турк бар оби дигар бошад, аммо зери рикоби модиёни ҳиндуро оташ бештар бувад. Дар хонаи фалон иғроқи туркия Ямак дидам, ду хол ба ғайри маҳаллаш ниҳодаанд, агар он дур кунанду як хол бар рӯяш ниҳанд, он гоҳ намак пайдо шавад. Канизаки турк, ки нармандом бошад, харида беҳу канизаки ҳинду оташ аст, фурӯхта беҳ. Як асли турк ос асту ҳама асли ҳинду барои ос. Канизаки ҳинду обеву оташе орад, канизаки туркро агар ин фармоӣ, обу оташ шавад. Канизаки ҳинду обе кашад ва ё обаке, аммо канизаки туркро агар оташаке бидиҳад, оташ дар ӯ

---

[285] НЛ: турке.
[286] Аз НЛ оварда шуд.
[287] НЛ: турке.
[288] НЛ: Бозаргони румӣ.

гирад, аммо он ҷо, ки сапедрӯӣ пухта аст. Чанд туркеро дидам, ки рухсораи сурх дар пой доҳи сиёҳ суданд. Агарчи рӯяшон сиёҳ гашт, [мисраъ:][289] он сурхии рӯйи хештан донистанд.

**Само-л-асмо*-ал-туркия**. Айхотун моҳи тамом аст. Юлдузхотун дар бисёр[290] манзилҳо сайр намудааст, то ин ҷо мустақим шудааст. Чулпонхотун ситораи рӯшан аст. Қутлуғхотун муборакрӯй аст. Ҷиҷахотун дар тозарӯӣ гули шукуфта аст, ки Худой он рӯйро аз пажмурдагӣ нигоҳ дорад. Кумушхотун симин аст. Таторхотунро (135) мӯ чу мушки тоторист.

**Ҳайат банот-ат-турк**. Яғмохотун ғоратгари ҷонҳост. Ҳумойи малик чунон мастура аст, ки сояи болои ӯ касе надидааст. Ёқутхотун ба рангу рӯшноӣ гӯӣ, ки ҷигаргӯшаи офтоб аст. Тоҷи мулк гавҳари баланд дорад. Арӯсхотун гӯӣ, ки ҷилва мекунад. Тӯронхотун Золест, ки Рустам мансабаи ӯст. Чунин ки Қаландархотун пайваста дар сулук аст, намедонам, ки бо бузургон чигуна сарукор мебошад:

Дӣ масте мегуфт, ки аз сар назиям,
Гар аз сари ман Хуморхотун биравад[291].

**Равзат-ул-ғилмон**. Ғуломи ҳинду ба некномӣ нашву намо ёфта, гули биҳишт бошад. Ғуломи ҳинду хубсурат биҳиштест аз дӯзахе зода. Ҳиндузодаро агар тубо лака* гӯянд, аз дарахт фарёд кунад. Ҳар ҷо, ки ғуломи моҳрӯст, албатта, муштарӣ Хоҷа бошад. Як бандаи гӯшбурида беҳ аз сад озода дида[292]. Ғуломи ҳинду агарчи баҳотар аз ӯст, аммо баъзеро сангест, ки бо зар тавон баркашид. Малик Охурбак ду ғуломи каҳкаш харидааст, ки моҳро бо ҳама хирман дар роҳи каҳкашон бифурӯшанд. Ғуломе, ки дар давлат худро фаромӯш кунад, аз хоҷа кучо ёдаш ояд. Ҳар гоҳ пошнои ғулом дуруст шуд, сари мардумон пора кунад. Ҳинду[293], албатта, ҷониби зуннор кашад. Навбарда[294] побарҷо беҳ аз (136) куҳна гарданда. Ғуломе, ки бурун шавад, пояш набояд кашид. Ғуломи бадраг фаррухпай набошад. Ғуломи муқомир, ки симбар бошад, агар хоҷа бо ӯ бозад: танг набояд омадан пеш зи мушту доди ӯ.

**Мо ҷара мин асмо-ил-ъибод**. Алмоси обдор бобати камари мурассаъ аст. Малеҳи чошнигирро гӯӣ аз намак рехтаанд. Мисбоҳ механдаду гул аз рӯйи ӯ меборад, валекин ҳазор афсӯс, ки пораи сари забонаш сиёҳ аст. Қабулро малики баҳодур дар гулу гулистон медораду ӯ бо ин ҳама бо хасон меомезад. Динор сикка дорад, ки гӯӣ аз зар зодаанд. Сартези саҳм-ул-ҳашам хорест бар сари ҳашам. Занбӯрро ангубин дар даҳан чи мебинӣ, захре дорад, ки ҳар ҷо расад, албатта, неше занад. Ду ғуломи турку ҳинду: яке қаранфулу дувум лочин ба хидмат фиристода шуданд: ваҷҳи танбӯли маҷлисат бошад[295].

**Авсофи ҷорият**. Ҷорияи он мутабаҳҳир ҳар рӯз бар оби дигар аст. Ҷавории осиёкаши барбибаёни гаронсанг чунон азиз аст, ки нони гандум бар ҷуворӣ. Канизаки гулбунандом пеши Бибии сангдил сабӯсест зери санг. Агар пойи канизак бе санг бошад, дасти Бибӣ бо санг набошад. Канизаке, ки оби пушти хоҷа бирезонад, ночор аст, ки Бибӣ обрӯйи ӯ бирезад. Он Бибии бисёрманиро ҳаргиз шикам сер мабод, (137) ки аз пухтҳои даҳманӣ сер нашаваду канизакро ба ротиби нимсер хурсанд дорад. Канизакеро, ки берун гузоранд, ҳеч касаш бурун нагузорад. Канизакеро, ки дастаи ошно бошад, дастаи осиёш чӣ дастгир шавад?! Ҷорияро, албатта, хала бибояд, хоҳаш тахтабанду занҷир кунад, хоҳ риштаи дароз деҳ. Як ҷория он аст, ки бар сари об меравбаду як ҷория он, ки об бар сари ӯ меояд. Канизаки сабӯкашро турфа ҳолест: к-аз сараш мегузарад обу намегардад ғарқ.

**Асмои ҷория**. Бунафша мутавозеъ аст, оре дар хидмат кардан баромадааст. Наргис агарчи маст менамояд, аммо покчашм аст. Бодом даруни пӯст чарбе дорад, ки он сахт дидагӣ мекунад. Атлас бобати бистари хоб аст. Санавбар бе сар шудаасту навбар шуда мегардад. Санавбар чун дар замини боло нашву намо ёфтааст, ҳикояти боло агар: рост

---

289 Аз НЛ оварда шуд.
290 НЛ: тамоми.
291 Ҳудуди ин байт дар нусхаҳои КМ ва ДТ мушаххас нашудааст.
292 НЛ: дуздида.
293 НЛ: раги ҳинду.
294 НЛ: навбардаҳои.
295 НЛ: бошанд.

пурсанд, рост ӯ гӯяд. Шаробак мояи фасод аст, чунонки агар дар шиша кунанд, битаровад. Савсан, ки озодаш карда бағоят забоновар аст. Банда канизаке харидааст, ки муштарӣ ғуломи ӯст. Наврӯз ҳанӯз дарнарасидаасту аз чанд[296] гулаш яке нашукуфта. Арғувону Ёсамин чандон нозуканд, ки Бибихуршед бар эшон тофта шудааст, байт:

Надонад касе завқи Ширин ба ном, (138)
Магар он ки дарёбад ӯро ба ком.

**Ҳарфи чаҳорум** дар хаёлоте, ки аз авсофи ҳайвонот хезад. **Ҷавлон-ул-ҷавод ва алмос-ул-охир**. Нуқрахинге, ки малик пӯлод дорад, турфа ҷонварест. Воҷиб аст, ки суми оҳанини ӯро аз айни зар наъл созанд. Асп турфа ҷонварест, ки чун пояш меҳдӯз кунанд, беҳтар давад. Ҳаргиз Ҷавод бе ҷав набошад. Сутуре, ки маҳдум фиристодааст, аз онҳост, ки пушташро говпуште тавон ниҳод, балки поргаҳии гови Хоҷаи Хуросони мо саврест, ки гирди осиёи хирмани моҳу роҳи Каҳкашон пайдо кунад. Хоҷа Наҷиби сорбон ҷамоза дорад, ки аз саводи Ҳиндустон шаб дар миён кунаду савора ба Нимрӯз расад. Хоҷа Ҳодии мо, ки сонияш нест, бахтие дорад, ки агар аз Нимрӯзаш биронанд, баъд аз намози дигар ба Шом расад. Хоҷа Солеҳи Ямонӣ нофае дорад, ки агар даруни кӯҳ ронанд, аз тезӣ сангро бишкофаду берун ояд. Шутурбонаи мо уштуре дорад лӯк, ки агар аз Шомаш так диҳанд, шаб дар Ҳабаша кунад. Дарозгӯше, ки маҳдум фиристод, боре аз дили банда бардошт. Дарозгӯше, ки аз он хидмат расид, боргир асту банда ба миннати бахшиш ҳама дарпазируфт. Дарозгӯше, ки ба ҷиҳати бор кашидан фиристода шудааст, агар модадарозгӯшони (139) он ҷонибро модар[296а] гардонад, то бар беадабӣ ҳамл нашавад. Модадарозгӯши обкаш, ки Худованд фиристода буд, сақои банда об аз пушти худ фуруд оварду ӯро ҳамл карду вазъи байте[296б] гарон бурдбор шуд, шеър:

*فَاِن کذَّت یا ذالسَّتر تستر جُرمَهٗ     فَذلکَ فی بَطن الحَمیر اسْتَرْ

**Риъоят-ул-ғанам**. Гӯсфанде чанд кӯҳӣ ба хидмати он-к Кабш-ул-киром будаст аз бузбузи ҳиндӣ равон карда шуд. Дар он[297] думоҳа аз онҳост, ки ҳар якро ду ҳилол бар сар тамом шудаасту бағоят бузург менамояд, ки гӯӣ ду қарн бар сари эшон баромадааст. Мақсуд аз ин ёдкарди гурезона он, ки мани банда, ки гурги куҳанам, мешунавам, ки имсол аз барбари дарё гӯсфанде барбарӣ дар наҳри Вола мавҷ задааст. Бисёре аз дунбагии чарбтар аз лутфи дамодами худованди рама дорӣ умед[298] аст, ҳарчанд ба бахти мо, агар Ҷадии фалак фиристад, меш ояд. Маъа ҳозо, фиристодани чанд модаву нарбузи барбар бар маҳдуме набишта шуд: ҳон, ҷониби лутфро риоят фармой.

**Ҳарфи панҷум** дар муқаддимоти мутафарриқа аз кайфиёти мухталифа. **Фасл-ул-ҳубуб**. Имсол аз вафои фасл ғалла дар ҷаҳон намегунҷад. Гандум дар бузургӣ гӯӣ чашмаи хурмои арабисту кунҷид пиндорӣ тухми хурмои ҳиндуӣ. Нӯли нахӯд аз минқори тӯтӣ сухан мегӯяду мӯйи шолӣ аз риши шолӣ. Нӯини ғаллафарох аз (140) ғаллаи фурӯш дар тангӣ афтад. Гандуме, ки дар чаҳ афтод, дархури ришта набошад. Сад ман ҷав, ки дар сафедӣ кофури ҷавдона бувад, аз пойгоҳи он ҷавод, ал-бақо *ли-л-Лоҳ* биҷудиҳи, лошаи хидматтореро расид. Инҷониб моше чанд беҷо, вале дона мондаанд, эшонро: дар пойгоҳи тарбият ҷовидона кун.

**Дақоиқ-ут-таҳан**. Сад ман майда чун сурмаи сафед, ки дар чашм тавон кашид, расид. Даҳ ман орди гандум, ки гӯӣ нурест аз сунбулаи фалак зода, санҷиди мизони карам восил шуд. Бист ман басти ҷави латифтар аз нуре, ки аз Ҷавзо зоид, фиристода шуд. Шаст ман хушка чунон дақиқ, ки агар бипазонанд, бо дақиқаҳои нуҳ осиё омехта шавад, ба матбахи хос расонида шуд, ки нони биринҷӣ беҳ аз нони зар, байт:

Муфлисе, к-аз орзуи қурси ҷав мадқуқ шуд,
Қурси кофур аз паси мурдан магар бинад ба чашм.

**Сувқ-ус-самоя ъало руус-ас-суқ**. Бозорӣ ҳар гоҳ раисро дид, бо зорист ва кор чун ба диёнату мусалмонӣ афтод, бе зорист. Савдогари сияҳкорро ҷуз сияҳрӯӣ ваҷҳи суд набошад.

---

[296] НЛ: сад.
[296а] НЛ: борвар.
[296б] НЛ: миннате.
[297] НЛ: он майдон.
[298] НЛ: умедвор.

Баззозро ростӣ аз кажи хеш бояд омӯхту баққолро аз амуди тарозу, ки ҳаргиз каз набошад ва на амуд. Тарозу[299] сарроф агарчи ҳама вақт қалбро сара кунад, ҳаргиз қалбро сара натавон кард. Бозаргони мол аз даҳ яке суд (141) кунаду бозаргони маол аз яке даҳ. Заргар агарчи зарро ба тарозуе ба ранҷ баркашаду муҳитгар биринҷро ба тарозуи зар, чун дарбинӣ дар палаи ҳар ду баракат набошад. Ҷавҳарфурӯшро бо ғаллафурӯш мувозана накунанду зари пухтаро ба тарозуи хом насанҷанд. Ҷулоҳаву тананда ҳар ду ҳамкоранду акси якдигар: к-ин ҷумла нишасту он ҳама ком.

**Ҳарфи шашум** дар ирсоли мактуботу қосидону ҳадоёю тавқеоту атиёту мусгаъороту диниёту диёнот ва аҳволи мутафаррикаи дигар. **Таҳрири мукотабот**. Фармоне, ки ҷониби банда таҳрир ёфта буд, баъди ирсоле озод расиду дили бандаро, ки мамлуки ғам гашта буд, хатти озодӣ дод. Номаи ҷонкушое, ки ҳар хатте аз он силсилаи дилбандӣ буд, расид, ҳам ҷони гурезпойро занҷири сукунат дар пой карду ҳам умри равандаро пойбанди ҷовид гашт. Сифри мусафири махдумӣ офтобвор аз уфуқи меҳр тулӯъ карду аз он саводу баёз кайфияти шаб дар рӯз рӯшан гашт. Мактуби хос, ки нофа буд бе хато пайки оҳусайр расонид ва аз он савод, ки мушке буд бе оҳу тиби айшу равҳи рӯҳ* ба ҳосил омад. Саводе, ки аз он қуррат-ул-ъайн омад[300], дидаро рӯшан гардонид. Намудори *шафқ*ате, ки аз мусовадати Мавлавӣ рӯшан гашт, субҳе буд содиқ, ки аз лайлаи муборака таҷаллӣ намуд. Ахбори (142) *мор*о Зайни Қамарӣ тавқдор бознагирад, роҳҳо ба тарики мӯрча равон аст. Агар номаи хос ба қадри пари мӯре расад, банда онро чун ҳудҳуди Сулаймон тоҷи сар созад. Пайваста хомаи ҷориро дар маҷории аҳвол сареъ-ус-сайр мебояд дошт. Ахбори ахавӣ борҳо мерасид, магар роҳҳо ободон намонд ё ман бобат он намондаам, ки ин боб масдуд гашт. То тирмоҳ гузаштааст, аз килки хос бар ин ҷониб нома бартоб нашудааст. Алғараз, аҳёнан пайкони тезравро барои кӯрии душманон равон бояд дошт.

Бештар истеъмоли *маҷорӣ* дар маҳалле бояд кард, ки зикри қалам ва ё об бошад. Ва *ҳолии аҳвол* ҷониби машоиху *ахбори мутавотир* сӯйи донишманд, хоса муҳаддис. Боз сӯйи олим, чунинки *аз моҷарои он тараф алам диҳад*. Сӯйи нависанда, чунинки *кайфияти он тараф таҳрир фармояд*. Сӯйи лашкаркаш, чунинки *ба дасти савору пиёда когази арзҳо бартоб кунад*.

**Ирсол-ур-русул**. Қосидони бодсайр расиданду аз расидани фармони сулаймонӣ инсу ҷоннро унси ҷонӣ ба ҳосил омад. Равандагоне, ки аз насими сабо ояндатар, омаданду аз дуруди ғунчаи муҳрбастаи муроди хос гули мурод бишукуфт. Ин ҷониб овоза баромада, ки фалонро тир расиду сипаре шуду душманон чашм бозкарда роҳи пайкон медиданд. Алҳамду *ли-л-Лоҳ*, (143) ки сирри дили эшон шарри дили эшон шуд. Мубашшир омаду муждаи расидани шодӣ расонид. Аз он ахбор сори масаррат афзуду мунир омаду ҳолҳо рӯшан кард. Рафтани маймун бар мо муборак омад. Қосиди содиқ фиристода шуд, то ҳоли Убайди баъид пеши рақиби қариби шумо рашҳе шарҳ диҳад, назм:

Ахбори расул гуфтааму з-ин гуна
Кам гуфт касе ба ҳаққи ахбори Расул.

***Лавҳ-ул-ҳидоя***. Мусҳафе, ки махдум фиристод, ҳар хатташ ояте буд дар ҳусн. Ҷомеъе, ки ба ваҷҳи ҳадя бад-ин ҳофиз расидааст, ҳар варақаш бо лавҳи маҳфуз бозмехонад. Маҷмӯаву аштоте, ки аз он ҷомеи маонӣ расид, дили парокандаи моро ҷамъ гардонид. Килку давоте, ки хидмати Мавлоно фиристод, ҳадяе буд, ки бар лавҳи замир нақши *нун ва-л-қалам* нигошт. Дасторе, ки он мутабаҳҳир ирсол фармуд, он оби тунук ин ошноро аз сар бигузашт. Пироҳане, ки лутф фармуда буд, агарчи қатраи об буд, аммо то ҳалқи банда бирасид. Дасторе, ки Мавлоно аз сари сарварӣ[301] бар банда фиристода, агарчи обе тунук буд, аммо бандаро аз сар бигузашту ғарқи алтофам кард. Аз он абри карам бороне ба латифӣ аз қатраборон латифтар расид, ҳамаро карами шох дар шохи махдумӣ бар дод ва кулоҳи чаҳортуранҷӣ бофтанду бандаро самараи чандингоҳа хидмат як ҷузв (144) норинҷии бе бор ба ҳила расид. Кулоҳе, ки он сарвар фиристода буд[302], бӯсида бар сар

---

[299] НЛ: тарозуи сарроф.
[300] НЛ: омада буд.
[301] НЛ: бузургӣ.
[302] НЛ: буд, расид.

ниҳода омад. Як той хайе гулнорӣ, ки гулоби арақ аз андомам бикушояд, расид. Як лати каттон, ки аз ғояти хунукӣ бар худ меларзид, фиристода шуд. Як ҷисри мавҷӣ, ки латофат аз ӯ мавҷ мезад ва як мунир миъбаре, ки об аз ӯ нагузарад ва яктои зубдӣ, ки маска бад-он чарбе набошад, ба хидмат равон карда шуд. Агарчи ин моя қатра ба дарё бурдан бошад, маъа ҳозо, донам, ки даст аз он нашӯяд. Нофаи мушке хилқӣ, ки аз он тиби хулқ расид, аввал бар дида ниҳода шуд, баъд аз он бар бинӣ. Корде[303], ки фиристодаи хос расонид, азбаски миёни бандаш тунуку латиф буд, теғ аз дарунаш чунон менамуд[304], ки гӯӣ барги нор растааст, ки аз даруни шохи бед берун менамояд. Теғе, ки махдум фиристодааст, он оби тунукро гӯӣ бирехтаанд. Корди хосро азбаски об бардодаанд, обаш марезод. Корде, ки махдум фиристода, ба тезӣ бар банда мутаваҷҷеҳ шуд. Киса, ки махдум фиристода, чунон муборак омад, ки аз ғояти даромади дирам дар пӯст намегунҷад. Кисаи банда шабу рӯз барои дирам овехта мебошад ва агар ду донағӣ дар вай афканам, аз каммоягӣ фарёд мекунад. Як бор даҳонаш лаболаб мебояд кард, то сухан нагӯяд. Бахшанда пӯст аз сари кисаи дирам боз кунаду мудхил барои дирам (145) аз пӯсти хеш киса созад. Шона, ки худованд аз сари лутф ирсол фармуда буд, бар фарқи роҳ карду машшота маҳосини банда гашт. Хостам, ки аз пӯсти шонаи худаш шонадон созам, валекин ин мусаллам монеъ шуд, ки колои накӯ дар пӯст бад аст.

**Мутавақеъ-ут-тавқеъ**. Бандаро аз махдуме силоҳе дархост аст, хоҳ тир диҳад, хоҳ камон ғараз ҳосил меояд. Камоне, ки фалон гуфта буд, акнун мебояд ба каши пистон ба ҳила бояд кашид. Кумайте, ки мултамис аст, тааммулро майдони он намебояд дод. Фалон кабӯтарбоз даъвии бахшидани кабӯтар мекунад, аммо ҳаме бипаронаду намедиҳад. Фалон малик моро шоҳин дод, агар боз нахоҳад хост. Калби муаллам, ки шикорбак ваъда карда буд, сарриштаи он пайдо нагашт. Бӯзана, ки маро фалон бахшидааст, шаър пӯшидаву ҷома пора мекунад. Калиме, ки моро мӯбади ҳарирӣ додааст, агар шаъраш гӯянд, дурӯғ набошад. Маҳмуди Қундузӣ моро мӯйина бахшидааст, ки пӯстинпӯш қабул накунад. Аз мулк ягона хонасанҷе ёфтаам понздаҳ дар понздаҳ, ки аз чаҳор сӯйи он бо ҳашт биҳишт дучор хӯрдаам. Тахтаву барка, ки фалон додааст, аз баргҳои сир тунуктару сабуктар ва баргҳо аз шохҳои пиёз бориктару тиҳитар. Сад танга нуқра, ки махдум ваъда фармудааст, гирди[305] дил мегардад, умед аст, ки дар домани ҳусул (146) гирд орам. Ваъдаи гаронсангон овози сиёсат, ки баъд аз дақиқаҳои хом пухта шавад. Ваъдаи карами карамравону пухтакорон овози дегест, ки аз ду дасте ба даҳоне расонад. [Даҳ дирам, ки ваъда карда буд, нақши даҳ дари ваъда дидаму бас.][306] Аз навиди караме, ки махдум дод, ҷуз *ваъдаи беъад* ҳосил нашуд. Гулшакаре, ки аз лафзи ширину ғунчаи даҳони Мавлавӣ берун омадааст, дили банда дар топок аст, то кай расад барои дили банда. Ҳар чӣ зудтар мебояд фиристод, то таскини дил ба ҳосил ояд. Он дӯст пеш аз зимистон ҳазор барг ваъда фармуда буд, сад барг расиду ранге аз он надидам. Ду хумраи бузург очори нағзак, ки ба обёрии об анбошта нашавад, баъд аз он ки дандони умед кунд шуда буд, расид, рубоӣ:

Он бодаи рӯнамо, ки ҷон биздояд,
Рӯ бинамудаст, шишаро мешояд.
Як шиша, ки дар сафош бинмояд рӯ,
Некӯ бувад ар зи ғайб рӯ бинмояд.

**Сафинатун ҷория фӣ-л-ъайн-ул-ъория**. Ҳар кӣ сафинаи бегарав ба орият диҳад, сафинаи ӯ чунон ғарқ шавад, ки беш бар рӯйи об наёяд. Ҳар кӣ сафина ба орият диҳад, гӯӣ, ки ҷория ба орият диҳад[307]. Касе, ки ҷорияи худ ба орият дод, қавӣ дарёдиле бошад. Китобе чун дафтари гул бад-он маҷлиси ишрат фиристода шуд, умед аст, ки чун гул дар хонаи гулобӣ поймол нагардад. Мазоҳике чун дафтари гул мояи хандаву тиб ба хидмат фиристода шуд, умед, ки бод[308] (147) надиҳаду зоеъ накунад. Фалон китобии ҷуҳуди

[303] НЛ: теғ.
[304] НЛ: намуда мешуд, ки.
[305] НЛ: гирдогирди.
[306] Аз НЛ оварда шуд.
[307] НЛ: дода бувад.
[308] НЛ: ба бод.

ҷаррох[309] китоби моро бурду фуруд гирифт. Фалон кас ҷомхонаи мо ба орият бурду поймол кард. Ҳар кӣ китоб бе гаравгон [ба орият диҳад, бадали китоб гиравгон][310] бозёбад. Ҳар кӣ шатранҷу нард бе гарав орият диҳад, бозӣ ёбад. Фалон кас рубоби орият бурду раҳзанӣ карду боз надод. Асбоби маҷлиси ҳар як маъшуқ аст азиз, ҳар кӣ ба орият бурду фуруд гирифт, занаш ба орият бояд оварду фуруд бояд гирифт, байт:

Суфраи нони кӯр бистон орият,
Бозпас деҳ бо яке яхнии хом.

**Муъомалот-ул-авом ва-л-хос**. Ҳар кӣ аз вом халос ёфт, гарданаш аз фарз озод шуд. Фалон воме, ки бистонад, кам диҳад, кам чи бошад, ки беш надиҳад. Робиву зонӣ ҳар ду ба нақшу нафс якеанд. Пушти қибола беҳ аз рӯйи қибола. Гувоҳе, ки ростӣ дар миён надорад, гувоҳест бе алиф. Ҳаргиз авомро аз вом холӣ наёбӣ. Шоҳиди ростгӯй беҳ аз шоҳиди дурӯғгӯй. Хоҷа дарзии мо дом дӯхту қибола пора кард. Ҳар кӣ Шамсро зар вом диҳад, шуои зар вом наёбад. Ҷамолу камол, ки молро фуруд гирифтаанд, то сари эшон наяндозӣ мол ҳосил нашавад. Раҳнамоии вомро бишкан, то дин саломат барӣ, яъне доли динро максур кун, ки дурустии дин дар он аст. Дин дар диёнат дохил аст, то берун набарӣ, надонӣ. Амини бе иллат сурати амн бошад. Хоин агар иллати (148) майл аз дил дур кунад, хон тавон хонд. Хиёнат бад аст ва бештарии ҳар чӣ нақши хиёнат дорад низ, чунин ки: ҷинобату хиёбату ҷинояту хабосату ханосату ҳиёнату ҷинояту ҳанонат. Ҳама донанд, ки хиёнат дар коса беҳтар аз он, ки хиёнат дар киса. Марди дукиса дирами думуҳра аст наздики зан ва зани дар[311] иқд бобати се талоқ наздики мард. Мард агарчи обу оташ бошад, зан ба силоҳи коғазин бар ӯ ғолиб ояд. Хатҳои кобин занҷирҳоест, ки бисёр ҳалқҳо дар вай баста шудааст. Муҳр нақши меҳр дорад, агар дар миёни ҳар ду сар зери забаре набошад. Занро муҳри мард беҳ аз меҳри мард ва мардро меҳри зан беҳ аз муҳри зан:

Он, к-ӯ занаке хостаро зан хоҳад,
Дар хонаи ӯ хостаи зан бошад.

**Хатти ҳаштум** дар адъияи қадиму ҷадиди барбасти ҳикоёт, муштамил бар се ҳарф. Ҳам **зи дуо нисбати ин ҳарф** тамом. Бидон, ки бештари адъия дар ин тарз марбут бошад ба ҳикояте, ки аз нисбату лақабу хитобу шуғл хезад. Ҳам бад-ин робита он чи муносиб ба тақсиме будааст, дар маҳалли хеш иснод ёфтааст, мисроъ: кааврод*-ил-ъанодили фӣ-р-риёзӣ. Аммо он чи алоҳида қисме надораду овардани он зарурист, ин ҷо зикр (149) кардам: то гуфтанӣ намонад ногуфта дар дили ман. Ва он ҷумла се[312] қисм аст: яке калимоти адъияи қадим, ки бар сабили умум нақш мебастанд ва ин ҷо ғолиб бар тарзи ин тарассул мутазаммини латифа истеъмол бояд[313] кард. Дувум, дуои баъзе маориф, ки зикри эшон дар мактубот кам аст. Севум, адъияи мухаддарот, ки бад-он низ эҳтиёҷе бошад, мисроъ: в-он намудор воҷиб аст ин ҷо. Аммо калимоти қадими дуо нотиҷу ақими бисёр аст. Аз он ҷумла, калимае чанд, ки нотиҷ аст, ин ҷо боз намуда шуд, байт:

То бувад дастури аҳли фазлу арбоби қалам,
Беҳ, ки бе моя нарезад андар ӯ оби қалам.

**Ҳарфи аввал** дар истеъмоли калимоти қадиму адъия ба расми ҷадид, **ҳарфи дувум** дар адъияи риҷол ба расми ҷадид, **ҳарфи севум** дар адъияи мастуроти зиндаву гузашта ба расми ҷадид, ъала-л-иҷмол ва-л-асомӣ, мисроъ: ин мисроъ аз барои фарқ аст[314].

**Ҳарфи аввал** дар истеъмоли калимоти қадиму адъия ба расми ҷадид. Бидон, ки дом дар маҳалле мебояд густурд, ки латифа ба ҳар шакле, ки ҳаст, дар дом баста шавад. Чунин ки: имзои мусалсали фалон вазир доми гарданкашон аст, *дома имзоуҳу*. Мо бастаи доми неъмати фалон мунъим, *дома неъматуҳу*. Ва: туро ҳаққи неъмати фалон дом шудааст, *домат неъматуху*. Ва: фалон душман дар доми бало баста шуд, *дома қайдуҳу ло зол*.

---

[309] НЛ: ҷуҳудмизоҷ.
[310] Аз НЛ оварда шуд.
[311] НЛ: ду.
[312] НЛ: ба се.
[313] НЛ: мебояд.
[314] НЛ: аст ин ҷо.

Ҷойе, ки зикри (150) пиру ҷавону Рустаму Зол ва амсоли ин равад, чунинки: фалон малик ҷавондавлат аст, *ло зола давлатуҳу*. Ва: фалон ҷавон қуввати Рустам дорад, *ло зола қувватуҳу*. Зод, чунин ки: фалон озод баромадаву ду-се фарзанд ба ҳила зодааст, *зода авлодуҳу*. *Макканаҳу-л-Лоҳ*, чунин ки: фалон муҳтарам каъбаи ҳоҷат аст, *макканаҳу-л-Лоҳ*. Айядаҳу-л-Лоҳ, чунин ки: фалон теғзан бозуи мамлакат аст, *айядаҳу-л-Лоҳ*. Тариқи барбаст ҳамин[315], ки намуда омад. Ва агар ин алфоз ба сабаби нисбате дигар аз ин латоиф холӣ афтад ҳам, ҷоиз аст. Чунин ки дар нисбати алавиёт нависанд, ки *дома ъулуввуҳу*. Дом бо улу нисбате надорад, аммо улу дар ъулувиёт ба маҳалли худ аст, байт:

Намоиш ин қадаре бас бувад ба табъисалим,
Замир кунад худ огаҳ нашуд ба сад таълим.

**Ҳарфи дувум** дар адъияи риҷол ба расми ҷадид. Нуриддин[316] рӯшан шудааст, ки қуррат-ул-ъайни Расул аст. Нурулалӣ Айнулҷад ба Мавлоно Айнуддини муфтии шариат мусаввир аст, ҳафаза сафоуҳу мин-ал-ъакс. Улохатибро малик-ул-хутабо хитоб шуд, аъла-л-Лоҳу хитобаҳу. Имод музаккире фуҳулу парҳез асту ҷомеъи уммаҳоти маонӣ, закараҳу-л-Лоҳу би-л-хайр. Садри дабир диле дорад пур аз фазли бисёр, саббата-л-Лоҳу фазлаҳу фӣ қулуб-ус-судур. Мӯсии ошир чун коғаз бар даст гирад, яди байзо менамояд, ъасӣ қаламуҳу сиҳран ҳароман. Довуди мукрӣ бағоят хушхон аст (151), ъафӣя-л-Лоҳ лаҳнуҳу фи-л-Қуръон.

**Қалил-ун-нитоҷ**. Сайид Азизуддин аз ҷумлаи аъиззаи дин аст, аъаззаҳу Рабб-ул-ъиззат. Мавлоно Ваҳидуддини муфтӣ ягона аст дар фатво, ҳаёҳу-л-аҳад фӣ ризоҳу. Меҳробу минбар бад-ин хатиб оростааст, зайянаҳу-л-миҳроба бихутабиҳи абадан. Ҷалол музаккирест, ки дар ҷамъи ӯ аҷилла меояд, аҷаллаҳу маъа аҷаллати ҷамъиҳи. Айзари мукрӣ некӯ ёридеҳ аст дар хонанда, ҳайяраҳу-л-Лоҳу таъоло насиран фи-л-қироат. Рашиди шоир дар тасниф муршиде қавист, тарошада аъён-уш-шеър биъайни шеъраҳу. Маҷди дабир дар нақши хат муҳаррир аст муҷиди хат, муҷид бихаттиҳи-л-маҷда.

**Ал-ъумум**. Дар маншури фалон сайид шубҳа агар мӯйе шавад ҳам, дарнагунҷад, ъазама маншуруҳу кассилат-уш-шиър. Муфтиёне, ки дар айни шариат номӣ шудаанд, ҳар як шаҷараи тайибаи динанд, кассара-л-Лоҳу фуруъа аҳломиҳим фӣ усули-л-ҳидоят. Фалон хатиб чандон кӯшида, ки поя ба поя бар минбари ҳазрат баррафт, борака-л-ҷамиъу ъалайҳи. Фалон музаккир ба тахтаи минбар муаллими музаккирони устод аст, ъалламаҳу-л-ъалим мин ладунҳи уламо. Фалон ҳофиз аз даври хеш халқро маст мекунад, зайяна-л-алҳона биҳусни-с-савти ҳалқаҳу. Аз қалами фалон дабир ҳама латофат мечакад, мадда ад-дабиру давотаҳу бимидоди-л-фазли. Шеъри арабии фалон аз дари он аст, ки бар дари Каъба таълиқ кунанд, ъаззама байтаҳу мисла-л-ъарӯз.

***Ли-л-майит***. Сайид Айнуддин чашме буд бар рӯйи содот, ъайн-ул-Алӣ ъалайҳи. Имомуддини (152) хатиб бар минбари нуҳпоя боло рафт, аъла-л-Лоҳу явма-л-ҳашри узнайҳи. Сироҷи Минҳоҷ музаккире буд, ки аз шӯъла забони оташ дар ҷамъ задӣ, наввара-л-Лоҳу руҳаҳу фӣ қанодили-л-ъарш. Нуъмони муфтӣ дар маҳалли иҷтиҳод буд, ъасимаҳу-л-Лоҳу мин мазҳаби моликин. Шараф дабире[317], ки Аторуд ба хӯшачинӣ силаи ӯ шараф кардӣ, байяза-л-Лоҳи савода китобиҳи. Сайфӣ шоире буд, ки аз забону табъаш ҳама ваҷҳатайн[318] рӯй намудӣ, мисроъ: қатаъа лисон-ур-Раббонӣ ъанҳу.

**Ал-ъумум**. Фалон сайид аз тинат пок хокимизоҷ буд, сабақа мин умм-ут-туроби ило абу-т-туроб. Фалон хатиб рӯзи ҷумъа баъд аз завол ба масҷиди қудс пайваст, рафаъаҳу-л-ҷомеъ ъало манобири-н-нур. Фалон музаккир дар тафсир ояте буд хос, руҳуҳу фӣ оёти-н-нур. Фалон дабир маншури иншо тай кард, шаҳ саҳҳафаҳу битавқеъи-р-раҳмат. Аз мавҷи табъи фалон шоир баҳр лаболаб мешуд, ҷаъала-л-Лоҳу руъё мин буҳури-л-мағфират. Фалон мунаҷҷим дар тахтаи хок фурӯ рафт, саҳҳала-л-ҳакиму мадхалаҳу фӣ ҷадовил ал-хулд.

**Ал-ъакс би-л-ъумум**. Фалон мутасайид, ки ду ҷаъд мекунад, худро ба ресмон бар шаҷараи набӣ мебандад, нотаҳа-л-қаҳҳора ъало шаҷариҳи-л-адаб. Фалон хатиб дар хутба

---

[315] НЛ: ҳамин аст.
[316] Сайид Нуриддин.
[317] НЛ: дабире буд.
[318] НЛ: зувачҳатайн.

кизби бисёр мегӯяд, ғаммада лисонаҳу касайфиҳи ва қатаъа мақулатаҳу биҳисомиҳи. Фалон минбаршикан минбарро олати бадгуфти мусалмонон сохтааст, (153) ъалайҳи-л-лаънату мин бароё. Фалон муфтӣ мустағриқи муҳит аст, аммо лавси ӯ пок намешавад, таҳҳар-аш-шариата ъан лавсиҳи. Хатти фалон хаттоти кусаҷ аз маҳосини ӯ қабеҳтар аст, лаҳйия маҳосину хаттиҳи. Фалон шоир ба мизони шеър ҳама шаъир месанҷад, яъне шеър бо иллат мегӯяд, хаффат мавозинуҳу. Фалон дабир ҷуз нома сияҳ кардан коре намедонад[319], саввада-л-Лоҳу ваҷҳаҳу какитобиҳи.

***Ли-л-майит***. Фалон бозаргони рибохор сӯйи сақар сафар кард, ло раҷиҳат тиҷоратуҳу мин нақди-л-аъмол. Корҳои фалон муҳтасиб ҳисбатун *ли-л-Лоҳ* набувад, яҳтасиб-ул-ҳосиба ъалайҳи. Фалон имом фосиқмизоҷ бувад, ҷуъила имоман фӣ ҷимоъиҳи ҷаҳаннам. Фалон муаззин мункировоз бувад, наҳҳараҳу-л-накру бисавти-л-Мункар. Фалон молдори бахил чун дафинаи худ дар хок мадфун шуд, болаҳу ъало руҳиҳи. Фалон шаробхор аз сангандози гӯр фурӯ хуфт, арво бишурби-л-ҳамим. Фалон мудмини хамр аз дарунаи коса хароб шуд, саккаруҳу мудоман мин ғуслайн. Фалон авонро салх карданд, шувия фӣ танӯри сақим. Фалон кӯтволи кованда дар хандақи лаҳад афтод, [мисраъ:][320] ҳосируҳ-ун-нору бибурҷ-ил-ъазоби.

**Ҳарфи севум** дар адъияи мастуроти зиндаву гузашта ба расми ҷадид, ъала-л-иҷмол ва-л-асомӣ. Қамархотуну Шамсахотуну Хуршедхотуну Маҳхотуну Юлдузхотун, саттара анвораҳо фӣ ситор ал-ҳаё ва талъат ъало буруҷи-л-хулд. Дурхотуну (154) Зумрадхотуну Ёқутхотуну Марҷонхотуну Марвориду Гавҳар, ҳафазат фӣ дурҷи-с-сатр ва ҳулият биҳулияти-л-ғуфрон. Баҳорхотуну Гулхотуну Арғувонхотуну Суманхотуну Ҷиҷахотун, манаъа насима-л-хилоф мин ҷузуруҳо ва варадат мин равди-л-ҷинон. Нусратхотуну Фатҳхотуну Фирӯзхотуну Давлатхотуну Тоҷмулку Ҷаврмулку Вафомалик, ло зола зотуҳо фӣ-д-дувал ва хассат бииҳсони-л-малики-ил-муҳаймин.

**Ъало тафсили-л-асомӣ**. Фотимаҳу-л-Лоҳу дарруҳо ва ҷоа-л-мубашширу башири-л-ҳуллияти-л-ҷаннати. Робиъа, ҷаъалаҳо аҳаду сонияти. Робиъатин ва ҷаъала тарбиъ-ул-қабри муборакан ъалайҳо ва сора мураббаъ-ул-ҳадаси мураббаъан ъалайҳо. Ъоишата, ло золат. Ъоишата фӣ-с-салоҳи ва наҷоҳо тибу маъишатиҳо мастуратан дома мақнаъатуҳо фӣ-с-сатри ва сутират фӣ истор-ил-мағфирати. Хадича, ъусимат мин хидоҷи-л-ъисмати ва ъалайҳо камолу-р-раҳмати било хадоҷ. Зайнаб, зуййинат биҳулият-ил-ъафофи ва аъта-л-ҳура-д-дина биҳо. Зуҳра, буъида буруҷу ситоратиҳо ъан-ил-вуболи ва суқили мизонуҳо. Зубайда [шеър[322]]:

Суббат ъало ъайни шариъати доиман
Ва ъало ъуюн-ил-хулди тасбиҳу сармадан.

**Хатти нуҳум** дар таърих, муштамил бар ҳафт ҳарф: ин хатти ҳисоб асту нуҷум. Бидон, ки дар шумори солу моҳу рӯз низ ибдоъе карда шуд, ки дар рӯйи рӯзгор таърих гардад. Дар ангехт то он ҷо, ки (155) дараҷаи иртифоъи маъонӣ мумкин аст, воҷиб кунад, ки дақиқа фурӯгузошт нашуда бошад. Чунинки мисли лафзи *ҷамодӣ* аз маҳалли ангехт чунон дур афтодааст, ки ҷамод аз нутқ. Чун ангезиш кунем, чунон бояд кард, ки дар ҷамоде, ки мо бинем, ки бастагӣ дорад. Қалам гирам, ки боди равон аст, бар оби баста чӣ нақшбандӣ тавон кард?! Маъа ҳозо, ба оташи табъаш ҳал кардаем ва нақше, ки мумкин бувад, бар рӯйи об оварда. Ва *зулқаъда – зу* ба маънии Худованд аст, аммо аз ӯ ба ангехт худованди маънӣ натавон шуд, зеро ки то хол бар рӯйи *зу* бошад, аз ду маънӣ сурат набандад, факайфа бештар. Пас, ҳар чӣ хезад аз қаъда хезад ва қаъдаро агар бо санъати иштиқоқу тасҳиф муҷонасат диҳем. Чун котиб аз сари он санъатҳо хостааст, агар боз бадин сӯй майл кунад, сайёра бошад, ки мунъакис гардад. Аммо он чи дар *қаъда* рӯйи маънавист, ба маҳалли хеш иқомат хоҳад пазируфт, то қоидаи ангехт маълум гардад. Фи-л-ҷумла, ба тариқи ҷумалу муаммо ва зимн-ул-лафзу нисбат аз асомиву шуҳуру синин таваллуд пазирад, дар батни ин коғаз ба зуҳур пайваст ва ҳуруфи ҷумалро, ки пеш аз ин бе маънӣ таркиб мекарданд, чунин ки *шаҷҷаъу таказ* ба истеъмоли маънавӣ бозовард. Ин низ

---

[319] НЛ: надорад.
[320] Аз Нл оварда шуд.

**Чаҳоршанбе рӯзи Уторид**: Таҳрири нома дар рӯзи Уторид буд. Равон кардани килк дар рӯзи Тир буд. Боз намудани ғараз дар рӯзи Тир буд. Фиристодани нома дар рӯзи Тир буд. **Ҷумали дол**: чун рӯзи чаҳоршанбе аз таҳи *Хуршед* рӯшан гашт, малик Шамсуддини Чархӣ дабирро шуғли тир фармуд. Чун рӯзи чаҳоршанбе аз фуруди *Уторид* намудор кард, ин мактуб ба дасти пайкони тиррави тирсайр фиристода омад[326]. Номи рӯз дар охири *коғаз* навишта шуд.

**Панҷшанбе рӯзи Муштарӣ**: сайри қалам ба толеъи саъд дар рӯзи Муштарӣ буд. Равон кардани моҳии хома дар ҷадвали ин тақвим рӯзи Бирҷис буд. **Ҷумали ҳаваз**: шарҳи ин фироқ рӯзе буд, ки *моҳе* гӯям. Таҳрири ин рақам рӯзе буд, ки дар охири *ҳафта* ояд. Номи рӯз дар охири *нома* сабт афтод. Чун панҷшанбе аз аввали *ҳилол* ё дувуми *маҳ*, ё севуми *моҳ*, ё севуми *ғурра* рӯшан гашт, фарзанди масъуд валодат ёфт.

**Одина рӯзи Зуҳра**: баёзи ин савод рӯзи Зуҳра буд. Санҷидани мизони қалам рӯзи Зуҳра буд. **Ҷумали вов**: густурдани соя бар ин бисоти нур дар миёнаи *рӯз* буд. Ин ҷо низ соату рӯз дуруст меояд. (160) Таҳрир дар рӯзи одина, дувуми *шавол* буд. Чун одина аз дили *хур* рӯшан шуд ё аз миёнаи *рӯз* пайдо гашт, ҷаҳоне миёни *нур* ниҳон гашт. Фардо, ки одина аз миёнаи *рӯз* рӯшан гардад, мусаллоро бар сар соябони раҳмат мебояд сохту дар намоз рафт. **Умум**: тақвими ин рӯзнома дар рӯзи фалон кавокиб буд. Ҷунбиши самоки қалам дар рӯзи фалон сайёра буд. Давидани шаҳоби хома бар ин девони сиёҳ дар рӯзи фалон ахтар буд.

**Ҳарфи севум** дар таърихи дувоздаҳ моҳ, мутазаммини латоифе, ки аз номҳои моҳу мавосим ба тариқи нисбату ҷумал хезад.

**Муҳаррам**: сурма кашидани мили қалам дар айни ин ариза рӯзи Ошура буд. Қаблуҳу ва баъдуҳу ҳам биёяд. Хай чакондани хома дар айёми гармо миёни *муҳаррам* буд. Таҳлили бикри маънӣ бар ин вароқи фард дар шаҳри муҳаррам буд. Иқди ин сеҳри ҳалол дар шаҳри муҳаррам буд, *ъазума ҳурматуҳу*. Гиряи қалам ба овози сарир дар ашри Ошура ва айёми мақтали Ҳусайн буд. Дар азономаҳо низ гиряи қалам бояд набишт.

**Сафар**: тайи ин фатҳнома дар моҳи сафар, хатама-*л-Лоҳу* би-*л*-фатҳ ва-з-зафар, буд. Тараннуми мурғи қалам дар сафар буд. Залла тоир-ул-хайри фиҳи сафарун малаа-с-сафара би-д-давр фӣ сафар.

**Рабеъ-ул-аввал**: иқди ин ғунчаи мутабассим дар рабеъ-ул-аввал буд. Дар рабеъ-ул-охир ҳам биёяд. Таҳрир дар дувуми рабеъ-ул-аввал буд. Дар охир ҳам биёяд. Ва чун ҳарфи дувуми "рабеъ" ***бе*** асту дар ҷумал ***бе***[327] ду бошад, (161) пас, дар дувуми рабеъ ба иттифоқ латифа мехезад. Таҳрири ин *натифаи фазл бар мактуб* дар *рабеъ*-ул-аввал буд, *юҳии-л*-хайр. Рехтани меваи обиву норӣ аз ду шохаи хома бар ин варақ дар рабеъи нахус*тин* буд. Гӯшаи[328] қалам рӯзи вафоти Расул (с) буд. Қаблуҳу ва баъдуҳу низ биёяд. Иқди ин таҳрир дар охири рабеъ-ул-аввал буд.

**Рабеъ-ул-охир**: дурбории абри найсони қалам дар айни рабеъ-ул-охир буд. Аввал ҳам биёяд. Навозидани булбули сияҳсари қалам дар ин гулзор дар рабеъи *боз*пасин буд. Пеш ҳам биёяд. Ороста шудани ин фасл ба *ҳоли* фазл дар рабеъи охир буд. Вазидани насими хома бар ин варақ дар ҳавои *муъ*тадилу рабеъи па*сина* буд. Рехтани **сармояи хазонҳо** равон аз хомаи *тир***сайр** бар ин пар*даи ҳарир*[329] фасл ба фасл дар рабеъи пасин буд. Ир*сол* ҳам.

**Ҷамоди-юл-уло**: барбастани айни маонӣ аз азимати қалами ҷоду дар *ҷамоди-юл*-уло буд. Охир ҳам биёяд. Барбасти айни иборат бар ин об дар миёни *ҷамоди-юл*-уло буд. Дар охир ҳам биёяд. Иқди оби латофат дар ин коғази сияҳи баҳрӣ ба сеҳри қалам дар ҷамодӣ буд. Таҳрири ариза дар даҳуми *ҷамоди-юл-уло* буд. Дар ин истеъмол низ "йо" даҳум ҳарф аст ва даҳ аст, иттифоқ афтод. Ҷунбонидани нахли қалам дар ин ҷирраи ҷонӣ* дар ҷамодии аввал*ина* буд. (162) Таҳрир чаҳоруми *ҷамодӣ* буд. Ин ҷо ҳам *дол* чаҳорум ҳарф асту

---

[326] Шакли саҳеҳи ин ҷумла аз Нл оварда шуд, дар нусхаҳои КМ ва ДТ ҳар ду ҷумла ба тариқи махлут омадаанд.

[327] НЛ: бе низ.

[328] НЛ: гиряи.

[329] НЛ: коғазини ҳарир.

дар чаҳоруми ҷамодӣ дуруст омада ва чун латифа дар лафзи ҷамод аст, дар ҳар ду ҷамодӣ тавон навишт.

**Ҷамоди-юл-охир**: иморати ин хонаи сухан дар ҳамсоягии шаҳри Худой буд. Бинои ин роз дар ҷавози шаҳру-*л*-*Л*оҳ буд. Берун додани асро*ре* чунин дар[330] ҷамодии па*син* бувад. Раҳ гирифтани ин нома дар охири *ҷамоди-юл-охира* бувад. Охир ҳам биёяд. Барбасти айни иборат бар ин об дар миёни *ҷамодӣ* бувад. Таҳрири ариза дар даҳуми ҷамоди-юл-охир буд.

**Раҷаб**: либоси ин саводи аъзам дар шаҳри Худой буд. Ин мактуб дар моҳи муваққари раҷаб ба каромати карам-ул-куттоб хатмуҳу мукаррам гашт. Муҳр бар лаби ин нома дар рӯзи Майрам буд. Ифтитоҳи ин фатҳнома рӯзи истифтоҳ ё қаблуҳу ё баъдуҳу буд. Фатҳи абвоби ғараз ба мифтоҳи қалам пеш аз истифтоҳ ё ҳам дар он рӯза, ё баъд аз он буд.

**Шаъбон**: иншиъоби ин шаҷараи иншо дар гулшани шаъ*бон* буд. Ин нома дар шаҳри Расул (с) набишта шуд. Таҳрири ин арқом дар барот буд. Юмни қадами килк бар ин саводи маймун дар лайлаи муборак буд. Дар шаби барот дудаи чароғ бар сари қалам карда шуд. Тақсими ақсоми ғараз дар барот буд. Дурфишонии хома дар айёми сангандоз буд.

**Рамазон**: муҳри лаби ин даҳонбаста аз таъом дар рӯзҳои рамазон буд. Силсила ниҳодани қалам бар ин девон дар (163) рӯзаи аввали рамазон буд. Ин покдоманро дар нуздаҳуми рамазон *тай* буд. Гиряи қалам бар риққати коғаз дар даҳаи мағфират буд. Таҳрири бандагӣ дар ашри *иттақу мин-ан-нор* буд. Саҷда кардани шаҷараи қалам бар ин саҳни чаман дар шаби қадр буд. Иқди ин бикри рӯпӯшида дар шаби қадр буд.

**Шавол**: давидани ноқаи хома думбардошта дар шаввол буд. Ин бикри сарбамуҳрро рӯзи ид зевар баста шуд. Ороиши ин мухаддароти баҳру бар[331] қасаб дар рӯзи ид буд. Ҳалво кашидани қалам бар ин коғази шакарпеч ё руқоқи сафед дар шишаи ид буд. Таърихи моҳ дар миёнаи *шаввол во*намуда шуд. Тамом шудани ин бадри шабафрӯз баъд аз ъайни ъ*ид*, ки ҳилол аст, ба чаҳордаҳ рӯз буд. Таҳрири нома дар охири шавол буд.

**Зу-л-қаъда**: қиёму суҷуди қалам дар ин убудият дар зу-л-қаъда буд. Иқди ин таҳрир дар даҳаи охири зу-л-қаъда буд. Тавозуъи қалам пеши қоидаи давлат дар зу-л-қаъда буд.

**Зу-л-ҳиҷҷа**. Тавофи қалам дар ин арсаи сафо дар даҳаи ҳоҷиён буд. Дар тамоми моҳи зу-л-ҳиҷҷа низ тавон навишт. Вуқуфи қалам дар ин арафоти убудият рӯзи арафа буд. Сероб гардонидани хомаи таҳият аз Замзами миҳбара рӯзи тарвия буд. Сар буридани ҷамозаи тезрави қалам дар иди азҳо буд. (164) Дар айёми ташриқ ҳам тавон навишт.

**Ҳарфи чаҳорум** дар таърихи сирӯзаи моҳ ба ҳисоби ҷумал, ки сари моҳ дар буруҷу манозил низ зимнан биёяд, ба тариқи муаммову иҳом. 1[332] - Ҳангоми кушодани камари қалам ба ҷиҳати барбасти ин иборат моҳи муҳаррам дар охири ҷавз*о** буд. 1 – Ҳангоми давидани оҳуи хома ночихи моҳи сафар бар сари *а*сад буд. 2 – Ҳангоми сикка задани китобаи иборат бад-ин тахтаи нуқра моҳи фалон ба охири қал*б* расида буд. 2 – Ҳангоми давидани арқами қалам моҳ ба охири ақра*б* расида буд. 3 – Чун носияи ин нома ба тоҷи таҳмид ороста шуд, моҳ ба сари *ҷ*абҳа расида буд. 4 – ҳангоми об додани ин моҷаро ба қистос моҳ бо сари *д*алв ошной дошт. 5 –Ҳангоми борвар шудани ин мазраъаи хирадмандона доси моҳ дар таҳи сунбул*а* буд. 6 – Ҳангоми равон шудани килки тирсар пайкони моҳ ба миёнаи қа*в*с расида буд. 7 – Ҳангоми санҷидани назми ин кулоҳ моҳ дар миёнаи ми*з*он расида буд[333]. 8 – Ҳангоми ошно кардани қалам бар айни унвон нимшасти моҳ бар сари *ҳ*ут расида буд[334]. [8 – Ҳангоми давидани қалам оҳуи моҳ бар ҳамал расида.][335]

---

[330] НЛ: дар шаҳри.

[331] НЛ: ба ҳарир ва.

[332] НЛ: Аввал. Шумораҳои дигар ҳам дар ин нусха ба ҳарф навишта шудаанд.

[333] Ин ҷумла аз НЛ оварда шуд; ҷумлаи нусхаҳои КМ ва ДТ – ҳангоми санҷидан иншо кардани қалам бар айни унвон нимшасти моҳ бар сари мавт расида буд - мантиқан ишкол дошта, ба латифаи мавриди назар рост намеояд, чунки дар ҳисоби абҷад ифодаи ададии ҳарфи “з” рақами 7 аст, на ҳарфи “м”.

[334] Ин ҷумла низ аз НЛ оварда шуд; дар нусахи КМ ва ДТ чунин аст: ҳангоми давидани қалами оҳуй пойи моҳ бар сари ҳамал расида буд.

[335] Дар нусахи КМ ва ДТ нест.

9 – Ҳангоми дурборӣ абри найсони қалам ба миёнаи *саратон* расида буд. 10 – Ҳангоми дом густурдани қалами бодсайр бар оби ин себаҳрӣ моҳ думи *моҳӣ* гирифта буд. 11 – Ҳангоми ҳамли маонӣ (165) дар батни когаз моҳ аз нимаи аввали *батайн* бигзашта буд. 12 – Ҳангоми соя афкандани шаб бар ин моҳтоб *бадр* аз фуруд ноқис буду ба миёнаи *қавс* пайваста. 13 – Ҳангоми таҳрири ин мактуб моҳ ба миёнаи *ҷавзо* расида буд. 14 – Ҳангоми рӯшан кардани ин ҳол нури моҳ аз охири *ҷудой* то сари *далв* гирифта буд. 14 – Ҳангоми равон кардани моҳии хома моҳ ба таҳи *далв* гирифта буду бар сари *ҳут* мерехт. 15 – Ҳангоми тулӯъи дақоиқ аз матлаъ ин моҳи мастур ба *ҷабҳа* расида буд. 16 – Ҳангоми дурфишонии қалам парвин пеши моҳ омада буд *вай* чида. 17 – Ҳангоми баромадани ахтари маънӣ аз қалам ду пайкари моҳ ба *ҷавзо* расида буд. 18 – Ҳангоми давидани килки нимшикофта *моҳи* бесару по бар *ҷадӣ* савор гашта буд. 18 – Ҳангоми бардоштани шоҳини қалам моҳ ба миёнаи *мизон* расида буд. 19 – Ҳангоми таваллуди ин натоиҷ моҳ ба миёнаи *батайн* расида буд. 20 – Ҳангоми оростани ин нури беғаши шабгун партави моҳ аз охири *далв* то ду ҳиссаи аввали *ҳут* гирифта буд. 21 – Ҳангоми ҷунбиши килки хаттӣ моҳ ба нимаи охири *самок* расида буд. 22 – Ҳангоми давидани килки кӯтаҳпой дар ин саҳро *моҳи* дур аз мо бар *ҷадӣ* савор гашта буд. 23 – Ҳангоми ҷаъд кардани қалам *моҳ* кулоҳ аз сар ниҳода буду аз *ҷавзо* камар баста. 24 – Ҳангоми мавзеъи умм-ул-ҳуруф бар ин[336] қимот пойи *маҳ* дар миёнаи *батайн* буд. 25 – (166) Ҳангоми рост истодани килки хаттӣ дар ин зикр *моҳ* дар охири *самок* пой ниҳода буд. 26 – Ҳангоми силсила ёфтани қалам *моҳ* бе сар шуда, сару пойи *асад* гирифта буду бар *ҷабҳа* нишаста. 27 – Ҳангоми ҷуфт гаштани қалам бад-ин киштии гавҳар рӯйи моҳ хирманвор ба *гов* расида буд. 28 – Ҳангоми об кашидани қалам аз чоҳи давот барои серобии иборат моҳ ба миёнаи *далв* расида буд, *бе* нуқсон. 29 – Ҳангоми иҷтимоъи кавокиби улвӣ дар хонаи сухан моҳ ба *ҷабҳа* расида буду аз *зубда* суда берун бурд. 30 – Ҳангоми сафари маонӣ аз қиссаи қалам сӯйи ин саводи аъзам моҳ ба охири *ҳамал* расида буд.

**Ҳарфи панҷум** дар таърихи муҷаррали моҳ ба ҳисоби ҷумал, мувашшаҳ ба хаёлоти беҳисоб. 1 – Ҳангоми охир шудани ин мактуб моҳи фалон дар аввали *аввал* буд. 2. Таърихи таҳрир дар моҳи фалон *бе* гуфтан маълум шудааст. 3 – Чун моҳ аз зери бурҷ рӯшан шуд, ин саҳифа ба тақвим пайваст. 4 – Шумори моҳ аз фуруди *коғаз*[337] маълум хоҳад гашт. 5 – Таърихи моҳ аз охири сафҳа дар назар хоҳад омад. 6 – Таърихи моҳ болои *варақ* мастур шуд. 7 – Таърихи моҳ дар охири *роз* гуфта ояд. 8 – Таърихи моҳ дар поёни *лавҳ* фуруд хонад. 9 – Шумори моҳ дар охири *хат* таҳрир афтод. 10 – Таърихи моҳ аз миёнаи *зайл* мутолиа фармояд. 11 – Таърихи моҳ аз дарунаи *файёз* берун (167) барад. 12 – Шумори моҳро агар *бедорӣ*, дарёбӣ. Ин ҷо ҳар ду ҳарф мебояд гирифт, то дувоздаҳ бихезад ва чун ҳарфи "б" ҳоҷат бошад, яке бояд гирифт, то аз рӯйи ҷумал "б" ду бошад. Ва агар дувоздаҳ ҳоҷат бошад, бе (ی) ду ҳарф бояд гирифт, то дувоздаҳ ояд. Ҳар ҷо, ки "б"-ро ба тарики ҷумал истеъмол хоҳад кард, ин ҳар ду тариқ дар тарзи ин тарассул ҷойз аст, байт:

Инак, ҷумале, ки дар шумор аст маро,
Бо ҷумлаи мардумон чӣ кор аст маро?!

13 – Шумори моҳ аз *баёни* бепоён мубайян гардад. 14 – Шумори моҳ *дӣ* гуфта шуд. 15 – Шумори моҳ *ёд* карда омад. 16 – Таърих набишта шуд, шумори моҳ аз *вай* рӯшан кунад. 17 – Моҳро шуморӣ *зебой* аст, ҳар кӣ биронад, бениҳоят *зияд*. 18 – Шумори моҳ ба *ҳияли* бениҳоят маълум гардад. 19 – Шумори моҳ дар охири *хат* ва аввали *яд* сабт афтод. 20 – Таърихи моҳ аз сари *килк* берун дода шуд. 21 – Ҳангоми таҳрири ин номаи маймун, ки роҳати мудом аст, даври моҳ ба *каъси* бе бун расида буд. 22 – Ҳангоми салои сарири хома бар вараки саҳншафоф кизлики моҳ ба *кабоби* бе об расида буд. 23 – Ҳангоми тарсеъи ин дебоҷаи моҳ аз *дурҷак дур* берун* омада буд[338]. 24 – Таърих аз сари *килк* берун афтодааст ва дар поёни *коғаз* тамом шуда. (168) 25 – Таърихи моҳ бар сари *варақ* *тай* карда шуд. 26 –

---

[336] НЛ: ин миёна.

[337] Ин ҷо манзур аз зол (ذ) ҳарфи дол (د) мебошад, чунки муодили рақами 4 дар ҳисоби абҷад дол аст, на зол.

[338] НЛ: берун оварда шуд.

Шумори моҳ дар миёни сукут гуфта шуд. 27 – Котиби таҳрир шумори моҳ аз қасаби қалам *каз* кард. 28 – Котиб охири *кухлро* фурӯ шустаасту таърихи моҳ набишта, ҳар киро биноист, рӯшан хоҳад кард. 29 – Дар шумори моҳ сари килк ба охири хатти пайваст фурӯ хондан фармояд. 30 – Ҳангоми шарҳи ин рози пӯстбозкарда паҳлӯи моҳ ба миёни салх расида буд. Зеру забар шудани қиссаи қалам дар шаҳри ҳаром буд. Сияҳ кардани ин нома дар дари шаҳри уммат буд.

**Ҳарфи шашум** дар таърихи сол ба ҳисоби ҷумал. *Шашсад сол* - дар баёни таърих рӯшан[339] шуд. *Шашсаду даҳ* – таърихи сол *ду шабу* миёнаи рӯз набишта шуда буд. Шашсаду бист – таърихи сол, ки дар *мактуб бунёд* карда буданд, аз сари қалам тамом карда шуд. *Шашсаду сӣ* - шумори ъом дар охири таърих ва поёни сол расида буд. *Шашсаду чиҳил* – шумори сана аввали *таърих* ва аввали *муҳаррам* буд боре. *Шашсаду панҷоҳ* – шаҷари сол *нахли* бехбурида буд, бар расида шуд. *Шашсаду шаст* – ва *салхи* таърихе, ки дар ин китоб даромад. *Шашсаду ҳафтод* – шумори сол *килк* дар поёни таърих тамом кардааст. *Шашсаду ҳаштод* – котибро дар ангезиши ин таърих *фахри* бениҳоят аст. Шашсаду навад – дар *китобе* (169) *рамзе* дидаму таърих буд. *Ҳафтсад* – таърихи ин сол *тарест* бар сари қалб дар. Аз лаби ин таърих *шутур* пой буридааст, ки ҳафтсадсола роҳ меравад. *Ҳафтсаду як* – ҳангоми таҳрири ин таърихи таҳрир гармое буд, ки сари қалам бар сари об бурдаму *тар* кардам, он гоҳ тавонистам набишт. *Ҳафтсаду ду* – дар ин таърих шумори моҳу сол дуруст омадааст: ба таърихи ъом шаҳр миёни шаъбон буду аввали *шаб* ва охири *барот*. *Ҳафтсаду се* – таърихи ин сол *шитоб* набишта шудааст, аммо дуруст омадааст. *Ҳафтсаду чаҳор* – таърих *гузашт*, валекин сар гум. *Ҳафтсаду панҷ* – дар ин таърих низ шумори моҳу сол дуруст омадааст: таърих охири *зу-л-қаъда* буду аввали *зу-л-ҳиҷҷа*. *Ҳафтсаду шаш* – дар таърихи ин сол *завқи* бепоён аст. *Ҳафтсаду ҳафт* – икди сана ду "р" аст дар шабаҳ. *Ҳафтсаду ҳашт* – шумори сол миёни таърих дар *шарҳ* омад. *Ҳафтсаду нуҳ* – таърихи сол аз сари қалам дар *хат* рӯшан шуд. *Ҳафтсаду даҳ* – дар ин таърих аз сол *киштӣ* сохта шуд, аммо ҳарфи боло надорад. *Ҳафтсаду бист* – дар ин таърих *зикри* бепоён бояд, то мафҳум гардад. *Ҳафтсаду сӣ* – дар ин таърих ҳам шумори моҳу сол дуруст омадааст: таърих аввали *зу-л-ҳиҷҷа* буду охири *сол*. *Ҳафтсаду чиҳил* – аз шумори (170) сол дар охири таърих *ъалам* дода шуда, таърихи сол дар *зайл* таҳрир ёфт. *Ҳафтсаду панҷоҳ* – таърихи сол аз сари *зайл* дар поёни бепоён маълум хоҳад шуд. *Ҳафтсаду шаст* – котиб таърихи сол *ҷудо набишт* намуд, то маълум гардад. *Ҳафтсаду ҳафтод* – дар ин таърих низ шумори моҳу сол дуруст афтодааст: дар шумори сана сари қалам ба поёни таърих расида буду охири *сол* ба аввали *муҳаррам* пайваст. *Ҳафтсаду ҳаштод* – шумори сол *ҷазаба* дорад, ки ъайни ъумрро сӯйи хеш мекашад. *Ҳафтсаду навад* – таърихи сол аз сари *зайлу* сари *сафҳа* хондан фармояд. *Ҳаштсад* – ҳар кӣ сари *зобита* дарёфт, таърихи сол маълум хоҳад кард. *Ҳаштсаду як* – дар таърихи сол *охир* навишта шуд.

**Ҳарфи ҳафтум** дар латоифе, ки аз ҳандасаву ҷумал хезад, байт[339a]:

Номи Одам ба ҳандаса ар хоҳӣ,
Чилу панҷ аст дар ҳисоби ҷумал.

М.: Бинвису бубин нуҳсаду ҳаштоду як аст. Ҳаштоди ҳандаса даҳи порсӣ бошаду нуҳи ҷумал *85* муҳандис. Панҷ дирам барот мекард. Гуфтам: даҳ бинвис, ***оҳ*** аз дил баровард. Ва: симро охир сифр асту сифрро низ дар миён сифр аст. Аввалу охири *мардум* сифр аст. Аввали ъадаму охири фано дар миён [радди ишорат бар он, ки агар аз дил хабар дорад, дар маънӣ маърифат бикшояд.][340] Мардумоне, ки ба ҳандаса зиндагонӣ кунанд, он гаҳ кам дорад, ҷавонмардтар аз он, ки бештар дорад, набинӣ, ки:

Ҳар кучо ҳаштод (171) бошад, коса[341] бинӣ нагун,
Ҳар куҷо ҳафтод бинӣ, коса бошад, ситон.

Ҳашти ҳандаса 7, чаҳор "д" бошад дар ҷумал ва панҷ "ҳ"[342]. Ҷумалу сиёқат дар ҳандаса панҷ аст, яъне ҳам "ҳ" шакли сифр дораду ҳам панҷи сиёқат. Ва даҳ дар ҷумал нуҳ, ки

---

[339] НЛ: навишта.
[339a] НЛ: байт ба сурати наср омадааст, бо ҳазфи «ар»-и мисраи аввал.
[340] Аз НЛ оварда шуд.
[341] НЛ: косае. Дар мисраи дувум ҳамчунин.

бошад, доли чаҳор "ҳ". Панҷи алиф дар ҳандаса ва ҷумал якест. Маънӣ чунин хезад, ки[343] миёни ду ҳисоб аз аввали аввал иттиҳод аст.

**Хатти даҳум** дар шароити нисбат, муштамил бар ҳашт ҳарф: **ҳарфи аввал** дар нисбати мактуб аз аввал то охир, **ҳарфи дувум** дар нисбати алқоби камнитоҷ, **ҳарфи севум** дар рухсати гусастани силки нисбат, **ҳарфи чаҳорум** дар ҳинҷори танидан гарди тору пуди нисбати китобу мактуб, **ҳарфи панҷум** дар ҷавозу лоҷавози нисбат, **ҳарфи шашум** дар овардани назм ҳангоми тамом шудани нисбатҳои китобат, **ҳарфи ҳафтум** дар пайванд кардани аҷниҳаи нисбат ҳангоми пар кам шудан, **ҳарфи ҳаштум** дар илтизоми се[344] ва чаҳор нисбати қарибу баъид, мисраъ: аз ин мисроъ гардад фарқ рӯшан.

**Ҳарфи аввал** дар нисбати мактуб аз аввал то охир: **нисбати чашм** нигаҳ кун рӯшан. Нигаҳдошти нисбат дар тамоми мактуб чунон бувад, ки аз айни унвон то поёни савод аз зери хами абрӯи нуни нисбат берун наравад. Масалан, агар мактуб (172) илайҳи Айнуддин аст, бояд, ки куҳли мидодро аз майли қалам бар он гуна равон кунад, ки тамомии мусовада бо кутҳоли таносуб айнияти қарин гардад, байт:

Миёни ин дақоиқ гар фитад бенисбате ҳарфе[345],
Халад дар дил ба сони куҳли ноҳамвор дар дида.

**Ҳарфи дувум** дар нисбати алқоби камнитоҷ: **нисбати ҷомаву алқоб** нигар. Ва агар мактуб илайҳиро лақабе бошад, ки аз он нисбати бисёр нахезад, монанди[346] Хайруддин ё Фахруддин ин ҷо нисбат аз урфу насабу шуғлу касб талаб бояд кард ва сифате бояд гирифт аз нотиҷ; муҳол аст, ки нисбат фароҳам наёяд. Аммо табъи ангезанда бояд ва онро, ки дар тасаррруфоти маонӣ қудрате комил набошад, байт:

Он беҳ, ки қалам дар пайи ин тарз наронад,
То хушкзабон чун қалами хеш намонад.

**Ҳарфи севум** дар рухсати гусастани силки нисбат. Ҳаст ин ҷо зи **ҷавоҳир нисбат**. Аммо агар ҷавҳарӣ хоҳад, ки ба қуввати табъи хеш иқди нисбатро бигсилад, боре дар ин низоми мутлақ раво набошад, магар ба ду шарт: аввал он, ки самти калом дар баёни илмию кайфияте таълиқ бояд кард, ки агар перояи нисбат низ ба он ёр шавад, рӯйи ғаразро пӯшида гардонад. Чунонки ҳам дар ин дебоча дар баъзе маҳал ҳулияи нисбат амдан гусаста шудааст, то ҷабҳаи мақсуд бе алоқаҳои (173) ба ло адрӣ рӯшан дар назар ояд. Ва шарти дувум он, ки ҷавоҳири маънӣ бар мӯҳраи коғаз бегусаст чандон наср кунад, ки дар азёли саҳойиф нагунҷад, то анбӯҳе дурари латоифи беҷода бенисбатеро фурӯ пӯшаду бинанда дар гирд овардани лаолии обдор чунон мустағриқ гардад, ки ба беҷода напардозад, назм:

Риштаи нисбат агар мебугсилӣ, з-ин сон гусал,
Бад бувад, к-ат дурр набошад, ресмон ҳам бугсилӣ.

**Ҳарфи чаҳорум** дар ҳинҷори танидан гарди тору пуди нисбати китобу мактуб: бин ҳунар дар **нисбати бофандагӣ**. Бидон, ки барбофти нисбат дар борикиҳои мактуб бар минволи дигар асту дар китобат бар шакли дигар. Ҳарирбофии мактуб, чунонки боло рафтааст ва ин ҷо низ ҷулоҳагӣ дубора карда мешавад. Ва он ин аст, ки аз навардгоҳи унвон то зайли таърихи порсӣ аз коргоҳи як нисбат берун наяфтад ва ин илтизом ба ҷиҳати онрост, ки арсаи нома рукъаворе бошад ё бандворӣ ё нимтоӣ. Ғояти як ҷузви бофандаи ин тарзро он миқдор дақоиқ бибояд, ки яктоиро оҳори нисбат тавонад кард ва агар касе ду ҷузве ба ҳамворию латифӣ фуруд тавонад овард:

Мӯ ба мӯйе(ст) офарин санъати шаърбофро,
К-ӯ бизанад ба тор бар шонаи мӯшикофро.

Инак ин **нисбати чикину алам**. Аммо хаёлоти нисбат дар аламхонаи китоб (174) бисёр бояд, аз он рӯй, ки китоб оқибат аз даҳ-панҷ ҷузвӣ ва агар бештар аз бисту ситоӣ кам набошаду чандин коргоҳро як нақши нисбат нигоҳ натвон дошту дар ин тарз тирози

---

342 Манзур "ҳ"-и ҳаваз аст.
343 НЛ: то дар.
344 НЛ: ду ва се.
345 НЛ: ногаҳ.
346 НЛ: чунонки.

нисбат нигоҳ доштан зарурӣ. Пас, ҷумла[346а] он бошад, ки дар саҳойифи ҳаририи китоб ҳар мақома суханеро шоху барге дигар нигораду назм, ки дар охири он чун обаке паҳлӯи мавҷи дарё аз барои фарқ кашад. Чунонки ҳам дар ин мақома сухан нисбати аламу чикин гирифта шудаасту сарриштаи накшбандӣ сари сӯзане аз роҳи нисбат берун нарафта ва дар поёни мақома назме низ таҳрир афтода, то чун оғози алами дигар карда шавад, ин назм миёнаи ду намуна мумайииз бошад, назм:

Агар аламкаши биност, ин намуна бигирад
Вагарна хира кунад чашм ҳам ба тор шумурдан.

**Ҳарфи панҷум** дар ҷавозу лоҷавози нисбат. **Нисбати фазлу китобу мактуб**. Боз нисбати китобат дар мактуб нигоҳ доштан раво бувад. Аз ин рӯй, ки чун дар китоб ҳар мақома [сухане бо нисбати худ андаку мӯъҷаз тамом хоҳад шуду баъд аз он мақомаи][347] дигар оғоз хоҳад гашт. Дар мактуб риояти он тарз осон бувад, чунонки дар баъзе мактуботи котиб муойина хоҳад шуд. Аммо агар нисбати мактуб дар китоб нигоҳ дорад, раво набувад, ба ҷиҳати он ки (175) чун тарзи мактуб он аст, ки аз боло то фуруд як нисбат бошаду кори китоб татвиле дорад, душвор бошад[348]. Назм:

Пас ар хоҳӣ ба расми ман қаламро дар суҷуд орӣ,
Равову норавои ман сазад, к-аз даст нагзорӣ.

**Ҳарфи шашум** дар овардани назм ҳангоми тамом шудани нисбатҳои китобат. **Нисбати назму шеъру мизон** бин. Бози[349] санҷидани тарзи мактуб агар мизони назмро ҷой ба ҷой таълиқ кунанд ва ё накунанд, наздики мо-ш ҷавоз аст, зеро ки чун каффаи нисбати болову фуруд якест, назм дар ӯ барои тазйин сохта мешавад, на ба эҳтиёҷ. Ба хилофи мувозана ба тарзи китоб, ки ин ҷо ҳар мақома суханро нисбате дигар мебояд кашид. Агар тавозуни назм аз миён бархезад, шоҳини нисбатро даволи тартиб гусаста гардад:

Пас ар ҳаст бе назм тарзи китоб,
Бувад бодпаймо чу мизони шеър.

**Ҳарфи ҳафтум** дар пайванд кардани аҷниҳаи нисбат ба ҳангоми пар кам шудан, мисроъ: **Нисбат** нигар аз **паррандаву пар**. Боз дар он ҷо, ки мурғи қаламро бар ҷиноҳи нисбат парвоз хоҳад дод, модом, ки маҳалли паридан дорад, мебояд, ки парронанд, аммо ҳар гоҳ ҷойе афтод, ки аз пардохти нисбат пар кам шуд, ин ҷо зоғпо задани қалами кабкрафтор бар нахҷе бояд, ки тариқи зоғу кабк нашавад ва аз ҷиҳате дар бояд омад, ки параи нисбат пароканда нагардад. (176) Ва ҳам дар батни ин савод дар ин калимоти лӯку *ланг* ба резачинӣ сар фуруд ораду дар ҳар лафзе чун мурғ дар ошёна дарраваду нигоҳ кунад, ки тӯъмаи нисбатро дар ҳавсалаи лафз чи уст*одона* гунҷонидаам. Ва санъати зимн-ул-лафзро, ки ан*боз* гӯянду зимнан дар лафз бозбиёяд ва кулоғ нависаду лоғ набошад, барои вусъати нисбат чигуна паррон карда, то кабӯтари номаро аз он шарт риштаи дароз диҳам. Ин ҷо чун нисбати туюр гирифта шуд, лобуд амсолу назойир низ ҳам аз ин ҷинс бознамудам, байт:

То ҳар кӣ шинохт мантиқ-ут-тайри маро,
Бар мамлакати сухан Сулаймон бошад.

**Ҳарфи ҳаштум** дар илтизоми ду, се ва чаҳор нисбати қарибу баъид, мисроъ: ду **нисбат** зи **ҳаддоду наҷҷор** бо ҳам. Тароши як нисбат дар ин тарзи *матбӯъ фарз* аст. Касеро, ки дар табъ ин қадар ҳиддат набошад, бояд, ки дар нақшбандии ин китобаи шараф *ҳарфи маъони*и хеш пайдо накунад. Аммо қудрати табъ он бувад, ки дугону чаҳоргони нисбати баъидро бо якдигар ба ҳинҷоре барбаст кунад, ки маҳкамтар аз оҳан дар чӯб таркиб пазирад, валекин чун дар табақҳои зангорхӯрда хаёли як нисбати дуруст сурат набандад, сохтани миръоти зуваҷҷатайни ду нисбат беш аз муъойинаи ҳар ойина наздики эшон хаёл намояд фосид. Пас ин саҳифаи мӯрчапоро, ки ойина аст (177) муваҷҷаҳ ба ҷиҳати таълими тӯтиёни сухан диҳам, ба ҷиҳати манҷукро, ки шона аст муанбар барои

---

[346а] НЛ: ҷамила.
[347] Аз НЛ оварда шуд.
[348] НЛ: ояд.
[349] НЛ: боз дар.

машшотагони гесуи дақоиқ ба санъати тамом биёростам, то ҳам аз нисбати оҳангарӣ ойинавор сурат бар хаёли мусаввар бознамояму ҳам аз санъати дурудгарӣ шонакирдор ба сад забон ҳикоят гӯяд. Чӯбакнависеро, ки илтизоми ду нисбати душвор намояд, бар ин ойинаву шона хаёлбозиву мӯйшикофии ҳар ду нисбат дуруст кунад. Аммо табъи ваққод бояд, ки аз ғояти оташ оҳанро об гардонаду тешаи фикрат ба ҳадде тез, ки пӯст аз мӯй бозкушояд[350], зеро ки ағлаби силсилаи нисбати арбоби мақсуд сахт баъид мебояд гирифт ва ба қуввати тамом мисмор кард, чунонки ҳам дар таҳрири ин муқаддима умдаи ғараз тартиби муросалот аст.

Ва нисбати ҳаддоду наҷҷор ба ҷиҳати имтиҳони табъ илтизом ёфта; ҳам дар ойинаи зеҳни хеш тасаввур бояд намуд, ки аз теша задан то қалам задан чи қиёси баъд[351] асту аз дами табъ то дамаи табъ чи ҳад масофат, ки ҳарфро бо ҳарф ба тариқе робита дода шудааст, ки ҳеҷ ҳарфшиносе дарнаёбад, ки дар ин тахта рақамест оризӣ ва ё дар ойинаи сурат аксест ориятӣ. Гӯӣ дарахтест хоста, на сохта ё теғест маҷбул на масқулкунанда. Ҳамвор нест, ки ба забони теша лесида шаваду сақате бузургона, ки мурчҳош ба рӯған дафъ гардад. (178) Ин ҷо вазъе беш нест барои намудори тарошандагони санъат, чунонки Сикандар дар даври хеш ойина сохту пеши биноён намуна гашт ва Нӯҳ барои ғаври кори худ киштӣ пардохту миёни соири халқ равонӣ ёфт.

Аммо он чи ҳадди нигоҳдошти дуву се ва чаҳори нисбат аст, дар маноширӣ мутаввал, ки саноеъи номаҳдуд рехта шавад, муояна хоҳад шуд. Аз он рӯй, ки бар қудрати табъ он миқдор эътимод ҳаст, ки чаҳор номутаносиби баъид-ул-ҳудудро дар як маншур аз боло то фуруд ба қуввати тамом тартибе, ки аз он муносибтар набошад, дода шавад[352]:

Чун курсии чӯб, к-аш зи оҷ ороянд,
З-оҳан банданду з-абрешим бофанд.

Алқисса, ин тарассул сафинаест барои меҳдӯз кардани нисбатҳое, ки мехезад. Ғарике, ки ошност, муаллими ӯ ҳарфе аз ин алвоҳи мушарраҳ басанда аст ва он, ки мисмор кардани тахтаҳои нисбат аз ин ҳудуд нагирад:

Бинӣ ҳар он сафина, к-ӯ созадаш ба санъат,
Чун тахтаҳои киштӣ бар рахнаҳои бехад.

Таммат ар-Рисолат-ал-уло мин-ал-Иъҷоз[353].

---

[350] НЛ: ба озмудан бозгушояд.
[351] НЛ: баъид.
[352] НЛ: мешавад.
[353] НЛ: Тамом шуд рисолаи аввали "Эъҷози хусравӣ".

*Сиҳран*: Ишора ба ҳадиси “Инна мин-ал-баёни ласиҳрун”.

*Ҳаза-л-китабе*: Тарҷумаи байт чунин аст: Ин китобро ба фазли Худое, ки соҳиби карам ҳаст, пайдо кардаму ба қалам овардам; дар ҳоле, ки сеҳр аст барои сайд кардану фирефтани ҷиуну инсон; пас Худо рӯшану нуронӣ гардонод чашмҳои бузургонро ба диданаш, то замоне ки бармеояду зуҳур меояд ҳарфе бар коғазе аз қалам, яъне то ба қиёмат.

*Қалам*: Бинобар баъзе ривоёт собит аст, ки аввали махлуқот қалам аст, аз ин рӯ, муаллиф дар иншои хеш нисбати аввалро дар иборат аз қалам ҷустааст. Яъне, дар ин мисроъ ташбеҳе пӯшида ба сунъи илоҳӣ нуҳуфтааст. Бинобар ҳамин дар сатрҳои минбаъда, аз ҷумла дар хутбае, ки баъд аз байти мавриди назар меояд, ҳам дар ҳамд ва ҳам дар наът риояти вожаҳои ҳамнисбати “қалам” ва “рақам” мастур аст, ки бо таваҷҷӯх ба санъатҳои иштиқоқ, таҷнис, лузуми мо ло ялзам қобили мушоҳида мебошад.

Тарҷумаи хутба (ҳамду наът) бо тавзеҳаш чунин аст: Ҷамиъи ҳамд собит аст барои Худо, ки офарид қаламро барои рақам (ба маънии навиштан) ва пайдо кард мардумро барои рақам аз қалам ва ҷорӣ кард қалами худро бар халқ ба ҳукм ва ҳукми дигари қалам нишон барои илм дар олам. Дуруди комил бар Расуле, ки мурсал аст, яъне пайғамбаре бо китоб аст ва ҳам уммӣ бувад, яъне қабл аз нузули китоб ва на баъд аз нузул аз касе на хондаву на таълим ёфта, маъа ҳозо, ҳақоиқи навиштухондро маъдан бувад. Он касе, ки пайдо карда шуд аз баракати вуҷуди ӯ лавҳу қалам ёр, он касе, ки аз ҳидояти ӯву баракати таълимаш олимону восилонро ба назар меояд лавҳу қалам. Яъне, назар меояд лавҳу қалам бо он чи аз лавҳи маҳфуз содир мегардад ва аз сидқ, яъне хабари росту савоб; ростии мутлақ, ки нофеъ дар ҳаққи дигаре бошад. Ва ҳам дурудаш бод бар олу асҳоби он Расул, ончунон олу асҳоб, ки соҳиби бузургию одоб буданд. Барқарор дорад моро Худо бар пайравии онҳо барои наҷоти рӯзи шумор.

*Каломи қадим*: Мурод аз “каломи қадим” Қуръони карим аст, ки ба мӯҷиби мазҳаби аҳли суннат қадим аст.

*Инни*: Яъне, “ба таҳқиқ ва ростӣ манам Худой”, ки зоти ҷомиъи ҷамеъи сифот аст.

*Ало*: Яъне, “огоҳ бош, ки ба мулкияти Худо пайдоишу фармондеҳист”.

کما: Тарҷумаю тавзеҳ: Нигор баст туғрои “лаҳу-л-халқ”-ро ончунон ки мисли ин нигориш ғайри ӯ надидааст, пас ҳар гоҳ инчунин нигориши бемисл фармуда, пас мисдоқи мисраи сонӣ гардида. Яъне, аз барои Худост ҳукм ба камоли сазоворию истиҳқоқ дар ҷамиъи он чи ҷорӣ гардиду пайдо омад.

*Танзил*: Ояти панҷуми сураи “Ёсин”, ки тарҷумааш чунин аст: “фурӯфиристодаи пирӯзманди меҳрубон аст”. Манзур китоби Қуръони карим аст, ки фурӯфиристодаи Худованди меҳрубон мебошад.

*Ҳозо*: Ин китоб бо гӯёӣ баён мекунад бар шумо ба ростӣ.

تعالی: Тарҷумаи байт: Бартар асту баланд сониъе, ки подшоҳ асту доное ва ҳаким, ки аз нобуди маҳз зоҳир мекунад он чизҳоеро, ки дар тахайюл дарнамегунҷад.

Зи: Чунонки баъдтар худи Амир Хусрав тавзеҳ медиҳад, ӯ дар иншои ин асар нияти ба намоиш гузоштани тарзи нигориши ҷадидеро дорад, ки аз мутақаддимону муосиронаш фарқ дошта, танҳо хоси худи ӯст, ки мисли онро баъд аз ӯ то замони мо ҳам касе гуфта (сохта) натавонистааст. Аз ҷумлаи мухтассоти тарзи хусравонаи калом ба намоиш гузоштани паҳлӯҳои гуногуни маъноии вожаҳо мебошад. Яъне, барои дарки комили каломи Амир Хусрав хонанда бояд ба кулли ҷанбаҳо ва тобишҳои маъноии калимаю таркибҳо таваҷҷӯҳ дошта бошад, дар акси ҳол гарази аслии каломи нависандаро дарёфтан мукшкил аст. Масалан, агар аз нигоҳи мазкур байти мавриди назарро ба андеша бигирем, манзараи зерин пеши назар ҷилвагар мешавад:

Рӯ нагардад: бозгардонида нашавад; қазо: ҳукм кардан, гузоридани воҷиб, адо кардан, ҳукми Илоҳӣ дар ҳаққи махлуқот; ҷуннат: ба маънии сипар; сипар хостан: амон ҷустан, инчунин киноя аз оҷизист; сипар: мухаффафи се пар, ки дар тир будааст. Дар калимаҳои “ҷуннат” ва “сипар”, ки дувумӣ тарҷумаи аввалӣ аст, санъати тарҷумон ба

мушоҳида мерасад, ки ин санъат аз ҷумлаи ихтироoти худи Амир Хусрав аст. Ҳосили байт ин, ки *ин ҷо сипар он аст, ки хоҳиши тир намоянд* ва ҳам маънӣ он, ки *ин ҷо сипар ҳамин аст, ки сипар хоҳанд, яъне тан ба ризо диҳанд*. Ва агар вожаи "ҷуннат"-ро ба сурати "ҷиннат" ба эътибор бигирем, маънӣ ин, ки *ин ҷо сипар хостану гурез намудан ҷунун бошад*.

عارض: Ин байт аз баҳри хафифи мусаддаси махбуни мақтӯъ аст, мисраи аввал бар вазни *фоъилотун мафоъилун фаълун* ва мисраи дувум ба ҷойи *фоъилотун фаъилотун* меояд. Маънии байт ин, ки пас, розӣ бош, эй соҳиби ақлу киёсат, ба чизе, ки ҷорӣ мешавад аз қалами қудрат ва тавоноии офаридгор, ки офаринандаи қалам аст. Муроди мусанниф он аст, ки агар туро Худои таъоло ақл додааст, розӣ бош бар ҳукми ӯ, ки аз қалам ҷорӣ кардааст ва Ӯ пайдокунандаи қалам асту он чи аз қаламаш имзо ёфта, бознагардад.

*Ало*: Дар ин мисроъ мақсуд таъкиди адами ҷавози хато дар маснуъот аст.

*Хузистон*: мулке маъруф, ки он ҷо шакар бисёр мешавад.

قطوى: Хушо банда, ки хос кард ӯро офаридгори халқ ба иҳсони худ ва он тахсиси хусусияти бузургист, яъне бузургӣ бандаро хос кард ва дод ӯро он чи ӯ аз рӯйи он кард.

*Нисбат*: Яъне, дар ҷумлаҳое, ки баъд аз ин меоянд, алфози муносиби (ба ҳам нисбат дошта) китобат зикр мешаванд. Амир Хусрав дар ин ҷо ва дар мавридҳои баъдӣ бо зикри нисбатҳои гуногун андешаҳояшро дар доираи ҳамон нисбатҳои мавриди назараш баён мекунад. Ин тарзи баён аз ҷумлаи ибтикороти худи мусанниф буда, агарчи санъати таносуби калом (муроот-ун-назир)-ро ба хотир меорад, аз чанд ҷиҳат дорои мухтассоти хосе ҳам мебошад, ки мо ин масъаларо дар ҷойи дигар ба таври муфассал баррасӣ кардаем.

*Наҳну*: Мо биёфаридем шуморо аз гил. Яъне, дар вақти навиштани ин фармони хилқат анбиёро уҳдаи таблиғи рисолат ато фармуд.

*Фаззално*: Ин ҳама расулонанд, ки бузургӣ додем якеро бар баъзе дигар.

عليه: Бар он Расули мақбул бузургтарин дурудҳо бод, чунонки мустаҳақ аст ва он дурудҳои афзал аз ҷониби Омурзандаи он ҷаҳон, ки соҳиби кароматӣ бузургист.

*Зуввият*: Ҳадиси шарифи набавӣ (с): Яъне, дарпечида шуд замин барои ман ба ҳадде, ки ҷумла ашё ба қурби ҳамдигар, пас ба назари ман даровардaнд ҷумла мавҷудоти ҷониби шарқию ғарбӣ аз замин. Пас зуд хоҳад расид мулки уммати ман, яъне қабзаи аҳли ислом ба ҷое, ки ман ӯро дидаам.

*Чилаи*: Дар таркиби *чилаи арбаъин сабоҳан* ишора ба хилқати Одам (а) аст. Чунонки дар ҳадиси қудсӣ овардааст, ки "хамарту тината Одама бияди арбаъин сабоҳан" - хамир кардам гили Одамрову сириштам ба дасти қудрати худ то чиҳил сабоҳ.

*Қуррату*: Дар азон ҳар гоҳ номи ҳазрати Муҳаммад (с) меояд, лафзи *қурату ъайнӣ - рӯшании чашми ман*ро бар забон меоранд. Яъне, рӯшании чашми ман аст дар намоз. Дар вақти зикри номи поки Пайғамбар (с) ривоҷ ёфтааст, ки мардумон таркиби мазкурро ба забон оварда, нохунҳои нарангуштони худро бӯса дода, ба чашму абрувонашон мемоланд. Аз ин амал чунин маънӣ бармеояд, ки мардумаки чашм қуввати номбӯсии он Ҷаноби надорад, аз ин ҷиҳат лабҳо бӯсаро ба воситаи нохунҳо мефиристанд.

هدى: Ҳидоят аст (ҳидояткунанда аст) аз барои халқ ва ба таҳқиқ ба ҷиҳати соф баёнӣ ва фасоҳати худ китобест, ки аз барои он ҷаноб омада ба далоилу бароҳин. Яъне, роҳи рост намуд мардумонро, ба таҳқиқ намуд мардумро чизе, ки ҳақ аст.

*Инно*: Ишора ба ояти якуми сураи "Фатҳ", ки тарҷумаи пурраaш чунин аст: *Ҳамоно гушоише ошкор дар кори ту падид овардем*.

*Ду*: Мурод аз *ду тавқеъи шаҳодат* шаҳодатайн мебошад, ки чунин аст: *Ло илоҳа илла-л-Лоҳ* Муҳаммад-ур-Расул-ул-Лоҳ.

*Баллиг*: Оят: (Эй Муҳаммад) бирасону адои рисолат кун ба тарафи халқ онро, ки бар ту нозил карда шуд аз аҳкомот.

*Қад*: Оят: Ба дурустӣ, ки растагорию фалоҳи тамом ёфтанд мӯъминон.

*Фақтулу*: Қатл кунед кофиронро.

عليك: Бар ту бод саломи Офаридгори мо пайваста ва баъд аз он бар саҳобаи бузурги ту. Тақтеъи байт чунин аст: мафоъилатун мафоъилатун мафоъилатун фаъӯлун.

*Сифри мусаффир*: мураккаб аз "сифр", ба маънои нома, китобат, "мусаффир" - навишташуда; мурод Қуръони маҷид.

جاء: Омадааст аз ҷониби Парвардигори мо ҳидоят ёфтан, розӣ буданд онҳо аз Худои худ.

*Ва қад*: ин ҷо бахше аз оят омадааст, тарҷумаи комили он чунин аст: Биёмадем бар сари ҳисоби аъмоли онҳо, пас гардонидем ӯро мисли резаҳои хок, ки дар ҳаво пароканда шавад.

*Фаъъолун*: Кунандаи ҳар коре, ки дар хоҳиши ӯ бошад.

*Инно*: Оят: Мо фиристодем ба яқин туро, эй Муҳаммад, ба ҳоле, ки шоҳиди ҳоли умматонӣ.

*Ва наҷзӣ*: Оят: Ҷазо медиҳам ва ивази нек ато мефармоям касеро, ки шукргузорӣ мекунад.

نظم: Низом дод Худо амри ӯро (яъне, амри пири Амир Хусрав Низомиддини Авлиёро), то он ки амрҳо аз низоми ӯ мунтазам аст. Ё: Биёрост Худой кори он бузургро то ин қадар ки кори мо, муридону пайравон, аз интизоми вуҷуди ӯ оростагӣ ёфта.

*Автоди*: Дар истилоҳи соликон автод чаҳор тан аз авлиёи Худой таъолоанд, ки дар чаҳор рукни олам номзаданд: дар Мағриб Абдулъалим аст, дар Машриқ Абдулҳай, дар Шимол Абдулмаҷид, дар Ҷануб Абдулқодир, ки муҳофизати ҷумла оламу маъмурии дунё аз баракати эшон аст.

*Лан таронӣ*: ҳаргиз набинӣ ту маро.

*Мо сиво-л-Лоҳ*: он чи ғайри Худост.

اذا Вақте, ки бувад он мамдӯҳ, ки мебардошту дароз мекард кафи дасти худ барои дуъо дар ҳаққи чизе, пас фариштаи иҷобат шитобон ба истиқбол медавид.

*Қутб*: Дар истилоҳи соликон *қутбу гафс* лақаби як валиест, ки ӯ меҳтару сархайли ҷумла авлиёст.

*Насиҷ ваҳдаҳу*: дар зоти худ ягона; ин ҷо ба маънии балеғи комил дар фанни иншо. Маъхуз аз муҳовараи араб, ки дар мақоми мадҳу васф мегуфтаанд, ки фалон насиҷ ваҳдаҳу аст.

*Мо ҳазар*: он чи ҳозир бошад; ба маънии таъом зам ҳаст.

ظل: Дуо кунанд халоиқ, ки дароз гардонида шавад сояи вуҷуди Муҳаммад (номи подшоҳ) ва ҳам дуо кунанд, ки душманони подшоҳ мисли сояи Муҳаммад (с) нопайдо шаванд.

Ин ташбеҳ аз он ҷост, ки яке аз мӯъҷизаҳои пайғомбари мо, мусалмонон, он буд, ки сояи ҷасади мутаҳҳари эшон дар рӯзи рӯшану шаби маҳтобӣ бар замин намеафтод.

*Ъайн*: ъайни аввал ба маънии ҳарф ва дувум ба маънии офтобе, ки бар гунбади осмон баромада бошад.

*Сидрат-ул-мунтаҳо*: номи дарахтест, ки дар болои осмон мақом дорад; дарахтест дар осмони ҳафтум, ки ошёнаи Ҷабраил (а) он ҷост.

*Тубо*: номи дарахтест дар биҳишт, ки шохаҳои он дар ҳар хона бошад.

ربّ البرايا: Худовандо, парвариш кун дарахти ҷавонмардии мамдӯҳ, то ки он дарахт тарбият кунад моро аз баргҳои худ ва дар сояи худаш.

حتى: Мартабаи ӯ ба ин дараҷа расид, ки баланд шуд бар фавқи осмон тахти ӯ ва сарҳои душманон пӯшида шуданд ба ҷиҳати ин баландӣ дар хок.

*Каррат*: Ин калима имрӯз ҳам дар забони мардуми тоҷик маъмул асту ба сурати "карат" ба маънии дафъа, мартаба, бор ба кор меравад. Масалан, "чанд карат гуфтам, ки ба ин кор машғул машав".

*Ло зола*: ҳамеша бод он сипоҳи зафаршиор (Ҷумлаи дуъоия).

*Ҳамон муғули сарбурида, ки ғул шадда*: Нукта ин, ки сари муғул ҳарфи мим аст, ки агар он бурида шавад, ғул мемонад, ки он занҷирест, ки бар гардани муҷримон мемонданд. Ба ин монанд бозии алфоз, ки аз ҷумлаи зарурати тарзи хусравонаи калом аст, дар саросари матни "Эъҷози хусравӣ" матраҳ мебошад. Аз ин рӯ, барои маърифати комили ҳунари нигорандагии мусанниф таваҷҷӯҳ ба чунин шеваи баён муҳим мебошад.

*Тумари Қиқ*: Тумар - ба маънии оҳан, яъне ҳамон "темур"-и туркӣ-ӯзбакӣ. Қиқ - номи шаҳр ва номи паҳлавоне, ки аз ҷониби Амир Темур намояндагӣ мекард. Ба ҳар ду маъно муносиб, аммо дар ҳошияи нусхаи *Лоҳур* гунаи дуюмро мақбултар донистаанд. Кӯҳи Қофро ҳам Қиқ гуфтаанд ва ба забони туркӣ наъра ба овози баландро ҳам мегӯянд.

نزوس: Сарҳое, ки аз дасти бумҳо гузашта ба тарафи хок омаданд, ё ҷои суъуди танҳоии мурдагону куштагон расид, пас чун мақоми ин лошҳо бурҷ аст, ба тарафи бурҷ бозгарданд.

نبوتا: Хоҳад дид хонҳои бешумор, ки баландии кошонаи онҳо то Сурайё расида ва ин ободӣ дар миёни роҳ як моҳ; то он ки роҳи якмоҳа тай шавад, ончунон печидаву дарун ба дарун аст, чунонки сари ангуштҳои даст бо ҳам омехтаанд.

*Роёни*: Рой (султон ва ҳокими бузурги Ҳинд)+он (суфикси ҷамъбандӣ).

فمشاعل: Машъалҳои эҳсонро рӯшан карда аз рӯйи доду диҳиш, мисли рӯшании офтоб, ки машъали осмон бар ҷумлаи халоиқанд.

و لو لم: Агар набошад, ки абрҳои осмон бибоnone, ҳамеша неъматҳои мамдӯҳ дар ҳамин хушксолӣ чунон биситанд, ки додании онҳо зоид мегардад.

يعيش: Зиндагонӣ мекунад ҳамагии мардум ба зиндагии хурсанду ба ороми тамом, мисли тӯдаи гунҷишкҳо, ки дар боғи хӯшадона хуш мезиянд. Дар ин байт ташбеҳи комилу зебои байни мисроъҳо иттифоқ афтодааст.

*Ва-л-иҳсон*: Оят - *Ба яқин, ки ҳукм мефармояд Худованди олам ба адолату миннатгузорӣ*. Яъне, фармонннависи қазо адлу доди ӯро дар фармони султонии ту ба ин оят иқтибос намудааст.

يا رب: Бор Худоё, тавфиқи мамдӯҳ бияфзой дар меҳрубонӣ пайваста кардан, то ки хуш айш ба сар баранд аҳли дунё.

*Лочин*: Ин калима ба чанд маънӣ тавзеҳ ёфтааст: а) Дар ҳошияи нусхаи *Лоҳур* омадааст, ки ба маънии бозию фиребу лоғ бошад, яъне Хусрав, ки мансуб ба сухраву (фармонбардор, зердаст; тамасхур) зарофат аст; б) Тибқи тавзеҳи луғати "Бурҳони қотеъ", маънии *лочин* дар туркӣ шоҳини шикорӣ бошад; в) Ҳошиянигори нусхаи *Лоҳур* овардааст, ки "дар ҳошия навишта, ки тоирест шикорӣ аз ҷинси оручашм, онро боша гӯянд". Маълум нест, ки ҳошияи мазбур кадом ҳошия аст; г) Шайх Абдулҳақ дар "Ахбори ахёр" гуфта, ки "Лочин номи мулки Амир Хусрав аст; ғ) Дар "Фарҳанги форсӣ"-и Муҳаммади Муъин ба маънии номе аз номҳои мардон ҳам омадааст; д) номи яке аз қабилаҳои кӯчманчӣ (аз "Фарҳанги забони тоҷикӣ").

Ба назари мо, барои ворид шудан ба тариқи хусравонаи калом ва дарки моҳияти ҳунарии шеваи баёни Амир Хусрав ба эътибор гирифтани кулли ҷанбаҳои маъноии мазкур лозим аст, аммо истифодаи калимаи "*лочин*" пас аз исми мусанниф, қабл аз ҳама, ба баромади нажодии ӯ ишора дорад.

*Ва мо шоа*: Нахост, ки умедвораш пушаймону нодим шавад.

و بلعز: Он гили музоаф дар иззат баланд менамояд ба ҳар дасте, чунонки гулдастаи гул баланд мегардад дар вақти тозагию серобӣ.

*Авлиёро*: Авлиё ба маънии дӯстон аст. Тибқи ахбори "Кашф-ул-луғот", авлиё ба қисмҳо бахш мешаванд, ба ин тартиб: ахёру аброр, ки сесад тананд; абдол - чиҳил тананд; автод - чаҳор тананд; нақо - се тананд; ғавс ё қутб - як тан аст.

براس: Ҳоли дӯстону душманон бад-он сон, ки гуфта шуд, ба баракати он қадрандозе, ки нишонаи тири худ сохт, қуввати эъҷози ӯ моҳро бар осмон ду пора намуд.

ارنی: Ба ман вонамо, зоҳир кун шигифтиҳое аз иншои бадеъи худ, ки онро иншо кардай, то он ки саргаштаву маҷнунвор фирефта шавад Аторуд аз он бадоеъу саноеъ.

*Ман*: Касе, ки чизе кард, нишонаи маломат шуд.

*Рамийян*: Захми тире, ки тирандозаш ба назар наояд.

*Ва ҳува-л-маҷлис-ул-аъло*: Ва он маҷлиси баланду такягоҳи рӯшан, офтоби осмони шоҳӣ дар дар замону дар моҳ (мурод тамоми замона бошад), шоҳи подшоҳон, қутби дунёву дин, пуштибони (пуштгармикунандаи) ҳомиёни ислому худи муслимин, нигоҳдорандаи муҳофизони халоиқ, ки дар Ҳинду Чин мутеъ будаанд, ғолиб бар ҷумлаи наздикону дурон, аз салотин ба нишони лашкару ройи зарин, қодир ба Зарангу Рум ба иъонати синонҳои найза, нишастани ӯ ба пояи тахти салтанат гӯё тулӯъи офтоб аст бар

осмон ва камоли ӯ дар манозили бузургӣ чун камоли моҳ аст дар рӯшанӣ, истода шуд ба ғалабаи Худо ва ӯ барои нобуд кардани роҳи куфру бутлон, эътимодёфтаи таъйиди Илоҳӣ дар мададгории ёварони дину имон, мададёфта аз мададгории подшоҳи бисёрҷазодеҳон, он ки Абулмузаффари Муборакшоҳ, подшоҳ писари подшоҳ аст, баландсозандаи тахтҳои Сулаймония бар дасти ҷалолат ва физояндаи нишонҳои Аббосия ба дасти рости хилофат.

*كانت*: Будааст хилофату салтанати ӯ баъди салтанати Муҳаммад, ки падари ӯст, чунонки хилофати Сиддиқ, яъне Абӯбакр баъди ҷаноби Рисолатмаоб (с) буд.

*Муътазид би-л-Лоҳ*: Халифае аз хулафои хонадони Аббосиён.

*Асобиъ-ир-раҳмон*: ишора ба масали "Қулуб-ул-мӯъминин фӣ асобиъ-ур-раҳмон" - дилҳои мӯъминон дар ангуштони Худост, яъне ба қабзаи қудрати ӯст.

*من كان*: Касе, ки муованати ӯ карда бошад, неъматҳои парвардигори ӯ ё тавоноии дасти қудрати Раб-ул-арбоб муъини ӯ бошад, дур нест агар бузургонро шикаст диҳад, ё устухонҳоро бишканад.

*Байти маъмур*: = Байт-ул-маъмур - масҷидест бар осмони чаҳорум аз зумурраду ёқут, муқобили Каъба, ба тавре, ки агар аз он ҷо чизе бияфтад, бар боми Каъба ояд. Ва маъмур аз ин ҷиҳат номида шудааст, ки ҳамеша аз тавофи малоика обод аст.

*فيعطى*: Медиҳад мардумонро аз рӯйи фазлу рофат тамоми нуқуди иззатро ва худаш бар дари шамшер мегирад ҳамон нуқудро.

*تظل الاراضى*: Ин байт тарҷумаи ҷумлаи форсиест, ки қабл аз он омадааст.

*يا*: Эй соҳиби дониш, дар замоневу ҳангоме сояро дар миён карда офтобе дидаӣ ё на.

*و مهجته*: Дили Миррихи қаттол ба ҷиҳати саҳми хавфи мамдӯҳ мушаббак шавад, чунонки ғирбол, ки дар дарахтҳо мебошанд.

*Камо арзу*: Ғарқ шудандӣ, чунонки замини хиттаи Юнон дар таҳи дарё.

*الله يعصم*: Худо ба исмату нигаҳбонӣ нигаҳ дорад одилеро, ки аз адолати ӯ бунёди ситам бияфтод, чунонки сақит аз раҳм меафтад, ки ному нишонаш бознамехонанд.

*انشا*. Агар ирода кунад мамдӯҳ сайд карда шавад ба шикор кардане, ки қоҳир бошад иқболу бахти ӯро ва шикорест сайд кардашуда дар банди расанҳои қудрату иқтидори ӯ. Яъне, бахту иқбол тобеъи фармони ӯст.

*Аъто:* Ато кардем ҳазор барои ту. Баъд аз ин: ато кардам барои ту ҳазор лак.

*الله يحفظ*: Худованди олам ба ҳифзи худ дорад соҳибони доду диҳишро, ки аз фарохии дасти ӯ мегурезанд аз кӯҳи ёқут толибони ӯ.

*Ъаллама:* Ояти 4-5 сураи "Ъалақ": бо қалам(у китобат) инсонро омӯзиш дод; ба инсон чизеро, ки намедонист, омӯхт.

*Ва лақад:* Оят: ҳароина, сабқат намуд калимаи мо барои бандагони мурсалин.

*Ъасо:* Нофармонӣ кард одам Рабби худро. Ду ҷумлаи баъдӣ, ки тавъам ба қавли мавриди назаранд: а) тавба кард ҳарду; б) роҳи рост бинмуд.

*Фаталаққа: Оят:* биёмӯхт Одам (ъ) аз парвардигори худ чанд калимотеро. Ҷумлаи баъдӣ: пас аз тавба баргузид Одамро Худои ӯ.

*و فى الدور*: Дар замонаи худ будем, чун меҳмонони маҷлис шароб хӯрдем, шаробе мастовар, ки тамоми умр дар ғафлат рафту анҷоми кор дар хок осудему хуфтем.

*Ва ъисийяҳум:* Асоҳои он ҷодугарон мутаҳайил мешуд Мӯсоро бад-ин гуна, ки медаваду ба шитоб меравад.

*Суъбон*: Аждаҳои калон, ки асои ҳазрати Мӯсо (ъ) ба сурати он даромада буд. Ин ҷо мусанниф килки хешро ба суъбон монанд кардааст. Яъне, мӯъҷизаи Амир Хусрав аз килки ӯ намоён мешавад.

*Фаулқия-с-саҳарату:* Оят: афтода шуданд ҷодугарон ба ҳоле, ки саҷдакунандагон буданд.

*Ло тахаф*: Хитоб ба ҳазрати Мӯсо (ъ): хавфнок машав, ба таҳқиқ, туӣ ғолибу бузург.

*Ва ин:* Набудааст чизе дар ҷое, магар он, ки пеши мо хазинаҳои ӯст.

*Ва ли-л-Лоҳи*: Оят: барои Худост калидҳои осмонҳою заминҳо.

*غمضت*: Он мувалладот бар ҳадақаи чашм гузаштанд аз рӯйи иззату мартабат, чунонки пиҳи чашми мард аз иззати онҳо муқаррар мешавад.

*Вақт*: Ин байт матлаъи нахустғазали девони Амир Хусрав буда, матни комили он аз нуҳ байт иборат аст. Ба ҷойи калимаи "вақт" дар "Девон" вожаи "рӯз" омадааст. Дар ҳамаи нусхаҳои танҳо ҳамин як байт зикр шудааст.

بلی قد: Ҳон, гуфта мешавад, ки шеър ба манзалаи об аст дар латофату равонӣ ва муқайяд намудани об аз қалам сеҳр аст, яъне амри аҷиб.

*Ва аҳтаззу*: ва ҷунбид қалам монанди хоҳандаи зарҳо.

*Ал-баҳру:* Оят: ва дар бомдод сиёҳӣ диҳад ӯро баъди худаш ҳафт дарё, ки ҳафт қулзум бошад, то ҳам кам нашавад калимоти Худой таъоло.

*Ланафад-ал-баҳру*: Ҳароина, сипарӣ шаваду хушк гардад дарё пеш аз он ки сипарӣ шавад калимоти Парвардигори ман.

بفضل: Ба фазли Худой таъоло фазилати балоғат аз ман шурӯъ гашт ва Худованд соҳиби бузургии азим аст.

*Ар-рисолат-ал-уло*: Тарҷумаи унвони кулли рисолаҳо чунин аст: рисолаи аввал дар муфрадоту мураккабот, шомил аст бар даҳ хат; рисолаи дувум дар мураттабот аз мактубот, шомил аст бар даҳ хат; рисолаи севум дар латоиф аз маснуъот, шомил аст бар ду хат; рисолаи чаҳорум дар бадоеъ аз маънавиёт, шомил аст бар панҷ хат; рисолаи панҷум дар савобиқ аз иншоҳо, шомил аст бар шаш хат.

جری البدایع: Равон шуданд бадоеъ дар ин рисолаҳо, чунонки ба ноз хиромад ҳур дар боғҳои биҳишт. Ин рисолаҳо боғҳоянд монанди биҳишт аз тозагии худ гӯё, ки об дода шудаанд аз чашмаҳои биҳишт.

*Фавокиҳу:* Меваҳо аз чизе, ки хоҳиш доранд.

والله: Қасам ба Худову савганд ба он касе, ки раҳмон аст, зоиқа наёфтааст халқ дар замони гузашта мисли ин таомҳои лазиз.

صرت مسکینا: Шудам мискин дар садъу (дарди сар) ҳамроҳи ман оҳ аст ва шуд мӯйи ман ба рангҳо, ки сӯхт кофур аз ранги он рангҳо.

ذو الزور: Соҳиби макру зӯрро, ки ба сифоти ҳамида зикр кунӣ, мисолаш ин аст, ки ҳарфи дурӯғеро ба мушки хушбӯ навишта бошӣ.

انشاء رب: Агар хоҳад Парвардигор аз рӯйи аҷоиб санъаташ, дур нест, ки гул хомӯш монад, яъне баста гардаду ханда накунад ва бӯҳои он гул дар калом оянду зинда шаванд.

کمسک: Пӯшида намонад, чунончи мушк пӯшида нашавад дар ҷомаи печида ва чун бӯйи хӯши гулоб дар пардаҳое чанд.

نقع علی: Ғуборе, ки бар доман нишинаду молкаши ҷома бошад, беҳтар аст назди ман аз абире, ки мустаор бошаду мамлуки ғайр бувад.

*Садақту*: Андохта шавад аз дурри садаф.

سواد و صواب: Китобате, ки саҳеҳ навишта бувад, нури чашм аст, ки осоиш медиҳад ва акси он, яъне иборати ғалат торикист барои чашм, агарчи аз сиёҳии чашм навишта бошад.

خذ ما: Бигир он чи навиштаам ба саъйи вуфур ва он навишта чунон хубу дилчасп аст, ки агар хоҳӣ дар гибт намоӣ, ҳароина, сеҳри ҳалолро бинӣ, ки аз қалам бар саҳифаи коғаз намудор кардаам.

*Фӣ қатрати*: Дар як қатраи дарёи азим гарқ карда шуд. Яъне, дар як калимаи мухтасар маонии бисёр ҷой гирифта.

لینحل: Тарҷумаи мисраи аввал: то ки берун орад ҳар як лафзро ба тааммули худу фикр. Мисраи дувум форсист: обу гили лой аз гил баркашаду дур андозад. Ин ҷо ишора ба амали ғаввосон аст, ки гилро хушк сохта, резаҳои ҷавоҳиру дурҳои кӯчак аз хок бармеоранд.

اذا کان: Ҳар гоҳ сайқал зада шавад ин оинаи софи алфоз, пас қадраш ин бошад, ки соҳиби дониш овезон кунад ин оинаро бар тоҷи ақлу дониш, чунонки оинаи сангинро бар тоҷи салтанат меовезанд.

قد جر: Ба таҳқиқ иъроз кард ин калом бар баландӣ, яъне баландии ӯ фавқи баландиҳост ва ҳар кӣ биёяд эътимодкунон ба ин иборати балеға, ки ҷари нафъу тамаъ бепарво хоҳад буд.

*Фиҳи калому*: дар он калом калом кунанд ва гуфтам, барои ман дафҳан аст, гуфтам, сухан дар ин аст.

*Қад бола*: хавф кардаанд ва ба андеша фурӯ рафтаанд баландқоматони шуҷоъ аз кори қалам, ки қаламиқазову қадар дар назар аст.

*ъамма яғзибу*: аз чи рӯй ранҷида мешавад хол, агар ранҷи ӯ шомил аст моёнро.

و ادغمت: Даровардам маъниҳоро дар якдигар, чунонки ҳуруф дар ҳуруф идғом карда мешаванд. Яъне, дар ҷойе, ки як маънӣ рост меояд, маъниҳои мукаррар омадааст.

و علی: Бар ҳар нуқтаи китоб гирд меоянд фариштагон монанди гунҷишкон бар кунҷид, таҳқиқ, ки бияфтад.

کاستاد: Монанди ҳунарваре, ки дур андозад иштибоҳи ҳарфи маҳкук ба корд, худи саҳифаи коғаз аз ҷарх мусаллам мемонад.

*Насафӣ*: Дар ду лафзи "насафӣ" ва "ҳидоят" номи ду китоб ҳам ба назар меояд: "Шарҳи ақоиди Насафӣ" ва "Ҳидояи фиқҳ"-и ал-Марғинонӣ. Ҳамчунин, дар вожаҳои "Мабсут", "Матвӣ", "Манзума" ва монанди инҳо, ки дар ин фақара омадааст, низ номи китобҳоро ба эътибор гирифтан мумкин аст.

أریک: Мегӯям туро назирею менамоям ба ту мисоле, ки фи-л-масал таълим кунам паррандаро, оё он паррандаю таълимёфта фоида медиҳад ва ҷавоб мегӯяд аҳкоми шариатро мисли инсони таълимёфта.

*Ва намо*: Рӯянда шаванду ба зуҳур расанд аз ин маънӣ мисли наботи сабзе, ки тару тоза бошад.

تلازم: Мулозим асту ҷудо намешавад табиати Айнуддин чашмаҳои маониро, чунонки мулозамат мекунад боронҳо мар абрро.

*Изо зоқа*: Вақте ки ӯ тангдил шавад, пас тангрӯзию беризқ хоҳад буд.

*Ҷумлаи наҳв*: Яъне, ҷумлаи мусталаҳаи наҳв - каломи наҳвӣ дар илми баён аст; агар ибораи мазкурро ба сурати *ҷумла наҳв* бихонем, ки манзури мусанниф ҳамин сурат аст, маънӣ чунин мешавад, ки <u>илми нахву кавоиди он дар илми баён меояд</u>. Ба ин монанд ҷилваҳои ҳунарии баён дар мавридҳои зиёди дигар ҳам дар каломи Амир Хусрав қобили мушоҳада аст, аммо кулли онҳоро дар дохили матни кириллии тоҷикӣ намоёнидан амрест муҳол. Хонандаи азиз ба ин ҷиҳати тарзи хусравонаи калом бояд ҳамеша мутаваҷҷеҳ бошад.

عظام الناس: Бузургон муҳтоҷ намешаванд аз рӯйи бузургии худ ба тарафи устухоне чанд, ки манзур каломи мусанниф бошад, пас ин устухонҳо барои муҳтоҷу хоҳишманд бошад.

*Нависад*: Зоҳиран, таркиби муносиби аҳли сипоҳ афтидааст; дар нусхаҳои дастраси дигар низ дида нашуд.

کالخلد: Монанди дил, ки биҳишт аст дар халқ, агар бошад дар ҳамешагӣ дахл, яъне аз фано ба бақо расад.

و نرمی: Меандозам тирҳои фикр дар ин нишона ба сахтию зӯри беандоза, чунонки шикастаю пора шавад дилҳои ҳосидон аз фикру қиёси он тирҳои бехато, ки бар айни ғараз мерасанд.

*Мулаққини доби адаб бод*: Бахши дуюми ин таркиб дар асоси санъати қалб сохта шудааст: дар лафзи "доб"-у "адаб" қалби баъз аст, "бод" бо "доб" қалби кул дорад ва бо "адаб" қалби ҷузв. Доби адаб - қаринаи адаб.

*Мин*: Омада аз дасти замона хушбахтии ҷовид.

*Болчанд*: номи ҳиндӣ.

*Русӣ*: Қалби вожаи *Ясур*, ки ном аст, *русӣ* мешавад.

*Мастёр*: Дар ҳошияи НЛ чунин омадаад: "Ва дар баъзе нусух "мастор" дида шуд, бар вазни "дастор" ва он гиёҳею давое бувад ва бӯйи хушӣ дораду талхӣ ҳам.

*Лазаъ-ал-варӣ*: Газандаву газандрасонанда тамоми халқро бо ин мор, яъне алифи қалами худ, ки бар сари рақам меорад.

جدار العین: Девори зар чигуна метавонад дод марди бахиле, ки шуои тиллоии офтобро, албатта, аз девор бар мекунад, ба тамаъи он, ки зари холис бароял.

*Қола Нусайр*: Ёрӣ куну мададгор шав касеро, ки туро хору залил намояд. Яъне, ба мукофоти бадкирдорӣ некӣ кун.

لعمرک: Қасам ба ҳаёту зиндагии ту, ки зинда гузошта намешавад яке аз зиндагон ба чизе, ки дуо мекунанд.

*Самуввy-л-асмо*: Баландии номҳои туркон ба эътибори маонӣ.

*Тубо лака*: Тавба бар ту; хушбахтӣ бод мар туро; “Тубо” - номи дарахт ҳам ҳаст, инчунин “лак” - номи ранге дар Ҳиндустон, ки аз дарахт тайёр мекардаанд.

*فان كنت*: Ағар наздик шавӣ, эй соҳиби парда, ба мӯҷиби ҷимоъ, бипӯш ҷурми он касеро, ки об аз пушти худ фуруд овардаву модадарозгӯшро ҳамл карда, чаро ки ин кор дар шиками ҳимор, ҳароина, пӯшидааст.

*Каавpод*: Чунончи вазифаҳои гӯёи булбул дар боғ.

*Ҷирраи ҷонӣ*: мурод нома аст; ҷирра - зарфе, ки дар он хурмо нигоҳ доранд, ҷонӣ - лафзи арабӣ, ба маънии мевачин.

*Охири ҷавзо*: Охири ҷавзо ҳарфи “алиф” аст, ки мувофиқи ҳисоби абҷад ба рақами як баробар аст. Яъне, таърихи иборати навишташуда (нома) рӯзи якуми моҳи муҳаррам буд.

Таърихҳои баъд аз ин меомадаро низ бо ҳамин равиш муайян кардан мумкин аст.

*Аз дурҷак дур берун*: Яъне, аз лафзи “дурҷак” қисми аввали он - “дур” ҳазф карда шавад, “ҷак” мемонад, ки ҷумали он ба бисту се баробар бошад; мурод аз таърих бисту сеюм ба даст меояд.

*Оҳ*: Лафзи “оҳ” (آه)-ро агар қалб карда бинависанд, аз чап ба рост сурати рақамии 10 (*10*) ҳосил мешавад, ки ҳамин сурати адади даҳ дар ҳандаса аст.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБИ РИСОЛАИ АВВАЛ


Муқаддима ....................5
Рисолаи аввали “Эъҷози хусравӣ” ....................15
Наъти расул (с) ....................17
Мадҳи Шайхи шуюх-ул-олам Низом-ул-ҳақ ....................18
Мидҳати подшоҳи рӯйи замин ....................19
Дебочаи китоби “Расоил-ул-эъҷоз” ....................27
Оғози китоб ....................30
Ар-Рисолат ал-уло фӣ-л-муфрадот ва-л-мураккабот мин-ал-мактубот ....................33
Хатти аввал дар кайфияте чанд мухталиф ....................34
Ҳарфи аввал дар моҷарои шароеъи мутарассилонаи қадиму равиши ҷадид, ки аз айни табъи мутабаҳҳирони Ҳинд мавҷ зад....................34
Ҳарфи дувум дар боисаи ибдоъи тарз ....................34
Ҳарфи севум дар сифати тариқаи пухтаи мутарассилону баёни хома рондани ҷадиди котиб ....................34
Ҳарфи чаҳорум дар гусастани ҳамоили тазмин ....................35
Ҳарфи панҷум дар маъзарати шеъри арабии хеш ....................35
Ҳарфи шашум дар тарки перояҳои лафзӣ ....................37
Ҳарфи ҳафтум дар илтимоси тасҳеҳу итқони китобати ин китоб ....................38
Хатти дувум дар муфрадот ....................38
Ҳарфи аввал дар истеъмоли алфози касир-ул-маънӣ ....................38
Ҳарфи дувум дар намудани тариқи ангехт аз алфози порсии сирф ....................39
Ҳарфи севум дар тарошидани алфози музлиқ аз ин лавҳ ва истеъмоли алфози мусталаҳу латиф ....................39
Ҳарфи чаҳорум дар алфозе, ки аз он латоифи бисёр хезад ....................40
Ҳарфи панҷум дар маъзарати такрори лафз ....................41
Хатти севум дар латоифи алфози наҳву тасрифу адавоту ҳуруфи таҳаҷҷию он чи бад-ин муносиб аст ва намудори ангехт дар инҳо....................42
Ҳарфи аввал дар алфозе, ки маънию сарфи он дар маҳалле, ки зоянда гардад ва амсолу назоири он аз наҳву тасриф ....................42
Ҳарфи дувум дар латоифи адавот ....................42
Ҳарфи севум дар латоифе, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ хезад ....................44
Ҳарфи чаҳорум дар латоифе, ки аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба порсӣ тавон ангехт ....................47
Ҳарфи панҷум дар латоифи ҳамза ....................48
Ҳарфи шашум дар таркиби ҳуруф ба порсӣ ....................48
Ҳарфи ҳафтум дар маонӣ, ки аз махориҷи ҳуруф зояд ....................48
Ҳарфи ҳаштум дар натоиҷе, ки аз алфоз зояд ....................49
Хатти чаҳорум дар наводире, ки аз алфозу истилоҳоти улум хезад ....................49
Ҳарфи аввал дар истеъмоли алфозу истилоҳоти фиқҳ ....................49
Ҳарфи дувум дар истеъмоли алфози мантиқ ....................49
Ҳарфи севум дар маҳқулоти ашара ....................50
Ҳарфи чаҳорум дар алфозу истилоҳи илми назар ....................50
Хатти панҷум дар алфози мусталаҳи тарассулоти қадиму намудори истеъмол ба расми ҷадид ....................50
Ҳарфи аввал дар намудори истеъмоли алфоз ба маҳалли нисбат ....................50
Ҳарфи дувум дар алфози амсила ва ашғол ....................51
Ҳарфи севум дар алфози мутафарриқаи мактубот ....................51
Ҳарфи чаҳорум дар алфози парокандаи порсии сирф ....................52
Ҳарфи панҷум дар калимоти ҷамъ ....................53
Ҳарфи шашум дар алфози ташбеҳ ....................54
Ҳарфи ҳафтум дар калимоти маъзарат ....................55
Ҳарфи ҳаштум дар иншоа-л-Лоҳ ....................55

Ҳарфи нуҳум дар адъия, ки дар охири нома ояд ....56
Хатти шашум дар муносибати таркиби алфозу алқобу асомиву китобате, ки аз аввали нома то оғози ғараз ояд ....56
Ҳарфи аввал дар таркиби алфоз ба муносабати якдигар ....56
Ҳарфи дувум дар нисбати алқобу асомӣ ....56
Ҳарфи севум дар баёни муқаддамоте, ки дар мактуб аз маҳалли таслимот то оғози ғараз ояд ....57
Хатти ҳафтум дар оғози мазмуноту ағрози макнунот, муштамил бар шаш ҳарф ....58
Ҳарфи аввал дар тафсили муқаддимоте, ки дар кайфиёту аҳволи салотину мулуку ҳашаму асҳоби сафар бувад ....59
Ҳарфи дувум дар ангехти латоиф аз авсофу ахлоқу аҳволу аъмол ва асҳобу ақорибу алқобу асомии халоиқ ба тарзи мадҳу зам ....60
Ҳарфи севум дар баёни маъонӣ, ки аз авсофу аъмолу алқобу асомии бандагони турку ҳинд хезад ....63
Ҳарфи чаҳорум дар хаёлоте, ки аз авсофи ҳайвонот хезад ....65
Ҳарфи панҷум дар муқаддимоти мутафаррика аз кайфиёти мухталифа .... 65
Ҳарфи шашум дар ирсоли мактуботу қосидону ҳадоёю тавқеоту атиёту мустаъороту диниёту диёнот ва аҳволи мутафарриқаи дигар ....66
Хатти ҳаштум дар адъияи қадиму ҷадиди барбасти ҳикоёт ....68
Ҳарфи аввал дар истеъмоли калимоти қадиму адъия ба расми ҷадид ....69
Ҳарфи дувум дар адъияи риҷол ба расми ҷадид ....69
Ҳарфи севум дар адъияи мастуроти зиндаву гузашта ба расми ҷадид, ъала-л-иҷмол ва-л-асомӣ ....70
Хатти нуҳум дар таърих ....70
Ҳарфи аввал дар таърихи иттифоқи латифаомез ....71
Ҳарфи дувум дар таърихи ҳафга бо нисбати кавокиб ....71
Ҳарфи севум дар таърихи дувоздаҳ моҳ, мутазаммини латоифе, ки аз номҳои моҳу мавосим ба тариқи нисбату ҷумал хезад ....72
Ҳарфи чаҳорум дар таърихи сирӯзаи моҳ ба ҳисоби ҷумал, ки сари моҳ дар буруҷу манозил низ зимнан биёяд, ба тариқи муаммову иҳом ....73
Ҳарфи панҷум дар таърихи муҷарради моҳ ба ҳисоби ҷумал, мувашшаҳ ба хаёлоти беҳисоб ....74
Ҳарфи шашум дар таърихи сол ба ҳисоби ҷумал ....75
Ҳарфи ҳафтум дар латоифе, ки аз ҳандасаву ҷумал хезад ....75
Хатти даҳум дар шароити нисбат ....76
Ҳарфи аввал дар нисбати мактуб аз аввал то охир ....76
Ҳарфи дувум дар нисбати алқоби камнитоҷ ....76
Ҳарфи севум дар рухсати гусастани силки нисбат ....76
Ҳарфи чаҳорум дар ҳинҷори танидан гарди тору пуди нисбати китобу мактуб ....76
Ҳарфи панҷум дар ҷавозу лоҷавозӣ нисбат ....77
Ҳарфи шашум дар овардани назм ҳангоми тамом шудани нисбатҳои китобат ....77
Ҳарфи ҳафтум дар пайванд кардани аҷниҳаи нисбат ҳангоми пар кам шудан ....77
Ҳарфи ҳаштум дар илтизоми се ва чаҳор нисбати қарибу баъид ....78
Тавзеҳоти рисолаи аввал ....79

# РИСОЛАИ ДУВУМИ “ЭЪЧОЗИ ХУСРАВӢ”

Бисми-л-Лоҳи- р-Раҳмони-р-Раҳим

**Ар-Рисолату-с-сонияту*** **фи-л-мураттаботи мин-ал-мактуботи**, таштамилу ъало **ъашрати хутутин**. Дар саводи ин рисола гулистонҳо бисёр аст ба гулҳои гуногун ороста. Яъне, ҳар нома гулшанест тозатару туҳаф дар вай шох дар шох рафта. Он чи дар рисолаи аввал ниҳоле навхез буд, дар ин боғ гулбуне баланд гаштааст ва аз боди нутқ бишкуфтаву аз ҳар шуъбае мурғе хушнаво навои гулбонг баровварда. (3) Мултамис аз асҳоби тамошо он, ки чун гирди ин чаманҳои назиҳ ба гулгашт дароянду ба расми гулбӯёни маҳваш гулеро аз болиши ноз ба дастгоҳи иззат бароранд, аз он ҳама гулҳо, ки ба хуни ҷигар парвардаам, то мушкбӯю рангин шудаанд, ба бӯй басанда кунанд, назм:

Гулобисифат бар ҷафо нагзаранд,
Ки гулро бишапланду обаш баранд.

**Хатти аввал** дар амсилаву парвона ва мактуботи қузоту машоиху содот, муштамил бар ду ҳарф, **хатти дувум** дар мактуботи асҳоби маносиби девону катаба ва дигар асҳоби ашғол, муштамил бар ду ҳарф; **хатти севум** дар мактуботе, ки аз нисбати танҷиму улувиёти тақвим бояд, муштамил бар се ҳарф; **хатти чаҳорум** дар мактуботи мутафарриқа дар обу ҷавоҳиру аслиҳа ва лақаби камнитоҷ, муштамил бар чаҳор ҳарф; **хатти панҷум** дар китобат сӯйи обову уммаҳоту авлод, муштамил бар ду ҳарф; **хатти шашум** дар китобатҳои арабиву форсӣ, муштамил бар ду ҳарф; **хатти ҳафтум** дар амсоли арабиву форсӣ, муштамил бар ду ҳарф; **хатти ҳаштум** дар мактуботу баёни хузъабалоти ошиқон, муштамил бар ду ҳарф; **хатти нуҳум** дар асбоби маҷлису руқаъоти мутафарриқ, муштамил бар чаҳор ҳарф; **хатти даҳум** дар руқаъоту китобатҳои мутафарриқ, муштамил бар ду ҳарф, байт:

Ин қисм мояи (4) ҳама дар Ғарбу Шарқ бин
В-ин байт дар миёни ду хат баҳри фарқ бин.

**Хатти аввал** дар амсилаву парвона ва мактуботи қузоту машоиху содот, муштамил бар ду ҳарф. **Ҳарфи аввал** дар амсилаву парвона. **Мисоли** қазои дор-ул-хилофати Деҳлӣ. **Нисбат зи қузову нисбати дигар** ҳам. Ал-ҳамду ли-л-қозийи-л-лазӣ интазама умура-л-ъолами биқазоиҳи ва қазо қадруҳу биҳаддиҳи ва ъумр-ул-халоиқи ва-л-қазоиҳи ва салоту ъало соҳиби-ш-шариъати-л-лазӣ наввара даҳра динаҳу бизиё-ил-Ҳаққ ва зайяна-ш-шаръ ъилмаҳу би-л-баҳои-л-муҳаққақи ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.

Саное, ки илми шомили уламои комил дар иҳсои он ба аҷз эътироф кунаду сипосе, ки аҳли муҳаққақи ҳукамои мудаққиқ дар иҳотаи он ба истирор қарор намояд мар Холиқи ибоду қозии явм-ут-танодиро, ки ба иқтизои қазои муҳкаму ҳукумати ҳукми мустаҳкам ҳазрати исломорои моро бар коффаи оламиён ҳокими динфизойу омири куфрфарсой гардониду аз ройи анвори ӯ бар фарқи фироқи бароё хуршеде толеъ кард. Бар хатти истивои адл рост истода, ки аҳволи мазлумони офтоби гардаш зарра-зарра рӯшан кунад, то ба партави ин меҳр зарраи бемеҳрӣ аз равзани торики рӯзӣ дартобаду аз шуъои ин анвори зулол зулмати залама маҳв гардад, (5) мисраъ: камо би-ш-шамс* осор-уз-зуломи.

**Нисбат зи маротиби шаҳӣ** бин. Ва дар сояи эъломи сипеҳрсойи мамлакату сомияи алвияи фурқатфарсойи салтанат овозаи навбати ҷаҳондорӣ дод. Аз зарринсилоҳи шаҳсавориву дабдабаи кӯси хилофату дамдамаи дамомаи ҷалолат моро, ки ғулғулаи амну амону замзамаи адлу эҳсон ба акнофу арҷои олам расонидааст ва зилзилаи хавфу даҳшат аз ҳавсалаи таволифи дину имон берун бурдаву силсилаи зӯрмандию рабақаи адӯбанди дар рақабаи аҳзоб буғиву туғён дарафканда, муҳобате бахшид, ки аз руъби он гунбади фалакро сар боз шуду Зуҳали ҳиндуро гӯшҳо пора гашт. Ва аз нерӯи ин сайҳаи осмоншикоф осори фатану офот аз адониву ақосии мамолик чун ғалабаи хоб аз бонги раъд бирамиду асбоби ҳавлу махофот аз атрофу аркони масолик ба сони ҳуш аз хурӯши сур бигурехт ва ҷойе, ки ин сайти заифнавоз арғунуни навозиш навохт, саканаи билоди амсори ислом чун чашми мастон аз сароиши навои мунаввим ба хоби осоиш ғунуда мардуми чашми мушаввашон монанди атфоли разиъа ба тараннуми мурзиъоти мушаққиқа дар ҳуҷраи танаъъум осуд, байт:

Фитнаи бедорбуда хуфт аз он гуна, ки шуд
Бахтҳои хуфта (6) бедор аз хурӯши хуфтанаш.

То достони ҷавру ситам зери дарёи нилгуни сипеҳр монанди такаллум дар таҳи об номумкин гашту афсонаи ғазабу таассуб дар басити баҳру бар чун рақам бар рӯйи об нопайдо шуд, шеър:

*الی یوم به انتشر الدّراری      مِن العُلیا کأمطار السّحاب

Ва чун маншури хилофат бо мисолест саҳеҳ, аз ин мазмуни *инно ҷаъалнока халифатан фӣ-л-арз* ва аз қандили аршу ҷаъбаи чарх ин саҳми ростекши муҳаммадӣ фуруд омадаву ин сарири саҳмнок ба гӯши мо расонида, ки *фа-л-Лоҳу яҳкуму байнаҳум явм-ал-қиёмати*, мо низ аз он ҷо, ки бо чандин ҷабаруги мамлакати сулаймониву азамати ҷаҳонбонӣ дар мақоми убудият худро мӯре заиф тасаввур мекунам, риояти муҳиммоти *куллукум роъин ва куллукум масъулун ъан раъиятиҳи* бағояте менамоем, ки муҳобати шерони сарири мо то Гургону Ҳулвон расидааст, мисраъ: ва тоба аз-зиъб мин акли-н-ниъоҷи.

**Нисбат аз обу боду хок** ин ҷо. Ва аз манбаи алтофу маҷории инсофи мо ҷараёни айни маъдалату саялони зулоли гирдангезии хоксорони ҷафову ҳайфро дар тамомии рубъи маскун ба масобате сукунат дода, ки тундбоди бедоду таҷаббурро ёрои он нест, ки бе ҳукми сулаймонии мо хасе аз хирмани деҳқоне дар тавонад рабуд, шеър:

*وَ قد سکن العَواصِف فی زمانی      کما لا یتمز تراب من مکان

Бин **нисбати дасту пову бозу**. Ва қабзаи иқтидори мо бозуи қавидастонро (7) ба қуввате тоб дода, ки эшонро нерӯи эътизову хирад бишкаставу дасти он намонда, ки ангушти ҷафое сӯйи фурӯдасте дароз кунанд, назм:

*وَ مَن یمدُ الی ذی العجز انملهٌ      بقوة فعلیه سیفنا حکمُ

**Нисбат аз нерӯи султонист** ин. Бо он, ки дар навоҳии ғазву ҷиҳод ёрони кибори ҳанудро аз ниъоли марокиби давлат ҳалқаи убудият дар гӯшу тавқи тоат бар рақабаи рукият мениҳем ва агар касеро аз он хасони хосир сар ба каҳкашони фалак судааст, сарашро зери кулоҳи охир чун фиреқи каҳкашони пойгоҳи фалаки рифъат суда гардонем. Ва агар аз он ҷо, ки расми хасмкуши хасон бувад, хасеро хор-хори шавкате дар сар менамояд, чун хоки шореъ поймоли марокиби ҷунудаш месозем, шеър:

Балки аз тоби шуълаи шамшер
Ҳамаро мекунем хокистар.

Инак, инак **нисбат аз иҳсону адл**. Аммо дар маҳалли зама бад-он ҷиҳат, ки ҳар алифе аз саҳифаи *инна-л-Лоҳа яъмуру би-л-ъадл ва-л-иҳсони* умдаи салоҳи дину давлат пиндоштем ва ҳар ҳарфе аз китобати *ат-таъзим ли амри-л-Лоҳ ва-ш-шафқат ъало халқи-л-Лоҳро* дебочаи мақосиди мулку салтанат дониста, намегузорем, ки дар маноҳиҷи ҷуюши мансураи мо бар киштзори деҳқоне аз наъли тавсане айни тааддӣ сурат бандад ё дар хаспӯшии деҳе аз коҳкашӣ хаскашӣ роҳ ёбад, мисраъ: *магар он, ки ҳамчун каҳаш бидараванд*, то ба маёмини ин қазияи заифнавозӣ маосири ин қоидаи ғолибгузорӣ (8) бар ағлаби гарданкашони ҳинду хитою тотор таноби саропардаи моро молики риқоби мутлақ гардонидаанду бад-ин ҷиҳат барои убудияти хадами мо он гарди нонро ҳамон раги ҷони эшон расан дар гулӯ афканда.

Мисраъ: инак ин **нисбати ғазову ҷиҳод**. Ҳанӯз иқболи зояндаву давлати физояндаи моро забон, ки комгори шамшери фатҳосор мутақозии изҳори калимаи улё дар диёри кафара то ба кор мебошад, ки дар тамомии гулшани хок ҳар куҷо, ки шаҷараи тайибаи ислом соя бияфкандааст, аз зайл ҷуз зилли илоҳӣ он зилли мамдуд дар он ҳудуд расонем ва дар ҳар замин, ки шаҷараи малъунаи куфр, мисраъ: *шох* ағсонуҳо ҳаволиҳо*, ба муозадати панҷаи *бунияи-л-исломy ъало хамсин* аз бех барафканем, то соядорони шаҷараи хабисаи ғайу ғивоят, шеър:

Аз ханҷари хуршедваши мо ҳар дам
Бинанд заволи рӯзи худро рӯшан.

Ва ҳиммат бар он мақсуд мебошад, ки ба муҳориби пӯлодин суюфи ғузоти муҳориби динро пӯлодин кунем, то санги қалби абадаи асном *ал-лазина* яъидуна мин дуни-л-Лоҳ* дар ақосии ҳудуд ба осеби гулбонги ин овоза хурд бишканад, мисраъ: қаҷалму ва сахар бизарб-ил-ҳадид. Ва нидои хайбаргудози *зувият* лӣ ал-арзу фаурийту Машориқаҳо ва Мағорибаҳо ва саяблуғу мулки умматӣ мо заво лӣ минҳо* аз навбат ба навбат набӣ ба ниёбати

панохӣ *ило явмино ҳозо* ҳафтсадсола роҳ (9) қатъ кардааст ба самъи ҳумоюни мо расидаву мухозили залолат, ки сахраи Сафоанд, аз тавқири куфри хеш инчунин нидое баланд нашнавида. Дар он дилҳои сангин ин китобаи ҳидоят ба оҳанситону пӯлодпайкон накр кунем, то ин се ҳарфи қаҳру қадар қоф то қоф, мисраъ: *ка-н-нақши ъала-л-ҳаҷари* бимонад ҷовид. Ва байзаи исломро, ки аз инбисоти ҷиноҳи муфсидон бағояте бутлон пазируфта буд, ки қобили фарҷи фарахи ислоҳ намонда, ба ойине зоянда гардонем, ки дар ҳавои олам ҷуз фохтаи ягонагӯю қумрии каримхон напарраду зоғи сиёҳи куфри куффор *зоға* қулубуҳум ъан авдо-уз-залол* аз арсаи офоқ чун ғуроб-ул-байн аз ҷилвагоҳ товусвисол, мисраъ: берун параду бознаёяд ҳаргиз.

Мисраъ: инак, ин **нисбати ҷаҳондорӣ**. Бо чандин иштиғолот ба масолеҳи динӣ, ки аз куллиёти умури мамолик аст, ба хубавиёти мусолаҳаи коффаи аном пардохтан агарчи бар қазияи *лав* ло ас-султон ла акала ан-нос баъзуҳум баъзан* таяссури куллист, чигуна таяссур пазирад? Баночор, аз он ҷо, ки ақидаи росих бо ҳабли матини исломорой барбасте дорад, ҳар чӣ муҳкамтар ба ҷиҳати хоб *явма* яфирру-л-маръу мин ахиҳи ва уммиҳи ва абиҳи* мехоҳем, ки дар итлофи бародарони мусалмон кӯшему ба сифати нисфат дар таъйиди вифоқи *иннама-л-мӯъминуна ихватун*, ки аз уммаҳоти муҳиммоти диндорию ахавоти маҳосини некӯкорист, ҳуккоми удулро (10) мутааҳҳиду мутақаллид гардонем. Пас ба муқтазои фатовои шариат, ки *ало фазли ан ястақзӣ ал-имом адлан афифан муҷтаҳидан ав ҷоҳ фӣ-л-кутуб-ад-динийяти изо иштағал ал-имом би умур-ул-мамолик фаяҷиб алайҳи ан юқаддира ман кона юслиҳу лаҳу* замири мулҳаму фикри соиби моро ишорати иршоди осмонию асорати осори раббонӣ бидошт, ки бар сари раъоёву бароё ҳокиме одилу одиле олим насб фармоем, то аз намрудвашони мутаҷаббир ба миқдори ҷиноҳи пашаи наҳиф ҳайфу таадди ба зуафои беиғосату фуқарои белаъонат осеб нарасад. Ва шореъи шаръ аз поймоли залама бар наҳҷе маҳфуз монад, ки мӯре заиф зери пойи пиле шигарфпай сипар нашавад, балки пойи пил аз мӯрчаи ҳақир сипар афканад. Бад-ин нияти содиқа аз ҳадди Мовароуннаҳр то шатти дарёи Занг ба айни тааммуқ нигоҳ кардем, мутаҷаббире мутадайийини шариат бар он об бар рӯйи об наёмад, мисраъ: *ялиқ** бизолик-ал-тафвиз юсран.

Ъ[1]: **Нисбат зи маротиби қазо** бин. Садри судур-ул-ъолам, малики малик-ул-қузот фӣ-л-ъараби ва-л-аҷам, муштарии фалак-ул-ъиззи ва-т-тамкин, зиё-ул-ҳаққи ва-ш-шаръи ва-д-дини, шамс-ул-уламо-ил-муҷтаҳидин, наҷм-ул-ҳидояти фӣ тариқ-ил-яқин, маза-л-васодата-с-савдои ва-л-бадри-л-мунир би-з-зиёи фӣ лайлат-ил-лайло, илм-ул-ҳудо ъало руъуси-л-хавоси ва-л-авоми, алломат-уд-дунё бикамоли фазл-ил-Лоҳи-л-алломи-л-хусуси мин-ал-ҳазрати-л-хилофати би-р-роёти ва-л-аълом(11)-ал-ъомили би-з-зарқи ва-л-байзи лииҳмирори вуҷуҳи-л-исломи, сара-с-сароё ва-л-ҷунуд, мубара лӣ ал-бароё биҷуди-л-ҷуд. Аъни, Абдурраҳмон Усмон ашрафу мин ъибоди-р-Раҳмон бишарафи-р-раҳмати ъало ъибоди-р-Раҳмон ал-манозиру минҳу, зода садоқату-с-садиқи ва ъуййина ъадлу Умар ва ъилму Алӣ ва ҳоа ҳаёу Усмон, ҳаёҳу-л-Малик-ул-ъуло, мо ямтар-ал-ҳаёу фӣ-л-офоқи ва-л-аркон.

Аллома, ки ба ҳукми *уламоу умматӣ каанбиёи банӣ Исроил* аз он зот то анбиё фарқ ба ҳарфе кофӣ гаштааст, чунонки нуқта низ дар он мадхал намебояд. Яъне, кофи шибҳ, ки барои маслаҳаи қазо дар вай гунҷидаасту дақоиқи рақаму қалами ӯ аиммаи арбаароба шиори маҳосин ҳулияи мувоҷеҳ додаву дар ривояту дироят сонии шариҳу солиси сохибия шуда, шеър:

*فى الورى ليس مثله احد   بالفقاهات و الدرايات
ضاء نور الكمال منه كما   لمعه الشمس فى الولايات

**Нисбат зи қазо** назора кун боз. Ба иқтизои ин авсофи мурзия мансаби қазову маснади ҳукумати ҳазрати дор-ул-хилофати Деҳлӣ, ки носихи дор-ул-хилофати сипехр аст, ба ӯҳдаи он зоти муаззаму вуҷуди мукаррам гардонидем, то ба маросими ин шуғли динӣ ба мутобаати русули маданӣ қиём намояду хашият бо ҳасабати яздониро, ки бар ақосиву адонӣ мурооти он воҷиб аст, хусусан бар уламо авҷаб, камо қола Аллоҳ-ал-ъалим *иннама*

---

[1] Нишонаи мушаххаскунанди мисраъ аст, ки дар ин сурат калимаи "мисраъ"-ро иваз кардааст. Дар мавридҳои дигар ин нишонаро наовардем.

*яхша-л-Лоҳа мин ъибодиҳи-л-уламоу*, ба тарикe риоят намуда (12), ки айни шаръ маръӣ монад, ки агар айни шаръату шариат ҳосил ояду дар исботи ҳуқуқи халоиқу эҳёи вуҷӯҳи нозили дақоиқу тафриқаи амволи ҳалолу ҳарому таҷрибаи аҳволи хосу ому риояти ҷониби мазолими мазлуму ҳимоят ҳангоми тааддии ҳоким бар маҳкум, ки гузидатарини қазоёи қазосту писандидатарин васоили олами ризо иҷтиҳоде лозим дорад, ки арвоҳи муҷтаҳидони собиқа барои сабақи иҷтиҳод бар он собиқа ҷӯянд ва аз пайи ин ҳолро ҳасрат хуранду дар пеши бинӣ даъвии назар ба ниҳояте дур афкананд, ки наъими ҷаннату ҷаҳими ҷаҳаннам аз он сӯй домани қиёмат бе ҳиҷоб тавонад дид, то чун он караму нақами номутанохӣ ба рой-ул-ъайн муояна кунанд. Ҳароина, назар бар ҷиҳати *изо* ихтасам илайка иснон фасавви байнаҳумо* ду мардумро, ки яке қуррат-ул-ъайни амир асту дувум муқлаи чашми фақире, мисраъ: набинад ҳар дуро ило ба як чашм.

**Нисбат аз нуқраву зар асту иёр**. Ва гувоҳони аз ӯ зӯрро, ки чун нақше сим ба воситаи ҳарфи иллате, ки дар миён бошад, бо ҳам пайванданд, монанди ду ҳарфи зар тафриқ фармояд. Агар дар эшон ростӣ бар сони хатти меҳвар миёни ду ҳарфи зар пайдо шуд, сими муддаъии бе иллат агар ҳама нимкунҷид аст, дар заммаи муддао алайҳи нагузорад ва агар аз он қалбкорон қалбае зоҳир гашт, (13) мисраъ: бибояд ронд ҳукми сикаи шаръ.

Боз **нисбат** ҳам **аз қазо** нигаред. Ва дар маҳкамаи ҳукумат вукалое насб фармояд, ки аз душвории фармони Ниъм-ал-вакил ҳаросон бошанд, на ононе, ки барои ниъам-ал-вакил ҳаросон, ки ҳаст душвор гардонанд. Ва нуввоберо, ки дар маҳкамаи ҳазрату мадоину хутуту қасаботи мамолик ба тақлиди ашғолу тафвизи аъмоли қазо иқомат хоҳад дод, эшонро тавсияте арзонӣ дорад. Дар ғояти таъкид таъкиди шайтонро дар маноҳиҷи ҳукумат мадхал надиҳанду ба хututу сиҷиллоти музаввар, ки ба мӯйи мухаззаб монад, сари қалам дар вай сафҳа сиёҳ нагардонанд ва ба забонҳои ақломи фатово, ки ба дандонҳои шона мушобеҳ аст, шиори ҳақро аз шуури ботил фарқ рост кунанд, на сарсариву тангаи ришватро чун хонаи анкабут мӯҷиби бутлону ҷуд пиндоранд. Ва агар ҳама бар дари девори ӯ ҳун-ал-буюти эшон оқчаи анкабут сиккаи ифлос зада бошаду сиёҳхонаи эшонро ваҷҳи сапедӣ ҳамон шуда, гирди он нагарданд, шеър:

*وَ يقْنعونَ بما مِنّا يَصيبُ لَهُم    عَينُ كَاَجنحَةِ الذُّبابِ تَلمعُ

Ва маншури муҳками *ва ман лам* яҳкум бимо анзала-л-Лоҳ фаулоика ҳум-уз-золимун* камандест аз *ҳабл-ул-Лоҳ-ал-матин*. Гардани ҳеҷ ҳуккоми даҳру назири сатри мусалсали *ало инна-з-золимина фӣ ъазоб* муқими занҷире, ки бонги ғулғули ҳавлу фазаъ дар олам дар додаасту ҳамагии муҳкамоти шаръу муҳкамоти адл (14) бад-он манут аст, дастовези эътисом созад, то зимоми он ҷо кашад, ки ҳалқаи дари қозӣ фи-л-ҷаннат занад, на бад-он тараф, ки силсилаи қозиён фи-н-нор ҷунбонад. Фи-л-ҷумла, фӣ кулл-ил-умур нуни Қуръонро меҳроби таваҷҷӯҳи диққати хеш созаду алифи оётро имоми масолеҳу рои ахборро дастури кифояту доли дироятро роҳбари мақосиду тои тадайюнро саҳифаи аъмолу ъайни шариъатро дидбони тазаллуму дарёҳои ривоётро ба истиғроқи тамом саёҳат намояду дарҳои ҳувият ба калиди наҷот фатҳёб кунад. Бӯ, ки дар замони идроки даракот доираи мими маъдалат ҳусни ҳусайни амони ӯ гардад, мисраъ: камо лом-ал-ҳуроб ъала-ш-шуҷоъ.

**Нисбати обу абру борон** низ. Боз чун дар ҳамагии ҷавониби мамолик тавотури борони каф, то ки дар он ғайми абру дарё мураккаб аст, қароеҳи обҷӯёни улумро ба рӯшанӣ об додааст, ки ҳамгинон ба андак обхӯрди муҳити захираи фиқҳ ба қиёсе мешаванд, ки мавҷи қариҳаи он аз Ҷайҳуни Суғд то Даҷлаи Бағдод мерасаду хоки Нуъмонро ба оби ҳаёт тарашшуҳ мекунад, мисраъ: ликай яшҳада мин навмиҳи-л-абад.

Маъа ҳозо, чун ҳиммати подшоҳонаи мо бар он мақсур аст, ки амвоҷи алтоф ба баҳри наҳорири илм аз он чи ҳаст, зояндатар гардонем, пеши замири баҳри наволи мо доим бигузоранд, ки сӯйи эшон анҳори лавотифу авотиф бар он об (15) ҷорӣ дорем, ки идрори аҳли такрор чун ду лафзи идрору такрор музоъаф гардад, то биҳори улум бар наҳҷе дар талотум ояд, ки саялони машореъи шароеъ ба айни аҳди набавӣ расаду тамомии арсаи заминро илму ҳунар то ин диёр мухит гардад, чунончи доираи об рубъи маскунро.

Мисраъ: **Нисбат аз амру навоҳии дигар**. Ва абнияи мадорисро ба ҷавоҳири улум иморат фармояд, на ба девори сангин ва мутааллимонеро дар он мабонии хайрот сокин гардонад, ки дар қалби муваллаъи улум бошанд, на онро, ки дарс дар қалби эшон сард бувад. Ва музаккиронеро рухсати ваъз диҳад, ки тахтаи мунири эшон ба лавҳи маҳфуз бозхонда бошад, на хонандагонеро, ки лавҳе низ маҳфузи эшон натавонад буд. Ва дар авқоф мутаваллиёнеро насб кунад, ки бар шурути диёнат воқиф буванд, на онон, ки шурути вақфро ибтол кунанд. Ва тафаҳҳуси мадорису масоҷиду маҳофилу маноких ва ҷамиъи масолеҳи қазоро бар намте ба ҷой орад, ки ҳеҷ қадаме аз маҳалли шариъат, ки мураббаъи салоҳ аст, сӯйи муҳоли шарт, ки мураббаъи ҷиноҳ аст, сайр менамояд, шеър:

*وَ النَّاسُ يأتلفوْن حُسنُ مَعيشَة　　كَالتَّوامين بجَوف بَطن الاُمِّ

Мисраъ: **Нисбати ъолияву улувиёт**. Ва чун ин наййири дараҷоти илм баровардаи даргоҳи сомонманзалат асту аз ҷумҳури қузоти замон *ка-ш-шамс би-н-нисбати ила-н-нуҷум* мумайййиз ва ба ҷуюши анҷумшумору кавкабаи кавокибосор бо сипеҳри улвӣ гӯш зада, иқтооту инъомоти ӯ фарохури ин мартабату мулоими (16) ин манзалат, бештарӣ аз арсаи шимолии мамолик, ки бастати он басит бо баёни Нимрӯзу саводи Шом бозмехонад, муайян фармудем, то қоидаи ин мансаби динӣ дар ин навбати ҳумоюн ба баландиву арҷмандӣ бар қоимаи Бирҷис қоида кунад, шеър:

*وَ يُدامُ هذا العِزُّ مِن اَيّامنا　　كَالشَّرع فى الاَزمان وَ الاَيّام

**Нисбат зи судуру дониш** аст ин. Сабили уламову судуру содоту машоиху мулуку умарову маорифу машоҳиру вазиъи шарифи ҳазрати дор-ул-хилофати Деҳлӣ, *ъаммараҳа-л-Лоҳу абад-ул-обод* ва саканаи адониву ақосии мамолик он аст, ки ин садри судури ҷаҳон Зиё-ул-ҳақ ва-д-дин Абдурраҳмон илайҳи ҳубо-ул-ҳақ ва-д-дин мин Абдурраҳмон илайҳи, ки дар зери самовоти сабъаву даруни арсаи ҷиҳоти ситта хомиси аиммаи арбаъа аст, дар муошири хавосу авом ба машореъи дину ислому шореъи шаръу аҳкому маъойиши умури эълому мафориши қузоту ҳукком ҳокими мутлаку ҳукм ба ҳақ донанд ва фармони ӯро, ки муайяни шариат аст, ба итоати тамом дарпазиранд, ки, мисраъ: итоат ба ҳарфест афзун зи тоат.

**Нисбат аз мансаби илм асту қазо**. Ва ҳаллу иқди ин муҳиммоти инсофпарвариию қабзу басти ин масолеҳи адлгустарӣ ба қабзаи иқтидори ӯ ҳавола шиносанду маҷлиси он садри аъзаму мансабнавози муаззами ӯро маориҷи дараҷоти улуму марҷаъи ҳоҷоти ҳар мазлум тасаввур кунанду марофиқи ин дастгоҳ ба он эътизоди ислом мусаллам шумаранду таъзиму (17) табҷили он то ҳадди имкон бе имтиноъ аз воҷибот пиндоранд. Ҳукми ин мисолро, ки савод-ул-ъайни азамат асту азамати айни савод ба дидаи иззат пеш оянд, мисраъ: писандида афтад ба авни Худой.

Катаба биамри амири-л-муъминин аъола-л-Лоҳу амраҳу-л-аъло би-л-ҳукми ва-л-қазои фӣ танфизи умур-ил-ҳукми ва-л-қазои ило явмин нифози умур-уд-даҳри ъала-л-инқизои, муайядун битаблиғи ва-р-рисолати судуран мин ҷаноб-ил-ъазамати ва-л-ҷалола, назм:

Золика-т-ториху фӣ хаттин бадо,
Ҳафтсад асту шонздаҳ бархон ҷудо.

Мисраъ: **Мисоли Шайх Шамсу нисбати шамс. Таҳмид**. Ал-ҳамд лимунаввари-ш-шамс. Чун исорати сабоҳи меҳрубонӣ бар шабҳои дарози бедорон таҳаҷҷуд аз партави офтоби зоти шафқати мост, бар ин қазияи ройи оламоройи мо, ки моҳи комили осмони фирӯзист, балки наййири аъзами беҳрӯзӣ чунон иқтизо фармуд, ки Шайхи субҳхези содиқ, шамс-ул-миллати ва-д-дин, фарид-уд-даҳр, ғариб-ул-ъаср, мунаввар-ул-шарқонӣ, *зода анворуҳуро*, ки ба пагаҳхезии сидқу сафо дар гардиши Офтоб рӯшан гаштаасту худро дар пардаи ҳаё мастур дошта, ба айни иноят ихтисос додем ва деҳи Бурабфасур аз аъмоли меҳрбори истиқболи хариф, ки саратони обӣ бо чашмаи Офтоб ба ошноӣ дароянду таърихи се аз сари Хуршеду Қамар рӯшан гардад, инъом гардонидем, то он харобаро, ки ба сабаби вайронии қадим партави меҳру моҳро ҳоиле кам мондааст, (18) – шеър:

*وَ يَلوحُ بالقَمَرَين عَرصَةُ اَرضِها　　كَمُلَمِّعِ حاذاهِ عَينُ ذُكاءُ –

ба ҳадде маъмур гардонад, ки на аз хаспӯшҳои он мӯҳрабозон лӯълӯ чаконаду на шуои меҳр дар хонаи муфлисе рахна ёбад, ки зррарезӣ кунад, байт:

Зеро ки тавонгар нашавад мардуми дарвеш
Аз гавҳари борону зарафшонии хуршед.

Ва дасти тарбият бар сари раоё чунон фарох гушояд, ки гармозадагони миҳани оташафрӯз аз тофтагии рӯзгори ҷаҳонсӯз дар паноҳи он дасти сояпарвард роҳат шаванд, шеър:

*وَ من طیبِ عیشٌ باَوتانِهم　　یدوُروُنَ کَالراَح فی الراَحة

Ва дар заръу ҳарс, ки Розиқи карим абру хуршедро ходими он гардонидааст, бағояте кӯшиш намояд, ки ҳар хӯша дар саҳобу офтоб забон кашаду ояти *анбитат сабъа санобил фӣ кулли сунбулатин миату ҳабба* сӯйи хирмани моҳу хӯшаи Аторуд дамад, байт:

То золи фалакро ҳавас ояд, ки дар он кишт
Ҷӯяд сила ҳамчу(н ту)[1] гадо бар сари хирман.

Сабили саканаи қаряи мазкура он аст, ки нуронӣ Шамс-ул-миллат ва-д-дин, ло зола мунавваранро мутасаррифи хеш донанду маҳсули ҳар сол аз дувоздаҳ моҳи бадраи бенуқсони ҳилол ва дона тухм-тухму хирман-хирман санҷида, ба мизони адл бад-ӯ расонанду пеши офтоби фармон заррамисол ба ҳаводории тамом пеш оянд, то писандида афтад, иншоа-л-Лоҳа ан-нур. Таъриху моҳ охири шавволу сана бар сари зайл, яъне, ки сол ҳафсаду маҳ сӣ шуда тамом.

**Парвонаи** (19) **истинораву нисбат ҳам. Таҳмид.** Ҳува ан-нур. Ин парвона, ки аз шамъи маҷлиси салтанат мепарад, пеши рӯшанони боргоҳи кайвонрутбат гузаштаасту ба дудаи нишони масобеҳ музайян гашта, дар маънии аноран ҳоли Анвар-ус-судур, зиё-ул-мулк, сироҷ-уд-давла ва-д-дин, дома мунавваран, парвоз ёфту шуғли иштинораи дари саройи аъло зиёу сироҷиҳо ило субҳи-с-соъат бад-ӯ ҳавола шуд, то шамъвор дар кори рӯшноӣ қиём намояду шамъҳои боргоҳи осмонпаноҳро, ки бо чандон ҳарорат забон ба адаби тамом дар лаган мондааст, ба ҳадде забон диҳад, ки нуҷуми фалакро тоби он натавонад буд. Ва машоғили ҷанобро ваҷҳи рӯшноӣ ба наҳҷе муҳайё гардонад, ки аз шӯълаи баланди онҳо офтобвор фатилаи ҳилолро ба тамому камол танвир кунад, шеър:

*وَ البَدرُ یَستَرُ فی سِتارة نورَها　　کَالنَّجم یُحجبُ فی سِتارة من ذکا.

Ва шиҳнагии рӯгангарони ҳазрати Деҳлию ақсои мамолик низ ба ӯҳдаи ӯ гардонида шуд, то дар мизоҷи он тоифаи чарбкор, ки аз заррот дар рег бешумортаранд, монанди об дар ранг дарраваду аз ранг рӯған берун орад. Меҳтарони эшонро, ки дар иддаҳони шаҳнагони хеш яке аз яке чарбтаранду ҳангоми мудоҳанат хироҷи ҳар як дар гардиши чарх ягонаи асри хеш, чунонки карроти муҳассилони рӯғанро чун сутур ба кунҷора фиреб додаанду чашмбаставу саргардон гардонидаustuvor надорад ва агарчи рӯғани чароғе пеши ӯ оранду хоҳанд, (20) ки ӯро ба ҷиҳати рӯшноии кори хеш пунба кунанду бисӯзанд, ба захми чӯб устухонҳои эшонро пунба созаду молиши сахт диҳаду ҳамон рӯған бар сари эшон резаду пеши чароғ дорад, мисраъ: то бисӯзанду ҳама ҷо ҳолашон рӯшан шавад.

Хусусан, моро ин рӯғангар, ки чароғи дудаи эшон аст, агар масали гуле пеш орад, ангушт бар он назанад, мисраъ: к-он чун гули чароғ зи нор аст машъала. Тариқи ӯ он аст, ки ҳар киро донге диҳад, дар ниҳояти донг доғи танга ниҳад, назм:

Монанди рӯғане, ки чакад гар қиёси донг,
Доғе шавад фарох, ба миқдори тангае.

Тариқи чарбкорони аср он аст, ки Сироҷ-уд-давларо рӯшанкунандаи ҳоли хеш донанду кайфияти худ гунҷад нагунҷад бад-ӯ боз намоянд. Агар ҳама кунҷидест бар андоми эшон аз ӯ пӯшида надоранд, ки агар аз нуқтаи фармон кунҷидворӣ таҷовуз кунанд, тани гандумгуни хешро шамшери чун барги кунҷид ба миқдори донаҳои кунҷид пора-пора набинад, балки ба ҷойи кунҷидашон дар ҷувоз афкананду бишапланду ҳар чизе, ки доранд, ситуда ояд, то дигар асҳоби асри эшонро эътиборе ҳосил гардад, байт:

Кунҷид ба даҳонашон шавад талх чунон-к
Симсим ба бароти хеш самсам хонанд.

Ҳукми ин хатро чун парвона пеши шамъ истиқбол кунанд, то писандида афтад, бимашият-ил-Лоҳ-ал-мӯъмин. Шумори моҳ аз охири рабеъ-ул-аввал рӯшан хоҳад шуд ва

---

[1] Ҳуруфи дохили қавсайнро ба хотири риояи вазн овардем.

таърихи ъом сари қалам дар хат оварад, мисраъ: яъне, ки зи маҳ (21) сиву сана ҳафтсаду нуҳ.

**Ҳарфи дувум** дар мактуботи қузоту машоиху содот, мисраъ: **номаи қозиву нисбат ҳам ҳамон**, дебоча бин. Дар ин моҷаро нисбате, ки тааллуқ ба қазоёи қазо дорад, қадре зикр карда шуд, то муқиррони мунсифро ило замон-уш-шаҳодат ҳуҷҷате бошад қотеъ барои чарҳи муддаъиву мункар ва ҳар кӣ хоҳад дар ин нисбат моҷарое бар тариқи банда озод аз мулкияти ғайр таҳрир кунад, ӯро аз чунин сиҷилле, ки ба ҳукми девони қазои қазо аз қалами котиб ба судур пайвастааст, чора натавонад буд. Пас, ночор ин қибола, ки мазомини накди бисёр аст, иқд карда омад, шеър:

*لِيَطلُبُ اهلُ الاستِحقاق طَرا حُقوقَ الفضل من طَبعٍ سَليمِ

**Унвон**. Ин нома, ки ҷомаи коғазини мазлумон аст, дар маҳкамаи адли садри ҷаҳон шареъ-ул-қузот, шараҳа садруҳу, гиребон чок бод.

**Таҳмид**. Ал-ҳаким, ал-ҳамид, ал-ҳукм, ал-адл, ал-латиф, аш-шаҳид, лаҳу-л-ҳукм, лаҳу-л-қазо, назм:

*ايا مَن فَوقَتَ مِن حكمِ القَضاءِ وَ نوَّرتَ الشَّريعَةَ بالضِّياءِ
اَضاءَ الارضَ وَجهَكَ ثُمَّ اَضحى ضِياءٌ مِنكَ في عَينِ السَّماءِ

Рубоӣ: Эй садри ҷаҳону бал ҷаҳонӣ дар садр,
Дар даҳр туӣ зиёи комил чун бадр.
Зоти ту ба болиши сиёҳи маснад
Чун нури таҷаллист миёни шаби қадр.

То маснади ҳукуматро ба зуҳури уламои раббонӣ истизҳор бошаду қазоёи қазоро аз судури фуқаҳои нуъмонӣ изҳори мансаб шаръи ҳанафиву маҳфили илми халафӣ ба партави зоту (22) лавомеъи сифоти худованди бирҷис-ул-қузот, шамси мадориҷи уту-л-илм дараҷот, зиё-ул-ҳақ ва-д-дин, бадри манозил-ул-ъиз ва-т-тамкин, наҷм-уд-дақоик-ул-улувият, сироҷ-ул-умматги-л-мустафавия рӯшану музайян бод, ҳукми яздонӣ муъини аҳволу қазои осмонӣ мусоиди аъмол, ба ҳаққи қози-юл-ҳоҷоти диният, соҳиб-ун-набиёт, байт:

لا زالَ صَدرُكَ بِالعُلومِ مُجرا حَتى تَجرِ صَدرُ اَخبارِ الوَرى

Мамлуки хос Биҳор сӯқӣ, ҳокими хиттаи Ноғур, ки бурқияти молики риқоб-ул-қузот муқирру муътараф аст, бандагӣ бо ҳазорон озодагӣ арза медораду бар даъвии ихлос ҳам аз дили одили садри муаззам гувоҳи адл мегузаронаду бо қомати ин байина худро аз ҷумлаи марқуфоти маҷлиси худовандӣ мепиндораду чун бандагони густох бад-ин ариза таҷосур менамояд, ки мазлуме чанд аз дасти заламаи ин савод бар сабили тазаллум дар девони мазолим, ки матлаъи зиёи дин аст, илтиҷо намудаанд. Зулме, ки бар эшон гузаштааст, рӯшан хоҳанд кард ва илло номусалмонон, ки малики исломаш мехонанд, кафо-л-Лоҳу шарраҳу ъан диёр-ил-ислом, дасти харобӣ дар ин маъмураи фарох кушодаасту маблағе қабз барбаст карда мегӯяд, ки мушти баста лаке арзад ва мо мегӯем, ки шеър:

Магӯ он, ки арзад лаке мушти баста,
Ки чун баста шуд, мушт донаге наярзад.

Азбаски чун *ъуммол* ъайн бар мол дорад, дили сангинро миқнотиси зари мардумон сохтааст (23) ва ҳар ҷо, ки қуроза мебояд, ҷонибн худ мекашад, байт:

*قد يَجذِبُ صَخرُ قلبه التّركما طَبعاً جَذبِ الحَديدَ مِقناطيس

Масали туӣ пироҳане, ки дар танаи ӯст, яқин медонад, ки аз они мардумон асту ба талбис бар худ мепӯшад. Чандин даъвии халқ бар дари худ мебинаду ба ҳеҷ тариқе қазоро сӯйи худ роҳ намедиҳад. Бо чунон ҳавсалаи тунук ҳар чӣ дар пеш меояд, фуруд меравад. Аз мурдан намеандешад. Ҳарчанд дар ионати мазлум иҷтиҳоду нуъмонӣ намуда мешавад, қавли қозиро ҳусн намедонаду оқибат дар пайи молики дунё медавад ва аз ин тадонут чунон мутамаввил шудааст, ки Ҷаъфари Даволиқиро мандиқ мехонад, байт:

Дузде чунин аз халифаи аҳд эмин,
К-аз дуздии ӯ халифа Маъмун набувад.

Масали қозӣ бо он дузд ба қиссаи дузду қозӣ монад, ки ба мунозараву муораза чашми вақоҳат кушодаасту муқаддимоти бетавҷеҳро тамҳид менамояд. Доъӣ аз ӯ адаб-ул-мулук

талаб мекунаду ӯ аз адаб-ул-қозӣ сухан мегӯяд ва ба таъризу истеҳзо забон мекушояд, ки қозии мо фақеҳ асту аз адаб хабар надорад, ӯро адаб мебояд кард, байт:

Сазад гар қозии олам бар ӯ чӯби адаб ронад,
Ки ӯ аз ҷаҳл чун ман қозиеро беадаб хонад.

Ҳар рӯз халқе аз толибони ҳақ сӯйи он ботил эъломи шаръ мебаранду ӯ ъайни шаръро фурӯ гузошта, ба шар гирифтор монда ва гаҳе ба зӯр пеш меояду гоҳе ба зӯр мегӯяд, (24) ки волӣ манам, қозиро бар ман чи вилоят медонад, ки дуди чароғе ба сад сӯхтагӣ хӯрдаам, дӯзахошомам мехонанд, байт:

Бигирад бар офтоби шаръ аз вай об,
К-он об бикушт оташи қозиро.

Ин мутааллим аз сари бузургии. аммомаи хеш ба қазои осмон розӣ, то ба қазои ин замин уфтод, ки пиёда бар дари чини золиме меравад у ӯ эътизоли тадаҳҳуби хеш сохта, чунонки умеди дидор мумкин бошад, мисраъ: ки дидори Худо рӯзӣ мабодаш. Байт:

*و مِن عَوارِفهِ عَینٌ عایِلٌ قُنطت          کعَینِ مُعتزلٍ مِن عِیانِ رُؤیَتِهِ

Рашҳе аз оби рехтагии хеш ҷар-ул-офоқ гузаронида шуд. Арҷу, ки ҷаноби адлмаоби садри ҷаҳон беобии шариат беш аз ин написандад, байт:

*اِذا یُخَرَّبُ شَرعَ الرَّسولُ ذاکَ بظُلمٍ          فَکَیفَ یَبقی فی هَذهِ الشَّریعَةِ ما؛

Тааддии азлам-ул-мулук пеши аъдал-ус-салотин боз мебояд намуду аввали қозии мазлумро ба инсоф расониду баъд аз он шикастае чандро, ки истинод бад-он ҳукумат кардаанд, ба салобати адл музоҳарат фармуд, чунонки мустазҳари ноз гардонаду пушт ба девор оранд. Яқин, ки сарриштаи он ҳабл-ул-матин пеши подшоҳ чунон ба итноб кушода гардонад, ки ин аглаб-уз-заламаро расан дар гардан аз ин ҷо баранду рақабаи баста чун бақара дар рабақаи авонон даркашанд ва он чи аз ҳуқуқи (25) муслиму зиммӣ ба зиммаи мазмумаи ӯ тааллуқ дорад, бистонанду баъд аз он аз ҷаҳл-ул-вариди ӯ дар дор-ус-сиёсат ҷӯйи хун равон кунанд, то ибрати гардантобони шариат бошад ва ҳеҷ кас бар ҳукм даъвии таҳаккум накунад, иншоа-л-Лоҳ-ал-вакил. Ҳамеша зоти аҷалл-ул-қузот аз қазои аҷал дур бод, омин!

Таҳрир дар охири рабеъ-ул-аввал буду таърихи ъом дар аввали зикру охири *хат* мусаҷҷал: яъне, ки зи маҳ сиву сана ҳафтсаду нуҳ.

**Таслимот**. Аз ин ҷониб муқассирони бандагӣ саҷдаҳои қазо адо мекунанд. Саломи қазоӣ аз хадами хоси қозӣ расиду қазои омадаро дафъ гардонид. Хидматкорони ин ҷониб, ки дар замири садри ҷаҳонӣ чун салом дар қибола мадхал надораду хидматҳое, ки то инқизои умр мунқазӣ нашавад, арза медоранд.

**Адъият-ул-қузот маъа рабт-ул-ҳикоёт ва-л-хитобот**. Айн-ул-қузот Зиё-уд-дин дар гирди болиши сиёҳи инсон-ул-ъайн сироҷ аст, наввара ъайн-ал-ъадли би-с-авод ва саодатиҳи. Санад-ул-қузот Заҳир-уд-дин, ки дар изҳори ҳақ сахтсалб аст, қавию-л-қазо садр-ул-маснад бисалобатиҳи. Аъзам-ус-судур Садруддин аз изоми қузот аст, ъазамаҳ-ул-Лоҳ фӣ-с-судур. Нуъмони-юс-сонӣ қозӣ Муҳаммади Абӯюсуф, қабила-л-малик шофиъиятаҳу. Қалил-ун-нитоҷ қозӣ Ҷалолуддин аҷалли қузот аст, амлоҳу зу-л-ҷалол мин қазо-ул-аҷалли.

***Ли-л-умум***. **Сиҷҷил**. Фалон қозӣ хатти итқ-ун-нор аст, (26) байяза-л-Лоҳу китобаҳу қаразс-ул-қиболат. Ҳакимони адл бисёр будаанд, аммо ҳукми ин қозӣ дигар аст, шаҳада-л-Лоҳ би-л-ъадл фӣ ҳукмиҳи. Фалон қозӣ даъвидор несту муддаъидӯст ҳам на, ҳафаза-л-вакил ъинда-ш-шаҳодат мин ҷарҳи-л-хасм.

***Ли-л-майит***. Моҷарои қозӣ Айн-уд-дин доим бар равиши шариат буд, аҷроҳа-л-Лоҳ ило шароеъи-р-раҳмат Қозӣ Бурҳонуддин дар ҳар илме, ки даъвӣ кардӣ, бурҳон ҳамон расанда будӣ, ҷаъалаҳ-ул-ҳақ ҳуҷҷатан ъала-л-қузоти ва ҷаъала исмаҳу бурҳон-уд-дин. Қалил-ун-нитоҷ қозӣ Аҳмад аз ҳама қузот сутудатар буд, мисраъ: аҳмадаҳу Аҳмад фӣ-л-маҳшар.

***Ли-л-умум***. Фалон қозӣ солҳо садри ҷаҳон буд, мисраъ: ясдуру руҳуҳу садр-ул-ҷинон. Зикри фалон ҳоким чакест барои тамлики дилҳо, катаба зикраҳу би-л-хайр фӣ-д-дорайн.

**Ал-ъакс**. Қозӣ Ҷаъфари хонӣ миёни бузургон чандон обе надорад, субба моуҳу фӣ анҳори ҷаҳаннам. Қозӣ Имодуддини Розӣ дар биноҳои зулм истоде тамом дорад, ҳуддима

бунёну маҳкамиҳи. Қозӣ Камолуддин, ки ба фуруд гирифтани мол сар баровардааст, қутиъа раъсуху ва нуфа молуҳу. Қозӣ Яъқуб бағоят фарохкомӣ мекунад, зоға қалбуҳу ъан байзат-ул-ислом. Қалил-ун-ниточ қозӣ Ваҳидуддини Авҳад аз сонавия аст, муҳйя исмуҳу мин дафтар-ит-тавҳид. Қозӣ Разиюддин ба ризо озори дилҳо менамояд, язурра қалбуҳу.

***Ли-л-умум***. Фалон қозӣ ҳабси номашрӯъ мефармояд, ҳубиса фӣ қалби сиҷн. Фалон қозӣ (27) ҳабс ҳама ба қаҳр ҳукм мекунад, қаҳараҳу-л-ҳоким.

***Ли-л-майит***. Қозӣ Мавдуди дӯзахишом худ дар оташ шуд, мало ҷасадуҳу бидуд-ин-нор. Қозӣ Баҳои Сӯқӣ бағоят бозоримизоҷ буд, қуллиба фӣ манҳаҷи ҷаҳаннам. Қалил-ун-ниточ Қозӣ Холид, ки номаш аз кизб гувоҳӣ медод, фано шуд, баъуда мин-ал-хулд ка-л-фонӣ мин-ал-ҷуд.

***Ли-л-умум***. Қозии оташх(в)ор сафар кард, фӣ-н-нор ва-с-сақар. Қозии тунукҳавсала ба зиндони хок маҳбус шуд, зайяқа сиҷн-ул-лахад ъалайҳи.

**Дуои ноиб-ул-қозӣ**. Ноиби қозӣ шарафи асолат дорад, шаруфат ноибот-ул-қазо ъанҳу. Амри ноиби қозӣ дар нафоз гӯӣ ноиби қазост, нақаза амруҳу биниёбат-ул-қазо.

Мисраъ: **Номаи шайху нисбаташ зи тасаввуф**. **Дебоча**. Маълуми замири мусаффои асҳоби мусофоту сафо бод, ки он чи нисбати тасаввуф аст, дар моҷарои ин нома ба кашф пайваст, то агар орифе хоҳад, ки дар ин тариқат қувват-ул-қулуби қалами сареъ-ус-сайрро сулук фармояд, муқтадои ӯ ҳамин мирсод басанда аст, назм:

Бирасад ъал-ал-ҳақиқат ба камоли ин маонӣ,
Вале аз иродати дил, на ба рағбати забонӣ.

**Унвон**. Ин соҳиби тайу байзу висол, ки аз таъом мӯҳр бар лаб дорад, ба мақоми рафеъи Шайх-ул-ислом, рафеъ-ул-ҳақ ва-д-дин, зода рифъатуҳу, кушод бояд.

**Таҳмид**. *Алҳамд ливоҳиб-ал-футӯҳ, алҳамд ливоҳиб-ал-кароммат, алҳамд лимуъти-ял-вилоят*, ал-валӣ, ал-воҳид, ат-таввоб, ал-ъазиз, ҳува рафеъ-уд-дараҷот, назм:

*Зиҳӣ, расида зи ҷоҳе ба авҷи қадр, ки ҳаст* (28)
*Сипеҳри хамзада пеши ту хидматомӯзӣ.*
*Саъодате дигарам дар ҷаҳон намебояд,*
*Ҳамин бас аст, ки рӯйи ту дидаам рӯзе!*

То пиразани нуронии Офтоб, ки рафеъ аст, мусаллои азрақ бар рӯйи ҳаво густурда дораду сибҳаи Ҷавзо, ки гавҳараш ба силки низоми Сурайё пайвастааст, гардону гузарон бувад, ҷодаи шариату саҷдаи тариқати аршсою мақдами шаръорои Шайхи шуюх-ул-ислом, қудват-ул-аном, хайр-ул-ъибод, мушрифи қулуб, нозир-ул-ғуюб, қуррати ъайн-ул-яқин, нур-ул-ъоламин, рафеъ-ул-ҳақ ва-д-дин, ал-фалак-ул-рафеъ ъало сабил-ус-сияр-ул-мулк, акрам фӣ мақом-ат-тайр маъа соири авсофиҳи-р-рафиъа мунаввару музайян бод. Шаҷараи рифъати зот бар сари мурғони рӯҳонӣ соя густаронидаву шӯъбаи маърифату каромот ба унсеву ҷоне самара расонида. Ба ҳурмати рукӯъи Зуннуну суҷуди Сарӣ дуогӯзодаи мухлиси латиф Масъуди муқрӣ, ки оёти байиноти дуогӯйро дар далелу наҳор сохтаасту қавореъи қироати саносароиро ҳурари рӯзу рӯзгор пардохта, аз ҷиҳати ҳафзи он саҳифаи рамузи раббонӣ, ки Мусҳафи маҷид аст, дар ҳалқаи қурро ғулғули фотиҳаи ихлос ба занҷири осмон таълиқ карда, қироати дуъо мехонаду дар мақоми саҷда рӯй бар замин меораду ба дарёфти шарафи осмонбӯс ин ду мисроъро дарбаст мекунад, назм:

Эй бод, нақши ҷабҳаи ихлоси ман зи хок
Барчину сар ба муҳр бад-он остон расон!

Худованд бо банда (29) ҳусули тақаббули он пой, ки дар муҷоҳадаи тариқат бо Бушри Хофӣ ҳампоя аст, ҳар чӣ сареътар каромат кунод, иннаҳу вали-юл-каромат.

Хулосаи аризаи он ҷаноби рафеъ, он ки аз ин ҷониб маёмини осоре, ки аз ғубори наълайни он соҳибқадам пойдор мондааст, хокро дар ҳирбад аст, ҳар сарсабзии паёпаи ҳаворо бар ҳар саре фатҳёбии саросару обро дар ҳар ҷӯй лутфе лаболабу оташро аз ҳар моида зиндагонии дамодам аст, шеър:

*الله خلّد بمن ذاک المقدّم حتّی یدوم الیسر بین العالم

Дар он ҳол, ки пири тақдир чаҳор тарки аносир дар кулоҳи сӯфиёнаи фалак бо ҳам дӯхт, пеш аз он иродати қадим ҳомаи ҳумоюни раъс-ул-машоихро муждаи пӯшида дода буд, ки нотарошидагони худрӯйи залолатро ба сафо фарқе пайдо кунаду унвони зулматро

аз сари номаи вуҷуди мубтадиён ба ҳарфи *муҳаллиқина руъусакум* ҳақ фармояду рақами саъодати *ва ҳум ло яшқа ҷалисаҳум* бар эшон нависад. Биҳамди-*л-Лоҳ*, ки беруннишинони он дар асҳоби даруннанду асҳоби даруни он даргоҳ аз ҳад бурун, байт:

Суфиёни хонақоҳи осмон
Ҷомагинӯшони эҳсони туанд.

Мутарризи ин ҳарир, ки баротипӯши зайли отифат аст, агарчи ҳам аз он насими ахлоқ ҳамчун гули ҷома ту бар ту даст ба даст дорад, аммо дасторе чунон нест, ки ба гоҳи қадамбӯс гарде аз пойи муборак битавонад афшонду ба табаррук ба ҷиҳати тӯтиёи аҳли басар нигоҳ тавон дошт (30) ва ин хаёл бисёр дар сар мепечид. Пойпечи хос аз барои сарпеч, агарчи ин сари он поя надорад, илтимос аст ва агар худ ба сарпечи хос сарварӣ ёбам, донам, ки аз дастори Бирҷис чигуна сар мебояд печид, аз сарпечи печи сухан бигзараму ин турраи печонро саросар дарпечаму дунболи тирози дуъо гирам: ҳамеша фарқи фарқадсойи он саре, ки аз ӯ то фалак мӯй дар миён нест, ба аммомаи *ъолияҳум сиёбу сундусин хазрин ва мустақбирин* мутаввачу мушарраф бод.

Ин ариза дар сеҳри Худой ирсол ёфт. Таърихи сол аз сари хонақоҳ ва аз сари суфа хондан фармояд. Мисраъ: яъне, раҷабу пас наваду шашсад сол.

**Таслимот.** Фуқарои ин ҷониб ба иродати тамом рӯй бар замин мееоранд. Асҳоби хонақаҳ дуохонанд. Муаззини ҷамоатхона қомати тааббуд дуто карда. Имому ҷамоат таҳиёт адо карданду салом гуфтанд. Ҳозирони хидмат ба иқомати бандагӣ махсусанд. Ҷамоати рокиъону соҷидони он остона салом гуфтаанду дуо мехонанд. Ходим-ул-фуқаро мақоми хидмат бӯсида. Муҳиббони ягона саломи дугона гуфтанд.

**Адъият-ул-машоих маъа рабти ҳикоёт-аш-шуюх.** Шайх Абулғайс, ки пой бар сари ҳаво ниҳодааст, бaрақа мин қалбиҳи бaрaқа қурб-ул-ҳақ. Шайх Аҳмади Ҷарзӣ равандаи баҳру бар аст, кашафа-*л-Лоҳ* баҳр-ал-кашфи ъалайҳи. Абӯшамаи Боғӣ агарчи авроди бисёр дорад, аммо аз хор-хори харошӣ низ холӣ нест, хора хулдуҳу мин шавкат-ил-ғазаб. Сарриштаи Хоҷа Носеҳи Хайём ба автод мегашт, само васатаҳу ъало сародиқи-с-само. Хоҷа Муҳйилмулки Исӣ соҳибнафас аст, ҳайёҳу-*л*-ҳақ фӣ иҳёи-*л*-амвот. Қалил-ун-нитоҷ Хоҷа Рашид аз Худованди рашид рушде ёфтааст, мисраъ: тарашшада ъайнуҳу бимадомиъи-ш-шавқ.

***Ли-л-умум***. Сарчашмаи машоих аз ошноии Хизру Илёс таровиш дорад, сола ъайн ъумриҳим доиман фӣ иҳёи-н-нос. Калими шуюх музалаи қиёмат аст, мадда зилола шиориҳим ило охир-ис-соат. Фалон шайх дар курраи фалак қутбест, ки бештари мардумон кибларо аз ӯ шиносанд, саббатаҳу-*л-Лоҳу* ъало хатт-ил-истиқомат.

***Дуъо-ул-муридин***. Регпӯш марде пӯшидааст, дар он набояд дид, ки ҷома ҳам надорад, албасаҳу-*л-Лоҳ либос-ал-кашф*. Чунин ки фалон раванда меравад, ҷойе бирасад, соқаҳу-*л-Лоҳ* қадамаҳу ило мисоқ-ул-ъизом.

***Ли-л-майит***. **Аш-шайх**. Шайх Саъдуддини фаришта, ки тариқи мулкиятро малака карда буду рӯҳи муҷаррад шуда, сӯйи олами қудс парид, қаддаса-*л-Лоҳ* руҳаҳу кариҳ-ул-қудс. Шайх Малик бо зерон чунон фориғ-ул-бол, ки аз малакият мепарид, тора руҳуҳу маъа-*л*-малоика. Шайх Шуҷоъи Ҳарб тоқати дурбоши лоҳут наёварду ҳам дар ҷаннат сипарӣ шуд, *лаябасаҳу-л-Лоҳ* фӣ саффи Ҷунайд ва Адҳам. Қалил-ун-нитоҷ Хоҷа Азиз миёни аиззаи машоих азиз буд, ъазза исмуҳу мин ъиззи исмиҳи.

***Ли-л-умум***. Фалон нишинанда дар нишаст қавӣ қоида дошт, аҷласаҳу-*л-Лоҳ* фӣ мақъади сиддиқин. (32) Фалон дарвешро карами Ҳақ баланддараҷа каромат карда буд, хасса руҳаҳу бикаромот-ил-ҳақ. Фалон сартарошида ҳар бор, ки сар дар суф фурӯ бурдиву баровардӣ, айни иборати лавҳи маҳфузаш тарф-ул-*лисон* будӣ, ҳашара маъа Зиннун.

***Дуо-ул-муридин***. **Би-л-умум**. Фалон мурид ҳанӯз дар сафи ниол буд, ки пояфроз кард, балаға мақома Идрис. Фалон мурид аз шайх тоқия беш наёфта буд, ки сар аз тарк бароварду ҳам дар тарки сар ниҳод, буъиса байна рууси асҳоб-ал-тарк.

**Ал-акс**. Хоҷа Айни Рӯдборӣ даруну беруни сурат риёст, оба ъайнуҳу мин буко-из-зур. Сафои Ҳусоми Муройӣ аз оина дурӯғзан аст, кассара-*л-Лоҳу* мирота қалбиҳи. Алии Исмоил тариқи илҳод дорад, миншору Закариё ъало фурқат ва ҳиддат Мусо ъало ҳалқиҳи. Қалил-

ун-ниточ Мухтори Раққос ниме масх, ниме тори чанг, назаъа мух раъсиҳи ва автору ъуруқиҳи.

**Ал-умум**. Фалон дарвеши зардор, ки хок бар сар афканда, сар ба рӯ мекунад, мусиха раъсуҳу фӣ-т-таяммум, шеър:

Дар тасаввуф* сим ҷустан ханда кардан бар худ аст,

Дар таяммум масҳ кардан хок кардан бар сар аст.

Сӯфии мо ташна ба ҳамин як сухан аст, ки соқӣ то қадаҳи норе, тоба-*л*-Лоҳ ъалайҳи мин сукр-ил-мудом. Фалон муваллачи морхор ҳам мор асту ҳам хор, қараъа самоъ-ул-хор мо раъсуҳу. Фалон ҳоҷӣ дар ҳаҷ рафт, аммо ҳеҷ шиори ҳалқ ба ҷой наёвард, ҷаъалаҳу-*л*-Лоҳ ка-*л*-аъло машъар-ул-мушаъар.

***Ли-л-майит***. Фалон сӯфӣ торики салот буд, салот-ул-ҷаҳим. Фалон (33) гӯшанишин аз аҳли эътизол буд, ҳурима ъан руят-ур-Раб. Ҳалқи фалон оҳанпӯш аз ғулғул бозмонд, салосилу молик фӣ ҳалқиҳи. Фалон ҷаволиқӣ ҳамин кор бо ҳалқ дораду ҳеҷ маҳосини мардон на, тора било риш фӣ ҳаво-ин-нор.

Мисраъ: **Номаи содоту нисбат зи сиёдат**. **Дебоча**. Ин ду нома, ки ба хидмати ду халқи расул мурсала шудааст, ду маншури сиёдати банда аст бар модиҳони хонаводаи рисолат. Дар яке **нисбати мутанаввеъ** илтизом ёфтаву дувум ба нисбати хосаи шурафо мушарраф гашта. Ҳар як мисолест ба тариқи таълим мусалсалкунанда маншуроти иншоро то ба вақти ҷаъд кардани қалам бад-ин шиор. Агар мактуб илайҳ сайиди зушарафайн бувад, аз нисбати сиёдат сари мӯй нагсалад ва агар ҷониби расул-ул-Лоҳ нисбати уммист ва ё хос нисбати алавияи муртазоия муносиби алавияи Мустафо дар ин ҳар ду шаҷара хиёр ба дасти ӯст, хоҳ нисбат ба хамсаи мухтор гираду хоҳ таносуби дувум, ки он низ хиёр аст инд-ал-ахёр. Ва агар нисбати аслиро бехибт табх натавонад дод, ҳеҷ бех аз асли дувум нест, шеър:

مَن لَیسَ یَدخُلُ فِی مَدینَةِ عِلمِه    اَضحی عَلیّاً حینَ یَقرَعُ بابَها

**Унвон**. Ин сайид-ус-саҳоиф, ки ду ҷаъди унвон бар сар дорад, ба хидмати азҳар-ус-содот, заҳир-ул-миллат ва-д-дин, қаввоҳу-*л*-Лоҳ ба музоҳарат-уд-дин ирсол афтод.

**Таҳмид**. Аҳмади мурсал, Аҳмад ҳува манзил-ус-син, ҳува ал-лазӣ арсала расулаҳу (34) би-*л*-ҳудо, рубоӣ:

Эй фарри расул, бар танат ҳар мӯро

Афрӯхта аз нури сиёдат ӯро,

Ду зулфи мунаввари шариат яксар

Ороста панҷ фарқу даҳ гесуро.

Шиори сарварӣ бартофтаи гесуи сайиди аҷал, акрами амҷад, ашраф фазилат, кабад-ул-батул, зубдаи салб-ир-расул, Заҳирул-ҳақ ва-д-дин, аш-шуъбат-ул-ъалавият мин давҳи-л-ансоб-иш-шаҷарати-т-тайибат мин тинатиҳи, Абитуроб, разеъ-уд-дурар-ул-фотимия, самараҳу табақат-ул-Ҳошимия маъа соири авсофиҳи-л-ҳасания бод. Авлиёи саҳоба дар ҷаннат, дар хулди бақо мукиму аъдои бӯлаҳабҳирфат сӯхтаи забонии ҷаҳим, байт:

Бар он шоҳи дин, к-ӯст моро шафеъ,

Зи мо н-ояд яно мин-аш-шоҳидин.

Муҳаммад Ҳусайн, ки фаръе ҳам аз он шаҷараи аслист, саломе, ки аз дуруди муҳаммадӣ нофа кушояду хидмате, ки аз бӯйи хулқи Ҳасан ояд, мерасонад. Ва таманнои бӯсидани зайли гесуи мутабаррик, ки силсилаи машъари дин аст, чун баракоти байт-ул-Лоҳ фаровону табарруки аҳли байти расул бепоён менамояд. Худованди Алӣ бар ваҷҳи Ҳасан рӯзӣ кунод бииҳсониҳи.

Ғарази ариза он, ки сайид-ус-содот Нуриддини Муборак, борак-ал-Лоҳ алайҳи, аз сафари қибла ороста ба анвори сафову осори равзаи Мустафо ба Мадинаи истиқрор расид. Ҳар кӣ иҳроми хидмати он зоир-ул-ҳарамайн гирифт, аз он замири софӣ зуҷоҷае ёфт пур аз оби Замзами қудс. Бад-ин салсабил тоифаи мутаатишонро тарвия (35) ҳосил гашт, байт:

Зулмати Ҳиндустонро кард рӯшан з-он, ки ҳаст

Шамъе аз байт-ул-Лоҳу қандиле аз байт-ур-расул.

Биноёнро аз қуррати айни Алӣ биайнуҳу нури набӣ муоина гашт, айн-ул-Лоҳ алайҳи. Ва аъёни мамлакат низ назари иззат бар ӯ доштанду азбаски саросар ҳама мардуми

шудаасту ҷойи он дорад, ки даруни дида ҷояш созанду дар ҷавори ҳоҷати айнаш таъйин гардонанд, байт:

Халқе ҳама хоки раҳи ӯ аз дари таъзим
Чун сурмаи ошуро кашиданд ба дида.

Сайиди аҷал Шамсуддини Мағрибӣ агарчи рӯшани офоқ аст, аммо аз ин ғайрат багоят мутағаййир гаштаасту чун шамс дар замони тағйир аз тофтагӣ дар айни сафро, мисраъ: мехоҳад боз ҷониби Шом равад. Аз роҳи таассубе, ки асабаро бо хуну пайванди хеш бошад, ба асабият дар пайи он аъзами узом дарнишастаасту асби ғазабро дартаранҷонида, бал-к аз пӯст берун афтода. Аз он ҷониб мутаассиб араќи баданеро дар лаҳми дувуми хеш иллати ҷонӣ гирифтаасту аз ғояти ҳиддат мехоҳад, ки қатъи силаи раҳм кунад. Ва аз ин тараф аз он ҷо, ки араќи поки ин фулузаи Ҳайдар аст, бо чандин хунобаву макореҳ дам мезанад. Фи-л-ҷумла, дар ин шӯришу сӯзиш хуни ҳар ду ҷигаргӯша шаҳиди Карбало гаштааст, шеър:

Аз меҳр хун сиёҳ шавад, дидаанд халқ, (36)
Гӯӣ намонд миҳр, ки хунҳо сапед гашт.

Ҳукамо гуфтаанд, ки шир дар пистони модар хунест, ки аз меҳри фарзанд шир мегардад. Ин ҳар ду разеъи Фотимаро чунон меҳр аз хун берун афтодааст, ки шир аз пистони модар хӯрдаанд, аз ҷӯши якдигар хун шуда, байт:

Хунхорие, ки меравад андар миёнашон,
Аз ширхорае биписанданд оқилон.

Он Мағрибӣ гӯӣ аз оли Ҳинд аст, ки матоъи исёнро дар бозор ниҳода, наъраи “ҳал мин мазид” мезанад. Аз аммори хонадон чун Умри Ос осӣ шуда, ӯро сайиди Магрибӣ натавон гуфт, ки аз дили хавориҷи Нимрӯзу Шом дурангтар, байт:

Совори Дулдул аз вай ҳаст безор,
Ки ҳаст ӯ ҳаминони пури Мулҷам*.

Сайид Нуриддин мехост, ки аз гармии он шамс шаб дар миён кунаду бигрезад, валекин дар хона ваҷҳи рӯған чароғе ҳам надошт, парвонаи рӯшноӣ ҳам берун омада буд. Аз мудоҳанати Хоҷа Мисбоҳ наздик буд, ки оташ дар он парвона занаду сари хеш гирад, то чаҳордаҳуми моҳи шаъбон бар оташ бирасиду ҳамон шаб қисмат шуд. Шабошаб берун омад, ки қисмати ман ҳар ҷо, ки равам, бо ман аст. Аз рафтани он нур дар дили шаб рӯшан гашт, ки сироҷи сӯхта ба забонаш бидошт.

Рӯзи дигар, ҳангоми истиво Шамсро дидам аз ғояти гармӣ бар заволи хеш (37) рост истодаву бар он шуда, ки сӯйи Ғарб рӯй орад. Аммо то ӯ шом накунад, чошт нахоҳад кард, ки агар маҷлиси шарафи Заҳирӣ дар рӯз расад, миёни ин чошту шом Заҳирӣ пайдо шуда вагарна соядории ҳар ду, мисраъ: дар гардиши офтоб рӯшан ғардад. Интизор он, ки Буроқи ҳилолнаълро бар ин тараф суръати сайр бахшаду Шамси Мағрибиро, ки офтоб бар сари девор мондааст, пардаи ҳаё дар рӯй фуруд андозад, мисраъ: то чандин гармӣ накунад ахтари рӯз. Арҷу, ки он манбаъи шариати мунири равонтаре даррасаду ин оташро, ки дар ин дудмони аъло баромадааст, фуруд нишонад, то ҷонибайн дар дӯзах наяфтанд. Ва агар миёни ҳар ду чароғи хонадон мувофиқати мизоҷе пайдо ояд, он худ нуран ало нур бувад, иншоа-л-Лоҳ-ан-нур. Пайваста бо осори сиёдат мушарраф бод, омин!

Муҳри ин нома дар шаҳри расул буду шумори маҳ бе хондан маълум хоҳад шуд ва соли ҳиҷрат дар охири варақ, мисраъ: яъне, ки ду аз маҳу сана ҳафсаду ҳашт.

**Таслимот**. Ахлофи хос, ки аз ҷамъи Алӣ оёти муҷидданд, ба қироати *саломун ъало оли ёсин* махсусанд. Шурафои ин тараф ба ёди он ҷониби шариф фарши шараф мебӯсанд.

Мисраъ: **мактуб ба содоту зи хоса нисбат**. **Унвон**. Саводи ин сирфи музлам дар назари меҳри анвари сайиди нур-ун-найирин, шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, нуру-л-Лоҳ фӣ-л-Машориқ ва-л-Мағориб рӯшан бод, носияи ҳува холиқи (38)ан-нур-ил-аввал.

**Таҳмид**. Ал-ҳамд лимурсал-ур-расул, шеър:

*ابا من سُدتَ مِن جدٌ علَی     بقَیت اجَل اولادِ النَّبی

Ҳамеша ташрифи таҳияти Расул алайҳи-с-салом-ул-Лоҳ ва ало утратиҳи таслими хидмати худованди сайиди аҷал, олами нур, айнуз-зуҳро, анвари анвор-ул-арзи ва-с-само, шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, айн-ул-ҳақ ва-с-содот, аънию-л-ъайн фи-с-саъодот, ба ҳаққи ва-ш-

шамс, бандаи ҳалқабагӯш, гесуи мушкини сиёдат Хусрави мискин, ки хоки сулолаи Бӯтуробро кӯҳли бинои месозад, рӯшан мегардонад, байт:

Ҷома омада аз Шамс ба ман дӯш, чунон-к
Чакад аз чашмаи Хур қатраи оби рӯшан.
Ман аз он пӯшиш пӯшида намонам, зеро-к
Пораи нур зи Хуршед расидаст ба ман.

Мани бодпаймо, ки Офтобу Моҳтоб каз мекардам, ногоҳ катоне нопаймуда ба дастам афтод рӯшантар аз Моҳтоб, чандон ки каз натавонад кард, бараҳнагӣ каз-каз аз ман берун шуд. Аҷаб каттоне аз гул сапедтар, аммо на баҳорӣ, агарчи аз Авд бувад, лекин аз он ҷо, ки ростист, торе каж надошт. Ҳар ҷо, ки катонест, хунук бошад, магар катоне аз он Шамси олидараҷат тунуку латиф чун шуои офтоб гармогарм дар даромади зимистон бар ман расиду ба хилъат уш-шамс ҷуббату-л-масокин маро мушарраф гардонид, шеър:

На, ки ман танҳо дар нури ту гаштам мастур,
Ки зи Хуршед бипӯшад ҳама кас кисвати нур.

Шеър: *هباؤک عمَّ أصناف البرايا كما لعرات برد حر شمس

Улуҳимати ин дарвеши (39) дарёдил ба ҳаддест, ки агар ба ҳарбе каронаи осмон бар кафи ӯ ниҳанд, даст наёлояду дар араќи шарм ғарқ шавад. Дар он соат, ки фиристодаи хос бо қатраи об бо чанд кӯза набот сӯйи ман равон гардид, дарунаи муҳити файз аз карони об дар таровидан омад, ки ин қатра агарчи зубдаи латофат аст, сӯйи он чашмаи Хуршед бозбояд гардонид, байт:

Ки гар пӯшӣ бихандад халқ чун барқ,
Ки андар қатраи дарё кунӣ ғарқ.

Аммо бузургии он абри вофири ҳаё бо ман моҷаро кард, ки обро сӯйи осмон бознатавон фиристод ва ҳар кӣ фиристад, оби худ рехта бошад, шеър:

*وليس يحسب من زمرة الأناس بليد يرد قطرة ماء إلى محيط سماء

Ин калимае чанд, ки умм-ул-ҳарфи котиб, зода натоиҷуҳо, зод, то бар беадабӣ ҳамл нашавад, ки ин модеҳ силаи раҳми табъ ба акобири банӣ Одам гузоштааст, чунонки агар ба гармии анбор дурри ятим дар канорам ниҳанд, чун ятимон дар кӯчашон гузораму роҳи худ гирам ва ба атфоли худ ба донае чанд, ки аз қатароти борон гирди ман меоянд, ҳамли зода мекунам. Азбаски гаронбори алтофи худойгон Абулмузаффар, ҳамала-л-Лоҳ сарираҳу ъала-л-фалак-ул-ҳомил, вазъи миннате таҳаммул наметавонам кард, байт:

Ин атоҳои гарон к-аз рофати се зод бод,
Мазхаре бар зодагони зодагони подшоҳ.

Ин бисоти инбисот, ки дар маҷлиси шурафо ба фарши шараф иттисоф ёфт, умед, ки дар зайли отифат мастур монад, мисраъ: (40) дар хатопӯшӣ чу ҷад ҷовид бод. Омин!

Ирсоли ин рисола дар миёнаи рабеъи нахуст буду сол аз осор берун бояд бурд, мисраъ: яъне, зи маҳ дувоздаҳ, аз сол ҳафсаду ду.

**Ал-Адъияту ли-л-ҳайи ва-л-майит ала-л-иҷмол**. Аъазза-л-Лоҳу шаъораҳум барра ликоиҳим; ъурифа маншуруҳум би-л-хулқи-л-ҳасан; асмарат шаҷарат-ур-Расул бифуруъиҳим; абрама ҷаъдуҳум касилсилат-уш-шиър; ъазума садъуҳум каҳабли-л-Лоҳ.

***Ли-л-майит***. Ъатара-л-ҷаннатаҳум бинашри маношируҳум; аътоҳум-ул-ъало маншур-ан-наҷот; рафаъаҳум-ул-Лоҳ маконан ъалийян. ***Лиаъдоиҳим***. Язид-ул-лаъну ъало ъадоиҳим лаъина хусумуҳу каавлод-ал-Ҳинд.

**Хатти дувум** дар мактуботи асҳоби маносиби девону катаба ва дигар асҳоби ашғол муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар мактуботи асҳоби маносиби девону катаба.

**Мактуби вазиру нисбаташ аз таҳрир**. **Дебоча**. Дар ин нома он чи ба риштаи дафтар барбаст дорад, ҳама таълиқ ёфтааст ва чун дар ҷумлагии ашғоли девонӣ нисбат бар як сиёқат аст, ба исми ҳар соҳибмансабе мактубе ҷудогона иқд нашуд, магар дар шуғли назар, ки дар он ҷуз нисбати таҳрир нисбати айнӣ низ манзур аст. Пас, ба зарурат, номаи нозир алоҳида савод карда омад, то ваҷҳи хоҷа низ кифояте бувад, биайниҳи рӯшан гардад, байт:

Хоҷа, ки кифояте бувад дар қаламаш,
Зоеъ накунад дар он чи ваҷҳе бинад.

**Унвон**. Ин арздошт, ки дастури асҳоби давовин кофист, чун ба бӯсидани дасти вазорат (41) дастурӣ ёбад, яқин, ки аз улу он мартабат сараш бозгардад.

**Таҳмид**. Наҳмад-ал-ҳасиб-ал-аҳад, ал-боқӣ, ҳува-л-малик било вазир, Аллоҳ мунаввир-ус-судур, ҳува-л-кофӣ, шеър:

*نظامٌ للمُلکِ صَدرُکَ کَالسَّرِیرِ — وَ غیرُکَ لا یُخاطَبُ بِالوَزِیرِ
وزارَتُ مِلکَةُ الدُّنیا خَطِیرٌ — وَ لکِن صارَ اَخطَرُ بِالخَطِرِ

То дасти муаззами малик аз изоми вузаро эътимод ёбаду бозуи соиди тахт аз марофиқи вазорат эътизоди қалами кифоят, дар аномили садри судур-ул-олам, ҳисеби авлоди Одам, дастури кайҳон, Бузурҷмеҳри замон, Осафи сонӣ, омири девони Сулаймонӣ, хатир-ул-ҳақ ва-д-дин, марҷаъи мулук-уш-Шарқ ва-с-Син, муҷири аъмол-ул-мулк ва-ш-шаръ, муфаттиҳи ҷароид-ул-асл ва-л-фаръ, меъмори билод-ул-Лоҳ би-т-тадбир, маътақи ибод-ил-Лоҳ би-т-таҳрир маъа соири алқобиҳи-л-хатира бод. Қабзу басти мамолик барбастаи мушту саводу баёзи даҳр дар ишорати ангушт, ба ҳаққи хоҷаи явм-ул-ҳисоб. Бандаи ягона, ваҳиди муҳосиб, ки дар мақоми иттиҳод аз ҳашти ҳандасаву ҳаштоди таҳрир мутавозеъу хидматгортар аст, вазоифи дуъо ба шуморе адо мекунад, шеър:

Ки нагунҷад ба дафтару китоб
Самиъ-ал-Лоҳ* даъватӣ ва иҷоб.

Таҳрири ариза дар маънии он, ки аз инҷониб аз фазли бешумори подшоҳи бе вазиру фарри давлати вазири соибтадбири умур бар ҳасби маром асту иқди низом ва ба ҳеҷ ваҷҳ номуродӣ нест, магар аз бемуомилатии Мақтаъи Монакпуру асҳоби ӯ, (42) ки рақами инсоф аз хутути пешонӣ соқит гаштааст, байт:

Чун бисми-л-Лоҳ, ки дур бошад
Аз рӯйи "*Бароатун мин-ал-Лоҳ*".

Арза меафтад, ки чун банда камтар ба ишорати дасти мушири мамолик, аскана-л-Лоҳу-з-зафара ъало азфориҳи, сӯйи фурӯдаст омаду мақтаъи Монкапурро дар ҳадвияи танҳура дастбӯсӣ кард, он ноҷавонмард, кафия-л-Лоҳ кафа ъан-ал-аёдӣ, дасти кушоде, чунонки қаламзанон дастур кунанд, сари ангуште намуда, байт:

Ба нохуну қаламат, к-он қадар надод маро,
Ки нохуне битавонам бад-он қалам кардан.

Баъд аз он ки фармон расонидаву фозил талаб карда шуда, мақтаъи иқтооти сайфӣ ба ман намудан гирифт, ки ин ҷо бе теғ зар ба фарз ҳам ҳосил нашавад, факайфа биҷурм. Чун Мақтаъ пайваста дар қатъи роҳи лашкар бошаду ҳанӯз дар қатъи роҳи лашкариён ва дар ин вилоят лашкаре намонд, ки мавоширо молиш расонад, аз гумоштагону аҳли қалам чигуна молиш ҳосил шавад ва ҳосили қасаботи қаламӣ худ он миқдор намебошад, ки сиёҳии ҳошияро басанда тавонад кард, байт:

Чу нашканад гуҳари теғ муҳраи гардан
Зи нӯки хомаи девон куҷо чакад шабаҳ.

Бар ин тариқ фармон бар даст карда, печ-печ мекард. Қадре печиду фармон бар дасти катхудои бандаи хеш доду гуфт, ки ҷавоби ин коғаз бар наҳҷи муомалат (43) набояд гуфт. Катхудой бандаро дар хонаи хеш бурду дар садр нишонду миннатҳо пеш оварду гуфт, ки имрӯз моро бош. Банда гуфт: "Мин золик чизе нахезад, фазолик корро мебояд буду ғами фозил хӯрд, то ба як ташдид чун ҳарфи музоаф дарун нахезӣ", байт:

Шав ҳарфи ӯ баён, ки зи маънӣ хабар орад,
Не ҳарфи муҳаррир, ки сар аз сифр барорад".

Чун бар ин тариқ сухан мусалсал шуд, катхудой гуфт: "Аз мо чанд сим талаб мекунӣ?". Банда сӣ лак ҷайтал талаб кард. Сиву ду дандон ба ханда кушоду севу чаҳори кӯдакони мактаб ба иқди ангуштам бинамуд. Дарёфтам, ки ӯ баёни қабзу итлоқи хеш мекунад. Гуфтам: "Бош, то ҷумла аворизоту шиками дузд, ки аз мардумон ба таъризу таарруз бистуда, аз дарунаи ту берун кашам". Оғоз кард, ки ҳашв магӯ, ки ту нафиристодай.

Хоҷа Ҷаҳонӣ чандон итлоқу идрори халқе фурӯ бурда, ки чун танга туро ҳангоми мустахраҷ шавад, ҳама бутонаи ту хоҳад донист, ки чи ҳарфҳо аз ту дар бориз хоҳад омад. Дар дарунаи ту он гоҳ ҳал гардад, байт:

Ки дар батн ҷамъ ин қадар воҷиб аст,
Ки ҳангоми бориз набинанд ранҷ.

Муште қаламзанони забардаст, ки раоёи зердастро дасти рост медиҳанду маҳсулро ба дасти чап дар иқд меоранд ва агар як дирам аз эшон талаб мешавад, муштро ба иқд наваду се мебанданду мегӯянд, ки нақши дирам агарчи ба се мешавад, (44) бар мо шакл сирф дорад, ки ҷуз ба ҳандаса бисёр ҳосил нашавад, байт:

Хатти мо пойдор аз он як сифр,
Сика даҳ-даҳӣ занем ҳама.

Ҳарчанд ба эшон гуфта мешавад, ки фозил ба лак аз шумо ситуда хоҳад шуд, мегӯянд, ки ин бад-он монад, ки қалам амал ронаду коғазро шикаст ояду нависанда дуздӣ кунад, қаламро сар бизанад ва корд тарош бараду китобро дар шиканҷа кунад. Мисли ин калимот он амалаи бу-л-аҷаброи бисёр аст. Рост гуфтаанд, ки то сари ъуммол наяндозӣ, мол ҳосил нашавад ва агар ъайни ъомил бикушӣ, ҳанӯз амалаш боқӣ монад. Ва тоифаанд, ки мол ба амали қалб ҳосил кунанд, валекин ҳурмат бувад, аммо баракат натавон ёфт, мисраъ: дар моли муқомиру вуҷӯҳи омил.

Агар гуфта мешавад, ки ҳама ҷамъ шаведу моро ба иттифоқ ҷавобе гӯед, ҷумла ҷавоб мегӯянд, ки ду коғази беқадрии коҷӣ якҷо наметавонад кард. Ҷанд дақиқаи пухта дар миён бояд овард, ки чандин саҳоифи илму маонӣ ба ҳам пайвандад, байт:

Бозхондам, ки аз эшон ман агарчанд шитобам,
Он қадар орад, к-аз ӯ муҳр шавад нома наёбам.

Агар зикри фармон карда мешавад, мегӯянд, ки ин фармони девон аст, на фармони Сулаймон. То алифҳои туғрои султонӣ, ки ҳар як умдаи кори мамлакат аст набинам, ба парвонае, ки аз дудаи чароғ парон кунанд, ваҷҳи рӯшноӣ низ ҳосил наёяд. Агар мегӯям, ки шумо бо хоҷаи ҷаҳон (45) муориз мешавед, ки сиёҳиву сапедии мамолик зери қаламӣ ӯст, мегӯянд, ки чатри сиёҳу сапеди зилли илоҳӣ пойдор мебояд, ки сояи адл бар сари ҷаҳон ҷаҳониён густурда аст, то аз қалами сияҳгире чанд, ки дасташон бобати қалам аст, нуктаи зулме бар баёзи инсофе начакад. Мо низ нависандаем, аммо ҳама худ инсоф медиҳем, ки рақами мо сурати зулм аст, балки дебочаи куфр. Риштаи дафтар зуннори вақти мо шудаасту мо бад-он ҳабл-ул-матин эътисом карда, то аз панҷа барбандему аз он чи бар бандем, чи кушояд, назм:

Муъминон тасбеҳхону ҳиндувон зуннордор,
Кори мо бо риштаи дафтар ҳама иқду шумор.

Бар ин тариқ рақами ниёз бар худ мекашанду чун кор ба амал мерасад, ишваи дурӯғро маъа-л-истифо ба масраф мерасонанд. Агар мегӯям, ки ростӣ некӯ корест, мегӯянд ростии маънавӣ мебояд, чунонки дар “син”-и “Бисми-л-Лоҳ” аст, на чунонки ростии муҳаррирон миёни ду ҳарфи зар хатти рости бемаънӣ кашанд, байт:

Чу марди ростнамоз аст, нест ба маънӣ суст,
Чу хатти рост миёни ду ҳарфи зар пайванд.

Ҳарчанд бо эшон гуфта мешавад, ки хатти хоҷаи ҷаҳон ба наздики шумо чизе меарзад, сухра мекунанд, ки агар тар бошад, қадре хоку агар хушк шавад, пораи об бад-он бод. Шоҳе, ки хоку об офаридаи ӯст, ки мо бад-он коғаз надиҳем, байт:

Он қадар хок, ки бар рӯйи (46) хат бар тезанд
В-он қадар об, ки дар ҳалқи давоте резанд.

Банда эшонро аз муҳаррирони аҳрор медонист. Эшон худ ба хатти мусалсал занҷир дар гардани аҳрор мекунанду онро хатти таҳрир ном мениҳанд, мо иътақаҳум-ул-молик мин-ан-нор ба ҳаққи байт-ул-ъатиқ. Фи-л-ҷумла, бо чунин муҳосабате, ки банда аст, дар ҳисобам намегиранду дар иқде сад гирифт меоранду мехоҳанд бандаро ба ахзи ришват маъхуз гардонанду баъд аз он муохаза кунанд, ахазаҳум-ул-Ҷаббор ахзан шадидан. Бар инҷониб эшон дар банди гирифту аз он ҷониб бими гирифтани хоҷаи ҷаҳон; набояд, ки банда чун теғи муҷаллада ҳар ду сӯйи даргирифт бимонад, байт:

Ё чу паҳлӯи қалам дар ҳар ду сӯй
Монад аз захми забонҳо дар тарош.

Дар ин вақт баъд аз он, ки фарёдам ба малак расидаасту малик ба фарёдам расид, кори ман бар ҳиндуӣ афкандаанд. Деви чандном, ки чанд девро як ҷо карда, омада, пардохту ҷуди абтари ӯ карда ва бар малик чун дев бар чандолу мор бар чандан мусаллат

хираду бузург миёни девон шуда, чунончи шиҳнаи девонро дар ҳисоб намегирад. Мардумоне, ки даъвии гирифтани девон мекунанд, аз сояи ӯ рам мехуранд, байт:

Бо он ки бар он дев дамӣ сад афсун,
Ҳосил нашавад (47) магар, ки ло ҳавле чанд.

Дар асл аз камаслон гиреҳ асту аз ғояти идбор пояш барбастаи гиреҳ мондаву шикофҳои пой гӯӣ, ки ҳар як дарвозаи Гиреҳ* асту аз набиштани бисёр ҷумла гиреҳ барбастаи дасти ӯ шуда. Зиҳӣ дабири мудаббир, ки ҷумлагии дабиронро дубра кардаасту худ хондани дабир дар ҳаққи ӯ дуруст меояд, ки долест бар сари бир. Яъне, халқеро сӯйи чоҳ раҳбарӣ мекунаду он чоҳи торик давоти ӯст, ки қаламро дар оби сиёҳу гили тира фуруд мебарад. Мақтаъи ҳиндупараст хатти бозгуна бар сиёқати мусалмонон тарҷеҳ додаву ӯ дуд бар сари най карда, оташ бар қасаботи ин савод мезанаду ҳар тараф сӯзандагон дамаш медиҳанд, шеър:

*وَلِلاَ طفا ءِ لَيسَ لَهُ رفيقٌ          على نِيرانِهِ ماءُ يريقُ

Истиколаш ба ҳаддест, ки агар ҳама халқи хиттаи Монкапур аз ташнагӣ бимирад, бе гуфти ӯ обе аз оби Ганг бар натавонанд гирифт ва ағар баргиранд, дарҳол оби эшон бирезад, байт:

Ҳамчун сароби ташнафиребе, ки ташнаро
Аз оби Ганг бозбарад ҷониби сароб.

Банда аз он катабаи ҷуҳол фозил талаб мекунаду эшон ишорат бад-он ҳинду мекунанду ба истеҳзо мегӯянд, ки инак фозили вилояти мост (48) ва нест, ин вилоят ҷуз эшонро тавонад буд, шеър:

Ки сагзодаеро ба наздики эшон
Шавад ном Фозил, ъафо-л-Лоҳу ъанҳум.

Ҳосил, он муште беҳосил ҷумлагии маҳсули вилоятро ба ширкати он ҳиндуи палид пок мебаранду мехӯранду даҳонро пок мекунанд. Бурронии забони банда бо эшон чун корд аз буридани коғаз кунд гашта, байт:

Шуд рахна саҳифаи савоб аз ҳар сӯ,
То чанд ҳаки хато кунам ту бар ту.

Сад бор худро дар пеши эшон фуруд кардам, ки яктои сапед ба ман бидиҳанд, надоданд. Банда аз дасти эшон мехоҳад, ки пероҳани коғазин кунад. Азбаски чандин рукъаи пӯшида ба талбис фиристодаанду қабзҳо додаву ҳеҷ дурдӯз накарда, банд-банди ҳар як воҷиб аст, ки ба миқроз тақтеъ кунанд, байт:

Чун ба тақтеъ наёбанд сазо, к-аз риндӣ
Килки дастури ҷаҳонро кажи дарзӣ хонанд.

Дар илми сиёқат бағоят саҳланд, аммо дар сирқа чунон чирадаст, ки сари рақами эшон дуздии сиёҳ асту дар саводи Ҳиндустон оламеро чун номаи хеш сиёҳ карда. Кайфияти ин қаламзанони сияҳнома, ки авроқи абтари ҳар як ба доғи *авла* китобиҳу бишимолиҳ* мавсум аст, ҳеҷ кас нест, ки ба саводи аъзами (49) тахт расонад, то эшонро чун дафтари эшон ришта дар гулӯ карда бибурранд, байт:

Дарҳол қалам зи дасташон бистонанд
В-он гаҳ диҳанд дастҳошон ба қалам.

Аз ҳоли он девони ҷонкоҳ Осафи замонро вуқуф дода шуд. Аз он ҷо, ки камоли кордонии Низомулмулкист, донам, ки кори эшонро чунон ба кифоят расонад, ки дастури ҷумлагӣ кифояти ҳолу истиқбол гардад, иншоа-л-Лоҳ-ал-кофӣ. Аддуъо камо катаб.

Иқди таҳрир дувуми рабеъи дувум буду таърихи ъом сари қалам дар хат, мисраъ: яъне, ки ба сол ҳафтсаду нуҳ.

**Таслимот**. Катабаи ин савод таслимоти беҳисоб, ки қаламро сар боло кардан мумкин нагардад, ба адо мерасонанд. Муҳосибони девони хос ҳазор хидмат чун саҷдаи иқди хинсири чап аз котиб қабул фармоянд. Ба хидмати муҳаррирони озода бандагӣ бо ҳазорон озодагӣ бандавор таҳрир мекунам.

**Ал-Адъият-ул-аҳё ва-л-амвот маъа рабт-ил-ҳикоёт-ил-вазир**. Наздики фалон вазир ҳеҷ гуноҳе батар аз дурӯғ нест, ъасама вазоратуҳу ъан вазр-уз-зур. Бештари имзои фалон вазир ба ризои ҳақ аст, ҷара китобуҳу биимзо-ир-ризо. Фалон дар забти Ҳиндустон ҳар

сухане роест мустақил, амара ъала-л-Ҳинди раъяҳу. Фалон вазир дар ҳисоби дармонда... (50) суҳулат кардӣ, саххала-л-хисоба ъалайҳи. Фалон вазир вуҷӯҳи халқ ба ваҷҳе ҳар ... беҳтар додӣ, таваҷҷаҳа вуҷуҳ-ур-раҳмати ъалайҳи.

**Ал-Акс**. Дасти фалон вазир бобати қалам аст, бариа дастуҳу. Гузашти девони... фалон вазир девонаи шайтанатанд, ахаза-ш-шайтон девонаҳу. Бар гӯри фалон ва... анбори лаънат шудааст, лаъина-л-қаҳҳору муҷовираҳу ва дарираҳу.

**Ал-Муставфӣ**. Фалон муставфӣ ҳуқуқи истеҳқоқ ба тариқи истифо мерасо... таматтаъа бишуғлиҳи ъало тариқ-ил-истифо. Фалон муставфӣ дар ҳаққи аҳли истеҳ... лутфи беҳисоб дошт, иставфа раҳмат-ул-ҳаққи явм-ал-ҳисоб.

**Ал-Акс**. Фалон муставфӣ то аз дузди шиками худ муставфӣ наёбад, бароти зуа... нишон накунад, манаъа биистифо-ил-идрор ва-л-итлоқ. Фалон муставфӣ то аз сӯхта... рӯғани чароғе настадӣ, дудае бар сари қалам накардӣ, иставфа лаззот-ун-нор.

**Ал-Мушриф**. Мансаби ишроф ба фалон мушриф мушарраф гашт, ушрафу ъал... ашраф-ал-маносиб. Хоҷа Мушрифи мо дар қатли муонидон бағоят шадид-ур-рой ас... ҷаъала мушрифан мушаррафан биташдид-ир-рой. Фалон мушриф дар ишрофи хизо... ростқалам буд, ашрафа ъало хазоин-ир-раҳмат. Дар тақрири фалон мушриф дахли ки... кам бувад, дахал-ал-хулда бисидқи таҳририҳи.

**Ал-Акс**. Фалон мушриф мушаррифи байт-ул-мол аст, (51) лаъана ишрофу биисроф-ил-мол. Фалон мушриф ҳам ҳалоки мол мекунаду ҳам ҳалоки маол дорад, ушрафа ъала-л-ҳалок. Фалон мушриф ҷумъаҳо дурӯғ пардохтӣ, баъаса фӣ ҷамъ-ил-козибин.

**Ал-Ориз**. Фалон ориз дар тартиби ҳашам қавӣ тӯлеву арзе дорад, тола ъумруҳу ф... ъарз-ил-ҷуюш ило ъарз-ин-нушур. Фалон ориз бар сари лашкариён қавӣ сояи тарб... дорад, дахала ъоризан ило ҳур-ил-қиёмат. Аз қалами фалон ориз ҳама ҷавҳари лат... меборад, абқоҳу-л-Лоҳ мо бақа-л-ъарз би-л-ҷавҳар. Фалон малик аризе буд, ки ҳашам... дар арз ба раҳмат гузаронидӣ, ъараз-ал-малик бираҳматиҳи ъалайҳи.

**Ал-акс**. Фалон ориз лутфи оразӣ дораду қаҳри зотӣ, матара ъоризу-н-надома... ъалайҳи. Фалон ориз бе дузд шиками касеро итлоқ нафармояд, мот фӣ-л-ъоризат. Ҷавҳар... ораз қавӣ ҳашамсӯзе бувад, ъораз-ал-молик ҷавҳар-ун-нор ъалайҳи.

**Адъият-ул-куттоб сиғоран ва кибоpан ва аҳёан ва амвотан**. Бақа ило явм-ил-ҳисо... хасса мадхал-ад-девон ва мо хараҷ мин золик; ҷаласа ъало маносиб-ус-судур ва мо ъузи... минҳо; даққақа бимуъомилот-ул-хайр; ҳабара садра-д-дафотир бихаттиҳи; хасса таҳрир... явм-ал-ҳисоб; амана мин ҳисоби явм-ул-охират; ҳаррара мин ъазоби ҷаҳаннам.

**Ал-Акс**. Бақа фӣ ҷиноних-ул-муҳобат; ахаза ядаҳу би-л-қалам; вақафа таҳсил-а... лаънат; зараба афродаҳу би-з-зарб ва-л-қасама; ахраҷа хушуҳ муҷмалан ва муфассала... қасама мо фӣ батниҳи би-т-тафсил; ҳарақа ваҷҳаҳу бисаводи иҳрақ фӣ бориз-ил-ҷа... хасса бидахли ҷаҳаннам; хараҷа-н-нор мин фиҳӣ; садара фӣ садри сақар; нуқиша фӣ-... ҳисоб.

**Номаи нозиру нисбат зи назри айвон**. Ин саводи ҷалӣ ба назари дурбини худова... ъайни аъён-ул-ҳазрат, ъайн-ул-мулк, карим-уд-давлат ва-д-дин, нозири девони нозир-у... мамолик, зод-ал-басир наввара назараҳу, манзур бод.

**Таҳмид**. Ал-ҳамду ли-воҳиб-ин-назар, ҳува-л-лазӣ янзур ъала-л-итлоқ, Алло... мунаввир-ул-ъайн, шеър:

*سَلِّمتْ عَلَیکَ ناظِرَ السُّلطانِ        لَو خطتْ بِعَینِ رَحمَةِ الرَّحمنِ

Назм:

Чандин ҳама дида, к-осмонро ба сар аст,
Наззорагии нозири рӯшанасар аст.
Олам ҳама зарраест зери назараш,
Субҳон-ал-Лоҳ, ин чи улуназар аст.

То ин муқлаи дида аз баёзу саводи хеш дар сиёҳиву сапедӣ шуғли назар дорад, ди... дурбини сарвари аном айн-ул-мулк, карим-уд-давла ва-д-дин, зиёу аъён-ул-ислом, қурра-ул-ъайн-ул-киром ба назари кифояту ба басари дироят қарин боду ъайн-ул-камол аз ... қалами тезсайр макфуф, ба ҳаққи ъайн-ул-Лоҳ, шеър:

*أعَزَّ اللهُ وَجهَکَ فِي عُیونٍ        کَما عَزَّ العُیونُ عَلی وُجوهٍ

Малҳузи мулоҳазаи нозири мамолики зиё. Нуре, ки ба партави он назар дар дидаи мардумон ҷой сохтааст, чашми адаб бар бисоти тавозӯъ мемолад (53) ва аз хоки куҳлии он ҷаноб такаҳҳуле чашм медорад. Худованд ноқиди басири биноии мунтазирро ба тӯтиёи манзар бирасонад, шеър:

*الله نورٌ من لقائک مُقلتی          حتّی تبیّض مُقلهُ الحُساد

Намудори арз он, ки чун ишорати ҳоҷиби айн-ул-мулкӣ бандаро дар саводи Ҳиндустон шуғли назар фармуду банда ба дида қабул кард, аз он ҷо чашми басират кушода, ба муоинаи аҳволи вилоят даррасиду ҳирсу заръи раоёро аз усулу фурӯъ назаре бар ваҷҳи муомилат мекарду дар ниҳоят маҳсулоти тонакӣ тамом менамуд. Ҳар кӣ як дирами подшоҳро ба таъмия пеши чашм карда буду дар гӯша ниҳодаву чашми вақоҳат пеш дошта, ангушт дар дидаи ӯ карда мешуду бо сиёҳии дида берун кашида меомад, то ангушт шумурда, чандин нақди айн гирд оварда шуд, шеър:

*نزعت بعین مال عینَ عُمّال          قصاصاً جائزاً والعینُ بالعین

Баъд аз он, ки ин ҷумлагӣ хоки тираро мил ба мил дар чашм оварду заррае фурӯгузошт накарду коҳбарге аз хасон чашм назаду миннати ин заҳмат, ки дида шуд, бар дидаи худ ниҳода омад, байт:

Бурун омадӣ дида аз бори миннат,
Набудӣ агар зери анбори миннат.

Хоҷа Айнуддини Басрӣ умян бар шуғли банда даррасиду ду нозирро ба мунозара (54) хилофе дар миён афтод, ки қиёси он дар даврон нагунҷад. Аъёни ин тарафро рӯшан аст, ки банда дида рег-рег кардаасту аз рег рӯған берун кашида, байт:

Афсӯс бувад гар кунад он хушкдимоғ
З-ин рӯғани бодом сари бинӣ чарб.

Агарчи Хоҷаи Басрӣ санге дорад, аммо он санги басрӣ зиёро дар назар бағоят музирр омад. Нозире, ки аз пириву тафовути назар санги бас геронро пеш гирифтаву ба судани чоксуву тӯтиё мондааст, шуғли назарро чӣ лоиқ бошад ва банда, ки ба ҳангоми ҳарзи мазруот аз тезии назар - байт:

Мӯ дар сари хӯшаҳои бур бишкофад,
То ришта накишта пунбаро барбофад, - чаро муставҷиби узл гардад? Он макфуфро ҳанӯз чӣ ҷойи кифоят мондааст, ки рӯзаш ба намози дигар расидааст. Магар аз ин ҳадис хабар надорад, ки *ман аҳабба* кариматаҳу фало яктубун баъд-ал-ъаср*. Медонам, ки ин мудоҳин ба забони чарб чизе дар гӯши муборакi нозири мамолик рехтааст, аммо сахт мунқизе бошад, ки аз рӯған афкандани гӯш ба чашм сироят кунад. Чун ин мусовадат ба назари карам манзур гардад, интизори он, ки ё зиёи мазлумро аз барои кӯрии нозири ҳол бар ҳоли худ бидорад ва ё аз асобати айн он миқдоре назар фармояд, мисраъ: ки андоза (55) биниш аз тӯтиёст.

Ҳамеша айни иноягти нозир бар итлоқ бод. Омин!

Олудани мили қалам ба сурмаи дақоиқ дар ъйни шаъбон буд. Таърихи ъом аз басират рӯшан хоҳад шуд, мисраъ: яъне, ки ба сол ҳафсаду ду.

**Таслимот**. Аз ин тараф мунтазирони дидори айн-ул-мулкӣ, ки чашм дар роҳ мондаанд, рӯйи хидмат бар замин месоянд. Муқаррабони манзари хос рақами таҳиёт манзур фармоянд. Асҳоби девон дар мавозеъи таслимоти беҳисоб ташрифи қабул арзонӣ фармоянд.

**Ал-Адъия**. **Дуои хайри ҳар нозире, би-л-умум**: ъайн-ул-Лоҳ ъалайҳи. Дуои нозири муомалат: асфар-ул-кифоят фӣ китобат ка-н-нур фӣ-с-савод. Дуои нозири девони шаръ: ъиз савод фӣ байт-ул-ъайн канабт-ул-ъайн. ***Ли-л-майит***. Назару-л-Лоҳ илайҳи биъайн-ул-ъафв; ҷаъала-т-туроба ъалайҳи нуран; халлад-ал-Лоҳу фӣ манозир-ул-хулд; акрамаҳу-л-Лоҳ бируъятуҳу. **Ал-Акс**. Ҷаъала макфуфан мин ъайн-ил-ъиз; ҷаъала маҳбубан фӣ ъайн-ул-ъазоб; кафа ъана-н-нозир бисуи-н-нос; байяза-л-Лоҳу савода ъайниҳи. ***Ли-л-майит***. Нозири кажназар чашм пеш кард, ҳавл ъайнуҳу бирӯят-ул-аҳад.

**Ҳарфи дувум** дар мактуботи асҳоби шуғл. Мисраъ: **Номаи ориз ба чор нисбати дур**. **Дебоча**. Дудаи чароғе, ки дар ҳарими ин ариза манзури анзор хоҳад гашт, арзи чаҳор чизи номутаносиб аст, ки ба нусрати яздонӣ мар ӯро аз сафои қариҳа нисбате рӯшан. (56)

Чун чароғро бо рӯған дода шудааст, то муоризе, ки машъалаи як нисбат битавонад афрӯ
чун гирди ин чаҳор рукн тавоф намояд, ночор аз маъризи муораза дар ҳимояти истин
гурезаду чароғи мурдаи худро аз қанодили ин машъар, мисраъ: зинда гардонад чу фа
нусрат аз арзи сипоҳ(и) – насир-ул-мулк, сироҷ-уд-дин Ҳоҷӣ Ораз.

**Унвон**. Ин ариза ба хидмати худованди ориз-ул-ҷуюш, насир-ул-мулк, сироҷ-у
давла ва-д-дин Ҳоҷи Насруллоҳ ба мавқифи арз расад, иншоа-*л-Лоҳу* рабб-ул-Каъба.

**Таҳмид**. Ал-ҳамду *ли-л-Лоҳ*, носир-ул-ҳуҷҷоҷ ва мунаввир ъоразуҳум ка-с-сиро
шеър:

*يا عارضَ النَّدى و سِراجُ الضِّيا. دُم فى كَعبَة العُلا. نَصيرُ المَمالکِ

То пардаи оразн саҳобро ба пӯшидани масобеҳи ин каъбаи муаллақ боди нуср
кунад, хатти мусалсали Каъбаи худованди насир-ул-мулк, сироҷу-д-давла ва-д-дин, но
оразн мамолик Ҳоҷӣ чун силсилаи Каъба воҷиб-ут-тақбил бод. Аҳиббо рӯшантар аз чаро
Шому аъдо мубталои оризаи сирсом, ба ҳурмати тоифаи аҳли байту муҳоҷиру ан
рофеъи аризаи нусрат, ки рӯзу шаб дар озодии бандагии он байт-ул-ъатиқ асту
иқтибоси партави сироҷ-уд-дувал дар лашкари мансур рӯшан ғашта, дудаи чароғи дида
бар сари қалам мекунад (75) ва убудият ба мавқуфи араз мерасонаду аз малики ниъм-
насири мулкбахш эҳтироми он Ҳоҷиро бар миллати ҳилоли Халили Худо мехоҳад, байт:

Эзад, ки чароғи Каъбаро рӯшан кард,
Носир бодо ҳамеша он оразро.

Ғарази арзи ариза он, ки подшоҳи Каъбаи ҷаноб, азоа-*л-Лоҳ* суруҷа нусратиҳи,
Ҳоҷии мӯҳтарамро аз аввали арзи сипоҳ то акнун, ки чароғи нусрат ҳар рӯз фурӯзанда
аст, силсилаи зимоми масолеҳи ансор-ул-ислому ҷаридаи тавоифи иҳшом ба ҷиҳати
супурдааст, ки корҳои оризиву аслӣ ба зоти хеш чароғ пур карда рӯшан кунад. Чун чу
аст, ҳар кӣ иҳроми хидмат кард, носири ҳоли ӯ мебояд буд. Аз он ҷо, ки миёни рӯшано
ҳарими ҳазрат касеро муоризи мансаби насир-ул-мулкӣ наметавон пиндошт, байт:

Ҳоҷот барор ҳалқадаргӯшонро,
То рӯшану мансур бувӣ дар девон.

Ҳам аз аввали рӯз, ки сироҷ-ул-ҳақ, наввараҳу-*л-вадуд* аз шамъи мамолик забон ёф
бар ансори мамолик зиёе арз кард, ки ҳуҷҷоҷро аз ҷалоли Каъбаву садри Макка ҳо
омад. *Лоҷарам, лашкари мансур аз он қаҳрамон-ул-ҷуюш нусрате лозим гашт,*
малоъини куффорро чун шутури ҳаҷ қурбон карданд. Он ғузашт, ки тоифаи кафара
касири меҳроб барои арзи мори даҳони куфр мерасиданду аз кеши кофарӣ дар қанди
қибла тири сӯзон меандохтанд. (58) Баъд аз ин аз он ҷо, ки фатҳи осмонӣ насири мул
подшоҳи ғозист, ба як парвона сироҷи ораз бар ҳама парвона оташи дӯзах шаванд, мисра
ка-д-дуди ъала-с-сироҷи юҳрак. Магар он, ки рӯй дар байт-ул-*Лоҳ* оранду арзи калима
ули тавқеъ кунанду дар истинсори ансори каъбаи дин кӯшанду ба ҷиҳати рӯшноии чаро
мусалмонӣ дар калисаҳо пунбаи фатилаи оташ созанд. Он гоҳ аз силсилаи Ҳоҷаи Ҳо
халос ёбанд, назм:

Варна ба сафи араз муғулро бинӣ,
Ғул дар гардани сар шудаву ғул монда.

Ал-миннат ли рабби-ил-байт, ки чароғи нусрати он ораз гоҳ аз тофтагии чеҳр
оташрӯёни татор афрӯхта мешаваду гоҳ нӯги қалами насир-ул-мулкӣ дуд аз дӯзахиё
Ҳинд ило орази-с-само бармеорад, шеър:

*فى كَفِّ عارضِنا البَراعُ كَأنَّهُ يَهتَزّ برق سَرع فى العارض

Далели нусрати Сулаймони аҳд бин, ки ба шикастани асноми девгир барои нусрат
дини ҳанифӣ чунон Ҳоҷиро номзад фармуд, то бе иъроз аз ними раҳи Каъба пил овара
Он гоҳ ҳама пилоне бӯқабисҳайкалу оризшиква, байт:

Чароғи дудаи ҳар пил бувад рӯшантар,
Агарчи бод ҳаме кард бодбезан гӯш.

Мисраъ: Ин нусратро куҷо бувад андоза. Маобиди девони маониди Ҳинд, ки
сироҷ-ул-ҳақ сӯхт, бандаро ҳам аз муоризони насир-ул-мулкӣ рӯшан гашта аст, байт: (59)

В-аз камоли мард бошад, к-аш диҳад душман гувоҳӣ
В-ин чунин бошад чароғе, к-аш бувад нури илоҳӣ.

Тоифае, ки аз тавофгоҳи Ҳоҷӣ Ораз, ки сироҷи каъбаи дин аст, хабари *насрун мин Аллоҳ* сӯйи мадинаи Муҳаммадӣ оварданд, кайфият чунон арз карданд, ки чун асҳоби фил, яъне ҷамъияти ройи Девгир сураи *алам тара кайфа* аз анвои мурғони шакармансур шуниданд, тарсиданд, ки агар ҳар яке дар он маъраз сангреза бар он бутпарастони торикрӯз зананд, бар ҳама *каъасфин маъкул* шаванд. Пас барои ороми ройи деву ансори ӯ аз Девгир чун девони сафо, ки дар чароғгоҳ ҳозир шаванд, сӯйи аразгоҳи сироҷ-ул-ҳақ азимат намуданд, *изо ҷоа насру-л-Лоҳи ва-л-фатҳ ва раайта-н-носа ядхулуна фӣ дини-л-Лоҳи афвоҷан*, назм:

Насири мулк чу з-ин гуна оразе бошад,
Чигуна нур нагирад чароги каъбаи дин.

Қиссаи шамоили он ҳоҷии мурдавиқор чун тартиби носири Амир-ал-мӯъминин дар ҳаққи ӯ бисёр аст. Он беҳ, ки аризаи торику борики хеш пеши он чароғи давлат бозхонд кунем. Ва он ин аст, ки фармони ҷаноби каъбамисол халифа ал-Мустансир би-л-Лоҳ ба ҷиҳати арзи асп расонида. Тавқеъ он, ки сироҷ-ул-ҳақ ба забони хеш гармогарм сӯйи Зиё-уд-давла ишорат фармояд, ки ба вақти доғи аспон дар девони ораз (60) бандаро ба қадри иститоат нусрат намояд, гӯӣ ҳаҷ гузорида бошад, назм:

Чароғи масҷиди одинаву шикори ҳарам
Шавам агар расад аз ҳоҷие араз ёре.

Баъд аз ин мани муҷовири байти муаззами Хоҷаи Ҳоҷӣ бар ин истинсор умедворам, ки ба аввали бақияи ҳоҷате, ки ман арз кардаам, барояду аз он сироҷи равшани мо парвонаи зиё сӯйи кулбаи торики худ бозгардам, иншо-ал-Лоҳ-ан-носир. Ад-дуъо камо ъараз.

Нақш бастани ин ариза ба дудаи чароғ дар моҳи зилҳиҷҷа буду ъом нусрати бе сар хоҳад гуфт, мисраъ: яъне, маҳи зу-л-ҳиҷҷа, санаи ҳафсаду ду.

**Бо ду нисбат номаи мири шикор**. **Дебоча**. Дар ин савод ғизоли сумшикофтаи қаламро ба ду тариқ рӯшан дода шуд: яке **нисбати ваҳши саҳро** ва дувум **тири ҳаво**, зеро ки шикорбакро ду ҷинс шукра таалluқ аст: яке юзу сиёҳгӯшу калби муаллам, ки аз нисбати сабоғу ваҳш меҷунбад ва дувум бозу шоҳину амсоли он, ки аз ҷинсияти туюр мепаранд. Ва ҳар ҷинсеро шикоргаҳе алоҳида ороста шудааст, то юзу сиёҳгӯш дар пайи оҳуву харгӯш пӯянду аз маргзори хеш нагзаранд ва чарғу шоҳин ба ҳавои шикор бо кулангу чарз бозӣ кунанду дар авҷи хеш паранд. Шукравор беҳунар наям, ки бозро бар харгӯш паронаду нахчиргир бо оҳу, на, ки сагро (61) бар товус давонад, байт:

Сухан чун хабту ишво шуд, бувад ҳамчун шутурмурғе,
К-аш уштурмурғ хониву на мурғу на шутур бошад.

**Унвон**. Ин тоири чашмбаста, ки чарғест нигорин, бар дасти малик шикорбаки майсара, сайяда бизоти давлатиҳи лиявс-ул-мутамарридот, кушода бод.

**Таҳмид**. ал-Ҳамд ли раззоқ-ут-туюр ва-л-ваҳш, ҳува мумсик-ут-тайр фӣ-л-ҳаво, байт:

*أمیرُ الصَّیدِ إنکَ تاجُ دینِ تُصَیِّدُ رُؤسَ صَیدٍ فی اصطِیادِ
رَأیتُ الحاجَ وَ التِّیجانَ طُرّاً تذُلُّ کتاجِ دیکٍ فی البلادِ

То шаҳбоз тоҷдор бошаду шоҳин кулаҳдору афсари товус аз зумурради сабзу иклили хурӯс аз ёқути аҳмар малики малакосори анқошикор, тоҷу-д-давла ва-д-дин, каъсари ҳомот-ал-кофирин, муъин бинузҳат-ул-ислом, мураббии афрох-ул-икром, аҷдал-ул-ғузот, ашҷаъ-ул-базот, аъзами шикорбак қирони мулк бар фарқи шаҳбозони сипеҳр афсару бар сари кулаҳдорони даҳр сарвар бод. Ҳавохоҳон ҳудҳудвор ба тоҷи сарӣ дархурд, саркашон кулоғсон бе кулоҳу шабпаракмисол сар зеру по забар ба ҳурмати кабӯтарони масҷиди ҳаром камарбанди бандагии шоҳии боздор, ки аз дасткашони камина шикорхонаи хос аст, чун мургони доначин замини убудият мебӯсаду дар ҳавои дастбӯси мулкӣ мехоҳад, ки пур кунаду дар парвоз ояд, шеър: (62)

*رِیشاً مِنَ الرَّحمنِ اَطلُبُ عاجِلاً حَتّی جَنابکَ بِالمَحاسِنِ اَکنُسُ

Ҳарчанд ки пар камам ба доми дурӣ,
Умед, ки паррон бирасам бар дари ту.

Аз ин ҷониб шикори дӯстон бе оҳусту кори душманон бо гӯру муждаи футӯ
шикорбакӣ тӯъмаи нишот ба коми дилҳо расонидаву овозаи ғазавоти қирон-ул-му
рӯбаҳмизоҷони размро заҳраи аздаҳо дода, байт:

Шудӣ нишонаи олам ба қатли ҷайтариён,
Бар он сифат, к-асад-ул-Лоҳ ба қалъи хайбариён.

Аз писари Шерзоди раҳбар чунон маълум шуд, ки шерони лашкар, ки аз бар
куштани сагони муғул занҷир мегусастанд, бар он кулоб заданду он сагон, ки расани дар
бофта буданду рағбати Мултонро чун харгӯши хуфта фуруд ғирифтаанд, аз тири тур
дар найистон пинҳон шуданд, ҳар якеро саҳмхӯрда аз бари найистон берун меовард
назм:

Пас он гоҳ аз тани он саҳмнокон
Найистоне дигар бармекашиданд.

Шунавида шуд, ки дар он арсаи сайдгоҳ шаҳбозони шаҳбозуи шикорбакӣ ба те
тӯтиранг сарҳои гурезиёни муғул бо пари буми ман паронидаанду он бумони харобид
ҳуҳузанон меомаданд. Агарчи ҳуй дар ин бум андохта буданд, аммо чун аз ҳу хаб
надоштанд, то туъмаи мурғони ҳавои ҳовия намешуданд, хабарашон намешуд. Ар
хабисаи эшон (63) чун мӯру малах дар дарки асфал парвонаи оташ мегашту ашб
хасисаи эшон, ки бе парвона дар оташи меъдаи туюру субоъ дар мерафт, шеър:

*قد امتلاء المفاذرُ من قتيلِ كَما مِن نَتنه زاغُ الغُراب

Ва баъзе аз туғралони Туркистону санқарони Қароқумро, ки ба ӯ шоҳинони Ҳинд
дуволакбозиву дуволгирӣ омада буданд, аз ҳайбати дувол инон аз даст рафта буду дув
рикоб дар пой гарон шудаву ҳар ҳама дуволпо гаштанд; санқарро дувол дар по кун
эшонро чарми хом дар гулӯ мекарданд, шеър:

*قَبا الصَّرمُ اَعناقَها زينَتُ بَلى لاقَ بِالصَّرمِ اَعناقَها

Алғараз, тири дукӯзаи шикорбакӣ, ки кӯҳро доми каргас созад, чун он бумсуратон
дома кайдуҳум, дар дом овардааст, агарчи чунин шикор пеши маснади ҳум
фиристодан нашояд, чун фармонест, фиристодан фармояд, ки ин ҷо муште сичғуннаи ча
чақӣ ба бонг дар вай мехоҳанд, ки овозҳои ин тоири маймунро бипӯшанд, байт:

Вале зи бози ҳамӯше беҳ аст бо ҳар мурғ,
Ки таблбоз ҷавобаш диҳад ба бонги баланд.

Дигар намуда меояд, ки аз ин ҷониб шери дахлези султонӣ бештар дар саҳро
нахчир мебошаду Хусрави Ардашер ғуломи Ширӯяи (64) чокар; бо шамшерзан
лашкари масту шергир рӯзу шаб дар зикри шикорӣ андохтану шер куштан. Маҷли
шикорбакиву ҳунармандони шикор аз атроф зикри ҳунаршиносии шикорбаки аъз
шунавидаанду бо шукраи хеш мустаъидди шикор ба ҷониби ҷаноби ҷаҳонгирӣ раси
байт:

Ончунон устод ҳар як, к-аз ҳунаргоҳи шикор
Шерро ҳамчун магас гиранд аз шири магас.

Сарриштаи ин тоифа юзбонест аз Юзканд, ки ӯро Абулфаҳди Гургонӣ мегӯ
Даъвӣ мекунад, ки юзи ман дар ҳунармандӣ шерро оҳу гирад ва бар ин даъвӣ чанд
шерро, ки ҳамон юз шаҳид кардааст, гувоҳи мананд. Ва хатҳои пушти баброну саводоте
бар пӯсти оҳу ба қалами қазо нигоштаанд, ҳуҷҷат карда нигоҳ медорам, то чун ҳоким
олам баййинаи ҳунар талабанд, оҷиз наёбам. Дар он шубҳа нест, ки юзе дорад, ки шерон
панҷаи ӯ дар банди фирор мебошанд, байт:

На хол аст он, ки дорад юзи ӯ, к-аз ғояти ҳасрат
Саводи дудаи шерон-ст, он монда бар андомаш.

Чарғдоре низ расидааст, бағоят расидаву мегӯяд, ки кассобакро чунон биёмӯзам,
аз кордаки хеш барраро бисмил кунанду харчолро аз шири гунҷишк бигирон
кордонакро ҷойе бирасонам, ки бар қофила кsurvey куланг занад. Чарге дорад, ки (65) дар
парвозе симург шикори ӯст, назм:

Анқо бихазида аз ниҳебаш дар Қоф,
З-онгуна, ки қоф дар миёни анқо.

Дар парронидани шукраи худ даъвӣ мекунад, ки бозро бар он гуна бипаронам, ки бар кӯҳи Бесутун абар бесутуна барравад. Ҷумла парронандагонро аз парронидани ӯ чун куролхун сар мегардад, шеър:

وَ يَفتَحُ حَسرَةً أفواهِ كُلٍّ　　　كَمنقارِ الطُّيورِ بَحرِ صَيفٍ

Як рӯз ройи ҳумоюн ба имтиҳони шукрадори ғариб ҳумои чатрро дар ҳавои сайд таярон фармуд, чунончи лашкари Машриқ то Ғарб пара кашида, заминиён тоир гаштанду ҳавоиён воқеъ. Тири сахт гиреҳи уқобонро пар вом медоду бо роиҳаи ҷон бозмеситуду пайкони чарбзабони каргасонро забон меоварду дил мерабуд. Шоҳин ҷонваронро аз лагади хеш мекушту сичағанна аз мушти дигарон мепарид, назм:

Лагаду мушт дар қафои забунон
Зи харошандагон ғариб набошад.

Бозони чангзан ба захмҳо чанги мурғро аз ҳаво фуруд меоварданду мурғони хушнаво фуруду боло оҳанг мекарданду ба овози ной чурғони раъноро беқарор мегардониданд. Ногоҳ дар ин ҳол галаи кулангони мӯй аз сӯйи об даррасиданд. Тирандозон тир меандохтанду кулангонро сар мебуриданду ланг мекарданд. (66) Чарғдори ғариб ба фармони комгорӣ шукраи комгори хешро бар тариқе пардозад, ки ба як дамидан аз сафедбози баландпари субҳ баландтар баромад. Аз он ҷо чунон таҳмид, ки Насри тоир чун бачаи кабӯтар меларзид, набояд, ки бар ман воқеъ шавад. Бар ҳар куланге, ки захме меовард, сангдонаи ӯро рег-рег мекард, то аз чанги он раста куланги яклинг руста нашуду хар ҳамаро моидаи "аҳулу лакум-ут-таййибот ва мо ъамалтум ин-ал-ҷаворих" рӯзӣ шуд. Султони шукрашиносро ҳунари шукрадори ғариб бағоят ғариб намуд, хилъате сабз чун пари тӯтиву тунукҳои зар чун пари думи товусияш ба адади пари мург эъто кард, назм:

З-он пари товусу тӯтӣ, к-он ҳунар парвоз ёфт,
Хост, к-аз ҷо барпарад, зеро ки ҷой оташ бувад.

Рӯзи дигар, ки ғизолаи шерсавор аз занаб-ус-сурҳон дар сабзазори осмон ҷаста зад, шоҳи асадсавлат ба тамошои юзбони нав қасди нахчир кард, шеър:

*رَكِبَ الجَوادُ وَارکَبَ الأَجيادَاً　　　حَتّى يَصيدُ بِظَليتِهِ الأَسادَاً

Ҳукмандозон ба дандони гӯсола ҷигари ҳизабр меканданду қодирдастон мағзи палангонро аз пӯсти гавазн мехастанд. Туғонаи чаҳорпаҳлӯ аз диловарӣ дили шер медариду дар дидаи оҳу дармерафту белаки шикорӣ ба забоноварӣ сари гург мешикофт, (67) ки чашм намезад. Муаллимони хос, ки ба таълими мукаллибин таъламунаҳунна мимо юалимукум-ул-Лоҳ устод гашта буданду бар давандагон дасти сабқат намуда, муаллимон аз эшон фавоиди факулу мимо маскан ъалайкум вазкуру исма-л-Лоҳ ъалайҳи мегирифтанду гургони ваҳшатӣ, ки аз барои ваҳшат нохун задандӣ, аз дидаву дил ғазиди он сагони муаллам медоданду гурозони хашмнок, ки аз баҳри хусумат дандон задандӣ, дандонканон музди дандони юзони хос мерасониданд, байт:

Гиря хун карда зи хасм бар тани сайд,

Ханда фаромуш гашта шеронро – бисоти шикористони нишотро монаст. Азбаски юзон даст мезаданду оҳувон ҳайбат мекарданду кӯтоҳпоён по мекӯфтанду туркон камон мекашиданд, дар ин ҳолат пашмпӯше чанд аз канори рӯд дар раҳи он чангзанони ҷигархор гузаштанд, назм:

Бидон то чу бар ҷон занад захми чанг,
Бимиранду пас хирқабозӣ кунанд.

Юзбони ғариб юзи чангзани хешро, ки ба се ҷой дар нойи гулӯ дошт, расан бикашиду он тарҷумаи дароз кашидани расан чангро соз карду галаи рақсон дар ними раҳ бизад, ки бар ҳама шукронаи гирифти чанги ӯ карданд, байт:

Чангзан хуш-хуш мекард гирифт аз ангушт,
Ҳар якеро (68) ба дигаргуна гирифте мекушт.
Имсол худ аз хуни муғул хӯрд шароб,
Дар паҳлуву пушти он сагон кард кабоб.

Маҷлиси худойгонӣ аз он тараб кумайяти ҷӯшонро майдон доду дур фармуд. Маҷлисе, ки хоси ҳар тараф, ки рикоб гарон мекард, садгонро бар ҷой мечаспонид.

Шикорбаки маймана кабобе бе ҷигар ба табақаи мулук мерасонд, аммо нуқли подшоҳ
ёди шикорбаки майсара набуду ҳар бор мегуфт, шеър:

Майсара кай бувад, агар ин аст ҳарифи майсара,
Кист ҳарифи майсара, мири шикори майсара?!

Маълуми ройи шикорбакӣ бод, ки шоҳи офоқгирон чарғи қозони шико мехоҳад, ки бозӣ гардонаду худ даст гираду забардасти мулук нишонад. Чун му номакаши сулаймонӣ он ҷо расаду навои ҳуд-ҳуд занад, дарзамон бар ҷиноҳи раҷъат дастгоҳи шоҳӣ парвоз мебояд фармуду мурдорхорони пар кам шударо, назм:

Ки бас турфа сайре доранд ҳар як,
Ки ҳам бумаңду ҳам калмурғу ҳам чуғд.

Агар ройи баландпари маликӣ овардан маслиҳат набинад, ҳамон ҷошон тӯъма туюр созад, то аз хӯрдани дилу чашми он тунукчашмон тиҳидида каргасон пар шаванду ғаливозон пурдил. Таярони ҳумои ҳимати қирони мулкӣ аз он болотар аст, ки он устухонҳои калонро сӯйи қабрашон саводи аъзам тӯҳфа оранд, назм:

Ба расми раҳовард набвад зи рой
Фиристодани бум пеши ҳумой.

То зоги камони хос бар сари шохи рифъат ошён дорад, масали ин шикорӣ вохавли султонӣ бисёр хоҳад расиду тӯъмаи зоғу кулоғу шуроғ хоҳад гашт. Мебояд, шоҳини баҳрӣ ҳар чӣ зудтар аз баҳри Синд сӯйи оби Ҷун боз ояду пайкони батнӯлро, хуни он уқобон чун чашми чакарнаву сари шоҳ сурх гаштааст, ба зулоли ҳавзи сул намозӣ гардонад. Шабу рӯз мурғи дуо сӯйи осмон парронида меояд, байт:

Умед, ки рӯзе шавадам сайд мурод,
Побӯси малик шикорбак рӯзӣ бод.

Ҳангоми парвози ин тоир сақарвор бате шикор карда буду дар он сол шер нахчир ғирифта буд, мисраъ: яъне, якеву бист зи маҳ, сол ҳафсаду даҳ.

**Таслимот**. Шукру хидмат сӯйи он дастгоҳи давлат фиристода шуд, хондан фар Саҷағнаи бандагӣ бо дили мустаманд мушт баставу партоб карда омад, бар сайди комгорӣ бод. Заминбӯсе, ки нақши севуми оҳу аз харпушта хок барорад, нисори сагони хос карда шуд. Шердилони ин ҷониб ба хидмати мулкии (70) шикорбакӣ заминро аз саводи дида пушти юз сохтанд.

**Ал-Адъият**. Ъасам-ал-Лоҳ ҷавориҳаҳу ай сайд-ул-ҳаром; балағаҳу-*л*-*Лоҳ* бисай маром; *лаъаб* бозӣ қадруҳу маъа-н-насрин; ғалабаҳ-*ул-Лоҳ* ъала-*л*-асод; наср-*ул-Лоҳ* қатл-уз-зиёғим.

***Ли-л-майит***. Ҷаласа тоиру руҳиҳи ъало яди-*л*-*Лоҳ*; ҷаъала туюр-*ул*-хулд қувва тора руҳуҳу фӣ ҳаво-ил-қудс; ҳафиза-*л-Лоҳ* ъан килоби ҷаҳаннам; ясъалу мин бозин ва дудуҳу.

**Ал-Акс**. Ҷараҳа ҷавориҳ-ас-само; ҷаъала таъм-ан-нусур; боз-*ул*-ғуроб ъало шаҳ базала-*л*-ҳумому *луҳумаҳу* ва *лаҷҷа* фӣ ҳулқум-ил-қусурати; нота бианёби-з-зубоб; за зуфра-*л*-асада ъалайҳи.

***Ли-л-майит***. Ахазаҳу ъуқоб-ул-иқоб; уло тоируҳу *лишимолиҳи*; ҷаъала ал-хин фи-*л*-қабр; сора қувватан бисақри сақарин; сайяра кулайба бисалосил-ин-нор.

**Хатти севум** дар мактуботе, ки аз ҳайати танҷиму улвиёти тақвим бояд, мушта бар се ҳарф: **ҳарфи аввал** дар китобатҳои мулаққаб ба шамси хосу сари номаҳои мӯъҷаз сӯйи шамсу қамар, **ҳарфи дувум** дар китобат ба сӯйи қамару бадр, **ҳарфи севум** китобатҳои лақаби наҷм.

**Ҳарфи аввал** дар китобатҳои мулаққаб ба шамси хосу сари номаҳои мӯъҷаз ба шамсу қамар, мисраъ: **Дебочаву нисбати вай аз нур**. Бар ройи анвари рӯшан рӯшан карда меояд, ки ин қисм бағоят нотиҷу васеъ аст (71) ва нисбат дар вай ба ду ояд: умуман ва хусусан. Аммо умум, чунин ки агар мактуб илайҳи Шамс бошад ё Қама ё Наҷм ва он чи ба танҷиму ҳайат тааллуқ дорад, ҳама дар тайи иборат, чунонки хоҳад, орад, то арсаи сухан аз осмон фарохтар гардад. Хусус, чунинки дар ҳар бақо аз хосса нагзарад. Масалан, дар лақаби Шамс он чи хоси офтоб аст, ҳамонро лозим гираду наҷму қамар гузорад. Мактуботе, ки котиб дар ин тақвим пардохт кардааст, ғолиб он

ки аз ҷадвали хоссаи лақаб пой берун нанињодааст. Аторудоне, ки хоҳанд, то дараҷаи суханро бар ин ҳайат ба зурваи сипеҳр расонанд, эшонро дар ин рӯзномҳои дақоиқи назари диққат чунон бояд гумошт, мисраъ: ки чашми аҳли расад сӯйи анҷуму афлок.

Ва зиҷи ин мувaллидот ҳама бар ин наҳҷ истихроҷ карду ҳар чӣ ҷуз ин аст, ранҷ донист, ки агар дар нисбати хусус ба истиқомати тамом мадхал нагардад, ки таносуби миёни ҷумлаи алавиёт муштарак асту як нисбатро аз иттисоли нисбатҳои дигар муҷаррад гардонидани навъ душворӣ дорад ва шакли умумро илтизом бояд намуд, то кавокиби маониро арсаи сайр вусъат пазирад, шеър:

*وَ بَدَا الثَّواقبُ (72) بِالتِساعِ مَحَلِّها          مِثلَ الثَّوابتِ فی السَّماءِ الثّامنِ

**Номаи Шамс асту нисбат хоси Шамс. Унвон**. Ин ғунчаи нилуфар, ки аз айни маънӣ сар барзадааст, ба партави назари малик-уш-Шарқ ва-л-Ғарб, Шамс-уд-давла ва-д-дин, наввара нур биъулу-л-ҷабҳа, мафтӯҳ бод.

**Таҳмид**. Ҳува Рабб-ул-Машриқ ва-л-Мағриб, ал-ҳамд ли матлаъи-с-сабоҳ. То чатри сиёҳи шаб, ки ба китобаи *ва-с-субҳи изо танаффас* мутаҷаллӣ гардаду рояти рӯз ба шамсаи *ҷаъала-ш-шамса зиёан* мутаҷаллии алами оламорои малик-ул-Машриқ ва-л-Мағриб, Шамс-уд-давла ва-д-дин, анвара анвор-ус-самовот ва-л-арзайн, маъа соири авсофиҳи-с-сотиъа, ба улои дини яздонии осмонсои фирӯзӣ интиҳои ҷаҳонкушоӣ бод. Сояи зулмат аз лавомеъи рутабаш паридаву лавоэҳи рифъаташ ба Ховару Бохтар расида, ба сураи *ва-л-фаҷр*. Камтарин ҳавохоҳони хоси Хурдаки зарра, ки баровардаву пайдокардаи меҳри шамсист, адъияи вофира ба адади зарроти хок рафъ мекунанду аз ҳадбаи офтоби анвар: на дар осмон асту на дар замин –

*انا ذَرَّةٌ سيماءِ شَمس تَعَشَّقَ          وَ مِنَ الهَوی بَینَ الهَواءِ تَعَلَّقَ

Малики рафеъ-уд-дараҷот муоинаи он зоти муаллосифот бо саръи соъоту эмани авқот рӯзӣ гардонад, шеър:

*اِنَّهُ من یری طُلوُعَ ذکاءِ     (73)     اعینُ النّاس بعد ظُلمتِ لیلُ

Маълуми рой гардонида меояд, ки то ҳазрати малик-уш-шамси шарқӣ сӯйи Мағриб ғурбат фармудааст, бандаи заиф Хурдаки  зарра бе партави он нур бар таҳаҷҷӣ ночизу маҷҳул гаштаааст, ки касеро пеши назар намеояду чунон дар кунҷи хона мухтафӣ ва мутаворӣ монда, ки касеро илм нест, байт:

Ки аз рӯзгори чунин тирагун
Сар аз равзане ҳам наёрад бурун.

Бандаи Хурдаки  зарраро дар ғайбати Шамс рӯшан намешавад, ки аз кадои дараҷаи улё фуруд афтодааст. Ё Раб, то ғошияи ғайбубат бар дӯши шабу ғориби рӯз бинҳодаанд, шеър:

Хунук шумуси осмон бод ба зери рони ӯ,
То мани зарра меравам рақскунон ба хидматаш.

Ва мухаддарат-ул-ъаср Нилуфархотун, ки ҷуз бад-он талъати анвар чашм боз накардӣ, аз ҳирмони он ликo дурри оби марворид дар чашмаш фуруд омадаву бо чандин ошноии об лабташнаи он чашмаи рӯшан, байт:

Набояд будан андар ишқбозӣ кам зи нилуфар,
Ки ҷуз дар чеҳраи хуршед ҳаргиз чашм накшояд.
Зи чашма ҳар касе сероб гардад, лекин ин чашма
Чу маъшуқ аст, к-аз вай ташнагӣ ҳар лаҳза афзояд.

**Дигар**. Дар он синаи нуронӣ рӯшан бод, ки малик Шамсуддини шаммос, ки бузургзодаи Мағриб аст, ба исми бандагии он шамс-ул-уло зинда мешаваду мегӯяд, ки ман аз (74) ҳаййи Абду-ш-шамсам, мехоҳам, ки дар партави он Офтоби шараф чанд гаҳе ташмис намояму гаҳ-гаҳ дар ин ҳаво бад-ин байт, ки дар баландӣ баробари Шаърост, дили мутаатишро рӯй гардонам, шеър:

*تطلعُ الشَّمسُ غَینی فی خبون هَوی          کَما یَطلُعُ وَجهُ الشَّمسِ عَلی جَربا.

Ва мунтазири сафари Шамс мебошад, ки рӯзномаи нури саодат аст. Ва шарафи дабири хосро, ки тирест ростқалам, ишорат мебояд фармуд, то ӯ ба саводу баёзи он шабе ба рӯз ораду ба маҷории он айни алтоф қалами ҷориро ратб-ул-лисон дораду рӯшан кунад, ки субҳи мулоқоти шамсӣ, ки тулӯъ намояд, байт:

Кай шаби тираи мо субҳи шабафрӯз шавад,
Субҳи пӯшидаи мо ҷилвагари рӯз шавад.

*يا رَبُّ شَمسِ يَومَنا بِلِقائِه        حَتَّى تَنوُرُ عَيناً بِضِيائِه

Хоҷа Ёқуби Ҷабалӣ, ки сурхрӯйкардаи он меҳру шафқат аст, аз он гоҳ, ки аз тарафи кӯҳе сӯйи шаҳр омадааст, ӯро баҳои ҷавҳарӣ пеши акобири замон чунон дар афрӯхтааст, ки дар силки мулук мунсалик гаштаасту қадду ҳиммате беш аз қиёс ёфтаву воситаи иқди умарову ниғини хотами кубаро гашта, байт:

Оре, касе, ки меҳри фалак ёриаш кунад,
Ҳамвора сурхрӯй бувад дар ҳама мақом.

Ва қуррат-ул-ъайни Шамсӣ, азоа Аллоҳу анвораҳу, бо он ки теғзану ҷаҳонгир аст, аммо бағоят маҳрурмизоҷ афтодааст. Ҳар ҷо, ки мерасад, гармиву тафтӣ бисёр мекунад (75) ва дару даричаи мардумон дар меравад. Ҳамгинонро ин ҳама тофтагӣ аз ҷиҳати рӯи малик-уш-Шарқ мебояд кашид, байт:

Хуршедпараст, к-ӯ зи тобе бирамад,
Он беҳ, ки гаҳи субҳ умедаш надамад.

Румҳи оразро атобаки нур-улъайн зиё мебояд кард, то пайваста гирди ӯ бароят пардапӯшии шумусат ӯ кунад, агарчи гармии ӯ ба ҳеҷ рӯй пӯшида нахоҳад монд, шеър:

*ضِياءُ الشَّمسِ لا يَخفى بِحالٍ        وَلَو كانَ التَّراكُم فِي الحِساب

Ҷуз Рафеъи ораз кӣ тавонад, ки сафрои зиёро монеъ бошаду мизоҷи тафту тобишро аз ҳарорати табъ қадре ба адл боз орад? Шак нест, ки ҳар оташро аз обеву ҳар офтобро аз саҳобе чора натавонад буд, байт:

Агар на абри навосоз парда соз кунад,
Зи хулқи тезии Хуршед пӯст боз кунад.

Чун рафеъи ораз аз он боб асту баркашидаи тарбияту рутбати Шамс ин ҳолро ба ҳаво хоҳад гирифту перомуни Хоҷа Зиё аз зайли ҳаё парда хоҳад гашт, аммо юз низ, байт:

Ишорат кун ба абр, эй чашмаи нур,
Ки дорад гармии нури ту мастур.

Бандаи Хурдаки зарра он чи тариқи ҳавохоҳӣ буд, ба ҷо овард, боқӣ ройи оли бартарманзалат ҳар рӯз бар тараққӣ бод. Омин!

Шумори моҳ аз болову фуруди офтобу таърихи ъом аз сару пойи зарра рӯшан хоҳад шуд, мисраъ: яъне, савум аз моҳу сана ҳафсаду панҷ.

**Таслимот**. Аторудоне, ки аз таатуши (76) шамс-ул-офоқ сӯхтаанд, саломҳои меҳролуди гармогарм таблиғ мекунанд. Анҷуми кавкабаи малик Шамсӣ, ки дар либоси нур пӯшидаанд, аз ҳаводорони ин ҷониб хадамоте монанди зарроти ҳаво беҳисоб маҳсуб фармоянд. Сари номҳои лақаби Шамс то теғи хусрави сайёрагон ба ҷаҳонгирӣ машҳур бошаду зоти олисифоти малики воло шамс-уд-давлат ва-д-дин ба шамшерзании офоқгирӣ рӯшани айём боду миёнаш аз авҷи рифъати камари ҷавзо дурӯя баставу тири ӯ аз камони чарх берун ҷаста бод, биасад-ул-Лоҳ.

**Дигар**. Ҳамеша хуршеди ҷабҳаи малик-уш-Шарқ Шамсуддин аз бурҷи дараҷаи толеъу дурҷаи манзалат сотеъ бод ва аз сияҳкории раъсу зиъбу дурангии рӯзу шаб маҳрус ба ҳаққи *ман яътӣ би-ш-шамси мин-ал-машриқ*.

**Дигар**. Ҳамвора офтоби талъати малик-уш-Шарқ ва-л-Ғарб Шамс-уд-давла ва-д-дин матлаъи субҳи беҳрӯзиву мисбоҳи осмони фирӯзӣ бод. Хоки кисват аз он орази пурнур дур, ба сураи *иза-ш-шамсу куввират*.

**Дигар**. Мудом хуршеди рухсори айн-ул-уламо Шамс-уд-дувал аз шафақи сурхрӯйи дурахшандаву дар сабоҳи сапедкорӣ рахшанда боду аз зардрӯии ғуруб масуну маҳфуз, мисраъ: биман талаъа-ш-шамс мин Машриқ.

**Дигар**. Пайваста маҷлиси воло нур-ул-айём, мисбоҳ-уш-шуҳур ва-л-аъвом Шамс-уд-давла ва-д-дин, қуррат ъайн-ил-аном (77) ба таҷлияи раббонӣ музайяну таҷлияи осмонӣ рӯшан бод. Ҳавохоҳон чун зарроти ҳаво бешумору бадбинон чун буму шабпарак рӯзкӯр торикосор, ба саҳоби *машориқи-л-анвор*.

**Дигар**, намудори баъзе алфоз, ки хосаи нисбати нуҷум аст. Ҷовидон офтоби рифъату дараҷату манзалат Шамс-уд-дин, мисбоҳ-ул-улув, наййири буруҷ-ус-самовот аз

манзалати рутбату авҷи иртифоъу уфуқи таваффуқу матлаъи суъуду машриқи суъуд машриқу толеъу соъиду сотеъу ломеъу лойеҳ бод ва аз майли заволу тағйири ғурубу замони уфул дар амон, ба сураи *ва-з-зуҳо* ва ояти *ва-ш-амси таҷрӣ*.

**Дигар**. То шоҳи анҷум бар ҷабҳаи шер тахтгоҳ дораду дар бурҷи Баҳром иклил бар сар орад, тоҷи нур пироя бар фарқи фарқадсою тахти осмонпоя зери пойи савобитфарсойи хусрав ситораи сиёҳи осмони даргоҳи Шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, айн-ул-маонӣ, наййир-ул-аъолӣ бод. Гирифти раъс аз он афсари анвар дуру гирифтагии занаб аз он дурахшанда ҷавҳар маҳҷур, ба ҳаққи сураи нур.

**Дигар**. То хуршеди нуронӣ ҳар бомдод аз зулмати Ҳиндустон тулӯъ намояду баромади ӯ дар ҳадди Нимрӯз ба завол гарояду наздики Шом ба магриб фуруд ояд, тулӯъи ахтари саодат аз талъати оламорою ҷабҳаи нурафзои маҷлиси сомии малик-уд-даҳр ва-л-ъаср, Шамс-уд-давла ва-д-дин, хусрави офоқ, наййири олӣ ишроқ бод. Инкишофи меҳри сипеҳри даввор (78) ва инкишофи ҳаводиси лайлу наҳор баъид-ул-осор, мисраъ: бинур-ид-дуҷо лайса зилла лаҳу.

**Дигар**. То ҳукми қазо офтобро ҳар сол дар садри шараф нишонаду офтоби адлгустар зулми шабро кам кунаду осори адл дар айём зоҳир гардонад, мазлуми ҳукумат ба нури адлгустари маҷлиси олии Шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, садри судуру-ш-Шарқ ва-с-Син муниру мутанаййир бод ва сифати нисфат бо он зот чун нур ба офтоб пайваставу нафси залама аз ъайни ъадли ӯ чун нақши зулмат аз чашмаи хуршед шуста, шеър:

*بِنورِ مُحَمَّدٍ قبلَ البَرايا قَضا؛ الحَقُ اَطلعَهُ عَلَينا

**Ал-Адъият ъала-н-нисбат аш-Шамс хусусан, маъа-л-хитобот**. Малик-ул-айём Шамсуддин, ахаза шуъоъ сайфиҳи мин аш-Шарқ ила-л-Ғарб; малик-уш-Шарқ ва-л-Ғарб Шамс-уд-дувал, ъало ъилмуҳу бизабт-ул-офоқ; ройи анвари шамсӣ, дома мунавваран; зоти мунири Шайх Шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, ло зола муниран; шайхи субҳхез Шамсуддин, азҳо-ш-Шарқа биишроқиҳи; мавлоно муфиз-ул-айём Шамсуддин, зиё-ул-муқтабис биифозат ва Қозӣ Шамсуддин, қатаъа зилома-з-зулми бианвориҳи; одил-ул-ъаср Шамс-уд-дувал, зода-л-Лоҳу айёмаҳу фӣ шараф-ил-ъадл; бародари меҳрубон Шамсуддин, наввара айём бақоино бинури лиқоиҳи; қуррат-ул-ъайн Шамсуддин, зоа ғайнан бизиёи талъатиҳи; фарзанди Шамсуддин, раббоҳу рабб-ус-самои битабошир-ис-саодат.

(79) **Ли-л-умум**. Талаъаҳу субҳ-ур-рифъат мин талъатиҳи; ашрақат лавомеъ-ул-ъулувви мин ҷабҳатиҳи; таҷалла зотуҳу мо талаъа-с-сабоҳ.

**Ли-л-майит**. Султон Шамсуддини марҳум, атлаъаҳ-ун-нур ъало буруҷ-ул-хулд; малики марҳум Шамсуддин, зоа руҳуҳу камулк-ун-нуҷум; мавлоно Шамсуддин, асбаҳат анворуҳу ъало матолиъи-д-дараҷот.

**Ли-л-умум**. Лазиматҳи-р-раҳмат казавъ-аш-шамс; талаъа сабоҳ-ан-нур мин арзиҳи; ло янфакки ъанҳу завъ-ал-ғуфрон.

**Ал-Акс маъа-л-хитобот**. Шамсуддини ҷаҳонсӯзро наздик аст, ки бигиранд, саввада ваҷҳуҳу биахзи раъс; шамси сӯзанда ҳама рӯз тофта мебошад, тоба-с-савр ъалайҳи мин иҳтироқ-ул-бароё; шамси бадрӯзро офтоб бар сари девор расидааст, сафар-ал-Лоҳ ваҷҳаҳу фи-л-ъаср; шамси дарёошом ташнаи оби рехтагиҳои мост, ёъбас ъайн-ул-ъафв ъанҳу.

Мисраъ: **Номаи Шамсу нисбати танҷим**. **Унвон**. Ин абри тунук, ки пӯшидаи дақоиқи Аторуд асту пардаи аҳиллаи вақт дар ҳазрати Мавлоно айн-ул-маонӣ Шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, зоъ-ал-офоқ бианвориҳи, кушода гардад.

**Таҳмид**. ал-Ҳамду лимунаввир-ал-қамарайн, Аллоҳ музиу-н-наййирайн, шеър:

*وَ سَجَدتُ بابَ الشَّمسِ كَمِل فَيضَهُ ذَالنَّقصُ كَالشَّمسِ المُنيرِ هِلالاً

То офтоби олидараҷат файзбахши моҳу маҳфилшикани анҷум бошад, тулӯъи субҳи иртифоъ аз талъати гетиафрӯзи Худованд Мавлоно шамс-ул-миллат ва-д-дин, муфиз-ул-муқтабин, (80) фарид-уд-даҳр, ғариб-ул-аср, қотеъи зилл-уз-зулом, носиби илм-ун-нур фӣ айём маъа соири авсофиҳи-з-зоҳира бод ва аз муохазаи раъсу занаби сипеҳру муқобалаи Зуҳалу Миррихи макрӯҳчеҳр дур, ба ҳаққи сураи *ва-ш-шамс*. Бародари меҳрфизой Бадри камол, ки ба тарбияти назарони Шамси воло рӯшани даврон гаштааст, қомати хидмат дар сафи ниъол ҳилол мегардонаду дар тахйили бомдоди мулоқоти Шамсӣ ҳама шаб чароғ бар гиреҳи Офтоб меҷӯяд, шеър:

Рӯзе бувад, ки Шамс кунад иттисоли Бадр,
Ноди-с-само қад ҷамъа-ш-Шамса ва-л-Қамар.

Рафъи сафар дар он ҳазрати матлаъи асфор мабнӣ бар он, ки то он найийри
аз саводи Ҳиндустон сӯйи Шом иғтироб намудааст, рӯз дар чашми мо шаб
Ҷамоате торикахтару бенур худро пайдо кардаанду ҳар яке лоф мезанад, ки ано азҳар
аш-шамс. Шарафи Бузғола мегӯяд, ки Шамсро шараф аз ман аст, ки маро дар
бурҷи илм мешуморанд, байт:

Чу ман хонаи Шамсро бурҷи илмам,
Агар хона сифр аст, айбе набошад.

Нури Сабоҳӣ низ рӯшан мегардонад, ки Шамс *ва-з-зуҳо ва-л-фаҷр* аз ман
Сироҷи пунбадаҳан ҳам ҳароразабонӣ мекунад, ки ҳама дуди чароғ хӯрдану дуда бар
қалам кардан аз ман ёфтаанду шабҳо ҳарф пеши ман дуруст кардаву кунҷид-кунҷид
латоиф, (18) ки дар дилам будааст, ҳамаро ба замон рӯшан кардаам. Агарчи
тасаввур мекунанд, ки дар дили Сироҷ мудоҳанатест, аммо боре файзи раббонӣ аз
дареғ надоштаам. Бандаи Бадр чигуна шаб дар миён накунаду наравад, ки Сироҷи
пунбадаҳан аз дуди чароғу дудаи қалам сухан мегӯяду Саъди Муштарӣ баёни илм
Наҷми Кавкабӣ аз дақоиқ чинад, шеър:

*صَلَفَ الكَواكِبُ فِى الدُّجى مِن نورِها لكِن سَيَفضَحها صَباحَ صادِق

Аз рафтани Шамс, бин, чиҳо мебинам,
Шак нест, ки қадри рӯз дар шаб донад.

Ҳарчанд намуда мешавад, ки шумо дар ғайбати Шамс анҷуман месозед, аммо
гаҳ, ки он зоти анвар толеъ хоҳад гашт, тоб нахоҳед оварду ҳама кӯру кабуд хоҳед
байт:

Аз ханда ҳамекунанд пайдо дандон,
Дандон доранд он, ки хандон сироҷ.

Ағарчи дар забон ғармӣ дорад, аммо бағоят софдил аст. Айбаш беш аз ин нест,
ҳар рӯз манасе дигарро корфармои хонаи хеш меғардонад, то ӯро иштиғол
сарзанишҳои паёпай сӯзиши ӯро меафзояд ва агар ногаҳ аз сари сӯз забоне сӯйи хасе
мекунад, дарҳол оташ бар сари он хас мераваду бо хештан месӯзаду хокистар
байт:

Сироҷ ҳам ба ҷаҳон баҳри зистан мирад,
Ки бо чунон тафу тобе хасе тару бинаш.

Аммо аз зулму тавотаки залум, ки дар ғайбат (82) баландпар баҳо мекунад,
дар чашми мо торик менамояд. Як шабаш гуфтам: "Боре, ту кистӣ, ки Шамсро
дид?" Ҳама ҷаҳонро ҳамчун рӯз рӯшан аст, ки Шамс агарчи аз поёни Ҳинду
баромадааст, аммо саромадаи Нимрӯз аст. Охир, фардо рӯз ҷамол хоҳад намуд, туро
дид, боз дар гунбадҳои масҷид пайхоли катон хоҳӣ харид, байт:

Даъвои басар мекунӣ, эй шабпара, бош,
К-афтад тафи Хуршед ба чашми хаффош.

Ва тавотук ба сад мискинӣ чашм пеш карда оғоз кард, ки Шамсро дар ифозат
дараҷа ҳам бар осмон мабар, ки агар саводи *ва-л-лайли изо ъасъас* пеши ӯ доранд, аз
*субҳи изо танаффас* дам занад, байт:

Он шамс, к-аш ахтари дуре хонӣ ту,
Аъшост, к-иш аз Ҳарӣ ҳаме донӣ ту.

Агар гуфта мешавад, ки ҳусни ғайбати Мавлоно Шамс нигоҳ доштан аз ин
бадр биёмӯзед, мегӯянд, лобуд ҳусни ғайбати Шамс ту нигаҳ дор, ки Бадрию худро
сурат мекунӣ ва шогирди нимтамоми ӯию гоҳ аз ҷазмиву танвинӣ дар лавҳи ту мени
назм:

Аз ҷониби ӯ файзи паёпай дорӣ,
Нуқсону камол ҳар ду аз вай дорӣ.

Инак, ин ҳама рӯзкӯрон дурӯғе ростмонанд, чунонки гуфта шуд, мегӯянду
дурӯғзанон монанди субҳи козиб агарчи дар дурӯғ аз Шамс мезананд, (83) аммо
рӯяшон сияҳ мешавад, ки бо он анҷуми манҳус ёранд, шеър:

*يا نيّرُ الأيّام اشرِق لامِعاً       وَ استُر مَصابيحَ اللّيالي كُلَّها

Умед, ки он файёзи олам ҳар чӣ зудтар талъати рӯшанро бар инҷониб таҷаллӣ диҳад, то он ҳама ноқисони бенур аз он ламъони ҳузур муҳтаҷиб шаванд, мисраъ: ка-н-наҷм фӣ ъайни шуъоъи-ш-шамс. Банда Бадри Камол, ки як сабақ аз дақиқаҳои бисёр ба моҳе дуруст мекунад, боз сӯйи диққат майл намояду ба ниҳояти борикиҳо бирасаду дар такрори шабу баҳси рӯз бияфзояд, иншоа-л-Лоҳ-ан-нур. Ад-Дуъо камо фи-л-матлаъ.

Ҳангоми нақши ин тақвим моҳи сафар ба Ҷавзо расида буду дар шумори ъом шамс ба миёнаи ақраб пайваста, мисраъ: яъне, ки зи маҳ ҳафдаҳ, сана ҳафсад буд.

**Таслимот**. Гирдомадагоне, ки гирд бар гирди Бадр ҳалқа кардаанд, *кадоиратин ҳавл-ал-қамар*, қомати хидматро ба муқобалаи он нуқтаи шараф доира мегардонанд, рӯшан кардаи изоати шамсӣ ҳилоли абрӯйи гавозӯъро аз масоси хок ба салх мерасонанд. Аҳиллаи ҳамтане, ки паҳлӯи бадранд, мушоҳараи хидмати бенуқсони ҳилол ирсол мекунанд.

Мисраъ: **Сари нома сӯйи Шамсу Қамар ҳаст маъан**. То офтоби лаъли кулоҳи камари Ҷавзо дар авҷи рифъат бар миён бандаду моҳи сиёҳи қабо хилъати шараф ба ҷавоҳири Парвин мурассаъ гардонад, ба тоқи фирӯзӣ бар миёни малики оли(84)кулоҳ, шамс-уд-давлат ва-д-дин ва қабои ҷаҳонафрӯзӣ дар бари сипаҳсолори анҷумсипоҳ Қамаруддин бод. Манори нури субҳ аз ҷабҳаи шамсӣ рӯшану мадори даври қамар аз талъати қамарӣ музайян, бо ҷомеъи зӣ-н-нурайн ва инорат-ун-найирайн.

**Ҳарфи дувум** дар китобатҳои Қамару Бадр. Мисраъ: **Номаи Бадру нисбати танҷим**. **Унвон**. Ин маҳтоби рӯшан, ки лаёлии ҳомила дар батн дораду ба партави рӯшноии Шайхи комил Бадр-ул-миллат ва-д-дин, зоа-д-даҳр бинури байзиҳи, муқтабис гардад.

**Таҳмид**. Наҳмаду-л-Лоҳа мусаммир-ан-нур, ҳува ал-қодир ъала-л-камол, ҳува воҳиб-ул-камол, шеър:

*أيا بَدرُ الثَّواقِب انتَ بَدراً       تَجَلّى كُلَّ وقتٍ بالضّياءِ
كَمالُ البَدرِ مِن شَمسٍ وَ لكِن       يُكَمِّلُ بَدرَنا شَمسُ السَّماءِ

То Бадри шабхез ба нури айём байзи лаёлии хешро рӯшан гардонаду ҳилоли марой байн-ул-ъишо дар рукӯъу суҷуд монад, анвори алтофи раббониву осори рутбати осмонӣ муқорини зоти нуронии шорик-ут-тарикат-ил-боҳира, бадр-ул-миллат-из-зоҳира, ҷавҳар-уз-зиё, мунаввар фи-с-сабоҳ ва-л-масо маъа соири шамоилиҳи-л-ъолия бод ва нуқсони ҳаводис аз гирдогирди он доираи камол масруф, шеър:

*بِمُحَمَّدٍ قَد شَقَّ بَدراً فِى الدُّجى       بهلالِه فيما اشار نَبانه

Муҳибби ягона Суҳайли Ямонӣ, ки аз ҳавохоҳони қадим аст, адими бисотро аз рухсора ранг медиҳаду дар ҳавои бадр борони суҳайлӣ аз (85) дида меборад. Саҳоби фироқ ҳар чӣ зудтар пароканда бод, то он ҷамоли бокамол ба хубӣ тамом дида шавад, иншо-ал-Лоҳ-ан-нур. Муқирри ройи мунир гардонида меояд, ки аз ин ҷониб кори авлиё ҳар рӯз бар тараққӣ аст. Маҷлиси сомии Шайх Шамсуддин, атлаъаҳ-ул-Лоҳ ъала-л-матолеъ, аз субҳхезӣ ба сидқ пораи нур гаштааст, чунонки ишроқ бар автоди кӯҳ мегузораду рӯз бозоре чунон гарм, ки саргаштагони ҳавои меҳр чун заррот муаллақзанон сӯяш медаванду ба як партави ӯ пой бар ҳаво мениҳанд, аммо бештарии басарон аз онҳоанд, ки аз дидани Шамс кӯр мешаванду сурху сабз пеши чашмашон меояд, байт:

Дидаи ноқис-ул-басар монда зи нур дар зарар,
Меҳр ҷаҳонфирӯзтар кӯрии мушкӯрро.

Ҳанӯз он офтоб дар бар омадаасту дар сиёҳии пешонияш лоеҳ, ки нури ӯ то Мағрибу Шом бихоҳад гирифт. Борӣ таъоло аз тағйири заволу зардии ғурубаш дур дорад, ки субҳхезонаш ҳамин дуо мегӯянд:

*صَنَّهُ يا مَطلَعُ شَمسٍ وَ صَباحٍ       عَن زَوالٍ وَ غُروبٍ وَ كُسوفٍ

Як рӯз ба Анҷуми Шомӣ ба вақти ифтор мулоқот шуд. Зикри Хоҷа Шамс мекардам, ки аз Бадри мо, ки аз ӯ шаб тофтаасту рӯз бетоб, агарчи ҳар файзе, ки дорад, аммо коҳиши ӯ аз он аст, ки баъд аз коҳиши бисёр андак-андак такмилаш мешавад. (86) Ҷаҳон бар наҷм торик шуду гавҳари худ пайдо карду гуфт: "Бадр боре бадр аст, ки ҳар ду ҳафтаи комил худро меорояду дар миёнаи шаҳр ҳама шаб бом ба бом мегардад. Чандин бораш

бигрифтаанду сияҳрӯӣ шуда. Чун раҳо шуда, пеши худро гирд наметавонанд овар тамоми моҳ ҳамчунон нотамом мебошад, шеър:

Мебигардонандаш аз нуқсон комил гирди шаҳр,
Гоҳ чизе рӯсиёҳаш кардаву гоҳе тамом".

Доъӣ Суҳайл, ки ин сухан бишинид, аз ҷойи худ бичунбиду бар эшон баромад, ҳамчун Наҷми Шомӣ сад ҳазор дар назар меояд, аммо назири Хоҷа Бадр ҷуз Хоҷа Ш натавонад буд, ки биродари меҳтари ӯсту ба рӯшноиву дараҷату манзалат аз ӯ болот бузургтар, шеър:

*إِنَّ النَّجومَ علىَ السَّماءِ كَذْبرة       وَ الشَّمسُ وَ البدرُ المَنيرُ تُنيرُها

Наҷми Шомӣ оғоз кард, ки ман дар маҳалли хеш кам аз Бадр наям, балки а бузургтарам, валекин чун мақоми ман дар миёни савобат ба пояи аъло бошад, кадом на он ҷо расад, ки бузургии ман муояна кунад. Аммо чун Бадр ба ҳафт поя фурудтар аз асту наздики мардумон гоҳе худро Зуннун месозаду гоҳе Абӯязид, ҳар оина, ки нокисби ӯро бузургтар аз ман мебинанд, байт:

Аз дур чӣ бинӣ чу ба ҳам биншинӣ?
Наздики ман ой, то бузургӣ бинӣ! (87)

Доъӣ Суҳайл дар ҳар анҷумане, ки толеъ мешавад, ҳар ҳамаро аз камолияти Ба дар тағайюр мебинад, чигуна тоб тавон овард, ки Наҷми Шомӣ худро дар муқобалаи Ба пайдо кунад, шеър:

Ситора чу бо маҳ занад лофи нур,
Сазад гар бихандад Сурайё зи дур.

Саге чанд афинанфос низ ҳастанд, ки нахуст истиғфор мекунанду баъд аз о анвори Бадр ба ъаф-ъаф меоянд. Оре, шеър:

*يَنبَحُ الكِلابُ إذا يَلوحُ البَدرُ       وَ بُنيحُها لِلبَدرِ اذاالقَدرُ

Маро Суҳайл гӯянд, ҳаё чандоне бошад, ки худро пӯшида дорам, ки агар хос худ бар рӯйи об орам, ҳар ҷониб, ки толеъ шавам, беобиву сардӣ кунам. Сазои ин авло зино ман хоҳам кард, ки Суҳайлам. Бош, то зимистони оянда бирасад, шеър:

Он дам, ки кунам сардиву дархӯрд кунам,
Авлоди зиноро ба даме сард кунам.

Шайх Шаҳобуддин низ аз ҳоли ин шаётин некӯ рӯшан дорад, ки худро рӯ мехонанд. Аз баландпарӣ ба Осмон сухан мегӯянду чун наздики равандагони олами б мерасанд, истироқи самъӣ мекунанду лоф аз каромату кашф аз муъибот меза чунонки аз дами дурӯғи эшон оташе дар шаҳоб меафтаду асо кашида дунболи э медавад. Чунон мегурезанд, ки дар замин фуруд меравнд. Боз чун шаҳобро намеби (88) ҳам бад-он даъвиҳо баландтар меоянд, байт:

Паранд агарчи ки девон баландтар зи шаҳоб,
Баландпартар аз эшон басест тири шаҳоб.

Дигар намуда мешавад, ки қуррат-ул-ъайни шумо – Ҳилол аз иртифоъи дараҷот ба рӯз афзун асту чунон рӯшан мешавад, ки оқибат ба камолияти Бадр хоҳад рас далел аз дур менамояд, ки ҷуз вай аз Бадр, балки айни ӯст, байт:

Биниш ҳилол, лек бадрест тамом,
К-андар паси парда хешро пӯшидаст.

Агарчи аз сайри манозили тариқат чунон дар салх афтодааст, ки паҳлӯш аз берун омадаасту хаёле монда, ҳама рӯз дар хилват бошаду дидан мумкин нашавад, ба вақти ифтор. Он ҳам баъд аз маҳе чун ба муборакӣ пайдо гашт, азбаски ангушт ҳар бому дар гардад, сар фуруд афканда, боз сӯйи бурҷи хилват руҷӯъ кунад. Ҳар моҳ мешумуранд, ки он ғурраи муборак кай дар назар ояд, то дар ҳама шаҳр таҳнияти рӯйи якдигар бинанд ва ҳар кӣ ӯро дида бошад, чашм накушояд, магар дар рӯйи мубо Рӯйи рӯяти маймуни ӯ на дар як шаҳр, балки дар ҳама шаҳрҳо хуҷаставу фархунда Ҷамоате торикдида, ки даъвии борикбинӣ мекунанду наметавонандаш дид, азба дидори ӯ тунук торику борик бад-эшон менамояд, умян мегӯянд, (89) ки ҳилоли моро дар назар намеояд ва баъзе таъмия менамоянд, ки ҳилолро дидаем, нуқсоне ба ка

дорад. Агар эшон ба чашми ҳақораташ мебинанд, ҳама ҷаҳон намедонад, ки дар даври қамар соҳиббаракате чун ҳилол кам аст, шеър:

*أفاض من عِزّته بمَن دَری　　فبارَکَ الله علی عِزّته

Хоҷа Ҳилоли Наҷҷорӣ низ гоҳ бар гоҳ бар ҳилол меояд. Агарчи равандаи баландмақом асту Абулғайси вақт ҳам ва ҳам аз ломакон меҷунбаду мусалло бар рӯйи ҳаво меандозаду наздики хеш медонад, ки ман ҳилолро пӯшидаам, аммо ба ҳилол куҷо расад, байт:

Абр арчи баланду сарфароз аст,
З-ӯ то ба ҳилол раҳ дароз аст.

Аммо Хоҷа Шамсро ба Холи Наҷҷорӣ лиғояти карам аст, байт:

Бар он гуна, к-аз ҷазбаи Шамси хол
На дар осмон асту на дар замин.

Шак нест, ки мол баровардаву баркашидаи Шамс асту чунон аз гармии ӯ дар гудоз, ки агар тез дар ӯ назар кунанд, об шаваду дар замин фуруд равад. Лоҷарам, аз партави меҳре, ки бар ӯ тофтааст, байт:

Ӯ мераваду раҳмат аз ӯ меборад,
К-Эзад ҳама ҷош ғарқи раҳмат дорад.

Дареғо, ки Хоҷа Холи Наҷҷорӣ бо чандон базлу исор ҳар ҷо, ки мерасад, оби худ мерезад, соил мешаваду ҳамаро мешӯяд, байт:

Абре, ки ба ҳиммат ба улу мепӯяд,
Дарюза чаро аз кафи дарё ҷӯяд?! (90)
Онро манигар, ки тар кунад ҳар чӣ, ки ёфт,
Соил шуданаш бин, ки чиҳо мешӯяд!

Доъӣ Суҳайл аз он рӯз боз аз бахшиши Хоҷа Хол даст шуст, ки Хоҷа Бадру Хоҷа Ҳилол аразисту суботеву бақое надорад ва ба дамидани боде бираваду ҳар чӣ дар дили Хол бошад, дарҳол фуруд резаду холӣ шавад. Аммо дар равиши Наҷм дақоиқ бисёр асту Ҳилолро аз он дақоиқ сари нохуне беш рӯшан на ва толеъе чунон афтодааст, ки ҳилол аз бадру аз наҷм дур натавонад буд. Шаби иде Хоҷа Ҳилолро дида шуд паҳлӯи Бадр ва Наҷми шомӣ низ аз паҳлуи Ҳилол дур намуду Хоҷа Ҳилоли Наҷҷорӣ гӯша гирифтаву домани суҳбат аз ҳилолу наҷм барчидаву Сироҷи Асливу Зиёи Мисбоҳӣ ҳама ҳамон ҷо ҳозир. Хоҷа Зиёи Мисбоҳ Сироҷи Аслиро бар Наҷми Шомӣ тарҷеҳ мениҳод, ки Наҷм гарданда асту хона ба хона меғардаду сӯҳбати саъду наҳс дорад. Вақте атия диҳаду вақте надиҳад, валекин Сироҷи Аслӣ аз кунҷи хона кам бурун меояду агар берунаш оранд, наздики мурдан шаваду аз ҷумлаи нисобҳои олам рӯғани чароғе беш надорад. Аммо чунон пурдилу сарбоз аст, ки агар нафас зананд, ҷон бидиҳад ва Ҳилол аз тарафи Наҷм барояду ба ишорати абрӯ халқро дар хақл афканад. Он шаб боз Сироҷи Аслӣ бо Наҷми Шомӣ сӯйи Ҳилол (91) забонкашида мебошад. Некӯ ин аст, ки бар эшон намерасаду бо хеш месӯзаду мемирад, байт:

Чароғ аз забон сӯхтан пеш гирад,
Аз он аст, к-аввал сар аз хеш гирад.

Ҷойе, ки раҳравони баландпояро якдигар инъикоси рӯшан бад-ин мартаба бошад, агар тоифаи аъмову акмаҳ, ки аз лавомеъи Шамсу лавоиҳи Бадр хабар надоранд, ҳар яке Ҳилолро тиреву Бадрро торик хонанд, мисраъ:фаман яқул лаҳу маҳаё амома аимма.

Сояи Хоҷа Холи Наҷҷорӣ ба осеби даҳраҳои тезрав аз сармо бурида мабод, ки боре бозҳо аз ҳар сӯй дармеояду ҳам аз ҷиҳати аъло пардапӯшии ҳилолу наҷми бузургони дигар мекунаду ҳам дар ҷиҳати асфал бо хокиёни зердаст моҷарое дар миён меораду ғубори эшон фуруд менишонад, байт:

Оре, абр асту абр дар баҳману дай
Ҷунбиш накунад ҷуз ба карами пай дар пай.
Зеро навазад чу боди тунде бар вай,
То гул дамад он ҷо, ки аз ӯ резад ҳай.

Фи-л-ҳосил, ёрони анҷуман баръакси якдигар шудаанду ҳазрати Бадр-ул-милла ҳам он ҷову ҳам ин ҷо нур-уд-дуҷо мебояд буд. Интизори он, ки ҳар ҷӣ сареътар ба ҷониб сар фармоянд, назм:

Эй моҳи дуҳафта, як раҳ ин сӯй ғарой,
Акси ҳама бину истиқомат фармой.

Ад-Дуъо камо мазо. Рӯзи таҳрир моҳи зу-л-ҳиҷҷа ба аввали Ҳилолу Бадр бе охир расида буду сол сари қалам поёни ин таърих расонида, мисраъ: яъне, ки зи маҳ ба ҳафсад сол.

**Сари номаҳо**. То ҳилол аз гирд овардани нур бадр гардаду бадр аз гирд гашт фалак ҳилол шавад, зоти нурафзои анҷуманорои Мавлоно Бадр-ул-миллат ва-д-дин камоли рӯшноиву ҷамоли маҳфилоропй ороста боду аз гирифти гардандагони фалак даввору коҳиши сари лайлу наҳор маҳфуз, ба ҳурмати шиканандагони масофи Бадр.

**Дигар**. То тоси ҳилол аз мавҷи чашмаи хуршед ҳар рӯз бартар гардаду табақи аз рехтани нур ҳар шаб тиҳитар, руъяти маймуну ғарраи рӯзафзуни сипаҳ Қамаруддини Ҳилол ба муборакҳоливу фархундафолӣ ангуштнамои хосу ому зулмат Мағрибу Шом бод. Нуқтаи ғайни ғашода аз он айни уло баъид, бибадратиҳи ва ҳилол

**Дигар**. То даври амомаи Бадр рӯз ба рӯз ба каври Ҳилол бозояду турраи шом ба моҳ каври Ҳилолро аз даври амомаи Бадр берун намояд, зоти сипеҳророи зулмат Мавлоно комил-ул-айём, бал машҳур-уш-шуҳуд-ул-ъавом, бадр-ул-миллат ва-д мухобири дараҷот-ул-ъулув ва-т-тамкин, мудаққиқи дақоиқ-ил-камол, соҳиб-ал-ъа фаъол маъа соири авсофиҳи-л-комила дар ифозати анвору инорати адвор аз нуқ ҳаводис масуну хусуфи (93) навоиб масруф, биман насара бибадр.

**Дигар**. То талъати мунири бадр дар зулмати шаб чун рӯйи хатиби сол тайласони сиёҳ нур диҳад, зоти комилсифоти малик-ул-хутабо Бадр-ул-миллат ва-д дар ҷабҳаи шабгун ка-н-нур фи-с-савод мезад, ситези боди мунири сипеҳрпоя ҳаф ҳафта бад-он моҳи дуҳафта музайяну анҷуми саодат чун мусаллиёни ҷумъа дар ма он ҷомеъи анвори анҷуман мунаввар, ба сураи ҷумъа.

**Дигар**. То моҳи якҳафта нимтамом бошаду моҳи дуҳафта дар нима тамом, комилу нури шомили лашкаркаши олиалами анҷумҳашам Бадр-уд-давлат ва-д сироҷи буют-ил-масокин аз нуқсони айн-ул-камол маҳрус бод. Партави меҳри осмон т-тамом мусоадати кавокиби нуронӣ ала-д-давом бисурат-ул-қамар.

**Адъият-ул-Қамар ва-л-Бадр ва-л-Ҳилол маъа иттисол-ал-хитобот ва-л-х** Малик-уд-давр ва-д-даврон Бадр-уд-давла, ҳафаза доиратаҳу ъан-ан-нуқсон; шайхи ус-сайр Қамаруддин, наввара-л-Лоҳу қалбаҳу; малик-уд-давр Қамаруддин, язид давраҳу ило тайи-с-само; ва малик-уд-давр Қамаруддини Сарсоқӣ, ло зола м мудоман; сипаҳсолори зулмфарсойи шаҳроропй Қамаруддавла, зайяна мав бикавокиб-ус-савобит; хоҷаи нуронии рӯшанпешонӣ Қамаруддин, зоа усратуҳу ро соҷид; муҳйи-л-ъишоайн (94) ъайн-уд-дувал Ҳилол, борак-ал-Лоҳу фӣ ъиззатиҳи; нуни Шому Бӯязиди айём ҳилоли Мағрибӣ, ъасам ъайнуҳу ъан-ал-ъайн ва камол н шайхи комил Бадр-ул-ҳақ ва-д-дин, зоа-л-лаёлӣ байзуҳу; ҳоҷиби айну-д-дувал Ҳ ятмаинни-л-ъуюн бирӯъятиҳи; мавлоно соҳиб-ул-ақл ва-н-нақл Бадр-ул-м мукаммал, ҳараса камолаҳу ъан ъайн-ин-нуқсон; фарзанди нур-ул-ъайн Бадруддин, ҷамолаҳу ъан ъайн-ул-камол; бародари анвар-ул-асҳоб ва-л-ақрон Қамаруддин, зода фӣ аҳлиҳи ва лиқоиҳ.

***Ли-л-майит***. Малики шаҳид Қамаруддин, ақмара манзилуҳу фӣ қалб-ил-арз; марҳум Бадруддин, тамма нур-ур-раҳмат ъалайҳи; қозӣ Бадр, касаба зиё руҳиҳи кас бадр; Мавлоно Бадруддин, мағфур ъало дараҷатиҳи бикамолотиҳи; сипаҳ Қамаруддини Муставӣ, дорат доират-ун-нур ҳавлаҳу ка-д-дорот.

**Ал-Акс**. Бадри шабгард, нақаса давруҳу; қамари коҳишафзой, мота лиғалаб саратон; Бадри тирадил, ахаза би-л-хусуф ва-л-хасаф; Бадри кӯчағард, кашафа зилъу с-салх; Ҳилоли кӯзпушт, камол нуқсонуҳу.

*Ли-л-майит*. Бадри кофарав дар дӯзах рафт, янбаҳ килобу ҷаҳаннам ъалайҳи; Қамари нотамом фурӯ рафт, ҳабат фӣ-л-ъақраб; Ҳилоли мадқуқ дар ҳиҷоб шуд, азлама қабруҳу калайлат-ис-салх.

**Ҳарфи севум** дар китобатҳои лақаби Наҷм. Инак, ин **нисбати анҷум ба умум**. **Унвон**. Ин нома, ки матлаъи кавокиби (95) маонист, аз саодати назари нур-ул-аолӣ Наҷм-уд-давла ва-д-дин шараф ёбад.

**Таҳмид**. *Ал-Ҳамд лирофеъ-ус-само, Аллоҳ мунаввир-ун-наҷм, ҳува музаййин-ус-само бизинатиҳи-л-кавокиб*, шеър:

*انجمُ الحقُ يهدى كلّ خلق كذاكَ النّجمُ كلُّ النّاس يهدى

То нуҷуми само сайёроти заминро ба ма́нозил роҳ намояду нуҷуми замин аз сайёроти само перомани роҳ барояд, сайёраи вуҷуди маҷлиси олии Наҷм-ул-миллат ва-д-дин, мусъид-ул-ислом ва-л-муслимин, масъад-ул-мулук ва-с-салотин, ҳодию-л-бароё ъала-л-умум, мумосили асҳобӣ ка-н-нуҷум, санию-с-сифот ъала-д-дараҷоти маъа соири авсофиҳи-л-ъолия, роҳнамои гумшудагони роҳи зулолу рӯшноибахши гирифторони вубол бод. Авлиёро ҳар рӯз нури саодат афзуну ситораи ҳидоят аз синаи аъдо берун, мисраъ: биман қола би-н-наҷм ҳум яҳтадун. Назм:

Ҳама вақт бош раҳбар, ба шариату тариқат,
Чу ситора, к-ӯ барад раҳ ба ҳама тариву хушкӣ.

Дӯсти мусоид Саъди асғар, ки ба зердастии он Бирҷиси забардасти Аторуд дастгоҳ дорад, ба ёди садри осмонзинат замин мебӯсаду дар айёми фироқ чун рӯзадорон ба ёди висол чашм дар ҳаво монда, мунтазири Наҷми воло мебошаду аз ин байт дил сокин мегардонад, шеър:

*أرنى لقاءَ النّجم يا ربَّ الورى حتّى رأيتُ النّجم فى يومِ الغدى

(96) Мудаввири афлок тараққии ин дараҷот бо саръи соъоту эмани авқот рӯзӣ кунод, биманниҳи, байт:

Ӯст, ки дар дидаи уммедвор
Ҷилва кунад ғурраи мақсудро.

Арзи ариза пеши он тири чарх дар маънии он, ки Мавлоно Шаҳобуддини тавил, ки фидо ва ба дурустиву ростӣ саҳми саодатест дар кеши муҳаммадӣ, аз он ҷо, ки дар боби асҳоби дақоиқ ақида дорад аз ҷавзҳар маҳкамтар, ҳар ҷо, ки мерасад, маҷлиси Наҷмиро бо улои манзалат бар осмон мебараду мегӯяд, ки чӣ муборак толеъе буд, ки Мавлоно Наҷмуддин бар шарафи *уту-л-илма дараҷот* баромад, ки ҷуҳҳоли золро башорати шаръу тариқати ҳидояту улум шуду бурҳони *ҳува-л-лазӣ ҷаъала лакум-ун-нуҷума литаҳтаду биҳо* рӯшан гашт, назм:

Аҳсант, зиҳӣ Наҷм, ки ҳамчун ӯӣ
Дар гардиши офтоб натвон дидан.

Аз болоиён касеро ба муқобалаи ӯ натвон шумурд, аммо мудаққиқони фурӯдаст, ки ҳар яке дар манзилгаҳе бурҷ гирифта мондаанд, низ бисёранд. Агарчи ҳар яке дар мақоми худ бузурги муаззаманд, аммо чандон файзе надоранд, ки Наҷми моро бипӯшанд, магар як бузург, ки ӯро Шамси наҳорӣ мегӯянд ва дар ҳадди Биҳор одили айём ӯст. Шабу рӯз дар адл, ки ҳеҷ сӯй майле надорад. Бар сари ҳарфи ростӣ монанди офтоб, ки бар хатти маъдал-ун-наҳор (97) рост истад, рост истода:

Чу офтоб завол омадаст аз ҳама бар сар,
Ки аз таҳарруки даврон мабод майли заволаш.

Он айн-ул-файзи мутаҳҳар ҳар рӯз як бор муҳитро равон мегузараду чандон ривоёт дар шароеъ захира дорад, ки ин аризаи мабсута онро ба ҳеҷ ваҷҳе ҳовӣ натавонад шуд, байт:

Дар ҳадди Биҳор шаҳр бар шаҳр
Тақвими куҳан шудаст аз ӯ нав.

Шунидам, ки Айнуддини Зарир ӯро нодида лаънати таъаннут мекунад, ки Шамс аз хобгоҳ вақте сарир мекунад, ки намози бомдод қазо мешаваду "Фатовои Сироҷӣ" бар ӯ пӯшидааст. Зиҳӣ, нобино мардумоне, ки чароғро пеши офтоб зикр кунанд. Бебасаре, ки аз "Наҳви Зарир" нагзаштааст, дар "Машориқ-ул-анвор" ҳадис гӯяд, мисраъ: хуш бехабаре

бувад, ки тасдиқ кунад. Ин хабар бад-он икмол-ун-найирайн, яъне Мавлоно Шамс... Шарқӣ расидаасту бағоят тофта шудааст, байт:

Кӯр, ки нангарад гахе нури сипехртобро,
Айб кунад, ҳароина, чашмаи офтобро.

Тавқеъ он, ки Мавлоно Айнуддин Мубаррради Шатоиро сӯйи Биҳор чун боди ... равон кунанд, ки ӯ ба ҳавои баҳор, ағар ҳама аз осмон замҳарир меборад, нахоҳад ... чун дайи девона барде барад, абри дай ба қуввати намуд (98) ва гармӣ Шамсро ... эътидол бозоварад, шеър:

Чун тир шавад гармии хуршеди баҳор,
Сармои гул аз барои ин рӯз бувад.

Ва Сарири бедидаи торикситораро низ танбеҳ кард, ки толеъи мавлуди ту бе ... зода, байт:

Хуршеди ҷаҳонфирӯзро бо ин чашм
Маъзурӣ, агар наметавонӣ дидан.

Агар туро чашм будӣ, мегуфтам, ки чашм бимоливу нури чашмашро муоина ... байт:

Валекин чун зи гӯш омад вуболат,
Ҳам андар гӯш бояд гӯшмолат.

Банда Саъди асғар он чи латоифи ин тараф мунаҷҷим ба маҷлиси Наҷмӣ мера... аммо аз он тараф ба ахбори наҷм низ ҳоҷати куллист. Умед он, ки мутавотир ба ... оҳоду шуҳур ҳармоҳаву ҳаррӯза ирсол фармояду Саъди асғарро бад-он саодати ... Саъди акбар гардонад, шеър:

*أعليتَ دُعاءً نجم ديني نجماً نجماً على السّماء

То наҷм бар сомон аст, ё Раб,
Дар анҷумани шараф бипоӣ.

Рӯзи таҳрир моҳи шаввол ба миёнаи савр расида буду сол бар сарви бем... мисраъ: яъне аз маҳ шашу сол ҳафсад.

**Таслимот**. Ба хидмати баландгавҳарони кавкабаи наҷмӣ сари тавозуъ сӯйи ... хок бар ҳайати фалак хам дода шуд. Ҳозирони анҷумани банда Наҷми Ҷавоҳир ... наҷм-наҷм дар маҳалли таслим адо мекунанд. (99) Дурроре масъуд, ки дар он бурҷи ... даромаде доранд, таслимот ба адади кавокиби афлоку нуҷуми тахтаи хок му... фармоянд. Аз ин ҷониб асҳоби собитаи муҳит таҳиёти беҳисоб сӯйи он мадориҷи ... сайёра кардаанд.

Мисраъ: **ду нисбат аст дар ин нома: шоириву нуҷум**. **Унвон**. Дар батна... нома, ки насреву шеъре тақвим ёфтааст, молик-уд-дақоиқ Наҷм-уд-давла, *ҳассана-...* *ҳусна матолиъиҳи*, назар фармояд.

**Таҳмид**. Ҳува рабб-уш-Шаъро, шеър:

*يا نجمُ طـعک من عطارِدُ افضل اذلم يرو مثلک قط الّا احول

То назми шеъре дар баҳри сареъ равон ояду тарсеъи нансуру дурр аз мизон ... намояд, латоифи ихтироъи осмону зароифи ибдоъи аркони лозими байти баланди ... уд-давла ва-д-дин, нури маҷлис-ул-мулук ва-с-салотин маъа соири алқобиҳи бод ... иъноти сипеҳри кажхаёлу риккатмизоҷу кавокиби номавзуни ҳол маҳфуз, ба ҳаққи ... вазаъа-л-мизон. Ҳавохоҳи матлаъи Наҷмӣ Шарафи Ашъарӣ, ки ҳамвора ба ... илтифоти фироқ аз иброти сайёра чеҳраи муламмаъро мурассаъ доштааст, саломи ... пеш аз ҳути буҳуру рамали арӯз адо мекунаду дар таманнои он талъати изтироб ... дараҷае менамояд, ки дақиқа аз он дар килки тир нагунҷад. (100) Сонеъи фалаки азра... муншии давоири фалакӣ латифа созад, ки аз муҷовараи он назми ҷавоҳири нур наҷм-... иқтибос карда шавад, бифазлиҳи ва лутфиҳи.

Рафъи ариза бинобар он ки дар шаҳр Асили асвад ҳар шаб анҷуман месозаду ... баланду равон берун меораду бадкамолии саводоти Асилро ба баёз мерасонад, аммо ... рӯшан намекунад. Рӯшан кардани он савод Шамси офоқиро мусаллам аст. Бадр ... тариқи қалб некӯ медонаду бас, гоҳ аз гоҳ салхаш низ мебошад, мисраъ: бало фи-л-... би-н-нуқсони салх. Дар ин вақт сӯзонсухане дар шаҳр баромадааст, ки ӯро Шаҳоби ...

мегӯянд. Асили асвад дар анҷуманҳош рӯшан карда, ки баѓоят оташтабъ аст, аммо андак гармӣ дорад. Ҷамоате шаётинмизоҷ, ки худро рӯҳониву рӯҳӣ мехонанд, бар шаҳоб бармеоянду истироқи сухан мекунанду оташ бар Шаҳоб бармеафтаду аз бас гармӣ девонро месӯзад. Вақте мебошад, ки девонро пароканда мебинад, худро бар замин мезанаду Асили асвад аз шуълаи ӯ дандон сапед мекунад. Оре, дар он шубҳа нест, шеър:

*اذا صالت الى الشّيطان شهبٌ      و لم يحرق بتسّمها اللّيالى

Бояд, ки он Наҷм сӯйи байти истиқомати хеш ҳар чӣ сареътар риҷъат фармояд, (101) то он ҳама борикбинон ҳусни матлаъи Наҷмиро мутолиа кунанду Шаҳоб, ки дар он асҳоби сирқа ба савлати тамом дармеафтад, порае сокин гардаду таъсири назари он Наҷм мӯҷиби назми умури мо шавад, *иншоа-л-Лоҳу мабдаъ-ул-маснуъот*. Дуъо-ал-мақтаъ камо фи-л-матлаъ.

Ҳангоми таҳрир моҳи зи-л-ҳиҷҷа ба миёнаи Мизон расида буду сол ба насриҳи бе матлаъ, мисраъ: яъне, зи маҳ ҳаждаҳ буду сол ҳафтсад буду панҷ.

**Сари номаҳо**. Ҳар матои саодате, ки дар рӯзи бозори хуршед ба манязиди моҳу рабеъи шаррӣ ояд, захираи манзили дараҷату дараҷаи манзалати маҷлиси олии Наҷм-уд-давла ва-д-дин, кавкаби фалак-ул-ъулув ва-т-тамкин, саъиди ҳукм-ул-ҳаким, ҳисеби аҳсани тақвим маъа соири авсофиҳи-р-рафиъат бод ва аз наҳси ҳолу нақси интиқол маҳрус, ба ҳаққи *ва-н-наҷми изо ҳаво*. Рифъатхоҳи хос Саиди мунаҷҷим, ки масъуд кардаи утбаи он соид аст, чун кавкаби ѓориб суҷуди тавозуъ ба ҷо меораду аз нарсади он дидор бар тариқи расадбандон ҳама шаб ситора мешумораду аз холи сиёҳи дида чандон сиёҳии дида меборад, ки дар тахтаи хок ҳисоб натавонад кард, шеър:

*انوارُ عينى قد محَت انواراً      فتبدّل الانوارُ بالانوار

Ҳакими қадими саодатмуқоранат ба ақраби замону ашрафи макон муяссар гардонад, (102) то анвору нуҷуми афлок аз ситораи саҳоб нопайдо гардаду нуҷуму анвори хок аз сайёраи об пайдо, ситораи вуҷуди маҷлиси арфаъ, ашрафа анвораҳу аз ҳар асъад, Наҷм-уд-дин ва-д-давла, соҳиб-ул-манзалат ва-д-дараҷат, баландгавҳари офоқи нуқтаи сирфи нитоқ, саиди гардиши афлок, ҳисеби тахтаи хок маъа соири авсофиҳи-з-зоира дар бурҷи шарафу дурҷаи авҷи олӣ муталоӣ бод, дарории суъуд мусоъиду маҷории ҳабут мутабоид, мисраъ: бинури-*л-Лоҳи* наввара кулла нур.

**Ал-Адъия ъало нисбат-ит-танҷим**. Содоти байт-уш-шараф Наҷмуддину Бадруддину Шамсуддин, баъда шарафуҳум *ъан-ал-вубол*; шуюх, сонаҳуму-*л-Лоҳ ъан-ал-вубол*; уламо, рафаъа дараҷотиҳим; мулук, ҳафаза авҷаҳум *ъан-ал-ҳазиз*; саромадагони офоқ, вақоҳум-*ул-Лоҳ ъан-ал-уфул*; ихвон, борака-*л-Лоҳ* фӣ иҷтимоиҳим; аиззову ақрибо, аҷмаъаҳум-*ул-Лоҳ* ка-с-сайр ва ъиз *лиқоуҳум ка-л-ҳилол*.

***Ли-л-умум***. Асъадаҳуму-*л-Лоҳ* ва абъадаҳуму-*л-Лоҳ* ъан нуҳусот-ил-фалак; наввара буютаҳум биталъатиҳим; ҳафаза тулӯъаҳум *ъан-ал-ѓуруб*.

***Ли-л-майит***. Асҳоб-ал-қалониса Шамсуддини мунаввару Қамаруддини ойтуғдиву Бадруддини моҳрӯю Наҷмуддини юлдуз, наввара-н-нуру буруҷа туробиҳим ва анора-*л-Бор* турбатаҳум би-*л-анвор* ва-н-нуҷум; **уламо**, ъало руҳуҳум ъало дараҷот-*ул-ъуло* аъло-*л-Лоҳу* маҳаллаҳум; **шуюх**, ҳар як: хас бииртифоъи-*л-мақомот* ва само ъало мадориҷ-ал-қурб.

***Ли-л-умум***. Зоа (103) талъатуҳум фи субҳ-ал-қиёмат ва саҳҳала ҳисобуҳу фи-с-соъат. **Ал-Акс**. Шамси тофтаву Нуҷуми манҳусу Бадри нимтамом, аҳбатаҳум-*ул-Лоҳ* ва батар тақвимаҳум ва танзил ъалайҳим-ун-нуҳусот.

***Ли-л-майит***. Борак-*ал-Лоҳ* уфулаҳум *ъан-ал-бароё* ва юхазун би-*л-иҳтироқ-ал*-абадӣ.

Мисраъ: **сироҷ ҳам** зи пайи нур **ёфт нисбат**. Нисбати лақаби сироҷ муштарак афтад миёни анҷуму аҳиллаву бадру шамъу машъалаву он чи аз лавозими шаб бувад ва аз ҳайвонот чун буму хаффошу дузду ъас. Ва агар ҷойе санъати аздод муроот намоянд, чун рӯзу шабу хуршеду кирми шабтоб, таносуби рӯз ҳам дар ояд. Аммо табъи мутасаррифа бояд, ки биянгезаду барбандаду бикшояд. Дар ин лақаб алоҳида нома таҳрир нашуд, бад-он сабаб, ки дар баъзе мактубот зикри сироҷ бисёр афтодааст, назм:

Ҳамон нисбат бас аст аз дударониву қалам кардан  
Вагарна то ба кай нома сиёҳу дуда кам кардан.

Аммо таҳмиду дуоро намудор кардан дар ин савод, мисраъ: дармебояд ҳамчу чароғ андар шаб.

**Таҳмид**. *Ҳува ал-лазӣ ҷаъала шамса сироҷан, ал-ҳамди лиман азоа сироҷан ваҳҳоҷан.*

**Ал-Адъия**. *Малик Сироҷуддин, асраҷаҳ-ул-Лоҳ фӣ байт-уд-дувал;* сипаҳдор, *саввада вуҷуҳ-ул-ъадӣ бидухониҳи;* **шайх**, *азоа-л-Лоҳу зулумот-ал-лаёлӣ бинуриҳи ва абақоҳу-л-Лоҳ фӣ аҳё-ул-лаёлӣ;* хоҷа, (104) *ҷара саҳоифа-д-девон бисаводиҳи;* **қозӣ**, *заъафа нураҳу фи-л-мазолим ва маҳо-л-Лоҳ зулм-уз-зулам билисониҳи казоё-ал-байти ва-л-масоҷид;* **имом**, *сироҷ-ул-миллат нур-ал-Лоҳ маҳориб-уд-дин биҳи;* **музаккиру шоир**, *авфада-л-Лоҳ лисонаҳу;* **ихвон**, *аҳиббоу-л-Лоҳ ило субҳ-ус-соъат;* фарзанд, *зода нуруҳу ва нур-ул-Лоҳ би-д-дуҷо.*

**Ли-л-майит би-л-умум.** *Саъада нуруҳу ило қанодил-ил-ъарш; нуввира биҳи зулмат-ул-ҳадаса ва асраҷаҳу-л-вадуд фӣ қаср-ил-хулд; рафаъаҳ-ун-нур ъало тоқ-ал-ъарш.*

**Ал-Акс**. Сироҷи сӯзанда, *амотуау-л-ҳайю биъавосиф-ил-ҳадасон; асраҷаҳу-ш-шайтону фӣ байт-ил-хало ва қатаъа раъсаҳу ванқасса ваҳна ҳаётиҳи, арику ва сумитаҳу фӣ хамми ноиятиҳи ва атфаа-н-нура фӣ баладиҳи.*

**Ли-л-майит**. Сироҷи дӯзахӣ мурд, *аҳрақаҳу бинори-л-ҷаҳим ва қаддаҳа-л-қоҳиру би-с-саъир;* зода *аҳрақатаҳу фӣ дуд-ил-қабр.*

**Хатти чаҳорум** дар мактуботи мутафаррика дар обу ҷавоҳиру аслиҳа ва лақаби қамнитоҷ, муштамил бар чаҳор ҳарф: **ҳарфи аввал** дар баёни латоифи лақаби ъайн ва тааммуқ намудан дар ғаврҳои об. Мисраъ: **нисбати ин ҳарф тамомӣ аз об**. Моҷарои лақаби Айнуддин ин аст, ки "ъайн" чаҳордаҳ маънӣ дорад, мулоими лақаб шаш: чашмаву чашму офтобу зоту гузидаву борони бисёр. Ва моварои он ҳаст: оинаи зонуву моли касиру муояна (105) ва чашмаи тарозуву дидбону ҷосусу зару динор. Ин ҳашт ъайн чун дар кори мо гузаре надоранд, аз он даст шустем, монд шаш. Мо дар онҳо ошноӣ дорем, айни маънии ҳар як берун таровем, то обҷӯйи ин равишро шарбати комӣ ба мазоқи ҷон раҳ ёбад.

Бидон, ки "ъайн", ки барбастаи лақаб аст, аз роҳи биноӣ рӯшан мешавад, ки чашм аст. Кушоду басти он би-л-ъайн дар саводи номаи нозир манзур хоҳад гашт. Ва агар ъайн ба маънии офтоб доранд, нисбати он низ дар мактуботи чашм рӯшантар аз чашмаи хуршед муояна хоҳад шуд. Ва агар ба маънии гузида доранд, он низ дар номаи Хайруддину зикру хиёру ихтиёр. Чун андак обе, ки аз хиёр ба такаллуф берун кунанд, кашида шудааст, забони қалами маҳвасон бад-он ҳам тар хоҳад гашт. Ва агар аз ъайни дин зоти дин матлуб бошад, нисбати он аз илми фиқҳу шариат хезад. Он низ дар зикри уламову фуқаҳо ҷой омадааст, пеши назарҳо иҷро хоҳад ёфт. Аммо аз ъайн мурод чашмаву борон доранд, чун нисбати обу он чи зубдаи маоибу моҳияти он аст, дар маҷроеву моҷарое нарехта будам, хостам, ки қатрае ба тариқи маҷории аҳвол дар саводе ҷорӣ гардонаму мутаатишони латоифро сероби (106) латофат кунам.

Бибояд донист, дар ин низ **ду нисбат** аст: яке **хосаи абр, чун барқу матару нуҷору ҳавову амсоли ин**, ки тааллуқ ба обои улвӣ дорад ва дувум **сифлӣ, он чи аз мояи моият берун таровад, монанди ҷӯю чашмаву дарёву рӯд**. Чун ъайни лақаб ба чашма наздиктар аз он аст, ки ба борон, зеро ки чашмаи дин тавон гуфт, борони дин қадре баъидтар аст. Пас дар ин нома ба нисбати лақаб ҷиҳати обу ҷӯйро, ки сифлист, бар ҷиҳоти абр, ки улвист, ғалаба дода омад. Ва андаке аз улвиву бисёре аз сифлӣ ба имтизоҷ бар сони оби борон, ки дар ҷӯй афтаду селобро мумад гардад, сӯ ба сӯйи соил гардонида шуд. Агарчи пеш аз ин рашҳе рӯшантар дар тӯфони нома эрод кардаам, аммо дар он вақт ҳанӯз сарчашмаи табиат чандон сафое надошту хасу хошокро, ки аз мавҷи қареҳаи мо бар рӯйи об меояд, асфиёе рӯшанзамир бинобар сафои мусофот онро фуруд мехӯрданд, мисраъ: *ва ло юмайизу байн-ас-сафв ва-л-кадар.*

Маро низ нисбати аташе, ки дар он рӯъят доштаам, ба ҳар дурде, ки ҳаст софӣ менамуд. Дар ин вақт аз ков-кови гинати чашмаи табъ зоянда гашту обҳои баланд баромаду кудуратҳо (107) дар таҳ монд. Лутфи табъам бар он дошт, ки дурдкашони нахустро ба ширинӣ софии ҳалқшӯй муҳайё гардонам. Пас ночор ба нисбати лақаби ъайн

дар ин саводи тира обе равон кардам, ноошноён ба тариқи тамошо дароянд, мисраъ: ва ясбаҳун билаъб ва яшрабуна шаробан.

**Унвон**. Ин лавҳи зебоҳарф, ки сафинаи маҷории аҳвол аст, бар кафи дарёмавҷи Айнуддавла, ҷара авомируҳу фи-л-бахр ва-л-баҳр, гузар ёбад, иншоа-л-бор.

**Таҳмиди** *лақаби ъайн, ки ба маънии матар бошад.* **Ал-Ҳамду** *ли-л-Лоҳ* мунзил-ил-матар, ҳува мурсил-ул-ъайн, Аллоҳ ҳомилу амтори раҳматиҳи. **Таҳмиди** *лақаби ъайн, ки ба маънии чашма бошад.* Ал-Ҳамду *ли-муфаҷҷир-ил-ъайвон* ва муҷри-л-моъ, ҳува-л-латиф, шеър:

*سَلامٌ علی عَینِ جوادٍ بِاحسان مُطیرٌ بِه غصینِ الاراضی کَبُستان

То замин аз абр ҳам обрӯй дораду ҳам оби ҷӯю набот дар чашмҳо ҳам оби рӯй буваду ҳам оби ҷӯй, обрӯйи малик бо дили мукаррами муҳсини муътии Айн-уд-давлат ва-д-дин, мурабби-юл-мулук ва-с-салотин, мурашших-ус-соил ва-л-фақир, касир-ул-ҷуд ъала-с-сағири ва-л-кабир, манбаъ-ун-нада, машъар-ул-лутф ва-л-ҳаё маъа соири авсофиҳи-л-карима ҳар рӯз зояндатару физояндатар бод. Асфиё ба машраби азб дархуру аъдо аз беобӣ хушклабу сӯхтаҷигар, (108) бисурат-ул-кавсар. Ошнои қадим Илёси обдор, байт:

К-об дар ҷӯ ба ту хоҳад пайваст,
Пеш аз он бод ба он об, ки ҳаст –

монанди оби равон бар хоки тавозуъ меғалтаду мутаъаттиши шарбати рӯяти айнӣ мебошад. Худованди латиф, шеър:

*رازِقُ وَدودِ الماءِ فی الآبار مَجری الماءِ و مَنزِلُ الامطار

- сабиле пайдо орад, ки вусул бад-он салсабили компрониву таматтуъ аз он чашмаи зиндагонӣ ба зудтарин ҳангому муборактарин айём муяссару мусаҳҳал гардад, биъайни авниҳи.

Ҷараёни қалам дар маънии он, ки аз ин сӯ корҳо бо обу синаҳо бе тоби боронҳо дуррбору киштҳо пурбору шарбати шофии сиҳҳати гулоб таскин бар дилҳо афшондаву шароби софии ишрат оташи ҷигарҳо фурӯ нишонда, шеър:

*وَ العَیشُ کَالماءِ المَعین هَنیٌ وَ العُمرُ کَالرَّوض السَّقی یَهیجُ

Ва саҳоби зоти *зилл-ул-Лоҳ, мадда-л-Лоҳу зилолаҳу фи-л-офоқ* зердастонро сояпарвару роҳат гардонида, шеър:

*وَ یَمطرُ بِالنَّدی کُلَّ الرَّعایا کَما مَطَرَ السَّحابُ عَلَی البَرایا

Дар ин вақт худро дар ҳафри обору ҳиёз соилтар аз оби осмон сӯйи замину аз кафи Ҷайҳун мавҷи сим равон доштаву дар ҳар ҷонибе ҷӯй ва дар ҳар роҳе чоҳеву дар ҳар равза ҳавза ҳафр кардаву ҳар сӯй биёб-ут-тарик ба ҷиҳати анбои сабил салсабиле сохта, байт:

Ҳар он касро, (109) ки бошад обхӯрде дар ҷаҳон боқӣ,
Тавонад нӯш кардан шарбати беминнати соқӣ.

Ва бародарам Хизрро, тола ъумруҳу, малики шаробдор манбаъи аёдии салтанат обрӯе додаасту гуфта, ки ин ирода дар ҷӯйбори ростӣ сарвесту дар миёни боғҳову чашмаҳо нашву намо ёфта, аммо аз тундбоди ҳаводис мутасоилу беоб гашта. Агар чанд гоҳе аз манҳали карам об хӯрад аз сарсабзии ӯ соянишинонро барге ҳосил ояду аз ҳар боғеву чашмаву чоҳе, ки ҳаволаи ӯ шавад, ҳар рӯз анборҳои меваву гул ба борҷойи аъло, аълоҳ-ул-*Лоҳ*, бирасад, байт:

Боре, гулу мева ҳам зи бахти чолок
Бар болиши шоҳ шунид аз болиши хок.

Подшоҳ низ ба айни инояташ махсус гардонидаву бар сари боғбонону чоҳбонон гумошта, то ӯ дар ков-кови чашмаву чоҳ афтодаву дӯлобҳо равон кардаву кори худро обе тамом дода. Агарчи дар ин кор даромаде чунон ҳаст, ки кӯзаи обе ба соиле равон тавон дошт, байт:

Валекин ин даромад ҳам ба дӯлоби равон монад,
Ки з-ин сӯ пур ҳаме ояд в-аз он сӯ мешавад холӣ.

Аммо некӯ ин аст, ки рашҳе аз маҷории ин ҳол дар бустони маҷлиси олӣ расидаасту Сикандар-ус-сониро (110) зулоли зиндағонии Хизр завқи ҷонӣ дода, чунонки рӯзе пеши Қозӣ Ҷаъфари Фуротӣ қатра аз ин равиш метаровид. Қозӣ Ҷаъфар худро аз он ҷо, ки мутабаҳҳир ӯст, дар об додани ин маҷорӣ, байт:

Садафи лаб ба латофат бикушод,
Гуҳари чида фурӯ меборид.

Аввал шаҷари Хизрро ба тарбияту тарвияти манбаъ аз сар ниҳол кард, баъдуҳу аз он ҷо, ки дар ҳаққи банда Илёс тарашшуҳи қадим дорад, бар сабили ионат тарашшуҳе намуд. Агарчи Хизр марде тарқадам аст, чунонки ҳар ҷо, ки пайи ӯ бирасад, албатта, аз қадами ӯ наботеву шарбати обӣ пайдо ояд, аммо бародаре дорад Илёс ном, ки пайваста гумоштаи баҳр будаасту дар ин кор таъаммуқҳо бисёр намудаву солҳо мустағриқи ин шева буда. Агар худойгони барру баҳр ӯро дар маобири оби Ҷавн ва ё Ганг ба исми шуғле равон кунанд, байт:

Арҷу, ки чунон равад дар ин ғавр фуруд,
К-ояд сӯйи Илёс зи Илёс дуруд.

Фармонфармои рубъи маскунро талаб кард, ниёбати баҳрбегии мамолик тафвиз фармуд. Банда аз муҳити маҷлиси салтанат ғариқи мавҷи алтофу мавҷи ташриф бар лаби об гузар карду умури ҷория тахти муҳитосо ба маобир расониду киштиро, ки ҳама бар як об буд, ҳар якро бар оби дигар равон карду киштибонон, ки (111) риштаи дароз бофта буданду киштӣ дар сарриштаи эшон намешуд, дар он низ қадре печида омад ва ҳар риштатобе, ки тааллуқ ба сафоини баҳр дошт, лавҳ ба лавҳ таълиқ афтоду дар дасти он мутааллиқон баст, мисраъ: фаъалақат килоҳо биҳабл-ал-варид. Ва моҳигирон, ки дирам аз моҳӣ гирд меоварданд, балки аз пӯсти моҳӣ дирам месохтанду аз тамомии мол сими ду моҳӣ ба малик-ул-биҳор медоданду мобақа аз дувоздаҳ моҳӣ захира мекарданд. Модом, ки касе бар сари доми он обиён набуд, бар ин об самак мегирифтанд. Аҷаб наҳангоне, ки дарёошом мегардиданду пеши мо рӯдҳо хушк менамуданду мехостанд, ки Илёсро аз дарё ташна боз оранд. Ман худ эшонро дар гирдобҳо андохтам, ки хабарашон нашуд, мисраъ: ҳатто таҷоваза мин ҳомотиҳим моу, байт:

Он, ки ҷастандӣ ба ҳар сӯй чу моҳӣ аз мушт,
Кард ҳар як зи дирам рӯйи замин моҳе пушт.

Боз аз пойи доми моҳигирон ба пойи оби козурон гузаштам, ҳар якро дидам, ки дар ҳар ҳафта сад дирам фӣ алфахтаву сӣ-сӣ фарёд мекард. Пурсидам, ки моҳигир чун аз шаст меҷунбад, мисраъ: на козур ҳаст аз ӯ ниме, ки сию сӣ ҳаме гӯяд? Гуфтанд: "Дерест, ки мо аз об канора гирифтаем, ки дар миёни мо (112) чизе намондаасту халқро дар киса донаке на, ки ҷомае собунӣ кунанд".

Ҷойе, ки дар канораҳои об катонҳо мешустам, қасабаҳои дуволдори ту бар ту афтодаасту ҷойе, ки забади латиф будӣ, кафҳои об гирифтаву ҷойе, ки дасторҳову карбосҳои морпечи тунук чун пӯсти море меафкандем, байт:

Имрӯз набинӣ андар он ҷой
Ҷуз ҷомаи ғуку ҷомаи мор.

Чун дидам, ки эшон ҷомаҳои мардумон мебистонанду ба талбис пӯшида медоранд, бо эшон ба ҳар либосе даромадаму он чи пӯшида будам, ҳама берун кашидам, барои латшон мегирифтам, то ларзакунон дар эшон меафтод, ба паркола муътариф мешуданд, байт:

Козур, ки либоси ҳамҳамӣ шуст ба ҷӯй,
Кардам ба либосоти худаш гозуршӯй.

Фи-л-ҷумла, ҷумлаи он мухтарифаро, ки кирми об буданд, чун баққолони оббез аз об бибехтаму берун овардам. Об чунон мусаффо гашт, ки зарроти рег бар тахтаи хок дар ҳисоб омад, байт:

Аз рег рӯған арчи кашидан бувад муҳол,
Аз регу об рӯғани моҳӣ кашидаанд.

Фи-л-ҳосил, аз хизонаи об чандон мол баромад, ки тамоми ҳошияи баҳрро сари моҳӣ ду сол мустағриқ гашт. Малик-ул-ҷор ин моҷарои банда пеши маснади қузо (113) нифоз гардонида, подшоҳи хушкиву тарӣ равоне талаб фармуду даҳ киштӣ зар ба иёри дар моҳӣ бахшиш ёфтаму деҳе чун дарё бисёр ибра миёни ду об ба ваҷҳи аҷр бандаро маҷро гардонида, байт:

Он, ки киштӣ ба хушк меронда м,
Боз дар ҷӯйи ман даромад об.

Кори бекориву беобӣ аз ҳад гузашта буду чашмаҳои дидаи мустасқиён аз имсоки борон дар ҳаво монда, ки раззоқи мурғу моҳӣ султони Аторудро меҳрубон гардонид, то ба борони карам гарди навмедӣ аз тинати мани хокӣ фурӯ нишонад, байт:

*أشكرُ الله رَبَّ الوَرى مَلِكاً          يُنزِّلُ الغيثَ مِن بَعدِ ما قَنطوا

Сонеъи баҳру бар Қозӣ Ҷаъфарро дар шаръи шариат доим бо об дорад, ки барои банда ноне пайдо карду обе ҳам, шеър:

*حَتّى اَبيتَ بجوُدِه ريّاناً          و حَمِدتُ باسط رزقنا ديّاناً

Бо Ҷаъфар моро саҳл ошноӣ буд, ки дар чунон хушксоли усрат, байт:

Ҷӯйи обе ба оби ҷӯе дод,
Ташнаи кӯзаро сабӯе дод.

Аммо бо чунон лутф, ки Латифи Зубайда баранда мекарду мегуфт, ки дарё зери мост, моро ҷасе барнагирифт, мисраъ: ва қатруҳу мин каффиҳи лам тақтар. Он, ки борҳо гуфтӣ, ки дарёро монанди бели киштӣ силиҳо барзанаму ин шеър ба тариқи тафохур (114) иншод кардӣ, шеър:

*اَسقَى العَينَين عَسجَدُ حَرث الوَرى          كَالعَينِ مِن جَوّالسَّماءِ بجوُدِه

Чун жарф нигоҳ карда шуд, ҳама намудори дурӯғ буд, касаробин яқинин яҳсабуҳу-з-замъон моан ҳатто изо ҷоа лам яҷид шайан. Ҳанӯз ҷорияи моро бурда буд, ба маллоҳе месупурду мегуфт, ки чунонки робитаи рабти ҳабл-ул-матин аст, иқд мекунаму туро медиҳам, ба ҳиболаи худ дарору хала кун. Он малоҳ худ ҳаққи намаки мо нигоҳ дошт. Гуфт, ки ман маллоҳам, ки дарёи молиҳро фурӯ барам, аммо ба рехтани қатри оби шӯр намакро ганда накунам. Чун Латифи Зубайда донист, ки он ҷория пӯшида намонд, хост, ки ғарқаш кунад. Орифи муаллим нагузошт, он, ки занҷиру тахтабандаш кардаасту кор мефармояд, байт:

Гар қиссаи ҷория ба шарҳ оғозам,
Ҳаққо, ки басе сафинаҳо пардозам.

Маълуми қариҳаи айнӣ бод, ки дар ин тӯфони маҳан, ки ғӯтаҳо хӯрдему ба ибратҳои бисёр гузаштем, дастгирии ҳар ошное некӯ озмуда шуд, байт:

Ошно бе хӯру ошом басе ҳар ҷо ҳаст,
Ошно ӯст, ки дар гарқа шудан гирад даст.

Агар обхӯр моро ба сарчашмаи мулоқоти айнӣ расонад, сафои Ҷаъфари Фуротиву ҳуснкашии Латифи Зубайда ба рӯйи об оварда шавад. Ҳар дуро дар шаръи инсоф ҳозир мебояд гардониду (115) забон дод, ки чошнии ҳар як ба коми завқи эшон ба рӯяти комил муяссар гардад, то бурҳони ҳозо ъузб қурот, ҳозо милҳ аҷоҷ айн-ул-яқин гардад, субҳон-ал-Лоҳ ман ҷаъала байн-ал-баҳрайн ҳоҷизан. Зангии сақо, ки ба хидмати он мо янбуъи фазл рафтааст, бар Латифи Зубайда омадушуде тамом дораду бар Ҷаъфар низ ба ҳинҷоре, ки мумкин гардад, қариҳаи замирашро сарришта биҷунбонад ва он чи дар пӯст дорад, ҳама берун хоҳад рехт, байт:

Гар ҳаст ҳаловате дар ӯ талх нагӯй
В-ар талх бувад равон аз ӯ, даст бишӯй.

Ин аризаи тавила, ки аз оби мукаддар дилгиртар асту аз гулҳои назиҳи оби сияҳ парваронида шуд, чун дар назари муборак гузарад, сафинаи итобе сӯйи Латифи Зубайда ҷорӣ гардаду яъси он ҷорияро дар канорҳо лангар мекунаду ман дар араќи шарм ғарқ мешавам, бар сабили гилаву озодӣ. Агарчи ба таҳрир намеарзад, рақам фармояду тахтаи инбисотро ба айни афв фуруди шасти ҳаёт доим бод. Омин!

Таҳрир дар аввали ҷамодию-л-уло буд, соле, ки об дар ташт баста шуд, мисраъ: яъне, аз маҳ севу даҳ солу дуву ҳафсад бувад.

**Таслимот**. Сӯйи ошноёни он сӯйи амвоҷ таҳиёт равон карда шуд. Ҳавохоҳони ин ҷониб (116) хадамоти мутавотира ба ададди қатароти борон ирсол карданд. Ҳар кӣ мутаатиши мо бошад, тасними таслим аз асфиёи ин ҷониб бо сафои тамом нӯш фармояд.

**Сари номаҳо**. То қариҳаи мардум аз айни таъаллум мавҷи табаҳҳур занад, табъи латифу унсури шарифи Мавлоно саъид-ул-миллат ва-д-дин, мунҳил-ур-раъоё, мушриъ-ул-бароё, матбаъ-уш-шароеъ, бахр-ул-бадоеъ маъа соири авсофиҳи-л-фоизат биифозатиҳи

ривоёти файёзу ифодаи дироёти маввоҷ бод, аз зангори ъайн-ул-камолу лавси забони ҷуҳҳол мусаффову музаххар, бисоҳиб-уш-шариат.

**Дигар**. То айни ҳафта биёраду айни коре айн аз баҳр барояду айн аз ҷойи зулоли роҳат лозими айни зоту борони раҳмат мулозими айни ҳаёти бародари азиз, латифи саъид Айн-уд-дувал, матбуъ-ул-мулк, муҳйи-л-арвоҳ ва-л-аҷсод ва рӯҳ-ул-қулуб ва-л-акбод маъа соири авсофиҳи-л-баҳия бод. Ғубори хасон аз он машраби азб дуру зарари хадасон аз он орази фараҷ маҳҷур, ба покии чоҳи Замзаму оби чашмҳои Марям.

**Адъият-ул-ъайн ба маънии ал-матар**. Малики гавҳарбор, матар доиман биҷуд-ал-ҷавод; сипаҳдор, бозил манийюҳум биамтор-ул-ъайн; қозӣ, ҷара-ш-шароеъ бифайзиҳи; шайх-ул-ислом, назара басотин-ул-аврод биҳи ва абқоҳу-р-Раб фӣ таршиҳ-ал-фуқаро; (117) хоҷа, назара вуҷӯҳ-ул-арозӣ биҳи; бародар, фарзанд, аҷроху-л-Лоҳ фӣ маҷори-с-суъадо ва ҷаъалаҳу-л-Лоҳ саъидан.

***Ли-л-умум***. Амсака-л-Лоҳу ъан-ал-имсок кассара лутфаҳу ва ҳайёҳу ва ҳафаза-л-Лоҳу ъан савоъиқ-ас-само. ***Ли-л-майит***. Малик ва сипаҳдор, борака-л-Лоҳу нузулаҳу фӣ равзати-р-ризвон; донишманду қозиву вазир, анзала-л-Лоҳу фӣ судур-ал-ҷинон. ***Ли-л-умум***: анзала-л-Лоҳу мунзалан муборакан фи-л-ҷаннат; ғаз раёҳин-ал-фирдавс биҳи; варада маъа-с-суъадо фи-л-кавсар. **Ал-Акс би-л-умум**: ароқа-л-Лоҳу моаҳу ва димоаҳу ва сабъан ъайнуҳу ва амоад-д-димо; сакаба минҳу ъарақ-ал-миҳан; матара мин ъайниҳи ва моъан билоъайн. ***Ли-л-майит***: ҳава мин ҳаво-ул-ҳодият; анзалаҳу-л-молик фӣ водӣ ҷаҳаннам; ҳамара минҳу садид-ал-ъазоб.

**Адъият-ул-ъайн бимаъна-н-нубуъ**. Малику сипаҳдор, **Айнуддин**, васиъа-л-Лоҳу маҷорӣ юсриҳи ва фоза доиман ъала-с-соилин; кафоҳу-л-Лоҳу-ламсока ъан каффиҳи; **Мавлоно**, фоиз-уш-шариъат, зода-л-Лоҳу файзаҳу ва зоъафа-л-Лоҳу тафҷира машориъиҳи; фаҷру-л-ъалим ъайяна ъилмаҳу; **Шайх-ул-ислом**, адомуҳу-р-Раббу фӣ тарбиятиҳи-л-фуқароа; **Шайхзода**, атунӣ сафоҳу; **Хоҷа ва муҳаррир**, ҷаро қаламуҳу ъала-л-ъайни ка-л-физзати ъала-л-ъайн; **Шоир**, сафия-л-Лоҳу қариҳатаҳу ва латифа-л-Лоҳу ъазба руъятиҳи ва зуъифа латофату табъиҳи.

***Ли-л-майит***. **Шайх-ул-ислом** Айнуддин, (118) назара аврод-ул-хулди бивурудиҳи ва зуййина биҳи-р-ризвону риёзуҳу ва закараҳу-л-Лоҳу байна-с-суъадои; **Мавлоно**, рувия-л-малоикату мин файзиҳи ва ястафизу-л-арвоҳу биафозатиҳи ва аҳёа-л-Лоҳу машориъа-д-дини биисмиҳи. ***Ли-л-умум***: заҳараҳу-л-Лоҳу ъан лавси-з-залил ва баррадаҳу-л-Лоҳу ҳарра-л-қиёмати; асалаҳу-л-Лоҳу фӣ сили-р-раҳмати; ҳафизаҳу-л-карим ъан нашафи-т-туроб; аҷроҳу-л-Лоҳу ило анҳори-л-хулду. **Ал-ъакс**: юбиса ъайнуҳу; васадда табъу ҳаётиҳи ва заҳаба моуҳу; кадара сафоу ҳолиҳи; субба моуҳу фӣ-л-мазобил. ***Ли-л-майит***: буъида мина-л-бор ва-л-карим; мулиа батнуҳу би-л-ҳамим; сола минҳу садид-ул-ъазоб; ноа мин боқиёт-ил-хулд; каффа-л-Лоҳу ъанҳу зубда ғуфрониҳи.

***Ҳарфи дувум*** дар латоифи лақаби Тоҷу тарсеъи сухан аз ҷавоҳири бешбаҳост. **Аз нисбати ҷавҳар аст ин ҳарф**. **Дебоча**. Дар лақаби Тоҷ нисбати бисёр хезад ва агар аз ҷиҳати зар гиранд, иёре алоҳида рӯшан гардад ва агар дар намати ҷавоҳир тааллуқ намоянд, гавҳаре ҷудогона бурун ояд ва агар аз нисбати мулуку сарӣ сар бароранд, худ яксар оламест, мисраъ: ҳомат руус-ул-ъиқд фӣ ъарзотиҳо. Ва агар бар нисбати муштараке бароянд, ҳам кӯраи заргаронро дам тавон доду ҳам бозори ҷавҳариёнро гарм тавон дошту ҳам хазинаи дарё бар рӯйи об тавон оварду ҳам дар ғавомизи (119) маъодин баҳс тавон кард.

Ҷуз ин нисбатҳои дигар низ бисёр аст, ки чун мо бад-он муҳтоҷ наем, ин ҷо бар сари он намешавем, ки агар ҳама сари мӯе боз намоем, силки сухан ба тавил кашад. Касе, ки дар ин ноҷӯрӣ сар омадааст, ӯро ҳам аз ин калимае чанд сарсарӣ шиори ин таносуби бемушкил кушода гардад, байт:

В-он, ки ӯро нест мӯ дар мӯй фарқи он сарӣ,  
Гӯ сари худ гир, к-ин тоҷ аз пайи он фарқ нест.

**Унвон**. Ин нома, ки сараш ба тоҷи унвоне мутаҷаллист, ба хидмати худованд, малики сарфароз, тоҷ-уд-давлат ва-д-дин, аълоҳ-ул-Лоҳ ъала руус-ул-ъизом пешонӣ кушода бод.

**Таҳмид**. Раъс-ул-ҳамд рофиъ-ут-тоҷ, ал-ҳамд ливоҳиб-ун-ниточ, шеър:

*أتاجَ الحقُّ أعلاکَ الأُ لاله   لِيَسفِکَ تحتَ أخمَصُکَ الجباهُ

Рубоӣ:

Эй тоҷ, ки бигзашт зи гардун сари ту,
Ороста шуд тоҷи маҳ аз зевари ту.
Фарқ аз гухари ту нест то анҷуми чарх,
Аҳсант, зиҳӣ, баландии гавҳари ту.

То тоҷи сарон бар забонҳо равшан бошаду ба гавҳари бебаҳо музайян, зар ба баҳои зоту гавҳари бебаҳои сифоти Худованд малики муаззам, сарфарози аъзам, тоҷ-ул-ҳақ ва-д-дин, сарию-л-мулук ва-с-салотин, малик-ун-навос, амир-ул-ақосӣ, акрам-ул-малакат, дебоҷат-ус-салтанат, (120) ъайн-ул-маъонӣ, шараф-ул-аъолӣ маъа соири авсофиҳи-л-ъолия ҳулияи ҷабҳаи баландону таҷлияи носияи арҷмандон бод. Иқди давлат мустаҳкаму иёри иззат пеш аз кам, бихотам-ул-анбиё ва зуррат тоҷ-ул-асфиё.

Хидматгори хос *Лӯълӯи* баҳрӣ, ки банда ресмонбастаи ҳазрати тоҷист, чун ҷавоҳири рехтанӣ фарши шараф мебӯсаду то аз силки мутааллиқони он тоҷ ҷудо гаштааст, сарришта гум карда, дар хок меғалтад, шеър:

Ба хок афтодаро баргир аз он пеш,
Ки андар хок ҷӯиву наёбӣ.

Сонеъи гавҳари вуҷуд, ки марвориди обдорро оварду лаъли оташинро аз садафи санги банда *Лӯълӯро* бад-он тоҷ расонд, шеър:

То зи сари давлат сарӣ ёбад,
Маҳалли иззу бартарӣ ёбад.

Кушодани ин дурҷи пурдурр мабнӣ бар он, ки аз ин тараф ба бахшоиши пурдонӣ тоҷбахшу бахшиши сулаймонӣ тоҷдори умур оростатар аз он аст, шеър:

Кофур аз зар гардаду зар аз гуҳар,
Дидаи ҷавҳарфурӯшон аз басар.

Ва малики асадҷабҳа Шамсуддин, ки сараш ба иклили Баҳром расидааст, гавҳари беҳамтои хеш малик Наҷмуддинро бо Зумуррадхотуни духтари Малик-ул-ҷибол ҳусни тазвиҷ арзонӣ доштаасту тахти шаҳиро ба нишондани (121) он ду нигин ороста гардонида, байт:

Хазина бор кушодааст ҳамчу дарёбор,
Зи баҳри он ду гуҳар гашта абр дарёбор.

Ҷиҳоз чандон бувад, ки аз ғайраи Баҳрайн бигзараду пирояе чунонки дар гардиши найирайн сохта нагардад. Агарчи сифат аз он зароифи мумтаниъ-ул-вуҷуд бар банда воҷиб бувад, аммо чун мумкин набуд, байт:

Як зевар аз он дар сифат орам, боре,
К-он андакат огаҳ кунад аз душворӣ.

Балодуре дода буданд, ҳар дурре ба талоле, ки шишахонаи зевари забарҷадайни сипеҳр тоби он намеоварад, байт:

Ёқути ӯ дафъу бо лаълаш муфаррахтар зи май,
Ҳар дурри ӯ, гӯӣ, чакид аз чашмаи хуршед хай.

Дар он мизбонӣ мани банда, ки *Лӯълӯи* баҳриам, худро ғулӯла карда будаму миёни табақоти бузурги гавҳарон дар андохта ва аз он ҷо, ки тунукчашмии ин аст, борикбинӣ мекардам, байт:

Чандон дидам харҷи зару марворид,
К-аз кон н-ояду аз абр наёрад борон.

Таборака-л-*Лоҳ*, чи мурассаъоту мусамматоти ҷавоҳири манзум, ки дар маснуоти он байт-ут-тазвиҷ муояна гашт, ки мутааттишони ҳирсро рӯй мегардонид, байт:

Турфаҳое, к-он мусаввир кам шавад,
Дар хаёли шоиру зеҳни ҳаким.

Ва чи дурари мансур радифи ин қитъаи замин дида шуд, ки дар мизони авзон натавон сохт, байт: (122)

Худ ба мизони вазн кай санҷид,
Он чи дар баҳру бар намегунҷид.

Банда *Луълуи* бахрӣ, ки аз пушти Хоҷа Абулғайс ҷакидаасту ӯ дар шиками модарам қатраи обе гузошту гузашт, Хоҷа Абулғайсро ба бод додаму ятим мондам, то модар низ, садафа ъан ятимиҳи; аввал, ки аз модар ҷудо шудам, чашм боз набудам. Баъд аз он, ки бо халқам ихтилот шуду дар суҳбати алмоси сартезам чашм кушода гашт, аз он ҷо, ки тиҳичашмии ятимон бошад, чунонки тунукчашм будам, ки ришта тобе дар чашмам даромадӣ, ҳоле, ки дар он арусии шоҳона афтодам, миёни ин нисорҳои бешумор гум шудам, байт:

Чигуна гум нашавад қатрае чу ман ҷое,
Ки хок мавҷ занад аз гуҳар чу дарёе?!

Фи-*л*-ҳосил, банда *Луълуи* баҳрӣ сафарҳои дарё кард, балки дар миёни дарё бузург шуд. Гӯӣ, ки ҳам дар шиками модар давлати мусодақати дурру *лаолӣ* ёфту ба хидмати ғаввосони мутабаҳҳиру ҷавҳариёни мубассир баҳоеву қиммате гирифту ҳам аз дурри фурӯхт бо иззати эшон мутааллиқи тахти салотини кибору алоқаи камари мулуки номдор гашт. Ҷойе чунон бо тоҷи шоҳон бустох гашт, ки бар сари эшон баррафту ҷойе худро чунон нисори роҳ дид, ки дар пойи ҳар камина афтоду бо хок яке шуд. Фи-*л*-ҷумла, дар ин шеваҳои бисёр ғалтид, ҳеҷ гоҳе (123) анвои ҷавоҳире, ки дар ин зуфоф диданд, байт:

Зиҳӣ, дурҳо, ки андар хок ҳар сӯ
Ҳаме ғалтид чун тифлони бадхӯ.

Мулуку умарои давлат низ ҳар як ба қадри пойгоҳи хеш тавилаи гавҳарҳои назода, ки муҳраи ҳар як бодро ришта дар гардан кунад, ба исми муборакбод пешкаш карданд, байт:

Шикаста бод аз он муҳраҳои чун гавҳар,
Зиҳӣ, давида он муҳраҳои бодшикан.

Хоҷа Ҷавҳар, ъараз бақоу-*л*-*Лоҳи* мо бақия-*л*-ъаразӣ би-*л*-ҷавҳар, рехтанӣ карда буд, ки оризи осмон натавонад рехт. Бодпойи маликзода аз он *лаълу* ёқут бар оташ пой мекӯфту кафу пойи хирадмандон аз судани нисор обила мешуд. Он гоҳ *лаолӣ*, ки ҷавҳариёни пухта чун обилаи пуроб бар каф карда дошта буданду кафи пойро дар талаби он обила карда, шеър:

Ба зери ҳар кафи пое дурар намуд чунон,
Ки гӯӣ обилаҳо хостааст дар кафи пой.

Дурари обдор чун қатароти обу *лаълҳои* оташин чун пораҳои оташ дар ҳам омехта баёни адли подшоҳ мекарданд, мисраъ: на з-оташ об шуд хушку на оташ з-об шуд кушта, шеър:

*بالحيرة قال النّجمُ الدّوران     كيفَ اختلط المياهُ بالنّيران

Малик Шаҳобуддин, шиҳнаи ҷавҳариён ангуштарин пешкаш кард, ки ёқути обдораш дар *латофат* (124) об аз чашмаи хуршед мебурд. Он, ки гӯянд гавҳари шабчароғ, ки чун нури шаби қадр нопайдост, ҳамчун офтоб рӯшан шуд, ки ҳамон ёқути шамсия аст. Пӯшида нест, ки чароғе аз чароғе фурӯзанд. Бо он ки гавҳари шабчароғ аз чароғи хуршед афрӯхтаанд, аммо агар ба наздики хуршед баранд, дур набошад, ки оташ дар чароғи хуршед гирад, байт:

Хаххаҳае, рӯшанчароғе, к-аз сафои рӯшанӣ
Рози пинҳони ҷаҳонро дошта пеши чароғ.

Он чи дар сафои он нигини намоянда намуда шуд, аз дарё қатраву аз маъдан гавҳаре беш нест, байт:

Беш аз он аст он хуҷастанигин,
Ки тавон васф карданаш, ки чунин.

Ҷойе, ки малик Шаҳобуддин чунин ангуштарӣ дид, ки ангуштнамои мулук гардаду охири он сарвар тоҷест ба гавҳарҳои бузург ороставу пой бар муҳраи пешонии сарону сарварон ниҳода. Яқин он, ки ҳар чӣ зудтар бар сари ин шаваду ҷавҳаре рӯшантар аз он ба ваҷҳи рӯнамоӣ фиристад, байт:

Ки он хуршед бошад в-ин маҳи нав,
Шавад пӯшида моҳи нав зи хуршед.

Он хотам агарчи ба ҳулия гоҳи тахти мулук аст, аммо сурхрӯии ӯ ба як ёқут беш нест. Мебояд, ки ёдгори мулкии тоҷ-уд-дувал камаре расад, (125) ки он хотам-ул-ҷавоҳир

тавонад буд. Ва аз ҳар ъайн-ул-ҳураи он ъайн-ул-асади фалак чашм занад, то чун офтоби дараҷати маликзода аз он камари дурӯя дар авҷи Ҷавзо дароояд, кавокиби мантиқат-ул-буруҷи фалак гахт-уш-шуъоъи он муҳтарик гардад, шеър:

*وَ عَطارِدُ الاَفلاکِ یَهبطُ هایماً　　فی ذالکَ الجَوزاءِ مِن جَوزائه

Кулоҳе, ки пеш аз ин аз он тоҷ-ул-ҳақ расид, гӯӣ, ки ҳам ӯ аз рифъати он тоҷ ҳикоят мекард ва маликзода Шамс-ул-ҳақ бибӯсиду бар сар ниҳод. Ҳарчанд абрҳои он кулоҳ ба гавҳарҳои чун қатраи борон олуда буд, аммо дар муқобалаи атоёи ҳазрати Тоҷӣ ҳадя буд бағоят сарсарӣ, байт:

Нашояд атои сарон сарсарӣ,
Ба ҷуз ҳадяи сарсариву сарӣ.

Чун банда Лӯълӯи баҳрӣ аз мутааллиқони он тоҷи давлат аст, он чи тааллуқ ба иқди бузургӣ дошт, таълиқ кард, боқӣ барбастаи сарриштаи улуточист, байт:

Донам, ки ончунон расад ин сӯ атои тоҷ,
К-онро тавон ниҳод, ки ҳаст ин сазои тоҷ.

Ин шибҳ чанд, ки ба тариқи инбисот нисор карда шуд, агарчи беҷода аст, ба гӯши бандагони давлат ҷойгир бод.

Фи-р-раъс талолан ад-дуъо. Гавҳарфишонии қалам дар сари ҷамодию-л-уло буд (126) ва таърихи ъом дар тоҷи шоҳ нигоҳ дошта шудааст, мисраъ: яъне, ки зи маҳ севу сана ҳафсаду даҳ.

**Таслимот**. Ба хидмати мутааллиқони давлати Тоҷ-уд-дувал, ки ҳар як дурри бебаҳоянду ҷавҳари бобаҳо банда, ки кони шавқ асту дарёи таъаттуш ҷавоҳири хидматӣ нисор кард. Сарони ин ҷониб ҳомаи тафохур зери пойи Тоҷ мениҳанд.

**Сари номаҳо**. То кулоҳ бар сари мулук ҷой гираду тоҷ нигоҳ дорад, соҳиби тоҷ ба кулоҳи мамлук сар дарнаёрад. Ҷавоҳири давлати пайкаророю луолии иззати зеварафзойи сарвари воло баровардаи инояти Ҳақ таъоло тоҷ-ул-ҳақ ва-д-дин, муъин-ул-ислом ва-л-муслимин, уло-л-мулук ва-с-салотин, иззат-ул-мамлакат, идат-ус-салтанат, молик-ус-сария, зобит-ул-бария бод. Зумурради сарсабзӣ аз фалаки миёнӣ гузашту чашми афъии фалак аз тоби он кӯр гашта, ба тоҷи нитоҷ-ур-расул, шеър:

Аё тоҷи ҳаққу иклили дин,
Тараққӣ-т ҳомоти аҳл-ул-яқин.

То кулоҳи машоих тоҷи равиши тариқат асту ҳам сӯфиён шомили ҳалқаҳои ҳақиқат, торак ба тораки кибор зери қадами олиосори маҷлиси рафеъи тоҷ-ул-ҳақ ва-д-дин, маҳрами машъар-ул-яқин бод. Силки сулук ба дурари ғайб музайяну ширфи шараф ба ҷавоҳири лорайб (127) мулавван, бифирақ-ун-набӣ ва ҳулқ-ул-валӣ.

**Дигар**. То шумулим бузургӣ дар даври дастор бошаду давлати сарфарозӣ дар сар кулаҳ дорад, миёни кулоҳу дастору фирқаҳои бисёри зоти волову ҷавҳари вофирбаҳои худованд Мавлоно ва мавло аъиззо шарафи арфаъи тоҷ-ул-миллат ва-д-дин, мукрим-ул-ислом ва-л-муслимин, мухтас-ул-мулук ва-с-салотин маъа соири авсофиҳи-л-ъолия баъулувви маҷд ва рифъати мақоми тораknишини кибору киром бод. Дӯстонро шамлаи тафаввуқ бар сару душманоро дастори тазаллул дар гардан, ба ҳаққи мандили расул.

**Ал-Адъият**. Шоҳзода Тоҷуддин, малакаҳ-ул-Лоҳ навосию-л-бароё; малики сарвар, саллатаҳ-ул-Лоҳ ъало руус-ал-бароё, сипаҳдори воло, рафаъаҳ-ур-рофеъ ъало мулук-ул-барият; раис-ул-машоих, ақомаҳ-ул-Лоҳ ъало мақом-ус-сурӣ; молик, навосию-л-ахбор, ло зол сураё ъало сурятиҳи; малик-ур-руасо, тахаллат лаҳу руус-ур-раёса.

*Ли-л-майит*. **Билумум**: расаъаҳ-ул-Лоҳ биҷавоҳир-ул-мағфират; асканаҳ-ул-Лоҳ ъало раъс-ул-малоикат. **Ал-ъакс**. **Билумум**: залла катоҷ-ал-ҳудҳуд ва-д-дик; лаъана катоҷ-ал-яҳуд; насара ҷавҳаруҳу фи-т-туроб; асқатаҳ-ул-Лоҳ ъан раъс-уд-давлат; зайяна биҳи носият-аш-шайтон. *Ли-л-майит*: рафаъаҳ-ул-қаҳҳор ъало (128) равоси аҳли ҷаҳаннам; зайянаҳу-л-молик бияоқит-ул-ҷумар.

**Ҳарфи севум** дар барбастҳои муҳками аслиҳаву рӯшан кардани осори теғу пайкон ҳамчунин, мисраъ: **нисбати ҳарф ниҳам з-аслиҳа дон**. Асҳоби табиат рӯшан кунанд, ки нисбати аслиҳа номаҳдуд асту умуму хусусе дорад. Ва банда ба тариқи хусусият дар баъзе аз ин сиҳом алоҳида чанд якандозӣ мутазаммини арзе партоб кардаву он дар руқаоти ин

ҳарф манзур хоҳад шуд. Аммо аслиҳа, ки ба алқоби мардумон муштаҳир аст, чаҳор беш нест: ҳисому сайфу синону гурз. Ва иддати воҳибати дигар аз ин барбастҳо қатъан бурида, зеро ки Қасуддину Саҳмуддин. Мисоли ин дигар асло наёмадааст, пас дар таҳлияи он алқоби машҳур ду-се нома дар қалам омаду он чи нисбати хоссаи ҳар як буд, ҳам дар он маҳал таълиқ ёфт ва аз таносуби умум, ки тааллуқ ба аслиҳаи дигар дорад, то ҳадди имкон инҳироф намуда шуд. Ҳар киро дар табъ ҳиддате бошаду аз рӯйи инсоф ҳангоми тасниф бад-ин маснуъот таваҷҷуҳ кунад, мумкин аст, ки ҳам бад-ин оятҳои таҷнис рӯй намояд. Ва агар дар ҳасаду зеҳнаш тасаввури софӣ мутаъаззир аст, ба хаёлоти фосида оинаи саҳифаро мӯрчапо кардан тавҷеҳ набошад, ӯро ба нисбати умум беҳтар, ки айни санъат бар мум бастан, ки нақшест ала-л-умум осонтар аз санъати (129) ъайн бар оҳан, ки аз ъайни арабӣ холӣ натавонад буд. Ва он, ки аз *ъайни ъумум* низ нақле аз ин шамшер устувор натавонад кард, ӯро аз ин сияҳҳарф бибояд гузошт, шеър:

*ضحک الورى اذ سلّ سیف حایکٌ        من لا یتمّ حدودُ امر فاطرحن

**Дар ин нома ҳама нисбат зи теғ аст. Унвон**. Ин луҷҷаи пургавҳар бар каффи Мавлоно Ҳисом-ул-миллат ва-д-дин, мубғанию-л-ятома, амсоҳ-ул-Лоҳ ъало фарқ-ил-ъузом фасх фармояд.

**Таҳмид**. Ал-Ҳамд лиамр-ул-фароиз, ҳува ар-ром би-л-ҳисом ли-л-ҷиҳод, ҳува музҳир-ул-ҳисом ва-л-ғазва, шеър:

*سلامٌ لا یزالُ علی حسام        علی قدرِ اعلی وست العظام

То теғи забони уламо дар меҳроб гавҳарбор асту забони теғи хутаборо меҳроб гавҳарвор забони гавҳарафшони Мавлоно ҳомию-л-ислом, мо ҳай-аз-зулол ва-з-зулом, Ҳисом-ул-миллат ва-д-дин, лисон-ул-уламо-ул-муҷтаҳидин, матбӯъи акорим-ул-Аҷам ва-л-Араб, мухобир-ул-манобир ва-л-хатаб, каъсир-ул-ъизом ва-с-с-удур би-л-иҷтиҳод ва соҳиб-ул-қариз ва-л-қитъат би-т-табъ-ал-ваққод маъа соири авсофиҳи-л-зоҳира ба бароҳини қотиъаву анвори сотиъа муҳаллову муҷалло бод. Ҷавоҳири вуҷуд ҳар рӯз рӯшантару аъдои хас дар кӯзаи ҳаводис хокистар, мабнию-с-сайф.

Дӯстдори хос Ғозӣ Мансур, ки яке аз камари бандагони бандагии он зот аст, хадамоти номаҳдуд бо кашиши дарунӣ ба гузор мерасонад (130) ва мироти синаи Ҳисомиро рӯшан мегардонад, ки аз ин тараф шамшери куфрфарсои подшоҳи ислом, насараҳу-л-Лоҳу ъала-л-кофирин, то карони оби муҳит дар қабзаи таъйид овstreet саводи куфрро ба пилораки шоҳӣ чунон ҳак фармуд, ки аз хатти Машриқ то сиёҳии Шом рақами хатое хонда нашавад, байт:

З-он арса бимолид дуруштиҳоро,
Чун дастаи корде, ки бар ҳак моланд.

Он ҳама иқтооти Сайфиро ба иътизоди майманаву майсараи лашкар, ки ҳар яке бо Сайф-уд-давлаву Азуд-уд-давла зу-л-ямину зу-л-акноф аст, ҳамдастанд, айядаҳум-ул-Лоҳ биаёдия дарбаст кард, байт:

Кишваре, к-он ба захми тег гирифт,
Ба сари тозиёна дод ҳама.

Чун кори мақаттаот ба мақтаъ расид, ишорат фармуд, ки ҷабҳаи иштиъоли мутааммимон тақтеъ кунанд. Қозиёни муқотаъагир, беинсофоне, ки гарданашон ба теғи қазо бурида бод, чун мӯсии Ҳаҷҷому Буғдаи Ҷаллод аз пӯст берун омадаанду дар пӯсти якдигар дарафтоданд:

Забоншон, ки зи баҳри дирам тазвир аст,
На он забон аст, ки худ ханҷари дирамгир аст.

Сайфи Ҷаллоду Ҳисоми сайқалӣ, ки пайваста барбастаи мулуку умаро буданд, дар ин вақт, ки подшоҳ эшонро баркашиду машҳур гаштанд, миёни эшон ҳам мисли як ниёму ду шамшер шудааст, (131) ҳар ду аз он дар хазҳое, ки мекарданд, берун хоҳанд афтод, шеър:

*سیفان اذ غمدا بغمدِ واحدٍ        ضاق القرابُ علیهما و تکسّرا

Чун ду корди қассоб забонҳо дар якдигар тез кардаанду сангро дар гӯша бинҳода, мехоҳанд, ки аз ҳамдигар бигрезанду дандонҳо дар рӯйи якдигар пайдо кунанд. Ин дурӯён мароеро, ки ҳамҷинс аз байзу даҳр асту чун оинаҳое ҳар як мебинем, ҳеҷ сафое дар эшон

на, дилҳои оҳанину зангорхӯрда, ки ба путку синдон нарм нагардад ва ҳар ду аҳли ҳирафу қалам ҳарфи якдигарро чарх мекунанд, байт:

Чун илму қалам ҳар ду накӯ медонанд,
Дониш набувад, ки дар ду ҳарфе монанд.

Ҳар кӣ миёни эшон дармеояд, аз захми забони эшон озурдаву маҷрӯҳ мегардад, байт:

Ки дарояд миёни ду шамшер,
Магар он кас, ки ӯ ду сар дорад.

Карроти зайни машғабид миёни эшон ба шуъбадаву бозӣ мадхале менамояду наздик мебошад, ки ҳар дуро ба бу-л-аҷабӣ фуруд барад, аммо барои гармии ҳангомаву хандаи халқ амдан фурӯгузошт мекунад, то ҳар ду аз тариқи берӯӣ рӯёрӯй мезананду мегазанд, оре ал-ҳадид би-л-ҳадид юфлаҳ, байт:

Шикаст натвон оҳан, магар, ки аз оҳан,
Бурид натвон (132) шамшер, ҷуз, ки аз шамшер.

Ал-ғараз, ин фирқа ба қатлу фасл машғул гаштанду муште ҳиндиасли шикастазабон, ки ҳарфе аз забони эшон дуруст натавон ёфт, дар миёни дар хаз карданду ба дуволи камари акобири ҳазрат тааллуқ сохтанду ба дастёрии эшон мутақаллиди шуғле гаштанд. Ҳанӯз дар баъзе ҳудуди сайфиву қасаботи қаламӣ мезад, меҳробро хатибеву ҳокиме талаб мекунанд, он меҳроб он Ҳисоми меҳробиро вақти мусофат ҳамин аст ва он вақт Сайфи қотеъ, ки агар аз ин буридани роҳ кунд нагардад, қатъист, ки коргузоре ҳадде бибарад. Агар мехоҳад, ки хатиб шавад, теғи хатиб нашавад, байт:

То сар андар каш намонад ҳамчу шамшери хатиб,
Ё ба сони устура сар дар гиребони надим.

Бо он ки би-л-ҷазм рӯшан аст, ки зоти мусаффои Ҳисомӣ муддатест, ки дар ҷӯбхонаи ваҳдат хазидаасту оби сафои худро дар либоси зангорӣ пӯшида, аммо ин азмон ҳангоми он нест. Ҷумла мулуку ғузот мехоҳанд, ки маҷлиси Ҳисомиро ба фарогдастии тамом дастгирӣ кунанд. Шак нест, ки инқитоъу тарки шӯҳрат аз чун ту ҳисоме некӯ ояд, аммо чун тааллуқи бузургонро аз он хидмат гусастанӣ нест у тагаммуду таҷаннуб муяссар нахоҳад гашт, маслиҳат дар ин аст, ки (133) аз он тангнои узлат берун ояду забони рӯшаносорро миёни муъонидон ба сароматии тамом кор фармояд, то бубинанд, ки чигуна, байт:

*حلّت بک نصرةُ السّماء          حلّتک بحلّة العلاء

Зинҳор, дар кашиш кӯшиш намояд. Бошад, ки аз гардиши чарх рӯшан шаваду зердасти аҳли ҷиҳод тавонад нишасту миёни сарону сарандозон иштиҳор ёбад, ин шоа-л-Лоҳ мутиъа ило. Ад-дуъо камо маза.

Ҳулияи ин лавҳ дар зу-л-ҳиҷҷаи салх буду таърихи ъом аз аввали зу-л-ҳиҷҷа рӯшан фармояд, мисраъ: яъне, ки зи моҳ сиву сол ҳафсад.

**Ин нома ҳама нисбати теғ асту сафо. Унвон**. Ин саҳифаи масқул, ки ҳарфе дар миён дорад, ба дасти Шайх-ул-ислом, сайф-ул-ҳақ ва-д-дин Зайди сафодеҳ кушод ёбад, бимашияти-л-фаттоҳ.

**Таҳмид**. Ал-Ҳамд лимунзил-ул-ҳадид ва ҳува моҳию-з-зунуб би-с-сайф, шеър:

*یا سیفُ فقرکَ للمعاندِ قاتعٌ          وَ الفقرُ بالاثارِ سیفٌ قاطعٌ

То шамшери сӯфӣ сафову равмуҳо-уз-зунуб бар сари забон дораду дар меҳроб ба қироати *уқтулу-л-мушрикин коффа* ҳаққи ҳарф мегузораду ҷуд бо ҷуди шайхи муҷоҳиди мусаффо Сайф-ул-ҳақ ва-д-дин, носири асҳоб-ул-ямин ва ило ва лобот-ул-киром, мазҳари оёт-ул-ислом маъа соири авсофиҳи-л-сайиа миёни аҳли муҷоҳада ба кашф машҳур бод. (134) Осори фатҳи илоҳӣ мубайяну асбоби футӯҳи номутаноҳӣ музайян. Сайфуллоҳи дӯстдори аносири Фирӯзи музаффар, ки аз ҷумлаи нусратхоҳони он зот аст, таслимоти номақтуъот аз синаи маҷрӯҳи фироқ адо мекунаду дар табъи он мароти софӣ мусаввар мегардонад, ки аз ин ҷониб аз имтиноъи гардонандаи чархи зангорӣ сафоҳои берангу гуҳарҳои бесанг асту тангӣ дар миён на. Шайх Сафии Зарровӣ, ки айнҳош рӯшан аст, дар пеши Шайх Довуди Зиреҳгар сифати сафвати он зоти софигавҳар кард, ки Хоҷа Сайфулҳақ баркашидаи қабзаи аёдии қобизи мутлақ асту ҳадди ӯ касе намедонад, ки дар тангнои хилват ал-моъ-ал-меҳробро ҳулияи тасаллии хеш сохтаасту ҳар чӣ дорад, дар миён аст, байт:

Соф кай монад оби ӯ, ки агар
Нанихад дар миён ҳар он чиш ҳаст.

Агарчи худро дар хобгоҳи ниём пӯшида медораду хуфта месозад, валекин посбони оламу ҳомии вилоят аст. То имкон аст, нахоҳад, ки мӯрча аз он гавҳари пок наёзорад, аммо теғи аҳли сафо пӯшида нест, байт:

Ҳар кӣ худро ба рӯйи теғ занад,
Набувад бе ҷароҳате ночор.

Шайх Довуди Зиреҳгар дарёфта оғоз кард, ки ман дар рост кардани ҳалкҳои аҳли ҷиҳод сарду гарми бисёр (135) дидаам. Ҳар ҳалқа чунон боқувват, ки забони Хоҷа Сайфи шумо бо чандон бурронӣ он ҷо ҳеҷ коре накунад. Магар урёне бошад, ки аз ӯ захм хӯрад, шеър:

*مضى السَّيفُ مِن سَرَدِ ماءٍ يَسيراً　　وَلكن كَليلٌ بردُ الحديد

Ҳарчанд Хоҷа Сафии зарродӣ мехост, ки он сайф-ул-ҳакро ба тезӣ боз ораду фурӯхтане бармаҳал кунад, Шайх довуди Зиреҳгар санъати худро ба сухани гарм мусалсал карда буду муридонаш сар ба худ мепӯшиданду мегуфтанд, ки чун Хоҷа Сайфро аз ташнагии хӯни мо забон бурун меояд, агар мо ба ҷиҳати Хоҷа Довуди Зиреҳгар нигарем, худро бараҳна карда бошем, назм:

Агар зиреҳ набувад, пеши теғ натвон рафт,
Ки бе гилем ба борону меғ натвон рафт.

Ин ҳикоят пеши малик Шуҷоуддин муборизу сайида аст. Довуд дӯстдори асҳоби сафост. Мегӯяд, ки Довуди Зиреҳгар оҳан сард мегӯяд, зиреҳи ӯ об асту муридони ӯ саворагони об, назм:

Савори обро мангар, ки довудӣ зиреҳ дорад,
Ки аз боде шавад гарқу зиреҳ бар ҷой бигзорад.

Аммо мартабаи Хоҷа Сайфи мо ба ҷоест, ки худро ба даволи камари *ано банӣ би-с-саиф* бармебандад. Мо худ кӣ бошем, (136) ки ӯро дастгирӣ тавонем кард. Бо ин ҳама кори ӯ тааллуқ ба мо, ки аҳли ҷиҳодем, дорад, назм:

Кӯшиш, ки кори ӯ шавад рост,
Чизе, ки ба қадри бозуи мост.

Банда Фирӯзро фармудааст, ки Хоҷа Сайфро биёр, то дасти табаррук бар наъли қадами ӯ фуруд орем, назм:

Магар аз оби рӯйи ӯ рӯзе
Дар газо бар адӯ зафар ёбем.　Шеър:

*لَو مال سَيفكُم إليَنا ناصِراً　　لامُ الرِّجال كَلامَ مال يقطعُ

Дар байзи оянда азми ҷазм аст, ки ба ақроби маҷлиси сайфӣ даст дар ҳамоил карда шавад, сохта қатъи роҳ бояд шуду миён чуст кард, то чун ин ҷо расад, ҳарфе, ки дар миён омадааст, ба кушуф гардонаду бад-он ҷиҳат қотеъи ҳалқаҳои довуди Зиреҳгар, ки ба сад санъат гирд овардаасту ҳар ҳалқаро мазҳаби давру тасалсул матбӯъ гардонида, ба салобати тамом бишканад, назм:

Эй теғ, фурӯ бар зираҳи хасм, чунонки
Ҳар ҳалқаи якчашм ду абрӯ гардад.

Дами гироии он зиреҳгар ҳамаро маълум аст, ки пӯлодро нарм гардонад. Дар санъати худ лофи кароматҳ *анзално лаҳу-л-ҳадид* мезанаду мегӯяд, ки оҳан бар дасти ман об асту дасти ман дар сохтани зираҳ аз бод равонтар, чунонки дар ин санъат бар оби равон рақами *қадара фи-с-сарв* тавонам нигошт, назм: (137)

Зираҳи гарм, ки аз касби худам буд хӯрдан,
На ҳамчу сайф, ки сад хунаш ҳаст дар гардан.

Ҳосил, он зиреҳгар кӯраи корро ба дамдамаи дамодам гарм карда медиҳад, ки ман он касир-уд-дамодамам, ки сад сайфро бишканаму дар ҳалқаҳои худ дар орам. Ин ҷо маҷлиси сайфро ҷойи куллӣ лисонӣ нест, забонро кор мебояд фармуду ба як ташдид он ҳама ҳалқаҳоро ҷазм кард. Малик Шуҷоуддинро рӯйи сайф ба ҳадде мебояд, ки ба муҷаррадӣ дидани он рӯй тезӣ пешкаш хоҳад кард. Аммо бо санги худ мебояд буду тезии ӯро қабул нафармуд, назм:

То бидонад, ки сайфи моро низ
Қатъу тирағӣ чунон ки бояд, ҳаст.

Хоҷа Сафии Зарродӣ он чи тааллуқ ба мусофот дорад, тақсир нахоҳад карду банда Фирӯз низ аъдои ҷониро чунон намуда, ки ман бар сайф-ул-ҳақ дасте тамом дорам, эшонро ба ростӣ дар мизоҷ роҳ ёфтааст, назм:

Он кист, ки аз теғ натарсад дар ҷанг,
Хоса, ки ба дасти марди фирӯз бувад?!

Умед, ки он аъзоди давлат дар кашиши он сайф кӯшиш фармоянд, то азимати ин ҷониб ҷазм кунаду чун ин ҷо расад, чунон мебояд, ки сар дар каш намонад, ки муддаиён чира шаванд. Охир он зотро Сайф-ул-хақ мегӯянду рост аст, ки ҳар ҷо, ки расад, ҷарҳ хоҳад кард. Аммо ҳар чӣ зудтар бирасад, (138) то он чи аз натоиҷи табъи зиреҳгар муояна шудааст, ба мувоҷиҳаи он сайф бар рӯйи об оварда шаваду ба қуввати ваҳдати тамом бар фарқаи аъодӣ задаву эшонро маҷрӯҳ гардонид, шеър:

*إن شاء مِن جَلي السَّيفِ بآثرِها　　　كَالسَّوسَنِ المَحضرِ مِن قَطرِ النَّدى

Имдоди ғайб бе инсиром бод. Омин!

Иқди ин ҳуруф дар байзи зу-л-қаъда буду таърихи ъом аз ду ҳарфи аввали зу-л-қаъда бар мебояд кашид, мисраъ: яъне, ки ба сол ҳафсаду шаш.

**Сари нома**. Дар ҳаққи дастури Ҳисомлақаб, ки соҳиб-ус-сайф ва-л-қалам бошад.

**Таҳмид**. Аллоҳу носир-ул-ҳисом ва муҷрию-л-ақлом. То қалам аз сарзаниши теғ сардафтари куттоб гардаду теғ аз сарнагунии қалам сарфароз, ҳуроби ҳарфи иқлиморою қалами иқлимкушои дастури муаззами дастнишини қодирқалам Ҳисом-уд-давла ва-д-дин, муъин-ул-куттоб-ул-мубин, зобитат-ул-иқтоъот-ас-сайфия, мақтаъ-ул-қасабот-ул-қаламия, оинаи гавҳари шоҳӣ, коргузори сафедиву сиёҳӣ, соҳиби имзои муомалаи баҳру бар, хозини ганҷинаи фатҳу зафар маъа соири авсофиҳи-л-возиҳа ҳулияи суюфи мамолику наҳлияи ҳуруфи саҳеҳу золик бод, назм:

Сари душманон зери пойи алам
Ба шамшер қатъ карда ҳамчун қалам.

Ва ҷавоҳири фирӯзӣ дар мушти Ҳисоми соҳиб, ба ҳурмати самсом. (139)

Мисраъ: **сари нома нисбат ба теғи муҷаррад**. Шеър:

*أصافي السَّيفُ مَشهورُ الغُزاةِ　　　أثارُ الدَّهرِ مِن آثارِ ذاتِ

Ҳамеша зоти софисифотӣ худованд, амири сипаҳдор, муайяди музаффар, мансури ғозӣ, сайф-уд-давла ва-д-дин, насир-ул-ислом ва-л-муслимин, муъин-ул-мулук ва-с-салотин, миръоти лико-ул-муҷтаҳидин, мифтоҳи қулоъ-ал-муъонидин, қотиъи аъноқ-ат-тугот, қобизи арвоҳ-ул-ъусот, қомиъ-ул-кафарат, қолиъ-ул-фаҷарат, сайид-ул-ислом, лисон-ул-киром, сафдари кайҳон, баркашидаи шоҳи ҷаҳон, ба ансори нусрати раббонӣ муайяду ба иъзоди мадади осмонӣ муъътазид бод. Тааллуқи нитоқи шоҳон ҳар рӯз мустаҳкамтару зулмати анфоси бадхоҳон ҳар дам камтар, ба Ҳайдари каррори соҳиби зу-л-фиқор, байт:

*واللهُ يَنصُرُ كُلَّ مَن هُوَ ناصِرٌ　　　لَكَ في المَعارِكِ حينَ قاتَلتَ العَدى

**Таслимот**. Ба хидмати мутааллиқони рикоби ҳомӣ қарзи хидмат адо карда шуд. Оқиди ҳуруф ҳисоми қурайзӣ хидмату қитъаи дуо ба адо расонанд. Асфиёи босафо хадамоти ҳарфиву забонӣ таблиғ мекунанд. Камари бандагони тааллуқи ҳомӣ ба муониқаи ҳамоиле махсусанд, аз ин ҷониб асҳоби музофоти Сайфии шуҷоъу мубориз таҳиёти беинсироми таслимоти беинқитоъ гузориш карданд.

**Ал-Адъият маъа-л-хитобот**. (140) Салил-ур-расул Сайфуддин, наввара нура осориҳи; сайиди Ғозӣ Сайфуддавла, насараҳу-л-Алӣ бизулфиқор; шайх Меҳроб-ус-сафо, сайф-ул-ҳақ, соҳиб-ул-байз фи-ш-шуҳур ва-д-дуҳур; ъасамаҳ-ул-Лоҳ ъан садоа-л-лаёлӣ; шайхзода Ҳисомуддин, зода сафоҳу; Мавлоно, шориҳи фавоид-ул-ҳисомӣ ва мудаққиқи дақоиқ-ул-фароиз; Ҳисомулхақ, ҷараҳа хасмоҳу ва қатаъа бароҳинаҳум билисониҳи; Малики муайяди музаффари мансур, муҷоҳиди зобит, ҳисом-уд-давла, молики риқоб-ул-ағолиб, ғалабаҳ-ул-Лоҳ ъало аъноқ-ул-муъонидин; малики ҷаҳонгири фирӯз Сайфуддавла, насараҳ-ул-Лоҳ ъала-л-аъдо ва насара аъзодуҳу ва зайяд ҳудаҳу ва тазоъаф ҳад иқтоъиҳи ва аҳкам қабзаҳу ва сарама ъизом-ал-фаҷрат бизиробиҳи ва сона-л-Лоҳ ҳудудаҳу ъай садо-уд-даҳр ва аббада-

л-Лоҳ қабзаҳу; машҳур-уш-шуҷоъат Сайфуддин ва ваҷҳ-ул-маъорик Ҳисомуддин, ша... би-л-фатҳ осораҳумо; салил-ул-ғузот Ҳисомуддавла, зода сароматуҳу; дастури со... сайф ва-л-қалам, насараҳу ҳарфуҳу ва қаламуҳу ва ъузим имзоуҳу.

***Ли-л-майит би-л-умум***. Машоҳир-ун-ниём Ҳусому Самсому Сайф, тағаммада... Лоҳ биғуфрониҳи ва асканаҳум-ул-Лоҳ фӣ қуроб-ул-қурб ва ҳалоҳум-ул-Лоҳ-ал-... биҳулият-ул-мағфират ва адхалаҳум-ул-Лоҳ фӣ ғамад-ал-ғуфрон. **Ал-Акс маъа ра... ҳикоёт**. Салил-ул-кафара Ҳисоми Соқит, ҷаъалаҳ-ул-Қаҳҳор (141) маслулан; ... миёншикаста, сайраҳу-л-мунтақим маслулан; Ҳисоми мухолифқалами ҳулқи ... кассар-ал-Ҷаббор ҳирқаҳу. ***Ли-л-майит***. Ҳисоми зангӣ дар кӯраи дӯзах рафт, ... мамолик фӣ ҳудуди сақар; Сайфи мӯрча сақат шуд, ахаза биқабзиҳи аъунаҳу ҷаҳан...

**Мисраъ: ин нома ҳама нисбати гурз асту синон**. **Унвон**. Ин хат, ки дар ро... килки хатте сухан мегӯяд, ба дасти сипаҳсолори олиалам Синонуддини сартез, ... рифъатуҳу, фатҳ ёбад.

**Таҳмид**. Наҳмад муъир-ул-аслиҳа, ҳува носир аснатҳу-л-ғуззот. То синон ... бошаду гурзи саргирди найзаи шуҷоат ба хидмату шавкати сархайли мансури ... Синон-уд-давла ва-д-дини сартез, ҷориҳ-ул-кафарат, тоъун-ал-фахарат, фирӯзи са... сарфарози зу-л-язан маъа соири авсофиҳи-с-санийя дар маъорики ғузот ... мазоиқи ғазавот зафарандӯз бод. Нӯки кулоҳаш аз кайд-ус-симок гузаштаву чаш... ахтари ӯ кӯр гашта, ба хатте расули уммӣ. Дӯстдори хос Темури силоҳдор, ки ... ҳавохоҳи рифъатситонист, баъди тақбили маркази хидмат муқаррар мегардонад, ки ... Ҳисомуддин сари силоҳдор пеши подшоҳи симоки ромеҳ, наср-ул-Лоҳ аснатҳу ч... Булчақи пӯлодро дурфурӯхте тамом карду чунон сохт, ки шамшери хоси шоҳӣ ба ... карданд (142) ва тамом дар зараш гирифтанду чун банда Тимуру Пӯлод ҳар ду баро... ҳамтанеанд, ҳар чӣ Булчақ дар зару зевар бувад, ҳароина, рӯшании гавҳари мо ... Булчақ он миқдор гавҳар дорад, ки он шамшерро аз мушт нагзорад, байт:

Шоҳ аз он теғро ба Булчақ дод,<br>К-иш ба теғ устувор медорад.

Аммо агар Гурзуддини саргирд, ки пайваста зери рикоби малик будаасту аз он ... пеши халқ сари бузургиҳо намудаву бисёронро кӯфта карда, дар ин вақт маликро ... бекувват дидааст, бар он аст, ки зери рикоби дигаре хазад. Ин қадар намедонад, ки ба ... ҷо, ки равад, чӯб дар бинияш кунанду кор фармоянд, назм:

Гурз, к-аш сарбузургӣ аз фалак аст,<br>Ҳар заъифе кучо кашад бораш.

То Булчақро шамшердор дидааст, мехоҳад, ки ба ҷангу хусумат забардасти бу... нишинад, назм:

Менадонад, ки фарқҳост басе<br>Аз сияҳчӯб то ба сабзоҳан.

Малик низ Гурзуддини саргирдро ба сабаби гаронбаҳоии ӯ аз даст бияндох... мегӯяд, ки Синонуддини сартез боястӣ, ки ба ҳангоми ғазо аз румҳи хаттӣ дар ро... заре гирифтиву аз он ҷо, ки ҳиддати ӯст, ба як ишорати ман дар дидаи шер дар... Зиҳӣ, Синонуддини сартез, ки дар ҳама ҷо диловарии ӯ бар сари найза асту дар ... хазидани масоф оҳанитанӣ (143) ва пӯлодвандӣ, вале чи суд, ки ҳарчандаш боло ме... аз найза боло намегузараду пеши ман найза даҳ ҷо камар бастааст, ки Гурзуддини са... ҳеҷ истоде ҳам накарда. Ӯ худ пайваста саргардон бошад, чунонки агар бист... бихуспад, назм:

Саргаронӣ чунон намебояд,<br>Ки биғалтад агар нагирандаш.

Ин ҳикоят ба Гурзуддини саргирд расидаасту гӯшаи хона гирифтаву такя ка... сараш ба девор омада. Хаёли таънаҳои Синонуддини сартез худ чунон дар мағзаш ма... нишастааст, ки гӯӣ мехе аз оҳан дар сараш фурӯ бурдаанд. Мегӯяд, ки ман аз забони ... Ҳисомуддин хаста мешавам, на аз ҳароши Синонуддини сартез, ҷарҳу-л-лисони ақва ... ҷарҳи-с-синон. Ҳар ду хоҷаи Тошанду дар хонаи зайни ҳадод кӯбу тоби бисёр ча... баҳри найзаву гурд саромада шудаву малик ҳар дуро як ҷо харида, аммо ч...

Синонуддини сартез сафшиканӣ кунад, паҳлавонро халаи ҷонӣ дар паҳлӯву ҷигар бошад. Гурзуддини саргирд аз гаронии худ он ҷо кучо тавонад расид, касе бошад, ки ӯро аз ҷой биҷунбонад, байт:

То гурзи ҳаштпаҳлӯ аз ҷой сар барорад,
Бинӣ синон гузашта яксар зи ҳаждаҳ паҳлӯ.

Маълуми ройи ситонӣ бод, ки маликро (144) дар ҳаққи банди румҳи шумо чунин эътиқодест, ки наздики ӯ ҳар ақидаи найзаситонӣ лашкарест гиреҳбаста, шеър:

*وَ فی عَقدِ الرُّماحِ عَقَدتَ فتحاً  لِیَفتحَ فی المَعارِکِ بِالسِّنان

Мебояд, ки ҳар чӣ тезтар аз маркази иқомат хала фармояду тезии хешро барои кӯрии дидаи душманон бар ин тараф ҳаракат дод, то маликро дасгёри нусрату гиреҳкушои фатҳ бошад, ин шоа-л-Лоҳ-ал-фаттоҳ. Мисраъ: ва фӣ раъс-ал-хаттӣ дуъо-ас-синон.

Таҳрир дар рабеъ-ул-охир аз сари килк дар ҳисоб омаду сол аз сари зу-л-язан, мисраъ: яъне, ки бист аз маҳу ҳафсад шуда зи сол.

**Таслимоти Синонуддин**. Пеши камарбандони хидматситонӣ парчамвор сари тавозуъ фуруд оварда шуд. Аз ин ҷониб ҳаводорони Синон-уд-дувал қомати хидмат ҳалқа карданд. Банда Синон рухвор бар маркази бандагӣ қоидаи заминбӯсӣ тамҳид кард.

**Таслимоти Гурзуддин**. Аъзоди Гурзуддавла ба хидматҳои гарон махсусанд. Асҳоби ин тараф пеши Гурзуддавла ба таслим ҷон ниҳоданд. Банда Гурз, ки аз муттакои он остон дур афтодааст, сар бар замин ниҳода.

**Адъияи Синонуддин**. Малики зу-л-язан Синонуддин, аълоҳу-л-малика ъало раъси-с-самоки-р-ромиҳи; **сипаҳдори сафшикан**, (145) рафаъаҳу ъало раъси-ш-шиҳоби; **сархайл**, қатаъа-л-ъадувва битаъниҳи ва ъамо табъу ъайни-л-ъадо биҳи; рафаъа ъала-д-дараҷати-л-ъолияти; ҳафиза ва ҷаъала шавкан фӣ ъайни-л-маъонидин. ***Ли-л-майит би-л-умум***: тараққо ъала-д-дараҷати-л-ъолияти; ҳафиза мин ҳарбатиҳи-л-лаҳаб. **Ал-ъакс би-л-умум**: калла лисонуҳу мин ҳаддати-л-ҷарҳ; хора лисонуҳу мин-ал-ҷароҳати; касара раъсуҳу битаъни-л-хусамо. ***Ли-л-майит***: губиъа фӣ-н-нори; бурима мубарад-ун-нисори ҳабисаҳу; буъиса фӣ ҳалқати-л-куффори изо биҳи-н-нору.

**Адъияи Гурзуддин**: ъузима раъсуҳу фӣ қаръи-л-мутамарридин; касара рууса-л-кафара биқаръиҳи; даққа ъизома-л-ъадо биҳи. ***Ли-л-майит***: сақала-л-Лоҳу мизона аъмолиҳи-л-ъабда мин мақомиъи ҷаҳаннам. **Ал-Акс**: ғора-с-самоу фӣ раъсиҳи; нақаса азлоъиҳи; дахала-л-хашабу фӣ устиҳи. ***Ли-л-майит***: қараъа бимитрақати-л-ъазоб; ғариқа бинуқлиҳи фӣ ғислин.

**Ҳарфи чаҳорум** дар лақаби камнитоқу намудори ангехт бар вай ба ҳила. Мисраъ: **нисбати хайр, вале некро нагираш дур**. **Дебоча**. Бидон, ки лақаби Хайруддину Ихтиёруддин бағоят қалил-ул-нитоқ асту дар лафзу маънияш маҳалли ангехте хайр. Чун чунин аст, дар ин нома ба тариқи иштиқоқу лузум он чи мумкин бувад, ба ҷиҳати таълим намудор ёфт ва соҳиби иншоро муҷаз гардонида шуд, то агар ин тариқ гузинад, дастури ӯ ҳамин таҳрир мухтор аст. Ва агар нисбате дигар (146) ихтиёр кунад, ки муносиби ин алқоб набошад, тариқи он чунин аст, ки муқаддимаи муносиби лақаб гузидаву некӯ бибояд оварду боз бар сари нисбати нома рафт. Чунин ки агар дар нома нисбати теғ гирифтаасту мактуб илайҳи Хайруддин асту тариқи барбасти теғ бо Хайруддин ба тариқи нисбату ангехт миёни ҳар ду душворӣ дорад, пас ба ҳинҷоре бибояд гузид, ки муносиб афтад. Дар маҳалли лақаб чунин ки: машҳур-ул-ахбор ё машҳур-ул-ғузот Хайруддин. Яъне, машҳури теғ охта асту хайр дин аст. Ва дар васати мактуб чунин ки: осори хайр дар зоти Хайруддин чунон ломиъу лоеҳ аст, ки гавҳар дар шамшер. Яъне, асари гавҳар шамшер асту осори ҷамъ дар ҷумлаи алқоби камнитоқ. Ихтиёри котиб ҳамин тариқ асту бас, байт:

Гар ба дунболи ман ой, з-ихтиёри ман макаш пой
В-арна бинмо ихтиёре, то ба дунболат ман оям.

**Унвон**. Ин саҳифа дуои хайри сипаҳдори хиёр-ул-ихёр Хайруддин, касара-л-Лоҳ-ул-харот, ба хайрияту беҳӣ мутолиа фармояд.

**Таҳмид**. Наҳмад-ал-Лоҳ, воҳиб-ул-хайр, бисми-л-Лоҳи хайр-ул-амо, Аллоҳу хайру муъин, шеър:

*اَبقاکَ رَبُّ البِرِ یا خَیرُالوَری  فی الخَیرِ وَالاشرارِ فی تَحتِ الثَّری

То нақши хайрот дар қалби ҳар доное таърих шавад, (147) зоти гузидасифоти хайр-ул-аном, хайр-уд-давла ва-д-дин, мухтор-ул-мулук ва-с-салотин ба қабои ихтиёриву хилъати бахтиёрӣ мушарраф бод. Тавфиқи хайрот ҳар рӯз зоидаву зояндаву осори хайрият ҳар соат фаровону физоянда, би-л-банӣ-л-хиёр ва олиҳи-л-ахёр. Дӯстдори некон Некои Ғурӣ, ки аз ҷумлаи беҳомӯзону беҳиандӯзон аст, саломе, ки аз ӯ бӯйи некӯхидматӣ ояду убудияте, ки аз неки бандагӣ нофа кушояд, ирсол мекунаду иштиёқ ба лиқои ихтиёре чун зикри ихтиёрони бисёрхайр хайроти бешумор менамояд. Хайр-ун-носирин ин хайрият ба ихтиёртарин рӯзу гузидатарин вақт муяссар гардонад, иннаҳу воҳиб-ул-хайр.

Хулосаи ариза он, ки фарзанди некноми хос ихтиёруддини беҳзод, зода-л-Лоҳ, Хайруддин ба ҷавонӣ бағоят некӯкору хубосор баромадаасту дар хидмат, хайр-ул-обо мин алламак, маблағе мухтороти улуми динӣ, байт:

Ки аз вай некномӣ ҳосил ояд,
Бадӣ аз баҳри номе ҳам наёяд –

гузашта ва ба фақри ихтиёрӣ тарки ихтиёри нақши шарир гирифта, чунонки то истихора накунад, саре ҳам нахорад. Ва аз он гоҳ, ки ишорати хоси ӯро дар кори тазвиҷ мухайяр гардонида, рағбати ӯ аз *самарат-ул-фавод* ба хиёри *умматӣ гуробуҳо* пеш менамояд. (148) Агар мегӯям, ки дар мазраъаи лохайри дунё аз гузидани тариқи *нисоукум ҳарасун лакум* гузир набошад, бошад бар чизе зояд, ки аз ӯ шаҷари некномӣ ба ҳосил ояд. Мегӯяд, ки дар ин меваҳои обӣ чошнии беҳӣ хайр аст, шеър:

*يا عادلُ القَرارِ من اَثمارِ لا تَحصِل من خيارها قِثاء

Чунонки ёд аз хайру шар намуда шуд, гузини ӯ ҳамон гарбият аст, на арабият. Агарчи он хайри ӯст, аммо нақшбинон онро хабар надонанд, чизи дигар хонанд, байт:

Фарзанди хиёрро беҳомад фармой,
Моно, ки дарахти хайр дар бор ояд.

Ҳамеша дӯст дар хайрободу душман дар хайр бод, ва-с-салом.

Таҳрир дар охири рабеъ-ул-аввал буду аз сол хайри биноён дар сари қалам омад, мисраъ: яъне, ки зи маҳ сиву сана ҳафсаду даҳ.

**Таслимот**. Ихтиёри он тараф дар қабули салом мухайяранд. Ба хидмати дӯстони мухтор мухтороти таҳият таслим афтод. Аз ин ҷониб хиёри асҳоби наҷм салом бо малоҳати лафз бар табақи муаваддат пешкаш мекунанд, ва-л-Лоҳу аълам.

**Адъият-ул-хайр ва-л-ихтиёр ва-л-мухтор маъа рабт-ил-ҳикоёт**. Малик Хайруддини некном, саббата-л-Лоҳи бунёна хайриҳи; сипаҳдори гузидаразм Ихтиёруддин, ахтораҳу-л-Лоҳи мин-ал-ахёр; ва ихтиёр-уд-давла ва-д-дин Мавлоно Хайруддин, абқоҳу-л-Лоҳ фӣ хайрият-ид-дин (149) ва-л-ъилм; шайх Хайруддин, зода-л-Лоҳу тавфиқа хайротиҳи ва ваффақа аъмола-л-хайр; Хоҷа Мухтор-ул-мулук, ҷаъала мухторан мин-ал-мулук.

***Ли-л-майит***. Ихтиёруддини марҳум, ахтораҳу-р-раҳмат; Хайруддин, хайяра фӣ духул-ил-хулд; Хоҷа Мухтор, хасса бимухторот-ун-наъим. **Ал-Акс**. Хайруддини маъкус, кафия-л-Лоҳ сирраҳу ва бауда шарорату шарриҳи мин ва-н-нос ва баъаса-л-хайр ва-ш-шар. **Ли-л-майит**. Хайруддини шарир дар дӯзах рафт, аҳрақа фӣ шарори ҷаҳаннам; Хайруддини лохайр ба хайрияти аҷал мушарраф шуд, ҳушира маъа-л-ашрор ва хуйира фӣ духули абвоб-ид-дарк ва хораҳу-н-нор ли-л-иҳроқ: Ихтиёри бадахтар мурд, хасса биихтиёр-ал-молик; аз Мухтор мухи сару торак хӯрди хок шуд, сора мухтор таъзиб-ил-ҷаҳим.

**Хатти панҷум** дар китобат сӯйи обову уммаҳоту авлоду ақориб, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар намудори китобате, ки падар сӯйи фарзанд кунад, **ҳарфи дувум** дар китобате, ки валад сӯйи волид кунад. **Ин хат ба тамом нисбати хешон аст**. **Дебоча**. Дар тақриби иборати ин ду мактуб намудори нисбати қурбӣ карда шуду натоиҷе, ки қариб бувад, аз масқати қалам дар батни коғаз маҳалли вазъ ёфт, то касеро, ки хотири зояндаву табиати қобила бошад, аз ин ҷо натиҷа ба тариқе баргирад, ки (150) машаммаи ботинашро дар кор ояд, назм:

Чун ловаладе, к-аз ҳаваси бача бипарвард,
Тифле дигарону халқе ёфт зи юмнаш.

**Ҳарфи аввал** дар намудори китобате, ки падар сӯйи фарзанд кунад. **Нома зи падар ба сӯйи фарзанд**. **Дебоча**. Ин дудмони натоиҷ, ки аз умм-ул-ҳуруф дудаи бисёр дорад, ба

хонаи фарзанди нури дида Зиёуддин, мунаввири нур ъайн-ал-або бихи, хонда шавад, ин шоа Раббӣ.

**Таҳмид**. Ал-Ҳамду лимуваллид-ил-маволид, ҳува сониъ-ул-башар мин-ал-мо, ҳува холиқ-ул-обо ва-л-уммаҳот, шеър:

*سلامٌ علی نورِ عینی و روحی    ملاقاتُه کلَّ وقتٍ فتوحی

То валади нарина ҳам аз оби пушт бошаду ҳам оби рӯю мавлуди мода ҳам хуни ҷигару ҳам хунобаи дил, саодати абадиву осоиши сармадӣ мулозими зоти рӯшансифоти фарзанди қуррат-ул-ъайн Зиёуддин мунаввар бод. Айн-ул-камоли айём аз лавомеъи он ҷамол макфуфу зулами лаёлӣ аз он ҷабини муталаъли масруф, шеър:

*نبیّنا ولدُ الخلیل و آدمَ    فی الخلق جدّهما و جدُّ العالمِ

Волиди пурсӯз сироҷи нур, ки дур аз он зиё аз тоби меҳр мурдаасту шаб аз шӯълаи ҳиркат сӯхта, таҳиёти ҷониву забонӣ таблиғ мекунаду замири мунири фарзандиро рӯшан мегардонад, ки (151) ба карами раб-ул-арбоб аз ин тараф дили дӯстон чун нақши қалб пайваста бо ҷамъияти висол асту ҷонҳои душманон чун ҳуруфи арвоҳ пароканда. Ҳоли фарзанди самарат-ул-фуод Тамроншаҳ, маттаъна-л-Лоҳу би-ш-шаҳоби наслиҳи, ки нахлест дар бӯстони нисбат, чунончи пухта баромадаву расид шуда, ки миёни табақаи дӯстони ҷонӣ ба коми ҳама ширин аст. Хулқе аз бӯйи себ дилкаштару лутфи замон аз бинт-ул-карам фарҳатафзотар, шеър:

مِن لفظِهِ زادالنّشاطُ کانّما    رُطَبٌ تولّدَ منهُ راحٌ مُسکرٌ

Ва бародарам Шарафуддини Абулмаониро башорат диҳанд, ки дар хонаи ӯ охири сафару охири рабеъ писар омада, балағаҳ-ул-Лоҳ бидараҷат-ул-хулд, ва дар ин суре дарунаи ҳамдамон чун гули лаъл бишкуфту дилҳо боғ гашт. Ӯро Шамсуддини Абӯбакр лақабу ном таъйин афтод. Он бародари Шараф асту ин Шамс дар бурҷи шараф омада, воҷиб кунад, ки наврӯзи айши волидайн ҳар рӯз тозатару шукуфтатар гардад, байт:

З-он гуна, ки тоза шаваду тар гулу райҳон,
Чун чашмаи хуршед ба бурҷи шараф ояд.

Хоҷа Айнуддини хол аз он ҷо, ки улув маҳалли ӯст, рехтане бисёр кард, чунонки ҷумла фурӯдастонро аз кушоди дасти ӯ обе тамом (152) ба ҳосил ояд, мисраъ: к-эзидаш бо обрӯ дорад мудом. Модари фарзанд Биби Зубайдаро шир камтар аст; хоҳари Фотима, ли-л-Лоҳ дурруҳо, чанд рӯзе шир доду бозистод, аммо даҳ тангаи нуқра чун шир бидоду доба бихарид, ки фарзанди шер шер мебошад, чунонки аз ширмастӣ наздик аст, ки шер гардад, назм:

Маҳе дигар шавад ин Шамси шергир чунон,
Ки офтоби Асад з-он ҷамол гирад нур.

Ҳозо боб, хайри Хоҷаи ҷад, ва-л-Лоҳу набитуҳу ҳаётуҳу, аз тарафи Хайробод расид; ба карами беиллати раҳмонӣ дар ғояти сиҳҳату ниҳояти саломат аст, ал-ҳамд ливоҳиб-ус-саломат. Дар боби тоату тааббуд ёд карда буд, ки сабаби баромадани зоди фароизро, ки аз уммаҳоти умур аст, ба ҳила иқомат метавонад намуд ва чун аз навофил дур мондааст, шабу рӯз чун тифлони маҳрум дурри ятим аз дида меборад, назм:

Дар хаёли ҳар ҷигар нӯшад май,
Бе ҷигаргӯша набошад чашми ӯ.

Аввал аз ҳасрати кубри син бозу ба дандон мегазид, акнун худ синнаш низ ба охир расидаасту басе намондаву наздик аст, ки сидқаш аз дари бачагон холӣ гардад. Ҳар бор аз даҳони дурбор фуруд мерезад, ки, шеър:

أعضُّ اناملی بفواتِ عمری    و لکن (153) اینَ اسنانٍ و ضرسِ

- он хонда ҳамазо[1].

Аз шуста шудани лавҳи умр афсӯс беш аз ин нест, ки чун ӯро аз қироати Бӯяхё ва дар хондани *инно аътайнока-л-кавсар* наздик аст, баъд аз он ба ҳадяи *лам якун* расад. Фарзанди хурди эшон Зайнуддин ҳадяи *зайянаҳу-л-Лоҳу биҳидоят-ул-Қуръон*, ки ҳанӯз аз рангомезии абҷад нагузаштааст, чандон алам, ки дар хондани Қуръон аст, ӯро кай гузоранд. Агар боҳафсе ба ҷиҳати таълими фарзанди эшон дар ӯҳдаи Умм-ул-китоб

[1] Оғози байт маълум, аммо ҳудуди охири он мушаххас нашудааст; мисле ки матн афтодагӣ дорад..

тавонад шуд, гӯй, ки бар эшон дар айни *ва-н-нозиъот ёсин* хонда шавад. Худояш аз хондани дурри *кулу нафсин зоиқат-ул-мавт* ҳофиз бод, чунонки тифли уммии эшон дар Қуръону китоб ояте гардад, мисраъ: в-ороста шавад ба хатти ҳусну ҳусни хат.

Алқисса, накши чад бар сари ҷону дил мондаасту хотир барои ӯ аз бачаи ятимон парешонтар, шеър:

*و يسقط من عيني على الارض قطرة   كمثل لقط فى طريقه يسقط

Бар азми Хайробод зоду роҳила рост карда шуд. Пеш аз он ки аз модарони табоеъи айём ба шикол фуруд ояд, ин волидро бар он сӯй равон мебояд шуду масолеҳ, ки салоҳи мо дар он аст, барои атфоли ӯ ба итмом расонанд. Писарони бузург худ дар байти *ва моун таҳрир* чунон аб-ул-ҳикам шудаанд, (154) ки умм-ул-ҳарфро ҳамли зоде тавонанд фармуд ва ба таракаи матрук даст наёлоянд, рубоӣ:

З-алфахтаи худ мард гираҳ дорад боз,
То мард ба мерос ниҳад чашми ниёз.
Ҳар гаҳ бачаи шер шавад сайдандоз,
Дар сайди падар куҷо кунад панҷа фароз.

Чандон, ки ин волид ба Хайробод равад, кори хайр-ул-аёлро чунончи хайрияти авлод бувад, ба охир расонаду бозгардад. Он фарзанд бояд, ки бародари ноҳифози худ Ҳабибро чун дар накши ӯ фурӯ хонда шудааст, ки хабис аст, нагзорад, то ба хона дарояд. Набояд, ки аз ӯ ҷинояте дар вуҷуд ояд, ки халқе онро хиёнат хонанду хабосат тасаввур кунанд, то ӯро бародар надонад, ки он ахбас ҳам бародар асту ҳам андӯҳ, мисраъ: ахун ахбасу биахин самма бассу.

Мардумон он бедидаи пуртаъмияро бад-он чашм мебинанд, ки қуррат-ул-айни мосту бад-ин хаёл аз бинт-ул-айни хеш азизтараш медоранд ва маслиҳати мо дар он аст, ки аз хона берунаш кунем, мисраъ: то писари мош надонад касе. Шак нест, ки он хунӣ ҷигаргӯшаву хуни ман аст, аммо чун аз ӯ ҷуз фасоду зиёдатӣ намезояд, ночор хуни фосидро берун кардану ҷигари зиёдатиро доғ ниҳодан салоҳу ҷуди мард аст, шеър:

*اذ افسد الدما، فاخرجوها   و كيدٌ على صحّة و بكى

Уммаҳоти муҳиммоти (155) он тараф ба ӯҳдаи куфоти фарзандӣ асту дар ин боб васияти зиёдатӣ ҳоҷат на. Яқин аст, ки ҷадди балиғ хоҳад намуд, шеър:

*و قد تكفى مهم ابيک جدا   كما يكفى مهم النّاس جدّ

Аз ин ҷониб ин волид низ чун ба хидмати ҷад расад, ба ҳеҷ коре муштағил нахоҳад гашт, илло, ки колои зеру забаргаштаро қалба задаанд. Шарти тафаҳҳус чунончи воҷиб бошад, ба ҷой оварду ба абнои бузург супурдаву аҷузаи сағираро, ъасамаҳо-л-Лоҳ ъан-ал-кабират ва-с-сағират, бар ъама раҳо карда, ъамараҳа-л-Лоҳ ъумраҳо. Ва бародар Зайнуддин ҳадяе низ ба хидмати ъам таслим хоҳад афтоду хол бо ъам ёр кард, то ҳар дуро ғам дорад ва он тифлро ба лутфи дил темор дошт, то ҷадди бузургвор ба фароғи хотир ба навофил машғул гардад, мисраъ: ва ҷадда ила-т-таъаббуд ва-л-ҷиҳод. Ахбори сиҳҳати зоти аъиззаву хешон, ки дар хондани он ороми қалб аст, моро ба дасти қосидони садоқат фиристода дорад, то дили меҳрубон таскин пазирад. Ин шоа-л-Лоҳ-ал-ъазиз. Ад-Дуъо кама вулуд фи-л-аввал.

Иқди таҳрир дар ҷуфт кардани ду шаҳри ҳаром буду сол аз қаробат пурсиш фармояд, мисраъ: шаъбону раҷаб, яъне дар соли севу ҳафсад.

**Ҳарфи дувум** дар намудори китобате, ки валад ба сӯйи волиди худ кунад. **Нома зи валад ба сӯйи волид. Унвон**. (156) Ин тифли даҳонбаста, ки уммаҳоти натоиҷ дар батн дорад, ба назари мубораки худованди волид Азизуддин айн-ул-ъиззат, *аъаззаҳу-л-Лоҳ фӣ ъайн-ил-аъизза*, расида бод.

**Таҳмид**. Ал-Ҳамд *ли-л-аҳад, лам ялид* ва *лам юлад*, ҳува мусаввир фи-л-арҳом, шеър:

*سلام على من بدا، منه ذاتى   و خلّى وجودى بحسن الصّفات

То меҳри падар офтобест, ки самарат-ул-фаводро ба ғармиву тофтагии бисёр пухта гардонад, хуни модар шафиқе, ки аз ӯ сапедаи шир дамад, то субҳи балоғат аз талъати фарзанд дамонад, сояи ҷадди маймунасар бар ҳомаи ҳумоюни фарри худованди волиди азиз Азиз-уд-давла ва-д-дин, тоҷ-ул-мулук ва-с-салотин, нури айн-ул-уммат, *ғафара-л-Лоҳу*

*лиабиҳи ва раҳми уммиҳи*, бод ва аз таърики обои улвиву таппончаи уммаҳоти сифлӣ дар партави амон, би-н-набийи-л-уммӣ ва олиҳи.

Бандаву фарзанди камина Абӯсаъд, ки бӯйи саодат аз муҳибби басти он тайибшамоил дорад, таҳияте, ки аз хулосаи ҷон зояду убудияте, ки аз бутонаи дил берун ояд, бо ниёзмандии иштиёқу тофтагии фирқ таблиғ мекунаду бозменамояд, ки аз ин тараф аз фарти авотифи Парвардигору шафқати меҳрафзои волидӣ дилҳо чун айёми сабийят тарабнок аст, чун тинати тифлон аз ғубори ғам бок, шеър:

*والدّهرُ فی کُلّ الأمورِ اطاعَنا کالامِّ للولَدِ الرَّضیع الواحِد

Худованди ъам Амидуддин, ҳасуна ъама иҳсонуҳу, (157) аз ҳаваси таториёни девҳайкал сӯйи девлохи муғул азимат намуда буду аз он ҷо сӯйи аҷдоди худ ҷониби Нигинобод ронд. Пас аз он ҳаволӣ тарафи маликзодаи Мукрон рафту чандмоҳа зоде дар ҷория вазъ карду ба даре нишаст ва чун тир равон шуду хештанро дар Кеш андохту тире чанд холиси пайконкӯш аз ҳудуди Кеш лоиқи абнои мулук ба даст оварду баъд аз сиюми моҳ сӯйи мавлиду маншааш дил кашиду бо бори нафойису қумоши бисёр дар шаҳри хеш бозомадааст, шеър:

*وَ مِن عَودِهِ سَرَّ قُرباهُ طَرا کَما سَرَّ شیخٌ بعَودِ الشَّباب

Ва ҳамл бизоате дорад аз айтоми баҳру акбоди ҷибиллу атфоли садаф, ки обову уммаҳот аз зодани амсоли он ақиманд, мисраъ: зодаҳа-*л-Лоҳ* лиман зодаҳо. Ҳоле он аҷносро аз біми таҳосуди абнои ҷинс чун захираи модар аз фарзанди мушарраф пӯшида доштааст, аммо назодае чанд, ки чун гавҳари шабчароғ дар зулмати лайли ҳабла пӯшида намонад, ба тавилаи арз риштаи фитор бастааст. Аз он ду курра дар ғояти талхӣ дидам, ки гунаи саманди ҳар як аждаҳои гарданафрохта, ки агар чӯб барорӣ, дар сӯрохи мӯр дарраванд, мухраи ҳар яке гӯӣ аз даҳони мӯр берун омадаасту сияҳчолест.

**Дигар**. Охир зоди маликзодаи Мукрон, ки савдои (158) Шабдизро дар хаёли хусравон аз сар тоза гардонад, хунуке дигар аст. Мискинашакли модар Кавоширу падар Шерозӣ, ки модари ӯ бар ӯ сар фуруд ораду абрашест фуҳули баҳрӣ оташпораи аз барқ ҷаҳандатар, ки монанди абр пой бар замин намениҳаду бо бод сухан мегӯяд ва модиёнест дигар, ки гӯӣ аз моддаи ҳавоиву нораш мураккаб кардаанду обеву хокеро дар таркиби ӯ гузар набуда. Агар он кашани бодпойро бо ин модаи оташин ҷуфт кунанду натиҷа ситонанд, байт:

З-омезиши боду оташ чӣ зояд?
Ба ҷуз шуълаи тезу тӯфони оташ!

Ҳозо боб, домоди Хоҷа Солеҳ Наҷибуддин, ки манкуҳа ҳиболаи оташин миҳори зарбинаш карда буду забуни худаш сохта, аз хушунати мизоҷи Хусур ончунон тунук омада, ногоҳ риштаи суҳбат аз он ноқаи Солеҳ бигсасту ба хидмати Хоҷа Азудуддини ам пайвасту худро дар бори ӯ басту сарриштаи муҳор гусастани хештан ба итноб барбасту гаронӣ, ки аз хусурони хеш дошт, фурӯ рехт. Хусурон низ таъмия пеш оварданд, ки чун домод тарки мо гирифт дод, ёфтем, аммо мушкил ин аст, ки Хоҷа ам бе ҳеҷ ноқаву ҷамале он шутури сӯхтаро дар сояи ҳимояти худ ҷой додаасту бори эҳтимоли ақриборо маҳмил гузошта, инро бар чӣ ҳамл тавон кард. Ва Бибиаммаи Баракахотун, *ъаммат баракатуҳо*, (159) ва махдумаи ҷадда, *зодат навофилуҳо*, риштаи тасбеҳро бар даст гирифта, оростагии силки суҳбати он духтару домод талаб мекунаду Хоҷа Хусурро мегӯянд, ки чун домоду фарзанди туст, маслиҳат нест, ки, мисраъ: зан зи фарзанд кунӣ дур, ки то монад фард. Чун он ҳар ду маъсума маишати умм-ул-муъминин Оиша доранд, умед аст, ки дар он тазвиҷ мувофақати Фотима бо Алӣ пайдо ояд, байт:

Бӯҷаҳлваше гар нашавад шӯрангез,
Бо Бӯлаҳабе дар назанад оташи тез.

**Дигар**. Намуда меояд, ки духтарони Бибинабот: Суманхотуну Арғувонхотун, ки Хоҷа Рабеъро наботи хол бошанду Ваҷеҳи Суриро ҳамширагони ризоӣ, балки хуну пайванди якдигаранд. Хоҷа Ораз агарчи пӯшидаи меҳр аст, аммо аз он ҷо, ки ҳаёти ӯст, ҳамвора сояи лутф бар сари Арғувонхотуну суманхотун густурда медораду ҷавонмардии ӯ худ бар ҳама аз оби софӣ рӯшантар аст, байт:

*اِذا ما جاءَ عارِضُنا بفیضٍ یَجیءُ العَینَ مِنهُ فَوقَ ارضٍ

Ва азбаски он ҳар ду мухаддарраро покдоман мебинад, мисраъ: падарворашон тарбият мекунад. Гуӣ, ки он нозанинон аз салби ӯ чакидаанд. Эшон худ то ин ғоят дар ҳазри исмат чунон мастуранд, ки бодро даруни пардаи эшон мадхале нест. (160) Дар ин вақт, ки расида шудаанд, аз ҳар ҷое эшонро хотибе хостааст, хоса Бӯшимаи Гулобӣ. Ҳамоно бодраве боғбонро орояндаи масолеҳи эшон дидаасту бо ӯ мухтасар симе дар миён оварда мегӯяд, ки даст аз домани Арғувонхотуну Суманхотун барнадорам. Медонад, ки ин ҳар ду арӯс зару симе низ доранд, байт:

В-он ҷо, ки бувад ҷамолу моле,
Лобуд, ҳамаро бувад хаёле.

Аз он ҷо, ки сӯзу гудози он Гулобист, ба бӯйи Суманхотун оташ дар ҳама гулҳо мезанад. Набояд, ки он шукуфаи рӯйпӯшидаро ба иқди дуруст хонаи худ бараду чун кори ӯ сӯхтану гудохтани он мухаддарот аст, бар оташи тезаш дораду хуни ӯро об кунаду он даҳанбастаро захраи он набошад, ки дам барорад. Агар хотири отири махдумии волидӣ савоб бинад, сӯйи бодравии боғбон бӯй аз хӯйи он гулобӣ ба хомаи абирбор нашр кунад, бӯ, ки рӯзгори ин биҳиштӣ зоеъ нашавад, байт:

В-оташ назанад ҷаври Гулобӣ ба чаман
В-аз беобӣ бозраҳад барги суман.

Бибинусрати маликро Ҳисомлақаб писарест забонӣ, ки ҳарфеву қаламе дорад сахт шуҷоъу мубориз. Ӯ низ барои ин духтар забоне меандозад, аммо миёни халқ ба қатлу хун рехтану буридан машҳур аст. Чун масали (161) ин авсоф аз ӯ рӯшан шуд, дам даркашидам, ки Ҳисом агар оина шавад, рӯй сӯйи ӯ накунам, аммо ходимест аз он малик Оразӣ Ҷавҳар ном, ки бақои арз бад-ӯст, писархонда дорад муҳаррирпешаву озодаву меҳтарзода. Ҳар сим, ки дар қоби майсара ба ӯ хоҳад пайваст, то ӯ ҷоиза наёрад, мумкин нест, ки марди қалбро дирам ба ҳосил ояд. Аввал он, ки аз насли ахрор асту дигар он, ки даҳ сол ин озод дар бандагии донишмандон мукотаботи эшон таҳрир кардааст. Дар ин вақт ба иҷмоъи хешон иттифоқ чунон мешавад, ки ин аҷузаро, ло золат мастура, дар пардаи ӯ мастур гардонем, шеър:

*حَتّى يَعيشا بازدواجٍ طَيِّبٍ　　　كَالوَرْدِ وَالرَّيحانِ اذ نَبَتا مَعاً

Ахбори ин тараф, ки намудори он эҳтиёҷи куллӣ бувад, дар тӯли ариза ба арз пайваст. Ин фарзанду ҷумҳури аиззаро аз хидмати худовандии волидӣ дар кулли умур як ишорати падарона бас аст. Холиси арз он, ки он чи маслиҳати мо дар он бинад, ба сари қалам овардан фармояд, байт:

То номаи маймун-т кунам афсари хеш,
Пас бар хатти фармони ту дорам сари хеш.

Агар зоти азизи худовандии падарӣ ҳар чӣ зудтар чун азиз бар сар расад, аиззаи бесарро иззати тамом пайдо ояду ҳалвои ин мизбониҳо табақаи уҳиббову ақрибо ба коми дил тановул кунад, шеър:

*أنشاء مُولِّدُ السُّرُورِ　　　فى أفئدة و فى صُدُورِ (162)

Хонаи чашми банда бадар омад, он боб обод бод. Омин!

Шумори моҳ ҷамодию-л-уло аз абҷад берун ораду таърихи ъом аз хулқ тафаҳҳус фармояд, мисраъ: яъне, даҳум аз моҳу сана ҳафсаду даҳ.

**Таслимот**. Хидматҳои муҷаддаду таслимоти ҷадид ба хидмат хонанду ҷадди мо дар ин махсус аст. Модару падар маросими осмонбӯс ба ҷой меорем. Мо дари модарро атаба бӯсидем. Ба хидмати волидайн, зода бақоҳумо, салом ба ихлоси зоҳиру ботин таблиғ афтод. Писари азиз бӯси ишфоқи падар қабул фармояд. Ба хидмати волида таслимоти зоянда бо уммаҳоти шавқ расида бод. Ба ҷониби қуррат-ул-ъайн аҷуза саломҳои мутааттишона бо набот-ул-ъайн маҷро ёфт. Ба хидмати бародар салом ба абри ихвату озари шавқ мерасонем. Ҳамшираи ширхора таҳияте, ки ба шираи шарбат мулоқот бувад, бо зубдаи ихлос бихонад. Хоҳари бузургро таҳиёти вофира *маъа ихавотиҳо* расонида бод. Дар бандагии ам хидматҳои амиму саломҳои умам фиристода омад. Хоҷа Хол таслимоти холӣ аз риё қабул фармояд. Ба хидмати ам чун нақши ам камари бандагӣ бастам. Пеши холи азиз холи дидаро бо модари замин ба ниёйиши тамом қаробате додам. Бибиҷуфт аз

ҳалоли худ саломе, ки ҷуфти иттиҳод бошад, қабул фармояд. Таҳиёти ҳарами (164) мувофақа ба иҳроми хидмати муҳаррам расида бод.

**Адъият-ул-ақориб маъа рабт-ул-ҳикоёт би-л-мадҳ ъала-л-қадҳ**. Хоҷа ҷад ба тааббуд чунон машғул аст, ки ба наберагон намепардозад, *ъамма вақтаҳу би-н-навофил;* ҷадди пирро ҳар рӯз дар ахияру тоат умри нав мехоҳам, ъумруҳу фӣ-н-навофил; ҷадди фалон калон ҳанӯз сияҳриш аст, шаба маҳосин ҷаддиҳум; фалон набиса ҷаддаро некӯ хидмат мекунад, ҷадда ва-л-Лоҳ ҷиддаҳу; фалон кас фарҷадро бад мегӯяд, фар-ул-ҷад минху; фалон Хоҷа писарону набисагонро хидмат кардан некӯ меомӯзад, матаъа болу авлодиҳи ва ҳофидиҳи.

***Ли-л-майит***. Ҷадди мо дар зиндагонӣ фариштае буд, ҷадд-ал-мулки фӣ истиғфориҳи; хоҷаи ҷад таҷдиди вузӯ карду ба раҳмати ҳақ пайваст, ҷаддада-р-Раҳмони раҳматаҳу ъалайҳи. ***Ли-л-аб***: то падари фалон зинда аст, хонаи эшон обод аст, ъаммара-л-Лоҳу қасра ъумриҳи абад-ул-обод; фалон писар падаре олиҳиммат дорад, ъала абиҳи ка-л-обои ъулуйятаҳу; банда ҳанӯз дар тарбияти падар аст, абқоҳу-р-Раббӣ.

***Ли-л-майит***. Фалон фарзанд аз оби пок аст, ъарақа абуҳу фӣ ъайн-ил-ъафв; гавҳари фалон фарзанд аз қатраи пок аст, ғусила абуҳу биъайн-ул-ғуфрон; фалон писар аз пушти падар ҳама гавҳар чакидааст, раҳима-л-Лоҳ ъалайҳи саҳобуҳу.

***Ли-лиуммаҳот***. Модарам дар шир додан донӣ чи моя ранҷ таҳаммул намудааст, (164) ли-л-Лоҳу дурруҳо; модароне, ки фарзанди нек зоянд, раҳима-с-сонеъу арҳомаҳунна; маҳдумаи волида, ъаммарат фӣ уммаҳота-т-тақво; фалон аз модар хулосаи уммаҳот аст, пайғомбарзода аст, раҳима-л-Лоҳу уммаҳу.

***Ли-л-майит***. Волидаи дуогӯй адъияи бисёр ба ӯ дошт, агарчи нохонда буд, *ли-л-Лоҳи* дурра уммӣ; модари фалон мояи раҳмати Худой буд, ҳушират фӣ уммаҳоти-р-раҳмат.

***Ли-л-ихвон***. Дуъои бародари хушхӯй: ахоҳ-ул-ҷадду ҳаззаба-л-Лоҳу ахлоқаҳу каахлоқиҳи ва ихтасса ихватаҳу лиихвониҳи. Дуои бародари бадхӯй: табаб-ал-Лоҳ ахлоқаҳу ва ахаза-л-ҷаббор ахзан шадидан. Бародари бадгӯ: ҷаъалаҳу-л-Лоҳ ахрас. ***Ли-л-майит***. Бародарам дар олами хулуд духул фармуд, халад-ал-Лоҳ-ул-мунъима фӣ-н-наъим; бародарам – Ахёр маро ҳам бародар буду ҳам ёр, ҳашара маъа-л-ахёр; бародарам дар тақвову тариқат тариқи малакиятро малака карда буд, ахо руҳу-л-қудси руҳаҳу. ***Ли-л-ахавот***. Хоҳарам, ки беҳтарини хоҳарон аст, ҳаёҳо-л-Лоҳ маъа ахавот-ил-хайр; ҳар аврат, ки бо хоҳарам нишаст, порсо шуд, ло золат маъаҳо ухту-с-салоҳ. Агар хоҳарро ба лафзи ҳамшира ёд кунанд, бародару хоҳари ризоъӣ ва дояро низ *ли-л-Лоҳи дурруҳо* тавон набишт. ***Ли-л-майит***. Хоҳарам аз миёни хоҳарон рафту ба раҳмати Худой пайваст, хассат би-р-раҳмат маъа ахавотиҳо. Хоҳарам дар биҳишт хиромид, (165) ахоҳа-л-ҳаср ва-р-ризвон ва шафқат ихвониҳо ва ахавотуҳо.

***Ли-л-абно***. Фалон писар модару падарро бағоят муаззам медорад, ъазума байна банӣ Одам; фалон писар шарафи ансоб пайдо шуд, шаррафа-л-обо бинубувват; писари фалон миёни асҳоб ба тариқи меҳтарон мезияд, сода ъало абно-ил-ҷинс; писари фалон нек бадзиндагонист, даъоҳу Абӯяҳё; писари фалон дар ҷиҳод теги ахта аст, ҷуъала салилан фӣ-л-ғазв; фалон аз тинати бади писари худ гилаҳо дорад, ъаммара байтаҳу бисалолат; модар қадри чун ту писари нек намедонад, ки қадр дар ғайбат донанд, мо дарат уммуак қадрака. ***Ли-л-майит***. Фалон фарзанд сӯйи фирдавс хиромид, анисаҳу виддон-ул-ҷинони; фалон ширхора ҷониби ҷӯйи шир рафт, ҷоаҳу-л-мубашширу мин уммаҳоти-р-раҳмати; фалон писар модарозор буд, ҷуъила уммуҳу ҳовия; фалон имомзода бо соҳибияи бад будӣ, або молик-ун-нори мин шофиъиҳо.

***Ли-л-банот***. Фалон духтар ба духтарони рӯзгор намонад, ъасамаҳа-л-Лоҳ мин банот-ид-даҳр; фалон духтар ҳаргиз бонги суруде самоъ накардааст, мо ҷоат басуи банот-ул-лаҳв; духтар низ қуррат-ул-ъайн аст, хулосаи духтаре, ки худро аз чашми модару падар низ пӯшида дорад, ғурриба кунният-ул-ъайн; фалон духтар нишонаи луъбат шудааст, лаъибат биҳо банот-ул-маноё. ***Ли-л-майит***. Фалон духтар аз арӯсони анҷум (166) покдомантар буд, саъид руҳаҳо фавқа банот-ан-наъш; фалон духтар ба пайғомбарзодагони мо нисбатӣ, онасатҳо банот-ун-набӣ фӣ-л-ҷанот; фалон духтарро дар роҳати мудом майдони фаррох

ёфта, бӯ, мо саалат мин бинт-ул-карам. ***Ли-л-азвоҷ***. Фалон аврат бо шӯйи худ бағоят мувофиқ аст, ъукида-з-завҷу биъуқди сидоқиҳо ва саввара лаъбуҳо фӣ қалб-ил-баъли; мастураи фалон чун истори Каъба покдоман аст, ъазамат фӣ байт-ул-ҳалол кабайт-ул-ҳаром; миёни фалон зану шӯй мувофақате қавист, ло ялаҷ байнаҳумо ила-л-вифоқ ва зода байнаҳумо таволид-ул-видод ва-л-инфоқ; фалон шӯй бо зан хилофи бисёр мекунад, ваффақа вифоқа завҷатиҳи. ***Ли-л-майит***. Имрӯз фалон мард мурду аз султа халос ёфт, дахала-л-ҷанната ъан завҷиҳи фардан; манкуҳаи ту бағоят кофирмизоҷ буд ва агар ҷониби ислом майл мекард, ту монеъаш мешудӣ, барудат нор ҷаҳаннам ладайҳо.

***Ли-л-хол ва-л-хола***. Хоҷа Ҷамол холе дорад, ки рӯйи давлат бад-ӯ оростааст, зайяна ҷамол-уд-давлат биходиҳи ва хола-д-давлати биҷамолиҳи; фалон сояпарвард дар тарбияти холи худ аст, зилл-ул-хол холидан ъало раъсиҳи; холи мо бағоят сиёҳкор аст, саввада ваҷҳу холино; аму холи фалон бунёди карам муҷаддад кардаанд, ло зола ъаммаҳу фӣ-л-байти ботиян; холи мо, ки абри раҳмат буд, фурӯ рехт, (167) об холано ило маоб-ир-раҳмат; холе доштам, ки хонаи холии бандаро ба лутф мамлу доштӣ, мало қабра холӣ би-н-нур; рӯйи холаи мо холи ҳаё дорад, саттара-с-сабоҳу холаҳу; холаи мо дар пардаи нур мастур шуда, ризвону-л-хӯлди холуҳу.

***Лилъам ва-л-ъамма***. Ами моро кеҳтараки шеб оғоз шуд, ъамараҳу-л-Лоҳ; ами шумо бахшиши ом мекунад, аътоҳ-ул-карим ъамо ло яҳтасиб ва ъам наъим-ул-ҳақ фӣ ҳаққаҳу; фалон ғами амма некӯ мехӯрад, абқия-л-Лоҳ ъамаҳу; бародари моро аму хол як соат аз дил дур намешавад, заҳаба-л-ғам маъа-л-хол мин қалбаҳу; ами фалон бағоят таъмидгар буд, ъамоҳ-ул-Лоҳ-ал-басар фӣ-л-баъс; ами ту баракати бисёр дорад, ъаммат баракатуҳо; Хоҷа Авдар оятест дар ҷаҳл, разақаҳу-л-Лоҳ ъилман ав дироятаҳу; ами мо агарчи кала пӯшидӣ, аммо аҳли амоимро улу-л-ъилм буд, баъаса байн-ал-мутааммимин. ***Ли-л-мусоҳарат***. Фалон мард ду хусур дорад, ҳафиза-л-Лоҳу ъани-л-хусрон; хусури мутаҳаррикро ҳар гоҳ, ки дил сокин шуд, хусри тамом аст, мо сакана-л-Лоҳ қалбаҳу; хусури фалон ҳомии халқ буд, ҳамоҳу-л-Лоҳ ъан-ан-нор; хушуи мо, ки бар айни иффат нишастааст, аз ӯ ҷуз хушуъ чизе намезояд, зода хушуъан; хушуй, ки духтарро фасод омӯзад, саҳарат набота батниҳо; хушуи мо ба хушнудиву хушӣ зиндагонӣ кардӣ, мо рота хушунатаҳу молик; хушуйи фалон пайваста ба хушунат сухан гуфтӣ, ахазат бихушунатиҳи-з-забонӣ; фалон (168) хусур азиз домоде дорад, ва ъазза хатанаҳу ка-р-руҳ; фалон хусур ба сабаби осудагии духтар домоди марҳумро нек дӯст доштӣ, заввача руҳа хатаниҳи би-л-ҳавр; домоди фалон канизаке харида буд, шунидаам, ки ту бар ӯ зино кардаӣ, зинат ҷориятуҳо. Шеър:

*ثمّ الدُّعاءُ خيرُ ادعيةِ الورى　　　ملكُ الاقاربِ فيهِ خيرُ تطابُ

**Хатти шашум** дар китобатҳои арабию порсӣ, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар китобатҳои арабии сирф, **ҳарфи дувум** дар набиштаҳои порсӣ, ки бе омезиши арабӣ аст. Мисраъ: **инак ин мисроъ низ аз баҳри фарқ**.

**Ҳарфи аввал** дар китобатҳои арабии сирф. Мисраъ[1]:

**كانت النسبه بالتنجيم. الديباجه.** حررت هذه المكاتبة المرفوعه الى سدة مولانا، الامام شهاب الملة لا زال نور عين الاعيان والاجله و اعليت عبارتها الى على السموات لكى تقبل بابه و الطلعت منها شهب الدقائق عدد النجوم ترخص جنابه و لقد اروت ان ارعى فيها نسب العلويات منا سبته لخطابه لكن اسمه السامى اعلى مما يعلى بهذه المناسبات و المخاطبات فالتزمت فيها تناسب العلوم لابها ارفع الدرجات و اشرف المقامات فاخذت اذ يال عواطف العلاة كثر من عنها من المعائب و الزلات.

بيت:

كالشمس تسبل ذيل انوار على　　　(169) قمر تلبس نقصه بكمال.

**العنوان.** يسقر هذا السفر المظلّم بنور عين مولانا شهاب الحق والدين لا زال اعلى من شهب السما. بعلو علم اليقين.

**تحميد.** الحمد لمضى الشهاب الله منور الشهاب. بيت:

شهاب الحق منك يفيض علم　　　كما فاض الحيا من سيح سحب

شهاب انت تحجب نور شمس　　　كنور الشمس تحجب كل شهب.

الله النور الذى جعل الشهب محرقه للشياطين و وفق لاحتراق شياطين الانس والدين مولانا. شهاب الملة الزهراء. ازهر نجم السماء. اصبح شمس السعود طالعة على جبينه و امسى ليلة القدر ساطعة فى سواد يمته رفع بالشهاب علمه و نصب على فتح باب الالباب قلمه طاعن الفرقدين بالعلو و نالث السماكن بالسمو يراعه سهم السعادة بحرح الاشقياء. و سهم للغيب معه فى كتابته الانشا. و هو عصاء كليم بل عصاء كليم و ثعبان ملذوعه، سليم و مبغوضه كليم و لو يبلغ عصاء كليم سحراً. فهو يلد من يطاب السحر الحلال فمنه يجد لسع العدى كالحيات و هل رايت ايما يقطر من لسانه ماء. الحيوة ما غرق قصب فى البحر قط و اذن قصب يغرق فى البيرعين يخط فيطلع من ظلمة البيرعين العمر فى التحرير. فالحمد لله الذى خصه بعلوم حق بها ان يخاطب (170) بتعمان الزمان على ان اصوله فى الفقه بدايته بمحو الضلال بالبرهان و

[1] Давоми матн, ки пурра ба забони арабист, айнан оварда шуд.

ذهنه نسخته صادقة من لوح محفوض و بیانه فی معانی التفسیر کما هو من جبرئیل ملفوظ و عند المحد تین مشهور کالنیرین فی مشارق الانوار و قد انتشر انواره کضوء الشهاب فی الاخبار و لفظه یوجب صحته کل العلل و فضله ینصب علمه علی التعظیم برفع المحل و فی النظر لایقاس فی الدوران نظیره و شامل لکل ما هو لازم من العلوم ضمیره هو فیلسوف الاسلام و ابوعلی فی الایام. منطقه قوام انواع الانسان باجناس الجواهر و کلامه اثبت الصانع بالعلم القطعی و البرهان الباهر بلغ الی کمال ما یعرف الانسان من الالهی و بلع تلک البحار و عرقها کما فی وفی الریاضی برقه الحساب و یحسب ذرات الرمل علی لوح التراب و لو اراده طبعه فی الطبعیو ثبت بالدلیل القطعی فی الابعاد الثلثه رابعا و یزید علی الجهات سابعا لما یشیر بحاجبه ادرک الغرائب فی الحال کادراک العید باشارة الهلال و اذا یبحث بجدة البوس یتفجر منه لطائف الافکار کالجار العیون من الابار. شعر:

تبارک الله بان کان بری        یجعل من قطرة ماء بحرا.

اما بعد فان مرقوقک القدیم خسرو بن لاچین یعرف (171) بالندیم وضع المقلة الیمنی علی سد تک العلیا و سود التراب بمس السواد حتی یصیر کحلا فمحل بعین الوداد. تم امضی علی رایک المنیر مضی البدر المنیر ان الصانع تعالی عن الخطا. قلمه فی الانشاء المصنوعات و تنزه عن الغلط رقمه فی ابداع المنشیاة وهب لی بفضله العظیم. ابیات هوی فیها الاهواء ان الفضل بید الله یوبته من یشاء و امطر من یراعی بالندی حیاء فی اندائیه تلاطم بحور الاشعار کما قد یتلاطم البحر باقطار الامطار غواصها ملاء بالنفایس سفاین و عابرها حصل من العبرة خزاین و بُعد ما زینت اذ ان المستمعین الدرر المنظومه و رتبت اجزاء المنشین تبلک البدائع المرقومة. هیجنی قریحه القیاضة الی نثر اللالی المنشورة لان احلی منها للعرایس المستورة و قد کنت نظمت نثرا من قبیل الماء المعین احیانا و لکن ارقت الآن لالاً دایما احیانا و ابدعت ترسلا کسد به متاع البهاء و حسد علیه روح ابی العلا و تقبیس منه الفواید ناثر اللعرر و یلتقط منه الفرائد ناشر اللدرر سواده کحل العین لا ربا‌ب البصیرة و بیاضه عین النور لا عین القریرة و حین حررت مملوک هذا بحکم القضا. قال متعجبا فی تحریره المشتری قاضی السماء، شعر: (172)

من نادرات الدهر مملوکا اری        لما یقید بالسلاسل حررا.

رُب لیالی احیتها و یراعتی فیها تهتز کانها جان و کم او قدت مصابیح النور فی الدجی و المعنی غیر معدود مع دود السراج فی الطیّران عطرت عید اللطائف بالغیر و العبیر حتی تحلت مثلته بین القصب و الحریر فیا من یثقب جوهر الدقائق بجدة الفکر قد اقترحط منک نظرا الی هذا البکر لان تغسل خیلان المعایب من خبثها بریفک المطیب قاماترکعا نعیته مضحکة کجلوة المشیب. و تنخل ذاک الکحل علی الاوراق الرقیقة حتی رملیق بعین المبصرین و یسود وجه المقصرین و لابد ان یطالب مثلی من مثلک هذا لاشفاق اذ لیس من یحیط بجمهور المعانی دونک فی الآفاق و یراعک قسام القدم السامحة عصا لاهل الزلل فظل بین انبیته البراعة عمدة عند الخلل. شعر:

فالیوم اصلح ما کتبت بغافر        ما فی کتابک یوم حشر یصلح.

وجب علی شکر ما رتبت بکسرات موایدِ فوایدک و کم من ذباب مثلی یحتة من عواید موائدک. شعر:

الله ضاعف ما اعطاک من نعم        حتی یفیض بها فی الجن و النسم.

کتب فی الثانی من الربیع الاول و تاریخ العام (173) آخر الکتاب و اول الذیل، مصرع: اعنی اثنین بعده سبعمائه.

**تسلیمات.** سلام علی الشهب المضیضته للنور فی بیتک المعمور المتحرقه للحساد دواماً. سلاماً یحا کیرو او سلاماً شهب سماء الهوی سجدتک کالنجم اذا هوی سجد دراری باب الشهاب کشهب نسجد نجوم التراب.

**الادعیة.** لشهاب العالم یقتبس المشتری من ینبتق طروقه شهب العلو ثبت علوه بعلوم لا نهایت له.

**Ҳарфи дувум** дар нисбатҳое, ки ба порсии бе омезиш бувад, байт:

Яке нома асту нисбатҳои бисёр,
Дигарсон карда бар ҷойе намудор.

**Дебоча.** Ин гуфтор ба порсии ноб ороста гашту забони тезӣ аз ин нома чунон бурида шуд, ки аз забон тезии нома. Ва ин намудорест барои чошнигироне, ки пухтагиҳои порсиро аз тезиҳои бисёр чошнӣ диҳанд, то хушоянда намояд. Дар он сухан нест, ки аз пулпулу адраки хуриш боре хуш мешаваду беҳунармандӣ ин ҷо пайдо ояд, ки дар пухтани сухани порсӣ ҳам ба обу намак ангезиш бас кунанду чун аз ҷуғроту паниру аз шир рӯғане берун меояд, барои чарбу ширини (174) бағдодӣ ҷигар полуда нагардонанд. Бандаро худ дар ангехт нерӯмандиест, ки ба порсии беомезиш чандон ки хоҳам бинависам, ки забонам ҳаргиз ба тезӣ ниёзманд нагардад, аммо чун доноён лофи хирадмандӣ мезанам. Шоҳроҳи фарохро ба анбӯҳе андеша бар худ танг кардан аз хирадмандӣ дур бувад. Бар ростии гуфторе, ки гуфтам, гувоҳи рост нахуст килки ман асту дувум ҳамин нома, ки рост кардаам, назм:

Гарам бовар намедорӣ, биё, ин номаро бархон,
Дигар хондан намеарзад, ту донӣ хайри дигар хон.

**Сарнабишти нома**. Муҳри ин нома, ки муҳрҳои коғазаш аз гавҳарҳои шабчароғ пироя дорад, бародари гузидаи писандидаи Эзид боре бикушояд.

**Сипоси Худо**. Мисраъ: сари нома номи Худованди гетӣ;[1] Худоро сипосу ҳам ӯро ситоиш; ситоиш дар оғози нома Худоро; оғози сухан ба номи Яздон; ба номи Худо кардам оғози нома. Наср: Худой эзади парвардигор, байт:

Эй сарвари гетӣ, ба кулоҳу дастор
В-аз рӯйи хирад ба сад забонат гуфтор.

---

[1] Пас аз ин боз дар қолаби чанд мисроъ сипоси Худо меояд, онҳоро бо нишонаи нуқтавергул (;) мушаххас кардем.

Ҳастӣ ту бузургзодаи дарёбор,
Эзад ёре, ки эзадат бодо ёр.

То забони порсиён аз тезӣ бурида бошаду забони ҳиндувон дар порсӣ шикаста забони гӯёи бародарам сарви баландахтари арҷманди хирадманди (175) фаррухрӯйи некӯхӯйи Эзадёрдеҳи замон, ки оби гавҳараш дарёро бузургӣ додааст, чун теғи ҳиндӣ буррону коргузору бар сони тири туркӣ мӯйшикофу кӯҳгузор бод. Осеби даҳраи рӯзгор аз перомуни некӯхоҳон буридаву бадсиголонро аз тири чарх чашми захм расида, ба пайғомбари тозии замон, ёри каминаву дӯстдори дерина Пирӯзи Пуршӯрӣ бандагӣ ба орзумандии бисёру ниёзмандии бешумор расонида, вонамуд, ки бар ин сӯ корҳо ба беҳию беҳрӯзист. Дӯстонро бодаи дӯсткомӣ дар ҷому душманонро хунобаи нокомӣ дар ком. Сипоси беандоза мар бахшандаи комҳои дӯстону шиканандаи комҳои душманонро, шеър:

Эзад ҳамаро диҳод коме,
К-аз роҳи хушӣ зананд гоме.

Бар он дили дурбодаш гузаронида мешавад, ки сипаҳсолор Баҳром, назм:

К-оби теғаш зи ҳиндувони палид
Пок шустаст рӯйи гетиро,

номзади замини Туланг шудаасту он ҷо ҳама сару кор бо ҳиндувони саркаш аст. Ва ҳар фармондеҳе, ки он сӯй оҳанг намудааст, аз он саркашон сар дар каш монда. Ин бор эшонро бо сарандозе кор афтодааст, ки сар дар кори ӯ хоҳанд кард. Пас, ин зиндагониро магар дар хоби марг бинанд. (176) Гӯянд диловаронро дар дил мӯй бошад, тири сипаҳсолор Баҳром аз ин мӯшикофиҳо бисёр кардааст. Мӯйи дили эшон чунон хоҳад шикофт, ки дили эшонро гоҳе нахоҳад шуд, то тири мӯйшикоф аз шона нахоҳад париду шонаи устухонеро чун шонаи чӯбин шох-шох нахоҳад кард, назм:

Шона ба чанд захм кунад мӯ зи мӯ ҷудо,
Ӯ мӯй-мӯй карда ба як захм шонаро.

Аз он ҷо, ки подшоҳи кишваркушойро ҷаҳонгирию фирӯзмандии ӯ чун Офтоб рӯшан гаштааст, шамшери хеш бад-ӯ додаасту дасти рост ҳам дода, ки ҳар чӣ ба захми тир бигирад, бар сари тозиёна дар басти ӯ кунанд. Ӯ ҳам ба нерӯи он дасти рост дастро кушод додаасту лашкаре ба фароҳдастӣ дар мушти хеш овардаву худ ба теғзанӣ ду бозуе чунон дорад, ки агар даст бардорад, Ховару Бохтарро аз як канор то дувум канор бигирад, назм:

Бозуи баҳманишро зӯри таҳамтанӣ диҳад
Эзади пок, то кунад баҳманиву таҳамтанӣ.

Аз даргоҳи ҷаҳонпаноҳ сохтагиҳои фаровон ёфтааст: ҳазор камон бобати зеҳ аз чарх баландтару аз моҳи нав кӯҳнатар. Ҳар як чун моҳи нав кӯҳнаву навнамой, ки моҳҳо дар баромадаш баромадаву ҳеҷ тиреву нишоне бар вай нагзашта (177) ва Баҳмане бар он даст насудаву бист ҳазор тир ҳар як андозе, ки шаст бинад, аз ду нашканад. Белакҳое аз бели киштӣ паҳнтар, ки аз киштӣ гузоро шаваду аз дарё ҳам, назм:

Сози дигар низ андар ҷанг мебояд аз он,
Моҳиёнро ҷушишеву оби дарёро зиреҳ.

Тирандозони саҳмноку сапеда, ки агар Баҳроми сипеҳр бар замин ояд, тири чандеш нафармоянд, баробараш номзад кардаанду фармон дода, ки мавоси миёни ду обро, ки молаш надодаанд, молиш расонанд, ки агар ин лашкар миёни ду об хоҳад рафт, ҳар ду обро дар хун яке хоҳад кард, чунонки пас аз ин касе дар миёни Гангу Ҷувн оби хуш нахӯрад. Аз ин ду об то канораи дарёи Сарандеб хунрезӣ хоҳад рафт, ки мурғи обӣ аз сурхобӣ бигрезад, назм:

Ҳамаро зи хун нӯли зоғу заған,
Кунад ҳар дам аз нӯли тӯтӣ сухан.

Гузорандагони теғи ҳиндӣ бисёранд, аммо гузорандагони забони ҳиндиро сипаҳдор бисёр ҷустуҷӯй мекунад, ки ҳиндувонро аз теги ҳиндӣ чунон натвон кушт, ки аз забони ҳиндӣ. Он бародарро, ки дар забони ҳиндувони Туланг аз теги ҳиндӣ бурронтар аст, мехоҳад миёни ҳиндувон коргузорӣ фармояду баробари худ равон кунад (178) ва дар гирд овардани дирами подшоҳ забони бародарӣ теғи дирамгир созад. Ва дӯстон кӯси шодӣ

кӯфтаанду ғулғули ин овоза дар сипеҳр афтодаву бахти хуфта аз хоби хаста чун ханҷари ғуррон пас намебояд харид ва сухане, ки пеш аз ин гуфтаанд, рост мебояд кард, назм:

Ба рӯзи ҷанг агар теги нав бувад кӯтоҳ,
Ду гом пештарак зан, ки то дароз шавад.

Умед аст, ки пилони масти туланги, ки аз пилони банг нанг доранд, ба ҳинҷоре аз ройи корвон берун кашаду барои молиши бозандагоне, ки корҳои шуморо бозӣ мегӯянд, ба зӯри ин пилбанд рух сӯйи шаҳ ниҳад, назм:

Бозӣ-бозӣ шигифт набвад, ки зи бахт
Фарзин бинад пиёдаи хеш зи тахт.

Ҳамгинонро чун рӯз рӯшан шудааст, ки дар хонаи бародаре аз безарӣ Офтоби зарвому моҳтоби симвом ҳам намондааст, воми бисёр монда. Дар ин парвоз аз мурғон пар вом мебояд карду бахти некро миёнҷии кори хеш пиндошт, чунонки баробари лашкари чатри подшоҳ фармонро ба пардохт расонаду бозгардад. Умед бошад, ки аз бахшиши Худойгони бандапарвар, ҷандон ки тунукаи гирд орад, ки рӯйи зарвом аз ранги тунукае сурхвом шавад. Медонӣ, ки парвариши даргоҳ агар ҳама сари сӯзане (179) дар кор ояд, ҳам дом дӯхта шаваду риштатобе нодӯхта намонад, байт:

Зинҳор дар омадан шавад оташи пой,
З-он гуна, ки нони хешро пухта кунад.

Омадан бар ин сӯй хуҷаставу фархунда бод.

Набиштани нома дар моҳи Худой поёни шаб буду сол аз ситораву маҳ рӯшан шавад, мисраъ: аз моҳ ду бувад, ҳафсаду ёздаҳ сол.

**Бандагиҳо**. Сӯйи дӯстону ошноёну арҷмандони дидаву шинохтаву хешону наздикони он сӯй сари ниёз бар замин ниҳода шуд. Некӯхоҳону ёрону бародарони ин сӯй бандагӣ бо фаровон орзумандӣ мерасонанд.

Мисраъ: **хонданӣ баҳри зиндагон ба накӯӣ**. Бародарону дӯстони некӯкору гавҳарбор ҳар як аз шохи некномӣ бархӯрдор бод. Хешон, ки хуну пайванди моанд, хуну пайванди эшон аз теғи чарх бурида мабод.

Мисраъ: **хонданӣ баҳри мурдагон ба накӯӣ.** Бародарону дӯстони гузашта, ки гули биҳиштанд, абри омурзиш бар хоки эшон борон бод. Ошноёне, ки дар торикии гӯр мондаанд, хок бар эшон мояи рӯшноӣ бод.

Мисраъ: **хонданӣ баҳри зиндагон ба бадӣ.** Афғонаки ришоили сели нав, ки боде дар бурут дорад, ришрехта бод. (180) Мушаки хоксор хок бар сару пой дар гил бод. Хоҷаи газидхори сангсор газидаи сагони дӯзах бод. Мардуми беобу беоташ хок.

Мисраъ: **хонданӣ баҳри мурдагон ба бадӣ.** Оташаки сӯзанда дар дӯзах рафт, хок бар ӯ хокистар бод. Санқараки хунхор хобонаи марг нӯш кард, римаи дӯзахиён гуворо бод.

**Хатти ҳафтум** дар амсоли арабиву форсӣ, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар амсоли арабӣ, мисраъ: **нисбаташ фи-л-масал ҳам аз масал аст**. **Дебоча.** Бидон, ки амсоли арабӣ дар иборати порсӣ овардан завқи он масал ба ком расонад, ки *тибб-ул-ҳиҷоз фӣ лабан*. Шерози рағбати ин илтизоз бандаро бар он дошт, ки лабани найпухти хомаро ба чошнии но масал пиростам, *ал-масал фи-л-калом ка-с-сикбоҷи фи-л-авом*. Дар ангезиши амсол хосатан ин масалро амсал доштам, ки *ҳаббатҳу-л-бурри фӣ-д-дор хайрун мин ад-дурар-ил-мустаъор*. Акнун аз чошнигирони маънӣ мултамис ин аст, ки дар ин когази шакарпеч он масалро тановул диҳанд, ки *халлу-л-фақири лада-л-акобири би-л-манни баширун*, шеър:

*و مُكدَّرٌ من سائل عندَ الكِرام      خيرٌ لرَوُحٍ روحٍ مِن صفوِ المُدام

**Унвон**. Ин нома, ки муҳри ин масал бар даҳон дорад, *нашара-ш-шеър би-л-ҳақиқат лав лам яхтам фӣ-д-дақиқат* фозили бемисол Шамс-уд-давла (181) ва-д-дин, кассара-л-Лоҳ амсолаҳу, хонда фармояд.

**Таҳмид**. Ал-ҳамду *ли-л-Лоҳи-л-лазӣ* лайса камасалиҳи шайун ва-л-Лоҳ-ул-масал-ул-аъло. Ашъор:

*حَيِّيتَ امثلَ امثالِ الوَرى شرفاً      لامِثلَ تشبيهِ فى العقل و الرأى
لَم يَبدُهُ مَعناهُ فى ذِهنٍ و فى خُلدِ      كَالرِّيحِ لَم يُرَ فى المِرآتِ و الماءِ

То ҷибиллати мардум ба хулияи *ҷаъала-л-Лоҳу-л-башара маъдан-ал-маъонӣ* ороста бошад, талъати рӯшани худованд, шараф-ул-амсол, Шамс-уд-давла ва-д-дин, ки *ло назира*

*лаҳу таҳта-л-фалак-ил-мумассал* масал аст, аз он зоти адим-ул-мисол ба дебочаи *айн-ус-саъодати фӣ ҷабҳат-ил-муқбил* мутаҷаллӣ бод ва аз осеби *ъосаф-ул-ҳадсон ютир-ал-қаланисата маъа-р-раъс* масуну маҳрус, ба Муҳаммаде, ки тавқеъи маншури ӯст: ман таъаллақ бизавоибиҳи фақад иътасам биҳабл-ил-Лоҳ. Дӯсти ягона Аҳмади Сипоҳонӣ, ки ин масалро маъмураи иттиҳод сохтааст, ки *ман лайса маъа-л-муттаҳидина муттаҳидан фаҳува мин-ас-санавияти* ба рағбати ихлос бо иқдоми мижгон иртисоми ин масал мекунад, ки *нақаъа боб-ул-ахлои ли-л-ъайни какуҳли-з-зиёи* ва дар таманнои он лиқои фархунда дилро бад-ин масал хурсанд мегардонад, ки *лав ябқа-ал-ҳаёту ярҷиу-л-мулоқот*. Борӣ таъоло бад-ин шарбати роҳат замири мутааташи моро таскин диҳод, ки *лиқо-ул-вадуди баъд-ал-миъод камои-л-ҳаёт* (182) *бизимон-ил-води* мақсур аст.

Тӯли ариза бар он, ки мукотабаи Мавлавӣ, ки ба ирсоли масали *саҳифат-ул-махдум ъатиқа мин-ал-ҳамум* дошта буд, бад-ин марқуқ расиду даруни дидаи дил маҳалли эъзози *изо ҷоа сафар-ул-авдои амсо фӣ савод-ил-ъайни ва-с-сувайдои* ёфт. Ҳар бор, ки дар дилам ёд меояд, ки дар он дил бод омадаам, дили пажмурда чу гули тоза мешукуфад. Оре, *назар-ал-қалб мин-ал-баҳҷат ка-л-вард-ал-баҳиҷ* ва бахти пажмурда зинда мешавад, ки *изо ҷоа иқбол-ул-мудбир закаруҳу-л-муқбил*. Дар қалами муборак рафта буд, ки масале чанд ба ҷиҳати тартиби китобат дар қалам орад, магар он мутаҳаййири олам ин масалро бар рӯйи об намеорад, ки *хазоин-ал-ҷор ястафизу мин қатарот-ил-амтор*. Ёрои он офтоби шараф он аст, ки нуқсони ҳилолро дар назари бинандагон ба камолу тамом ҷилва кунад, *камо қила фӣ-л-масал, "ал-қамар музлам илло ан яроҳу-л-ъайн мунираn*. Бандаро ба итоати фармон кор аст, узри сақам гуфтан дар маҳалле сиҳҳат пазирад, ки *ат-тоҷир яхраҷ мин касибаҳу*. Чун ҳар чӣ дар он хидмат хидматӣ хоҳам кашид, атияест ҳам аз он махзан, чунонки гуфтаанд, *юъхазу-с-саҳобу мин-ал-ямм ва ямтур ъалайҳи*. Маъзарати бетавҷеҳ маслиҳат надидаму ирсоли масале чанд сӯйи он маҷлиси рафеъ, *камо юрсал*(183)*-ул-мадара ила-с-самои ва тухлаъу ъала-р-раъси*, таҷосур намудам. Арҷу, ки чун бад-он манбаъи алтоф расад, агар зари дурусташ бошад, дарҳол муслиҳи хато *баъсаҳ-ул-мусиб* ва агар луқма бошад, ки ба чошнӣ наярзад, хомаи маҳдумӣ, ки ба лаззати зоиқ ниъм-ал-гайб-ал-қалам расидааст. Иёзан би-л-Лоҳ, ки бад-он мулаввас гардад, аммо резачинони хосро, ки бар мавоиди фавоид аз наволҳое мушаббаъу мумталӣ мегардонаду алвони латоиф ҳамчунон боқӣ, чунонки дар масал аст, ки *ҳаҷама-з-зубобу ъало табақин ло янқусу минҳу раъсу баққин*. Ишора фармояд, ки офтобворӣ барои гармии рӯзи бозор бозаргони камбизоат гирди колои косид бароянду қумоши лоши бандаро ба иъонати *буруҷ-ил-косид изо рагиба фиҳи-л-муштарӣ* равнақеву ривоҷе арзонӣ доранд, ки ин амсол аз ҳусни иштиғоли эшон бар мисоли назоиру амсол, байт:

Зевари сафҳаи баён гардад,
Гавҳари теғи ҳар забон гардад.

Иншоа ман тақаддас ъан-ал-масал ва-л-амсол. Ва ибтидоуҳо мин зикр-ал-Лоҳ[1].

حُب الودود السعود البشر من الخلائق اب و اب البشر الى الله حُب الله من امتلا. جوفه بخوف الله من قوس من عين الخلائق الى حاجب مين الله عليه. ما اضحى نور الله فى خلد الظالم فى الفلک و الثوابت و السيار. (184) ان ملکت الملک فلک الفلک اذا قامت القيامة تعدد الثوابته هل بسعود المحل سعود الزحل لو کان بالسعادة علو.، الحمل نفاق المشترى راس الزحل ليس مشترى الاملاک کمشترى الافلاک بيت المريخ صفر حاجز محوسته العالم بين النجسين، کالمشترى بين النحسين، حمرة المريخ من دما. الاحداث و القدما. اينما ينظر الشمس يشيع الشعاع، ذنب السرحان مکنته الغزالة، بيت الزهرة ميزان الطرب، قوت العطارد من دقائق السنبلة، نقص البدر من عين الکمال، البدر مراة العين ما دارت الهالة حول الهلال، لو قال قطب مه ما زاد القمر لا يولد من الليلة الحبلى الا عين الضيا فى البروج، شرف العين فى السفر شرف الغزالة بالحمل، شرف القمر فى الدور اذا حُمل على الثور، عقد الثريا جدير بنطاق الجوزا.، السرطان بيت القمر لا بيت الشعرى، سرطان الارض تجرى فى العين و عين السما. تجرى فى السرطان، سد البروج مرکب الغزالة بالبر و الغطا.، ما وزن فى ميزان الفلک الا المريخ، ذنب العقرب راس النحوسات، سهم السعادة فى قوس المشترى، لا يستحى الاسد من لحينه الحدى، دلو السما. لا يردى، (185) الظمان ما کشفه. حوت السما. الاتمساح البيدا.، فى العناصر و الآثار العلوية قليل النار، نحمد بالريح و کثيرها لو قد منها النار کثير الرما و لانها تطعم العباد بالشمس، نار الحجر يتنور نوره نار امر، الرياح على الغبار نافذ و عند الجبال نافذ، اذ هوى العين من الهوا. حجب العين من السما.، قوس قزح حاجب عين السما. سيقطر ما فى الغمام، جود الجود يخرب البيوت و جود الجود يعمرها، لا يمضع الجمر باسنان البرد لم تحصل الرى بروية الما. . برويته البدورا بين خيته من الما.، اذا ما بنش بمرفقيه تم اذا لم يکن مع الجز ترب فى الفجل ترب اذا سقط الرياحين، فالتراب مسکن فى المواليد و ابتدا.ها من الانبيا.، المشتهرين يلج العالم الکبير فى العالم الصغير، خلق السموات السبع فى سته ايام و آدم اربعين صباحاً، سفينته نوح بيت نظم البرية، سکين ابراهيم لا يذبح اسمعيل، يوسف قرة عين يعقوب، لن يحصل صبر ايوب من کل اسم دود، اين بروج الجان من ديوان سليمان حفظ الله لحيتها، رون من اخذ موسى ان يا من

[1] Баъд аз ин пурра амсоли арабӣ меояд, ба хотири парҳез аз ғалатнависиҳо амсол дар сурати асл зикр мешавад.

احد من ابی یحیی، و لو خضر و عیسی کل من مات فی حی عیسی، الیس یجب ان یحیی رسولنا احمد من آدم و رسولنا احمد من کل محمد نقاط القرآن خیلان الرحمة، (186) حروف القرآن سیوف تقتل الشیطان، السلطان العادل ظل الرب و ظل البر السلطان الظالم، شمس منکسف الضعیف من کنف ذی الامان کنمل علی کنف سلیمان، الملک عقیم یلد الفتن، کل صاحب الیدین لیس کذی الاکناف و کذوی الیمنین، اذا مال القاضی الی الشریعة آمن من جهنم، ابتلی ابویوسف بالقضاء، تاویل القاضی رقبته ابتلاع النار. اول العالم السوء لا یخاف آخره، قلب کل جر ریح و کل قلب بعض خیر و بحر عالمنا، یمین موکد بیمین، العلم العلم حلیة الفقیه و الجهل حلیته السفیه. حاصل الاهل لیس یبحث، سهل العلم یحبث بالمعقول، لا یبحث بالمنقول العقل مخ الرؤس العظام، الحلم من عرض جوهر المنطق، من لیس لهُ تقویم النفس فهو نقش تقویم، من ملک نفسه فهو ملک بنفسه، من بشر بشراً بخیر فهو بسر و من نشر خیر البشر فهو بشر، من نشر نسمه فهو نسم و من نشر سمومه فهو سم، طبع الشرار محرق و عیش الخیار بارد، لذت الدنیا للاثام کذوق الاختلام فی المنام، من انتبه عن نوم غفلته، تنفس صبح رفعته البیض، سلا جهاد الشیطان، قلب المومن مرات الصفا یری ما فی القلب الصافی کالماء. فی الزجاجته، من فی الصرم حسامه فهو من النیام ما دخل، (187) تحت السیف الاصاحب الجنته فی ید مقبوضه، راس السخاء سخاء الراس غزازة، الجود غزازه الوجود، الاعتلاق بناب الفیل، اسهل من التعلق بباب البخیل. من مال الی المال مات فی الامال، اخراج العین علی المدخل اسهل من خرج العین، من استزاد علی الاکل و الشرب لن تشبع الاباتراب، ما تولد الفراغ الا بمباشرة الاسباب، من بسط بسط من قبض قبض، رضی متصل بالعین، وضع الانسان من المنی و آب الی المنیته الابن منی و البنت منیة، النبات امهات البلایا، الابن خلف و البنت خلیفة، والله اعلم للابن و البنت فی الانعام، اذا زاد شعیر الفرس جال علی جو، من لیس لهُ جواد و هو حمار الرویة عند النجباء، شارب الضیغم شریب الدم، ابن اوی فارمن ابی الغدار، رقص البعیر من لک فی الرستاق، مقر دم فی است. الحمار و البقر، الخنزیر فی حلقوم خیر من الخنزیر فی الحلق اذن الا رنب علم للفرار، عفو الکلب غضب ما لاق بین الهره الابهرة، العین ما یدا عین الهرة الا من عین الاسد اذا ضحک القزیکی اسنه.

**فی الطیور.** تمکن العنقاء فی القاف تمکن (188) القاف فی العنقاء، ید الملوک دست البازی، ما بلع ماء البحر علی نحر البط، الغربان سواد وخه البستان. علو الحمامات لیس من سموم المقامات، بلغ اجل العصفور حین لعب مع البازی، ما رفع الشعیر فی جو الا بحواصل الطیور، ریش الدیک لیس من المحاسن، لا یتراجع العنکبوت من اکل الذباب فی الهوام و الحشرات، اذا حان بضفدع البیر منیة یعتصم بحبل الحیه، اذا صف النملُ فی الصیف لم یلتفت الی رف الخلد الرؤف، النون تحت العین بحکی عن صحة النون، فی العین لا یحتاج الی العین فی النبات، نجم القضاء لیس کنجم السماء، عضاضة الورود من دماء الحدود، حشر الریاحین لنشر البساتین، لم یبق الی الایام النبق، تم ایام التمر و نحن نحتاج، تم خیار البطیخ فم الفستق للتضریس لا للتقبیل صفاء، حمر التمر بعد النحل بنت اکرم ام اکرم من خلو، بشر تم هلو مجلس تنادی قمقمة، الراح قم قم فی المعادن الذهب، عند الاحمق و حمق العاقل، من عقد عین حجب نظره ما عقد العیون الا النیام، الدرهم جنته العقلاء، دُر فی صوف، یصادف الجوهر ثقب الحجر لیس کثقب الدرر، عین الهرة قص الغارة مُجدر ان کطبقی الرحی الحجر لیس محل الحجر، اذا خرج الجنته من الحجر، قتلت بالحجر السیف مسلول والغمد (189) مدقوق، الحُسام بالطبع مدقوق و بعده مسلول، سنان البطل لسان الاجل، حلیة السیف انارة السیف، لسان السلاطین یعنی السهام یرقص السام، اذا حُل الحسام احشا. جعلها نیام، النصل مسعول الروح و مقول الفتوح، القصد میزاب الدماء، یا من لک در فی العین ذُو فی العین، من نصد دُرة ما نقد امره. قطعه:

ذکرنا هذه الامثال کلا　　　لیذکرنا بها عقل العفول

ایا من لیس ذاتک مثل شیء　　　اومها فی الخلائق بالقبول.

Бандаро он чи дар маънии набиштани амсол фармон буд, имтисол намуд. Чун ҳоли қиллати фазлу камоли нуқсони хеш боло фурӯхонд карда шудаасту маъзарати равобити амсол низ дар мактуботи амсоли порсӣ омада, ин ҷо гуфтаро боз гуфтан рост бад-он монад, ки *такрор-ул-қалам юбтил-ул-хат*. Аммо узри инбисот зарурист, ҳарчанд ки *лам ялтафит-уш-шамс ило тамаллуқ-ал-ҳурбо*. Чун забони мақолро дар шарҳи эътизор ин узр бар даҳон буд, ки *ҳумрат-ал-хаҷил яҳкӣ ъан суфрат-ал-ваҷил* намудор кард, мисраъ: васфаҳ мин акрам-ал-ашраф мо мул, байт:

Туй, ал-масал, Хизр андар маонӣ,
Назири Хизр бош дар зиндагонӣ.

Ҳангоми таҳрири ин амсол моҳи сафар дар поёни мисол расида буду таърихи ъом аз латоифи амсол биёроста, (190) мисраъ: яъне, ки зи маҳ сиву сана ҳафсаду ду.

**Таслимот**. Ба хидмати аиззаи он ҷониб худро ба масали *ас-салом ябнӣ ъан-ас-саломат* бор дода шуд. Аҳиббои ин тараф ба ирсоли масали *таҳийяту-л-муҳиб юҳйи-л-маҳаббат* муштамиланд.

**Ал-Адъият *ли-л-ҳай* ва-л-майит *би-л-мадҳ* ва-з-зам ъала-л-иҷмол**. Ман сабата ҷудуҳу сабата вуҷудуҳу. Ман аъто самаран аъто самаран. Ман қасата мо сақата, ман ъадала мо ъадала. Ман намо макараҳу бора самаруҳу. Ман зода хайруҳу бода хайруҳу. Ман мота бирран ъоша фӣ ъайн-ил-ъафувви. Ман иртаҳала кариман яртаъу фӣ риёзи-р-ризвон-ил-карим. Ман асқата ъавоман буъиса фӣ ъизом-ил-килоб. Ман мота лодиған хулиқа мисла-л-адғиятиҳи мор-ал-ъақорибу такуну фӣ масвоҳи-д-дуди.

**Ҳарфи дувум** дар амсоли порсӣ. Мисраъ: **нисбаташ ҳам бар мисоли аввал аст**. Бидон, ки чанд мисоли порсии сирф иншо кардаму дар ин номаи бемисол ҷамъ овардам, то донандагон бар ҳукми он масал, ки *ҳикоят аз масали бемисол шаваду иборат аз назири беназир* хар масалеро дар маҳалли лоиқ тасарруфи маънавӣ фармоянд. Чунонки гуфта шудааст, ки *санг задан бар маҳал беҳ аз зар додан ғайри маҳал*. Муроди банда аз асоси ин авзоъ он аст, ки баъд аз харобии бунёди обу гил номи воло баланд бимонад, ки *номи баланд беҳ аз боми баланд*, шеър:

بناءُ الجسم فی عَینِ النُّدی لابُدَّ یَختَلُّ　　　بناءُ الاسمِ مِن عَینِ النُّدی (191) لابُدَّ تشتدُّ*

**Унвон**. Ин муҳр, ки барбастаи ин масал аст, ки *нома пардаи роз аст*, сарбаста ба дасти валинеъмати мо кушод ёбад.

**Таҳмид**. Ал-Ҳамду *лисониъи-т-тамосил*, қитъа:

Зиҳӣ, бахшанда дастуре, ки андар ҷустани муфлис
Атои туст чун сити ту дар офоқ саргардон.
Ҳавои хидматат бар эътимоди ин масал дорам,
Ки *дастовези уммед аст фитроки ҷавонмардон*.

То сиккаи сухан аз зарби масал дуруст гардад, зоти беназири маҳдумӣ миёни амсол бар мисоли иборати аҳли фазл аз тамсилу назоир ороста боду зикри он маноқибу маосир *чун масали маъруф пирояи забонҳо*, ба ҳаққи *ли-л-Лоҳ-ил-масал-ал-аъло*. Доъии мухлис фалон, ки дар дӯстии хос зарби масал гаштааст, хидмат расонидаву намуд, ки иштиёқи он лиқо инро бар чеҳраҳо ба хун менависад, ки масали ӯ агар дар дил хуноба бошад, аз дида таровад. Холиқи бемасал ин масалро дар ҳаққи мо рост гардонад, ки *чашм аз рӯйи дӯстон рӯшан шавад, на аз боғу бӯстон*.

Хулосаи ариза он, ки маҳдумзода, ки бад-ин масал дархур аст, ки *қуррат-ул-ъайнро аз сиёҳии дида дивбон бояд сохт*, рӯзе ин мухлисро талаб карду гуфт: "Моро ба тариқи амсолу ҳикмат насиҳат навис, ки зубдаи банди носеҳон дар самъи биноён масали рӯғанест, ки дар гӯш андозанду саводи чашм бошад (192) ва иштироки самъ аз тоифаи олудагон ин масалро об диҳад, ки чун гӯшдард зиёнаш дорад".

Хидматгор, ки аз маҳдумзода масали ин алфоз, ки аз он масал сухан мегуфт, ки *ҷидди мард аз забон пайдо шавад, чунонки тезӣ аз шамшер*, дар гӯш карду мутаҳаййир гашт, аммо чун аз ҷавоб гурез надошт, ночор ҷуръат намуд, ки агар иборат ин аст, ки дар лаҳҷаи муборак мешавад, масали ваъзи мо дар хидмат бад-он монад, ки касе оби даҳан дар дарё андозад, то дарё бияфзояд. Чун ман хасе, ки носеҳи чун ту рӯшандиле гардад, чунон бувад, ки сихаки ҷорӯбро атобаки чароғ созанду риштаро рақиби гавҳар. Аммо чун пеш аз ин гуфта шудааст, ки фармони бародар дар оянда равзанест, яъне аввал пушти тавозӯъ сухане кунад, баъд аз он бар вазн дарояд, ночор хидматгорро дар ин дари баланд дар оянда равзан бояд буду дар имтисоли фармон кӯшид. Дар узри ин бисоти инбисот низ масале ёд меояд, ки агар фармон бошад, арза афтад.

Ҳусни истимоъ арзонӣ дошт. Ин байт бар сабили тамсил бар ройи эшон гузаронида шуд, ки:

Ҳадиси панду насиҳат ба муқбилон гуфтан
Бувад чу сӯхтани уд зери домани гул.
Ту худ пазириву аз ман, вале маро шояд,
Ки лоша пеш кашам, ту савор бар дулдул.

Маъзур надошту гуфт, ки масали мо бо шумо (193) ҳамон аст, ки ғаввос дар дарё чизе дидааст, ки дар ғавраш фуруд меравад ва ба зарурат ғасу симин, ки буд, пӯст боз карда шуд, байт:

Гар масал ҳаст пухтаву гар хом,
Дар хуриш бод ин навола ба ком.

**Амсол ин аст**. ***Аллоҳ***: ҳар кӣ худро бинад, Худойро набинад. Ҳар кӣ аз Худо натарсад, аз ӯ бояд тарсид. Муътазилӣ ба дидори Худою одамӣ исботи сонеъ натавонад кард, чунонки нақши сурат наққош натавонад навишт. ***Ал-Фалак***. Ба боми баланд даст бар сомон натвон расонд. Нагун шудани фалак барои чидани одамиён аст. ***Ал-Буруҷ***. Дувоздаҳ бурҷе, ки дар суфаи тоқ нависанд, ҳама бурҷҳош хокӣ бошад. Каъбатайни фалак ба дӯшаш муҳра бармечинад. ***Зуҳал***. Сияҳрӯии Зуҳал ба як далв шуста нашавад. Зуҳали ҳинду аз туркии Миррих натарсад. ***ал-Муштарӣ***. Муштарӣ ба саодати харидан нахоҳад рафт. Чун Бирҷисро рӯз бад ояд, дар каши Аторуд хӯша чинад. ***ал-Миррих***. Сиблати Миррих аз неши ақраб сухан гӯяд. Бахроми бадзахра каждумак бувад аз вубол натарсад. ***аш-Шамс***. Аз чашмаи Офтоб ҷуз ташнагӣ ҳосил нашавад. Хуршед рӯйи ҳама сияҳ кунаду рӯйи моҳ сапед.Сӯйи Хуршед тезбинӣ чашми туро зиён дорад, на Хуршедро. ***ал-Зуҳра***. Лофи Зуҳра табъию ситезаи Зуҳал. Тарозуи Зуҳра аз гаронии ситорагон нашканад. (194) ***ал-Аторуд***. Аторуде бояд, ки тоби наздикии Офтоб орад. Сиёқати Аторуд аз рӯзномаи Шамс рӯшан

шавад. Тири чархро камони чарх бояд. ***ал-Қамар***. Ранги зиреҳ моҳи қасабро зиён дорад. Дузде, ки бо машъала ояд, аз моҳтоб кай тарсад?! Абруи ҳилол ба вусмаи осмон сабз нашавад. Афзудани нури моҳ барои сипарӣ шудан аст.

***Ал-Аносир***. Сӯзанда оташ аст, ки ҳаргиз сер нашавад. Раванда бод аст, ки дарёву кӯҳро саҳл гирад. Об бахшандаест, ки ҳар чӣ бибояд тар кунад. Хок мутавозеъ аст, ки кафи пойи подшоҳу гадо яксон бӯсад. ***ан-Нор***. Ҳар кӣ оташмизоҷ бувад, бе об зияд. Оташи зан дар он хона, ки дудаш касе набинад. **ал-Ҳаво**. Ҳар кӣ бод дар сар дорад, сар ба бод дорад. Аз муқотаъаи бод хабари хок барнахезад. ***ал-Мо***. Ҳама палидиҳо аз об шӯянд, палидии об аз ҳеҷ чиз натвон шуст. Бе нон метавон зисту бе об натвон. Оби тез дар хона дарояд, беҳ аз он, ки давлати тез. Об аз кӯфтан дар ҷувоз тунук нашавад, аммо оберо бибояд кӯфт, ки аз об тункутар гардад. ***ат-Туроб***. Хок ғарбелро нашояду хишт осебро. Аз байзаи хокӣ ҷӯза назояд.

**Ал-Маволид ва ақронуҳо**. **Зикр-ул-анбиё**. Одамро гандуми биҳишт насозад. Сӯзани Исоро ҷуз риштаи Марям дархур набошад. Дами Исӣ дар зиндагон дар бигирад (195) ва гургро аз Юсуф хабари тирарӯии дурӯғ ҳосил нашавад. Сӯзи дили Нӯҳро тӯфон тавонад кушт. Мӯсоро сапедии даст ҳунар аст, на айб. Агарчи мӯрча бар сари Сулаймон барравад, айбаш нагиранд.

**Расулуно алайҳ-ис-салоти ва-с-салом**. Муҳаммад ба меъроҷ баланд аст, на ба аммома. Ва: тоҷи Аҳмад қуррат-ул-ъайни одамиён аст. Барои кӯрии иблис соя гирди Расул нагардад. Рӯшноии араб аз нури Муҳаммад бувад, на аз машъалаи Абӯлаҳаб. ***ас-Саҳоба***. Ёри ғоре бояд, ки захми море кашад. Бегунаҳ аз дарраи умр натарсад. Аз ҷамъи Усмон самъи Бӯҷаҳлро чи илм. Шарми Усмон барои имон аст, на барои рӯзии Алӣ. Он, ки дари илм аст, калиди Хайбар ҳам ӯст. Ҳар гоҳ, ки Умару Ос Алиро лиъумрак гӯяд, сараш бибояд бурид. Хуни Ҳасану Ҳусайн дам-ул-ахавайн аст. Ҷое, ки Ҳусайн ташна мирад, агар бар бизанад, борони лаънат борад, ҷойи он бошад.

***Ал-Мулук***. Ҷоми Кайхусравро соқӣ лаббайк. Сақои чоҳи Бежан аз зиндони Заҳҳок кам нест. Ҷое, ки камони Рустам бошад, борони Баҳману тир ҳам тавонад буд. Намруд аз пари каргас бар осмон натавонад рафт, аммо аз лагади пашшае зери замин меравад. Гови Зол аз шери айвони Нӯширвон натарсад. ***ал-Аммома***. Зинда касест, ки даме дораду раванда касест, ки қадаме дорад. Аҳмақ риш рост кунаду оқил (196) маҳосин. Марди бесангро вазне набошад. Домони покро, ки бо домани олуда банданд, пок ҳам палид шавад. Мусаллои зоҳид агар ба шоҳид расад, худро пок кунаду мусаллоро палид. Мард по бар ҳаво ниҳаду номард по бар ҳаво ниҳад. Некӯкории некӯрӯй донишмандро. Дасткӯтаҳ беҳ аз дастдароз. Ду ҳарф дар сабақ беҳ аз даҳ китоб дар дастор. Мақомот аз китоби Ҳамадонӣ тавон ёфт, на аз аммомаи Ҳарирӣ. Саре, ки бори касе накашад, боре бошад бар гардан. Одаме, ки шиками дигарон пур накунад, ҳайвоне бошад ба як шикам. Далер теғро кор фармояду ғайр забонро. Ҳар кӣ дар ҷанг пушт намояд, рӯй натвонад намуд. Муштзан дигар асту теғзан дигар. Зебоии мардон аз сурхрӯӣ аст. Зан аз гоза сурхрӯй шаваду мард аз ғазо. Зани мардваш беҳ аз марди занравиш. Дузди ҷавонмард беҳ аз айёри бахил. Дасти ҷавонмард ба ҷиҳати додан. Хори ду кафи бахил аз бароиситудан. Кафшдӯз чарми олуда хояду луқмаи пок хӯрад. Авон уд сӯзаду кундаи дӯзах шавад. Ҳар кӣ мол нахӯрад, ӯ пушаймонӣ хӯрад. Мушти баста қуфли биҳишт асту ангушти кушода калиди раҳмат. Ангушти косиб калиди рӯзисту дасти беҳунар кафчаи гадоӣ. Доно ба ишорати абрӯ кор кунаду зухмон ба захми чавгон. Чашмро (197) гул батар аз хор аст. Дидаро нохун беҳ аз нохуна. Ҳар киро оби даҳан нест, лабхушк монад. Тинати бемаъни сафолест бе шароб. Қафо задан гарданкашонро гардан задан асту силихорро давои хориши гардан. Сияҳрӯйии оҳангарон сурхрӯйии оҳан аст. Танастагар муқбил асту расантоб мудаббир. Бозу буридан беҳ аз даст биронидан. Ҳар кӣ хонаи мардумон биковад, хок бар сараш афтад. Кафандузд шаб аз мурда натарсаду рӯз аз зиндагон бирамад. Новадони Каъба медуздиву борони раҳмат тамаъ медорӣ. Намоз сутуни дин асту қомати мард сутуни намоз. Наздики оташпараст дӯзах беҳ аз биҳишт аст. Бутпарастро Каъба дев гирад. Тарсондилро чи париву чи ифрит. Деврo Худо хушнуд набошад.

**Ал-Олат ва-л-ъиддат**. Курроса бар рахил ниҳад, баландӣ раҳилро бошад, на куросаро. Чун қалам осудааст, ранҷ дидан беҳудааст. Сияҳдилии давот сари қаламро сиёҳ кунад. Кирме, ки мусҳаф хӯрад, аз вуболаш чи ғам. Қуръонро аз лавҳи зар чӣ зеб?! Дар қасаси анбиё мазоҳик нагунҷад. Мушт дар маҳалли худ аз теғ болотар аст. Сӯзан ҷосус асту теғ забонгир, сӯзан бипӯшонаду риштатобе ба чашмаш дарояд. Ҳар кӣ зиреҳ пӯшида бояд, ки дар миёни сад ҳазор (198) ҳалқаи оҳанин дар раваду берун ояд. Чавгони тавозӯъ гирад, гӯй барад. Гӯй сахтсарӣ кард, сарзанишҳо кашид. Арӯсе, ки рӯйиро паси ғарбел пинҳон кунад, беҳтанаш ҳоҷат нест. Пурчашмии ғарбелро аз пурдилии осиёест. Ҷавонмардӣ аз тунукбез бояд омӯхт, ки бехтаро бидиҳаду дурӯштаро нигоҳ дорад. Тарозу хасис аст, ки ҳар сӯ, ки зиёдат ёфт, сар фуруд орад. Каланди чоҳканро об додан ҳоҷат нест. Тешаро бо тарош кор аст, хоҳ уд пеш ояду хоҳ сапедор. Ишкинаи дурудгар бе сарзаниш кор накунад. Дандони арра шаст дар шаст асту буриданаш ду дар ду.

***Ат-Тайр***. Симурғ дигар асту сӣ мурғ дигар. Малах аз чарх нигоринтар аст. Забардастии чарғ ба сабаби нақше дигар аст. Шапарак парвонаи шамъи хуршед нашавад, пари товус атобаки магас. Кирми шабтоб агарчи баландпарӣ кунад, бо офтоб нахоҳад расид. Боз дар гурез хона сутуна накунад. Сояи ҳумой барои давлати воло ҷӯянд, на барои дафъи гармо. Ҷое, ки шоҳин чанг занад, пойи кабк дар рақс барнахезад. Ҳар кӣ буми нури хуршед бинад, торикияш орад.

***Инъом***. Ҳар гаҳ пушти хар кабоб шавад, шикол сиблат шанаҳ кунад. Гов бошад, ки забонаш чарб бошад, аммо на аз магзи сухан. Дандон задани шер шакалро муборак аст(199)у оҳуро шум. Рӯбаҳро гуфтаанд: пӯстин пӯшӣ? Гуфт: "Он чи пӯшидаам, ба ман бигзоред". Чун буз ришро шона кунад, гург чангро соз кунад. Харашро гилем пӯшонидан чунон бошад, ки юзро хол ниҳодан. Гиряи гавазн беҳ аз хандаи шер. Сагро тавқ кардан доираи давлат аст. Хандаи мардум аз шодӣ бошаду хандаи юз аз ғам. Гардани шутур камонест, ки барои қурбонӣ сохтаанд. Ҷоҳил мулаббиси астарест зери ҷабҳа.

***Ал-Ҳаввом***. Печиши мор аз кажрӯйии худ аст. Аз кафчаи мор ҳалво натавон хӯрд. Торикии шаб сурмаи чашми кӯрмуш аст. Мушро гуфтанд, ки аз бунёд кандан тавба кун, гуфт: бунёди тавбаро ҳам наканам. Мори бепой беш аз он дуд, ки гӯши харак бо ҳазорпое. Ҳар кӣ бар каждум дасте ба шафқат фуруд орад, сазо бинад.

***Ан-Набот***. Даҳони беобро ба ангушт бояд дарид, чунонки пистаро аз нохун. Дидаи сахтро сухани сахт шиканад, чунонки бодомро санг. Хурморо пӯст беҳ аз мағз. Хомӯшии забони савсан гамози озодагии ӯст. Сарв аз ростӣ озод шуд. Ғунча аз туршрӯӣ дилтанг монд. Бед аз барг теғ кашид, лоҷарам ниёмаш сохтанд. Кеши бе дайн тири бе дайн. Хандаи гул гиряи гулоб бор орад. Норро гуфтанд: дар парда чӣ механдӣ? Гуфт: аз ин тааҷҷуб, ки ҳамаро (200) аз дандон хоянду дандони маро ҳама бихоянд. Дурангии себ аз сияҳдилии ӯст. Дарахте, ки аз ӯ беҳӣ ба касе нарасад, ба беобӣ хушк беҳ.

***Ал-Маъодин***. Лаълу ёқут дар гиреҳ баста. Ҷавҳар оташест, ки насӯзаду рӯшан шавад ва дирами сара ҳар кӣ ба даст орад, ҷон меканад. Мурда ба гавҳар дар кон беқадр асту дар бозор бо қимат. Дар мақоми ташнагӣ ҳазор марворид ба қатраи обе наярзад. Донаи марворид аз донаи гандум қиматитар аст, вале вақти гуруснагӣ пайдо шавад. Чун сангро маърифат бошад, зар пеши ӯ сар фуруд орад. Ҷавҳаре, ки дар чашмаш оби марворид фуруд омада бошад, оби марворидро кай бинад. Зарро пайванд кафшер диҳаду гуфти шерон пароканда кунад. Симоб зарро сапедрӯй гардонад. Пуштро нуқра бошад, аммо нуқраро пушт набошад, байт:

Сарсабзии нур зи сурхрӯӣ хезад,
З-он гуна, ки зангор зи мис мезояд.

Ин масал чанд, ки ҳар як дар ҷавҳари дил чун нақш бар нигинаву гуноба бар обгина ҷойгир аст, фард-фард, бе тариқи барбаст нигошта омад. Банда мехост, ки ҳар масалеро чунончи шарти барбасти он аст, ки гул дар ресмону ҷавҳар дар силк банданд таълиқ кунад, аммо чун амсол бисёр мебояд набишт, агар дар рабти он низ иборатро ришта дароз дода шудӣ, ба итноб кашидӣ. Лобуд, масале чанд дар садр (201) ва зайли мактубот ба ҷиҳати намудори барбасте бар маҳалу нисбат карда шуд, ки ҳунарманд аз он ҷо бартавонад чид, чунонки гуфтаанд, байт:

Агар, фи-л-масал, дур фишондан надонӣ,
Ҳама ҳол дур чидан охир тавонӣ.

Биҳамди-л-Лоҳ, ки маҳдумзода дар иншои маониву амсоли он мавҳибате дорад, ки ба таълими чун ман камбизоате ҳоҷат набошад, чунонки дар масал омадааст, байт:

Булбул, ки гаҳи нағма ҷаҳон масти вай аст,
Муҳтоҷи фиғони роғу калмурғ кай аст?!

Ҷойе, ки пухтии даҳони эшон бар шохсори баланд чаро мекунад, гардандарозии лӯки гаргини мо бад-он монад, ки оҳувони сунбул мечаранд. Буз ҳам нашхори гарданфарозӣ гирифт, ки ман низ ранҷе мезанам, аммо ба рухсати ин масал, ки *бустохӣ беҳ аз бефармонӣ*, бад-ин калима чанд тасдеъ додаасту дидаи умед бар ин масал дошт, ки *чашми карам дар айб макфуф бошаду дар ҳунар аҳволи умед*, ки ба назари қабул мушарраф гардад. Иншоа ман лайса камасалиҳи шайун. Ад-дуъо камисл-ил-аввал.

Ҳангоми ороиши ин хат моҳ ба аввали ҷамодӣ майл карда буду таърихи ъом аз масъалаи саҳиҳа дуруст гашт, мисраъ: яъне зи маҳ се, шашсаду ҳафту навад сана.

**Таслимот**. Ин масал, ки *саломи асҳоб бо саломе ҷон бояд фиристод*, дар саломи дӯстон дуруст карда шуд. (202) Ин масал, ки *хоки дари азизон осоиши дидаи муштоқон бошад*, бар ақломи мижгон бар остони аизза нигоҳ дошта омад.

**Ал-Адъият** ъало рабт-ил-амсол ва зикр-ил-ҳай ва-л-майит ва-л-мадҳ ва-з-зам ъало сабил-ил-иҷмол. Он, ки гуфта шудааст, ки *мардуми зиндадил ҳаргиз намирад*, масали зиндагонии фалон бод. Ин масал, ки *ҳар киро дил забон аст, тан забон аст*, осудаи ҷони фалон бод. Ин масал, ки *ҳар киро, ки дил зинда аст, нафас тозанда аст*, муҳйии ҷони фалон зиндадил бод. Чун умри Хизр умри фалон зарби масал бод. Ин масал, ки *хилъати ғуфрон ҳама гуноҳонро бипӯшад*, халхоли ҳоли фалон мағфур бод. Ҷараёни ин масал, ки *як ъайни ъафв ҳафт конуни ҷаҳаннамро бикушад*, гунаҳшӯйии фалон маҳрум бод. Ва он, ки гӯям, ки *ҳар кӣ зиндагонӣ надорад, мурда аст*, масали зиндагонии фалон бод. Он, ки гуфта шудааст, ки *дили торикро ҷони рӯшан набувад*, масали вақти тираи фалон бод. Ин масали ҳомила, ки *обе дайни норе бошад*, васфи ҳоли фалон хокӣ бод. Ин масал, ки *аз гиряи мотам гули сурӣ нарӯяд*, бар сари гӯри фалон ҷорӣ бод. Фалон мурда аз назоири раҳмату амсоли он маҳрум бод.

**Хатти ҳаштум** дар баёни хузъабалоти ошиқон, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар муошақа, ки (203) миёни хубони мастуру муштоқони носабур бувад. **Нисбати ишқ** дар тамомии хат. Маҳвашон, ки пеш аз ин дар ороиши арӯси иборат ишқе ба сидқ доштаанду дебочаи суханро аз шиори дақоиқ зулфи мусалсалу хатти муваҷҷаҳ дода, дар тарассулоти эшон аз қиссаи ишқ, ки аҳсан-ул-қисас аст, қалами кабкрафтор ба ашки яъқубӣ гиря накардаасту талъати юсуфӣ даст наранҷида, он фусурдадилонро ба нигор ояд, лаҳни нақше набишта. Яъне, дар мукотиботи эшон ишқномае мушоҳида нашудааст, ки дилҳои мурдаро дар ҳаяҷон орад, мисраъ: каруқят яшҳад мо дуғо. Пас, чун **бунёди ин китоб бар ибдоъу ихтироъ** аст, ғалаёни ишқу ғалаботи шавқ бандаро бар он дошт, ки ба шуури тамом қаламро ҷаъд кунаму дар муошақаи нахли қомиёни барноруставу муонақаи сарвқадони барнахоста чаҳор саҳифаи содаро мухаттат гардонидам, шеър:

Баҳри як ҳол шарҳи ошиқон кард,
Чунон, к-аз хонданаш ошиқ шавад мард. -

то агар сӯхтае хоҳад, ки дуди синаи хеш берун диҳаду дуда бар сари хома кардан аз ин савод номаҳо баргирад, байт:

Маро чу нома сияҳ шуд зи хатти хушписарон,
Сиёҳ хоҳам ночор хомаи дигарон.

*سَوادُ كِتابِي مِن خُطوطٍ و اِصلاع　　فَيارَبُّ وَجهِي لا يُسَوَّد بِمُسوَدِي

(204) **Номаи ишқ сӯйи парданишин. Унвон**. Ин ғунчаи сарбаста, ки лаболаб аст аз хунҳои ту бар ту дар боргоҳи нозанини тарандом Арғувонхотуни Боғӣ, назара-л-Лоҳу ваҷҳаҳо, шукуфта бод. **Унвон -** навъи дигар. Ин нома, ки аз хуни гироии ошиқ лабаш баста шудааст, ба ишорати ғамзаи фалон кушод ёбад. **Унвон -** навъи дигар. Ин риқоқ наволаест пур аз ҷигарҳои сӯхта, ба забони фалон мутанодил бод.

**Таҳмид**. Ҳува-с-сабур, наҳмад-ал-Лоҳ воҳиб-ус-сабр; ҳува дуд-ал-муҳаррикин; ҳува-л-ғафур, байт:

*لله درک یا نسیم دیارها      کیف الرسوم ببابها و جدارها

То тиби турраи симбарон ошиқони мурдаро зинда гардонаду боди гесуи нозуктанон дилҳои сангинро бичунбонад, шамоиле, ки танро бӯйи ҷон диҳаду равоеҳе, ки дар ҷон бӯйи дил ниҳад, атрангези кулолаи гайри ёру бихуромези калу лола, анбарнисори саври норинҷи рухсори нозпарвар, ғунчаи парданишини пардадар, тамошогаҳи гулрухони Фархор, ҳаловатшикани шакарлабони Қандаҳор, моҳи қасабпӯши ҳарирандом, сайёди ҷонҳо аз мақнаъи дом, оҳуи нофаи мушкбез, ғизолаи ширмаст, шергири хунрез, оинаи мусаффо(и) аз рухсор акспазир, ҷамилаи дар оина ҳам беназир, субҳи хандазан бар моҳи шабгир, (205) офтоби дар пардаи ҳаё сояпарвард, шамъи ҷонгудози маҷлисафрӯз, чароғи Шому хуршеди Нимрӯз, хулосаи чошнии набот, зиндаи оби ҳаёт, ҳаёти ангубини нуҳуфта дар пардаҳои занбӯрии гувориши удрез, миҷмари кофурӣ, муфарриҳи девонагон, тасаввуру хаёли шарбати мутааттишони оразиву холи шароби равшани гетинамой, ҷоми Ҷами шароби ташнакуш, ошомандагони ишваву дами намакдони мояи завқ, нӯшдоруи беморони шавқ, бедордори чашмҳо аз гамзаи нимхоб, парешонкуни хобҳо ба панҷаи янам, офтоби найири анҷумпӯши анҷумансӯз, чошти иду бомдоди Наврӯз, баҳори гулшанрӯй, яъне Арғувонхотуни насринбӯй. Боди нафаҳоти рӯҳу роҳат аз муҳиби ҳаво бар он гулбарги баногӯш дар вазидану шукуфаи он даҳану мабдам аз тариқи тиби мо бо мо дар хандидан ба ғолияи баногӯши Лайлӣ, маҷнуни силсилаи ҷонони фалон, ки аз он панҷаҳои диловез рӯзу шаб дар мӯйҳо печидаасту аз бесабрӣ занҷир мегусиладу сари мӯй аз он силсила натавонад гусаст, байт:

Занҷир гусастан аст корам,
Мӯйе зи ту бигсалам, наёрам.

Хидмате бо хидмате ҷавоҳири дидаву саломе бо саломе лаълпораҳои ҷигари дарида истода бо ҳазорон ҷонбозӣ иблоғ мекунад (206) ва орзуи остонаи иззат бағоятест, ки аз он хаёл сада дар даруна пайдо омадаасту ғуборе дар дида роҳ ёфт, байт:

Аз об ҳама ғуборҳо биншинад,
Ҷуз гиря, к-аз ӯ ғубор хезад дар чашм.

Халқе ҳама шаб пилкҳоро ба сӯзани мижа бо ҳам дӯхтаву мани бехобро мижаи чашм сӯзан шуда мегиряму парвин механдад. Оре, аз сӯҳбати ҷавзо каҳе ҷудо наяфтодааст, байт:

Чи огаҳ он, ки бо ҷамъи азизон аст чун парвин,
Зи ёрони ҷудо монда банот-ун-наъшвор аз ҳам.

Агар аз ҷудоӣ менолам, мардумон сангам мезананд. Турфа коре, санге аз санге ҷудо кунанду дар фарёд кардан нагузоранд. Ночор дар паси девори танҳоӣ, ки бар кӯҳи бод чун сурати сангин мухри хомӯшӣ бар даҳон ниҳодаму ин масалро санги шикебоии хеш сохта, ки *агар кӯ ба кӯҳ нарасад, мардум ба мардум бирасад*, мисраъ: гар кух нарасад ба кӯҳ, мардум бирасад. Ё Раб, заррае бори ғам бар диле, ки аз кӯҳ сахттар бувад, мабод, хоса бар дили зарра-зарра кӯҳ-кӯҳ бори фироқ, байт:

Аз дили бесанги ошиқ инчунин кӯҳи гарон,
Ҷуз насими зулфи ҷонон барнаёрад доштан.

Дӯстон дил медиҳанд, аммо он, ки дилам бурдааст, намедиҳад, байт:

Ки дили аз фироқ рафтаи ман (207)
Қадаре бар қарори хеш ояд.

Ҳар гоҳ, ки нақши он ҳур дар дил мегузарад, рӯҳ дар қалб зеру забар мешаваду ҳар бор, ки мехоҳам то номи он парӣ бар забон орам, бехост ҷон аз лаб берун меояд, байт:

Маранҷ ар ҷон-т хонам, ё парӣ, зеро азизонро
Ба номи сахл хонанд аз барои дафъи чашми бад.

Дӯш қиссаи пурғуссаи хеш мехондаму чароғ месӯхт, парвона низ аз сари сӯз чархе мезаду чароғ, ки доғи ману сӯзи ошиқон рӯшан карда буд, парвонаи мискинро забоне медод. Парвона, ки аз маъшуқ забон ёфт, чанд боре гирди сараш бигашту бӯса бар пош заду ҷон бидод ва чароғ қадре сар ҷунбониду дар банди сӯхтани парвонаи дигар шуд. Мани сӯхта, ки он бемеҳрӣ муоина кардам, дуде дар димоғам роҳ ёфт. Хостам, то бинияш бибуррам, боз бо хеш гуфтам, ки кори хасон аст, он хирқатро фуруд хӯрдаму назадам.

*لله درک یا نسیمُ دیارها          کیف الرسومُ ببابها و جدارها

То тиби гурраи симбарон ошиқони мурдаро зинда гардонаду боди гесуи нозуктанон дилҳои сангинро бичунбонад, шамоиле, ки танро бӯйи ҷон диҳаду равоехе, ки дар ҷон бӯйи дил ниҳад, атрангези кулолаи гайри ёру бихуромези калу лола, анбарнисори саври норинҷи рухсори нозпарвар, ғунчаи парданишини пардадар, тамошогаҳи гулрухони Фархор, ҳаловатшикани шакарлабони Қандаҳор, моҳи қасабпӯши ҳарирандом, сайёди ҷонҳо аз мақнаъи дом, оҳуи нофаи мушкбез, ғизолаи ширмаст, шергири хунрез, оинаи мусаффо(и) аз рухсор акспазир, ҷамилаи дар оина ҳам беназир, субҳи хандазан бар моҳи шабгир, (205) офтоби дар пардаи ҳаё сояпарвард, шамъи ҷонгудози маҷлисафрӯз, чароги Шому хуршеди Нимрӯз, хулосаи чошнии набот, зиндаи оби ҳаёт, ҳаёти ангубини нуҳуфта дар пардаҳои занбӯрии гувориши удрез, миҷмари кофурӣ, муфарриҳи девонагон, тасаввуру хаёли шарбати мутааттишони оразиву холи шароби равшани гетинамой, ҷоми Ҷами шароби ташнакуш, ошомандагони ишваву дами намакдони мояи завқ, нӯшдоруи беморони шавқ, бедордори чашмҳо аз ғамзаи нимхоб, парешонкуни хобҳо ба панҷаи янам, офтоби найири анҷумпӯши анҷумансӯз, чошти иду бомдоди Наврӯз, баҳори гулшанрӯй, яъне Арғувонхотуни насринбӯй. Боди нафаҳоти рӯҳу роҳат аз муҳиби ҳаво бар он гулбарги баногӯш дар вазидану шукуфаи он даҳану мабдам аз тариқи тиби мо бо мо дар хандидан ба ғолияи баногӯши Лайлӣ, маҷнуни силсилаи ҷонони фалон, ки аз он панҷаҳои диловез рӯзу шаб дар мӯйҳо печидаасту аз бесабрӣ занҷир мегусиладу сари мӯй аз он силсила натавонад гусаст, байт:

Занҷир гусастан аст корам,
Мӯйе зи ту бигсалам, наёрам.

Хидмате бо хидмате ҷавоҳири дидаву саломе бо саломе лаълпораҳои ҷигари дарида истода бо ҳазорон ҷонбозӣ иблоғ мекунад (206) ва орзуи остонаи иззат бағоятест, ки аз он хаёл сада дар даруна пайдо омадаасту ғуборе дар дида роҳ ёфт, байт:

Аз об ҳама ғуборҳо биншинад,
Ҷуз гиря, к-аз ӯ ғубор хезад дар чашм.

Халқе ҳама шаб пилкҳоро ба сӯзани мижа бо ҳам дӯхтаву мани бехобро мижаи чашм сӯзан шуда мегиряму парвин механдад. Оре, аз сӯҳбати ҷавзо каҳе ҷудо наяфтодааст, байт:

Чи огаҳ он, ки бо ҷамъи азизон аст чун парвин,
Зи ёрони ҷудо монда банот-ун-наъшвор аз ҳам.

Агар аз ҷудоӣ менолам, мардумон сангам мезананд. Турфа коре, санге аз санге ҷудо кунанду дар фарёд кардан нагузоранд. Ночор дар паси девори танҳоӣ, ки бар кӯҳи бод чун сурати сангин муҳри хомӯшӣ бар даҳон ниҳодаму ин масалро санги шикебоии хеш сохта, ки *агар кӯ ба кӯҳ нарасад, мардум ба мардум бирасад*, мисраъ: гар кух нарасад ба кӯҳ, мардум бирасад. Ё Раб, заррае бори гам бар диле, ки аз кӯҳ сахттар бувад, мабод, хоса бар дили зарра-зарра кӯҳ-кӯҳ бори фироқ, байт:

Аз дили бесанги ошиқ инчунин кӯҳи гарон,
Ҷуз насими зулфи ҷонон барнаёрад доштан.

Дӯстон дил медиҳанд, аммо он, ки дилам бурдааст, намедиҳад, байт:

Ки дили аз фироқ рафтаи ман (207)
Қадаре бар қарори хеш ояд.

Ҳар ғоҳ, ки нақши он ҳур дар дил мегузарад, рӯҳ дар қалб зеру забар мешаваду ҳар бор, ки мехоҳам то номи он парӣ бар забон орам, бехост ҷон аз лаб берун меояд, байт:

Маранҷ ар ҷон-т хонам, ё парӣ, зеро азизонро
Ба номи сахл хонанд аз барои дафъи чашми бад.

Дӯш қиссаи пурғуссаи хеш мехондаму чароғ месӯхт, парвона низ аз сари сӯз чархе мезаду чароғ, ки доғи ману сӯзи ошиқон рӯшан карда буд, парвонаи мискинро забоне медод. Парвона, ки аз маъшуқ забон ёфт, чанд боре гирди сараш бигашту бӯса бар пош заду ҷон бидод ва чароғ қадре сар ҷунбониду дар банди сӯхтани парвонаи дигар шуд. Мани сӯхта, ки он бемеҳрӣ муоина кардам, дуде дар димоғам роҳ ёфт. Хостам, то бинияш бибуррам, боз бо хеш гуфтам, ки кори хасон аст, он хирқатро фуруд хӯрдаму назадам.

Ҳанӯз наззораи ӯ мекардам, то чандин парвонаро он забон доду бисӯхт. Ногоҳ парвонае аз ҳама носабуртар саросемавор даромаду худро бар чароғ заду бикушташ, байт:

Бишнав ин афсонае чашму чароғи некувон
В-он забон, к-оташ занӣ, з-осеби парвона битарс.

Дарозии шаби дурӣ (208) аз рӯзи қиёмат бигузашт. Кадом субҳи саодат бошад, ки ин шаби золими мазлумрӯй ба сар ояду он офтоби рӯшан дар кулбаи торики мани сияҳрӯз дарояду дида аз ситора шумурдан бозистад ва хоб, ки аз сиёҳии дида шаб дар миён кардаасту рафта ё ҳамхоба ба ҳам дар саводи аъзами дида сокин гардад, байт:

*حتّی تُنادی مُقلتی بسُکونِها    سکَنَ الخَلیفَةُ فی السَّوادِ الاَعظَم

Пеш аз ин ба дасти Зуҳраи рубобӣ як каф марвориди чун хӯшаи Парвин, ки моҳи фалак бад-он шараф кунад, фиристода шуда буд. Чун рӯшан шуд, ки Зуҳра он Парвинро ба бурҷи хос наррасонидаасту мулк сохта, ки ин аз хонаи ман аст, агарчи силки марворид пеши он кафи хазиб рафъ кардан чунон аст, ки парвин пеши офтоб доштан, аммо манзур он бувад, ки магар хуршедро аз суҳо ёд орад, байт:

Гар кунад он Зуҳраро Парвин ниҳон,
Ёрияш бодо ва ё дар хону мон.

Агар лаолии тар ба силки хидмат мунсалик гардад, обдории он ба иборати ҳол ҳоли иборати банда бо маҷории аҳвол ривоят хоҳад кард, байт:

Гар гӯш кунӣ в-ар накунӣ ҳар дар аз он силк,
Боре хабари чашми ман оварад ба гӯшат. (209)

Дар ин вақт як ҷуфт кафши зардӯзӣ низ фиристода шуд, то он аз қибали ман рӯй бар хок ниҳаду пойро, ки банда бӯсидан намеёбад, дар огӯш гирад. Фарёд аз он кафш, ки ончунон пояш дар бару ӯ аз он бехабар, байт:

Гар он пой ман гирам андар канор,
Шавам дарзамон бехабартар аз ӯ.

Дархост он, ки чун аз пойи муборакі ҷонии ту дар пӯсти он кафш дарояд, хоке ҳам аз таҳи он пойафроз ба ваҷҳи ёдгор фиристодан фармояд, ки чандин гоҳ аст, то дидаи нигарони пурҳавас тиҳичашм мондааст, чунонки аз ҳеҷ сурмаву тӯтиё чашмаш пур намешавад, ки агар аз он хокпора бирасад, мардуми дида дар миёни дарё таяммум кунаду сӯйи он саҷдаи миннат орад, байт:

*عَجَباً مِن العَینِ الغَریقَهِ فی یَمٍّ    اَختَرت تُراباً مِن رِجلِها لِتَیَمُّم

Қиссаи ҳиҷрон чун зулфи дӯстдор печону ноҳамвору пурташвиш, чунонки килки мушкинро дар машотагии он забонҳо кунд мегашт, аз ҳам малол нахостам, ки саросар қалилану касиран мусалсал гардонам, аз нофа бӯю аз турра мӯй дар хат таъliқ афтод, байт:

Донам, ки дилат гирад аз ин панҷаи дилгир,
Ҳам баҳри дили ман назаре афкану бипзир.

Ин аризаи морпеч пеши он дарахти сандал печ-печи бисёр хоҳад кард, (210) ки чун мори печон дарди шикам дорад. Мабодо, ки он дили салим газида шавад, аммо ба оби дида таҳрир шудаасту мори обиро захр набошад, байт:

Андар ин нома саросар қиссаи гесуи туст,
Захми мори худ бичаш, то мурданам бовар кунӣ.

Ҳама ҷо сандал дарди сарро рафъ кунад. Банда аз он сандали андоми худ дарди сари бисёр дораду ҳама кас сандали латифро бар пешонӣ молад, моро мӯйи сар кофурӣ гашту пешонии он нест, ки он сандали латиф ба мо расад. Агар ин тани чӯбин, ки чун уд сӯхта бод, бад-он андоми сандалвор дархурд нест, кам аз он, ки зиреҳ аз зарорири ахлоқи хеш ба расми ҷавоб дар коғаз резаду сӯйи мискинон фиристодан фармояд:

Ки боре назди ман орад ҷавобат,
Зи кофуре ҷавобат сандали обӣ.

Пардаи дили пора-пораро низ пайванд ҳоҷат аст. Агар ин вуҷуди хулқро ба ташрифи руқъа мушарраф гардонад, ба риштаи ҷон дар дӯхте бар маҳал карда ояд, байт:

Бошад, ки зи пардадӯзии он пайванд
Хулқони бақо дуруст бимонад якчанд.

Ошиқон рукъаи маъшукро дар пироҳани коғазин пайванд кунанд, то фарёдномаи ҳоли эшон бошаду банда пайванди ҷон созад, балки зайли умрро чаки мулкияти вуҷуд бувад. Алқисса, ба тӯлҳо дар коғаз ҷавоби латоифи васлро дақиқаҳои пухтаву гиро дарҷ фармояд, (211) магар аҷзои банд аз банд ҷудо шудаи котиб аз сар пайванди муҳкам ёбад, байт:

К-устухонам орд шуд в-аз оби чашми сӯзи дил,
Хомпухте кардаму мумкин нашуд пайванди васл.

Худованди зу-л-ман он кӯзаи наботро, ки дар қоруран дили ман нишастаасту худро гирд овардаву моро аз забони чӯбин низ ширинӣ намебахшад, сероби оби ҳаёт гардонад, биманниҳи ва лутфиҳи. Бошад, ки аз маҳлули ӯ шарбати коме ба мо расад.

**Ал-Адъият мин лисон-ал-ошиқ ли-л-маъшуқ**, ин шоа-л-маннон:

Он айш, ки талх шуд зи талхии фироқ,
З-он шарбати ҷоннавоз ширин ғардад.

**Таслимот**. Саҷдаи убудияте, ки дар намози истиҳбоб фарз бувад, бо таҳияти вузӯи мардуми дида сӯйи он меҳроби абрӯ бодо. Пайваста бӯсае чанд сӯйи хоки пойи хидматгорони хос ба дасти сабо равон карда шуд, қабул бод, байт:

*ما واجها بالمُحاذات الّا المرأتُ هنيأ بعينا السُكر بد ماء الصَّب مُداماً

Шаваш-ал-қабулу садғуҳо ат-ташвиш-ал-қулуб; аҳрақ-ал-вадуду ва фаводуҳо ъала-л-муҳарриқин; дома миқнаъуҳо, дома шабакаҳ-ус-садғуҳо, ло золат завойибуҳо мусаввадат.

***Ли-л-майит***. Ҷаъала-л-Лоҳу тароибаҳо нура-ш-шуъоъи; ҳаддаҳо аскана-л-Лоҳу руҳаҳо фӣ қаоби-л-ҳур; ъафа-л-Ғафуру ъанҳо мо залама ъала-л-масокини; анбата-л-Лоҳу ъашақата-л-ъишқи ъало қабриҳо (212) мин думуъ-ил-ъошиқин; набата-л-варду ъало турбатиҳо мин дабӣ қуллиба руҳуҳо ҳуран.

**Ал-ъакс**. Шаввашаҳо тода манока садғуҳо; ҷаъалаҳ-ул-Лоҳу маҷра-л-ъайниҳо; аҳрақаҳо нору ҳаво камо ҳия аҳрақатҳо.

***Ли-л-майит***. Равоҳу-л-Лоҳу мин ъиборатино фӣ ҳурри-л-қиёмати; ъазбуҳа-л-ҳаннону биниёҳати-л-мутаҳаммимин; мо сақо ъайн-ал-ъушшоқи ъало равзатиҳо; роҳа ва муъинан илайҳо ва қадҳуҳо мудоман.

Мисраъ: **сӯйи ошиқ зи паси парда ҷавоб**. **Унвон**: ин зулоли ҷавоб, ки аз айн-ул-ҳаёти мо соил гаштааст, дар пеши чашмҳои он ошнои мутаъаттиш, равоҳ-ул-Лоҳ мин ҷавобӣ алтофано, ҷорӣ бод, байт:

*سَلامٌ عَلى مَن سَفرهُ هَيَّجُ البَكا يَعنى وبيلُ السَّفرِ مِن وُسمَةُ الهَوى

То боди ҳаво аз чашми бедилон борон ораду борони дидаи мутаъаттишон гоҳе тунду гоҳе нарм борад, селоби шавқе, ки аз айни ишқ зояду тӯфони ҳузне, ки аз айни ғам кушояд, халалафкани иморати ҷону дилу бунёдбарандози хонаи обу гил, сӯхтаи ашкбори хушклаб, дарёгузори чашмакушой, гиряи ошной, ошнои хуноба, ҷудоии ошиқи маъшуқнодидаву масти шаробночашида, парвонаи шамъи ҷамол, гунҷишки донаи хол, мусичаи нолон, бодияи маҳҷурӣ, фохтаи ку-кузани хористони дурӣ, саги кӯю газидаи сагони кӯй, (213) газандрасони рақибон, сагрӯйи камандандоз, кунгураи умеду бим, расани боздори таслим, дидбони дару девор барои рафтани бом, ҷосуси хонаву кӯй ба ҷиҳати шунидани дашном, умедвори бӯку макри мақсуд, мунтазири даричаи шояд бувад, дастбӯси машшотагони ҳусну зеб, пойлеси далолагони ошиқфиреб, харидори ишваҳои бефуруғ, боваркунандаи ваъдаҳои дуруғ, пухтатари савдоиёни субҳу шоми савдо, пуртамаъҳои хом, соатпаймои рӯзҳои фироқ, ситорашумори шабҳои иштиёқ, навозандаи суруди ишқ аз нолаву фарёд, яъне булбули арғувонӣ хунбоди ҷароҳатҳои ҷонӣ ҳар дам тозатару ғамҳои ниҳонӣ ҳар шаб беандозатар. Ба хоки поки шаҳидони ишқбозию ба оби чашми ошиқони ҳақиқиву маҷозӣ саломе, ки аз ҳошияи номаи висол сухан сарояду таҳийяте, ки муҳри унвони умед кушояд, олуда бо ҳазорон нози хунрезу омехта бо фаровон карашмаи ишқангез, байт:

*Зи ёре, к-офати деринаи ӯст,*
*Ҳам ин ҷову ҳам андар синаи ӯст. -*

бихонад ва дар қалбе, ки хонаи чун ман моҳест, рӯшан гардонад, ки аз ин ҷониб аз ҳусни алтофи сонеъи сувар корҳо аз ҷамоли маъшуқ дар назари ошиқ оростатар асту осори

номуродӣ аз айби маҳбуб дар дили муҳиб костатар. (214) Оби латофат дар ҷӯйи мо чунон равон, ки нафоиси дилҳоро чун хасу хошоки селоб, зоҳибан ло роҷиъан, меронаду оташи ҷавонии мо чунон сарфароз, ки зароифи ҷонҳо чун ҳезуму хору хокистар ҳубои маншуро мегардонад. Мардуми дидаро монам, ки дар ҳафт парда пинҳон шудааму ҳанӯз пӯшида намемонаму хуршеди ҷаҳонороам, ки чаҳор никоб бар рӯй афкандааму равшан менамоям, байт:

*أعتانِي الخَلاقُ حُسنَ الوُرى　　　والله الرّحمن ما عاشَ الوُرى

Офтоб чандин бор дар ишкофҳову дар равзан хазид, ки сояи болои ман надиду моҳтоб чандин ҷомаи катон пора кард, ки дар чодари шаби ман рахна натавонист овард. Бод, ки нозгирони боғро бараҳна кунад, гирди шодирвони исмати мо гаштан наёрад ва насим, ки ғунчаи мастурро нифа кушояд, зайли сарочаи моро бӯсидан заҳра надорад, байт:

Нест кас густох зери пардаи мо ҷуз сабо,
Ӯ ҳам аз дур остони мо бибӯсад, бигзарад.

Дар ҳар сина, ки андешаи лаби мо дарояд, агар шарбати ҳаёташ диҳанд, аз марг талхтар ояду дар ҳар даруна, ки тасаввури хандаи мо ҷилва намояд, ғами зояндаву дарди коҳанда биёфзояд. Ба афсуни ғамзаи хеш хоби ҳама ошиқон барбастаам, то бихоҳам набинанд (215) ва ба овозаи ҷамоли хеш ба ҳила ҷумла орифон мухтал кардаам, ки ба хаёл низ бо ман нанишинанд. Магаси холам, ки аз пардаи анкабути дидаи покназарон дареғ аст, ба чашми магасхӯрдаи палидчашмон чи сазо ва муфарраҳ ба илм, ки файласуфони олам аз аҳваси он савдоӣ шудаанд, ба коми ҳар девона чи дархур. Бозанда, ки бо мо бозад, ҳазор ҷонаш бояд, ки ба як дов дарбозад ва бозанда, ки дар кӯйи мо тозад, ҳазор сараш бояд, то пеши сагони кӯйи мо устухон андозад, байт:

Моем кашида аз миён ханҷари тез,
Карда зи гулӯи ошноён хунрез.
Гар ҳаст ду сар, биёву бо мо омез
В-арна зи сари хеш гиру як сӯ бигурез.

Рӯзномаи иҳтироқе, ки он зарра дар ҳавои ин хуршед рафъ карда буд, пеши пардаҷойи мо гузашту партави меҳри мо бар ӯ тофту чун ғунчаи нилуфар аз тезии офтоб бишкуфту занбӯрони сиёҳи тазаллум, ки дар он маҳбус буданд, дар гуфтор омаданду неш дар даври дили шиканам фуруд бурданд, байт:

Турфа буд он неш, к-аз дил ошкоро мегузашт,
Балки буд он наваке, к-аз санги хоро мегузашт.

Ресмони сапед, ки бар он нома печида буд, аз тофтагиву лоғарӣ ва ба чоки он тани наҳиф ёд медод, қадре барои бозиву лоғ ангуштпеч карда шуд. Баъд аз он бар пешонии хусн ба ҷойи (216) риштаи ҳаёт гузаронида омад. Боре, хуршеди ҷабҳаи моро хатти абязе пайдо гашт, байт:

*لو لا هَواکَ بأبهَرى مُتعلّقٌ　　　والله يُنزَعُ ثُمّ خيطُک يولَجُ

Ва он, ки зикри иштиёқи мо мушоҳида карда буд, аз он ҷо, ки қиёси ҷамоли хеш аз оинаву об муоина кардааст, яке аз ҳазор бовар афтода. Ҷое, ки офтоби рухсори ман маро бисӯзад, ин нурро дигар чи тоб тавонад овард, байт:

*مُذ أنّي رأيتُ مرأةً　　　بتُ أبكي علَى ذوى النّظر

Он шефтаи бехоби парешонҳол чун зулфи мо шабу рӯз дар дил карда медораду ҳароина, аз ин хобҳои парешон хоҳад дид, масали ӯ бо зулфи мо ба он монад, ки байт:

Моргирифта ҳаме зи марг гиристӣ,
Мор раҳо кун зи дасти хеш, бирастӣ.

Ва он, ки сиёҳии шаби фироқро дар қалам оварда буду номаи худро сияҳ карда, ба Худой, ки саводу баёзи олам аз қалами ӯ чакидааст, ки дар дили мо таманнои он дӯст беш аз он аст, ки забони шарми моро бе ҳад қалам кардааст. Он дӯст хоҳ ба оби дудаву хоҳ ба оби дида метавонад, ки гудози ҷигари хеш берун таровад, байт:

З-он, ки гар ноладу гар битровад,
Мурдаро айб нагиранд ба расвоии ишқ.

Лек кори парданишинон дар дилбастагӣ ҳам ту донӣ, ки (217) душворӣ тамом дорад. Аз он рӯй, ки мард ҷома бар тан пора кунаду пора наяндешаду занро пардаи дил аз

андеша пора шавад, пора берун натавонад дод. Маҷнун тавонад, ки он сӯзон берун диҳад, ғӯрони саҳроро доғ ниҳад, валекин бечора *Лайлӣ*, ки агар доғи дили хеш берун намояд, кӯраш кунад. Ва Фарҳод тавонад, ки пеши кӯҳ биноладу ба хоби садо хурсанд бошад, аммо мискин Ширин агар бо дару девор роз гӯяд, аз равзани айём санг хӯрад, байт:

*يا مَن يُحِبُّ هَوانا عِشتَ فى رَغدٍ        وَاللهِ يَرحَمُ مِن اَفناهِ كِتمانُ

Боз он, ки моро маҷлиси шамъафрӯзу худро парвонаи хештансӯз сохта буд, шубҳа нест, ки ин ташбеҳ бағоят муносиб аст. Маъшуқ шамъ асту ошиқ парвона, валекин парвона ба як маргу як дуд сӯхт. Аммо бечора шамъ, ки ҳар рӯзаш мурдан асту ҳар шаб сӯхтан, гоҳ аз неши гозеву гоҳ аз оташи гудозе ба даме кушта шаваду ба забоне бизияд. На аз сӯзиши ӯ касе пурсаду на бар гиряи ӯ касе бибахшояд, байт:

Парвона зи шамъ арчи ба ҷон месӯзад,
Андак-андак бин, ки чӣ сон месӯзад. (218)

Ва он, ки танаи моро ба дарахти сандал нисбат карда буд, бағоят хушк намуд. Аз он ваҷҳ, ки гул аз он латифтар аст, ки сандалаш моланду пояи султон аз он баландтар, ки бар сандалияш нишонанд. Сандалро нисбат бо андоме, ки агар сандалаш ороянд, сандал осуда гардаду андоми суда он дам, ки гулрӯён пешонии сандалолуд дар кафи поям соянд, аз нозукӣ поям чунон хун бидавад, ки сандали сапед чандон сурх гардад. Пеши чунин пӯсти нозанин сандалро об додан чунон бошад, ки чӯби хушкро бо гулнори тар баробар кунанд, байт:

*عَلَى البديَتِ كُلُّ النّاس قَد عَلِمُوا        لَيسَ التَّناسُبُ بَينَ الوَرد وَ الحَطَب

Иқди марворид, ки ба уқуди парвинияш нисбат дода буду сӯйи чун ман моҳе ирсол намуда, расид. Шак нест, ки марворид аз парвин торику бориктар бувад. Ин парвинро ба duздӣ бар зуҳра беҳуда мебаст, ки банот-ун-наъш низ ба ҷойи суҳош ниҳанд, магар он намунаҳои суҳоро ба ҷиҳати имтиҳони назари мо фиристода буд. Ман, ки ба тезии назар ҷавҳари мавҳумро суфта гардонам, дар он ҷавҳар чӣ назар афканам, ки ба суфтанӣ ҳам намеарзанд?! Мехостам, ки хурд бишканаму дар сурма таъбия кунам, аммо боз бо хештан (219) андеша кардам, ки ба ночизе чашми худро чи сияҳрӯй гардонам, то ту тунукчашмро дар тасаввур ояд, ки ин муҳаққар ба чашми мо дарояд. Боз бар он шудам, ки дар мафраҳаш афканам, он низ дилам қабул накард. Аз он қибал, ки буд, харидаи золони муфаррахе, ки дар ӯ ба ҷойи гавҳар хашхошдонаҳо афкананд, аммо ҷуфте кафши зардӯзӣ, ки фиристода буд, шарафи пойбӯси мо дарёфт. Пойи мо низ аз он ҷо, ки сармояи латофат аст, ба лутфи тамом дар пӯсти ӯ даррафту бо гӯши ӯ тан дардод, то ӯ ба муониқаҳои нарм худро гардиш баровард. Зиҳӣ, давлаи пойдори ин кафш, ки колбуд аз ӯ берун рафту ҷон дарун омад. Бар пушти пою кафи мо лесандагиҳои ширин ба ҷо оварду чустиҳову чолокиҳои бармаҳал намуду бар ин пойи нигорин аз кафшаки ҳинно чусттар нишаст. Аз шуъбаи наълайн, ки сад гиреҳ дар пешонӣ кардаву аз хиромиши мо менолид, халос ёфтам. Ҳар бор, ки пой дар кафш ниҳем, ёре чун ошиқони содиқ ба помоли тан дардиҳаду аз лагадкӯби мо фарёде барнаёрад, байт:

Гарчи ӯ ёбад зи поям порагиву судагӣ,
З-ӯ наёбад пойи ман ҷуз роҳату осудагӣ.

Алқисса, як соли озод мунтазири мукотибаи он мамлук будаанд, ки ҳеҷ бандагӣ таҳрир накард. Намедонам, (220) ки ин савод дар он дил чигуна гаштааст, ки баъд умре моликаи худро ба байъати номаи вафо қимату баҳое арзонӣ доштаасту дар ҳар сатре силсилаи убудият ҷунбонида, шеър:

Дод берун басе ғаму шодӣ,
Ҳам гила кардаву ҳам озодӣ.

Ин ҷавоб, ки парвонаи ихлоси асирони ҳиҷрон аст, озод аз ҷумлагии қайдҳои танзу тааннуд таблиғ карда шуд, то муваккалони ғаму авонони таъабу сарҳангони миҳану занҷирдорони ҳузн аз пиромуни он зиндонии маҷлиси танҳоӣ яксӯ шаванду мубашширони мурoду мубаҳҳиҷони мақсуду таҳниятгарони висол аз дар дароянду гиряи шодӣ нисори хушдилӣ пеш ораду ғунчаи даҳон хандаи беғаме бикшояду баҳои дӯстӣ тоза гардад, байт:

*وَ الطّائِرُ المَيمونُ مِن اَوجِ الهَوى        هَنّاكَ بِالاِصلاحِ فى لَيلِ النَّوى

Чун бад-ин мусовадат чашм рӯшан гардонад, бояд, ки бар азимати остони иззати мо аз фарқ қадам созаду ба косаи сар роҳи маваддатро сарсосар паймояд, то аз хоки пою забони мо ба ҷиҳати саводи тари дида иститроб кунанд, байт:

В-он, ки аз гиря, ки меҳр физояд,
Хашми рақибони мо фуруд нишонад.-

ки агар дар иродати остонаи мо яқине дорад, ки як чила дар сари кӯйи мо муътакифи хилват гардаду аз неъмати ҷумла хубони олам рӯза гираду ба оби дидаву ҷигари бирён ифтор кунаду дар (221) шабҳои фироқ ба маросими бандагӣ қиём намояд, бувад, ки давлати рӯзҳои висол муяссар гардаду аз ҳилоли абрӯи мо иди муборак дарёбад ва ба ҳалвои чунин иде коми умед ширин тавонад кард, байт:

*الله يَرزُق كُلَّ ذَوى الهَوى عِيدِ الوصالَ برؤيَةِ المَعشُوقِ

Муҳаррамоне, ки аз нози мову ниёзи шумо хабар доранд, саломҳои нозолуда бо чошнии ниёз мутолиа кунанд. Аз ин тараф хоки помӯшпарастони мо ба дасти бод сурмаи мухолиф сӯйи чашми он азиз равон кард, миннат бар дидаи худ ниҳаду қабул кунад.

**Ал-Адъияту мин лисон-ил-маъшуқ ила-л-ъошиқи**. Азоқаҳу-*л*-*Лоҳу* мирората ҷавонибан; сакана-*л*-*Лоҳу* қалбаҳу биабсари ансотиҳи; тайяфано фӣ ҳузн-ил-фироқи; наввара баёза ъайниҳи бисаводи холина; шаффиҳи шафатонӣ ҳирқата фурқатано; ъагтара руҳаҳу бинасимино; ароа-*л*-*Лоҳу* маҳбубаҳу фӣ маноми-*л*-мавти; ъассала манома банота туробиҳи; ҳашшараҳу-*л*-*Лоҳу* маъа-*л*-маҷнуни; баъасаҳу Ғафур байна ъушшоқ.

**Фи-л-ъакс**. Тола лаёлиҳи каасдоғино; аҳрақа қалбуҳу бинорин фаррақтано абадан.

***Ли-л-майит***. Аззаба руҳаҳу биҳасрати лиқоино; насоҳу-*л*-*Лоҳу* асноҳу ъан хулдӣ; тола таъаллуқу руҳиҳи бисадғино; сакана-*л*-ақорибу фӣ ъайниҳи бимо назара ило тарзино.

**Ҳарфи дувум** дар мукотаба, ки миёни қабопӯшони покдоману покназарони тарчашм бувад, (122) мисраъ: **ин номаи сиёҳ ба сӯйи сияҳхатте**. **Унвон**. Ин саводи савдоангез, ки бо хатти хушписарон бозмехонад, пеши офтоби оламафрӯз Шамсуддавла музламати шабҳои мо рӯшан кунад. **Дигар**. Ин ишқнома, ки ҷаъди мусалсали унвон дар қафо дорад, аз дасти он ёри навхат ҷаъдаш бурида бод.

**Таҳмид**. Ал-ҳамд лимуҷир-ул-ъораз би-л-хат, ҳува музайин-ул-фирдавс биғилмон, байт:

Саломун ъало ман лайса юзаккиру аҳдано
Ва закароҳу қалби ло язолу юҷаддиду.

Ҳар латифа латофате, ки аз аҳсан-ул-қасас сухан ронаду ҳар саҳифа сифате, ки бо ҷамоли Юсуф бозхонад, ташбиби дебочаи ҷавониву унвони сари номаи зиндагонии шаҳсавори мардумшикор, сарандози каладорон, нози гардани зани айёрон, сарбози пардадари мастурони исмат, расвокуни муътакифони хилват, зуннорбанди ягонагӯён, тасбеҳгусили фариштахӯён, дардфизои дардмандони тариқат, парҳезшикани парҳезкорони ҳақиқат, бунёдкани обу гили бедилон, сармояи ҷунуни оқилон, барбодкуни дафтари ҳосилҳо, парешонкуни ҷамъияти дилҳо, доруи беҳушии мастон, қиблаи тоати бути бутпарастон, намакпоши ҷигарҳои маҷрӯҳ, офати тавбаҳои нусуҳ, қалбшикани сипоҳи кофаркешон, қалбазани тадбири салоҳандешони (223) хонабарандоз, кифояти ҳиласозони кисабардор, ҳастии маслиҳатпардозони милкаш, дидаи дурбинони ташвищдеҳ, авқоти гӯшанишинон, рӯшании чашми дурмондагони яъқубниҳод, яъне Шамсуддавла Юсуф бод. Хароши тезиҳои назар аз он рухсораи нозук дуру ба беқарорӣ дили ошиқони носабур нимкуштаи новакҳои ғамзаи нимбисмили теғҳои карашмаи Яъқуби девона, байт:

Ки дар байти аҳзони сабру умед
Рух аз хеш сурх асту дида сафед.

Хидматҳои гармогарм, ки дили оҳанини хубонро гарм гардонаду саломҳои дамодам, ки оташи меҳрро дар синаи сангдилон барафрӯзонад, таблиғ мекунаду пухтагии ҷароҳатҳои даруниро бад-ин тариқ шарҳ медиҳад, байт:

*لَو كانَ أكتُبُ حالَ البَينِ فى وَرَق عَينُ الدّماءِ مِن الاقلامِ يَتفَجّرُ

Ҳама шаб дар савдои он ҷаъдам, ки бар кадом болиши ноз мароға мекунад, ки бахти хуфтаи ман сад хоби парешон мебинаду тори мӯ аз он дидан намеёбад, байт:

Надорам бахти болиш, то саратро дар канор орам,
Агарчи пунба гашт аз кӯби меҳнат устухони ман.

Ва ҳама рӯз дар хаёли такяи он рӯй, ки дар кадом субҳгоҳ бо офтоб бе пӯсти рӯй менамояд, ки ҷонам аз ғояти дилсӯзӣ бори соя ҳам бар он рухсори нозук тасаввур натавонад кард, (224) байт:

Рӯе, ки нест мислаш дар офтобгардиш,
Озурда чанд дорияш аз офтоб куштан.

Маликзода Баҳром, ки яке аз ҳамқиронони Шамс аст, расиду як шаб то рӯз дар хонаи ӯ будам. Ҳикояти офтоб куштани он нозанин мегуфту ман месӯхтаму ин байт ба оби дида мегуфтам, байт:

*أريدُ بظِلِ وَجهِكَ في حُرُورٍ    أجرِ مِن سَوادِ العَينِ خالاً

Аз он гоҳ боз ҳар чоштгоҳ, ки офтоб гарм шудан гирад, оташ дар ҷонам афтад. Гаҳе сӯйи офтоб бинаму чашм пуроб кунаму гӯям, ки ин ҷонсӯз агар сӯйи он лола низ бинӣ, мисраъ: ё Раб, ки ҳам дар аввали рӯзат завол бод. Ва гоҳ бо абр дар фарёд оям, ки эй гирифтаи дидори гирандарӯй, ки хору хошокро дар сояи парвариш медорӣ, чаро бар он шохи тару тозаи ҷавонӣ сояи лутф намеафканӣ?!, мисраъ: к-эй соят аз ханҷари хуршед бурида. Гохе дами сард барораму бо бод сухан гӯям, ки эй саргардони ҳавопараст, чаро бар он сурхгул ҳангоми гулоб араҚи муравваҷаҳ биҷунбониву саргардону озурда ба ҳамроҳии хасон сар бар дару девор мезаниву мегардӣ, мисраъ: ки боде пурғубору хок бар сар. Гоҳ бо борон гирякунон фуруд резам, ки эй вайронкуни ҷонҳову тӯфонфикани вайронаҳо, ки ҳам оби худ мерезӣ (225) ва ҳам гавҳари худ дар халоб меандозӣ, охир аз ту чӣ кам гардад, агар вақте дар роҳи он ёва гардад, ғуборолуда бигзариву гарде аз сари ӯ бинишонӣ, мисраъ: к-эй барқ зада бар ту дӣ, рехта оби ту. Ҷаҳоне ташнаи он оби ҳаёт, то ӯ ташнаи хуни шикории хунолуду хуношом кучҷоҳо мепӯяд, агар қабул афтодӣ, мардуми дидаро ба шуғли обдории ӯ равон кардамӣ, ки мутаҳҳараи обе ба дунболаш тавонистӣ расонид, шеър:

*يا غَيمُ خُذ من دَمعَتي جودَ النّدى    فَامطِر على صَحرا بِهِ اذ يَعطَشُ

Он масти шергир дар арсаи шикор машғули бозиву ҷавлону ин ҷони ғуборолуд чун гирдбоди якрони ӯ давону саргардон, ки набояд аз тундбоди ҳаводис осебаш расад ё боди пойи тундаш аз осеби аблақи рӯзгор дар сар ояд, байт:

Ӯ худ осебе наёбад аз дуои ман ба умр,
Лек тарсам, ҷони ман ҳам дар дуо берун равад.

Душмандоре аз барои имтиҳони дӯстии мани душманкоми овора дурӯғ рост карда берун дода буд, ки он девонаи савори парисурат, ки тираш аз одамиён хато нашавад, аз асп хато кардааст. Ба муҷарради истимоъи ин хабар инонам аз даст рафту сабр пой дар рикоб овард, байт: (226)

Дуаспа карда буд аз сина ҷонам,
Агар умед нагрифтӣ инонам.

Хостам, ки худро қурбон кунаму ба ғилев аз он диҳам, ки маро дар ҳавсала карда бибурранду гардон сар бигардонанд, аммо дар ҳама андоми хеш он қадар гӯшт надидам, ки он орзу ба вафо расад. Устухоне сохта дорам дар хом кашида, ки на зоғро кор ояду на ҳумойро ба кор ояд, шеър:

Чу ту ҳумой кучо соя бар ман андозад,
Ки зоғ кам хӯрад аз устухони сӯхтаам.

Агар ман дар мазҳаби ошиқони мусалмон будамӣ, бар ҳар замина, ки аз наъли самандаш нақши меҳроб баромадааст, саҷдаи мустаҳаб ба ҷо овардаме ва бар ҳар хоке, ки он кофаркеш гузаштааст, дар таяммум масҳ кардаме, агарчи ҳама шаб сӯйи он Шамс намози таҳаҷҷуд мегузоридаму шафақ аз чашм ғоиб намешуд, шеър:

Валекин тоати хуршед бояд ҳамчу нилуфар,
Ки сад ғусл оварад он гаҳ як саҷда кунад сӯяш.

Ғуборе, ки аз перомуни он рухсори рахшанда гардон аст, бо ҳар зарра хоки ҷоне саросема мутааллиқ аст, ки ба туфайли он зарра дар баногӯши офтоб хазидааст, шеър:

З-онгуна, ки зарра нарасад дар хуршед,
Хуршед ба зарраҳои гардаш нарасад.

Он тиркашбанди чобук он ҷо тире меандозаду ин ҷо (227) дар дил мегузорад. Сихи ҷонварони дашт, ки пеши он тир ба ҳавас мезананду ман аз дур ҳам дар ҳаваси он тир мемирам, шеър:

*أنى أغارُ على نِشابِ جعبةِ    لِذا لِوُحوشُ بهِ و الصَّبُ محرومُ

Ман аз дили танги хеш ба ҷонам, ки наёяд,
Хаёлашро қабо танг ояд[1].

Ӯ худ ба рағми дили мо ҳама рӯз яктои тангу туршро бар болои ширин чуст барбаста, марғзорҳои фарох менавардаду ҳеҷ танг намеояд. Ҷое, ки дӯстон ба наълчаи мӯзаи ӯ назар дӯхтан наёранд, кулоҳ ёрии кист, ки бар сараш барраваду болое, ки аз ғояти тағйир дар дили муштоқон гардидан натавонанд, қаборо чӣ андоза, ки танги варо кӯшиш кунанд. Дар ғайрати он камарам, ки гӯӣ ошиқест, ки бозу дар гирди он камар даровардаасту ин давлат ба бозуи мо нест ва дар ҳасрати ин пираҳан, ки як ҳафта бар он андом месояду ҳазор танаро дар ин ҳавас пайванди ҷон пора-пора мешавад, байт:

Чи бошад аз нафасе аз туфайли пираҳанат,
Ба сони пираҳанат дар бар оварем танат.

Медонам, ки он шаҳсавор бештарӣ ба бозии чавгон майл менамояд, аз барои сарандозӣ асҳоби ҳолро ишорати абрӯ басанда аст. Ин беҳурматӣ (228) бар хеш раво надорад, ки чавгони чӯбин бар чунон саре ганда барораду бар чунон гардане пой дароз кунаду бар чунон дасте дар хаз намояд. Кайҳаргаҳ чавгонро бад-он василат, ки шакли болои ошиқон дорад, дастгирӣ мефармояд. Гӯйе сахтсарро бо ӯ дар чаҳ меандозад, ки агар ҳама қафо мехӯрад, ҳам баландпарӣ мекунад, байт:

Ҷое, ки гар қафо занӣ, авҷаш само парад,
Бингар, ки гар карам кунӣ, авҷаш куҷо бувад.

Ҳама умр сари мо бипариду гумон бурдем, ки паридани сар далели баландӣ бошад. Бад-ин фоли муборак хаёли он гӯй дар сар кард. Омада, ки оқибат ин сар аз давлати чавгони хос ба мартабаи гӯй бирасад, наздик шуд, ки гӯйи сарам ба майдони ҳол дарғалтад. Рӯзе он чавгон бад-он сар наёрад, ки ин сар бад-он ҳолро гирд ораду ё ба осебе бинавозад, ки ғалтон-ғалтон пеши суми маркаби иззат марогаҳо кунад, валекин ҷое, ки сарҳои сарон дар он майдон туфайлихори гӯй бошад, сари ман чӣ хӯрад, ки бад-он гӯй расад, аммо бад-ин тариқ сари худро ба ҷое мениҳам, шеър:

То бидонанд касоне, ки бидонанд ин ҳол,
Ки сарам низ ба чавгони ту ҳоле дорад.

Дӯсте аз он ҷо сӯйи ман сияҳнома навишта буд, ки орази он султони хат оғоз шудааст. Ҳоле, ки (229) он ҳарф бихондам, рӯй бар андоми ман хост, байт:

Ман худ, ки бувам, ки аз хаёли хатти ӯ
Мӯ бар тани офтобу маҳ бархезад.

Сабзае, ки аз он оби ҳаёт сар бархоҳад кард, мисол хоҳад буд ба хатти сабзи рӯҳониён, ки рӯҳ-ул-Лоҳро шуғли эҳёи амвот арзонӣ хоҳад дошту боз Мӯсоро бо Хизр кор хоҳад афтод ва тафсири *лан тастатиъ маъӣ сабран* дар ҳаққи ман возеҳ хоҳад гардонид. Тарсам аз он замоне, ки гӯйи *ҳозо фироқ байнӣ ва байнак* чунон рӯшан шуд, ки иттифоқи риш ба шона мебошад. Волиди бузургвор шона дар сӯҳбати он рӯйи азиз иззате гамом хоҳад дод, аъаза-л-Лоҳ шаънуҳу. Дӯстону хешон низ ҳар касе аз шонаи зару нуқраи музд дидани он хат, ки диданаш мужда бошад, хоҳанд овард. Ман худ аз ҷумлагии нақдҳои ҳастӣ дар нуқраи пушт шона дорам муламмаъ аз зар, аммо устухоне, ки сагони ӯро дархурд набошад, шармандаам, ки сӯйи он рӯй чӣ ҳадя тавонам фиристод?! Шеър:

К-он ҷо, ки мӯйи ӯст, назебад, ки офтоб
Бо сад забони нур занад лофи шонагӣ.

Ҳоле як камону даҳ ҷавба тири килки хито пешкаши бандагони давлат ирсол афтод, то он камони пушткӯзи дилхушк ҳоли қомати мо ба хидмат бознамояду аз он ҷо, ки (230) камонро сӯйи ҷавонон кашише тамом бошад, ба ҳангоми кашиш нолаву фарёди банда ба гӯши муборак расонаду килк аз он ҷо, ки ростии ӯст, дар пайи васл дарнишинаду агар он

---

[1] Ин мисроъ комил нест.

тирандоз ҳуш ба дунболаи чашм тез бинад, ростор аст, чунонки ҳасти худро пеши он назар дорад, то рӯзе, ки ба қуввати он бозу баландпарӣ кунад. Бошад, ки номаи ишфоқе аз он ҷо ба ман тавонад расонид, мисраъ: к-он нома, ки тири нав расонад сӯйи ман.

Ҳон, эй Юсуфи бебаҳо, ки аз оинаи ҳусн худбин шудай, то бар ихвони номусоиди рӯзгор эътимод накунӣ, ки ҳазор ҷон меарзию ба ҳаждаҳ қалбат бифурӯшанд. Медонӣ, ки ғиёбат-ул-ҷаби замин юсуфиёнро чунин фуруд мебарад, ки сайёра ҳам натавонад кашид. Агарчи мулки Миср дорӣ, аз рӯди Нили осмон эмин мабош, ки Зулайхо гиребонгири вақт гардаду озодӣ дар дили азиз роҳ ёбад, шеър:

Мекӯш дар он чи пора гардад,
Як пираҳане ба некномӣ.

Ва гоҳ аз гоҳ агар баъд аз моҳе ёд ояд, нома ирсол мебояд фармуд, ки чашми сапеди Яъқуб ҷойи пироҳани Юсуф нигоҳ тавонад дошт. Ва агар вақте инони давлат сӯйи Канъони андӯҳи дармондагон тобад, бахти моро ҷавонӣ аз сар тоза гардад, (231) ин шоа-л-Лоҳ-ал-ъазиз. Ҷамоли юсуфӣ чунон оламорой бод, шеър:

К-аҳли назарат башар надонанд ҳама,
Ило малаки карим хонанд ҳама.

**Таслимот**. Аз ин тараф дӯстон, ки аз сӯзи мо оташ дар эшон гирифтааст, саломҳои дудандуд мерасонанду манзари ҷавобе, ки аз *бардану саломан* ҳикоят кунад, мебошанд.

**Ал-Адъия мин лисон-ил-ошиқ ли-л-маъшуқ**. Ҳабба насиму хаттиҳи илайҳо ахёнан; ҳола ҷамолуҳу фӣ маҳалли-л-қалби; тара шорибаҳу мудоман; ҷараҳа бисаҳмиҳи хулдӣ.

*Ли-л-майит*. Лаъиба фӣ-л-ҷинони маъа-л-ғилмон; мо ябиса хаттуҳу фӣ-т-туроби; аскара арвоҳу-л-авлиёи; шорибуҳу ҳалла руҳуҳу бихулдин.

**Акс**. Тола ъалайҳи силсилат-ул-ъазоб; каҷаъдиҳи аҳота нитоқа-н-нори; аҳрақа забонӣ камо аҳрақно лисонаҳу.

Мисраъ: **ҳаст ин ҷавоби тире бо сад ҳазор пайкон**. Ин руқъа, ки пайвандест аз пироҳани Юсуф бар чашми он Яъқуб хоҳад гузашту муаммои айни ишқ рӯшан гардонида, гиребонгоҳашро аз қафо чок кунад, то тафсири *қад ман ва бар* возеҳ гардад.

**Таҳмид**. Ҳува мазҳар-ул-ҷавобӣ мин ъайн-ал-ъошиқ; ҳува мувассил-ул-қосид ила-л-мақсуд, байт:

*وَ حَبٌّ صَبا ماتَ فِی حَسَراتِنا          وَ یَمُرُّ احیاناً لَدی خَطَراتِنا

(232) Шӯълаи шавқе, ки ҷонҳои ошиқонро аз барои сӯхтан забон диҳаду ғалабаи ишқе, ки дар дилҳои мурда чошнӣ ниҳад, оташзани сакинаи рӯҳу дардфизои синаи маҷрӯҳ, ёри вафодори хорикаши ситамбардор, гӯйи саргаштаи ҳол, тороҷи шабхуни хаёл, нишонаи пайкони офату фитан, санги аз маломати марду зан овехта, ҷаъди чун каманд лагадкӯби наъли саманд, қурбони камони абрӯ, сайди нигини фитроки гесӯ, ташнаи тири борони ҷафо, дарёкаши тӯфони бало, лаззатшиноси ситонҳои таън, чошнигири доғҳои лаън, пешрави ошиқони сарбоз, ханҷарошоми рақибон, сарандози мутааттишон, ҷавобҳои талхгувори новаки чашм, ғамзаҳои ҷигархор, сардафтари варақшӯён, силоҳи қаламдаркаш, ҳарфхонони қулоҳ, муътакифи ровияи байт-ул-ҳазан, яъне Яъқуб Юсуфе чун ман бод. Он чашми пуроб ҳар лаҳза аз ғубори ҷавлони мо саркашу он дилсӯхтаро ҳар дам аз хаёли суми тавсани мо наъл дар оташ. Ба пурфиребии ҷавонони карашмагару ба покии чашми пирони соҳибназар саломе аз дунболаи чашм бо сад лоилтифоту пурсише аз гӯшаи абрӯ бо ҳазор пуршиканон аз ёри дӯстрӯйи душманхӯю дӯсти ошнокуш ба бепушаймонии номеҳрубони кинаҷӯй, ки тири саломаш ҷони мухлисонро хабари бод кунонад (233) ва зеҳи дидаи ӯ камони қомати ошиқонро хидмате қабул накунад, қабул кунаду дар замире, ки гузашт бо дигаре намегузарад, гузаронад, ки боди сабо ҳар субҳдам бӯйе аз ҷигари сӯхтаи он мушкин ба машоми мо мерасонаду шароби асрат бар бӯйи он кабад кабоб бар мо гувор меояд, шеър:

*رِیاحُ کَبَدِک دارَت دَورَ مَجلِسِنا          عَینِی بِها مُرَضَّب وَ الرَّوحُ مَعلولٌ

Шунида шуд, ки дар ҳар ҷое, ки менишинад, сӯхтагии дили хеш аз оташи муҳаббати мо рӯшан мегардонаду ба гиряҳои рангомез доғи бадномӣ бар домани исмати мо менишонад. Гоҳ тири моро тарозу шудан аз дилҳои сангини кофирдилон вазн мениҳаду гоҳ пайкони моро аз хунобаи ҷигари мусалмонон об медиҳаду гоҳ тӯҳмати дилбастагии

хеш бар зулфи мо мебандаду гоҳ бар ҳоли парешони хеш аз мӯйи мо хаёл мебараду гоҳ тофтагии рӯзҳои хеш аз рӯйи мо сурат мекунад. Ҳар шабе аз оҳи сӯзон оташ дар ҳамсоягон мезанаду ҳар рӯз аз нолаи дардмандӣ об аз чашми мардумон медавонад. Ҳар ҷо, ки менишинад, зикри моро ба оби дида тоза мегардонаду ҳангомаи ноҳангом бар хеш гирд меораду синаро мекӯбад, чунонки дилашро кӯфтагии тамом (234) ҳосил меояду мо низ дар он миён кӯфта мешавему ҷомаи худро ба сад чок медараду худро бар ҳавое бараҳна мекунад, то он чи даруни дили ӯст, берун намуда мешаваду моро бад-ин намуна шӯҳраи назарҳои хосу оми кутр мегардонад, байт:

*مُذ زمان دَخلتُ فیکَ بودٌ صِرتُ حَولاً کَما أری فیکَ

Ин нафасҳои сарду обҳои гарм, ки бармеорад, шак нест, ки дами дӯстӣ мезанад, аммо оинаи сафои моро тира мегардонаду дар дилҳои оҳанини аксбинон хаёле дигар мутасаввир мешавад. Бо он ки биноёнро аз оинаву об рӯшантар аст, ки он тасаввур аз хаёли оинаву об дурӯғзантар аст, шеър:

Вале, вале, кӣ надонад дар обу оина фарқ,
Ҳароина, кӣ кунад андар об оина ғарқ?!

Баъд аз ин агар даъвии муҳаббати мо хоҳад кард, ин номаро ҳуҷҷати тамлики нафс созаду дар талаби дили гумшуда моҷарои оби дида берун наёрад ва агар аз шабҳои фироқ сад зулм бар ӯ гузарад, мазлумии хешро пеши хаёл шафеъ насозаду ба тариқи музлама аз ҷаъди мо силсилаи дод биҷунбонад, шеър:

К-онон, ки ҳаққи иззати маъшуқ шиносанд,
Дар ҷавр бимиранду зи кас дод нахоҳанд.

Агар ҳама хуни ҷигар шавад, дами сард дар худ фуруд хураду (235) берун натаровад ва агар ҳама хун об шавад, мавҷи дарунаро дар дил фуруд барад, ки шуъла синаро сар бар гардан нагузорад, шеър:

*أبلغْ وَ مائکَ بینَ الصُّدوُرِ وَ الکبَدِ حتّی توارت و لا تُحکی عَنِ الخلدِ

Агар дар китмони ин ҳол мурданӣ бошад, марг беҳ аз расвоӣ ва низ гуфтаанд: ман мота фӣ китмон-ил-ишқ, мота шаҳидан. Чун умр ба бутпарастӣ гузаронидааст, боре, гоҳи мурдан бо шаҳодат равад, набояд, ки ба панҷаи сагони кӯйи мо афтаду мурдор мирад. Рақибони иззати мо, ки килоби муъалламанд, бӯйи чун ту сайде дарёфтаанду ба ҷиҳати куштани ту занҷир мегсиладу рехтани хуни ту сурхрӯии хеш тасаввур мекунанд, ки агар риштаашон дароз дода шавад, шеър:

Пой то сар ҳама пуркола кунанд аз сари теғ,
Ҳамчу нахчир дар анбӯҳии нахчиргирон.

Фарёдномае, ки аз ҷаври фироқ таҳрир карда буваду дар пойи кабӯтари ҷон таълиқ намуда, аз авҷи ҳавохоҳӣ буррон ба мо расонанду ба айни иноят малҳуз гашт. Ва муҳре, ки гирои хуни ҷигар дошт, ба кору ғамза чун гиребони ишқборон чок ниҳода шуду унвон чун дили бедилон дуним карда омаду мазмуне, ки ҳар ҳарфе дуде буд, ҳар лафзе доғе дарунаи моро гарм гардонид. Нолаҳои хорошикоф агарчи дар дили мо роҳ мекард, (236) сӯйи худ роҳ намедодему бо он ки дарунаро шикастагӣ меовард, бармешикастем, шеър:

*تَعدُّنی حَبیباً بالتَّذلّل قایماً یُدری هَواکَ وَ یُنکِرُ ذاکَ تُجاهِلاً

Ғамхорагиҳое, ки мукаллафон ройгон кунанд, бисёр дарфурӯхта буду ба сабаби гармӣ Буроқ ба ҷиҳати савории чун ман оташпора дилсӯзиҳо намудаву бар сару қомати мо аз тундии сарсар чун барги бед ларзидаву ғуборҳое, ки аз он тундбод доштааст, дар ҳуруфи гироии нома фуруд рехтаву зикри хато кардан аз тавсан чун афтодан гил аз бод паронида. Аз он ҷо, ки гиреҳи нории мо аз ҳаво пой бар замин намениҳад, ба тибқи тавон донист, ки чӣ гуна дар сар омад ва аз он рӯй, ки моро сабақи саворӣ бар лавҳи зумуррадини хок аз боди парон равонтар гаштааст, хато чӣ гуна сурат бандад? Хотир барқарор дорад, ки агарчи шумуси мо аз фалак беқарортар гардад, шеър:

Қиёмат бошад он рӯзе, к-аз афлок
Фитад сайёраи рахшанда бар хок.

Ва он, ки бар қабову камари мо дар муонақаи андому миён таҷосур намуда буд, бингар, ки қабо чанд захми миқрозу халаи сӯзан кашидааст, ки ба ташрифи ин пайванд

мушарраф гаштааст ва камар чанд кӯби путку синдон чашидаву дар обу оташ даррафта, ки ба дақиқаи ин миён дараҷаи иттисол ёфт, (237) шеър:

Ту, ки дар пора накашӣ чу қабо аз тақтеъ
Ё набояд чу камаркӯбу гузорият бар ӯ.
Ишқи болову миёни чу мане медорӣ,
Саги моро насазад бозуи ту тавқи гулӯ.

Ва он, ки зикри тофтагии хеш ба сабаи офтоб куштани мо бар рӯйи варақ карда буд, сояи калони соибон аз сармояи теғи хуршед бурида мабод, ки пеши чунин ҷаҳонафрӯзи мо худро сипари чашми захми офтоб сохтаасту он миқдор соя гирд оварда, ки моро ба миннати абри тардоман олуда набояд шуд, балки ин сухан аз пайи кӯрии айн-ул-камол гуфта мешавад ва илло ҳама дононд, ки кулоҳи соибон офтобро паси пушт карда, аз тоби ин рухсор дар ҳимоят медорад, шеър:

В-арна ҳам хуршедро рӯшан шавад, к-аз тафу тоб
Ман кунам бар вай ҳар он-ч ӯ мекунад бар хоку об.

Дигар, афсӯси тири мо, ки бар дили вуҳуши саҳро хӯрда буд. Ин лаззати ҷонӣ ҳар киро рӯзист, гуворо боду дур аз дилу дидаи шумо. Ва агар шуморо низ ин орзу дар даруна ҷой додааст, ҳамон тасаввури тир, ки гузарона дар дил мекарду тангии дил намебояд кард, ки ҷойи тири мо нигоҳ хоҳад дошт, шеър:

*ايا مَن تَمَنَّيتَ المَنايا بِسهمِنا      خَيالٌ كَفى مِن سَهمِنا فى فُؤادِكا

Ва он, ки манзили ҳоли худро ба хидматгории чавгони мо маҳалли сари бузургӣ таманно мебарад, оре, (238) сари худро мехоҳад, ки баланд гардонад, ба ҷиҳати ин сарӣ бисёр сарон кулоҳ меандозанд. Агарчи эшон сарзада меоянд, ки сарбозӣ кунанд, аммо инчунин сарҳо дар майдони мо бозӣ гиранд. Ҳеҷ медонанд, ки гӯйи мискин чанд дар пойи маркаби мо ба тавозӯъу мазаллат ғалтидаасту сарзанишҳо кашида ва ба умеди як зарбати мо ҳама тан сар гаштаву ҳама сар пой шудаву дидаи дандони тамаъ, ки магар вақте дар ин миён захме аз чавгони мо бад-ӯ расад, ки аз сари баландӣ пойи тараффуъ бар майдони осмон ниҳад, агар ба захми чавгонаш дупора кунаму аз тираш бидӯзам, дар тасаввур нагунҷад, ки дар вай нишони дурӯӣ битавон ёфт. Ба хилофи он дӯст, ки даъвии сарбозӣ мекунад, аммо сарсарӣ, шеър:

Гуфтӣ андар хами чавгони ту сар гӯй кунам,
Ту зи мӯ хост наёрӣ, ки сарат гӯй шавад.

Ва он, ки дар маънии ҷуз даҳ хат орази мо ҳарфе берун дода буд, менамояд, ки дар он зулф сари савдои қалам роҳ ёфтааст. Хонандагон донанд, ки қаламро то сар назананду забон нашикофанд, аз хатти орази девон сухан натавонанд гуфт, шеър:

Ҷое, ки хатти орази девон чунон бувад,
Бингар, ки хатти орази хубон чӣ сон бувад?

Шак нест, ки баҳори ҷавонии моро сабзаи нав дамидан оғоз шудааст, аммо то он девона аз рӯйи гулгашт (239) ин баҳор накунад ҳам, ба насиме, ки аз гулшани мо ба нашри шамоилу ғаммозии тибат бар он сӯй хост вазид, димоғи ҳушро мутиб дорад. Зиёда аз ин, ҳавои дилро кор нафармояд, ки ҷон ба бод диҳад, шеър:

Хурсанд шав ба бӯйи гулистони мо зи дур,
То аз рақиби мо нахӯрӣ теғи савсане.

Як камони таториву даҳ килки Хито, ки фиристода буд, расид. Ҷавоби он ҳам ба забони найза бо ҳазор дилхунӣ, чунонки дар ҷон кор кунад, фиристода хоҳад шуд. Ҳол таъне чанд аз синонҳои ғамзаву хала чанд аз пайконҳои мижа ба дасти шабравони тахайюл ба ваҷҳи ёдгор равон карда омад, байт:

То дар дили шаб з-он халаи синаи хеш
Ёд оварӣ аз ҳамдами деринаи хеш.

Ва он, ки дар нома худро ба Яъқуб тамсил кардааст, шеър:

*ظَنَنتُكَ كُنتَ مِن اِخوانِ دِين      وَ لكِن فى الهَوى اِبتَدَوا يَهوداً

Рост гуфтаанд, ки ошиқи мусалмон набошад касе чун ман гургеро Юсуф хонад. Мехоҳам, ки аз ин тӯҳмати дурӯғ ҷома пора кунам. Юсуф аз он рӯз дар чоҳ афтод, ки номи ӯ бар ман ниҳоданд. Як бор мехоҳам, ки ин чоҳи занахдон пӯшида шавад, то мардумон ба хаёли Юсуф дар наяфтанду чун ту Яъқубе, ки дидаат сапед бод, нидои "Ё асафо!" барнаёрад. Ман низ

наргисе Мисрсӯзро ба хоби ғурур чунон бихуспонам, (240) ки тахайюли *роятаҳум лӣ соҷидин* дар димоғи даъватам роҳ ёбад. Маро худ ин изғоси аҳлом бисёр заҳмат медиҳад, ки аз бими ҳасуд, мисраъ: ҳар хат, ки дамад пири хирад дар гӯшам - *ло тақсас руъёка ъала-л-ихватик*. Бисёр Зулайхои нахлқомат, ки аввал аз осеби мо метуранҷиданду охир, ки дар мо дуздида нигоҳ карданд, дар он дуздӣ дасти худ буриданд, ки мо рӯзе дар дил нагузаронидем, мо болу ва-н-нисвати-л-латӣ қатаъна айдиҳинна. Ва дастҳои чун сад ҳазор хирвор нигарони хубони Навшодро ҳам дар он ҳайи хунӣ бигузоштам, то ба оби дида даст аз мо бишустанд, мисраъ: в-ин ба зери силоҳи мо будаст; инни Раббӣ бикайдиҳинна ъалайҳим.

Алқисса, афсонаи болои мо рост чун қиссаи Юсуфи сиддиқ ростии тамом дораду дебочаи ҳусн-ул-хатти мо агар аҳсан-ул-қасас нест, унвони ин нома тавон хонд. Он Яъқубро таманнои *лиқои юсуфӣ* ба андӯҳи *фаҳува казим* месӯзад, шарбати *ло таяъсу мин рӯҳ-ул-Лоҳ* барои ин рӯз аст. Ин нома, ки бӯйи пироҳани Юсуф дорад, мисраъ: кунад мӯниси чашму дил дар ҳузн. Фа-с-сабру ҷамилун ъаса-л-Лоҳа ан яътинӣ биҳим ҷамиъан, ман яттақи ва ясбир рӯзӣ бод; фа инна-л-Лоҳа ло юзиъу аҷра-л-муҳсинин.

**Таслимот**. Суми Шабдизи мо саломе ғуборолуда сӯйи чашми он мунтазир ирсол кард, аз дида дарпазирад, то дидаи ӯ торик нашавад. Ҳар кӣ (241) хабари ту аз мо пурсад, пурсиш бояду нопурсида бирасонад. Аммо чун ту куштаи мой, туро напурсам, ки шаҳидонро пурсиш набошад. Рақибони мо, ки ташнаи хуни он мубоҳ-уд-даманд, таҳиёти хунолуд аз забони теғ адо мекунанд.

**Ал-Адъия мин лисон-ил-маъшуқ ли-л-ошиқ**. Ҷаъала лисон ъайниҳи туробан фӣ маҳофилино; иқтаъ рақабати мин хаттино; каҳҳил нури ъайниҳи биғуборино; равоҳу ҷуръатино.

**Ли-л-майит**. Саккара руҳаҳу мин ъарақин камайитино; ҷола ҷаводуно ъало турбатиҳи; аҳёҳу-н-насим биравоиҳано; ъафо ъанҳу мо назара би-с-суи илайно.

**Ал-Акс**. Амотаҳу-л-ҷараду бимадра-л-мурур; раҷамаҳу-л-атфол ҳавла дорино; ҳарамаҳу-л-ҳирмон мин тақбили рикобино.

**Ли-л-майит**. Баъасаҳу-л-Қаҳҳору аъмо бимо назара илайно; ҷуъила ҳаёҳу ҷаъдано ъалайҳи силсилат-ул-ъазоби; ҳашараҳу-л-Қаҳҳору маъа Лут.

**Хатти нуҳум** дар асбоби маҷлису руқаъоти мутафарриқ, муштамил бар чаҳор ҳарф: зевари **дебоча** ҳам **аз нисбати маҷлис**. **Дебоча**. Ин хатти нигорин нигорхонаест, ки дар вай маҷлиси айши хуши ҳарифони унс оростаасту асбобе, ки мӯҷиби ишрати мудому роҳати тамом бувад, муҳайё дошта. Меваҳое, ки рӯҳ-ул-Лоҳ онро ба ниёбати "ратбан ҷанийян" самараи ҷонӣ хонду шаробҳое, ки ниҳоли ҷонро ба оби ҳаёт Хизр гардонаду тараннумҳое, ки аз шуълаи муҳриқи осмонгир Зуҳраро бар оташ пой кӯбонаду малоъибе, ки фалаки бозандаро бозӣ додан битавонад, шеър: (242)

*لا غرَّ يوسطِ الملائک نيتهُ     ملکُ الرُّقاعُ عَلَى البساطِ الازرق

То ҳарифон зи ҳама баҳраи худ баргиранд,
Баҳра аз нуқли ваю бозуи мизмар гиранд.

**Ҳарфи аввал** дар латоифи гулу меваҳои гуногун. **Дебоча** зи **нисбати гул** ороста бин. **Дебоча**. Бар гулбарги ин варақ, ки шамма аз гулу чошнӣ аз мева featureнамудаам, намудорест барои ороиши ҳар ду нисбат. Мехостам, ки бештаре аз фавокиҳу фавоиҳро, ки бар табақи замин бармеоянд, ҳам бад-ин тартиб раста-раставу ришта-ришта бар табақи маҳвасон арз кунам, то бидонанд, ки аз ҳар мева чи мехезаду ҳар гулеро бар чи шакл бармебояд баст. Аммо чун занбӯри ғолиярангро бӯйе кофисту ҷаъли нохушбӯйро худ дар тани боғ гузаре наховад буд, пас ночор аз он моя тибу меваи мутиб бад-ин дастанбӯ басанда кардам, шеър:

*حتّى بميل اليه اهلُ معرفةٌ     و كَى يَطيبُ الوردُ والثّمرُ

**Андар ин нома аст ду нисбат: мева** аввал, баъд аз он **гул**. Ва **унвони** ин вараки пурбар, ки насимаш аз гули тар ҳикоят мекунад, ба маҷлиси садр-уд-давла, асмари шаҷарат-ул-ъалоия мақбул бод.

**Таҳмид**. Ҳува ал-Бор, шеър:

*نوالُکَ مُثمِرٌ والنّاسُ طَرا     لَفى جَنّاتِ رأفتکَ الجنّاتُ
اتى مِن خُلقِکَ الاورادُ عِندى     (243)و لِى مِن نَشرِها زيدَ الحَياتُ

Ҳамвора шаҷараи асолати худованд, самарати фавод-ус-судур ва-л-кибор, садр-уд-давлати ва-д-дин аз мунҳали ҳаёт сероб боду аз осеби нукабо дур, ё би-н-набийи соҳиб-ул-ахёр-ис-симори. Банда-ҳавохоҳи ҷонӣ, Хусрави Лочини Султонӣ, ки гаронбори фавокиҳи инъоми он мунъим аст, чун шохи борвар суҷуди тавозуъ мекунаду бар сони меваи пухта замин мебӯсаду табақпӯше аз бокуроти замир бармегирад. Бар он ҷумла, ки чаҳор-панҷ мавз аз ободии он дастгоҳ бастати дастпухт, айядаҳ-ул-Лоҳ, бад-ин мутафаккиҳи шуъаб ба шурбат расид. Он, ки яд ба маънии ниъмат гӯянду кафи дасти ростро роҳат хонанд, аз ҳар панҷаи он мавз чун кафи даст рӯшан шуд. Таборака-л-Лоҳ, ҳар мавзе ситабру зард чун ангушти Золи Зару каж чун нохуни Симурғ чунон дар мазоқ ҷой ёфт, ки аз завқи ҳар ангуште ангушт мегазидаму аз ангушт лесидан лаблес мешудаму мехостам, ки аз ширинӣ ангушти худ фурӯ бараму ҳар панҷ ангушт ба як бор дар даҳон кунам. Назорагӣ даҳ ангушт дар даҳон мекарду ангушт ниҳоданаш намедодам. Гӯянд, ки ба ангушти дароз ҳалво натавон хӯрд. Он ангуштони дароз хоҳам, ҳам ангушту ҳам ҳалвое аз наботи пухта он ҳалворо ангушт ба ангушт ибтилоғ менамудаму намехостам, ки як ангушт аз он ба дигаре (244) чашонам. Не, не, он чанд моҳи нав, ки аз шаҳргашти шаҳри нав ба ангуштнамоӣ толеъ шуда буданду аз Аторуд ба Суҳо расида, дарсоат ба салх мерасиду фуруд мерафт. Мағзи ин латоифро пӯст боз карда, берун диҳам, ки полудаи бенону мағзи беустухон дар он мева ширинтар тавон хӯрд. Ҳар бор он мағзи беустухону он меваи бехаста дар даруни хаста мерафт, дил бог мешуду азбаски магасро ду даст дароз кардан намедодам, баъзе магас даст бар ҳам мемолиданду баъзе пушти даст мелесиданду Кироман котибин аз ямину ясор магас меронданду ман он ҳарду фариштаро мегуфтам, ки агар магас шаванд, нишастан ҳам надиҳам. Баъд аз ин ман ба зилли мамдуд онҷунон рӯҳи роҳату фирдавси раҳмат, ки мисраъ: тубо агарам бод диҳад в-ар надиҳад. Чун соянишинонро аз он дуҳаи фарох ба сахли кулӯхи амруд бо навбоваи талҳи манзуд дар даҳон афтод, манҷи умед устувор аст, ки карами шох дар шохи Борӣ, *ъаммат ниъматаҳу*, аз шохсори шаҷараи тайибаи *аслуҳо собит ва фаръуҳо фӣ-с-само* самараи *фаактаҳу касират ло мақтуъат ва ло мамнуъат* он муҷтанӣ усулу фурӯъи асолатро каромат хоҳад фармуду бархурдории ҳар чӣ беҳтар хоҳад расонид, мисраъ: ин шоа-л-Лоҳ, ки инчунин хоҳад буд. (245)

**Аз ин ҷо нисбати гул кардам оғоз**. Баҳоре чанд аз гули шукуфта баробари меваи расид буд. Хаҳе, бӯстони хилқати махдумӣ, мисраъ: ки аз ӯ меваву гул ҳар ду ба як бор расид. Ҳар гулро аввал бар дида ниҳодам, он гоҳ бар бинӣ. Аҷаб гуле, ки дидаро мунаввар гардонаду биниро муаттар. Бар бӯйи хулқи он Муҳаммади Алломӣ анбӯидаму дуруд бар Муҳаммад фиристодам: ал-Лоҳума сали ъало Муҳаммадин. Он ҳама гулҳоро дар рӯпоки баҳорӣ ба ришта кашида буданд, агарчи дар коргоҳи сунъ аз сӯзани хор бе ришта кашиш ёфта буду ҳар гуле аз тарӣ ҳам обаке дошт, шеър:

Дар он рӯпок ҳамчун қатраи об аз ҳама гулҳо
Миёни қатрае будаст гӯӣ ғарқа гулзоре.

Расонандаи гул ҳамчу бод омаду бӯйи он маҷлиси волову садри уло расониду бигузашт. Мехостам, ки он завъро ба ивази бори киштӣ диҳам, аммо он қадар заҳра надоштам, ки лофи муҳодот бирронаму аз боди муҳозот парам, ки хасро пеши сарви озода баландпарӣ сабукӣ бувад. Малахро бо андалеб парвоз намудан тирагӣ, аммо чун ин фохтаи тавқдор ҳам аз он гулшани латофат мепарад, аз роҳи фукоҳат ғунчаи тибат шикофту бар гулбарги ин саҳифа шама аз эътизори латоиф шумару муварада аз он тибати шамоил дар табассум овард, мисраъ: донам ба табассуме наярзад. Агар латоифи ин варақ чун барги бед аз дурангӣ (246) хилоф ёфту иншиоби иборат аз шохсори фавокеҳ дар мавориди гул дар ӯ ҷуст, ғунчаи лаби суханварон маҳалли ибтисом натавонад буд, ки чун сухан дар гули мева буд, дилам бор надод, ки ҳар дуро дар ҳам омезам, ки ҳар як лаззате ҷудогона дорад. Гулро бӯй кунанду меваро бихӯранд. Лобуд, аввал меваро ба тариқи хидмате ниҳодаму баъд аз он гул бад-он боз кардаму пеши табақаи чошнигирони нафақаҳ фиристодам, мисраъ: қабули маҷлиси гулбӯйи мевахорон бод. Мултамис он, ки гулдастаи хидматии бандаро, ки рағм-ул-анфи боғбон аст, ба ишмоми пиёзбӯёни гандадимоғ зоеъ нагардонанд, ки маълули зуком бӯйи гул натавонад кашид ва агар худ бӯйи ин гул кашад, ҷонаш ба бинӣ ояду ҷаълро нагӯям, ки равоеҳи раёҳин зиёнад, балки бимиронад, шеър:

Пиёзу ғунча ту бар туст ҳар ду мисли якдигар,
Валекин одамӣ бояд, ки бӯй аз бӯй бишносад.

Ин мутоябаро ба тиби ахлоқ бипӯшанд, мисраъ: оре, шавад зи хулқи ту пӯшида бӯйи гул. Ва ин гули музоъафро, ки ҷомаи ту бар ту пӯшидааст, агар чинандагон доман ба остини талбис бипӯшанд, пӯшида нест, ки гул дар ҷайбу уд зери доман пӯшида намонад, *аз-захру сомитун ва-т-тибу ғаммозун*. Ҳамеша заҳароти назарот аз ниҳоли чамани некномӣ аз дамидани авроди номияи тозарӯёни субҳхез шукуфтаву хандон бод. (247)

**Таслимот**. Табақаи аҳиббои ҷонӣ хидматҳои нав бар нав *каталҳи манзуд* мерасонанд. Бархӯрдороне, ки барчидаву баргузидаи маҷлиси хосанд, ҳар як садгон боз салом хонанд. Пурсандагони ахбори махдумӣ, ки парвардаву баровардаи он карами вофиранд, туҳафи убудиёт пеш мефиристанд. Озодагони ин ҷониб савсани забонро дар адои бандагӣ тозаву тар медоранд. Муҳиббони бехилоф қомати тавозуъро бунафша гардониданд. Аз ниҳоли гирдакони хос таслимоти шох дар шох қабул мебояд фармуд. Муҳиббони мухлис авроди дуъо эрод мекунанд.

**Ал-Адъия** ъало нисбат-ил-вард ва-с-самар ҳайян ва маййитан, мадҳан ва замман ъала-л-иҷмол. Анбра-л-бори басотинаҳи; маттаъа биасмори шаҷаратиҳи; саққата абияҳу бизарби-л-аҳҷори; табаха бинори-л-ҳурри ман язрибуҳо; тарраба-л-қулуба бивуруди зикриҳи; тоба ъайшуҳу би-л-авроди-н-номияти; шоха шаъбуҳу шабобуҳу.

***Ли-л-майит***. Тубо лаҳу фӣ-л-ҷаннати; варада авроду-р-Ризвон равзатан тафкиҳата *бифокиҳатин касиратин ло мақтуъатин ва ло мамнуъа*; тора руҳуҳу ило мунтаҳо-с-сидрати.

**Ал-Акс**. Хора макру-д-даҳри; бора самаруҳу; хора шавкатуҳу; бода шаҷаратуҳу бисаммуми-л-ҳаводиси.

***Ли-л-майит***. Набата захр-ул-ъазоб мин наботи қабриҳи; матаъа бисамори-з-заққум; шабаъа руҳуҳу би-д-даби.

**Руқъаи найшакару нисбати ширин** ҳам аз он. Шиҳнаи қасабаи Найпола Маймуни Шаробӣ, сакараҳу-л-ъаср мудоман, хидмати Шаҳоби Самарқандӣ бихонаду бидонад, ки ҳамшира Шакархотун (248) аҳлоҳо-р-розиқу фӣ мазоқ-ил-хулони, ки дар деҳи Найсона сокин аст, найшакарзоре дорад бар лаби обу гули он найшакарҳо сурху дувол дорад, мисраъ: гӯй, ки дуволҳои лаъли қасаб аст. Ҳар тана ба паре найи найза, ки шираи он наботро захми найи найза кунад. Бар лаби обе, ки аз найи тиҳӣ пур будӣ, ончунон найшакарҳо пурбар омада, ки он найҳои тиҳӣ аз паҳлу равад, овоз медиҳанд, шеър:

К-он найшакар, ки аз пурӣ хеш медиҳӣ,
Кам нест масте, ки диҳад ин найи тиҳӣ.

Янполи Хӯта бад-он найшакарзор дандон тез кардааст. Агарчи он гиреҳкушой ҳар рӯз гиреҳҳои чунон найшакаре ба дандон мекушояд, маъа ҳозо, ки он найшакар мехояду даҳанаш пуроб мешавад, дандон мезанад. Азбаски он ширинӣ дар бехи дандонаш маҳкам дарнишастааст, шираро бо ҳасрат ба ҳам фуруд меошомад. Гаҳе мегӯяд, ки инчунин шира дар гардиши чарх набошаду гоҳ хаскашӣ мекунад, ки фасли найсон расиду найшакарзорҳо найистон шуду ин найшакарҳо ҳанӯз бар оби худ мондааст, шеър:

Дар ин чи шак, ки чунин найшакар, ки ҳаст, ниҳанд,
Нахезад аз қасаботе, ки дар ҳади Миср аст.

Он ҳиндуи кайвонӣ, ки аз зуҳал манҳустар аст, ҳар рӯз бар сари чарх мераваду дар офтоб менишинаду аз асри худ меҷӯшад, қатъист аз гираҳ бар он қалам муқотаъа хоҳад кард. Он гираҳи пур, ки (249) дар ҷавозаш мебояд андохт, пеш аз он ки мори ӯ найшакари моро ба шаплидан дарорад, маҷлиси шиҳнагӣ аз мо ширинӣ бистонаду ӯро маҳкам бишаплад ва ваҷҳи асре берун ораду дар қасаба ҷӯйи сероб равон кунад, то он хаси хасис дар он ғарқ шаваду ибрати хасони дигар бошад, ки агар ӯ ин ҳол бишнавад, ҳар касро ширинӣ бидиҳад, ки лаб баста шавад, то зикри он ширинӣ ба талхии кӯ касе нарасонидаасту даҳони ришватхоронро ба ширинӣ талх накарда. Он ҳаромонафурӯши ҳаромхорро ба ҳукми иҳтисоби *ҳасбат-ул-Лоҳ* талхӣ мебояд чашониду ҳаловати он найшакар аз буни дандони ӯ берун бурд, то ба ком нарасад, мисраъ: иншоа Раббӣ қола нуҷзӣ ман шакар. Ҳаловати айш ба мазид бод. Омин!

Мисраъ: **Руқъаи танбӯлу нисбат ҳам ҳамон**. Ба хидмати мулкии маҷлисагӣ **таслимот** ба адади барги дарахтон бар вараҷи раҷ нигошта омаду намуд, ки танбӯле чанд аз сӯйи Гуҷарот, ки барги танбӯл борҳо меоварданд, омадаанду ин бор барге оварда аз пухтагӣ чун нуқраи хом, ҳар барге, ки тезии он теғи забонро бекор гардонад, рубоӣ:

Хунаш таҳи барг, лек сад хун
Дандон занӣ бурун занад ҷӯш.
Ҳам гуфта сухан зи гӯши тезӣ,
Ҳам дода хабар (250) зи тезии гӯш.

Ҳамоно, ки ин танбӯлиён аз бим боз роҳ бадал карда буданду миёни кӯҳҳои шох дар шох рафтаву ҷангалҳои барг дар барг ёфта мерафтанд, то бар сари ду чоҳи дерина баррасиданд. Ногоҳ баргустувоне чанд роватиёни ҷобур бар эшон заданду чун дарёфтанд, ки ин танбӯлиён барге доранд, монанди барг пеши харидорон аз ҷомашон берун меоварданд. Дар ин асно яке аз танбӯлиён теғе чун барги канад то камари кунда бикашиду сӯйи ин баргустувониён ҳамла оварду барои ёрони хеш ба ҷонсупорӣ тан дардод. Баргустувониёнро ғазаб дар сар афтоду баромаданду сарҳои танбӯлиёнро бар сони думи барг мебуриданд, чандон ки дандонҳои кӯҳ аз хун ранг гирифту дандонҳои ғор танбӯл хӯрд. Ҷамоате кушандагон бар сари чоҳ истода буданд, шеър:

*وَ یملیءُ بئرها بروؤس قتلی كأفواهٍ باوراق كثيرة

Ҳар баргустувоне бар он ко́рбо́ниён маргситонӣ шуда буд, чунонки ба қадри сад танбӯле дар ваҷҳи танбӯли малак-ул-мавт харҷ шуд. Баъзеро, ки барги ҳаёт боқӣ буд, замонаи дандонхойи нимхӯрда дандони аҷал аз он даҳонаи бало чун танбӯл, ки аз даҳон берун андозанд, берун андохт. Баъзе, ки вараҷи сабқат хонда буду барг равон кардан (251) пеш аз он сохт, баргу бори эшон ба саломат берун омад. Алқисса, он ҳама танбӯлиён омада буданд ду бор. Барги ҷонӣ, ки бо рақами ҷонӣ бор мехонд, ба шаробхонаи хос бирасонид. Мултамис он, ки қиссаи эшон ҳар чӣ зудтар ба маҷлиси аъло расонанду бандаро аз бандагони хос барои тадоруки ин кор танбӯл диҳанд, то барги интиқом сохта, бад-он сӯй шитобаду барги он ҷангалҳоро зеру забар кунад, байт:

Чун танбӯле, ки баргро гардонад,
Ҳар баргеро ҳаме кунад зеру забар.

Ва бештарӣ аз он ҳиндувони бадрагро монанди раги танбӯл, ки аз миёни барг берун кашанд, аз он ҷангалҳо берун кашаду ба боргоҳи худойгонӣ расонад, ки дандонҳои пилон аз хуни эшон ранг гирад ва он кӯҳҳоро аз оташи шамшер чуна кунад, мисраъ: каасдофин бинорин сора нураҳ. То он кӯҳиёни харсангмизоҷ дар он миён сӯхта шаванду дар роҳҳо амневу сукунате падид ояд, мисраъ: ки аз сарсар наҷунбад барги беде. Иншоа мин зайн-ул-авроқ биқаламиҳи. Ҳамеша зоти муборак ба танбӯли шодмонӣ сурхрӯ бод. Омин!

**Руқъаи танбӯл**. Мисраъ: **бар оини мадҳу ҳамон нисбат** аст. **Таҳмид**. Ҳува муншию-л-авроқ ва-л-ашҷор. Ба хидмати мевахори Хуросон Шаъбони бодрӯй, *азоқаҳ-ул-Бор ва ҳаловат мин* (253) *лаззат-ут-танбӯл*. Ман, ки Хусрави Лочинам, таслимоте чун бираи барг ту бар ту хидматӣ меораму бар танбӯлдорон ихлоси барги ғараз арз мекунам. Бар он ҷумла, ки ҳамоно бар забони муборак дар ситоиши меваҳои Хуросону накӯҳиши самароти Ҳиндустон борҳо сухан меравад. Дар он шубҳа нест, ки ҷумлагии меваи он ҷониб фарохӯри он аст, ки ба коми дӯстон дархурд бошаду аз ҳар сифате, ки хоҳанд кард, беҳ аз он, аммо беҳтар он бувад, ки аз баёни роҷеҳу марҷӯҳ варақ бигардонанд. Агар сухан бад-он ҷойҳо шох занад, қалами котиб ба даъвӣ танбӯл меситонад, ки дар раҷҳони ҳар меваи Ҳинд сад варақ бе ҳеҷ бори нома тартиб кунад, валекин онро алоҳида китоб бояд сохту котиб ба табақороии навбодаҳои дигар машғул аст. Ҳолӣ аз ҷумла наботи ин замин баргеро дар сифат ораму аз туҳафу латоифи танбӯлдорӣ пеши табақаи мевахорони заминҳои дигар ниҳам, то дар нафйи баромадҳои ин замин, ки нохоида сухан мегӯянд, баъд аз ин аввал бихоянд, он гаҳ берун афкананд. Аз ҷумлаи авсофи танбӯл чиҳилу ду сифат бар сони барги газида, ки аз сабади пурбар чинад, берун овардаму пеши ҳаваснокони фавокиҳи латоиф пешкаш кардам, шеър:

Пешкашро тамаъи лутф бувад з-аҳли ҳавас, (253)
Лутфи ин пешкаш инсоф ҳаме хоҳаму бас.

Арз меафтад, ки аз чиҳилу ду сифати писандида аввал он аст, ки аз нафъаш пайғомбар ба ҳақ хабар додаасту гуфта: "лав ло варақуҳу фӣ-л-Ҳинди каузни-л-фараси аҳлака аҳлуҳу би-л-худоми ва-л-бараси". Барге, ки бадтарин иллатҳоро дафъ кунад, нигоҳ бояд кард, ки мартабаи он нисбати меваҳои дигар ба чанд дараҷа бартар бувад. Дувум, он ки бехи дандонҳоро маҳкам кунад ва ин маънӣ ба таҷоруб маълум шудааст, ки ҷумлагии сокинони ақолими дигарро аз хӯрдани меваҳо бирезаду аҳли Ҳиндро, ки дар ин хуриш ғолӣ бошанд, дандон кам резад, мисраъ: гар муддати умр то ба сад сол кашад, байт:

*اِنّا رَاَینا مِن اَهلِ الهِندِ تَجرِبَةً        هذا الزُّمُرّدُ قُوی ذلکَ الدُّرا

Севум, он ки рими дандонро, ки мӯҷиби нафрат аст, бизудояд, то дандонҳо рӯшан намояд, мисраъ: талолан каасари сайфин сақилин. Чаҳорум, он ки бӯйи даҳанро бибараду бихарро ба бихур бадал кунад ва ин низ ба таҷриба маълум шуд, ки мевахорони дигар диёрро ғолиб он аст, ки бӯйи даҳан зишт бошад, шеър:

В-он, ки танбӯл хурад пайваста,
Набувад бӯйи даҳонаш ҳаргиз.

Панҷум, он ки дар хӯрдани он бӯйи хуш ояд, чунонки димоғи ҳозирон муаттар гардад, (254) байт:

Пурбарг аз ӯ даҳонҳо чун ғунчаҳои сурӣ,
Ҳамранги лаъл дар вай, ҳам бӯй то ба дурӣ.

Шашум, дар рӯғани сутураш биҷӯшонанд, то аз рӯйи хосият, мисраъ: рӯғани бадбӯйро хушбӯ кунад. Ҳафтум, он ки балғамро бибарад, байт:

Тезияш ала-л-қатъ барад балғамро,
Монандаи тезӣ, ки барад шалғамро.

Ҳаштум, он ки сари дилро соф кунад. Нуҳум, он ки ҳама чарбиҳо мояи сурхӣ шаваду аз чарбии ин барги сурхе зоил шавад, мисраъ: к-ӯ маҳв кунад ҳар ҳама сурхиҳоро. Ва ҳам он, ки бар ҷароҳати тиру теғ банданд, барои шифо, шеър:

Он мева, ки марҳами ҷароҳат бошад,
Мева натавон гуфт, ки роҳат бошад.

Ёздаҳум, он ки чун биспориву ранги чуна даромехт, мисраъ: маъҷуни муфарриҳ-ул-қулуб аст. Дувоздаҳум, он ки монеъи истифроғу ҷӯшидани дил асту кадом чиз аз он некӯтар, мисраъ: ки ҷӯшоки дил аз вай дафъ гардад. Сездаҳум, он ки серхӯрдагонро, мисраъ: физояд аз ӯ иштиҳои таъом. Чаҳордаҳум, он ки мояи серӣ аст, байт:

Гар гурусна хӯрад, кам шавад гуруснагияш,
Кам шавад гуруснагӣ аз бихради гуруснааш.

Понздаҳум, он ки қадре мастӣ низ орад, мисраъ: (255) гӯӣ, ки ба коми дӯстон бода ҳам аст. Шонздаҳум, он ки аз таъми тисъатун сулсон комил дорад, мисраъ: талху тезу шӯру ширин асту зафти бемаза. Ҳафдаҳум, он ки чун шаш меваро шаш мазза бошад, ин барг, мисраъ: ба мазза гӯӣ, ки шаш мева аст. Ҳаҷдаҳум, он ки аз субъи алвон панҷи тамом дорад, мисраъ: сурху зарду сапеду удиву зард. Нуздаҳум, он ки бе ёрон натавонад буд, мисраъ: ёрони ваянд фавқалу чонаву ранг. Бистум, ин баргест, ки меваро ба туфайли ӯ хӯранд, зеро ки сипорӣ, мисраъ: мева асту туфайлии вай аст андар хӯрд. Бисту якум, он ки ҳама ҷо мева хӯранд, на барг, мисраъ: в-ин барг хӯранд ҳамчу мева. Бисту дувум, он ки ҳама хуришҳо чун аз гулӯ фурӯ рафт, маълум аст, ки чӣ шавад ва ин хуриш ҳаргиз он нашавад, зеро ки то он ҷоҳош расидан нагузоранд ва аз даҳон ба иззати тамомаш берун оранд, мисраъ: в-онро, ки азизтар хӯронанд. Бисту савум, он ки ҳар чӣ нимхоидаи дигаре бихӯранд, албатта, дил қабул накунаду дар банди муроҷаат бувад, мисраъ: в-инро бихӯранд, дил ҳамаш бипзирад. Бисту чаҳорум, он ки ҷавонмардон дар пирҳо мехи зар зананд, яъне ҳар барги наботот (256) дебоест ба сӯзани зар дӯхта, шеър:

Даҳонро дода ташрифи дарунӣ,
Бурун сабзад, дарунаш остари лаъл.

Бисту панҷум, он ки баъзе меҳтарон бираро бо бирешим бибандаду ин сарриштаи меҳтарӣ берун медиҳанд, яъне чун Худой моро барге додааст, мисраъ: бо бирешим ар бира бандем шояд. Бисту шашум, он ки ҳеҷ хуришеро мулук дар қабою буғлақ нанихҳанд, мисраъ: магар ин баргро ба сад иззат. Бисту ҳафтум, он ки ҳама чизро дар кӯчаву бозор

хӯрдан айб бошад, мисраъ: в-ин хуриш бошад нишони мехтарӣ. Бисту ҳаштум, он ки барои ҷоҳу таматтуъ ба кор баранд, мисраъ: на ба ҷое алаф хӯрдан таъом. Бисту нуҳум, он ки дар меҳмонӣ харҷ шавад, мисраъ: в-аз мотаму ғам дур бувад пайваста. Сиюм, он ки тӯҳфаи меҳмоннавозист, мисраъ: арҷманд аз навозиши меҳмон аст. Сию якум, он ки ровиёни ахбор аз маҳдум ба бира қабули санаданд, ба таъзимаш бар сар ниҳанду онро сарсабзии хеш пиндоранду шукронаи он сарсабзӣ, мисраъ: бадр донанд чу сабза бар хеш. Сию дувум, он ки аввал аз таъом, ки қивоми мардум бад-он аст, дасти олударо бишӯянд, мисраъ: в-он гоҳ зи таъзим ба дасташ гиранд. (257) Сию севум, он ки ҷумла баргҳоро чун аз шох ҷудо кунанд, як рӯз беш наёяду ин барг, мисраъ: тозатар бошад аз паси шаш моҳ. Сию чаҳорум, он ки бо об нектар бошаду бе об нектар, шеър:

Ба беобиш бошад обрӯяш,
Ба ном Эзид зиҳӣ, бе оби бооб.

Сию панҷум, он ки дар хӯрдани он ҳусни хубон бияфзояд, чунонки ин байт дар сифати эшон шоеъ ояд, байт:

Дилдор, ки хонаро сувайдо кардааст,
Хунхорагии нуҳуфта пайдо кардааст.

Сию шашум, он ки дурри дандони офтобрӯёни Ҳиндро лаъл гардонад, то вассофони он лаълу гавҳарро бад-ин гуна дар силки сифат оранд, байт:

Чун лаъл кунанд дархурди лабандон
З-он барг, ки шуд тухфаи давлатмардон,
Бар бом биронанд шабе гар хандон,
Парвин накунад сапед ҳаргиз дандон.

Сию ҳафтум, он ки маҷлисорои муошир он аст, мисраъ: кухлро аз он набуд гиранд. Сию ҳаштум, он ки ҳар тухфа, ки миёни ошиқу маъшуқ фиристанд, мисраъ: беҳ аз ин ҳеҷ кадомӣ набувад. Сию нуҳум, он ки дар иқду тазвиҷ бе набот шарбат муяссар мешавад, мисраъ: бе ин набот талх муяссар намешавад. Чиҳилум, он ки ҳама меваҳоро як-ду бор ба ҳила тавон хӯрд ва ҳар кӣ завқи ин барг дарёфт, (258) то нафаси охир, мисраъ: як нафас бе ин наёрад буд кас. Чиҳилу якум, он ки завқ виҷдоне дорад, на ҳиссӣ, зеро ки талхиву сӯзокиву бемазагӣ мӯҷиби завқ набошад ва ин барг бо ҳама таъми номатбуъ матбуъ аст. Пас, маълум бошад, мисраъ: ки виҷдонест завқиву на ҳиссӣ. Чиҳилу дувум, он ки ҳайаташ низ писандида аст, шеър:

*شَبيهُ بِمحراب وَ كان فَريضَةُ　　　عَلى كُلِّ اِثمار اِليهِ سُجودُ

Алқисса, ин чиҳилу ду сифат ба сидқи маъқул тафриҳ кардааму аз сурху зарди истиороту санъат чандон рангинаш надода, ки агар бо ту он муболағату сифоташ биёроям, ҳар як аз ин авроқ ба асводи биҳишт ба муқобала бозхонад, шеър:

*وَرَقُ لَطيفُ لَيسَ يُمكِن نَسخُهُ　　　اَلّاَبطوبى اَو بِسدرةِ مُنتهى

Дар ин иблоғ некӯтабъонро аз ҷумлаи бӯстони номии иншо ба барге имтиҳон мекунаму ин озмоиш мунҳасир аст бар чаҳор илтимос: аввал он, ки агар меваи дигар бар ин чошнӣ ҳаст, онро ба чидани сифати маъқул мавсуф гардонанд; дувум он, ки дар асрои шохсори меваи дигар бад-ин пухтагиву тарӣ набувад, ҳамин баргро, мисраъ: гар нест чиҳил варақ кам аз чил сифате; савум он, ки (259) агар дар ин асл низ ба шореъ узр тааллуқ намоянду гӯянд: самараи гузидаи мевачин нахуст бурдааст, бояд, ки аз шаҷараи тайибаи мадҳ нагзаранду шаҷараи хабисаи аксро биҷунбонанд, шеър:

Бошад, ки фурӯ фитад аз он барги гул,
К-онро хӯрад он кас, ки бувад дархури он.

Чаҳорум он, ки агар қуввати ҷунбонидани ин асл ҳам набошад, дар ин авсоф сари варақ бишкананду поёни суханро бошанд, яъне ҳадди инсоф ба итмом расонанд, ин авроқ мутақозии ҷавоб аст.

Чун хидматии танбӯлиёни камбизоат, ки барге чанд пеши бузургон баранду хурдаи тавқеъ намоянд, умед аст, ки аз он нақди савод бар кафи дастам ниҳанд, мисраъ: чун қимати барг бар кафи баргфурӯш. Навара ад-дуъо камо фӣ аввал-ил-варақ.

Мисраъ: **руқъаи танбӯл бар оини зам. Таҳмид**. Ҳува мунаббиту истанбул фӣ арз-ил-Ҳинд. Вараҷи танбӯли қаранфулбӯйи хусравӣ, ки самараест аз шаҷараи лочин, *мутиъуҳ-*

*ул-Лоҳ бифавокиҳ-ул-бадоеъ*, бар сони барги танбӯл печида, ки пеш орад, мисраъ: сағирун ъинда маҳдумин кабир – дар ҳар бех тиби тайибе, шеър:

*مطوية خشوها مطابية    كالزعفران أضحك المحاذينا

Ба ман, ки Шаъбони Мовардиям, расиди он вараҳи дурпечро монанди (260) танбӯле, ки бузургон диҳанд, бӯсидаму бар сар ниҳодам, байт:

Шудам хуш аз он руқъаи навсухан
Чу танбӯлхорон зи барги куҳан.

Чунаҳои бисёр, ки барои сӯхтани хуросониён молида будам, фуруд хӯрдаму сӯхтам, шеър:

Чун баргхори хом, ки молад ба барги хом
Чуна фузун, ки пухта шавад аз он забони ӯ.

Он, ки баргро ситоише ба ишбоъ фармуда буд, табиати моро ба иштиҳои содиқ сӯйи он навбоваи нотамом майлони тамом дод. Аммо он, ки меваи моро, ки ороиши ҳафт табақи замин аст, ба кулӯхи амруди хом дар хок зада, дили мо чун фавфул аз миқрози ҳиндӣ дуним гашт. Акнун аз он ҷо, ки ҳар мукотибаро муҷовеҳ воҷиб аст, байт:

Чу ба мо туҳфае фиристодӣ,
То наранҷӣ зи чошнии ҷавоб.

Фармон бар он ҷумла буд, ки ё меваи дигарро ба муқобалаи барги танбӯл чиҳил сифати бадеъ биёрам, то он арбаъин наздики асҳоб ҷуз маҳалли ниёбат хиёри симор ёбад ва ё ҳамин баргро ба ҳамин миқдор авсоф аз тариқи мадҳ ва ё зам чун бираи чиҳилбаргии мулук ба абрешими борики вақт барбандам, шеър:

Ё худ аз хомиву хиҷолату аҷз
Чеҳра чун барги пухта зард кунам.

Аз роҳи ҷуръат ба ҷавобе чун танбӯли тезе, ки сӯзандаву (261) хушоянда бошад, шарти таҳият ба ҷо овардам, мисраъ: умед, ки бар мазоқи маҳдум бувад. Маълуми хотири отир бод, ки агар меваи дигарро ба мувозанаву мувозот бо барги танбӯл ҳамтарозу гардонам, ҳар кӣ ҳаст, ин қадар ба мизони ақл бартавонад санҷид, ки барги сабуктарро ҳеҷ санге нест бо меваи гарон, мисраъ: имкони баробарӣ набошад. Моро барои тарҷеҳи меваи хеш ҳамин як ҳуҷҷат басанда аст, ки шаҷараи мусмири Қуръон мӯъминонро бор додааст: *ва мин самароти-н-нахил ва-л-аъноб* дар биҳишт ваъда карда, шеър:

Танбӯл аз ин накӯтар будӣ,
Ӯро ҳам аз ин шох карам бар будӣ.

Ва агар ҳамчунон барги танбӯлро аз таровати мадҳ об диҳам, бо он, ки дафтари иншо чун бираи барг дар мушти ман аст, чунонки чиҳил сифатро ба чиҳил варақ низ тавонам расонид, аммо боз бад-ин тасниф таъйиди қавли холисе карда бошаму тарҷеҳи танбӯл бар ҳамагии самароти Хуросон ҳам худ ба исбот расонида. Пас, барои боло бурдани меваи боло, ки ҳам нористу ҳам обӣ ва фуруд афкандани баргҳои Ҳиндустон, ки ҳам хокисту ҳам бодӣ аз дили фармони ровии хеш ба даъвии тамом бира ситудам, ки чиҳилу ду сифати хастаи танбӯлро, ки аз ҳавзхонаи замири муборак бар саҳнаки коғаз омадааст, ба чиҳилу панҷ (262) ҷавоби маъкус чун бираи ҳиндувон бозгуна кунаму муддаиёни мунъакисмизоҷро бад-он танбӯли бозгуна танбӯл диҳам, шеър:

К-он барг шавад ба хок резон
Чун барг ба гоҳи баргрезон.

Инак, он табақи бозгуна рост карда пеш овардам, шеър:

То ҳар кӣ гаҳе ситоиши барг кунад,
Ман хонаму бираи ситоиш бидиҳам.

Бидон, ки аз чиҳилу панҷ ҷавоби маъкус, аввал, боре он аст, ки ҳадиси фазилати танбӯл бар ҳазрати Рисолат, алайҳи-с-салот ва афзал-ут-таҳият, ифтиро кардаанду сиҳҳатӣ надорад. Агар саҳеҳ будӣ, дар китобе баромадӣ. Барге, ки ҳама андомаш сапед мешаваду ҳам мегудозаду ҳам баҳақ дорад, мисраъ: пеш кай пеш барад аз дигарон. Дувум он, ки ҳеҷ пайғомбар неш нахӯрдааст, ки агар хӯрдани ӯ писандида будӣ, байт:

Дар ҳама рӯйи замин будӣ ном,
К-анбиё низ бихӯрдандӣ аз ӯ.

Севум он, ки дар ҳеҷ китоби мусалмонон зикраш наёмадааст, мисраъ: ва лайса юҳсабу шайъун лайса фӣ кутуб. Чаҳорум он, ки дар китоби мусалмонон наёяду дар китоби ҳиндувон биёяд, пас дар ин сурат, мисраъ: гӯӣ аз беди ҳиндувон варақест. Панҷум он, ки азиздоштаи ҳиндувон асту мусалмонони (263) Ҳиндустон, мисраъ: ба тақлиди ҳинду азизаш кунанд, - на аз қавли асҳоби тақвову илм. Шашум он, ки бараҳманонаш баробари рӯғанҷӯшӣ пеши бут ниҳанд, мисраъ: к-аз пайи бутпарастӣ ояд кор. Ҳафтум он, ки афсунгарон девмандлаҳро бад-он ороянд, мисраъ: ки то девро з-он навозиш кунанд. Ҳаштум он, ки доноён рагаш берун кашанд, ки аз он ҷо, ки раги бади ӯст, мисраъ: шоҳону меҳонро диҳад бӯйи шир. Нуҳум он, ки бештар бузургонро дар он захр диҳанд, мисраъ: гӯӣ он барг мояи захр аст. Даҳум он, ки ба ривояти ҳиндувон инро ногбел хонанд, яъне аз сари мор рустааст. Бехаш бад-он сабаб бурранд, ки агар набурранд, албатта, рӯзе, мисраъ: он захр зи бехи ӯ занад шох. Ёздаҳум он, ки чун дар танбӯл ин ҳафт чиз якҷо шуд, захри қотил гардад: баргу раги баргу сари баргу бехи баргу бунастаи анкабуту фавфулу сангрезаи чуна. Дувоздаҳум он, ки мадқукро аз захр бадтар аст, мисраъ: ва оби ӯ рӯғане бар оташи дақ. Сездаҳум он, ки агар дар шаҳдаш афкананд, мисраъ: ҳам талх бурун ояд он дам, ки бурун орӣ. Чаҳордаҳум он, ки димоғро хушк гардонаду хушкии димоғ, мисраъ: аз зиёнкорӣ набошад дуртар. (264) Понздаҳум он, ки ҳеҷ обе дар даҳан нагузорад, мисраъ: в-он, ки хӯрдаш гашт бе оби даҳан. Шонздаҳум он, ки маззаи хосаи ӯ нест, мисраъ: ба ҷуз зуфтӣ ва ё тезиву талхӣ. Ҳафтдаҳум он, ки дар сабзияш чуна зананд, бағоят бемазза бошад, шеър:

Рост ҳамчу арӯси сабзаранг,
Ки сапеда ба рӯйи ӯ моланд.

Ҳаждаҳум он, ки ҳеҷ мева дар лаззату ҳаловат мӯҳтоҷи меваи дигар нест, мисраъ: сурхрӯии ӯ аз эшон аст: - бе эшон пайест сабзизор. Нуздаҳум он, ки агар сипориву рангу чунаи барги Систон ва ё сари босангонро ин сурхрӯӣ диҳанд, битавонанд. Пас, маълум шуд, ки баргро аз эшон сурхрӯӣ аст: не эшон сурхрӯ зи барганд. Бистум он, ки аз хӯришҳо лаванди навмедӣ медиҳад, мисраъ: к-аз паси хӯрданаш умеди хӯриш кам бошад. Бисту якум он, ки пири бедандонро: маҳрум кунад аз баҳраи хеш. Бисту дувум он, ки маҳбуби шоҳидони шаҳргардон аст, мисраъ: зоҳидонро набувад майл ба сӯяш чандон. Бисту савум он, ки аз найшакар қалами хос чакида буд, ки мастӣ меорад, мисраъ: з-ин сухан худ бӯйи ҳурмат мезанад. Бисту чаҳорум он, ки чун олоиши ӯ зуд пок нашавад, мисраъ: дархӯрди даҳони (265) рӯзадорон набувад. Бисту панҷум он, ки беҳтарини ҳунари ӯ он аст, ки дандонро ранг диҳаду ҳеҷ марде ба ранги дандон, мисраъ: фирефта нашавад, ҷуз занону номардон. Бисту шашум он, ки гавҳари дандонро сияҳ гардонад, мисраъ: беқадр бувад гуҳар чу гардад шабаҳ. Бисту ҳафтум он, ки даҳон аз ӯ лаъл гардаду ҳеҷ оқиле ба даҳони лаъл хуш нагардад: магар тифл ё сифла, ё рустоӣ. Бисту ҳаштум он, ки мотамзадаро ба истиорат даҳанпурхун гӯянд, ӯ худ даҳанҳоро, мисраъ: гунаи хун ҳаме диҳад таҳқиқ. Бисту нуҳум он, ки хӯрандаи ӯ, мисраъ: гӯӣ даҳанаш ба мушт пурхун карданд. Сиюм он, ки агарчи дар хӯрданаш бӯйи хуш ояд, аммо агар бо кӯраи лакҳнутӣ хӯранд, мисраъ: маълум шавад, ки бӯйи ӯ чист. Сию якум он, ки ғарибонро даҳан сӯзад, яъне аввал касе, ки дар Ҳиндустон дарояд, агар ба хӯрдани танбӯл тафҳимаш накунанд, мисраъ: бинӣ, ки сазош ногаҳон чуна кунад. Сию дуюм он, ки баргест бе бар, шеър:

Чу сарву бед, ки аз мева ноҷавон мурданд,
Ки ҳеҷ гоҳе аз эшон касе нахӯрад баре.

Сию савум он, ки меҳмонро дастуре рафтан асту ҳар чӣ мӯҷиби дафъи меҳмон бошад, мисраъ: пайдост, ки дархӯрди (266) ситудан набувад. Сию чаҳорум он, ки аз берун чарб менамояду дар мизоҷ сапуз аст, шеър:

Чарбе, ки зи мағзи ӯ сапузӣ зояд,
Дандонзанӣ беҳуда бошад дар вай.

Сию панҷум он, ки дурдест, мисраъ: пеши рӯ чарбу паси пушт сапуз. Сию шашум он, ки якранг нест ва ба ҳар як чанде ранг мегардонад, мисраъ: гаҳ сабзу гоҳ зарду гаҳе сурху гаҳ сапед. Сию ҳафтум он, ки ҳайате низ чунон зебо надорад, рӯяш чарб аст чун чеҳраи маҳдум, шеър:

Рагҳош бурун фитода аз пушт
Монандаи пушти дасти золон.

Сию ҳаштум он, ки ба турунҷи наққошон монад, ки бар ҷома кашанд, мисраъ: нақше, ки бувад фиреби тифлону занон. Сию нуҳум он, ки мизоҷе сӯзандаро ороядаи кори худ карда, мисраъ: гаҳаш сурхӣ кашад, гоҳе сапедӣ. Чиҳилум он, ки хоҳад забардасти меҳтарон нишинаду ҳаргиз ҷома бар худ напӯшад, мисраъ: ба ҷуз кӯҳнаву жандаву пора-пора. Чиҳилу якум он, ки, шеър:

Ҳарчанд ба гӯши тезиён мемонад,
Лекин гӯшест карда ноқис зи фуруд.

Чиҳилу дувум он, ки агарчи сабзи хунукест, ки аз тез нишон дорад, мисраъ: лекин айб аст он, ки думаш мебуранд. Чиҳилу савум он, ки сифати мадҳаш (267) яке он бувад, ки аз бас юмн дархӯрди мотам нест. Зиҳӣ юмн, ки ороиши турбатҳо аз ӯ мекунанд, шеър:

Бин чу бе юмн бошад он чи аз ӯ
Гӯри бе юмн сабзпой бувад.

Чиҳилу чаҳорум он, ки ташбеҳи ӯ ба меҳроб намешояд: з-он рӯ, ки чу қуллаҳои бутхона ҳам аст.

Ин чиҳилу чаҳор мадҳи маъкус, ки ба даъвии бира шунида будам, дар варақ овардам. Воҷиб кунад, то авроқи нусхаи ин ариза чун барги танбӯл дар ҳама Ҳиндустон номӣ гардаду азбаски ҳар вараќе ғарқи ҳаловат аст, бар сони барг дар шаҳд, то он ҷо, ки барге аз дарахт бурранду дар гули маҷолиси асҳоби завқ хофир оранд: чун барги бехаш сӯфиёна. Ин холе чанд рангин, ки сафҳаи инбисотро мулавван гардонанд, бигӯӣ доғи танбӯлест бар домани отифони киром ба оби лутф шустан фаромояд, шеър:

Душманат рагкашида боду дуним,
Ҳамчу барге кашида барг, омин!

**Ҳарфи дувум** дар маҷории аҳволи мастон ва авсофи шаробу латоифи он. Мисраъ: **дар ҳама ҳарф нисбати бода**. **Унвон**. Ин мулотафаи майгун, ки дуои истисқои мастон аст, ба нури мулоҳазаи маҷлисбек, саббата қадамоҳу фӣ сукр-ал-мудом, расида бод.

**Таҳмид**. Ҳува-т-таввоб, ҳува таҳур ли-л-асам, ҳува-ал-ғафур, шеър: (268)

Эй бонги суроҳии ту бар лутфи навид,
Бодо тарабу ишрату айшат ҷовид.

Чун ҷуръафишонии Зуҳали ҳиндуро пеши лаби худ кафча кунад, дасти умед мудом раҳиқи роҳат аз гардиши давр ба коми ишрати маҷлиси олии маҷлисбекӣ бод, бодаи қадаҳи мурод лаболабу нағмаи нойи тараб дамодам. Ба ҳурмати сангандози шабашҳои шароби муҳибби софии мусофот булбули шаробӣ, ки дӯстгонии нӯши амодии Худованд аст, ҷуръамисол рӯй бар замин биниҳаду он ройи мусаффоро, ки ҷоми ҷаҳоннамой аст, рӯшан мегардонад, ки имрӯз дурдикаше чанд чун Хайём хаймаи харобӣ дар хароба задаанду ҳавои абрҳои хушу бодҳои дилкаш нишаста. Шаробе, ки башорати мо дархӯрд бошад, қадре мавҷуду бо сустбурутон ба сиблаташ полуна мекунему бодҳо дар бурут афканда мебошем, аммо аз он мукаддар, ки дилро тира мегардонад, дил гирифта шудаасту толиб расида. Дурде, ки ба ҳеҷ сафол дарнахӯрад, дар обгинаи дили мо дархӯрд аст ва зуҷоҷаву сафол гардонидаву мо аз сафол гардонидан даст наметавонем дошт, шеър:

Он, ки софӣ зи даври чарх наёбад,
Чи кунад гар ба дурд хӯй нагирад?

Ҳар давре чун балғам дар сари дил мемонаду ҳеҷ ҷо барнамеояд. Шароб аз барои дафъи ғам хӯранд. Шаробе, ки (269) балғамро таҳлил намедиҳад, бал ғами шаробе аз дили мо чигуна шӯяд? Уламо таҳлили шароб, ки аз барои дафъи иллат ҷоиз доштаанду ҳукамо шароб барои таҳлили иллат хӯрдаанд, машруби мо ҷуз иллати таҳлили беморӣ чизи дигар ҳаром аст. Ҳалолхоре боистӣ, ки ин сабӯи моро бардоштиву ба ҳурмати тамом бар замин задӣ. Шаробро иллати мастӣ гуфтаанд, турфа шаробе, ки ҳама иллат асту ҳеҷ мастӣ на. Дарунаи мо аз он бодаҳои маълул бемор гаштааст, умед, ки аз шаробхонаи хос қадре нӯшдору, ки аз маҳлули оби ҳаёт иқтоъи ҳамон дору номзади ҳалли мо шавад, шеър:

То чунон бар дили мустасқӣ фурӯ мерезам,
Ки бишӯяд зи дили мо ҳама иллатҳоро.

Бар алтофи хуморшикани махдумӣ эътимоди куллист, ки дар мултамаси мо тааммул мадхал наёбаду майманаву майсараи маҷлиси моро аз ямини соқии хос бисёре даст диҳад, ки аз мавҷи кафи маҷлисбекӣ мустагриқи ҷоми нишот шавему аз сархушӣ ин байти шукрона нуқли худ созем, шеър:

Эй маст кафи ҷаҳон ба ҳар даври шароб,
Май нӯш ба бонги чангу овози рубоб.
То гардиши нуҳ шиша бувад, даври ту бод
В-аз даври ту дӯст масту бадхоҳ хароб.

Ҳозирони маҷлис, ки аз бешаробӣ хушклаб мондаанд, чун пиёлаи холӣ замин мебӯсанд. Ошноёни он тараф, ки ғарқи шаробанд, аз мутаъаттишони ин ҷониб ба таҳияти мудом махсусанд. Ва-с-салом.

Мисраъ: **ҷавобе, к-аз ӯ маст гардонад бе май.** (270) Ин ҷавоб, ки моҷарои хумхонаи мост, хуморшикани маҷлиси хос бод. **Таҳмид**. Ҳува муслиҳ ин фасадта, хува-с-саттор, ҳуса-л-ғафур, шеър:

*طَلَبتُ الرّاحَ يا عينَ المَعالِى سَقاکَ اللهُ تسنيمَ الجَنانِى

Мудом каммияти нишот аз майдони тараб дар рикобаи муроди махдумӣ ҷӯшону гунбадканон боду соқии давр аз ҳозирони маҷлис дур, ба ҳурмати оби ангур. Ҳавохоҳи муоширони маймуни маҷлисак суроҳивор аз сафои даруну берун шарти хидмат ба ҷо меораду хулосаи синаро аз сари тавозуъ берун мерезад, ки муфовазаи роҳатафзой расиду дар обгинаи чашм чун роҳ дар миёни сурохӣ мадхал ёфту хулосаи маънӣ ҳам аз аввали мултамис рӯшан гашт, шеър:

Бал буд талаб, ки бе тааммул бирасад,
Ҳоле бидиҳам ҷавоб, то мул бирасад.

Шак нест, ки дар хумхонаи мо пайваста шаробе чунон гиро будӣ, ки ҷамъияти гусастаро пайванд тавон карду устухони шикастаро васл мумкин гардаду дили дунимро ба хуни гарм яке кунад, шеър:

*سَلافُ اذ تجرَّعَها حَرِيفُ بها التأمَت جَراحاتُ الفؤاد

Шеър:

Чунон гиро шаробе, к-аш агар рӯзи аҷал нӯшӣ,
Бигирад пойи ҷон маҳкам, ки нагзорад бурун рафтан.

Аммо аз даврони чархи саргардон осебе расид, ки он хумҳои бузург хурд гашт (270) ва селе, ки мӯҷиби харобии саройи обу гил бувад, дар он дару девор низ сироят кард, шеър:

Бувад аз даври хароботи харобии ҳама,
То харобот ҳам аз даври фалак гашт хароб.

Хумро, ки аз амали харобот маъзул шуд, шикастагӣ омадааст, ки аз ӯ бадали дирам ҷуз сафол ҳосил нашавад. Анкабутон бар дару девори хумхона танидаву магасон сар меҷунбонанду даст бар даст мемоланду аз барои шароб забонашон берун меояд ва ҳарифон, ки магаси шароб буданд, аз парокандагӣ симурғвор гӯшагир шудаву мутрибон, ки аз судра даромадандӣ, тарки раҳ гирифта. На чашми соқиро ғунудани хамёзиву на ҳусни шоҳидро карашмаи нозе ва на ҷомро оби даҳоне дилпазиру на суроҳиро оби чашме аз тариқи риққат ва на кабобро гиря аз сари сӯзу на нуқлро чошнӣ фарохӯри ком. Қумқумаҳои кӯза фурӯ нишаставу замзамаҳои каду хушк овардаву қуроба аз саҷдаҳои лояҷуз сар боз зада. Лифи қароба аз бӯрёи масҷид покдомантар, сабӯи шароб аз овандҳои вузӯ намозитар, пиёла дар банди он, ки қандили меҳроб шавад. Даври хонаи иблис, ки сияҳхонагӣ шуда буд, наздик аст, ки фаришта фуруд омад, шеър:

З-ин хонаи пурзуҳди зарурӣ бигузар,
К-аз шишаи қандил наҷӯянд шаробе.

Аз харобии он майкада моҳҳо баромада, ҳанӯз (272) аз димоги халқ бӯйи он намеравад, шеър:

Бин, то чи турфа будаст, он май, ки дар хумистон
Май рафт, солҳо шуд бӯяш ҳанӯз боқӣ.

Дӯстон бар бӯйи бодаҳои хуш пайки сабошамоилро равон кардаву аз майхона муле дар шохи гул мекунаду на булбуле аз гули шароб ғулғул мезанад, шеър:

Солҳо шуд, баҳори мо ин аст,
Бода гум шуд, хумори мо ин аст.

Пеш аз ин аз ҷониби шароб чунон пурчашм будем, ки агар аз бухори шароб чашми бад рӯ омадӣ, доруи чашм ҳамон шароб будӣ. Дар ин вақт он қадар шароб муяссар намешавад, мисраъ: ки барҷой дорад, ба чашмаш кашем. Агарчи ҷавоби хушк бар ошноён равон кардан чандон обе надорад, аммо чун он дарёкашон киштӣ бар хушк рондаанд, аз орази мо ҷуз арақ чизе намекушояд, мисраъ: чӣ кунам ман агар ин ҳол фурӯ натаровам. Мехостам, ки қадре қандоби бозор, ки холии даҳонро талх гардонад, равон кунам, аммо чун рӯшан буд, ки дар он маҷлис араќи софе, ки аз ӯ хуни ёҳу об мешавад, ҷак-ҷаки дигари мо гарм дармерасад, нахостам, ки он харидаи саҳлқиматро дар базми хос фиристам, то он масал шавад: коса куҷо ниҳаму кӯза куҷо, шеър:

*اذا يُشربُ صَفوُ الرَّحيق ذو طرب        فَلَيس يَرَكُنْ مِن بُعدهِ الى كدر-

то ин дами сидқ бар узр ҳамл нашавад, шеър:

Марде, ки дам аз узр кушояд ҳар дам, (273)
Ту мард махонаш, ки намозӣ набувад.

Агар ҳаёт бошад, ҷони ширин аср карда шаваду аз он аср ба ҷиҳати оби хуши ҳарифон асири ҷони доруи хеш сохта ояд, ки бад-он вақт умрро нафасе зинда тавон дошт, ҳамеша ғариқи айни ишрат бод. Омин!

Мисраъ: **руқъа баҳри хондани ёрони ман**. **Унвон**. Ин ариза ба хондани азизон, ки ҳарифи азизанд, махсус бод. **Таҳмид**. Ҳува-л-ғаффор, шеър:

Оне, ки ба май чу бо ту ҳамдаст шавам,
Хоҳам, ки чу ҷуръа дар раҳат паст шавам.
Набвад аҷабе зи хушҳарифият агар
Бе бода ҳам аз дидани ту маст шавам.

Мудом бахти бедору ройи ҳушёр ҳарифи маҷлиси волову надими базми пуролои Мавлавӣ боду осеби мудминони бадмасту ошӯби мудбирони бадҷаст аз пиромуни он бисоти нишот биъайн, ба ҳурмати асҳоби сукр, шеър:

Афлок зи дӯстони ҷонӣ бодат,
Иқбол ҳарифи дӯстгонӣ бодат.

Камтарин ҳурафои қадим Омулии надим, ки яке аз ҷуръанӯшони лутфи мудоми он маҷлис аст, саҷдаҳои мастона аз тариқи ҳушёрӣ ба ҷо меораду чун ҳарифон дӯстгонӣ истода, дар поёни маҷлис арза медорад, ки ҳамнишине чанд, ки дар мақоми муҷоласат бар қоидаи адаб зону тавонанд зад, қадам задаанду аз фарҳати зикри он муошир (274) пиёлавор даҳонашон фароҳам намеояд, ба оби дида қуробаву сӯзи синаи кабобу сафои маю риққати суроҳӣ, ки агар ҷоми шароб бар каф дорад, ин ҷо ба кон нарасонад ва агар нуқли тар дар лаб он ҷо ком нагираду бе тааммул бад-ин сурӣ майл нанамояд.Чун рӯшан аст, ки бисёр чашмҳо аз он лиқои маймун боз мондааст, байт:

Бархезу биёву хуррамӣ кун,
Бар дида нишину мардумӣ кун.

Ҳамеша ҳамнишини хушҳарифон бод. Омин!

**Ал-адъия** *ли-л-*маҷлис ва асҳобиҳи. ***Ли-л-майит***, мадҳан ва замман ъала-л-иҷмол. ***Ли-л-маҷлис***. Мулиа би-л-маёмини адора фиҳи-с-соқӣ мудоман; ҷаласа фиҳи асҳоб-ул-қулуб ва-с-судур; иҷтамаъа фиҳи-л-мулук. **Зам**. Дора фиҳи хамрун майшум. **Лиамир-ил-маҷлис**: роҳату роҳатин фӣ-л-майманати ва-л-майсарати; роҳа куллу кадарин мин сафои маҷлисиҳи; замма хало маҷлисуҳу мин малоҳӣ.

***Ли-л-майит***. Ҷаласа фӣ-л-хулди-л-маймун. **Зам**. Ҷаласа фи-л-ҷамари.

***Ли-с-соқӣ***. Ҷаъала давруҳу мудоман; тара шорибуҳу биъараќи роҳи; тоба маҷлис-ул-ахёри биҳи; роҳат ядайҳи ило роҳати-л-ҳурафои. **Зам**. Арику моуҳу камо арока ва моу-л-қаворири сабба даммуҳу камо сабба дамм сабби. ***Ли-л-майит***. Сақо аҳл-ан-наъими мин-ал-кавсар ва-т-тасним. **Зам**. Сақо садид-ал-ҳарқо. ***Ли-л-майит***. Маттаъа бироҳатин ло ниҳоята лаҳо; тоба нурун ъалайҳи; тарабун биқаҳвати биманҳийин ъани-л-ҳарифи-с-суи; таҳҳара-л-Лоҳу лавсуҳу биъайни-л-ъафв; (275) оба ман баракат-иш-шароб ило баракати-с-савоб. **Зам**. Нақала руҳуҳу бисакли-н-накл. ***Ли-л-майит***. *Сақоҳум Раббуҳум шаробан таҳуро*. **Зам**. Сақо

ғасилайн. ***Ли-л-мудаман***. Сабаҳа фӣ-д-дан мудоман; ғариқа фӣ-л-ъарақ; зода ъатшуҳу фӣ руъяти-л-хамр; аскараҳу-ш-шайтон ило сакрони-н-назъ; ғасала ҳуднуҳу бидани-л-асам; садаъа раъсуҳу бисудоъи-л-хумор. ***Ли-л-майит***. Аграқаҳу-л-карим фӣ-т-тасним. **Зам**. Ардо мин садиди-л-хумор; ҷаъала салофата шифоин фӣ-т-таълил; ҷаъалаҳ-ул-ҳасиб муҳтасибан ъало нафсиҳи; мола ила-л-ҳалол мин-ал-моли-л-ҳаром; ғурика фӣ-ш-шароб шорибуҳу. **Зам**. Зода-ш-шайтон ҳурматаҳу; сакара хамруҳу биқадами-с-сукр; мота фӣ дуни-ш-шароб ка-л-баққи ва-з-зубоб: салаба-д-даҳру минҳу роҳатаҳу. ***Ли-л-майит***. Мо ахаза биҳурмати-ш-шугл. **Зам**. Ҷаъала қабруҳу ситоран ли-л-ҷамар. ***Ли-л-майит***. Назала фӣ-л-қулуб ка-л-маъна-л-марғуб; зода сафоуҳу било нахлин; тоба ъуср-ул-ъинаб лаҳу; сакр-ул-ъасал ъало ҳаловатиҳи; ҷаъала хайр-ал-аном бимилҳи-л-мудом; ҳала би-л-хал; роҳа фасодуҳу ила-с-салоҳ. **Зам**. Сакаба фӣ-т-туроби касаруниҳи.

**Ҳарфи савум** дар иншиъоби усулу фурӯъи мусиқӣ. Мисраъ: ҳаст **ин ҳама ҳарф нисбати мусиқӣ. Таҳмид**. Ҳува-л-ғафур. Чун навозиши базмороёни маҷлиси салтанат, ки ба тарии нами тараннум чанги Зӯҳраро бекор гардонанду ба Ҳироти гармхез дафи хуршедро бар оташ нишонанду аз замзамаи нойи ноираи гулӯ зам-зами роҳати рӯҳ ба арбоби завқ расонанд (276) ва ба дамдамаи ноираи гулӯи ной дам-дам роҳи рӯҳ ба асҳоби ишрат чашонанду ба таровати навоҳои навоин шодирвони марворид аз дидаҳои аҳли риққат фуруд афкананду аз ҳаловати нағмаҳои ширин дар ҷулоби гирой суруди фариштаро чун магас дар ангубин пойбанд кунанд, гоҳ ба қавлҳои ҳиҷозӣ, ки бар сони арсаи араб муҳайяр аст, ҳайрате ангезанд, ки гӯяндагони Бағдоду Мисрро забон чун захмаи чӯб гардонанду гоҳ ба ғазалҳои порсӣ аз нохуне, ки дар чанги Накисо гирифт орад, гирифтан оранд, ки Борбадро захма бар ангушт барбананд. Абардастоне, ки дар рӯди хушки барбат баҳре равон кардаву руқия хонда, ки бо чунон дастҳои чун абру борон оби нопайдову равоне пайдо ва баҳрмизоҷоне, ки вараҷи чун когаз себаҳрии чангро дар равиши ду баҳра доштаву сеҳре ангехта, ки бо чандон мавҷи ту бар ту варақ барнагашта, байт:

Ба ҷуфт созаду зери меҳину кеҳиншон ҷой
Ғазо-ул-масал ағонӣ ба уқдаи зарин.

Мудом ба наздики баногӯши шоҳони одил захмҳои мухолиф задаву раҳ бурдаву фиребашон ҳар чӣ бештар ъала-д-давом бар ҳоли дарвешони бедил забонгирхо рост карда, тороҷу ғорат овардаву ҷомаву ҷон рабудаву иззаташон ҳар чӣ бешгар. (277) Агар раги мунаввам хоранд, наргиси бедори ушшоқро дар Мароға бозоранду агар тариқи сабукиро об диханд, дидаҳои сангинро монанди чашмаҳои кӯҳ дар таровиш оранду агар ба музҳик лаб бикушоянд, ғамнокони чангро мӯре бар даст баста. Чун аҷаб равад, дандони сафед кушоянд, шеър:

*طوبیَ الّذی طرِبَ زَماناً واحِداً    یبکی وَ یضحکُ نادیاً وَ ینوُمُ-

яке аз тариқи маҷлиси ҳунарписанди мост. *Латоифи* алтофи хусравонаи орифи маонишиноси моро сӯйи арса раҳнамун шуд. Хостам, то саромадагони ин илми чун мӯй борик ҳар як ба миқдори шуури хеш дар ин тадқиқ аз хизонаи кори забардастнавози мо, мисраъ: ба чанг орад муродеву шавад шод.

Ба ҳукми ин қонун, тоири маймуни маҷлиси ҳумоюн азиз-уд-дувал, надимаи турматӣ хотуни мақбула, даст-ул-мамлакати мукаррама, аёди-л-мукаррамат, сиёдату-т-туюри-с-сулаймонияти, мақрунат-уш-шавор ва-д-довудияти билатоифи-л-ҳосибати; ҷориҳату-л-балобил бизафри-л-азфор, қотилати-л-ъанодил бисалби-с-сабр ва-л-қарор, мӯҳийят-ул-ъушшоқ биойини-л-ашвоқ, явму-н-нуво, муғният-ул-муштоқ билаҳни соди туюри-л-ҳаво маъа соири-л-авсоф, домат ҳолиян , саййид-ул-аноми аномилҳо, ки парвози навоҳои ӯ дастгаҳест, ки чун оҳанг соз мекунад, анқоро дар гирифти чанг меораду ба захми нохун ҷигари қумрӣ мехарошаду ганои ӯ, ки (278) анои дили анодил аст, булбулонро чун булбула хун мегирёнаду дар дасташ, ки дар дастон ҳазор дар даст ҳазордастонро чун мурги дастомӯз ба тори абрешим муқайяд мегардонад. Чун навои чаковак мезанад рӯҳомез, гунҷишк гирди сари чангаш мегардаду ҳар гоҳ усули фохта месозад, Муҳаммадшоҳи мурғак аз сар зинда мешавад, бар дасташ ҷон медиҳад, шеър:

*وَ لمّا عَلیَ العُلیا نَغمَهٌ شدّ ها    تکادُ طُیورُالجَوّ تهوی مِن الهَوی

Ва дари донои ин илм аз арсаи сипеҳр васеътар аст, аз он ҷиҳат, ки он ҷо нуҳ парда асту ин ҷо дувоздаҳ. Ва дақиқашиносони комил аз мусиқӣ мӯву аз Бӯсалик бӯ ба ҳиял дарёфта, он комилат-уз-замон ба ҷоҳаке расида, ки дар бисоти маҷолиси кибори салотин шуъбаҳои ба ҳам дарёфтаро, ки аз пардаи гул тунук арса таронад, ба дами чун боди сабо якеро аз яке бе осеб ҷудо кардаву ғунчавор боз ба ҳам пайваста ва миёни абрешимҳои чун мӯй борик ба захма, ки монанди дандонаи шона мӯшикоф аст, мӯй дар мӯй фарқ кардаву боз дарҳам ёфта. Зуҳраи осмон бо чандон камолият аз се парда нагзаштаву ин Зуҳраи замин дувоздаҳ пардаро парниёнвор аз чанги ангушт панҷ карда. Боз он Зуҳра он ҷо ба ситора рӯшан гаштаву ин Зуҳра ин ҷо дар бисту чаҳор бор аз ҳар ангуште (279) сад ҳунар намуда, мисраъ: чунонки як сари нохун фурӯгузошт нагардад. Ва бо чандин тарақ-тарақу нағам-нағаму рамаз-рамазу наводири уғниёту навоими нағамоту навои тантанот дар саропардаи халифа Ҳусайнӣ ахлоқи марҳум, аддоҳу-с-самиъ фӣ риёз-ул-ризвон, ҳазорон раҳодӣ шудаву ба азимати баёну банон иҳзори ҷони париёни сулаймонӣ кардаву баҳри духул дар он маҷлис гоҳ санҷиши мизони хафифтар аз вай дахлро сақил ёфтаву самъи муборакн моро бе суруд низ бо самоъи ақволи мақбули хеш мубаҳҳиҷи рӯҳу муҳаййиҷи рӯҳ гашта, то ба масобате, ки, шеър:

*اذ كانَ دَولَتنا وَ الجَمعُ كُلُّهم          نامُوا مَناماً يَنامُ العَشِىُّ وَ البكر-

сӯйи навохти шоҳона роҳ додему шуғли амирии мутрибони ҳазрату навоҳию ақосии мамолик бад-ӯ тафвиз фармуд. Ва ин фармон баҳри азамат, ки дар басити хоку давоири афлок доиру соир аст, нафоз ёфт, то он уъҷубат-уд-даҳр дар маросими ин шуғл ба тариқе чанг занад, ки хунёгарони Бохарзу Наҳованд аз овозҳои баландаш даст бар даст зананду устодони Сипоҳону Ироқ дар усули росту усули чапаш, мисраъ: даст бар даст наёранд задан. Ва раоёи хешро дар дасттоҳе, ки ҳастанд, кор фармояд. Порсизабононро ба намате сохтаи сохтан доранд, ки ба захмаи (280) бодпой шаклсозони Арабу Аҷамро бо он ҳама маъруфӣ маъруфаки рубоб дар ишколи абрешим кашанду руднавозони мустаъид болову фурудро бо он ҳама таснифот ҷойгаҳе ба як бонги бе ҷойгаҳ чун суруди печон зеру забар кунанд. Калонватони ҳиндиро, ки аз тор-ул-ован Абдулмӯъминро зуннор бандонанд, бар наҳҷе боис бошанд, ки ҳар дам ба як маҷлисдори Ҳинд донаи сурӣ дар дили асҳоби шуюн расонанду тоифаи охирӣ аз пайкони замону аҷаби рӯднавозону чеҳрабозону дуҳулзанону дигар зумар тараби талаб ва мутрибони косидкорро, ки аз бенавоӣ дар чанги кӯҳна он парони рӯдҳо чун рудакон чанги эшон гашта бошад, вараќи рубоб шакарранг шудаву магас гирифтаву анкабут танида, балки он варақ аз ғояти заъф танастаи анкабут шудаву дафашонро дафаи бисёр роҳ ёфтаву пистаки зайни куҳан чӯбе бе пӯст мондаву дар овозашон аз сурфаи пире хабари гирои балғами дилгир дар дили гирое намонда. Чунон созад, ки сози эшонро аз забонгири нақибони мо сози чун тори пешинаи чанг озод дорад, шеър:

Дароз маҷлиси мо барад нав навое,
Расонад навое бад-он бенавоён.

Ва дар айёми мавосими табаррук мазомири боҳурматро, ки, ҳасабаҳу-л-Лоҳ захмаҳу, дар ҳаққи эшон (281) навозиш аст, нагзорад, ки касе ба тариқи навохт дар канор гирад, балки аз ҳисоби об бар олоту иддати эшон шикасте андозад, ки аз он шикастагӣ бузургон низ хурд шаванд. Ҳар кӣ захмаи чӯбин бар рӯйи уде фуруд орад: пушти ӯ уде кунад аз захми чӯб, шеър:

*وَ فى تِلكَ المَواسِم مَن يُغنّى          يُغنّيهِ كَما اَبَداً يُغنّى

Ва дар ҷашнҳои султону маҷолиси ниҳоии мо, ки пардозгоҳи навосароёни улвист, он мизмари замони зуҳразабонро ҳозир орад, ки сад ҳазор танотанзанон аз ҳар тори эшон берун параду аз дами ҷонбахши мизмори эшон парон чанги танбӯрвор набз аз набз гардонанду эшон мо-ул-усул ҳосил гардад, байт:

*جاوزَالله عَن اَقوامٍ اِذا كان تَغنت          فامَ حَشرُ بغنائِم وَ ترى النّاس سُكارى

Ва чун марҳамати дастгири маънипазир бо муғаннӣ ҳар муғаннӣ гаштаасту муроди ҳар як чун рубоб дар канори эшон дода, бонге бар эшон занад, ки одоти базми шоҳиро дастафрози дирамхоҳӣ насозад. Чунон созанд, ки харҷашон аз хазинаи чанги хеш буваду дасташон пеши косаи барбати хеш кафча шаваду ангушташон бар пӯсти косаи рубоби хеш

дароз гардад (282) ва нафси ҳазири нойи хеш накшоянду ғайри маскуки хеш касеро дам надиҳанд. Бештари сози эшон, ки порахиштест, ки аз нақши он ҳосил оранд, шеър:

Муғаннӣ сурати маънист, холи хиссат ар набвад,  
Чу рафт он хол аз рӯяш, муғаннӣ ростмаънӣ шуд.

Мувофиқи ин шуғл аз панҷаи рубобу панҷаи чангу дасти ною дасти танбӯру дастаки қаволу дастони хиштиву шаҳною бобаки шаҳноиву бобаки маскуку дами сурнаю дамдамаи наю табираи ҳиндиву дуҳули ғозиву дуҳулакзанону дуҳулзану созҳои дигар, ки аз ин ҷинс тавон гирифт, он чи қонунӣ бувад, худро мусалламу мушарраъ шиносанд, байт:

*تُصَرِّفُ فی مَصارِفِها جَمیعاً     کَلَحنٍ فی المَحَلِّ بِغَیرِ لَحنِ

Мефармоем, ки асҳоби тараби ҳазрату атрофи мамолик омири масолиҳи хеш он хазинат-ун-наводирро донанду ҳурмати умурану шармону табъан аз маърузот шуморанду аз ҳосили усуливу фуруъии хеш марсумоту маъҳудоти ӯ бе ҳеҷ таронаву бидуни шадде ба дуди коркунони ӯ гузоранду ба ҳар роҳе, ки ҳаст, бозгашт ба ақволу аъмоли ӯ кунанд ва дар қабул фармон карданро чанбар созанд, то мустаҳиққи навохти хусравонӣ ғарданд, байт:

*إن شاءَ مَن جَعَلَ السَّماعَ مُحَرَّماً     اَبَداً عَلی أسماعِ (283) أمّةِ أحمَدِ

Катаба би-л-амри-л-аъла-л-лазӣ тараба-л-ъолама наволуҳу-л-амсол-ул-ъолӣ, ман фараҳа-р-руммона камолуҳу ва таблиғу муъайяди-л-мулук лисона салотина ихтиёр-уд-давлати ва-д-дини, мухтора-л-аъолӣ ва охизу навосию-л-аъодӣ, амир-ул-ҳуҷҷоб улуғ ноиби аъзам, борики ифтихор-ул-маъолӣ, шиблу-с-салотин, ло зола вурудуҳу фӣ-л-маъони-л-мулук-ул-уло, малик-ул-умаро, раъс-ул-кибор, тоҷ-уд-давлати, қуйлуғи хос, ҳоҷибу қаср-ус-султонӣ, дома ниғам-уш-шодӣ фӣ байтиҳи.

Таҳрир дар миёни шавволу таърихи ъом ёд карда шуд: яъне, аз шавол ҳафту сол ҳафсаду шонздаҳ.

Мисраъ: **Номае сӯйи амири мутрибон**. **Унвон**. Ин вараки пурлаҳн, ки арсаи туруқи нишот аст, ба маҷлиси оростаи камол-уз-замон Бадр-уд-дин, уло ситаҳу ъало захрат-ис-само, духул ёбад. **Таҳмид**. Наҳмад-ул-ҳодӣ ило туруқ-ул-хайр, ҳува-с-самиъ, ҳува муслиҳ-ул-лаҳн, ҳува-л-ҳаким, шеър:

*او تارُ عودِکَ یا حَکیمُ المُزهِرِ     عِزّهُ لَدَی العُشّاقِ مِثلُ الاَبهَرِ

То мутриб дар харобии шароб раҳзанӣ кунаду захма дар рӯду барбат ба ошноӣ дарояд, ниғами шодмонӣ ба тариқи комронӣ дар танбӯрӣ нишоти зайн-ул-маҷолис, камол-уз-замон бадр-уд-давлат ва-д-дин, ҷалис-ул-мулук, анис-ус-салотин, амир-уш-шодӣ ва-т-тараб, музҳиб-ул-ҳам ва-т-таъаб, муҳиҷ-ул-қулуб ила-л-ҳавӣ, мубҳиҷ-ул-ъушшоқ, ҳина таҳна-н-нун (284) маъа соири авсофиҳи-л-латифат бод. Ҳалқи беусулон аз зарби дасташ шикаставу чанги барсозон аз нойи дамсозаш баста, шеър:

*کُن فی المَلاهی وَ الغَناءِ کَزُهرَةٍ     ما دامَ تَرقُصُ فی السَّماءِ کَواکِبُ

Ба ҳурмати уламои соҳибқавлу аҳли самоъ, дӯсти созанда Шуъайби усулӣ, ки пайваста масти навозишҳои камол-уз-замонист, хидмате, ки пуштро чанбари даф гардонаду саломе, ки ба сарнагунӣ чакбоз хонад, бо ҳазорон нола ба шавқу таронаи тааттуш адо мекунаду дар таманнои асмоъ навои он андалеби гулситони сурӣ бунафшавор гӯш бар гузари бод дошта, сарандозии мастонаи сӯфиёна менамояд, байт:

Сабо чун ояд аз сӯят биболад ҳар рагам бар тан,  
Чу он чанге, ки ногоҳ аз камин боде занад бар вай.

Дарёфти ин неъмат ба хуштарин ҳол рӯзӣ бод. Хулосаи ин гуфт он, ки гӯяндае чанд аз ҷониби Бохарзу Фарғона, ки овозҳои барбати Камол-уз-замон он ҷоҳо дар гӯши эшон расидаасту эшонро гӯш гирифта, ин тараф расидаанд. Чунонанд, ки расида тавон гуфту ба ҳамроҳии эшон ду мутриби аб-ул-фаррухӣ: яке ноӣ, дувум барбатӣ, шеър:

Ҳастанд баски раҳзадаву пойкӯфта,  
Барҷой мондаанд (285) чу маъруфаки рубоб.

Чанд рӯзе ҳеҷ раҳматашон дода нашуд, ки роҳате аз дасти эшон ба мо расидӣ. Ду-се рӯз аст, ки он чи дар парда дошта бурун медиҳанд. Як гӯянда, ки Довуди Ҷабалиаш мегӯянд, чунон аст, ки тараннуми ӯ кӯҳро дар фарёд орад, шеър:

Агар з-ӯ бишнавад нолидани зор,  
Кунад нола ба овози садо кӯҳ.

Ва дигар он, ки Шаъбони Қамарияш мехонанд, булбулест, ки, шеър:

Бонги булбул чу дар суруд овард,
Мурғро аз ҳаво фуруд овард.

Аммо барбатии тардаст дасте дорад чун абру борон, ки аз ӯ об мечакаду аз он мавҷи баҳрӣ малики ду баҳр дар рӯди хушк равон мешавад, шеър:

Ҳар он чи з-он кафи чун баҳр мечакад, гуҳарест,
Ки аз латофати худ дар назар намеояд.

Бо забоне хушнафас, ки нагӯям мурдаро зинда мегардонад, балки ҷамодро дар сухан меорад, вагарна порачӯбе баҳон ба дамидани боде чигуна наѓмаи ҷонварон занад, шеър:

Бингар, ки он фусунгари комил чи медиҳад,
К-он чӯб ҳамчу одамиён мекунад сухан.

Ҳосил, дар ҳосили эшон мушкиле нест, ки ҳам мушкиле асту хушоянда ва мусиқӣ, ки ҳам аз оғоз борикӣ дорад, ки касе бар сари он нашавад, магар борикбинии эшон дар он сари мӯй фурӯгузошт накарда, аммо даъвии эшон чандон аст, (286) ки дар пардаи фалаки нигорини боло нагунҷад. Мегӯянд, ки пеши илми мо, ки муҳаййири аҳли тараб аст, киро ҳадди он бошад, ки ба ҳиддати табъ ду арсаро аз якдигар ҷудо донад кард, ё табори абрешими ду пардаро бо ҳам тавонад дӯхт, шеър:

Мо тавонем, к-аз абрешими борик чу мӯй
Зайли ду пардаи бегона ба ҳам бардӯзем.

Мутрибе, ки пеши мо дақиқаҳои ҷаву ғандуми чанг мӯй ба мӯй шаърбез кунад, нонаш дар гармиҳои маҷлис чунон пухта гардад, ки ҳаргиз дасташ ба залолати мутрибон наёлояд, байт:

Чангӣ, ки нахуст гандуму ҷав гирад,
Аз безиши мо дақиқаи нав гирад.

Ва сиҳату иллати мазомир некӯ донем, ки чун чанг аз сафедии андом сарафканда монаду ноӣ, ки шикамаш аз нафх овоз диҳаду мускак, ки аз дамаш дар нолидан ояду наволак, ки тангии нафас гулӯтираш кунаду кӯфтагии даф, ки аз ҳарорат мадқуқ гардад, ислоҳи ҳар як ба чи тариқ бояд карду гирифтани набзи рубобу задани раги барбат чунон бар қонуни ҳикмат дарёфтаем, ки беморро табиби шифо тавонем шуд, шеър:

Кадуи моро холӣ мабин, ки ҳаст дар ӯ
Шароби завқ, ки бошад шифои беморон.

Агарчи рубобро коса пӯшидаасту дар миён чизе на, магар пӯстеву раге, аммо чун мо дастро пешгоҳ бӯсида, кафча кунем, ғизои рӯҳ дар косаҳои димоғ резем, ки аҳли завқро (287) лаззати коми дил ба ишбоъи тамом ҳосил шавад. Ва моро аз он рубобиён намебояд пиндошт, ки пеши ҳар касе косаи даст кафча кунанд. Даст ба охир пеши косаи рубоби хеш кафча нагардад, шеър:

Он ки пеши косаи худ даст донад кафча кард,
Даст пеши косаи дунон чаро кафча кунад.

Овози мо, ки дар баландӣ аз захмаи Зӯҳра бигзарад, агарчи харошида шавад, аммо бияфтад, хурд бишканад, шеър:

Аҳсант, зиҳӣ, баландии гуфт,
К-овоз фитод, хурд бишкаст.

Дақоиқи ин илми борик, ки маслаки ҳукамои Рум аст, чунон вазъ шуд, ки аз вараќи сапеди рубобу ҷадвали рӯд абрешими нонабишта битвон хонд. Ҳиндустониёни кунгуразан чи маълум кунанд, ки ҳамон аҷаб равад бар суруди эшон дандон сафед мекунад, шеър:

Чу ҳинду навозад аҷаб рӯди хеш,
Бихандад аҷаб рӯд бар дасти ӯ.

Ва аз маърифати парда чунон бегона, ки хотуни турк аз ситри пардаву деҳқонони ҳинду аз илми усул. Эшонро чи илм, ки усул мунҳасир бар чаҳор асту парда бар дувоздаҳу абресам бар шаш ва мобақо фурӯъест, ки аз ин ҷо шох мезанад. Ва усули сақилро бар чи мизоне санҷанд, ки хафиф шаваду хафифро ба кадом вазн сангин кунанд, ки сақил гардад ва мухолифро бар чи тариқ навозанд, ки рост ояд (288) ва забари бузургро чигуна шикананд, ки хурд гардад ва зери хурдро кадом ҷониб бар кашиш диҳанд, ки бузургӣ

кашад. Бӯсалики навво, ки масобаи якдигаранд, пардаи ҳарду аз чӣ ваҷҳ барбояд гирифт, ки якеро аз дигар битавон шинохт. Ва раҳовиву ҳусайнӣ, ки ҳамсояанд, миёни эшон чӣ пайдо бояд кард, ки аз якдигар ҷудо шаванд ва наҳовандро, ки бештар оҳанги ушшоқ бадӯст, аз дил чигуна бароранд, ки дар ҷон фуруд ояд. Чун лаҳн аз мутриб дар вуҷуд меояд, чангу рубобро чаро гирифт накунанду чун сари бузургӣ барбат дорад, дафро аз чи рӯй қафо зананд, шеър:

Дар пардаи рози мо ҳар кӣ ин қадре донад,
Шояд агар ӯ бо мо дар парда сухан ронад.

Аввали рӯз, ки рӯдзанони ғариб хараки худро робитаи сукунат доданд, пеш аз тариқи кушод кушода шуда буд, ки ин ҷо ҷойи хар бастани шумо нест, ки захмаи танбӯриёни ин шаҳр тирест ду рӯд, ки ба як ҷаста аз арсаи Ироқ то соҳили бори Ҳиҷоз бирасаду ба як таг аз Зовул то Сипоҳон бидавад. Оғоз карданд, ки хараки моро ҳам хуфтаву ҷоймонда намебояд дид, ки оғози абрешиму бисоти ҳарираш охир барои корест, шеър:

Ҳама донанд, к-он харкаш ҳунар набвад, ҳунармандон
Кай аз абрешимаш банданду бар коса нишонандаш.

*فی عوْدِنا کُلٌ یَری ما لا یُرَی　　　تَعَدَّدَ الخَشِیبُ وَ الخَمِیرُ ساکِن

(289) Ва мутрибони подшоҳро ҳам овозҳо шунавидаем, ки бештар чун тори нахустини чанг пеши гӯшанишинон маъталанду монанди абрешим сари ангуштари рубоби сароянадагон бекор монда, сари нохуне аз гирифти чанг хабар надоранд. Ва сари ангуште аз гироии рубобашон илми таҳи эшонро алам мебояд дод, ки ба сохти созҳои мушкилу нағмаҳои латиф пеш оянд, шеър:

Ҳар киро андар ҳунар дастест, гӯ бинмой даст
В-арна мо дасташ намоем, ончунон к-афтад зи пой.

Алқисса, маҷлиси Камол-уз-замониро ин қадар мебояд донист, ки ин муддаиён, ки вараќи рубобро қиболаи даъвӣ сохтаанду торҳои абрешимро гувоҳони рост дошта, эшонро ҷуз захмаи хос ҷарҳ натавонанд кард. Чунон мебояд сохт, ки он тоифаи мухолиф аз тахтабанди танбӯр завлона ниҳода шавад, шеър:

Чунон ба захма задан равад бастаро ба навоз,
Ки ҳам ба созгарӣ хасмро кунӣ бесоз.

Чангиёне, ки чандин гоҳ дар барбасти захма чанги абрешимҳои борикро ангуштпеч кардаанду дар мақоми даъво аз барои хусумат нохунҳо задаву танбӯрзаноне, ки ангуштнамой шуда буданд, ки бар сари ҳар ангуште сад ҳазор ҳунар дорему рубоб дудаста тавонем зад, балки якдаста ҳам ва қавволоне, ки мегуфтанд, (290) ки чун ду дастро барҳам занем, ҳазордостонро гунҷишки дастомӯзи худ созем, шеър:

Вақт аст кунун, ки он ҳама ҳамдастон
Дар молиши хасм остин бармоланд.

Ҷамоати мургон, ки аз навои нойи хеш дам задаанду аз парвози хеш паридаву гуфта, ки, шеър:

*عَلی طُرُق الحِجاز اِذا غَنَینا　　　لَفی سُکر حَمامات العِراق

Чун авлоди Амири гунҷишку Муҳаммадшоҳи мурғаку Маҳмуди чавзаву ҳазор андалеби дигар, ки дар бӯстони Деҳлӣ паррон шудаанд, мебояд, ки гала бар гала сохтаву пардохта, аз ин тараф ояндy хидмати амир-ут-туюр, ки як зоти ӯ баробари симург аст, бо барбати анқоваш бар ин муште шораки даҳонбози хуросонӣ занад. Модом, ки эшонро сайди худ накунанд, боз нагардад, шеър:

Ки то дуруст шавад қумриёни болоро,
Ки мурғ чун бувад андар баҳори Ҳиндустон.

Чун эшонро тираву пар кам кард, баъд аз он ба фароғбол сӯйи дигари иззати хеш таярон намояд. Ҳамеша машғули самоъи шодӣ бод. Омин!

**Таслимот**. Аз ин ҷониб мутриббачагони навхез қомати хидматро бар тариқи халқаи абрешим бо печ-печи бисёр хам медиҳанд. Пеши созандагони он тараф аз роҳи созандагӣ бар сони маъруфаки рубоб ду даст бар замин ниҳода шуд.

**Ал-Адъият** би тараб-ил-маҷолис. (291) **Амири шодӣ**. Тараб-ул-қулуби бинағмати руъуси-л-мулук. **Амири ъуҷб**. Натақа аномилуҳу ҳатта-л-қиёмат. **Амири чангӣ**. Қайяда-л-

ъушшоқу бисадоғи сайҳиҳи. **Амири барбатӣ**. Саҳҳа сақима бимассиҳи; набаза-л-фавода ва аҳрақа-л-қулуба биъавдиҳи ва матара ъавдиҳи ка-р-рубоби ва тайийб-ул-маҷолиси ъавдуҳу. **Амири ной**. Уҳиссу нафира-р-рамз фӣ қалбиҳи ва саллама салимун анъама бирукиятиҳи мизмораҳу ва ғуриқа анфосуҳу бииҳё-ил-мавто. **Амири вафӣ**. Аҳалла даффаҳу фӣ-ш-шаръ ва ҳако ва рақада фиҳи мин варақ-ил-ъулум. **Амири ҳифра**. Мо оба-ш-шиддат бихашйиҳи. ***Хоҷа Латифи қаввол***. Шуфияти-л-марзо бимои усулиҳи ва асоба лаҳнуҳу ъинда заҳрати.

***Ли-л-майит***. Дар ҳаққи ҳар кӣ ангуштро кор фармояд: мо майлу аномилиҳи мин-ал-мазомир. Дар ҳаққи ҳар кӣ аҳли тараб бувад: аскараҳ-ус-самеъ бисамоъ-уз-Зуҳра ва асмаъаҳ-ул-ғафур нидо-ал-мағфират ва ғафар-ал-ғафур нидо-ал-мағфират ва ғафар-ал-ғафур лаҳнаҳу ва тараннума руҳиҳи маъа ъанодил-ил-ҷинон. **Ал-Акс**. Дар ҳаққи ҳар кӣ асбоъро кор фармояд: қалам асобиъаҳу ка-л-азфор ва ябас ъуруқаҳу каавториҳи. Дар ҳаққи ҳар кӣ суруд гӯяд: қатаъа ҳалқаҳу биҳиддат лаҳниҳи ва зайян ҳалқаҳу бианкар-ил-асвот. ***Ли-л-майит***. Дар ҳаққи корфармоёни ангушт: аззазаҳум-ул-молик бишаҳодат айдиҳим. Дар боби сурудгӯён: аҳрақа-з-забонӣ лисонаҳум.

**Ҳарфи чаҳорум** дар ангезиши мансуботи нарду шатранҷ. Мисраъ: **ин ҳама ҳарф нисбати лаъаб аст**. **Дебоча**. Бидон, ки қадре аз он чи нисбат (292) ба мулоъаботи маҷлис дорад, дар ин бисоти нишот руқъа ба руқъа мабсут гардонида шуд, байт:

То бад-ин дебочаи рангин фиребидан тавон,
Не ҳамин нодону кӯдак, бал ҳама пиру ҷавон.

Мисраъ: **руқъа дар нисбати шатранҷ бин**. **Унвон**. Ин руқъаи фаррух, ки анвои латоиф дар вай таъбия аст, ба дасти вофири мукаррамоти Сайфуддини Бисотӣ, мота зиддуҳу фӣ бардаҳ, мабсут бод. **Таҳмид**. Ҳува-л-қоимун би-л-қист, ҳува кофи-юл-муҳимот, ҳува ҷомиъ-ул-аздод, шеър:

Сайфи давлат баски рондӣ хона-хона аспи худ,
Бахтро ғаштӣ муқарраб ҳамчу фарзин шоҳро.
Кун бараҳна теғи шоҳиву бад-он лаъби ъаро
Ройгон кун муҳраҳои гардани бадхоҳро.

То муҳраҳои анҷум дар бисоти нилӣ таъбия асту найийрайни муҳрабозро дар чашмҳо таъмия, тахти бахти худовандӣ Сайфуддин аз дасти бозии сипеҳри газбози дағосоз беосеб бод. Пиёдае, ки пеши ҳар аспи мавлавӣ давад, бар сари бели истеҳкоми ситод ба ҳурмати ҳурматдорони қимор банда Хусрав, ки зери қадами дӯстон нақши шатранҷ аст, рух бар ҳошияи бисоти инбисот мениҳаду ба таманнои бӯсидани бисоти шоҳона ҳама тан рух шуда, меҳоҳад, ки хонаҳо дар миён кунаду бад-он сӯй ҷаҳад.

Мақсуди руқъа он, ки имрӯз (293) ҷуфте ҳарифи бозанда аспон ба тарҳ дар хона гузоштаанду пиёдаҳо ҷониби мо ронда ва он ду пиёда аз онҳоанд, ки дар бозӣ пилро банд кунанд, аз баҳри лаъба пеш овардаанду чун ватад-ул-муъиз гулӯгирам карда. Агарчи ҳар як чун шаҳбозе тайёр хостаасту бар хабоҳи бозӣ муҷаннах нишаста, аммо намедонам, ки пар кам хоҳад шуду тира хоҳад гашт. Афсӯс, ки он шоҳ дар ъуро намибат мондаасту садр холӣ гузоштаву канора гирифта. Агар бозии рух бо ин ҷониб ниҳаду аспро хона ба хона ҳаракат диҳад, гард дар миён аст, ки ба ҳеҷ дағо он ду ҳарифро, ки дар ин ҳирфат остин бармолидаанд, даст кашидан надиҳаму аз рухи он шоҳ шоҳруххо занам. Агар аз мот мебояд, тариқи рӯшану хушҳарифиро кор фармой ва ҳар чӣ зудтар биёӣ, то бубинӣ, ки даҳ бозӣ пеш мебинам, балки беш мебинам.

Ҳосил, пиёдае, ки дар ин руқъа мусаббат аст, бад-он ҷониб равон карда шуд, то чун бар сари он бисот расад, фарзин шаваду сар бар замин ниҳад. Хоҳиши ин пиёда ҷунбиши он шоҳ аст. Аз хонаи донам, ки бад-ин ҷониб ҳаракат хоҳад карду ин се хост зоеъ нахоҳад буд ва агар бар асп фарзин азимат нахоҳад басту гӯ шаҳ хоҳад гирифт, боре (294) аспи мурдаро дасти амири мулоъаба бифиристанд, то дастозмоӣ кунам, ки ин дастозмоён даст аз мо бидоранд. Мақсуд бурдани шатранҷ аст. Агар он пиёдаро ба омади тамом бозгашт аст, ҳариф ройгон бурдам. Агарчи мансубаи эшон зидди бозии ман аст, маъа ҳозо, бурдҳои пӯшида хоҳам оварду ҷомаҳои эшон ба ҳар либосе, ки ҳаст, ба талбис кашида, эшонро ба либосот медораму либоси шофиъиро имом месозам, то шатранҷ бирасад. Мебояд, ки шатранҷ бидиҳаду бозӣ надиҳад,

ки агар шатранҷ рост накунам, бозӣ рост карда бошад. Шатранҷ агарчи чӯбин аст, ба ҳисоби ман, мақоми он чӯб қиморист. Умед, ки он равандаро бо омаде тамом бозгардонад, ки кисаро рузӣ омадаасту рӯз аз киса меравад. Зинҳор, узр наёраду дағову узр набозаду фарзинбанде пеш наяндозад, ки бишканаму пиёдаи ман, ки пеш рафтааст, зада шавад. Умед аст, ки бар ин бисоти кӯҳнаи инбисот дасти баст мабсут гардонаду агар ҷафое бинад, муҳра барначинад. Ҳамеша бар руқъаи рифъат қоим бод.

Саломоти шатранҷбозони ин тараф таъбияи салом аз ҳошияи руқъа пеш оварданд. Ҳарифони ин ҷониб чун пиёда фарзин шуда, сар бар замин мениҳанд. Сӯйи шаҳбозони он тараф ҷабини бандагӣ (295) муҷаннӣ гардонида шуд. Ҳурафои ин ҷониб **таслимоти** афзунтар аз тазъифи шатранҷ арза медоранд. Ҳамдастони он ҷониб хадамоте, ки дар шасту чаҳор руқъа нагунҷад, мутолиа фармоянд.

**Ал-Адъият**. *Ло зола қоиман муҳбитан натъа-л-каромоти байна ядайҳи; ҷола фарасаҳу ъала-л-бисоти-л-азрақ; ъадо фарасаҳу манзара аҳадин; ло зола туҳфатуҳу; маҷлисуҳу мансубатун; ъиқду-д-давлати биҳи ка-л-байзақи би-л-фарзин.* **Ли-л-майит**. *Сатара ъавротуҳу явма-л-қиёма; тора бозӣ руҳаҳу; муҷниҳан фӣ ҳавои-л-хулд; шарафаҳу-л-муъто бибарди-л-каромот.* **Ал-Акс**. *Тафарраҳа ъизомуҳу ка-л-байзақ баъда-з-зарб; ҷаъала дамуҳу сайёлан би-с-сайф; мота таҳта-л-фил; мота фӣ зидди-л-муродот.* **Ли-л-майит**. *Заййақа-л-Қаҳҳору байта-л-қабри ъалайҳи; сода ваҷҳуҳу фӣ бисоти-л-ъарасот; тараҳа-л-молик шатран ҳофиян.*

Мисраъ: **натъи нарду нисбати он ҳам зи нард. Унвон**. Ин бисоти коғазин, ки ба муҳраи латиф ороста шудааст, дар дастгоҳи бастати марғуб-ул-ҳурафо, ваҳид-уд-дини яктои ҳаққи Каъбаву куъба густурда бод. **Таҳмид**. Ҳува муҳаррим-ун-нард, ҳува мониъ-ул-лаъаб, шеър:

Макри мо гар на шаш аз номи ту хоҳанду нуҳ барад,
Муҳраву тахт нашоянд, магар ҳезумро.
Чарх бозанда ҳарифи ту набошад ҳаргиз,
Аз буруҷ арчи ду шаш тарҳ диҳад анҷумро.

То каъбатайни (296) симои сипеҳри қулоб аз Ҷавзо нақши сеяк дораду аз Парвин рақами шаш, мансубаи ҳурмати ҳарифи зариф Ваҳид-уд-дини якто аз дағои народони даврон руста боду муҳраи гардани душманон аз дасти бозии аҷал гусаста, ба ҳурмати Каъба, шеър:

Бадхоҳи ту бод ҷуфтозор,
Чун нард бувад зи дасти лат хор.

Муҳибби ростбоз фалон, ки пайваста бар бисоти дӯстӣ нарди Фарҳод бохтааст, чун ҳуққаи каъбатайн нутқи инбисот ба лаби тавозӯъ мебӯсаду аз дили якто бор мекушояд, ки имрӯз нардбозе чанд устод монанди мӯҳраи нард сохтаи лаъабгарав гаштаанд, байт:

З-онҳост ҳар яке, ки ба фарёди панҷу ду,
Дар шашдари ҷиҳот надоранд ҷуфти хеш.

Каъбатайнвор дар ин шева бисёр ғалтида, балки каъбатайн бо ҳама забардастӣ ба зердастии эшон тан дар дода, ҳама ҷо бозандаи фармонбардори каъбатайн бошад. Эшон каъбатайнро чунон зердаст овардаанд, ки ба сар давида, ғалтону давон фармонбардории эшон мекунад, шеър:

Ба ҳангоме, ки эшон нард мебозанд дар бозӣ,
Зи лаъби дасти эшон каъбатайн аз даст меғалтад.

Оре, бозанда мебояд, ки каъбатайнро дар мушти хеш орад, ки агар дар нард донаке фуруд боло тавонад кард, голиб он аст, ки бурди ӯ бошад. (297) Зеро ки миёни ҳар ду нард нуқтае беш фуруд боло нест. Ҳосил, ин муште беҳосили хонахароб ин ҳарифро хонагир кардаанд, шеър:

Бад-он намат, ки агар фи-л-масал шавад мумкин,
Ба нардбон зи фалак муҳраҳо фуруд оранд.

Ва муҳраи дили эшон аз пайи нард дар ҳаво монда. Дар хонаи мо нарди чӯбину куҳан мавҷуд аст, шеър:

Ранги рӯяш рехта аз куҳнагӣ,
Ваҳ, ки бод ин ранги рӯяш рехта.

*Лавни лаълу* сиёҳаш рафтаву ҳамон гуна уде, ки аслист, мондаву якранг шудаву бозандагон аз он як ранг дода, ранги дуранг мешаванд, ки аз музд ҳамон дурангӣ кор ояд, шеър:

Дурангӣ корад андар синаҳо ранҷ,
Нашуд зебо магар дар нарду шатранҷ.

Тавқеъ он, ки нарди чӯбини хос, ки аз уди қиморист, фиристодан фармоянд, байт:

То ба тиби ин ҳама сӯзандагон
Хомаи худ бар сари он тар кунанд.

Умед он, ки нард бидиҳаду бозӣ надиҳад. Ҳамеша аз хамдастон фараҳ бод. Омин!

**Таслимот.** Бозандагони ин тараф, ки аз сӯҳбати нарди мурдори мо зиндаанд, каъбатайни дида бар бисоти тавозӯъ меғалтонанд. Ба хидмати ҳама ҳарифони хомдасти он ҷониб чун нардтахтаи ҳиндуӣ рӯй бар замин ниҳода омад. Муқомирони додзан дуо (298) хонанд. Аз хасташуморони ин ҷониб, ки хастаи мушту доди якдигаранд, бандагиҳои бешумор маҳсуб фармоянд. Муқомирони муштзан мушт бароварда хидмат мегӯянд.

**Ал-Адъият** *ли асҳоби-н-нард.* Фариҳа бард-ун-нарди фӣ қалбиҳи; мо аҳаза билаъби-л-каъб; зуййина замону бисота нардиҳи би-л-барри ва ҳусну-л-ҳурафои хисолаҳу; харата нардуҳу мин ъавди-л-қимор. ***Ли-л-майит***. Ҷаъала қабраҳу Каъбата-л-имони; атамма ҳадисаҳу ъитран тароҳу биғавди-л-қимор; назаъа ъайноҳу ка-л-каъбатайн мин ҳуққатиҳи; қаллаба баданаҳу бинудби-л-мавт. ***Ли-лмайит***. Ҷаласаҳу-л-молик фӣ шашдари ҷаҳаннам; кадо рамимуҳу ка-л-каъбатайн би-н-нақш; лаъиба-л-аҷорибу битуробиҳи ка-н-наррод би-н-нард.

**Ал-Адъият** *ли аҳл-ил-қимор ъумуман.* Тоба миммо қамара каффа-л-ғуфрона; каффаҳу мин муштаҳо ядайҳи; каффату-с-савоб мин роҳати-л-яд; балаға-л-ъафву; лаъбуҳу мо суила аномилуҳу мин-ал-лаъби; ғулиба аъдоҳу ъалайҳи; қома-т-туробу битарбиҳи. ***Ли-л-майит***. Дома дурруҳу маъа килоби ҷаҳаннам.

**Хатти даҳум** дар руқаъоту китобатҳои мутафарриқ, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** даҳ руқъа дар баёни аҳволи маъишат бо халоиқ, **ҳарфи дувум**[1] дар китобатҳои мухталифу пароканда, мисраъ: дар ин **дебоча нисбат мухталиф** шуд. **Дебоча**. Бидон, ки руқъа аз даҳ хат зиёда шуд, ба риши дароз монад, ки ҳеҷ (299) мурғи зирак аз он напарад, шеър:

*يَصيدُ الصقرُ مِن ريش قصير    و عجزُ الدّيکِ مِن ريش طَويل

Аммо котиб ин даҳ аризаро ба ҷиҳати он татвил додааст, ки бештаре аз муносаботу мултазамот ҳар як ба таҳрир пайвандаду катабаи ин тарзро тариқи руқоъ некӯ муҳаққақ гардад, ки агар дар ин маҳал ҳусни иборат ба тақсир маъхуз ғаштӣ, бад-он монастӣ, ки суфаҳо маҳосини муваҷҷаҳро ба миқрози ду забони “ло” зананду аз чандин шиори одамият говдуме бозгузоранд, шеър:

На тариқи мард бошад, ки ба рӯйи ҳама маҳосин,
Занахе сияҳ гузорӣ чу кулӯхи дудхӯрда.

Ҳар як аз ин мусаввадоти мусалсал агар ба чаҳор бандӣ иқде кунанд, баъзе ба себандӣ бозояду баъзе ба ду, ки агар ақломи иқлими ҷорияро ришта дароз дода шудӣ, пойи иборат аз бас равонӣ ба даҳ банд муқайяд нагаштӣ, аммо аз баҳри табъ андак селе берун рехта омад, ки дар ду банди себаҳрӣ мазбут монад ва агар ба руқаоти муъҷаз эҳтиёҷ афтад, он хурдхатҳо низ дар рисолаи муфрадот таркиб ёфтааст, то ҳарфгирони ҳашвгӯй чира нагардаңду ба тӯҳмати нуқсон бар котиб хабар раво надоранд, шеър:

*ذَخَرُوا سُجُوداً كُلُّهُم فى قُدومِنا    كَما خِنصرالكُتّاب (300) فى عقدٍ واحدِ

**Ҳарфи аввал** даҳ руқъа дар баёни аҳволи маъишат бо халоиқ. **Дар афви шафоату ҳамон нисбат** ҳам, шеър:

*أَمدَحِ المُكرَمَ بالرّأفة وَ الاِحسان    يَسيلُ الذَّيل عَلى زَلّة عبدٍ جان

То ъайни ъафву офиятро бо ъайни ъисрату ъиддат ду чашм чаҳор кардан кори аҳли биноӣ буваду одати садидаву адовати шадидаро дар ъайни ъибрат ду дида яке кардан

[1] Ин ҳарф дар дохили матн ҳамчун сарлавҳа такрор нашудааст; бевосита пас аз даҳ руқъаи ҳарфи аввал китобатҳои мухталифу парокандаи ҳарфи дувум омадааст.

тариқи асҳоби рӯшноӣ, ъайни ъотифати худовандӣ ба анвори муҳру осори шафқат рӯшан бод.

**Дебоча**. Тахаллақу биахлоқи-л-Лоҳ, сабақа таълим ва маншурун *иннака лаъало хулқин ъазим*, муъаллимун ҳалим ва биҳукмин ташфаъу аҳлу кавоири фӣ маҳшари. Муҳибби офиятхоҳ Абдулғафур, ки ҳамвора садаи олияро садди исмати ҷонӣ тасаввур кардааст, дуое, ки аз сояи ғазаб ҳирзи нақш тавон набишту саное, ки бар ноираи туҳур руқяи оташбанд тавон хонд, бо ҳазор хоҳиш узру афв адо мекунаду ба эътимоди карами узрпазир арз медорад, ки бар он замири айбпӯш пӯшида нест, ки ъан-ан-нос лом ва-л-ъофин зиреҳест аз осмон фуруд омада, ки саҳми мунтақимонро аз тани ҷонӣ дафъ кунад. Бад-ин эътимод бандаи хоси ҷонӣ аз ҳарбаи сиёсати махдумӣ гурехтаасту худро ҳимояти он зиреҳ афканда. (301) Умедвор аст, ки аз харошу ҷароҳати он ҳарба маҳфуз монад, шеър:

*كصاحِب جُنّة مِن سَهم خَشَن          يبيتُ براحَة فى سَرْدِ مائى

Ҳар кӣ об дар гиле дорад, оқибат дар зиллате афтад. Соҳибе бояд, ки ӯро дастгирӣ кунаду ҳар куҷо башарест, албатта, шарре лозими ӯст. Хаййире бошад, ки шарри ӯро хайр бинад. Агар банда сад гуноҳ кардаасту як хидмат ба ҷо оварда, айни отифат ҳам бар он ҳаққи хидмат бояд гумошт, то бар ботил назар наяфтад, шеър:

Зи ҳар чӣ бинӣ ба сари мор дар,
Дар сари ӯ муҳрае ҳаст, он нигар.

*أيا مَن ترَى أفعَى بعَين قُبح          الىَ أعيُنه أنظُر كَدَرٌ تلا لا

Ҳарфе, ки сари шини шафоат аст, се хол дорад ва он се абри сиёҳ аст барои куштани оташи ҳафт дӯзах. Ҳар кӣ сояншини он абрҳост, мисраъ: таҷаллӣ ман мазӣ Раббӣ кавачҳи-л-варди би-л-хол. Хидматғоре, ки дар офтобҳои тафсон соякирдор ба дунболи махдум давидааст, мисраъ: ва ло янфак ъанка казили зотак. Бар ӯ гармӣ кардан ағарчи он низ асари меҳр аст, аммо ин миқдор охир рӯшан аст, ки, байт:

Чашмаи хуршед, чунки тофта гардад,
Зарраи саргаштаро қарор намонад. (302)

Чашм дошта меояд, ки офтоби гармизоҷро аз сӯйи мо ҳаё монеъ шавад, мисраъ: к-ин зарра аз он нафас сукуне ёбад. Бандаи хоси ҷонӣ шак нест, ки ҷоне ҳаст, аммо боғе нест, ки ба шох тираш зананду ё бар раҳ хори хушкаш ғалтонанд. Маъа ҳозо, хори шавкати махдумро аз дида дарпазируфт. Чун чунин аст, ин бор шӯъбаи тарбиятро бар сари ин ҷонӣ мусмир мебояд гардониду он дили чун боғро бар он надошт, ки ҷавраш бор ораду тарбахш пайдо шаваду туршии тез дар сари абрӯ наёрад, ки дандонҳои шафеъ кунд гардад, мисраъ: дандонзаданӣ беҳуда бошад он гоҳ. Ин бехирад балодате дорад, ки бало аз он ҷо мехезад. Аз ғояти ҳамақ ҳайронӣ кард. Аз истимоъи таърики худовандӣ гӯшмоле сахт ёфт. Ҳамон ҳамоқати гузашта оқили ҳоли ӯ басанда аст, ӯро дар рабақаи риёзат мафъул хоҳад дошт. Илтимос он, ки ҷавобе монанди оби осмон раҳматомез, ки хатои муҷрим шӯяду обрӯйи шафеъ ҷӯяд, ҷорӣ мебояд гардонид, то ин хароби беоб, ки дар ҳаққи хеш лагад задааст, шеър:

Ҳоле аз роҳати он лутфи чу об
Бирасад боз ба завқи чу об.

Ва (303) бори дигар агар дили махдум бор диҳад, бар ин лошаи лошӣ дил гарон нагирад, ки аз гаронии дили махдум наздик аст, ки дар замин фуруд раваду бо хеш дар айни иборат, мисраъ: монанди харе, ки ошно шуд – ғарқ шуда, мисраъ: кунун ҳам ту донияш берун кашидан. Интизор он, ки ташрифи ҷавобе, ки мултамис аст, бо хилъати афви муҷриму шафеъ ҳар чӣ зудтар бирасад, то ин сари бардоштаро пӯшидатаре ба хидмат оварда шаваду бо сатторони карами айбпӯш таслим кард, мисраъ: иншоа сотирано бихилъати ъафвуҳу, шеър:

Бодо абадан дӯхта аз пардаи ғайб
Бо қомати ту кисвати пӯшидани айб.

**Руқъа дар таҳнияти шуғли додбегӣ**, шеър:

*هنأتٌ ذالعَدل الّذى فى عَبدِهِ          شرْج القضاءِ بعاصِفِ لا تنطق
و النّارُ تاب وأبَ مِن اِحراقِهِ          لو كان فيه ذِكرُ عدلك يُعرفُ

То забони дурраи додгарон ба бонги баланд нидои *ина-л-Лоҳа яъмуру би-л-ъадл* дар кулли ҳудуд дардиҳад, дурраи доди *аъдал-ул-умаро* дар таъдиби заламаву таҷдиди фасақа ҷилду муҳкам бод. Сояи зулм аз он зот бар сони дев аз зилли умр дар фирору фитна дар айёми маъдалаташ чун (304) иблис дар рамазон бе кор, биисми-*л-Лоҳ лаҳу-л-ъадлу* мин асмоиҳи.

Хидматгори мухлис Ҳасани Нақиб, ки яке аз рикобравони он хидмат аст, остони убудият ба таҳнияти шуғли додбегӣ мебӯсаду Худованди одилро, ки ҳаққи мустаҳиқ дорад, сипоси беҳад ба ҷой ораду аз он зоти бо судод, ки судодаш оростааст, умед медорад, шеър:

К-инсоф чунон диҳӣ ту мазлумонро,
К-инсоф диҳанд ҷумла мазлумонат.

Ҳама донад, ки ҳар чӣ ҳаст қалб тавон кард, магар дод, ки ҳаргиз қалб нагардад. Чун чунин аст, қалбро бар дор ниҳоду хар гоҳ, ки дил бад-ӯ ороста шуд, шеър:

*فزين صدرُ المظالم انکَ          لا ترکن اهلُ عدل ذاکَ

Ҳақиқат аст, ки аз ҳар сӯй рахнаҳои ришват кушода хоҳад гашт. Санги гарони худро кор мебояд фармуду он равзанро масдуд кард, то он дуздони фитнаро мадхал набошад. Агар қозӣ ин дарро кушояд, пеши хеш девор бармебояд оварду дар пӯшиш аз кӯшиш намуд, то бунёдҳои хайрро, ки аз тинати поки шумо муҷаддад хоҳад шуд, ба ков-ков дар баҳс бияндозад. Аз он ҷо, ки дилҳои сангини қузот (305) бошад, асоси ҳусумате ниҳанд. Ӯ донад, ҳар кӣ аз моли ришват дари аъло созад, дар ниҳоят он дарки асфал аст, шеър:

*مَن دَرا بابَ الجحيمِ و لَم يُعد          قَد تراهُ خرَّ فی تحتِ الدَّرک

Ва ҷое, ки шафоъате хилофи шаръ кунанд, аз нури диёнат пунба дар гӯш мебояд ниҳоду дар гуфтани ҳақ чун гӯш талхдаҳан бувад, то ҳар зиёнкоре худро дасту пой бисёр ниҳанду гӯш харак нашавад, шеър:

Юра-р-Раҳмону самиъа-л-узну маро,
Камо фӣ-ш-шамми лам юдхал бинасро.

Рӯшан гардонида меояд, ки зулми тавонгарони торикдил бар дарвешони рӯшанзамир бисёр шудаасту мазлумон дар он зулми зулам ҳар як чун чароғи бевазан на мурдаву на зинда, ки агар шуълаи сӯзи хеш ба андак ҳарорати забонӣ рӯшан кунанд, аз боти бурути эшон дар дам кушта шаванд. Бедодгарон чунон пурбод гаштаанд, ки агар дар хонаи бевазане чароғи рӯшан мебинанд, мехоҳанд, ки нафасе бизананд, шеър:

*بعَين العَطفِ مِصباحُ الايامی          کمصباحِ اليه تری الايامی

Алҳамду *ли-л-Лоҳ*, подшоҳ мунсифи мутабаххире бар сари шариат шаҳна кард, ки айни адлро ридои ҳар чӣ тамомтар хоҳад доду ҳама лавси зулмро аз рӯйи замин пок бишусту жолазадагони (306) санги бедод, ки ба хурӯши раъд мегуфтанд, ки гайни ғазаби Худой *дурра ъало раъс-ил-золимин касиран* аз садамаи ситаму авосифи тааддӣ дар паноҳи маҳкамаи адл беосеб хоҳанд монд, шеър:

На бигиряд пас аз ин дидаи мазлум чу абр,
На бихандад лаби золим ба ҳаво ҳамчун барқ.

Алқисса, қиссаи татовули қавибозуи он дароздаст аз он дарозтар аст, ки инқитоъи он дар ҳадди забони шореҳ тавонад буду каффаи иҳтимоли муҳтамилони гаронсанг аз он гаронтар, ки мизони адли фикрати он байт суханеро битавонад сохт, шеър:

*قلوبُ البرايا کُسِرت مِن شدائدِ          کما بوقوعِ الصخر عدلُ القوارير

Чун зимоми адл, ки *ҳабл-ул-Лоҳ* аст, ба қабзаи нусрати *аъдал-ул-умаро*е додаанд, дасти зӯроварони тааддиро чунон муҳкам бармебояд баст, ки аз баси инкисор панҷаи нерӯи эшон бекор шаваду аз файзи номашруъу батши ноҷоиз маътал гарданд, шеър:

Эшон чун дили халқ ба нохун канданд,
Хуни дилашон зи нохун ояд берун.

Фарши он остонаи мушарраф аз он болотар аст, ки фоле ваъзи дуъогӯи он ҷоҳо лоиқ афтад, аммо ин бисоти ҳадис бинобар инбисоти қадим густурда шуд, ба қадами афв аз сари ин (307) бармебояд гузашт, шеър:

Чун туе, к-аз бӯрё гирад бисоти чархро,
Кай пазирад ин бисот, аммо пазирад аз карам.

Ташриф, ки подшоҳи мунсиф дод, агарчи пӯшиши айбҳои инҷаҳонист, аммо раҷои восиқ, ки аз хазоини саттор низ хилъати афв муайян нашавад, мисраъ: к-он аз ҳама айбҳо бурун аст. Албисаи *ё Саттор, хилъату раҳмати явман уносу куллуҳо* урёнун. Ад-Дуъо адил-ул-аввал.

Мисраъ: **пурсиши бемору нисбат ҳам ҳамон. Руқъа.**

*ربّنا الشّافی اشف و امرض    أصبحتُ فی دُعائهِ دارٌ
اسجُد واللهِ واعیاً حتّی    ظَهرتَ فی دُعاءِ آثارٌ

Қабои сиҳҳат пайваста ба домони маҳшару зайли бақое бар офтоби қиёмат соягустари мулозими танаи пойдори худовандӣ бод. Рӯҳ-ул-Лоҳ ҳар нафас дар дамидани анфоси ҷониву Хизр бардавом дар расонидани шарбати зиндагонӣ, байт:

*بطَبیبِ أمراضِ القُلوبِ مُحمّدٍ    داوی بقانونِ الهُدی سقمُ الأمَم

Муҳибби дилсӯз Сироҷи Зиё, ки муҳтариқи ҳарорати муҳит аст, дуое мубашшири саломати зоту таҳийяте мубайяни сиҳҳату ҳаёт таблиғ карду намуд, ки дӣ ба ҳангоми шом, ки аз қадаҳи мунаққаши сомон сафрои хуршед фурӯ нишасту андак асаре аз сурхӣ боқӣ монду рутубати савод бар замин ғолиб шуд, (308) дар он дам Довуди табиб сӯйи мо гузар карду хабар дод, ки дар гавҳари нозукмизоҷи мавлавӣ аз осеби даҳр андак такаббуре роҳ ёфтааст. Ба муҷаррради шунидан раги ҷонам дар гусастан омад, байт:

Аз он сабаб нагусаст аз дарунам он ришта,
Ки аз дақоиқи умед бувад оҳораш.

Мехостам, ки аз сар қадам созаму ба ибодат оям, аммо сари хидматгор низ дур аз он утба аз судоъе холӣ набуд, балки аз хаёли он остона судда дар даруна пайдо омаду дилу андомро гарон гардонид, то аз ин сари суддаи хосро судоъ нахоҳам дод. Судоъ аз сару судда аз дарун берун нахоҳад рафт. Мақсуди банда дар ин иёдат осоиши хеш аст, вагарна зоти он сарӣ аз он болотар аст, ки бад-ин парастишҳои сарсарӣ, мисраъ: ранҷа тавон доштан он пойро. Банда худ хидматгор асту дар итолати тақсир бинобар заҳмат маъзур, аммо асирраи хуллони азизро дебочаи унс мебояд сохту китобаи *лиқо-ул-халил шифо-ул-ъалил*ро таъвизи сиҳҳат тасаввур карда, барда чанд ба нияти итқ гирди сари хеш гардониду он дурро нӯшдоруи шифо пиндошт, байт:

*تجی مِن کُلِّ أمراضٍ مَریض    عِبادُ حَولَهُ لِلعتق دارو

(309) Шунида шуд, ки иттифоқи қасд миёни ҳавои он хабир аст. Чароғи беофият он даст намебояд дод, ки бар он араќи пок сари неш тез кунад, ки агар аз хун нуқтае бар сари қасд ояд, мисраъ: қасд бошад гӯӣ он бар хештан. Ба табиби набзгир соъид намебояд супурд, ки аз дастгирии ӯ набз аз заҳмат ба ҳулияи ҷаҳд вақте бошад, ки он ҳам бар ҷаҳди шифо бар итлоқ аз Ҳакими мутлақ умед мебояд дошт, на аз ҳакими матлақ, ки "Қонун"-и Бӯалӣ саҳне надораду шифое аз он сақимтар. Агар сад табиб гирд ояд, "Шифо" ва "Қонун"-ро, ки дар асл сақим афтодаанд, тасҳеҳ натавонанд карду устоди эшон ҳамон китоб. Пас устоди сақим, ки дар тасҳеҳ мӯҳтоҷи шогирдон бувад, сиҳҳат аз ӯ тамаъ доштан бад-он монад, ки, байт:

*حتّی تُجاورَ میّتاً بعَقیدةٍ    منهُ تُضاعَفُ عُمرهُ المقصومُ

Аҳмақоне, ки Худованди шофиро иллат гӯянду ҷумлагии коинотро маълул, дар қавли эшон чӣ сиҳҳат тавон ёфту бехирадоне, ки дар ташреҳи абдони заррот аҷзои мардумро ба даъвии илм шарҳ кунанду сонеъро олим би-л-ҷузъиёт надонанд, аз баёни эшон чӣ шифо ба ҳосил ояд? Байт:

*أیا مَن یدّعی انا مِثلُ عیسی    فَلَو یحیی قلیلُ ماتَ کَذبا

Чун он зоти мутаҳҳар парҳезгорӣ дораду ғизои музаввари табибро маҳалли коса кучо ҳам ниҳанд (310) ва тарки "Захираи Хоразмшоҳӣ" гирад, байт:

Бо ҳар кӣ китоби ҳиндувон аст, он ҳам
Дар Ганг бишуй, балки дар борон ҳам.

Садақа, ки захираи зоти маҷмӯъи малакист, то дилҳоро сайд накунад, ҳусули шифо муқаддар аст, ъала-д-давом ҳамонро ҷорӣ мебояд дошту ба иштиҳои содиқ аз дурудҳои расул ғизо гирифту аз ҳуллувшаҳвату ҳумузати газаб иҳтимо воҷиб дид, мисраъ: инна раъс-ад-даво-ал-ҳамийят. Ва пайваста аз қумқумаи даҳони қулқул *чаҳор қул* бароварду

чаҳор андомро бад-он чаҳор гулоб тоза дорад. Пас аз ҷавҳари Қуръони карим муфарриҳи қалб созад, байт:

З-он ки Қуръон тавонад ар гӯяд,
Он ки ҳарфам муфарриҳ-ул-қалб аст.

Ва аз шаҷараи тайиби *аслуҳо собит ва фаръуҳо фи-с-само* мо-ул-усул нӯшаду шарбати *мо ҳува шифоун ва раҳматун*ро як дам аз лаб дур надораду ҳафт қисми *сабъи масони*ро бо мухи ихлос маъҷун фармояду аз салоти расул санои маккӣ бо он ёр кунаду наҳорану лайлан ба кор барад, байт:

Уммед бувад, ки инҷунин маъҷунҳо
Сиҳҳат чи бувад, ки умри ҷовид диҳад.

Дуогӯй низ зимоми ин маслиҳат ба дасти пирони соҳибқувват таслим кардааст. Саҳеҳ медонам, ки ҳам имрӯз аз кашиш бо қуввати эшон таб бигсилад, байт:

*اِن شاء خالقنا تُنزّهُ ذاتهُ (311) مِن علّة دنيّة و سقامِ

Мисраъ: **муборакбоди риҷъат аз сафар, нисбат ҳамон:**

*آيا مَن غدت مِن سفر طويل تمسّک بالبقاءِ على الدّوام
حُمدنا ذالعطاءِ بما ارينا عياناً ما طلبنا فى المَنامِ

То лиқои мусофири оянда мутааттишонро сероби чашмаи зиндагонӣ гардонаду бозгаштани маҳбуби ҷонӣ сӯйи куштагони фироқ ба уди рӯҳ монад, дили ташнагони шавқ ғариқи шарбат ба дидори махдумӣ бод. Мули мулоқоти қуротабиён аз шишаи сипеҳр ба кому ҷоми ҷамъияти ҳамдамон аз гардиши давр мудом, байт:

*بشفيعنا يوم القيامة انّهُ بلقاءِ ربِّ المؤمنين مبشّرُ

Муштоқи бесукун Шаҳриёри деҳқон, ки ба азми пойшӯии он мусофир ҳар рӯз иборати шавқро то даҳ фарсанг ба истиқбол медавонад, ба адади ҳар кадом маркаби хос суми маркаб хоки роҳ мебӯсаду арзи боарзро бад-ин гуна мулоқӣ мегардонад, ки чун башорати расидани рикоби давлат ба гӯши умедам расид, хостам, ки худро гӯш гираму чашм, аммо чун банда мамлуки Худованд аст, ба мулки хос тасарруф накардам, шеър:

*منا امنُ عتاق و بيع اذا ملكتُ بنفسى ببيعِ الوفا

Агар банда хунобаи тааташи хеш берун таровад, ҳама чашмҳо пуроб шавад, (312) байт:

*راى هجرانکَ القتالُ نفسى غريقاً فى المَدامع قال ماهى

Дуову ҳиммати банда дар тамомии сафар ҳамроҳу посбони он зот буданд. Музд ба осониву ҳаққи ҳамроҳии хеш аз неъмати он дидор ба ман ҳавола кардаанд. Умед аст, ки аз дилу ҷон бошад ба ҷой оварда, байт:

*Дил парда кашиду соя мекард,*
*Ҷон бод шуду ғубор мерӯфт.*

*Ал-Ҳамду ли-л-Лоҳ*, ки аз расидани он расида, мисраъ: ҳам ба ҷон омад дилу ҳам ҷони рафта бозгашт. Банда мехост, ки барои дидани он лиқои фаррух ба чашм шитобад, аммо айни узр узри айн аст, ки чашми банда дур аз он хокиён заҳмате дорад, ки мардум мехоҳанд, ки аз хона берун афтанд, шеър:

К-он парда, ки ҳаст анкабуте
Қад* яъта каавҳан-ал-буютӣ.

Тадбири чоксуву тӯтиё карда мешуд, ки ногоҳ боди саҳрогард ғуборе аз рикоби давлат ба тариқи раҳовард овард, ба хокпое, ки дарҳол гӯӣ нуре дар айни дида даромад. Ҳамон лаҳза азимат кардам, ки биёяму гарди сари мӯзаи хос ба доманҳои пилк бияфшонам, аммо боз ҳам аз осеби бод чашм задам, ки наёмад, (313) ғуборе дигар ҳам дар дида роҳ ёбад, шеър:

Фардо расаму пок бишӯям дида
Аз гиряи шодиву бинам рӯят.

*اِن شاء نوراً قُرعين اعزّة بعد الفراق برؤية الاخوان

*Ад-Дуъо камо тақаррара фӣ-л-аввал.*

Руқъа: **муборакбоди татҳиру ҳамон нисбат** дар ӯ қатъ. То татҳири сунниён аз фарзу суннат ҳосил ояду ғусли суннату фарз сӯйи татҳир роҳ намояд, сури суннату сурури фарз музайини хилъати мутаҳҳари худовандӣ боду лутфи раббонӣ марҳами ҷароҳатҳову

аёдии субҳонӣ расонандаи роҳатҳо, ба Муҳаммад [с] – шориъ-ул-фароиз ва-с-сунан. Дӯсти сурихоҳ Мӯсо, ки ҳамвора дар шарҳи суннату ҷарҳи бесуннат ратб-ул-лисон будааст, сари хидмат то пой фуруд меораду муборакбоди татҳири халафи азиз, ки бар мо сур асту бар душман носур, ба ширинии синнидор ба тариқи фарз адо мекунад. Ин ғунчаи сурӣ, ки шукуфти мубашшири баҳорон самарат-ул-фавод асту тарии шохи ғарси номия, байт:

Арҷу, ки барои ғусли татҳир
Хизр оварадаш зи чашмаҳо об.

Баъд аз як ҳафта дар айни офият ғусл кунаду чун моҳи дуҳафта аз партави меҳри падар рӯшан барояду кисвати ихтиёре, ки бахти носеҳ бар болои ӯ дӯхтааст дарпӯшад, аз камингоҳи (314) чашми захм эмин набояд буду дираму динори садақаро пеши найири чарх сипар сохта, зеро ки, байт:

*دِرهَمٌ مَن تَصدَّق بِعَطی   جَنّةٌ دونَ سَهمِ آفاتِ

Ва маҷлиси дӯстони мавдудро ба ҳарорати ӯду оташи шароб гарм дошт, чунончи душманони бедин хокистар шаванд, чандон ки пухтагии он меваи дил беҳ шаваду сари ҷароҳат нопайдо гардаду роҳати тамом падид ояд. Умедворем, ки аз ин валади солеҳ ба ҳамин иқомат ин суннати навофилӣ дар вуҷуд омад, ки он низ дараҷаи суннат ёбад, мисраъ: иншоа мин юҳиб-ут-татҳир.

Мисраъ: **адаби хоҳиши тазвиҷу ҳамон нисбат** низ:

*اَرسَلتُ سَلاماً کَسَلاماتِ حُضورِ   لَودارَ اِلَیکَ مِثلُ دُرٍّ مَنثورْ
قَد یُستَمِعُ فی دورِکَ دُرٌّ مَستورٌ   اشِر بِاَلفِ لؤلوءٍ یا دُرٌّ دورٌ

То сулаҳо, ки аз мастуроти парда огоҳанд, дар пардаи салоҳ пайванд хоҳанд, ҳазари мухаддароти худовандӣ аз пари малаку пардаи фалак поктар бод, байт:

*وَ ضاءَ ذَوتُها فی حُجبِ طُهرٍ   کَشَمسٍ فی سِتاراتِ السَّماءِ

Ба нур-ул-ҳарамайну ҳурмати зӯ-н-нурайн, муҳибби муттаҳиду хидматтори мунфарид бахтиёри Амҷад, ки аз ҷумлаи давлатхоҳон аст, хидмате ҷуфти ихлосу убудияте фард дар ихтисос исол мекунаду масолеҳи мастура аз пардаи дили хеш пӯшидатаре (315) берун медиҳад, ки ҳамоно давлатест аз пардаи гайб насибаи хос расидаву баррасида шуд, ки ҳангоми оташ расидааст, ки нидои *фанкиҳуҳунна биизни аҳлиҳинна* ба гӯши авлиёи он давлат расонад, ки ба давлатмандиву бахтиёрии мо бахтиёр шуда, бар тахт зону занаду бахти некаш ин дуо гӯяд, байт:

*تَرقّ اِلی ذی الجَدِّ وَ المَجدِ دَولَتُهُ   عَلَی رُکُبِ الاَسلافِ الآباءِ

Аз навоҳои мансус меафтад, ки ба гӯшҳои ҷумла аркони давлат расидааст, ки ҷадди банда бахтиёр соҳиби давлате азим буду шамъи давлаташ аз дудмони мулуки Кирмон, байт:

*وَ فی کِرمانَ اَمسی کُلُّ کَرَمٍ   حَوالَیهِ کَدودٍ حَولَ شَمعٍ

Он соилнавозон дарёдилоне будаанд, ки, байт:

*لَو کانَ یَکتُبُ رَشحَهُ مِن نُداها   سیلُ البَراعِ کَعارَضٍ بِهِ طالٍ

Гӯӣ, ки эшон оби софе будаанд, ки аз сармо баргузаштаанду хулоби тинати мо аз эшон боқӣ мондаву оби ҳаводис обу гили моро хушк гардонида ва аз ин беобӣ дарунам монанди хулоби ҳавз пора-пора шуда, валекин умедворам, байт:

Ки гар бошад аз осмон фатҳёб,
Ба ҷӯйе, ки рафтаст, боз ояд об.

Ва бад-ин тир намебояд нигарист, ки хидматтор (316) бар узом бӯсида, агар ҳама тахти оҷ бувад, такя кунад ва балки аснодри дуогӯӣ ба маснади *уту-л-ъилма дараҷот* аст, ки пеши устодони Арабу Аҷам зонуи адабро кофи куфӣ сохтааму монанди мими руқоъ чашми ҳиммат аз ҳама олам барбаста, то чун айни илм бар сари лам расидааму бар ин бино шамлаи лом алиф карда, ки агар кор ба баҳс афтад, муҳаббате аз обу гили банда мавҷ занад. Гирам, ки ман аз шарм берун натаровам. Ончунон ҳам нест, ки он манбаи шариат мутабаҳҳири бандаро намедонад, шеър:

Гар бат аз қаъри дарё огоҳӣ надорад,
Вақте гузашта бошад охир ба рӯйи дарё.

Агарчи сутудан худ ба ҳама ваҷҳ носутудааст, аммо дар ин маҳал чун суруди арӯсӣ дурӯгест ҷоиз, аз он рӯй, ки хидматтор чашми ниёз ба ҷилваи мақсуде дорад, байт:

*تجلّی علینا الله تعالی          بطیب المعیشات وجهاً حلالا

Мисраъ: Ин **муборакбоди тазвич** асту **нисбат ҳам ҳамон**:

*یهنئک بالعقد کلّ الوری          لک الحق تحت المعالی یری

То ҷилваи субҳ аз ҳарорати дафи хуршед гарм шавад, арӯси саодат дар шабистони меҳри худовандӣ боду ҷиҳоз давлату эҳтиром вофиру дасти хусрони рӯзгор қосир, биҳурматиҳи-н-набӣ ва азвоҷиҳи. (317) Дӯсти ҷамъиятхоҳ Шодӣ, ки ахтари саъдро пайваста бо он фард-уд-даҳр ҷуфт хостааст, чун рехтании арӯсӣ рӯйи тавозуъ бар замин меораду ҷавоҳири ҷону дилу ақл нисори ин таҳният пеш мефиристаду тарвиҷи ду пайкаре, ки ҳаргиз аз он фарқадонро фарқ мумкин нагардад, дар ин қирони саъдайн собит мехоҳаду пеши айн-ул-камоли даври қамарӣ дасти дуо боло карда, пардаи нилии фалакро фуруд мекашад, байт:

Чи бок бошад аз чашми анҷум бади чашм,
Чу пеши дидаи бад шуд сипеҳри пардаи нил.

Чун он мухаддара меваи дили канор аст, ба кашише ҷонӣ дил бар ӯ мебояд басту шохи ҷавонии худро бар расми қадим поймол ба мургони ҳаво накардаву ҳамон меваи расидаро дархӯрди коми хеш пиндошт, то бархурдории тамом ба ҳосил омаду бахти мусаммара самараи некномӣ диҳад, байт:

Ту, ки пайдо шавад аз тухмаи покат боре,
Ки шавад мунъиму дарвеш ба бораш мӯҳтоҷ.

Аммо чунон ҳам худро ба машияти эшон таслим намебояд кард, ки он роҳат ранҷ гардад, байт:

Чу кас дар мушти зан баста шавад монандаи ҳинно,
Аҷаб набвад, ки аз хуни вай олуда шавад дасташ.

Ҳар гоҳ мард пирзан шуниду ба тазкири ӯ ризо дод, ҳаройина, ки зан мард гардад, байт:

Бар худ (318) чу арӯсро кунӣ шоҳ,
Зан гардиву он арӯс шоҳ аст.

Агарчи дар фароши бузургон ба инбисот сухангустарӣ кардан аз маслиҳат дур аст, валекин муҳаррамони ҳазари исматро ҳар чӣ тааллуқ ба пардаи насиҳат дорад, пӯшида набояд дошт, байт:

Дӯст набвад он касе, к-аз донишу ё з-аблаҳӣ,
Аз ту пӯшад гуфтаниву гӯядат пӯшиданӣ.

Маслиҳате, ки салоҳи ҳар ду бувад, гуфта шуд. Акнун дуое, ки барои салоҳи ҳарду салоҳият дорад, гуфта шавад, байт:

Ё Раб, ки нагунҷад ба миёни ҳар ду
Ҷуз меҳру мувофақат ҳама вақт, омин!

Мисраъ: **руқъаи дому нисбати тоҷир**:

*اداء نعم حیاتک الف قرن          علی الافلاک فرض لا محاله
دعاؤک واجب فی کل صدر          کبسم الله فی صدر القباله

То динори зарвоми машриқӣ дар ҳадди шоми мағрибӣ шаваду зари дувоздаҳмоҳии ҳилол дар миёнаи шаҳр дуруст комиле гардад, хазоини амволи малик-ут-туҷҷор ба захоири дуҷаҳонӣ моломол боду сайёроти сипеҳр ҳар шом дар судфизоиву саводҳои ҳар субҳ сар ба рӯшноӣ, шеър:

*بمحمّد ما مال همّه الی مال          الّا فی آلاء اتی ملک الولا

Хидматтори камина Ҳусни Музориб, ки аз хидмати маҳдумӣ (319) мол пайваста бо камол ёфтааст, баъди адои фурузи хидмат ариза медорад, ки савдогаре чанд сияҳи кажмизоҷ аз сафари дарё моя ҳосил карда буданду сӯйи Мағриб рафта. Ҳама шому Ҳабашаву Ритакро бор бастаанду тамоми Мисру Мадоинро сияҳ карда, акнун сӯйи Деҳлӣ, ки саводи аъзам аст, омада, то ин саводро низ бо ҳама Ҳиндустон бишӯянду бираванду арсаи Чину Хиторо сияҳ кунанд. Ин мамокат худ дарёборист, ки: ғаввосу фикрин лайса юдрак ғавраҳу. Бад-он об, ки эшон даромадаанд, албатта, кори худро об хоҳанд доду ҳама халқро пок бихоҳанд шуст. Чун дар ин шаҳр зариба ҷӯйи зарест, ки меравад, дар ин ҷӯйҳо малик-ут-туҷҷор, агар эшон хоҳанд, ки ба тариқи ошноӣ дароянд, он қадар обрӯяшон ба

ҳила мебояд дод, ки бо рӯйи шуста зари кофӣ тавонанд гӯш намуд, ки ҳар чӣ зудтар тарафе шаванд. Агар кори худро обиву равонӣ бинанд, монанди оби латиф дар даруни рӯдҳои хурду бузург дарраванду харобӣ дар бунёдҳои қадим андозанд. Ҳамоно, ҳиндуест Куҳона ном ойбегӣ, зеро ки аъмоли хошокдору худро мураккаб сохтаасту ҳар ҷо ки ҳаст, бар каф карда шон мегардонад (320) ва хаси обиро ба нархи қаранфули баҳрӣ мефурӯшанду халқе чашм пеш карда чун кӯрон дар чоҳ меафтанд, байт:

*ترى بائعاً عينُهُ عينُ عقلٍ     وَ لِلمُشترى ليس بالقطعِ عينُ

Аз мадинаи ин нохудоиён дар шаҳр расиданду ба наздики саройи зарб нузул карданд, дуогӯйиро бо эшон сикаи саломе собит шуд. Ҳанӯз маълум набуд, ки дар сина қалбкорӣ доранд: симро чун об мерехтанду ошноёнро мустағриқи лутф медоштанд. Доъӣ низ саррофи ҳоли эшон шуд, қалби ҳар якро сара мекард. Эшон худ ноқиди тирози ман будаанду шумори мароҳим ба ними назар дарёфта, ки моро аз гиреҳи ин чизе хоҳад кушод, то бо якдигар чун дирам бо дирам даромехтам. Рӯзе хостанд, ки сӯйи доъӣ ба ҷиҳати доме чун теғи дирамгир забон андозанд. Гуфтанд қадре ҷавоҳир дорем, ки агар берун меорем, бар мо ҳила монад. Касе, ки қавитар бибарад, байт:

*لو كانَ دُرٌّ غريبٍ يَصدُرُ     ذاکَ الغريبُ كَدُرٍ كُحل يكسُرُ

Чандон ки сарриштаи он ба ҳинҷоре берун диҳем, ба ҳазор танга моте ҳоҷиб аст, ки аз он калаҳо барги асбобе сохта кунему чун тоир навое дар парвоз ояд, он ҳама каллаҳо ғунчаи ҳайат баровардаву ба маҷлиси хос тӯда карда шавад. Доъӣ (321) аз он меҳмонони афсӯсхор инчунин фиребе ба ишбоъ нахӯраду аз он доруи тар чун мояи аслӣ, ки модаи ҳаёт бувад, берун гирифта. Зарре, ки ҳама умр бар зурӯйҳои бисёр ваҷҳ карда будаму тангаҳое, ки дар гирди гардани он ҳазор зарби рӯзгор бар нуқра қафо хӯрда, он ҳама мудавваротро дар даври домани эшон рехта. Гӯй, ки он ҳарду тезии забон ду забони тезро яке карданду миқрози тароре сохтанду ба ҳила фарзе карда мани мискинро буриданд, шеър:

Қавме ба буридани гиреҳ гашта алам,
Ҳамчун гиреҳи қалам гиреҳ кард қалам.

Як моҳ мӯҳлат буд, шаш ҳилол ба салх расид, чашми бад раҳ бишкофтанд, ки гӯшаи танга аз сари бадра намуда шудӣ. Чун ҳилоле паҳлӯи бадреву монанди ойина ҳама дурӯғҳо ростмонанд пеш мееоранд, ки табъ ба зарурат қабул кунад. Агар руҷӯъ ба девони шаръ карда мешуд, пеш аз гулбонги тангаи зар гӯши қозиро чунон гармӣ кунанд, ки қозӣ калимаи шаҳодат намешунаваду аз сикаи адле муҳр бар даҳани амири довар бар наҳҷе мениҳанд, ки ҳақ намегӯяд. Аз гаронсангӣ кӯҳро монанд, ки сухани мо наздики эшон бод аст. Он зар аз эшон натавон кашид, магар ба фармони соҳибқуввате, ки ба мусоидат зар аз сангу ҷавоҳир аз маъдан берун кашад, (322) байт:

В-арна корест уфтода маро,
Ки канам пушти кӯҳ аз нохун.

Агар касе шиками кӯҳ ба оҳан биканад, оқибат рӯзе аз лаъли оташин чароғи умеде барафрӯзаду агар пушти одамӣ ба нохун бихорад ҳам, албатта, гавҳаре обдор аз пухтагии вуҷуди ӯ берун ояд, байт:

*واللهِ ليسَ يُمكنُ صَخَراتِهِم     اِخراجُ رَملٍ لَو يُشَقُّ بِمَعوَلٍ

Фи-л-ҷумла, дар ҷумлаи умур мувофиқи шикастаи зуафо ба ҷуз узом илтиём пазирад, он чи мояи раҳмати банда бувад. Чун дар қабзи он қавидастон маҳбус гаштааст, дархост он, ки панҷаи тааддии эшон аз сари қувват тофта шавад, ки ба ангуштон тамоми даст бикшоянду дурустӣ, ки дар мушти эшон мункасир мондааст, бе кусур инқитоъ пазирад, агарчи, байт:

*قبضٌ لَهُم مِثلُ حَديدٍ بِشدّةٍ     ان كانَ يَكسُرُ اثرهُ لا يَخرُجُ

Чандон, ки фармони воҷиб-ул-имтисоли махдумӣ он муҳолро мумкин гардонаду сими парида, ки симоб шудааст, ба кимиёи ҳиял дар уқдаи иқд бозоварда шаваду аз инҳои дигар рӯйи вуҷӯҳот мамнӯъ намояд, муҳаққар чанд танга айни ваҷҳи дом ба ҷиҳати сутудани шуғл расидатар намуда меояд. Агарчи ваҷҳи дигар ҳолӣ дар ниқоби шубҳа аст, дар садри садборӣ мавҷуд аст. Чандон ки сари сол шаваду (323) охчаи хуршед дар кисаи сафар даромад, то муддати як моҳ наҷм-наҷм ба байт-ул-моли хос бирасонам, байт:

*لو كانَ ينقصُ درهمٌ من عينه          رأيتُ ذلک من سوادِ العين

Банда Ҳасанро ин фарз би-л-қатъ эҳсон мебояд кард, бад-он нияти ҳусн, ки Худованди муҳсин фармудааст: *ва ақризу-л-Лоҳа қарзан ҳасанан*, байт:

З-ин хоста рӯйро туршвом макун
Воме диҳамат, чунонки шӯрӣ набувад.

Иншоа-д-дайёну, дар давоми давлату қиёми ҳашмат бод. Омин!

Мисраъ: **таҳнията дар зодани фарзанду нисбат ҳам ҳамон**, байт:

توالدُ منک یا ذالجدّ جدٌّ          سعادتَه الجدیدةُ لا تجدُّ
یُربّی ربّنا خلقاً سعیداً          ابوبطن هُوَ و الابنُ جدّ

Валодати хуҷастаи валади азиз, зодаа иззуҳу, дар ҳаҷри ва-д-дин башири натоиҷи баҳҷат бод. Муҳри сипеҳр мулозими уммаҳоти умуру ахавоти давлат корфармои меҳмонию сарвар ба Аби-л-қосим ва авлод-ал-ҷумҳур дӯсттарини ихвон Абӯбакри Беҳзод, ки, байт:

Тоҷи давлат ба сарат мехоҳад,
Ҷадди воло падарат мехоҳад.

Саломе меҳрангезтар аз шафқати фарзанду таҳияте дилкушойтар аз дӯстии дилбанд болиған биаблағ таблиғ мекунаду ба нияти таҳнията марҷони худро бо ҷавоҳири (324) ин дуо нисор мефиристад, байт:

*یرتّبُه السَّعادةُ فی المَعالی          و فی اوضاعِه منها هدایه

*Лӯълӯи* бешбаҳо, ки аз он дарёи лутф зодааст ба ҳира, умед аст, ки *хулиқа мин моин дофиқин* ва ҳам қатраи босафо, ки аз он улув чакидааст, зубдаи узом аст, ки *яхруҷу мин байни-с-сулби ва-т-тароиб*. Арҷу, ки он баҳираи муҳит тамомии авсофи об мунҷар шаваду адъу, ки он зубдаи саромад ҳамагӣ биҳори латоиф гардад, байт:

Чист ин ғавҳари мардум, ё Раб,
Қатраи обеву дарёе тамом.
Одамӣ чун зи раҳм мезояд,
Раҳима-л-Лоҳи завота-л-арҳом.

Бад-он толеъи фаррух, ки ин қатрат-ул-ъайн мутаваллид гаштааст, чашм мебояд дошт, ки аъёни давлат дар айни иззаташ доранду дар он замони муборак ин самарат-ул-фавод расидааст, тарассуди ин мебояд намуд, ки миёни табақаи кибору судур тӯҳфа гардад. Ва он, ки ба исми ҳуснаш ҳолӣ фоли некномӣ баромадааст, бош, то пари сайри ояи ан*батаҳу-л-Лоҳу наботан ҳасанан* дар баногӯши ҷавонияш дамаду он ваҷҳ ба муҳосинате ороста гардад, ки, байт:

*یطیرُ بذاکَ الرّیشُ طائرُ دولتِه          ریاضُ بنورِالله غُرِسَن حطیم

Ва он, ки дар боби ҳисом дар боби ӯ (325) фатҳ нақш шудааст, чи аҷаб, ки бо мулуку салотинаш тааллуқе афтад ҳар чӣ муҳкамтар ва дар маъорику мавокиб ба ҳулияи шуҷоат то ҳадде мутаҷаллӣ шаваду дар осори саромат бимо сабақ машҳур гардад, ки, шеър:

*فی دارِ کفّار یَسیرُ برغبته          روحُ العَدوِّ علی العَدو ثقیلاً

Ва ба ҳусни риояти *ва вассайно-л-инсона биволидайҳи иҳсонан* барои рӯзи оянда зоди *Раббӣ ирҳамҳумо камо раббаёнӣ сағиран* муҳайё гардонад, хусусан ҳуқуқи *ҳамалатҳу уммуҳу курҳан ва вазаъатуҳу курҳан*, ки ҳамлест аз модар фуруд омадаву бар сари фарзанд бор шуда, ки заррае аз он мизони қиёматро гарон гардонад, чунон аз замаи худ фуруд ораду дар пояи андохт ниҳад, ки ба атияи гарони *фаман сақулат мавозинуҳу фаҳува фӣ ъиишатин розияҳ* ихтисос ёбаду таҳаммули машаққати *ҳамлуҳу ва фисолуҳу салосуна шаҳран*, ки агар фарзанде сӣ шаҳр бидиҳад, ҳаққи он гузорида нашавад, чандон зери пойи мо дар мароға кунад, ки ба далолати *ал-ҷаннату таҳта ақдоми-л-уммаҳот* мустаҳиққи ҳамон подош гардаду пеш аз он ки пой иқроз кунад, пой дар биҳишти пойдор ниҳад. Чунонки пойафрози Идрис дар пушти пояш чуст ояду чандон ки аз пардаи маҳд рӯй ба сайёроти сипеҳр намояд, Бирҷиси саодатбахш аз сари меҳр дар ҳаққи ӯ ин тараннум санояд, (326) байт:

*لله درُّک یا رضیعُ اذا تری          آبا؛ عُلُوّ جدٌّ جدّک ما درت

Дар ҳамаи шаҳр моҳи нав ба азми маймуни ӯ бинанду дар ҳар анҷуман сабоҳа-л-хайр ба талъати фархундаи ӯ кунанд, байт:

Бахтҳои хуфта з-ин овоза бархезад зи хоб
В-он гаҳе бинанд ҳамон рӯй аз барои фатҳбоб.

Чун чунин аст, он мардуми дидаро аз чашми бад некӯ нигаҳ мебояд дошту дар хурдаке сапедӣ аз баногӯши ӯ дур намебояд карду дар бузургӣ ду банд аз гӯши ӯ бо пардапӯшони ваъзу насиҳаташ доман ба доман мебояд дӯхт, байт:

*حَتّی یُخَیِّطُ النّاسُ عِبرَةً دائِمٍ بِوُجودِهِ المَیمونِ اِبرَةً ناصِحِ

Яқин, ки ба қадами хуҷастаи он хуҷастақадам ҳар рӯз неъмате поёну ҳашмате бепоён аз дарат, иншоа Раббӣ.

Мисраъ: **хондани дӯстону нисбати даъват**, байт:

*اَدعوکَ یا عَینَ الاَعِزَّةِ بِالمُنی حی عاجلاً دانهُ وَجهکَ عَینی
ذ کُنتَ تَجلِسُ عِندَ مالِکِ مَجلِساً هَیاتَ فِی عَینی بَل فی مُهجَتی

Ҳамеша шамъи муборакии мавлавӣ ба арғануни навиди асҳобу самоъи сарири фатҳёби аҳбоб мамлу бод. Хонаи давлат ба ҷамъияти авдо маъмуру аъдои дур аз маҷлиси ӯ дур, *бидаъвоти-р-расул* (327) *ва ҷамъи-с-саҳоба*. Хидмате, ки сокинони дарунро аз ҷону дил бихонаду убудияте, ки ҷигаргӯшони наздикдилро дар садр нишонад, расонида мешаваду бар ройи он хондаву дӯстон бозхонд карда меояд, ки хонандаи чандояндатар аз боди гулшану хушояндатар аз бодаи рӯшан хонаи чашми бандаро аз рӯйи мардумӣ нур додаанду ба ҷиҳати ранҷа гаштан қадами он мардуми дида чашм дар роҳ ниҳода. Агар он моҳи рӯшанҷабҳа бурҷи вуболро шарафи ҳузур бахшад, қамаре бошад, ки миёни ин анҷуми масъуд ба издиёди саодат муассир омаду бурҷе, ки дар хонаи дӯстон ба дӯстӣ нозир гардад, байт:

Кардем ба ҳам мову ту з-онгуна, ки бошад
Парвин шарафи моҳу маҳ ороиши парвин.

Ҳама дилҳо ба ҳамроҳии мустадъӣ ба хидмат шитофтаанд. Ҳамчунон бо ҷамъияти қалб бар ин ҷониб мебояд хиромид, то агар дӯстеро дар сина ғаме ҳисорӣ шудаасту дилро дар банди он дода, дарҳол фахе падид оред, байт:

*اذا هَجَمَ الهُمومُ عَلی فُؤادٍ یُدافِعُهُ لِقاءُ ذَوی الوِدادِ

Санге, ки он кӯҳи илм дорад, ҳар диле, ки оҳанинтар бошад, ҷазб тавонад кард. Чун бад-он ҷозибаи маҳкам ҳама дилҳоро сӯйи хеш кашидааст, (328) ин борикхосияти гавҳари аксбош санги гавҳарини худро ба дилҳои оҳанини мо таслим кард: то кашон карда сӯйи мо-т оранд. Узрро дафъ кунад ё рафъро узр хоҳад, то узр нахоҳад. Агарчи хонданӣ бад-ин ҷарот аз роҳ нест, маъа ҳозо, ин номаро мунтазири хидмат бояд шинохт, ва-с-салому ҳум. Ад-Дуъо камо дуъият фӣ-л-аввал.

Мисраъ: **руқъа бар садри улову нисбати иншои фазл**. Таҳмид. Иннаҳу ъалим бизот-ус-судур, байт:

*یا مَن فَتَحتَ کِتابُ الفَضلِ وَ الاَدَبِ دَعیکَ صَدرٌ عَلی رُتبَةِ النَّسَبِ

То фотиҳат-ул-китоб дар садри улои қуръонӣ тоҷи сувар бувад, номаҳои сар ба мухри маонӣ аз казлики обдори забон ваҳдати табъи гавҳарфишони малик-ул-афозил ва-л-куттоб, фотиҳи кутуб-ил-фазоил ва-л-одоб, садр-ид-дин ва-д-дувал, масдар-ил-бароъати било ъилал, қуррати ъайн-ул-киром, филзаи кабад-ус-судур ва-л-ъузом, шараф-ул-маҷид би-л-маҷд ва-л-карам, муҷаддиди тоҷ-ул-ҷад биҳомат-ул-ҳумам, аънӣ ибн-ал-ъуло ва афзал мин аби-л-ъуло маъа соири авсофиҳи-л-ъолият ва маъсират-ул-ҳолия мафтӯҳ бод. Аҳибборо рақами саодат унвони номаи зиндагониву аъдоро нақши саодат мазмуни хатҳои пешонӣ, байт:

*بِرَسولِنا الاُمّیُّ فَتحُ کِتابِهِ اِرشادُ اُمَّتِهِ بِحُسنِ صَوابِهِ

Банда Хусрав, ки бар саҳоифи бандагӣ аз кашишҳои таҳрир росттар аст, (329) ҳадамоте, ки итноби ресмони дафтарро кӯтоҳ ғардонаду таслимоте, ки татвили он шерозаи аҷзоро риштаи дароз диҳад, бо тӯли қиссаи муҳаббат арз мекунад. Мақсуд аст ин ариза бар он, ки чун бандаро ҳамвора футӯҳи нафоису ғароиб аз қалами худовандӣ, ки калиди ду дандонаи хазоини латоифаш сохтаанд, будааст:

Худ инчунин аҷабе дар замона кай бошад,
Ки бар хизонаи гавҳар калиданӣ бошад.

Бар ин қазия фатҳномае чанд, ки аз таҳрири қуломи мо ба ҷиҳати тазкира иншои ҳар саводу баёзи лайлу наҳор ёдгор мондаасту хоҳад монд, байт:

*ما دامَ يبقى المسکُ و الكافورُ    فِى بيضات سِنين او سَوادِ الهند

Ва лиҳозо иқтироҳ намуда шуда буд, то қариҳаи ракикро дар назми иборотн наср пеш ниҳоди таълимеву дастури китобате тавонад буд. Аз он ҷо, ки офтоби замири он ъайн-ул-уло назари меҳр сӯйи инорати муктабисону ифозати мустафизон дорад, фатҳномаи ломисол ирсол фармуд, ки аз муншаоти афзали Хоразм Баҳоуддини Бағдодӣ, ки ҳар шибҳ аз он силки баҳои Бағдоде арзад. Зиҳӣ салосат, ки об аз Даҷлаи Бағдодӣ мебараду аз мавҷи баландаш даҳони абр пуроб мешавад, байт:

*سَكِرنا بِلَذّاتِ المَعانى كَأنَّها    سُلافاتٌ اِلى خَطِّ بَغداد

Ва дувум, аз тасннфи Хоҷаи марҳум, дуррат-ул-афозил Рашидуддини Умари дабири хос, *саҳо ҳол-ар-раҳмати равзатаҳу таборак-ал-Лоҳ*, он чи дуруди маонист дар қолаби лафз, гӯй, ки оби ҳаётро дар колбуди ҷону умр рехтаанд, байт:

*قد اهتزَّ اليُراعُ زمانَ سفرهِ (330) لِانَّ الرّوحَ فيهِ حَلَّ منهُ

Ва он чи хулуси иборат аст дар сабикаи лутф, пиндорӣ, ки ҷони маҳлулро дар пардаи дилу дида рехта, байт:

*اقلامُ اَهلِ النُّهى تُحَسَّروها    كَأنَّهما سَحبُ الرّوحِ يَنهَمرُ

Банда, ки монанди алифи ишбоъ мудом аз лаззати назм ғизо дошту аз тановули дақоиқи наср маҳрум монда, ҳолӣ, ки аз руқумоти мамлу ба алвони ниъам аз садри уло дар пойгоҳ, мисраъ: қасима-л-кирому ъала-л-ъибоди наволаҳо - бирасид, аввал аз ъайни шеър даст шустам, пас бад-ин чошниҳои пухта илтизозе тамом намудам, байт:

Фаромушам шуд аз он таъм ҷумла завқи нахустин
Чу рустоии ҷавхӯр, ки зирбош чашонӣ.

Чун банда шориъи тариқи ин равиш гардид, умед медорад, ки дар ин ҷодаи балогат тариқи мутобаат бар наҳҷе сипарад, ки чунончи дар буҳури шеър ошноӣ ёфтааст, дар арсаи наср низ киштӣ бар хушк тавонад ронд, шубҳа нест, байт:

*مَن كانَ فيما غيرَ مقدورٍ سَعى    اَجرى السفينَةَ فِى التُّرابِ يُسبِّحِ

Ин ҷо, ки ниҳояти банда аст, агар карамҳои бекамп маҳдумӣ бо он ёр хоҳад шуд, яқин, ки дарҳои диққат бар банда чунон кушода гардад, ки маънии борик наъразанон берун ояд, иншоа ҳаким сунъ-ут-тоҷ, хусусан фӣ мартабат-ал-ҷад. Ас-Садр ъало кутуб ад-дуъо. (331)

Мисраъ: **номаи Хоҷа Ваҳиду нисбаташ ҳар ҷо дигар**. **Унвон**. Ин дебочаи иттиҳод, ки насри насаравашаш аз рубоии аносир гузаштаасту ба маснавии фарқадайн сар афрохта, ба ҳусни назари хоҷаи бесонӣ Ваҳид-уд-давлат ва-д-дин, *ваҳдаҳу-л-аҳад биъиззатиҳи*, малҳуз бод, иншо-ал-Лоҳа ваҳдаҳу. Зикри Ҳақ(қ). Ҳува-л-воҳид, шеър:

*أحىَ ما جَدَّ حُسناً حُسيناً قُريشاً بِافضال    اِلىَ حُسنا قُرَيشياً بافضال
لهُ لقبٌ وَحيدٌ جاء حقّاً    من الاعلى كما وَحىٌ عَلى دال

Атои аҳадиву олои сармадӣ, ки ҷуз яке ҳадди он дарнаёбад, насиби ҳоли ягонаи даҳр Ваҳид-уд-давлат ва-д-дин, ал-воҳид фӣ садоқати-л-ҳақ, ал-муҷид би-с-сидқи-л-мутлақ, ки дар бароъат насиҷ ваҳдаҳу асту дар иборат Ҳаририи сонию Ваҳдавӣ ҳам дар лақаби ӯ пайдо, мисраъ: яъне, ягонаест, к-аш дувум нест. Ваҳид Абӯъазизаи ъазиз ва ақво Насируддин ал-Қурайш, байт:

Кӣ тавонад, ки гузорад ҳаққи мадҳаш ҷое,
Ки ба як ҳарф зи тавҳид камастӣ лақабаш –

маъа соири асомиҳи-л-ҳасана бод. Муҳиббе, ки бо он мутаваҳҳид аст, монанди ҳуруфи муҳаббату муттаҳид аз тафриқаи ҷамъи дӯсте, ки аз татовули яд-уд-даҳр сӯйи он муваҳҳид ба ҳиддат кай дароз шавад, ба захми ҳадид чун яд аз ҳадид ҷудо, ба ваҳдонияти ал-аҳад-ал-карим нисбати араб.

Хидматгори босафо Хусрав, ки аз ҷумлаи некхоҳони он ваҳиди араб аст, (332) хадамот ба адади зарроти реги водиҳои Яман бо тӯли ямонӣ арз мекунад. Рабб-ул-Каъба ин хастаро, ки дар аламн фурқат мутаҳаммили борест, ки *ло ятаҳаммал-ал-фил-ал-ъазим ва-л-муъаввақ каъасфин маъкулин* гашта, ҳар чӣ зудтар ба неъмати мулоқот расонад, то ҷони муштоқ аз пардаи занбӯрии дил магасвор паррон берун меҷаҳаду бар моидаи *ли илофи* он

Қурайшӣ, мисраъ: мепарад шод *ли илофи қурайшин*хонон. Номаи мушкбӯйи худовандӣ, ки саводи он бар варақ мушке бувад бар рақ, бад-ин маркуқ расониданду нофаи мушк бо он ҳамдаму ҳампӯст. Ҳолӣ, ки сари нома боз кардам, мисраъ: аз он тиби ҷоннавоз сари нофа боз шуд. Ҳар ҷо, ки килки оҳупойи мушкини сумсуми мушколуд ниҳод, накши пояш ба тарикҷе баромада буд, ки ҷону дил ҳамон пай гирифта, бӯйкунон медавиданду наметавонистанд, ки бозгарданд, байт:

Чу занбӯрони Ҳиндустон, ки дар гирди сари гулҳо
Ба сад саргаштагӣ гарданду сар бинҳанд ҳам ҳар ҷо.

Дар нома мушке буд аз нофаи давот берун омада, аҷаб мушке, ки на нишони Хито дошту на асари оҳу. Дар нофа худ бе Хито мушки оҳу набувад, аммо турфа мушке бувад, ки бӯйи он банги оҳу то ҳадди Хито медавид. Мутоябае, ки банда карда буду пайки сабосайр шаммае аз он ба машоми хос расонид, онро бар сафҳаи когази кофурӣ дар бар ҷавобе дида шуд: (333) чу мушки тезкору атса в-аз бинӣ чаконад хун. Ҳам нома пӯст боз карда ба иборати мушкогин узри он мутояба дар пӯст мехосту ҳам нофа даруни пӯст ба тибати пӯшидаи он бе пӯсти рӯй бистар мекард. Гӯй итоби банда бӯйи сер бувад, ки бар он сӯй шитофту аз он равоеҳи ахлоқ ба подоши он бӯйи мушк расид, ки он бӯйи серро фуруд пӯшида, ки, байт:

*خلوسُ المسکِ یُعرفُ حینَ عَربَ          بما هُوَ تَذهبُ اَرواحُ نومِ

Ҳар бор, ки нофае аз он хулқи ҳусн даме берун медод, мушк дар пӯст намегунҷиду ҳар дам, ки мушк аз он ҳусни хулқ ҳикоят мегуфт, бӯйи нофа аз пӯст берун меомад. Ман низ аз он тинати пок, ки дар тиб гули биҳишт аст, ба тиб сухан мегуфтаму пӯст аз сари нофа боз мекардам. Худ нофаи хоми пӯстинро чи ёрои он, ки аз он маҳосини мутаййиб дам тавонад зад ва ё аз он шамоили муаттар шамма берун тавонад дод.

Алқисса, он нома чун таъвиз ба мушк ҳамоили гардани ҷон сохтаанд: ва адхал фиҳил-ъузл мин хатти абҳари. Алғараз, бандаро аз таҳрир маъзарате, ки дар қалами он сари дафтари китоб рафта бувад, чунон шармандагии беҳисоб (334) овардааст, ки чун қалам дар ҳисоб сар боло наметавонад кард. Кайфияти хушбӯй, ки аз забони банда тақрир карданд, бар ин ҷумла бувад, ки чун Мавло Алии Ҳофиз, *ҳафазаҳу-л-Лоҳ*, чун бандаро аз ҷумлагии мамолики он давлат пиндошт, мукотабае ҷониби он ҷаноб мутазаммини иъонати писари хеш, ки дохили шақи хос аст, талаб намуд. Котибро низ матлуб буд, ки баҳонаи зикри Ибни Алии худро бар сафҳаи замири он ҳусн мазкур гардонад, ночор аризаро чунончи дархости ӯ буд, ба китобат пайваст. Дар замоне, ки ба кафи кифояти он акфо-л-куфоф расид, магар хотири хатир ба масолеҳи куллӣ машғул буд, бад-он рақами ҷузвӣ напардохт, байт:

Бале, онро, ки ҷон машғули кори подшоҳон шуд,
Напардозад ба кори дигар ар ҷонаш ба корояд.

Мувассили ариза бар он ҳолу қувват наёфт, ҳисоби хеш адами илтифот тасаввур гардад. Мултафити бозгашти Мавлоно Алӣ, ки бар мисоли номаи бузургон сафедсар гаштааст, қалами сияҳсари котибро ба сиккини мутаҳаррики забон сарзаниш карду ин байтро корхонаи шикояти хеш сохт, байт:

*مَن غاصَ فی دُرَرٍ دُرٌ اَمرِ طالِباً          دُرُّ العُلی عَن کُلِ اَصنافِ صَدَفٌ

Чун бандаро муқаррар аст, ки он ҳисеб ба зоҳиру ботин (335) машғули муомалаи явм-ул-ҳисоб аст, аммо ба амри халифаи аҳд, ки ба ҷиҳати Маъмун бошад, қаламро на дар қатраи ҳибр, балки дар луҷҷаи баҳри раҷаб умури мулкӣ чунон мустағриқ гардонида, ки ҳеҷ ошно натавонад пардохт: в-андар ин маъзур бошад ҳар кӣ ҳаст. Нисбати нури эшонро рӯшан кард, ки агар ба фармони он зилл-ул-Лоҳ он пораи нур дар аъмоли динори мазлум ғориб гаштааст, зули бошад, ки чунон нуреро умян бад-он чашм бинад. Зеро ки партави офтоби назари Хоҷа мукҳил бар он зоти қобил чандон тофтааст, ки ӯро бадри комил гардонидааст. Аммо он балр худро дар абраи кулоҳ пӯшида медорад. Бо ин ҳама, байт:

*لیلَةُ البَدر فی سِتارَةِ دلو          مات غَیمُ سِتارَهُ البدرُ

Он сайёраи масъудро сӯйи дараҷоти дунёвӣ қишрест на табъе, майлу ҳаракати иродӣ нест, магар сӯйи дараҷаи истиқомати кутби ақтоб-ул-ъолам, *биҳақиқати фалакиҳи*, бар фалаки қурби саъди акбар аҳди ӯст, байт:

*وَ قُرّةُ عَينِ العِزِّ وَ العُلا رضاً　　　هُوَ المُشتریُ وَ النَّجمُ مِثلُ المَمالِک

Дар ин анҷуман Хоҷа Зиёуддин, қуррат ъайн-ул-ъиз ва-л-ъуло, *азоҳ-ул-Лоҳ ило субҳ-ус-саъодат*, ки дар иттиҳоди он ваҳид аз субҳи дувум содиқтар аст ҳозир буд, ба адами сидқ рӯшан кард, (336) ки ин Зиё чандин, ки мулозими он наййири мунир бувад, байт:

*وَ لا یَنفکُّ عَنهُ فی زَمانٍ　　　کَضَوءِ الشَّمسِ لا یَنفکُّ عَنها

Ва ҳам аз симои он талъат чун рӯз равшан карда, ки худро аз ҳаё пӯшида медорад.

**Нисбати Қуръон**. Аз баёни Худованд Зиёуддини котиб возеҳу муҳаққақ гашту ояти шикоят ба куллӣ аз аҷзои ӯ бад-ин ҳарф ҳак шуду аз он дили мӯъмин, ки аршу-л-Лоҳ аст, оят-ал-курсӣ сӯйи он сарҳалқаи сулаҳои давр бархонд. Ҳозирони дигар низ, ки ҳар як ба зоҳир дар дироят оятеанду ботинан вилояте, ба мувофиқати он доъии солеҳ, қитъа:

Фиристоданд бар боло дуое
Ба сад гуна ниёзи дил сиришта,
Ки бо сад ғулғули эмин-ш аз чарх
Ба истиқбол пеш ояд фаришта.

Мисраъ: **нисбати тасаввуф, баъди он аз нақши ҷонбахш**. Шайхи шуюх-ул-олам, ки рӯҳу-л-Лоҳи охир-уз-замон асту фазияту-ш-шайх, *юҳйӣ ва юмит*, як васфе аз авсофи сафои эшон ба ҷиҳати муридони зиндадил фотиҳа илтимос афтод, ҳамон дам хонданд, бад-он тараф дамиданд, шеър:

*هذا اَلا لِنَفسِ المُزَکّی صِرتُ اَرجوُ　　　بِاَن یَکفیکَ اللهُ العَزیزُ

**Нисбати чашм**. Ду дида, ки дар таманнои (337) он рӯйи чун дидаи бодом ба пухтагии тамом пур аз сӯрох гаштааст, сад бор хост, ки аз пӯст берун ояду ба хоки судаи хос он сӯроҳҳо биянбозаду умеди ҳамон дидор дидаро аз ҷудоии чашм боздошт. Пас дидаро шитофтан сӯйи эшон надид. Ночор бодоме чанд, ки машобаи дида аст, намудори хеш, мисраъ: камо кона ъайн биъайни таъавваза - ба хидмати он ъайн-ул-араб фиристод. Аҷаб набошад агар он бодомҳо ба партави назари муборак чун дидаи мардум нури биноӣ ёбад. Агарчи ин фиристодагони сахтчашм ҳам думағзанду ҳам дупӯсту бад-он намеарзанд, ки пеши чашм оянд, аммо чун намунаанд, аз дидаи банда ба ваҷҳи мардумӣ дидаву писандида дармебояд пазируфту миннат ҳам бар дидаи банда ниҳоду аз рӯғани он бодом, ки би-л-ъайн ба чарбии чашми банда монад, кафи пойи хуҷаста чарб кард, гӯӣ бо ин дида бад-он пой расида шуд. Агарчи ҳар кӣ рӯғани бодом дар кафи пой молад, чашмаш рӯшан гардад, аммо ин бодом бадал аз чашми худ фиристод, байт:

Гар рӯғани он дар кафи поят моланд,
Не чашми ту, чашми банда рӯшан гардад.

**Нисбати китоб, нома ба тавил анҷомид**. (338) Умдаи қалам мабнӣ бар он, ки котибро яке аз харитакашон катабаи хидмату харитавор барбаста сарриштаи бандагӣ пиндораду ин иборати одиву ориятро ба ташрифи ҷавобе сатри айб арзонӣ дошт, то ҷонро қосиди некпӯёни тариқи инқиёд сохтаанду дунболи он меҳмон давонида, ва-л-Лоҳу якфиҳо бихусни маншийя.

Таҳрир дар чаҳоруми ҷамоди-юл-охир буду таърихи ъом худ аз ҳиҷрати Муҳаммадия дар шумор ояд, мисраъ: яъне, аз маҳ чору ҳафсад сол в-он гаҳ понздаҳ.

Мисраъ: **сӯйи Хоҷа Шараф ин номаву нисбат дигар ҳар ҷо**. **Унвон**. Ташрифи шараф ба матолеъи шариф мушарраф-уд-давла ва-д-дин, шаррафаҳу-л-Лоҳ, ёбад, байт:

*سَلامُ اللهِ اِحساناً وَ فَضلاً　　　عَلی شَرفٍ تَریَ فی فَرشِ قلب
مَتیَ ما لاحَ سُلبَ عَن عِنانی　　　کَما راحَت هُمُومُ عَینِ سلب

**Нисбати фузалову судур**. То судури фазл аз шарафи зот бувоаду фазли судур аз зоти шариф садри судури ашраф шараф-уд-давла ва-д-дин, мушарраф-ул-ислом ва-л-муслимин, ҷуласо-ул-мулук ва-с-салотин, саййид-ул-афозил, саййид-ул-амсол, малик-ул-калом, малик-ул-аном фи-л-айём маъа соири авсофиҳи-ш-шарифат ҳар рӯз зойиду зояндаву афзуну афзоянда бод. Ташрифи шараф аз болои (339) чархи атлас таҳ бар таҳ расида, кулоҳи сарӣ бар фарқи давр фарқад густаронида, шеър:

*بِمُحَمَّدٍ شَرَفُ الاَنامِ وَ دینِهِ　　　مِن کُلِّ اَدیانِ الخَلائِقِ اَشرَفُ

**Нисбати шавқу фироқ**. Банда Хусрав, ки аз ҷумлаи давлатхоҳони шараф-уд-давла аст, хадамоти ҳисоб, ки қалами ҳисоб дар рақами он сар боло натавонад карду таслимоти

бешумор, ки иқди муҳосибшуморонро ба дасти чап рост тавонанд овард, бо вуфури иштиёқе, ки шарҳи он ба ҳуруфи лоғар ҷилдро фарбеҳ кунад, таблиғ мекунаду ҳамвора он зотро ба валъи қалб улу мехоҳад. Ҳусул, шарафи дастбӯсу дастбӯси шараф, ки аз ашрафи амонист, аз шууни ҳалоки фироқу эманист, аз рашфи абароти иштиёқ бо ҳусни ҳолоту асраъи соъот муяссару мубашшар бод:

Бифазл-ул-Лоҳи зи-л-фазл-ул-ъазим,
**Нисбат аз илму фазл** танзим.

Силки гараз дар маънии он, ки хидмати маҷлиси Мавлоно Имом баҳр-ул-фазоил, низом-ул-миллат ва-д-дин, мувассили ин иқд, мунтазами назм-ул-Лоҳ, ъуқуд умуриҳи, низоми ҷавоҳири маонии вофир асту бадри манзумаи илму лаолии маншураи фиқҳ мутаҳаййири эшон, дар дарёи хуни шаҳри Деҳлӣ, ки сироҷи иззаташ даҷлавор Бағдодро аз миён (340) дуним кардаасту Мисрро ҷома дар нил зада, мавҷи дили ӯ бар рӯйи об оварда, аз ғаввосони муҳити шариат захираи маънӣ ба инояти устоди маънӣ ба ғояте гирифта, ки қариҳаи баҳри файзи эшон манбаи зулоли латоифу маъдани ҷавохири зароиф гашта, бо чандин мусодақати илму фазл садафи *ъан кулли асдоф-ил-махтуроти* силки мусодақати банда низ аз гавҳари поки эшон низоме тамом ёфт, шеър:

*وَ علی الدّوام بفضله فی مُهجتی          جودتُه کدُرٌ فی صدَفٍ

Аз он ҷо, ки хитоби хоси шарафи зотӣ сириштани шариату тарафи фазл аст, дар ҳаққи ин олим, ки аз нақши ӯ маълум мешавад, ки олим аст, ин маълумро, мисраъ: ва ҳоза-л-қалб охир би-т-тамом.

**Ин нисбати қаряву раоё**. Тавқеъ он, ки дар тавқиоти инсон аз ҳар навъ айни мабзул фармояд. Агар ҷое барои деҳ, ки нони ҳалоли ӯсту дар вай дақиқаи шабаҳро ҷувоз не, ионате талабад, биҳурматиҳи умм-ул-қуро ва шаҳри ҳаром, ки ба ҷиҳати ҳурмати зоти ӯ он деҳро дар ҳарими ҳимояти хеш дохили байт-ул-атиқи озод дорад, то раоёи он мавозеъ бар сони сайди ҳарам аз саҳми амалаи хилофат масун бошанд, байт:

*وَ یدعونَ فِی کُلِّ یومٍ لکُم          (341) دُعاءٌ کحجّاجِ بیتِ الحَرام

Ва агар дар боби идрор фатҳёбӣ ҷӯяд, аз мавориди алтоф кори эшон обе диҳад, ки то ба оби борон бирасаду ин айн-уш-шариатро, мисраъ: набояд шудан пеши соил касе.

**Нисбати нома**. Алгараз, ҳар чӣ арз кунад, бе макс ба итмом бояд расонид, чунонки баъд аз ин аризаи тавиле, ки таълиқ ёфтааст, хотир ба ҳеҷ алоқа мутааллиқ намонад. Умед, ки аз ағроз иъроз нафармояд, ки он ки аризаи дигар ба тасреҳ ва ё таъриз, мисраъ: татвил пазирад аз пайи он тақсир.

**Нисбати теғу қалам**. Яқин, ки қалами хосро умдаи масолеҳи ӯ гардонад, чунонки ба як истоди он килки равон ҳама корҳои эшон бар мисоли он килки росткор рост гардаду ба лутфи забонӣ низ барои коми ӯ то ҳадди имкон шамшер задан фармуд, то дар он ҳудуди сайфиву қасаботи қаламӣ ба қуввати он соҳиб-ус-сайфи ва-л-қалам ҳосили қаламии хеш аз раоёи сайфӣ би-л-қатъ битавонад ситуду монанди теғ дар ниём ба ҷавоби осоиш по дароз кунаду мудом шукри аёдии хос, ки мурофиқи аъзои фурӯдастон аст, ба сӯйи ин забардаст дар қалам орад, чунонки қалами рутб-ул-лисонро, мисраъ: нагузорад, ки забон хушк шавад як қатра.

**Нисбати улувиёт**. То лавомеъи меҳру шафқати шарафи офтоброй (342) ҳар рӯз равшан мегардаду ин Уторуд тахт-уш-шуои он партави меҳрубонӣ метобад, он зоти мунирро, ки наздики баҳор асту офтоби шарафро шарафи дараҷаву дараҷаи шараф аз ӯ ба даъавоти субҳгоҳӣ мушрифи шараф мехоҳад, ба шарафи иҷобат мақрун бод.

Мисраъ: **мактуби малик насири дин, нисбати асп**. **Унвон**. Ин аризаи тавила, ки мурбити ӯ ҳамон бешбаҳост, ба назари басирати сипаҳсолори маробит насири асокир-уд-дин, ло зол рокибан ъало марокиб-ул-ъиз ва-т-тамкин ихтисос фармояд, байт:

*أحيٌ نصيرَ الحقّ دالَ النّصرِ فِی الوَغا          جوادُ زمانٍ ما طَرَالخيل بالنّدی

То курраи чавгонии сипеҳр бар рӯйи ҳаво гунбаду чарх занаду тезии офтоб дар майдони сабз аз оташи хеш чароғпоя кунад, дулдули муроди маликзодаи рахшсавор, Рустами корзор, насир-уд-давла, носири ҷуд-ал-муслимин, ал-муҷаллӣ фӣ ҳулият-ул-ҳимоят, ал-муҳаллӣ биҳулият-ус-самоҳат маъа соири ҳулият-ут-тавила ороста бод. Аблақи рӯзгор дар дуволи итоат рому фалаки шамусии мискинлагом ба соҳиб-ул-Буроқ, алайҳи-с-

салом. Хидматкори камина Хусрав, ки ғошияи ҷогирии маро харак кардан дорад, дар саф ниъолвор рукӯъи бандагӣ ба ҷо меораду ҷаводи монанди тариқ сумбӯс бар пой медорад, байт:

*تقبّل منک ربّی ذاک جوداً          و وفّقنی بشکرک یا جواد

(343) Саҳифаи мукаррама, ки тавилаи гавҳараш тавон гуфт, расид. Гӯӣ, ки ашҳаби ғубори мулкӣ буд, ки, мисраъ: бар деҳ гузашту дида осоиш ёфт – ва аз иттилоъи мазмун қалби мавзун дар ҷавлон омад. Зикре дар истеҳкоми робитаи муҳаббат иртибот ёфта буд, қолаби афсори гусастаро ба мурбити ҳаёти абадӣ ба рабте ҳар чӣ муҳкамтар арзонӣ дошт, байт:

Ман кӣ бошам, ки занам лофи муҳаббат бо ту,
Магар он, к-аз раҳи аспи ту кашам хок ба чашм.

Фиристодаи хос ду курраи наврасида, ки ҳар ду модаи латофатанд, расонида: яке бо қиммату яке бе қиммат. Каммияте, ки хатти бахшиш бар пушт дорад, бе қиммат аст. Он чи каримон диҳанд, бе қиммат диҳанд. Аз он ҷо, ки Буроқи ҳиммати банда аз айни тамаъ кам об мехӯрад, хостам, то аз айни эътизораш наъл бандаму боз ба хидмат равон кунам. Аммо ройизи ақл бонг бар ман зад, ки: эй бериёзат, гавҳар ба дарё боз фиристодан, аз раҳ набошад. Пас, ин хат, ки дар равонӣ бе рӯйи он бодпой тавонад кард, пеши он муробита пешкаш кардам, ки, абёт:

Шаҳсавори дин Насир-ул-ҳақ туӣ,
К- аз ту нусратхост дину додро.
Чун шавӣ бар пушти зин, ларзад чу теғ
Хасм, гар з-оҳан кунад бунёдро.
Дар гузаштан белаки сурӣ туӣ,
Барги гул хонад сари пӯлодро. (344)
Маркабе сӯям фиристодӣ, ки ҳаст
Бод шогирди так ин устодро.
Ёд монад лутфи Хусраврову пеш,
Кай фаромӯшӣ бувад ин ёдро.
Бозгардонам, валекин чун кунам
Бозгардонид натвон бодро.
Асби давлат зери рон бодат мудом,
То кунӣ з-ӯ бе сипар ҳуссодро.

Аммо маркаби дувум, ки доғи баҳо дошт, ҳам аз он ҷо, ки сабуксории банда аст, натавонист, ки гаронрикобӣ кунад, байт:

Донам, ки ҳаст домани афви ту айбпӯш,
Пӯшида беҳ, ки айби ман аст он, на айби туст.

Дар муқобала оҳу бахшида, нофа фиристода шуд, то бар тиб ҳамл нашаваду агар дар ин савод оҳупой бошад, аз хато нагирад. Ҳамеша дар бахшидани оҳутагон каффи аёдӣ мутлақ-ул-инон бод. Омин, ё Рабб-ал-ъоламин.

*Таммат ар-рисолат-ус-сония мин "Эъҷози хусравӣ"*[1]

---

[1] Дар охири рисола исми котиби нусха чунин сабт шудааст: ба қалами аҳқар-ул-ибод Ҷонагӣ Паршод, мулозими матбаъи Авдаҳахбор.

## ТАВЗЕҲОТИ РИСОЛАИ ДУЮМ

*Ар-Рисолату-с-сонияту*: Рисолаи дуюм дар мураттабот аз мактубот, шомил аст бар даҳ хат.
*Камо би-ш-шамс*: Чунонки офтоб асарҳои торикиҳо.
*الی یوم*: То он рӯз, ки ба он рӯз парешон шаванд ситорагон аз баландӣ монанди боронҳои абр.
*Фа-л-Лоҳу*: Пас, Худо ҳукм хоҳад кард дар миёни онҳо рӯзи қиёмат.
*Куллукум роъ*: Ҳамаҳо аз шумо чӯпон ҳастанду ҳамаҳо аз шумо пурсида хоҳанд шуд аз галаи худ.
*Ва тоба*: Ва тавба кард гург аз хӯрдани гӯсфандон.
*و قد سکن*: Таҳқиқ, сокин шудааст бодҳои тунд дар замони ман, чунончи намеҷунбад хок аз ҷой.
*و من یمدالی*: Ва ҳар кӣ дароз кунад ба сӯйи соҳибҷизе сари ангуштро ба тавоноӣ, пас бар он кас сайфи мо ҳоким аст.
*Шох:* Бех гирифтааст шохаҳои он дарахт гирди он шаҷара.
*ал-лазина*: Онҳо, ки ибодат мекунанд аз сбвои Аллоҳ.
Каҷалму: чунончи санги сахт ба зарби оҳан.
*Зувият*: Ҷамъ карда мешавад барои ман замин, пас намудор карда шуд Машриқҳою Мағрибҳо, пас зуд хоҳад расид мулки уммати ман чизеро, ки печида шуд (ҷамъ карда шуд) маро аз он замин.
*Зога*: Эъроз гардонод Худо дилҳояшон аз сиёҳии гумроҳӣ (дуъоест дар ҳаққи куафор).
*Лав*: Агар набудӣ подшоҳ, ҳароина, мехӯранд мардум баъзе аз онҳо баъзеро.
*Явма*: Рӯзе, ки хоҳад гурехт мард аз бародари худу модари худу падари худ, он рӯз қиёмат аст.
*Ало фазли*: Умдаи сухан ин, ки қозӣ кунад подшоҳи одилро, ки порсою муҷтаҳид бошад ва омад дар китобҳои диния, ки ҳар гоҳ машғул шавад подшоҳ ба корҳои мамолик, пас воҷиб аст барои подшоҳ, ки қозӣ кунад касеро, ки салоҳият дошта бошад онро.
*Ялиқ*: Лоиқ бошад ба он тафвиз аз рӯйи осон шудан.
*فی الوری*: Дар халқ нест монанди ӯ як кас дар ҷамеъи фиқҳу доноиҳо. Рӯшан шуд нури камол аз рӯ чунончи рӯшании офтоб дар ақолим.
*Иннамо*: Наметарсанд Худой таъолоро аз бандагони Ӯ таъоло магар олимон.
*Изо*: Ҳар гоҳ хусумат оваранд пеши ту ду кас, пас мусовот кун дар миёни онҳо.
*و یقنعون*: Ва қаноат мекунанд ба чизе, ки мар онҳоро аз мо мерасад, заре, ки монанди бозуҳои магас медурахшад. Яъне, ризқи ҳалол бошад.
*Ва ман лам*: Ва касе ки ҳукм накард чизеро, ки нозил намуд Худо, пас онҳо золиманд.
*و الناس*: Ва ҷамеъи одамиён улфатгиранд барои нек зиндагонӣ кардан, ҳамчу тавамон дар шиками модар.
*و ید*: Ва пайваста бошад ин рӯшанӣ аз рӯзҳои мо монанди шаръ аз замонҳою рӯзҳо.
*و یلوُج*: Зоҳир мешавад ба офтобе моҳтоб миёни замини он деҳ, чунонки тамаъ, ки баробар шавад ӯро чашми офтоб.
*و من*: Ва аз хушии зиндагонӣ дар ватанҳо мекарданд, чунончи мегардад шароб дар каф.
*Анбатат*: Рӯёнид ҳафт хӯша ва дар ҳар хӯша сад дона.
*و البدر*: Ва моҳи тамоми наҷм пӯшида шавад дар пардаи нури он чунончи пӯшида мешавад аз парда офтоб.
*لیطلب*: Талаб кунад соҳиби истиҳқоқ ҳама ҳуқуқи фазилат аз табъи салим.
*ایا من*: Эй касе, ки бартар шудӣ аз ҳукми қазои илоҳӣ ва рӯшан кардӣ шариатро ба рӯшанӣ, рӯшан кард заминро рӯйи ту, баъд аз он гашт рӯшанӣ аз ту дар офтоб ё дар чашми осмон, ё дар зоти осмон.
*لا زال*: Ҳамеша бод синаи ту ба илмҳо пур карда шуда аз доноӣ, то ки пур аз доноист синаи беҳтарин халқ.
*قد یجذب*: Таҳқиқ, ки мекашад санги қалби ӯ зарро, чунонки аз рӯйи табъ бикашад оҳанро санги оҳанрабо.
*و من*: Ва аз накӯиҳои ӯ чашми дарвеш навмед шудааст, монанди чашми муътазил аз зоҳири рӯъяти Аллоҳ таъоло.

*اذا يخرب*: Вақте ки хароб кунад шаръи расулро он кас ба зулм, чигуна боқӣ монад дар ин шариат об.
*الله خلد*: Худо ҳамеша дорад баракати он андар он, то он ки ҳамеша бимонад хуррам.
*Дар тасаввуф*: Ин байт аз қасидаи машҳури "Дарёи аброр" аст.
*من ليس*: Касе, ки дохил нашавад дар шаҳри илми он пайғамбар (с) бояд, ки бошад Алиро, вақте ки бикӯбад дари ӯро.
*Пури Мулҷам*: Ибни Мулҷам, ки қотили ҳазрати Алӣ (а) буд.
*ايا من*: Эй он, ки меҳтар шудӣ аз ҷадди Алӣ (а), боқӣ бимонӣ ту, эй бузургтари авлоди Пайғамбар (с).
*هباؤک*: Бахшидани ту ом шудааст гар даҳҳои халоикро, чунончи барои бараҳнагони сармо чодари гармии офтоб.
*و ليس*: Ва нест, ки шумурда шавад аз гурӯҳи одамиён он кундзеҳн, ки дур кунад қатраи обро ба сӯи дарёи осмон.
*نظام للملک*: Оростакунандаи мулки маснади ту ҳамчу тахт асту гайри ту хитоб карда намешавад ба вазир; вазорати мулки дунё бузург корест, валекин гаштааст бузургтар ба бузургие, ки ту хастӣ.
*Самиъа-л-Лоҳ*: Бишнавад Худо даъвати ман ва қабул кунад.
*Гиреҳ*: номи шаҳре; ва дар ҳиндӣ ҳалқа, ки даст андозанд.
*و للا طفاء*: Ва барои куштани оташ нест мар ӯро ҳамроҳе, ки оташу об бирезад.
*Авла*: Зода шуд номаи ӯ дар дасти чап.
*بسلمت*: Салом мекунам бар ту, эй нозири подшоҳ, лиҳоз карда шуд ба ниҳояти раҳмати Раҳмон.
*اعز الله*: Иззат диҳад Худо ваҷҳи туро ё зоти туро дар чашмҳо, чунонки иззат дод Худо чашмҳоро бар рӯйҳо.
*الله نور*: Худо рӯшанӣ диҳад аз сурат ё дидори ту гӯшаи чашми маро, то он ки сафед гардад чашми ҳосидон.
*بنزعت*: Кашида мешавад ба мол чашми нафаре, ки ба мол сарукор гирифтааст; қасоси чашм ба чашм дуруст аст.
*Ман аҳабба*: Касе, ки дӯст дорад чашмро ҳаргиз нанависад баъди аср.
*يا عارض*: Эй бахшиши маҷлис ё абри саховату чароғи рӯшанӣ, ҳамеша бош дар Каъбаи бузургворӣ ёридиҳанда ҳар мулки подшоҳиро.
*فى كف*: Дар каффи орази мо қалам чунон аст, ки меҷунбад барқи шитобикунанда дар абр.
*امير الصيد*: Эй сардори сайд (шикор), таҳқиқ, ки ту тоҷи динӣ, шикор мекунӣ сардорони сайдро дар шикор кардан. Дидам соҳибону соҳибтоҷ ҳамаҳоро, хор мешаванд монанди тоҷи мурғ дар шаҳрҳо.
*ريشا*: Пар аз раҳмон талаб мекунам ба шитоб, то ба остон ба маҳосин ҷорӯбкашӣ кунам.
*قد امتلاء*: Таҳқиқ, пур шуд сайди онҳо аз куштагон, чунончи аз бӯйи дашти ӯ майл мекарданд зоғон.
*قبا الصرم*: Пас ба чарм гарданҳои онҳоро зинат дода шуд, ин на, балки лоиқ буд бар бадан гарданҳои эшон.
*و يفتح*: Ва кушода мекунад ҳасрати даҳанҳои ҳамаро монанди минқори паррандагон аз гармии гармо.
*ركب*: Савор шуд ҷавонмард, савор кард далеронро, то он ки сайд кунад ба тиру шамшери худ шеронро.
*و بداء*: Ва зоҳир шавад афрӯхтаҳо ба фарох кардани маҳалли онҳо монанди савобит (яъне, ситораҳои собит, ки нуҳтоанд) дар фалаки ҳаштум.
*انا ذرة*: Ман чунон зарраам, ки симои офтобро ошиқ шуду аз хоҳиш дар миёни ҳаво овехта аст.
*انه من*: Ҳароина, Ӯ таъоло, ки менамояд баромадани офтобро, чашмҳои мардумонро баъди торикии шаб.
*تطلع الشمس*: Бармеояд офтоб чашми маро дар боди сахти муҳаббату ишқ, чунончи бармеояд рӯйи офтоб бар ҳурбо.
*يا رب*: Эй Худо, рӯшан кун рӯзи моро ба сурати ӯ, то ки рӯшан шавад чашм ба рӯшании ӯ.

*ضیا الشمس*: Рӯшании офтоб пӯшида намемонад дар ҳеҷ ҳол ва агарчи бошад анбӯҳ дар абр.
*بنور*: Ба баракати нури Пайғамбар (с), ки пеш аз халоиқ ҳукми Аллоҳ таъоло толеъ кард он нурро бар мо.
*و سجدت*: Ва саҷда кардам ман остонаи он офтобро, дар ҳоле ки комил кардааст файзи ӯ асҳоби нуқсонро; чунончи офтоби рӯшан комил мекунад ҳилолро.
*Нода-с-само*: Нидо кунад осмон, таҳқиқ, ки ҷамъ аст офтобу моҳтоб.
*صلف الكواكب*: Лоф задани кавокиб дар торикии шаб аз нури худ, лекин қариб аст, ки расво кунад ӯро субҳи содиқ.
*Ва-л-лайли:* Ояти 17 аз сураи Таквир, баъдӣ ояти 18 ҳамин сура, ки тарҷумааашон чунин аст: *Ва ба субҳ чун бидамад; бегумон, он бархондаи фиристодае бузургвор аст.*
*یا نیر*: Эй офтоб, рӯзҳо толеъ шав, дар ҳоле ки дурахшандаӣ ва бипӯш чароғҳои шабҳои ҳама.
*ایا بدر*: Эй моҳи тамоми ситорагону дурахшандагон, ту бадр ҳастӣ; он бадре, ки рӯшан шавад дар ҳар вақт ба рӯшанӣ; камоли бадр собит аст аз офтоб, валекин комил мекунад бадр ё офтоб осмонро.
*بمحمد*: Ба баракати Муҳаммад (с), ки таҳқиқ шақ карда бадрро дар шаби торик ба ҳилоли худ, яъне бо ангушти сабобаи худ; дар ҳоле ки қоим бувад он ҳилол, ишорат кард ангушти муборакӣ ӯ.
*صنه یا*: Нигоҳ дорад ӯро барорандаи офтобу сабоҳ аз заволу ғурубу кусуф.
*ان النجوم*: Таҳқиқ, ки ситораҳо бар осмон монанди Зуҳраанду Офтобу Моҳтоб рӯшан менамоянд ситораҳоро.
*ينج*: Овоз мекунанд сагон, вақте ки зоҳир мешавад бадр ва ба сабаби ӯ аз он сагон мар бадрро зиёда шавад қадр.
*افاض*: Файз дод аз рӯшании худ ба касе, ки донист, яъне мулоқӣ шуд; баракат диҳад Аллоҳ бар ғурраи ӯ, яъне бар пешонии рӯшани ӯ.
*انجم*: Оё Наҷм ҳаққи ҳидоят мекунад ҳама халқро, ҳамчунонки Наҷми ғулак ҳама халқро ҳидоят мекунад, балки беҳтар аз ситора ҳидоят мекунад.
*ارنی*: Бинамо маро лиқои Наҷм, эй Парвардитори халқ, то вақте ки намоӣ ту ситораро, яъне то қиёмат.
*اعلیت*: Баланд кардам ман дуои наҷми дини худро ва табақа-табақа бар осмон.
*یا نجم*: Эй Наҷм, табъи ту аз Аторуд фозилтар аст, барои он ки надидаанд фузало мисли ту гоҳе магар аҳвал.
*اذا صالت*: Вақте ки ҳила кунанд ба сӯйи шайтон шаҳобҳо ва насӯзад он шаётинро, табассум кунад аз он шабҳо.
*انوار*: Анвори чашми ман, таҳқиқ, мухр карда шудааст нурҳое, пас базл шуд анвор ба анвор.
*سلام علی*: Салом аст бар Айнуддин, ки бахшишкунанда аст, накӯӣ кардааст ва боридааст ба он эҳсон, ки сабз кард заминҳоро монанди боғ.
*رازق*: Ризқдиҳандаи кирмҳои об дар чоҳҳост, равонкунандаи обҳою нозилкунандаи боронҳост.
*و العیش*: Зиндагонӣ ҳамчун оби равон гуворосту умр ҳамчун боғҳои обпарварда некӯю хуш.
*و یمطر*: Ва меборад ба бахшиши комил ҳоҷотро, чунончи меборад абр бар халқ.
*اشکر الله*: Шукр мекунам ман Худоро, ки парвардигори халқ асту подшоҳ аст; нозил мекунад боронро аз паси чизе, ки навмед шуданд.
*حتی*: То ин ки дар шаб мебошам ман ба бахшиши ӯ, дар ҳоле ки сероб аст ва шукр мегӯям фаррохкунанди ризқро, ки дайён аст, яъне бахшанда аст.
*اسقی العینین*: Об хоҳам дод ба борон аз ҳар зироат халқро, чунончи борон аз миёни осмон ба бахшиши худ.
*Касаробин*: Монанди сароби майдон, ки пиндорад ӯро ташнаи об, то он ки ҳар гоҳ омад, онро наёфт, чизеро.
*اتاج*: Эй Тоҷ, ал-ҳақ, баланд кунад туро Худо, рехта бод зери каф.
*بالحيرة*: Ба ҳайрат гуфт анҷуми замона; чигуна омехтанд обҳо бо оташ?
*و عطارد*: Ва Аторуди афлок фуруд ояд дар ҳоле ки ҳайрон шуд дар он Ҷавзо аз камарбандони подшоҳ.

ضحک: Хандид халқ ҳар гоҳ кашид сайфро ҷулоҳа; касе, ки тамом накунад андозаи корро, пас ҳароина, бигузор ӯро.
سلام: Салом ҳамеша бод бар ҳусом мувофиқи мартаба, ки баланд шудааст маснади бузургон.
سیفان: Ду шамшер вақте ки ниём карда шавад дар ниёми воҳид, танг шавад ниём бар он ҳарду, шикаста шаванд он ҳарду.
حلت: Фуруд ояд туро нусрати осмону ороиш диҳад туро ба ҳулияи баргарӣ.
یا سیف: Эй сайф, фақри ту барои душманон кананда асту фақр ба асарҳои шамшер қатъкунанда аст.
مضی: Бигзарад шамшер аз раҳи об аз рӯйи осонӣ, валекин кунд аст бо зиреҳи оҳан.
لو مال: Агар майл кунад шамшери шумо сӯйи моён, дар ҳоле ки ёридиҳанда аст зиреҳи мардон, монанди ломи лафзи “бол” парида шавад.
ان شاء: Агар бихоҳад касе, ки ҳулия додааст шамшерҳоро ба гавҳарҳои онҳо, чунончи савсани сабзро аз қатраи борон.
اصافی: Эй софкунандаи шамшеру эй машҳури ғозиён, рӯшан кардӣ даҳрро аз гавҳарҳои зот.
والله: Ва Худо мадад кунад ҳамаи он касро, ки ӯ маъодини туст дар ҷанг, ҳар гоҳ муқобала кунӣ душманонро.
و فی: Ва дар гиреҳи найзаҳо баста ту фатҳро, то ки фатҳ карда шавад дар лашкарҳо ба дӯстон.
ابقاک: Боқӣ нигаҳ дорад туро Парвардигори некӣ, эй хайри халқ, дар хайру ашрорро боқӣ дорад зери сарӣ, яъне хоки зерин.
یا عاذل: Эй маломаткунанда, гузир аст аз самарҳои мазкур ҳосил намешавад, аз беҳтарини онҳо хиёрӣ.
سلام: Саломи ман бар нури чашми ману рӯҳи ман; мулокоти он фарзанд дар ҳар вакт фоидаи айнии ман аст.
نبینا: Ба баракати набии мо, ки писари Халилу Одам аст; дар хулқ бартари ҳар дусту ҷуди дунёст.
و یسقط: Ва меафтад аз чашми ман бар замин қатраҳо, чунонки монанди бачаи ҷида, ки дар роҳ афтода бошад.
اذا فسد: Вақте ки фосид шавад хун, пас берун кунед онро; ва ҷигар зиёда шуд сиҳҳати ӯ, яъне нолаи ӯ ба доғ аст.
و قد: Ва таҳқиқ кифоят мекунӣ мақсуди падари худро яқинан, чунончи кифоят мекунад мақсуди мардумро кӯшиш.
سلام: Салом бар касе, ки тоҳир шудааст аз ӯ зоти ман ва ҳулия додааст вуҷуди маро ба ҳусни сифот.
والدهر: Ва даҳр дар ҳама умур фармонбардорӣ кард моёнро, монанди модар бар валади ширхори воҳид.
و من: Ва аз боз мондани ӯ хуш шуданд наздикони ӯ ҳама, чунончи хуш шавад шайх аз бозгашти ҷавонӣ.
اذا: Вақте ки омад оризи мо ба файз, меояд зар аз ӯ бар замин.
حتی: То он, ки зиндагонӣ кунанд он дар ҷуфт шудану хушбӯ, монанди гулу сабза, ки ҷуфт шаванд, вақте ки бирӯяд.
انشاء: Агар хост муаллифи хушӣ, яъне Худо дилҳо ва дар синаҳо.
تم الدعاء: Тамом шуд дуо, беҳтарин дуоҳои халқро, малики ақрибо дар он некӣ талаб кунод.
و مکدر: Ва чизи кудуратомез аз соил наздики бузургон беҳтар аст барои роҳати рӯҳ аз сафои шароб.
حیت: Зинда бошӣ, эй афзали амсоли халоиқ, аз рӯйи шараф; нест масле, ки мушобеҳ шавад ӯро дар ақлу дониш. Зоҳир нашуд маънии ӯ дар зеҳну дар дил; монанди ҳаво, ки дида намешавад дар оинаву дар об.
بناء الجسم: бинои бадан дар чашмаи нам, би-з-зарур, халалпазир хоҳад шуд ва бунёди ном аз чашмаи бахшиш би-з-зарурат сахттар хоҳад шуд.
سواد: мусаввадаи китоб аз хатту чеҳраҳост, пас, эй Рабби ман, сиёҳ макун рӯйи ман ба мусаввадаи ман.

*بالله*: Барои Худо, дарёб, эй насим, кишварҳоро, ки чигуна аст нукуш ба дару девори он маъшуқ.
*حتى*: То ки маҷлис кунад гӯшаи чашми ман ба сукунати он, мисли сокин шудани шоҳ дар саводи аъзам.
*عجبا*: Тааҷҷуб мекунам аз рӯйи тааҷҷуб кардан аз чашми фурӯрафта дар дарё; ихтиёр кард он чашм хокро аз пойи он маъшуқа, то ки таяммум кунад.
*ما واجهها*: Мувоҷеҳ накунад ӯро ба муқобала, магар оина; гуворо бод барои маъшуқа чашми калони мастӣ ба хуни ошиқи ҳамеша.
*سلام*: Салом бар он кас, ки навиштаи ӯ барангехт гиряро; яъне, борон навишта аз эрод, ки ишқ аст.
*اعتاني*: Ато кард маро ахлоқ, яъне Худо ҳусни ҳиҷоб; Худо раҳмкунанда аст, то ки зинда монад халқ.
*لو لا*: Агар намебуд дӯстии ту аз раги дили ман мутааллиқ ва Худой бармекашид рӯҳи ман, пас фариштаи ту дохил мешуд.
*مُذ انّي*: Аз вақте ки, ҳароина, дидам оинаро; шудам ман, ки мегирям бар соҳибназарон.
*يا من*: Эй касе, ки дӯст медорад дӯстии маро зинда шудӣ дар хушӣ; ва Худо раҳм мекунад касеро, ки фано карда ӯро пӯшидагӣ.
*على*: Бар зоҳир ҳама мардум, таҳқиқ, донистанд; нест муносабат дар миёни гулобу чӯби хушк.
*و الطائر*: Ва мурғи муборак аз авҷи дӯстӣ таҳният кунад туро ба субҳ кардан дар шаби сураш.
*الله*: Худо рӯзӣ кунад ҳар ошиқи соҳибдӯстеро; иди мулоқот ба дидани маъшуқ.
*لو كان*: Агар мешуд, ки менавиштам рӯдоди ҷудоӣ дар варақ, чашмаи хун аз қаламҳо равон мешуд.
*أريد*: Ирода мекунам барои соя бошад чеҳраи ту дар гармӣ, ки бикашам аз сиёҳии абр чашмро.
*يا غيمُ*: Эй абр, гир аз ашки ман бахшиши тароват, пас рез бар чангули ӯ ҳар гоҳ ташна шавад.
*Таҳаҷҷуд*: дар шаб бедор шудан; *намози таҳаҷҷуд* чунин намозест, ки солеҳон баъд аз нисфи шаб бархоста, ҳашт ракъат ва агар бо витр якҷоя гузоранд, ёздаҳ ракъат ва ё беш аз ин мехонданд.
*انى*: Ҳароина, ғайрат мехӯрам бар тири таркаши ӯ, ки лаззат гирифту хуш ба он ва ошиқи маҳрум аст.
*Қад ман ва бар:* Пора-пора карда шудааст аз паси пушт. Ишора ба пираҳани ҳазрати Юсуф (а).
*و حب*: Ва дӯстӣ кард ошиқ, ки мурд дар афсӯсҳои мо ва мегузарад гоҳ-гоҳ наздики андешаҳои мо.
*رياح*: Ҳавои ҷигари ту гардиш кард гирди маҳфили мо, чашми ман ба он бемор шуду рӯҳ маълул аст.
*منذ*: Дар вақте ки дохил шудам дар ту ба дӯстӣ, шудӣ ту аз лоғарӣ, чунонки дида шавам ман дар ту.
*ابلغ*: Фурӯ бар хуни худро дар синаю ҷигари мо, ки пӯшида шавад ва на ҳикоят кунӣ ту аз дили худ.
*تعدني*: Шумор мекунӣ маро дӯст, ки ба нозу карашма қоим аст; дарёфт мекунад дӯстии маро ва инкор мекунад ӯро аз рӯйи таҷоҳул.
*ايا من*: Эй он, ки таманно кардӣ ту маргҳоро ба тири мо; хаёл кофист аз тири мо дар дили ту.
*ظننتک*: Гумон мебарадам туро, ки ҳастӣ ту аз бародарони дин, валекин дар дӯстӣ зоҳир мешавӣ кофир.
*لا غر*: Баъид нест агар густаронанд фариштагон аз рӯйи орзу ин пораҳоро бар бисоти фалаки кабуд.
*حتى*: То ки хоҳиш кунад ба сӯйи ӯ соҳиби маърифат ва то вақте ки хушбӯ диҳад гули гулобу мева.
*نوالک*: Бахшиши ту самардиҳанда асту ҳама мардум дар боғҳои биҳишти меҳрубонии ту чинандаи меваанд; Омад аз хулқи ту гулҳои гулобҳо наздики ман ва маро аз таштарони хушбӯй зиёда карда шуд зиндагӣ.

و يملى: Ва пур карда мешавад чоҳи онро ба сарҳои куштагон, монанди даҳанҳо дар варақҳои зиёда.

انا راينا: Ҳароина, ман дидам аз аҳли Ҳинд аз рӯйи озмоиш; ин аст зумуррад, қувват додааст дурро, яъне дандонро.

تشبيه: Мушобеҳ аст ба меҳроб ва бошад бар тамоми самарҳо ба сӯйи ин барг ба суҷуд.

ورق: Варақест латиф нест мумкин рад кардани ӯ, магар аз Тубӣ ё Сидрат-ул-мунтаҳо.

مطويته: Хушунате, ки печон асту пӯшида нигоҳ медорад ӯ, мутоибати ӯст; ҳамчун заъфарон, ки ба муҳозии мо механдад.

طلبت: Талаб кардам ман шаробро, эй чашмаи маолӣ, сероб кунад туро Худо аз чашмаи биҳишт.

سلاف: Шароб вақте ки нӯшад онро дӯст, ба сабаби ӯ илтиём ёбанд захмҳои дил.

اذا يشرب: Вақте ки нӯшонида шавад соф шароби соҳиби хушӣ; пас майл намекунад баъд аз ин ба сӯйи кудурат.

طوبى: Покизагӣ бод барои соҳиби тараб, яъне мутриб, ки дар замони воҳид меғирёнаду механдонад маҳфилро ва мехобонад.

ولما: Ҳар гоҳ баланд шуд баландиро нағмаи суруди ӯ, қариб аст, ки мурғони ҳаво меафтанд аз ҳаво.

اذ كان: Ҳар гоҳ шуд давлат морову фароҳам шуданд мардум, эшон тамом мехуспанд, онҳо ҷойи хобидан, чунонки мехуспанд шому субҳ.

و فى: Ва дар чунин мавсимҳо кадом шахс суруд хоҳад кард, ғано кунад ҳамон мутриба он сурудро, чунонки ҳамеша ғанӣ намояд мардумро.

جاوزالله: Таҷовуз кунад, яъне бахшад Худо аз қавмҳое, ки вақте ки ғано кунад, истад қиёмат аз ғаноишон ва бубинӣ мардумонро маст.

تصرف: Тасарруф кунад, яъне омӯзад он созҳои тамомӣ монанди овоз дар ҷойе бидуни сақам, яъне хато кардан дар иъроб.

ان شاء: Агар хоҳад он, ки гардонид самоъро ҳурмат кардашуда ҳамеша бар гӯшҳои уммати Муҳаммад (с).

او تار: Созҳои уди ту, эй ҳаким, азиз бод наздики ошиқон, монанди раги дил.

كن فى: Бош дар айшҳову нағмаҳо монанди Зуҳра, то ки рақс кунанд дар осмон ситораҳо.

فى عودنا: Дар удҳо ҳар кас мебинад чизе, ки дида намешавад; медавад чӯбу харҳо сокинанд.

على: Бар роҳҳои Ҳиҷоз ҳар гоҳ суруд кунем, ҳароина беҳуш шаванд кабӯтарҳои Ироқ.

يصيد الصقر: Сайд кунад чарғ аз пари кӯтаҳу оҷиз шуд мурғ аз пари дароз.

دخرو امجوداً: Ва бияфтад саҷдакунон тамом аз қадамҳои мо, чунонки ханзари нависандагон дар иқди воҳид.

امدح: Мадҳ мегуфтам карамкунандаро ба сабаби камоли меҳрубонию эҳсон; меовезад доманро бар тақсири бандаи гунаҳкор.

كصاحب: Монанди соҳибсипар аз тири сахт мебошад; ба хушии зиреҳи обдор.

ايا من: Эй он, ки мебинӣ ту афъиро ба чашми қабеҳ, тарафи чашми ӯ назар кун монанди дурри рӯшан, ки чашми афъӣ бисёр хуб мешавад.

هنات: Таҳният кардам соҳиби адлро, чунон аст, ки дар замонаи ӯ чароғҳои қазо ба боди тунд хомӯш намешавад.

فزين: Пас зинат дода шуд маснади фарёдҳо, ба дурустӣ, ки ту мунҳариф намешавӣ ту, эй аҳли инсоф, онро.

فمن: Касе, ки донист дарвозаи оташрову на боз гардид, ҳароина, бинӣ ту ӯро, ки афтод аз зери дӯзах.

بعين العطف: Қасам ба зоти меҳрубоне, ки мисбоҳи гарибон аст; монанди чароғ, ки наздики ӯ мебинӣ ту рӯзро.

قلوب: Дилҳои халқ шикаста шудааст аз сахтиҳои золимон, чунонки аз афтодани санги сахт таҷовуз кунад шиша.

ربنا: Эй Рабби мо, ки шифодиҳандаӣ, шифо деҳ соҳиби бемориро, мешавад дар дуъои ӯ хона, яъне тамоми мардуми хона дуъо мекунанд.

بطبيب: Ба табиби бемориҳои дилҳо, яъне Муҳаммад (с), ки дуъо кард ба қоидаи ҳидоят ҳар бемории умматҳоро.

نجی: Начот ёфт аз ҳар маразҳо беморе, ки бандагон гирд ба гирди ӯ барои орзу шудан мегарданд.

حتی: То он ки тафовут мекунад мурдаро дар ақида, ки аз ӯст, ки  дучанд мешавад умри мақсуми ӯ.

ایا من: Эй касе, ки даъвӣ мекунад, ки ман монанди ҳазрати Исо (а) ҳастам, пас агар зинда шавад андак замон бимирад аз кизб.

ان شاء: Агар хоҳад Худои мо, ки пок аст зоти ӯ аз иллату ҳадию беморӣ.

ایا من: Эй касе, ки ту бозгаштӣ аз сафари дароз, муборакбод мекунад туро бақои бардавом. Ҳамд мекунам соҳиби атоpo, яъне Худоро ба сабаби он чиз, ки намуд моро ба чашм зоҳир; он чизро, ки талаб кардам ман дар хоб.

بشفیعنا: Ба ҳурмати шафиъи мо, яъне Пайғамбар (с) дар рӯзи қиёмат, ки таҳқиқ, ҳамон Пайғамбар, ки  барои дидани сурати Парвардигори муъминин хушхабардиҳанда аст.

متا: Куҷост озодию байъ, вақте ки мамлук гардонидам ман нафси худро дар фурӯхти вафо?

رای: Дидам ҷудоии туро қатлкунанда нафси маро, дар ҳоле ки ғариқ будам ман дар ашкҳо, гуфт, ки чист ин ҳолат?

*Қад*: Таҳқиқ, ки шуд монанди сусттарин хонаҳо.

ان شاء: Агар хоҳад хунукӣ бахшад чашми азизонро аз дурии фироқ ба дидори бародарон.

درهم: Як дирам, ки аз тасаддуқ дода мешавад, сипар аст барои тири офатҳо.

ارسلت: Мефиристам ман саломро монанди саломоти муҷаррад, агар бозгардад ҳамон салом тарафи ту монанди дурри пароканда. Гоҳо шунида мешавад дар атрофи ту овози ин дурри пинҳон; бадал мешавад бо ҳазор луълӯ ё дурри мастур.

وضاء: Ва рӯшан шуд зоти онҳо дар пардаҳои борик монанди офтоб дар пардаҳои осмон.

ترق: Тараққӣ кун ту ба сӯйи соҳиби бахту бузургию давлати ӯ; бар зонуҳои бузургони гузаштаву падарону модарон.

وفی: Ва дар Кирмон будаанд тамоми бузург гирди ӯ, монанди кирмҳо гирди шамъ.

لو کان: Агар бошад, ки навишта шавад чакидагӣ аз бахшиши онҳо, равон шавад қалам монанди абри бисёрборанда.

تجلی: Зоҳир кунад бар мо Худои бартар покизагию маишатро, яъне зиндагониро аз рӯйи ваҷҳи ҳалол.

یهنئک: Таҳният медиҳад туро ба иқди тамоми халоиқ; собит аст барои ту ҳақ, ки зери маротиби баланд дида мешавад.

اداء نعم: Ба ҷо овардани неъмати ҳаёти ту то ҳазор қарн бар остонаҳо фарз аст би-з-зарур. Дуъои ту воҷиб аст дар ҳар сина, монанди “Бисми-л-Лоҳ” дар шурӯъи қибола.

بمحمد: Ба баракати Муҳаммад (с), ки на майл кард ҳиммати ӯ ба сӯйи мол, магар дар неъматҳое, ки дод ӯро малик-ул-вило, яъне подшоҳу дӯстӣ.

تری: Мебинӣ ту фурӯшандаро, ки зари ӯ чашми ақл асту барои харидор нест, яқинан чашм.

لو کان: Агар бошад, ки дурр аз мусофир содир шавад, он ғариб монанди дур сурма мешиканад.

والله: Қасами Худо мумкин нест аз сангҳояшон баровардани рег, агарчи шикофта шавад ба каланд.

قبض: Қабза аст бароящон монанди оҳан ба сахтӣ, агар бошад, ки шикаст шавад асари ӯ ва намешавад.

لو کان: Агар бошад, ки кам шавад дирҳам аз зоти худ, оё мебинӣ инро аз саводи чашм?

توالد: Пайдо шуд аз ту, эй соҳиби бузургӣ, писаре; саъодати ӯ, ки нав аст, нахоҳӣ ёфт. Парвариш кунад Парвардигори мо махлуқи саъидро ва ӯст падару аз вай писаре пайдо шавад, то ӯ ҷад гардад.

یرتبه: Ба мартаба расонад ӯро саъодат дар бартариҳо ва дар васфҳои ӯ аз он саодат раҳнамоӣ.

یطیر: Парад ба ин тоири давлати ӯ боғеро, ки ба нури Худо сардори хитта аст.

فی دار: Дар хонаи кофирон шавад, ба сабаби даҳшати ӯ рӯҳи душман бар душман сақил.

لله درک: Барои Худо хубии туст, эй ширхӯранда, вақте ки мебинӣ ту, падарони бартаре меёбӣ ту, бузургии худро он қадар ки дарёфтаи нигоҳ аст обои улвӣ онро.

حتی: То он ки бидӯзанд мардумон ибрат, яъне эътибори доимро ба вуҷуди муборакн ӯ аз сӯзани хайрхоҳ.

ادعوک: Даъват мекунам туро, эй чашми азизон, биё шитоб; ва таҳқиқ, ки рӯйи ту мардуми чашми ман аст. Вақте ки бошӣ, биншинӣ ту наздики мо, барои ту ҷойи нишастан муҳайё кардаам ман дар ду чашми худ, балки дар ҷони худ.

اذا: Вақте ки ҳуҷум кунанд гамҳо бар дил, дафъ кунад ӯро дидани соҳибдӯсте.

یا من فتحت: Эй, ки кушода кардӣ ту китоби фазлу адабро, зоти ту садр аст, яъне болонишин аст бар рутбаи насаб.

برسولنا: Ба баракати расули мо, ки уммист, шурӯъи китоби ӯ иршоди уммати худ аст, ба хубии савоби ӯ.

ما دام: То ки боқӣ монад мушку кофур дар баёзи Чин ё дар саводи Ҳинд.

سکرنا: Маст шудем мо ба лаззатҳои маонӣ, гуё ки он маонӣ нӯшонид маро шаробҳо то хатти Бағдод.

قد: Таҳқиқ, ки ҷунбиш кардааст қалами диққати навиштани ӯ ба сабаби он ки, таҳқиқ, рӯҳ дар он мактуб фуруд омадааст.

اقلام: Қаламҳои соҳибони ақл ҳар ғоҳ, ки таҳрир кард он мактубҳо, гуё ки он ақлом абрҳои раҳматрасон буданд, ки бисёр меборид.

من کان: Ҳар кӣ бошад дар он чи, ки ғайри муқаддар аст, саъй кунад, ҷорӣ мекунад сафинаро дар хоку шиноварӣ менамояд.

احی: Таҳиёт мефиристам ман тарафи яке, дар ҳоле ки ҳусн асту Ҳусайн аст, яъне аз авлоди Ҳасан Ҳусайн аст; ҳосил кард ӯ хубиро, ки қурайшӣ ба фазилати худ. Барои ӯ лақаби Ваҳид аст, омад ҳамон ваҳид аз рӯйи таҳқиқ аз маротиби аъло, чунонки мадҳкунандаи Алӣ ва оли ӯ.

خلوص: Холис будани бӯйи мушк шинохта мешавад вақти ҷудо шудан бо он чизе, ки мебарад бӯйҳои сер.

من غاص: Ҳар кӣ ғута занад дар дарёи имрӯз, ҳоле ки толиб аст дуррҳои бартариро, аз ҳар қисм бозмонад.

لیلة البدر: Лайлат-ул-бадр дар ситораи далв, пӯшад абр ситораи бадрро.

و قرة: Ва хунукии чашм иззату баландист аз рӯйи хушнудии Худо; ӯст ситораи Муштарию ситораҳои дигар мисли ғуломон.

و لا ینفک: Ва ҷудо намешавад аз даври ҳеҷ замона, монанди рӯшании офтоб, ки ҷудо намешавад аз ӯ.

هذا: Огоҳ бош, барои нафс музаккӣ гаштӣ ту, ки умед медорам ман бад-ин навъ, ки кифоят хоҳад кард туро Аллоҳи ғолиб.

سلام الله: Саломи Худо бод аз рӯйи иҳсону фазл бар шараф, чунон шараф, ки мебинӣ ту дар бистари дил. Вақте ки зоҳир мешавад, дур карда мешавад аз номи ман, чунонки дур мекунад ҳимматҳо чашми нақиро, яъне чашми бадро.

بمحمد: Ба баракати Муҳаммад (с), ки бузурги халоиқ асту дини ӯ аз ҷумлаи динҳои халоиқ бузургтар аст.

و علی: Ва ҳамеша ба фазли Ӯ таъоло дар ҷони ман сифати дӯстии ӯ монанди дур дар садаф аст.

و یدعون: Дуъо хоҳанд кард дар ҳар сол барои шумо, мисли соҳибони хонаи Каъба.

أحیّ: Таҳият мефиристам ман ёридиҳандаи ҳақро, ки раҳнамои нусрат аст дар ҷанг. Бахшандаи замон аст, мекушад хайлродар маҷмӯъ.

تقبل: Қабул кун аз Худои рабби ман инро аз рӯйи худ ва тавфиқ деҳ маро шукри Худои ҷавод.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБИ РИСОЛАИ ДУЮМ

Ар-Рисолату-с-conияту фи-л-мураттаботи мин-ал-мактуботи ....................90
Хатти аввал дар амсилаву парвона ва мактуботи қузоту машоиху содот ....................90
Ҳарфи аввал дар амсилаву парвона ....................90
Ҳарфи дувум дар мактуботи қузоту машоиху содот ....................96
Хатти дувум дар мактуботи асҳоби маносиби девону катаба ва дигар асҳоби ашғол ....................102
Ҳарфи аввал дар мактуботи асҳоби маносиби девону катаба ....................102
Ҳарфи дувум дар мактуботи асҳоби шуғл ....................107
Хатти севум дар мактуботе, ки аз ҳайати танҷиму улвиёти тақвим бояд ....................112
Ҳарфи аввал дар китобатҳои мулаққаб ба шамси хосу сари номаҳои мӯъҷаз ба сӯйи Шамсу қамар ....................112
Ҳарфи дувум дар китобат ба сӯйи қамару бадр ....................117
Ҳарфи севум дар китобатҳои лақаби Наҷм ....................121
Хатти чаҳорум дар мактуботи мутафаррика дар обу ҷавоҳиру аслиҳа ва лақаби камнитоҷ ....................124
Ҳарфи аввал дар баёни латоифи лақаби ъайн ва тааммуқ намудан дар ғаврҳои об ....................124
Ҳарфи дувум дар латоифи лақаби Тоҷу тарсеъи сухан аз ҷавоҳири бешбаҳост ....................128
Ҳарфи севум дар барбастҳои мустаҳками аслиҳаву рӯшан кардани осори теғу пайкон ҳамчунин ....................131
Ҳарфи чаҳорум дар лақаби камнитоҷу намудори ангехт бар вай ба ҳила ....................137
Хатти панҷум дар китобат сӯйи обову уммаҳоту авлоду ақориб ....................138
Ҳарфи аввал дар намудори китобате, ки падар сӯйи фарзанд кунад ....................138
Ҳарфи дувум дар китобате, ки валад сӯйи волид кунад ....................140
Хатти шашум дар китобатҳои арабию порсӣ ....................144
Ҳарфи аввал дар китобатҳои арабии сирф ....................144
Ҳарфи дувум дар набиштаҳои порсӣ, ки бе омезиши арабӣ аст ....................145
Хатти ҳафтум дар амсоли арабиву форсӣ ....................147
Ҳарфи аввал дар амсоли арабӣ ....................147
Ҳарфи дувум дар амсоли порсӣ ....................149
Хатти ҳаштум дар баёни хузъабалоти ошиқон ....................153
Ҳарфи аввал дар муошақа, ки миёни хубони мастуру муштоқони носабур бувад ....................153
Ҳарфи дувум дар мукотаба, ки миёни қабопӯшони покдоману покназарони тарчашм бувад ....................159
Хатти нуҳум дар асбоби маҷлису руқаъоти мутафаррик ....................165
Ҳарфи аввал дар латоифи гулу меваҳои гуногун ....................165
Ҳарфи дувум дар маҷории аҳволи мастон ва авсофи шаробу латоифи он ....................176
Ҳарфи савум дар иншиъоби усулу фурӯъи мусиқӣ ....................181
Ҳарфи чаҳорум дар ангезиши мансуботи нарду шатранҷ ....................183
Хатти даҳум дар руқаъоту китобатҳои мутафаррик ....................183
Ҳарфи аввал даҳ руқъа дар баёни аҳволи маъишат бо халоиқ ....................192
Ҳарфи дувум дар китобатҳои мухталифу пароканда ....................192
Тавзеҳоти рисолаи дувум ....................198

# РИСОЛАИ СЕВУМИ "ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ"

## Рисолаи солисаи “Эъҷози хусравӣ”

## Бисми-л-Лоҳи- р-Раҳмони-р-Раҳим

Ар-рисолат-ус-солиса мин “Расоил-ал-эъҷоз” фӣ-л-латоиф мин-ал-маснуъот, яштамил ъало хаттайн[2]. **Хатти аввал** дар санъатҳои қадим ва тасарруф дар онҳо ба расми ҷадид, муштамил бар дувоздаҳ ҳарф. **Хатти дувум** дар санъатҳои ҷадиди вазъи Хусрав, муштамил бар понздаҳ ҳарф, назм:

То кас нашавад ғалат дар ин нақши шариф,
Фарқ аст миёни ду хат ин байти латиф.

**Дебочаи рисолаи санъат** нигор кун,
Дар вай нигоҳ дошта **нисбат зи нақшу ранг**.

Чун бӯқаламуне хоҳад, ки дар ин тарз нигорише кунад, ӯро мухайяла бояд бағоят бориканге з, то ба шакли наққошони чирадаст мӯйи дақоиқ бар сари қалам бандаду хаёлоти муваҷҷаҳу мусаввароти зулваҷҳ ва намунаҳои ҷадиду мисолҳои гариб, шеър:

*ممّا نعر على القرطاس من قلم    لا يُصوّرُ في الاذهانِ و الفِكرِ –

бар рӯйи сафаҳот (2) таҳрир кунад. Аз ачи рангомезии тасҳифу таҷнису дигар маснуъоти лафзӣ, ки чеҳраи латоифро ба гулгунаи такаллуф мулавван гардонад, алорағм-и рангомезон, ки тарки маснуъоти лафзиро аз аҷзи котиб сурат хоҳанд кард, дар ҳар санъат номаи дароз нигориш кардам, байт:

То нақши маро аҳли маонӣ чу бинанд,
Ҳайрон шуда чун сурати девор бимонанд.

**Хатти аввал** дар санъатҳои қадим* ва тасарруф дар онҳо ба расми ҷадид, муштамил бар дувоздаҳ ҳарф. **Ҳарфи аввал** дар иҳом*. **Нисбати ойина дар дебоча** бин[3]. Ойинаҳои ин тарассул шак нест, ки бештар ба тасаввуроти бадеъ, хусусан ба хаёлу иҳом, мусаввар аст, чунонки[4] дар мактубот муояна гардад. Аммо он[5] ҷо, ки дар аснои ҳикоят ҷойи хаёлу ҷойи иҳому ҷойи маънии дигар омехта дар назар ояд, ҳадди[6] ҳиддати табъ рӯшан нашавад. Пас барои намудори қуввате, ки дар тахайюлу тахйил дорам, як оинаи дурӯя масқул гардонидам, яъне дар санъати иҳом як руқъавор сурати хаёле[7] намуна кардам, шеър:

*حتّى ترى صُوَرَ الخيال بلوحه    كالماءِ والمِرآة حين ترى هُما

**Инак ин аст руқъаи иҳоми Хусраво**[8]. Шеъре, ки ба баҳри басит баркашидаи муншии маснуъот асту тақтеъи тири чарх ба улуш нарасидаву бо мизони абёти Фалакӣ ҳамтирозу (3) ба ҳарфи равии дарёборат намерасад.

**Ҳарфи дувум** дар санъати таҷнис*: **нисбати таҷнис дар дебоча** бин. Чун аз ду пайкари иҳому фарқадони хаёл фурӯтар оянд[9], рақами муҷонис аст, чунонки: ҷавзову ҷавзо (جوزا و جوزا)* ва муҳру меҳр (مهر و مهر) ва ситораву сетора (ستاره و سه تاره). Аммо таҷнисоти дигар саҳл аст. Аторудони фазлро дар ин манозил низ сайру истиқомат бояд, Он манзалат намебояд, ки тақвими ин тарз ба ҷадовили таклиф рангин гардад[10]:

Масӯз шамъи такаллуф, чи нури маънӣ нест,
Ки моҳи Нахшаб чун моҳи осмон набувад.

Агар дар коғази ғараз таҷнисе гузоранд, чун тири чарх равон кунанд, бигзарад, ки тири чархаш ҳам рӯ натавонад кард. Аммо агар аз ҷумлаи дақоиқи маънӣ ҳамин[11] дар таҷнис ғулӯ намояд, чунон бошад, ки аз ҳама тарафи Муштариву тарафи Зуҳра ба Шаъро хурсанд гардад. Магар он, ки алоҳида нома ё руқъа аз матлаъ то мақтаъ бар сабили илтизом барои

---

[2] ДТ: Ин ҷумларо надорад, аз НЛ оварда шуд.

[3] МИ: Нисбати оинаи дебоча бин инҳо.

[4] МИ: чунончи. Дар ин нусха мавориди дигар низ ҳама ҷо “чунончи” омадааст.

[5] НЛ: аз он.

[6] МИ: чи.

[7] МИ: ҳол.

[8] НЛ: Қабл аз ин фикра лафзи “мисроъ” омадааст.

[9] МИ: фарқ надонанд.

[10] НЛ: байт; МИ: фард.

[11] МИ: ҳамин ки.

имтиҳони табъ иншо кунад ва ин қувват беш аз ин касеро даст надодаасту ҳар ҳама дар байте ва ё насре ба ду лафзи муҷонис басанд кардаанд, ба ҷуз ман, ки дар ин санъат, шеър[12]:

Набиштам инак (4) аз ин гуна номаи таҷнис,
Бихон, вагар бувадат қуввате, бинавис.

**Нома андар санъати таҷнис** бин. **Унвон**. Ин номаи бобаҳо, ки калиди бобҳои маонист, хоҷаи аҷал Баҳоуддин, *аҷаллаҳу-л-Лоҳ*, фатҳ фармояд. **Таҳмид**. Аҳмад-ал-мурсал аҳмад, шеър:

*حمدتُ ذاشرفِ خُلقِ الانامْ لهُ   وَ الجَدُّ قبْلَ تعظيماً اناملِهُتو

Ба хидмати афзали фузало-ул-аср, мустанбит рабб-ул-маъонӣ бил-ъаср, Баҳо-уд-дин-ал-мадянӣ, шараф-уш-шақф-ад-динӣ, мақбул-ул-хос ва-л-ъавом, машҳур-уш-шуҳур ва-л-аъвом, акрамуҳу акрам-ал-акрамин, амину аминан. Мухлиси холисэътиқод Баҳодури Чинӣ, ки пайваста аз карами баҳодур ҷайнӣ кардааст, хидмате, ки бе зорӣ набуваду бо дӯстие, ки безорӣ набошад, мерасонаду дар ёди ликои он дарёдили қодирқалам шабу рӯз дар дасти ғаму дард аст, шеър:

Ҳар рӯз бувад зи доғи дурӣ дардам,
Ғамҳо расадам зи ҳар тараф дам дар дам.
З-ин сон, ки ғамат кард маро номардум,
Ин кина гар аз ғам накушам, номардам.

Худованди латиф латифа падид орад, ки он дидори писандида дида шавад, *биманниҳи*. Ғарази арзи ариза он, ки аз ин ҷониб кори мукаррам дар ӯ[13] бо мурод асту мадхал, (5) ки бемурод муроди номуроди халқе аз бузургон осудаву дар суда ва шаҳре аз бузургон судаву ғамфарсуд. Зиёи Марғанӣ марғаневу факиреро башири латиф шудаасту ба шири тарбият[14] мепарварад. Дурфишон шоирро бар ин байти ҷонфизой латифзой, ки, байт:

Зарбахш ҳадиси бадраҳо кун,
Зар бахш ҳадиси бад раҳо кун.

Як киштӣ зар доду гуфт: он чи киштӣ[15], дурудиш ин аст, бистону маро бидруд кун. Манкуҳаи он бузург духтари дарзист, ки дар зист некӯ аз авлиёзодагону озодагон даст бурдааст, аз домане поку покдоманӣ касе ёрои ӯ надорад. Ёрои ӯ бар намозу рӯза аст ва ё карами ҳаррӯза. Аммо Зайнуддини Барзанӣ, ки бар зании ӯ номардияш гувоҳӣ медиҳад, мардест, ки аз ғояти хиссат ағар ним дона арзанаш бидиҳанд, арзан надиҳад. Пас ман мард наам, пайваста кӯшиши ӯ дар зиёни халқ аст, дар зиён ҳамсояро бигирониду дӯхтаву андӯхтаи эшонро дар зиён овард, байт:

Ту мазён-ш, ё Раб, чу нозандагон,
Ки нозанда фитнаст, нозанда беҳ.

Дар ин вақт дар Ҳиндустон дӯстони бисёр расидаанду ба се ёр мадори кори эшон боз омад: яке, Сахли биёбонӣ, ки ҳар якро мегӯяд, ки (6) биёбоне хайрот дар кори ту манам. Дувум, Хайруддини Ӯбахӣ, ки барои ёру ағёр ҳама кори ӯ беҳист. Севум, Тамарони хаста, ки аз хастаи бодом чарбзабонтар аст, байт:

Бодом ба сина меҳри ин чанд азиз,
Пайваста чу мағз дар миёни бодом.

Он ҷо, ки сухан барои ростист, рост мебояд гуфт, ки касе бунёди ниҳоди дӯстӣ беҳ аз эшон нанихад, байт[16]:

Ҳазор офарин аз Ҷаҳонофарин,
Бар он кас, ки гӯяд касаш офарин.

Боз баъзе ғариб душман, ки аз ғарӣ ба душману дӯст бадӣ мерасонанд, яке раиси Мозандарон, ки мо зан дар он хона дидаем, ки сӯйи шӯй санге андозаду сабукӣ кунад. Дувум, Зайни Зайнабӣ, ки пешаи ҷафо пеш гирифтааст. Севум, Аҳмади Аҳмақ, ки рӯзу шаб дар ҷавз аст ё дар ҷавзо. Он ғоҳ ҳама ҷавзаш бемағз. Ин ҳар ду-се кас аст, ки бе кас аст.

---

[12] МИ: фард.
[13] МИ: дорад.
[14] МИ: тарбияти лутф.
[15] НЛ: Баъд аз ин: даравдӣ.
[16] МИ: фард.

Ҳар дам дар думи он ғарибони Ҳиндустон дарнишастаанду дамодам парешон мераванду бар эшон мегӯянду иборати бароати хеш пеши эшон арз мекунанд ва аз он ҷо, ки ҷасади пурҳасуди эшон аст, мехоҳанд, ки фасоде ангезанд, ки кори он ғарибон касодӣ пазирад. Аммо ҳам эшонро зиён дорад, ки розиён масали бисёр гӯянд, ки *ал-ҳасуд ло ясуд*[17]. Ва гуфтаанд, ки ҳар кӣ (7) касеро суд фарсуду аз ҳар кӣ диле осуд, зиҳӣ суди Худованди таъоло ба беҳиву ба мунҳӣ шоҳиди ҳол аст, *ва кафо биҳи шаҳидо*. Ҳам бад-он қаҳҳоре, ки *ъан ъазобӣ ташдид* ташдиди ӯст бар бадон, бидон, ки шадид азобе мераваду бар он биҳиштиён аз он муште забонии дӯзахфеълеву забоне. Аммо акнун малики муъайян муъини ҳоли эшон[18] шудаасту дар дафъи ин ду-се мухолиф, ки чун мухи алиф печ дар печанд, мекӯшад. Раиси Мозандарон боре амали музабия[19] барад. Бурду рафти фардо ба сабаби амали оби ӯ рехта хоҳад шуду гирди ин ду[20] ёвагард низ фуруд хоҳад нишаст ва он ҳар ду бозориро бо розе тамом сазо хоҳанд кард. Малики муин дар ионати бекасон ном бо худ дорад. Он бепоёни ояндаро яқин аст, ки он ҷо ба карам бепоён хоҳад гардонид. Миёни ин ғурабо надимпешаест, ки ӯро Хурдаки Пашша мегӯянд, овозе борик дорад. Карам, ки боре дар ҳаққи ӯст, дар хазе дорад, ки дар хази подшоҳон ҳам дархазад, боз натавон дошт. Аммо нешаке ҳам биёрад, ки дар он не шаке бошаду на шубҳа.

Дуррафшони шоир рӯзе бар сараш чун барқу тундар даррасид, ки ман борони найсонам. Хурдаки Пашша ин байташ гуфт, шеър:

Назми ту чакон аст, нектар гавҳарбор, (8)
Назми ту чакон аст, нектар гавҳар бор.

Пешонии дуррфишон дар фишони карам хӯй аз хӯйи ғайрат дурфишон шуд. Ҳарчанд тааммул кард, то мули маънӣ аз найи қалам бичакад, пеши он ҳариф ҳарфи ҷавобаш мумкин набувад. Пас аз андешаи бисёр ин байт сабт кард:

Ту донӣ маонӣ, маонӣ ту донӣ,
Надонӣ маонӣ, маонӣ надонӣ.

Малики малаксират Муинуддин, ки муъине дар маънист, мукаррамоти зойида аз ҷамъияти халқу муъини эшон хабар ёфт, ҳар дуро маъан-маъан талаб фармуду маъанвор дар ростои ҳар ду он чи ба сухан рост овардан натавон ба ҷо овард. Маълуми он ройи гетиорой бод, ки бар ҳукми ишорати хос, ки башорати банданавозист, ба қалами ҷорӣ маҷории аҳволи ин тараф арз афтод. Мултамис он, ки моҷарои ҳоли он ҷониб, ки *моҷа роҳ-ур-роҳат ъанҳу аҳёнан камо фӣ-л-баҳр аҳёнан* таҳрир фармояду ин бисоти инбисот, ки густурда шуд, ба дасти суфаҳ чун сафҳаи варақ дар тай овард, мудом мудоми шодкомӣ ба ком бод. Омин, омин.

**Шарҳи таҷниси мукаррар** бишнав. М: **нисбати мантиқ дар дебоча**. Ҷинси таҷнис ба иттифоқи арбоби нутқ анвои мухталиф дорад дар ду навъ: яке том, дувум мураккаб, ки писандидатарини таҷнисот аст, (9) рисола[21] дар китобат омад ва анвои дигар, ки дар ишколи мо ба кор намеояд, коғазро ба вазъи он ҷаҳле зиёда надодем. Монанди таҷниси хат, чунонки: *маркабу мураккаб ва мунфариду мутафаррид ва ҷавоҳиру хоҳар ва аърозу агроз* илзоми онро бе мӯҷибе салб натавон карду беш аз ҳад низ лозим нагирифт. Агар ҷойи далолати маънӣ зимнан мутобиқи иборат афтад, ба расми қадим нигоҳ бояд дошт, чунонки устоди мунтабиқ Баҳои Бухорӣ сӯйи яке аз мулуки мутақаддим набиштааст, ки: номаву ҷомаву ҷоме расид, бӯсидаву пӯшидаву нӯшида омад. Муқаддамоте, ки бад-ин шакл тартиб ёбад, тамҳиди онро аз лавозим бояд шумурду муроот воҷиб дид, назм:

Ин китобат, ки хоси инсон аст,
Гов бошад касе, ки хор кунад.

Аммо чун расми котиб чунон аст, ки дар ҳар санъат қуввати замири хеш ба изҳор расонаму он чи ғайреро номумкин аст, бар хеш воҷиб гардонам, барои исботи ин расм, ки

[17] Баъд аз ин: ва юсавваду ъашшаҳа.
[18] МИ: Ин вожаро надорад.
[19] НЛ: хазина.
[20] МИ: ҳар ду.
[21] НЛ: дар ин рисола.

хоссаи ман аст, ду руқъа: яке арабиву дувум порсӣ дар санъати таҷниси [хат, ки инро][22] таҷниси мукаррар ҳам тавон гуфт, иншо кардам, байт:

То ҳадди камоли ақл гардад пайдо,
Инак, нигар он ҳар ду, ки гардӣ шайдо.

**Бин номаи таҷниси мукаррар арабӣ. Унвон.** Ялхат* билахтин мукриму мукаррам.

***تحميد:** الواحد الواحد القاب القاب حيّثت حبيب أنس انس نفسى يقيس صدر صدر قدره قدرة على علىّ سماء يقبل بقلّ بابه بانه كرم كرم و جوده وجوده تمّ نمّ عرض عرض اعلم اغلم علماء علماً عزيزاعزيزاً يغم يغم ربّنا زبّنا حالنا خالياً عن مّحن محنته محبّة و جيد و جيد تجلّى بحلّى جلالهِ خلاله يعب بعبدِ حيّاً عباداً عبّاداً تقوى يقوى نفسه نفسه بصدق يصدق زاد زاد أجرة آخرةً جال حال آخر أجر نقول تقول (11) عبدك عندك يتم يتّم بيناً بيتاً. شعر:

كريمى كرّ نمى خذه حدّه و جدّه وحده وقراً و فراً.

هذا مذا ثمّ يمّ زور زوّر بينى بيتى بناء ثناءُ لدّى لذى علّو علو تعدّى بعدى على علّى فقير فقير يزرق بزرق برزق ام أمّ فنّ فنن غصنه غضبه نيّته نيته كثير كبير قتل قبل اجل اجلّ اجلّ و مه دمّته قاتل قابل عزّه عزه. (12) شعر:

تراه براهٌ عنّا عنا لعيب لعيب بناء بنا.

اسمع أسمع تعيّبه بعينه هذا به هذا به عدانا عدانا جود جود من منّ حبّه حبّه سيف تسيف عليه غلبةٌ ثمّ نمّ امناً فضل فصل بيّن بين اعزتك اعزّبك حىّ حىّ احيانا احيانا ثبن بيت، عمرك عمرك.

**Порсӣ номаи таҷниси мукаррар бишунав**. **Унвон**. Дар дари Мавлоно мавлоно зуд равад. **Зикри ҳақ**: малики малики бартар, байт:

Садро садро бихон, бихон зист зи туст,
Гуфтӣ, гуфтӣ парер дуруст дуруст.

Олими олам Зайд, *зайид ъиззаҳу ъизза шараф*, шурфи таҳиёт ба ҷаноби ҷуди худ аз задаи озар даҳи меҳнати муҳаббат пурнур мақтули мақбул фармояд, (13) фарри мо ба достони остоннасаби туст. Арзи аразе киноятi китобат ин, ки инак Рашида расида, хабари хайри аҳиббо эҳё кард. Гирди хонҳо ҷонҳо руфт рафт, пагоҳи нигоҳи нома то маҳи хабарӣ чизе пора-пора мабулайсе бинависӣ, пайки нек бидавонӣ, ду шабе дӯстеро робита бинеҳ. Чун хуни басти туст бар вай бираві, ҳаққо ҷафо наёрӣ, ба нозе дагои дуое биситон. Пистони ноз ёри туст, ба шаби базм нармтар бар хеши хешгар гармӣ медонӣ, донӣ гаҳе-гаҳе бирасӣ, пурсӣ то бо ниёзе наёрӣ бараш бирас, байт:

Ба пое биёӣ, ба поше бибошӣ,
Нисоре наёрӣ, суботе наёрӣ.

Дигар зикри ин, ки инак ҳоли хол нек тунук бигашт, ба гашти абкоре инкоре наме намедавад. Дуди оз аз по то тораки нозуки ҷавонӣ хоне хост, чошти ӯ шаби ӯст. Беҳӣ тиҳирӯзе беҳ на ба рӯй бар вай чизе хабаре, боре ёрӣ кун, кун хайран хубзан бифазли тафаззул. Донам доим май менӯшӣ, нӯше ба ёрӣ ба ёре бирасонӣ ба ҳунари беҳтар. Чун хуни инаб айб нест пешат, май меҳӯр. Ҷаври даври дур дар дуррпошӣ бошӣ, ба дили базлноки поки мукаррам мукаррами заман зи ман ёд бод. Омин, омин!

**Ҳарфи севум** дар санъати тасҳиф*. **Нисбати мӯй ба дебоча** нигар. Чун шуарои борикбину мӯйшикоф, (14) аслаҳа-л-Лоҳ шаънаҳимо, миёни таҷниси хатту тасҳиф аз сари диққат фарқе пайдо кардаанд, ки таҷниси хат ду лафзи мушобеҳ бошад, ки ба ҳаракоту нуқот бигардад, чунонки ҷаъду ҷуғд (جعد و جغد) ва хаму хум (خم و خُم). Ва тасҳиф он бувад, ки як рӯй ба ҳиҷо кашад, чунонки: ёри ту мӯсидараҷа, този ту Мӯсӣ дар чаҳ. Ва котибро дар ҳар ду сурат намудоре воҷиб. Пас, чун рисолаи таҷниси муваҷҷаҳ дар хат омад, ба ҳукми илтизом рисолаи тасҳифро низ бар сафҳаи иншо овардаму ба исми саҳифат-ут-тасҳиф мавсумаш гардонидам. Чун дар ин мӯшикофӣ иборати пухта думӯй шудааст, ваҷҳе аз нури маҳосин мунаввар гашта, ваҷҳе дигар аз зулмати мақобеҳ музлам мондаву ҳар ду ваҷҳ мӯҷиби истиғфор, шеър:

*فَيا صَفاحُ مَزمومُماتنا الصُّفحُ      بِمُصحفِک الكَريمُ مُصحَفاتى

**Номи нома саҳифат-ут-тасҳиф**. Ҳабибуно бизотиҳи маҳдум муқирр-ул-ъизза фи-л-айём [Хабисано бизотиҳи маҷзум муфир-ул-ъибрат фи-л-аном][23]. Маҳдуму бародари азизи гиромӣ Ҷамолуддин, мақбул-ур-Раб, аломат-ул-файз. [Маҷзуму бар озаргари уммӣ Ҷамолуддин, мақтул-уз-заб аломат-ул-қабз, фард:][24] Нари нарону ҳурри ҳуррон некасл,

---

[22] Таркиби дохили қулоб аз НЛ ва МИ оварда шуд.

[23] Аз МИ оварда шуд.

[24] , [24] Дар МИ ва НЛ омадааст; матнҳои дохили қавсайни монанд ба ин тариқ ҳам аз ҳамин ду нусха оварда шудаанд. Дар нусхаи асл ба сурати зернавишти матн оварда.

пушти заман, бартари хулқ ба насаб. [Бузи бузону хари харон нангасл, пасти заман ба зери халқ ба пушт][25] (15)

Ҳамида дар Ҷиддаву шер газида, ҷалиси фаррухбахш муаллими муқайяди баҳина. [Хамида дар хандаву шутури газанда, халиси фарачнаҷас муаллими муқайяди беҳина.] Дурустгирони маъниазиз, ки гузидаи раҳмат бод, ба бузургии бузургон. [Дурушттирони маънии ғариз, ки газидаи заҳмат бод, бузургии бузургон.] Инда-л-ъибод зубдаи Зубайда таҳияти дуо арз мекунад. [Инда-л-ъинод рандаи зананда ба хубсу дағо арз мекунад.] Он ёр ин маънӣ бидонад, ки хабар бо хайр аст, ҳабибон бо маваддату сукон. [Ин маънӣ бад ояд, ки ҳайзи ночиз аст, хабисон номаваддату сагон.] Растаи муҳаббат зи бас, ки орзут мекунанд, нигарони рӯят, ки ғарраи фараҳ аст. [Риштаи меҳнати риш, ки арзут мекунанд, бигирони рӯят, ки ғурраи фараҷ аст.] Гаҳ-гаҳ мебошанд, то гаҳе он гардун маҳал ёд орад. [Каҳ-каҳ мебошанд, то каҳе он каздун мухилли ёд орад.] Сари борониву беҳини баҳин бар шарқии батни баланди баландмардӣ. [Шарри нозоневу таҳини баҳин низ шарафе байни баланди палиди мардӣ.] Тақрир кардааст, ки ба муҳайё мебошӣ, (16) боре бад-ин маонӣ маҳрами кистӣ. [Бақрез кардааст, ки ба меҳно мебошӣ, тозе бад-ин маонӣ муҷрам канаштӣ.] Нозукон дам ба дам ишрати нав ба нав, бодахӯри хуриш бад-он нисбат. [Торукон дам ба дам асрати ту ба ту, бода ҷури хушу бад-он бистат.] Кӯри пурборони ҷомҳои тозанӯш, хаме батан ба як нисбати зерин. [Кӯзи шертозони ҷомаҳои порапӯш, хаҳе байн нанги нисбати зерин.] Ҷарони ҷаҳон насаб ба насаб ба некмардиву зеби рӯшании ҷонҳо. [Харони ҷаҳон пушт ба пушт ба нанги мардиву зиннати рӯйи хонҳо.] Ба туст тани мушаррафи маҳдумӣ баланд, ду гун аст, шакке нест гар нек. [Ба туст буни машриқи маҳдумӣ, палиди ду кун аст, саге нест, ки нанг]. Асл чунин гиранд. [Азл ҳанин габранд.] Байт:

*خانه خلقی و بحلم کهی　　به علوم است کبر در کونت
خایه جلقی و به خلم گهی　　به غلو ه...ت کیر در کونت

Некии нафсат нек нек аст, туӣ нек неку баҳ баҳ ба тан бин, тан бо дилат. [Тангии нафасат тунук тунук асту бӯйи танг тангу таҳ таҳ бин ба тан, бун бо зилат.] (17) Бодот ганҷи наййирони дил; басари туро дӯст ба дуои некмардон сабзадам. [Бозот каҷи наййирони зил; писари туро ду шаб ба дағои некмардон супурдам.] Вазни гуфторат ба тарике дуздидаем, ки ба банд гиранд, яқин донам он. [Ва зани кафторат ба зарифӣ дуздидаем, ки ба банд гиранд, ба фатани доими он.] Бузург бад-ин ҷаррот бибахшаду то айб нафармояд, ки гаҳ гаҳе хабар бифиристад. [Бузург бад-ин харот бибахшаду бо инти бақар монад, ки гаҳ гаҳе хабар бифиристад.] Ё Раб, давлатат зиёд. [Ёрат, давлатат занод.]

**Ҳарфи чаҳорум** дар санъати қалб*. **Дебоча ҳамон нисбати қалб** аст бихон. Рақами қалб, ки мақарри қалб тавон гуфт, ду шакл дорад: қалби баъзу қалби кул. Мақлуби баъз агарчи мақбул намояду қабули қулуб дорад, валекин чун дар он лутфе нест, дар истеъмол лойиқи қобили ин тарз набувад, магар ҷойе нодир ояд. Аммо қалби кул касеро тавонад овард, ки молики калом бошад. Ва дар ин санъат агар ҳама калимаест дар қалби нома, ҳамон басанда (18) бувад, тасарруфи қалби комил бояду фурсати тамом, то ним сатре аз ин бар тарс тавон кард. Ҳарирӣ қадре, ки дар қалби дарво буд, овард, аммо он тамом арабист. Котиб дар ин руқъа, ки[26] манзур хоҳад шуд, арабу аҷам ҷамъ кардааст ва аз он ҷо, ки ҳавли қалб аст, байт:

Лавҳворе бинвиштааст равон,
Инак, он лавҳ ҳамин аст, бихон[27].

**Руқъа дар санъати мақлуби кул**[28].

تکلمت ملکت تکلم تملکت، یفیض سوسی سوس ضیفی ینعمم رحبت نفسی سفن تبحر مغنی زاید معان و ناعم دیار.

**Руқъаи қалби кул ба порсист**. Манам молики такаллуми боло ба мулкати калом. Манам булбул, мурод ба лаб дорам. *Лаб-лаби нами килкам анҳори роҳ*, номи килки ман мидоди фараҳ ба ҳарф дорам: (19)

---

[26] МИ: котиби руқъа, ки.
[27] МИ: Танҳо мисраи дувум ҳамчун як мисраъ мушаххас шудааст.
[28] НЛ: Ъ: руқъа бин дар санъати мақлуби кул.

Обе зи килки зебо, ман нозанин з-онам,
Ороишаш, ёро, ором килки моро.

Аз ройи камин дидам диди пайки ёрро, марвориди килк дер овардам, доби каломро килк бо мо ба гили кори молик бод.

**Ҳарфи панҷум** дар санъатҳои нуқат*. **Дебоча тамом нисбати санъатҳост**[29]. Санъати рақтову хифо ва манқуту ғайри манқутро, ки ба ҷинсият қариби якдигаранд, дар мактубот бар тариқи санъатҳои диғар, чун иҳому хаёлу таҷнису тасҳифу ғайри он кам истеъмол ёфтаем, магар он, ки алоҳида нома ё руқъа ба илтизоми ҳар як дар қалам орам. Чун котиб дар бештарӣ аз маснуот ибдоъи ботини хеш зоҳир меғардонад, ночор чаҳор руқъа дар ҳар чаҳор санъат ихтироъ бикард, то мусаннифони маҳвасро, байт:

Шавад аз хавзи ин ҳар чор таркиби сухан комил,
Чунон, к-аз чор унсури сиҳат таркиби инсонӣ.

*Руқъа андар санъати рақто нигар.* Зикри Ҳаққ. Иннаҳу насир мо насиҷа ғофирно ё насир, ё қавӣ, шеър:

*ابا فاضِلُ تحیا ترى مِن صفحَةٍ     رَقَمتُ كَذا نُطقاً بِمِثل نعيمِ

Аё фозили заман ва ё нозими фатан ва ё қобили фасеҳ, ба иборати мушкбӯй миёни офоқ он муғлақи саноеъ[30] туй, ки аз мантиқи ҳунарӣ об аз сафо ҷӯй. Симбаре аз асари зот исисифоту шуъбатару тоза биҳиву бартарӣ сиву як қарн мутаматтиқ бош, ба ҳаққи сайидино хотами Фурқон ва зурриётиҳи. (20)

شرفا شرق و غرب و يمن عظم شريعته بمتابعة‌ته فان هذه تحف و جدت من رب و بر قديم برى من الصف. شعر:
*     انصف ايا ذاقوّة بطبعى اذا     قوى صنايعُنا باقوى صُنعَة

Барбасти санъатам ба дидан месазад, аз он ваҷҳе, ки рақам ба рақам бар насақи мантиқи афозили қадим ё ҷадид нуктаи бартаре, ки дидам, ба мутобаати он мунсифони сафо як хатте ё зойидтаре, ки мухи ақлӣ бошад, бал ҷони унси нофеъи хушмазза, на ноқуси талху турш, аз табъи чун оби абр бо зоти наимзою замири пуртуҳфаи бадеҳиву зеҳн табарзад бошам, бояд шуд, назм:

Бар туи китоба зари шоиста задем,
Боиста ба табъ шуд, чу боиста задем.

**Руқъа андар санъати хифо нигар. Зикри Ҳақ(қ).** Аллоҳу ғанӣ кулли ғано, назм:

*صَلاحُکَ زَيْنٌ إسمَکَ بَينَ دَهرٍ     فزَيْنَ كُلَّ بَيتِ مَدحٍ زَيْنٌ

Имоми нақию-л-умам, тақию-л-уламо, бахтат-ул-киром, хазинату-л-ъилм, зайну-л-мулк Шайх Муҳаммади Хутаниро, файз олиҳи, бахшиши олам ғайб диҳод. Ҷайши суъадо пеши адӯ шаке дур, бибанию-л-Лоҳ, ҷазб карда, шағаби волонаҷиб Аҳмад бахше дар пеш шуда, ҷаннатосо ҷабин суд, шеър:

*يَفيضُ دُموعُهُ فى وُدِّ زَينٍ     وَ فَضَت روحُهُ فى طولِ بينٍ

Муроди нақши мусовадат чунин ки з-ин сӯ шайхи (21) олам, сиққат-ул-мулк, зайну-л-Лоҳ, байт улуҳу, пеш дар байти мулки Муҳаммаднишин ба шаб омад. Бахти ӯ байни умаро тахти волошафқат карда, шаш деҳ бахшиш дода, панҷи саро низ, балки зинат ҳам, байз-ул-Лоҳ ҷабин салоҳуҳо, ҷуфте оварда, чинии се ҷуз сода чизе дирами пешин сикаи Ғазнини меҳрнақши Маҳмуд пеш оварد. Ғазанҷии муҳаррир хубс карда, беш овард. Неше муҳкам Наҷиби саъд тафт дар пеши муҳаррири хабис омад. Тафтиши ҳоли хубс карда, бахшиш дар ҷайби муроди сиқат-ул-мулк беш дода, набишт, ки чизе диғар низ диҳад бе ваъда. Яқин, ки беҳад шафқат дорад, чунинки Шайх се шаб дар пеши малик хуфт, дар пеши малика низ. Муҳаррами Ғазанҷӣ муҳаррири зайқ-уд-даҳр, ҳабба умраҳу, чин дар ҷабин карда, тафти ҳол пушт дар Шайх овард, байт:

Яқин, ки пухтани савдои зишти мардуми тафт
Ҳавои нағзи дили нағзро шаб орад шаб[31].

---

[29] Ин ҷумла аз НЛ оварда шуд; дар ду нусхаи дигар нест.

[30] НЛ: мантиқи саноеъ.

[31] Ҳудуди ин байт ва байте, ки баъд меоянд, муайян нашудааст.

Аҳволи сиқат-ул-мулк Шақӣ дар шаққи килки тезгом ба нақш омад. Зайн-ул-мулк низ ҳолҳо чизе дар набиштан орад. Набиштанӣ, ки пай дар пай расад, яқин, ки нақши дили Нахшабӣ гардад. Набиштани сутур шаби аҳад, панҷуми муҳаррам, фи-л-Миср, назм:

Садршин, ҳамвора теғи илм зан,
Умр беш, ислом низ осудатан.

**Руқъа андар санъати манқут бин.** (22) **Таҳмид**. Ғаниятӣ яғтийин.

يقنى بثيت بيتهى بيتى نحتنى جى حنبتّى تجنّ زميبى زنيت عنينت. به چنين بخت پيش نشين تخت پشت جيش نجيب ختنى پيش بيش بخشش غيب جفت پيش بيتى نجنت نجّى غُز غَز غزنجى بيش بنت نقش جنين نبشت. بيت:

بى چنين نجيب بخشش بخش    تيزى نيش تيز بين به تنش.

فيتقّ جيبهٔ جبّهٔ يحنبى فى بيتى تيشفنى يقن بجينى بيتى يتشفى غفب غزنّى بشينى. تيزى بينش بين ختنى بيشست، زنش به زن شبى پنج شش زن بى جفت غريفتيش به بيت جفت پيشين خفت جفتى جفتى زشنى بيت زين زنى زنى -خبيثى غيبت شب به شب جشنى بنت بيت جفتى تنش ز بيتى زينتى نغزى غز بيشش بزى تبزش زن غزيز بينى بيش بين نيش به تيغ تيز بزن. بيت:

بنيش بختى نقش زن غز    ز زينت نيز نقشى بين بيزش.

نقيب نقش بين شب نقش بينى زينت بنت شيخ نخشبى نغز نبشت. نقشى به زيب بت چينى، نى نى پشتش چبين بت چينى. نبشتن نقش چيزى ز بى جفتى چين پيش زين جشنى نبشتى. زنش پختنى ز پيش بينى زين چشتى به نخشبى چنين نبشت. بيت:

نقيب نقش بين چت نقش بى چيز    به پختن تُف زنى چيزى بچش نيز.

بزى جفت بخت بنشين پيش تخت تنت شب خيز بينش تيز.

**Ғайри манқут аст ин руқъа бихон. Зикри Ҳақ(қ)**: ҳува ал-малик, шеър:

علاء الملک اعلاک الا له    و اعطاک المراد (23) و ما سواه.

در درگاه ملک عالم عادل علماء الملک حسام الدوله ملک ملک الامراء والکرام حارس اساس الاسلام حمّاه الله عمّا کره هوادار واله موله ساعد سعد عطا که دود داد در دل دارد در دود سلام اهل و لا مع الدعاء الصّالح ادا کرد و حالها را علم داد که امور ما وصول مراد دارد و عطا و مکارم کرام عهد الاحد و احصا در در آمد و اهل علم و عمل آسوده حال و اسلام معمور و اودّا مسرور و اعدا ما سورا عدل الامرا صلاح الدوله عادل ملک ادام الله علوه در دهر داد عدل عمر داده در مدارس علماء علم علم و الا و امام اوحد الولّه عمره و اصلح اعماله همواره در درس علوم معلوم و محل صلاح کور عمامه علم او اهل عمامه را مملوی علوم کرده و ادرارها در رسد و ملک الکلام صاعد علامه را دارای عالم درود مصرع ده ده صله داده حاصل همه دلها آسوده و مرادها حاصل. ملک الملک دارای عهد را که اسلام در سایه او مدار دارد مدام دارد: و اعداه هام و اموال سام.

**Ҳарфи шашум** дар санъати тарсеъ. **Дебоча** ба **нисбати ҷавоҳир**. Санъати тарсеъ агарчи зевари харидаи сухан аст, сарриштаи он силк низ аз ин нашр гусаста аст. Аз он рӯй, ки агар дар ороиши мурассаъот кӯшанд, нигоҳ доштани ҳулияи нисбат мушкил бошад ва агар хоҳанд, ки ҳар ду пироя дарёфта рост кунанд, ночор ҷавҳаре, ки дар маҳал нишинанд, ба такаллуф бибояд нишонду зеваре, ки чунин созанд, чандон зебоияш набошад, рубоия:

Пас, гар афтад мурассаъе бехост,
Беҳ бувад в-арна з-он (24) бибояд хост.
К-андар он ҷо, ки лаъл бояд шонд,
Ту зумуррад ниҳӣ, набояд рост.

Шеър: *رحِم الله صانعاً فطناً    جوهراً فى محلّه وضعاً

Ин сухан дар дурнишонии мактуботест, ки гавҳар озмудани он аз нисбате дигар бувад, аммо дарёдиле, ки хазинаи замираш аз ҷавоҳири латифа лаболаб аст, агар хоҳанд, ки барои изҳори нафойиси ботини хеш алоҳида нома ё руқъа ба санъати тарсеъ биёроянд, он далел бувад бар камоли табаҳҳури ӯ, чунонки котиб ба ҳарорати тафаккур лаолии арақ аз пешонӣ чаконидаасту лаълу ёқут аз хуни ҷигар берун рехтаву нома чун наттоқи хусравон тарсеъ карда, ки дар савғу санъати он, назм:

Ҳам бимонад хира чашми ҷавҳарӣ,
Ҳам шавад бекор сози заргарӣ.
Будӣ ин тарсеъ байте ё хате,
Ман набиштам нома пур дурри дарӣ.
Инак аст он нома, ҳон, бингар тамом,
Лекин инсофе бидеҳ чун бингарӣ.

Нигар, **ин аст номаи тарсеъ. Зикри Ҳақ(қ)**: ал-ҳаннон ва-л-маннон, байт:

*اعطاک ربُّک یا زینُ الورى نعما    اتاک لبُّک یا عینُ العُلى حکما

Имоми муаззам, аъзами ҳумом, мукаррами акрам, хайри идрисамал, найири бирҷисмаҳал, ҳокими воломақом, ҳотами дарё, уломи шаҳоб-ул-миллат-уз-зоҳира, нисоб-ул-давлат-ул-қоҳира, марҷаъ-ул-фуҳул ва-л-аҷалла, манбаъ-ул-уқул ва-л-адилат, шеър:

*ابّدَ الحلیمُ بیانَ حلمه    و ابّدَ العلیمُ (25) بیانَ علمه

Дӯсти нағзвафо, пӯсти маъзи сафо, насири ҳусни ироқӣ, асири миҳани фироқӣ сари бандагӣ дар пойини остон ба ҷондиҳӣ фурӯ карду бари зиндагӣ бар ойини ростон аз он меҳӣ[32] накӯ хӯрд, маълуми он ягонаи озоди зоду мафҳуми он бутонаи обод бод, байт:

К-аз ёварии қадири сонеъ
В-аз доварии замири[33] қонеъ -

аҳвол бо маймунию фирӯзист. Ва иҷлолро афзуниву беҳрӯзию аёдии маҳдум мутавотиру аъодии маҷзум мутақотиру эҳсони шоҳро дар кори раъоё риояте комилу искони роҳро дар бори бароё ҳимояте шомил; ва Низоми Ансорӣ амири мамолику Қивоми Булғорӣ асири маҳолику Зиёи Шомӣ аз султон зар ёфтаву Баҳои Ҷомӣ аз фармон сар тофтаву ёди он ҷони фазл дар шаҳр вирди даҳонҳову доди он кони адл дар даҳр гирди забонҳо; ва аркони тахт гардунсою аъёни бахт маймунпой; ва ризои атохӯӣ бо давлату умарои ғазоҷӯӣ бо савлату афозиле, ки барбастаи бори мулуканду амосиле, ки пайвастаи кори сулуканду ҷамоҳири асҳоб кордору омаву машоҳири арбоб корзору хома доим дар ҳавои он лиқои маймуну қоим дар дуои он бақои афзун:

Чун заррот дар ҳавои меҳр мебошанд, (26)
Хуни каррот бар сафои чеҳр мепошанд.

Холиқи нуру нор дойиру диёр. Розиқи мӯру мор тойиру тайёр. Судани ҷабин бад-он пойи карам, будани замин бар он ҷойи қадам бо вусъати кому меҳтариву комронӣ, бо рифъати номи беҳтариву шодмонӣ. Аз камоли алло муҳинно зудтар кунoду дар ҷамоли аъдо муҳайё руд барзанод.

**Ҳарфи ҳафтум** дар санъати талмеъ*. **Дебоча ба нисбати зар** ороста бин. Муламмаъ он бошад, ки як байт ё як мисроъ ва ё дар наср сатре аз айни арабӣ ва мисли он аз нуқра порсӣ бувад, ё ҳамин сабика дар қолаби забони дигар резанд. Ва ин низ дар забони заргарии мо иёре надорад. Аз он рӯй, ки чун илтизоми ҳулияи нисбат асту мехоҳад, ки зевари дигар низ биёрояд[34], пас боз ба зарурат табъи ваққодро ба дамдамаи дамодам дар иштиғол бояд оварду ҳидати табъро кӯби беҳад бояд дод, то дар дақоиқ чунон рақиқу латиф гардад, ки ду сатре ё ду байте муламмаъ нисбати нақш тавон баст ва чун некӯ бар маҳаки инсоф бизананд, он низ тамвиҳе бошад тифлфиреб, ки дурангӣ ҳама ҷо ба таъйир маъхуз аст:

Кабобин кона мисроъона фиҳи,
Яке холис зи зар, дигар зи нуқра.

Аммо барои баъзе асҳоби мумавватмизоҷ, ки маъзур нахоҳанд дошт, нуқраи коғазро аз оби зар оҳор додаму ду номаи муламмаъ ломеътар аз лавҳи хуршеду моҳ муламмаъ кардам[35], назм[36]:

Нигаҳ кун, инаканд он ҳар ду нома,
Ба сони оби зар бурда зи зар об.
Муламмаъ шарт кардам, лек ганҷе
Ба ҳар як рехтам дурр бину дурр ёб.
Зиҳӣ шоир, бад-ин ҳиммат, ки аз худ
Муламмаъ гӯяду бахшад зари ноб.

**Бин номаи муламмаъу нисбати дурру зар. Унвон**. Ҳаза варақун музаҳҳабун биъайн-ул-маъонӣ ва муламмаъ биламъ-ад-дарорӣ аз кимиёи назари хуҷастарӯйи Айнуддавла арҷманд гардад. **Таҳмид**, назм.

Биҳамди-л-Лаҳ, ки зар мебахшаду сим,
Таъолу-л-Лаҳ, ки гавҳарро баҳо дод.

إنّي رجيتُ عين اللطف درّ الّذي    من يديه فاض بحرُ العين بالله الودود

---

[32] МИ: мухиме.

[33] МИ: беназири.

[34] МИ: Дар ин ҷо нимаи аввали варақи 8 ин нусха ба охир мерасаду биловосита дар нимаи дувуми варақ рисолаи чаҳорум оғоз мешавад, ки охири хати дувуми он мебошад. Аз ин рӯй, рисолаи севум дар нусхаи МИ нокомил аст.

[35] НЛ: гардонидам.

[36] НЛ: абёт.

Зар диҳанд пинҳону пайдо, хешро созад бахил,
Бухлро гӯйӣ муламмаъ мекунад болои ҷуд.

Иксири суъуди саббоғи наҷос-ун-нахв, ситтаи айн-ус-саъодат, ватар бикунуз-ул-фақр, макнуз-ус-сайёдат, зевари сими пешониву пирояи симои нуронӣ, хоҷаи зарфишони хотамнишон, малик-ун-наҷор айн-уд-давла ва-д-дин, азиз-ул-ислом ва-л-муслимин, тоҷ-ул-мулук ва-с-салотин, калиди ганҷҳои кушоду ганҷури хазинаҳои мурод, махзан-ул-алтоф ва-л-эҳсон, маъдан-ул-макорим фи-л-арҷоъ ва-л-аркон. Дӯстон чун ҳуруфи сими пайваста бо ҳам пайваставу душманон (28) чун нақши зари бегусаст аз ҳам гусаста, биман ҳарама-т-тибру шаръан ъала зукури фӣ-л-ислом литаҳлиятиҳи. Мухлиси холисақидат Шамси заргар, ки хоки устони давлатро ба нархи гӯгирди сурх мехарад, ямассу нуқрата-л-ваҷҳи ъало суддатика ка-н-низори ъала-л-маҳакки муламмаъан биламаъот-ил-ъайн.

Ва дебочаи мақсудро лавҳ ба лавҳ бар ин гуна гузориш мекунад, ки бииъзози ҷамъ-ул-аъиззаги ка-л-ъайни фӣ-л-ъиззати ва-л-аҳиббои маъа-л-ҳабои ва-л-аъдои маъа-д-дои. Шодмонӣ ба остинҳо чун ҳоҷат дар мол овехтаву ғамнокӣ аз дилҳо чун аз зар гурехта ва заҳаба ъанно куллу ҳузнин ка-з-заҳаби ъала-л-музаҳҳаби илло ҳузн-ул-ҳирмони мин ниъмати рӯъятика-л-муборакат. Сониъе, ки дар вай девона занҷири мавҷро нуқра мегардонаду дар баҳор гоҳ симобро симоби фаррор, башшарно битилка-л-ниъмати башоратан ъоидатан биҳусул-ил-амвол-ил-мутаволияти ва яссаралано биҳо фарҳатан шомилатан бивусули-д-дурари-л-муталолияти. Маълуми ройи Хоҷаи ганҷпош бод, ки музориби хос динори заркӯби возиҳан рақаму-д-диёнати ъало ъиззатиҳи кахитоби-л-хилофати ъало ваҷҳи-д-динори аз ҷониби Фирӯзкӯҳи сияҳкӯҳ савдое суди бениҳоят карда, ҷоа биҷабалин мин заҳабин ва физзатин ва садафин мин дурарин ва марҷонин ва ъаламин мин (29) дебоҷин ва ҳариририн. Ҳарчанд ранҷи бисёр дид, аммо чун фуруд хондем, тамом рубҳ буд: васф з-ин бештар занах бошад.

.اذاً الی خزائنک الموفّرة و خزنتک الموقرة بذلک الوقر و فرّ من تحاسد من النّاس الیک

Чун ба ҷиҳати кори махдум динори худро аз тариқи ҷунна сохта буду дар шаҳрҳо гирд гаштаву бисёр кӯфтагиҳо бар рӯйи ӯ расида, اذا دخل عند کم ینبغی ان تعزّه کالعین فی العقد و لا تردّه کدینار فی القلب. Ва чун дар Шому Мағриб сиккаи равоҳи ӯ собит шудааст, бо моли хаттир сӯйи саводи Ҳабашаву Шом ба савдо равон карда шуд[37], байт:

حتّی یعودُ معُ الرّیح الکثیرِ الیَ ابوابکُم وُ یُریکَ آثارَ نیّةْ

Дигар арза меафтад, ки Зайни Кимиёӣ чанд морак зар оварда, дар дурҷе мисмор кардааст ва تلک الحیّات لدیه حیات ابدیّته و حیّات خالدة لا بل کل جانّ منها روح فی بدنهِ و من مارا الیه مارا. Ӯро мори сияҳ медонаду газида мешавад, чунонки ба сад афсун фароҳам намеояд ва اهتزّ بالدّلال علی تلک الحیّات کالحباب علی الماء والحیّات علی التّراب:

На расми одамӣ, бал расми морон асту мушон ҳам,
بمسّ وفاین عاشوا و باسته:ا عها ماتوا (30)

Ҳамаро маълум, ки мор дар замин хоксор бошад, балки хокхор ва чун хокхор ва ما داک الّا لانّه یحفظ الکنز و یا کلّ التّراب و فرّ من الفارة. Агарчи ин кимиёи мудаббир аз матрид, ки падари матруки хеш моли беш аз он дорад, ки فی الدّمار مار و فی المعاون عین مع هذا дар дамидани кӯраи кимиёӣ анфоси нафисаи умрро ба бод медиҳад و لم یحصل من طبخ عینه علی طبخ العین. Биноён донанд, ки зар дар айни ақл хоки рангин асту ҳар киро ба чашм даромад, хок дар чашмаш андохт ва аз они дигаре шуд فیا اسفاً علی همّة رتّب تبراً و هو ترب تبرّ عنه العاقل و تبر منه الغافل. Сиккаи дурустро зарб бар қафои нуқра лойиқ буваду сиккаи кимёгаронро зар бар нуқраи қафо اذ لیس من العقل عقد الفضّة فکیف عقد الزّبیق. Кимиёи мардум бахт аст, ки бе миннати оташ ҷумла зарҳои пухта қурс ба қурс дархӯри бахтиёрон мегардонаду иксири السّعادت العلم و ذلک لدی علماء الدّین و ترکوا العین فی نعمان و اخذوا عین العلم من نعمان. Ҳар киро бо кимиёи маънӣ масос шуд, аз нанги мис ос кардан кимиёи бемаънӣ бо зар аст ва لکنّ هذا شان رجال یتروا من مزخرفات النّفس: (31)

На кори оташангезони пурдуд,
Мис андар зеру бар боло зарандуд.

الذّهب محک المرء کالحجر و محکّ الذّهب. Ҳар киро наздики зар санге нест, наздики биноён иёре надорад, عیار النّضار علی الصّخر و عیار القلب عند النّضار. Озмоиши зари сурх ба санги сиёҳ асту озмоиши санги

[37] НЛ: равон мебояд кард.

сиёҳи дил ба зари сурх, اهل الملال ليس من النّهى اذا لم يحصل من الامال الّا صورت المال و من طلب مالا قطع راس آمال. Ҳар чӣ аз ин бобат гуфта мешавад, дар замири ӯ чун дирам дар дили ҷавонмарду карам дар синаи бахил ҷой намегирад ва هو مصرّ على مضرّة و بحسب المال يكاد يلتقط سعاع العين و عين الشّعاع من الارض فتاب النّور عليه. Банда Шамс, ки араќи заргарӣ дораду рӯзгор дар ин тамвеҳот гузаронида, ما راى امثل هذا حريصاً صريحاً فى ذوّبان الاكسير نزيب جسده المذيب بالتّحليل و التّكسير. Чун аз сарзаниши мо монанди алмос аз оҳан намешиканаду душманон ҳам захми қалъе меоранд, قبل ان يخبرى يقلب و يوفذ بين القلّا بين وجب على حُسن اشفاقك فى حقّه ان تداركه. Ва фармоне гармогарм ба гармии тамом, ки оҳанро об гардонад, сӯйи он симсӯзи нукрагудоз фиристод[38], то аз он сӯзу гудоз боз ояд ва يشتغل تجارت البحر بتجارب الحبر و يزكّى المال بزكاة المال. Чандон бар куниш дар кори (32) зар рӯ намояд, ки дар корҳо аз рӯйи зару дар зарҳо аз рӯйи кор, ما آب ذالک المموّه الّا بامر يصدر من درج كلامک و دُرر اقلامک. Сиёҳтоб кардани нуқратоби коғаз сӯйи он сияҳкор айни маслиҳат аст, لعلّه يتوب من تلک الحرف و فرح قلبنا بانحرافه من حرفته, байт:

Ту з-он қалба бурун орояш, к-афтад нуқра чун дар мис,

Ҳунарманде заргар бошад он, к-аз вай бурун орад.

Арзано عرضنا حالنا فنلتمس سفراً يليق بصفر وجهنا بضمن خلوص الاخبار. То савғи аҳвол аз ҳарими ҳурмати ҳаррӯзаву ҳармоҳа ҳубба ба ҳубба дар тарозуи илм санҷида шавад ва و لا يخفلى مثقال ذرة حتّى يصفى حدود قلوبنا من اصدار الهموم، انّ شاء الله الصّانع, байт:

Дуо тоҷи сар асту омад, инак, бар сари нома,

Бар ин бас шуд, ки набвад савъи мо тоҷи дуоро ҷо.

Мин заҳабин юктабу торихуҳу. Яъне, хафсад шудаву ҳафт ба сол.

Бин **номаи муламмаъу нисбат ба ихтилоф. Унвон**. Фӣ яди ямин-ул-вузаро, муайяд-ул-мулк, азуд-уд-давлат ва-д-дин, дастури чирадасти қодирқалам кушода бод. **Зикри Ҳақ(қ)**: сонеъ Худои мо, байт:

أَقْبِلْ دَسْتِكَ الميمُونَ صَدرى　　　　لِنعل ذٰلِكَ التّعظيمُ قَدرى

То ҳилолро мардумон аз[39] сари ангушт намоянду تطلع الثّريّا مع الكفّ كالسّوار (33) فى الزند, дастгоҳи давлати фармондеҳи замон, дастури дастнишини сулаймоннишон, муайид-ул-мулк, азуд-уд-давлат ва-д-дин, ямини акобир-уш-Шарқ ва-с-Син, панҷашикани баҳманбозувон, Рустами Дастон, марофиқгири забардастони Ҳиндустон маъа соири авсофиҳи, كفّت انامل الفكر عن قبض اذيال شمايلها, ба дастёрии маснади малик устувору дастёрии бозуи бахт пойдор бод. Роҳат-ун-нос фӣ аёдӣ арқомиҳ ва роҳатаҳу язу-д-даҳр фӣ асобиъи ақломиҳи, байт:

Ба уммӣ расуле, к-аз ангушти ӯ

Падидор шуд нақши *нун ва-л-қалам*.

Мухлиси садри судур-ил-изом Музаффар ибни Ғозӣ, ал-машҳур би-л-Ҳисом, ки мимвор дар хидмат камар бастаасту қомати тавозуъро доли бандагӣ сохта - وضع العين على ارض الجناب كما ارتسم نقش العارض على التّراب - сафинаи моҷарое бар рӯйи об меораду бар он дили дарёваш мегузаронад, ки بفضل الرّب و بذى البرّ اُمورنا كدُرر قلمک منتظم الآثار. Ва борони латоифи осмонӣ бар сари ошноёну дӯстон бисёру душманон бе об чун хокхору хунбор, نحمده على ما جاد جود جودٍ حين جواد الرّحا، و جوّاد و جوده عند الفناء عمده.

Мақсуд он, ки Худованд, умдат-ул-мулк, имод-уд-дин, ки чаҳорум пояи тахт[40], اقامه الله فى مقام التّايد (34) ابداً و به كلّ مبانى خيّر ابدا - дар боби шараф-ул-мулк бурҷи хона истоде кард, ки ҳам аз он дуо маҳи рифъат хезад, شادّ ابنيّه مهمّاته و هدم بسرورالسريرة قواعد عسراته. Он бурҷи харобшударо, ки гардун бе санг бар колбади ӯ хишт зада буд ва هو كان كقالب اللّبن خشيته بتربيع النّحوسته و جلس مربّعاً مهرقتدا صرب اللّبان من الاركان, маҳрами рози бузургонаш гардонид, то шарафи бурҷи хона, ки сифр монда буд, офтоби мулкро бурҷи шараф шуд ва اس بنيانه بالتّبر لا بالتّراب و عمر ديوانه بالوارق لا بالورق. Дар ин вақт имод-уд-давла бинобар тағйири ҳоле аз пӯшиши рози ӯ сар боззадаасту бар он истода, ки يخرب مبناه و ما بناه و يهدم مغناه و ناغناه و به كشف نكساه و ما كساه و يدرس مرعاه. Чун маҷлиси имодӣ насабкардаи он мансаб асту муътамадони хосро бар он қойима макнати эътимоде тамом ترتبص اشارة الى العماد لتائيدى ذالک البرج و نشيده عند اختلال الاحوال نشيّداً بالاحوال لا بالاوصال, байт:

В-аз он килке, ки тири осмонро ҷойгаҳе дорад,

Ҳамин миқдор сӯяш аз карам таҳрир фармояд.

---

[38] НЛ: фиристодан бояд.

[39] НЛ: ҳар моҳи нав аз.

[40] НЛ: тахт аст.

Изо اذا عرصت غرساً بالنّوالالنثره بين النّهال و اسقه دايم الايّام بال يتل. То танаи он асил дар сабоҳу равоҳ ба тартиби болиши махдумӣ сарбаланд гардад, байт: (35)

فَطوبى لِمَن يَبقى مِنَ الخير غَرسُهُ          وَ مَن كان مِن ذاکَ الغراس تمتّعاً

**Дигар**, намуда меояд, ки Хоҷа Ҳилол пеш аз ин ҳоҷати Айн-ул-мулк буд, аммо хочибе, ки айн-ул-мулкаш бар сари худ карда доштӣ, لانصار بنور الدّوال حاجبى ذالک العين و جلس بعلوا المحلّ كالحاجب على راس العين. Агарчи ӯ дар расми ҳиҷоб[41] сари мӯйе фурӯгузошт намекунаду қабои ин шуғл бар тани ӯ чунон зебо омада, ки вусма бар абрӯ, مع هذا اليقول الحسّاد انّ الحجابته على الهلال ليست بهيانه كالوسمة على حاجب المحجوب. Азбаски ҳамаро дар чашми мардумӣ ғубори тағйир роҳ ёфтааст, наметавонанд дид[42], احوالت العيون كشفاً فى معايب و عمّيتها فى محاسن بل عين عداء. Хоҷа Айн-ул-мулк аз он ҷо, ки дар хеш мардумӣ дораду биноӣ ҳам[43], يبلّ عينه بنَداوة العداوة:

وَ قد ما قال اَصحابُ الكَمال          بنوُرالعين اكمالُ الهلال

Аммо сироҷи аслӣ барои сӯхтани ӯ чун кӯра оташвор чароғбоя мекунад:

غافلاً عَن عَواصِفِ الحَدَثان          تَطفَوُ السَّرج وَ المَشاعيل

Сироҷро қадаҳ ҳоҷат нест, ҳамин басанда аст, ки халқе оташ бар рӯйи ӯ мезананд, عجب من دنائيت السراج دهن السمسم لديه ماء الحيواة و له باشتعال النّواير بقاءُ الذّات (36) الصّفات. То зинда аст, Бӯлаҳаб аст, магар он, ки бимирад: он гоҳ зариф Бӯтуробаш хонанд. هيجم المحتاجون حول السّراج كالدّود الفراش و يحرقون من لسانه لسان كذا باله بذمنهته اذا سخت احرقت. Малики қабул мегӯяд, ки ман[44] сӯзандаро нахоҳам, ки гузошт, ҳар чӣ бодо бод ва و لكنّ بعض موقديه يقولون هو انار بيوتها يطبخون قدر الرّجاء و لا يعلمون انّ بتيهم مهيدم: ки натвон пухт дигар бар чароғе. Ва агар аз хунукии рӯзгор сӯйи ӯ гурезанд, он ҷо ҳам: сари мо зи чароғ кам нагардад. يطلب الناس اطفاه عن اصحاب الانفاس الذين آثار سرجهم فى احياء اللّيالى ساطعة على السّماء. Аз он шамъи дудмони қалам ҳар парвона, ки бар сироҷ мерасад, парвонаи чароғаш месозад: парвонае ба куштани ӯ тоза кун равон, байт:

حتّى يفوزه الدّود من احراقه  و سعاعه هو فار من لهيانه –

Чун шамъ бимурду сӯзи ӯ кам шуду беш,
Парвона аз ӯ раста шуду ӯ аз хеш.

عرضت عرضاً بصلح العرض فى طول الطّرس سطراً بعد سطر راجياً ان تيعمقّ فيه رايک الصّايب. То агар нуқтае аз мақодири масолеҳи кулливу ҷузвӣ фурӯгузошт шуда бошад, وجب عليک ان تخرجنى من دايرة الخدم و تربنى بسهم بلا قياس. Ва агар саҳме аз арзи ин хат, (37) ки боистатар аз ӯст мар қавсро ба ростӣ бозхонад, дар ҷайби қабулаш мадхал мебояд дод, و لا نظنّه معكوسا مطلقا و اذا تحقّق عندكم احوال الغيبة كليّها و جزويها و ما بقى منها نقطه موهومه. Курраи хос, ки аз хатти меҳвар ростдавтар аст, сӯйи сакани мутаҳҳар, ки инҷониб ҳусни ҳаракат арзонӣ дошт, حتّى رفعت هئيت الحال الى سريرخليفة الزّمان و مدار الدّور و الدّوران. Ва фармони ситад, ки дар басити хоку ақтори замин ҳар кӣ чун қутб сар бар хатти ростӣ дорад, يترک على شكله و من اعوج كالخطّ المستدير يقسّم بالسّهم حتّى اكلّ جزءٍ منه جزو لا ينجزى. То шакли санавбарии дилҳои боқимондагон чун гӯйи маҳзут ба ҳамворӣ боз ояду авзоъи кар[45] барафтад, فيطهر من دايرة ميم منصبک احسن الاشكال فى الخطوة و الرّسوم. Ва даруни гиреҳи афлоки амуди адл чун хатти маъдал-ун-наҳор рост биистад, فيثبت اركان الممالک بهذه القواعد فى كرة الارض كقطبى السّماء. Ва килки хатте хос низ дар маркази давлат то ҳафт паргори собит гардон аст, қоим монад, шеър:

بسشيّة الملک الحكيم العادل          بالعلم كان محيط كلّ عوالم

Байт: Дуо дар садри хат рафтаст ҳоҷат нест такрораш,
Чу омад доира пайдо магардон боз паргораш.

(38) اوركت فى تاريخه مُغ حُكم, яъне, ки сол ҳафсаду ҳашт аст ҳама.

**Ҳарфи ҳаштум** дар санъати иштиқоқ*: ҳаст **дебоча нисбати тасриф**. Аммо санъати иштиқоқ, чунонки муштаққу муштоқ ва ъилалу ъалил. Дар таркиби ин алфоз фикратро чандон сарф намебояд кард, аз он сабаб ки ду лафзеро ҳар кӣ ҳаст, тақрибе тавонад дод ва касеро, ки ин қадар тасарруф дар мизони табъ набошад, ӯро худ алами ин тарз насб набояд кард. Ва чун ин санъат ҷуз тақриби як ду ҳарф ҳол чизе дигар нест, ба ғулӯ намеарзад. Агарчи банда низ пеш аз ин бисёр кард, нуқтаҳо баромадааст, аммо ин тарассул ба зебоӣ мавзӯъ шудааст, ки ҳеҷ лафзе беадабвор мақрун натавонад шуд. Магар

---

[41] НЛ: хиҷобат.
[42] НЛ: ҳилолро, ки наметавонанд бинанд.
[43] НЛ: ҳам ва мо.
[44] НЛ: ман ин.
[45] Нл: каср.

он, ки дар ӯ латифае бадеъ мудғам ё санъате латиф музмар, ё маънии дақиқ музҳар бувад, аммо бар шарте ки сухан аз масодири нисбат иншиъоб ёбад. Ҳар гоҳ ки иборати муншаъиба аз сарфаи муносиб дур афтад: ин тарз намонаду дигар чиз шавад. Боре, санъати иштиқоқ ба ихтиёр намебояд овард, магар бар тариқи нудрат. Он низ агар чунон ояд, ки дар мизмори замир музмар гардад ва дар ин санъат низ номаи мамдуд ба иншо пайваст, шеър: (39)

*الا فانظر رَوابطَهُ لی لفظٍ لَدی لفظٍ     قَریبُ الشُّبهِ کَالعینین و الصّادین بالعین

**Дар санъати иштиқоқ ин руқъа нигар. Таҳмид**: аҳмаду раббо раббонӣ, байт:

Эй ба шаҳр аз карам шуда машҳур,
Умаро зери амри ту маъмур.

Райҳони рӯҳе, ки дар сабоҳу равоҳ риёҳи маруҳаи он мураввахa рӯҳ шаваду роҳи роҳате, ки дар арвоҳу ашбоҳи равоеҳи мураввахаи он мирваҳаи рӯҳ бувад, муҷаллиорои малики мулук-ул-мамолик, азуд-уд-давла ва-д-дин, муғир-ул-ислом ва ағра-л-икром бод. Қадами тақаддум дар макони маконат макину ройи роят дар матни матонат матин, бирисолати расул-ил-Лоҳ ва олиҳи давлатиҳи. Маҳомиди муҳаммадии Аҳмаду ҳомиди маҳмуд хидмат бо хулосаи ихлос холисан ат-таваддуд бе таъриз арз карду доду доди ӯро доду шавқе, ки дилро ба шақи машаққат шаққи шақ кардааст, аз шаққи қалам берун рехту пеши он ройи рӯшан, ки бар намунаи ҷоми ҷаҳоннамой ҷаҳон намоёндааст, намуд, ки аз ин тараф аз тарафи тароифи фазл даво бифазл-ул-ъазим ва баракати ақидаи он воситаи иқди мулук уқуди мурод кушодаву уқуди мақсуд омода, байт:

*وَ الجَدُّ جَدَّدَ أمّهاتِ أمورِنا     وَ النَّجمُ نَجَّمَ اِلَینا بسُرورِنا

Ахас-ал-хос Хосбаки хунук хосаи хеш алӣ ал-хусус ба исми (40) хидмате хассе кардааст, аммо мутаалиқони хасису хасси ӯ аз роҳи хиссати хаскушӣ ба ҷиҳати абраши абрӯши мулкӣ мекунанд. Агарчи малики маликсиратро бахшиш аст[46], малака аст, аммо алорағми муште муштакӣ дарди муштаке дили он абраши дарвозиро аз даруни дарвоза берун намебояд гузошт, то тори мӯй аз он тоторӣ он тунукчашмон набинанд, он маркаби танготанг бо тунук тунука аст, барои ночиз ройгон аз даст додан аз рой нест. Рою-л-ъайн аст, ки зери рояти мансураи носири амир-ал-мӯъминин, *ло золат мансуратан*, масали ин маркабе аз марокиб, ки рукубро шояду рикобро хуш ояд, кам ёбанд, шеър:

*کَانّ الربَّ انشاهُ بعینٍ     مِن النِّیران او مِن نَیَّرانِ

Инчунин тезӣ[47], ки тозиёна бар ӯ ҳаром аст, ба тактез аз даст натавон дод, ки агар дар дод нест, боре ба ҳазрати халифат-ул-хулафо, ки ба хилофи мухолифон ихлофи хилофатро бар вақъи мизоҷ афтаду мувофиқи рикоб ояд. Аз он ҷо, ки эшон воқифи савориянд, дар мавқифи навбат бетаваққуф вақфи майдонаш созанд, то курраи чавгонеро қафо занад, ки касаш “қиф” натавонад гуфт. Банда он чи маслиҳат буд, намуд. Агар салоҳияти қабул дорад, мақбул фармояд (41) вагарна салоҳи хеш маҳдум аз ҳадум беҳ донад. Ҳамеша рокиби марокиб давлату ғозии мағозӣ савлат бод. Омин!

**Ҳарфи нуҳум дар санъати назм-ун-наср***. Мисроъ: **нисбати ҷома ба дебоча** нигар. Ин санъат, ки ҳам назм асту ҳам наср, ба ҷомае монад, ки бофта бошаду ҳам нобофта. Дар ин намат пеш аз ин устод Сӯзанӣ дурдӯз[48] кардааст, аммо ҷуз дар як варақ вазни хафиф боз наяфкандааст, чунинки, байт:

Зиндагонии маҷлиси муставфӣ,
Мушрифи ваҳиди дин-ал-ҷуд.

Аз он ҷо, ки минволи килки борикбофи банда аст, ин руқъаро, ки дар латифӣ аз хазу дебо зеботар аст, ба даҳ вазн баркашид ва чун он устод ин деборо ба китобаи исме алам накарда буд, котиб ба исми назм-ун-наср ҳусни аламияташ арзонӣ дошт. **Арабият**:

*حتّی یَدومُ عَلیَ القرطاس نِشانُنا     هذا اَلطِّرازُ کَالاِعلام عَلیَ الحُلَل

Аз Сӯзанӣ риштатобе беш пайдо нагашт, боқӣ латоифи Ҳарирӣ аз коғази ман рӯй намуд, назм:

---

[46] НЛ: бахшиши асб.

[47] НЛ: тозии тезӣ.

[48] НЛ: руқъа дардӯз.

Гар ту дар ин ҳадис тафовут гумон барӣ,
Инак, насиҷи ваҳд биёву назора кун.

Мисраъ: **ин нома нигар ба санъати назм-ун-наср**. **Баҳри муқтазаб**: мафъӯлоту муфтаъилун фоъилоту мафъӯлун –
Би-*л*-Лоҳи татлаъу шиъра-с-самои ва насраҳа.

**Баҳри хафиф**: *фоъилотун мафоъилун фаъилун –*
Маҷлиси сомии азиз баро -
дари махдуми бандапарвар, то -
ҷ-уд-дувал, сайид-ул-акобир ва-л-
фузало, мафхар-ул-амосил во -

**Баҳри мутақориб**: *фаъӯлун фаъӯлун фаъӯлун фаъал –*
ми тамкинаи бандагӣ ба камо -
ли шавқу тавозуъгарӣ ва ниё -
змандӣ бихонад, пас он гаҳе ба хо -
тири худ муқаррар шиносад, ки то

**Баҳри ҳазаҷи мусаддас**: *мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун –*
аз ин ҷониб ҳама ба маркабу ақ -
рибову дӯстону банда ва чо -
кару колову рахт андар замон
саломат мепӯем ва шукри халло -

**Баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраб**: *мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун –*
қ аз мардуми дида рӯзу шаб ме -
гӯему умедвор мебо -
шем аз карамаш, ки неъмати ди -
дор зи баси чанд гоҳ дарё -

**Баҳри сареъи мутаввӣ**: *муфтаъилун муфтаъилун фоъилун –*
бем. (43) Хулосаи ғарази нома он
к-аз бас оҳанги шумо сӯйи но -
гӯр чунин руқъа орост, Хус -
рав, ки ҳам он назм дуруст аст, бо

**Баҳри рамали мусаддас**: *фоъилотун фоъилотун фоъилун –*
санҷиши мавзуну ҳам насри мурат -
таб фурӯ хону бубин в-он гаҳе ба ҷаво -
бе навис инро, ки натавонад ба о -
лам касе аз ту, ки ин фазлу ибо -

**Баҳри рамали** махбуни мусаддас: *фоъилотун фаъилотун фаъилун –*
рат кунад, ҷаҳд намояд ба таам -
мул, ки ман даъвӣ кардам бо ё -
рон. Умед аст, ки шарманда нагар -
дам дар ин даъвӣ аз иншои фаро -

**Баҳри муҳдас**, яъне мутадорик: *фоъилун фоъилун фоъилун фоъилун -*
вони беҳадду андозаи ин сухан -
сози волои донои гӯёи мо,

**Баҳри ҳазаҷи** мухталиф-уз-зиҳофот: *мафоъилун мафоъӣлун фаъ –*
иншоа-*л*-Лоҳ ваҳдаҳу. Аз баҳри аш -
фоқ он чи хабарҳо, ки аз он ҷониб бо -
шад, зуд ба зуд аз ин тараф бифиристад,
то шод шавам. Хушдилият боду бақо.

**Тариқи назм бидидӣ, тариқи наср бубин. Руқъа**. Би-*л*-Лоҳи татлаъу шиъра-с-самои ва насраҳо. Маҷлиси сомии азиз, бародари махдуми бандапарвар, тоҷ-уд-давла, сайид-ул-акобир ва-*л*-фузало, мафхар-ул-амосил, дома тамкинуҳу, бандагӣ бо камоли шавқу тавозуъгарию ниёзмандӣ бихонад. Пас, он гаҳе ба хотири хуб муқаррар шиносад, ки мо аз ин ҷониб ҳама бо маркабу ақрибову дӯстону бандаву чокару колову рахт андар замон

саломат мепӯему шукри Халлоқ аз мардуми дида рӯзу шаб меғӯему умедвор мебошем аз карамаш, ки неъмати дидор аз баси чанд гоҳ дарёбам. Хулосаи ғарази нома он, ки аз бас оҳанги шумо сӯйи нокӯр чунин руқъа орост, Хусрав, ки ҳам он назм дуруст аст бо санҷиши мавзун ва ҳам наср мураттаб фурӯ хон в-он гаҳе ҷавобе навис. Инро, ки натавонад ба олам касе ҷуз ту, ки ин фазлу иборат кунад, ҷаҳд намояд ба тааммул, ки ман даъвӣ кардам бо ёрон, умед аст, ки шарманда нагардам. Дар ин даъвӣ аз иншои фаровони беҳадду андоза он сухан созад ва ило доно ғӯёи мо, иншо-ал-Лоҳу ваҳдаҳу. Аз сари ишфоқ хабарҳо, ки аз он ҷониб бошад, зуд ба зуд аз ин тараф бифиристад: (45) то шод шавам, хушдилият бод бақо.

**Ҳарфи даҳум** дар санъати мусаммат*: бо **нисбати ҷавоҳир дебочаи** мусаммат. Санъати мусаммат махсус аст ба назм ва тартиби он бар асҳоби назм пӯшида нест, ки як қофияи аслро дар маҳалли хеш низом мебояд доду дугону сегони байт дар миёнҳо ба қофияи дигар маслук дошт. Ин танзим бад-он монад, ки дар самте дугону сегони ҷавҳари якрангро манзум гардонанду мутаоқиби он зумурраде ё лаъле ба ранги дигар ба ҷиҳати зебу зинат даркашанд, то самте ороста гардад. Мусаммат[49] ҳам аз ин ҷо ном ёфтааст, зеро ки вазни шеър ба маҳалли риштаест, ки ҷавоҳири суханро дар вай ба ҳар тартиб доранд[50], парешон нашавад. Аммо дар наср чун риштаи низом дар миён нест, рабти тасмит душвортар мебошад. Аммо агар касе хоҳад, ки ришта-ришта ҳам ба тартиби назму наср рост кунад, мумкин аст. Аммо онро мусаммат натавон гуфт, санъате бошад ҷадид. Банда ин намуна дар силки зуҳур оварда, чунонки ҷавҳариён бииисанданд.

Инак, ин **нисбати самт-ун-наср** аст. Хомаи Хусрав шохи марҷонест гавҳарбор ё мургест донаҳои гавҳар дар минқор; шабаҳ бар гавҳари ӯ пардавор, парда гавҳар бофта аз шаби тор; дар ҷавонмардӣ абри гавҳарнисор, дар тавозӯъ чун мардумм (46) покгавҳар. Дурре, ки аз дурҷи давотам зояд, аз хизонаи дарё бурун наёяд. Агар ғаввоси қалам яке аз он бинмояд, [ҳаргиз ханда аз даҳон садаф накушояд][51]. Бар дасти шоҳон нигин шояду дар гӯши арӯсон зевар. Чун ман ҳаваси ин санъат дар сар овардам, [андешаро дар хазоини фалак даровардам; аз Миррих лаълу аз Муштарӣ гавҳар овардам][52]. Пас, рӯй ба оройиши зевар овардам, ҳолӣ, ки ин мансури мусаммат баровардам, самт-ун-наср ном кардамаш ахтар.

**Ҳарфи ёздаҳум** дар саҷъ*. **Нисбати санъати шеър** аст дар ин **дебоча**. Аз чандин маснуъоте, ки боло рафт, фурӯтар саҷъ аст, зеро ки каломро дар ин санъат қофия кофист, ки агар мухтареъе бо ихтироъи маонии ғариб саҷъе бе такаллуф тавонад, ки биёрад, илтифоте нест. Аммо агар аз ҷумлаи латойифи маснӯъот ҳам саҷъе писанд кунад, қофия ба пой бошад ба маънӣ, назм:

Ногуфта беҳ ар чунин сухан бояд гуфт,
Гар дурр набувад, хас ба ҳавас натвон суфт.

Чун тариқи банда дар ҳар санъат тасаррруфест ба ибдоъу ихтироъ, дар асҷоъи қадим низ чаҳор навъ иштироки хеш лозим донистам ва барои исботи ҳар як назиреву мисоле таҳрир кардам, то [чун дар онҳо навъи ибдоъе ҳаст, ба хусусияти ин тарз мавсум монад, маҳвасони иборати ҷадиду][53] толибони ин навъро саҳифаи таълим бошад, шеър:

*اِن شاءَ مَن سَجعَ الحَمامِ بوَردِهِ     يَومَ النُّوا اَهلَ الوِدادِ يُوانِسُ

Байт:

Эй, ки бар туст (47) килки ҷодукор,
Инак он чор саҷъ, ҳон, бинигор:

саҷъи мураддаф, саҷъи мутарраф, саҷъи иънот, саҷъи мукаррар. Саҷъи мураддаф он, ки радифи дувумаш нонабишта битавон хонд. Мисраъ: ин **саҷъи мураддаф** аст бо **нисбати асб**. Саҷъи мураддаф он бошад, ки рокиби марокиби наср ба ҳангоми оройиши марокиби

---

[49] НЛ: гӯи мусаммат.

[50] НЛ: ки дароранд.

[51] Матни дохили қулоб аз НЛ оварда шуд; дар ин нусха ба ҷойи он чунин омадааст, ки комил нест: ҳарчанд дар даҳон садаф баромад.

[52] Аз НЛ оварда шуд, дар ин нусха ҳазф шуда.

[53] Аз НЛ оварда шуд.

наср бо қофия як ҷо радиф мураккаб кардаанд, чунонки саворе бо радиф қалами бодпоро чунон майдон диҳад, ки ба ҳангоми азимат бар чоҳи Бобулаш ҷавлон диҳад. Инак, дар ин савод Рахши нисбатро сар ба раҳ доштаму ҳам радифро аз хато нигаҳ доштам. Агар носаворе риёзати ин тавсан надонад, аз хеш донад, аз ман надонад, шеър:

Ман инон додам ба ту, гар ту наронӣ шоҳвор,
Тозиёна бар ту бояд кӯфт, не бар роҳвор.

**Дигар**:

Бо **нисбати зин** нигоҳ кун саҷъи дувум,
Саҷъе, ки радифи дувумаш бинвисанд.

Ин саҷъ, ки дар хонаи аввал радифаш гуфта мешаваду дар дувум нуҳуфта, гӯӣ зинест дукӯҳа, ки рокибе дар кӯҳаи пешаш савор асту кӯҳаи пасаш, ки маҳалли радиф аст, бекор. Агар[54] зинҳо пеш аз ин ҳам миёни асҷоъ ягон-ягон андӯхтаанду дар миёни даҳ шаранг як бахяи ширин дӯхта, аммо заминаш дар зери ғошияи ихтифо буду зинат, ки онро ҳам ба сохте сода иктифо на. Он санъате, ки худ сохта буданд, дармебофтанд (48) ва на аз он ҳунар пӯшид, ҷуз тобанда дар дӯхтҳои мастуру дарзҳои астар нигоҳ карду буроқи дидаро дар гузарҳои сӯзан роҳ. Инак, ин намунае чанд чиду алоҳида санъате пайдо гашту зеҳни чобук дар барбасти тунуки ӯ шайдо, назм:

Устод, бубин, ки зин мураттаб бастаст,
Ин бин ту, ки Хусрав мураккаб бастаст.

**Саҷъи иъҷот** асту дар вай **нисбат аз ранҷу шифо**. Ин саҷъи иъҷот асту лузуми мо ло ялзами хубтабъонро ҳам мои маъин асту ҳам Замзам, аммо бояд, ки гуворо ояд, чунонки маъҷуни мувофиқ бар бемору шарбат дар андӯҳу шароб дар тимор. Пеш аз ин низ дар сиҳҳати ин санъат ранҷ дидаанд. Ранҷе на андак, балки афзун, валекин на дар ъасидаи наср, балки дар қасидаи мавзун. Дар наср саҷъи иъҷот ман овардаму ин муфарраҳро ба марвориди манзум ман парвардам. Иъҷот чист? Дар ранҷ андохтан, яъне табъро ранҷа бояд дошт. Аммо он чи аз лавозими инову роҳат пиндоштам, инак ин ҳар ду нисбати мамзуҷ бо санъат нигоҳ доштам, назм:

Гарчи андар гуфтани иъҷот иное ҳам расад,
Лекинат аз ҳозиқон маддҳу саное ҳам расад.

Мисраъ: ин **саҷъи мукаррар** нигару **нисбати зодан**. Ин саҷъ, ки модари табъаш аз маъойиб озод зод, (49) дом-ул-ҳуруфи котиб дарди суханро дод дод, бӯстонест аз навбаҳор ҷавонитар туро, хоҳ аз ӯ гул чин, хоҳ бар, бар мояи зиндагонист, чунонки дар банӣ Одам дам инчунин халаф зояд аз ҳар шикам кам. Санъату нисбат чунон тавъамон омадааст, ки Бирҷис дар шашуми муназзаҳ зеҳ ниҳад, зебад, ки номи ин арӯси акма маҳ ниҳад, назм:

Ин чӣ ҷавонест, к-аш пир хӯрад, рад кунад,
Тифл бувад он, ки з-ӯ то ба абад бад кунад.

**Ҳарфи дувоздаҳум** дар санъати муаммо*: **нисбати дебоча** ҳам **аз таъмия**ст. Ин тариқи муаммо вазъи Мавлоно Баҳои Бухорист, хассаҳ-ун-нур би ъайн-ул-ъафв. Аммо раҳнамунии ин устод беш аз ин набуд, ки ангезиш барои ном мекарданд. Пас он, ки руқъа ё рисола ба муаммо бинвисанд, котиб вазъ карду ин номаро ъайн-ул-уқул ъамалӣ ъаммо ядо биҳуснуҳу барои намудори борикбинон дар қалам овард, то айни муаммои Бухорӣ бад-ин савод рӯшан гардад, байт:

Аз ин дарё бухоре шуд падиду абр гашт аз ман,
Биё ин абри гавҳарбори ман бин, гар ҳаво дорӣ.

Инак ин **руқъаи муаммо** бин. **Унвон**: ҳува-л-басар, рубоӣ:

Эй Хоҷа Садид, қадрат афзун омад,
Вололақабат тирози гардун омад.
Дар зери само дида ниҳодам имшаб,
Дидам лақабат чу моҳ берун омад.

(50) Арабият:

اذا مرّ خلالَ منجنیٍ موجودٌ    مِن دمعی موجٌ مع ودٍّ یبد،

---

[54] НЛ: агарчи.

Ба хидмати Хоҷа Садиди бо диду мавҷуди бо ҷуд, зода-л-Лоҳу ҷудаҳу ва дидаи банда Мӯсо, ки мӯ бар болои сар ба ҷиҳати руфтани он остон дорад, дуо, ки нақши дарун берун намояду чашмро болои об ошноӣ диҳад, мерасонаду менамояд, ки аз ин ҷониб аввали давлат дар сари дӯстон асту охир аз эшон дур ва аз дами дурусти бузургону карами бекамии эшон некхоҳонро дирам мавҷуд аст, байт:

Дар замона карам андар ҳаққи бадхоҳ кам аст,
Ки карам ҳаст, валекин ба миён чизе нест.

Пайки хос, ки пай бар сари кӯҳ ниҳодаасту раҳ накардааст, расиду нома, ки дар дил ҳамон мегашт, расонид, қалби моро ороми тамом ҳосил шуд. Фармон дода, ки агар моро металабад, аз модар дур шавад. Худованд моро аз модар ҷудо шудан мефармояд. Яқин аст, ки модар аз ҷудо шудани мо дармонду Баҳодури домод, ки дурест, бо лойҳои хоҳарон бад дорад, ки агар он набошад, ҳама хоҳарон яке шаванд. Бунёди он бадхоҳарон вайрон кардааст, то хар ҳама бадхоҳ шудаанд. Ин ҳама аз ахӣ медонад, ки ахӣ аз бесарӣ бозгуна шуда, сардӣ мекунад. Пеш аз ин ки ахӣ бо фарри хеш фарохӣ дошт, сад бораш гуфтам, ки аз поёни (51) малики музаффар дур машав, ки бе фармоне некӯ набошад, нашунид. Лоҷарам, нофароз ахӣ бирафт, фарохияш тамом бишкаст, ӯро ҳам гунаҳ нест. Қалбаи шараф ин фаршро бозгуна андохтааст. Шараф, ки ҷуз шар намебофад, аҷаб шарбофест. Агарчи улум бисёр дошту улум бепоён аст, аммо *ъайни* ъилм рафтаасту *лам* монда. Хонандагонро мехонаду аввали шабро болои раф менишонад, то ҳанӯзаш шараф хонад. Бечора дарзиро ҳам пеши нависандагон дар дод, ки дарун зар дорад. Нависандагон зеру забараш хоҳанд карду зар ҳосил кард, зеро ки боре бастааст, ки аз он раз ҳосил шавад. Ҳақиқат аст, ки раз бе озор ҳосил нашавад, озор хоҳанд намуду бе иллат раз ҳосил хоҳанд кард. Шараф ҳарфе, ки аз дарзӣ дошт, намуд. Акнун Зайн, ки зани боиллат аст, ӯ ҳам аз дарзӣ ҳарфе дар сар дорад. Мақсуди дил аз ду ҳарф он, ки зар берун ояд. Бохарзе, ки харе дар бозисту бо дарзӣ ним иттиҳод дорад. Карот мегуфтам, ки пеши нависандагон дар бозист, нақшаш боз хондам. Наздики эшон дар мешавад, аз зӣ хеш дур хоҳад монду пора-пора хоҳандаш кард. Тааҷҷуб кард, ки дарзӣ чигуна наздики аҳли қалам дар шавад?! Гуфтам: агар нақшаш бармебинӣ, ки суханам бозмехонад ё не ва зар он, ки эшонро зари дурӯст, аввал сари сӯзане фурӯгузошт кунанду баъд аз он вазн карда дар қалам оранд, (52) назм:

Ба назди нависанда зоғ аст бозе,
Бад-он сон ки наздикшон турктозӣ.

Дӯст ду сар дорад, ки аз қалами нависанда ҳикояте мекунад, валекин адӯ то ду по дорад, аз қалами эшон берун мешавад. Ҳосил, дар шаҳре боре ҳаст бибояд намуд, ки аҳли қалам ниҳоят ком дар зери қалам доранд. Агар касеро коми бепоён ҳосил шуд, фарёд мекунанду кофир мехонанд. Ҳамсояи мо хаммор аст, сар то пойи хари мо дар миёни ӯ медонем. Агарчи хар аст, обе ҳам дораду пайваста хароб мебошад, ки аз қуввату зери по. Ҳиндубача, ки офати рӯяш офтобро бе об кардаасту моҳи чеҳраи ӯ мохтобро бе тоб гардонида, фуруд шуда, хиндувон дар талаби он хумор мекарданд, ногоҳ дархоҳандаш ёфт, сараш бихоҳанд андохту мор-мор бар ӯ хоҳанд овард. Дар ҳамаи шаҳр салои фасод дар додааст. Касе нест, ки он ҳарунро берун кунад, то салоҳ ҳосил ояд, аммо аҳли маҳаллат, ки пеш аз ин он ҳарунро берун карда буданд, ногоҳ бубинӣ ором ростиро аз сар дур кард, ром шуду бад-ӯ пайваст. Боз ҳаром ошкоро гашту он шоҳид, ки дар маҳаллат буд, ӯро ҳам шикам шуду оҳ бар сеҳри дил монда, зеро мехоҳад, ки зоҳид шавад. Аммо Марям, ки дарё зери по дорад, аз дасти ӯ дар мондем, ки ниҳоят шармро аз сар дур карда, рим-рим фарёд мекунад. Ҳама донанд, (53) ки зане зебо нест, оқибат дар фуруд мешаванд. Ҳайҳот, ки аз ислом ҳамин исм мебинему боқӣ дар миён ло. Ҳамсоягони мо як тараф шоир асту дувум ҷониб сӯфӣ. Шоир худ сару пойи ӯ тамом шар аст. Агар мегӯям, ки дар салоҳи маҳаллат мебояд кӯшид, ҷавоби ӯ ин байт аст, арабия[55]:

*إذ صادَ و صَلاحَ جَدّ عَبدِ　　　قد كانَ بهِ الصَّلاحُ موجوداً

Шеър: Ҳар ҷо, ки сало бар сари ҳалво бошад,
Наздики ману ҳама ҳамон аст салоҳ.

---

[55] НЛ: байт.

Ҳар ҳама аз барои Хоҷаи Садид афсӯс меҳӯранд, ки аз садид дӣ дар миён сади исмат монда будем. Имрӯз, ки ғайбати ӯст, дар шаҳр аз беҳӣ як ҳарф мебинам, боқӣ ҳама шар аст. Наздики уламо ҳам аз сидод дод рафтаасту фиқҳро думбурида кардаанду зер дар байн ниҳода, ночор фисқ мезояд. Худовандро зудтар мебояд омаду тафте бар сарашон карду[56] тафтиши тамом ба ҷо оварад. Ва агар гӯянд, ки по бар кина сахт кун, ҳамчунон мебояд карду накард, то покӣ пайдо ояд. Як бор он мушоҳидаро, ки ҳам моҳ рӯшан асту ҳам шаҳд ширин мебояд намуд, то ҳар кас ҷинобатро аз об дур кунаду муждаи ҷаннат ёбад, иншо-ал-Лоҳу ваҳдаҳу: дар бориши зар ҳубот бепоён бод.

**Хатти дувум** дар санъатҳои ҷадиди вазъи Хусрав[57], муштамил бар понздаҳ ҳарф. **Ҳарфи аввал** дар санъати дурӯбинӣ*: **нисбати оина дар дебоча бин**. Ин санъат оинаест дурӯя, ки як тараф дар вай араб менамояду дувум ҷониб аҷам. Сохтани чунин оина дар ҳадди ҳар табъ натавонад буд, аз он рӯй, ки агар табъ бошад, фазл набошад ва агар фазл бувад, табъ набувад ва агар ҳар ду шуд, қудрати таркиби лафз азим душвор аст. Ва агар он низ осон гашт, бар ойинҳои назму наср дасти тамом бояд ва агар он низ даст дод, нерӯи ангехт дар ниҳояти таазур ва агар он ҳам рӯй намуд, нигоҳдошти тартиби маънии якваҷҳаи ҳама арабӣ ва дувум ҷиҳат ҳама форсӣ багоят мушкил[58]. Ва агар он низ осон гашт, қуввати давоми фикрат сахт шоқ ва агар он низ ба ҳуштабъӣ саҳл намуд, ҳанӯз он уқбаи кӯҳ дар пеш аст ва он ин аст, ки котиб бештарӣ аз калимоти арабро, ки ҳар як оинаест ба олаи хаёл тасфия кардаасту алфози зу-л-ваҷҳайн, ки як ваҷҳ ҳама порсӣ буваду дувум ҷиҳат ҳама арабӣ берун оварда, чунинки: барориву (برآری) дарорӣ (درآری) ва равониву (روانی) нодонӣ (نادانی) ва ёру (یار) дору (دار) мадор (مدار) ва он чи мисли ин дигар дар ин санъат пайванд тавон кард.

(55) Ҳар кӣ хоҳад, ки ҳамон алфозро болову фуруд кунаду ба оинаҳои ман суратҳоле нигорад, чун истеъдод ҳам аз они ман аст, он низ мулки ман буваду ӯ муаллифи манхулгаре беш набошад. Пас, мухтареъ касеро сурат тавон гуфт[59], ки чун арсаи арабӣ беҳад аст, барои хеш алоҳида алфозе хаёломез ғайри он чи дар руқъаи котиб аст, берун ораду аз он ҳамин намуна бо намунаи дигар барсозад, то он ки чунин кунанд ҳам, мутобиъи ман буваду возеъ[60] ман бошам. Чунонки оина аввал Искандар сохт, агарчи баъд аз он дигарон низ намудоре карданд, аммо ба номи ӯ рӯшан гашт. Валекин бе ҳеҷ шакке медонам, ки на дар ҳеҷ табъ чандин асбоб ҷамъ хоҳад шуду на инчунин матбуъе касеро рӯй хоҳад намуд. Пас гӯй, ки сонеъи мусаввирот дилҳои муонидонро ба хитоми *фатубиъа ъало қулубиҳим ло яфқаҳун* мухр кард, то *ло ясиру ҳобикун ҳадид-ус-сарди*. Фи-л-ҳосил, номи ин руқъа дурӯбинӣ иттифоқ афтод.

*Албанина* пораи замине, ки дар назар омад ва *дувурво* амри ҷамъ аз дур, яъне бигардед дар пори замини ман; киноят аз арсаи ин савод асту дур кардани иборат аз назар кардан дар вай, Чашм медорам, ки биноён дар ин миръоти намоянда ба чашми инсоф бинанд. Бебиноии хирад натавонанд дид ва гар ҷое мӯрча хатое афтода бошад, (56) чун қобили дур кардан нест, ба ғилофи сатторӣ бипӯшанд. Ва агар тирадиле хоҳад, ки аз кудурати даруна даме борораду мӯрчаро пеши кӯтаҳназарон аждаҳое намояд, ӯро аз забони ман рӯшан бояд кард, ки агар ҳидати табъе дорад, мисли ин намудоре дигар мусаффо аз алфози дурӯя, ки ангехтаи ман аст, бинигор, ҳам ба қиёси руқъаи котиб, на як-ду се сатр:

Ки бад-ӯ мӯри Сулаймон натавон шуд,
На ба як гӯшаи оина Сикандар.

Агар беҳ аз ин ояд, ҳар оина, ҳамон носеҳ ин хоҳад шуд, байт:

Чи ҳоҷат, ки ту ранҷа дорӣ касонро
Варат табъи он нест, даркаш забонро.

Котиб аз мавоҳиби аҳадӣ табъи он дорад, ки оинаи дигар ҳам бар оини зу-л-ваҷҳайн матбӯъу масқул аз занги хато бисозад, ки ҳеҷ лафзе аз алфози ин руқъа дар он мукаррар нашавад, арабия:

---

[56] НЛ: мебояд карду.

[57] НЛ: Хусрав, ки баъзе вазъи котиб асту баъзе муштарак.

[58] НЛ: мушкил аст.

[59] НЛ: сурат тавон кард.

[60] НЛ: матбӯъ ва возеъ.

*لیعلم من لهُ الطَّبعُ السُّلیمُ          کمالَ الفضل اَعطانی العَلَیمُ

Аммо чун дар ин намуна ҷуз имтиҳони қуввати табъ латофате дигар камтар аст, ранҷ дидани зиёдат аз маслиҳат баъид намуд, ҳам бад-ин намудори рӯшан басанда кардаам, арабия:

*مَن کانَ ذ البَصَر کَفاهُ سَجَنجَلُ          لا ینفعُ المَحجوُبَ اَلفُ سَجَنجَل

**Инак ин санъати дурӯбинӣ**[61]. خُسر و سخنت ناری بردانی و آب داری کباری دُرها بابها –Хусрав суханат норе бар доневу об дорӣ, ки боре дурроҳо ба обҳо. (57) بیتها نبشته داری بیاری و مداری دُرت باری دُرکباری – Байтҳо набишта дорӣ, биёрӣ ва мадорӣ дурат, боре дур, ки борӣ. بمن اری یا داری سخن وری نواری بسو. من سخن ستاره باری – Ба ман орӣ, ёд орӣ сухани варо, ту оре ба сӯйи ман сухани ситора борӣ. از هر دانا بما جُرت بد بردی نامت نیکو و زرها داری کیده:

Аз ҳар доно ба мо ҷуръати беҳӣ бурдӣ,
Номат некӯву зарҳо дорӣ, кай диҳӣ?

ما را داری دستها ابرها جسم جان ترابه بادا ابری برای بنای کباری - Моро дорӣ дастҳо абрҳо, ҷисму ҷони туро беҳӣ бодо, баре барои ниёӣ кӣ борӣ? آبها یا باری درها یا بادی به ما روانی ابراری بالا برای هوی داری – (58) Обҳо ё боре дурроҳо, ё боде ба мо равонӣ бар, оре боло барои ҳаво дорӣ. نمبها بما نواری با ابی که بری به روانی خانها سوی ها سراها ره داری – Бо ёрон баҳоре тар миёни об орӣ моро, дорӣ анорҳо раҳ дорӣ. با یاران بهاری تر میان آب آری ما را داری انارها ره داری - Бо ёрон баҳоро тар миёни об орӣ, моро дорӣ анорҳо. ناری به ما حسناری یا حواری دُرن داری یا بی جوهری بابها ری – Боре, норе ба мо хас орӣ ё ҷав орӣ, дурр надорӣ ё беҷавҳарӣ ё баҳоре ёрӣ. سوری داری و لا لها سروها داری به ما بادت دراری و فارت – Суре дорӣ, лаҳо сарвҳо дорӣ, ба мо бодат дарорӣ ва хорат барорӣ. (59) براری خلّا فی خلد به انست خارت خلدی باراني مداری باری – Хулонии хулди беҳӣ он аст хорат хулде, бороне мадоре борӣ, ба куман. Ва: хирман дорӣ донаҳо ба мо деҳ, туро беҳӣ ё боғе, ки бора орӣ. آبها بارها نیکو به انبارها خرما منها و خرمیها ترها و تربها – Обҳо борҳо некӯ биҳӣ анборҳо, хар мо минҳо ва хирманҳо, тарҳо ва тарабҳо ва хиёрҳо. یارا می داری ما را خامها کن مداری به دوری نا من ترابی نم و خیارها - Ёро медорӣ моро, хонҳо кун мадоре ба дурӣ, то ман туро бинам یک سو بری داری بردی، کسای ما را به سردی نرمیها کنت خانی (60) آنجاها مباشی بیتی و دیدی جائت کباشی بیاری – Биниву дидӣ ҷоят, ки бибошӣ биборӣ нармиҳо кун ту ҷоне ман дарӣ моро кардӣ раҳо. سالها خانها بیاری کرانی شادیها من دری ما را کردی رها – Солҳо хонҳо биборӣ, кароне шодиҳо бубинӣ ва ҷавҳо дорӣ, борҳо бубинӣ ва ҷӯҳо дорӣ борҳо.

Мисраъ: تری زو رها کن مداری به بینی - тарозу раҳо кун мадоре бубинӣ. آبت بردی و خانت بردم – Обат бурдиву хонат бурдам: ترا بی نم تباهیها به بینی - туро бинам табоҳиҳо бубинӣ. شاهت داری آنجاها روی مای – Шоҳат дорӣ, он ҷоҳо рӯйи мой. کناری بالا برای سرت براری – Каноре боло барои сарат барорӣ. یا رادی مردی تنهی دویدی آن سری – Ё роде мардӣ, ганҳо давидӣ он саро:

بهای خان داری با خریده          دموری آب داری آن تُریدی

(61) Шеър: Баҳои хон дорӣ бо харида,
Ду мӯрӣ об дорӣ, он туридӣ.
Байт: Гӯйе буридӣ, тар шудӣ,
Мӯре мазидӣ, бар шудӣ.

یا بزاة دو مو بریش بازی داری - Ё бизоти ду мӯ бариш бозӣ дорӣ. کلموداری شانها کن یا جعد خانها خانها خماری رواد ازان – Калмӯ дорӣ, шонаҳо кун ё ҷугди хонҳо. خانها خماری روا داران خان داری – Хонҳо хум орӣ, раво дорӣ. خان داری زنت داری تباهی ها قدح تاری گردنی – Хона дорӣ, зинат дорӣ, табоҳиҳо қадаҳ норӣ гаронӣ. شادیها با ماری دَم داری زهرها داری به خانی من مباشی – Шодиҳо бо море дам дорӣ, заҳрҳо дорӣ, ба хонаи ман мабошӣ. مشینی سمیت داری و کانها جواهر شادیها کن مال داری – (62) Машияте самият дориву конҳо ҷавоҳир, шодиҳо кун, мол дорӣ. تری شادیها باد – Туро шодиҳо бод.

**Ҳарфи дувум** дар санъати зу-р-рӯятайн*: **дебоча нигар ба нисбати рӯй**. Ин санъат низ ба мушобаҳат қариби санъати дурӯбинист ва аз ин рӯ ба хитоби зу-р-рӯятайн, ки ба нақши порсӣ зурӯятайн бошад, рӯйшинос карда шуд, шеър:

**Санъати зу-р-рӯятайн ин аст. Таҳмид**: شکرت کنیم شکرته بررا حمد ناک کینم- Шукрат кунем, шукр беҳ туро, ҳамди пок кунем, байт:

رَشیدی ندیدی مرادی به خانی          زمانی بیاسی نُباری نسانی

Дигар:

رسیدی بدیدی مرادی بخانی          زمانی بباشی بیاری نشانی

---

[61] Ин сарлавҳа аз НЛ оварда шуд.

(63) زیدُ کابی برّ ادرّنا خرد سرور من بده وداد قرون درُّ ازبادِ - Зиндагонии бародари бохиради сарвари ман ба деҳу доди фузӯн дароз бод. ذوسنان به زورَ و ساد مآبه و بذ جواه کم بحث خانه سوءَ – Дӯстон ба рӯзу шодмонаву бадхоҳ камбахт. خانه شوء حبّه لی جاءَ دلی خانه بتعاً منیر ماءِ و تبر ترین همه بنسره حبثه بجادلی – Хонаи пайғомбари мо бартарини ҳама банда. جور مسرّ بید کی رشابید باذل داری و نار بمودة کی تزیّن سوءِ من تشهّرنا فرّ زیدانّ نیک بجوسی و تبکی اَمْ به نومن یا لی – Хурмашаи бандагӣ расонид бо дилдориву бознамуда, ки бар ин сӯи ман ба шаҳр бо фарзандони нек ба хушиву некиам, ба ту меёбӣ: (64) کزین سوءِ کارها نیک استِ ما را. Дигар: к-аз ин сӯ корҳо нек аст моро. یارانّ به و شاد نار بینی – Ёрон безу шод боз бинӣ. Ва ё: با ما شمانا فرزندان نیک حوس وحیدان - Ва ё: бо мо шумо бо фарزандони нек хушу хандон. داری سر آن که سوی من باز اری – Дорӣ сари он, ки сӯйи ман бо зорӣ. شبّ و زورّ ما را دلّها سوبته کسا نست – Шабу рӯз моро дилҳо сӯят кашон аст. و دیدة ها درّ راه ماندّه زودّ ترائید – Ва дидаҳо дар роҳ монда, зудтар оед, то шодиҳову хуррамиҳо кунем. یا زیدی خان من برّه مکدّر تباری بحسمی و شیمی – Бо Зайде, ҷони ман, ба раҳ магузар ба ёрӣ, на ба хашмеву ситаме. تواری مرد نیکی تحت داری رمی دوری بسوء من بیاری – Таворӣ марди некӣ бахт дорӣ, заме дурӣ ба сӯйи ман биёрӣ. Байт:

بتاکر بناً لی نسیبی ندیده　　　ثباتی نسیبی تنائسی نسینی

Дигар:　　Биё, гар биёӣ, нишинӣ ба дида,
　　　　Биёӣ, нишинӣ, наёӣ, нашинӣ.

ذکر بین ما را جویش و بتوتدی بودیدِ فرّ و شدید تیه اکلّ و جاءِ نی - Дигар: байни моро хушу пайванде буданд, фурӯ шуданд ба таҳи гулу ҷойи най. (65) بدر سما برّ ما بودّ برفثِ او هم و ذکر بین بسرّ فرح ستوری جرنده یودٌّ – Падари шумо бар мо буд, бирафт ӯ ҳам ва дигар байни писари фаррух сутуре харид буд. کسبه جسد دیک بحبّه تارةً انی بهمٌ حسا بیده بهمّة – Куштае чанд деги пухтаи тоза ё раҳи обе ба ҳам чашонида ба ҳама. زوزیش فراخ بادا – Рӯзияш фарох бодо. باریّ سوء ماءِ بنانک زورنا دائما یتمّ دار خانه زان بشّ بوداتی ذو لبّ بنش قبر وزی و بحث بابتدة وافراً بیده باد – Боре, сӯйи мо биё як рӯз, то вонамоем рози хона, з-он пас ту донӣ, давлат беш фирӯзиву бахт поядаву афзоянда бод.

**Ҳарфи севум** дар санъати қалб-ул-лисонайн*: **нисбати мухталиф ба дебоча**. Ин санъат, ки аз боло фуруд оянд, арсаи форсӣ бинанду агар аз фуруд боло раванд, ба араб расанд, ғариб аст. Ва дар ниҳояти ишкол ошное чунон ривоят кард, ки Қозӣ Сафиюддини Буҳайр, ки дар илми шариату қариҳаи фазл табаҳҳури асри хеш буд, *равоҳ-ул-Лоҳ бисаф-ул-асфиё*, дар ин санъат қасидае навишта аз Шиъро равонтар. Баъзе доноён низ гуфтанд, ки инчунин иншо бемисол аз они баъзе фузало дидаем. Чун кор ба ҷустуҷӯ расид, на аз ҳеҷ сафина бар рӯйи об омаду на аз ҳеҷ оби даҳоне фурӯ чакид. Ба ҷиҳати озмун бештарии рокиби тезиву фориси форсиро, (66) ки дар замони мо дар ин ҳарду равиш ба тариқи ангезиш мутлақ-ул-инон будаанд, инонгирӣ карда шуд. Ҳеҷ кадомеро дар ин арсаи тунук ёрои ҷавлон набуд, лобуд мани ғифлмизоҷи найсавор найқаламӣ хешро ба кор овардаму як савод вориш так дод ва ба санъати қалб-ул-лисонайн нишона кард.

Тариқи хонданаш он аст, ки дар порсӣ аз матлаъ сӯйи мақтаъ оянд, монанди тире, ки рост аз боло фурӯ омад ва дар арабӣ аз зайли рукъа сӯйи садр бароянд, бар сони тире, ки роҷеъ шавад. Чобукии аспам ҳаст, ки дар ин мизмори қалбу фуруду боло, ки чун дар помоли қаламам дароянд, мардумонро саҳл хоҳад намуд. Килки тезравишро тез равона созам, аммо ҷойи дигар гузаре партоб кардаам, ки аз ин кӯшиш ҷуз имтиҳони табъ ғаразе дигар ба ҳусул намепайвандад, мисраъ: накфинӣ* бисаҳмин изо мо яҳсул-ул-фарзу.

**Нигаҳ кун санъати қалб-ул-лисонайн.**

Бин ёраки меҳрубони фаррух　　Дар меҳру матоб ҳар замон рух.

خرّ نامَ زرهْ بات مُورهمّ ردَّ　　　خرفنا برهٔ مکراً ینیبْ

Мебош ба кор шодмонӣ, Меҳмонӣ кун, ки меҳмонӣ. (67)

ینامْ هیمنهٔ کنکَ ینامْ همّ　　　ینامْ داءِ شرآکبْ شابْ یم

Ҳон, ёри моҳ, рӯз дар хона андар о,　Ёро, май, ки дорӣ, моро мебиёр.

رابیی مَار امّی رادکَ یمارای　　　اردنا هُنا خردُ زورها مُرائِنُ آهِ

Давонак, он даворо биёр,　Деҳ ҷоми равшан, рӯшан ҷом деҳ.

هدّ مَاج نشُورُ نشُورُ مَاج هدّ　　　رائبْ اراودّنا کنّا ودّ

Биёӣ ёр, ки мо кор мекунем ба ҳам,　Ҳар ҷо ки бошӣ, бо ман бош.

شابْ نمْ اب یشابهکَ اجیرهْ　　　مهبْ مینک یمّ راکَ امکّ رای یابیبْ

Дӯсти мо ёри манӣ, ба ёрии мо ой,　Бикун доду ба кишвар комрон бош.

شَابُ نَارُ ماكُروشكُ بوَدادٍ نكبُ          يَا اَميرُ اَيبُ يَنُم رَاىَ اُمّ تَسوَدَ

(68) Басе бо комронӣ дар ҷаҳон бош!

شَابُ نَاهجُ ردى نار مَا كَابى سَبٌ

**Ҳарфи чаҳорум** дар санъати форс-ул-араб*: **нисбати дебоча ба ҳарду забон**. Ин санъат вазъ афтоду форс-ул-араб ном ёфт. Тариқи ин чунон аст, ки алфози арабро ба расми мутарассилон бе халти порсӣ тартиб кунанду таммати ҳар муқаддима каломе ба таркиби арабӣ тамом гардонанд, чунонки дар нома рӯшан хоҳад гашт. Бисёр кӯшида шуд, ки ниҳояти муқаддимот бе таркиби арабӣ тамом шавад, мумкин нағашт. Аз котиб ин миқдор дар ин[62] саҳифа ба изҳор пайваст: ва боқиҳо ъала арбоби фазл.

**Унвон**. Ба назари маймуни аъдал-ул-мулук, изз-уд-давла, зод маъдалатуҳу, шараф ёбад. **Зикри ҳақ**: сониъи маснуъот, холиқи халоиқ, назм:

*مَلِکِ الشّرق اعدَلُ الامرا          اهلُ فضل و بَذل احسانى

Баҳри илму хизонаи инсоф,      Умари аҳду Ҳайдари сонӣ.

*بکَ لا زال قايماً فى العَصر          شَرعُ مَختارُ عِلم نعمانى

Ба ҳазрати олияи малики кабир, карими одил, муҷоҳиди муқсат, ғозӣ изз-уд-давла ва-д-дин, азид-ул-ислом ва-л-муслимин, ямин-ул-мулук ва-с-салотин, ъайн-ул-маъонӣ, (69) қутб-ул-аъолӣ ва ила-л-ъилм ва-л-ъалам, соҳиб-ус-сайф ва-л-қалам, аъзами аъдал малик, зод-ул-Лоҳ нисфатуҳу, мухлиси қадим Ҳамиди Қурайшӣ хадамоти вофираву адъияи мутавотира, биалфан миа балаға яблағ, таманнои тақаббули рикоби давлат: кона фавқ-ул-баён ва-р-рақам. Ва ба фазли борӣ, ъаммат ниъмоуҳу, умури муқорини интизому аҳволи аҳиббо ба хайр муттасилу аъизза ба зимони саломат, арабия:

*وَ كُلُ اِليكَم دايما قد تعطشوا          تَعطَش حَرباءُ الى عين مَشرق

Алғараз, малик Ихтиёруддин Аҳмад, ахтораҳу-л-Лоҳ мин-ал-киром абадан, ба мансаби шуғли ашрофи мамолик сора мушаррафан ва амир-ул-умаро Сайфуддини Ҳоҷӣ, тақаббала-л-Лоҳу маносик хайриҳи, ба фарри қурбати сарири султонӣ, ақома-л-Лоҳу қавоидаҳо, муҳанас(с) ва шараф-ул-акобир, муҷид-уд-давлат ва-д-дин, муҷидиҳ-ул-муҷид ъало ҷумҳур, куттоби давовин-ул-мамолик , ҳоким Шамси Соъӣ, даммараҳу-л-Лоҳ, ба сабаби касароти кизбу изои халоиқу мунозаати асҳоби муносиб, кона мууриз-ус-сиёсатиҳи ва ҳолӣ биҳалқи лаҳия ва ва ташҳири Мисри ҷомеъ маъхузу девони софиву халқ эману масруру тойифаи суъот хомиду ҷомид, фа-л-ҳамд лиман анзала ва ҷазоу сайятиҳи, саййуиат масалуҳо. Баракоти тақвиву тооти одил-ул-мулкӣ, ба қалъи залама зоҳиру боҳир, арабия:

*الله يَنصُرُ اوليَاءَكَ نُصرَةً          (70) غَبيَّةٌ اَبدِيَّة قلع العدى

Муфовазаи шарифу мукотабаи латифи мулкӣ эман, мин китоби асҳоб-ил-ямин ва атяб мин-ал-авроди ва-р-раёҳин, арабия:

*جاءَ بهِ مُسرعَكُم فى الصِّبا          غُصنُ بما جاءَ غِراس الرِّجا

Баъди тақбили маҷории қаламу мутолааи саҳифат-ул-иттилоъ ъала-л-мазмун шароити авомиру навоҳӣ, қадд-ас-салт би-т-тақвим ъала-д-давом ва-л-истимрор, хосу авом хусусан. Кироми мамлакату аркони давлат зокиру алтофу шокири инъоми хосу зикри хайри махдумӣ маҷлиси халифаи замон, ъала-т-тавотур ва-т-таволӣ, сойиру сориву содиру ворид, бизолик-уз-закар, ратаб-ул-лисон ирсоли туҳафу ҳадоёи тарафи шарқиву ҷавониби ахирӣ ба ҷиҳати муқаррабони ҳазрату мухлисони ғайбат ба зиммати макорими ахлоқу ҳусни ишфоқи аъдал-ул-умаро аҳра ва авҷаб, шеър:

* فارجو منکَ اَن يَاتى رَسولٌ          بها طرَاً و بَشرهُ القبولُ

Ахлоқи солеҳи мулкӣ ба қироату тиловату иқомати хайроту римояти сиҳом, арабия[63]:

*وَ لَعبُ صَولجان و جَولانُ اَفراس          قد يُشغلونَ كُلَ يوم و زمان

Ва зоти маъсумаи малика [и офоқ волидаи хос, абқоҳу-л-Лоҳу фӣ ҳазар-ил-исмат маъа сиҳҳатин комилатин][64] ба вазоифи тоату авроду адъияи солиҳа (71) машғулу ба авқоти марҷу мин-ал-ҳазрати-с-самадияти толиби лиқои халфи азиз, мисраъ: ал-Лоҳу балағаҳо ниҳоята нийятиҳи. Аҳёнан ирсоли саводе ба аҳли интизор, ъалайкум мин-ал-фароиз, ба

[62] НЛ: батни.

[63] НЛ: ҳудуди байт мушаххас нашудааст.

[64] Аз НЛ оварда шуд, дар ДТ ҳазф шудааст.

хадамоти мо ялиқ ҳусни ишорат мултамис ва ба ҷуръату ҷасорат моҷаро афву марҳамат муфтариҳ, байт:

*فیا مَن علَی الاِحسان وَ الفضل قادرٌ     تلطَّف علَینا بِاَلطافِ المُحَیمِن

Ад-дуъо камо сабақ. Убудиёти вофира ба хадамоти лозимони ҷаноби хос арсалту уҳибо ва аъиза ва қадам қад хидматан.

**Ҳарфи панҷум** дар санъати мубодилат-ур-раъсайн*. **Нисбати мухталиф ба дебоча**. Ин санъат вазъ афтод. Чун тариқаш чунон аст, ки миёни ду лафз ду ҳарф сари мубодала пазирад, санъати мубодалат-ур-раъсайн хитобаш муайян гашт. Дар ин ангехт сеҳри мутлақ кардааму сухани мурдаро зиндагӣ аз сар дода, ки ду лафзи колбудиро сарҳо бадал кунаму ҷони маънӣ барқарор монад, байт:

Ба санъат бадалҳо басе ҳаст, лек
Бадал кардани сар аҷаб санъатест.

Шеър: *یا جانی مِن تَخیل داری     دُم فی سَقَر دَخیل ناری

Пеши Хоҷаи Садри Бадр, ки бадри садр аст, (72) бандаи беҳзод, ки, мисраъ: зеҳ бод камони орзуяш, саломи бо маломату маломи бо саломат мерасонад ва кори бандагӣ мекунаду бори гандагӣ мекушояд, бар он ҷумла, ки: салом кардам, каломи сардам гуфтӣ; киштзор аз зишткор барнаёяд, нар бояд, ки беҳӣ корад: в-он гуна беҳӣ корад, зуд он, ки гаҳе борад; чанд гоҳ кунад, ҷоҳи даҳанат киштам; сухане, ки берун медиҳӣ, ниҳон деҳ[65] ва пунба дар даҳон неҳ; зар дорӣ, дар зорӣ мабош; дар бурҷи завол бар дурҷи зи-л-мол дар манеҳ, байт:

Эй дӯст, агарчи ҳаст зари боғ,
Арзонӣ бод ҷифа бар зоғ.

Чун боғи даҳр доғи баҳр аст, хоҳ бори хар, хоҳ хор бар сазад, туро дар хона хирвори хубз ду арзад, туро хардона бар хор резаду бар дӯстон дар бӯстон бори хаставу хори баста пеш наёрӣ. Охири бори борон ёри ёрон каф баргиранд, на ҳар сагрӯй, ки раг сӯйи иқди нақду нақди иқд пеш кашанд, байт:

Гар расми карам дорӣ, дар кӯча дирам корӣ
В-ар арбада бардорӣ, пас ту хари дарборӣ.

Аз ақли наҷиб нақли аҷиб кардаанд, то будааст бо тӯдаи зар пеши дарвеш рафтиву монанди сели моил майли соил намудӣ. Чун ҳамин аст кор, беҳ, ки бор, ки баргиранд. То битавонӣ кор басе куну бори касе баргир, ҳама умрат дар шодӣ (73) боду бодӣ шод.

**Ҳарфи шашум** дар санъати қатъ-ул-ҳуруф*. **Нисбати дебоча** ҳам **аз нисбат** аст. Дар ин санъат як байте соҳиби "Ҳадоиқ"* овардааст, номаи тамом котиб навишт. Гӯй ниҳоле буд навхез, ки аз парвариши ман дарахте баланд шуду санъати қатъ-ул-ҳуруф манаш ном кардам. Чун ин шаҷара аз ман номӣ гашт, ҳам дар боғи иншои худаш дохил кардам. Ва аз ин даровардан дар маснуъоти худ ғарази дигар он аст, ки бо санъати васл-ул-ҳарфайну иттисол-ул-ҳуруф васлате қариб дорад, ночор маҳалли муносиб ҳамин ҷояш бошад. Чун узр хостаам, донам, ки доноён ба гоҳи фурӯ хондан ангушт бар ҳарфам наниҳанду инсофи ин нома бидиҳанд, ки баҳрест равон ва бо чандин латоиф аҷабтар он, ки: ҳар қатра наёмехта бо қатраи дигар. Байт:

В-агар васфи дигар кунам ҳам равост,
Ки боғеву ганҷест чун бингарӣ.

Дар вуруд вуруди оби равон, дар ӯ дарҷ дар дурҷ дурри дарӣ.

**Инак аст ин санъати қатъ-ул-ҳуруф**. **Унвон**. Дар дари Довари даврон дар равад. **Зикри ҳақ**(қ): Ӯ розиқу Ӯ рӯзидеҳ, байт: (74)

*دَاوُدَک دار وَ دَک ازد و اوراد     در دور و داد آورد دور و داد

Дорои дарории даввор зоти довари давронро дар дори дували деҳи дур дароз дораду дарду озор аз он дил дур. Озурдаи дарди дурӣ дову доварӣ аз даври дард дур доду рӯй дод. Рози дарунро дар рӯйи об овард. Дарди дурии дур аз он дар дили зорро дар зорӣ оварду дуди даруни дил дар дарории даввор зад. Рӯзе дардзадаро дар дил орад, байт:

Роз дорам дар дилу дарди дароз,
Ваҳ-ваҳ аз дарди дилу зӯри дароз.

---

[65] НЛ: беҳ.

Эй довари додвар, дарвозаро аз дуздии дуздон зарра дар дил дарор. Рӯзе зани дарзӣ Зардаки Зарродиро даҳ дирам вом дод. Зарродӣ зардориро дар дил роҳ доду дуздро аз роҳи дарвоза дароварду зари дарзӣ дуздро дод. Он Зарродӣ рӯ дар он роҳи зан дорад. Зиреҳ зарудани ӯ ризқу он дар он роҳзан. Он Зарродии зардрӯй аз оҳи дили дарзиву зани ӯ ду рӯзе дам заду рӯҳи ӯ рӯй дар дӯзах оварду доди дуд дараки дӯзах (75) дод. Аз Зарродӣ зар занро додӣ, раҳи дуздӣ задиву зани ӯ зарро дар адо овардиву равони домдор зани дарзиро додӣ. Зар он дуздро доду роҳи дарзӣ дар зад, аз он даруни дарвоза зад. Оре, зани дарзӣ дар дари зардорон роҳ дораду аз дуздии дарзӣ дар зорӣ ва ваҳ-ваҳи войи дарзӣ. Дузд дар он дуздӣ ду дирамро ду заду даҳ дирамро дуздаду зиреҳ-зиреҳ даровард, зиреҳи зарра дуздро дод. Дарзӣ дар дуздӣ дар заду Заррод дар зари он зан. Аз довари додоварон дар додани зари дардовари даврон доварии довар доди дарзӣ дод. Дарзӣ рӯ дар дод овард. Рози даруни дарвозаро дар даруни довар роҳ дод[66]:

Доваро, дод деҳ доройи Довар, он довари доварзода -
Дар додани дод дор дар во дар дил.

**Ҳарфи ҳафтум** дар санъати васл-ул-ҳарфайн*. [**Дебочаи хурду тарки нисбат**.][67] Ин санъат ба вазъ пайваст ва чун тариқи ин пайвастани дутони ҳарф аст, санъати васл-ул-ҳарфайн ном ёфт ва дар ин намуна:

Тирози сеҳр намудам зи хомаи ҷоду,
Ту низ агар битавонӣ, ба ин намат бинмо.

Инак ин **санъати васл-ул-ҳарфайн**. **Унвон**. Нома ҷониби мураббии ман бирасад. Зикри Ҳақ(к): ҳува сониъу кулли коинин, (76) ҳува холиқу кулли шайъин, шеър:

*عش نز هة حاطک ما يمّ سايلْ     فاجب لربّک ما توقّع عويلْ

Чокари хоса Ҳоҷии шарқонӣ сари хидмат бар поят мемоладу мегӯяд, ки бад-ин ҷониб хотири мо бо фарҳат қарин мебошад. Бояд, ки гаҳ-гаҳ ҷониби мо нома фармояд, то ҳар хушӣ, ки бар мост, фаррухии комил ёбад, мисраъ: *مدّ خالق کلّ شی، ظلّ برّ فوقک. [Байт:

Навишт номаи сеҳр хомаи чу ман шоир,
Ту ҳам чу шоир бошӣ, тариқи мо нав кун.][68]

**Ҳарфи ҳаштум** дар санъати иттисол-ул-ҳуруф*. **Нисбати санъат дар дебоча**. Ин санъат чун ба расме ибдоъ афтодааст, ки ҳуруфи ҳар калима ба ҳамдигар пайваст бошад, номаш иттисол-ул-ҳуруф карда омад, қитъа[69]:

Дар ин иборат ҳар лафз хотамест дуруст
Нигинаҳош ҳуруфи ба якдигар шуда зам.
Ҳама нигина гавҳар бувад ба маънии санг,
Ки дид гавҳари маънӣ нигинаи хотам.

**Шуд ин санъати иттисол-ул-ҳуруф*. Унвон**: Бибӣ Амма фатҳ кунад. Зикри Ҳақ(к): ё ъалим, ё ҳалим, шеър:

*يا مالکی عمّت بک نعمتٌ حبّذ     حیٌ علی عمّتی عفيفه عهدِ

Пеши Бибиамма Утбаи афифа, тахалладат фӣ иффатиҳи, халафи мутеъ Умари Ҳусайн бо тааттуши беҳад ҷабҳаи таҳият менихад. Пас қиссаи замир мубайян мекунад, ки фазли ҳакими басири самеъ ба ҳуҷҷати ъамим насиби табиати мо бахшида, наҳмадуҳу мунъиман сумма нашкур ъало ниъамиҳи. Писари шумо Муҳаммад, бақӣ фӣ нор мо бақӣ (77) самак фӣ баҳр, мутааллиқи малики муаззами саъид, ъаммат майманатуҳу, азума тамкинан шуд. Малик низ ба ҷиҳати таъзими нафаси нафисаи афифаи аҳд як лак ҷайтали бенуқс ҳаққи таллуқ фӣ кулли сифатиҳи набиштӣ. Гуфти шиҳнагии қасабаи Майсалия низ муайян гашт, сесад тангаи нақд ситуд. Назари шафқати мулкӣ беш-беш мебинам. Бибӣ низ ҷаҳд кунад, ки пеши маликаи мунъим бинишинад, бар наҳҷе, ки як нафас нашикебад, ки мо низ пеши малик камар баста ҷадди беҳад мекунам, мисраъ: то ҳукми қазо ба ҷиҳати мо чист?! Яқин, ки бахти муште мискин атийя бикунад, ба машияти муътӣ ба ҳақ: *عشی عشنا هنيّاً فی نعيمٍ.

---

[66] НЛ: Баъд аз ин калимаи “байт” омидааст.
[67] Аз НЛ оварда шуд.
[68] Аз НЛ оварда шуд.
[69] НЛ: рубоӣ.

**Ҳарфи нуҳум** дар санъати арбаъат-ул-аҳруф*. **Нисбати теғ ба дебоча** нигар. Ин санъати матбӯъ бар наҳҷе вазъ кардам, ки теғи забони ҳама гӯяндагонро барбаст. Пиндорӣ, ту, ки подшоҳест зобит, ки ҳама теғҳоро бекор ғардонаду ҳаллу иқди мамолики каломро чунон дар қабзаи мақдарат оварад, ки аз ҷумлаи бисту нуҳ ҳарфи таҳаҷҷӣ бисту панҷ коромадаро, ки таркиби маонӣ бе таркиби он рабт напазирад, аз шарафи шуғл узл фармуд ва чаҳор ҳарф, ки касе онҳоро бар забон наёрад, бар ҳукми "ал-қодир яфъал мо яшоъ" ба коррони иборат насб кард, (78) яъне алиф, ҳ-и ҳаваз, вов, йо (ی ،و ،ه ،آ). Дар ин чаҳор ҳарф тасарруфе, ки на дар ҳадди ҳар табъе бошад, муяссарам гашт ва санъати арбаъат-ул-аҳруф хитобаш додаму руқъа набиштам, ҳарф бар ҳарф ҳама ҳулияи латофат, гӯӣ теғест бар чаҳор ҳуруф ороста, шеър:

*ایا صاحب الطّبع هل تسمعْ　　　حُسا ما له اَحْرُف اَرْبَعْ

**Санъати арбаъат-ул-аҳруф бин**. **Таҳмид**: ҳува. Рубоӣ:

اهوی و هوای آد واه وه وای　　　ای هاویه هوای او یا یا های
آه ای آهو و آه ای آهو و ای　　　ایّ و ایّ و ایا و وای و ایا و ای.

ایّ آهو و آیای هوای ای هایهوای ای ایّا و اها ویه هوای اهوای وه وه ایّ اوّاه هو ایا وه هیّ هیّ ایا های و هو أی وه ویّ هوا های هی هی.

Шеър: 　　و ایای هوای ای هوای آهو　　ایّای هوی آوه هواه یا هو

**Ҳарфи даҳум** дар санъати хамсаи муфрада*: ба **дебоча** бин **нисбати мантиқ** аст. Ин санъат низ хос мавзӯъи банда асту мутобиқи санъати арбаъат-ул-аҳруф. Байнаҳумо тафриқа беш аз ин нест, ки дар ин як ҳарф зиёда карда шуд, то асҳоби нутқро арсаи муқаддимот ба нисбати хабарӣ вусъат пазирад. В чун дар ин вазъ панҷ ҳарфи муфрадро мураккаб мебояд кард, исмаш (79) хамсаи муфрада исм ёфту фасле аз ин ҷинс дар расми китобат омад, байт:

لِاَن تمّ مِنهُ رُسومُ المَعانی　　　کَما تمّ حَدٌ بجنس و فصل*

Мисраъ: **бихон санъати хамсаи муфрада**, бйт:

هوا یحی هوآ احیا، حوآ　　　حوی احیا،هوا اوه یحیی

یحی هوی و یحی هوی و حیا،ه هوی و حیا، هوایه هوی و أوهَة اهوا،ه و اوّاه حوآ،ه حیّها و هو اوی حیّها و حیّاها و حیّ حیاها و هوسی حیا، هواه حیّها و ها اوه اوّاه حیّ یحی آآ هوا،ه حیّه هاویه و حوّاه حیّه هاویه.

Байт: 　　و یحی ادی آنیة حَیّها　　و اهوا،ه حیّها حاویه

(80) **Ҳарфи ёздаҳум** дар санъати муъҷизат-ул-алсина ва-ш-шафот*: ба **дебоча нисбат зи кому забон**. Чун дар ин санъати ҷадид, ки ихтироъи ман аст, на ҳеҷ забоне компрон тавонад шуду на ҳеҷ лабе комгор, ба тасмияи муъҷизат-ул-алсина ва-ш-шафот номвараш гардонидаму руқъаи арабӣ бар сабили мисол нигоштам. Агарчи дар ин гуфтор гӯяндагони фасеҳ даҳанбоз хоҳанд монд, аммо қаламҳои мӯшикофро сари хоридан фурсат нахоҳад буд. Аҷаб каломе, ки, байт:

*لسانُ النّاس لم یقدر علیها　　　و تعمل فیه انسبت الجماد

Ба сад даҳону ба сад ҳазор забон бар баёни ин шукр қодир натавон шуд, ки чунин неъмате ба коми муроди банда ниҳод. Ҷое, ки бандаи оҷизро бе кому забону лаб сухан гуфтан мумкин бувад, дар каломи ҳақ чи сухан, рубоия:

Ҷуз ман кӣ тавонад инчунин гавҳар суфт,
К-алмос ба суфтан нашавад бо дурр ҷуфт.
Аҳсант, зиҳӣ санъати зебо, ки дар ӯ
Бе кому забону лаб сухан битвон гуфт.
**Санъати муъҷизат-ул-алсина бин**, байт:
(81) یا حیّ حیّ یحی، حیّ حیاه احیا　　　حیّه حیا حیا، حیّا حیاه یحی
احیّ یحی احیا حیّ حیاه یحی احیا حیّه احیا، اه ایة حیّه احیاه حیّاه حیّ احیا ایّای.

**Ҳарфи дувоздаҳум** дар санъати азл-ул-лисон*: **дебоча** нигар **ба нисбати ширинӣ**. Ин санъат, ки даҳони гӯяндаро лаболаб пур аз ангубин мегардонад, хос аз хомаи котиб, ки *яхруҷу мин бутуниҳо шаробун мухталифун алвонуҳу фиҳи шифоун ли-н-нос* чакидааст, на аз нахли ҷавн, аз ҳаловати он забон ба ком намерасад, санъати узл-ул-лисонаш ном кардам, шеър:

*اَحلَیْتهُ بالذّوق مثل المَنّ　　　عسَلهُ فی افواهٍ یا ذالمنّی

**Инак аст он санъати азл-ул-лисон**, байт:
Ҳон, эй имом, омин, ҳон, эй ҳумом, ҳин,
Моему он маҳи мо, бо мо биёву бин.

Имоми ҳумоми айём, ҳомии умматиҳи муҳйиюн ҳайюн яхё ҳайёҳу ҳайю ҳаёҳу уммиюҳу. Ҳон, эй имом, маҳи моиву ба мо ҳам ва бо мо меоию май мепаймой. Меҳмон биёӣ, аммо бе маю мояи май маёӣ, бо моҳиву моеву мева биёӣ. Эй ҳумоюн, ҳумойи ҳаво ба ҳама муҳимхо бо мо пой, мо ҳам моҳ ба моҳ бо ҳама меҳмон майи бебаҳо мепаймоем. Биёву мӯй ба мӯй (82) меҳӣ бар мо бубину бо маҳи мо май мепаймой. Бо мо бӯйи бӯй мебиёбиву бо мо мебӯиву меваву май бо ҳама ва айёме ёб, ба ҳама боб бо мо ҳам бимон, байт:

Бо беҳиву, бо меҳиву бо меҳон,
Бо маю бо мева бепоён бипой.

**Ҳарфи сездаҳум** дар санъати тарҷумат-ул-лафз*: **санъати шеър ба дебоча нигар**. Ин санъатро равише ибдоъ кардам, ки лафзе дар пайи лафзе биёранд, чунонки дувум ба тариқи латифа тарҷумаи аввал афтад. Хоҳ арабӣ, хоҳ тарҷумаи форсӣ ва хоҳ баръакс, Ва бад-ин сабаб санъати тарҷумат-ул-лафзаш хондам, шеър:

*فی کُلّ لفظٍ تری بالحُسن تَرجُمةً　　　كالعينِ فی شَرعِ و النّون فی نهر

**Санъати тарҷумат-ул-лафз ин аст. Зикри Ҳақ(қ)**: ал-ҳамд ли Холиқ-ар-рӯҳ ва-л-ҷон:

*اذا دَعا بعطاياکَ انجُماً نادی　　　غدا النُّجومُ كَما فی مَسَرَّة شادی

То чарх задани фалаки аҷузи лоязол барои бофтани хайти асвад шаби сияҳ тору тофтани хайти абяз рӯзи сафеди ӯ тор бошад, кисвати айбпӯши ихтиёрӣ бар тан гузидаву зотиситудаи ҳамид-уд-давлаи фаррухҳади рустамқад ба дурустиву ростӣ бод; алами иътизод бар бозуи он сарви меҳтариву аммомаи раёсат (83) бар сарӣ, ба Мустафои покиза, зоту оли ӯ. Пас равони маймунсифоти бандаи Худованд Абдуллоҳ убудият дар бандагии зайн-ул-ҳақ ороста, дурусту рост, ки ёри соҳиббалоғат аст, расонид. Маълуми он дониста гардад, ки синаи пураташи мо аз ташнагии фироқ ба ҷудоии рӯҳи ҷонӣ наздик аст. Риҷои умедворон он, ки он рӯйи некӯ ба ваҷҳи аҳсан рой-ул-ъайн дар пеши чашм ояду ба муоянаи чашм ба чашм иттисол пайвандад, иншоа-л-Лоҳ-ул-ъалим ва ино илайно аълам: ё соҳиб ва ё рафиқи ҳолӣ.

جاء مكاننا وليد زاد الله زاده و اطعمنا خزا و ادر لبنانی فینا بشیر السبکر شکرته و خار شوکته ناری به و وهبنی مشتراه خریده بالفِ دینار کالهزار مغنیته و اعطانی حبو با دانها و احرزنی فی دراعة الحمایته فمن مارا لی حتی نام اسمه فتنا و بدانیا هنیاً به خیراً و فی الصغر ربانی بوجه ما درت امی تحت ریش محاسن علی مثل هذه الفاقه دانا من مال الی جانب السوی کما احکی ان یوماً رواتی سایل عن اهالی بیوته خان بان کان له معدن و مخزن نظار رزی علی خزاین التجار فالجاهل. نادانی اسرّ فی داره کما سرا سارق و انقب و اذهب الذهب بالرزق فقد قامت رحلی بهذ القصد و لکن بالا فی الفواد العادل فهجتی کجان من الحجر من حقوق (84) مما لحیه و کفی کفی راحته یده. شعر:

كَفی الحَفیظُ یدَ الاَخذین عن دستهِ　　　فذاکَ ذوْ عضدٍ فی یدالعُلی بازو.

**Ҳарфи чаҳордаҳум** дар санъати зимн-ул-лафз*: ба **дебоча нисбат** ҳам аз **санъат** аст[70]. Ин санъат вазъ кардам ва чун тариқи ин чунон аст, ки дар зимни ҳар лафзе чизе, ки ба расми латифа хезад, муроот намоянд, хоҳ аз аввали лафз ва хоҳ аз миёна ва хоҳ аз охир: аз аввал, чунинки аз *маҳд маҳу* аз *барг бар* ва аз миёна, чунинки аз *маймун мӯ* ва *аз қабул бӯ* ва аз охир, чунинки аз кадар дару аз саҳоб об – чунончи дар руқъа муҳаққақ хоҳад шуд – номаш санъати зимн-ул-лафз муқаррар гашт. Вазъи ин санъат ба ҷиҳати онрост, ки агар ҷое дар назм ё дар наср робитаи нисбати маънавӣ бигсалад, ба тариқи лафзӣ бад-ин гуна пайванд диҳанд ва албатта, силки нисбатро гусаст ҷоиз нашмаранд. Ин кайфият мунаққаҳ дар баёнҳои нисбат омадааст, аммо ин ҷо барои таъкид такрор карда шуд:

Ҳар чӣ такрори ба нисбат бошад
Илм дон в-он чи, ки бе нисбат, ҷаҳл.

**Инак ин санъати зимн-ул-лафз аст. Зикри Ҳақ**(қ): Ҳува таввоб-ул-ъибод, байт:

Зиҳӣ туркам, зи ту душман ба як тир,
Саломе бе риё аз банда бипзир.

Дӯсти ягона Саиди Фирӯзаи калла, ки бар он дарбор парвариши (85) болиш ёфтаасту дар ҳалқаи худдом мардона камар бастааст, фарқи убудият бе мушкилу гунаи рӯй бе диранг бар остони он мутлақинони ғозиён суду рози сина хаста, ки бе он дидори писандида тири ғамро нишона гаштааст, бинамуд, ки корҳои мо бандагон ба **хайр** аст,

---

[70] НЛ: ин ҷумларо надорад.

аммо мавдуди шаб равзанро гузошт. Аз ин сабаб, ки тоъинони мавдуду оли ӯ бисёранд, яке Шодӯст, дувум, Шараф, ки шӯхона забонро кушод додаанду ҷуз нағмаи дашному тараннуми хазён намезананд, шеър:

*هما زاغا عن الحقّ العلى          و ممّن شاخ فينا كالبرى

Шоду дар хонаи мо ҷояке хуш дидаасту сипанҷ гирифтааст ва ба маккориву бурдборӣ мебошаду ба либосоту марҳабо каломе мекунад, то кори ӯ боб аст, моро сазояш гардани Зуҳра нест. Агар ифтихорашон ба табоҳист, дар даст чӣ ояд? Яқин, ки тоби ҷabborон оташи ҷаҳаннам аст. Боре, аз мо чизе намехезад, ки адабе бад-эшон намоям, магар он маҳдуми доно рӯ ба Шоду ораду ба нерӯи он зоти фаррухи ӯ беш кунад, ки шикамаш даридаву сараш фиканда гардад. Умед, ки рикоби маймунро ба давлати беҳадду дӯсткомӣ дар талаби инсоф чун маликони (86) одил ҷониби мо тобад, то душмани фарбеҳгаштаро дар дам салхеву ҷарҳе фармояд, иншоа-л-Лоҳ-ал-ъалим. Дари сарои давлат пояндаву бо об бод. Омин!

**Ҳарфи понздаҳум** дар муаммиёт*. **Дебоча ба ихтилофи нисбат**. Намуда меояд, ки тариқи муаммиёт бисёр навъ дар замир мегашт, аммо чун аҳли табъро сӯйи муаммиёт чандон илтифоте набувад, аз онҳо ҳама барои ном се навъ ихтиёр кардам.

**Инак ин аст ин се навъ, бубин**. **Аввалин навъ – муаммои мутарҷим**. Ин муамморо банда Хусрав вазъ карду муаммои мутарҷимаш ном ниҳода. Тариқи ин чунон аст, ки дар муаммо лафзе порсӣ оранду ба арабӣ тарҷума кунанд ва ё баръакс. Чунонки пеш аз ин дар баъзе абёт муаммои котиб омадааст ва ин ҷо ба шарҳу баст намуда мешавад[71]:

Ба тезӣ нуҳуфтааст дар дурре
Чу гавҳар таҳи ханҷари гавҳарӣ.
Биёву нигаҳ кун дар ӯ баҳри ном,
Агар боядат ном, берун барӣ.

Ва барои он ки таснифи ин муаммо дар ҷумла асомӣ душвор хоҳад намуд ва котиб лақабҳоро низ муаммо кард. Пас, се лақабу ҳафдаҳ номи мушкилро, ки ангехти ҳар як борикбинони комилро таъмия диҳад, дар муаммо оварду завобиту равобиту тахайюл як-як дар зери он боз намуд, то маҳвасони зиракмизоҷро саворӣ[72] (87) ин тариқ ба қадри иктифо раҳнамунӣ кунад, шеър:

*و يبصر بالتّعجّب كلّ ناس          معمّا دلّ ارباب البصيرة

**Инак аст ин муаммиёти мутарҷим**. ***Кабируддин***, рубой:

В-эй Хоҷа Кабируддин, ки бӯсам пояш,
Бинвишта ба коғаз лақаби волояш:
Бар паҳлуи он бузург ҷамъе мавсул,
Як кунҷид бардоштам аз болояш.

Маънии "кабир" бузург асту "ал-лазин" ҷамъи мавсул ва ҳар гоҳ, ки кунҷиди боло, нуқтаи забарайн аз "ал-лазин" бардоранд, "уд-дин" шавад, ба таркиб "Кабируддин" хезад.

Ин назири муаммои лақаб асту ин низ вазъи Хусрави котиб ва аз ин назир маълум гардад.

**Дар муаммоҳост барбасти ҷамъи мавсул**. ***Шамсуддавла***, рубой:

Шамсуддавла бомурувват ҷуфте,
К-аз баҳри бурун буруни ном ошуфтӣ.
Муҳрат дидам, сари падар дар таҳи пой
Бинҳодиву он гоҳ мар ӯро гуфтӣ.

Яъне, "муҳр" – шамсу "падар" – волид. Ҳар гоҳ ки сари валад, ки "вов" аст фурӯ ниҳанд, "ад-дав" ва мар ӯро "лаҳу" бошад. Чун "лаҳу" зери "ад-дав" ниҳанд, "ад-давла" шаваду "шамс" аввал омадааст, мураккаб Шамсуддавла хезад. Ин назир ба ҷиҳати онрост, ки агар лақабро ба "давла" муаммо кунанд: инак, эй дӯст, чунин бояд кард.

---

[71] НЛ: пеш аз шеър лафзи "рубой" омадааст; дар намунаҳои дигар ҳам, ки пас аз исм лафзи "рубой" омадааст, аз ҳамин нусха мебошад.

[72] НЛ: сӯйи.

*Насируддин*, рубоӣ:

Мо ёди насири дин, ки то дер кунем,
Дил аз дигарон ба номи ӯ сер кунем.
Кардем тамом, вом ҷӯем нахуст[73],
То раҳбари вомро забар зер кунем.

(88) Яъне, мустақбали ҳикояти ҷамъи мутакаллим аз зарурати насир меояду маънӣ ҳамчунон бошад, ки кардем. Ва лафзи тамом ишорат аст ба "алиф"-у "лом"-и "ад-дин", ки барои истиғроқ ояд ва дом ишорат бар ин. Чун "дол"-и динро, ки ба маънии раҳбар аст, зер забар кунанд, "ад-дин" шавад, Насируддин дуруст бихезад. Ва аз ин назир маълум гардад, ки дар насир ёридеҳ нахостаам, чизе дигар овардаам, то тарҷума сарф нашаваду муаммо ба тариқи латифа тамом гардад. Ва овардани лафзи "дин" ба ҷиҳати онрост, ки дар лақабҳо истеъмоли дин: ба шакли дигар низ бинмоямат.

*Абӯбакр*, рубоӣ:

Шаб Хоҷа Абӯбакр бидидам дар роҳ,
Гуфтам, ки шавам зи сирри номаш огоҳ.
Моро чу зи дарҳои араб берун бурд,
Баръакс савор шуд ба тезӣ ногоҳ.

Яъне, дарҳо ба арабӣ абвобу мо – об ва ҳар гоҳ ки аз абвоб об биравад, абӯ монад ва савор шуд ба арабӣ ракаб бувад, чун ракабро акс кунанд, бакр бувад, мураккаб Абӯбакр бувад.

Ин назир барои муаммои кunият асту номи мураккаб, ки ҳар ду ҷузваш арабӣ бувад. Ва он, ки дар байт зикр низ кардаам: мақсуд зи тезӣ арабӣ мехоҳам[74].

*Муҳаммадшаҳ*, рубоӣ:

Бояд зи барои хӯрду обо ситудан,
Ҷуз номи Муҳаммадшаҳи воло ситудан.
Як зардаи байзаро кашидан зи фуруд
В-онгаҳ зи асал ду ҳисса боло ситудан.

Яъне, "муҳ" зардаи байзаву мад кашидан ва ҳар гоҳ мад фуруди муҳ бошад, Муҳаммад дуруст (89) бихезад ва асал шаҳд бувад. Чун ду ҳарфи шаҳд аз боло бистонанд, шаҳ бувад, Муҳаммадшаҳ тамом гардад. Ва ин назир барои ном мураккаб аст.

*Ҳусайн*, рубоӣ:

Эй Хоҷа Ҳусайн, мукаррами некӯном,
Дар номи худ аз банда шунав рамзи тамом.
Ниме зи фурӯ теғи ямонӣ бишикан
В-аз боло бозгуна кун ними наём.

Теғ ба забони ямонӣ ҳисом бувад ва ҳар гоҳ ки аз ҳисом нима фурӯ бишкананд, ҳис монад; ва ними ниём аз боло нӣ бошад; чун нӣ бозгуна кунанд, ян шавад ва дар таҳи ҳис даророанд, Ҳусайн хезад. Аз ин назир истеъмоли ними лафз, чунонки аз ҳисом ҳис ва аз ниём нӣ маълум гардад. Ва чун ҳисом арабист ва ниём ин ҷо порсист, аз ин низ рӯшан шавад, ки агар дар муаммиёт бар ин гуна ниме арабиву ниме порсӣ истеъмол ёбад, раво бувад. Доное, ки дар ин муаммиёт хавз намояд, ки дар ҳар ду забон тааммул фармояд: то муаамморо некӯ рӯшан кунад.

*Иброҳим*, рубоӣ:

Иброҳимо, номи ту чун бархондам,
Бинвиштаму мушк аз сари килк афшондам.
Як сӯзани думшикаста дидам ногоҳ,
Андар таҳи он нигар, ки ҳайрон мондам.

Яъне, ки ибраҳ сӯзан аст ва ҳар гоҳ ки аз ибраҳ дум, яъне "ҳе" биравад, абр монад ва ҳим – ҳайрон (90) мондан [аст ва ҳикояти нафси мутакаллим уҳим ояд, яъне ҳайрон мондам][75], мураккаб Иброҳим шавад.

---

[73] НЛ: дуруст.
[74] НЛ: хостаам.
[75] Аз НЛ оварда шуд.

Ин назир аз он намудам, ки муаммо кардани ин ном дар ин тарз, ки гуфтам, бағоят мушкил аст. Ва аз ин назир таркиби исм бо феъл маълум шавад: маълум куну чунонки хоҳӣ барбанд.

***Сайид***, рубоӣ:

Ин таъмия бин, ки дар ҷаҳон андар шуд,
То нанмудам ба халқ, кам бовар шуд.
Чун Хоҷа Саъид некбахте дидам,
Чашмаш бикашидаанду равон меҳтар шуд.

Яъне, саъид некбахт аст, ҳар гоҳ ки "ъайн" аз саъид бикашанд, Сайид шавад, аз ин назир рӯшан гардад: ки ҳарф аз миёна чӣ сон кам кунанд?!

***Зайд***, фард:

Эй зайни вафоят, ки як шаб аз ман салб,
Дар дил дорам ва исмак айзан фӣ лақаб.

Яъне, айзан дар порсӣ низ бувад ва низро қалб кунанд, Зайн хезад. Ин назир ба ҷиҳати он овардам, ки айзан дар истеъмоли порсӣ бағоят душвор аст. Дар ин маҳалҳо ними мисроъе ё яке арабӣ бояд карду бо порсӣ ба сиҳҳати маънӣ чунин ки намуда шуд. Аз ин барбаст мақсуд он: ки муаммо дуруст (91) бархезад.

***Хуррам***, шеър:

Хуррам номеву нестӣ аз дари он,
Нафрат дориву одат андар сари он.

Яъне, одат хӯ буваду нафрат рам, ҳар гоҳ хӯ бар рам бувад, Хуррам дуруст бихезад. Ин назир барои онрост, ки чун аз ду ҳарфи таҳаҷҷӣ низ ба таркиб маънӣ мехезад, рубоӣ:

Аздар, ки далер буд, хобе ҳам дошт
В-аз ҷумла аздарӣ хитобе ҳам дошт.
Аслаш зи миёна қалб дидам, лекин
Чун дар дидам, кушода бобе ҳам дошт.

Яъне, асл - нажод бошад. Чун аз миёнаи нажод "зо" қалб шавад, аз гардад ва боб, дуруст мураккаб Аздар шавад. Ин назир ба ҷиҳати он аст, ки чун ҳуруфи миёнаро тасарруф қадре мушкил аст: маълум шавад, ки бар чӣ сон барбананд.

***Чапқут***, рубоӣ:

Чипқат, ки ба мо диҳад зареву симе,
Кардем нигоҳ дар вай аз таъзиме.
Дидам ясор, порсӣ аввал ба тамом
В-он гаҳ зи муборакии туркон ниме.

Яъне, ясор ба порсӣ чапу қутлуг ба туркӣ муборакӣ ва ниме қутлуғ кут бувад, мураккаб Чапқут хезад. Ин муаммо барои номи туркирост ва ними ном барои он ба туркӣ оварда шуд, то раво бошад: тарҷума аз забони дигар ҳам.

***Ганго***, рубоӣ.

Ганго, ки вай аз лутфу сафо шуд рӯшан,
Номаш бархон, ки обат ояд (92) ба даҳан.
Аз донаи сунбула зунаб берун бар
В-онгаҳ бигир сарву пояш бишикан.

Яъне, донаи сунбула гандум асту ҳар гоҳ, ки зунаб, ки дум аст, аз гандум равад, ган монад ва савр гов асту чун пойи гов, ки "вов" аст, бишкананд, го монад, Ганго дуруст бихезад. Ин назир ба ҷиҳати онрост, ки номи ҳиндуиро ҳам: муаммо метавон кардан дар ин тарз.

***Ҷавнон***, шеър:

Ҳар Ҷавнонро ба мардумӣ ном магир,
К-аз номи ваям расад ала-л-хубз шаъир.

Яъне, шаъир - ҷав, хубз – нон, мураккаб Ҷавнон шавад: ҳаст ин назир ҳам зи пайи номи ҳиндуӣ.

Ин назир аз он намудам, ки муаммо кардани ин ном дар ин тарз, ки гуфтам, бағоят мушкил аст. Ва аз ин назир таркиби исм бо феъл маълум шавад: маълум куну чунонки хоҳӣ барбанд.

***Сайид***, рубоӣ:

Ин таъмия бин, ки дар ҷаҳон андар шуд,
То нанмудам ба халқ, кам бовар шуд.
Чун Хоҷа Саъид некбахте дидам,
Чашмаш бикашиданду равон меҳтар шуд.

Яъне, саъид некбахт аст, ҳар гоҳ ки "ъайн" аз саъид бикашанд, Сайид шавад, аз ин назир рӯшан гардад: ки ҳарф аз миёна чӣ сон кам кунанд?!

***Зайд***, фард:

Эй зайни вафоят, ки як шаб аз ман салб,
Дар дил дорам ва исмак айзан фӣ лақаб.

Яъне, айзан дар порсӣ низ бувад ва низро қалб кунанд, Зайн хезад. Ин назир ба ҷиҳати он овардам, ки айзан дар истеъмоли порсӣ бағоят душвор аст. Дар ин маҳалҳо ними мисроъе ё яке арабӣ бояд карду бо порсӣ ба сиҳҳати маънӣ чунин ки намуда шуд. Аз ин барбаст мақсуд он: ки муаммо дуруст (91) бархезад.

***Хуррам***, шеър:

Хуррам номеву нестӣ аз дари он,
Нафрат дориву одат андар сари он.

Яъне, одат хӯ буваду нафрат рам, ҳар гоҳ хӯ бар рам бувад, Хуррам дуруст бихезад. Ин назир барои онрост, ки чун аз ду ҳарфи таҳаҷҷӣ низ ба таркиб маънӣ мехезад, рубоӣ:

Аздар, ки далер буд, хобе ҳам дошт
В-аз ҷумла аздарӣ хитобе ҳам дошт.
Аслаш зи миёна қалб дидам, лекин
Чун дар дидам, кушода бобе ҳам дошт.

Яъне, асл - нажод бошад. Чун аз миёнаи нажод "зо" қалб шавад, аз гардад ва боб, дуруст мураккаб Аздар шавад. Ин назир ба ҷиҳати он аст, ки чун ҳуруфи миёнаро тасарруф қадре мушкил аст: маълум шавад, ки бар чӣ сон барбанданд.

***Чапқут***, рубоӣ:

Чипқат, ки ба мо диҳад зареву симе,
Кардем нигоҳ дар вай аз таъзиме.
Дидам ясор, порсӣ аввал ба тамом
В-он гаҳ зи муборакии туркон ниме.

Яъне, ясор ба порсӣ чапу қутлуғ ба туркӣ муборакӣ ва ниме кутлуғ қут бувад, мураккаб Чапкут хезад. Ин муаммо барои номи туркирост ва ними ном барои он ба туркӣ оварда шуд, то раво бошад: тарҷума аз забони дигар ҳам.

***Ганго***, рубоӣ.

Ганго, ки вай аз лутфу сафо шуд рӯшан,
Номаш бархон, ки обат ояд (92) ба даҳан.
Аз донаи сунбула зунаб берун бар
В-онгаҳ бигир сарву пояш бишикан.

Яъне, донаи сунбула гандум асту ҳар гоҳ, ки зунаб, ки дум аст, аз гандум равад, ган монад ва савр гов асту чун пойи гов, ки "вов" аст, бишкананд, го монад, Ганго дуруст бихезад. Ин назир ба ҷиҳати онрост, ки номи ҳиндуиро ҳам: муаммо метавон кардан дар ин тарз.

***Ҷавнон***, шеър:

Ҳар Ҷавнонро ба мардумӣ ном магир,
К-аз номи ваям расад ала-л-хубз шаъир.

Яъне, шаъир - ҷав, хубз – нон, мураккаб Ҷавнон шавад: ҳаст ин назир ҳам зи пайи номи ҳиндуӣ.

***Рӯзбиҳи***, рубоӣ:

Он рӯзбеҳе, ки роҳ ҷуям бад-ӯ,
Ҷуз аз пайи рӯз беҳ напӯям бад-ӯ.
Номаш, ки дурӯғ аст, фурӯ боло ҳам
Он гоҳ шавад рост, ки гӯям бад-ӯ.

Яъне, дурӯғ ба арабӣ зӯр бувад, ва зӯрро фуруд боло кунанд, рӯз шавад ва бо ӯ ба арабӣ биҳи шавад, ба таркиб рӯзбиҳи шавад. Ин назир барои муаммои ном мураккаб аст, ки ҳар ду ҷузваш порсӣ бошад. Ва аз лафзи биҳи маълум гардад, ки ҳарфи маънавиро бо замир чигуна таркиб диҳанд: ту беҳ донӣ инро, ки бидонӣ аз ман.

***Хадиҷа***, рубоӣ:

Онам, ки маро васфи шумо ҳоҷат нест, (93)
Номам чу Хадиҷа аст, сано ҳоҷат нест.
Рухсораи ман аз сари кӯшиш дидӣ,
Кӯшиш нек аст, раҳнамо ҳоҷат нест.

Яъне, хадӣ - рухсораи ману ҷаҳд – кӯшиш. Чун дол, ки ба маънии раҳнамост, аз ҷаҳд биравад, ҷаҳ монад, Хадиҷа дуруст бихезад. Дар ин назир тариқи изофат ба замир, ки бисёр ҷой кор хоҳад омад, маълум шавад ва аз лафзи ҷаҳд: дарёбӣ кам кардани ҳарф аз охир.

***Фотима***, рубоӣ:

Имшаб, ки маро бувад ба бозор гузар,
Меҷустам аз Фотимаи хеш хабар.
Лафзандозе бирафт болои қамар,
Моҳе ба сараш бувад, бияфтод зи сар.

Яъне, лафзи андозӣ ба арабӣ наффот бошаду қамар – маҳ. Ҳар гоҳ ки маҳ зери наффот ояду нун, ки моҳӣ аст, аз наффот бияфтад, Фотима дуруст бихезад. Ва дар бештари муаммоҳо лафзи порсӣ мегӯяму арабӣ мурод медорем. Дар ин муаамо баръакс қамар гуфтему маҳ мурод доштем, то тариқи рафтан аз арабӣ ба порсӣ рӯшан гардаду аз нуни наффот: маълум кунӣ ҳарфи нахуст афкандан.

***Маҳрӯ***, шеър:

Номи Маҳрӯ, к-аз ӯ маро гуфт бимонад,
Кобин-ст, ки болои дил ҷуфт бимонад.

Яъне, кобин мехр бошаду ҷуфт – завҷ ва дили завҷ, ки "вов" аст, ҳар гоҳ ки мехр болои он бувад, маҳрӯ дуруст рӯшан гардад. Ин назир барои онрост, ки чун номе муштамил бар чаҳор ҳарф бошад, аз се ҳарфи ӯ луғате бихезад, як ҳарф монад: (94) пайванди яке ҳарф бад-ин гуна кунанд.

***Зебо***, рубоӣ:

Рӯйи Зебо чу моҳ дар мақнаъ бин,
Дар зикри рухаш ғулғула дар маҷмаъ бин.
Ӯ моҳи рафеъ, номи ӯ арфаъ бин,
Болош обиву аз фурудаш маъ бин.

Яъне, бӣ – зӣ ва маъ – бо, мураккаб Зебо шавад. Аз ин назир маълум гардад, ки: бе мадхали исму феъл таркиби ду ҳарф.

***Зебо***, шеър:

Зебо, ки ба порс дар намудор омад,
Андар арабаш баҳо падидор омад.

Агарчи дар ин муаммо ҷуз порсиро тарҷума ба арабӣ ангезише дигар нест, аммо навъи латифа ҳаст. Ин назир ба ҷиҳати онрост, ки агар дар номе ангезиш душвор афтад: з-ин сон ба латифа бурун бояд бурд, шеър:

**Дебочаи руқъаи муаммо** В-аз санъати шеър нисбати он.

**Оғози дебоча**. Мурод аз ин намудор, ки боло рафт, ду ғараз бувад: аввал он, ки чун асҳоби табъ тариқи мушкилро рӯшан карда бошанд, дар равиши саҳл тавонанд, ки чашм пеш карда бираванд ва дувум он, ки муддаиёни кӯтаҳандеш умян нагӯянд, ки дар ин тарз номҳоро муаммо натавон кард. Котиб бар хеш эътимоде дорад, ки ҷумла асомии муфраду

мураккаби порсиву ҳиндуиву арабиву туркиро ала-т-таъйин дар ин тариқҳо ба суваре мувaҷҷаҳ биянгезад. Ва дигарон, ки дар тахайюлу тасниф писандидатар аз ман(95)анд, аз эшон писандидатар аз ин чашм тавон дошту дар ин намудор нигоҳе аз сари инсоф ҳам, шеър:

*وَ مَن كَانَ بِرُّ تَوفِيهِ مِن عَينِ عِبرَةٍ    فَما لاقَ كُحلُ الدُّرِّ فِى عَينِ أَعمَش

Ва барои бебасиратоне, ки бо чандин намоиш мадхалу махраҷи ин манҳаҷ дар нахоҳанд ёфт, аризаи мутаввал низ ба тасниф пайваст, ки дар саводи он чандон, ки чашми андеша кор кунад, муаммиёти рӯшан раста-раста растааст: *مَثَل العَباهِر فى رِياض تُنبت – то аз ин табсира ҳеҷ дақиқа маҳҷуб намонад. Ва агар бо ин ҳама иродат касеро ин намат рӯшан нагардад: тӯтиё беҳуда бошад кӯри модарзодро. Фи-л-ҷумла, ин тариқаи ҷадида агар на аз дари писандидан асту чандин санъати ман дар ҳаққи ӯ бад-он монад, ки, шеър:

*لَدى كُلِّ ذى عَينٍ جَديرٍ يُضحِكُهُ    عَلى حاجِبِ المَحجُوبِ وَ سَمَةُ ما شَطَ

Худ ҳароина, ҳар кӣ як бор дид, бори дигар назари ҳамон нодидани эшон сотири маъойиби ман писандидааст ва агар ба диданӣ меарзаду ту биной дорӣ, мисраъ: инак-инак сурмаи ман, ҳон, биё, дар чашм каш.

Ин **руқъаи муаммои мутарҷим** нигаред., байт:

*بِجَدى بَختِيارُ صاحِبُ الجَدِّ العُلى أَنظُر    فَقُل حَمدُ بِلا حَدٍّ عَلى ما جَدُّنا أَمجَد

То дар таркиби (96) мо дар аввал об асту охир шир ва дар бародар аввал накӯӣ асту баъд аз он гармӣ, худованди ҷаддам Маҷдуддини Бахтиёр, ки ҳам ҷад асту ҳам ёр дар маъмани мурод шарбати обу ангубин нӯшаш боду аз хушунату хусрони рӯзгор ҳамоҳу-л-Лоҳ. Боме, ки бо уммат бозхонде дошт, бе поёни банда Шуайб, ки чашмаш дар пирӣ кушодаанд, то номи Шуайб дар вай дуруст омадааст, адӯ шуморо чашм кашидаасту ду карда, зареву тибе бо хунбаҳо ба ҳам ба хидмат расонанд. Аънӣ, ҳаққи убудият ба ҷо оварад, ба карам дарёбаду маҳалли қабул диҳад ва бар он дили ғазодӯст, ки раҳбар аст, ба зиреҳ гузаронид, ки Маймун шароб дар сару шаъре дар миён баста, моҳе фурӯ бурда, мегуфт, ки ҳарби ҳамин гармӣ тобе ҳосил шавад. Аммо Асъад, ки шер асту офтоб дар дили ӯ хона кард, бонг бар маймун зад, ки аз ту масофи саф[76] дар об ғарқ шуда бошад, чӣ хабар дорӣ? Ин хабар аз Хоҷа Алӣ бояд пурсид, ки маро зери зар ғарқ кардааст. Шамшери мардафканаш, ки аз вай бӯйи бошир аст, ҳар кӣ бӯйи ӯ кашад, шер бошад. Рақами талаттуф худ чунон дорад, ки[77] зар созад, тал кунад, баъд аз он гӯяд, ки таф ъиндаҳу. Хабарҳои ҷуди ӯ (97) саҳеҳ аз мухбире шунидаам, ки мағзашро бо некӯӣ пайванде тамом аст. Сифати он меҳрубон мекард, ки ҳам офтоб асту ҳам дарахти хушбӯй, аммо ақрибое дорад хасисмизоҷ. Тоҷ агар зардаи мурғе ёбад, бар сар ниҳад, ки муҳтоҷам ва он ҷо, ки аз караму ато пурсанд, карим чун оҳуст ва агар зикри карам кунанд, асаммам, зиҳӣ Ҳотами асам. Масъуд, ки аз судани барбат ном берун бурдааст, турфа хабарест, ки мутрибони бе соз ӯро сазовор гӯянд, ӯ уде овоз афтодааст.

Ин ҳамаро, ки ном бурдам, хароботианду ин миқдорашон рӯшан, ки ҳар кӣ дар нақши харобот фурӯ шуд, зеро ки шаб гузошту бар сари мо афтод. Яқин медонам, ки харсати ҳар кӣ дар шароб афтод, аввал маънии бадӣ рӯшан кард, баъд аз он бозгашт. Эшон ҳам ба бадӣ басанд кардаанду бозгаштро ба об додаву хуморипеша сохату дар дарун дуруст, ки миёни хум ваҷҳ дорем:

Менадонанд ин қадар, к-он кас ки ӯ хаммор шуд,
Аз раҳи маънӣ харе афтод обе дар шикам.

Ҳаргиз ба масҷид наравaнд, масҷидашон ҳамон аст, ки бар остони махлуқ судани пешонӣ мекунанд бо кӯшиши тамом, шеър:

*مَن باتَ مِنهُم بِالشَّعِير نَوالاً    قَد يَضرِبُونَ بِجُودِهِ أَمثالا

(98) Номи моли кам, ки обест зиреҳдору зиреҳи обро сахл бақое, ъайни умр фарёд мекунад, ки агарчи чашмаи зиндагониам, ҳам охир мурдорам, намешунаванд. Ва мур, ки дар таҳти ъайн аст, аз оғози мурдан ҳикоят мекунаду мурдан талхист бар сари хум, ба таркиб, байт:

---

[76] НЛ: ки саф.

[77] НЛ: ки сафи.

Рӯзе, ки ту бинӯшӣ ин талхӣ аз сари хум,
Онгаҳ дуруст гардад бар ту, ки чист мурдан.

Ва нақши мардум неку фурӯ хонда шуд, беш аз ин нест, ки гӯянд: фалон гузашт, ту ҷовид мон. Ҳосил, салоҳ дар он мебинам, ки он ақорибро, ки беруни обанд, даруни қор мадхал надиҳад, ки охир туршӣ ҳосил ояд:

Он ки шон мадхал диҳӣ, бошад ба маънӣ ончунон,
К-аҳли маъниро кашиш бар сар, ки бошад ҷовидон.

Ва кайфияти хешон, ки доғ бар гурда мениҳанд, нуҳуфта мебояд дошту бо бародар бояд сохт, ки ҳикояти ӯ дар ахбор рӯшан шудааст, ки ҳам бародар асту ҳам некӯкор. Борӣ таъоло он зотро бо бародар аз узри дев, ки фардо бор баст, дар амон дорад. Омин!

**Дувумин навъи муаммои мусаввар ин аст**. Ин муаммо ман вазъ кардаму муаммои мусаввараш ном ниҳодам. Тариқаш чунон аст, ки тиру найзаву килк ва он чи сурати ростӣ дорад, дар ҳикоят ёд кунанду мурод аз он "алиф" бошад ва ҳуруфи "бэ", "тэ", "сэ", ки дуруст ба кафш монанд, бад-он рӯшан бар пой доранду (99) ангезише кунанд, ки нуқтаҳо бар маҳал афтад. Чун ин чаҳор ҳарф таркиб пазирад, собит шавад, ки агар ба ҳангоми таркиби муаммо ин ҳуруфи собитро фард-фард барбаст кунанд, ночор ҳарфи фард дуруст бошад. Муаммои номи Собит ба ташбеҳи дурустии ҳарф чунин ояд, ки, рубоӣ:

Собит дидам, кафши семехӣ бар сар
В-аз сина бурун омада тире бе пар.
Як мехии кафшро бибаста ба камар,
Дар пойи яке кафши ду мехаш дигар.

Ва чун сурати ҳарф дуруст дар таркиб мебигардад, аз ҳар ҳарфе нишоне беш намемонад. Муаммо ба нақши таркиб чунин ояд, ки, рубоӣ:

Собит, ки чу номи ӯст собит ҳунараш,
Дарҳол бихону нақши зебо нигараш.
Чавгоневу се гӯй даруни хуми ӯ,
Як кафчаву як дона, на ду в-аз бараш.

"Ҷим", "ҳо", "хо" шакли гӯшвора доранд, мураккаб "ҷаҳах" шавад. Агар муаммои "ҷаҳах" фард-фард тасаввур кунем, чунин ояд, ки, рубоӣ:

Бар Хоҷа Ҷаҳах се гӯшвор аст дуруст,
Зеру забараш як шабаи дона бируст.
Дувум холеву бар сари савум низ
Шонида шабаҳ чу лаъл бар хотам чуст.

Ва агар муаммо ба тариқи китобат ангезанд, чунин ояд, ки, рубоӣ:

Он Хоҷа Ҷаҳах, ки ҳаст бо мо дар лоғ,
Дорад кулаҳе се тукма ҳамчун бар зог.
Як тукма зи пеш(100)у дар таҳаш доғи бача,
Дувум холиву пеши савум ҳам доғ.

Ба ҷиҳати намудори ангезиш ин ду назир басанда аст, аммо сурати ҳуруфи боқӣ бо ташбеҳ ҳам чун зарурат аст, намудан бинмоям, бубин.

"Дол" – косаи нагунсори холӣ, "зол" – косаи як дона бар сараш мондаву сӯфор, "зол" – сӯфоре доғ бар сар, "зол" – зеҳи камон бо зоғ, "ре" – чавгону казаки дамома, "зе" – чавгони бо гӯй, "син" – арраву хандону ташдид бо дунболаи арра бар сари камон, "шин" – хандону се кунҷид бар дандонаш монда, "сод"- чашм бо дунболаи чашме бо гӯш, "зод" – чашме мукла берун афтода, "иткӣ" – чашме бо мил, "изғӣ" – чашме бо майл, "дол" – холе бар сараш, "ъайн" – наълу ҳилол, "гайн" – наълеву як мех бар сар, "фе" – сарафкандаву пойдароз, "қоф" – сари бузургу мутавозеъ, "коф" – мехе асо бардошта, "лом"- рокиъ, "мим" – чашми бозу ҷазму он чи мудаввар бошад ва агар бо дунбола гиранд, гурзу кафчаву кафчалезан, абрӯву камону турраи сарпечидаву канкари қассобу чунгули бозагиреҳу ду чашм, "лом алиф" – ду шохаву аздаҳо ва он чи бад-ин мушобеҳ будӣ - бату бутимору куланг.

**Дебочаи мактуби муаммои мусаввар**. Он чи аз ҳуруфи муфрад хезад, ҳар ҳарферо ягону дугон ташбеҳ намуда шуд. Ҳанӯз маҳалли ангехти ташбеҳот бениҳоят аст, ки агар бештар намуда шудӣ, ба татвил (101) анҷомидӣ. Боқии мураккабот дар руқъа таркиб афтод, манзур хоҳад гашт; ҳусни назаре ба тариқи инсоф арзонӣ мебояд дошт:

Унзур муаммои ҳало, айн-ал-уқул аъмо биҳо,

Гӯям ба чашми ман даро, пас гӯш кун ҳоза-л-ғино.

**Дар муаммои мусаввар нома бин**. Худованди ниъам, ки наъли мураккаб бар чашм боз ниҳодаасту аз камону тиру сипар ном берун бурда, аз бандаи шадиди хандонрӯй, ки як мурғобӣ миёни ду коса доштааст, нақши дуо, ки коса бар сари дег ниҳода, чӯбе дар таҳи дег рост карда, қабул фармояд. Ва бидонад, ки Шайх зиёро дидам, мукла аз чашм берун афтодаасту бате бар Шайх кард; ва фақеҳро дидам, сар фуруд афкандаву гӯй пеши синаи ӯ ҳалқа шуда ва аз шикамаш як мӯй бархосту гиреҳ дар пой зада. Шамсро дидам, ҳалқа миёни ду арра ниҳода. Чахҷуро дидам, ду зоғбача дар зери ду тукмаи гала нишондаву ҷуз гираҳе дар миёну турра аз фуруд овезон карда. Шоҳеро дидам, се кунҷид бар дандонҳош монда, ростӣ дар синаву гиреҳ дар шикам задаву мурғобӣ фурӯ гирифта. Заҳирро дидам, тир дар зери чашмаш рост истодаву қатраи хун болои чашмаш расидаву гиреҳ дар сина задаву пайкон (102) аз шикамаш берун омада ва бар чавгон такя зада.

**Хурам**, рубоӣ:

Хурам дидам, сурати ӯ кофарвор

В-аз бум ниҳода бар сари худ минқор.

В-овехта андар таҳи он турраи тор

Чавгон ба камар, дар таҳи чавгон чақмор.

Ин ҳама ба хидмат меоянду ба расми хидматӣ гӯши асбе гирифтаанду як ҳуду як сабру як кафши думехию як куланг пеш меоранд, ки хидмати махдумиро меҳтари худ созанд. Худованд беҳ медонад, ки меҳтарро як чашм дар сар бошаду ду дар дил. Он ки меҳтар бошаду кеҳтар, гӯӣ сарҳангест чӯбе бар даст гирифтаву дасти дигар паси пушт кафча карда. Онро низ фурӯхонд бояд карду бояд донисту гузошт, ки агар сар шавад, чунон бояд шуд, ки казак зери тащдид кашад, на ончунон ки агар кажӣ бинад, дандон бар ӯ ниҳад, ки агар сар ончунон шавад, гӯӣ, ки арра бар казаки дамома ниҳода бошад. Ва чун ин низ маълум аст, ки ҳар кӣ сар шуд, ӯро арраву казак бояд буваду худро ба забунгирони забун надиҳад ва ҷое, ки кор бояд фармуд, корро чӯб дар пеш асту ростӣ дар миёна набошад, кор нахезад. Ва чун ин ҳарду шуд, ночор ҳар кӣ ҳаст, пушти хидмат хам кунаду зери кор дарояду корро тамом кунад, назм: (103)

Кор хоҳӣ ҳамчу коф, кор баркаш чӯбу пас

Ростӣ кун чун алиф, хидмати чӯрӣ бин з-аҳли кор.

Ва агар миёни чандин мухолиф ҷӯяд, тиру сипару камон пайваста бар як ҷой бояд дошт, то амн ҳосил ояд ва дар менаяфтад, ки "ме" чашм боз аст бар сари бат. Ин бозӣ подшоҳонро муяссар шаваду дар шоҳид низ наёвезад, ки шоҳид аввал дандон намояду баъд аз он ростии боло ва он гоҳ ду сӯрох пешу пасу баъд аз он косаи тамаъ. Нақши шоҳид тамом ин аст, ки хонда шуд. Ҳар кӣ дар нақши шоҳидон фурӯ рафт, душвор берун ояд. Чун эшон зами залолатанд, мусалмон санампараст набошад, байт:

Хонда бошӣ борҳо нақши санам,

Чашму абрӯю даҳоне асту бас.

Аммо[78] шоҳидро казаке бар сар гуморанд, ки хандаро аз ӯ дур кунад ва агар аме набошад, боре холӣ бошад, шоҳид, бешубҳа, зоҳид гардад. Инак, насиҳат ба ишораги абрӯву чашм аз нас хабар медиҳад, ки мақсадро, ки чашми боз дар сар дораду печише пеши синаву дандон дар шиками холиву косаи холӣ дар таҳ устувор надошт. Ва камону сипару тиру чавгон бо гӯй, ки кори аҳли ҷиҳод аст, пеш бояд гирифту дар намози комил хавз кард. Аз подоши он чавгон бар сари гӯю сӯфоре болои тир ба арраи таҳия рост кунанд: (104) арра, ки пеши дандони кунҷид шудаш сепора. Ду чавгони зар: яке нигина бар сару яке сода фиристода шуд. Рокиъ ноҷиҳ дорад, ки нитоқи зар дар камару кафши

[78] НЛ: аммо агар.

якмехӣ дар пой дорад, таслим кунад, ки лаъаб ҳосил гардад. Лаъли самандари хос бар сари гӯю чавгон пайваста бод, мисраъ: ки ҳамон аст умр назди ҳама.

**Савумин навъ - муаммои мувашшаҳ** ин аст. Мувашшаҳе, ки вазъи котиб аст, кайфияти он мунаққаҳ дар дебочаи "Ғуррат-ул-камол" сабт афтодаву номи он мувашшаҳи мушарраҳ муайян гашта. Дар ин вазъ тасарруфе ҷадидро мадхал додаму чанд муаммо бар сабили раҳнамунӣ пеши назарҳо арз кард:

То гар гузар афтад аҳли тамйиз,
Гаште бикунад аз ин тараф низ.

[Ъ: ин муамморо муаммои мувашшаҳ ном шуд ва][79] Чун тариқи ин мувашшаҳ чунон аст, ки ҳуруфро ба расми китобат дуруст истеъмол кунанд, чунонки "алиф"-ро се ҳарф, на ончунонки дар мувашшаҳоти қадим ҳарферо бар наҳҷе бар кор медоштанд. Пас, дар ин равиши ҷадид чанд ҳуруф, ки дар талаффуз ғалате дораду хос дар асмои арабӣ ба кор ояду истеъмоли он мушкил аст, тариқи ҳар як бознамоям, назм:

То дар ангехтан осон шавадат он мушкил,
Як-як ин аст, нигаҳ кун, ки биёсояд дил.

Мисраъ: Инак-инак, **назири "зол"** ин аст. Ҳеҷ ҳарфе дар ангехти ин мувашшаҳи муаммо аз ин мушкилтар нест, мисраъ: ду шакл (105) намуда шуд, ки то дарёбӣ.

***Муҳаззаб***, рубоӣ:

Эй Хоҷа Муҳаззаб, ки мамолик бе ту
Муҳмал шуд аз инсон, ки масолик бе ту.
К-аз файзи асимат нарасад ногоҳе,
Дар хат, ки кунад саҳеҳи золик бе ту.

Мислуҳу:

Эй Хоҷа Муҳаззаб, ки миёни садрат
Бе нур диҳад талъати ҳамчун бадрат.
Моро аз самими дил гаҳе ёд овар,
Из зола ъала-с-само, бешак, қадарат.

Мисраъ: инак-инак, **назири "се"-ву "қоф"**. "Се" низ андак душворӣ дорад, аз он ҷиҳат, ки агар лафзи музлиқ барбандад, чунинки "басе" ва "ғасе" ба кор наёяд. Магар лафзе, ки ба порсиву истилоҳи мутадовил бошад, чунинки "муҳаддисе"-ву "меросе". Ва истеъмоли "қоф" низ аз ишкол холӣ нест. Ин ҷо назире нигошта шуд, ки ҳар ду ҳарфро шомил бувад, аммо як шакли истеъмоли "қоф" ин ҷо ба шарҳ пайваст. Назири дигар ҷойи дигар манзур хоҳад шуд, мисраъ: он чи ин ҷост, нигаҳ кун боре.

***Сиқа***, байт:

Дидам сиқа, ки сохт аз меросе,
Андар гузари қофила чоҳе бо ном.

Инак-инак, ин **мисоли "ъайн"-у "ғайн"**. Овардани ин ду ҳарф низ осон натавон дошт, зеро ки агар "ъайн"-у "ғайн"-и луғавӣ, ки "чашм"-у "абр" аст оранд, чандон ангехте набуваду ин мувашшаҳ намонад, "ъайн"-у "гайн"-е мебояд оварد, ки аз минасса мутаваллид шаваду чун толиъайну фориғайн бо ҳам бар ду ҳарф (106) ба тариқи латифа берун афтаду ҳукми ин мувашшаҳ маръӣ монад. Пас, барои намуна чаҳор муаммои намоянда намудор кардам: ду дар "ъайн"-у ду дар "ғайн". Ҳарду рӯшану кушода, чунонки дар борикбинии он чашми кӯтаҳназарон дар "ъайн"-у "ғайн" наяфтаду маонии ҳарду роюл-ъайн дида шавад, байт:

*كما يلوح البدر فى العينين    او تار لمع البرق فى الغينين

"Ъайн", шеър:

*مدحة العذارى من قلمى سودا    ازهر من عين و قد سودة الاجزا

***Алӣ***, рубоӣ:

Эй Хоҷа Алӣ, ки бурдӣ аз ёрон ном,
Аз дӯстият маро саломест тамом.
Ду бор, ки тобиин гӯянд салом,

[79] Аз НЛ оварда шуд.

Аз дӯстӣ беҳ, ки набошад ба давом.

Ин **назири ҳарфи "сод"-у "ғайн"** ҳам. ***Сагир***, рубоӣ:

Эй хушписаре, ки ҳастам аз рӯйи ту шод,
Ҳастӣ ту сағир, ҳеҷ ранҷет мабод.
Фасоду табиб фориғайнанд ҳар ду,
Ҷойе, ки Худо даре зи сиҳҳат бикушод.

Инак-инак, ҳам **назири "ғайн"-у "қоф"**. ***Қутлуғ***, рубоӣ:

Қутлуғ, ки шуд аҳли ақдро қуррати ъайн,
Номаш бурдем суйи Кешу Баҳрайн.
Аз қофила рахте зи ғуломе ситадем,
Биъноҳу бихубзин ва акалноҳу зиъфайн.

Назм:

Бе[80] муаммо инак аст ин назири "зод"-у "алиф",
З-он намудам, ки нонамуда бидонӣ.
**Зиё**, байт:
К-аз Хоҷа Зиё бино ниҳад расми назод,
Чун бандагӣ кунам, мухолиф нашавод. (107)

**Назири "қоф"** инак **дигар** аст ин. ***Қизил***, байт:

Бистуд чу Қизил зи мол авқофи заре,
З-он мева ғулом хӯраду ҳам мевапазе.
Инак-инак, **назири "зе"** ин аст. ***Заҳир***, байт:
Пайдогарат, эй Заҳир, набвад боре,
Лафзе ба шаҳе ниҳонӣ гӯ боре.

Ҳарфе, ки дар онҳо ранҷ мебояст дид, гуфтаму қалам осуду боқиҳо баъзе дар зимни ин муаммиёт даромаду баъзе дигарро ҳам ба ин тариқ дарметавон ёфт ва барои таъкид, байт:

Як муаммое ҳам омад дар қалам,
Инак аст он, бину дар дил кун рақам.

***Ҳасан***, рубоӣ:

Соқӣ, бархезу бода гулгун деҳ,
Нав гашт бинои айш дар дил хун деҳ.
Бисёр ба номи Ҳасанам додӣ май,
Хоҳам қадаҳе бозпасин акнун деҳ.

Ҳам дар ин санъат руқъа низ бар сабили тамсил набиштаму маҷмӯи ҳуруфи мувашшаҳ, ки дар зимни руқъа омадааст, ин ҳикоят аст, ки мувашшаҳ навоест лутфи амими каримону хушии ҳавову шароби нӯшин. Қадаҳе чанд бо ҳарифони зуфунуну вови марҳами мост, байт:

Гар мухолифкорие набвад кунун,
Аз ҳарифони пасину ваҳшате[81].

*Таммат ар- рисолат-ус-солиса.*

[80] НЛ: Ин мисраъ чунин омадааст: инак, инак назири зоду алиф.

[81] Дар поёни нусхаи ДТ понздаҳ намунаи муаммои дубайтӣ ва дар охир як муаммои ҳиндуии иборат аз як байт оварда шудааст.

مما: Аз ин чиз, ки овоз мекунад бар қиртос аз қаламу тасвир мекунад дар зеҳну фикр.

*Санъатҳои қадим*: дар ин хат санъатҳое зикр шудаанд, ки пеш аз Амир Хусрав низ маъмул будаанд, аммо ӯ дар онҳо ба расми ҷадид тасарруфоте анҷом додааст.

حتی: То ин ки бубинӣ ту, эй мухотаб, суратҳои хаёлро дар лавҳи он калом монанди обу оина, вақте ки бубинӣ ту он ҳар дуро.

*Иҳом*: ин санъат дар баробари *хаёл* дар тарзи хоси Амир Хусрав ҷойгоҳи азиме дорад. Ба қавли Хусрав, оинаҳои тарассули ӯ "шак нест, ки бештар ба тасаввуроти бадеъ, хусусан ба хаёлу иҳом мусаввар аст".

*Таҷнис*: Қабл аз Хусрав ҳар кӣ дар назму наср ба таҷнис рӯй овардааст, бо ду лафз басанда кардааст. Аммо ӯ аз роҳи илтизом ва ба хотири имтиҳони табъ дар ин санъат номаи тарсеъ нигоштааст.

Таҷнис анвое дорад, ки дар китобҳои балоғӣ мастур аст, аммо Амир Хусрав дар он миён дар номаи мазкур танҳо ба ду навъи он – том ва мураккаб таваҷҷӯҳ кардаву онҳоро писандидатарин навъи таҷнисот медонад. Сонӣ, таҷниси хатро меписандаду ба он ду руқъа: яке арабӣ ва дувум порсӣ нигоштааст. Анвои дигари таҷнисро, бинобар ба кор наомаданашон дар ашколи Хусрав, зикр накардааст.

Ба қавли ӯ, таҷниси хатро таҷниси мукаррар ҳам метавон гуфт, аммо дар китобҳои балоғӣ таҷниси хат ва мураккаб ҳамчун навъҳои ҷудогона тавзеҳ ёфтаанд.

(جوزا و جوزا): Суратҳои навиштории дохили қавсайнҳоро ба алифбои арабиасос дар ин ҷо ва мавридҳои дигар ба ин сурат мо овардем, то ки шинохти санъат ва ибтикороти Амир Хусрав бармало намудор гардад.

حمدت: Дуруд мефиристам ману салом мерасонам соҳиби шарафро, ки пайдоиши тамоми халқ барои ӯ ва ҳол он ки сахт бӯсидааст аз рӯйи таъзим сарангуштони ӯро.

*Ялхат*: Бингар ба гӯшаи чашми муҳсине, ки бузургӣ дода шудааст.

تحمید: Ин нома, ки арабист, ба сурати асл оварда мешавад. Дар мавридҳои дигар ҳам, ки дар як санъат ду нома: арабӣ ва порсӣ меояд, ҳамин равиш интихоб шудааст.

*Тасҳиф*: Тафовути тасҳиф аз таҷниси хат дар он аст, ки дар тасҳиф як калима ё як ҷумла ва ё як байт як маънии ҳаҷв ва як маънии мадҳ дорад. Чунин маънӣ дар натиҷаи иваз шудани ҳаракот ба даст меояд. Масалан, агар дар ҷумлаи дуъоии "Ё Раб, давлатат зиёд – یا رب دولتت زیاد" нуқтаҳоро иваз кунем, ҷумлаи ҳаҷвии зерин ба даст меояд: "Борат давлатат занод – بارت دولتت زناد".

فیا صفاح: Пас, эй бахшанда, бадиҳои ман бибахш, ба ҳурмати Қуръони худ, ки бузург аст гуноҳонро.

خانه: Хонаи хулқ ҳастию ба бурдборӣ ҳамчу кӯҳ; ба илмҳост ғурур дар олам туро.

*Санъати қалб*: Амир Хусрав ду навъи санъати қалб – қалби баъз ва қалби кулро ном бурда, шакли мақлуби баъзро, бинобар адами лутфе дар он, лоиқи истеъмол дар тарзи худ намедонаду онро шарҳ ҳам намедиҳад. Аммо ба нудрат, чунончи ҷое нодир ояд, истифодаи онро инкор намекунад. Тасарруфи қалби кулро ҷоиз медонад.

Амир Хусрав бар он аст, ки Ҳарирӣ "қадре, ки дар қалб раво бувад оварда, аммо он тамом арабист". Аммо вай дар руқъаи санъати мақлуби кул арабу аҷамро ҷамъ кардааст.

*Санъатҳои нуқта*: Ба санъатҳои нуқта ракто, хифо, манқут ва ғайриманқут дохил мешаванд, ки аз нигоҳи ҷинсият қариби якдигаранд: ракто – овардани лафзе, ки як ҳарфаш бо нуқта ва ҳарфи дигараш бидуни нуқта бошад; хифо – дар ҷумла овардани калимоте, ки яке бе нуқта ва дигаре бонуқта бошад; манқут – овардани алфозе, ки ҳама ҳуруфи он нуқтадоранд; ғайриманқут – акси манқут аст.

Санъатҳои мазкур дар мактуботи Амир Хусрав кам истеъмол ёфтаанд, аммо ба хотири зоҳир кардани ибдоъи ботини хеш чор руқъа дар ҳар чаҳор санъат ихтироъ кардааст.

ایا فاضل: Эй фозили замона, зинда бошӣ, мебинӣ аз сафҳа, ки навиштам ман чунин аз рӯйи нутқ, яъне қувваи нотиқаи худ, монанди биҳишт шукуфтаву сероб.

أَنصِف: Инсоф кун, Эй соҳиби қувват табиати маро, ҳар гоҳ қувват ёфт сониъи мо ба сунъати қавитаре.
صَلاحُک: Некии ту зиннат дод номи туро дар замона, пас зиннат дод тамоми шеърро мадҳи Заййин, ки номи мактуб илайҳи аст.
يُفيض: Равон мешавад ашкҳои ӯ дар дӯстии Заййин ва шикасти ҷони ӯ дар дарозии ҷудоӣ.
رحم الله: Раҳм кунад Худо коригаре доноро, ки ҷавҳарро дар мақом нишонад.
اعطاک: Ато намояд туро парвардигори ту, эй зинати халқ неъматҳоро.
ابّد الحليم: Ҳамеша дорад Худои бурдбор бунёди ҳилми ӯро; мадад кунад Худой, соҳиби илми баён, илми ӯро.
*Талмеъ*: Ин ҳамон санъати муламмаъ аст, ки ба шарҳ ниёз надорад ва дар тарзи хусравона низ онро илтизоме нест. Дар ҳар ду номаи муламмаъ як сатр форсӣ ва як сатр арабӣ, ҷое, ки назм меояд, байте арабӣ ва байте форсӣ оварда шудааст.
*Изо ило*: дар ин ҷо ва мавридҳои баъдӣ чунин суратҳо, ки пеш аз матни аслии ҷумлаҳои муламмаъ ба забони арабӣ меоянд, намоёнгари давоми матн ба тариқи муламмаъ мебошад, ки ба сурати асл зикр карда шуд.
*Иштиқоқ*: Амир Хусрав бар он аст, ки ду лафзро ба ҳам тақрибе додан душворие надорад, аммо касе, ки ин корро карда наметавонад, гирди тарзи хос нагардад. Дар сурате санъати иштиқоқ илтизом пайдо мекунад, ки моҳиятан ба зебоие мавзӯъ шуда бошад, ки ҳеҷ лафзе "беадабвор" мақрун нашуда бошад, магар он ки ҳомили латифае бадеъ, санъате латиф ва ё маъние дақиқ бошад.
الا فانظر: Огоҳ бош, пас назар кун робитаҳои ӯро сӯйи лафзи наздик лафзи наздик мушобиҳ аст, монанди *ъайну ъайнан* ва *соду зод* ба чашм.
و الجدّ: Ва бахти ту, ки модарони умур азми моро ва ситора фароҳам кард сӯйи мо сарвари мо.
كان: Гӯё, ки парвардигори таъоло пайдо кардааст ӯро биайнаҳу аз оташу аз офтобу аз маҳтоб.
*Назм-ун-наср*: Ин санъат чунон аст, ки бо он руқъае менависанд, ки ҳам манзум асту ҳам мансур. Тариқи назми он чунин аст, ки аз рӯйи ин ё он баҳр матлабро тарзе ҷо ба ҷо мегузоранд, ки аз доираи вазн берун наояд. Барои риояи қофия калимаҳои охири мисроъҳоро бо таваҷҷӯҳ ба он ки ҳаруфу ҳаракоти қофия ба ҳам оянд, ба ду бахш ҷудо намуда, қисми дуюми онро дар оғози мисраи дуюм меоранд. Масалан, дар баҳри ҳазаҷ:

| | |
|---|---|
| **مفاعيلن مفاعيلن فعولن**<br>ربا و دوستان و بنده و چا<br>سلامت می پوئیم و شکر خلا<br>**مفعول مفاعلن فعولن**<br>گوئیم و امیدوار می با<br>دار از پس چند گاه دریا... | **بحر هزج مسدس**<br>از اینجانب همه با مرکب و اق<br>کر و کالا و رخت اندر ضمان<br>**بحر هزج مسدس اخرب**<br>ق از مردم دیده روز و شب می<br>شیم از کرمش که نعمت دی |

Ҳамин матлабро ба наср бинависем, чунин аст: "... Аз ин ҷониб ҳама бо маркабу ақрабо ва дӯстону чокар ва колову рахт андар замон саломат мепӯем. Ва шукри Халлоқ аз мардуми дида рӯзу шаб мегӯему умедвор мебошем аз карамаш, ки неъмати дидор аз паси чандгоҳ дарё(бем)".
حَتّى: То ки ҳамеша бошад бар қиртоси эҷоди мо ин накш, ки бошад монанди нишонаҳо бар либосҳо.
*Мусаммат*: ин санъат махсуси назм аст, аммо Амир Хусрав тасарруфе анҷом додаю онро дар қолаби наср рост кардааст. Аз намунаи овардаи ӯ маълум мешавад, ки ҷумлаҳои насриро тарзе овардааст, ки ба ҳамон шакли қофиябандии мусаммат шинохта шуданашон душвор нест. Аммо инро мусаммат наметавон гуфт, аз ин ҷост, ки Хусрав исми "самт-ун-наср"- ро ба он гузоштааст.
*Саҷъ*: саҷъ бештар махсуси наср аст, бо вуҷуди ин Амир Хусрав дар заминаи саҷъҳои қадим тасарруфе анҷом дода ва дар чаҳор навъи он: мутарраф, иънот, мукаррар, мураддаф иштироки хешро лозим донистааст. Навъи иънотро дар наср Амир Хусрав овардааст.

ان شاء: Ва агар хост касе, ки саҷъ омӯхт кабӯтарро, ба воситаи гул, рӯзе, ки ин корро хост дӯстонаш ӯро ёрӣ медиҳанд.
*Муаммо*: Амир Хусрав бар он аст, ки ин тариқи муаммо вазъи Мавлоно Баҳои Бухорист, вале ӯ фақат ангезише барои ном мекардааст. Навиштани руқъа ё рисоларо ба муаммо Хусрав вазъ кардааст.
اذا: Ҳар гоҳ гузашт миёни ҷони ман Мавҷуд, ки лақаби мактуб илайҳи аст, аз ашки ман мавҷи дӯстӣ зоҳир мешавад; чун "мавҷ"-ро бо "вад" даромезанд, мавҷуд шавад.
اذ صاد: Ҳар гоҳ сайд карду зоҳир шуд саъйи банда, ҳароина шуд ба он сайд некӣ мавҷуд.
*Дурӯбинӣ*: дар дебочаи ин санъат, ки бо риояи нисбати оина танзим шудааст, чигунагии он тавзеҳ дода шудааст.
ليعلم: То кӣ донад касе, ки мар ӯрост табиати хуб, ки камоли фазл додааст мар Худои доно. Ба қавли Тоҷиддин Мардонӣ, ин байт аз Ибни Сино мебошад.
من كان: Касе, ки шуд соҳиби басират, кифоят кард ӯро як оина; нафъ намекунад нобиноиро ҳазор оина.
*Зу-р-рӯятайн*: ин санъат низ ба санъати дурӯбинӣ монандӣ дорад, тафовут дар он аст, ки дар ин ҷо таваҷҷуҳ ба нақши порсӣ зиёдтар аст.
*Қалб-ул-лисонайн*: ин санъат чунон аст, ки аз боло фуруд оянд, арсаи форсӣ бинанд ва агар аз фуруд ба боло раванд, ба арабӣ расанд. Тариқи хонданаш чунон аст, ки "дар порсӣ аз матлаъ сӯйи мақтаъ оянд, монанди тире, ки рост аз боло фурӯ ояд ва дар арабӣ аз зайли руқъа сӯйи садр бароянд, бар сони тире, ки роҷеъ шавад". Ба қавли Амир Хусрав, шунидааст, ки пеш аз ӯ донишмандони дигар, аз ҷумла Қозӣ Сафиуддини Буҳайр дар ин санъат қасидае навиштааст, аммо дастраси вай нашудааст.
*Накфинӣ*: кифоят мекунем мо ба касди як тир, вақте ки ҳосил шуд нишона.
*Форс-ул-араб*: чунин аст, ки дар муқаддима алфози арабию порсӣ ба таври омехта оварда мешаванд, чунки аксари дуъоҳо ва таманниёт ба забони арабӣ оварда шудаанд. Амир Хусрав ҳарчанд кӯшидааст, ки ниҳояти муқаддимот бе таркиби арабӣ тамом шавад, мумкин нагаштааст.
ملک الشرق: Подшоҳи Шарқ - одилтари амирон, худованди фазлу харҷи иҳсон.
بک: Ба ту ҳамеша бод қоим дар замона шаръи мухтору илми Нуъмон.
و کل: Ҳамаҳо сӯйи шумо, ҳароина, ташнаанд, монанди ташнагии ҳурабо сӯйи офтоби Шарқ.
الله ينصر: Худо мадад мекунад дӯстони туро аз рӯйи ёрӣ, ғайбате мудом барои кандани душманон.
جاء به: Оварда он хатро шитобикунандаи шумо, мурод аз қосид, дар ҳаво шохест аз ҷиҳати овардани ӯ аршҳои орзуро.
فارجو: Пас умед мекунам аз ту омадани қосидро ба он тахтҳои тамому мужда додани он қосид қабулиятро.
و لعب: Бозии чавгону ҷавлони аспон, ҳароина, шуғл мекунанд онҳо тамоми рӯзу соат.
فيا من: Пас, эй касе, ки бар эҳсону бузургӣ қудратдоранда аст, меҳрубонӣ кунад бар мо ба лутфи Худои меҳрубон.
*Мубодалат-ур-раъсайн*. овардани калимаҳое, ки дар натиҷаи иваз кардани ҳуруфи аввали онҳо калимаи дигаре ба даст меояд, ки он ҳам ҳомили маънии мавриди назар аст.

Мисоли он чунин аст: پیش خواجهٔ صدر بدر که بدر صدر است بنده به زاد که – مصرع: زه باد کمان آرزویش – سلام با ملامت و ملام با سلامت می رساند و کار بندگی می کند و بار گندگی می کشاید..

Пеши Хоҷаи Садри Бадр, ки бадри садр аст, бандаи беҳзод, ки, мисраъ: зеҳ бод камони орзуяш, саломи бо маломату маломи бо саломат мерасонаду кори бандагӣ мекунаду бори гандагӣ мекушояд...
يا جانى: Эй мевачинанда аз дарахт, хурмое барои ман; пайваста бош дар дӯзах дароянди оташ.
*Қатъ-ал-ҳуруф*: овардани алфозе, ки ҳуруфи калимоти он байни ҳам ҷудо навишта шаванд. Мисол: در در داور دوران در رود -дар дари Довари даврон дар равад. Ва ё: او رازق و او روزی ده - ӯ розиқу ӯ рӯзидеҳ.
*Соҳиби "Ҳадоиқ"*: яъне, муаллифи китоби "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър" Рашидуддини Ватвот, ки Амир Хусрав ӯро ба сурати Рашидуддин Умари котиб ном

мебарад. Вай дар санъати қатъ-ал-ҳуруф як байт оварда, аммо номаи тамом Амир Хусрав нигоштааст.

دَاوُدَی: Эй Довуди кӯчак, хонаи дӯстии ту зиёда боду равнақ бо бод.

*Васл-ул-ҳарфайн*. васли ду ҳарф аст. Калимаҳое зикр мегарданд, ки ҳар ду ҳарфи онҳо байни ҳам пайваста навишта мешаванд, ба таври зайл: جانب مربی من برسد – ҷониби мураббии ман бирасад.

عش: зиндагӣ кун аз рӯйи покизагӣ, ки иҳота кард он покизагӣ туро, то ки дарё равон аст; пас қабул кун барои Рабби худ чизе, ки тавқеъ кард муҳтоҷ.

مد: Дароз кунад Холиқи ҳар шайъ сояи накӯӣ бар сари ту.

*Иттисол-ал-ҳуруф*. тариқи ин санъат чунин аст, ки бояд ҳуруфи ҳар калима ба ҳамдигар пайваст бошад.

یا مالکی: Эй Худованди ман, ом шудааст аз ту неъмати бахти ман; биёр аммаи маро дар ҳоле ки он покдомани замона аст.

عشی: Қариб аст, ки зиндагӣ кунем ногуворо дар биҳишти пурнеъмат. *Арбаъат-ул-аҳруф*: чунин аст, ки дар аснои навиштан фақат аз чаҳор ҳарф – алиф, ҳ-и ҳаваз, вов, йо истифода мешавад. Вазъи ин санъат намоёнгари камоли табаҳҳури Амир Хусрав дар каломи араб аст, чунонки дар ин санъат як руқъае нигоштааст, ки он ҳам ба забони арабӣ мебошад.

ایا صاحب: Эй соҳиби табъ, оё мешунавӣ ту теғро барои он аст тезиҳои чор.

*Хамсаи муфрада*: мутобиқи санъати арбаъат-ул-аҳруф вазъ шуда, фарқ дар он аст, ки ин ҷо як ҳарф зиёд шудааст. Аз намунаи оварда маълум мешавад, ки он ҳарфи илова шуда "ҳо"-и ҳуттӣ аст. Ғараз аз ибдоъи ин санъат эҷоди арсаи васеътари нисбат мебошад.

لان: Барои ин ки тамом мешавад ин санъат нуқуши маонӣ, чунонки ҷудо шуд ҳад аз ҷинсу фазл.

*Муъҷизат-ул-алсина ва-ш-шафот*: ин санъат чунон аст, ки ҳангоми хондани рукъаи дар он навишта шуда, ки ба забони арабист, кому забону лаб иштирок намекунад, балки калимаҳо аз ҳалқ хориҷ мешаванд.

لسان النّاس: Забони инсон нест қодир, бар он амал мекунад, дар он забонҳои ҷамод.

*Азл-ул-лисон*: чунон аст, ки ҳангоми хондани руқъаи дар ин санъат навишта шуда, ки ба забони арабист, забон ба ком намерасад.

احلیته: Ширин кардам ман ӯро ба завқ монанди шаҳд, шаҳд кун ӯро дар даҳанҳо, эй соҳиби миннат.

*Тарҷумат-ул-лафз*: тибқи ин санъат, дар матн ду калимаро тавре паси ҳам меоваранд, ки дуюмӣ ба тариқи латифа тарҷумаи аввал афтад. Санъати мазкур дар каломи нависанда ҷойгоҳи бузурге доштаву дарки маънию ғарази аслии нигоранда бар гарави он ҳам ҳаст. Бинобар ҳамин аз таркиби рисолаҳои дигар се намуна меорем, то тариқи маърифати саҳеҳи ин санъат рӯшан гардад:

а) "Садри муаззам аз устухони судури Туркистон аст". Маънии зоҳир он ки садри муаззам аз маснаднишинони бузурги Туркистон аст. Маънии ҳунарӣ он, ки лафзи "муаззам" мураккаб аз "ъузм" (عظم) ба маънии устухон аст. Туркистон мураккаб аз "турк" ва "ситон" аст, ки "ситон" номи устухони сина мебошад, ба пушт пайваста бошад. Аз ин нигоҳ дар ин ду лафз санъати тарҷумат-ул-лафз омадааст.

б) *Зи мо рӯ нагардад чу тири қазош,*
*Бувад ҷуннат ин ҷо сипар хостан.*

Санъати тарҷумон дар мисраи дувум дар мисоли калимаҳои "ҷуннат" ва "сипар" намудор мешавад, барои он ки ин ду лафз пасу пеш омадаанду дуюмӣ тарҷумаи аввалӣ аст.

в) "Муштарӣ дар син аз Хуршед хурд менамояд, аммо аз дандон баландтар аст). Дар ин мисол байни калимаҳои "син" ва "дандон" санъати тарҷумат-ул-лафз аст, чунки "син" ба маънии тӯли умр ва соли зиндагӣ буда, дар навбати худ тарҷумаи дандон аст.

فی کل: Дар ҳар лафз мебинӣ, ту ба хубӣ тарҷумаи ӯро, чунонки ъайн дар шаръу нун дар наҳр.

اذا دعا: Ҳар гоҳ талабид барои бахшишҳои ту ситорагонро, овозкунанда шуданд ситорагон чунончи дар хушии мутриб.

*Зимн-ул-лафз*: ин санъат ба нисбати маънавӣ робитаи мустақим дошта, бо мақсади тармими риштаи гусастаи нисбат вазъ шудааст. Яъне, дар сурати танг омадани риштаи таносуби калом мусанниф метавонад, ки калимаи навбтиро дар яке аз ҷузъҳои калимаи қаблӣ бигирад. Барои мисол, "лафзи канад ва донад ва надонад ва ҳар лафзе, ки дар охири он "над" бувад, чун маънии "над" хушбӯӣ дошта аст", бо калимаҳои ҳамнисбати бӯй метавон ангезиш дод. Калимаҳои тоҷикии амсоли "буд" ва "кабуд" низ чун дар таркибашон лафзи "бӯ" доранд, аз ҳамин навъанд.
هما: Он ҳар ду кас майл карданд аз ҳақ бартар ва аз касе, ки пир шуд дар мо монанди безор аст.

*Муаммиёт*: муаммо дар ҳарфи охири хатти аввали ҳамин рисола низ ёд шудааст. Дар ин маврид манзури Амир Хусрав анвои муаммост, ки дар ин бахш шарҳ додааст ва аз ин ҷиҳат сарфасли онро муаммиёт номидааст. Амир Хусрав ба сабаби ба сӯйи муаммиёт чандон илтифот надоштани аҳли табъи замонааш танҳо барои ном се навъро ихтиёр кардааст, ки инҳоянд: муаммои мутарҷим, муаммои мусаввар, муаммои мувашшаҳ. Дар навъи аввали муаммо се лақаб ва ҳафдаҳ номи мушкилро дар муаммо оварда, дар зайли ҳар кадом тариқи шинохтани онҳо, завобиту равобит ва тахайюлотро боз намудааст. Дар навъи дувуми муаммо он чиро, ки аз ҳуруфи муфрад хезад, ба ҳар ҳарф аз як то ду ташбеҳ зикр кардааст. Зикри муаммои мувашшаҳ дар дебочаи девони "Ғурратулкамол" низ мастур аст. Дар маҷмӯъ кулли муаммиёт хусусияти раҳнамуниву дастурӣ доранд.
و يبصر: Ва мебинад ба тааҷҷуб ҳама мардум; муаммо далолат мекунад арбоби басиратро.
و من: Ва касе, ки бошад тандуруст, тамом бинад ӯро аз чашми ибрат, яъне панд гирифтан; пас нест лоиқ сурмаи ҷавоҳир дар чашми бино.
مثل: монанди наргисҳо, ки дар боғ мерӯяд.
لدى: Наздики соҳиб ҳар чашм лоиқ аст, ки ханда кунад баробари вай нобино, ки вусмаи доя аст.
بجدى: Тарафи ҷадди ман, ки Бахтиёр ном дорад, ки соҳиби бахти баландтар аст, бинигар; пас бигӯ, ки ҳамд мекунам ҳамд кардании беҳад, бинобар он ки ҷадди мо бузургтар аст.
من بات: Ҳар кӣ шуд аз эшон ба ҷуд аз рӯйи бахшиш, ҳароина, мезананд ба ҷуди ӯ масалҳо.
كما: Чунонки рӯшан мешавад моҳ дар ду чашм ё рӯшан шавад тобандагии барқ дар ду абр.
مدحته: Мадҳзанони хушрухсор аз қалами ман навишта мешавад рӯшантар аз чашм ва таҳқиқ, ки навишта шуд аҷзо.
*Биъноҳу*: Фурӯхтам онро ба ивази нон ва нисфашро хӯрдам.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБИ РИСОЛАИ СЕЮМ

Ар-рисолат-ус-солиса мин "Расоил-ал-эъҷоз" фӣ-л-латоиф мин-ал-маснуъот ....208
Хатти аввал дар санъатҳои қадим ва тасарруф дар онҳо ба расми ҷадид ....208
Ҳарфи аввал дар иҳом ....208
Ҳарфи дувум дар санъати таҷнис ....208
Ҳарфи севум дар санъати тасҳиф ....211
Ҳарфи чаҳорум дар санъати қалб ....212
Ҳарфи панҷум дар санъатҳои нуқат ....213
Ҳарфи шашум дар санъати тарсеъ ....214
Ҳарфи ҳафтум дар санъати талмеъ ....215
Ҳарфи ҳаштум дар санъати иштиқоқ ....218
Ҳарфи нуҳум дар санъати назм-ун-наср ....219
Ҳарфи даҳум дар санъати мусаммат ....221
Ҳарфи ёздаҳум дар саҷъ ....221
Ҳарфи дувоздаҳум дар санъати муаммо ....222
Хатти дувум дар санъатҳои ҷадиди вазъи Хусрав ....224
Ҳарфи аввал дар санъати дурӯбинӣ ....224
Ҳарфи дувум дар санъати зу-р-рӯятайн ....225
Ҳарфи севум дар санъати қалб-ул-лисонайн ....226
Ҳарфи чаҳорум дар санъати форс-ул-араб ....227
Ҳарфи панҷум дар санъати мубодилат-ур-раъсайн ....228
Ҳарфи шашум дар санъати қатъ-ул-ҳуруф ....228
Ҳарфи ҳафтум дар санъати васл-ул-ҳарфайн ....229
Ҳарфи ҳаштум дар санъати иттисол-ул-ҳуруф ....229
Ҳарфи нуҳум дар санъати арбаъат-ул-аҳруф ....230
Ҳарфи даҳум дар санъати хамсаи муфрада ....230
Ҳарфи ёздаҳум дар санъати муъҷизат-ул-алсина ва-ш-шафот ....230
Ҳарфи дувоздаҳум дар санъати азл-ул-лисон ....230
Ҳарфи сездаҳум дар санъати тарҷумат-ул-лафз ....231
Ҳарфи чаҳордаҳум дар санъати зимн-ул-лафз ....231
Ҳарфи понздаҳум дар муаммиёт ....232
Тавзеҳоти рисолаи севум ....241

# РИСОЛАИ ЧАҲОРУМИ “ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ”

Рисолаи робиъаи “Эъҷози хусравӣ”
Бисми-л-Лоҳи- р-Раҳмони-р-Раҳим

Ар-рисолат-ур-робиъа мин-ал-маънавиёт*, таштамил ъало хамсати хутут. **Хатти аввал** дар дебочаи ин қисм ва баёни кайфиёте, ки зарурат аст аз ташбеҳоту латоифи бадеъ, ки мулоими ин қисм аст. Ва дар ин қисм ҳуруфи тафсил хайр аст. **Хатти дувум** дар муфрадоти ин қисму ангехт дар он, муштамил бар се ҳарф. **Хатти севум** дар амсилаву мактуботи салотину мулук, муштамил бар се ҳарф. **Хатти чаҳорум** дар мактуботи илму ҳикмату фазлу адабу мавоизу насоеҳ, муштамил бар се ҳарф. **Хатти панҷум** дар руқаоти мӯҷаз, муштамил бар се ҳарф.

**Хатти аввал** дар дебочаи ин қисм ва баёни (3) кайфиёте, ки зарурат аст аз ташбеҳоту латоифи бадеъ, ки мулоими ин қисм аст. Ва дар ин қисм ҳуруфи тафсил хайр аст, мисраъ: **нисбати мухталиф** ба ҳар ҷое.

Дар назари нозирони борикбин, ки ба тезии андеша дар дили рамуз мӯ бишкофанд, банда Хусрав рамузе, ки дар дил дорад, сари мӯй бозмешикофад. Бар он ҷумла, ки рӯзе бо ду ёри вофирфазл, ки ҷони маонӣ дар қолаби хатту лафзи эшон ба мисоли рӯҳ-ул-Лоҳ дар раҳми Марям ҳарам ёфтааст, дар як хона чун се рӯҳ дар як тан ҷамъ омада будем. Яке бад-он ёд мепарид, ки ман ҳангоми иншо рӯҳи наботиам, ки табосири табъ аз килки хушк сунбули тару бунафшаи муанбар рӯёнам. Ва дувум аз он равиш меҷунбид, ки мушобаҳати ман дар эҳёи қулуб бо рӯҳи ҳайвонӣят, ки дилҳоро аз анфоси хеш чунон зинда медорад, ки рӯҳи ҳайвонӣ аҷсодро ва афсурдагон аз латоифи ман бад-он сон бехабаранд, ки ҷамодот аз рӯҳи ҳайвонӣ, рубоӣ:

Гӯянд, ки маъдани ҷавоҳир дили ӯст,
Бетабъ чӣ донад, ки чиҳо ҳосили ӯст?
Аз ҷавҳари зиндагӣ хабар кай дорад,
Девор, ки харсанг дар обу гили ӯст?!

Чун он ду муҳйи ба шарбат яке сабикаи худро дар колбуди рӯҳ табъе рехту дувум аз қуввати табиат худро рӯҳи номӣ (4) сурат кард, ман, ки дар қолаби сухан ҷони мусаввирам, ночор хоки вуҷуди худро дар мизони сухан бо рӯҳи нотиқа баробар санҷидам, назм:

Ҷаро набвад хитобам рӯҳи нотиқ з-анҷуму ахтар,
Ки санг андар ҳадис ояд, гараш ман бигзарам бар сар.

Ҳосил, он ҳуҷраи хилват аз ин се рӯҳ инсони кабир гашта буду ин се олами сағир аз тинати хокиву рӯҳи улвии хеш осмону заминро якҷо карда, дар баҳси улувиёти нақб дар хизонаи уқулу нуфус меафкандему гоҳ ба новаки фикр Муштарию Зуҳраро чун нуқтаҳои рамл бо ҳам медӯхтем. Уторид аз дасти мо чунон саргардон гашта, ки тир дар даст тайр кард. Тезии табъро ба имтиҳон чунон кор мефармудем, ки агар ҳама басотатро аз сатҳи унсур ҳак мекардем, осеб ба унсуре намерасид, то аз обои улвиву уммаҳоти сифлӣ сухан дар сухан зоду зикри мавоид дар миён афтод. Яке гуфт: ”Инсон суратест аз қалами сонеъ ба алвони мухталиф нигошта, чунонки аз дебочаи лоҳуташ ба сахтӣ саҳеҳ тавон набишт: *ар-Раҳмон халақ-ал-инсон ъало суратиҳи*. Бубин, ки оинаи вуҷуди носутиро дар мувоҷеҳи кадом сирр-ул-ваҳият доштаанд, то ин мисоли бемасал муояна падидор омадааст, ки чандон пайкари рӯшноӣ дар шишаи (5) хонаи сипеҳри миноию чандин нақши бӯқаламун дар нигористони бисоти зумуррадгун оростаанду чун кор ба муҳозот мерасад, байт:

Ҳар кадоме кас бад-ӯ хоҳанд ҳамсар доштан,
Хиштро бо оина бошад баробар доштан”.

Дигар огоз кард, ки сурати бемаъниро эътиборе набувад, зеро ки мардумгиё низ ҳайбати одамӣ дораду ҳаргиз аз бисоти гиёӣ пой бар пояи одамият натавонад ниҳод ва дарахти вақвоқ агарчи баланд гардад, дасти дараҷаташ ба пойи мӯрча паст нарасад. Аз он рӯй, ки он ба дараҷаи номӣ баланд асту ин ба дараҷаи ҷонӣ. Факайфа, ба мартабаи инсон дар миёни мардуми сувариву маънавӣ ҳамон қадар роҳ аст, ки миёни мардуму мардумгиё. Ҳар кӣ ба ҷаҳлу утлат ризо дод, гӯӣ ки худро аз кунгураи башарият чунон фуруд андохт, ки дараҷаи ҳайвониятро дар миён бигзошту бар фарши гиёҳ афтод, балки бо санглохи ҷамодият осеб хӯрда, муҳраи азияташ хурд бишкаст, байт:

*و لَیس کُلُّ ذوی التّمثال مِن نَسَمٍ    اِلّا الّذی فیهِ حظُّ العِلمِ و الحِکَم

Чун он ду ҷони азиз ҷавҳари латифи хешро боз намуданд, ман низ латофати рӯҳи нотиқаи хешро иродат кардаму он чи ҷони сухан буд, берун додам, чунонки забонам аз рӯғани маънӣ (6) чун забони чароғ ҳама рӯҳи мусаввар гашт, байт:

Сухан, ки оби ҳаёт аз забони ман хӯрдаст,
Чу умр меравад инак равон, ки дер зиёд.

Гуфтам, ки рӯҳи нотиқ бодест, ки дар пӯсти ҷумлагии инсон дамидаанд, ки агар мардуми оқил ҳам бад-он сон басанда кунанд, чун оммаи инсон муште бувад пурбод, ҳарчанд пуртар, тиҳитар. Ва чун даҳан боз кард, бо вай бипаймояду холӣ шавад, байт:

Омма, ки ба паймудани боданд ҳама,
Чун дарнигарӣ, ба ҳеҷ шодона ҳама.

Аммо ҳар гоҳ ба он ёд бӯйи илме ёр шуд, равоеҳи мардумӣ пайдо омад. Ҳар ҷо, ки ғунча даҳонро боз кунад, ҳар кӣ ҳаст, хоҳад, ки аз рӯҳи ӯ насибе ёбад. Пас, чун гули азияташ бар ин гуна шукуфт, ночор гулеву шаҳре гардаду мардумонаш бар кафи даст карда доранд, то он рӯз, ки ӯ дар хок раваду тинати ӯ ба бод, байт:

Мардум ҳунаре, ки дошт, бо ӯ биравад,
Ҳар гоҳ, ки гул хушк шуд, бӯ биравад.

Магар асҳоби иншо, ки дар бӯстони мардумӣ эшон дарахти гуланду соир-ун-нос чинандагони гул, то дар шигифтанд сад ҳазор андалеби хушнафасу гулбӯёни булҳавас гирдаш бармеоянду баъзе сусту баъзе гул бар даст бозмегардаиду чун аз осеби замона дар хок хуфтанд, (7) байт:

Хушбӯй гулбуноне, к-эшон ба хоку олам
То бомдоди маҳшар аз бӯяшон муаттар.

Пас, дар ин сурат сухан бар ду ваҷҳ омад: колбудӣ ва ҷонӣ. Колбадӣ, чунонки гуфта шуд, ки оммаи инсонро аз колбуд ба ҳамроҳии нафс барояду ҳам боз нафс фуруд равад, боде ба боде рафта бошад, чун бо ҷон ошноӣ надорад, чандон бақояш натавонад буд. Аммо сухани ҷонӣ он бувад, ки  хулоса аз рӯҳи нотиқ берун ояду аз ғояти латофат чунон бо ҷонҳои мусаффо даромезад, байт:

Ки мумкин нагардад ҷудо кардан аз ҳам
Чу боде зи бодеву обе зи обе.

Ҳар гоҳ, ки латофати сухан бад-ин дараҷа расид, онро сухан нахонанд, балки рӯҳ гӯянд. Пас, чун аз роҳи иттиҳод бо рӯҳ канафсин воҳидин гашт, ҳароина монанди рӯҳ бақои абадӣ ёбад. Балки нури чароғи сухан аз нури чароғи ҷон бештар аст. Аз он рӯй, ки чароғи ҷон ҳуҷраи танро рӯшан битавонад дошт, аммо чароғи сухан офтобест, ки Машриқу Мағрибро рӯшан кунад. Балки аз чароғи Офтоб низ рӯшантар аст, зеро ки ламъаи Офтоб бурунҳоро барафрӯзаду бо дарунҳо кор надораду офтоби сухан беруну дарунро дар гирад. Ва чароғи ҷон то рӯғане дар қолаби гил ҳаст, нур диҳад, аммо забонаи чароғи сухан баъд аз он ки қолаби гил бишканаду (8) рӯған дар хок резад, фурӯзонтар аз оғоз бошаду хонаи фурӯзандаро рӯшантар аз нахуст гардонад, байт:

Чунон к-аз зери домони қиёмат
Ба нафхи сур ҳам кушта нагардад.

Умри ҷовид аз он ҷо, ки ростист, ҷуз суханро натавон гуфт, ки ҳам асҳоби суханро баъд аз мурдан зинда медораду ҳам касеро, ки эшон ба зикре зиндагӣ бахшанд. Аммо сухани ҷумҳури асҳоби таснифро умри ҷовид натавон хонд, зеро ки бисёр тасниф аз натни мурдорхор нохуштар аст. Чунонки бӯйи гул раҳбарии гулшан кунад, бӯйи нохуш сӯйи марғ роҳ намояд, камо қола-л-ҳаким: лав ло ан-натн лаъош-ан-носу касиран. Аммо мусаннифоне, ки эшонро зиндагонии ҷовид тавон хонд, аввал уламои динанд, ки  қалами сареъ-ус-сайрро дар ҷодаи шаръ ба наҳҷе давонидаанд, ки то саводу баёзи лайлу наҳор барқарор аст, нахоҳад истод. Ҳар ҷо, ки аз қадами қалами эшон нақши пай баромадааст, пас равон, ки дар хоҳанд расид, ба домани коғаз бархоҳанд чиду рақами ҳидояти худ хоҳанд пиндошт, то аз сироти мустақим дар бодияи залолат наяфтанду ба сипари чашмаи он расидагон бирасанду ҳамчун эшон шарбати хулуд нӯш кунанд, байт:

*الا انهم ماتوا و یحیین دینا     فطوبی لا موات یحی الشرایعا

Ва дигар ҳукамоанд, ки маонии чун мӯйи эшон (9) аз ғояти борикӣ дар олам намегунҷаду эшон ба қуввати ақл оламеро дар мӯй маъқуд кардаанд, байт:

Бузург он касе, к-ӯ ба мо дод ақле,
Ки бандем дар тори мӯйе ҷаҳоне.

Дигар шуароанд, ки аз сеҳркории табъ чандин буҳури маввоҷро дар қатраи обе сияҳ ғарқ кардаанду ҳам ба дастёрии қалам баровварда. Чун килки нассоҷ дар шориъи шеъри эшон равон шавад, бар сари пой равад, балки бар сари ангуштон, ки набояд латофати анбӯҳ зери по шавад, байт:

Маъа ҳозо, зи лагадкӯби қалам маънии нозук
То надонӣ, ки бимирад, ки зияд то ба қиёмат.

Алқисса, ҳар кӣ хоҳад, ки бисоти умраш то ба бӯрёи қиёмат бирасад, бояд, ки қолии таснифро бо он пайванд кунад. Аммо таснифе, ки китобаи фалаки атлас тавон набишт, на он ки нақши бӯрё беҳ аз он бошад, ки ҳам ба ресмони лифи бӯрё ба зудӣ поймол гардаду бо хок яке шавад, шеър:

Парниён бофӣ ҳама кас абра созад бар кулоҳ,
Бӯрёро зери пойи халқ бошад ҷойгоҳ.

Чун банда бад-он диёри ҷонӣ сабили айн-ул-ҳаёти сухан намуд, ҳарду чун мурғи Исиву моҳии Хизр ҷон ёфтанду дар ҷунбишу парвоз омаданду гуфтанд: "Он, ки суханро бо оби ҳаёт нисбат мекунӣ, шак нест, ки ҳамчунин аст, аммо ин нисбат истиорӣ аст, на ҳақиқӣ. Зеро ки ҳақиқати сухан об нест, балки ҳавост ва ҷое, ки ҳақиқӣ беҳ аз истиорат мавҷуд бувад кард, истиорат баромадан чунон бошад, ки ба ҷиҳати ҷонро зиндагонӣ (10) аз ҷасад орият кунанд. Агарчи оби ҳаёту ҳар об, ки ҳаст мӯҷиби зиндагонист, аммо бе он найранги дурӯзӣ зистан имкон дорад, ба хилоф ҳаво, ки бе он як нафас натавон зист, байт:

Пас ҷону ҳавову нутқ бе ҳеҷ шаке,
Ташбеҳи дигар макун, ки ҳастанд яке".

Чун он ҳар ду ҳавохоҳ ин ташбеҳи ҳавоӣ дар ман дамиданд, ман аз саргаштагӣ чун гирдбод бар худ печидам, валекин аз он ҷо, ки хизонаи замири лангари ин вуҷуд хокӣ шуда буд, ба тундбоди эшон аз ҷон рафтаму бо хеш гуфтам, ки маро низ пеши гармии эшон мираваҳаи забон бибояд ҷунбониду мираваҳавор аз ҳар боде рӯй бигардонид. Оғоз кардам, ки ман аз безиши бисёр мухҳи обу зубдаи ҳаво ва лутфи оташу ҷавҳари хок берун овардаму ба ҷиҳати савдоиёни сухан маъҷуни назму насре сохта. Ин ҷо зикри назм аз мизони табъ як сӯ ниҳодам, ки боди назм чун курраи ҳаво арсаи обу хокро муҳит гаштаасту мӯҳтоҷи сифат намонда, аммо таҳқиқе, ки дар наср кардаам, бодест дар сина гиреҳ шуда, байт:

Он ҳаво хоҳам беруну ҳам аз оби даҳан,
Ки намегунҷад монанди ҳаво дар дил об.

Пас, чун берун додам, ки ман ҷумлагии тарзҳои насрро бар чаҳор қисм ниҳодааму ташбеҳи он ба чаҳор табъ карда: ду қадим аст (11) аз они бузургону ду ҷадид хосаи котиб. Яке аз он ду қадим насри асҳоби ҳолу ваҷд аст, ки аз ғояти иҳроқи шуълаи баландаш забон дар рӯшанони сипеҳр мекашад, аммо ташбеҳи ӯ ба кураи оташ кардаем, зеро чунонки ҳеҷ тоире ба улукураи асир натавонад расид ва ҳеҷ мурғи такаллуфе он ҷо парвоз натавонад кард, байт:

Фаришта гар он ҷо барояд далер,
Бисӯзад, чу парвона афтад ба зер.

Тарзи дувум мутарассилон асту ҳунари он беш аз ин нест, ки алфози арабии якрӯяро, ки тасаввуре дигар ба тариқи иҳому хаёл надорад, бо порсӣ халт мекунанд. Ва чун дар он тарз сақли алфоз бисёр асту улулатоифи маонӣ кам, ин санъат хок аст, ки сифлӣ бошаду улвию латофате дар ӯ набувад. Пас, ташбеҳи ин тарз ба хок кардааму он гӯӣ шориъест маслук, ки равандагон дар вай бисёр қадам задаанду мезананд ва аз ҳар қадаме дар он хок нишони қадами фаровон боқӣ монда. Ҳар кӣ он пай баргирад, ҳамон ҷо пеш нарасад, ки эшон расидаанд, байт:

Ҳар он кас, ки ӯ сӯйи хушкӣ равад,
Гузорои дарё нахоҳад шудан.

Аммо он ду тарзи дигар, ки ташбеҳи он ба обу ҳаво кардаам, чун баёни он баъд аз ин дар маҳалле, ки мулоимтар аз ин аст, хоҳад омад, ин ҷо таваққуф ёфт, то аввал он чи гуфти он зарурист, бигӯям, пас ба шарҳи ин пардозам, байт: (12)

*كما صوّر البانى بناءً من اول    و حصّل احجاراً و طينا فيعمر

Боз гуфтанд, ки чун тарзи мутарассилонаро ба сабаби сақли алфоз ташбеҳи хок муваҷҷаҳ гардонидӣ ва баъзе маснӯот, ки аз лафз мутаваллид мешавад, чун тасҳифу таҷнису тарсеъу талмеъи хориҷи иҳому хаёл онро аз кадом қабил мегирӣ? Гуфтам: “Он чи аз натоиҷи лафзист, мулҳақ ба тариқаи қадим бувад ва чун ин тарз ба ташбеҳи хок махсус гашт, санъатҳои гуногун, мисраъ: гӯиё гулҳову наргисҳост, к-он аз хок мехезад”. Боз гуфтанд, ки ибҳому хаёлро, ки дар гулистони тарзи нав ба шумори қатароти боронанд, чӣ мегӯӣ? Ва ташбеҳи санъатҳо ба азҳору раёҳин моро чун кураи ғунча мубҳам аст, таҳқиқи он чӣ гуна бошад? Аз чаман шохеву аз шох гулеву аз гул бӯйе берун деҳ, байт:

Гуфтам: он нукта шавад аз мани хокӣ тавҷеҳ,
Чун гулу лола, ки аз хок муваҷҷаҳ гардад.

Маълуми булбулони шаҷараи сухан бод, ки субҳгоҳе дар бӯстони маснуот гузарам афтод. **Тасҳифро** дидам чун барги бед яксӯву якрӯ ва сӯйи дувум гунаи дигар **таҷнисро** ёфтам бар сони гули кӯзаву садбарг рӯй дар рӯй шукуфта, ҳайати ҳар ду якеву бӯйи ҳар як дигар. **Тарсеъот** муояна шуд, гӯӣ дугони қатароти шабнам ба мувозанаи якдигар бар барги гул фуруд омадаанд. **Муаммиёт** дар назар омад, чун шугуфаҳои (13) сар ба муҳр, ки ҷуз аз насими нафаси доноён кушода нагардад. **Муламмаъотро** рӯшан кардаам, пиндорӣ ягони дастаи гулу ягони хатти сабза баробар растааст. Ҳам бар ин намату раҳагӣ раёҳини маснуъот гулгашт мекардам, то ба сарчашмаи **иҳому хаёл** расидам. Дар он чашмаи рӯшан се тариқ ёфтам: яке ҳар ду маънӣ содиқ, чунин ки, мисраъ:

З-он пас, ки ман ғарқа шудам, чӣ даст гирад ошно?

Ин ҷо ҳам ошноии об содиқ асту ҳам ошное, ки даст гирад. Ташбеҳ инчунин ки “Обе дидам ба ҳадде соф, ки дар таҳи он ҳам дирам бар пушти моҳию ҳам зарроти рег бар рӯйи замин шумурда мешуд”. Яъне, дар об ҳам намудори моҳию ҳам намоиши рег содиқ аст.

Тариқи дувум - ҳар ду маънӣ козиб, чунинки, мисраъ:

Ман дидаам, ки нор бурун омад аз турунҷ!

Бурун омадани нор, ки оташ аст ва нор, ки румон аст, аз турунҷ ҳар ду козиб аст. Ташбеҳ, чунин ки “Ҷӯйе дидам рӯшан, ки дар рӯйи офтобу осмон менамуд” – ҳар ду намоиш козиб. Тариқи савум он, ки аз ду маънӣ яке содиқ ва яке козиб бувад, назири чунин ки, мисраъ: “Булбули маст бодаҳо хӯрдаст”. Булбул, ки бодаҳо хӯрад, яъне хамрҳо - кизб. Ташбеҳ, чунин ки “Бар сари рӯде гузаштам, зулол муояна кардам дар ғояти сафо, ки дар ӯ ҳам замин менамуду ҳам осмон”. Намудори замин содиқу намоиши (14) осмон козиб.

Аммо иҳомоту хаёлоти дигар, ки дар онҳо маънии зоид зояд, ҳам бар ин намуна ташбеҳи содиқ ба содиқ ва козиб ба козиб тавон кард. Чунонки агар, масалан, иҳоме бошад ба чаҳор маънӣ: ду содиқ ва ду козиб ташбеҳи он чунин бояд кард, ки “Ду оина бар муқобили якдигар барниҳодам, хаёли ин дар ону хаёли он дар ин пайдо шуд”. Дар ин сурат ду оина содиқ ва ду хаёли оина дар якдигар козиб. Ва агар иҳомест, ки аз вай се хаёли содиқ хезаду яке козиб афтад, ташбеҳи он чунин ки, байт:

Дар яке шиша ба ҳам дидам маю шаҳду гулоб,
Акси соқӣ дар гулобу май шуда суратнамой.

Гулобу маю шаҳд намудори содиқ, акси соқӣ дар маю гулоб суратнамои козиб. Ва он, ки як маънӣ содиқу яке козиб бувад, ташбеҳи он аз назари аҳвалу овози чоҳу гунбад ҳам тавон ангехт. Ва агар ҳама хаёлоти содиқ ангезад, аз тасаввуроти зеҳнии шахсе, ки Сипоҳону Бағдоду Рай дида бошад, дар махилаи ӯ мунтабеъ монда ва ё шахсе зиндаро дар хоб бинад ва ё дар дил ёд кунад, ин ҳама содиқ аст, аз ин ҷо ангезад. Ва агар ҳама дар козиб андешаро кор фармояд, ба хаёлоти амвот, ки дар хоб бинаду тасаввуроти зеҳнӣ *қаҳаблин мин ёқут ав баҳрин мин зайбақ*, ки ин ҳама козиб аст, (15) ихтироъи ташбеҳоту маонӣ тавон кард. Маҳваси ин корро бояд гуфт, ки агар дар табъ ҳиддате дорӣ, байт:

*فَامتَحن نَفسَکَ فِی اِبداعِ    یُنصِفُ اَعدائکَ بالاِجماعِ

Байт:

Гар ин ташбеҳро бар санг бинвисам, аҷаб набвад,
Ки санг оина гардад, хаёлангез чун оҳан.

Бар ин намат дар бӯстони маониҳо аз ҳар гуле ниҳоле нишондам, ки то субҳи қиёмат сабову шамол аз он ҷо шукуфатару ғунчаи тоза дар атрофи олам хоҳанд бурд. Яъне, дар ҳар санъате нома ё руқъае иншо кардам, ки нусухи он чун дафтари дастии гул даст ба даст хоҳад расид, байт:

Вузӯ хоҳад шудан чархи мудаввар,
Муаттар ҳамчунон, к-аз уд миҷмар.

Аммо чун дар чашмаи хаёлу ҷӯйи иҳом рӯҳеву роҳате ёфта будам, натавонистам, ки аз он ҷо бигзарам. Лобуд, истод намудаму ҳиддати табъро миъвали Фарҳод сохтаму гирди он чашмаи Ширину ҷӯйи шир ба ков-ков даромадам. Ҳанӯз ман дар ковидани он ду равиш будам, ки файзе аз олами ғайб чун селе, ки аз боло фуруд ояд, тунд даррасид, чунонки он чашмаву ҷӯйро яке гардонид. Дарёе пайдо гашт, ки ҳарчанд чашми андеша ёд кардам, карона дар назарам наомад. Он дарёи хос тарзи насри банда Хусрав аст.

Ва аз дӯ тарзи ҷадид яке ин аст, ки аз файзи ғайб дар омадаасту (16) иҳому хаёлро ба ҳам омехтаву алоҳида равише чун дарёи бекарон падид оварда ва ҷиҳози нафоисро арсаи ҷаҳон дар ҷаҳон дода. Ҳар кӣ ҷуз ман даст дар ин тарз занад, яқин аст, ки хаёлаш дуруст сурат набандад. Бар масал, обе, ки ҳар гоҳ даст дар вай зананд, пайкари хаёл ботил гардад, байт:

Зи ман ҷодуӣ дон, ки андар зулол,
Занам дасту ботил нагардад хаёл.

Аммо тарзи чаҳорум, ки ташбеҳи он ба бод кардаам, ҳанӯз намудори он монанди бод номаръисту касеро дар латофати он илм на. Чизе дар ин дебоча намудор ёфту мобақӣ пештарӣ бош, мисраъ: то аз сари килк бод паймоӣ. Он чи пеш аз ин бодбандӣ кардааму баъд аз ин хоҳам кард, тезназарони фикрат, ки ҳақиқати бодро ба ҳусни зоҳир тавонанд дид, бинанду бар дилҳо бивазаду мардумон рӯҳу роҳати он дарёбанд, байт:

Донанд, ки аз биҳишт чун ояд бод,
К-эй раҳматҳо бар онҷунон боде бод.

Чунин донам, ки пеш аз ин ин бод бар ҳеҷ хокеву обе навазида бошаду ҳеҷ мурғи қаламе дар ин ҳаво таярон нанамуда ва ҳар кӣ хоҳад, ки то бар ин ҳавои баланд бирасад, бояд, ки мурғи қаламамро пой гирад. Валекин он миқдор қувваташ тавонад буд, ки пойи ин тоири олипарвоз маҳкам тавонад гирифт? Зеро ки баландии ин ҳаво ҷоест, ки мурғи қаламро низ (17) сар бигирад. Ва саргаштаи дигар куҷо сари он дорад, ки дар он ҳаво битавонад парид, ки агар дасту пой кам гардад, чунон фуруд афтад, ки ба марги маънавияш бибояд мурд, байт:

Ҳар он касе, ки фитад аз баландӣ, назияд
В-агар чи зист, чу шуд лангу лӯк, ҳам мурдааст.

Он ду шаҳсавори вофирфазл, ки ҳамвора дар майдони лафз ғуборангезӣ намуда буданд, ҳоле ки аз ҳавои баланди маонӣ ин бод дар эшон дамидам, чун гул аз бод дар шукуфтан омаданд. Аз он ҷо, ки так задани бодпои килкам бар дарёҳои хаёл дида буданд, яқин карданд, ки ба ҳангоми ҷавлони маонии баланд бар курраи ҳаво низ саворӣ тавонам кард, дарҳол даст бар инони тасарруфам заданду бар сабили имтиҳон гуфтанд, байт:

Ҷавлони ту дидем ба рӯйи дарё,
Акнун ба ҳаво пар, ки бубинам он низ.

Чун ман чашми ҳиммати эшонро сӯйи хеш назари кашф дидам, ба бӯйи байза ҳам бар сони кашф сар дар гиребони сина фуруд бурдам, то ба ҳираи луолӣ дар домани имтиҳони он ҷавҳарӣ резам, байт:

*حتّی یهیم کِلاهُما کضّفادع          عاشت ببِرٍّ ثُمَّ بحرِ انتظروا*

Пас андалеби фикрат дар бӯстоне парвоз ёфт, ки аз ашомими он ҳаво рӯҳи аъзам дар қолабам даромаду ҳар суханам чун рӯҳ-ул-қудс ҷони муқаддас гашту бар нафасам монанди дами Исо рӯҳе нафис шуду ҳар саҳифаи саводам ба сони Марям (18) ҳомили рӯҳ-ул-Лоҳ гашт. Чун чандин ҷони пок дар унсури латифам мадхал ёфт, дили зиндаам барои

намуд аз он ду ёри ҷонии аз гузориши ҷон ширин ширинии рӯҳнавоз ба ҷиҳати хидмате шаҷараи сарсабзи малик Хизрхон рашҳи сарва ба мо-ул-ҳаёт рост кард, байт:

Ба ҷонбахшӣ чу оби зиндагонӣ,
Ки гар пире хӯрад, ёбад ҷавонӣ.

Яъне, аз забони Бадри хоҷиби муғул ариза мутазаммини кайфияти инқиёди муғул мар ҳазрати улоиро, ъало аҳадуҳу ҳазрат ъала-с-само-ул-хазро, ихтироъ кардам. Маънии латиф чунон анбӯҳ даровардам, ки хаёли борик агар сӯйи суд дар он анбӯҳе дарнагунҷад, ки агар ҷое дар он дақиқаҳои мухаммар диққати хаёле чун мӯй дар хамир ба нодонистагӣ рафта бошад, ҳар гоҳ пухтакорон дар вай борикбинӣ кунанд, берун баранд, ки кас мӯй дар хамир амдан наяндозад ва он, ки луқмаи лазизро барои мӯй аз даст бияфканад, ӯро бад-ин чошнӣ ҷавоб бояд дод, байт:

*يا مَن تَرَكتَ وَليمَةً لِشَعيرَةٍ وَ اللهُ مَتَّ عَلىَ المَوائِدِ جائِعاً

Чун ин нома дар назари он мубассирон доштам, азбаски ҳавои ин латоиф дар домани эшон асар кард, сари тааҷҷуб чунон дарҷунбониданд, ки гӯӣ бод бар сари эшон роҳ ёфтааст. Гуфтам: "Инак, он тарз, ки ба ҳаво ташбеҳ кардаам, некӯ назар бояд кард, монанди ҳаво хаёлназир аст, (19) байт:

Ба рӯйи бод равон нақш кардаам ба савоб,
Чунонки бод занад нақш бар саҳифаи об.
Валек нақш намонад бар обу ин нақшест,
Ки хост монад бар ин об то ба рӯзи ҳисоб".

Дар ин ҳол даме аз сари инсоф бароварданду табъи ваққодамро иштиъол доданд, ки ташбеҳи чаҳор тарзи наср ба чаҳор унсур муҳкамтар аз тартиби чаҳор унсур кардӣ, байт:

Нашкуфтааст, ки аз ҳайрати ибдоъ шукуфт,
Ақли фаъъол зи пушти кураи моҳ бигалтад.

Чун тарзи лафзро, ки қадим аст, сақил хондиву ташбеҳи он ба хок кардамӣ, аз он ҷо, ки равандагон ба адади қатароти борон дар ин роҳ рафтаанд, нахостӣ, ки пойи қаламро ба хулоби сиёҳ олуда гардонӣ. Аз он рӯй, ки аз хеш вазъ туруқи дигар метавонӣ кард, дар тарки мутобаъати дигаронат маъзур доштем.

Ва тарзи дувуми қадим, ки равиши сулуки машоих асту бинобар ҳарқат ташбеҳи он ба оташ карда ва асҳоби ҳол аз самоъи он бар оташ пой кӯфтаанд, онро низ бар сабили тазарруъу тавозуъ эътироф намудӣ, ки "лав далавту қадра унмулатин лауҳриқат". Чун сеҳри оташбанди соҳирӣ он ҷо кор намеояд, дидем, ки дар он низ содиқӣ, аммо тарзи дигар, ки мулки худ мехонию ба сабаби намоиши хаёл ташбеҳи он ба об карда, рӯшан кардем, ки пеш аз ин насре бад-ин об аз қалами касе начакидааст, байт:

*وَ مَن يُدَّعى مِثلَهُ كانَ كَذِباً (20) كَعَكسِ التَّماثِلِ فى وَسَطِ ماء.

Ва моро ин қадар аз оби осмон рӯшантар аст, ки дар насри ту ҷуз хаёл лаззате дигар нест, ки хаёл теғи он аст. Чунонки дар об софӣ асли ҳаловат асту намоиши хаёл теғ, зеро ки дар оби талх низ хаёл намояд, ки ҳаловат набувад. Ин низ дидаем, ки бисёр касон хаёл меангезанд, шеър:

Лекин чу дар он тариқ ширинӣ нест,
Гӯӣ, ки хаёл аст дар оби нохуш.

Аммо он, ки даъвии мулкияти ин тарз мекуниву мегӯӣ, ки иҳому хаёлро бо ҳам омехтааму дар наср алоҳида намуна ангехта, шак нест, ки ҳамчунон аст, аммо дар ин мулк чизе ширкати дигарон низ ҳаст. Зеро ки дар насрҳои дигарон низ иҳому хаёл дармеояд, аммо мухталит ба санъатҳои дигар. Чун обе ба гил омехтаву тира, ки сурате натавонад намуд, аммо туро ин қадар ҳаққи тасарруф ҳаст, ки аз тезии табъ пардаи дилро гарбел карда ва он дару тираро ба наҷитаву кудурати санъатҳои сақил берун бурдаву обе рӯшану софе, ки сурати хаёл дуруст натавонад намуд, берун оварда. Ҳайронам, ки чандин дарёҳои латоифро дар пардаи дил, ки аз хонаи анкабут тангтар асту дар пардаи анкабутии дида, ки аз пари магас тунуктар, чигуна бехта, то инчунин зулоле (21) мусаффо берун омадааст, ки осмону замин дар хаёлот каманд. Қодир сонеъе, ки одамиро аз қатраи обе сурат карду дар он қатра чандин дарёҳои ғайбӣ водиат ниҳода, ки яке аз онҳо қуввати мухайяла аст, ки ҷумлагии мумкинот дар вай мусаввар асту мумтаниъот низ, байт:

*لهُ الحَمدُ حَمداً مِثلَ بَحرٍ تَمَوَّجاً　　　علَی اَن بَرَّ اَنا مِن مَوالِيدِ آدَم

Субҳон-ал-Лоҳ, тарзи хаёл ончунон, кӣ арсаи он бо оинаи дарё мувоҷеҳ намудаву тарзи маонии баъири хаёли худ ба ҳадде баланд, кӣ ҷумлагии табақоти ҳаворо пургавҳар карда, ки агар дар тарзи хаёл олоиш ширкате бошад, ин тарз, ки ҳавоест хос аз табъи ту ҷунбиш ёфта, аз ширкати ғайр чунон пок аст, ки ҳаво аз олудагии об. Аммо дар ин тарз ҳамин як номаи Хизрхонӣ, киସаводест бар оби зиндагонӣ, балки чун дами Масеҳ бодест ҷонӣ, беш дида нашуд. Агарчи байти чароғҳои маонӣ дар даст рӯшан 3-он сон кард, ҳақиқати тору ҳаво аён бинамояд, аммо даҳони мутааттишон барои чанд номаи дигар дар ин тарз чун чашми мустасқиён дар ҳавои борон пуроб аст, то зулоли он абрҳои ҳавогир Ховару Бохтарро фаро гирад, байт:

*و اضحی قُلوبَ النّاسِ فِيها بِفَرحَةٍ　　　كَفَرحَةِ الطَّيرِ فِی الهَواءِ المُغيَمِ

Чун дурустам шуд, ки эшон (22) ба тарики ҳавохоҳӣ сухан мегӯянд, сухани эшонро ба ҳаво гирифтам. Аз он ҷо, ки дар сухан мулки Сулаймонӣ дорам, андешаро чун боди ҳаво номзад фармудам, то ҳар куҷо, ки вараке аз ин ҷинс дар хизонаи кутуби котиб пароканда бувад, ғунчавор фароҳам овард чун гул бар дасти ман дод, байт:

Даруни он варақҳо рафтаму гаштам хароб аз бӯ,
Чу занбӯри сиёҳ андар дили гулҳои нилуфар.

Пас, ин қисми маънавиётро ба робитае, ки хоси котиб аст, тартиб бастаму дар сифри тартиб муфрадоту мураккаботу муқаддамоти хурду бузургу амсилаву мактуботи дарозу руқаоти кӯтоҳи рухсати табъу азамати сеҳркории маонӣ ба кор овардам, ки пеш аз ин ба рехтани хуни ҷигару пухтани савдову гузориши сувайдо савод карда будаму дар таҳрири он сиёҳии дида сапед гаштаву баёзи дил сиёҳ шуд. Ва он ҳама ба фикратҳо мӯ дар мӯ бофта, чун сурма суда, шеърпаз кардам, то дуруштиҳову ноҳамвориҳо ҳама берун рафту кухл-ул-ҷавоҳире дар таҳ монд, ки агар дар дидаи ҷон кашанд, нахалад ва аз ғояти лутф бо ҷон ба латофате даромезад, ки ҳеҷ фарқ нагунҷад миёни ҳарду латиф. Азбаски дар оростани (23) ин савод қалами сартарошидаро мӯй бар сар бармеомад, қаламро ҷаъд кардам, то саҳифаи баёзро чун маҳосини пирон шона занам. Пас ҳар ду дандонаи қаламро бар сони даҳ дандонаи шона ба ёфтани маонии чун мӯй равон кардам, байт:

Чу мӯ шикофтам, аз тири фикр кард нигоҳ,
Зи саҳми мӯй бар андом тир пайкон гашт.

Дилам чун ҳибри ин савод, ки бахре дар қалб дорад, лаолии байзо бар рӯйи об овард. Чунончи шурути ин тарассул аст, ба риштаҳои хутуту ҳуруф манзум гардонидам ва аз он ваҷҳ, ки ин рисола алоҳида дурҷест, ки нафоиси он дар хизонаи хаёл кам гунҷаду шоҳест баландгавҳар бар мулкати такаллум, ки дар мизони зеҳн бори хазойинаш насанҷад, байт:

Гуфт дилам, к-аз хирад аст афсараш,
Афсари **дебоча** ниҳам бар сараш.

Пас, ин дебочаро аз дебоҷи фирдавс зеботар биёростаму аз касрати ғароиб чун сарои каримон аз анбӯҳе ғарибон мамлу кардам. Он, ки одамист, агар дар ин гароиб касре бинад, ба сони мукаррамон, ки гирди инкисори ғарибон ба лутф бароянд, бароянду дар тасҳеҳ кӯшад ва он, ки бар масали сагон гариб душман аст, агар аз хӯйи бад дандоне занад, узрхоҳи ӯ ин байт кофист, ки, байт:

Гар зи сагон (24) пора гашт ҷайби ғарибон,
Айби сагон бошад он, на айби ғарибон.

Мехостам, ки саропои ин дебочаи маънавиро аз тасаввуроти хаёлӣ бад-он гуна холӣ дорам, ки ҷавҳари ақлу ҷон аз тасаввур, валекин оқибат тариқи одат хаёле нақши хаёле бар забони қалам гузашт. Воҷиб кунанд, ки бедорони ин шаби қадр чунон ба таҷаллии анвор мустағриқ гарданд, ки сурати хаёлашон дар назар наёяду ҷое, ки нури чандин латоифи маонӣ тулӯъ кунад, ҳақиқат аст, ки ҳайати хаёл ҳам дар шуои он муҳтаҷиб намонад, байт:

*اِذا واجَهَ المِرآةَ شَمسٌ فَما يَری　　　بِلَمعاتِها فيها خَيالٌ مُصَوَّرٌ

Борони латоиф аз ҳавои мавҳибат бар ин манзари баланд чандон боридааст, ки новадонҳои қаламро аз рехтани зулоли умр то карамгоҳи явм-ус-соъат истод набошад. Ҳанӯз оташи табъ барқ мезанаду менамояд, ки фатҳёбии дигар низ ҳам аз он сӯй дархоҳад

расид. Яъне, калимае чанд дигар дар хотир мегузарад ва агар серобшудагони латоиф аз касрати борон тунук наёянд, рехта хоҳад шуд, то хушкзабонони бе оби даҳанро тариқи рӯяти ин тарз рӯшан гардад, байт:

*إن شاءَ مَنزِلُ فَضلِ الغيثِ من سَحَبٍ (25)كما يَنتَزِلُ غَيثُ الفضلِ مِن قلم

Аз ёрони вопасин ин ташбеҳе чанд бадеъ аст, ки дар пардаи дил хаёлбозӣ мекард, бе бозии хаёл берун медиҳам. Муқаррари замири содиқи асдиқо бод, ки дар ин гулзори латоиф ҷо ба ҷо нақши хаёле, ки *ло ъан қасдин* уфтодааст, бад-он монад, ки боғбоне аз дидани лолазор тунук омада бошаду дар чамане ҳама сумани зард коштаву дар он миён тухме аз лола низ афтодаву дар миёни гулҳои зард ҷо ба ҷо лолаи сурх сар бар карда, назм:

Ки наззора наёрад, ки барканад онро,<br>
Ки баҳри зеб наззора кунанд бӯстонро.

Ва[82] мактуботи мавриди илму фазлу адабу ҳикмат, ки ҳар як аз ташбеҳи мутиб ба ҳавои муаттар монанд, яке гӯӣ бодест олуда ба бӯйи ёсамину дигар сабоест оғушта ба тиби бунафшаву дигар шамолест омехта ба роиҳаи раёҳину дигар насимест табаххур ба нафҳаи сурӣ. Ин ҳама ҳавоҳо, ки даруни оташ нуҳуфта бувад, ба ҳамдамии нафс берун додаму бар сафҳаи гулвоми коғаз ба қалами ҷодузабон бодро дар доми мусалсал кашидам. Бо он, ки ҷо ба ҷо дар ин муфовазат низ ба такаллуф санъате чун ғуборе, ки бо бод омезад, халт ёфтааст, аммо чун ин (26) бод аз гулистонҳои маонӣ бӯй дорад, дар тибат набояд афканд[83], ки агарчи бӯйи гул орад сабо ғубор ҳам орад, байт:

*إذا جاءَ النَّسيمُ بِطَيبِ وَردٍ يَصيرُ المِسکُ تَرباً جاءَ فيه

Акнун ин ташбеҳоти мубҳамро, ки чун ғунчаи сарбаста аст, ба насими нафас бозкушоям, то хуштабъонро бад-он нафаҳоти мураввиҳ димоғ хуш гардаду гандадимоғони тиҳимағз, мисраъ: миранд ба сони ҷуъал аз хушбӯӣ.

Маълуми гулбӯёни ҳадоиқи дақоиқ бод, ки ҳар чӣ аз шамомати фиқҳу тафсиру ахбору мавоиз аст, чун аз тайиботи шаръ ҳикоят мекунад, ташбеҳи он ба бӯйи гули лаъл кардаам. Зеро ки он гулро обрӯ аз араќи Мустафосту ҳикояти шиори шаръ низ маншури мушкини ӯ, пас сириштани он мушк бар ин гулоб муносибтар. Ва он чи дар илми назар аст, ташбеҳи он ба бӯйи гули наргису бӯйи гули бодом муайян шуда ва ҳар чӣ нушраи наҳву луғату тасриф аст, чун ҳама шама-шама хос аз лафзу фазли араб хабар медиҳад, ташбеҳи он ҳам ба набототи инаб хуштар намуд ва он чи аз таърифи мантиқ нотиқ гашт, гӯӣ миёни ин ҳама бӯйҳои гул он мантиқ-ут-тайр аст, (27) байт:

Бод ҳар ҷо, ки кунад бӯйи гулу насрин нашр,<br>
Мурғ ночор шавад масту ба гуфтор ояд.<br>
Бӯйи гулҳои баҳорӣ[84] шумар ин ташбеҳот,<br>
Чун насими гулу насрин, ки зи гулзор ояд.

Андеша чунон буд, ки ин мулаттафотро низ дар қисми дувум, ки маҷлиси нишоти хуштабъон аст, бо муфовазоти дигар ҳариф кунам, то мудом ҳам дар ин базм соқӣ рахиқи мусаффо бошад. Аммо чун латоифи илму ҳикмат дар ошноии маонӣ истиғроқе тамом дорад, мунодамати он ҳама ба маънавиёт мулоимтар намуд, байт:

Чун майи ноб, ки дармерезанд,<br>
На шаробе, ки ба об омезанд[85].

Дар ин тарз зевари нисбат низ чандон намебояд баст, зеро ки аз дурафшонӣ маонии баланд боз банд монад ва агар хоҳад, ки нисбату ангехт ҳар ду нигоҳ дорад, қудрати табъ ба камол бояд. Маъа ҳозо, нигаҳдошти ҳар ду сифат бағоят душвор бувад у латофат ба такаллуф бадал гардад. Он миқдор нақшбандӣ, ки котиб бар ин тахта нуқра кардааст, агар

---

[82] Аз ҳамин ҷо рисолаи чаҳорум дар нусхаи МИ шурӯъ мешавад; минбаъд нусхабадалҳои ин нусха дар қиёс ба НЛ нишон дода мешавад.

[83] МИ: Матни баъд аз ин ба таври зайл ҳамчун як мисроъ омадааст: Ъ: ки агарчи бӯйи гул орад сабо ғубор ҳам орад.

[84] МИ: гулҳои биҳиштӣ; оғози мисраи баъдӣ: мурғ зи насим.

[85] МИ: ҳудуди байт мушаххас нашудааст.

саноoти комил аз омӯхтан истинкоф накунанд, барои[86] таълим басанда аст. Бар он ҷиҳат, ки котиб ҳар ду тариқ маъан-маъан нигоҳ доштаасту ғолиб он аст, ки ҷавоҳири маонӣ бар маҳал нишонда, магар ҷо ба ҷо, ки дар ин бадоеъ аз дарёи замир (28) беш аз он мавҷ задааст, ки дар риштаи нисбат нагунҷад, лобуд берун афтод. Дар он маҳал худ, байт:

Бигир айб агар рехт гавҳарам дар роҳ,
Ки ҳаст гавҳари бисёру ресмон кӯтоҳ.

Банда дар ин тарз ба даъвии ибдоъе[87] дуда бар сари қалам кардааст, ки хаёли оташтабъон агар дур шавад, ба улвон тасоуд натавонад намуд. Бо ин ҳама ифтироҳ аз забонаи забони маҳвашони оташтабъ он, ки аз ин тарз намуна барчинанд, на он, ки ба лисон моро дар чароғи хеш рӯғани кунҷид созанд ва балки чароғи моро бидузданду байти хеш рӯшан кунанд, байт:

*اسرج سِراجاً مِن سِراجی فِی الدُّجی لَیسَ المُروَّةُ اِنَّ سِراجی تُسرِقْ

Татвили ин дебоча агарчи аз умри дароз хушояндатар аст, аммо дарозии умр низ чандон намебояд, ки аз зистан малол афзояд. Бар ин дуо иқтисору ихтисор мекунам, ки[88], байт:

*مَن اَنصفَ فیها اَبداً عاش کَشعری و المُنکَرُ بالصّارِم کَالشِّعرِ یُنصِفْ

**Хатти дувум** дар муфрадоти ин қисму ангехт дар он, муштамил бар се ҳарф аст: **ҳарфи аввал** дар зикри Борӣ таъоло ва зикри анбиёву рӯҳониёну машоиху уламо ва подшоҳону мулуку катабаи хосу авому обову авлоду ақориб, **ҳарфи дувум** дар обои улвию (29) уммаҳоти сифливу маволиди сулса ва он чи нисбат ба инҳо дорад, **ҳарфи савум[89]** дар муқаддамоти муфрад, ки дар мактубот ҳангоми таркиб дар ҳар маҳалле ба кор ояд, аз унвон то ба дуъои зайл:

Ин байт, ки дар ду ҳарф мадхалҷӯй аст,
Чун ғарқ миёни ду саводи мӯй аст.

**Ҳарфи аввал** дар зикри Борӣ таъоло ва зикри анбиёву рӯҳониёну машоиху уламо ва подшоҳону мулуку катабаи хосу авому обову авлоду ақориб.

**Дар зикри Борӣ, ъазза зикруҳу**. *Бисм-ил-Лоҳ* тавқеъи маншури лорайб асту унвони номаи илоҳию тазкираи савоби номутаноҳию хуҷҷати тамлики биҳишту хатти атиқ-ун-нор. Шакли *бисм* савлаҷонест, ки ҳар кӣ ба қуввати тамом даст дар он зад, нуҳ гӯйи рангини сипеҳрро ҳар сӯй, ки равон кунад, дарҳол ба сари ғалтон бидаванд. *Алифи Аллоҳ*, ки дар пеши Аллоҳ рост истодааст, истодаш нест магар ба ҷиҳати рост овардани корҳо ва шаҳобест ростpав барои сӯхтани шаётини ҷину инс. Ва ҳар *ломи Аллоҳ* ломест бар ҳама ҷароҳатҳову *ташдиди Аллоҳ* арраест ба ҷиҳати тораки мунофиқон ва *ҳои якчашмаи Аллоҳ* чашмест, ки ҳар кӣ дидабинаш дар вай ниҳод, (30) рӯшноияш диҳанд, ки Худойро битавонад дид. *Нуни ар-Раҳмон* ҳилолест ба нури меҳр ороста. *Мими ар-Раҳмон-ир-Раҳим*, ки ҷое чашмбастаасту ҷое чашмкушода, чун он чашми раҳмат аст, бар мӯъминон кушодаасту бар кофирон баста. Бузург офаринандае, ки ҳама мавҷудотро аз адами холӣ бароварду ҳанӯз хизонаи адаб ҳамчунон номутаноҳӣ ва доно ҳакиме, ки чандин маснуотро дар муште хок фурӯ бурду шиками хок ҳамчунон тиҳӣ, байт:

Нигар ҳанӯз, ки чандин чунин барад дар зер,
Ки ҳеҷ гоҳ заминро шикам нагардад сер.

Зиҳӣ, қодири мутлақ, ки ҷисми касифи мурғонро ба қаср боло барад, дар ҳаво муаллақ бидораду калимаи *ҳува*, ки хос аз дард набарояд, бевосита кому забон гувоҳӣ медиҳад бад-он чи сухани ҳаво аз кому забон берун аст. *Калимаи шаҳодат* дастори ломалифбастаи донишмандест, ки исботи ягонагии Худой мекунаду нафйи ғайрбанде, ки одамӣ бар пой ниҳад, бо он давидан мумкин нагардаду банде, ки Худой ниҳад, то он набошад, натавон дид.

---

[86] МИ: ба ҷиҳати.
[87] МИ: бадоеъ.
[88] МИ: бад-ин дуо ихтисор кардам.
[89] МИ: ин вожа дар ҳама маврид ба сурати “севум” [سیوم] омадааст.

**Муноҷот**. Эй ҳама халқ аз ту пайдову ту аз ҳама халқ нопайдо! Эй бузургии ту аз арсаи олам беруну ту бо бузургии худ дар дилҳои танг дарун! Мани бечораро диле бахш, ки дар вай ҷоне бошад (31) ва ҷоне деҳ, ки дар вай диле бошад. Эй бахшандаи хостаи беталаб ва эй диҳандаи талаби нохоста, мани гадоро талабе деҳ, ки дар он хоста набошаду хоста деҳ, ки дар он талаб набувад[90].

**Дар зикри пайғомбари мо Муҳаммад расул-ул-Лоҳ, сал-ал-Лоҳу ъалайҳи ва саллам**. Паргори сипеҳр чандин нуқтаи нубувватро гирд кардаасту доираи лашкари *инно банӣ ас-сайф* сохта. Маншури расул нусхаи ҳабл-ул-матин асту *мими Аҳмад* хотами муҳри нубувват. Муҳри нубуввати муҳаммадӣ аз онҳост, ки сиккаи дурусти моҳро бишкаст. Зиҳӣ, нури аввали муҳаммадӣ, ки машъалаи давлаташ аз азал баромаду[91] то абад рӯшан монад. Зиҳӣ, нури нахустин, ки дар субҳи азал тулӯъ фармуду то шоми абад ғуруб накунад. Тақдир барои таъзим сояи ӯро бар замин нагузошт.

**Дар зикри анбиёи дигар**, салавот-ул-Лоҳ ъалайҳим аҷмаъин. **Одам**, ъалайҳи-с-салом. Одам тахтаи хоке буд, ки муҳандисони фалак ҷумлагии ҳисоби аҳсани тақвим аз ӯ истихроҷ карданд. Сӯхтагии **Нуҳ** аз оташи зулми золимон ҷуз ба тӯфон кушта нашуд. Уммат Нуҳро беоб карду Нуҳ umматро ғарқи об. Саодатномаи шаръ бар уммати Муҳаммад чун бисми-л-Лоҳи миҳбариҳост бар киштии Нуҳ[92]. Насиҳати оқилон, ки хашми бадмизоҷонро ба лутф бадал кунад, ба муъҷизаи **Халил** монад, ки оташро гулистон гардонад. (32) Дар боғи **Иброҳим** аз гулнору нордона чӣ кам ояд? Забони падар ба бадгуфти писар корди Иброҳим аст, ки дар ҳалқи Исмоил кор накунад. Дасти **Мӯсо** абре сафед бувад, ки аз вай ҳама муъҷиза меборид. Итобе, ки кӯҳро пора-пора гардонид, зиҳӣ санги Мӯсо, ки тоқат овард. Ҳар киро дар рӯзи ҳисоб номаи сапед бар даст доданд, гӯӣ муъҷизаи яди байзояш каромат карданд. **Хизру Исо** ҳар ду кордорони Худоянд: Хизр обдор асту Исо ҷондор. Ҷое, ки Худои таъоло мурдаро зинда нахоҳад гардонид, Исоро чи заҳраи дам задан ва агар Худои таъоло рӯҳ-ул-Лоҳро ҳам зинда нахоҳад, ҷони Адҳам аз дами ӯ барпарад. Дили сангинро ба такаллуф солеҳ сохтан дигар асту солеҳ шудан ба иноятি Худой дигар, чунонки шутур аз санг сохтан дигар асту шутур аз санг баровардан дигар.

**Дар зикри рӯҳониён**. Подшоҳон ба сояи ҳумой сар барорандy дарвешон ба сояи Ҷабраил сар дарнаёранд. Малоика, ки дар ҳаққи мардум ба хун гувоҳӣ медоданд, аз донаи тасбеҳи шайхи мо чунон сайд гаштанд, ки агар хунашон бошад, ҷое, ки араqи ӯ бичакад, хуни худро бирезанд. Нафаси поки фалон азиз фариштаест, дар мардум ҳулул карда. Фалон сӯфӣ (33) аз тасфияи вуҷуд бағояте рӯҳонӣ шудааст, ки аз бас рӯшноии рӯҳи ӯ менамояду ҷасади ӯ аз ғояти сафо наменамояд. Фалон сӯфӣ дар хилват чунон оташ гирифтааст, ки аз сояи худаш дев мегурезад. Фалон нашнида сангу салобате дорад, ки рӯзе ҳазор байзаи шайтон мешиканад. Фалон шайх дар тайри тариқат мурғест рӯҳонӣ, ки агар байзаи иблис дар таҳи ӯ ниҳанд, Ҷабраил берун парад. Парии рӯҳонӣ, ки аз баси латофат ҳама тан ҷон аст, агар бо ҷисми фалон нозанин дар тарозу бисанҷанд, ҷониби парӣ паллаи гарон хезад. Ғазали фалон шоир дар сайди хубон гӯӣ азиматест, ки иҳзори парӣ мекунад. Нақшбандии фалон нависанда дар намудори бад ба ҳадест, ки агар сурати фаришта пеши ӯ доранд, ҳулияи иблис нависад. Фариштаро масх кунанд, иблис шавад, иблисро масх кунанд, субоъе гардад. Фалон авон ҷое, ки худро пайдо кунад, гӯӣ, ки деви нопайдост, ки пайдо шудааст.

**Дар зикри авлиёю машоих**. Хирқаи ҳазормехии дарвеш боргоҳест барои нузули малоика. Кулоҳи сӯфиён осмонест бар сари эшону сари эшон аз он кулоҳ ба осмон расида. Кулоҳи (34) сӯфиёнаи машоих қадаҳи шароби муҳаббат асту дарвеши камҳимматро косаи гадоӣ аст. Марди соҳибдил, ки ҳангоми истироҳат бӯрёро зери сар мекашад, дарёест, ки хошок боло бароварда. Нақши бӯрё бар пушти дарвеш мукошифи мақтаъи туғрои *ал-*

---

[90] НЛ: баъд аз ин ҷумлаи нопурраи зерин меояд, ки ба сабаби нокомил будан ва дар нусхаи МИ мавҷуд набудан дар поварақ оварда шуд: Эй пуркунандаи тиҳӣ, ки мӯри тиҳишикам аз ҳирс...

[91] МИ: барояду.

[92] МИ: Чун бисми-л-Лоҳи муҷриҳост бар киштии Нуҳ.

*фақру фахрӣ* аст. Рахнаи хулқони дарвеш мукошифи равзанест ба ҷиҳати назораи он ҷаҳон. Кулоҳи машоих дар саромадагӣ гӯй аз дастори уламо бурдааст. Пайванди мол бо сӯфиён чунон номутаносиб аст, ки зеҳи зарин бар кулоҳи сӯфиёна. Муҷоласати шуюх бо подшоҳ чунон нозебост, ки тутуки Калим пеши тахти зарин. Дарвеше, ки худро бо мунъимону дузд чунон нохуш намояд, ки бухяи пашм бар ҳарир. Арақпоки машоих риштаи мистар аст ба ҷиҳати намудори истиқомати курзавон. Аз сиёҳии дил торикӣ бизояд, чунонки аз сиёҳии дида рӯшноӣ. Соҳибдил касест, ки соҳибнафс нест. Ҳар кӣ соҳибнафс бошад, соҳибнафас набошад. Зинда касест, ки даме дораду раванда касест, ки қадаме дорад. Ҳар кӣ ба тан зиндааст, на ба ҷон, чароғро монад, ки ба умри орият мезияд ва ҳар кӣ илми кабасӣ дорад, на атоӣ, дидаро монад, ки ба нури орият мебинад, (35) байт:

Дарвеш офтоб бувад, нури ӯ аз ӯ,
Олам чу дида нури вай аз меҳру моҳу шамъ.

**Дар зикри уламо**. Олими раббонӣ чун офтоб чароғест оламорою олими муздур чун кирми шабтоб дудест чароғнамой. Аммомаи морпеч бар сари олим аждаҳоест бар сари ганҷ. Дунболаи дарози ҷоҳил думи гов аст. Дар дунболи гов олимро ба ҷабҳаи зарбафт ҳамон зебоӣ ҳосил ояд, ки мусҳафро аз лавҳи зар. Агар олиме забардасти олиме нишинад, фурӯдастро қадр кам нагардад, чунонки агар мусҳаф бар мусҳаф ниҳанд, фурудро нуқсоне набошад. Зери пойи мутабаххир сар бар хок ниҳодан дар қаъри дарё таяммум кардан аст. Мутааммими беилм хари козур асту гови баззоз. Ҷоҳиле, ки забардасти олиме нишинад, гӯӣ, ки пой бар китоб ниҳодааст. Таъвилгари ҷаҳонсӯз зери ҷабҳа морест дар пӯст. Фалон мутааммим аз ҷумлаи олами илм қалб ҳамин беш надорад, ки болои сараш қад бозгуна асту фуруди сар дақ бозгуна, бар қади олим дақи бедиққат аст. Олими муфид обест ҳам тоҳиру ҳам таҳур. Олими боамал ҳам хозин асту ҳам хазинапардоз. Олими беамал сандуқест пур аз китобу деворест, ки панде (36) бар вай набиштаанд. Баёни олими беамал ҳазёнест, ки дар хоб гӯянд. Такрори мутааллим агарчи танидани беришта аст, аммо дасторҳои борики тор аз он ҷо тавон баст. Ҳар кӣ дар такрор натанад, килкаш аз мошураи ҷулаҳ тиҳитар бувад. Ҳар кӣ нони панҷшанбе напазад, шанбеи ӯ ҷумъа бошад. Олими безабон хазинаест, калид гумшуда[93]. Олиме, ки барои хӯрдани ҳаром таъвилу тазвир мекунад, мусҳаф месӯзаду гӯшти хук мепазад. Ҷоҳили садрнишин азираест дар меҳроб[94]. Агар олимзодаи ҷоҳил дар садр нишинад, чи гӯӣ, ки аз бавли олим мусалло палид нашавад. Мардум ба дараҷаи илм баланд аст, на ба айвони баланд. Зеро ки айвони баландро мардум баровардаасту хару говро низ баррафтан бад-он мумкин, аммо дараҷаи илмро Худой таъоло олӣ гардонидааст, ки ҷуз одамӣ дигаре барнатавонад рафт ва он ҳам ба пойи дил, на ба пойи гил. Аммо ин айбе бузург аст, ки олими фақир пеши ҷоҳили ғанӣ ба эҳтиёҷ чеҳраи худро зард мекунад.Чун заре, ки рӯй бар пойи санг сояду зарро наздики санг иёре ҳаст, валекин ҷоҳил аз санг батар аст, ки кимиёи илмро наздики (37) ӯ иёре нест. Наздики ҳама аҳли маънӣ одамӣ ба ҷавҳари илму ҳикмат одамист, вагарна муҳраи устухону лаъли хун дигар ҳайвон низ дорад. Аммо наздики банда мардум касест, ки дар бунҳияти[95] ӯ ганҷи таснифе аз хизонаи ғайб мадфун кардаанд, то ҳар замон мековаду ҷавҳаре берун меорад, камо қола ан-набӣ, сала-л-Лоҳи ъалайҳи ва салам: *ан-носу маъодинун камаъодини-з-заҳаби ва-л-физзати*.

Ҷумлаи инсон бар се қисманд: авому аҳли тааллуму асҳоби тасниф. Аммо авом ҳамон қатраи обеанд, ки нахуст аз обаке берун ҷастаанду он қадар об дар даҳон надоранд, ки ба зикри эшон забоне тар тавон кард. Ва аҳли тааллум баъзе кӯзаи пуробанду баъзе сабӯе ва баъзе хумеву баъзе ҳавзи безиҳоб, ки он чи дар эшон аст, ҳолӣ, ки берун рафт, холӣ гаштанд. Аммо асҳоби тасниф дар ҳар илм, ки ҳаст, он, ки фурудтар аст, ба чашмае монад, ки ҳарчанд мезояд, зояндатар мегардад. Ва он, ки аз он болотар, ҷӯе равон аст, ки ба кашидану харҷ кардан кам нагардад ва он, ки аз он бартар, дарёест маввоҷ, ки, мисраъ: фикру таҳқиқи лайса юдраку ғавруҳу.

---

[93] МИ: хазинаест бекалид.
[94] МИ: ғузраи об аст дар мурдоб.
[95] МИ: бунияти.

Боз аз ҷумлагии асҳоби тасниф шуаро бартаранд, зеро ки шуароро хос таълими илоҳист, на тааллум (38) пеши халқ. Пас, шуароро *илми ман ладуннӣ* тавон гуфт ва дар ин маънӣ аз дараҷаи анбиё фурӯтар дараҷаи шуаро бошад, зеро ки анбиёро низ таълими забонист, на таълим пеши махлуқ аст. Ва агар эшон дараҷаи ваҳй надоранд, каломи инҳо он чи тавҳиду наъту ваъзу ҳикмат аст, чун ба таълим ҳосил нагаштааст, ҳароина, ки маҳалли ниёбати ваҳй дорад ва он, ки дар ҳаққи расул-ул-Лоҳ, ъалайҳи-с-салот ар-Раҳмон ояти *ва мо ъалламноҳу-ш-шиъра* нузул ёфт, барои он буд, ки дар ваҳй иштибоҳ наяфтад вагарна онҷунон зотеро, ки ҳамагии мавзунии олам дар вай мундариҷ бувад, ракиктабъ чигуна тавон гуфт?! Аз рӯйи маъқул ин миқдор бар замир роҳ меёбад, ва-л-Лоҳу аълам ва-л-маъонӣ ва-л-ғафур, байт:

*هذا الكلامُ تَصلُّفُ الشُّعَراءِ         يا ربُّ فاغفِر جُرأتي و خطائي

Мусаннифи "Илм-ул-бата" чизе ба вай шогирдии одамиён дорад, ки то илме нахонда бошад, дар он илм таснифе натавонад кард ва фақеҳ агар "Ҷомиъайн"-у "Зиёдот"-ро мустаҳзар аст, чун табъ надорад, ба кӯшишу таълим хондани байте мавзун дар вай душвор аст. Ва кӯдакеро мебинам, ки чун ҳуруфи таҳаҷҷӣ нагзоштааст, буҳури обдори назмро чун бод (39) бар сари забон месанҷад. Пас, маълум шуд, ки ба илм муаллами ӯ нест, ба ҷуз сонеъи маснуъот. Дар ин сурат яқин аст, ки шуаро хос таълими илоҳӣ доранду дигарон шогирди Умару Зайданд. Пас, агар таълимгирифтагони Худой таъоло бар шогирдони халқи Худой даъвии фавқият кунанд, маҳалли он доранд, шеър:

*باللهِ ما قُلتَ هذا الطَّعنَ لِلعالَمِينَ هوَى         لكِنْ تَصلُّفُ أهلُ النَّظمِ مَطبوعٌ

**Дар зикри ҳафазаи Қуръону қурро ва гӯяндагон.** Ҳар гоҳ, ки овози фалон ҳофиз баланд мешавад, фариштагони осмон дар ширинии он овоз чун магас дар шаҳд гирифтор мешаванд. Фалон ҳофизи Қуръон чунон нохуш мехонад, ки наздики шунавандагон қироати Бӯумар хондани Бӯяҳё мешавад. Тасмия, ки фалон муқрӣ шинохтааст[96], бағоят латиф аст, ки муқриён саҷда мекунанду ӯ бисми-л-Лоҳ мегӯяд. Муқрии мо чунон хушхон[97] аст, ки Қуръони нонабишта аз овози ӯ тар мешаваду бо саҳифаи дил мечафсад. Фалон муқрӣ чунон бесоз аст, ки ӯ ояти раҳмат мехонаду он ояти раҳмат бар ӯ лаънат мекунад. Фалон мурдахон азбаски нохуш мехонад, мурдаро ба хондани Қуръон азоб мекунад. Фалон мурдахон дар хатираи (40) баҳмон *ёсин* мехонду ҷон меканду мардумон *таббат* мехонанду мурдагон *инно арсално*.

Овози фалон ғазалхон чандон баланду хуб аст, ки ҳар ғазале, ки нозуктар бошад, аз хондани ӯ ба осмон сухан гӯяд. Фалон китобхон азбаски[98] бисёр медиҳад, хондани китобаш гӯӣ сурудест бе усул. Қавволи мо ҳоле, ки даст бар даст мезанад, ҷонҳои соҳибдилон лаббайкгӯён сӯйи ӯ медавад. Суруди фалон қаввол аз сурфаи бисёр чунон балғамолуда меояд, ки ҳар кӣ ҳаст, ӯро аз он дил гирифта мешавад ва ҳар ҷо, ки аз сурфидан сурудаш мегусалад, аз балғам пайванд мекунад. Мутриби мо аз абрешим чанги ҳалқачӯб сохтааст, ки мурғонро аз ҳаво фуруд орад. Рубобии мо рубобе мезанад, ки хараки рубоб мехоҳад аз дасти ӯ дар фарёд ояд.

**Дар зикри подшоҳону мулук[99]. Баёни шамоили подшоҳон**: руқя тасхири давлату бахт асту санги атабаи султон миқнотиси рӯйи пӯлодванд; ва рӯинтан тавон гуфт. Доираи давлат аз ду тахтаи дари подшоҳ ҳосил шавад, чунонки ҳалқаи мим би-л-ҷазм аз давлат. Агар боди қаҳри Осафи Сулаймонӣ осеб бар ҷаҳон занад, дафтари ту бар туи (41) фалак абтар гардад. Ва агар банда Хусрав аз дафтари мадҳи халифаи аҳд саррииштае берун диҳад, шерозаи уруқ дар тани Уторид бигсалад. Ҳалқаи дари мулук мими мақсуд аст. Раҳбари фатҳ аз теғи ӯ зояд, чунонки дол аз забон. Ҳар кӣ бо подшоҳи караммизоҷ бустохӣ кунад, ҳароина аз забонаи хашми ӯ сӯхта гардад, чунонки парвона шамъ аз меҳмон дорад, мурғи бирён ҳам аз тани хеш созад. Доираи лашкар, ки хатте мулк бар сари он набошад, сифрест бе хат ва мулки танҳо, ки доираи лашкар бо ӯ набувад, хаттест бе сифр. Фитроки мулук мебояд, ки каманди моҳ бошад, на расани чоҳ. Як кабоби гов, ки дар коса бошад, беҳ аз он,

---

[96] МИ: хостааст.
[97] МИ: нохушхон.
[98] МИ: азбаски ӯро буҷ-буҷ.
[99] МИ: ин бахш қабл аз ду бахши фавқ омадааст.

ки сад чарми гов бар кӯс. Инони умаро даволи адл бояд, на дастовези зулм. Чокаре, ки пеши инон равад, ӯро чунон бояд дошт, ки даст дар инон назанад. Малике, ки сиблати ӯ дар ҷигари диловарон сиблати шер нест, ӯро чун парчами алам риши гов гиранд ва думи гови пуршир алами риш аз он мекунад, ки муҳобаташ намебинад. Соҳибилме, ки муҳобаташ набошад, шери алам аст. Ҳар гоҳ ғарвал аз дидани шуҷоъ бедасту по шуд, (42) дасту пойи ӯ хасмро ёрӣ кунад, чунонки гӯсфанд чун аз дидани гург дасту пой гум кард, он дасту пойи гумшуда дар шиками гург ёбанд. Шуҷоат монеъи лоф аст, чунонки чарбии шер дофиъи бод. Теғ задани ғардилон бар оҷизон бошад, чунонки панҷа олудани шаколон бар мурдагон. Мард аз забони теғ сухан гӯяду номард аз теғи забон. Ғайр аз дидани ҳариф аҳвал шаваду диловар кӯр. Шаҳна раиятро аз он чун гул бар кафи даст карда дорад, ки аз ӯ симу заре ҳосил кунад, чунонки қассоб дар шикам. Бар сабза[100] барои он корад, ки лола даравад.

**Дар зикри вузарову куттоб**. Ройи вазири Ҳинд[101] ба ҳадде рӯшан аст, ки аз нури он ҳар тадбири савоб, ки дар пардаи гайб пӯшидааст, муояна намояду корҳои носавоб мастур монад, чунончи дар фурӯғи замири каримон ҷумла ҳунарҳои халқ рӯшан намуда мешаваду ҳама айбҳо маҳҷуб менамояд[102]. Агар вазири каҷрақам бо қозии ростқалам гӯяд, ки муомалати мо бо шариат баробар аст, ҳамчунон ки мои муаввақи таҳрир бо мои ҳибри Қуръон пой дар он кунад. Вазири мо ҷаридае дорад, аммо сари ҷарида надорад. Муставфии мо, ки муфтии муомалат аст, азбаски (43) муомалаташ тавъамони шариат аст, қаламаш, ки дар хат мегардад, гӯӣ, ки дар дили шаб такрори илми шаръ мекунад. Ҳарфи таҳрир ҳалқаест бар сари найза. Дар ин найза бозии қалами хоҷаву муставфии мо, ки римҳи хаттист, аз ҳама найза дар он қалам ҳалқа рабудааст. Хоҷа муставфии мо, ки ҳама идрори бевазанон меошомад, килкаш гӯӣ идрори бавл дорад, ки аз ӯ ҳама қатраҳои сӯзандаву зиёнкор мечакад. Дар ҷамъу тақрири мушрифи мо зоҳир он аст, ки кизб нагунҷад, чунонки дар тақрири мушрифони ботин тазвири нафоис, ки аз тақрири мушрифи мо ҳосил мешавад, агар ҷамъ кунанд, дар қалам наёяд. Хоҷа мушрифи мо дар тақрир ҳама ҳарфҳо дуздида менависад ва нуқат аз забари фозил медуздаду тарзи сиёқат аз Заҳири муставфӣ дуздидааст. Касе, ки дар когаз чандин дуздӣ кунад, нигоҳ бояд кард, ки дар зардрӯӣ ӯ то чӣ ғоят бошад?!. Хоҷа Орази мо, ки дар таъйини нони халқ оби қалам мечаконад, гӯӣ абрест, ки оби ӯ хамирвояи нон аст. Зарбу қисмати Орази мо зарби шамшер асту қисмат атои лашкариён. Хоҷа Нозир нобиноест, ки назараш ҳеҷ гоҳ аз айни муомалат берун нарафтаасту (44) чашмаш дар ғаври шаръ чунон фуруд рафта, ки ъайн дар таҳи шаръ. Хоҷа Нозири мо агарчи мегӯяд, ки ъайни муомалати мо бо ъайни шариат чунон мушобеҳ аст, ки ду чашми бино бо якдигар, аммо чун некӯ нигоҳ мекунем, ъайни шариъат кӯр асту ъайни муомалаташ аҳвал. Даври бариди мо дар савобу сивоб бағоятест, ки ноиби даври ҳофизони Қуръон тавон хонд ва ҳадисе, ки ӯ менависад, аз ҳадисҳои Расул хабар тавонад дод. Даври мусалсали бариди мо аз давру тасалсул ботилтар аст. Лафзи таҳрир ду маънӣ дорад: озод кардану навиштан. Нависанда мебояд, ки маънии таҳрири ӯ озодӣ бошад аз оташ, на сияҳ кардани рӯзномаи ҳисоб. Муҳаррири мо ҷумла молҳои вилоятро чун борах берун мераду бар сони адад дар таҳ мезанад, ки ҳаргиз бар сар наёяд. Авроқи дафотири девони подшоҳ осмонҳост ту бар ту, ки ҷумла умури олам барбастаи он аст. Парвонае, ки аз ӯ рӯшноӣ пайдо нашавад, парвонаи чароғ бояд сохт, то рӯшноӣ падид ояд.

**Дар зикри дабирон**. Фатҳнома, ки Хоҷа дабири мо иншо кардааст, агар сари он нома ба фатҳ хоҳад расонид, пӯст аз сари Уторид боз хоҳад кард. Дабири аҳди мо (45) дар хатту иборат мартабае дорад, ки арабу форсро ба сари тозиёна дар оби ҳабаш дарбаст кардааст[103]. Дабири мо дабирест боиллат. Фалон дабир раҳбарест бар сари чоҳ, ки халкро аз давлати хеш дар чаҳ меандозад[104].

---

[100] МИ: бар базаҳ.

[101] МИ: аҳд.

[102] МИ: маҳҷуб монад.

[103] МИ: бар сари тозиёна дар дасти ҳабаше кардааст.

[104] МИ: баъд аз ин: яъне, дол раҳбар аст, дабир чоҳи дабир шавад.

**Акс**: Руқъае, ки фалон хаттот менависад, бар айнаш аз онҳост, ки дида аз ӯ барнатавон дошт, аммо як айб дорад он, ки аз дидани ин Муқларо торикӣ гирад. Насхе, ки фалон нассох менависад, ҳар алифаш сӯзанест ҷигардӯзу ҳар ҷимаш муғулест пастбинию ҳар содаш хитоест тунукчашм. Лоҷарам, ҳар сине, ки менависад, бар хатти ӯ механдад. Ва муҳаққақе, ки фалон хаттот менависад, турраи алифаш аз зулфи сарвқадон диловезтар аст. Сатр набиштани фалон хаттот чунон парешон аст, ки гӯӣ зоғони нимпарканда пароканда нишастаанд. Дурҷе, ки фалон дарроҷ нигоштааст, ҳама қаламҳои санъат он ҷо сар шикастааст, дуруст гӯӣ аз қалами тақдир манхул кардааст. Фалон сураттар дар илми тасвир устодест, ки ҷуз ба шогирдии наққоши сунъ ризо надиҳад.

**Дар зикри муҳтарифа**. Кулоҳе, ки фалон кулоҳдӯз медӯзад, гӯӣ лолаест, ки (46) аз бас сабукӣ агар бӯйи гул барад, осеб занад, аз ҷое бипарад. Кулоҳдӯзи мо кулоҳе медӯзад, ки пӯшанда аз дасти ӯ калла бар замин мезанад. Фалон мӯзадӯз сахтиёнро чунон нармдилаш мекунад, ки назар аз дидани он билагзад. Мӯза, ки фалон мӯзадӯз медӯзад, ҳам пушти пояш пушти пойи варамкардаро монаду ҳам пушти пой варам мекунад. Кафше, ки фалон кашфдӯз медӯзад, аз бас зебоӣ бобати он аст, ки бар даст карда доранд, на дар пой кунанд. Кафшдӯзи мо кафше медӯзад сазои сари хеш, на лоиқи пойи мардумон. Дарзии мо ҳунармандест, ки ба захми миқроз як мӯйро ду кунаду ба захми сӯзан ду мӯйро яке. Фалон дарзии пир рише сафед чун ришҳои доманӣ овехта чунон гандадӯз аст, ки агар аз ӯ дарз кунанд ё дӯзонанд, наканда занад. Фалон дарзӣ ба баҳонаи торакаш он миқдор ҷома берун мекашад, ки як хиштаки изор ва балки як сангчии занаш бармеояд. Воҷиб аст, ки рагҳои ӯ чун тор аз торакаш берун кашанд. Фалон ҷулаҳ дар пайванд кардани тор устоди багоятест, ки рагҳои гусастаро (47) пайванд тавонад кард. Килки фалон ҳаким гӯӣ, ки найи танастагар аст, ки кофи камол дар сар карда, ҳама маъниҳои борик метанад. Хоҷа Довуди оҳангар, ки гӯӣ сураи *ҳадид* дар шаъни ӯ фуруд омадааст, Худояш кароматн эҳёву амотат бахшидааст ва агар инро аблаҳон мункир шаванд, нигоҳ бояд кард, ки ҳабаше чанд дирамхарида дорад, ҳар борашон мекушаду зинда мекунад. Ва ин аҷабтар, ки об мояи ҳаёт аст, бад-оншон[105] мекушад ва оташ, ки кушандааст, бад-оншон мезиёнад. Оҳангари мо шамшере месозад чун барги бед, ки бе осеби бод биларзаду об аз сардӣ оҳан гардад. Оҳангари мо аз гармӣ оҳанро об мегардонад. Оҳангари мо ҳар рӯз рӯйи худ сиёҳ мекунад, ки ҳама олати ҷароҳат месозаду он ҳам бад месозад. Фалон сӯзангар чандон дар пешаи худ ранҷ бурдааст, ки аз хори оҳанаш[106] гули зарин мебишкуфад. Саъиди камонгар, ки аз суриши моҳӣ камон месозад ва он камол саодате дорад, ки ҷуз муштарии фалак харидорӣ натавонад кард, зеро ки ду хонаи ӯ дар баландӣ аз қавсу ҳут ҳикоят мекунад. Камоне, ки фалон камонгар месозад, ба камони Рустам монад, ки баландии он дар абру борон бошад. (48) Камони фалон камонгар бештар хунукпай мебошаду шумии пайи хунуки ӯ ҳам дар ӯ асар мекунад, ки пайваста хонаи ӯ хароб бошад, ки ҳеҷ тире дар вай натавон ниҳод. Тиргари мо тире месозад, ки дар тезӣ даҳ пардаи дилро яке кунаду дар дурӣ даҳ манзилро яке кунад. Фалон тиргар тире месозад, ки агар бар пари мурғ фиристанд, ҳангоми рафтан аз тундӣ параш бирезаду чун бирасад, параш барояд. Тиргари мо тире месозад, ки агар дар дида кашанд, нахалад. Тири сохтаи тиргари мо аз тарозу дур аст, аммо дар вазн ба амуди тарозу наздик аст. Тиргари мо аз бас ҳунармандӣ тире месозад, ки камон ҳам ҳаст, аммо камонро як мушт беш набошад, он камонест, на мушт. Гази баззоз он ҷо, ки[107] ростии ӯст, дар ҳама олатҳо сар мепечаду қадам пӯшида мезанаду хуфта раҳ мепаймояд, лоҷарам номаш бар бедорӣ бармеояд. Ин ҳама сифатҳо аз Хоҷа баззози мо омӯхтааст, ки[108] аз гази хеш росткортар аст. Фалон баззозбача меросе бо соқи дугазӣ, поича чун ҳақи газ аз пой дарозтар карда ишқ мебозаду дар дуконҳо нишаста, ҷомаҳо пора мекунад. Менамояд, ки ӯ аз ин савдо ҷуз пардаи даридагӣ наялфанҷад[109]. Баққолро ростӣ аз тарозуи (49) хеш бояд омӯхт, ки амуди тарозуяш ҳаргиз каз набошаду растаи тарозуяш бо чандон печ-печ ба

---

[105] МИ: бад-онсон.

[106] МИ: оҳанинаш.

[107] МИ: аз он ҷо, ки.

[108] МИ: ки ӯ.

[109] МИ: наёҳанҷад.

вақти вазн кардан рост биистаду палаи ӯ санги дақмошро яксон санҷаду аз ду сараш ҳар кадом, ки сӯйи гаронӣ бошад, майл кунаду нагунсор гардад ва он, ки ҷониби сабуксорӣ гирад, баланд шавад. Фалон баққол, ки дар дукон овози анбӯҳе шабпаракони савдо бисёр аст, чандон қумош дорад, ки дар вай шири мурғ ҳам битавон ёфт. Саррофи мо чун метавонад, ки дар шумори тангаи нуқра яди байзо намояд, боре дар шумурдани дирам даст чаро сиёҳ мекунад. Заргари мо, ки ҳаббаро дар тарозу боз баробар месанҷад, сурхрӯии ҳабба асту зардрӯии зар. Заргари мо, ки дилаш аз санги маҳак сияҳтар аст, бар санг мебояд зад, ки чун ранги[110] зар бар маҳак хафида бимонад, зеро ки дуздист, ки ба тезии назар ранги зар аз рӯйи маҳак метарошад[111].

**Дар зикри авлоду обо[112].** Фарзанди халаф меваи пухта аст, ки худ дар пойи дарахт афтад. Фарзанди бефармон самараи хом аст, ки агар сангаш зананд ҳам, сӯйи пастӣ майл накунад. Лоҷарам, касе сӯйи хом[113] санг наяндозад, зеро ки хомон ба сангзаданӣ ҳам наярзанд. Фарзанди халаф ҳам оби пушти падар асту ҳам обрӯи модар. Модар фарзандонро ба шир парвараду (50) падар ба хайи пешонӣ. Чун нигаҳ кунӣ, ҳар ду дар парвариши фарзанд хуни худ об мекунанд. Гармии падар бар писар тофтагии офтоб аст бар мева. Шафқати модар бар фарзанд тарии маҳтоб аст бар сабза. Хун агар аз раҳмат сафед гардад, шир шавад ва агар аз заҳмат, рим. Фарзанд, ки дар пойи модар ғалтад, биҳиште бошад ва агар бар модар гармӣ бикунад, дӯзахе. Тапончаи модару падар сурхрӯии фарзанд асту оҳи дудандуди волидайн сияҳрӯии фарзанд аст. Модари ризоъӣ хешро бо фарзанд ба шир пайванд кардаасту модари аслӣ аз хун пайванд дорад. Чун неку назар кунем, пайванди шир аз пайванди хун маҳкамтар меояд. Бародар бозуи мард аст, ҳар гоҳ бозу кунд шуд, бояд бурид. Бародарон бозуи якдигаранд, ҳар кӣ аз бародар бибурад, қавӣ бозубуре бошад. Бародар бозуи мард асту бародарзода мушаки бозу, дарди мушак аз дарди бозу сахттар бошад.

**Дар зикри волидайн**. Худованди волид абрест, ки худро пеши офтоби ҳаводис сипар сохтааст, то ба мо наврустагон, ки парвардаву паровардаи ӯем, тобе нарасад. Сояи он абр аз сари мо ба шамшери рӯзгор бурида мабод. Он абри баланд, ки бо қатрае чанд аз пушти ӯ чакидаем, аз гавҳарҳое, (51) ки имрӯз киштааст, умедворем, ки фардо исторагони суъуд бароянд. Миёни ҷамъияти хешону бегона, ки ба ситам иттисол ҷӯяд, гунҷидани ӯ дар миён чунон маҳал аст, ки дар ҷамъи Парвин мадхали ситора. **Дигар**: Ҷамъияти волидайн чун иттиҳоди таснияи Ҷавзову Фарқадайн пайваста меҳоҳам, ки агар назарони Саъдайн сӯйи ин Сӯҳо набошад, дер набошад[114], ки ба банот-ун-наъш пайвандад.

**Дар зикри ақрибову ақориб**. Хешованди нек хуни солеҳ аст, ки бе он ҳаёт мумкин нагардад ва қаробати бадсоз хуни фосид аст, ки агар аз худаш ҷудо накунанд, мазаррате ҷонӣ кунад. Ихтилоти латиф бо латиф омезиши об аст бо об, ки ҷудоӣ мумкин набошад. Дӯстии чарбзабон бо софдил дӯстии об аст бо рӯған. Дӯстии хунукмизоҷон бо якдигар омезиши сирка аст бо об: ин аз ӯ турш, ӯ аз ин бемаза. Майли табиӣ бо якдигар дӯстии оҳан аст бо санги миқнотис. Омезиши ширинсӯҳбатон бо туршрӯён халти сирка аст бо ангубин, яъне хуш турш. Майли камқиматон сӯйи хасон кашиши каҳрабост сӯйи коҳ. Дӯстии ду солеҳ нуран ало нур аст.

**Ҳарфи дувум** дар зикри обои улвиву уммаҳоти сифливу маволиди сулса ва он чи (52) нисбат ба инҳо дорад. **Дар зикри афлок**. Осмони миноӣ ҳама оламро дар шиша кардааст, магар касонеро, ки аз бас бузургӣ дар шишаи фалак нагунҷанд. Одамӣ ҷавзаест даруни байзаи фалак, фаришта бошад, ки аз ин байза берун парад. Он ҷо, ки улуҳиммати ҷавонмардон аст, агар дастрас бошад бар моидаи карами хеш, косаи нагуни осмон ростон ниҳанд. Фалаки пир агар хариф нагаштааст, ҳангоми шом бар тахтаи худ нуқтаҳои беҳуруф чаро менигораду дар нуқтаҳо чи тарак бошад, ки ҳилолро чун нишони тарак бар сари он мекашад ва агар кашид, таракро зар нишондан чӣ маънӣ дорад? Каъбатайни симобии

---

110 МИ: ранг-ранги.

111 МИ: битарошад.

112 МИ: дар зикри авлод.

113 МИ: сӯйи меваи хом.

114 МИ: суҳо бошад, дер бошад.

фалаки қулоб, ки ду шаши ӯ ба ду як оростаасту бехи дуди хеш ҷаҳонеро бозӣ дода, муҳраи муҳраро дар шиша раҳи якто мегираду мурдор мекунад. Каъбатайни қалби ӯ натавон шикаст ҷуз ба фармони қазо.

**Ҳафт ахтар**. **Зуҳал**. Баққоли ҳиндуро ба санҷидани тарозу шараф бошаду агар ба камони баланд даст занад, худ мартабаи баланд ёбад. Ва ин асар аз он ҷост, ки шарафи Зуҳал дар Мизон асту авҷаш дар Қавс. Фалон бахил аз сияҳрӯӣ нахуст чунон аст, (53) ки ба чеҳраи Зуҳал холи ҷамол зебад. **Муштарӣ**. Хосияти фалак аст, ки Наҳсро аз Саъд болотар дорад, ки агар ин маънӣ бовар нашавад, Муштариро фуруддасти Зуҳал нигоҳ бояд кард. Қозию Шайх-ул-ислом, ки бо дурӯён муҷоласат кунад, вуболи эшон аст, чунонки вуболи Муштарӣ дар ду пайкари қозии мо, ки ба зироат машғул гаштааст, гӯӣ Бирҷис ба вуболи Сунбула гирифтор омадааст. **Миррих**. Туркро чун рӯз бад ояд, бар гов саворӣ кунад, чунонки Миррихро чун замони вубол бирасад, дар Савр ояд, даст ба хуни далерон мешӯяд. Фалон мубориз ба тӯҳмати арӯсӣ ҳино бар дасташ бияндояд[115]. **Хуршед**. Таъсири фалак оқилро тираҳол дораду аҳмақро рӯшанҷамол. Бурҳони ин маънӣ аз Офтоб рӯшан кун, ки сангро сурхрӯӣ мегардонаду одамиро сияҳрӯӣ. Мардуми сияҳдил агар чашмаи Хуршед ошомад ҳам, сиёҳии дили ӯ шуста нашавад. Сардии ҳаво бағоятест, ки агар чашмаи Хуршед ях бандад, аҷаб набошад. Шароби асир, ки махдум фиристодааст, чунон рӯшан аст, ки гӯӣ Хуршедро аср кардааанду хулосаи он берун кашида. Арӯси Хуршед, ки ҳар субҳ сурхию сафедӣ карда бар тахти фалак ҷилва менамояд, (54) шоҳони бисёр ёд дорад. **Зуҳра**. Агар Зуҳра хоҳад, ки сӯйи мудир ба саодат назар кунад, ақраб дар чашмаш каждум шавад. Дасти фалон мутриб абру боронест, ҳар ҷо, ки биборад, аз замин ҳама Зуҳра рӯяд. **Уторид**. Баҳроми мо чун Утoридро дар Қавс ораду аз Саратон берун гузорад, Асадро ду пайкар созад. Дар манзиле, ки Қавси Уторид борад, ҳароина, бар замин Миррих рӯяд. Агар Уторид ба даъвии қасд бо Хусрав барояд, Ноҳиди зу-л-каффайн ба як каф даҳони Хусрав пургавҳар кунаду кафи дигар ба даҳони Уторид чунон фуруд орад, ки Парвин дар ҳалқаш афтад. **Моҳ**. Аз ғайрати нурафзои фалон Моҳи чаҳордаҳ худро ҳар бор гирд мекарду аз осмон бар замин меандозаду сару пояш мешиканад. Чун ӯро завол нест, боз ба ҳилаи бисёр тандуруст мешавад. Зиҳӣ, ҷамоли фалон ҷамила, ки гӯӣ Моҳи чаҳордаҳро салх кардааанду бар вуҷуди ӯ даркашида. Мизоҷи Моҳ сардтару хонаи Бурҷ обӣ ва ӯ гоҳе мадқуқу гоҳе мартуб. Ин аҷабтар, ки агар тобиши Офтоб бар ӯ занад, мартуб шавад ва агар аз он гармӣ асаре наёфт, мадқуқ гардад. **Кавокиби дигар**. Самок муддатест бар сари осмони ҳафтум. (55) Шаҳоб ҳаргиз мудаббир набошад. Фалон некахтар чун Шаҳобро бар Ҳилол ниҳад, Суҳоро Фарқадайн кунад, балки Хуршедро зарра-зарра гардонад.

**Ҷумла анҷум**. Абҷад он тирандози ягона аст, ки чун якеро дар шаст ораду панҷаро бар панҷа гуморад, ҳафтодро дар сари адад чиҳил созад. **Аносири бузург**. Парвардигор, ки модари хокро ба ҷиҳати парвариши се фарзанд: се писари ту бар ту муҳайё гардонид, аввал мавҷе латиф обу болои он ба ҳирмони тунук ҳаво ва зери он шиққаи норанҷӣ оташ, ки агар яке аз инҳо кам шавад, аз сардмизоҷии замона як фарзанди ӯ зинда намонад. Ҳусни фалон дӯсти матбуъи табоеъ ба ҳаддест, ки ҳар ҷо, ки бошад, майли аносирро аз ҳайййизи табиӣ бигардонад. Нақши одамӣ, ки ба чаҳор унсур марбут гардонидаанд, ба шахсе монад, ки дар дами чаҳор курраи бадхӯй банданд. Ҳар яке ба ҷониби хеш мекашад, чунонки то-ш накушад, халос наёбад. Агар хосияти суботу виқори фалон дар рӯзгор асар кунад, истиҳолати аносир ба истиқрор бадал гардад. Арсаи замин зери теги султон чунон ором гирифтааст, ки хок зери об. Шамшери подшоҳ, ки гирди замин дар гирифтааст, гӯӣ об аст, муҳити курраи хок шуда. (56) Сифла, ки худро ба лофу газоф баландӣ диҳад, ба хоке монад, ки аз боди баланд мегардад, ки аз он баландӣ ҷуз ғуборе ҳосил наёяд. Бод обро ба занҷир бандаду як нафас натавонад нигоҳ дошт[116]. Қалами асҳоби иншо ҷодугарест, ки бодро ба занҷири об мебандаду солҳо нигоҳ медорад. Оташи мардум даруни кураи асир гӯӣ мӯрчаест миёни ҳалқаи тофта монда; ҳар ҷониб, ки хоҳад берун равад, бисӯзад, магар боди ҳавои раҳмонӣ дарояду ӯро аз миёни ҳалқа тофта, бе ҳеҷ осебе дарработяду берун

---

[115] МИ: ба ҳимати арӯсӣ ба дасташ бандонад.

[116] МИ: як нафас нигоҳ натавонад дошт.

барад. Мими зулм доираи оташ аст. Ҳар ҳокиме, ки дар вай уфтод, ба мӯрчае монад, ки дар ҳалқаи гарм афтад; ҳар тараф, ки майл кард, сӯхта шавад. Хашми подшоҳ оташест бузург, ки одамиёнро зери деги осмон[117] ҳезум созад. Хашми каримон ба оташи хурд монад, ки ҳам нон пухта гардонаду ҳам хона рӯшан кунад. Тундии некмардон ба оташи хурд монад, ки агар даме ба лутф бар ӯ даманд, ба як лаҳза фуруд меравад. Таҳури золимон оташи бузург аст, ки ҳарчанд даму бод ёбад, зиёда гардад ва гармпурсӣ, ки аз хасон ҳосил шавад, оташи хошок аст, ки онро чандон бақое набошад. (57) Гармӣ аз дилҳои сахт зояд, чунонки оташ аз оҳан ва сангдили торик аз сӯҳбати рӯшанон[118] зинда шавад, чунонки ангишти кушта аз ангишти афрӯхта. Ҳаво дар дарунаи равандагони покҳаво мадхал наёбад, чунонки ҳаво дар дили об нагунҷад. Партави назари покон лавсу тарии олудагон ба покию сафо бадал кунад, чунонки қуввати офтоб обро ҳаво гардонад. Худовандони маънӣ, ки қалам бар суханони латиф ҷорӣ медоранд, гӯӣ бар тӯфони бод[119] киштӣ меронанд. Об агар[120] абардасти фалон бар дарё борад, косаи ҳубоб ҳаргиз тиҳиву нагунсор набошад. Бод шишаҳои тиҳиро аз он зуд шиканад, ки шишаи тиҳӣ шикаста беҳ. Дар ҳаққи ҳасуд агар ҳам лутф кунанд, ӯро мурдан бошад, чунонки оташ аз об кушта шавад. Агар ҳама оби зиндагонӣ бошад, тардоман ба об монад, ки то паст аст пойи халқ шӯяд ва ҳар гоҳ баланд шуд, бар сарҳо роҳ кунад. Фалаки тардоман ба дарё монад, ки гавҳарро ғарқ кунаду хасро бар рӯйи об орад. Хоки саҳни кавокиб бӯтаест пур аз кимиёӣ: зари холисаи он мард асту ҳубуботи дигар реги дар дом, ки дар бӯта боқӣ монад. Хокро (58) воҷиб аст, ки тӯтиёи чашм созанд, зеро ки агар чандон тӯтиё берун кашанд, аҷсоде берун ояд, ки аз арвоҳ ҳикоят кунад. Сифларо дам додан қаф кардани хок аст, ки чашми дарвешро ғуборолуда гардонад.

**Дар маволиди мардум**. Дараҷаи башарият бағояте олист, ки малоика бо чунон паридани баланд агар то он ҷо парвоз хоҳанд кард, дар нимаи раҳ аз пари эшон оташ хезад, лав данавту қадра унмулати лаухриқат. Мардум қатраи обест, ки нуҳ дарё аз вай берун таровидааст, *лав локи ламо халақту-л-афлок*. Одамӣ уъҷубаест, ки пеш аз ҷадди худ дар вуҷуд омадааст, *кунту набийян ва Одаму байн-ал-мои ва-т-тин*. Даванда ҳар гоҳ пили мӯрчаро дам диҳад, агарчи мӯрча баландпарӣ кунад, ҷойи он бошад. Пили сафедро сурхрӯии шингарф ҳоҷат набошад, зеро, ки ӯ аз хуни пилони дигар сурхрӯй гардад. Агарчи ноқаи Солиҳ аз санг берун омадааст, Хоҷа Солиҳ ноқа дорад, ки агар биронанд, дар санг дарравад. Бахтии фалон сорбон аз бас логарӣ шутур шитолинг шудааст, яъне устухонест истода, чунонки аз осеби боде дарғалтад. Аспе, ки малик бандаро (59) додааст, таҳарруке дорад, ки дар замони воҳид ба ҳар шаш ҷиҳат бирасад. Гиреҳкарди муҳраи малик, ки гӯӣ оҳанеш тавон гуфт, дар чарх задан чунон сареъ-ус-сайр аст, ки агар нуқта бар ӯ зананд, доира намояд. Сутури фалон мутриб, ки ҳайкали бурҷӣ шудааст, гӯӣ Зуҳра ба хӯшаи Парвинаш парвардааст. Харро наъл дар сум бошаду рӯшноиро наълайн дар пою кӯдакро наълча бар пешонӣ, ҳар серо гӯӣ ъайни наъл бадали ъайни ақл аст. Ҳар гоҳ буз риш кунад, гургро ночор ханда ояд. Меши сияҳрӯй сурхрӯй нашавад, магар аз лутф. Қассоб ҳар гоҳ шери сайдро дар хоб бинад, аз хоб фозакунон бархезад. Гурба атсаи шер аст; атса, ки бар галладон муборак асту бар муш шум. Аъмоли мардум беҳ аз мол, аз он ваҷҳ, ки мол талаф шаваду натиҷаи шаррат[121] диҳад ва аъмол боқӣ монад, самараи хайр диҳад. Масали ин чунон бошад, ки пӯсти оҳу беҳ аз гӯшти оҳу, зеро ки гӯштро бихӯранду маълум аст, ки чи шавад ва аз пӯст мусалло созанд ва ё бар забари он Қуръон нависанд. Агар касе гӯяд, ки мол чаро натиҷаи бад диҳад, ки аз он низ хайроти бисёр меояд, он хайр тааллуқ ба аъмол дорад, на ба мол. Боқӣ (60) дар нақши мол мавҷуд чизе нест, ҷуз натиҷаи ҳирсу бухлу адоват.

Оҳуе, ки дар беша шири барг хӯрад, шерро аз меҳмонии хеш тачнбӯл хӯронад. Гавазн чун халқро баҳраи тарёк медиҳад, Худой таъоло як шохи ӯро сад шох мегардонад.

---

[117] МИ: деги сукон.
[118] МИ: сӯҳбати дӯстон.
[119] МИ: ин калима ҳазф шуда.
[120] МИ: оби ангур.
[121] МИ: шаррият.

Парранда Симурғ бо қазову қадар баландпарӣ мекард, лоҷарам, кӯҳи Қофро лангар бар ӯ сохтанд, то пур кам бимонад. Ҳар гоҳе ки мурғи сангхорро ҳавсала гарон шавад[122], ӯ Симурғи вақти худ асту сангдонаи ӯ кӯҳи Қофи ӯ. Яъқубро муяссар шуд, ки сайди Симурғ пеш гирад, зеро ки санге дошт чун кӯҳи Қоф. Агар сояи ҳумой бар бум афтад, бум маймун нашавад, аммо соя манҳус гардад. Раъномизоҷон ба товус монанд, ки ҳангоми ҷилва домани пас боло кунанд. Мудаббир ба ҳила худро тавонгар созад. Чун дарнигарӣ қавӣ дасте бар сараш афтаду ӯро туъмаи хеш кунад, чунонки мурғ худро ба хошок парвараду гӯшту пӯсти ӯ пеши боз хошок созанд. Ҷое, ки хурӯс дар бонги намоз ояду тутӣ *бисми-л-Лоҳ* гӯяд, даҳони гурба ба ихлоси тамом *фотиҳа*ву *ёсин* хонад. Ҳар гоҳ ки субҳ бидамад, ҷаҳон бар шаппарак торик шаваду бумро аз (61) дидани Хуршед торикӣ орад.

**Хазанда**[123]. Ҷазабаи фалон дарвеш ба ҳаддест, ки фариштагонро аз осмон ба қуввати нафс фуруд орад, чунонки аждаҳо мурғро аз ҳаво ба дам фурӯ кашад. Зирехе, ки малики Аздар пӯшидааст, гӯӣ пӯсти аждаҳост бар тани аждаҳо. Ҷое, ки каждум дашна баровардааст, ду-ду дарбош пеш доштааст, кӯрро кӯрӣ захм орад. Мори шуҷоъ бо чандон печ-печи камандандозӣ хоҳад, ки ҳазорпо шаваду дар гӯшҳо хазад. Қабои душманӣ бар қомати фалон чунон ҷуст омадааст, ки пӯсти мор бар андоми мор. Мор пеш аз он ки аз пӯст берун ояд, пӯсти ӯ берун мебояд кашид. Ҳар гоҳ ки офтоб дар сӯрохи кӯрмуш дарояд, кӯрмушро рӯзи бад рӯй намояду офтоб аз ӯ бадрӯзтар гардад. Ҷое, ки мор сар аз хоб барорад, ҳароина, пойи ғук нахуспад. Аз баргустувони боха ҷуз сафи саворакони об шикаста нашавад. Агар ҳасудро аз дарун бозгуна кунанд газуб шавад ва агар ғазуб[124]ро аз берун бозгуна кунанд, ҳасуд, чунонки моҳиро агар аз дарун бозгуна кунанд, хорпушт бошаду агар хорпуштро аз берун бозгуна кунанд, моҳӣ шавад.

**Набот**. Шаҷараи некномон аз ном (62) баланд гардад, чунонки дарахт аз номия. Назари фалон ба ҳадде рӯшан аст, ки болидани набот бубинад, чунонки рӯҳи номӣ миёни ҳайвону набот муштарак асту ҷамод аз он маҳрум. Одамият миёни олиму оқил[125] муштарак асту аҳмақ аз он маҳрум, чунонки наботро фалак падар асту замин модару абр дояи ширу номия дояи тарбият. Карамро ҳиммати карим падар асту тинати ӯ модару дасти бахшандаи ӯ дояи ширу тақозои даруна дояи тарбият. Агар мардумонро тарбияти подшоҳ баланд гардонад, пас аҷаб нест, балки абри дасти ӯ агар бар ҷамод борад, дар болидан ояд. Бастагии мушти фалон бахил ба ҳаддест, ки агар бар набот даст сояд, қуввати нашву намо дар вай кунд гардад. Аз ҷумлаи одамиён мардуми солеҳро мардум тавон гуфт, зеро ки ӯ солеҳ асту амале, ки аз ӯ дар вуҷуд меояд, он низ солеҳ; чунонки аз ҷумлаи набот ҳамин найшакарро набот тавон хонд, зеро ки ӯ набот асту натиҷае, ки аз ӯ мезояд, он низ набот аст. **Бех**. Қомати фалон барно, ки ба нахли баланд монад, дар обу гили ман чунон муҳкам бех фурӯ бурдааст, ки бехи хурмо дар замин. Дарвешон (63) дар дунёву охират баҳра доранд ва мулук дар дунё баҳрамандонду дар охират камбаҳра. **Масал**. Чунонки турбу кузар ҳам дар шох самара доранду ҳам дар бех, ба хилофи дарахтони бузург, ки дар шох мева доранду дар бех на. **Шох**. Шохсори боги фалон азбаски бо ҳам дӯхтааст, сари сӯзане рахна нест, ки тоби зарини шуоъ дар вай дарояд. Шохи сарсабз бар сари раёҳин гӯӣ магасронест аз пари товус бар сари шоҳи сипарғам. Сари шох сабз мебояд, кулоҳи гулнор чанд хоҳӣ. Гули Юсуф гули гунаҳкор аст, зеро ки пироҳанаш аз пеш пора аст. Гули лаълу сапед аз шохи сабз ранг зояду ҳам бар ӯ бихандад. Булбули ҳиндуранг, ки бар лола мехиромад, гӯӣ дар оташ савганди ҳиндувона мехӯрад, ки агар дар дӯстии гул содиқ нестам, бисӯзам. Чун савгандаш ба ростист, намесӯзад. **Барг**. Теғе, ки аз барги савсан созанд, сипари он ҷуз нилуфар назебад. Чун нилуфар ошиқи офтоб аст, ҳарчанд барги нилуфар пардаи бузургтар бандад, оқибат аз парда берун афтаду бе ҳиҷоб мустағриқи

---

[122] МИ: гаронсанг шуд.
[123] МИ: харида.
[124] МИ: ъазуб шавад ва агар ъазуб.
[125] МИ: олиму олим.

дидор шавад. Муқбил ба дарахти мавиз[126] монад: баркаши фароху меваи бузургу (64) лазиз ва мудаббир ба дарахти мағелон[127]: баркаши борику бо хору меваи хурду зифт.

**Мева дар сифатҳои ширин**. Дили Хусрав ба ангуру килкаш ба найшакар монад, ки ҳардуро аср мекунанду шароби холис берун меоранд. Дарунаш чун унноб бояд дарун хаставу берун хунолуда, на ҳамчун бодом берун сахт дидаву дарун ду магз. Рӯйи ангур аз он сиёҳ мегардад, ки фарзанди солиҳи ӯ муфсид мешавад. Бодоми думағза беҳ аз хурмои дупӯста, зеро ки аз хурмо устухоне мезояду он ҳам яке ва аз бодом ду мағз мезояду он ҳам ду ба як бор[128].

**Ғалла**. Тухме, ки хокаш мехӯрад, баре ба халқ мерасонад. Одамӣ ҳар чӣ, ки хӯрад, хок шавад. Агар аз ӯ самара ҳоҷате ба мардумон нарасад, он набот беҳ аз ин мардум. Тухми кишоварзон аз ин шарм дар замин фуруд меравад, ки аз ӯ бари бисёр умед медоранд, то муньим ба ҳаққи шармандагӣ ӯро зоеъ мегардонаду бари бисёраш медиҳад. Парвариши мардум дар ҳаққи ғайре чунон бошад, ки кишти хушкро ба даст об диҳанд. Ҳар гоҳ дона об ёфт, бузург шаваду бишкуфаду сарсабз гардаду яке ба ҳазор бар диҳад. Дар ин зер рамзе аст, яъне ҳар кӣ (65) мутаъим бошад, ҳама ҷо об ёбаду бузург шаваду бишкуфаду сарсабз гардаду яке ба ҳазор бар ёбад[129]. Дона ҳар гоҳ ки обӣ шуд, ангур берун диҳаду шох ҳар гоҳ ки туранчид, нотуранчида намонад. Азбаски суханварони шаҳри Деҳлӣ Уторидро рустой мегиранду ба ҷуфтронон ташбеҳ мекунанд, Уторид мехоҳад, ки ба доси ҳилол сунбулаи худро бидраваду дар ғалладони қиёмат андозад. Фалон нависандаи ҳинду, ки дар ҳирзи ғалла қалам мезанад, қалами он ҷуфтрон гоҳи рондан гӯи ҷуфти ғалла аст, ки тинати кишоварзони мискини худро чун замини кишт медараду пора мекунад ва забонаш ба доси кишт монад, ки аз хасу хошок ҳар чӣ дар пеши ӯ меояд, медаравад. Ва шолиро як мӯй дар риш асту аз он ҷо, ки иззати ӯст, хӯшаи дарози риши Ҷавзо риш бияфшонад. Чун галлаи киштаро огоҳ карданд, ки сарат бихоҳанд дуруд, аз ин ҳам пеш аз он мӯй бар андоми хӯша бармехезад. Ҷое, ки дастаи ҷавозу дастаи осёву дастаи даст бароранд, гандуми даҳонбаставу шолии яккабоя чи кунанд, ки ба кӯбу ос тан дарнадиҳанд. Дарвеш, ки андар меҳнат ғизои рӯҳ мегирад, агар неъматҳои лазизаш хӯронанд, зиёни ҷонияш бошад. Ҳамчун чароғ, (66) ки рӯғани кунҷид оби зиндагонии ӯст, агар оби зиндагонияш диҳанд, бимирад.

**Маъодини бузург**. Сонее, ки лаъли оташинро аз чашмаи Хуршед об доду аз ҷигари санг оташ, обе, ки оташи ӯро афрӯхта гардонаду оташе, ки оби ӯро тароват диҳад. Азамати мардум ба маънӣ аст, на ба сурат, чунонки бузургии гавҳар ба қадри мартаба аст, на ба вазн. **Дурр**. Дурри[130] ятиме даъвии баланд мекунад, ки аз пушти абри пок чакидаам, бар тоҷи шоҳон биншинам[131] ва аз он ҷо, ки бузургии ӯст, даъвии худро собит медорад. Чашми мор[132] шабаҳест, ки аз тоби худ чарогро бикушад, аммо тоби зумуррад, ки гавҳари шабчароғ аст, наёрад. Аз сабзаву об биной афзояд, аммо аз обу сабза зумурради чашми мор кӯр шавад. Сарсабзии подшоҳон ба тоҷи зумуррадин бошаду сарсабзии дарвешон ба осмони забарҷадайн. Риштаи дурри ёқут наздики ҷавҳариён ба иззат гӯй рагест даруни ҷигар раста. Дурри марворид пиндорӣ гавҳари пок аст барбастаи арақи пок. Аз сафое, ки андоми фалон нозанин дорад, раг дар андоми ӯ чун ресмон дар булӯр рӯшан менамояд. Фалон муборизбача ба тир[133] кӯҳро ғарбел созаду ба шамшер сангро чун осиё ба ду ним кунад. (67)

**Ҳарфи севум** дар муқаддамоти муфрад, ки дар мактубот ҳангоми таркиб дар ҳар маҳалле ба кор ояд, аз унвон то ба дуъои зайл. **Унвонот**. Ин ариза, ки хомӯшест сухангӯй, дар хидмати Мавлоно Фасиҳуддини Нотиқ лабаш кушода бод. Ин нома, ки пардаест аз нақши хаёл холӣ дар назари Мавлоно Салоҳуддини Зоҳир ҷилвагари рӯйи пӯшидагони

[126] МИ: мавз.
[127] МИ: мағелон монад.
[128] МИ: аз бодом мағз мезояду ду ба як бор.
[129] МИ: Ин ҷумларо надорад.
[130] МИ: дурри таксияи.
[131] МИ: биншинам, чи аҷаб.
[132] МИ: чашми тор.
[133] МИ: фалон мубориз ба ҷӯбаи тир.

бадоеъ бод. Ин мактуб, ки навхаттест сари лаб сиёҳ карда, дар хидмати сипаҳсолори ҷавонбахт Зайнуддин, давлати шаҳбахти ҷавон пешонӣ кушода бод. Ин унвон, ки гиребони номаро гирифта сӯйи ҷайби осмон бармекашад, ба зайли бисоти маҷлиси арфаъи Рафиуддин мавсул бод. Муҳри ин ғунчаи сарбаста насими ахлоки Хоҷа Ифтихоруддини Бовардӣ бозкушояд, бирасонед. Ин дастанбӯи муҳаббат ба дасти Хоҷа Тибуддин Шамома, то ғаммозии тиби айши дӯстон кунад. Ин мушки нофа, ки бӯйи ҷигар дорад, фарзанди Абӯтиб, *тайяба-л-Лоҳ ъайшаҳу*, сараш боз кунад. Ин мулаттафа, ки башоратномаи таваллуди фарзанд аст, қумоти мувалладоти маонияш Хоҷа Шараф-ул-ансоб Азудуддини халаф боз кунад. Дар ин ҳарири мунаққаш, ки пардаи мухаддароти роз аст, назари пардапӯши (68) Хоҷа Ҳофизуддин, *ҳафазаҳу-л-Лоҳ*, муҳаррам бод. Ин чодари шаб, ки аз сари муставрот ахбор аст, Хоҷа Аминуддини Тоҳири Ҳарамӣ, *таҳҳара-л-Лоҳ ъайнаҳу мин-ал-ҳаром*, боз кунад. Ин мусовада, ки аз мусибати азизе печиши дарунии бисёр дорад, дар хидмати фалон гиребонаш чок бод.

**Таҳмидоту тасмияи сари номаҳо**. **Сари номаи подшоҳ**. Ал-ҳамд лимабдаъи-л-маъонӣ, ал-мубдиъ-ал-бадиъ; бисми-л-Лоҳи ман ло юдрикуҳу-л-ваҳм ва-л-хаёл. То мардуми дида султонвор бар гирдбоши сиёҳ такя занаду шиққаи қундузи ҳавошии пилк дар бар кашаду чатри сиёҳи абрӯ бар сар ниҳад, чатри сапеди султонӣ, ки офтобест соягустар, мазаллаи фарқи осмонсой, зиллу-л-Лоҳи фӣ-л-ъоламин, ъало-уд-дунё ва-д-дин, шамсун муҳйи, заллом-ал-куфри, анвору талъати ва фалаку ҳумо, баситу-д-даҳри ав бола бастату бод. Ламъаи даврбоши салтанат чун шуои хуршеди Шарқу Ғарб олам гирифтаву сояи алами хилофат чун саводи шаб бисоти осоиши ҷаҳониён густурда. Ба Муҳаммаде, ки тарози илми ӯст: одаму ман дунаҳу таҳта ливои. Бурҷи уло, ки чашмаи хуршед зери он равад, дар қасри рифъат ва офтоби зиёе, ки дарёи фалак пеши он хушк шавад, (69) ба кунгари дараҷати мулки бирҷисҷабин[134] Саъд-уд-давла ва-д-дин бод. Агар Миррих сӯяш ба назари хашм бинад, неши Ақрабаш дар дида. Агар Моҳ бар сари сабзиш равад, дар ҳама киштзори фалак хӯшаи Парвин фурӯ дамида, байт:

Бад-он[135] чароғ, к-аз ӯ биниш аст дидаи дилро,
Чунонки биниши чашми сар аз чароғи маҳу хур.

**Дигар сӯйи сипаҳсолор**. То кулоҳро ба сурати болои сар ҷойгоҳ диҳанду сарро ба маънии болотар аз кулоҳ ниҳанд ва то баландии кулоҳ ба баландии сар намонаду рақами насиҷ бо сарнабишти пешонӣ бознахонад, фарқи болои сипаҳсолори сарфароз, раис-уд-давла ва-д-дин, соҳиби қалансут-ул-ғуррат ва-т-тамкин табарруки тарк мутаҷаллӣ ва асраи фархундаи зайн-ул-умаро, тоҷ-уд-давла ва-д-дин, мукаррам-ул-мулук ва-с-салотин базаҳи рӯшноӣ мутаҷаллӣ бод. Фалаки атлас ба домани талаттуф гардафшони он абрҳои давлатманду чашми атласи кажбин ахтари захмхӯрдаи он тукмаҳои баланду кулоҳи дӯстон аз партави ҳаёт фурӯғзою чун ҷоми ҳилол паймона нурпаймою косаи сари душманон ғуборангез чун кулоҳи омоҷ ғарбели хокбез, байт:

Ба амомаи расуле, ки ба хилъати рисолат
Зи барои ӯст *ёсин* калаи баланди кунгур. (70)
Ва ба саҳба, ки эшон дари ринду ӯст афсар,
Аҷаб афсаре, ки моҳ асту ситораест бар дур.

**Дигар сӯйи машоих**. То[136] масҳи сар обе тунук бувад, ки болои сар барояду оби вузӯ аввал то пешонӣ мавҷ занаду баъд аз он аз каъб бартар наёлояд, масҳи сӯфиён мало аъло ва обрӯи мутасаввифони дунё аз оби пошӯии мулук-ул-машоих Айнуддини мутаҳҳар, ки назару нафаси ӯ муридонро чунон аст, ки хоки олударо офтобу боду шавқ ва гиряи ӯ неъмати фуқароро бад-он гуна, ки таъоми хомро оташу об маъа соири авсофиҳи-л-муқаддаса бод. Амвоҷи қудс дар он арсаи вуҷуд чун об дар тахтаи мо ҳайи нуқуши мусаввару анвори қурб дар он сафои замир чун хуршед дар оина монеъи хаёлоти мунаввар, байт:

---

[134] МИ: ба кунгари дараҷати кулли Бирҷис чунин.
[135] МИ: к-аз он.
[136] МИ: то оби.

Бад-он Аҳмад, к-аз ӯ доранд нур аҷром таҳ дар таҳ,
Чунон, к-аз шаръи покаш ҳукми покии об даҳ дар даҳ.

**Дигар сӯйи олим**. То хӯрдани дуди чароғ чашми дилро ба сурмаи рӯшноӣ биёрояду зинда доштани шаб умри суварию маънавӣ бияфзояд, қарораи имирати илм бар сутуни[137] беқарори қалами Мавлоно Имод-ул-миллат ва-д-дин бод. Сафаҳоти шамоили он дараҷот чун сабақҳои тааллум каф бар кафу асҳоби (71) истифодат перомуни он зот чун фавоиди ҳавошӣ[138] саф бар саф, байт:

Бо ҳамди қуррат-ул-ъайни ҷаҳон, к-аз хоки роҳи ӯ
Таяммум фарз шуд бар мардуми чашми ҳама покон.

**Дигар сӯйи маориф**. Масобеҳи нуре, ки лавомеъи он то субҳи нушур дар гирад, машоъили сарварӣ, ки шамъи офтоб пеши он мирад, айвонафрӯзи маҷлиси анвар, машҳур-ул-ъолам, нур-ул-умам, мо ҳайя-з-зулам, сироҷ-уд-давлат ва-д-дин, мунаввиру буют ал-ағниёи ва-л-масокин бод. Забонаи рӯшноиро сар бар осмону шодирвони сипеҳр мониъи тундбоди ҳадасон[139], байт[140]:

*بمُحَمَّدٍ سرج السّماء اِستوقدت      به كَبَدرِ من ذكاءِ النّور

**Дигар сӯйи маъшуқ**. То хайи рухсораи хубони офоқ сабршӯи ошиқони муштоқ бошад, араҳи ҷабҳаи хуршедузорону обрӯи гулрухсорон остоншӯи офтоби хуршедгудози зиреҳнавози Шамсахотун бод. Пеши он талъати мунаввар субҳи рӯшанро аз тунукии нафас ҷон баромадаву ситораи ҷамолаш аз ҳама хубон чун офтоби нимрӯз бар сар омада. Ба офтобе, ки нури аввалаш аз субҳи дувум содиқтар бувад. Ба Муҳаммаде, ки рӯҳи савумаш аз ақли аввал болотар бувад. Ба расуле, ки мадинаи илм бувад ва ба Алӣ, ки дари мадинаи расул кушуд. (72)

**Зикри муросилони[141] мактубу таслимоти эшон**. Муҳибби ягона Шамси баҳрӣ, ки дар гиряи фироқ аз хаёли хуршед дар об беқарортар аст, чун шуои офтоб рӯй бар хок мениҳад. **Дигар**. Банда Шарафи мунаҷҷим, ки шамоили хосро чун аввали вараҳи тақвим таърихи рӯзгор сохтааст, ба бӯсидани замин бар тахтаи хок рақами сифр бо алифи ихлоси даҳгон менигорад. **Дигар**. Дӯстдори муттаҳид Ваҳиди Муҳандис, ки бар сони чаҳорбеди ҳиндувон камарбанди бандагӣ бастааст, монанди ҳашти ҳандасаву дувоздаҳи таҳриру панҷоҳи иқд қомати хидмат дуто мегардонад. **Дигар**. Банда Пӯлоди Зиреҳгар, ки аз оҳи гарми фурқат оҳанро об мегардонаду аз дами сарди ҳасрат обро оҳан, қомати бандагӣ чун ҳалқаи зиреҳ мунҳанӣ гардонид.

**Хадамоту таслимоти дигар[142]**. Таслимоти муттасила, ки тақсир дар вай чандон, ки ҷӯяд, фарҷа набинад, ки дарояду таҳиёти мутакосира, ки тавқир дар вай чандон, ки пӯяд, поёнаш наёяд, ки наяфзояд. **Дигар**. Убудияте, ки аз нофаи ҷигар бӯй диҳад. Хидмате, ки ба шуълаи шавқ бозори бандагиро гарм дорад. Ихлосе, ки гардани ҷонро аз мими муҳаббат тавқи бандагӣ ниҳанд. Таҳияте, ки муҳаббатҳои колбудиро (73) ҷонӣ гардонад. Бандагии озод аз шавоибу саломе, ки гамро хайрбод фармояд. Дуои тавъиздори барги ҷони баста таблиғ афтод. **Дигар**. Саломе хидмату хидмате салом бо ҳадяи ҷону ёдгори дилу нисори оби дида мерасонам. Хидмате, ки аз забонаи оташи шавқ сухан гӯяд, мегӯям. Хидмате, ки ба бӯйи ҷигари сӯхта баёни сӯзи даруна мекунад, мефиристам. Саломе, ки аз ӯ бӯйи дил ояду таҳиёте, ки бо саломи ҷон ба хидмат гарояд, ирсол афтод. Саломе, ки заминбӯси гиряи тоъаташ ба остонаи хос расонид, расонида меояд. Мукримоне, ки лутфи эшон сӯйи зердастон бар сони об, ки сӯйи пастӣ моил гардад, соил аст, ба амвоҷи таҳийят махсусанд. Ҳар кӣ араҳи поки худро риштаи пайванди мо созад, пеши ӯ мижаҳои хидмат бо замини тавозуъ дӯхта омад. Миёни доираи дӯстон паргорвор сари хидмат фуруд оварда шуду

---

[137] МИ: бар бесутунии.
[138] МИ: дар ҳавошӣ.
[139] МИ: ҳаводис.
[140] МИ: ҳудуди байт мушаххас нест.
[141] МИ: зикри мутарасиилоти.
[142] МИ: хадамоту саломоти дигар.

маркази убудият ба нуқтаи муқла нишон карда омад. Ҳар кӣ ёди мо сари сӯзане дар дили ӯ бихалад, пеши ӯ қомати бандагӣ чун риштаи сӯзан дутоҳ[143] карда шуд.

**Оғози ғаразу баёни ҳусни аҳвол**. Беҳин ёдгори ин дурҷи гавҳар (74) он, ки аз ин ҷониб ба фатҳбоби хазоини осмониву маёмини талъати маҳдуми хуҷастапешонӣ абвоби рӯзӣ чун чашми фароҳдастон кушода асту асбоби беҳрӯзӣ монанди вазифаи содиқон омада, байт:

*على هذا الاحسان لله شكرٌ   الى حين حينٌ و ساعاتِ حينْ

Зубдаи ин ҷӯйи шир он, ки аз ин тараф табошири карами илоҳӣ, ки иксири ниъами номутаноҳисту бо юмни ҳиммати он манбаъи ҷуд, ки зуҳоби чашмаи мақсуд аст, корҳои дӯстон аз айши мунъимон оростатар асту ҷони душманон аз сабри бедилон костатар, байт:

*عَلَى ذَلِکَ الفَضلُ لِلهِ حَمدٌ   لَهُ کُلُّ شِعری دواماً لِسانْ

Хулосаи ин маъҷуни латоиф он, ки бар ин сӯй ба мадади мавоҳиби Кирдгор, ки чун абри мутароким ту бар ту меояду осори шафқати маҳдумӣ, ки чун мавҷи мутавотири дарё пай дар пай мадад менамояд, рӯзгори азизон аз хоби ғофилон осудатар асту андешаву илтифот аз аҳли оқилон нобудатар, байт:

*حَمدٌ بها لِلهِ لَو حَرَرتَهُ   لَاَ سودٌ بَحرٌ بالعبَرِ لَحِبرهُ

Умдаи бино дар ин нигорхонаи маонӣ он, ки ин тараф макорими яздонӣ чун тавонии айём бе инқитоъ асту баромади муҳимот чун тулӯъи ҳаррӯзаи офтоб (75) бешубҳаву муродот чун зиларубоёни меҳмонӣ агар аз дар берун меронанд, аз равзану девор дармеоянду номуродӣ чун пайкориёни қурбонӣ агар ба ҷаҳд меҷӯянд, кӯчаву роҳ бадал мекунанд, назм:

Ба шукри ин карам боло фиристам шукри Ҳақ чандон,
Ки зери бори он пушти фалак з-ин сӯ шикам гардад.

**Таъаттушу талаби мулоқот**. Ҷони ширинро аср карда омаду[144] шарбати дидори он дӯст сохта. **Дигар**. Оташи таъаттуши он лико ба оби ҳаёт кушта нагардаду дамҳои сарди фироқ ҳар рӯз нофармуда пеш меравад, то хошок аз роҳи фиристодагони хос бирӯбад. Агар қиссаи[145] иштиёқро шарҳ диҳам, риштаи дафтар кӯтоҳ гардаду ресмони шероза дароз ёбад. Илтиёъе чун бодияи ҷаҳаннам бепоён чашм дошта меояд, ки анқариб гарди маркаби хос бар дида дарояду ғасби мансиби тӯтиё кунад. Дуди сиёҳии дидаро ду паллаи тарозу сохтаам, то гарди суми он маркаб, мисраъ: санҷида ба захи тӯтиё биншонам[146]. Ҷое, ки хоки он остона бифурӯшанд, дирам ҷуз сиёҳии дида нашояд. Ҷонам, ки аз оташи иштиёқ хокистар гаштааст, агар инро асарест, умед, ки оинаи мурод ҳар чӣ зудтар рӯшан гардад. (76) Аз бори он ашк наздик аст, ки хонаи чашм хароб гардад. Рӯзе бошад, ки ин абр аз боридан боз истаду он офтоб дар назар ояд. Ҷонам, ки аз захми ҳуҷра чун ҳуруфи рӯҳ ҷудо-ҷудо гаштааст, хун[147] аз дида бисёр бояд борид, то ба васл бар сони ҳуруфи қалб пайванд пазирад. Чун Худованд бандаро ёд кард, банда худро фаромӯш гардонид. Ҷигаргӯшае чанд, ки дар ғайбати он волид аз мардуми чашм ин фарзанд зодаанд, агарчи ҷигари бандаро пора-пора кардаанд, аммо аз хун безор наметавон шуд, дили эшон сӯйи он хидмат мекашад. Пеш аз он ки бо мардуми дида аз пӯст берун афтад, Худой таъоло шон ҷудо рӯзӣ кунад.

**Зикри расидану фиристодани мактуботу муросилот[148]**. Фармони подшоҳ, ки унвони номаи қазову шуури маншури Мустафо[149] ва ноиби тавқеъи осмониву нусхаи саҳеҳи лавҳи маҳфуз аст, аз ҷиноҳи пайки малики сияр кушода шуду ба таъзими тӯмори мутаббарик бар сару дида молида омад. Қосиди иқбол, ки мубашшири шодмонии ҷовид аст, расиду шаби қадре дар пораи нур печида расонид. Ин нома, ки ҷӯест тунукпаҳно (77) сӯйи он дарёи бекарон равон карда шуд, то ҳар чӣ дорад, дар он шарти таъзим фуруд

---

[143] МИ: дуто.
[144] МИ: кардаанду.
[145] МИ: қазияи.
[146] МИ: мисроъ ҷудо нашудааст ва калимаи аввали онро надорад.
[147] МИ: чун.
[148] МИ: зикри фиристодани мактуботу муросилот.
[149] МИ: мусаффо.

резад ва аз он дарё сӯйи бодияи синаи мутаатташон абри гуҳарбор дархост кунад, то ин хокиро, ки ба мулоқоти он дарё, ки аз реги биёбон ташнатар аст, аз ғили чоҳ серобтар гардонад. Ин қисса, ки абрест сиёҳ, пеши ҷаноби осмони рифъати шамсӣ рафъ карда шуд, то фурӯмондағонро аз тофтагиву гармии зот дар зилли ҳимоят дорад. Нома, ки аз он пурдавлат расид, ба маҳосини ду мӯйи муносиби сиёҳӣ бо сапедии омехтаи хаёли маонияш аз мӯй бориктару аз саводи ҷавонӣ нишотангезтар, ки қалами куҳани хилқатро то қиёмат сиёҳсар хоҳад дошт. Ин нома, ки баргест аз нуқра ба дуди иштиёқ нимсӯхта гашта, фиристода омад, то ҳоли банда, ки чун барги зар аз кӯби бисёр ҷома коғазин кардаасту аз ғояти тунукмизоҷӣ ба осеби нафсӣ аз ҷой меравад, арза дорад. Ин нома, ки дар вай шуълаи илтиёъ аз сари най забона задаасту бар тӯфони оташ аз коғаз банд баставу қалам ба баракати ростӣ насӯхта, (78) ирсол афтод. Воҷиб кунад, ки чашми он мардуми дида бад-ин дуд пуроб гардад, аммо сӯзиши дил раво надорам, ки боз ҳам ба ҷони ман сироят кунад. Номаи малик-ул-хутабо Бекӣ, ки аз моҳи ид муборакрӯйтар бувад, расонид. Баёзи коғазаш ҳовии ҳуруф, пиндорӣ, рӯзи маймуни ид аст. Ғилофи шаби қадр куштаи ақлу ҷону рӯйи чун малику рӯҳ дар шаби қадр фуруд омаданд. Турфа иде, ки муҳр бар даҳон дошт. Қатраи обе бар даҳонаш гузаронида шуду муҳраш кушода омад[150]. Баёзи аввалаш чошттоҳи идро мемонист. Рақами тавҳидаш дар пешгоҳи мазмун гӯӣ хатиби сияҳпӯш дар чошттоҳи ид пеши рӯ шудаасту сутури дигар эъломи аббосист ба дунболи хатиб ва дар зимни сутури маонии печ дар печ пиндорӣ уламои амомадоранд дар сояи иълом ба мутобаати хатиб равон гашта, байт:

Дар ин ташбеҳ воҷиб шуд ба таҳсин даст бар гардан,
Чунон, к-андар намози ид дар такбири пай дар пай[151].

Мусовадаи хосе, ки чун шаби висол мухтасару хушоянда бувад, расид. Номаи хос, (79) ки шодирвоне буд, пеши мухаддароти ғароиб расид. Номаи хос расиду арӯсони латоиф аз ҳиҷоби он тутуқ ҷилва намудаңду дидаи нисоре, ки дошт, бар сари эшон фуруд рехт. Номае, ки таъвизи эҳзори ҷон буваду ҷон аз он азимат дар тани заиф чун паре дар шиша ҳозир шуд. Сутури хосе, ки салосили дилбандӣ бувад, бад-ин дилшуда расиду умре равандаву ҷоне давандаро банди сукунати ҷовид бар пой ниҳод. Номаи хос, ки маншури ҳаёти ҷовидонӣ бувад, бад-ин нимкуштаи ҳиҷрон расониданду дар зайли умри кӯтоҳ пайванд карда омад. Номаи хос, ки ҳарире бувад пур аз нақши бадеъ расидаву доираи кулоҳи[152] иззат сохта омад. Номаи азиз расиду ба иззати тамом даруни чашм ҷо гирифту ҳафт пардаи дидаро ҳашт гардонид. Номаи гиромӣ расиду пардаи дил, ки аз музар ба фироқ пора шуда буд, пайванд карда омад. Дар шарҳи иштиёқи он ҷигаргӯша хуни сиёҳи дили сӯхта аз ноираи қалам берун рехта омад, агарчи аз нома бӯйи хун ояд, барои дили мо қабул мебояд кард. Номаи чун саводи ҷавониву дебочаи ҳусну зиндагонӣ аз он ҷавони ҷаъдандоз бар ин пири мӯйгашта, ки аз захми фироқ ду мӯй шудааст, расид. (80) Ғунчаи сарбамуҳр аз он бӯстони тозарӯй пайки сабосайр расониду димоғи ҷонро муаттар гардониду дар ҷайби дил ҷой ёфт. Вараке муаттар ба ҳазорон тиби ахлоқ аз он гулистони алтоф қосиди бодсуръат оварду аз насими он ақл сархушу рӯҳ сармаст гашт. Саводе чун сиёҳии чашмаи Хизр муҳити оби ҳаёт аз яди байзои мусавӣ расид. Номаи хос, ки нофа буд, бе хато пайки оҳутак оварду чун таъвизи мушк бар гардани иззат таълиқ ёфт.

**Сифати қаламу давоту коғаз**. Қалами фалон бодест, ки ба дарёи латоиф заре мебофад. Қалами фалон соҳирест, ки ба овози сарир бо бод сухан мегӯяд. Миҳбараи хос машшотаест, ки пойи қаламро ҳинои сиёҳ бастааст, то бад-он ҳино дар иқди арӯсони маънӣ дасти булӯрини коғазро нигор бандад. Оташтабъон аз мағзи сухан чароғ афрӯзанд, он гоҳ дуда бар сари қалам кунанд. Қалами фалонро пой дар хулоби сиёҳ олуда шудааст (81) ва бо он пойи олуда меояду бар мусаллои коғаз саҷда мекунад; он пой бобати буридан

---

150 МИ: Ин ҷумла ба таври зайл омадааст: Турфа обе, ки дар гулӯяш гузаронида шуду муҳраш кушода шуд.

151 МИ: танҳо мисраи дувум ҳамчун як мисроъ мушаххас шуда ва дар мисраи аввал, ки давоми ҷумлаи болоист, таркиби “дар ин ташбеҳ” ҳазф шудааст.

152 МИ: абари кулоҳи.

аст, на лоиқи шустан. Қалами фалон шаҳобест девзой, ки ҳар кӣ зодагонаш дид, лоҳавлкунон мегурезад. Дар насиҳати ғайр маҳали тар кардани забон ҳамон асту хушк овардан ҳамон, чунонки бар сафҳаи сапед навиштан ба об ҳамон асту қалами хушк рондан ҳамон. Мардуми тунукмизоҷ, ки ба лутф парвариш ёбаду ҳам аз лутф бадхӯй гардад, ба коғаз монад, ки ҳам аз об созанду ҳам аз об ботил шавад. Коғазе, ки маҳдум фиристодааст, агарчи ба сафо чунон аст, ки дар вай хаёл намуда мешавад, аммо дар вай як латофате дигар муоина шуд: он ки ба санъати иҳом монад, зеро ки рақами якрӯяро аз ҳар ду ҷониб ҷилва медиҳад.

**Ағрози мухталифа дар фиристодани ҳадоёву туҳафи[153] лашкарӣ**. Аспе, ки шоҳ сӯйи ин пиёда равон кардааст, дар ҳаракати рост бар рух мемонад, ки ба як равиш ҳафт хона дар миён кунаду то он ҷо, ки бидавонанд, бидаваду ҳар ҷо, ки биистонанд, биистад. Тавсане, ки ба хидмат равон карда шудааст, бар об чунон беҳтар пой ниҳад, (82) ки сум ба об расад, аммо тар нашавад. Рахши малик аз онҳост, ки агар бар чашми хуфта бигзарад бедор нашавад ва агар бар дидаи бедор так занад, хобаш ояд. Малик-уш-шарқ бодпой харидааст ба сад тангаи сурх, он бод ҷуз бад-ин гулҳо натавон харид. **Акс**: Аспе, ки охурбак фиристода буд, оташпораест дар ҷӯб хӯрдану тундбодест дар ғубор ангехтан. Аспи банда аз онҳост, ки нақши девор аз ӯ так бибарад.

**Аслиҳа, камон**. Камон, ки атияи он офтоб бувад, ҳилолвор рӯят намуду душманон ҷони худро, ки беҳтарин шириниҳост, ба таҳнияти он моҳи нав пешкаш карданд. Ва: Камони Рустам аз он абри боранда тулӯъ карду ҷигари ташнаи душманонро навиди борони баҳман расонид. Ду камон, ки маҳдум фиристода буд, расид; болои ду чашм, ки аз интизор чаҳор шуда буд, ниҳода омад, абрӯ ҳам чаҳор шуд. **Акс**. Камоне, ки сипаҳсолори сарсилаҳдор фиристодааст, аз он бобат аст, ки бозуи бемушакаш бикашад, балки мушаки бебозу ҳам. Камоне, ки худованд фиристодааст, даромаде дорад аз карашмаи абрӯи золон announcing нописандидатар; (83) хушкпай аст, аммо бе об ҳаст, вале беобе, ки тарӣ аз ӯ мечакад. **Тир**. Як қандил тир бо пайконҳо чун шуълаи оташ сӯйи он қублаи мулук фиристода шуд, то пеши меҳроби шамшери хос нури хеш рӯшан кунад. Як тир овозе, ки бад-он[154] мусиқори дилрабоӣ мурғ аз ҳаво фуруд ояд, сӯйи он шаҳбози шикорӣ ирсол афтод. Як белаки Баҳман, ки пойи бату сари симурғ ҷудо кунад, аз он рустамваш, *ло зол ҷаддаҳу*, расид. Як сӯқин динори сар, ки банда аз маҳдум ёфтааст, агар фармон бошад, ба як захм он динорро ангуштвона созам. **Акс**. Як тиркаш тир, ки малики ислом фиристода, дар кӯзаи он магас рида буду дар суфора анкабутон танида, рӯшан шуд, ки малик бад-он на магасе куштааст, на шермагасе. Як даста тир, ки он паҳлу фиристода буд, бағоят турфа буд: дар кузаи он ба ҷойи пари каргас ҳама пари магас нишаставу бар пайконҳои он бадали мӯйи шикофта пойҳои мӯрча хоста. Пайконе аз палораки сабз чун шуълаи оташи гӯгирд, ки кимиёи фатҳ[155] тавон гуфт, бахшида. Махдуми Дорам дар ҳар маъракa, ки тоб берун дод, душманонро симоб гардонид. Белаке, ки аз пӯлоди сабз (84) чун пари думи товус ба хидмати зоғ камони хос[156] фиристода шуд.

**Ҷавоҳир**. Марвориде чанд ҷониби он ҷаноби олӣ чун қатраи обе, ки аз роҳи вақоҳат сӯйи абр партоб кунанд, фиристода шуда буд, аз он маҳалли баланд боз ҳам бар рӯйи мо рад гардониданд[157], байт:

Оре, он, к-андохт сӯйи нили гардун қатраҳо,
Сиблату ришу мурассаъ[158] бинияш фиръавнвор.

Як донаи дурр, ки кавкабест аз Бурҷи обӣ берун омада, аз ҳазизи манзили ин Суҳо сӯйи он байт-уш-шараф сайр намуд. Умед аст, ки аз он дараҷаи истиқомат роҷеъ нагардад. Як тангаи зару як тангаи нуқра аз карами маҳдумӣ расиду кулбаи торики банда бад-он Офтобу Моҳтоб рӯшан гашт. Гӯй дар хонаи мо қиёме буд, ки бурҳони ҷамъ-уш-шамсу ва-

---

[153] МИ: туҳафи маротиби.
[154] МИ: қаҳри он.
[155] МИ: фатҳу фирӯзӣ.
[156] МИ: камони хеш.
[157] МИ: рад кардаанд.
[158] МИ: мулаамаъ.

л-қалам зоҳир гашт. Як тангаи зар аз осмони рифъат чун офтобе дар хонаи мо, ки сифр бувад, даромаду наврӯзи муроди мо гул кард. Дираме чанд ба ҷиҳати кӯдакони хос фиристода шуд, то барои шодии дилҳои эшон даруни кисаи ҳар як пой кӯбаду суруд гӯяд. Наздики бебасарон дирам гӯӣ сиёҳии дида аст, ки бе он кӯр мешаванд (85) ва барои тазъифи он аҳвал ҷомаи якшиқадори мӯина, ки кӯҳи[159] яхро ба мӯй дафъ кунад, расиду тане, ки дар сари мо аз хостани мӯй хорпушт шуда буд, қоқумпӯш гашт. Яктои баҳрамон, ки обе тунук асту хубонро то гулӯ ғарқ кунад, расид. Яктои ҳарир, ки аз ламъону латофат ба шуои офтоб мемонист, расиду сояи зулматро аз пиромуни рӯзгори тираву торики мо маҳв кард. Яктои ҷомасабзи талӣ, ки аз ҳунар айбпӯштар бувад, расид, аммо як айб дошт: он ки пӯшандаи ӯ бараҳна мемонад. Хоҷа Зайнуддини баззоз, ки ҷома ба ваҷҳи ёдгор фиристодааст, латофате дорад, ки пӯшандаи он чун хаёл дар об менамояд.

**Акс.** Ба хидмати Хоҷа Миъбарии[160] бозаргон банда яктои парниёни сабзу танг чун пари магасу як ҷомаи девгире латифу сафед чун хонаи анкабут фиристода буд. Ба муовазаи он яктои авдаҳӣ фиристода буд, аз ним бисёр шакарранг шудаву магасак гирифта, гӯӣ танастаи магасгири анкабут аст. Ҷома, ки аз ҷомахонаи хос расидааст, аз ҷомахонаи камина дурушттар аст; ғуломро гуфтам, ки пойтоба кунад, (86) пушти пой зада берун андохт. Катони русӣ, ки сипаҳсолор Ойбаки татор фиристодааст, аз мизоҷи русиён дурушттар асту аз чашми хитоиён тунуктар. Ба хидмати Хоҷа Латифи баззоз яктои нарма латифе чун пӯсти морро ёдгор фиристода будам, аз бадали он миқнаъаи сабз чун ҷомаи ғук бар ман фиристодааст.

**Зикри аъмолу аксоби халқ**. Ангушти ҳунарманд калиди дари рӯзисту кафи беҳунар кафчаи гадоӣ. Пурбоди бемоя мушкест дамхӯрда, ки ҳар чӣ пуртар тиҳитар. Аз улуҳиммат ҳар чӣ бинанд, ҳақир дар назар ояд, чунонки кӯҳ аз баландӣ ваза[161] намояд. Ришта тобе дар чашми сияҳдил дарояд, чунонки ресмон дар чашмаи сӯзан. Коре, ки дар пардаи ақл пазанд, ба сафои тамом дар дил қарор гирад, чун обе, ки ба ҷома мехӯранд. Ҳар кӣ худро рӯзи неку дигареро рӯзи бад хоҳад, беҳтарин рӯзе ба бадтарин рӯзе гирифтор гардад. Кӯрдилро дидани нури илм муҳол аст, чунонки аҳвалро дидани Худой. Бар карами маълул дил натвон баст, чунонки аз атсаҳои зуком фол натвон гирифт. Хона, ки аз корронии (87) сифла маъмур гардад, хароб ва гулзоре, ки аз зоғ бар рӯйи он хол бошад, рӯйи он гулзор сияҳ. Занге, ки барои дафъи чашми захм дар иморати нав овезанд, беҳ аз мардуми чашме, ки дар хонаи маъмури мардумон чашми захм кунанд.

**Ташбеҳоти муболаға**. Мартабаи чун дуои солиҳон осмонгир. Бунёде чун қавли содиқон устувор. Муҷоласате чун талъати ҷавонмардумон мубашшири умед. Овозаи чун фикри мунаҷҷимон фалакпаймой. Базле чун муболағати шуаро беш аз қиёс. Баёне чун атои пурдилон мушаббиъ. Амали дӯстии чун вазифаи каримон бегусаст. Руқъаи чун шаби васл кӯтаҳу хушоянда. Латоифе чун шарбати тобистон дилосо. Расмҳои чун қазоёи мантиқ бар қонуни ҳикмат. Забоне чун корди ҳак рофиъи хато. Қаламе чун сурати худ ростмаънӣ. Тире чун алифи *инно фатаҳно* мулозими фатҳ. Камоне чун нуни ҷумал яке ба ҳисоби панҷаҳ. Айвоне чун тасаввуроти зеҳн муъҷаз. Меъмори даҳлезе чун даҳонаи дарё аз шубҳаи каму беш мустағнӣ. Даре чун чашми мунтазирон бар ояндагон кушода. (88) Моҳазаре чун гиряи ошиқон гоҳу бегоҳ равон, байт:

Атияи ту пур аз ганҷҳо чу ваҳми ҳарис,
Хазинаи ту пур аз туҳфаҳо чун зеҳни ҳаким.

**Зикри аъмол бар сабили афзалият**. Ваъдаи аз омадани фардо содиқтар. Ақидаи аз гиреҳи бахилон муҳкамтар. Ҳиммате аз бахти муқбилон комёбтар. Фаросате аз яқини муҳаққиқон ростгӯйтар. Амале аз интизори кишоварзон бардиҳандатар. Забоне аз дастафрози_пешаварон ҳалолтар[162]. Бандаи аз кишти бардиҳанда ҳалолхӯртар[163]. Замире аз симои солиҳон мусаффотар. Ҳилме аз гаронии кӯҳ посангтар. Тавозуъе аз шохи пурбор

---

[159] МИ: кураи.
[160] МИ: Хоҷа Ҳибрии.
[161] МИ: зираҳко.
[162] МИ: ҳалол ал-фатҳтар.
[163] МИ: Баъд аз ин: Бахте аз доми моҳӣ ҳалолрӯзитар.

дӯсттар[164]. Сӯҳбате аз сояи тобистон роҳатбахштар. Гармметрии аз офтоби зимистон хуштар. Кеҳтарнавозиши аз тарбияти модарон беминнаттар. Садақаи аз меҳрубонии хоҳарон бериётар. Хатте аз саводи ҷавонӣ тарабзойтар. Муроде аз рӯзи меҳмонӣ ҷамъиятафзойтар. Дарахте аз ҳиммати восилон рафеътар. Саводе аз сурмаи марворид диданавозтар. Муҳовараи аз муфарраҳи ҷавоҳир нишотангезтар. Арсаи аз масофати хаёл васеътар. Иборате аз шароби роҳдода хушгувортар. (89) Номаи аз умри оянда хушояндатар. Маонии аз неъмати поянда пояндатар. Обрӯи аз чашмаи зоянда физояндатар. Бахшише аз мавҷи забони мовах афзунбахштар.

**Ташбеҳоти зидди мадҳ**. Саломе чун тавозуъи мунҳанӣ зарурӣ. Хидмате чун нагунии нисори чиниён тамаъомез. Иборате чун музавварои бемор бемазза. Шавқе чун чоплусии бешкорон музаввир. Талаттуфе чун акс дар обу оина. Дурӯғе ростмонанд. Сухане чун авдияи мадкуқ хунук. Ҳусне чун таоми Ҳиндустон бенамак. Рӯйи чун гирдаи панир пурчину турш. Орзуи чун дуди кимёгарон савдои хом. Гармии чун гиряи тифлон ғаразолуд. Ҳоле чун ибораги аҳмақон абтар. Ишваи чун шарбати хоби ташнагон ташнагиафзой. Мизоҷе чун хандаи девонагон бемаънӣ. Мизоҷе чун назми хондани қасаботиён ракик. Бахте чун даъвии афғонон бо шутулум. Таҳуре чун интиқоми ҳиндувон беоқибат. Беҳунаре чун муҳраи тарҳ маътал. Қавме чун шатранҷи мазруб бетартиб, байт:

Бедоришон зи хоби эшон
Чун хоби муқомирон парешон. (90)

**Афзалияти аъмол ба тариқи зид**. Чавгоне[165] аз таҳтаги аҳмақон хандаангезтар. Ихлоси аз каломи[166] мунофиқон муламмаътар. Ишваи аз шароби тобистон ташнафиребтар. Мизоҷе аз чеҳраи домдор нохушнуду ваҳшатангезтар. Чокаре аз кишти шӯра ҳаромхӯртар. Андӯҳе аз мушти[167] сифлагон гаронхезтар. Газофе аз тасаввури хомтамаъон фароҳдомантар. Забоне аз қалами соиён бодпаймойтар. Лаёқате аз симои мушаъбадон обилагиртар. Хулқе аз лаёқати мудхилони ҷавонмарднамой мумаввахтар[168]. Тавозуъе аз накӯии нисори чиниён тамаъомезтар. Чарбзабонии аз рӯғани пиҳи парварда сусттар. Бонги забоне[169] аз садои кӯҳу ғулғули гунбад дурӯғзантар. Азимате аз айёми гузашта беруҷӯътар.

**Мадҳ ба тариқи ахбор**. Рӯҳ кимиёи зиндагонӣ аст. Ақл симои маонӣ аст. Латофати ҷавонӣ зубдаи зулоли ҳубоб асту шарбати сиҳҳат нӯшдоруи зот аст. Бахт пешвои мулку давлат аст. Ҳиммат миқнотиси мурoду мақсуд аст. Дар маърака дили сангин маҳаки фирӯзист. Ройи рӯшани офтоб беҳрӯзист. Қалам дастафрози шарафу илм[170] аст. (91) Теғ калиди фатҳу зафар аст. Илм машъалаи нуру нор аст. Амал халафи илм аст. Такрор танастагарии дастор аст. Диёнат тарозуи дину дод аст. Касб воситаи рӯзист. Мол робитаи тартиби умур аст. Тадбир соиби зобитаи масолеҳ аст. Кӯшиш дарозкаманди мурод аст. Фикрати тез тешаи дурудгарии дақоиқ[171] аст. Зеҳни софӣ оинаи хаёлоти ғайб аст. Фаросат ҷосуси ақл аст. Ақл дастури умур аст. Карам муҳассили иззат аст. Саховат вакили харҷи ҳиммат аст. Умед дастовези хурсандӣ аст. Пешонии кушода дебочаи саодат аст. Сухан[172] ҷони башарият аст. Ишқ зубдаи инсоният аст. Тақво мизбони мағфират аст. Эҳсон сайёди давлат аст. Дили бедор посбони дину диёнат аст. Гавҳари пок пирояи хилқат аст. Тинати пок бунёди одамият аст. Ростӣ асои тақво аст. Қадами собит сутуни истиқомат аст. Санги гарон лангари таҳтаг аст. Ҳаё пардаи исмат аст.

**Зам ба тариқи ахбор**. Тинати бад хамирмояи шайтанат аст. Бухл пешкораи хиссат аст. Хиссат пешвои ҳирс аст. (92) Тамаъ корфармои даноат аст. Шаҳват пардадари ҳаёст. Мизоҷ даллоли хусумат аст. Чоплусӣ дастафрози нифоқ аст. Дашном вакили харҷи

---

[164] МИ: дӯсти ал-фатҳтар.
[165] МИ: ҳаракоте.
[166] МИ: ишваи.
[167] МИ: миннати.
[168] МИ: калимаи пеш аз пасванди "тар"-ро надорад.
[169] МИ: бонгу номе.
[170] МИ: шарафу ъалаф.
[171] МИ: ин калимаро надорад.
[172] МИ: сухра.

сафоҳат аст. Такаббур номуси ғурур аст. Дузабонӣ миқрози муҳаббат аст. Ҳасад коргузори хубс аст. Рӯйи мунофиқ оинаи тазвир аст. Тавозуъи сифла кӯз рафтани дуздист. Ҷаҳл қонуни баҳимият аст. Араҷи бад риштаи гирифторист. Дирам[173] тақдимаи рӯзист. Ишва оташи гарми ҷаҳонсӯзист. Таранги тунукаву динор арғануни тараб аст. Дандон задани бисёр арраи умр аст. Чини абрӯ сӯҳони ҷон аст.

**Латоифи ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба тариқи мадҳ**. Алиф иқболи умдаи умури давлат аст. Тои таалллум осмони дараҷат аст. Доли давлат раҳнамои баландиҳост. Рои раъфат чавгони гӯйи мурод аст. Золи зиҳодат муваллиди иззат[174] аст. Сини саодат кулоҳи қурб аст. Соди сидқ чашми ҳақбин аст. Ъайни ъилм чашмаи тарозуи охират аст. Ъайни ъишқ наъълест дар оташ. Ғайни ғуфрон абри гуноҳшӯй аст. Фои фаросат (93) ҳарфест бар рақами рост. Қофи қаноат кӯҳи пурзар аст. Кофи киёсат теғгузори кифоят аст. Ломи лутф зиреҳи исмат аст. Мими маънӣ хотами мулк аст. Нуни яқин камони ҳукмандозист. Ҳои ҳиммат гиреҳи нақди мурод аст. Лои салоҳ миқрози пардаи айб аст. Ёи ёрӣ тоҷест бар сари ёр.

**Акс.** Алифи идбор новаки ҷигар аст. Тои сиёҳат саҳифаи шақоват аст. Доли диноат косаи нагунсорест. Рои шаррат воситаи бадӣ аст. Сини сафоҳат арраи муҳаббат аст. Соди ҳирс бодомест тиҳимиён. Ъайни таъмия чашмест бенур. Ғайни ғусса абрест оташбор. Фои фаҳш нимаи фона аст дар дили мардум. Қофи қимор нагунсорест сияҳрӯй. Кофи кина дарозбозуест чӯб бардошта. Ломи утлат шикастаест бекор. Мими ҳаром ҳалқаи дари ҷаҳаннам аст. Нуни миҳан шиками холист, ки як кунҷид рӯзии ӯст. Ҳои ҳаҷар гиреҳи дил аст. Лои зулол ду шохаи дӯзах аст.

**Адъияи зайл**. Умри ояндаи маҳдум аз умри гузашта физояндатар бод. Рӯзи ҳаёти маҳдумӣ (94) аз сооти мунтазирон дарозтар боду рӯзи умри душманон аз лаҳзаи машғулон кӯтоҳтар бод. Пойи бақои худовандӣ[175] ба ҳадде дароз бод, ки аз домани қиёмат бигзарад. Чароғи рӯшноии маҷлиси анвар[176] то ғояте зиндаву фурӯзанда бод, ки аз нафхи сур ҳам кушта нашавад. Шамъи бахти Мавлавӣ то ба ҳадде рӯшан бод, ки аз дами субҳи қиёмат ҳам намирад.

**Хатти севум** дар амсилаву мактуботи салотину мулук, муштамил бар се ҳарф: **ҳарфи аввал** дар ташбеҳоти амсила, ки аз ғараз томом фурӯ бошад, **ҳарфи дувум** дар амсила, **ҳарфи савум** дар мактуботи салотину мулук, байт:

Ин байт дар миёни ду ҳарф аз барои фарқ
Монанди гавҳарест миёни ду ҳарфи теғ.

**Ҳарфи аввал** дар ташбеҳоти амсила, ки аз ғараз томом фурӯ бошад, мисраъ: **дебоча лузуми чор унсур**. Пешунсури поки унсуриёт оташи табъи банда Хусрав, ки хоки роҳи эшон аст, ғубори тинати хеш бар ин ҷумла бар рӯйи об меорад, ки ҳамагии абнияи заминро иморат аз хоку об аст, магар абёти назму хонҳои насрро, ки бодбандест бар рӯйи ҳаво, ки оқилони шайдомизоҷ ба оби дуд омезад, дуди оташхез кардаанд, байт:

Нозук (95) иморате, ки бино бошадаш бод[177]
В-обу гилаш зи дудаи оташ кунанду об.
В-ин турфатар, ки умдаи кораш не заиф
В-он гоҳ ин бино нашавад ҳеҷ гаҳ хароб.

Пас ҳар чӣ ба силсилаи рақам муқайяд шуд, дар арсаи сангини рӯзгор *ка-н-нақши ъала-л-ҳаҷар* дер пояд, на чун рақами тахтаи хок, ки осеби боде гард аз ӯ барорад ва ё нақше, ки бар об кунад, ки ҳам дар нигоштан маҳв гардад. Чун чунин аст, ҳамгинонро ин миқдор оташтабъиву обдаҳанӣ мебояд, ки бодбандии рақам тавонад кард. Ҳар киро аз ин қиёс оташе дар зоти унсур ҳаст, ки дуда бар сари қалам кунад, ки қайди илму фазле бад-он мумкин гардад. Рӯшан аст, ки ӯ шамъи дудмони хирад асту аз чаҳор табъ мавҷуд гаштааст. Ва он, ки ҳарфи ин ҳирфат дар табъи ӯ нест, гӯӣ суратест, ки аз чаҳор табъ мураккаб нашудаасту намудорест музаввар, мисраъ: чун хаёле, ки дар оина бувад ё дар об.

---

[173] МИ: дом.
[174] МИ: ибрат.
[175] МИ: махдумӣ.
[176] МИ: олианвар.
[177] МИ: бошадаш зи об.

Боз ин қадар қувват дар феъли мардум аст, ки дар кори китобат обе дар даҳани давот тавонанд чаконид, яъне боде дар сари қалам муқайяд тавонанд кард. Аммо мардуме бояд, ки дар дудангезии хома бағояте норе гардад, ки оташвор (96) аз рӯшноии худ ба ҳеч маркази сифлӣ сар фуруд наёраду дар миёни хокиён ба латофати зулоли маънӣ аз мутабаҳҳирони башар обе гардад, ки равиши ин кор ба ҳинҷоре кунад, ки дар динаш обрӯю дар дунёш оби ҷӯй ба каф ояд. Аммо кори дин на ба андозаи муште хоки мулаввас аст, магар он, ки аз олами ғайб инояти боди қабуле бар вай вазаду шуое аз меҳри осмонӣ бар вай тобад, то он тинати олударо пок гардонад. Аммо оби кори дунёро мавориду шароеъи бисёр аст, ки агар аз табъи мустақил дар вуҷуди сангин оташе бошад, ба касбеву ҳирфате гармогарм бозори рӯзӣ гарм тавон доштy ноне биринҷин ва ё заррин ва ё симин ва ё мисин пухта тавон кард. Агар он ризқро ба зарқ накунад, мисраъ: он қурсаи ҷав зи қурси хур поктар аст[178]. Аммо боди нахвате, ки мардумро дар сар аст, ошоми оташи Баҳром авлотар донад ё дуди конуни худ ба ҳалол хӯрдан чун ризо додан ба касбу ҳирфат бар бештари мардум душвортар аз он аст, ки унсурро руҷӯъ аз марказ. Пас[179] он ҳама мактубот, ки дар хаётат ҳар сари сӯзане халаесту дар ҳаёкат ҳар риштатобе тобе ва боди истинкоф музоҳими димоғ, ки агар мардумро дарзӣ хонанд, (97) хоҳад, ки ҷома пора кунад ва агар ҷулаҳаш гӯянд, аз шарму ҳаё дар чаҳи коргаҳ то камар фуруд равад. Чун дар оби ҳар кор жарф нигаҳ кунем, ду пешаест, ки дар онҳо ҳам шарбати ҳалолу ҳам шарбати ҳаром тавон хӯрд. Яке аз онҳо кори лашкарист, ки аз забонаи оташи шамшер ҳамгиронро ба забонии ҷаҳаннам тавон расонанд, то луқмаи ҳалол бад-он пухта гардад ва ҳам ба тезоби ханҷар бунёди замиёни молгузор хароб тавон кард, ки аз он нони ҳаром то ба маош ба тофтагии тамом гарм кардаву хӯрда шавад, байт:

*يا من يعيش بحرمة لاموال　　　　هل في احترامك حرمة بمال

Ва яке ҷараёни қалам аст, ки ҳам бад-он боди равон дарёҳои улуми диниро ба силсилаи рабт бартавон баст, то аз нисоби байт-ул-мол насибе ҳалол ба нақши хоке даррасад ва ҳам дудангезии рақами сиёқат аст, ки аз он чашма агар таровиши ҳалол ҷӯянд, қатра ба ҳила дар ком чакад ва агар мояи ҳаром тӯфонҳои оташ фуруд тавон бурд, байт:

Ӯу мол ин аст, эй донои ҳар кор,
Зи ҳар чашма, ки хоҳӣ, баҳра бардор.

Банда Хусрав агарчи дар тинат асли унсури туркону сипоҳиён дорад, валекин боди ҳавас он ҷонибаш наяфканд, (98) ки аз теғи обдору пайкони оташбор бар дӯзахиён обу оташ рондиву парокандани хоке бар ҳарфи таҳрир ҳам наёмӯхт, ки қаламро бар оби сиях ғарқ кардӣ. Ё он, ки аз ин оташхориҳо бигзашт, низ аз боди шеър барои хеш оташи дӯзахро иштиъол доду силаи ҳароми мадҳро, ки руби мояи ғуслайн аст, ба ҳурмати тамом нӯшдоруи худ сохту обу хоки худро дар иморати дубайтиву рубоӣ ба бод дод, шеър:

ويل لذى ظلم جهول مظلم　　　　فى بحر شعر بالمدائح يغرق

Байт: Ҳаромхори маҳин чун манам ба арсаи хок,
Зи дуди таъна чӣ сӯзам ҳаромхӯронро?!

Бад-ин басанда набуд, дар хокбезии наср низ домани тарро ба ғубори лояънӣ олуда гардонидам. Монанди тифлони ширхора, ки бар домани худ мерияндy бар хок нишинанд, то доманашон, мисраъ: онҷунон лавс шавад, он чи шавад фи-л-ҳосил. Чун ҳосили мани хокӣ ҳам аз ин қисм афтод, ночор доди он бибояд дод. Пас аз он ҷо, ки бодбезон забонро ба боди ин тарассул ҷунбиш додам, аз таҳрики ин ҳаво боде дар танам омад, ки аз он роҳате ба хайчаконони қалами иншо расад, байт:

*كما للناس يحصل راحة اذ　　　　(99) تحركت الرحات بين راحات

Пас дар ин маркази хаттӣ ҳар чӣ онро унсури аҳли табъ тавонад, ки муҳит гардад дар ҳарири обгун, бар рӯйи об овардаму чун дебочаҳои муъҷазу мутаввал бар сари мактуботу муросалот бар сони қатра дар давоту шуъла дар чароғ ҳоҷат буд, мураттаб

---

[178] МИ: ҳудуди мисроъ мушаххас нашудааст ва бахши охири ҷумла ба атври зайл аст: агар ризқ ба зарқ қалб накунанд, он қисса зи фарзи худ поктар аст.

[179] МИ: бас аз бас.

гардонидам. Табъ чунон иқтизо кард, ки ташбеҳе чанд барои амсилаи озод аз тӯлу арз таҳрир кунам, то ин мисол низ абад-ул-обод дастури арбоби иншо гардад, байт:

*فآبَ اِلَیهِ حزبُ الطَّبع طَبعاً          کَما آبَ الطِّباعُ اِلَی المَراکِزِ

Пас ин чаҳор ташбиб ба нисбати устуқусоти арбаъа дар ин манбаи латоифу мавриди лавотиф ҷорӣ гардонидаму дар ҳар яке як унсурро нисбат ва балки лузуми лозим доштам, то ҳар киро дар ин матбуъот майли табъе афтад, аз ин ҳавзҳои мусаффо ҳар гоҳ шарбате нӯшад, байт:

*یَطِیبُ کَمِثلِ عَطشانٍ یَروی          بِماءِ بارِدٍ فِی حُرِّ صَیفِ

Ва ин дебочаро, ки ба нисбату лузуми чаҳор унсур ибдоъ кардаам, пиндорӣ инсонест аз чаҳор табъ маҷбул гаштаву маънӣ дар ҷавоҳири обдори ӯ ба манзалаи рӯҳи нотиқа аст, ки дар инсон бошад, байт:

Кас бар ин об (100) сурате кам дид,
То заминро зи хок шуд бунёд.
То дафи меҳр дар ҳарора бувад,
Ҷилваи ин арӯс боқӣ бод.
**Ташбиби нахусту нисбаташ аз оташ,**
Ташбиб ба нисбату то беҳ нигар[180].

Чун чошнии наволҳои гармогарм дархурди коми ҳар пухтаву хом ҳам аз зари оташ вом асту ҳам аз оташи зар дом ва чандон аст, ки аз оташ асиру зари касир ба ҳила пухта гардад, ба ҷиҳати тааҳҳуд ин маслаҳат чошнигире монанди оташгари маккор, на чун дуди хомосор воҷиб. Бар ин қазия сипаҳсолор Синонуддини Қиронро, аҳрақа-л-куффора билаҳаби сайфиҳи, ки як тири сӯзони ӯ нахчири оташи шерро ба як бор ҳам куштаву ҳам пухта гардонад, ошубаке матбахи хос насб фармудем, то дар ин маслаҳат бар сони сангу оҳани чақмақҳо ба ҳиддату салобати тамом оташангезкор бувад ва ба чошнии сидқ чунон оташпора бошад, ки суъоти сӯзанда агар сӯйи ӯ ангушти сиъоят дароз кунад, забона бигирад дар ангушти эшон. Ва Хоҷа Сироҷуддини Мавдудро, зайяда анвора тадайюниҳи, ки хомаи овоз сари ростӣ ҷуз ба олоиши дуде, ки мояи рақами ӯст, савдои дигар кам пухтаасту ӯ пеш аз ин муталлиқи матбахи духон будаву аз тариқи (101) хиёнату хабосат ҳеҷ гоҳ чарбдастӣ нанамуда: ки ба хомиву вахомат кашад андар охир - ба ашрофи ҳамин корхона махсус гардонидам, то он ҳар ду соҳибшугл ба оине амал ронанд, ки оташ бар эшон нори Халил гардаду забони оташангези он корд бар ҳалқи Исмоил, *ин шоа Холиқ-ан-нур ва-н-нор*.

**Ташбиби дувум ба нисбати бод нигар**. Чун Худованди мурсил-ур-риёҳ, ки боде фитрати олам аст, ба мавоҳиби *раббӣ, ҳаб лӣ мулкан ло янбағӣ лиаҳадин мин баъдӣ* мулкати Сулаймонии моро боди давлате равон кардааст, ки ҳангоми қаҳру қудрат агар насими саборо ишорат фармоем, кӯҳҳои гаронро *ка-л-ъиҳни-л-манфуш* малъабаи дасти ҳаво созад. Ва дар замони рифқ ва ба лутф[181] агар бар сарсари тунд ҳукм кунем, дар шӯълаи чароғ дами *сироҷан ваҳҳоҷо* дамад, ба эътимоди нифози бод масири ин фармон амир бод. Савлати Насимуддини Қабулро, *тоба шамоилаҳу* номзад гардонидем, ки дар харобободи адониву ақосии мамолик шаҳнаи бод бошаду ҳар ҷо, ки хирманеро бод кунанд, гумоштагони хасро нагузорад, ки дар хирмане хаскашиву хасдуздӣ кунанд, то мушти ғалла дар қабзаи тасарруфи музориъони мискин, ки рӯзгор дар он хок хӯрдан ба бод додаанд, (102) даврони дамдамаи умед дам-дами нафси таҷарруд дар худ фуруд хӯрдаву ба бод зиста, озод аз гоҳ-гоҳи ин хасон ба боди хона ҳавои хеш баранд, байт:

То хонаашон зи дона гардад обод,
Чун нори пуру чу нор доим пур бод.

**Ташбиби савум**[182], ба **нисбати об** аст ин. Чун музоъаф гардонидани идрори обҷӯёни мубаррату соилони мулотафат кафи дарёи мавҷи моро аз об равонтар аст, ба ҳукми ин моҷаро имоми мутабаҳҳир, манбаъ-уш-шароеъ Кабируддини Ҷаъфар равад,

---

[180] МИ: ин мисроъро надорад.

[181] МИ: аз аввали ҷумла то ба ин ҷоро надорад.

[182] МИ: ташбиби дигар.

бореро, ки дар мутабаххири илм мояи муҳит аз оби даҳони ӯ камтарин зубда аст, *кассара сиёла ъумриҳи* мустағриқи амвоҷи ъайн-ул-инъом гардонидему идрори ӯро, ки дурре ҳосили он аст, муқаррар доштем, то аз исботи муқаррар дурре дигараш ба ҳусул пайвандад. Бад-ин ду ҷавҳар ҷисми ӯ бар оби худ монад ва чун ин идрори мидрор дуррфишони ӯ бошад, ъайни илми ӯ бад-он об зоянда гардад, ки аз ҳар нақзаи ӯ дурари манзумаву лаолии маншура ба адади қатароти борон дар боридан ояду руъяти ӯ аҳли анҷумани худро аз ҷадвали тақвим рӯй гардонаду баҳҳосони шариат бо якдигар соилу ҷавобӣ шаванд. Анҳори савоб доим ҷониби ҷанобу савобмаоби (103) мо ҷараён пазирад, байт:

*اِن شاءَ عَلّامُ عُيُونَ عَطائِهِ      تَجرى اِلى عَينِ الشَّريعَةِ دائِماً

**Ташбиби чаҳорумину нисбат** аз **хок**[183]. Чун нигорандаи лавҳи хок, ки маншури *халақа лакум мо фӣ-л-арзи ҷамиъан* ба номи табақаи инсон нигоштаи қалами карами ӯст, ҳукми моро бар арсаи рубъи маскун монанди об, ки зобитаи хок гардад, бар соири хокиён нофизу ҷорӣ гардонидаасту ғубори лашкаркашони офоқро, ки аз тасоъуди он буруҷи ҳавои осмон туробӣ мешуд, ба қатраи зулфиқори мо дар таҳт-ус-сарӣ фуруд бурдаву раъоёи хок пҳнири бузиву тариро, ки дар арсаи Ҷавзо замин зунуб-ан-нур гирифта, қуввати Асад сарф мекунанду дар байзаи хок тухми умед меафкананд, то тӯтиёни сабза сихпар шуда берун меоянду аз он тарби гандногун ба мадади қатароти борон ҷое хӯшаи ҷавҳарӣ[184] мебандаду ҷое дона чун марворид дуррбор меорад. Ин ҳама заминшикофону хокпазонро, ки ба адади зарроти хоканд, дар кунфи алтофи мо паноҳ дода, то чунончи эшон кишти худро парвариш медиҳанд, мо низ мазоръи тинати эшонро тарбият фармоем. Бар ин бино, ройи анвари мо, ки офтобест (104) парварандаи натоиҷи хоку фурӯзандаи кулбаи *ман сакана фӣ таҳт-ал-афлок* чунон иқтизо фармуда, ки чандин деҳи ҷуфтивонон дар саводи деҳи духули кӯти амири сипаҳдор, сулолат-ул-мулук, мухтас-ус-салотин Ҳорисуддини Деҳқон замини довариро, ки дар ҷиҳоди меҳробӣ Абӯтуроби нахуст асту дар муҷоҳидоти меҳроб Абӯтуроби Нахшаб аст, ъаммара тинатуҳу абадан, аз истиқболи рабеъи ом, ки ҷаву гандум бар сари хок бароянд, мисраъ: яъне, санаи ҳафсаду севу бист - инъом фармудем, то ҳар чӣ аз он хокшӯрӣ ҳусул пазираду бар шарри турбати хокиён мақбараи хеш ба гарди олудагони *рабби ашъаса агйара зӣ тамрайни лав ақсама ъала-л-Лоҳи лаабраҳа* сифати эшон аст, ба сидқ тасаддуқ кунаду аз он замин ҳисоби осмонпаймой барои исботи айвони сипеҳрсойи мо истимдод намояд, байт:

Ки бувад қасри мулки мо обод,
То фалакрост бар замин бунёд.

**Ҳарфи дувум** дар амсилаи фатҳномаи ҷулуси салотини улой. **Нисбат** аз **мартабаи султонӣ**. Ал-ҳамду *ли-л-Лоҳи лазӣ* аъло дараҷа-л-мамолика биъулои дини Муҳаммадин ва ҷаъалаҳу султонан ъала-д-дуня-л-мулки маликун муайядун ва хассаҳу би-л-ҷулуси ъало ъарши-ш-шаръи мумаҳҳадин биқавоъиди-т-табйиди ва ахассаҳу биъулуввин ъало фарш-иш-шарафи муайядан биқавоими таъйиди ва розиқ ғарро ман ладунҳу ло мин-ал-фалаки ва саъадаҳу ва ваҳаба лаҳу мулкан ло янбағӣ лиаҳадин мин баъдиҳи ъалайҳи; афзал-ус-салоти ва акмал-ут-таҳийёти талаъа ъайн-ус-самои мин матлаъ-ил-ъулои.

**Таҳмид**. Ҳамде, ки аз сарираи қалб бар сари сипеҳр барояду саное, ки аз сакинаи сина то мадориҷи суъуд суъуд намояд, мар ҳазрати кибриёи молик-ул-мулкро аъло султонуҳу ва тавола иҳсонуҳуро, ки ба иқтизои ҳикмате, ки ваҳми бустох мадхали пояи курсии онро масос натавонад кард, хутбаи *иннӣ ҷоъилун фӣ-л-арзи халифа* дар олами мулки малакут ба исбот расонидаву сиккаи давоти башариятро ба рақами *ва лақад каррамно банӣ Одама* муҷалло гардониду малоикаи тасбеҳгӯйро, ки дар таъни эшон дами *ясфак-уд-димоа* мезанад, сӯйи боргоҳ баромад, эшонро суҷуде фармуд, ки сарҳои он ҳама саркашон бар замин омаду арши баландпояро, ки дебочаи *ар-Раҳмону ъала-л-ъарши-с-таво* шамсаи шарафи ӯст, аз наълайни банӣ Одам тоҷи ифтихор бар сар ниҳоду дар садри маснади *ва*

---

[183] МИ: ин сарлавҳа ҳазф шудааст.

[184] МИ: ҷойи ҷавҳар хӯша.

*фаззалноҳум ъало касирин мимман халақно тафзилан* қоидаи ҷулусашонро арзонӣ дошт, байт:

Оре, бузургӣ ӯ диҳад онро, ки хоҳад аз карам,
Мардум чӣ донад рози (106) ӯ, к-ин аз чӣ беш, он аз чӣ кам?!

Байт: *حُكمُ الحَكِيم وَ راءَ العَقلِ مُدرَكَةٌ     مِن اَينَ تَدرَكهُ اَفكارَ كُلِّ وُرَى

Ба ҳукми ин қазия, ки ба инояти азалӣ ҳар чӣ хоҳад, ҳар киро хоҳад, ато фармояд, султони анҷумро чатри бесоя доду чатри салтанати моро сояи хеш каромат фармуду кавокибро бар тахти бепоя нишониду тахти мамлакатро ба чаҳор пояи рифъат баланд гардониду иклили фалакро аз нури шабафрӯз пироя сохту афсари шоҳии моро аз ҷавоҳири хуршедтоб зевар басту алами моҳро чашме[185] номзад кард, ки рӯз пинҳон гардаду шаб дар ҷавлон ояд. Ва моҳи алами моро ба сиёҳӣ орост, ки рӯзу шаб хуршедвор тег занаду мувакилони давоири саморо тавоноие бахшид, ки осмонро зери замин гузаронанду маркабони асокири моро равоне дод, ки заминро бар осмон расонанд. Ва бар рӯйи айвони сипеҳр аз абри баланде шодирвоне баркашид, ки аз осеби боде бидарад ва дар саропардаи рутбати мо истеҳкоме ниҳод, ки сар-сари ҳаводис бӯсаи таъзим бар домани он занаду бигзарад ва аз хизонаи сунъи рӯшанон болоро чархи атлас пӯшониду дар хазоини (107) иқболи мо сарвате ниҳод, ки чархи атлас ба бандагон як қабоя хилъат диҳаму кулоҳи хуршеду моҳро ба абрҳои сиёҳ пӯшиду абрҳои сиёҳи кулоҳи моро ба авҷи хуршеду моҳ расониду осмонро аз ҷавзо камари дурӯя дод ва дар ҷомхонаи инъоми мо асбобе муҳайё дошт, ки камари дурӯяи ҷавзоназир ба чокарони якто ташриф фармоем, *золика фазл-ул-Лоҳи юътиҳи ман яшоу*, байт:

*لا يَستَطيعُ قَليلُ شُكرِهِ اَبَداً     لَو صارَ كُلُّ مُسامِ الشَّعرِ فيهِ فَما

Дар он ҳол зоти волосифоти моро ба иртифоъи ин дараҷаи олия, ки ба зери дидани он кулоҳи хуршеду моҳ рӯз бар замин меафтад, мисраъ: не, балки мезананд калла бар замин зи рашк - уруҷ ёфт ё бахти дурбин ба тариқи мушоварат зону ба зону пайвастам, то аз мувоҷиҳаи ду оина чи сурати савоб рӯй намояд, ки дастури масолеҳи дунёву ганҷури захоири уқбо гардад. Дар ин асно ройи рӯшани мо, ки хуршедест аз зарраи Байт-ул-маъмури қудс баромарда, аз ҳиҷоби сиҳоби рӯят таҷаллӣ рӯй намуду ба ламъони он анвори асрори истори самовоти сабъ *ҳарфан фаҳарфан* рӯшан намуда шуд, чунонки ин (108) шеъри ғаррост[186], байт:

*كَما مِن مَزابيرِها بِالحَقيقَهِ     قَرَأنا عَياناً حُرُوفاً دَقيقَةً

Дар ин мутолаа дидаи басират бар саҳоифи румузи раҳмонӣ тамарруғ ниёз мекард, ки ногаҳ чашми ҳиммат болотар тараққӣ намуду ин ҷоизаи наҷот аз ҳошияи лавҳи маҳфуз дар назм омад, ки ҳар фаррухахтаре, ки иклили офтоби рифъат аз ҷабҳаи муборакӣ ӯ тулӯъ карду ҳомаи ҳумоюнаш дар шаби қадр чатри сиёҳи меъроҷ ёфту субҳи беҳрӯзӣ аз матлаъи талъати фархундаи ӯ рӯй намуду зоти анвараш бар сони мардуми дида дар гирдбоши сипоҳи мулк маснадорой гашт, бар вай воҷиб аст, ки бӯстони ҷаҳонбониро аз ъайни шариат об диҳад, то аз шаҷараи тайибаи *аслуҳо собит ва фаръуҳо фӣ-с-само* бархурдории ҷовид ёбаду гирд бар гирди дари мамолики хеш аз мими доман доира кашад, то девони офтобу мухофот дар он ҳалқаи сулаймонӣ мустаъидди осеби инсиву ҷонӣ дарнаёбанду домани мизаллаи зилли илоҳиро чунон арсаи фарох диҳад, ки ҳар куҷо дар офтобгардиш аз гармии рӯзгор тоб хӯрдааст, дар сояи Худой парварда шаваду аз анфози фармони оҳан тавон даҳонаи адаб (109) дар даҳони заламаи мардумхор ниҳанд, ки аъзову аъсоби оммаи бароё аз тазриси *лав ла-с-султону лаакала-н-носу баъзуҳум баъзан* ба азобе газанд монаду фарши маъдалатро дар арсаи мамолик бар намате мабсут гардонад, ки фитнаро башар хоби абадиву ғавғоҳоро мафраши нишасти сармадӣ гардад. Ва дар зери поймоли лашкарҳои гарон ҷунбиши кӯҳҳои теғдору дуррҳои хунхору хорҳои оҳанинхор ба тариқе пай сипар кунад, ки ҳамагии шебу фарози арсаи мамолик ба суҳулату роҳат бадал шаваду рӯйи замин аз кӯби хасону молиши саркашон саросар пасту ҳамвор монад, мисраъ: каҳомати габроин бимоин тамашшата. Чун малики мулкбахши таъола ва

---

[185] МИ: ҳашаме.

[186] МИ: қисми баъд аз нишонаи вергул меомадаи ҷумла ҳазф шудааст.

тақаддаса дар қимоти азал тифли бахти моро ба табошири субҳи иқбол мужда дода буду хилъати ин авсофи олия, ки боло рафт, ба ҷиҳати қомати сипеҳрсойи мо ба тирози *кулла муяссарин лимо халақа лаҳу* биёрост, чашми анҷум дар интизори сапед мебуд, ки кадом вақт доираи чатри сиёҳи мо дар дидаҳои сафеди эшон дарояд, шеър:

*حتّی بیاض عیونها بسواده     امسی کمقلة احور مسوداً

Ва савоби ақли кулро бо худ ёр карда, тартиби масолеҳи сарири арш сояи ҷаҳонбонии мо мекарданд, то дар ҳар парешонкору (110) замонаи ғаддор бар хилофи мизоҷ дасту пой ниҳанду фуруду боло наяндешад, мисраъ: мисл-ул-асофили яҳсудуна аъолиян. Ва сабъи шидод ба ишорати корфармои тақдир ба истеъдоди тамом истода, ки пеши боргоҳи анҷуммаоби мо қалъаи ҳафтҷӯш шаванд, то нақбзанон ҳаводисро мадхали фасод намонаду имдоди осмонӣ қариби курраи асир бар оташ пой мекӯфтанд, то ғарвоти моро кай хангоми зуҳур ояд, ки бо ҳадоёи фатҳу фирӯзӣ ба тақаббули аномили мо даррасанду захираи мавоҳиби *ҳаб лӣ мулкан ло янбағӣ лиаҳадин мин баъдӣ* дар домани иродати мо ниҳанд, мисраъ: кавазъ-иш-шайъи ҳаққан фӣ-л-маҳалли. Биҳамд-ил-Лоҳ, ки интизору тарассуди эшон, ки ба ҷиҳати мушоҳадаи ин давлат мутақозии қазову қадар буданд, зоеъ нагашт ва ба таърихе, ки тоири маймун башорати *ахладакум* ба самъи ҳумоюни мо бозхонд, нигини тоҷи салтанат, ки ба китобаи *туъти-л-мулка ман ташоу* мувашшаҳ аст, аз муҳраи ҷабини мо зебу зинат ёфту нуқраи ҷабҳаи мулуки соҳибпешониро ба масоси санги остона, то ки маҳалли нақди ихлос аст, иёри иззат ҳосил ояд, байт:

*و صخرته بذاک المس باضت     کما یبیض (111) المحک یمس بفضة

Ва хутбаи олияи мо, ки ба ниёбати *ва изо қуриа-л-Қуръону фастамиъу лаҳу* фазилати дугона фарз дорад, ба овози баланд ғулғула дар нуҳ гунбади сипеҳр афканд, байт:

*و قد قریبت علی الافلاک عظما     و تشورها الملائک بالنجوم

Ва сиккаи салтанат, ки дастгири авому хоси халоиқ аст, хитоби мукаррами моро, ки таҳрири он бар динори хуршед дархур бувад, бар зару нуқра, ки қуррат-ул-ъайни хуршеданд, сабт кард. Яъне, шарафи падар бар фарзанд муқаррар дошт, то он мудавварот, ки *хусса биаҳсан ал-ашколи* чун гулҳои лаълу сапед ба иззати тамом даст ба даст равон гашт, байт:

*و الدهر ظل بها کفردوس العلی     و دروده من فضة و نضار

Ва шукронаи ин мавҳибати азим, ки аҳли мақдирати моро ҳомили уҳдаи тааҳҳуди оламу оламиён гардонидаанд, бар хеш воҷибу лозим шинохтем, ки ҳамли *мо ло ютоқ* бар ъотиқи бандагони Худой ҷоиз надорем ва агар пеш аз ин ҷое дар ҳаққи зуафо *юҳаммил-ул-ҷибола ъала-н-нумоли* кардаанд, аз пушти ин заррот кӯҳҳои гаронро ба нимлутф баргирему бад-он мусаввaботи гарони кафаи *фааммо сақулат* (112) *мавозинуҳу*ро сақл гардонем: пас ганҷи амал кунем аз он моломол. Ва асҳоби зиммаро, ки гардани инқиёди эшон ба ҳабл-ул-матини шариат муқайяд кардаанду дар мушти машияти мо супурда, риштаи маишат бар наҳҷе дароз диҳем, ки аз кашокаши мунозаот дар назъ наяфтад: карим-ул-ваҳши фӣ ҳабл-ил-лаъими. Панҷаи аъиннаи забардастро, ки гардантоби раоёи забардаст бошад, ба адле аз мӯй бориктар устувор барбандем, то хуни қосир, ки аз хӯрдани луҳуму димои мазлумон дар маҷории уруқи эшон ҷамъ омадааст, аз сарҳои нохун фуруд чакад, назм:

*و تری الخلائق فی الدماء بنانهم     کانامل النسوان فی الحناء

Ва дебочаи *атиъ-ул-Лоҳ ва атиъ-ур-расул*ро, ки маншури забти масолики сақлайну ҳуҷҷати тамлики мамолики дорайн аст, тирози афсари бахтиёриву тавъизи кулоҳи тоҷдорӣ созем, то ҷоизаи *улу-л-амри минкум* аз хатти фармони мо ҳадяи лавҳи пешонии тобиъони умури мулки дарӣ гардад, назм:

*و یرقم ذاک الخط یفرح جدهم     کاطفال اضحی بالهدیة یفرح

Ва аз ҳусни ҳазрат то хандақи дарёи муҳит аз лашкари пӯлодпӯшу пӯлоди (113) лашкарпӯшу мардони сангину хиштҳои оҳанин исфандиёрони рӯинтану таҳамтанони пӯлодбадан бад-он сад устувор кунем, то маҳорибы маъмуроти ислом чун меҳроби шамшер оҳанин бунёд гардаду чароғи ҳар меҳроб дар ҳудуди олам рӯшан монад, мисраъ: чун чароғи гавҳар аз меҳроби теғу офтоб. Шамшер, ки барои ҳакки зилли зулол дар қабзаи

ихтиёри мо додаанд, шуои оламгирон ба ҷое расонем, ки осори *саяблуғу мулку умматӣ мо заго лӣ минҳо* дар машориқу мағориби офоқ рӯшан гардад, шеър:

*حتّی یقول بسیفنا شمس الضّحی لا فرق فی شرق و غرب بیننا

Ҷуюши мансураи моро, ки бомдоди *улу-л-аҷниҳати масно ва сулоса ва рубоъ* гирд бар гирди байзаи хоки ҷиноҳ густурдаасту ҳумои ҳумоюн чатри моро ба муъозадати *ат-тайру ятиру биҷиноҳайҳи* муҷаннаҳ гардонида, ба тӯдаҳои баланди зар, ки мурғро болотар аз он парвоз мумкин нагардад, парвариш диҳем, то байзаи ислом дар сояи боли хуҷастаи фоли он ба фараҳи фаррух фатҳу зафар зоянда гардад. Роҳҳои дурдастро, ки ба захми теғи ҳиндӣ чун барги бед зери ҳар хорбуне аз сели хун лолаву сурӣ дамидӣ аз хор-хори хасу зувба намате пок гардонем, ки раҳравони (114) сабосайр наргисвор, байт:

Ки симу зар чу ба каф карда дар ҷаҳон хуспанд,
Ки боди тунд бар эшон зи ҳеҷ сӯ навазад[187].

Ва дар ҷодаи заифнавозӣ пилони шингарфро ду шохаи *ло тамши фӣ-л-арзи мараҷо* дар баногӯши савлату сатват ниҳем, ки роҳи мӯрони ночизро ба бинии тавозуъ бар ӯ бандад[188]. Бо чандон кибру азамат ба адаби тамом пой бар замин ниҳанду дами такаббуру таҳайюр ба хеш даркашанд, то аз он зарраи безӯр, яъне мӯр чун рақамест аз саҳифаи сунъи Илоҳӣ ва бар пояи вуҷуд ба мо ҳамқадам, мисраъ: ки мӯри Сулаймон бар он дар якест - дар шореъи амну амон беосебу озор ба тахаббуру тазаллуъи тамом бигзаранд. Агар дар шориъи маъдалати мо он мискини заъифи байинатро аз он кӯҳи гаронҳайкал сари нохуне озор расад[189], поймоли зарбати тадорукаш гардонем, мисраъ: ка-н-намли яътӣ таҳта риҷли-л-фил. Ва дар завоёи торики бетӯшагон, ки на рӯз оташе буваду на шаб чароге мунҳиёни караму мутаҷассисони ишфоқ бар кор кунем, ки аз шуълаи миҳани эшон шамъи замири моро рӯшан кунанд, то парвона фиристем, ки ба зари пухтаи оташранг шуълаи умеди эшон барафрӯзанду ба оби лутф, (115) мисраъ[190]: оташи саъдашон биншонанд. Ва пешаварони ранҷкаш, ки ангушти оҳанини эшон калиди дарҳои рӯзисту пардаи дилро ба кушодан барбаста, то кадом вақт аз хазоини арзоқ фатҳи бобе падидор гардаду арақи ҷабини инсон, ки бар замин мечакад, дурр мешавад, ки *ал-косибу ҳабиб-ул-Лоҳ* нақши он дирам аст. Бад-он дирами симин миспорае чанд гирд меоранду аз он кимиёи маош нони зарину гирдаи биринҷин бар саҳни гилину косаи чӯбин муҳайё мегардонанд. Руасои мушфиқ бар эшон гуморем, ки агар маъҳуди хироҷи эшон дар соли тамом як дирам аст, мисраъ: сабук кунанду ба барги гилинаш боз оранд. Кишоварзон умедвор, ки дар ков-кови хок ба ҷои матароти абр қатароти хай мечаконанду аз ҳар қатра хайе дурре дар замин меафкананд, то баре бармедиҳад. Чун дар мазраъи дарё барои самараи *камо тазарраъа таҳсуду* коре беҳ аз накӯкорӣ нест, дар хирмани тахсис аз алифи инсоф чӯби тарозу созему аз нуни он палаи адл. Бад-ин мизон ҳиссаи машрӯъро аз маҳалли мазруъ баркашему дар ғалладони қиёмат анбор кунем, мисраъ: то тӯшаи охират бад-он пухта шавад. Бозаргонони офоқ(116)навард, ки тезии хуршед пӯсти орзуи эшон бозмекушояду ғурраи ҳар якро ба салх мерасонад, то бадра аз дурусткомиле ба мурури айём тамом мегардонаду ҳар чӣ дар байт-ул-моли инсон дараҷа-дараҷаву наҷм-наҷм иҷтимоъ меёбад, барои дафъи вубол ба шарафи иртифоъи *ва уту-з-закот* мерасонаду сайёраи вуҷуди худро аз иҳтироқи *фатакво биҳо ҷабоуҳум ва ҷунубуҳу* бозмераҳонанд. Агар сияҳкорони зуҳалназар хоҳанд, ки зари дувоздаҳмоҳии эшонро дар саратони панҷаи худ хона созанд, дасти татовули ононро ба шамшери сурайёгавҳар, мисраъ[191]: кафи хурмо кунему кафи хазиб. Ва ғурабову мусофирони атроф, ки ба таманнои навозиши модари шоҳроҳи умед кафи пойро чун каф бар оби пур обила кунанд, ба хизонаи мавоҳиби худ он дастгоҳашон диҳем, ки дасти эшон аз кашидани ҷавоҳири оташранг, мисраъ: шуд пуробила чун каф бар

---

[187] МИ: танҳо ҳамин мисроъ чун як мисроъ мушаххас шудаю мисраи аввал ба таври зайл ҳамчун давоми ҷумла омадааст: симу зар бар каф карда, дар саҳро бихуспанд.

[188] МИ: тавозуъ бирӯбанд.

[189] МИ: сари нохуне аз он расад.

[190] МИ: мисроъ ҷудо нашудааст.

[191] МИ: ҳудуди мисроъ мушаххас нашудааст.

оташ. Машоиху сулаҳо, ки аз хоки саҷдагоҳ рӯйро таяммум диҳанду ба оби дидаи тахашшуъ мусаллои таъаббудро намозӣ кунанду маонии *симоҳум фӣ вуҷуҳиҳим мин асари-с-суҷуд* аз хатҳои пешонии эшон возеҳ намояд. Аз он ҷо, ки дар гираҳи ақидати мо нақди муҳаббати атқиё мадхари ухравист, футӯҳоти (117) паёпай ба ниёзи қадами эшон фиристем, то ба пушти пойи таназзуҳ сӯйи кафи дасти ҷӯяндагони муҳтоҷ партоб кунанд, байт:

Ба сони раҳраве, к-ӯ санге аз роҳ
Ба пушти по кунад дар гӯша партоб.

Ва алифи идрори уламои кабирро[192] ба мими марҳамат бадал кунем, то идрори ҳар як мидрор гардаду бад-он борони раҳмати ман баҳри[193] эшон бияфзояду авсоти аиммаро пояе бахшем, ки ба нардбони зарин бар зурваи *уту-л-ъилма дараҷот* тараққӣ кунанду ба ҳукми варосат бар маснади ал-уламоу варасат-ул-анбиё мушке тавонанд шуд, байт:

*كأبناءِ تقومُ لحقِّ إرثٍ          على صدرٍ من الآباءِ يَبقى

Муаллимони мутабаххир, кӣ подшоҳони дарёдил эшонро ба мавҷи алтоф дар маҳалли мутабаххир расонидаанду ба нардбони зарини *уту-л-ъилма дараҷот* боло бурда, бар атлоли баландди атоёи иртиқои эшон ба ҷое расонем, ки аз эшон то мадориҷи анбиё ҷуз кофи ташбеҳ, ки *уламоу умматӣ каанбиёи банӣ Исроил* болотар дараҷа намонад, байт:

Оре, ба миёни анбиёву уламо,
Гар фарқ талаб кунанд, ҳарфе кофист[194].

Мутааллимони рӯшанзамирро, ки мағзу сару пиҳи дида мегудозанду чароғи дониш меафрӯзанд ва шамъи ҷон месӯзанду дуда бар сари қалам мекунанд, (118) ваҷҳи рӯшноӣ бахшем, ки аз забонаи забони эшон нури *сироҷу умматӣ Абӯҳанифата* аз сар зинда гардад, байт:

*وَ ضاقَت ظِلامُ اللَّيالِي بهِ          كما ظَلَمتهُ اللَّيلُ مِن بَدرهِ

Гуноҳкорони воҷиб-ул-қасос, ки гузориши меҳробе бар эшон чунон фарз шуда бошад, ки гузориши фарз дар меҳроб, суннати *ло ташриб ъалайкум явма*ро дар ҳаққи эшон имом созему қироати *ва-л-ъофина ъани-н-носи* фуруд хонему чун сайди ҳараму ҳамомаи Каъбашон маъмун гардонем[195], байт:

*فإنَّ حَريمَ رأفتِنا دَواماً          لِأهلِ جَرائِمٍ بَيتُ العَتيق

Фи-л-ҷумла, саҳоифи маноширӣ ҷаҳонбониро ба тавқеъи *ва-т-таъзим лӣ амри-л-Лоҳи ва-ш-шафқату ъало халқ-ил-Лоҳи* биёроему аз ҳар ҷӣ муҷиби безории Худой бошад, *ъиёзан би-л-Лоҳ* чун *бисми-л-Лоҳ* аз сари *бароатун мин-ал-Лоҳи* табоъуд намоем, то ба нерӯи ин тавқеъ чунонки мамолики инҷаҳониро ба панҷаи *буния-л-исламу ъало хамсин шаҳодатин* маҳкам барбаст кардаем, арсаи онҷаҳониро низ ҳам ба қуввати ин панҷа дастгоҳи наҷот созем, мисраъ: абадан айядаҳу-л-Лоҳу биҳоза-т-тавфиқ. Сокинони хиттаи Мултон, ки аз мавҷи аномили салотини мутақаддимаи мустағриқи Панҷоб[196] гарм будаанд, ҳақиқат донанд, ки чун (119) наврӯзи давлати мо, ки офтоби боанвор бо наворон шараф мекунад, арсаи лайлу наҳорро ба осори адлу бадоеъи фазл ороста гардонаду саҳоби атоёи мо бар сари ҷаҳониён бағояте мунҳамир[197] гардад, ки дар тамомии вилояти Ҳиндустон накши ҳирмон аз лавҳи хок шуста шаваду риҷову амали доим-ул-ъаташро об аз сар бигзарад, мисраъ: камо фӣ таҳтиҳи ғарқ-ул-амонӣ. Ба мавоъиди[198] содиқаи саканаи билоди мазкура дуои давлати моро, ки рақабаи иҳзори муроду мақсуд асту рӯзбону ҳарзаҷон созанд, то он ғароими муҳорабаи ваҳшату нафрат аз мизоҷи матлуботи баъид-ул-вусули эшон берун бараду ҳар ҳама маъшуқи мақсуди худро бо гӯш гирифта, дар шабистони осоиши Мароға роҳат кунанд[199], байт:

---

[192] МИ: киборро.
[193] МИ: раҳмати табаххур.
[194] МИ: ин байтро надорад.
[195] МИ: ва чун садди ҳарами Ҳаҷҷоҷ Каъбашон маъмун гардонем.
[196] МИ: яхоб.
[197] МИ: муҳим.
[198] МИ: пайванди ин мавоиди.
[199] МИ: осоиши мароъа роффат кунанд.

*بمشیّة الملک الّذی احسانهٗ    ساق المُرادَ اِلَی ذوی الحاجات

**Мисоли тавқеъ ба исми шоҳзодаи аср Фаридхон**, домат саъодатуҳу, **дар маънии тафвизи иқтоъи Миъбару Савоҳил. Нисбати мухталиф** ба ҳар ҷое[200]. *Ал-ҳамду ли-л-Лоҳи-л-лазӣ* ҷаъала ахлофа-*л*-хулафои, шамуса буруҷи-ш-шарафи ва-д-дараҷати ва ҷабалаҳум суъуду ъуруҷи-р-рутбати ва-р-рифъати ва-н-нуру битилка-*л*-қурари (120) уюн-ал-ъиззи ва-*л*-ъазамати ва-*л*-ъулои ва зайяана битилка-*л*-муқула ҷуфуна-*л*-мулука-*л*-умарои ва-*л*-кубарои, ҳатто заҳара *лаҳум* бимашийятиҳи ал-иъзоз ва-*л*-аъло ъало аъдоиҳим-*ул*-маззалати ва-*л*-ъинои ъало мо натақ биҳи умму-*л*-китоби туъиззу ман ташоу ва тузиллу ман ташоу ва-с-салавоту ъало набиййиҳи-*л*-уммийи Аби-*л*-қосими-*л*-лазӣ вулида фӣ Умми-*л*-қуро ва тулади минҳу-*л*-обо ва-*л*-уммаҳот ва кулла-*л*-вара ва ҳамал-ал-ваҳйа садру ҷинониҳи ва шаққа батна-*л*-бадри ҳилоли банониҳи, ъалайҳи салом-*ул*-Лоҳ саломан маъа уммаҳоти-р-раҳмати ва ахавоти-*л*-мағфирати ва ъало олиҳи ва атаротиҳи аҷмаъин.

**Ҳамде** муваллад ба шукри беҳаду саное тавъамони ихлоси беъад ҳазрати поки сониъеро, ки тоҷи сарафрозии моро ба лаълу ёқути *авлодуно акбодуно* мурассаъ карду қатароти саҳоби нисбати моро зевари сабзазори *ад-дунё ҳазратун ва назратун* гардониду аз уфқи тафаввуқи мо чандон найири офоқгирро тулӯъ дод, ки аз ҳар як назари меҳре бар зарроти зуриёти одам тобаду дар толеъи масъуди мо ба иҷтимоъи ин кавокиби масъуд, ки Бирҷиси фалак саодатномаи абад аз хутути пешонии эшон нусха гирад, иттисолоте ниҳод, ки таъсири он айём давлати моро, мисраъ: диҳад муждаи қудрату комронӣ. Ва дудмони мумаҳиди[201] моро аз ин чароғҳои нуронӣ, ки ба забонҳои (121) забонафрӯз тоқи духхонии осмонро зевари анвор бастаанд, чунонки шоҳи ахтарон ба дарюзаи он нур домани шуоъ бар рӯйи замин фарох густурда, рӯшноӣ бахшид, ки фурӯғи он, мисраъ: то субҳи қиёмат афканад партави нур. Ва дар бӯстони боргоҳи мо[202] ин ниҳолҳои номиро, ки ба болиши баланд сазоваранд, баромаде ғарс фармуд, ки аз он ағроси мусмир умед дорем, ки шуъаби улви моно шохсори сидраву тубо бароянду зулоли шаҷараи тайибаи мо ба ақосии олам бирасад, мисраъ: в-аз бех барафтад шаҷари беди[203] бараҳман. Ва маншури хилофати мо бад-ин алифҳои *ломисол*, ки қалами қазо аз рост кардани нақши эшон осуда гаштааст, туғрои ҷалолате нигошт, ки аз мазмуни саҳифаи *нарфаъу дараҷоти ман нашоу* хабар диҳад. Ба маёмини ин ҳуруфи[204] маънавӣ риҷои восиқ аст, ки тавқеъи ҳумоюни мо дар саводу баёзи *лайлу* наҳор боқӣ монад, байт:

*اِلی زمان فیه السّماءُ قد طُوِیَت    مِن القضاء کَطَیِّ السّجل للکتُبُ

Изҳори бо чандин иборотро аснод бар он аст, ки аз салобати салби мо ин ҳама пуштибонони мулку миллатро зуҳур дорад, ки ҳам аз осори марзияи эшон дарметавон ёфт, ки ҳар як (122) каррорвор соҳиби зулфиқору молики риқобгарданони ислому куффор шаванду майманаву майсараи мо бад-ин аъзову узом, ки бозуи дастгоҳи тахти пойдоранду неруи пойҳои курсии арш мадори эътизоде бояд, ки сад ҳазорон чун зу-*л*-ямину зу-*л*-акноф дар самотини ясору ямини мо дасти убудият банданду мақолиди ақолими сабъа дар остини иқболи мо ниҳанд, байт:

*لاعِزَّ مِن اَیدِی الکَرِیم و فَضلِهِ    اِن کانَ اَیدِینا بِهذا المَرفَق

Андар он шубҳа нест, ки музоҳарати ин аъсоб ҳама пушту муъозадати ин аъзо ҳамдасту мукоядати ин акбод ҳамдами неъматест ҷасим, ки ҷисму ҷони фархундаи моро ба ҷиҳати исмати миъсами ҳаққу тақвияти мурофиқи халқ аз осмон ба каффи кифоят ниҳодаанду ҳар якеро аз эшон ба рӯъяту рою зеҳну закое биёроста, ки сурати илҳомоти ғайб дар он дилҳо чун даръё монанди акс дар об рӯшан намуда мешаваду нуқуши румузоти лорайб дар ҳудуди он табъҳои мусаффо бар сони хаёл дар оина муояна мегардад, байт:

---

[200] МИ: ин ҷумларо надорад.
[201] МИ: мухтади.
[202] МИ: ва дар бӯстонҳои боғи мо.
[203] МИ: шаҷари сабзи.
[204] Ба ёсини ин ҳуруфи.

Зиҳӣ, бузург Худое, ки сохт мардумро
Бар он намат, ки магар оламест пиндорӣ, (123)
Зи оҳан оина дар димоғ тунук ниҳод,
Фарохтар аз арсаи осмони зангорӣ.
Хусус дод ба шоҳон диле, ки дар тадбир
Кунанд ҳафт фалакро ба корҳо ёрӣ.

Ба шукронаи ин дараҷаи шарафе, ки хуршеди вуҷуди моро дар навбаҳори ҷаҳонбониву наврӯзи комронӣ каромат фармудаанду гулистони аҳди моро бад-ин шукуфаҳои навдамида, ки тиби мутиби эшон дар машоми гулбӯён дуруди муҳаммадии насими вафосту равоеҳи мураввиҳи эшон дар димоғи ҷаъалбӯёни бӯҷаҳлмизоҷ, мисраъ: садамаи офату самути балост - бар мо фарзи айн аст, ки аввал мардуми дидаи ҷаҳонбинро дар замини убудият ба ниёзу тазарруъ дарғалтонему баъд аз он ки чашми биниш бад-он кухл-ул-ҷавоҳири дақоиқ ҷило ёфт, назари басиратро то ниҳояти умури олам тавоф диҳему ба таҳдиқи комил нигоҳ кунем. Дар ҳар тараф, ки аз зулмати ғавояту туғён таъмияи зулол бинем, қуррат-ул-ъайне насиб фармоем, ки ба ғубори тӯтиёваш сипоҳи музаффари дидаву дили эшонро рӯшноии нури имон диҳад. Ва агар дар он савод баъзе мардум қобили анвори дини маданӣ набошад, пушти эшонро зери бори замма чун абрӯи (124) некувон дутоҳ гардонад, то аз сиёҳии дида дирам созанду он накди ъайн дидакунон ба аъёни ҳазрат расонанду миннат бар чашми бедидаи хеш ниҳанд ва он, ки дар адои он ъайни муъайяни тир сахтчашмӣ намояд, гӯшаи камони абрӯро сӯйи мӯйшикофони чашм хам диҳад, то ба захми тири кӯҳшикоф дидаи сангини эшонро рег-рег кунанд, мисраъ: в-аз пайи чарбии кор аз рег рӯған баркашанд. Ба ҳукми ин қазия ройи сипеҳрпаймои мо, ки ганҷури *хазоин-ус-самовоти ва-л-арз* аст, чунон иқтизо намуд, ки фарзанди аъаззи асъад, дуррат тоҷ-ус-салтанат, воситати иқди мамлакат Аъзами Фаридхонро аз ғайси раҳмати ғайб дуррест дарёмавҷ, ки рӯйи тоҷро об диҳаду аз манзили бурҷи манзалат мухрест офоқгир, ки нигини мулкро тоб бахшад, бад-он ҷавҳари пок, ки аз кибриёи азамати хеш дар гӯши моҳии сипеҳр нагунҷад, силки нисбати моро низоми ҷовид асту бад-он луълуи хатарнок, ки аз қадру қимати хеш бар ҳалқаи дувоздаҳмоҳии ҳилол наншинад, қасри[205] давлати моро фурӯғи хуршеду моҳ аст, байт:

نظماً يُنظِّمُ امرَ كلِّ العالَمِ　　　　*اللهُ متّعنا بنظم امُره - мустағриқи амвоҷи (125) алтоф гардонему дарёи миъбару сели он аз даҳонаи об ба як мастӣ, ки ба лаби дарёи муҳит пайвастааст, то соҳили бори Малибор, ки арсаи он ду бор баробари арсаи миъбар аст, дар ваҷҳи базлу аътои ӯ, ки ба мавҷи ду кафи ибраи[206] Баҳрайн дар ду баҳри зуданӣ равон мекунад, равон[207] фармудем, байт:

*لَضبطُ تلكَ الارضِ حولاً و قُدرةً　　　　كما مدَّ بحرُ ساحةَ الأرضِ بضبطه

Ва ин маншури мукаррам, ки аз тавқеъи мулкорои мо ҳулияи *насрун мин-ал-Лоҳ* бар дебочаи ҷамол дорад, исдор ёфт, то навобити давовини фарзандӣ аз истиқболи рабеъи таърихӣ ҳумоюнтар, мисраъ: яъне, ки даҳу ду баъд ҳафсад. Тамомии хазоини дарёро ба банди коғаз муқайяд кунанд, арсаи хушкиро ба қатраи мидод мустағриқи ъайни амал гардонанду ақломи ростистоди худро, ки дар маъмураи девони олӣ ҳар як зот-ул-ъимоди масолеҳ асту дар ҳадами бунёни абадаи асном қоиммақоми алами ҷиҳод, ба ниёбати ақломи муносиби мо дар он саводоти бағйу вағӣ ба сиёқате ронанд, ки роёти олияи динро аз боди азимат набояд париду ба захми найза ғузотро маҳосини руҷулият ба хун хизоб набояд кард, байт:

*وَ السَّيفُ يَقرَعُ مِن تَضارُبِ راحةً　　　　(126) وَ براحةٍ دونَ التَّضارُبِ يَسكُنُ

Ва дар қасаботи қаламиву хатҳои хаттиву сарҳадҳои гарданкашон сахтсару гардани каъсҳои сартобони собитпою кадхудоёни сайфиву қаламию коргузорони амаливу илмӣ насб кунанд, ки килки уторидравишро корези чарх фармоянду кашиши рости таҳрирро дар маркази румҳи хаттии самок ромиҳ гардонанд, байт:

*فيَعمَلونَ بِرأيِ صايبٍ عَمَلاً　　　　تِلكَ الدِّيارُ بلا سَيفٍ يُطِيعُهُم

---

[205] МИ: мақари.
[206] МИ: ибрайни.
[207] МИ: тафвиз.

Ва бар замири баҳрназири фарзандӣ, *саххара-л-Лоҳу лаҳу фалак-ал-фулки*, гузаронида меояд, ки чун аз дарёи бекарони алтофи илоҳӣ ин ҷиҳози неъмат ба мо равон кардаанд, ки, *саххара лакум ва-л-баҳра литаҷри-л-фулку фиҳи биамриҳи*, иршоду ишорати подшоҳона муаллами ҳоли ӯ ғардонидем, то замони ин масолеҳ ба дасти ҳиммат бар наҳҷе супорад, ки ба азми фатҳ тирҳои киштиву пилкҳои сафойин дар ҳадди Киш расонанду тиркашро аз сафойини баҳр, балки аз басити Баҳрайн бигзаронаду мавҷи қалби буҳураш дар ҳадди Ҳурмузу Туғуз[208] афканаду ин диёри дарёро дар таҳти тасарруф орад[209], байт:

*كما مِن رَعبه تلکَ الاَراضی تَزَلزَلَت اِضطراباً (127) کالبحار

Ҳудуди ҷазоирро, ки аз дастғоҳи васеъи хеш хок дар даҳони дарё кардаанду дарёро бо чандон басити каф қабзи он даст надода ва ҳар кӣ аз эшон қатраи обе талаб карда, ба шамшери хун қатраи об ҷавоб ёфта, ҳам ба қатраи шамшери буррони хокиён тӯфони хун ронад, ки бар сони арсаи дарё ибратпазир кардананд, шеър:

То расад з-он арса киштиҳои зар
Сӯйи ганҷи мо, ки дарё он ҳам аст.

Ва саводоти савоҳил, ки бар лаби дарё шорибанду машоири куфр дар онҳо чун мӯйи лиҳяи ҷунуд анбӯҳу дарозпой гашта фармон диҳад, ки ҳамаро аз бех баркананду шиори маҳосини ислому фароизу сунан ба ҷо оранд. Ҳар кӣ ба қабули зимма остонаи итоатро ба сиблати таъзим рӯбад, сари ӯро ба риши ӯ бахшанд, байт:

В-он кас[210], ки кашад риш ба бефармонӣ,
Чун сиблати сунниён бибурранд сараш.

Ва роёни пилбанди хушкиро, ки пайваста аз рух ниҳодани сипоҳи дин пилонро ҳамвора пеш андохта буданду дар ъурои ғурур монда, агарчи пиёда бо як инсон ҳам дар аввали хона фарзин мешавад, мисраъ: ки фарзинвор, яъне мекунад сар зери по боло. (128) Ва маркаби эшон чун аспи шатранҷ хона-хона менишинад, маъа ҳозо, қуввати он надоранд, ки рух бо рухи ин ҷониб маҳомил ниҳанд, пиёдагони худро бар он сӯй ронад, байт:

Ки бар пилоншон оранд бозӣ,
Бироянду ба сӯйи мо расонанд.

Алғараз, аз ӯҳдаи калиди иқлимкушой, ки ба минтақаи камари фарзандӣ таълиқ кардаем, байт:

*نعنی حُساماً لَو اشارَ به اِلَی حصنُ حصینُ فی زَمان یُفتحُ - бар намате тафассӣ ҷӯяд, ки ин калиди миқнотиси мафотеҳ ҷумлагӣ қулоъи бару баҳр гардаду хаёли ин шамшер дар синаи оҳандилони инод чун забонҳои парда дар дили қуфл муҳкам биншинад, байт:

З-он гуна, ки фатҳи он набошад
Ило, ки ҳам аз калиди теғат.

Агарчи зоти қуррат-ул-ъайнӣ, ъайн-ул-Лоҳ ъалайҳи, ба анвори илҳоми илоҳӣ то ғояте дурбин аст, ки ба такҳили ҳарфи сиёҳи васият иҳтиёҷе надорад, бо ин ҳама аз он ҷо, ки меҳру шафқати обо дар ҳаққи мардуми дида[211] ба мушобеҳи офтоб аст дар изоати чашм, рӯъят-ул-ъайн ба нур-ул-ъайн бар мо фарзи ъайн аст, ки машъала аз ройи анвори хеш, ки ламъаест аз бавориқи *яҳди-л-Лоҳу линуриҳи ман яшоу* пешвои азоими ӯ кунем, то дар рӯшноии он ноҳамвор баҳори арсаи дунёро ба биноии тамом сара кунад (129) ва мағокҳои онро ба дидҳои муъонидон биянборад[212], мисраъ: пас бар замини дида фарасро инон диҳад. Ҳабли ҷунайди итнобро сарришта ин аст, ки равобити умурро аз ҳабл-ул-Лоҳ кунаду дар он ҳабли матин ба эътиқоди муҳкам муътасиму мутааллиқ гардад, то аз ростии ком он[213] ақидаи тавилаи мақсудро ришта ба ҳадде дароз ёбад, ки итноби иртифоъ ба машориқу мағориб бирасонад. Чун боргоҳи рутбатро бад-ин субот насб кард, коффаи раоё, балки оммаи бароёро дар сояи мазаллаи давлат, ки он нусхаест саҳеҳ аз соибони

---

[208] МИ: Туфар.
[209] МИ: дар тасарруф кард.
[210] МИ: он кас.
[211] МИ: пас аз ин давоми ҷумла: ба масобати, фард: офтоб аст дар изоати чашм.
[212] МИ: бияндозад.
[213] МИ: комрон.

зилл-ул-Лоҳ осоише диҳад, ки наботро зери домани саҳобу нилуфарро дар талотуми обу дидаро дар бистари пилк ба ҳангоми хоб ҳосил ояд, байт:

*فیلزمْ صدرهٔ شرفُ المعالی　　لزومَ الظّلِّ اذیالَ الخیامِ

Кӯси адлро овоза ба ҳадде баланд гардонад, ки Нӯшервон аз хоби абад бичаҳаду зулм бағояте рам хӯрад, ки Заҳҳок ба пойи пас бигрезаду гурге, ки аз хуни буз дандон лаъл мекунад, пеши меш дандон сафед кардан натавонад, байт:

*و یفر من صوتِ الغزالةِ ضیغمٌ　　مثلُ الغزالةِ مِن زهیرِ الضّیغمِ

Дар чаҳорсӯйи вилоят аз ду алифи инсоф ду дори сиёсат насб кунаду аъиннаи дуздмизоҷро (130) ба тасаллияту таълиқ мартаба баланд гардонад, мисраъ: ҳатто асобака ҳаққан аҷиру ва арини. Каффоти содиққаламро баъд аз он ки сидқи таҳрири эшон муҳаққақ гардад, ки вуҷуди муомалоти эшон дар оби шариат сурате дуруст бинмояд, ҳар якро ба хилъати шуғле мушарраф гардонад, байт:

*یدُ الدّهرِ اقلامُهم ینصبُ　　و یمضی علی الخلقِ ما یکتبُ

Ва катабаи золимро, ки нӯки қалами эшон наштари дузабонаи хунрез бошад, ки дар ҳаққи оммаи халоиқ неш занад, чунонки аз сари он наштар хуни сиёҳи ҷигарҳои сӯхта чакад, ки онро мардумон мудом ном кунанду шароби ишрати эшон ҳамон бошад, дасти эшонро қалам нафармояд, балки аномили эшонро қалам фармояд, то ба мидоди хунии он ақлом ин моҷаро бар лавҳи хок сабт кунанд, ки, байт:

*انَّ هذا جزاءُ ذی قلمٍ　　خانَ فی المُلکِ من دُخانِ قلمٍ

Калимоти музахрафи[214] суъоти қалбкорро, ки ба барги нуқра вараҷи рӯйи тавқирро талмеъ диҳанду сими боиллати эшон бе иллати мис қалб бошад ва агар сад ман зар ба ваҷҳи тазкира оранд, тазбибе бошад ба рӯйи коғаз, ки аз он ҷуз саҳифаи ороста накде дигар ҳосил наёяд, фиреб нахӯрад ва ба аъзои эшон росткоронеро, ки аз зари холис холистар бошанд, (131) чун табақи заркӯб надиҳад, балки дувоздаҳ моҳи сикка кори эшонро бар маҳаки сангини сукунат иёр фармояд. Агар ба айши хиёнате муъайяр гарданд, монанди зар дар корашон бояд ниҳоду аз колбуди симини эшон дирамҳои сим ҷудо гардад. Агар гоҳи имтиҳон чун нуқра аз коҳ поку бенуқс берун оянд, зоти эшонро пироияи дастгоҳи девон сохтан чун истеъмоли нуқра дар шариат мубоҳ бошад ва он суъоти қаллоби каззобро дар нуқраи қафо оҳани сер хӯронад, чунонки нуқраи эшон аз хӯрдан гавҳари лаъли беҷода қай кунад, то агар ҳама банду баст ба ранҷи хор ба тахвиф чун симояш биларзонанду ба зари нохӯрда моли аслӣ, ки дар хӯрди хеш дорад, тароҷиъ бикунонанд, байт:

*فالنّاسُ کلُّهم بما منَّ حفظنا　　یتمتّعون بما لهم و منالهم

Катабаи ҳунудро, ки ба хатти бозгуна кори мусалмононро зеру забар кунанд, он миқдор воҷиб набояд дод, ки наълайнашон дуруст гардад. Агар хандаи пошнои эшон аз гиряи хун бозистад, ҳама дар ҳаққи собитқадамони диндор лагад оранд ва балки наълайн бароранду қалами сартези эшон, ки ба дирафши наълайндӯз монаду бар нони найшакардеҳи наълайн, байт:

Ба кор оранду пойафзор созанд,
Валек аз чарм мӯъмин баҳра бинад.

Поскори (132) вилояту иқтоъи хеш ба бедорӣ дорад, ки фитнаву офати бедорӣ ба хоб набинад, байт:

*و یمشِ الطّروقُ فی طریقٍ　　نام فیها الأنامُ یومَ شامِ

Ва дар Шарқу Ғарб офтобвор мутаҷассисон гуморад аз субҳи дувум содиқтар ба адади зарроти ҳаво, ки дар равзани фақиру мунъим гардону гузарон бошанд, то аз зулмати тираи рӯз, ки аз мағзи сари мазлум чароғ афрӯзанду бад-он рӯшноии бемеҳр шаби худро пайванди рӯз диҳанд. Дар ҳеҷ зовияи зулмат зулме мадхал набояд дод, ки агар фи-л-масал офтоб ба кулбаи дарвеше ба гармӣ дарояд, хабар ба дастгоҳи алтофи фарзандӣ расонанд, то аз абри каф пардаи роҳате бар он боло кашанд[215], байт:

*لیبیتَ الأناسُ فی رغدٍ　　کنبات بظلٍّ فی سَحبِ

---

[214] МИ: ва калимоти музахрафоти.

[215] МИ: бар ӯ боло кунанд.

Ва ҳар ҷониб, ки қиссаи мухҳоҷии ғунчамисол аз шохсори аномил сар барорад, насими гармӣ бар он сӯй вазонад, то гули муроди он бебарг ба назорати тамом бишкуфаду маҷлиси айши он бенаво ба равоеҳи рӯҳ муаттар гардад, байт:

*كما بالورد مجلس اهل لهو و بالاوراد معبد ذى الصلاح

Зинҳор-зинҳор, ки нолаи мазлумро сайҳаи сур донад, на нағмаи танбӯр ва аз новаки оҳи пирони камонпушт, ки дар дили шаб кушоянду аз сипари моҳи рӯшан гузарад, эмин бихуспад. (133) Тире, ки аз қурси хур тавонад гузашт, агар ноне сипари он тавонад шуд, дареғ набояд дошт, мисраъ: ки бас арзон бувад ноне ба ҷоне[216]. Ва дар тафаққуди ҳоли ғурабои бетӯшаву фуқарои даргӯша, ки аз сӯзиши маҷоъат гирдаи гармро қурси хур пиндоранду нони духафтаро куличаи бадр, мунҳиёни эҳсон гуморад, ки перомуни кулбаҳои торику кӯчаҳои борики эшон бароянду дуди забони эшон пеш расонанд. Ҳар гоҳ ҳоли оташи ғуруснагии эшон рӯшан гашт, бар сари диққати он муҳаммадиён моидаи исавӣ фиристад, мисраъ: к-он тоифаро дар дили шаб ид шавад. Ва ҳангоми сиёсат аз ъайни ъафв чашм созаду аз ройи раҳмат обрӯ ва дар тоифаи ҷониву хонӣ бад-ин чашм назар афкананду бад-он абрӯ ишорат халос кунад ва ҳар гоҳ душмани ҷафокор дар паноҳи марҳамат дарояд, агар ҳама шерест дар зери шамшер омада, чун нақши шер дар таҳи шамшер аз газанд маъмун гардонад, то ҳадди имкон теғи сайёфро забон надиҳад, ки аз чанги сайёф таранг барорад, ки имрӯз май хӯрдани тег бад-ин харак фардо фармояндаро хуморӣ кунад, ки хуморшикани он аз сари ҷӯш *фашорибун ъалайҳи мин-ал-ҳамим* бувад. Мағар бар душманони мулкӣ, ки он ҷо қалами шаръ ба хун фатво менависаду шамшери меҳробӣ ҳам (134) бад-он хун таваззӣ мефармояд, байт:

*ما احمر وجه ذوى السرير بقدرة الا اذا احمرت وجوه البيض

Уламои раббонӣ, ки машоъили зулмати зулоланд, ҳоли эшонро ташреҳе фармоянд, ки аз шамъи замири эшон ҳазорон ҳазор чароғи илм афрӯхта шавад, ки аз онҳо нури *сироҷу умматӣ Абуҳанифа* аз сар зинда гардад[217], чунонки аз онҳо ин тоқи духхонӣ монанди як тоқи хона аз ҳазор чароғ рӯшан шаваду парвонаву бароти он чароғҳо бар зари оташранги хизона фиристад, на бар уммоли сӯзанда, ки он сӯхтагонро ба дам додан бикушанду дастори эшон бобати фатилаи шуъла гардад, дуди чароғи[218] такрори эшон аз нафаси сард бимирад, байт:

Шуълаи меъда баровард чу дуд аз сина,
Кай тавон хӯрд дар он сӯхтагӣ дуди чароғ.

Қоидаи кори машоих, ки қавоими абнияи динанду даъоими байти яқину сипеҳри бесутун, то қиёми соат ба қиёму қуъуди эшон қоим, пайваста мумаҳҳаду муайяд дорад, то ба асноди дуои эшон дараҷаву манзалатро пояи субот муҳкаму мустаҳкам монад, байт:

*خربت قريبا بيته ابدية ان لم يكن الف الدعاء عمادها

Содоти улвиаслу улвифаръро, ки қуррат-ул-ъайни Алиянду разиъи (135) ҳаҷри Фотимаи Заҳро, ки маншури эшон ёсин аст, ба хатти мусалсал набишта, таъзиме ба ҷо орад, ки аз бандагии Мустафо[219] мустаҳиққи салом гардаду аз хидмати Муртазо муставҷиби таҳият ва аз Ҳасану Ҳусайн ба дуои амирайн ихтисос ёбад, мисраъ: ва язид-ул-ъазобу руҳа язидин. Ва қивоми муктату мамлакат[220], ки умдаи кор бошанду ба суботи қадам чун ъамади оҳанин муътамад алайҳи, ҳамвора дар саропардаи азамат қоим дораду насб, гирдакони номуътамадро, ки аз дарун амуде бошанд кирмхӯрда, дар даҳлези давлат нагузорад. Аз он сабаб, ки, мисраъ: изо ихталла-л-ъамуду хассара хиямаҳу. Мулуки аҳрорро ба мими макрамат мамлук гардонад, то ҳамон мими карам ҳалқаи гӯши бандагиву тавқи рақабаи рақийяти эшон гардад, байт:

*فمن صار ميم المكرمات بجيده كطوق دواما غل فى قيد رقها

---

[216] МИ: ҷоне ба ноне.
[217] МИ: матни аз вергул то вергулро надорад.
[218] МИ: дуду чароғи.
[219] МИ: Мустафо сала-л-Лоҳи ъалайҳи ва саллам.
[220] МИ: ин калимаро надорад.

Бандагони мухлисро, ки замин аз хун[221] намозӣ кунанд, то хайи махдум он ҷо, ки чакад, обрӯе диҳад, ки аз хайи рухашон мавҷи иззу ҷоҳ барояд ва агар хоҳад, ки доирадорони чашм паргорвор сипеҳрро сар бигардад ва агар даври ин савдо хотири хатирро паргорвор саргашта кунад, ки чандин давоири нуқраву заррин аз куҷо гирд ояд, мутаҳаққиқ донад, ки доироти лашкарҳо барои ин коранд. (136) Ҳар гоҳ дар он давоири мудавварот сиккаи султонӣ доиру гардон гашт, мудавварoти сиккаи шайтонӣ, ки онро аҷҳуву падмаву қатам хонанд, чандон гирд тавон овард, ки гирд натвон овард, балки даври хизонаи мавфура доира бояд, ки паргори саргардони андешаи гирдгардони давр муяссар нагардаду чавгони паргори амр бар ин марказ рост истод. Баъд он давоири сипеҳр перомуни нуқтаи ризои фарзандӣ гардад, мисраъ: чу паргор дар зери дасти музаҳҳиб. Ба ҷиҳати забти ақосии бару баҳр орази баландпояро фармон диҳад, ки савору пиёда ба адади қатароти борон ҷамъ орад, чунончи, мисраъ: аз ҳеч сӯ наёрад сар барзадан ғуборе. Ғузоти баҳодурро, ки дар номварӣ дурри бобҳо бошанд, агарчи дар силки нисбат саҳлқимат буванд, аз самти симоти хусравӣ дур надоранду назми умури эшонро зевари нитоқи иззу перояи камари шамшери ҷиҳод донанд, шеър:

*لان السّيف جوهره حديدٌ     و حلّى بالنضار بعز شانه

Деҳқону музореъ, ки чашми ниёз дар ҳаво дошта, кори худро обе меҷӯянду думи шутур дастовези умед сохта, ба умеди рӯзӣ хок мехӯранд (137) ва Худованди рӯзидеҳ низ бар табъу табеъи[222] эшон мебахшояду осмону заминро мумади ҳоли эшон мегардонад [чунонки осмон бо меҳри тамом ҷигари абрро қатра-қатра мекунад][223], то бар киштукори эшон мояи лутфе мебораду замин аз даруни бутона бо шиками пора-пора тухми парокандаи эшонро парварише медиҳад, то ҳар донаи эшон ба ҳафт забон тасбеҳи *анбатат сабъа санобила фӣ кулли сунбулатин миату ҳабба* муяссар ояду ба баракати он тасбеҳ ҳар хӯша чанд хӯша шуда, аз маскани масканати эшон дармеояду мазруъоти эшонро ба муомалате тахсис фармояд, ки чун лафзи муомалат ба тазйифи рост ду ҳисса шаваду аз дуди рақами аҳдос, мисраъ: дар хирманашон наяфтад оташ. Фи-л-ҷумла, дар ҷумлагии муҳиммоти сарварӣ айни ибрат бар кунгури кибриёии илоҳӣ гумораду ҳар чӣ аз он алвоҳи баланд фуруд хонад, ин ҷо ба истеъмол расонаду доли динро раҳбари ғароими умур кунад, то кавкабаи комронӣ дар шебу фарози ғазабу ғорат наяфтаду *хавф-ул-Лоҳ*ро шафеъи ҳоли худ созад, то *газаб-ул-Лоҳ* монеъи тадоруки аъмол гардад, байт:

*لا تنس فی کلّ المصالح منعماً     امن العباد بذکره من مهلکة

Саканаи диёри Савоҳилу Ҷазоиру Маъобир баъзе, ки рақами шаҳодат нақши нигини дили эшон асту ба сониъи хотами забарҷадии афлоку муҳри нубуввати хотам-ун-набийин (138) ангушт баровaрда иқрор мекунанд, ба ишорати хунсури мо, ки хотами Сулаймон дар таманнои он даҳанбоз мондааст. Дар ҳалқаи хадами гавҳари кони малик ба ҳангоме, ки бар курсии зарини *ка-л-физзати ъала-л-хотам* мураббаъ нишинаду қомати хидматро ангуштарин созанд, то бар сони ангушти ангуштарипӯш камари зарин банданд, ки агар аз хотами мими амр сари ангуште берун оянд, аз захми пайкони қодирдастони сипоҳ, ки тир аз ангуштарин бигзаронанду ранг аз рӯйи нигин ҳак кунанд, нигинаи ҷигари худро ангуштарин ёбанду дили симтобии худро ангуштвонаи тир бинанд. Чунонки дар он саҳми малак-ул-мавт хотамвор ангушт дар даҳон монаду девони куфр ҳар даҳ ангушт дар даҳон гиранд. Ва баъзе, ки ҳунуданду санги воҷиб-ул-истинҷоро маъбуди худ сурат карда, ҳамон санги мулавваси куфрро ба таҳорати истинҷои хеш мутаҳҳар гардонанду калимаи улёро бар дили сангин *ка-н-нақш ъала-л-ҳаҷар* собит диҳанд ва агар шақоватномаи *инно ваҷадно обоано*ро, ки таъвизвор ба раги ҷон муҳкам барбастаанд, аз арақи бад натавонанд кушод, бори зиммаро гардан ниҳад, (139) то мими зимма перомуни эшон доираи ҳирзу амон гардад, ки агар дар ин тааббуд низ гардани тааннуд битуранҷонанд, байт:

*فالسّيف جازاهم و جزاهم کما     جزنا فجزنا خربت آذانهم

Дигар бидонанд, ки аз муҳаббати мавоҳиби сониъи пок сабои саодату насими иноят дар он саводоти зулол вазидааст, ки гулгуни бод масири шугуфаи чамани ҷаҳонбонӣ бар

---

[221] МИ: хуни худ.

[222] МИ: таъабу табъ.

[223] Аз нусхаи МИ оварда шуд.

он хок ҷавлон намудааст, то дар он маворид обе, ки тезии савори куфраи ҷӯпин чун барги бед меафганаду пояки ҳиндуӣ чун пиёда каноран Ҳинде мезад, аз хористону шох камони сад ҳазорон гули фатҳ шукуфонду он гулаш боғбонро аз анвори имониву нуҷуми мусалмонӣ монанди сабзазори осмон ба нуҷуму анвор биёрояд, яқин аст, ки чун навбаҳори давлат он меваи ҷонӣ дар он арсаи боғӣ мутабассиму мутанассим гардад, байт:

*يَضُرُّ اَهلُ الدِّينِ كَالوَردِ بِالنَّدَى     و يتاصل المُكارم بِالقهرِ كَالمَكرِ

Тавоифи мазкура салоҳи хеш дар тарки фасод пиндоранду коре, ки салоҳияти фасод дорад, аз он низ домани исмат чун солиҳон аз мусоҳабати фосиқон дарчинанд (140) ва ҳангоми талаби хироҷу ҷизя бар намате мунқод бошанд, ки агар аз эшон оби чашмон[224] ҷӯянд, аз чарбии дида рӯған диҳанду дар тоати авомир бағояте фармонбардорӣ намоянд, ки агар нуҷабои эшонро ба дар рафтан дар хуфраи фора ишорат кунанд, мисраъ: даванд ҷониби сӯрохи муш[225], то бихаранд. Ҳар гоҳ, ки зимоми амри хеш бад-ин инқиёд дар қабзаи мақдирати бандагони давлати фарзандӣ таслим карданд, ҳубл-ул-вариди эшон, ки таноби хаймаи вуҷуд асту дарди ҷон, ки ресмони гавҳари ҷон аз қатъи шамшер маҳфузу маъмун монаду сурати некӯрағбатии эшон ба ҳусни ризову ҷамоли иртизо музайяну мутаҷаллӣ гардад, байт:

*بِمَشِيَّةِ المَلِکِ الَّذِی اِحسانُهُ     فِی کَفِّنا اِلَی اَزِمَّةِ عالَمٍ

Катаба-л-амир-ул-ғолиб ъало ғолиби риқоби-с-салотини, аълоҳу-л-Лоҳу ъало рууси-л-араби ва-с-син ва-л-мисол-ул-ъолӣ бисоҳиби-л-аҷҷали-л-мутаҳалли-л-муъайяди-л-яминийи-л-муънийи-л-мукрими-л-муқаввим, қутб-ул-ъимод ар-рукни-л-қивоми биъиқд ал-малик ан-назизом ал-мусил ва биимзои зӣ насаби-р-рафиъ ва-с-садри-л-маниъ, музиу-л-машориқи ва-л-мағориб бианвори-р-раъйи-л-мунир, мушир-ул-мамолики ва-л-масолики биилои-л-ъилми-л-ъазизи-л-ғаризи-л-муъаззам.

Хоҷаи ҷаҳон (141) дастури садринишини судурнишон ба камоли кифояту савоби тадбири муҷозии сипеҳри мунир, ло зола ғолибан, ба таблиғи сайф-ус-салтанат, лисон-ус-салотин, азуд-уд-давлати ва-д-дин, муъиз-ул-ислом, аъаз-ул-аном, Баҳмани рӯзгор, Таҳамтани рӯзгор, давҳаи мусмири ҳадиқаи ҳадиқа[226]бори ноиби муборак Борбаки Кофур, ас-султонӣ итр-уд-даҳр битиби ахлоқиҳи, бод, эй салил-ул-акобир, насир-ул-умаро, ҳисом-уд-давлат ва-д-дин, машҳури Хуросон Ҳасани Балхӣ, ҳасуна исораҳу, мисраъ: садр-ут-таърих фӣ садр-ул-мисол.

**Фармони туғро ҷониби туҷҷори Биҳору Маъобир дар маънии овардани туҳафу нафоиси Арабу Ҳабашаву Баҳрайну Барбару Мағрибу Шом**, мисраъ: **нисбати туҷҷор ҳар ҷо мухталиф**[227]. Ин фармони воло, ки ҳар алифи туғрош намунаест аз килки қазо, судур ёфт дар маънии он, ки туҷҷори Миъбари Куҳанбоят, ки дар сарват нақши баҳор доранд, нафоисе, ки аз хизонаи дарё бар рӯйи об овардаанду ба ҷиҳати хизонаи дарёваши мо, ки абру офтоби муздури оростани ҷавоҳиронанд, нигоҳ дошта, чун лавҳи пешониро бад-ин ҳадяи давлат биёроянд, дарзамон ба мутасаррифоти Наҳри[228] вола таслим намоянд, байт:

То афтад он хизонаи дарё ба ганҷи мо
Чун обҳои ҷӯ, ки (142) ба дарё дар ӯ фитад.

Ва ҷиҳозҳоро ҳам бар он об бувад, ки равон доранд, чунонки туҳафи Мағрибу Шом наҷм-наҷм бад-ин тараф ба тавотуру таволӣ бирасад, байт:

В-ин замин гардад зи лӯълӯи адан
Осмони пурситора ҳар заман.

Ва ҷониби Байт-ул-муқаддас, ки манзили кавкабаи анбиёст, сайри сайёрот пеш гиранду нуҷуму анворе, ки аз хоки пайғамбарон бармеояд, ба таъзиме ҳар чӣ бештар нақл кунанду риҷъат намоянду ба бурҷи иртифоъи мо расонанд, то он нуҷумро чун шаҳобе, ки аз осмон фуруд ояд, ҳарбаи шаётини куффор сохта шавад, байт:

---

[224] МИ: чашмҳо.

[225] МИ: гӯш.

[226] МИ: ин калимаро надорад.

[227] МИ: нисбат ба ҳар ҷо мухталиф.

[228] МИ: шаҳри Наҳри.

* وَ تجعَلها تمايمَ يومَ حرَب        لِينصُرنا بها فتحُ السَّماءِ

Ва амтиъаи дигар аз Ҳабашаву Барбар баҳр-баҳр дар сафоини ниҳанду дар ин диёр оранд, алалхусус бардаи ҳабашӣ, ки саводест саҳеҳ аз қалами тақдир. Агарчи аз эшон хатое бузург дар вуҷуд омадааст, он ки саҳоифи чеҳраи худро, ки тартиб карда, сунъи илоҳист, доғ кардаанду бад-он доғи абтар саводи дурусти қазоро хат даркашида. Маъа ҳозо, баъзе дар малоҳат аз онҳоанд, ки саводи эшон баёзи Хиторо хато гираду ходимони ҷазвом, ки қаламзанони хатокор аз нақши ҳар ходим алифе ҳак карданду дар риштаи (143) қадамашон даровварда, байт:

Аз пай истода пеши ҳарам
Рост ҳамчун сутуни Каъба амин.

Ҷаворӣ низ аз ҷинси ҳабашсипоҳон чун малиҳи намаки сиёҳ хушквору дилпазир, ки сурмавор ба чашм даргунҷанду нахонанду аз нозукӣ ба осеби сурма харошида шаванд, чунонки[229] сурмашон ғозаи тоза бичакад, байт:

*مِن عِرضِهِنّ سَوادُ العَين لا حكَما        ترَى مَعائِنَةٌ فِي العَين كَالمُقل

Ва ғуломони зангӣ ҳар яке чун тире аз обнӯси сараш дар баландӣ ба камони Рустам расида буду мӯйи ҷари эшон чун тарошаи тир бар хун печида, ҳар як оташпораи ангиштвому дудвор сар то абр судаву аз он судан абри сафедро сиёҳ кардаанд, назм:

*كَمثَلِ عَفاريت عَدَون بِسُرعَة        تَعجَزُ شهَبُ الجَوِّ عَن دَرکِ شوكها - дар таҳсили ин аҷнос, байт:

Дом хоҳанд так з-андеша,
То набошад ғами куҳу беша.

Ҳар гоҳ аз ӯҳдаи ин фармони сулаймонӣ, ки бар унсеву ҷоне абад-ул-обод чун бод берун оянд, боҷи судҳои зангбору дарё, ки беш аз реги дарёсту бар он аҳли бисёр сабуктар аз борик аст, бар дарё худро мусаллам шуморанду баъд аз ин аз мадди беҳирзи ямини баҳр файзи мавҷе (144) бад-он сӯй номзад карда шуд, ки муҳити аҳволи эшон гардаду ҳамгинонро мустағриқи алтофи мутарокими мо гардонад, бимашийяти рабби-л-барри, назм:

Маҳи сафар бувад андар ин таъриху андар дасти рост
Пеши як ҳалқа камар се нохуна хуфта қатор,
Дар шумори сол саҷда карда сарангушти рост.
Пас сари ибҳоми чап тасбеҳгӯро дар канор.
Яъне, аз маҳ сездаҳ в-онгаҳ ҳафсад солу нуҳ,
Инак, ин таърих бар расм, ту аз иқд шумор.

**Ҳарфи савум** дар мактуботи мулуку салотин[230]. **Арздошти Бадри Ҳоҷиб ба ҳазрати улёи шаҳзода Аъзами Хизрхон**, мисраъ: **нисбати мухталиф** зи бар то зер.

**Унвон**. Ин арздошти банда Бадр, ки монанди лайлат-ул-қадр ҳам шаб асту ҳам рӯз ба ҷаноби олӣ, худованд, айн-ул-маъолӣ, шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, ло зола ғолибан, шарафи иттисол ёбад.

**Таҳмид**[231]. Аллоҳ мунаввир-ул-қамарайн, ҳува мазиу-н-найирайн, назм:

Чун Хизрхони муаззам дар вуҷуд омад қазо,
Умри Хизраш доду охир гуфт саҳл аст ин қадар.
Чарх мехоҳад, ки даргунҷонад аз баҳри бақош,
Дар миёни ҳар шаборӯзӣ шаборӯзи[232] дигар.

То нури талъати муборакӣ толиъон аз партави ахтари саъд чун маҳ аз офтоб бияфзояду (145) симои саодат дар ҷабини некахтарон чун сурат дар оина рӯшан бинамояду давлате, ки ба маҳотиъи оҳан синонҳои баландабвоби фатҳи самовӣ кушояду нусрате, ки ба нардбонҳои чӯбини аъломи воло аз боми сипеҳр фуруд ояд, мулозими ҳашами мансуру мутобеъи роъяти пурнури худованд, шоҳзодаи фалактамкин, шамс-ул-ҳақ ва-д-дин, осмон лақаб ниҳода, офтобе, ки аз сояи Яздон зода, Хизре, ки сабз ба партави осмонӣ, яъне

---

229 МИ: баъд аз ин давоми матн ба атври зайл ҳамчун як мисроъ омадааст: аз сурма ғозаи тоза бичакад.
230 МИ: Ҳарфи севум дар мактубот.
231 МИ: Зикри Аллоҳ.
232 МИ: шаборӯзе.

Хизрхон, ин Сикандари сонӣ бод. Муждаҳои зафару фирӯзӣ чун таволии айёму лаёлӣ аз гусаст эмину интизоми умури беҳрӯзӣ чун тартиби ҳафта аз пароканДагӣ фориғ, байт:

*بمُحمَّدٍ صَدرَ السَّماءُ وَ أرضُها          مِنهُ وَ جازَ كِلاهُما فِي صَدرِه

Бандаи камтар Бадри дабир, ки ба фармони олӣ тири фалакро дар алифи туғро андозаду бинависад, хидмате, ки бар ҳошияи бисоти қомат мухлисонро доли кӯфӣ дораду заминбӯсе, ки аз лаби бандагон бар лавҳи хок мими руқоъ бингорад, ҳаросонтар аз масрӯъ ба дидани обу ларзонтар аз мартаъаш ба қуввати бод адо мекунаду орзуманд мебошад, то кадом рӯз фархунда тавонад буд, ки нилуфарвор дар он офтоб чашм кушояд. Манзили ғайс (146) селе аз борони раҳмат номзад гардонад, то мо дурмондагонро, ки хошоки шориъи ҳазратем, аз хоки ғурбат баргираду ба соҳили қурбат расонад, байт:

Чу бороне, ки ронад сел дар хушкиву баргирад
Хаси афтодаро аз хоку бар дарё[233] биншонад.

Рафъи арздошт мабнӣ бар он, ки чун банда ба мутобаати мисоли олӣ бар сони Уторид мулозими офтоб равон шуду дар ҳар манзиле, ки мерасид, бадрақаи иқбол истиқбол менамуду шебу фарози роҳро аз дидҳои муфсидон меанбошту ҳамвор мекард, ки марокиби ҳумолони фармон ба суҳулат бигузаронад, то бад-ин тариқ бар лаби об расида, бар боди остони давлат заминбӯс карда омад. Дидем, ки ҳама оташи ғалтону давони думоҳаро сӯйи дарёи муҳит рӯй бар замин мениҳоду мерафт. Бо хеш тасаввур менамудем, ки ин равиши тунба ҳоли бандагон аст, яъне майли тавозуъ сӯйи бузургон чунин бояд кард, байт:

Чу боз оям аз ин ҷо сӯйи он дарёи дарёкаш,
Биғалтам бар замин чун обу он хидмат ба ҷо орам.

Фи-л-ҳосил, аз он об бар пушти маркабе, ки саропой меҳдӯз буд, бар рӯйи об пеш аз бод мерафт, бигзаштем (147) ва аз бодбонони киштӣ канора ҷустему бар пушти бодпоёни киштиваш ваши бодбонӣ оғоз кардем, байт:

*عَلَى البَرِّ أجرينَا السَّفائِنَ سُرعَة          كما لَم يَصِبها فِي السِّباقِ شَمايِل - то дар айёми зимистон бар сони абри баҳорӣ хайма дар саҳрои Ғазнин задем, байт:

*إنّ فيها تَرَى بِشِدَّةِ بردٍ          سَرَدَ ماءٍ كَمِثلِ سَردِ حَديد

Дар он яхистон талаби оташ мекардем, ки чеҳраи оташини Илёсбағои дӯзахӣ дида шуд, оташе аз ях хунуктару яхе аз оташ сӯзандатар, байт:

На он ях дар гудоз ояд, магар аз шуълаи пайкон,
На он оташ шавад кушта, магар аз қатраи ханҷар.

Муғулони дигар низ ҳар як кундаи дӯзах, валекин кундаи афрӯхта, овозаи теғи обдори Хони аъзам шунидаву ҳам бад-он кушта шуда, байт:

Оташ аз об шавад кушта, касе дил ба даҳр[234]
Оташеро, ки шавад кушта ба овозаи об?!

Ва азбаски хаёли лашкари ислом дар замири эшон чун раъби дарё дар дили ошно дармондаву жарф дарнишаста буд, ҳоле, ки фармони олӣ бар эшон арза карда шуд, он ки оташвор кулоҳ бар осмон месуданд, чун оби осмон рӯй бар замин ниҳоданду ба расми муғул зонуи таъзим чандон бар замин заданд, ки оинаи зонуи эшон мӯрча-мӯрча шудан гирифт. Пас он мулаттафаи қаҳрро, ки абре буд пур аз барқи кофиркеш пеши офтоби шамшери шамсӣ, мисраъ: *ло зола зилолуху ъалайно* - соибони ҳимояти хеш сохтанду он, ки пеш аз ин қуввати тирборони Афросиёбии хеш камони Рустамро ба обрӯй вусма карда, арӯсон ташбеҳ мекарданд, аз он ҷо, ки хаёли камонҳои хушкпай расидӣ, дар сурати пурзилоли эшон сурат баста буд, байт:

Киро бару вусма карда диданд зи дур,
Аз бими камони Рустамаш донистанд[235].

Чун мазмуни фармони олӣ бар он ҷумла буд, ки дар Ғазнин ба ғулғули хутбаи Муҳаммадӣ Маҳмудро аз хоби қиёмат бедор кунанд, силсилаи сутурро гардан ниҳоданду робитаи тааллуқи ҳабл-ул-матин, ки дар он диёр аз қуввати он гусастамеҳрон бигсаста буд,

---

[233] МИ: дарёш.
[234] МИ: ба шаҳр.
[235] МИ: Аз саҳми камони Рустамаш хонанд.

дасти эшонро боз аз сар дар қайди итоат овард. Мусалмонони Ғазнин, ки чароғи исломро аз садамоти он хоксорон даруни домани кӯҳ пинҳон дошта буданд, ошкоро карданду тамомии диёри Ғазнин нури имон гирифт, байт:

Он, ки дар олам намегунҷид боди он хасон,
Дам бурун н-омад аз эшон (149) пеши он
рӯшанчароғ[236].

Рӯзи шанбе буд, ки ба навиди ин хутба хатиби Ғазнинро башорат доданд. Хатиб аз ғояти фарҳат чунон беқарор гашт, ки пояш бар замин намеомад. Мехост, ки аз шанбе биҷаҳаду панҷ рӯз дар миёна бигзораду бар одина афтад, балки аз қазову қадар ба таманно мехост, ки панҷ рӯз аз умр кам кунаду ба ҷумъа расад. Аз шанбе то одина ҳар рӯзаш соле мегузашт. Гӯӣ, ба баракати интизори он хутба, мисраъ: дарафзуд аз умри ӯ панҷ рӯз. Аиммаву маорифи Ғазнин, ки дидани эшон дар тарассуди нома аз диёри ислом сапед шуда буду чашми умед сӯйи саводи аъзами Деҳлӣ, ъайн-ул-Лоҳ ъалайҳи, дошта, ҳоле, ки дар фармони олӣ чашм боз карданд, байт:

Шуд чашми сапедашон зи ҳар ҳарф сиёҳ,
Ҳар нуқта маҳалли муқла дошт нигоҳ.

Ва пирони сарсапед сари туғрои мушквомро бар сари тораки таъзим суданду аз сар ҷавон гаштанд ва захоири тақаббуле, ки ба ҷиҳати таъвизу тӯмор дар лаб дошта буданд, бар сари ин фармон, ки мартабаи ниёбати оёту ахбор дошт, нисор карданду аз фарҳати истимоъи хутбаи шоҳаншоҳӣ улое хостанд, (150) ки ҷумлагии саводоти дида якҷо кунанду тайласони хатиб созанд, байт:

Лек гуфтанд, ки ин кор ба бозӣ набувад,
Аз пайи он, ки ҳама дида намозӣ набувад.

Ночор ба тайласоне, ки аз пеши халифа рӯйи замин оварда будем, хатибро мушарраф гардонидем, то хатиб ба дарёфтани он шаби қадр саҷдаи шукр ба ҷо овараду дару девори ҷомеъи Ғазнинро, ки пеш аз ин саҷда карда буд, бо қомати сутуни намоз аз сар биистонанд. Чун рӯзи ҷумъа даррасид, ҷамоаи муслимин, ки аз натани мурдорхорон бӯйи исломро фаромӯш карда буданд, ба далолати тиби аҷниҳаи малоик дурудгӯён дар ҷомеъ меомаданду замин аз замзамаи тасбеҳ бонг бар осмон мезаду гунбади осмон ба овози Ҷандор силаи муаззинону мукаббирон мекард, то хатиб пойи рифъат бар пояи минбар ниҳодаву хутба оғоз кард, ки мурғони рӯҳонӣ аз осмон фуруд меомаданд. Чун ба хитоби худойгонӣ расид, аз забонаш нури саодате забона зад, ки тарбеъи минбар аз таслиси муштарӣ маймунтар гашт, чунонки он ямин дар тасдиси ҷиҳот низ сироят кард. Чашмҳои кавокиб дар абрӯи меҳроб монда(151)ву малоика бар тахти мукаббирон *оят-ал-курсӣ* медамиданд, байт:

Иқбол ба сӯйи ҳазрати шоҳ
*Ал-ҳамд* ва *ан якод* мехонд.

Банда ба дурри нисори ҷавоҳир, ки бо хеш бурда буд, болои минбар бурду фурӯ рехту халқе дарафтоданд, гӯӣ қиёмат буд, ки ситора меафтоду ҳашр меҷӯшид. Тайласони хатиб аз гавҳари шабчароғ шаби барот менамуду банда Бадр табақи зарин бароварда, гӯӣ моҳи шаби барот аст, ки бармеояд. Муғулон аз деворҳои масҷид ба назора баромада, сӯйи банда Бадру табақи нисор медиданду чизе ба сагзабонӣ мелесиданд, мисраъ: камо танбаҳу-л-килобу билайли бадрин. Аз маёмини ин хутбаи муборак сиккаи дурусти ислом дар он навоҳӣ чунон собит гашт, ки қалби оҳанини кафараро бигардониду бештаре аз эшон китобаи калимаи улиёро бар холиси ақида сар заданду нақди имонро дар пардаи дил чунон гиреҳ бастанд, байт:

К-он рӯз, ки ин парда бирезад аз хок,
Не боз шавад гиреҳ, на кам гардад нақд.

Чун масолеҳ тамом гашт, пеш аз он ки бандагон духули мурочиат бикӯбанд, овоза баромад, ки давов-ул-ъайн битарқиду миёни гардапони кофир теғ афтодаасту он ҳама

---

[236] МИ: Дам бурун н-омад аз эшон пеши ин рӯған чароғ.

қавм, ки яке будаанд, (152) дуним шудаву чунонки[237] оби Ҷайҳун миёни Мовароуннаҳру Хуросон равон аст, дарёи теғи он ду фирқаи хунӣ дар мавҷ омадаву рӯйҳои паҳн бар оби теғ ба сари сипар андохта[238], ҷумлагии муғул дар рагу пайи якдигар чун бӯзина дар танаста даровехта, амну амон аз он диёр чун диёнат аз дили тарророн бурун рафта, балову фитна дар он лашкар чун авонон дар пеши золимон корафзой шуда. Булағогиёни бесар чун муқомирони додзан ҳар чӣ пеши касе дида пок бурдаанду садди роҳҳо чун тавотури анфос ҳангоми назъ бигсаста. Корбонҳои савдоҳо чун хонаҳои Миррих ҳар кӣ омада фуруд гирифта, колову рахти мусофирон чун дирамҳои нисор ҳар кӣ барчида аз они ӯ, байт:

*فرّ السّلامة مِن اَطرافِ ما مِنهُم كَالصَّبر مِن خلدِ العُشاق فِی الشّغف

Замини тӯтиранг аз даводави аспон сина боз шудаву каргасон дар миёни селоби хун пойча боло кашида, ғилев аз дарахтони ҳумой[239] чун қумрӣ ҳино бар пой баста, калмурғ дар чанг задану кулоғ дар шароб нӯш кардану муроғ дар кабоб кандан, зоғ гӯй ҳиндуест танбӯлхӯрда, байт:

Бум, ки (153) баррафта бувад бар сари кофар,
Сар ҳам аз эшон гирифта гоҳи харобӣ.

Ду сафи лашкар чун шатранҷи бадбозони барногир ройгон дар якдигар дарафтодаву танҳо сурху сафед монанди муҳраи мазруб бар замин нисор шуда, мирони ҳазора чун шаҳ дар аригоҳ пас асту гоҳ паси пиёда хазида, байт:

Чун байзақи[240] рӯбитофтаи кинаварон,
Чун муҳраи тарҳмондаи бекори ъузон.

Ва сакани билод бар шакли нарди мурдор хонаҳо барбаставу пойбанд шуда. Азбаски косаҳои хунолуд зери пойи бодпоён дар даст хуну бода ҳуққабозӣ мекунанду дидҳои сахти устухонӣ чун каъбатайн бар бисоти сабзи замин меғалтад, мансубашиносони рӯзгор мегӯянд, ки даврони лаъаби эшон ба поён расидаасту каъбатайни симобии фалак аз буруҷу шуҳури дугон шаш барҳам меораду муҳраҳои эшон бармечинад, байт:

То чун ҳама муҳра аз миён барчинад,
Дарҳол зи сар бозии дигар гирад.

Аз он овозҳои муҳиб лашкари ҳайбатнафиру[241] пуршӯр низ аз хоб биҷастаасту рам хӯрдаву чун сагони девона хешу бегонаро намешиносаду бар сони гургони мукобир дар галаву рамаи якдигар дарафтода (154) ва аз Ғазнин то боби Синд халқе ларзонтар аз сармозадагони Ғазнин дар гӯшҳо хазидаву афғонон чун мӯрча бар кӯҳи Сулаймон баррафтаву қавми пашша чун магас дар пардаҳои анкабутии ғор дарафтода. Ҳар кӣ бо касе кини куҳан дорад, теғро бараҳна кардаасту заминро аз хуни ӯ кисвати лаъл мепӯшонад, байт:

* فخرّبَ اَرضُهم بدماءِ قتلی كَعقلِ النّاسِ مِن شُربِ المُدام

Харкуше чанд чун тир сӯйи боло партоб карда шудаанду аз рафтани тез дугони манзилро яке кардаву аз кӯҳҳҳову дарёҳо бигзашта, ба нишонгоҳи Фачию Хайбар расида. Яқин аст, ки даруни дили эшон дархоҳанд рафту хабарҳо яке аз он бӯйи хуномад хоҳанд овард. Ва мунтазир буда меоянд, чандон ки боз оянд, он ҳама партобиёнро баробари тир хидмате пешкаши бандагони давлат карда хоҳад шуд, байт:

Ки аз даруни дил кофирон хабар гӯянд,
Чунонки тир хабар гӯяд аз дили душман.

Сӯйи Илёсбағо низ аз Қибчок элчиён расидаанду он дӯзахӣ чун оташ сӯйи боло майл карда. Агарчи ҳама халқ аз ғояти гармӣ ҳам бар сони оташ чун теғ кашидан(155)у дуд баровардан коре надошт, аммо мо, бандагони давлат, аз оташи зимистон, ки забардасти халқ бошад, забардасттар бувад, чаро забардастӣ накунанд, ки агар ҳама лашкараш тӯфони оташ ҳастӣ, байт:

Ки разм бо ҷумла қалби шоҳ
Чароғе бувад пеши тӯфони бод.

---

[237] МИ: аз калимаи "кофир" то ин ҷоро надорад.
[238] МИ: рӯйҳои Баҳман бар оби теғ сара ндохта.
[239] МИ: ғилев аз дари чунин меҳмоне.
[240] МИ: чун пундуқи.
[241] МИ: ҳашт нағару.

Рӯзи видоъ банда Бадрро талаб кард, боло Миррих диданд, аз ғояти таҳрир сари ангушт дар дандон гирифтанд, мисраъ: ва қад ъаззу Билолан би-с-Сурайё. Пас ба маъзарати бисёр аҷноси хидматӣ ба ҷиҳати ҳазрати Хизрхонӣ пеш овард: ҳазор аспи таторӣ, ки гӯӣ аз ду унсури улвияш мураккаб кардаанд, ки хоку об дар таркиби эшон гузар надорад ва ҳазор турки моҳрӯй, ҳар яке дар хонаи ҳафтдаҳу ҳеждаҳ карда, ки партави рухсори эшон хуршеди куҳнаи пуштравро абраи нури нав пӯшонад[242], байт:

Дар разм, чунонки пушташон кам бинанд,

Дар базм, чунонки рӯяшон битвон дид - ва понсад катони русии аз маҳтоб тунуктар, байт:

*شفوفٌ ترَى الاَجسامُ فِيها برِقَّهٔ كَماء يرى ما تحتَهُ من سَقابه

Мутаоқиби арзадошт аз хазиз урдуи (156) кафара бар абр омад. Кавокиби муҳиммоти аҳлаи ниъоли марокиби бандагони давлат сӯйи матлаъи офтоби ислом сариъ-ус-сайр хоҳад гашт. Умед аст, ки дар ғурраи муборакӣ шаввол банда Бадр бо баҳроми элчӣ дар муқобалаи маймуни ҳазрати Шамсӣ бар моидаи ъабд ба шарафи Савру дараҷаи Ҳамал иртифоъ ёбаду кайфияти фармони олӣ, ки руқяи тасхири Мирриху миррихиён бувад, пеши тахти фурқадсой, аълоҳу-л-Лоҳу дараҷотиҳи, ба мавқифи арз расад, *ин шоа ваҳдаҳу*, байт:

Ҳамеша давлат ёр бод аъторо,

Чу омин, ки боре расонад дуоро.

**Мактуб ба ҷониби амир-ул-куттоб, заҳир-ул-мулк Садриддин аз забони Исии табиб**, мисраъ: ҳаст дар ҳар ҷое **нисбат мухталиф**.

**Унвон**. Ин саҳифа, ки масдари маонист, бар дасти муборакӣ азҳар-ус-садр ва заҳир-ул-мулк, садр-уд-давлат ва-д-дин, аббада-л-Лоҳу садраҳу ва заҳраҳу, мусаддар гардад.

**Зикри Ҳақ таъоло**. Бисми ман ло юдрикҳу-л-ваҳму ва-л-хаёлот, рубой:

*ظَهيرُ المُلکِ يُکمِّلُ منک فضلُ كَما قبلَ الظَّهيرة نورُ شمس

اَطالَ اللهُ عُمرکَ في المَعالي اِلى يَوم غَدَى اَلآتي باَمس

То ширае маънӣ аз асри ҷони ширин бурун ояду (157) зубдаи латоиф аз безиши хуни дил полояд, латофате, ки мағзи ақли софиро сақли он тавон ҳонду ҳаловате, ки аз хулосаи ҷони ширин усораи он тавон гуфт, аз нӯги килки малик-ул-куттоб, заҳир-ул-мулук, садр-уд-давлат ва-д-дин, дабири ҷодуқалам, байт:

*الفاظُهُ مَنازلُ روح و خطهُ أمولَهٔ القُلوبِ كَصُدغِ الخَرائِدِ - мутақотир бод. Сеҳри иборат руқяи тасхири Уториду сарири қалам арғануни табъи Зуҳра, байт:

Бад-он Аҳмад, ки чун бӯсанд нохунро ба номи ӯ,

Расонанд он табаррук дидаҳоро то шавад рӯшан.

Ҳамдами ҷони Исии табиб, ки дам аз эҳёи муҳаббат мезанад, маъҷуни муҳаббате аз чошниҳои ихлос парвардаву шарбати маваддате аз оташи шавқ ҷӯй ёфта, туҳфаи маҷлиси олӣ мекунаду саросемагии фироқро илоҷ намешиносад, магар муфарраҳи лиқои он зот, ки ҳама ба гавҳари бузургияш сириштаанд, байт:

*الله يرزُقنا و كُلُّ ذِی الولا. ذاکَ المُفرَّحُ فِی جنونِ البَین

Мағзи ин лавзинаи печида он, ки аз ин тараф мунъими раззоқ табақоти аиззаву асирраро ҳалвои коме бахшидааст. Ҳам ширае таматтуъу ҳулви ҷонею ҳаловати айше каромат карда (158) ва ҳам косаи тавсиъу суботи ниъами ғайбӣ чандон гирд омада, ки даруни шишаи осмон нагунҷаду зулоли зиндагонӣ ба бақои Хизр мужда дода, асбоби рӯҳу роҳат магасвор агар аз роҳи дар берун меронанд, аз равзан дармеояду аҷноси фараҷу фараҳ мӯрчавор, агарчи аз саҳн мерӯянд, бар сақфу девор бармеравад, байт:

*شكَرنا علَى هذا التَّنعُّم مُنعِماً يَزيدُ بِشكرالعَبد نعماءُه لَهٗ

Маҳдумзода Шарафуддин, шаррафаҳу-л-Лоҳ, ки аз вуболи кавокиб бар шарафи ҳалок бувад, аз хизонаи карами раҳмонӣ ба ташрифи офият мушарраф гашт. Он ки ҳар рӯз ҷузв ба ҷузв лабонҷаи табрезӣ мепӯшанду ҳеч хуне намегиранд, хозинони карами осмонӣ шиққаи хайи мурассаъ аз марвориди обдораш пӯшониданду ҳуссоду аъдоро, ки камони даққу сал мебурданд, гарданашон ба шамшер мадқуқу маслул ба тақтеъ пайвасту он

---

[242] МИ: пӯшонид.

соҳибфарош қабои бақои дароз пӯшида, бар ҷомхонаи боргоҳи аъло доманкашӣ карду сурати бисоти салотинро аз дебочаи хеш кисвати дебо пӯшониду хилъати ғусли сиҳҳати кулоҳи заркӯфта, ки онро мадқуқ созанду қабои хоса, ки онро маслул хонанд, (159) ёфту саҳеҳ-ул-бадан гашт. Шак нест, ки аз он кулоҳи мадқуқу қабои маслул, ки муфарраҳи тандурустист, ҳар беморие, ки ҳаст, шифои оҷилу оҷил ёбад, мисраъ[243]: хуш гуфт донои хирад: "ал-ъайн раъс-ул-офият". Ва рӯзи Наврӯз, ки бодпоёни хидматӣ пешкаш мекарданд, подшоҳи ҷаводи абрдаст гулгуни чолияш бахшид, савсангӯш аз гули нарм даҳан тару аз насими тар равтар. Сабоҷунбише, ки агар бар наргиси бедор гом занад, ҷавобаш гирад ва агар бар сабза хуфта бигардад, дар хез ояд, байт:

*قبولُ بلونِ الوَردِ حينَ ترينَهُ      كأنَّ نَسيماً فی النَهار بعيدُ

Дар ин вақт худ ба ҷиҳати одамиён ҳалқаи мулук силсилаи ашрофи пилон ҷунбонидаанду наздик аст, ки бад-ин тартиб пили боло махсус гардад. Ин овоза ба гӯши пилон расидаву гӯши пилон боз шуд, мехоҳанд пеш оянду бад-он чи фармон диҳад, гӯш фуруд диҳанд. Агарчи хосияти пилон аст, ки аз бас кибру азамат магасе бар бинии худ нишастан нагузоранд, бо ин ҳама бар онанд, ки аз перомуни он зот ба бинӣ магас ронанд ва агар ҳавас (160) бар нишастан хезад, ба зонуи адаб биншинанду барои истиқбол занҷир мегусаланд ва аз роҳе, ки он мушрифи мушарраф хоҳад расид, хасу хошок ба дам мерӯбанд. Пилбонон, ки бар пушти пилонанду бар он пуштиву пуштибонии бузург азим мустазҳар бо чандно баландӣ ба пастӣ майл намуда, шаҳнаи пил бо чунон гаронии шуғл, ки хазор пил лангари ҳоли ӯст, бар сони гӯши пилон беқарор гаштаву аз қалами дузабонаи ӯ чун пил аз ду шоха дар ҳарос афтодаву аз он ҷо, ки фурӯдастони пил хонаи ин забардасти қавиболу заифнавоз шунида, ба умеди он, ки мошу биринҷи пилон сер хӯранд, чун ҷараси биринҷини он мошиён даҳан боз карда, роҳи омадани ӯ меҷӯянд. Мутрибони пил ба навиди он шодмонӣ дуҳули ҳиндиро ба қадре оранд, ки хамирмояи дақоиқ дуҳулзании эшон аст, забуни мизбонӣ расонида[244], то аз бас нишот овози он дуҳул дар пӯстин гунҷидаву бӯқиён бад-ин умед карранойро дам додаву пурбод карда, то ба бонги баланд бо раъд ба ҳам сухан гуфтаву тосзанон аз шодии омадани он маҷлиси сомӣ, ло зола (161) сомиян, Баҳроми Чӯбинро бар рӯйинтанӣ зада, то наъраи Рустам бароварда, байт:

Таъбияи ҳиндуӣ барзада шӯре, чунон ки
Ҷаста аз он ғулғула ҳайкали[245] ҳиндӣ зи хоб.

Дар Ҳиндустон расмест, ки асҳоби рақия ба най афсун кунанду бар ҳар кӣ он най бизананд, ӯ мунқод гардад. Қалами ин мушриф гӯӣ он найи афсун аст, ки ҷумла пилонро бад-он най роъӣ хоҳад шуд, балки ба хатти мусалсал бар пойи пилони тавоно занҷир хоҳад ниҳоду бинои муъваҷҷи сиёқати гург бар сари шаҳнаи пил хоҳанд нишонд, на бар сари пил, байт:

*اللهُ أيدَ ذا شُغلِ و منزلَهِ      بالعقل قيدَ اقبالاً و اِخيالاً

Ҳозо боб, Мавлоно Бадри панҷпоя, ки маълули саратон бод, ончунон мустаҷрӣ аз биҳори илм бохабар забоне чун наҳанги гурусна берун кашидаву лабе монанди даҳонаи дарё бозкушодаву аз мавҷ задан каф бар лаб оварда, бо Айнуддини дабир ков-ков мекунад, ки дар замини ман чоҳе ҳафр карда аз давлати хеш ториктар. Бихоҳам гуфт, ки риштаи онро қалам кунанду дар он давот қаламвор нагунсорат дарандозанду дар вай об чандоне бигузоранд, ки дар давоте тавон чаконанду дар қаъри он чоҳи беоб зери хокат кунанд, чунонки ту хӯрди хок шавӣ (162) ва хок хӯрди ту, то ҳамон чоҳ ба овози садо дар гӯши ту ин нидо дардиҳад, байт:

*أيا حافرَ البئرِ فی أرضی غيرُ      لكَ التُربُ و الماءُ منها يُغيِّرُ

Айни дабир низ даҳоне чун айни фам-ул-асад боз кардаву монанди ғук ба шакли зард баргашта, даҳ ҷоме ҷаҳаду менишинаду наъра мезанад, бар он аст, ки Бадри панҷпояро фуруд барад. Мегӯяд, ки, эй Бадри панҷпоя, саратони қамарро, ки аз дарёи осмон обест, бо ман, ки Уторидам ин муқобала муяссар нагардад, ки ту манҳус мекунӣ.

---

[243] МИ: мисроъ ҷудо нашудааст.
[244] МИ: расонанд.
[245] МИН шакли.

Тинати бадсиришти ту заминест мулки ман, нахоҳам фармуд, ки дар вай ба ҳар захми каланд чоҳе бикананд, мисраъ: ки ҷойи об аз он чоҳ хун бурун ояд, байт:

*حتّى رأى النظّار بدلَ انفجارِ الماءِ تفجّرَ الدمِ

Ҳар ду қаламзан бад-ин сон ба қассобӣ берун омадаанду забонҳо дар якдигар чун қассобон, ки дар корд барҳам мезананд, тез карда. Чунин менамояд, ки он чоҳро аз резиши хун кави қассоб хоҳанд сохт. Агарчи ба сурат мардуманд, аммо ҳеч сурати мардумӣ надоранд, ки чун сутури қассобдида мехоҳанд, ки ба ду шохи бақарият бар якдигар ҳамла оранд. Гӯӣ сарашон мехорад, ки (163) бар сони говмешони нар сар бар сар зананд, магар бад-ин сон саргашта шаванд, аз сарзаниши якдигар нишоне дар ӯ наву шарме низ на, байт:

Ду хашмнок агар мардуманду гар ҳайвон,<br>
Чу сар зананд ба ҳам, шарму дардашон[246] набвад.

Ва аз бими сахтсарии эшон, ки якдигарро сарзанишҳои сахт мекунанд, касеро ёрои он нест, ки дар миён дарояд ва яқин аст, ки миёни ду наргову меши ҷангӣ ҳар кӣ дарояд, мутамоҷаш[247] хӯронанд, байт:

Лек з-ин сон корваш ҳам з-устухони ӯ кунанд,<br>
Гӯшт ҳам з-андоми ӯву шӯрбо ҳам хуни ӯ.

Ҳарду дар овардани захма аз тири қассоб бераҳмтаранду аз дашнаи ҷаллод беофияттар. Дар пӯсти якдигар афтода, ин берӯӣ мекунанд, ки аз пӯсти дабир ҷилди китоб созам. Ӯ низ аз пӯст берун меояд, ки пӯст аз сари Бадр боз кунаму аз салхи бадр бадраи сим пӯшонам. Сухан чунон пӯст боз карда мегӯянд, ки наъраи табл ба ҷунби он сахтист даруни пӯст, байт:

Аз тезии якдигар дили ҳар ду кабоб<br>
В-аз хуни ҷигар дарунашон ёфта об.<br>
Дар паҳлӯи якдигар нишаста кажу маж,<br>
Ҳамчун кажҳои оҳанини қассоб.

Дар чунин вақте ки ришро пунба кардаанд(164)у махосинашон пури пунба шудаву дилҳои эшон чун гули пунба аз дарун тунуку сиёҳу аз бурун сабуку табоҳу даҳонашон аз лесидани бисёр каф бар лаб овардааст, гӯӣ бори пунба бишкофтаасту пунба берун зада. Бо чунон даҳони пунбаву парпеч пунбадаҳонӣ бар ин намат, ки тухми адоват дар сару магзи эшон чун пунбадона дар пунба ба манзалаи хулқеву зоте гаштааст. Магар якдигарро ба амуди оҳан халқ кунанд, он гоҳ он тухми бехгирифта аз эшон берун равад. Азбаски раги таассуб чун зеҳи назоф дартуранҷонидаанду муштҳои эшон бо он ки устухонҳои якдигарро пунба кунанд, чархи зол мехоҳад, ки араќи бадан аз тани эшон чун тор аз пунба берун кашад. Ҳарчанд пирони пунбариш нармаи гӯши эшон мегиранду пунба аз гӯшашон мекашанд, ки пунбазоре дар баногӯши шумо дамида, чанд аз боди таҳур чун поғунда пунба бартавон ҷаст?! Вақти он аст, ки устухони шуморо аз ширу биринҷи пунбадона парвариш диҳанд, чи ҳангоми он, ки аз устухони якдигар биринҷ тарошанду аз хуни якдигар ширбиринҷ пазанд. Магз худ дар устухон намондааст, ки чарбе бар сари он кунанд, (165) байт:

*اِنّهم لا يكسّرونَ بها كَحَديدٍ بضربةِ القطن

Як рӯз сулолат-ул-машоих, муътақид-ус-салотин Фалакуддини Кӯзагари Чархӣ, *аҷра-л-Лоҳу ъала-л-ъуюни ҷарруҳу*, ки ба молиши сахт обу гили худро бағояте пок гардонидааст, ки чархи гардон зери дасти ӯ мегардад, он ҳар ду хумхомро пеш ҷуст. Ҳар ду гулҳое, ки доштанд, фурӯ рехтанд. Чун диданд, ки дар он гулҳое чандон чарбӣ нест, ки аз он чизе битавон сохт, ҳар дуро аз айни иззат об медод, ки аз ков-кови он чоҳ даст бишӯянд. Чун эшонро дар ковиши он чоҳ пой дар гил шуда буд, натавонистанд, ки аз он олоиш берун оянд, гуфтори Хоҷаи Кӯзагарро ба сафоли шикаста барнагирифтанд. Ҳам бар қарори аввал аз пазоваи кулол сӯхтаву афрӯхтатар бимонданд ва агар эшон мехоҳанд, ки қадре деги даҳанро ба гули ҳикмат муҳр кунанд, муштаъилони дигар сари ангуште дар паҳлӯяшон мезананду дар сухан меоранд, чун сафоле, ки ба даст задан дар баногӯш оранд. Чунин ки

---

[246] МИ: дарду шармашон.

[247] МИ: тамоҷаш.

ин ҳар ду баҳҳоси муддаъӣ дархӯри ин баҳс фуруд рафтаанд, агар аз чоҳи (166) тиҳӣ далви лаболаб бартавон кашид ё аз пазода бар оташ сабӯи пур берун тавон кард, байт:

Ин ду кованда, ки дар чоҳ андаранд,
З-ин чи хунхора обе хуш[248] хӯранд.

Қалами сартарошидаи доъӣ аз аҳволи инҷониб, чунончи илм дошту ба самоъ маълум карда, дар ин номаи аммомаваш аз сари ихлос барбаст кард. Хидмати Хоҷаи муаззам низ ҳолҳои он тарафу кайфияти вилояте, ки подшоҳи олам он зоти мукаррамро каромат фармуда, дар суфаи сафои саҳифа сабт фармояду қаламро ба расми аҳли суф пайке тамому пайки номакашро тайре ала-д-давом арзонӣ дошт, то авлиёи давлат аз хушии вақт дар хирқаи ҳазормехии фалак нагунҷаду аъдо аз нохушии ҳол, байт:

Дар сина ҳазор мехи оҳан бихуранд,
Монанди ҳазормехи дарвешон[249].

Фуқарову саллаҳои инҷониб, ки хавоси халқанду аммомаи халоиқ низ, азбаски ба сабаби ободии мабсути садр-уз-замон дасти ниёз боло зада, улувви он дастгоҳ мехоҳанд, ин хабар пурсидаву нопурсида расид. Ба мувофақати эшон автоди вилоят, ки меххои хаймаи осмонанду қадами қиём дар замин фуруд бурдаву ҳабл-ул-матинро (167) ҳабл-ул-вариди вақти худ сохта, амуди дуо насб мекунанд, то мизаллаи рутбати садр-уд-давла ба амади дуои эшон осмонгир гардад, байт:

*فذاکَ خباءُ المَجدِ ظلُّ عَلَی العُلا الَی زمَانٍ سَماواتِ العُلَی تَطوی

Ин қолии гуфтор, ки нутқи инбисот асту дар итолати он тақсире нарафтааст, ба карами ҳотамона тай фармояд, ҳамеша дар саҳни давлат бисоти нишот кушодаву дар ҳусни рифъат фарши шараф кашида бод. Омин! Таҳрир дар сулси аввали сафар, ки аз охири сафар мужда диҳанд, буд, мисраъ: яъне, зи сафар сию сана ҳафсаду даҳ.

**Хатти чаҳорум** дар мактуботи илму ҳикмату фазлу адабу мавоизу насоеҳ, муштамил бар се ҳарф: **ҳарфи аввал** дар мактуботи илму ҳикмат, муштамил бар се мактуб: нома дар фиқҳ, нома дар истилоҳи фиқҳу назари мамзуҷ, нома дар истилоҳи мантиқ, **ҳарфи дувум** дар мактуботи фазлу адаб, муштамил бар ду мактуб: нома дар санъати тасриф, нома дар наҳву латоиф, **ҳарфи савум** дар мактуботи вазъу насоеҳ, муштамил бар се мактуб: нома ба исми фарзанди худ Айнуддин Аҳмад, нома ба исми (168) Яминуддини Муборак, муштамил бар панҷ бино, нома ба лавозими нуру Қуръон ба исми Нуриддин.

**Ҳарфи аввал** дар мактуботи илму ҳикмат, муштамил бар се мактуб: **нома дар фиқҳу ҳамон нисбат** низ, байт:

Ин ду мисроъи пур зи ганҷи шигарф,
Баҳри фарқ аст дар миёни ду[250] ҳарф.

**Унвон**. Ин китоб, ки аз фиқҳи ҳоли мухлисон илм медиҳад, дар маҷлиси мавлонои бирҷис-ул-арз, саъид-ул-миллат ва-д-дин Ҷаъфар, саъд-ул-аном мин саъодати айёмиҳи, мафтӯҳ бод.

**Таҳмид**. Ҳува воҳиб-ул-фақоҳияти-л-Лоҳу юфаққиҳи-л-ъибода[251], байт:

*أجِیٌ سَعیدُ الحَقِّ یُدعَی بجَعفَر إمامُ ذَوی الفَتوَی بعِلمٍ مُوَفَّر

Фақеҳе, ки баҳрӣ шариатро муҳиту алиме, ки дарёи дироятро ҳовӣ бувад, аз табъи баҳри файзи мавлоно, имом, саъид-ул-миллат ва-д-дин, манбаъ-уш-шароеъ, ъайн-ул-бадоеъ, янбуъ-ул-ифодат, саҳоб-ул-ифозат Ҷаъфари Алӣ маввоҷи фоиз бод. Дар машориъи маонӣ оби рӯ бар оби рӯву чун вузӯи дубора нуран ало нуру аз машориби ҳаёт[252] обхӯрд, монанди ифтори шаби ид суруран ало сурур, байт:

*بمُحَمَّدٍ مَن آبَ عَنهُ آبیاً فی ماءِ غِسلینٍ بذالکَ یغرقُ

Дуогӯи муғтаҳидбурҳони ҳуҷҷат, ки (169) дар сунани муҳаббат аз иҷмоъи улои арбаъа бехилофтар асту дар синини маваддат аз иттифоқи фуқаҳои сулса бовифоқтар,

---

[248] МИ: оби хуш.
[249] МИ: ганҳо мираи аввал мушаххас шудааст.
[250] МИ: се.
[251] МИ: ин сатр ҳазф шудааст.
[252] МИ: баъд аз калимаи "маонӣ" то ин ҷоро надорад ва давомаш чунин аст: обхӯрда бар обхӯрда.

сӯйи он қиблаи аиммаву меҳроби аҷилла суҷуди истиҳбоб ба ҷо меораду рӯйиро аз хоки атабаи олия таяммум медиҳаду қадами хадами хосро аз арақи ҷабин тавзияте тоза[253] мегардонаду дар таманнои он талъати фархунда монанди соими тобистон бар сари обу ташнаи биёбон дар сароб ҳусули давлати васул, чун уламои раббониро дараҷоти улуму фуқаҳои раббониро лаззоти мафҳум сареътар аз нияти таҳримаи намозу таъҷилтар аз таҳорати комила ба маҳалли ҷавоз рӯзӣ бод, мисраъ: бифазли-л-Лоҳи зи-л-фазл-ил-ъазим. Бар ройи анвар намуда меояд, ки саводи рӯшани айн-ул-уламо, ки ба ниёбати сураи *нур* аз машориқ-ул-анвор хабар медиҳад, бар сони найийирайн тулӯъ карду аз он манор наҷм-наҷм дақоиқи тақвим мустафоду мустафоз шуд. Ҳоле, ки бар дида судам, ҳар ҳарфи судманд, ки манофиъи дида буд, нофиъи дилу ҷон шуд, байт:

*وَ مِن نفعِها طابَ اَوقاتَ عَيشى　　كَاَوقاتِ اهل النُّهى مِن منافعِ

Бар забони қаламӣ муборак, ки ноираи зулоли латоифу новадони салсабили лавотиф аст, (170) ҷараён ёфта буд, ки моҷарои ин сӯ машрӯҳу мунаққаҳ дар қайди китобат ояд. Маълуми маҷлиси аълам-ул-уламо бод, ки ба фазли Худованди аллому маёмини ҳиммати олия, алломат-ул-аном фӣ-л-айём, аҳволи инҷониб аз масоили муттафиқ дилосотар асту аз ривоёти муҳаққақ роҳатафзотару подшоҳи одили шаръорой ду дида дар ду айни шаръу адл ниҳода ва дар ҷумҳури оламиён аз он ду чашм ба як назар дида, байт:

*عَلَيهِ عَينٌ عَلِيمِ يَرَى بِعَينِ عَطاءِ　　جَمِيعُ خَلقَتِ اَراض وَ كُلُّ اَهل سَماءِ

Мулук низ дасти бастат чун фақеҳе, ки китоби муқайяд бозкушодаву атоёте афзун аз он чи дар саҳоифи китоб гунҷад, дар канорҳо монанди фавоид дар ҳавошӣ берун рехтаву доманҳои соилонро бар сони авроқи китоб пур аз лаолии манзуму дурари маншур кардаву уламоро ба сабаби идророт мустағриқи истиғроқ, дар таҳсил ба ҳадде шуда, ки мутааллимони оҳод ягонаи рӯзгор мешаванду бад-он дараҷа мерасанд, ки ҳар якро сонии Нуъмону солиси соҳибия тавон хонд ва мавҷи мутабаҳҳири эшон чун сели тунде, ки аз пастӣ ба баландӣ барравад, ба Бухоро мерасад, байт:

*وَ فِى (171) نَوادِرِ تَصنِيفاتِ خاطِرِهِم　　فَصلُ الهِدايَةِ وَ التَّقوِيمِ مِن ماحِياً

Ва аҳволи маъоши вазеъу шариф, ки пеш аз ин аз дили устод бо бухли[254] зинат тунуктар буд, аз тархиси бобаракати Имоми аъзам Абӯҳанифа, *разия-л-Лоҳу ъанҳу*, фарохтар асту аз тавотури боронҳои раҳмат, ки кӯҳҳову қуллаҳоро ғадире кардааст, ки *ло* ятаҳарраку аҳаду тарафайҳи ятаҳарраку-т-тарафу-л-охиру дар мазореъ мазореъи ҳар киште, ки дуруда шуд[255], аз забони ҳар хӯша авроди номияи *анбатат сабъа санобила фӣ кулли сунбулатин миату ҳабба* баланд баромадаву донаи ғалла, ки пеш аз ин ҳаббаи баробари зар мекашиданду дар талаби он бо вуҷуди зар ҳабба-ҳабба хуни дида мечакониданду намеёфтанд, дар ин ҳангом, байт:

*سَنابِلُهُ اِلى جَوِّ السَّماءِ　　تَعالَت كَالاَسِنَّةِ فِى الفَضاءِ

Ва тӯдаҳои ҳубуб дар бозор аз сарбаландӣ мурғро ҳам дар ҳаво дона додаву терозу аз ғалла чун вазни шеър аз қареҳаи фақеҳи кажтабъ маъзул шудаву паймонҳои холӣ чун мутааллими мулзам даҳон боз мондаву паймонаи муҳтакарон пур шуда ва азбаски хӯшаи гандум ба вазн як мани шаръӣ баромада ва фуқарои соилу оил дар савми ло яҷузи маҷоат ба садақаи (172) фитри ағниё ид кардандиву бе он садақа рӯзи идашон ҳам савми зарурӣ будӣ, аз фарохии сол ҳар рӯзашон идест фарох, ки аз ҳалвои ҳалол ба ҳурмати хамри майшум майлашон бештар аст, мисраъ: Аллоҳу тоба алайҳим ва афоҳум. Ва узоти ҳашамро сабаби суннату азавоти байт-ул-мол воҷибе мафруз расонида, ки ҳар ҳама дар сохти зайну зинати соҳат[256] мутафаррику мустағриқ гаштаанду баъзе дар қимори ошкорову майсар афтодаву бозии кавдаҳро, ки аз он уқдаи кавдаҳ душвор берун тавон омад, ба ҳадде пеш гирифта, ки дар он лаъб кавдаҳи сапед бар даст гирифта яди байзо менамоянду моли ҳалолро бо моли ҳаром халт мекунанд, то он моли ҳалол ҳам ҳаром шавад, байт:

Чу оби пок, ки ногаҳ ба оби зишт омехт,
Палид пок нашуд, балки пок гашт палид.

---

[253] МИ: тавзе тоза.
[254] МИ: ин калимаро надорад.
[255] МИ: дар дуруд шуда.
[256] МИ: дар соҳати зайну зинати сохат.

Ва муҳтарифаи ҳалолхор баъзе аз хори сӯзан гули зарин мешикофонанду баъзе санг мекованду зар бармеоранд ва баъзе аз мӯйи хук луқмаи ҳалол меалфанҷанд, ки дар он навола мӯйи ҳаром намегунҷаду баъзе дар муздурӣ хишту санг аз араќи пешонӣ гавҳари обдор мечаконанду (173) ду дирам баҳои он гавҳар меситонанд. Агарчи он гавҳар дар назари халоиқ беқимат аст, аммо дар бозори ҳашр қимати *каамсоли луълуи-л-макнуни* ниҳодаанд, ки ҳар як ба зевари *каъннаҳунна-л-ёқута ва-л-марҷону* ороста шудааст. Фи-л-ҷумла, ҷумла асҳоби ҳираф ҳуруф-ул-қаноати мамлакатро хутбаи хурсандӣ сохтаанду муҳри *ал-косиб ҳабибу-л-Лоҳи* бар сиккаи иззати хеш мезананд, байт:

*وَ طابَ عَيشُهُم مِن اجرِ مكسَبِهِم　　كَعَيشِ ذى ورعٍ يلتذُ بالعمَلِ

Ва дар бозорҳо мардумон аз анбӯҳӣ чун аквори дастор сина бар сина мемоланду аз он ҷо, ки илми байъу широ тарф-ул-лисон доранд, чун аиммаи баҳҳос бо якдигар сару сина мезананду рахту коло багояте арзон, ки ба даҳ дирами шаръӣ чаҳор ҷиҳози арӯсӣ мураттаб шаваду наҳҳоси дарёваше пур аз ҷорияи ороста, ки бо ҷиҳози ҳаммол ба даҳ танга чун сипари моҳӣ ва ё ба ду сипари дувоздаҳмоҳӣ аз он дарё моҳии соқе дар канор ояд, ки чун муштарӣ, байт:

*رأى مِن ساقِها صُنعَ الاِلهِ　　تَحَيُّراً اِستهامُ قالَ ماهِى

Ва ҷома бағояте арзон, ки карбоси латифу тунук, ки агар мутааммиме сад газ бар сар печад, мӯяш дар таҳи он бар мисоли рақами ҳарф аз даруни (174) коғази ҳарирӣ берунсӯй намуда шаваду ҷузв-ҷузв аз рашки он ҷома коғазин пӯшад, газе ба ду дирами рикобӣ тавон харид, шеър:

Ҳам бар ин кун қиёс ҷома дигар,
Беҳ аз ин сад намат аммома дигар.

Шумори пухту ҳавоиҷи хурдпухту мояҳтоҷи дигар, ки ҳамгинонро чун мутааллимро китобу мутасаввифро мусалло ҳоҷат бошад, дар дуконҳову растаҳои бозор беш аз савоби илм дар растаи уламои росткору саҳлбаҳотар аз амали риёи норостон дар назари фуқарои росткор ва арбоби таҳсилро аз ҳуруфи парокандаи идрор маҷмӯе фароҳам омада, ки ҳар як аз ҳосили хеш ҷомеъи "Канз"-у "Захира" шуда. Фи-л-ҳосил, аз ин тараф ҳар мардум чун қалами қазо дар ҳукм муҳкам осудаасту ҳар коре аз ҳукми қозӣ дар байинаи муҳкам осудатар, назм:

*عَلَى النَّاسِ شُكرُ النِّعَمِ واجِبٌ　　كَشُكرِ الدِّراياتِ عَلَى اهلِ التَّعَلُّمِ
وَ هذا بابٌ آخَر مِن فُتوحِى　　فَيا كَنزُ العُلومُ اِسمَع شُروحِى

Дигар, маълум гардонида мешавад, ки қозии Умрон розӣ аз моли музаккои хеш масҷиде бино кардааст, ҳама аз санги мармар. Ҳар сангаш гӯӣ пора аз марвориду қитъа аз (175) марҷон ба ҳам пайванд кардаанд, то номи мармар бар он дуурст шудаву Сафову Марва дар оинаҳои он иморат бар ваҷҳи мусаввар рӯй намуда. Ва имом Имомуддини Қиёмиро, ки дар иқомати фароизу сунан пиндорӣ ҳама зот сурати намоз асту ҳадиси *ас-салоту ъимод-уд-дин* дар ҳаққи қомати ӯ исботи бунёдӣ ёфта, имомати он масҷид дода; он имод дар масҷид чунон ҳозир аст, ки яке аз сутунҳои он масҷид гаштааст. Аммо муаззинест майхора, ки чун ба масҷид дармеояд, аз бӯйи даҳонаш сутуну баракаи масҷид, ки сандале тибу удивоманд, гандагиёҳ мегарданд. Аҷаб муаззине нохушовоз, ки фаришта аз бонги ӯ рам хӯраду иблис дар ракс ояд, салоташ дароз асту қоматаш аз он дарозтар. Ҳамоно бағоят ҳарами ӯро дар Каъбаи муҳтарам мадхал додаанд, ки он ҳаромхор ҳаромона хӯрда, дар он байт-ул-ҳаром дармеояд, таъдибу таҳдиди шаръ бар вай воҷиб аст, балки фарз. Касе нест, ки он қомати бенамозро ҳам дар он мақоми иқомат ҳад кунад. Ин ҷо касе қозиро аз ишрати муаззини давр нахоҳад расонид, магар хидмати мавлоно аз фасоди (176) муаззине, ки аз овозҳои баланди хеш худ ангушт дар гӯши худ мекунад, қозиро алам диҳад, ки эъломи шаръ барои дафъи мафсадат айни маслаҳат аст, байт:

*واللهُ مُصلِحُ كُلِّ ذِى الافسادِ　　وَ بالصَّلاحِ مُوَفِّقُ العِبادِ

Ноиби қозӣ, ъасимаҳу-л-Лоҳу ъан ноиботи-л-қазо бар он буд, ки бар вай ним ҳилат лат орад, аммо субҳе ҳабашӣ Хоҷа Ҳарам ба инояти муаззин пайдо шуда, рӯй ба одоғгӯй бар мӯзаи сиёҳ масҳ кардаанду мӯйи чун хатти мусалсалнависон қиболаи печ дар печу бинии чун сарпӯши офтобаи чармӣ гард нишаставу лабе гӯӣ даҳони деврo девча гирифтааст. Бар ноиби қозӣ чун дуде, ки бар оташ барояд, омаду он мафсидаро аз адаби

қозӣ халос доду аз сиёҳии рӯйи хеш хатти дарс бар саҳоифи китоби “Адаб-ул-қозӣ” кашид. Хаҳе, Сабиҳи Ҳабашӣ, ки даҳони дурӯғзанаш миёни рӯйи сиёҳ хандаи субҳи козиб мекунаду муаззинро ба вақти субҳи содиқ, ки ҳангоми *қад қомати-с-салот* аст, бо қаду қомати бесалавот ба ҳарифии сабӯҳии имомат медиҳад. Аҷаб Сабиҳе, ки (177) дар номи хеш иллатеро ба иллате бадал кардаасту нафаси субҳро нақши сабӯҳ дода. Агар дуо кунем, ки рӯяш сиёҳ бод, он худ ҳаст, байт:

Лекинаш ин дуо кунем, ки зуд
Байяза-л-Лоҳу ваҷҳаҳу би-л-барас.

Дигар, арза меафтад, ки набисагони Мавлоно Камолуддин фароизе дар илм комилтар аз ҷад хостаанду чун навофилу сунан, ки мукаммалоти фарзанд, мукаммали авсофи камолӣ шуда, магар ду набиса: яке Рукни пашша, дувум Имоди анкабут, ки ҳарчанд ҷад бар эшон мегӯяд, ки *хайр-ул-ҳафиди ман юҳафид-ул-ҷадда* эшонро кибре дар сар афтодааст, ки бар рӯйи ҷаддуҳум суфа менамоянду куфре бар забон меронанд, ки мо дар дуои қунут ҳам наҷафида нагӯем. Дар ин маънӣ нуқтаи сувайдо бар асрори хеш гумоштаанду медонанд, ки он асрор бар эшон азрор шудааст, ҳамчунон бар музирри хеш мусирранд. Як набераи ӯ, ки ба Рукни пашша маъруф аст, бориковозест, ки бар рӯйи ҷад баҳс мекунаду дар он баҳс хуни ҷадди худ мехӯрад, ки сари магасе аз он муроҷаат намекунад. Як рӯз дар ин масъала баҳс буд, ки агар мағасе дар коса афтад, чӣ бояд кард? Ҷаддаш чун ҳанафӣ аст, гуфт, ки дар як пари ӯ заҳр асту дар дувум пар тарёк, (178) фуруд бояд бурду барбояд овард, то заҳру тарёк ҳарду дар коса мутасовӣ шавад, мазаррат накунад. Набера амдан барои изои ҷад ҷиҳати шофиъӣ гирифту хӯриш бар худу бар ҷад заҳр кард, байт:

*يلطمُهُ الزمانُ بسِرِّحَقٍّ     كما نظلمَ الأناسُ بقتل بَقٍّ

Набераи дигар, ки Имоди анкабуташ мегӯянд, ӯ низ бо ҷад ба масоили имтиҳонӣ пеш меояд. Рӯзе каруше дар хум афтода буд. Ҷад ба тариқи шафқат гуфт: бад-ин об вузӯ макун. Гуфт: дами соил надорад. Ҷад ҷавоб дод, ки ҳар чӣ хуни соил надорад, муфсиди об натавонад буд, аммо кароҳияти табъӣ чунон иқтизо мекунад, ки ин об истеъмоли мазмазаву истиншоқро нашояд. Боз ҳамин Имоди анкабут аз ҷад ҳамон дами соил шуд, ки дами соил чӣ бошад? Ҷадро аз дами он соил хун дар ҷӯш омад, ба тариқи истеҳзо мегуфт: дами соил туӣ, ки хуни манӣ, аз ман ба батолат соил шудаӣ. Туро, ки Имоди анкабут мегӯянд, дар об ғарқ шавию бимирӣ чӣ мегӯӣ? Дами соил надорию он об истеъмолро шояд? Ва Имоди анкабут аз ин масъалаи номуваҷҷаҳ тафт шуд. Магасвор сар ҷунбонидан гирифту тафаннуне гуфт, ки туро дар ҷамъи аимма нишастан ҷоиз нест, зеро ки (179) бар андом доғҳои сапеди бурс, ҳар як ҳамчанди хонаи анкабут, дорӣ. Ҷад аз ин ғазабу ғусса дироа дошт, ҳам бар сони хонаи анкабут латифу тунуку сапед, ки агар магас бар ӯ нишастӣ, билағзидӣ. Аз дасти набера ҷома пора кард, андоме пайдо шуд аз ӯ ями ямонии янгрангтар, халқе он валад-уз-зиноро маломат карданд, байт:

Лек агар тифл зода шуд ба ҳаром,
Кай ба маломат ҳалолзода шавад?!

Наберагони дигар мехоҳанд, ки ба қазоҳои қасаботу хутати мутақаллид ишғол шаванд. Чандон, ки ҷад он навофилро мегӯяд, ки шумори иқзо нафармоянд, эшон ҳамин мегӯянд, ки пеш аз ин ҳам дар ин шаҳр чандин сол ба ҳукми подшоҳ нофиларо қазо буду ин ривоят ҳам аз девони салтанат аст, ки яҷузу ли-с-султони мо ло яҷуз лиғайриҳи. Ба фатво қалби сина би-л-қазо қазо кардан[257] бар мо чунон фарз аст, ки қазо кардан бар мо дар фарзи мардум, ки қазои осмонӣ барои ӯст. Агар қазои замин ёбад, аҷаб набошад. Боре, дар ин кор шурӯъ хоҳам карду иҷтиҳод хоҳам намуд, чи тавон кард чун, байт:

*قضا اللهُ اشغالنا بهذا     فكيف يفرُّ من حُكم القضاء. (180)

Кошкӣ, Мавлоно Камол кам ол будӣ, ки комилон ҳамин зоти ӯро алоҳида сифат кардандӣ. Гуфтандӣ, кассара камолаҳу, на он, ки мегӯянд, би-л-касрат камолуҳу. Ва агар камоли мардумӣ кул асту[258] обе ҳам дорад, аммо он авлод обаш бурдаанду ӯро кали бе об

---

[257] МИ: синаи мо қазо кардан.

[258] МИ: ва гарчи камоли мардумӣ гарон асту.

гузошта. Аҷаб фарзандоне, ки об аз ҳалқи Камол берун бикашанду ӯро кал кунанд. Мо миёни камол медонем, ки истиҳбоби навофил наздики ӯ фарз аст, чунонки тарки фарз тавонад карду тарки нақл[259] натавонад, назм:

*جدّ لهُ حُبُّ النّوافل دائماً فعلی النّوافل کالفرایض حُبُّهُ

و من النّوافل من یُخالف جدّهُ منهُ تبرّاً

**Дигар**, муқаррар гардонида меояд, ки малик-уш-Шарқ Шамси Нимрӯзӣ, ки пеш аз ин рифъати илми ӯ вилоятеро соя карда буд, дар ин вақт он мизаллаи раҳмат ду вилоятро соя кардааст. Яъне, сояи рифъати[260] ӯ аз он чи буд, дучандон шудаву ин усри асри ӯст ва акнун, ки рӯзаш ба охир расидаасту офтоб ба зардӣ мондаву наздик шуда, ки ба намози мағриб рӯй бар замин ниҳад, писари золимаш Асили асвад, ки сояест аз он офтоб зода, аз рухсати вуҷуди (181) торик бар он азимат аст, ки ин Шамс агар зудтар ғуруб намояд, ин соя ҳама рӯйи заминро фаро гирад. Ҷамоате перомуни ӯ ъайни ъишоро фатҳ додаанду ӯ бар он ъашоиён ҷаре намеронад, ки ъишои эшон ба ъашо бадал шавад, яъне ҳама дар гузориши луқма мекӯшанду аз гузориши намоз коҳиланд. Намози хуфтанро хуфта мегузоранду, ҳангоми намози бомдоду мусалло чанг намезананд, балки дар мусалло чанг мезананду намози пешинро чунон макрӯҳ медоранд, ки гӯӣ заволашон меояд. Намози дигар худ намегузоранд, мунтазири онанд, ки вақте адо кунанд, ки ғуруби шамс шаваду шоми ӯ бихӯранд. Намедонем, ки баъд аз малик Шамсуддин ҳолҳо бар ӯ чӣ анҷомад, байт:

*اذ غرب الشّمس و لاح الاصیل قد ظهر اللّیل بهذا الدّلیل

Ин асилро аз се сухан ду чунон бошад, ки агар бишапланд, хуни фосид-ул-кизби ҳайз-ур-риҷол фурӯ резаду як сухани ростмонанде бувад, он худ пиндорӣ туҳуре бувад миёни ду ҳайз, ки он ҳам намозӣ набошад. Мавлоно Наҷми Зиё, ки нури анҷумани асил аст, ҳарчанд асилро рӯшан мекунад, ки дар саводи кизб ҳаргиз рӯшноӣ набошад, ки агар субҳи каззобро фурӯғе (182) ба сидқ будӣ, фарзи Худой он ҷо ба ӯ пайвастӣ. Ҳам бар сони субҳи каззоб хандаи музаввар мекунаду мегӯяд, ки дар ин субҳ, ки морост, агар рост мебояд гуфт, рукӯъи чангу суҷуди сурохию қиёми соқиву қаъдаи қуроба бо ҷамоати фасақа ба фатвои Азозил бар мо фарзтар аз он аст, ки ба тоати риё рӯй аз меҳроби абрӯ сӯйи меҳроб орему самоъро барои самъаву зарқ ва ба ҷиҳати ризқ аз даст бигузорем, назм:

Аз қазо он чи рӯзии мо шуд,
Рӯзии хеш оқибат бихӯрем.
В-он чи не ризқи мост, худ нарасад,
Пас ҳамон беҳ, ки ёди он набарем.

Эй фақеҳе, ки панд мегӯӣ,
Ки раҳи фисқу фитна кам сипарем,
Мо, ки гунҷишки паркамему заиф,
Кай тавонем домро бидарем?
Ин рақам чун зи дафтаре дигар аст,
Дам мазан, баргузар, ки баргузарем.

Алғараз, зоти мунаввар-ул-офоқ[261] Шамсуддавла, ки талъати музии ӯ ба лавомеъ-уш-шияби нурӣ бағоят рӯшан гаштааст, гӯӣ аз чашмаи хуршед рӯй шустааст. Ё Раб, ки то субҳи соат аз тағайюри завол дур бод. Он пораи нур ба сабаби зулмати ин асил[262] ҳар бор дар замин фуруд меравад (183) ва ҳар бомдод теғ кашида бармеояд, ки хуни Асил шафақвор бирезад. Аммо ҳар гоҳ шамс толеъ шуд, Асил дар ҳуҷраҳое мехазад, ки офтоб он ҷо расидан натавонаду аз бас торикӣ ифтор[263] дар ӯ ҷоиз тавон дошт ва зоҳидонро ба шаробу шоҳид ифтор мекунонад. Баъд аз он ки офтоб аз сари ҷаҳониён биравад, ҳамин Асил он чашмаи меҳрро чароғ пур карда хоҳад ҷусту дарнахоҳад ёфту маълум хоҳад шуд, ки олимеро аз асил чи торикиҳо рӯй хоҳад намуд, байт:

---

[259] МИ: навофил.
[260] МИ: раъфат.
[261] МИ: малик-ул-офоқ.
[262] МИ: асл.
[263] МИ: ифтори рӯза.

*أبقى الاله وجود الشمس ملتمعاً    حتّى يبيت أصيل المظلم مستوراً

Корфармои хонаи малик, ки Мавлоно Ҳабибаш мехонанд, аз нақши ӯ боз метавон хонд, ки хабис аст. Даҳонаш риши кушодаро монад, ки доим палидиҳо аз он метаровад ва намозҳои ӯ ҷоиз нест, зеро ки оби даҳонаш ба ҳадде палид аст, ки агар ба ҷома расад, то набуранд, пок нашавад. Худро сиём-уд-даҳр мепиндораду ҳама рӯз аз ғайбат гӯшту пӯсти бародарони мӯъмин мехӯраду хуни бародар аз шири модар ҳалолтар медонаду рӯзаи худро, ки ҷуннат[264] мина-н-нор мепиндорад, тобаи оташин аст ба ҷиҳати пухта кардани нони хеш. Оташи ҳирс тез карда (184) дақиқаҳо меангезад, ки, албатта, ҳар ҷо касе ҳаст, гирда танӯри гарм мебандад. Ва ӯ низ барои маликзода Асил монанди абри сиёҳ, ки шаби ялдо рӯзи зулмат мумад шавад, ҷиҳат мегираду мегӯяд, ки агарчи малик Шамсуддавла субҳхезест дастнишин, аммо аз тарафи Ато амири бомдод аст. Закоти ганҷи хеш заре медиҳад, ки он зари дом аст, аммо Асил аз Шамс агарчи як қурси хур робитаи ҳаррӯза меёбад, ҳам бад-он миқдор худро аз миёни халқ сапедрӯй медорад, шеър:

*أدام الله ذا رفد وجود    يصيب نصيب كلّ من يصيبه

Кайфияти хонаи малик Шамсуддин ин буд, ки ба шарҳ пайваст. Аммо нуктаи дигар ин аст, ки Мавлоно Сироҷи Нурӣ, навварахӯ-н-нур абадан, ки чанд мутааллими оташтабъ аз забони ӯ иқтибос кардаанду аз ӯ дуди чароғ хӯрдаву фавоиди забони ӯ дар Шому Мағриб рӯшан шуда, шабе имом Бадруддин пеши ӯ нишаста, сабақи "Қадурӣ" мехонд. Ин масъала дарафтод, ки рӯғани чароғ хӯрдан раво бошад ё на? Ӯ гуфт: раво акобирано ъан акобири, ки раво бошад[265]. Бадр ба тариқи танз огоз кард, ки (185) Мавлоно Сироҷуддин, ин ривоят раво ҳаст, дар "Фатовои сироҷӣ" дида хоҳад буд. Боре, дар "Фатовои хонӣ" дидем, нест, шумори афтодаи хофӣ ҳам тарф-ул-лисон аст, дар он низ талаб кунед. Мавлоно Сироҷ, ки аз нозукӣ тоби нафас наёвард, аз ин гармӣ оташ бар сараш рафту дуд аз сараш баромад. Сӯйи Бадр забон кашида, ки хикҳои ту аз маҳтоби зимистон сардтар аст, худро комили шаҳр медонӣ, аммо нуқсони ту дар ҳама офоқ рӯшан аст. Бар ин намат бо якдигар гарму сардиву фурудболоӣ менамуданд, то ними шаб Сироҷи шуъла оташ шуду сар ҷунбониду Бадр худро гирифта сардӣ мерехт. Бадр бар осмону Сироҷ бар замин, Бадр дар коҳишу Сироҷ дар сӯзиш, Бадр аз бас коҳиш ба салхи хеш тан дардодаву Сироҷ аз бас сӯзиш ба мурдани худ сар ниҳода. Бадр ба тариқи тасаххур аз ин бобат масоил гуфт, ки шумо бар гули чароғ дуруд гуфтан ҷоиз медоред. Сироҷ низ ба тариқ[266] ҷавоб дод, ки агар фатила аз уду анбар суда бошад, ба бӯйи он салавот сӯйи расул, *ъалайҳи-с-салом*[267], тавон фиристод. Аммо агар Бадр катону қасаби касеро пора кунад, тобон[268] аз кӣ ситонанд? (186) Боз Бадр ҳам ба тариқи истеҳзо ҷавоб медод, ки агар бадри фалак бадру маҳтоб каз[269] карда тобон диҳад ва агар катону қасаби мардумонро ҳамчун мани Бадрӣ пора кунад, қасабу катоне чун маҳтоби тобон ёбад. Мавлоно Зиёӣ Мисбоҳӣ ҳозир буд, фармуд, ки ин масоили бадру сироҷ на бар осмон Бирҷисро рӯшан бувад, на бар замин сироҷи уматӣ Абӯҳанифаро, шеър:

*وهذا من فقاهتنا بعيدٌ    كنور البدر من نور السراج

Дареғо агар миёни уламои мудоҳину мутаҳҳар мизоҷи обу рӯған набудӣ, оқибат дар суҳбати уламои мутаҳҳар уламои мудоҳин ҳам пок шудандӣ, чун доғи рӯған, ки аз об шӯянд, пок шаваду баръакс нест, байт:

Ки ҷомае гар зи оби палид гашт мулавван,
Агар ба рӯған шӯянд, ҳукми туҳур напазирад[270].

**Дигар**, чун бар замири азҳар, ки аз ҳар ҷое илму адаб аст, эълом намуда меояд, ки Шайх Зиёуддини Сӯфӣ, ки пирест нуронӣ, ло зола мунавваран, дар вузӯи таваккул даст аз дарёи дунё шустаасту марофиқ тар карда, бо покон чун тахлилан собиъ ҳампанҷа шудаву

---

[264] МИ: ҳуббат.
[265] МИ: равост.
[266] МИ: Банда Бадр низ ба тибат.
[267] МИ: сала-л-Лоҳи ъалайҳи ва салам.
[268] МИ: тобон, яъне товон.
[269] МИ: кун.
[270] МИ: Ки ҷома, ки чи аз оби палид гашт мулаввас, Агар ба рӯған шӯянд, ҳукми таҳур пазирад.

руйро аз олоиши обрӯӣ ғусли назоҳат додаасту даст дар накӯиҳо бурда, чун тахлили (187) маҳосин мӯӣ дар мӯӣ карда ва сарро низ ба зулоли латофат масҳи поке кашидаву қадамро то каъб аз вузӯи сафову латофат ҷурби сафват пӯшонида. Маҷлиси эшон, ки тавзии машоих бар ин об кардаасту мегӯяд, ки дарвешро агарчи мурдор мубоҳ шуда бошад, бояд, ки мурдор бинобар худ мубоҳ надораду даст дар он лавс задан чунон душвораш намояд, ки аз римоба мурдор тавзӣ кардан ва балки ифтор бад-он. Ва агар раҳрави тарқадам, ки бар рӯйи об қадам мегузорад, ҳар чӣ дорад тар кунаду ваҷҳи диноре аз данонир карда монад, чунон бошад, ки дар вузӯ динорворӣ аз қадам хушк монаду вузӯ ҷоиз наяфтад. Пас он сӯфиро вузӯи таваккул дуруст набошад. Рӯза, ки дар кароматӣ борон ба обе тарқадамӣ кунад, беҳ аз соҳибкароматe, ки бар об қадам гузораду қадамаш хушк бувад, мисраъ: хуш бод ақдамаш, гар қадамаш тар набувад[271]. Он марди муттақӣ бар ин покии рӯю сипараш, ки бавли ӯсту монанди бавл аз покӣ дар ӯ нутфаи фосид аз падар берун омада, падар аз он ҷигаргӯша хунҳо мехӯраду дев иблисе шуда падарро бозӣ медиҳад, чунонки (188) аз ин нутфа алақа дар шиками падар мунқаъид гашта. Азбаски он ботил дар ҳаққи падар ба хун гувоҳӣ медиҳад, ки падарам ду канизакро аз тезии хашм забҳ кардаасту дар ду чоҳи пирони хона афканда, ин ҳар ду аз онҳо буданд, ки ду ҷория бар он об дар баҳру бар натавон ёфт, шеър:

Байт: *لَيسَ الكِفايَةُ لِلَّذى بِالعِلم      مِن عِلمِهِ فِى البِئرِ يَطرُقُ جارِيَة

Касе, к-ӯ киштӣ андар чоҳ ронад,
Чу киштӣ гарқа шуд, дар чоҳ монад.

Номи ин писар Зайд аст, аммо ринд тавон хонд, балки аз ринд ду нуқта зиёда дорад, ки худро Зайд мегӯяду дар маънӣ зайдест, ки дар ҳаққи падар аз ин бобат мегӯяду бар ин минвол латоиф меангезад, ки падарам аз авлиёи мақбул асту ман дар талаби хуни он ду мақтула аз авлиёи мақбул, то он ду ҷорияро бар рӯйи об наёрам, наистам. Ҳарчанд мегӯянд, ки бад-ин хунҳои дурӯғ домани салоҳи ӯро меолояд, дам-дам аз ин дамдамаҳо бо ӯ маёру равоии тоату намози ӯро ба норавоии ло ҷавоз бадал макун. Ҷавобе нораво мегӯяд, ки, байт:

Чу ӯ густарад з-ин сон бистари хун,
Ба ҷисми ман, валекин хун нахуспад[272].

Рӯзе падараш гуфт: чанд уқуқ варзӣ? Ба навъе[273] огоз кард, ки падарро ба илзом наздик расонанд. (189) Падар фармуд, ки ту ҳам дар баёни уқуқ исботи уқуқ мекунӣ. Масали ту бад-он монад, ки баъзе аҳли тааллум дар баҳси намоз чунон мустағриқ шаванд, ки намози эшон фавт шавад, байт:

Аё фақеҳи муарбад, забон чу шамла дароз,
Қазо шавад чу намозат, чӣ суд баҳси намоз?

Дар ин вақт ақрибо, ки хуну пайванди якдигаранд, дар миён даромаданду он нохалафро бо падар оштӣ доданду гуфтанд, ки чун ту ҷигаргӯшаи падарӣ ҳамдами ӯ беҳ аз ту кӣ бошад. Ҳоле, ки дар хуни падар фатво медод, биёромид, то ҳангоми талаби тавкаи модар, ки қисмати он аз фароиз аст, бо навофили падар дар кадои муомалат шурӯъ хоҳад кард, байт:

*اللهُ يهدِ بِهِ اِلى عَمَلٍ      يرضى ابوهُ عنه و هُو نجا

**Дигар**, аз тарафи ахёри ин тараф ахбор карда мешавад, ки маҳдумзодагон Азудуддину Насруддин, ъазза насраҳумо, бад-он ҷиҳат, ки зону задан пеши устод чун қаъдаи ахира фариза пиндоштаанду сабақи ҳаррӯзаро чун "ат-Таҳиёт" дар қаъда фурудгузошт намекунанд, чунон шудаанд, ки кузотро пеши эшон қиёму уламоро сӯйи эшон рукӯъ ва мутааллимонро бар самти эшон суҷуд воҷиб гашта. Ваҳиди ягона низ чун ракъати витрро бад-он дугона (190) пайвастаасту ба иттисоли он ҳар ду дар маҳалли ҷавоз ридои тамом ёфта. Устоди эшон Наҷми шомӣ низ ҳама шаб ба зоти худ чароғи вақти эшон шуда,

[271] МИ: ҳудуди мисроъ ҷудо нашудааст.

[272] МИ: Чу ӯ гирад бар ин сон бистаре хун,      Ба чашми ман, валекин хун нахуспад.

[273] МИ: баёни уқуқ ба навъе.

саводҳои музламро бар эшон рӯшан мекунад. "Қадурӣ"-ю "Баздурӣ"-ро пухта кардаанд, менамояд, ки баъд аз ин "Ҳидоя" ҳам бар эшон чун роҳи рост мустақим гардад, шеър:

*بمَشيَّة المَلکِ العَليمِ الواهِب وَهبَ العُلومُ الَّذی بمَواهِب

Ин ҳар ду олимзода, зодаҳума-л-ъилм, табъҳое доранд дар ғояти ангезиш, ки ҳам дар илми фиқҳ латоифу наводире ихтироъ мекунанд, ки фуқаҳои хубтабъ онро чун сабақи таълим бар каф карда, бод мегиранду боҳафсмизоҷони даҳанбаста даҳони боз менамоянд. Ин латоиф чун фурӯоти фиқҳ иншиоби бисёр дорад, аммо ин ҷо барои намудор, ба қиёс, ду-се варақи тӯлонӣ арз карда шуд, ки бар замири Мавлоно гузар ёбад, рубоӣ:

*جَنانکَ منهُ يَفرَحُ فی سُرُورٍ تَوَلَّد فی اَبٍ جداً خِلافُ
تَبارکَ رَبُّنا الاَعلَی بفَضلٍ عَلَی خَلفٍ يُعظَمُ منهُ اَسلاف

Байт[274]:

[Дар мусалмонӣ бино чун ҳаст панҷ,
Ин зароиф бин дар он ҳар ганҷ панҷ.

Рақами калимаи улё бар дил, ило мунофиқ, нақшест бар обу ҳамин рақам бар дили салби мӯъмин нақшест бар санг. Ҳар гаҳ аз калимаи шаҳодат удули мусаллам аст алифҳо, шаҳодати гувоҳонро истибдоъ барои исботи имон гӯянд, сидқ аз саодат зуд чунон бигрезад, ки шаҳодати зӯр аз сидқ. Ҳар кӣ аз шаҷараи тайиба боғе шуд, дар боғи биҳишт бор наёбад. Эҷоз дар сухан ба ҳаде писанда аст, ки дар лои алиф. Чун ду ҳарфро яке кардаанд ё он, ки ло шудааст. Бингар ту, ки сари ҳуруфи шаҳодат аст. Ҳар киро панҷаи бани-л-ислом қавӣ гашт, ӯро гӯӣ *яду-л-Лоҳ* ҳосил шуда, ки дасти малак-ул-мавт тавонад печиду шайтонро ба тапонча тавонад кушт. Ва ҳар кӣ панҷаи салавоти хамса халал гирифт, дасти оташ набошад, ки худро аз силаи иблис бозраҳонад.

Сутуни дин намоз асту сутуни намоз қомат. Мӯъмин то мӯъмини ин сутунро нахамонад, ин бино тамом нашавад. Муаззин қоматро дуто кунад, намудори ин маънӣ аст. Намоз меъроҷи мӯъмин асту алифи ихлос нардбони меъроҷ, яъне то сари ҳарфи ихлос набошад, намоз боло нараваду халос дар зери сари ҳуруфи ихлос аст. Гадое, ки панҷ навбат намоз занад, беҳ аз подшоҳи бенамоз, ки панҷ навбат занад. Банда, ки панҷ навбат Худованд кунад, беҳ аз худованде, ки панҷ навбат занаду бандагии Худованд накунад. Мутааббиде, ки сатри пӯшидагиҳои худ намекӯшад, гӯӣ, ки пайи озоре намоз мекунад. Мутасаввифе, ки тоқияи фақрро абрӯ металабад, гӯӣ бар кала масҳ мекунад. Дар тааббуд ҳаққи мустаҳаб беҳ аз давлат, чунонки дар таяммум хок беҳ аз орд. Аз сағоир нафс палид нашавад, чунонки борик ҷомаро ботил накунад. Аммо чун сағойир бисёр шуд, мӯҷиби бутлони вуҷуд гардад, чунонки ҳар гоҳ серишк борид, палид фаровон гашт, кисватро мулаввас кунад. Ҳар кӣ рӯй дар сияҳрӯёни фисқ орад, сияҳрӯй шавад, чунонки дар хуми хамр об андозад, палид гардад. Тинати хабисро муҳри осмонӣ пок гардонад, на айни ваъз, чунонки хокро офтоб пок кунад, на об. Касе, ки аз мол мо кофӣ дораду дар хидмати мулук ду даст бар замин мениҳад, бо вуҷуди об пиндорӣ таяммум мекунад. Аз фурӯдастон бахшиш дар ҳаққи палидон чунон ноҷоиз аст, ки алавиро аз закот додан. Заре, ки ба сайқали закот софӣ шуд, оина гашт, ки суратнигошти наҷот дар вай дуруст бинамояд. Оинаҳои зар ба сайқали закот мусаффо бояд, чунонки мӯрсаворӣ занги ҳаялият дар вай боқӣ намонаду фуқаҳоро дар вай маҷоли дам задан набошад. Закот бар моли норасида нест. Ҳадди закоти расидагон он аст, ки расади эшон ба ҳадди закот нарасад. Ҳар гоҳ закоти мол диҳад, аз бухл чунон берун ояд, ки шароб аз нахлу шира аз нахлу ангубин аз нахл. Ҳар кӣ аз дувист панҷ закот дорад, ба ҳукми *фалаҳу ъашру амсолиҳи он* панҷро Худой панҷоҳ кунаду Худо боз диҳад. Закоти шариат он аст, ки аз ҳар дувист панҷ бикашад ва закот аз боби тариқат он, ки аз ҳар дувист панҷа кашад ва дувист танга чаҳор панҷаҳ бошаду панҷаҳ нақши панҷа дорад. Ҳар киро чаҳор панҷаҳ ба саъй гашт ё чаҳор панҷаҳ ёсини шариат наҳйе аз он мекунанд, то аз саъияти ӯ кам гардад, байт:

Дусад чу ба ҳар даридан чаҳор панҷа шавад,
Нигар, ки тозаду сад алиф чанд ранҷа шавад.

[274] Аз равиши сухан маълум мешавад, ки дар НЛ нома ба охир нарасида, номаи дигар оғоз мешавад; давоми матн аз нусхаи МИ ва дар дохили қулоб оварда шуд.

Ҳар кӣ дар як рӯзаи фарз даҳони худро наҳанг созад, пушти ду пой гирифтор шавад. Ифтори танҳо беҳ аз ифтори танҳо. Рӯзадоре, ки ифтор ба об кунад, оби хуш хӯрад, зеро ки ташнаро шарбати об беҳ аз оби шарбат. Ва соиме, ки ба об муфтир шавад, даҳонаш, ки ҳоле бӯйи мушк дорад, ба ноне, ки фардо бӯйи дигар хоҳад гирифт, аввал наёлояд. Ва чун қалами шаръ ранҷи ҳар рӯз нақши ранҷ додааст, яъне ҳар ҷӣ дар рӯза ранҷ беш, чунонки соҳиб-уш-шариат, *ъалайҳи афзал-ус-салот ва акмал-ул-хаёт*, барои рӯзаи ум-ул-мӯъминин Оиша, *разия-л-Лоҳу таъоло ъанҳо*, фармуд, ки: аҷруки ъало қадари тақаббулуки ва насибуки. Яъне, аз аҷр риҷои қалб ҳосил гардад. Ҳар кӣ сафари серӯза кунад, аз ӯ сирӯза сафар кунанд, беморе, ки чизе хӯрдан натавонад, ӯро рӯза хӯрдан фармоянд, то ҳамон хӯрдани рӯза доруи сиҳҳат шавад, парҳезгористу Худои меҳрубон бандаи бемор аз парҳезгорӣ ҳам парҳез фармояд. Барои сиҳҳат бубин, ки меҳрубонӣ дар ҳаққи банда то чи ғоят бошад. Соимро қурси хур, ки дар шикам меравад, офтобе мешавад дарунафрӯз. Рӯза, ки чун офтобро чун сипари оташ ҷилва мекунад, намудорест аз ҳадиси *ас-савму ҷуннатун мина-н-нори*. Яъне, андак гармӣ аз ин сипар тоб мебояд овард, то аз ин сипар гармии он оташро сипарӣ кунад, шеър:

من لم يحصّل جُنّةٌ من صومِهِ      و اللهُ حصّلَ جُنّةٌ فِى نفسِهِ

Кабӯтаре, ки гирди сари Каъба гардад, бисёр бошад, кабӯтари масҷиде мебояд шуд, то Каъба гирди сари ӯ гардад. Ҳоҷии сангдилро аз қурб Каъбаи сафо ҳосил нашавад. Магар номе, чунонки кӯҳи Сафоро аз қурби Каъба ном Сафо. Дили сиёҳу сангинро дар даруни масҷид аз масҷид огоҳӣ набошад, чунонки санги сиях дар дили Каъба аз Каъба хабар надорад. Дарёву биёбонро дар роҳи Каъба қатъ кардан саҳл аст. Дарёи манию биёбони тинатро дар хеш қатъ мебояд кард, то ба Каъбаи мақсуд расанд. Ҷуҳуд агар дар Каъба дарояд, эмин гардад. Исмоилеро агар чоҳи Замзам шӯянд, чоҳи Исмоил нашавад. Ҳоҷатҳо аз байт-ул-Халил раво шавад ва халиле, ки дар байти ӯ ҳоҷате раво нашавад, онро байт-ул-халил хонанд. Мӯъмине, ки сӯйи Каъба тиҷорат равад, рӯй дар Каъбаи мол дорад, на дар Каъбаи маол. Пас гӯй, ки бар ду Каъба иҳром мебандад ва ҳар кӣ ду Каъба мегирад, имонро ба каъбатайн мебозад. Муқомирро мусалмон натавон гуфт, зеро ки ҳоҷат аз ду Каъба мехоҳад, яъне каъбатайн, байт:

Измор нест ишқи асирони каъбатайн,<br>Гар худ даруни байти атиқ аст ҷонишон.

Кайфияте, ки пеш аз ин дар номаи фармон буд, дар қалам омаду он чи баъд аз ин маълум гардад, *сабақан фасабақан ва сафаран баъда сафарин* дар бандагии бандагони Мавлоно аз доди шубҳати казибаи таҳрир пайвандад:

انشاء خالقنا على كلّ الورى      قلمُ القضاء بامرهِ ابداً جرى

Таърихи ом аз масъалаи фақоҳат мубарҳан хоҳад шуд, яъне якеву бист баъд аз ҳафсад.]

**Нома ба истилоҳи фиқҳу назари мамзуҷ. Нисбати мухталифу бештарӣ нисбати ъайн.**

**Унвон**. Ба ҳусни назари Мавлоно Имом, айн-ул-миллат ва-д-дин, айяна маҳаллаҳу ъало раъси-л-уламо, (191) манзур гардад.

**Таҳмид**. Ал-ҳамду ливоҳиб-ал-улуми, ҳува муъиззу аъёни-д-дироятиҳи, назм:

*يا عينُ ذاتِک صدرُ کلّ مواردِ      کالعين تطلعُ مِن عُلاءِ عطاردِ<br>روحِى اليکَ کما غداً متعطّشُ      صيفاً الى عين الزلالِ البارِدِ

То хоби уламои бедор ибодат бувад у бедории уламои хуфта дидаи бедори Мавлоно Имом, айн-ул-миллат ва-д-дин, нур-ул-ислом ва-л-муслимин, зиё-ул-мулук ва-с-салотин, муқлат аъини, судуру-з-замон, мунши-юл-манозир фи-д-даврон маъа соири авсофиҳи-з-зоҳира ба нури дироят фариру куҳли ривоят мустанир бод. Назари илм ҳар лаҳза дурбинтару илми назар ҳар ламҳа матинтар, байт:

Ба умӣ расуле, ки сарчашма ёфт,<br>Зи илм-ул-яқин в-аз айн-ул-яқин.

Дуогӯзодаи қадим Олими Ҳамадонӣ, ки дар ихлос он айни сафое дорад, аз мои ҷорӣ бешабаҳтар хидмате, ки аз такрори дуо алам диҳаду мидҳате, ки аз такрири сано ҳадис гӯяд, сиёҳии дида бар баёзи саҳифаи орзумандӣ савод мекунаду муқаррар қариҳаи айнӣ мегардонад, ки аз ин ҷониб ба фазли улом, ба ҳаққи сабақи мурод, ба ҳавошии завоид

оростаасту аз саҳоифи маоши ҳуссод рақами фавоид коста, аммо баҳси шавқ дар садри замир ба ҳаддест, ки суннатуҳу[275] аз пухтани даруна чун нуктаи ноқисон аз чарҳи комилон (192) мутахалхил[276] гаштаасту гиряи тааттуш бар сафаҳоту ҷаннот гӯӣ масеҳи мӯза аст, ки сешоха меояд, байт:

*أرجوُ مِن الرَّحمن مَسحُ حَفافِه    يَمَسُّ عَينى بَل بِدَمعى غَسلُها

Хулосаи фиқҳи ариза он, ки аз ин тараф мулуку судурро истиғроқ дар масоили шариату фурӯ шудан дар ғаври он бисёр аст ва ҳеҷ рӯз нест, ки масъала бар ин об дар маҷолиси бузургон намеафтаду ҳар кӣ даст дар вай шустан дуруст медоранд, аз саҳоби ободии эшон тартибеву талаттуфе махсус мешавад. Мутааллимоне, ки аз шароеъи илму илми шароеъ андак оби даҳоне доштанд, бештарӣ аз эшон бе он ки соил гарданд, бар сари идроре шуданд, мутабаҳҳирон худ аз талотуми амвоҷи пурдилони дарёкаф тарашшуҳе ёфтанд, байт:

Ки гар қатра буданд, дарё шуданд,
Ба дарёфишонӣ муҳайё шуданд.

Агар хидмати Айнулмулк[277] ба мусоаати тамом бар ин ҷониб ояду рашҳе аз файзи маонии хеш мутарашшаҳ гардонад, воҷиб кунад, ки бузургони ҳазрат монанди оби вузӯш бар кафи даст карда доранду чун масҳи сар бар тораки тафохур ҷош созанд. Маслиҳат дар он аст, ки баъди мутолааи ариза азимати ин тарафро ҳусни тасмим арзонӣ дорад (193) ва аз забони ҳуссоду хабоиси ахиссо андешаманд набвад, ки сармояи фазоили он айни ҳукми дарё дорад[278], ки ба ҳеҷ олоише мулаввас нагардад. Аҷаб набошад, ки ба муҷарради вуруд дар ин варди муваррад оби ду ҷӯй равад, байт:

*وَ يَتَهَجَّمُ التَّعَلُّمُ اهلِ علمٍ    عَلَيکَ کَما عَطاشُ حَولَ عَينٍ

Ва агар иттифоқи он бошад, ки ҳамон ҷо зовияи узлат ба нури тоат рӯшан дораду дар маҷлиси мулук ба ҷиҳати парвонае рӯғани чароғе, ки аз косаи сари мазлумон берун рехтаанд, косаи каҷо ба ҳам нашаваду барраи бирёни узому судурро ҳам ба аиммаи узом бозгузорад, байт:

*وَ يُرجَى وَ لَو يَدوُمُ جَوًى    بِشَعِير كَما الطُّيورُ الجو[279]

Дар он худ ҳеҷ доное манъ накунад, магар касе, ки *мониъ-ул-хайри муътадин асим* бувад. Агарчи суратпарастон иҳроми хидмати салотину мулукро чун тавофи байт-ул-ҳаром маҳалли ҳурмат мениҳанду масали *ҷоваза баҳран ва мулкан*ро аз масоили шариат бештар об медиҳанд, аммо доъӣ хос аз он ҷо, ки қоидаи нишасти аҳли суфа мушоҳада кардааст, ки эшонро ҳама дунё ба ҳинаби ҳуҷраи хилвати хеш байт-ул-халое менамояд, ҳамагии аиммаи суннатро воҷиб аст, ки бар мадориси пурғавғо тасаддуру такаббури рақами тадрис даркашанду саводи (194) нуқтаи ҷоҳ, ки сиришкест сиёҳ аз хулоби тинат бар домани ғурури эшон нишаста, ба чашмҳое, ки дар магоки тазарруъу тавозуъ аст, чун наҷосати муғлиза пок бишӯянду адоҳои мулукро ба қиёму қуъуди ибодати Маъбуд иътизор кунанд, байт:

*لَعَلَّ اللهُ يُنجيهِم بِفَضلٍ    مِن اَعمالٍ تَدُلُّهُم لِنَجاة

Ин доъии маҷлис, ки айнеро, ки доиман дар тоату тааббуд аст, ҳаргиз тарки мусоҳабати асҳоби давлат ҷоиз надоштӣ ва сӯйи инзивову инқитоъ далел нашудӣ, агар сафову аҳволи Хоҷа Саъиди Сӯфӣ рӯшан накарда будӣ, байт:

*رَغِبَ الغَنِيُّ اِلَى العَتِيقِ بِلَونِهِ    ما دامَ لَم يَعرِف بَهای زَبَرجَدِ

Ва ин моҷаро чунон буд, ки чун дар ин вақту дар чунон гашт, ки кори аиммаву уламо гардон шуду ҷумҳури аҳли дастор ба амри халифат-уз-замон бар сабили татаввуъ дар қаср ҷамъ шуданд, то ҳадде, ки ҷулаи шаҳр, ки аз қасабот гурехта буданду дар мисри ҷомеъ расида ва гоҳе бар ду фил мустағриқ мемонданду гоҳе бар боми такрор мутанаса мекарданд[280], байт:

---

[275] МИ: сина.
[276] МИ: мутахалал.
[277] МИ: агар хидматӣ Айнулмилал.
[278] МИ: аз пайвандаки “ва” то ин ҷоро надорад.
[279] МИ: ҳудуди байт мушаххас нест.
[280] МИ: бар бом пушта мекарданд.

Такрор танидан аст, шак нест,
Дар диққати ҳамчу мӯй борик.

Чун аз ин фиқҳ илм ёфтанд, ки агар шамабандист[281], (195) мӯйи борик чун фиқҳи илм мебофтанду агар шамлабандист, илми аммомабастанӣ ба ҳила медонанд, ки аз хизонаи мавфура ба чобукии насиҷу хазиш мушарраф гардонанд. Бо он ки тааллуқи эшон ҳаме найи ҷома[282] сари таъликҷе доштанд, ҳаваси қасабашон дарпечид[283]. Агарчи арақ бад-эшон чун риштаи ноҳамвор лоиқи дастор набувад, маъа ҳозо, ба дари сарои салтанат ҷое, ки ҳар яке чун Ҳаририву Ғаззолӣ коргоҳи борикиҳои хеш кушода буданд, эшон низ риштатобе, ки доштанд, пайванд мекарданду тору пуди уруқу аъсоби худро олуда ба дақиқаҳои илм бар бофте бар маҳал менамуданд, байт:

Бӯ, ки ёбанд он қадар обе,
К-аз найи хома тар кунанд онро.

Фи-л-ҷумла, ҳар куҷо дар шаҳр аз аҳли тааллуму тааммуму зумраи тасаввуфу тасаллуфу хондаилме ва ё хонанда ҳарфе буд, хондаву нохонда ба дари сарой хонда, подшоҳони аълам-ус-салотин, халифат-уз-замон нониву дурушитиву[284] такририӣ такрори даводав пеш гирифтанд, байт:

*قد اجتمعوا خبابَ القصرِ طرآ    كما كُتِبَ الفَوائدُ فِی الحَواشِی

Ба ҷуз Хоҷа Саъиди Сӯфӣ, ки ҳарчандаш гуфтанд, ки аз тафоуди доим чун мои ҷорӣ сӯйи машраъи комию машраби муродӣ майл бояд намуд, ҷавоб дод, ки агарчи мардумро аз рӯйи башарият (196) тани хокию дили обӣ аз бетобӣ маҷрӯҳ мегардонад, аз он ҷо, ки ҳасри сабрашон муҳкам барбастаему ба андак обрӯй чун масҳ бар чеҳраву лабу тобе чун муҳр бар нома басанда карда, обрӯйи худро монанди оби мустаъмал дар хок нахоҳам рехт ва сар, ки худро ба намаки султонӣ хамира накарда. Зеро ки агар як дирами султон дар сад дирами дарвеш дарояд, ин яке аз он сад ҳалол нагардад, аммо он сад аз ин яке дар дари шубҳа афтад. Чунонки агар қатраи наҷосат дар хуми оби пок чакад, он қатра пок нашаваду оби хум ба тамомӣ наҷас гардад ва агар зарраи заҳр дар сабӯи ангубин афкананд, заҳр хосияти ангубин напазирад, аммо ангубин мизоҷи заҳр гирад. Чун ҳол ин аст, куҷо раво бошад, ки барои чанд дирами ҳаром, байт:

Ба хокбӯси дари шаҳ ниҳанд рӯ бар хок,
Чу он дирам, ки бар вай замин шумор кунанд.

Гуфтанд, ки подшоҳ сояи Худост, бар замин, ки сояи Худой мебошад, агар ба таъзим кӯшанд[285], чӣ зиён дорад? Ҷавоб дод, ки ин таъвил асту дар ин ҳадис сухане бисёр, мо низ тавонем гуфт, ки чун пайғамбар, алайҳи-с-саломро соя набошад, Худойро соя чигуна ҷоиз тавон дошт, ки агар ин ҳадис (197) аз расул тасдиқ кардем. Аммо чун бад-ин калимот эҳтиёҷе надорем, байт:

Гуфти бе ҳоҷат раво набвад, чунон-к
Дар намозе чоштгаҳ бонги намоз.

Аммо сухане, ки бад-он муҳтоҷам, ин аст, ки расул аҳли дунёро муто хондааст. Пас пеши тахти мулук ҳар кӣ ду даст бар хок мениҳаду рӯйро ба саҷдаи хок олуда мегардонад, гӯӣ, ки таяммум мекунаду намози ҷаноза мегузорад, мисраъ: на он таяммуми ҷоиз, на бар ҷаноза суҷуд. Ва давидани фақирон бар дари дарёваши салотин барои ду кор аст: ё барои обе, ё ба ҷиҳати ноне. Агар дарвеш миёни халқ обе надорад, ки рӯйи шуста тавонад зист, гирди дари зовияи тааббуд, ки рӯю дасту пояш бастааст, ӯро ҳамон обрӯй басандааст, байт:

Ки таяммум нигаҳ тавонад дошт
Ҷойгоҳи вузӯ чу набвад об.

Ва агар барои нон медаваду чун бар Худойи хеш ба ноне эътимод надорад, байт:

Сазои ӯ гар аз ман рост пурсӣ,
Ҳамон беобии нон хостан бас.

---

[281] МИ: шӯълабандист.

[282] МИ: Баъд аз ин: бувад, аммо чун банӣ хома таъликҷе низ таъликҷе доштанд.

[283] МИ: дар сар печида.

[284] МИ: дарсиву.

[285] МИ: бӯсем.

Гӯшанишине, ки таваҷҷӯҳ ба Худой карда бошаду дилаш барои нафақа бар дари султон давад, ба сойими акул монад, ки таҳримаи намоз пайваста буваду хаёлаш перомуни дуконҳои хаббозу ҳалвоӣ гардад, байт:

Басо рӯзадоро, ки ӯ дар намоз
Дилаш дар пайи хӯрди сиру пиёз.

Гуфтанд, ки агар касеро ба атияи осмонӣ симе монанди оби осмон поку покиза ҳосил шуд, онро ҳароина чун оби вузӯи сӯфӣ ба сурфаву маҳал ба ҷой орад, на он, ки бедареғ харҷ кунад, мисраъ: каман кона фӣ Диҷлати яғсилу. Ҷавоб дод, ки сармояи рӯзӣ чашмаест зоянда, ки то об дар ҷӯйи зиндагонист, инқитоъ напазирад, байт:

Ҳар кӣ санҷида кор бандад об
Бар сари чашма, аблаҳе бошад.

Покравонро ин вазъ ҳоҷат нест, зеро ки эшон аз олойиши мол, ки обест бар сари лавс истода, аз оби осмон поктаранд. Аммо ин насиҳат дар ҳаққи мутазаҳҳиде[286] аст, ки маъшуқа молро ба мубошарати асбоб аз ваҷҳи ҳалол гирд овардаасту дар мазҳаби тариқат гӯӣ ба иҷтимоъи дунё ҷунуб шуда, таҳорати комила он гоҳаш ҳосил ояд, ки симро чун об мерезад, чунонки аз он наҷосати ҳикамию ҳақиқӣ ҳеҷ олоише ба ӯ намонад, ки агар дирамдоре фотир карда монад, мисраъ: ло яҳсибу мин завӣ-т-таҳорат. Дарвеше, ки дирам гирд мекунад, (199) ӯ сиккаи салтанат мезанад, ӯро бо сиккаи дарвешон чӣ кор?! Сиккаи дарвеш таваккул аст, ки аз хоҳиши зару сим муҳр бар сиккаи қалб ниҳад, зеро чунонки дар шариат аз хуни соил вузӯ бишканад, дар тариқат дил, ки хун аст, ҳар гоҳ соил шуд, вузӯи таваккул дуруст намонад. Ва агар дарвешро бехост мурдори дунё дар хона гирд ояд, ӯро покбозӣ бояд кард, ки об ҳам дар хона нагузорад, ки равиши покон ин аст. Зеро ки масали ӯ ба чоҳе монад, ки мурборе бузург дар вай афтода бошад, мисраъ: биназъи тамоми-л-мои фӣ-ш-шаръи ютаҳҳару. Дуогӯйро масали ин калимот, ки аз ӯ нақл мекарданд, чун хилофиёти бурҳонӣ бар хилофи мумавваҳ менамуд, то рӯзе дар маҷлисе илмӣ бо ӯ ҳамзону шудаму ҳам ба ҷаласаи аввал аз ҳусни муҷоласати он шунида мустақим воқиф гаштам. Ва аз он ҷо, ки зоти ӯро умда ёфтам, сахт васиқ дар қавоиди истиқомати гирд овардани зонуи тааддуб дар хидмати эшон чун қаъдаи ахираи намоз аз фароиз намуд. Субҳон-ал-Лоҳ, он чи нишасти адаб аст, ки агар сафои ҳазор сӯфӣ дар як оинаи зонуи ӯ сурат кунам, тасаввури содиқ бошад, (200) на он ки чун сӯфиёни муроӣ, ки сурати риё дар вузӯи эшон бар сони хаёл дар обу оина муояна битавонам дид, байт:

Ҳастанд яке оина сӯфирасме:
Дил тираву берунаш сафоеву намое.

Агар хидмати Айнулмулкро иттифоқи узлат бошад, бар ин намат гӯша гирад, эътизоле накунад, ки ба мазҳаби муътазила кашад, байт:

Чи саломат бувад дар он узлат,
Ки бувад ъайн бар сари зиллат.

**Диғар**, намуда меояд, ки худованд, хони аъзам, сарафа духхона сироҷиҳи фӣ инорат-ал-илм, ки ба "Фатовои хонӣ" тақвияти шаръ мефармояд, рӯзе аз Мавлоно Яманӣ ин масъала пурсид, ки марде ҳарами худро гуфт, ки ту беҳтар аз маҳ нестӣ, аз он марди ҳарам чунин[287]. Он ҷо ҷамоате аз уламои кибор ҳозир буданд, чун Азизи Хоразмию Асади Гургонию Ҳисоми Сақатию Сироҷи Уматӣ чароғи илм афрӯхтаву солҳо дуди чароғ хӯрда, то дар шабҳои торик ҳарфе борик рӯшан карда, ҳар яке дар он масъала чун илм бар рӯйи когаз гӯё хомӯш монданд, байт:

*وَمِنَ العَجائِبِ اِنَّ ما هُوَ ساکِتٌ بِغَرائِبَ فی کُلِّ حالٍ ناطِقٌ

Мавлоно Азизи Хоразмӣ барои иззату таъзими Мавлоно Яманӣ (201) зилли ҷаҳл бар худ ихтиёр карду лаҳҷаи худро аз ҳои таҷаҳҳул гиреҳ зад. Асади Гургонӣ низ ҳам бад-ин сабаб даҳони худро пӯзбанд бар банд кард. Ҳисоми Сақатии тарзабонро ба таammуду тағаммуд сақате сохт, аммо Сироҷи Парвона, ки оташпораест, агарчи худро пунбадаҳан менамуд, маъа ҳозо, забонаш намеистод, шуълаи тиҳитар аз гули чароғ аз забон берун

[286] МИ: мутараммиде.
[287] МИ: гуфт, ки агар ту беҳтар аз ман нестӣ, аз он мард чунин аз.

меафканд. Ногоҳ Мавлоно Яманӣ аз сари тундӣ нафасе баровард. Сироҷи парвона тоби он надошт, наздик шуд, ки бимирад, мисраъ: *лан ястатиъа сироҷ садамат-ан-нафс*. Баъд аз он Мавлонои Яманӣ аз он ҷо, ки гумони табаххури ӯст, фармуд, ки: *қола-л-Лоҳу-л-ъалим: ва лақад халақно-л-инсона фӣ аҳсани-т-тақвим*. Ба ҳукми ин оят мардум беҳ аз моҳ[288] бошад ва савганд воқеъ нашуд, агарчи ҷавоби ин масъала Абӯюсуфи Қозӣ гуфтааст, аммо ҳолӣ хидмати Мавлонои Яманӣ дар адои ин масъала Хони муаззамро нуъмонӣ намуд, аз ӯ ҳама Шофиъию Моликро дид. Дарҳол қузои вилояти хеш ҳаволаи ӯ карду қозии хон хитобаш фармуд, чун сабақи илм забардасти уламои аҳдаш нишонд, мисраъ: *васфун ъалайҳи идрорун камидрор*. Ҳоле, ки ин кайфият ба қозӣ Баҳои Савқӣ расид, аз он ҷо, ки хубси (202) мутааммимон дар дарунаи ӯ гӯӣ хукест дар чаҳ афтода, ки душвор пок мешавад, забоне аз дунболаи дастори хеш дарозтар кашидаву даҳоне аз остини фазобилиёни зиларабой фарохтар кушода, дар ҳаққи он бузург ифтироҳои чаҳоррӯя чун масъалаи чаҳорқавлӣ меангезаду мехоҳад, то ба ҷирми нокарда дар истиғфораш ораду лавсҳои нобударо чун наҷосати ҳикамӣ ноолуда шустан фармояд, шеър:

*تباً لذی علم یلوثُ علمهٗ      بالحقد و الحسد الذی ضرّ الورٰی

Ҳарчанд ба ӯ гуфта шуд, ки дили хубсолудро ғилофи илм кардан чунон бошад, ки оби покро дар ованди наҷас резанд, то об низ наҷас гардаду сина, ки саросар нури илм гирифта бошаду андаке зулмати ҳасад он ҳама нур ба сабаби он зулмат торик гардад, чунонки дар ғусли ҷинобат агар ҳама аъзо обрасида бувaду кунҷидворӣ хушк монда, ба сабаби он хушкӣ ҳама андом ҷунуб бувад, назм:

В-аз[289] нисобе, ки дар ӯ монда бувад ғаши закот,
Т-ош берун накашӣ, он ҳама ботил бошад.

Ба ҳеҷ ваҷҳ самоъ ин ҳадисро дар гӯши хеш мадхал намедиҳад. Бар ин нишаст аст, ки то Яманиро тоифи Макка нагардонам, наистам. Намедонам, ки миёни он ду қадурихон базудидон чигуна хоҳад пухт. Агар самараи усулу фурӯъи фиқҳ ин бувад, (203) ки хубсу ҳасуд боз орад, назм:

Нокошта ба дарахти дониш,
То бори бадаш фарох набвад.
Нахле, ки дар ӯ камин кунад мор,
Мурғеш ба ҳеч шох набвад.

**Дигар**, намуда мешавад, ки Мавлоно Наҷмуддини Вакил, ки шарорҳои абдо[290] наҷм-наҷм аз ӯ меҷаҳаду ҳар ҷо, ки мерасад, доғе мениҳад, бо диле чун маҳкамаи қозӣ пур аз даъвоҳои гуногуну забоне бар наҳҷи қиболаи шаръӣ бе таърих ним калаву калта ба хидмати садри комил, бадр-ул-миллат ва-д-дин ҳар рӯз ба муоразаву мубоҳаса пеш меояду ҳар чӣ дар даруна хубс дорад, монанди оби мулаввас аз чоҳи наҷас берун мерезад. Ин қадар намедонад, ки кулли муддаъӣ каззоб, хоса муддаъии каззоб. Оре, ҳама оқилон донанд, мисраъ[291]: *лайса-д-давоу лидои-л-ҳумқи ва-с-сафаҳи*. Ва пеш аз ин моҷарои илми ӯ чун рӯзи ғайм, ки ғалатандози намоз аст, бар мо биншаста буду рӯшан на, ки офтоби илми ӯ то куҷо расидааст. Акнун, ки он абри тиҳиро аз боди ғурур парда боз шуд, ҳама маълум гардид, ки айни маънӣ дурдхез аст. Ҳарчанд бар ройи Мавлоно бадр-ул-миллат бознамудем, ки маслиҳати кор бар ин ҷумла фатво медиҳад, ки ӯро ба остини таҳсин чун аммомаи музаккирони тиҳимоя гаронбори Уторидфиреб бояд гардонид, то бад-он иъзоз[292] пешонии такаббур монанди кафи мутаяммим (204) бар хок сояд. Пас ҳар гоҳ, ки нармию руфқи тинати бадсиришти ӯ хоки роҳ шуд, шеър:

*فادلک باحمضک العزیز جبینهٗ      کالارض تحت الخفّ بالاجناس - ҳеч навъ ба самоъи ин қавл ризо намедиҳад.

Ин бадр ба нисбати моҳ асам аст, ки мутлақ сухан намешунавад. Аз он ҷо, ки ҳурмати худро муҳофазат намудан аз фароиз аст, ки рӯзаи самут гирад ё ба ҳузури наҷм бар

---

[288] МИ: мо.
[289] МИ: он; худуди байт мушаххас нашудааст.
[290] МИ: шарорҳои абр.
[291] МИ: ҳудуди мисроъ мушаххас нашудааст.
[292] МИ: бад-он аъшар аз.

моидаи илм ифтор кунад. Чун наҷм низ ҳадди худ намешиносаду бар рӯйи бадр-ул-миллат ба сафоҳат бармеояд, асҳоби анҷумани бадр бо якдигар иттифоқе кардаанду ҳила андешида, ки наҷмро ба ҳуҷаҷи шаръӣ аз дараҷаи[293] илм фурӯ доранду дараҷаи вубол андозанд ва он ин аст, ки наҷмро дар илми танҷим мадхале ҳасту даъвии он мекунад, ки дар ин равиш наълайни Идрис дар пойи ман чуст омадааст. Идрис дар биҳишт ба илме, ки дошт, кафш фаромӯш кардаву биҳиштӣ шуд. Ӯ ба ғурури дониш пой фаромӯш кардаасту дӯзахӣ шуда ва ҳукмҳои дурӯғ мекунад, ки Идрис баъд аз мурдан зиндаи абадӣ шуд. Ман дар шумори худ дидаам, ки номурда зиндаи абадӣ хоҳам[294] шуд, бар ин сифат, ки ӯ тасаллуфро кор мефармояду мегӯяд, назм:

Зинда шуд зи ман Идрис, пас шигифт набошад,
Агар зи нанги вай Идрис дар биҳишт бимирад.

Улувви хеш дар ғулувви он илм бағояте медонад, ки Бӯмаъшарро кам аз Бӯҳанифа намедорад (205) ва Бӯрайҳонро пеш аз Абӯюсуф мартаба медиҳаду эътиқоди худро кушода берун менамояд, ки маҳфилдорони анҷумани фалак вакилони маҳкамаи фазоанд, чунонки ҳеч ҳукми қузо бе ваколати эшон ҷорӣ нагардад. Ва дар ин ҳадис, ки *ман омана би-н-наҷми фақад кафара* сад таъвил чун рақами мунаҷҷимон кажу рангин пеш меорад, медонад, ки гирдоби сипеҳр ғадирест нуҳ дар нуҳ, ки аз таҳрик як ҷониб меҷунбад ва ҳар кӣ дар вай афтод, наҷас гашту ҷумла покон домани исмати хеш аз ин поркини зангоргирифта кашида дошта, зеро ки мартабаи таҳорати инсон ба ҷоест, ки агар масал бар фалак раҳ ёбанд, назм:

Ба иззат по ниҳанд аз бими гардуне, ки ногаҳон[295]
Набояд ба эшон аз чашмаи хур гардад олуда.

Худро бо чунон рӯшанон ҳамдараҷа мешумораду дар ҷадвали нуҷум чунон ғарқ шуда, ки берун кашидани ӯ аз он бар соин акси кавокиб аз об номумкин аст. Чун тасаддури ӯ бештар миёни уламои шариат аст, чунин менамояд, он иттифоқ мувофиқ хоҳад афтоду як рӯзаш ба иттиҳоми илми нуҷум, ки дар шаръ мансух аст, муҳимаш хоҳанд гардониду миёни асҳоби мадраса бар рӯйи оби рехтагӣ хоҳад рафт, - ки ӯро шавад дарс дар қалби сард - то баъд аз ин дар илм бо ҳамсарони хеш аммома каж ниҳанду беш бо Абӯҳанифа масъала нагӯяд (206) ва бо Нӯъмон баҳс пеш набарад. Дар ин маънӣ аз он як ишорат мебояд, баъди он, шеър:

*كذاكَ النَّجمُ يَنظُرُ كُلُّ ناسٍ   كَنَجمِ الأَرضِ ذلِكَ في تُرابِ

Кайфияти бузургони ин ҷониб бар ин ҷумла асту моҷарои уламои он ҷониб чунон шунавида шуд, ки Мавлоно Шамси Асадӣ дар ин вақт, ки ҳангоми ғурубаш наздик расидааст, зулматаш аз он чи буд, чун сояи намози дигар яке ба ду шудаасту мастии шаҳват дар сараш афтода, чунонки агар иблисро дар хоб мебинад, ҳур мепиндорад ва бар ин эҳтимолоти фосид дар Мино ғусли ҷинобат мекунаду дар ҳайзи таҳорат вузӯ. Аввали умраш дар муҳити илм гузашту охир мустағриқи ҷория, ки ҷӯби хушк мебошад ва дар он талаби ризо[296] ба мусаллиёни киштӣ монад, ки ҷория ба ҳар ҷонибаш, ки мегардонанд, намоз ҳам аз он ҷониб мегузорад ва намозе мекунад, ки ҷуз дар *қиблатуҳум нисоуҳум* меҳроби ҷоиз наафтад; дар ҷомиъайн наметалабад, магар масъалаи ватӣ ва мавтава баёне намекунад, магар нафоиси нифосу ҳайз. Халқеро хаёл бар рух мениҳаду аз ӯ хулқе талаб мекунад. Чун моро ба хидмати эшон иттиҳоду ихлоси қадим аст, ӯро аз забони котиб мебояд гуфт, ки, шеър:

*أيا يَحزُنكَ كِبرُالسِّنِّ كَمّا   تَهَوَّسَ فِيهِ تَضرِيسُ الشِّفاءِ

Ба ривояте дигар, худ чунон самоъ афтода, ки дар ин вақт мехоҳад, ки аз дасти нақбзанони шаҳват дин дар ҳисор орад(207)у илм ба шористон барад ва ҳарчанд бо ӯ хонданд, ки хиёри уматӣ азобҳо ҳамин мегӯяд, ки: инна фӣ золика *ли-л*-мари хиёрун. Дареғо, ончунон мутабаххире дар қатари нутфа фурӯ шуда, назм:

Ҷаҳоне гар аҷаб монад, аҷаб нест,
Ки дарёе шавад дар қатрае ғарқ.

---

[293] МИ: доираи дараҷаи.

[294] МИ: дидаем, ки номурда зиндаи абадӣ хоҳем.

[295] МИ: танҳо ҳудуди ҳамин мисроъ ба таври зайл мушаххас аст: ба иззат по ниҳанд аз бим бар гардун.

[296] МИ: талаби ризо ҷория.

Агар Худованд аз адаби нафс рухсати он наёбад, ки азимати[297] танбеҳи ончунон бузурге кунад, чун хидматгор дар он бисот карами инбисоте дорад, аризае аз забони котиб ба хидмати эшон расонад. Мазмун он, ки чун хидмати Мавлоно аз абнои самонини атқиёи-л-Лоҳи таъоло шудааст, дар ин озодӣ ба бандагии Худой машғул мебояд буд, ки озодкардаи молик-ул-ибодро мамлук будан пеши мамлуки хеш ё пеши ҳурра, ки он ҳам ба сабаби муҳри мулк мешавад, оре бузург бувад, ба ҳама ҳол худро ба силсилаи ибодати Маъбуд бояд баст, назм:

То чунон, к-аз оташи дӯзах туро озод кард,
З-оташи дӯзах ба фазли худ ҳам озодат кунад.

Дигар, шунавида шуд, ки Мавлоно Фақеҳи Гелонӣ Нӯъмони Туробиро дар ҳузури Ҷаъфари Бахрӣ муроoти хидмати бисёр менамояд. Ин бад-он монад, ки касе бар лаби дарё таяммум кунад. Ӯро мебояд гуфт, ки аз инҳо раво набошад. Бо он ки Нӯъмони Туробӣ ду-се ҳарф хондааст, пеши ӯ гӯй кулӯхи истинҷост, ки лаҳу сулсату азрубин. Аммо Ҷаъфар агарчи худро аз рӯйи маънӣ ҷӯйи хурд менамояд, (208) валекин агар бикованд, дарёе аз лаби ӯ берун резад. Туробиро бо ӯ дарандохтан қасдест дар ҳаққи Туробӣ, назм:

Ҳар кӣ муште хок дар дарё фиканд,
Хок шуд ночиз, дарёро чӣ ғам?

Шамси Асадиро бар Туробӣ мебояд гумошт, то олудагиҳо аз ӯ берун барад, зеро ки хоки олударо ҷуз офтоб пок натавонад кард. Ва ин низ бехтаву дидаем, ки Туробӣ гӯӣ гардест[298], ки аз кутуб илм мебараду аз ҳарф дониш, чандон хабаре надорад. Камтаҳсиле чанд ӯро бар сари савдову фиқҳ медоранд, мисраъ: чу хоке, ки резанд болои хат. Дироаи маъруфи аимма бар тинати беҳосили ӯ пӯшонидаанд, пиндорӣ, ки хоки шаҳидон аст, ки дар коғази печидаи табаррук ҷой ба ҷой мебаранд. Худой хоки ин ба боди ин ҳаводис пароканда бигардонад, то инчунин гулҳои пурғубор дар заминҳои дигар наяфтад.

**Дигар**, чунон рӯшан гашт, ки Туробӣ ба ҷиҳати талаби илм азимати Бухоро дорад. Иёзан би-л-лоҳ, ки агар он ҷо расад, фатвои тини Бухоро тоҳир аз он хок бархезад, шеър:

*لو يرقدُ فى التُّراب من تُربتِه　　لا ينبتُ الّا شجرٌ ملعونٌ

Ҳар кӣ омад, аз Туробӣ гилаҳои бисёр пеш овардаву аз Ҷаъфари Баҳрӣ ҷуз ъайни маънӣ ривоят накард, ки рӯзу шаб монанди дарё мавҷ мезанаду он чи ҳаққи мутабаҳҳир аст, ба ҷой меораду дар анҷумани фуқаҳо тақвими Қозӣ Абӯзайдро сабақи мутлақ (209) мегӯяду Мавлоно Саъди Мунаҷҷим бар ӯ дақиқаҳои номуваҷҷаҳ меораду овози фақоҳат чунон дуруст, ки тақвими Абӯмаъшар аз тақвими Абӯзайд. Маъа ҳозо, овози баҳс баланд карда, раҳна дар гунбади фалак меафканад, то ҷуҳҳолро аз дониши хеш хабар диҳад, шеър:

*بلى يجلى السّفيه زمان بحثٍ　　برفع الصّوتِ من جهلٍ خفىٌ

Илм дар мартаба баландтар аз он аст, ки чираи[299] баландаш дараҷаи олӣ тавон кард. Улуми биноён бояд, то улувви улум дарёбанд. Чун ҳар куҷо зикри хидмати айн-ул-мулкӣ афтад, ҳама ҳарфшиносони маънавӣ ба иттифоқ мегӯянд, ки айн саромадаи илму сарнишини уламост. Ҳам бар ин басанд мебояд карду бо газофгӯёне, ки ба турраҳоти бодангез кутуби уламову аимма дар ҳаво мепаронанду забоне беҳосил кашида, савсанвор бо даҳ забон сухан мегӯянд, ҳамзабон бояд шуд, назм:

Қассоб бувад, ки корд бар корд занад,
Ғозисифатӣ ту, тег бар теғ гузор.

Зинҳор, ки он айни азиз иззати хеш нигоҳ дораду бо мастии худрастаи хасисмизоҷ ков-ков нагирад, ки баҳси айн бо хасон аз биноӣ набошаду ҳеҷ биное написандад, зеро ки, албатта, аз харошеву захми чашме холӣ натавонад буд. Доъии мухлис аз хор-хоре, ки дар даруна мехалад, алам дорад. Боқӣ, маҷлиси айнӣ дар маслиҳати хеш бинотар аз он аст, ки айни маслиҳати дуогӯй (210) дар кори эшон, шеър:

Он, ки дар маслаҳати хеш набинад то дур,
Бин, ки дар кори худаш то ба куҷо бошад нур.

---

[297] МИ: азимати он.

[298] МИ: Туробӣ гувоҳӣ кардааст.

[299] МИ: ки ба наъраи.

Ариза ба татвил кашид, бар сураи ихлос хатм мекунам[300]. Ад-дуъо камо сабақ. Ҳангоми таҳрир шумори шаъбон дар охири китоб навишта омаду таърихи ом аз охири захӣраву охири фатово маълум хоҳад шуд: яъне, ки дувум аз маҳу аз сол даҳу ҳафсад.

**Таслимот**. Аиммаи он тараф таслимоте, ки монеъи ҳаср шавад, мутолаа фармоянд. Асҳоби ин сӯй ҳошияи "Утбӣ"-ро ба биниши тақбил муҳайё мегардонанд. Мутааллимони дарси хос сабақи убудият такрор мекунанд.

Ал-**Адъиятуҳу**. **Уламо**: ярфаъу ъало Нуъмони-л-ъуламо. **Содот**: футиҳа ъалайҳи бобу илмин ъало шарқихи-л-ъулё бисиёдати-л-уламо. **Уламо**: яртақи ъало Нуъмони-л-илм. **Машоих**: кушифа алайҳи илм-ул-ғайби, алламаҳу-р-Раббу ҳақиқата-т-тариқати. ***Ли-л-амвот***. **Уламо**: раҳимаҳу-л-ъалиму ъалайҳи; тола маншуру ъилмиҳи ила-н-нушури. **Содот**: зоа ҷасадаҳу кақалби-л-фақиҳ; ъаййан-ал-Ъалломуу, таъаммама-л-фазла ъалайҳи. **Машоих**: буъиса мина-л-машоихи-л-ъуламои ва ҳушшира маъа-л-ъуламои-с-суфияти.

Ал-**ъакс**. **Уламо**[301]: ҳуррима ман тафаккаҳа ва тафаққаҳа; табаддила фақоҳатаҳу би фукоҳатиҳи. **Содот**[302]: табарраа минҳу Ъалим. **Машоих**[303]: буъида мин ъилми-л-қурб, залла ъан тариқати-ш-шариати. ***Ли-л-амвот***[304]. **Уламо**: дуриса аъмолу хайриҳи; ҳурима мин идрори-р̣-раҳмати. **Содот**: ъуззиба биъилми-р-рафзи ва рафаза-л-ъилма. **Машоих**: буъиса фӣ ҳалқати (211) ҷуҳҳоли-с-суфийяти.

**Нома дар истилоҳи мантиқ**, мисраъ: нисбаташ ҳам зи мантиқ аст тамом. **Дебочаи** номаи мантиқ. Дар зеҳни муҳаққиқони дақоиқи мантиқу мудаққиқони ҳақоиқи маонӣ маълуму муҳаққақ аст, ки дар қадим-ул-айём арбоби иншо бо истилоҳу алфозу қавонини мантиқ номаву мисол кам таҳрир кардаанд. Ва ин қазия, ки дар зоҳири мактуб ҳикояте мутобиқи ғараз[305] муртасим гардаду зимнан муқаддимоти мантиқ тартиб пазирад, чунонки суғро гӯянду мурод аз он васфи зане бошад ва асғар нависанду номи марде бувад, камтар иҳдос пазируфта. Агар бар фузулӣ ҳамл нашавад, ин низ вазъе шуд хоссаи котиб, ки мутақаддимон бо он ки қуввати он доштаанд, ба феъл наёварданду мутааххиронро мукаддимаи таълим гашт. Чун дониши котиб дар қазоёи мантиқ на бад-он ғоят аст, ки татаввуқи азизро аз хор бозшиносаду зери мардумро аз зор фарқ кунад, илтимос аз қариҳаи аҳли камол он, ки агар дар ин саҳифаи маонӣ сурати хатое мутаҳаққиқ гардад, ба тариқи мутоябаву истиҳзо ба расми заҳк, ки инсонро ба ҳадди ноқис мавсум гардонад, аз ҳад берун набаранд. Ва агар ба китобате арзад, қалами худро, ки ҷисмест номӣ, аз наботи ин иборат рӯҳи нотиқа дароранд, мисраъ: то з-ин асар он ҷамод ҳайвон гардад. Ҳар кӣ баъд аз ин дар ин истилоҳ иншое кунад, агар муқаддимоти фикраш беҳ аз муқаддимоти котиб (212) натиҷа диҳад, чун ҳаққи вазъ бандарост, ҳароина, тобеъ бувад дар ин матбуъ, на матбуъ[306]. Агар қисми мардумӣ дар вай афтодааст, ба итбоъ муътариф гардад ва агар аз ҷавҳари мо ҳисса дорад, ваҷҳи акс гирад, шеър:

*رَبُّ ضَيفٍ يُضافُ مِن نِعَم　　　وَ هُوَ بالجُحدِ يَكفُرُ النِّعَما

**Унвон**. Ин мактуб, ки дар муфрадоти алфозаш афроди маонӣ мураккаб аст, хидмати Мавлоно фарид-уд-даҳр, бурҳон-ул-миллат ва-д-дин, ҳафиза-л-Лоҳ-ул-фарда таркибиҳи ъани-т-тахаллули фатҳ фармояд.

**Таҳмид**[307]. Ҳува-л-ҳаким, ҳува-л-ъалим би-л-куллиёти ва-л-ҷузъиёт, шеър:

*سَلام عَلى مَن فاضَ مِن فَضل لُطفِه　　　مَعان و راءُ الحَدِّ و الشَّرحِ و الحَصر

تَجَلّى بِاَنواعِ الكَلامِ لِسانُهُ　　　تَجَلّى سَيفُ الحَقِّ بِالفَتحِ وَ النَّصر

То файласуфони ақлу илм тартиби муқаддимот барои таҳсили матолиби яқинӣ кунанд, аз тариқи аҳли ҷаҳл удули куллӣ намоянд, натоиҷи улуми динӣ аз муқаддимоти нутқи Мавлоно олими мантиқ, бурҳон-ул-миллат ва-д-дин, шориҳи қавоид-ул-яқин,

---

[300] МИ: мекунад.
[301] МИ: мутаамимон.
[302] МИ: мутасайидон.
[303] МИ: мутасаввифон.
[304] МИ: ли-л-майит.
[305] МИ: араз.
[306] МИ: мазбӯъи матбӯъ.
[307] МИ: зикри Ҳақ; дар унвон исми мухотаби нома наёмадааст.

кавотиъ-ул-ҳуҷҷаҷи ва-л-бароҳин, муқтадию-л-ҳукамои-л-исломийяти, муқаввим-ул-қавонин-ул-каломийяти, мубтилу-л-далоил-ул-ботилийяти фӣ-д-даҳри, ъосиру хулосати-л-ҳукми фӣ-л-ъасри, робитат- ул-аҳкоми-л-ҳуккоми фӣ-л-маъқул ва-л-манқул, кошифу ашколи-л-ашколи фӣ-л-мавзуъ ва-л-маҳмул, мисраъ: маъа кулли авсофин ялику биҳолиҳи - мутаваллид бод. Сиҳҳати лозими зоти камаълули-л-ъилла ва табъ мӯҷиби латоифи камоли-л-булғати (213) би-н-набийи соҳиб-ул-ҳукми ва-л-ҳикам. Банда Насири Румӣ, ки мадоеҳи бурҳониро чун куллиёти мантиқ такрор мекунад, аҷноси хидмат, ки анвои ихлос дар тахти он дохил бувад, бо фузули иштиёқе ба мавқифи арз мерасонад, ки ақли кул тасвири онро идрок натавонад кард, шеър:

*اللهُ يرزقُنا لِقائهُ عاجلاً    كلما ـ للعطشان فِى البَيداءِ

Иртисоми арз мабнӣ бар он ки аз ин ҷониб ба ҳусни инояти илоҳию далолати иқболи номутаноҳӣ шаҳаншоҳе аҳволро бо муродоти мутобиқаи тамому маорибу мақосиди муҳассили ятруқу ҳақиқа, на бар сабили тазмину илтизом ва ба ҳукми интизову вақти ҳаҷарият аз дилҳо ба куллӣ маслубу мавҳиботи табоеъ ба ҳадде дар талаттуфи ҷумҳури умур, ки агар ҷамод ҳайвон ғардад, мустаҳил набошад. Маъдалати подшоҳро қувват ба масобате, ки агар омро имкони олам аз хосияти оташ берун парад, "ло ҳарората" дар моддаи нор воҷиб гардад, шеър:

*فَالحَمدُ لِلعَدل الحَكِيم بِفَضلِهِ    بَردَ الزَّمانُ كَمِثل نارِ خَلِيل

Маълуми ройи Мавлоно бод, ки Худованди мураббию-л-ъуламо, ъолимун, моликун, аҳкаму бииъонатиҳи асос-ул-ҳикмати, ки улувву сумувви ӯ ъала-д-давом мутародиф мехоҳам, дар рӯзе, ки аҳли илму ҳикматро навозиш мефармуд, бандаро бо ҷамъе аз асҳоб чанд сар аспу шутуру барда иъто кард. Чун Хоҷа Ҷавоҳири Раис, ки бар сари ин аҷнос аст, дар он (214) шарики аъло буд, мардумон набиштанду дар тақсими он сухане гуфтанд, ки бад-он гуфтор он ҳама ҳайвону мардум қисмат пазируфт. Хоҷа Араз, ки қоим ба ҷавҳар асту такя бар ӯ карда, ба сабабе аз асбоб мутағаййир шуду бар ҳоли аввал боқӣ намонд, назм:

Оре, чу ғараз расми тағайюр дорад,
Ҳаргиз ба яке ҳол намонад боқӣ.

Дар миёни ин барда ҷорияест марқум ба камоли авсоф, ҳусну даллолии ҳайвонимизоҷ муқаввими ӯ шудаву ҷавоҳирро дар ӯ ҳисса тамом, аммо чун ҷавҳарро ҳаракате набувад, миёни ӯву ин шахсият табоуде афтод ва тахти мутаҳарриконе, ки дар он ширкате доранд, ба навъе ҳар чӣ қарибтар духул ёфт. Ҳар киро назарест мумайиз, миёни қубҳу ҳусни он шохи наботро, ки ҷисмест номӣ, ҷон тасаввур кунад, на мардум, шеър:

*مَن كانَ يَسمعُ وَصفها مِن قولنا    تَصدِيقُه سَبَقَ التَّصوُّر بِاليَقِين

**Дигар**, шунавида шуд, ки Хоҷа Камоли Мантиқӣ ду духтар дорад: яке суғро, дувум кубро ва се қаробат: асғару авсату акбар. Ин суғрову кубро ҳар як миёни хеш пешниҳоде доранду асғару авсату акбар мулозими эшон. Ҳар ҷо, ки ҳастанд, бо якдигар фурӯболо мешаванду корашон нест, магар вазъеву ҳамле ва мардумон аз иқтирони эшон чаҳор шакл маълум кардаанд. Шакли аввал он аст, ки барои издивоҷи суғро асғарро вазъе карда буданд, дар ин миён аз авсат ҳамле пайдо шуду акбар низ барои (215) тартиби кубро аз паси авсат даромад. Эшонро илм бояд дод, ки чун ба қазияи ақлӣ дониста шудааст, ки ҳар инсоне, ки ҳаст, ҳайвон асту ҳар ҳайвоне, ки ҳаст, ҷисм аст. Пас ҳар инсон, ки ҳаст, ҳайвон аст, ҷисм бошад ва ҷисм фонию фосид. Чун ниҳояти ҷисм фаност, мисраъ: аз баҳри чӣ дар фасод бояд кӯшид?

Шакли дувум он, ки суғрову кубро аз авсат ҳамле доранд. Эшонро огоҳ бояд кард, ки чун ба ҳақиқат дониста шудааст, ки ҳар инсоне, ки ҳаст, ҳайвон аст ва ҳеч чизе аз ҷавод ҳайвон на. Пас ҳеч чизе аз инсон ҷамод набошад, лобуд, ҳар кӣ сангдил аст, одамӣ натавон гуфт. Ва ин низ ба таҷориб маълум шуда, ки мардумро шиддати фасод сангдил мегардонад. Дар ин сурат гӯӣ инсониятро ҷамодият боз меорад ва ҳарғиз ҳеч оқиле ба ҷамодият розӣ надиҳад, назм:

Пас чаро коре кунад мардум, ки дил сангин шавад,
Дил чи бошад худ, ки тан ҳам санг ғардад аз гуноҳ.

Шакли савум он, ки ҳаққи авсат барои тартиби суғрову кубро вазъ кардаанду аз ин вазъ оқибат чизе ҷузвӣ хоҳад зод. Эшонро боз бояд намуд, ки чун яқин шудааст, ки ҳар инсоне, ки ҳаст, ҳайвон аст ва ҳар инсоне, ки ҳаст, нотиқ аст, ночор баъзе ҳайвон нотиқ бошад. Пас ҳар инсоне, ки ҳамҷинси худро (216) фасле аз панду насиҳат нагӯяд, гӯӣ ҳайвони ғайри нотиқ аст.

Шакли чаҳорум он аст, ки дар боби авсат барои тартиби суғро вазъе ангехтаанду кубро ҳам аз ӯ ҳамле дорад. Эшонро огоҳ бояд кард, ки чун ҳар инсоне, ки ҳаст, ҳайвон аст ва ҳар зоҳике, ки ҳаст, инсон аст, ҳароина, ки баъзе ҳайвон зоҳик бошад. Пас ҳар гаҳ мардумон биханданд, гӯӣ ҳайвон хандида бошад, назм:

Пас зи бахри чӣ кунад мардуми доно[308] он чиз,
Ки бар ӯ ханда занад одамию ҳайвон низ?!

Аз тартиби суғрову кубро, боре, аз ин чаҳор шакл маълум гашт, аммо аз вазъу ҳамле, ки эшон ангехтаанд, ъинда-л-иҷтимоъ ал-асғар ва-л-акбар бубин, то ҳанӯз чи натиҷа ҳосил хоҳад шуд. Чун ин кайфият ба авому хос расиду дар сиҳҳати ин ҳол ҳеҷ ташкике намонд ва ин фасли гуфтор миён бар ҷинси Рум афтоду аз ин ҷинсу фасл бар он мардумони ноқис ҳадди комил мураҷҷаҳ шуду сияҳрӯии эшон чун саводи зангӣ лозими зот гашт, ки агар касе эшонро сапедрӯй хонад, ҳамчунон бувад, ки зангиро баръакс сапед хонанд. Ақрибои эшонро агарчи аз ҷинси инсонанд, ки мадид-ул-қадду ариз-ул-азфор тавон гуфт, аммо аз ин тагайюр чун[309] нохун ба дандон мекананду аз ин шарм чун ноҳақ сарнагун монда. Пеш аз он ки ин қазия ъала-т-тафсил ба ҳукму[310] удул расад, (217) маҷлиси бурҳон-ул-ҳақро воҷиб аст, ки ихтилототи эшонро, ки фурӯболои он ҳама шакл бар шакл аст, ба ифтироқу табоюн боз орад. Ҳозо боб, агарчи пеш аз ин илтимосоти котиб, ки аз ҳадди касрат мутаҷовиз бувад, аз он зот, ки гармтабъӣ дорад, бе иҳмол ба ҳусул пайвастааст, панҷ мултамиси дигар фардофард то имрӯз, ки иртисоми ин саҳифа бувад, дар зеҳн мегузашт. Чун маълуи доштам, ки он фитрати пок аз ин матолиб тағайюр нахоҳад пазируфт, илм дода шуд. Яқин аст, ки он хамсаи муфрада низ ба таҳсил пайвандад.

Аввал он, ки аз ҷинси ҳайвон аспеву гӯсфанде, ки бар лафзи хос гузаштааст, ҳар чӣ сареътар бирасад. Дувум он, ки аз навъи инсон ғуломеву ҷория дар он дохил шавад. Савум он, ки фасле аз гуфтори хос, ки ҳадди инсон бад-он камол пазирад, ирсол фармояд. Чаҳорум он, ки мулозимати мутааллимони арз, ки қиёми ӯ дар боби аснофи халоиқ ом асту доиму мулозими тамҳиди умури инсон ва замоне аз он муфориқ, на аз лавозим шумараду аз сиҳҳати ӯ чун нур аз офтоб мунфак бошад. Панҷум он, ки вақт аз вақт аҳволи он тараф, хоса аз они натиҷаи хос, ки инсон-ул-ъайни мардуму мардумисту замири доим мутааллиқи ӯ, дар расми китобат орад, то салби таабу иҷоби тараб кунаду инқисоми хотир (218) бо иҷтимоъ бадал гардад, бимашийяти-л-ъаллом антиқу кулли шайин.

Ҳақиқат медонам, ки он зотро дар айни илм истиғроқ ба ҳаддест, ки куллиёту ҷузъиёти онро ҳосир гаштаасту ҳар фарде аз афрод, ки дар таҳти навъи инсон дароя‌д, воҷиб аст, ки аз илми хос мустафиду муқтабис[311] гардад. Ва ҳар калима аз иборати бурҳонӣ монанди исми муштарак муттаҳид-ул-лафзу мутакассир-ул-маъонӣ бар ин қазият бо мутакаллимоне, ки каломи инсон чун асмои мутародифа маънии андак бо лафзи бисёр бориктар ёфта бошад, баҳс намебояд кард, ки иттисол бо эшон аз қазияи ақлӣ мутабойин аст. Аз он ҷиҳат, ки дар қонуни мантиқи эшон вазъҳо бисёр бошаду ихтилофот аз он бештар, мо ҳува-л-ҳақ муҳмал гузоранд ва касе, ки аз моҳияти ҳайвон хабар надораду ба табаҳҳур инсонро куҷо муҳит тавонад шуд. Бандаро бо эшон бисёр иҷтимоъ будаасту ба таъйиноти ҳиссию зеҳнӣ маълум карда, ки эшон аз ифозати номаҳсури Мавлоно доим мутағайййиранд ва балки аз он лутфи лафзу ҳарорати табъ бо чандон инҷимод обу оташ мешаванд, ки агар аз бас тағйир дар ҳалок кӯшанд, аҷаб набвад. Чун ба бадеҳаи ақл ин тасаввур ҳосил мешавад, ки об муғриқ асту нор муҳриқ, ба қадри имкон аз маҳалли таҳлука муҳтариз мебояд буду би-л-яқин тасаввур намуд, ки то офтоби рӯшан толеъу

---

[308] МИ: мардуми нодон.

[309] МИ: чун нотиҷ.

[310] МИ: ба ҳуккому удул.

[311] МИ: мустафиду мустафайз.

ломеъ аст, ҳисоби рӯз(219)у рӯзгор барқарор аст, кулламо коначи-ш-шамсу толиъатан фа-н-наҳору мавҷудун. Яъне, сокинони он шаҳр, ки хидмати Мавлоно миёни эшон сукунате дорад, чунонки Имоди гунбазию Шарафи манора. Дар ин сурат он афсурдагон аз ҳисоби ҷамоданд, ки ҳаргиз эшонро бар ин ҷониб майл несту ҳеч кор ба ҳаракати иродӣ набошад. Аммо табиати Мавлоно, ки хулосаи[312] инсоният аст, чигуна бо ғайри ҷинс итлоф пазируфтаасту ҳеч ҷониб бо авлоду натоиҷу ақориб майл наменамояд, то ҳадди имкон ҳаракати ин тараф бар хотир муқаррар бояд доштy имтиноъи ин тавқеъро дар зеҳн мадхал надода бошад, ки воҷиб-ул-вуҷуди имконро дар ҳаййизи феъл орад, назм:

Аз боди тақдир ар расад кӯҳе ба кӯҳе нест шак,
Хоса, ки навъи одамӣ моил ба сӯйе чун худӣ.

Бар мо[313] фиристодани ёдгор муохаза нафармояд, ки ба ҳангоми тартиб маросими ихлоси заргариро завбу заҳаб фармуда шуда буд. Хоҷа Фасиҳро, ки аз мантиқ хабар дорад, бар ӯ гумошта, ҳарчанд мефиристодам, ки он заҳабу зоиброр биёрад ва аз имкони хос[314] намегузашту ҳамин мегуфт: кӣ донад, ки зар гудохта бошад ё на? Ба сабаби он козими пуртамвиҳ, назм:

Аз ду сӯйи нисбатам шуд салб номи[315] мардумӣ,
Чун заруратҳои ҳар ду ҷониби имкони хос.

Агар бақоро (220) давоме бошад, шароити иттиҳод ба анвои дигар тамҳид карда омад[316], бар тақсир ҳамл нашаваду дар амре, ки пеш аз иттисол бошад, ишорат ронад, то мӯҷиботи таваддуд ба тақдим пайвандад, *иншоа-л-Лоҳ-ал-ҳаким*. Дар маҳалли ифодат доим-ул-бақо бод. Омин!

**Таслимот**. Аҳиббои ин ҷониб, ки ба камоли авсофи муҳаббат мавсуфанд, мидҳату сано мутародиф мегардонанд. Мулозимони хидмати Мавлоно, ки чун ёрони мулозиманд[317], аз мувофиқони ин ҷониб таслимоти ҷонӣ ба иштирок қабул фармоянд.

Ал-**Адъия**. Адома-л-Лоҳу давома файзиҳи-д-доима; бақия-л-ъилму биҳи ка-л-ъарази биҷавҳари; ъассама қонуну мантиқиҳи ъани-л-хатои. ***Ли-л-амвот***. Лазима-н-нуру ъизомаҳум кабаёзи-л-ъоҷи; хусса бикамоли-л-ъузви; ҳушшира маъа-л-ҳукамои-л-исломийяти; хусса би-л-Қуръони мағфиратан[237]; саката лисонуҳу мин-ал-мантиқи; нуқила мин-ан-нақли ила-л-ъақли; табоянат ҷуссатуҳу мин ҷавҳари-р-руҳ; заҳаба таркибуҳу мутаҳаллилан. **Ал-ъакс**[238]. Уқила ақлуҳу биъақли-н-нақли. ***Ли-л-амвот***. Тасалсала фӣ килоби давру сақарин[239]; буъиса маъа фалосифати-л-куфри.

**Ҳарфи дувум** дар мактуботи фазлу адаб, муштамил бар ду мактуб. **Мактуби аввал** дар фазл, мисраъ: **нома[318] дар санъати тасрифу ҳамон нисбат** низ. **Унвон**. Ин мактуб, ки панҷ ҳарфаш панҷ ганҷи фазл аст, хидмати Мавлоно Айн-ул-бароъат Афзал-уд-дин, *фаззалаҳу-л-Лоҳ ъала-л-фозили*, фатҳ фармояд.

**Таҳмид**[319]. Ал-ҳамду лихолиқи-л-фиъли ъазза исмуҳу, (221) ло ҳува би-л-ъадли ва-л-эҳсон, байт:

*عَلیکَ سَلامُ اللهِ یا اَفضَلَ الدَّهرِ    اِلی اَن یَدوُمَ الدَّهرُ بِالحَولِ وَ الشَّهرِ
یُراعُکَ بِعُلو فَوقَ طِرسِ بِراعَةٍ    کَعَینٍ عَلی عُلو وَ نونٍ عَلی نَهرٍ

То ҳай аз ҳақ ҳосил ояду зӣ аз забон, ъайни ъилму доли адаб аз дилу забони Мавлоно имом, садри судур-ул-айём, афсаҳ-ул-аном, афзал-ул-миллат ва-д-дин, аълам-ал-

---

[312] МИ: хосияти.
[313] МИ: барно.
[314] МИ: аз калимаи “ҳарчанд” то ин ҷо ҳазф шудааст.
[315] МИ: номе.
[316] МИ: кардаед, то.
[317] МИ: чун ба ором мулозими абранд.
[237] МИ: баъд аз ин: ал-ъакс-ал-иҳё.
[238] МИ: ин калима хазф шудааст.
[239] МИ: тасалсал фӣ давру килоби сақарин.
[318] МИ: ин нома пас аз номаи баъдӣ омадааст.
[319] МИ: ба ҷойи ин лафзи “шеър” омада ва алфози таҳмидия ба таври зайл дар шакли як байт оварда шудааст: اَلحَمدُ لِخالِقِ الفِعلِ عَزَّ اسمِهُ    هُوَ الاَمرِ بِالعَدلِ وَ الاِحسانِ.

ъуламо ва-л-фузало, акмал-ал-удабо ва аблағ-ал-булаға маъа соири авсофиҳи-л-фозила зояндаю оянда бод. Судури афъоли хайр аз мусаддирони зот масдур ва зуҳури анвоъи фазл аз мабонии нияти муаддаб мазҳур, байт[320]:

*يُصَدِّرُ لَهُ قصرَ هذاَ السَّماءِ     مِنَ الكافِي وَ النّوْن فِى كُنْ بَدأ

Муҳибби саҳеҳ-ул-муҳаббат Халили Аҳмад, ки саҳоифи хулқаш чун ъалил аз халил саҳеҳ шудаасту умраш дар ин сарф ғашта ва иллат иштиёқ дар дарунаи ибни Халил ба масобате мутамаккин шуда, ки, шеър:

*نورٌ آل مِنَ الخَلِيلِ تلکَ العِلَّة     فِيهِ خُلَلٌ يُرى صَحِيحٌ بالله

Баъди адои дуову сано мамдуди мақсуди ин саҳифаи замоир он, ки аз ин ҷониб ба фазли ъалими беиллат, ъаллат калиматун, ҷамъи аъизза ба сиҳҳат асту фатҳи гайб бар сари умур зам[321], шеър:

*عَلَى ذٰلِکَ الفَضلُ حَمدٌ لَهُ     يُحاطَ السَّماواتُ فِى سَمتِهِ

Арбоби илтифотро беш аз ин ғам нест, ки ҳамвора ҳиҷрон мутааддисту тааттуши лозим аз ҳазрати сонеъе, ки аввал (222) хавфи[322] мулоқотро ба илтиқои давлат хуруҷ медиҳад. Масъалат меафтад, ки доъиро анқариб дар ду ҳарфи аввали мулоқот масти роҳат ғардонад, биманнихи ва фазлиҳи ва ъавниҳи. Хулосаи ин алфози муншаиба аз масодири замир мабнӣ бар он, ки махдумзода Азудуддин, ло зола ъиззуҳу музоъафан, дар зоти адабу илм аз он чи буд, бияфзудаасту аз боби тафъилу тафаъъул дар тааллуму таҳсил хавз кардаву аз панҷ ганҷи тасриф ба канзи фиқҳ расида. Ҷулуси тааддубе, ки дар маҷлиси устод намуд, оқибат ба қавоиди наҳву қавоими мақомоташ расонида, шеър:

*بَلَى قَد قالَ اَهلُ العِلمِ طرآ     بِدَرسِ العِلمِ يَبدَءُ دَرسُ جَهل

Аммо холзодаи хос Айнуддини Асъад, бақоу исмиҳи мо ҷоа ъайнун фӣ-л-асади, дар фунуни дониш мутабаҳҳире гаштаасту дар кулли улум қалбаш муваллаъ, хусусан дар илми лафз тасарруфаш ба ҳаддест, ки агар дар араб равад, низоъи кӯфиёну басриён пеши ӯ инқитоъ пазирад. Дар ин вақт номае тасниф кардаасту аз абнияву аҳкому адабу одоб латоифе ангехт, ки пеш аз ин ҳеч адиби некӯтабъро дар замир нагузашта буд ва Худованди зу-л-фазл ба ҷиҳати ӯ мадхар дошта, то, мисраъ: ало ан, юсаддира масодира садриҳи. Ҳар доное, ки он мактуб фурӯхонд кард, аз бас тааҷҷуб чун мими мактуб даҳанбоз монад, (223) шеър:

*وَ فِى شَفَتَيهِ لَم يَبقَ الضُّمامُ     كَما لَم يَستَطِع مِيماً يَقولُ

Не, балки даҳонбоз бимонд аз ҳайрат
З-он гуна, ки дар гуфтани ҳайрат монад.

Макри қозӣ Довуди аъвар, ки ҳам дар зоҳир нақс-улъайн асту ҳам дар ботин бинои надорад ва ҳамон лафзи аъвар гӯӣ сифати ӯст, ки ҳам як ъайн дораду ҳам муъталли ъайн аст ва номи Довуд низ ба эътидоли ъайн муносиб афтодааст. Ҳар ҷо, ки ҳаст, феъли худро ба тааддӣ сарф мекунаду сахтчашмиро кор мефармояд. Масали ӯ масали адибонест, ки дар боби тафъил, ҳангоми сарф, ъайнро мушаддад ғардонанду ъайне воҳид-ул-ъайн низ дар ин таъмия бо ӯ ёр мешавад. Ва биноёни ин кор мегӯянд, ки бо ӯ ёрӣ партави ламъи илм чи рӯшан кунад, ки наҳви Зарир дар назари ӯ муаммост. Аммо он ҳар рӯзро омоли бало шудааст, ки кӯрокӯр дар хонаи эшон дармеояд. Оре, маъол низ маътали ъайн аст ва он, ки давлатро кӯр гуфтаанд, саҳеҳ аст, зеро бештар гирди бебасариён мегардад, то ҳадде, ки лафзи давлат низ маътали ъайн афтодааст. Ва он, ки аҳли балодатро дар авҷи давлат бошанд, арбоби илмро чандон ба чашм дарнаёранд ва он, ки палиди кӯрдил назар дар ҳарфу коғаз дораду даъвии ҳарфшиносӣ кунад, он низ саҳл аст. (224) Аммо ин ъайни ғабан аст, ки фузалою уламои муҳаққақ ба нифоқ қавли ӯро мусаллам доранду манъе накунанд, ин миқдор ба ваҷҳи сидқ низ бигӯянд[323], шеър:

*اَبَليدُ عَينَکَ ضَمَّ مِن رَقَمِ العُلَى     ضَحِکَ الاَنامُ اِذَ المُكَهَّلُ اَعمَش

---

[320] МИ: ҳудуди байт ҷудо нашудааст.

[321] МИ: баъд аз ин: ва асбобу муродот ҷамъ.

[322] МИ: ҳарфи.

[323] МИ: нагӯянд.

Ҷуҳҳоли беадаб чунон тасаввур мекунанд, ки таҳсили илм осон аст. Бингар, ки чанд алифвор дар вуҷуди хеш гум мебояд шуд, то маълум гардад, ки алиф чаро ҳам мавҷуд асту ҳам маъдум ва дилро чанд дар ҳаво муаллақ бояд дошт, то тавон донист, ки алиф аз аҳво ҳосил мегардад. Ва бингар, ки нақшро чанд дар ниҳояти ҳалқ ҷустуҷӯ мебояд фармуд, то вуҷуди алиф аз ниҳояти ҳалқ берун тавон овард. Ва бингар, ки пеши устод ба туфайли таломизаи дигар чанд ҷафое мебояд кашид, то муҳаққақ гардад, ки вуҷуди алиф ба туфайли ҳарфи дигар мавҷуд мешавад. Ва бингар, ки чанд зерҳарфе фуруд мебояд рафт, то бидонанд, ки алиф зернишини ҷумла ҳарфҳост. Ва бингар, ки дар такрори чанд ҳаракату сукун таҳаммул мебояд кард, то яқин гардад, ки алиф мутаҳаррики ҳамза асту ҳамза сокини алиф. Ва бингар, ки алифи хаёлро чанд дар ҳамзаи андеша дармебояд овард, то дарёбанд, ки алифи мақсура дар ҳамзаи мамдуда чигуна идғом пазирад, мисраъ: камо ҳува мудғамун фӣ лафзи соли. Ва бингар, ки бақои мамдудро (225) дар савдои мамдуди қалам[324], ки монанди асо ба алифи мақсура бозхонде тамом дорад, чанд мақсур мебояд дошт, то он дақиқа битавон бехт, ки алифи риҷо чун дастаи осиё мақсур асту алифи ҳурбо чун думи ҳурбо мамдуд. Бингар, ки хомаро чанд бар мисоли алифи қатъ қоим мебояд дошту бар сони алифи васл мебояд афганд, то илм шавад, ки алиф инқитоъи алифи қатъ асту алифи иттисолу алифи васл. Ҷамоате, ки чун алиф саромадаи адабанд, донанд, ки алиф ҳарфе ночиз асту котиби ин бадоеъ гӯӣ аз ночиз чизе пайдо карда, ки агар аз татвили нома андеша набудӣ, андеша дасти он медод, ки хомаи рострав ҳам дар алифи муҷаррад бе сарфи дигар алифосо дар зери ъайни маъонӣ чунон фуруд рафтӣ, ки то китобат тамом нашудӣ, қалам бар лафзи бе нарондӣ.

Ва бисту ҳашт ҳарфи дигарро низ агар фард-фард дар ангехт афканам, мисраъ: аз ҳар ҳарфе муҷалладе бинвисам. Аз он ҷо, ки ҷумла маонӣ бобати такрор бошаду ҳеч такрори маонӣ набошад ва агар ин ҳуруфро дар таркиб ораму тартиби ангезиши латоифи он таркиб кунам, ҳар ҷо, ки аз сари давоту ниҳояти фикр ду ҳарф бо ҳам пайвандам, дурре аз сари қалам фурӯ чаконам ва агар се ҳарф аз сари бароату хадоқат дар шод мураккаб гардонам, баҳре дар саҳифаи коғаз бар рӯйи об орам, шеър:

Нигар, то чи таркиб бошад, ки бахшад, (226)
Зи ду ҳарф дурре, зи се ҳарф баҳре.

Доъӣ бо чандин даъвии пурмаънӣ бар саҳифаи табъи хеш он миқдор истеъдод намебинад, ки он номаро дуруст хондан тавонад. Зиҳӣ, қавми муҷавваф, ки агар эшон тафҳим кунанд, ки ҷавфи шумо аҷвоф аст, надонанд, ки ҷавфу аҷваф чӣ бошад, балки аз ҷавф сабақи фаҳмашон сӯйи ҷав равад, шеър:

*لستَ أبصرتُ فيهِ الّا جوٌ　　لو ترى جوفَ هذهِ الجوِ

Дар чунон мактубе, ки ҳар кӣ сари он мафтӯҳ дид, агар ҳама он кофии фазл бувад, аввал чун кофи мактуб сокин бимонаду баъд аз он офаринҳо бирон то мактуб зам кардани он. Муште камтаҳсил, ки дар ин кор дасте надоранд, чигуна ангушт бар ҳарф ниҳанд? Дареғо, мунсифе боистӣ бо камоли дониш мутаҳаллӣ, то ҳам бад-он ҳарф ангушти эшон қалам кардӣ, шеър:

*كما قطعَ الملوكُ زمان عَدل　　بنانِ السّارقين بحدِّ حرفِ

Латифае чанд аз он ном, ки, мисраъ: нома фиҳи ъайну ъақлин зӣ-н-нуҳо - аз касрати қироат бар хотир мутамаккин гаштааст, ин ҷо мабнӣ бар бақои исм мавзӯъ гардонам, то баъд аз ин иштиқоқи ҷумла номҳои арабу аҷам аз ин ҷо бошад. Латоиф ин аст.

**Латифа**. Алҳамд мубтадои Қуръон асту ҷумла Қуръон хабар ва алиф лом мим ба алҳамд[325] муттасилу дар ҳар сура алиф лом мим, ки дар Қуръон аст, бо алиф лом мим дар сурати муттаҳид асту дар маънӣ мухталиф ва ҳар алиф лом мими Қуръон роҳатест (227) барои синаҳои мӯъминон ва ҳар сина, ки дар вай алиф лом мими Қуръон мутамаккин шуда[326]: қад кона ъазбуҳу фӣ-л-қалби балоун алим.

---

[324] МИ: қаламро монанди.
[325] МИ: ал-ҳамду ли-л-Лоҳ.
[326] МИ: мутамаккин набошад.

**Латифа**. Ва ба ҳукми насси Қуръон, ки *ло таъулу фӣ диникум*, ғулӯ дар корҳо намешояд, агар ҳама дуруду тасбеҳ аст, мисли ҳама агар ал-ҳамд бе ҳад хонӣ, алиф лом мим ҳосил ояд.

**Латифа**. Он, ки аз ту ба феъли мозӣ тоби зулмат[327] мехезад, рамз ин аст, ки агар фосиқе аз феъли мозӣ тавба карду он феъли мозӣ, ки зулмат буд, ҳама ба нур бадал шуду тоб берун дод. Яъне, номаи сафеди ӯ сиёҳ гашт, чунонки аз нури пайғомбар аввал рӯшан шудааст, ки *ат-тоибу мина-з-занби каман ло занба лаҳу*.

**Латифа**. Аз авб, ки маънияш бозгаштан аст, феъли мозии об меояд. Дар он низ рамзест, яъне: ҳар кӣ аз сӯйи фасод ба салоҳ бозгашт, ӯро аз феъли мозии худ барои куштани оташи дӯзах об ҳосилояд.

**Латифа**. Аз наҳйи феъли мустақбали муаннасу музаккар ба ғайб ҳузур танҳо меояд. Дар он низ рамзест, яъне: бояд, ки танҳоӣ зану мардро ба наҳйи мункар аз феъли мустақбал танҳо кунӣ, аммо ин наҳй дар танҳоию ҷамъият бояд, на он, ки, назм:

Боз дорияш чун бувад танҳо,
Фӣ-л-малоё ҳукму ло танҳо.

**Латифа**. Ҳар кӣ аввали алиф инкисор намояду охири вови ваҳшат дар дил сокин гардонад, оқибат он вов ба "ё"-и яъс бадал гардад. Чунонки дар иборати араб ҳар вов, ки сокин бошаду муқобили вай максур, он вов ба ё бадал гардад, назм:

Гар ба мизони адаб санҷӣ назири ин сухан,
Буд андар асл мавзун он, ки (228) мизон кардаанд.

**Латифа**. Он, ки дар гуфтани зею ре, ки ба таркиб зар шавад, забон ба ком мерасад, дар ин рамзест. Яъне, ҷое, ки дар гуфтани номи зар забон ба ком мерасад, бингар, ки аз айни зар чигуна ба ком тавон расид. Алмақсуд, то забон ба ком наҷунбонӣ, ҳусули зар душвор аст ва чун ба захми забон заре комгор ҳосил шуд, назм:

Бояд, ки чунон сарф кунад зарри муродам[328],
К-аз кому забонеш халосӣ бошад.

**Латифа**. Фузалои муаддаб дар мавзеъе, ки маслиҳат бинад, вуҷуди кажу мутаҳаррикро, ки номаш ба ҳамза баромада бошад, ба сухан нарм гардонанд, то тарки таҳаррук гираду ба ростӣ боз ояд, чунонки адибон дар баъзе маҳал ҳамзаро таскин кунанд, то аз кажию ҳаракат бозистаду аз нақши кажи худ алиф рост шавад.

**Латифа**. Ду ҳарф аст: яке алифу дувум нун, ки дар таркиби он феъли мардум аз нафси мутакаллим ҳикоят кунанд[329], чунонки афъалу тафаъули суронийят ҳамон аст, ҳар кӣ он гузошт, мисраъ: дар ду ҳарфе намонад аз инат.

**Латифа**. Он, ки аз шукр феъли мозии шакара меояд, дар он низ рамзест. Яъне, забони ҳар кӣ шукр кард, он феъл дар даҳони ӯ шакар шуду чун ҳаловати шукр шакар дар коми ӯ ширин гашт, мисраъ: бас аҷаб набвад, ки ёбад завқи наҷзӣ ман шакар.

**Латифа**. Доираи давлат аз ду тахтаи дари бузургон, мисраъ: шавад ҳосил бар он сон, к-аз ду лаб мим. (229)

**Латифа**. Доноён, ки дари диroят кушоянд, аввали феъли эшон аз боби дироят даре бошад. Дар ин низ рамзест, яъне: чун доное боби дироят кушояд, ҳар кӣ талабгори дониш аст, бар дари ӯ ояд, мисраъ: бояд, ки нахуст оҳ шунавад з-ӯ, ки даро[330].

**Латифа**. Ҳам аз дирояти фоъил дорӣ меояду дорӣ атторро гӯянд. Пас латифа ин аст, ки ҳар кӣ ба халқ баҳраи доноӣ расонанд, мисраъ: сазад гар ба маъниш аттор дорӣ.

**Латифа**. Масои шамшери ғозиёни содиқ ба феъли мозӣ монад, ки, албатта, ҳарфаш дар охири бунёд ба фатҳ мутаҳаллӣ гардад.

**Латифа**. Ҳама ҷо нусрат аз теғ ҳосил мешавад, чунонки нусрат аз забон.

**Латифа**. Ҳар ҷо, ки ду теғ рӯй дар рӯй орад, албатта, яке соқит гардад, чунонки чун ду ҳарф аз як ҷинс фароҳам ояд, яке бияфтад.

---

[327] МИ: мозӣ, ки зиллат.

[328] МИ: зари мардум; ин мисроъ ҷудо нашудааст.

[329] МИ: ҳикоят мекунад, чунонки афъалу тафаъули суроният ҳамон аст, ки гузашт.

[330] МИ: бояд, ки нахуст ин шавад, рӯ куҷо расад.

**Латифа**. Мудонот наздик шудан аст ба якдигар ва аввали феъле, ки аз мудонот меояд, доност. Рамз ин аст, ки феъли доно ҳар ҷо, ки ҳаст, наздикӣ тақозо кунад ва ҳам аз мудонот феъли мустақбали музакару муаннас дар ҳузуру ғайбат тадонӣ меояд. Рамз ин аст, ки ҳар гоҳ миёни ду тан аз зану мард маҳалли мудонот шуд, яъне бо якдигар наздик шуданд, нишони наздик шудан бо якдигар он аст, назм:

Ки ӯ инрову ӯ онро ба ҳар кор
Сухан дигар надонад, ҷуз ту донӣ[331].

**Латифа**. Агар бузургеву мутаammиме аз (230) дари хурдӣ мадхал кард, бояд, ки он хурдро низ чун хеш бузургу соҳибнеъмат гардонад, чунонки чун сод табақ дораду дар боби ифтиъол дарояд, то хурдро низ бузургу соҳибтабақ гардонад, мисраъ: ҳоказо фӣ истилоҳи аҳли адаб.

**Латифа**. Латиф дӯстро гӯянду то замона бувад, вафо лафифе бувад мафруқ ва агар ҷое лафифест мақрун он худ иллатҳои ту бар ту дорад[332] ва лаф печидан аст, ватӣ низ ва тавӣ ба лафзу маънӣ лафиф аст. Ҳар кӣ вотӣ, ночор лафиф бошад[333], мисраъ: абадан лаффа зотуҳу ва таво.

**Латифа**. Қол дар асл қавл аст ва он, ки вови кажу мутаҳаррикро ба алифи росту сокин бадал кардаанд, мурод он аст, ки бар рӯйи касе ҳарфе сақл гуфта нашавад.

**Латифа**. Аз даври амри муаннас дурӣ меояд. Дар ин низ рамзест, яъне: ҳар гоҳ муаннас, назм:

Дар даври мудоми амр гардӣ,
Ин амр хабар диҳад зи дурӣ.

Ҳама латоиф аз ин бобат аст, ки на пеш аз ин вазъ кардаанду на баъд аз ин бино тавон кард. Ва ҳар кӣ хоҳад, ки бар ин насақ ба гирди ангезиш барояд, ҳам аз он мактуб ё дузди мактуб бувад, ё дузди таррор[334], ба ҳама ҳол мутобеъ мешавад. Агар аз он ҷо, ки ҳусни адаб аст, ба шогирде возеъ иқрор намуд, аз он қарор даре ёбад, ки ҳулияи тааттуш музоаф гардад ва агар инкор намуд, ҳамон, мисраъ: инкор кор дорад, ки кунад тамом кораш. Баъзе удабо (231) аз баъзе суол мекарданд, ки мисли ин мактубе дигар иншо тавонӣ кард? Ҷавоб дод, ки ман дар ин авзоъ мутобеъи Хусравам ва дар табъ қуввати он дорам, ки агар ҳуруф диҳад, то субҳи соат номаи ҳаётро нафифи мақрун нагардонад. Яъне, тавию лафифи мақрун то умр мафруқ нашавад, яъне вафо ин ҳама бақо дар лафифи латоифи тасриф сарф кунам, маънии зоянда, зода ҳамлуҳо, кам наёяд[335].

**Ҳарфи охир**, дигар. Бар ройи афзал-ул-фузало иълом меафтад, ки қозии мо, ки бо ниҳояти сукун аст[336], мехост, ки дар қазо алоҳида бинои амре ниҳад ва бар ин тасаввур феъли мустақбали худро саркам медошт. Чун он феъли саркамро дид, ки сокин мемонад, росткорӣ монанди алифи васл бар сари он гумошт, то он амр би-л-ҷазм тамом гардад. Иллате, ки амри қазоро сокин медошт, рафъ гардонид, назм:

То амри қазо ба ғайри иллат
Бо ҷарри тамом шуд равона.

Ва қозии маъзул низ баҳре, қозии ҳол бо он ки феълаш мозӣ шудааст, ба ҷаҳл бинои амр кунад. Ин бад-он монад, ки, мисраъ: зи феъли мозӣ ҷоҳил бинои амр кунад. Аммо абнои қозӣ ба ду тариқ шудаанд. Ҳамон лафзи абно гӯӣ абнои ҳоли эшон мекунад, ки баъзе дар мушобаҳати афъолу аъмол аз об ҳикоят мекунанду баъзе нойи гулӯ фарох кушода, мехоҳанд, ки падарро фуруд баранд ва ба расми истиҳзо бо падар мегӯянд, ки касре чанд аз сари хиссат(232)у шиддату шаррат ҳосил кард. Ва он фулуси ҷамъшударо зам бар зам макун, ки ҳалкро чунон душвор менамояд, мисраъ: к-андар араб аз каср шавад сӯхтан зам. Қозӣ ҷавоб мегӯяд, ки ин ҳама барои ҷамъияти авлод мекардам, то ҷамъ

---

[331] МИ: ҳудуди байт ҷудо нашудааст.
[332] МИ: баъд аз ин лафзи "латифа" омадааст.
[333] МИ: ҳар кӣ батӣ ноҷоиз лафиф шуд.
[334] МИ: тарз.
[335] МИ: баъд аз ин: Байт: Махдум ҳамин ҳарф ҳам накӯ медонад, К-ин ҷинс ҷуз ӯ натвонад.
[336] МИ: ки танҳо бобати некӯвон аст.

Илоҳӣ аз ӯ ду феъл содир мегардад, яъне қасадаву фатаҳа, ки бо ҳар як аз он феъл се фатҳа мулозим мебошад, шеър:

*نصرُ المُهيمنِ ذا غُزاةٌ دائماً فتحٌ على فتحٍ مُلازِم فعلُه

Ҳар чо, ки мерасад, ба ҷиҳати таҳсили савоби номаҳсур ё ҳисоре иморат мефармояд ва ё қалъа муҳосира мегардонад. Чун ин ҳар ду аз ями боб аст, сарфи феъл дар ҳар ду ҷо яксон мекунад ва муҷоҳада, ки ҳам аз боби ҷиҳод аст, бар худ лозим гирифта, шабу рӯз чун силоҳи хеш бар хаёли ҷанг асту чун хаёли хеш ғарқи салоҳ, шеър:

*و لا ينفكُ مِن كفيه سردُ كَسَردُ المَوجِ مِن صفحاتِ بَحر

Зиреҳпӯшии он шуҷоъ агарчи мардумон бар забон намеоранд, аммо аз онҳост, ки дар китоб тавон набишт, чунонки ломи аш-шуҷоъ, мисраъ: ки нагӯянд, вале бинвисанд. Доъӣ ба чашми хеш дидааст, ки рӯзе дар маъраки новаки ӯ, ки хоҳари фатҳ аст, чунонки алифи ухт фатҳати ду касро чун алифи тасния бо ҳам дӯхт, (336) ҳам дар он ҳарб муояна шуд, ки кофире бар он намозӣ теғ андохт. Ин низ теғ пеш дошт, то ҳарфи теғи ӯ дар ҳарфи ин нишаст, сари теғи инро чун синни сайф дандонҳо падид шуд. Дар он ҳол доъиро тамассуле дар замир гашт, гуфтам: он ҳарфи теғ, ки ба шиддати тамом дар ҳарфи ин тег нишастаасту дандонҳо афканда, он дандонҳои сахт гӯӣ тaшдидест ба дили ҳарфе, ки сақат шудааст. Фи-л-мақсуд, шеър:

Чу дид малик зи кофирон бустохӣ[342],<br>Кардаш ба ду ним чун миёни кофир.

Ҳама афъоли ӯ муқорини фазлу адаб асту аз он зоти мусаддар ҳама корҳо бузург содир мегардад, чунонки афъол аз масдару дар илм маишат. Худ чунон аст, ки бар мулуки мутақаддим фазл дорад, зеро ки ҳар касро, ки дар маҷлиси худ дур фармуд, дар он амр дурр бориду ҳар фарасеро, ки дар ҷавлон амр кард, ҷал фармуд, бо чандон маонӣ ъайне бузург дорад. Он, ки ъайни зарро дар ъайни динор мудғам кардаасту гиреҳе сахт бар сараш зада, чун ду ҳарф, ки аз як ҷинс фароҳам оянд, якеро дар дигаре идғом кунанду ташдиде бар сари он ниҳанд. Муддате мадид шуд, ки дар ин боб шиддату ҳиддаташ музоъаф асту ҳосили ӯ аз ин аст, магар он, ки доли диноат дар доли давлат мудғам мешавад, мисраъ: кадолин байна долин фи-д-дағоми. (237) Маъоз-ал-Лоҳ, ки ин одати замима он унсури шарифро зоте бошад, балки мутаммимест ҳокими хонаи эшон, лафзи таъаммум аз боби тафаъул донад; аз ин азрақчашмию хилофе, ки ба ҷуз ризқу лоф коре дигар надорад. Рост гуфтаанд, ки ҳаргиз хилоф бе лоф набошаду арзақ бе ризқ набувад. Ба ҳилаву талбис муаллами мулк шудаву таълим намекунад, магар сарфаи молу берун овардани кусури симу дираму динору зам бар азм кардани нуқуду нуқсон дар сари мувоҷиби мутааллиқон. Ҳангоми адои воҷиб дар он ҳол, ки аз мувоҷиби чизе нуқсон мекунад, воҷиб аст, ки сараш биандозанд, то он вуҷуб дар ҳаққи ҳама бадмувоҷибон боқӣ монад, шеър:

*كلفظِ مَواجبِ يمحوهُ ميماً وَ يَبقَى واجبُ بسُقُوطِ مِيم

Ҳар ҷониб, ки ӯ ба феъл мурури фоъил шуд, халқе аз ӯ газида мешавад. Он, ки гуфтаанд, ки аз лафзи мурур фоъил мор ояд, гӯӣ ӯ низ ба маънӣ мор аст, шеър:

*ماتَ كَالحيّاتِ تَحتَ الضَّربِ مَن فِي طَرِيقِ اللَّذعِ وَ اللَّذاعُ مار

Аммо писари бузурги малик ба улуҳиммат ба ҳадде баландовоза гаштааст, мисраъ: юхотабу фӣ-л-ъуло би-с-миҳи ъуло. Зиҳӣ, Алӣ, ки ба таркиби баланд ӯро ъайну лом тавон хонд ва ё дарё тавон гуфт. Ҳамвора ба сарфи мол чунон машғул аст, ки ҳар гоҳ синни дандон ба ханда боз намуд, би-л-ҳақиқат, ятабаззалу ва янфуқу бошад. Зеро ки он син (238) аломати ин феъли мустақбал асту чун ҳикояти нафси он муътиву ҷавод нест, магар аътӣ ва аҷуд нуни абрӯро пайваста дар ишорат сӯйи хозин сабук медорад, то бад-он нуни хафифа он феъли мустақбал муаккад мегардад ва ҳеч гоҳ дар ин ишорат нуни абрӯро гаронӣ арзонӣ надошт, ки бад-он нуни сақила феъли мустақбали янҷалу ва яшиҳу таъкид пазирад, шеър:

*الله ابقاهُ علَى هذا العمَل حتّى استفادَ النّاسُ مِن تلك الدُّول

Аммо кайфияти ҳоли писари хурди малик Амир Умар, ъаммараҳ-ул-Лоҳ, он аст, ки пеш аз ин дар абнияи қадим золим буду дар ин вақт ба адл машҳур гаштаасту ба сабаби

---

[342] МИ: густохӣ.

адл Умараш мехонанд. Агарчи тиру камони ӯ чун алифу нуни армию нармӣ сахту дурушту бехатост, аммо чун дар ин феъл ҳам нафс ҳикоят мекунад, дар ниҳояти он феъл сукуне мебинем, ки на ҳаргиз асари фатҳе бошаду на манфиати касре ҳосил ояд ва ба зам фоида набувад. Пас феълест, ки ба сукун онро соқит гардонад, ки дар вай ҳаракате пайдо ояд. Агар ҳама манфиати касре бошад, мисраъ: ин ҳама фоидаи амр нагардад зоеъ. Чун амр аз рамотати ирам ояд, муфиди иллату касре намонад, ҳангоми ъиззу ороиш беш аз он аст, ки дар муборазат пайваста зиреҳе кӯҳна бар дӯш афкандаасту аз маҳалли муҳориб ғоиб. Гӯӣ амр кардаанд, (239) ки он зиреҳи шикаста аз дӯши ӯ чун ломи максур аз амри ғоиб дур нашавад. Агарчи ин кайфият чун ломи ад-дираъ бар забон оварданашон менамояд, аммо ба хидмат бинобар марҳамият эъломи рафту яқин аст, ки, шеър:

*لیسر فیک هذا الحرف سِراً        کما فی رأی سِراً رأی أخری

Ҳозо боб, дар боби Хоҷа Абулфатҳи Дарвозӣ подшоҳи иқлимкушой, аҳкама биноа мулкиҳи, тарбият фармудаасту бар сари бино ҳисораш насб карда. Чун ӯро дар сари он бино касре ҳасту фатҳи бобе на, душвораш менамояд. Ҷониби ӯ таҳрир мебояд фармуд, ки тунук наёяду ҳамон насбро дар бино фатҳ донад: лианна зока ҳаққан суннат-ул-адаби. Ва барои ҷарри фоида мултафит набошад, ки хабар дар биноҳо касароти қалъа барорад, ки забони кунгураш ба баҳс гунбади осмонро сар боз кунад. Баъд аз он бинӣ, ки аз осмон чӣ фатҳеб падид ояд, мисраъ: маломатуҳу мин соҳиб-ил-ҳукми ва-л-амри. Доъӣ аз он ҷо, ки бустох кардаву вуфури тафаззули махдум аст, бинобар инбисот он чи аз аҳволи инҷониб маълум дошт, дар ин савод, ки аз ъайни эътилол мабнист, машруҳ боз намуд. Агарчи ба қадри имкон ҳусни адаб муроот ёфтааст, маъа ҳозо, қалами муҳаррифи котиб, ки ба таҳрифи маонии бадеъ маъруф аст ва насси *юҳаррифуна-л-калима ъан мавозиъиҳо* гӯӣ дар шаъни ӯ. Агар ҷое дар лафзе ё ҳарфе аз тариқи (240) диёнат мунҳариф гашта бошад, бар карами хос, ки музореъи афъоли судури мозия аст, эътимоди куллист, шеър:

*بها لا یؤاخذنا ایا کنز افضال        و تسیل اذیالاً علی نقص احوالی

Ҳангоми таҳрир дар шумори моҳи муҳаррам адаби тамом нигоҳ дошта шуду таърихи ом аз тасрифи бе наҳв маълум фармояд, мисраъ: яъне, аз маҳ ҳафту солаш ҳафсад асту шонздаҳ. Сарафа ад-дуъо биаввал-ил-мактубот.

**Таслимот**. Ба хидмати асҳоби он тараф убудият ба сарфаи адаб сарф карда шуд. Асҳоби ин ҷониб хидматҳои мозию мустақбал дарҳол адо мекунанд.

Ал-**Адъия**. **Ал-ъуламо**: сурифа ъумруҳу фӣ-л-ифодати; ло зола садруҳу масдара-л-ъилми. **Машоих**: юсрифу афъолаҳу фӣ-л-ъибодати; футиҳа боб-ул-фазли ъалайҳи; туладу-л-ҳолу мин хулқиҳи. **Содот**: яншаъибу фаръ-ус-суди ва нусиба мин аслиҳи-л-фатҳу лаҳу боб-ул-ъуло. **Мулук**: фатаҳа ядаҳу ъала-лъибоди; мадда ъулоҳу. **Катаба**: ло замма-л-фатҳу роя вазоратиҳи; нусиба-л-фатҳу ъало тои таҳририҳи. **Умум**: касара ҷамъу аъдоиҳи; ҷуъила бақоуҳу мамдудан. ***Ли-л-амвот*. Уламо**: ҷуъила ъайну ъилмиҳи ъайн-ул-ғуфрон; фатаҳа-л-Лоҳу ъалайҳи масодира-р-раҳмати. **Машоих**: ҳушира фӣ ҷамъ-ил-авлиё; юмаккину фӣ-л-хулд биқасриҳи. **Содот**: мо нома исмуҳу-л-ҳасан; ҳассанаҳу-л-Лоҳу бифиълин ҳасан. **Мулук**: фатаҳа хазоина-л-афзоли ъалайҳи ва адрака-л-фазла биъадлиҳи. **Катаба**: ҳуфиза явм-ул-ҳисоб мин-ал-касри; дахала нуқатуҳу фӣ ҳуруфи таҳрири. **Умум**: буния байтуҳу фӣ-л-ҷинони ва зумма-л-ғуфрони ъало руҳиҳи[343]. Ал-**ъакс. Мутаъамим:** уърибат оятуҳу-л-ъазоби лаҳу ва ҷуъила лафифан бали-ус-саъир (241) ва сакана фӣ масодири-н-нори-л-муншаъибати. **Мутасаввиф**: буния маъа балғам фӣ файйи-л-ҷаҳим; юшаққу батнаҳу битинатин. **Мутасайид**: язиду ъазобуҳу бифеъли Язид; мо ясдару ъанҳу мин китобиҳи. **Мулук**: ҳушира фӣ ҷамъи-л-фароғатиҳи; сора маъхузан маъа-л-мутарҷимин. **Катаба**: ҳузифа ъанҳу ҳарфу-т-таҳрир; хулида мавзуъан ъала-н-нори. **Умум**: ъузиба бифазлиҳи-л-ъобири; футиҳа ъалайҳи бобу-д-дарки.

---

[343] МИ: баъд аз ин адъия матни зерин омадааст: **Мутаамим**: аддабаҳу-л-ъалиму аддаба бирабика-л-адаби. **Мутасаввиф**: саддун ва шаддун бобу футуҳиҳи; ҳарф-ул-ҳисоми ъало ҳалқиҳи. **Мутасаййид:** касара бифеъли-р-рафзи. **Мулук**: касара биноу фатҳиҳи касру раъси ливои. **Катаба**: касара "роу" битаҳририҳи; ҷаъала қаламан би-л-ҳарфи. **Умум**: сакана фӣ ҷавфиҳи-л-ъиллату; сора ъайшуҳу музориъа-л-мавти; сакана фӣ таҳти-с-саро. **Ал-амвот**: уърибат...

Мисраъ: **нома дар наҳву ҳамон нисбат низ**. **Унвон**. Ин ариза, ки ба алифу ломи ихлос му[illegible]алост, дар маҷлиси Мавлоно, уло-ул-миллат ва-д-дин Холид, нусиба ъилму ъалоҳу хо[illegible]ан, мафтуҳ бод.

**Таҳмид**. Ал-ҳамду лимуъарриби-л-китоби-л-Лоҳи, зу-л-фазли-л-ъазим, назм:

*صدر افضل علاءدين توئى كُنت بالفضل عينُ ذاما.
نام تو سرنشين هر نام است كعلى فوق كلّ اسما.

То аҳли фазл дар рафъи сухан исми Бориро мубтадо созанду асҳоби хайр саҳифаи иборатро ба наъти Расул муҳаллокунандагони илм, ки рофиъи исму носиби хайр аст, дар замири Мавлоно имоми ҳумом, уло-ул-миллат ва-д-дин, лисон-ул-муқтадин[344], аснод-ул-муҳаддисин, мисбоҳи афозил-уз-замон, мифтоҳ-ул-улум би-л-маъонӣ ва-л-баён, маҷмаъ-ул-фазли ва-л-адби, афзал-ул-аҷами ва-л-араби маъа соири авсофиҳи-л-олийяти музмару мудғам бод. Навоибу ҳаводис, ки ҳамвора лоянсарифанд, аз он назми умуру байти маъмур мунсариф, мисраъ байнано мин кулли халқин афзалу.

Модиҳи қадим Ҳомиди Маккӣ, ки қаламаш (242) дар таъкиди мадоеҳи хос имоди ҳар калима аст, қомати хидматро мунавваъ мегардонаду саҳифаи кулли ихлосро бар каф ниҳода, иъроб мекунаду кайфияти ҳол бар ин ҷумла ба тақрир мерасонад, ки аз ин тараф ба фазли вофири ъалим аъиззаву аҳиббо ба иттифоқ ҷамъанду ҷамоати мӯъмину мӯъминоту муслимину муслимот саломат ва ҷамъи аъдову ҳуссоду мукассиру муродот аз инояти ғайб мутавотиру *мутаволиян насб ъала-л-ҳол*, мисраъ: аҳмада-л-Лоҳа ъало ҳоза-л-ҳол. Аммо иштиёқи мушоҳадаи хос рухро, ки ҳамвора дар ҷавф сукуне дошт, чун ҷасад бе сукун гардонидаасту касад аз дарун каср ёфтаву ӯ қомат аз таманнию тараҷҷии балияту лаъл дар гуфтани исму ҷустани хабар мегузараду қомати котиб аз доги фироқ чун лом бе максур гашта, шеър:

*الله اجلسنا لديک بفضله كالاسم تحت على لدى التّركيب.

Мукотабаи хос, ки ба маонии муфассалу мабонии мукаммал унмузаҷи латоифи Замахшарию услубаи завоҳири Азҳарист, расиду аз он нусхаи[345] Ҳарирӣ иборатро мисбоҳею улумро мифтоҳе ҳосил омад ва ҳар калима аз он, шеър:

Дар коми мурод дод лаззат,
Фӣ-з-завқ катамрати-л-ғуроби.

Дар таркиби ин[346] ҳарфи маънавӣ боздида, ки ҷуз уламову фузалову мулуку судур (243) ва хосу оми ин ҷониб ба шарҳу баён возеҳ гардонида шавад, бар он бино арза меафтад, ки дар ин вақт Мавлоно Ҳамидуддини Маҳмуд чун номи хеш ба маҳмадат мавсуф гаштааст. Чунонки ҳар сифате, ки ӯро мекунанд, ҳамчу ӯ сутуда меояду қазияи *ас-сифату ка-л-мавсуфи* таҷаллӣ дар ҳаққи ӯ дуруст мегардад, шеър:

*طوبى الموصوف تجلّى وصفه بجمال فطرته و حسن وجوده

Ва Мавлоно Умдатуддин Умар, ки аз фатҳи ношоист ҳамеша ъайнаш мазмум аст ва Мавлоно Каримуддин, ки ба сабаби иллати дарунӣ мудом ройи ӯ максур, он, ки пеш аз ин байнаҳумо табоъуде буд бар он навъ, ки миёни феълу танвин бувад. Акнун мулозамате шудааст, ки миёни исму ҳарф чора бошад ва он, ки ҳарду дар зикри якдигар ҳошову калло гуфтандӣ, дар ин вақт он калло ба кило бадал шудааст. Бар он наҳҷ, ки ҳар касе, ки ҳар дуро дар ҳолати рафъу ҷару насб як ҷо мебинад, ҳамин мегӯяд, ки "ҷоанӣ килоҳумо" ва "раайту килайҳимо" ва "марарту бикилайҳимо". Ва мӯъминон, ки дар ҷамъи эшон саломате ҳаст, бад-ин хушанд, ки ростӣ миёни ду касе нишони рифъат бошад, чунонки аломати рафъӣ дар таснияи алиф. Аммо кажмизоҷон мехоҳанд, ки миёни ҳар ду ҷареву насбе ангезанд, ки ростии алиф ба "ё"-и каже бадал шавад, шеър:

*لا يرحم الرّحمن من هو مُبدل (244) الفُ السّلامة باعوجاج الياء.

Зоти Мавлоно Саъдуддин азбаски ба анвои фазлу карам алам гаштааст, фузалои даҳр ақволу аҳволу авсофу ахбори ӯро чор навъ кардаанду дар ҳар маҷлису маҳфил баёни он мекунанд, ки агар ба исми фазлу илмаш мавсум мегардонад, мегӯянд, ки Саъдун фозилун Саъдун олимун. Ва бад-ин ҷумлаи исмия исму хабари ӯро дараҷаи рафъ медиҳанд ва агар

---

[344] МИ: лисон-ул-муфассирин.
[345] МИ: ламҳаи.
[346] МИ: он.

зикри афъоли ӯ меафтад, ҳамин мегӯянд, ки ҷоа Саъдун ва саъада ва соъадаҳу ва бад-ин ҷумлаи феълия исми Саъд марфӯъ мешавад. Ва агар сухан дар зарфу лавозими он меравад, зикраш бар ин ҷумла кунанд, ки Саъдун фӣ-л-байти ва Саъдун фӣ-р-рубоъӣ. Ва бад-ин ҷумлаи зарфия байтро[347] ҷарри манфиате ҳосил меояду рубоъии ӯро низ маҳалли ҷаррӣ музҳар мегардад. Ва чун аҳли маонӣ тариқи зарфи ӯ дарёфтаанд, бо овози санову мидҳат дармеоянду ҳамин мегӯянд, ки "ин тукримно намдаҳука". Ва бад-ин ҷумлаи шартия феъли мустақбали ӯро, ки аз карам мусбақ асту ҷазман воҷиб мегардонанд ва аз тариқи мадҳ ҳикояти нафси модиҳ низ бо ниҳояти сукун боз менамоянд, мисраъ: ва ястафид бизока-ш-шарти ҷумлатуҳум.

**Дигар**, маълум гардонида меояд, ки Хоҷа Афзал бо ҷамъи афозил дар ҷамъи саломаги малик-ул-музаккирин, ки он ҷамъи тазкир аст, ҳозир мешавад ва чун ӯ аз ҷумлаи фузалои (245) замон аст, ба сабаби ӯ малик-ул-музаккирин ҳар латифа, ки тааллуқ ба иборату бароат дорад, дар тақрир меорад, шеър:

*وَ يَنحوْ نَحوهُ أَرباب فَضل          كما تلتذُ مِن ملحِ كَلامْ

Дар он тазкир тарафи дигари ҷамоати афойфу ҳароир, ки инкисоре доранд, ба ҷиҳати мавоъизу насоеҳ ҳозир мешаванду ҷавории ҳиндия монанди тои ҳиндот дунболи он аврот маҳалли насб ёфтаву дар ҳолати насбӣ ҷаре меронанд, то ҷамъи суфаҳо, ки худро дар вазн бо фузалову уламо баробар мениҳанд, аз ҷари зайли он мухаддарот мухтариз бошанд. Ва ҷамъи маҷҷониятро низ дар маҳалли ҷар насб карда, ки мутасарриф нашаванд. Миёни ин мастурот Шамсахотуни Мутриба меояд. Ӯро иттиҳом карданд, ки чун Шамси муншист, ба самоъ маъруф, тазкираш мадхал додан хато бувад, зеро ки феъли таънис аз лавозими ӯсту ӯ ба самоъ мунҳам. Бе он ки аз ӯ аломати таънисе муояна шавад, аз ҷамъи тазкираш берун бурданд. Ва ин ба ишорати малик-ул-музаккирин бувад, то исми ишорате, ки миёни ҳазиҳи ва ҳозо бошад, марфӯъ гардад, мисраъ: ва ло юлаввису тазкируҳу билавси уносин. Ва агар аз ҳоли мутааллимони дигар биноӣ карда шавад, бештарӣ аз он ҷо, ки таъаллум бар вазни такаллуф аст, эшон аз ҷумлаи таъаллум ба вазне басанд кардаанд, шеър:

Боби тафаъъуланд, ту гӯӣ, ки ҳеҷ лафз
Н-омад зи шон бурун, ки такаллуф дар ӯ бувад.

Садри мадрасаву раҷаби шаҳр-ул-Лоҳ, ки ба тарфи замонию макони машҳуранду бузургон (246) барои зарфашон насб карда, ҳар ҷо, ки ҷамъе саломат диданд, агар аз тазкир сухан гӯянд, маҳалли он доранд. Аммо дар ҷамъи уламою фуқаҳо зикри тазкир натавонанд кард, мисраъ: зеро ки хатост зикри тазкир он ҷо. Баъзе худ ҷамоати амориданд ба туҳмати таънис маъхузу аз саломат баъид ва ҳар кӣ дар ҷамоати он амрадон даромад, аз захми забони аҳли адаб буррад[348]. Вақт аз вақт мани сокинро сила пеш меоранду ҳаракат медиҳанду мегӯянд, мисраъ: мина-л-лазӣ яъхузуҳу минно силатан. Медонад, ки дар ин ҳаракат касри син лозим мешавад, ба лоғ мегӯянд, ки ас-сокину изо ҳуррика ҳуррика би-л-касрати. Пайваста сукуни ман би-л-ҷазм буваду ҳеч ҷо шарти ман бе иҷро на. Дар ин вақт агар доъӣ бад-эшон мегӯяд, ки сукуни ман би-л-ҷазм бувад, ҳар ҷо, ки шарт ба ман гузоред, охир ман фалонам, дар ҳаракати ман мекӯшанду мегӯянд: мин-ал-фалон. Аз ин сухан қомати ман чун нуни ман аз сукун ба каср майл мекунад. Агарчи наздики ман ҳам ҷавобест, аммо баъд аз ин маслаҳат дар он мебинам, ки ҳоле ҷавоби истиқболро чун феъли мустақбал, ки баъд аз мани шартия бошад, бо ниҳояти сукун нигоҳ дорам ва ба маҳалле солеҳ сарф кунам, шеър:

*وَ آلزمهم بفعلِ مُستفادِ          كَاهلُ الطَبعِ يلزمُ فِى البلادِ

Мавлоно Абӯбакр худ дар дил иллате гарон дорад, ки ҳеч гоҳ аз вой холӣ нест, чунонки агар дар мақоми рафъат аст, аз сари вой намегузарад (247) ва агар ҷое насб шуд, низ дилаш миёни вой мебошад, аммо ҳар гоҳ ҷарияш ҳосил омад, вой ба охир расид. Асҳоби ӯ панҷи дигаранд, ки ҳам бад-ин иллат гирд омада, маълул мондаанду чун, албатта, аз изофат қурбате холӣ набошад, фузало эшонро ба асмои ситтаи таърифе вазъ кардаанд. Аммо бо чунин дарунаи маълул як ҳунар доранд: он, ки ҳар кӣ бад-эшон музоф илайҳ шуд, оқибат

---

[347] МИ: ӯро.

[348] МИ: харад.

фоидаи ҷарӣ ёфт. Нақши қозӣ низ бисёр фурӯ хондааму маълул карда, ки ҳеч вақт бар як ҳол намебошад. Албатта, вақте мутаҳаррик асту вақте сокин ӯро дар ин маънӣ маҳалли муохаза нест, зеро он рӯз, ки қозӣ аз масдари қазо муштақ шуд, мисраъ: ъалайҳи юктабу ҳоза-с-сукуну ва-л-ҳаракату. Модом, ки қозӣ ба ҳила маърифати маҳал аст, агар бар вай ҷаре меравад, сокин аст. Агар рафъ маҳалле дорад, низ сокин аст, валекин ҳар гоҳ дар маҳалле насб шуд, мутаҳаррик мегардад ва он бинобар он аст, ки уламою фузало дар он маҳал ҳаракаташ медиҳанд. Ва ҳар киро ҳаракат диҳанду таҳарруке дар вай зоҳир нагардад, мисраъ: кааннаҳу ъинда-н-наҳо таҳта-р-раҳо. Ва агар қозӣ ҷое амал ёфт, таърифе надорад, ҳар ҷо, ки маҳалли насби худ дид, иллати аслии худро пайдо карду иллате дигар бо он ёр гардад, сукунаш ба ҳаракат бадал гашт ва аз қарор бирафту ду доғ монанди ду аломати танвин бар сари иллати худ музҳар гардонид, то он замон, ки ҷаррию рафъияш ҳосил омад. Чун ҳосил шуд, мисраъ: тарки иллат гирифт(248)у гашт саҳеҳ.

**Дигар**, арза меафтад, ки Мавлоно Азудуддини ал-Саҷовандӣ, ки дар илми наҳв Сибавайҳи сонӣ аст, панҷ писар дорад, ҳар панҷ мафъул. Писари меҳтар, ки Сафӣ мегӯянд, дар таҳи ӯ иллатест лозим, ки ухти касарот[349] аст, ломи салоҳ аз ӯ соқит шудаву бадали лом шиддате бар иллати таҳияи ӯ мусаллат гашта, ҳамвора дар сиҳҳати мардии ӯ мебошад. Соҳиби ном, ки фоъили ӯсту маърифати ӯ ба мафъул маъаҳу шуда, зеро ҳар ҷониб, ки сайри ду халқе мегӯянд, ки, мисраъ: унзуру изо ҷоа соҳибу васфан.

Писари дигар, ки исмаш Мавҷуд аст, дар вазнаш менамояд, ки мафъул аст, аз худ ба мафъули мутлақ маъруф шудааст, зеро ҳар кӣ ӯро мебинад, ҳамин мегӯяд, ки, мисраъ: ало мавҷудан ғайра макаса найко. Писари дигараш, ки Зайд ном аст, ӯро ба мафъул лаҳу алам кардаанд, зеро ҳар фоъил, ки дар хонаи ӯ дармеравад, ҳамин мегӯянд, ки, мисраъ: фӣ-д-дори дахалту зарбу Зайдин. Писари дигараш, ки Ҷумъа ном аст, ҳеч замоне аз тарфи замонӣ холӣ набошад, ӯ ба мафъул фиҳи маъруф шудааст, зеро бештарӣ аз мутааллимон мегӯянд, ки, мисраъ: ҷомаъту ҷумъатан ҷомиъан фӣ байтиҳи. Аммо писари панҷум, ки Хайраш мехонанд, агарчи ӯ низ мафъул аст, чун қадре нишони беҳӣ дорад, ӯро ба мафъул биҳи маърифат додаанд, зеро ки агар мутааддӣ бад-ӯ пайваст, бар вай вуқуъи феълӣ мебошад ва ҳар кӣ бар ӯ мегузарад, ҳамин мегӯяд, ки, мисраъ: мироран фӣ-л-ҳало ҷомаъту хайран. Бародарзода низ дорад, Омир ном, агарчи дар вазн (249) фоъил менамояд, аммо мафъул аст, ки, албатта, фоъил кам ном металабаду зери маҷҳуле бошад. Ва касоне,ки аз ин ҳол илм доранд, ба иттиҳом мафъули мо лам юсамма фоъилуҳу дар забонаш гирифтаанд, ҳамин мегӯянд, ки: юҷомаъу ъомиру байтан фабайтан. Ҳама ҷо ба тариқи фоъил рафъати худ ба изҳор мерасонаду мафъулеро, ки фурӯтар аз вай мебошад, мисраъ: ӯро ҳама ҷой мекунад насб. Ҳамаро алам аст, ки аҳли илм масобиҳи динанд, ки мудом ҷамъияти лозими ҷамъи эшон бо даври чунон ҷамъе, ки ло назира лаҳу фӣ-л-оҳоди. Мутааҷҷаби ҳоли он мафоъилам, ки худро чигуна дар вазн бо он масобиҳи дин баробар ниҳанд, балки баъзе мутааллимони беҳосил эшонро дар баъзе маҳал бар мутааллимони фуҳул муқаддам медоранд, мисраъ: катақдими мафъулин ъало раъси фоъилин. Он писар, ки Зайд ном дорад, даъвии тамйиз мекунаду нафаси худро дар маҳалли тамйиз насб кардаву бад-он хуш гашта. Асҳоби тамйиз низ мегӯянд, ки тоба Зайдун нафсан. Аммо дар мафъулияти хешу бародарон багоят бетамиз афтодааст, ки ҳеч миёни хайру шар тамйиз наметавонад кард, назм:

Моно, ки Худой бахшад он тамйизаш,
К-ӯ боз ояд ба худ феъле, ки дар ӯст.

Мо дар ин ҳол хабар шунидаем[350], ки он чи хабар аст, ҳама аз эшон маълум мешаваду эшон мепиндоранд, ки моро хабари хайр аст.

Авлоди Мавлоно Салоҳуддин, (250) кассара-л-Лоҳу ҷамъаҳум, аз онҳоанд, ки касе чун эшон мабод; шамлаҳо лом алиф карда, ҷумла лоанд. Авлоди Ҳамидуддини Авҳад, ки мустасносту пайваста алифи қаламу нуни давоташ чун ҳарфи *ан* аз ростию дурустии маънӣ ба таъкиди тамом нофиъи исму рофиъи хабар шуда, агарчи алифи қаламу нуни

---

[349] МИ: касрат.
[350] МИ: бохабар шудаем.

давоти дигарон низ аз таркибе холӣ нест, аммо чун аҳли илм аз онҳо нолонанд, он алифу нунро *ан* тавон хонд, ки феъли мозӣ аст аз *ан*, мисраъ: ва анна-н-носа минҳум куллу явмин. Балки эшон ба истифҳом мегӯянд, ки мо аз онҳоем, ки касе чун мо нест ва наздики ҷумла фузалою удабо хабари мо ҳаст ва аммо чун мо хабари эшон муҳаққақ кардаем, ба мои зоида монад, мисраъ: ба сурат мусаҷҷал, ба маънӣ муаттал. Ҷамоате накарамизоҷ, ки эшонро алифи адабу ломи лат бар сар мемонад, то маърифате ёбанд, ҳар як аз эшон монанди асо "ё"-и мақсурро ба ғайри ҷавоз мамдуд карда, чунонки агар бар ӯ рафъе диҳем ё ҷарре ронем, ё дар маҳалле насб кунем, ӯ ҳамчунон сокин, ки дар ӯ ҳеч асаре намебошад. Ё Раб, ки бақои мамдуди эшонро бар фано мақсур бод, мисраъ: то шумии феълашон ба ғайре нарасад. Он мард чун алифи ломи таъриф мӯҷиби маърифат бошаду ҳар кӣ он надорад, гӯӣ накареаст номуъарраф ва ҳар киро он қалб аст, пиндорӣ, ки лои нофия шуду ӯро ло зад, илло он, ки мустасное аз ӯ пайдо шавад, ки рафъати ӯ манфии болоро насб кунад.

Зикри ҷамоате, ки боло рафт, (251) эшон бад-он сабаб қоим мемонанд, ки миёни эшон низ мустасное ҳаст, ки агар он мустасноӣ аз эшон чун алиф аз илло берун ояд, мисраъ: ло янзуру мин куллиҳим илло ло. Ҳозо боб, ва агар аз ҳоли ҷамоати мулуку ҳашам чизе матлуб бошад, бар ин ҷумла аст, ки миёни аҳбоб муфраданд. Агар донад, ки пеши қасри аъло ҷамъ шаванд, то эшонро ба маҳалле насб кунад ва ҳар фард, ки мунодост, чун маҳалли рафъати хеш дидааст, дарзамон дар он макон ҳозир шуда, боз аз муфради мунодо ҳар кӣ музоф ба исми маъруфе, чунонки ъабди фалон ё ибни Умар, ё ахи Зайд, ё ғулом Бакр ӯро ҳар ҷо, ки ҳаст, насб мекунад ва агар муфрадест, ки изофат ба касе надорад, ӯро низ таърифе ҳосил меояду накара маҷҳул намемонад, байт:

Мунодӣ, ки шуд муфрад ба маънӣ,
Чи шубҳат гар бувад марфуъу маъруф.

Ҷамоате румоти тирандозонро низ, ки эшонро маърифате нест, камонҳо нуншакл бо дугони чӯба тир бардошта, гӯӣ накараи манунанду мелофанд, ки ду тир бо ду фатҳ аст бар нуни камон монанд ё ҷумла дар девони ориз ҷамъ шуда буданд. Бештари аҷамимизоҷ худро ба такаллуф фасеҳ сохта, монанди аҷама, ки муарраб гардад, ба ҷои коф ҷим мегуфтанд. Эшонро амр карданд, ки аз мӯ ҳар яке дар ҷавоби амр ба нармӣ ба иллате пеш рафтанду тирро чун алифи амр, ки алифи васлист, (252) мисраъ: ҳаме карданд васлу мефикананд. Шак нест, ки тирро ба ду нисбат бо алифи васл ташбеҳ метавон кард: яке он, ки алифи васлро меафканаңду тирро низ ва дувум он, ки тир бо васл нисбате дораду бо алифи қатъ низ би-л-қатъ монанд тавон кард, бинобар он ки нисбати қатъи ҳар ду муштарак аст.

Алғараз, он ҳама тирандозон, ки камонҳои сабуки чун нуни хафиф барои таъкиди феъли мустақбал монанди феъли мустақбал пеш дошта буданд, алифи тири эшон мӯҷиби ишбоъи эшон гашту ба ҳусули ғараз бад-ӯ пайвастанд. Магар пире шикастақомат, ки маънии ростию дурустияш дар қад намонда буду нуни мунҳанӣ шуда, ба зумраи зуафо музофаш карданд ва аз он ҷамоат чун нуни ҷамъ инд-ал-изофат соқит шуд, аммо идроре дошт, онро гуфтанд, ки музоаф аст, назм:

*فانّهٔ استظهر فِی الحال بهِ كالّفظِ فِی التّركیب بالتّاكید

Аҳволи дигар ин аст, ки рӯзе дар ҷамъи судур аз он ҷо, ки доъиро дар вазн бо қозӣ баробар мекардаңду ҷамъе доъӣ бо ҷамъи қозӣ яксон ба хидмати ақза-л-қузот, садр-ул-миллат нишаста будаму зикри маҷлиси улоӣ дарафтодаву доъӣ дар мадҳ мубоянате менамуду мегуфт, ки чашми Мавлоно Алоуддин аз улуҳиммат ъала-д-давом чун ъайни ъало мафтӯҳ асту ҷумла аҳли маонӣ бар инанд, ки ҳар чӣ зери ъайни ъало дароядб ло аст. Аммо чун он ъало ҳар ҷо, ки ҳаст, ҷарре меронад, (253) баъзе тоифаи камтаҳсил хитобӣ мегуфтанд, ки то он ъалоро бо ъалои ҷора ташбеҳ кардаем. Доъӣ аз тариқи шиддат ҷарре маъа ташдид бар эшон ронду гуфт, ки ъалои мамдудро ба ъалии максур ташбеҳ кардан аз қазияи адаб бағояте баъид аст, ки исм аз ҳарфи улоӣ, ки ба исми баланд бо ъало ъилийин по дароз мекунад, ӯро бо Алӣ чора чӣ нисбат. Балки аз ин ъало то он ъуло чандон тафовут аст, ки аз алиф бо ло то поён ё бо он ки нақби он ъало, ки бар саҳоифи рӯзгор мамдуд хоҳад монд, бар ъалӣ, ки ҷора аст, мақсур шавад, ин ҳарф низ истиъло тақозо кунад,

мисраъ: камандилин ъало раъси-л-аимма. Ва он, ки иттиҳоми ҷараш мекунанд, дар он низ нақсе лозим меояд, зеро ки, албатта, ҷари ӯ барои манфиати касест, ки фурӯтар аз ӯст, то он нафъгиранда лайлан ва наҳоран дуои ӯ бар ин ҷумла муяссар ояд, назм:

*جولان علاء تا علا مرکب عز ... ما دام یعدّی بعلی لفظ رکوب

**Дигар**, намуда меояд, ки Хоҷа Азизи Мисрӣ, ки аз Адан наҳви араб дошт, аз тоифае, ки сӯйи Яман далел шуда буданд, ъатф карду инони ҳаракат аз ин ҷониб маътуф гардонида ва би-л-ҷазм дар маҳалли сукун, бе он ки дар роҳ вақфа афтадаш, даррасиду монанди вови ъатф, ки ҷамъ тақозо кунад, бо аиззаву асҳоби ин ҷониб муҷтамаъ шуд. Дидем, ки ҳолаш бадал гаштааст ва он, ки пеш аз ин (254) ҷибнияти ӯ аз ҷабали шомихи бадал-ул-кулли мина-л-кулл буд, чунонки ҳар кӣ дар вай мерасид, мегуфт: раайту азизан ҷаббалаҳу ҷабалун қомат. Дар ин вақт азбаски даруни пираҳан холӣ мондааст, ҳар кӣ мебинадаш, мегӯяд, ки раайту ъазизан савбуҳу, назм:

Ки намондааст з-ӯ ба ҷое, магар
Бадал-ул-иштимоли би-л-ҷабали.

Сабаби бадал шудани ҳоли ӯ он аст, ки дар ин сафар маблағи[351] молаш чун ломи амри гоиб дар каср афтода ва он, ки соҳиб-ул-мол буду изофати маънавии мол ба измори лом дошт, дар ин вақт хотами мин физзатин ҳам надорад, ки изофе бошад ба измори ман аънӣ хотамун мин физзатин. Ва монанди изофати лафзӣ, ки маҳалле бошад би-л-алиф ва-л-лом, алифу ломи мол дар сараш печидааст. Фи-л-мақсуд, мол рафтаасту майл монда ва ҳар феъли ӯ, ки дар майли мол кардааст, он феъли мозии майли мол шудаасту дар замираш мутамаккин гашта ва бо мули қалбаш гирифтор гардонида. Чун ӯ мардест: ба сони синни истифъол хандонрӯю ҷӯянда - бар аъмоли ӯ эътимоди куллист, ки он ханда баъд аз он синне шавад, аломат барои феъли мустақбали ӯ ва он феъли мустақбал ин аст, ки, мисраъ: саяҳсалу ъан қарибин ъиндаҳу азъофу мо фота. Аз аҳволи ин тараф он чӣ маълум буд, ъалам дода шуд, баъд аз ин хабарҳои банда низ, мисраъ: ъала-т-таҳқиқ (255) яктубу мо якуну. Маҷлиси улоӣ ҳам хабари он тараф мин-ал-мубтадӣ ила-л-мунтаҳӣ ирсол фармояд, то исми ҳарфу илтифоте, ки ба замири муҷаррад муттасил аст, марфӯъу мунфасил гардад, шеър:

*ان شاء رب یعرب الانسانا ... و معانیا اعطاهم و بیانا

Арфаъ-ад-дуъо фи-л-ибтидо. Шумори моҳи раҷаб бар ҳошияи ҳолу таърихи сол дар нисфи охири унмузаҷ таҳрир афтод, мисраъ: яъне, ки зи маҳ ҳашту сана ҳафтсаду нуҳ[352].

**Таслимот**. Аъиззаву аҳиббои ин тараф саломе[353] ба истиғроқи ҷинс рафъ карданд, бандагии аҳбобу асҳобу ақорибу аҷониби он ҷониб убудият бар убудият зам карда шуд.

Ал-**Адъия. Уламою фузало**: Бақия фӣ иъроби-л-фазли ва-л-ъилми; аъраба-л-ъалиму мин сабақи таъаллумиҳи; саллама ҷамъу тазкириҳи; ҷуъила замируҳу зарф-ул-маъонӣ ъалайҳи-л-фазл-ул-мукаммалу. **Шуюх**: ҷуъила мавсуфан бисифати-с-сафо; ъалламаҳу-л-ъаллому маърифатаҳу. **Содот**: ло янсарифу минҳу васфу аҳмадин; ъузима катасғири Ҳусайн; руфиъа маконан ъалийян. **Мулук**: нусиба ъалайҳи-л-мулуки насбан ъала-т-таъзими; сора ъилмуҳу би-с-суботи; ло янсарифу иктисобуҳу ъан бобиҳи. **Катаба**: нусиба ъало мансаби-л-ъуло; насаб-ул-ҳабиби қаламуҳу абадан. **Умум**: бақия бадалан ъани-л-киром; хасса фазлу-л-Лоҳи. *Ли-л*-**майит**. **Уламо**: хусса руҳаҳу би-л-фазли-л-мукаммали; рафаъа дараҷотуху би-л-ъилми. **Шуюх**: руфиъа маҳаллаҳу би-т-тақво; зоа мисбоҳ-ул-мағфирати фӣ хилватиҳи. **Содот**: фазл-ул-ъалими ъало руҳиҳи наҳва фазл-ул-ъалиййи илайҳи. **Мулук**: ҷарраҳ-ул-мулуку (256) ила-л-қасри; руфиъа маҳаллан рафиъан. Ал-**акс**. **Мутааммим**: касара баноҳу би-д-дарс; ҷурра ҳарф-ус-сайфи ъало лисониҳи; дараса ҳарфа ъилмиҳи бифиълиҳи. **Мутасаввифа**: нузиъа руҳуҳу; батала ҳолуҳу. **Мутасаййид**: луъина бикизби-н-насабати; дома матруку-л-хайри би-р-рафзи. **Муташайих**[354]: кусира ҷамъу шуюхиҳи ва сақата ъилмуҳу ҳола-н-насби. **Катаба**: рафаъа хабараҳу ъала-л-ҳашри; узифа ҷамъ-ул-луғати илайҳи. **Умум**: аҷра ъанҳу би-л-мавти ҳоҷизан; фавтуҳу ъоҷилан; бадала зотиҳи. *Ли-л*-**майит**. **Мутааммим**: дараса исмуҳу бисуи фиълиҳи; узифа ило аҳли

---

[351] МИ: маблағе.

[352] МИ: даҳ.

[353] МИ: саломе муҳлӣ.

[354] МИ: мулук: касура ҷамъу ҷуюшиҳи..

сақарин. **Мутасаввифа**: юҷарру ила-д-дарки бисуи хилватиҳи. **Мутасаййид**: ухриқа бикизби-н-насабати; язидуҳу-л-ъазоба. **Муташайих**[355]: таҷурруҳу карроту ила-н-нор; сора маҷруран ило молики-д-даракот. **Катаба**: буъиса мин ҳасадин ъосиян; дахала фӣ ҳарфи-л-муъаззибин. **Умум**: ухриқа биқубҳи ъамалиҳи; янсарифу ъанҳу-л-ғуфрон.

**Ҳарфи савум** дар мактуботи вазъу насоеҳу ҷуз он, муштамил бар се мактуб: нома ба исми фарзанди худ Ғайсуддин Аҳмад, нома ба исми Яминуддини Муборак, муштамил бар панҷ бино, нома ба лавозими нуру Қуръон ба исми Нуриддин.

**Нома ба исми фарзанди худ** Ғайсуддин Аҳмад: номаи Аҳмад ба **нисбат мухталиф**.

**Унвон**. Ин панднома, ки абрест насиҳатбор, фарзанди аъаз, ъайн-ул-аъизза Ғайсуддин Аҳмад, фоза минҳу шароиъу Муҳаммадин, боз кушояд.

**Таҳмид**. *ал-Ҳамду лимунийяти-л-ғофилин*; ҳува муқизу-н-ниём, (257) шеър:

*سَلمتُ عَلَى غَيثِي بُنت بِهِ أغصانِي　　فِي الوَعظِ لَهُ قَولِي نَتيهِ إلَى اللَّيث

دامَت مَعَهُ الدَّولَةُ وَ العِزَّةُ مِن وَعظِ　　كَالعَينِ مَعَ العارِضِ وَ الغَينِ مَعَ الغَيثِ

То нуни маймуни насиҳат ҳилоли дараҷаи саодат бошаду нуқтаи рӯшани мавъизат ба хами мулки ҳидоят обрӯи фарзанди саъид, қуррат-ул-ъайн Ғайсуддин Аҳмад ъайни[356] иззати ҳавохоҳон бод. Доруи талхи панд аз садафи даҳони мушфиқон дар коми ҷону ҳалвои ширини хушомад[357] аз мазоқи айш бар карон, назм:

Бад-он умме, ки умматрост бӯяш
Чунон чун тифлро дар таб табошир[358].

Падари меҳрубон Хусрави надим саломе, ки бар он фарқи фаррух аз ҷавоҳири меҳр нисор ораду таҳияте, ки бар он пешонии хуҷаста наълчаи айни иззат бандад ва бо туҳафи ишфоқу ҳадоёи ашвоқ мерасонаду бар нигини дили он ҷигаргӯша менигорад, ки чун падаронро таъвизи насиҳат дар гардани авлод таълиқ кардан аз фароиз аст, бар он бино ин саҳифаи шафқат, ки тазкираи матоъи саодат аст, ирсол афтод, то ба ҳукми он хат нафоиси коромада аз хозини тавфиқ талаб намояд, назм:

*أعطاكَ رَبُّكَ مِن خَزائِنِ رِفدِهِ　　ما كُنتَ تَطلُبُ مِن صُنُوفِ مَواهِب

**Ин аст насиҳат,** инак-инак бишнав: Қола-л-Лоҳ-ул-маъбуду *мо халақту-л-ҷинна ва-л-инсо* (258) *илло лиябудун*. Аз ин сарришта маълум мешавад, ки мардумро бо ҷон ба ҷиҳати он барбастаанд, ки ҳеҷ гоҳ аз бандагӣ кардан напечад ва агар, ъиёзан би-л-Лоҳ, ба қуввати шайтанат ин қайди убудият, ки сабаби наҷоти ӯст бигсалад, восиқ гардад. Агар ҳама бар осмон по баланд кунад, роҳгирон инонаш бигиранду[359] ба занҷирдорони азоб супоранд ва ин нидо дардиҳанд, ки *хузуҳу фағуллуҳ сумма-л-ҷаҳима саллуҳ*. Чун ҳол ин аст, он фарзандро аз он ҷо, ки дар силки одамият мунсалик аст, бояд, ки тани гилинро дар рукӯъу суҷуд бар дари Худой ҳалқаи оҳанин созад, чунонки ба нерӯи панҷаи шайтон хам нахурад, назм:

Бо тори ишқ силсила ҷунбанд шотирон,
Овезише диҳанд ба зулфайни он ду тор[360].

Ва чун ҳама рӯйи замин сели фасод гирифтааст, домани таназзуҳ[361] аз ин хоки дулахт мулаввас барчида дорад, то шубҳаи олудагии доман монеъи намозу салоҳияти намоз нагардад. Ва ҳар кӣ бар бисоти нишоту лаҳв зону зад, қадами азиматаш чунон бихуспад, ки ҳеҷ гоҳ асари бедорӣ ба хоб набинад. Пас он беҳтар, ки пеш аз нишастан аз сари он бархезад, мисраъ: то хоби қадам ба сар сироят накунад. Чун дар шориъ гом задан кори сустқадамони башар хайр аст, мастию шаҳвату хоб аз сар дур бояд кард, то пойи истиқомат набинад, назм:

Чу набинад, ки ба ночор дарафтад сармаст, (259)
Андар он роҳ, ки шайтон ба камини колост[362].

---

355 МИ: мулук.
356 МИ: аз ъайни.
357 МИ: хуш.
358 МИ: фард: Бад-он умме,ки умматрост қавлаш　Ҷавон чун тифлро ширу табошар.
359 МИ: Итобаш нагиранду.
360 МИ: байт: Мо нози ишқ силсила ҷунбидат, к-аз он　Овезише диҳанд бар рафтани он дарат.
361 МИ: тубара.
362 МИ: байт: Ки чу бинад, ки ба ночор дарафтӣ сармаст,　Андар он роҳ, ки шайтон ба камин маккор аст.

Чун дили муъмин арши Худост, куҷо раво бувад, ки арш-ул-Лоҳро ғарқи шароб ғардонад, назм:

Тӯфони май, ки аз вай мавҷи бало бизояд,
Чун арш ғарқ гардад, мардум куҷо барояд.

Ҳар кӣ аз осеби шайтон лағзид, дар мазобили харобот сарнагунсор афтод. Яқин аст, ки рӯяш аз он халоби тира сиёҳ гардаду рухсора, ки бад-он гулгунаи иблис ороста шуд, ҷуз ба сарчашмаи афви илоҳӣ шуста нашаваду он сарчашма дарнаёбанд. Магар поконе, ки даст аз олоиши оби сиёҳу гили тираи вуҷуд ба гиряи надомат шуста бошанду аз анвор-ул-вузӯ нуран ало нур сапеди абад гашта[363]. Ночор ҷӯяндаи сапедрӯйиро рӯй бад-эшон бояд овард, то сӯйи он чашма роҳ намоянд. Пас ҷӯянда содиқ бошад, ҳар оина, ки монанди об аз сар қадам созаду медавад, то бад-он сарчашма расад ва чун расид, ҳароина, ки ба як мавҷ он ҳама лавси ӯ покӣ пазираду ҳамчун эшон сапедрӯй гардад. Агар он азизи сапедрӯй ло язол хоҳад, аз маёмини сӯҳбати эшон дур бошад, то аз хоки сиёҳ ҳам бо он сапедрӯён, ки аз зумраи ғуррат-ул-муҳаҷҷилинанд, сар бардорад. Оре, обе, ки бо шир анҷомад, ба нархи шир фурӯхта шавад ва казо би-л-ъакс, шеър:

*زلالٌ صُبَّ فِی وَحل کَریهِ    تاَثَّرَ نَتنَهُ فِیهِ وَ لَونه

Гавҳари вуҷуди худро, ки дар силки суҳбат (260) ҳар кӣ дархоҳад кашид, агар донад, ки араќи пок дорад, он сарриштаро аз даст нагзорад, ки, албатта, ҷавҳаре шариф дар он мунтазам хоҳад буд, шеър:

*عُروقُ ذوی الاَصالَة بِالمَعالِی    تَجَلَّت مِثل اَسماطِ اللّآلِی

Ва агар бинад, ки бузург аст, бори гарони худро бад-он ресмони хом барнабандад, мисраъ: зеро ки тоб н-орад, ночор бигсалад - тариқи сидку сафо гирад, на расми реву риё, ки агар сафоро бар риё қалби муламмаъ кунанд, байт:

Динори мисин бувад зарандуд,
Номаш динору қоматаш донак.

Фаросати мардумро дар дарунаи мардуми дигар дастрас то ба ҷоест, ки шиққаи дил пушт рӯ мекунад, мисраъ: камо бадаа мин ҳиҷоби-с-сарсарани. Нуре, ки дар вуҷуди софӣ муҳтаҷиб бувад, агарчи фуруд пӯшанд, чун чароғ аз паси манҷаниқ рӯшан бинамояд ва ризқе, ки дар либоси сафо мастур доранд, он ҳам пӯшида намонаду чун шароб дар обгина аз дур дида шавад, байт:

*اثنان ما حُجِبا ما فِی الزُجاجِ وَ ما    فِی النَّاس مِن طَیِّبِ الاَخلاقِ اَو خُبثِ

Чун чунин аст, дар намудори сафо мизоҷи об бояд гирифт, ки аз даруну берун яксон бошад, на намунаи оина аз берун софию аз дарун тира. Васфи сафват дар қалб ба масобате мебояд, ки агар заррае ғубор дар таҳи он сафо бошад, чун замин дар зери оби софе (261) рӯшан битавон дид, на ончунон ки он ғубор дар хуни дил ба ҳадде сиришта кард, ки нишон дар вай рӯй нанамояд, байт:

Зинҳор, ки сафвате набинӣ,
Лав таснаъ-ул-мирота мин тини.

Ҳиддати хашмро дар хештан бар он гуна фурӯ бояд хӯрд, ки мушаъбад теғу ханҷарро фуруд мебарад, то чунонки мушаъбадро аз он олати ҷароҳат баҳраи роҳат ҳосил меояд, мутаҳаммилро аз ишорати чашм неъмати афви Худой рӯзӣ гардад, мисраъ: ва-л-ъафву ъинд-ал-наҳйи мин атйаби-н-ниъам. Аммо касеро, ки гармии ғуссаву ғазаб дар хилқат ғолиб афтодаасту мизоҷи лутф кам, гӯй оташе хостаасту обеш дар хона на, назм:

Хона чу оташ гирифт в-об на дар саҳну бом,
То ту равӣ баҳри об, хона бисӯзад тамом.

Бадхӯю бадхашмро низ дар он мизоҷи нохуш айб наметавон кард, зеро ки ҳар касро барои коре пайдо кардаанду истеъдоди он дода. Нохуни шер ҳилолест аз асад берун омада, ки ҷон аз таъсири он сафари онҷаҳонӣ ихтиёр кунад. Ҷӯби хайзарон чун тозиёнаи хоста шуд, ҳам аз аввали давол дораш офариданд. Озору газанде, ки аз харошанда бизояд, наздики ӯ дар ғояти лутфу ҳусн бувад, назм:

---

[363] МИ: ал-вузӯ ъала-л-вузӯ нуран ало нур сапедрӯй гашта.

Дар шиками модари худ хорпушт
Нармтар ояд зи хазу парниён.

Онро, ки қалами қазо қалбу мунъакисмизоҷ нигоштааст, (262) наздики ӯ нақши маъкусу мақлуб сироти мустақим аст, чунонки ҳиндувон хатти бозгунаи хеш рост донанду хатти рости моро бозгуна хонанд[364]. Ва боз мардуми оқил дар маҳалле амдан мизоҷи хеш барои намудори маслаҳате бозгуна кунанд, валекин агар ҳам бар он бимонад, писандида набошад, бад-он сон, ки хаттот бинобар қудрати ороиш хат бозгуна нависад, аммо ду сатре, назм:

Бе он, ки кунад зеру забар нома тамом,
К-он сиккаи қалбро касе напзирад.

Боз қаламу забонро ҷавонмардӣ набояд омӯхт, балки тааллуми сарфаву имсок бояд кард, зеро ки қаламро дар имсоку забонро дар сарфа залал кам афтад ва ҳама ҳар ду дар ҷавонмардӣ аз хатое маъсум натавонад буд. Ва басо касоне, ки дар ҷавонмардӣ қаламу забонро сарфаву имсок нигоҳ надоштаанд, лоҷарам, ҳам сар ба теғ бахшиданду ҳам забон ба қалам доданд, байт:

Забону килки золим теғу тиранд:
Нахуст аз баҳри ӯ, пас баҳри ғайре.

Сӯхтаи оташ марҳам пазирад, аммо сӯхтаи дуди қалам қобили марҳам набошад. Ва буридаи теғи оҳанин боз пайвандад, чунонки аз хуни гарм андоми мардум, аммо буридаи теғи гӯштин ҳаргиз пайванд нагардад, мисраъ: чунонки дурр зи мису рӯй аз луоби даҳон. Чун чунин аст, теғи забонро дар маҳалли ҷароҳати қалам бояд кард, то бар безабонӣ захм назанаду нӯги қаламро дар мақоми харош (263) сар бибояд шикаст, то ҷигаре нахарошад, назм:

Он ҷо, ки ба кӯи ҳама кас розе беҳ,
Шамшери хатиб аз қалами қозӣ беҳ.

Забони ӯро агарчи безабонро биёзораду хомӯшӣ ба забон тезкорӣ дорад, чунонки корд ҳарфи коғазро ҳак кунаду когаз низ ҳарфи кордро кунд натавонад кард, назм:

*حَدوُدِ المَرءِ كَلَّت بِالتَّعَدي   كَلا لَهُ شَفرَةٌ مِن قَطعِ طَرسِ

Сӯзандаву гармизоҷ агар ҳама фарзанди азиз аст, аз ӯ худро чунон дур бояд дошт, ки рахтро аз оташ. Ҳар гоҳ, ки гармию сӯзандагии ӯро бар хеш гирифтӣ, агар аз ӯ тобею сӯзе расад, набояд ранҷид. Ҳар кӣ гули чароғро дар ҷайб ниҳад, аз доғи сина набояд нолид, назм:

В-он кас, ки ба банди сӯзу доғ аст,
Камуртар аз гули чароғ аст.

Бисёр мардуми бешарм барои донаке хуни худ бирезанду худро ба нақшҳои бад нишонаи лаънат созанду бад-он мубоҳот кунанд, назм:

Нодошт, ки корд мезанад бар бозу,
Сӯзан заданаш фахр бувад дар бозу.

Аламе, ки мардумро аз чӯби авон мерасад, аз авон аст, на аз чӯб, балки аз корфармоии авон аст, на аз авон. Боз баъзе тоифаи бадниятту бадсоз, ки аз либоси мардумӣ чун гӯспанди маслух бараҳнаанд, забонро корди қассоб сохта, барои гадуде дар хуни мусалмонон саъй кунанду дар гӯшту пӯсти халқе (264) дарафтанду куштану кушонидани бегуноҳон наздики хеш коре шигарф донанд. Аз эшон ба ҳеч ҳол эмин набояд буд ва агар ҳама хуну пайванд бошанд, назм:

Ки чун дарнишинанд дар хуни кас,
Тавонанд аз хуни худ сохтан[365].

Ва майли муҳаббати қавидасти талабгор сӯйи заифи молдор ба ҷиҳати муҳру дирам бошад, на барои меҳру карам. Гург ҳаргиз пушти гӯспанд ба нохуни дӯстӣ нахораду чанги гурба дар тори булбул ба навозиш захма наёрад, назм:

---

[364] МИ: ин калима нест.
[365] МИ: хостан.

Навое чаковак шунид аз уқоб,
Хӯрад ҳам зи хуни чаковак шароб.

Боз бисёр махдумони содадилро қаламзанони нақшангез мунаққаш карданд, ки дили сапеди эшонро ба нақшҳои бисёр сиёҳ кунанд, мисраъ: какитобиҳим юсавваду явма ҳисобиҳим. Ба сиъоят гӯянд, ки фалон чандон зар дорад, ки дар анбори малик ҷав нест, ба нармию ҳинҷор берун натавон кард, то сахтӣ бад-ӯ нарасад, чунонки донаи дуруст ба бехтани ғарбел мағз берун надиҳад, то ба дандони осиё хоида нашавад, назм:

Шарри чунин қавм кифоят намой,
Беҳ, ки кунад зуд кифоят Худой.

Агар он фарзандро иттифоқ чунон афтод, ки ба шуғли таҳрир қаламро сияҳ гардонад, нақшбандиҳои изо ва сиъоятро ҳам бар оби сияҳи сар. Он, ки дар ин сияҳкорӣ[366] сар сапед кардаанд, нома сияҳ нагузораду қаламро, (265) ки Худой рост офаридаасту ҳамон ростӣ қомати дол аст, ҳар он чи дар ҳарфҳои кизбу тазвир намебояд ронд, ҳам бар сони кашиши муҳаррирон рост дорад, сурати ростии ӯро кажи маънавӣ накунад, байт:

Чу мадди муавваҷ аҳли сиёқат
Ба сурат рост, лекин каж ба маънӣ.

Боз агарчи чанд рӯзе каъбатайни фалак ба хости дил ғалтад, бар он доди муқомирона фирефта набояд шуд, ки дар ниҳояти кор, албатта, бозӣ диҳаду мухра барчинад, ки ин каъбатайн нақши ду шашдораду он ҳар ду шаш фармонбардори ахтарони муқомирпеша, ки ба нуҳ ҳуққаи қаъбатайн ғалтонанд, назм:

В-он муқомир, ки ду шаш бошад, фармон бар ӯ,
Ҳеч донӣ, ки ӯ мухра чӣ сон барчинад?!

Бар навозиши подшоҳ низ нозиш нашояд, зеро ки чашмаи хуршед, чунонки обрӯй диҳад, обрӯй низ тавонад бурд ва дарё бад-он об, ки гавҳари бардам расонад, мардумро низ ба гавҳар тавонад расонид, шеър:

*اَلا اَنَّ ذَالعقلِ لَم یَعتَمِد عَلَی الماءِ وَ النّارِ وَ الاَمرِ

Подшоҳ агарчи хандон-хандон хизонаи гавҳар кушояд, бар он фатҳи боб дил набояд баст, ки дар он ҳол сифати Заҳҳок дорад, агарчи Фаридуни додгар аст, байт:

Ҳаст дандон сапед кардани шер
Аз пайи лаъл кардани дандон.

Фурӯдастонро низ ба лутф парвариш бояд дод, то хоре сар бар назанад. Ҳар гоҳ (266) гулистон хористон шавад, боғбонро фохта гӯр ояд, шеър:

*وَ مَن رَبّی بماءِ اللُّطفِ غرساً تَمَتَّع بِالفَواکِهِ وَ الظِّلالِ

Чун чошнии аламу изо на таъме чунон дорад, ки касеро бар мазоқ афтад, ба чобуки тозиёнаи ҷафо бар тахтаи пушти мулуку макотиб лом алифҳои нилию шингарфӣ набояд нигошт, то ҳангоми "ло"-и шаҳодат забон лом алиф нагардад. Ҳам дар зарби чӯб тиҷорат бояд намуд, ки овоз додан он ҳангом зарби намудорист мар ақлро, яъне чӯб низ аз ҷафои зарб менолад, зеро ки агар он зарб ба ихтиёри чӯб нест, назм:

Бингар, ки ҳоли он, ки занандаш чи сон бувад:
Зи ҷое, ки чӯб мезанад, ӯ нола мекунад.

Махдумро аз хуфтан чашм варам мекунаду ходимро аз истодан пушти пой ва чун он ҷо натиҷаи хоб аст, ин ҷо самараи бедорӣ, назм:

Бидеҳ ҳам худ инсоф, яъне чи гӯӣ,
Ки ин пой з-он чашм беҳтар набошад.

Агар Худой дасте диҳад, сифати кафи даст бояд ғирифт, ки ҳам халқро аз роҳат насиб тавонад расониду ҳам аз ҳар ангушт ҳунаре тавонад намуд. Намунаи пушти даст бар набояд дошт, ки на аз он чизе диҳанду на чизе гиранд, пайваста маътал, вале ҳунар бошад. Ҷуз як кор аз ӯ дуруст наёяд: он, ки пушти даст латмаи бозгуна бар рӯйи (267) ҳар кӣ ҳаст, тавон зад, назм:

*لا یَعصِمُ القَهّارُ مَعصِمَ ظالِمٍ کَسرُ الوُجوهِ بِلَطمَةٍ مِن ظَهرِ یَدِ

[366] МИ: сиоятро бад-ин сияҳкорӣ.

Атои Хусрав додану[367] миннате бузург ниҳодан бедод аст, на дод, ки музд саҳл диҳанду ҳаммоли кӯҳи гарон фармоянд, шеър:

*اذا مات تحت التعب حمّال أجرة　　فمن يصرف الأجر المهيا تمتعا

Агар сифларо ду дирам дар киса афтад, дар пӯст нагунҷад ва агар як дирам аз кисаи ӯ берун кунанд, аз пӯст берун ояд, зеро чи ба ҳеч ҳоле сари кисаи худ боз натавонад кард. Ва агар дигар даст дар кисаи худ барад, сирраш боз шавад. Боре, касе, ки ба қадри ҳиммате дар пӯст дорад ё дуди он к-аш[368] дари киса бошад, хоҳад, ки аз сари киса пӯст боз кунад. Агар авни дудан тавқи зар бахшад, дар гардани худ набояд кардан, ки рӯйи он тавқи зар: тавқи оҳан шавад андар гардан. Ва агар ба карам[369] нони зар диҳад ё нони биринҷ, ба гавҳари аднонаш мурассаъ бояд кард, ки аз он хамирмоя ҳаракат биёбад, магар: куличаҳои зари пухта зери дандонат. Бисёронро мушт сахт бошаду забон ҷавонмард. Бадон фиреб набояд хӯрд, ки теғи гавҳар дар забон пеши бинӣ ҳаргиз аз дилаш берун наёяд, мисраъ: агар худ ҳама бишканандаш. Ҷое, ки мукаррамон карами хешро ҷилва диҳанд, яқин аст, ки муҳтоҷонро ҳадяи рӯй ба ҳосил ояд. Ҳар ҷо, ки шер дандон (268) лаъл кунаду гург ҳино бар даст бандаду палангро пойи нигор баста бошад, ҳақиқат дон, ки, мисраъ: шаколонро бувад меҳмонии хеш. Бисёрон аз ному номус паранду чандон коме ба кас натавонанд расонид, чунонки аз гунҷишк қассобро кӯшиш ба мурод ҳосил нашавад. Ва дудхорак саҳл дуде аз матбах барораду кажпояк ҷуз мавҷе обу зайде кафи кутаҳ накунад, назм:

Турфа асту аҷаб мавҷе об в-аз бадӣ низ
То халқ напӯшанд, бувад бараҳна андом.
В-ар нест аҷабтар, ки худ он пӯшиши зебо
Хуршед рабояд зи тани халқ ба ноком.
Хуршед, ки бахшад салаби нур ҷаҳонро,
Он ҷома чаро мекашад аз хосагию ом?
Оре, зи фалак ҳар чӣ расад, чун ҳама вом аст,
Айбаш натавон кард агар боз барад вом.

Ҷавонмардӣ, ки барои ном кунанд, зар додан асту бод харидан, мисраъ: ва ман яштарӣ риҳан биъайни фааҳмақун. Мартабаи ҷавонмардӣ аз он болотар аст, ки ба ситоиши соил баланд гардад ва сиккаи дарё аз он дурусттар, ки ба дирами моҳию моҳии самак ривоҷ пазирад, мисраъ: ва-л-ъайну арфаъ мин ан зонаҳу-л-ъайн. Чунонки мамдӯҳро итрои модиҳ хуш наёяд, модиҳро низ ба атои мамдӯҳ такя нашояд кард, ки абри бахшанда (269) бо чандон бахшиши беҳисоб гоҳ-гоҳ имсок низ дорад. Ва агар бахшандагон гӯянду надиҳанд, дар он низ ҳиссатро сӯйи хеш роҳ набояд дод, ки, назм:

*مِرارًا رأينا الغيمَ نادى ذوي الرّجا　　برفع نداءٍ للنّدى ثمّ امسكا

Модиҳро бояд, ки забоне бошад чарб ба мухи маънӣ, ки бад-он адҳон мизоҷи дурушти мамдӯҳро нарм гардонад ё аз забони рӯған ба лисоне бар ӯ тавалло мекунаду зари тилло меситонад, аммо маҳалли тилло низ дарёбад, ки ташаннуҷи мушти бахилон бар ин тиллоҳо кушода нагардад, чунонки панҷаи тари бахшидаи махдум ба рӯғани уд боз нашавад, мисраъ: зоеъ бошад қадид шустан ба гулоб. Шеър бодест хушбӯй, агар ба тиби шамоили хушхулқе омезад ва роиҳаест мунтан, агар ба ҷифаи суст гузарад. Ва модиҳе, ки сухан ба ғайри маҳал сарф кунад, байт:

*ضحكَ الورى منهُ كما لو جاهلاً　　يُطلى على الجعلِ المُنجِس صَندلاً

Сухани хуб афсунест, ки моракҳои зар аз ганҷи подшоҳон бад-он афсун тавон кашид. Афсӯс бошад дамидани ин фусун ҷое, ки бадали мораки зар риштатобе берун наёяд, аммо чун бухолони[370] ноҷавонмард аз даст кафча карда муҳтоҷи чунон газида мешаванд, ки аз мори кафчакардаи сеҳркорӣ, ки (270) афсуни мадҳ бар эшон хонда, хасистар аз моргирони Ҳинд бошад, шеър:

*أني رأيتُ رُقاةَ الهندِ مِن طَمَعٍ　　يَصيرونَ كَرأسِ الأبَم كَفِهِم

---

[367] МИ: калима аввалро надорад ва чунин оғоз мешавад: хурда додан.

[368] МИ: ё касе, ки нақди ҳиммате дар пӯст дорад, то дуди он кас.

[369] МИ: ва агар мукаррам.

[370] МИ: бахилони.

Дар маҳалли муламмаъ мардро такаббуре мебояд, ки ахзи мораки мурдори зар аз ганҷи мардумон чунон душвораш намояд, ки гарави тани мори зинда. Дар ин сурат шоирро бӯсамти тамаъи зари махсус кардан ҳоҷат нест. Ҳақиқат аст, ки ӯ дар ин рӯзгор ба фусуни сухан ганҷе берун натавонад кашид, балки тамаъ бар зерони моҳонмизоҷ тавон ниҳод, ки мори сарбуридаи эшон ганҷхое фуруд барад, ки саъбони калимро дар ошоми *ҷиболухум ва ъасиятуҳум ин ибталаъа* муяссар набуда бошад, назм:

Зи соҳире чу ман ороянд инчунин ошом,
Равам зи шарм чу Қорун фуруд зери замин.

Он фарзанд, ки гавҳарест пок аз қатраи пушти котиб мунъақид гашта, ки агар худро дар силки назм мадхале бинад, амдан бигсаладу то ҳадди имкон аз ин буҳури бекарон карона кунад, ки ибраи ҳоли ӯ ғарқа шудани ман дар ин баҳри шарм басанда аст, ки чи дили пурҷавоҳир дар ъайни шаръ бастаму дар ин қалбкорӣ рӯзгоре сарф шуд, шеър:

*صَرَفتُ حَیاتی فِی مَتاعِ مُکَذَّبٍ وَ قَدَمتُ بِالحِرمانِ مِن جَوهَرِ الصِّدقِ

Ва агар дар буҳури назм боди ҳаваси ҷиҳози дилро ҷое андозад, ки бозгашт мумкин нагардад, бояд, ки (271) сафинаҳои котибро муаллами қариҳаи хеш созаду бодбони андешаро ба ҷиҳати савдои нафоиси тавҳиду наъту ғароиби ваъзу ғазал бар кор кунад, ки суди ин савдо ҳамин беш нест. Ва алвоҳи мадҳро чун тахтаҳои таҳи киштӣ ба ҳазорон об бишӯяд, ки дар ин айём буҳури шеърро чандон обе намондааст. Ва ҳар кӣ бар дари асофили хоксор сафинаи мадҳе мебарад, киштӣ бар хушкӣ меронаду модиҳро аз талотуми кафи эшон серобӣ ҳамон қадар аст, ки ҳарфи равиро аз баҳри назм. Ва сайри ноне ҳамон муфсидро[371], ки алифи ишбоъро аз дақиқаҳои шеър, шеър:

*مَن غاصَ فِی هذَی البُحوُرِ زَمانِنا عَطَشاً یَموُتُ کَمِثلِ بَطِّ سَرابٍ

Чун чунин аст, силаи шеърро, ки гадоест ҳаром, ба ҳурмати тамом ҳам бар гадоёни беҳурмати ин кор бибояд гузошту сиккаи тумҳари сукут бар даҳон заду хутбаи *ал-қанеъату мамлакатун*ро дар ҳафт иклими вуҷуд баланд карду мутамарридони ҳавосро ба шиддати муҷоҳадат оташ дод. Ва агар дастрас ба қурси ҷавин набувад, дастгоҳи ҳимматро ба ҳадде бояд баланд гардонид, ки агар қурси хур зери даст афтад, байт:

Нашояд, ки сояд бар ӯ дасти ҳиммат,
Бар он сон, ки ангушт бар қурси сӯзон.

Ваҷҳи ҳаромро агар ҳама ба таяммуми баҳру ҷигаргӯшагонест чун нуқтаву луқайти шориъ афтода, барнабояд дошту дар талаби ҳалол пуштвораи ҳезумро бар тораки тафохур (272) иклили давлат тасаввур гардонаду аз он меҳнати саркӯб агар ҳама мӯйи сар ришта-ришта гардаду ҳабл-ул-варидро бими гусастан бувад, сар напечад, чун ранҷ кашидани мард ба нияти ҳалолхорӣ бошад. Агар автоди кӯҳ бар пушта пуштвораи ҳезуми ӯ шаванд, ғариб набувад. Машҳур аст, ки баъзе бузургонро риштаи морпечи ҳезуми афъию арқам будӣ, ин каромат низ самараи ҳалолхорист. Ҷое, ки мор ба бӯйи сандал дар дарахт печ хӯрад, дар ҳезуме, ки ба сабаби самари ҳалол бӯйи дарахтони биҳишт дорад, чигуна напечад? Байт:

Хуш луқмае, ки печад ришта ба гирди ҳезум,
Чун мор пеш аз Одам дар шохҳои Тубо.

Бидон, ки ҳирфат миқнотиси рӯзисту утлаг дастафрози гадоӣ ва зайбақ чаконидан аз нуқраи пешонӣ кимиёе. Зари ҳалол аз ин се тариқ, ба ҳар кадоме, ки даст занад, ҳароина, ки баҳраи он биёбад, мисраъ: биқадри-л-кадди яҳсилу мо туриду. Аммо баъзе касбҳо мамнӯъ аст, чунинки сохтани аслиҳа агарчи музди ҳалол диҳад, тааллуқ ба истеъдоди мулуку акобир дорад. Чун камар бастанаш ба нияти ҷарҳу қатл аст, мисраъ: з-ӯ буридан беҳ, ки пайвастан бад-ӯ. Ва аммо касберо, ки ислом ранҷа дорад, набояд гирифту дар касбе ранҷ бояд дид, ки мӯҷиби роҳати ом бошад, на сабаби мазаррату тадбир. Он ин аст, ки бузургии кулаҳдорон аз сар дар гӯша ниҳаду пойафрози мардон рост кунад. Раҳмати Худой бар дасти косибони (273) ҳалолхор бод, ки чарми намакхӯрдаи кашфдӯзию мӯзадӯзӣ ба дандон хурд мекунанд, ки ҳам роҳате аз дасти эшон ба пой мерасаду ҳам музди ҳалоли бехиёнат ба даст меафтад, назм:

---

[371] МИ: ҳамон миқдор.

Чарм хоидан ба ваҷҳи ҳалол
Беҳтар аз дунба хӯрдан ба вубол.

Пешаварзии писандида дидаи дури биноён аст, ки умраш дар дӯхтани олати сатру андӯхтани аҷри ҳалол сарф мешавад, аммо ба шарте, ки парколаи мардумонро агар ҳама потобаворист, дар поймол наяндозаду бар он пари кола даҳони хасм пок накунад, ки, албатта, дар пора кардани ҷомаи дуздӣ пардаи ӯ низ пора шавад, назм:

Пора шуд чун пардаи пуркола дузд,
Дӯхтан натвон ба сад паркола боз.

Кафшдӯз ҳалолхортар аз ҷомадӯз, зеро ки кафшдӯз барои пойафрози мардумон пӯсти хеш ҷарҳ мекунаду касе пӯсти хеш надуздад ва ба хилоф хайёт, ки микрози дузабонаш дар танаи ғайре захма меораду аз но ҷо барои пардаи даридаи хеш пайванде берун мебарад. Ва пас ҳар кӣ хоҳад, ба сабаби анфахтаи ҳаром фардо монанди ресмони тобони дарзӣ даст бар даст намоладу чун ресмони тобхӯрда бар худ напечад, пешае пеш гирад, ки тасарруфаш дар сози хеш бошад, чунонки мӯзадӯзию сохтдӯзӣ ва он чи бад-ин мушобеҳ аст, ки сози он ҳам аз хоси хеш буваду дастмузди ҳалол ҳосил ояд, на ҳирфати заргарӣ, ки зар ба кафи шерози кафшер берун барад, назм:

Марди заргар ҳалол кай бошад,
Донаки мис музди донаки зардӯзӣ? (274)
Музди дӯзандагон ҳалол шинос,
Ки на дуздист, на фузунмуздӣ.

Дӯзандагон баъзе ба сари сӯзан медӯзанду баъзе ба сари мӯй. Дар ин зер низ рамзест, яъне: ҳалол сари сӯзане ба ҳила бошад ва ё сари мӯе, байт:

*وَلَم يَحصِل كنوزَ التبرِ الّا بنقب او بغصب او بفسق

Ва боз баъзе гӯшти сутур аз мӯйи хук ҳосил кунанд ва баъзе мӯйи меш пӯшанду гӯшти хук хӯранд. Бузург рӯзидеҳе, ки якеро аз маҳалли ҳаром рӯзии ҳалол медиҳаду дигареро дар пардаи ҳалол мехӯронад. Он ҷо, ки луқмаро ба эҳтиёт шаърбез мебояд карду шубҳаи борик чун мӯй аз хамир берун мебояд кашид. Агар муъмин ба мӯйи хук чармдӯзии хеш кунад ва балки аз мӯйи шер ҷигари хеш дӯзад, беҳ аз он, ки мӯй аз бари дигарон дар гилеми хеш бинад. Басо гилемпӯши парҳезгор, ки пушташ аз хароши палош дуруст чун хомаи ҳиндӯӣ нақши лаъл гирифта бошад ва агар қоқуми султон бар вай арз кунӣ, аз он саркаш чун қанд зи мӯй бар андом бархезад. Аз ваҷҳи ҳалол пӯшиши абрешим муяссар нагардад, магар пунбаву пашм ва бар нони ҳалол нони хӯриш натавон чашид, магар аз хуни ҷигар. Ва аз касби ҳалол оби хуш натавон хӯрд, магар аз хайи пешонии хеш ва ин кори сахткашонест[372], ки санги гарон бар сари хеш поғундаи пунба пиндоранд. Агарчи сари эшон поғунда шуда бошаду ба сарангушт кемухт дӯзанд, бо он ки сари ангушташон аз дӯхтани кемухт баста бошад, (275) назм:

*طوبَى الّذِى كَسب بِطهرٍ طعمَهٗ سلخت اناملهٗ بخيطِ الصّرم

Нозуктанони раъно ба ҳеч кор наёянд, ки на аз ҷоми лола шароб тавон хӯрду на дар шишаи ҳубоб гулоб тавон кард. Мардро ҳангоми иқболу идбор озмоянд. Тинати нопухта ба андак асаре тағйир пазирад, мисраъ: шавад ба бодаи аввал сафоли хом хароб, назм:

*يَسيلُ جدارَ الطّين قبل ارضهٗ وَ كوكبٌ بُحير لايَضرُّ شوامخاً

Рақами номуродию китобаи шодӣ аз дебочаи мард чун мазмуни нома аз берун ба диққати биноӣ натавон хонд. Тани сахтикашро пӯсти гандумгун бихорад, чун дар вай магзе намонда бошад, сабӯс берун барад. Ин ҷо дақиқа аст, яъне чун аҳли меҳнатро бубезанд, аз эшон оби латофате ҳосил нагардад, назм:

Гар бар тани ҷав хӯрда бувад кунҷидаке,
Рӯған надиҳад бурун гараш бишапланд.

Ва нохун бар андоми нозук зананд, чун тароват аз пӯсташ хун мечакад. Аз сари нохун нуни шарҳ нигошта шавад. Ин ҷо ҳарф аст, яъне сари ҳарфи нозу ниъам ба сари нохун нақш пазирад, назм:

Бар тани нозук агар худ нуқате сурх диҳад,

---

[372] МИ: кори сахтии касонест.

Ниҳӣ ангушт бар он нукта дуди ҷадвали хун.

Агар он фарзандро ба сабаби нозанинӣ аз бори сандал саргардон гардаду сари он набошад, ки торакро зери бори кандҳои гарон[373] суда гардонад. Ва дар паси домани касбу ҳирфат низ пойи шикаста натавонад нишасту ба эътимоди соқӣ дуруст гӯяд, (276) ки пеши аркони аршсойи салтанат истоде кунам: бӯ, ки бад-ин истод пеш равад кори ман. Дар ин сурат худ чандон машаққат аст, ки дар тасаввур нагунҷад. Аз он ҳама ду-се боз намоям, шеър:

*فما فيه تظنُّ الخيرَ جدُّهُ      و ما بالعكس ظنٌّ فالخيارُ

Аввал он, ки дар кашидани ҳезуми борик сари хеш бар гардан набояд гирифту бо ду-се сари дигар ба сари бозӣ, мисраъ: чандон гаронӣ надиҳад бори сарсарӣ. Валекин дар сарию сарварӣ бори сад сар бар гардан бояд гирифт ва балки сад ҳазор, мисраъ: ҳарчанд ки беш, дарди сар беш. Дувум он, ки муздуру косиб агарчи ҳама рӯз аз косаи сари хеш араҳи ранҷ менӯшад, мудом масти меҳнат мебошад. Шабонгоҳи охир дар хонаи хеш ба самоъи нахара хоби раҳси паҳлӯ мекунанду он ранҷи бепоёнро роҳати пойдор тасаввур мекунанд. Савум он, ки бо чандин машаққат зари мувоҷиб аз вуҷӯҳи чеҳраҳои зарвоми мискинон ёбанд, ки муҳри ғазаби зулм бар он чун нақш бар динор нишаста бошаду дирамашон аз пӯсти мазлумон диҳанд, ки ба ривоҷи фармоне дирами чарминро шаҳр раво гардонанд, назм:

Зи амри нофизи султони комрон чи аҷаб,
Агар шавад дирами чарм ҳамчу сим равон.

Аммо касеро, ки ба ҳавои кулаҳдорӣ боде дар сар афтодааст, (277) ӯ ҳама ҳурмати шуғлу мансаб талабаду ба беҳурматии касби ҳалол куҷо ризо диҳад. Он фарзанд чун шамъи дудмонест, падари дилсӯзро аз рӯшан кардани шуълаи дарунаи хеш чора набошад. Ночор ба забони чарб дар гӯшҳои он чароғи хона рӯған мебояд рехт, ки судманди мағзу димоғ бошад, шеър:

*اذا صحّت مصابيحٌ بملاِ الدُّهن قد ضائت      و حين الكسر ما ضائت لِأنّ بها ضاعت

Яқин бидон, ки ҳар киро моидаи рӯзӣ фарох кушодаанд, ҳаргиз гурусна намонад ва бар ҳар қомат, ки кисвати бахт чуст омада, ҳеч гоҳ бараҳна нашавад, зеро ки давлати мавқуф талаб нести рӯзии барбаста касб на, шеър:

*اذا انّهم السّحاب لاىّ شى      تجمّل شدّه فى سقى حرث

Боз дар хона касе, ки идбори меҳмон шаваду ӯро бо сад захира ҳунари хӯриш ҷуз ғами динор набошад ва пардаи занбӯрии ҳуҷраи ӯ ҷуз танастаи шер магас набуваду сиёҳхонаи меҳнаташро ҷуз анкабут сапед накунад, шеър:

*و قد فرّ من فاقة مرّة      كما فرّ فارٌ من الهرّة

Чун муҳаққақ гашт, ки рақами иқболу идбор бар тахтаҳои пешонӣ қалами тақдир менигорад, на ба нақши гурбаи[374] рангини давлат, тифлвор фиреб бояд хӯрд, на аз сурати гиряи меҳнат обилавор бибояд рамид. Чун рафтан аз ин вилоят ба вилояти дигар заруристу роҳ дар ғояти дарозӣ, агар сабуксоре бошад, беҳтар вагарна боре аз ин ҷо матоъе бор кунад, ки он ҷо (278) қимат орад, назм:

Гилему занда бояд бурдан он ҷо,
Ки қадре нест ҷуз ӯ парниёнро.

Фи-л-ҷумла, агар маҷлиси фарзандиро ҳаваси кулаҳдорию камарбандӣ бошад, ҳам ба як қабо тан дар диҳад, ки ду кулоҳро ду сар бояд. Ва чун камари лашкарӣ чуст карду дастаи шамшерашро аз силӣ нигаҳ бояд дошт, яъне сурхрӯии ғазо ба лофу бӯси рангин муяссар нагардонаду ба расму намуна мағрур нашавад, ки баргуставони бохаву ҷавшани моҳию зиреҳи мавҷи саворагони обро ҳам ба кор наёяд, назм:

Савреву гули моро зи дили мо берун бурд[375],
Пайкони ғунча аз сипари гул набигзарад.

Ва агар дар рӯйи масоф душмани дӯструй пушт диҳад, муҳаққақ, набояд пиндошт, ки бар он тахта сураи фатҳ натавон хонд. Бисёр кор бошад, ки онро ғазо тасаввур кунаду ғурур

---

[373] МИ: тораки нозукро зери бори гандҳои гардан.

[374] МИ: ин калимаро надорад.

[375] МИ: дили хоро бурун барад.

бувад, то теғ наларзаду бозуи тирандозияш нахезаду камони пушт сӯйи душман накунад, зафаре рӯй нанамояд, назм:

Теғи нозадзахм то сар пас наёрад гоҳи зарб,
Тез натвонад бурид, аз пас набояд дар кашиш[376].

Шамшер барои калимаи шаҳодат бояд зад, на ба ҷиҳати шаҳодати бекалима. Пас аҳли шаҳодат, ки зулфиқор бар эшон забонаи оташ гашт, мисраъ: *ва лам юқад бимазҷаъиҳим сироҷун*. Агар марди ғозӣ қандили тирро ба пайконҳо чун шуълаи оташ пеши меҳроби теғи меҳробӣ ба нияти ҷиҳод рӯшан дорад, ҷумла кофиронро пеши меҳроби теги ӯ сар фуруд ояд. Ва агар чун Бӯлаҳаб ҳам ба ҳарораи забон басанда кунад (279) ва дар майдони ғазо Абӯтуробвор ғуборе барнатавонад овард, яқин аст, ки дар дунё ҷое, ки барои нон *ли илоф* бояд хонд, дар ҳаққи ӯ сураи *таббат* хонанду дар уқбо *саясло норан зота лаҳабин ва-н-нору ботат ҳаммолата-л-ҳатаб*. Ҳеч ноне дар ин давр ҳалолтар аз нони лашкарӣ нест, зеро ки гандуми султон баҳри дандони осиё хоида намешавад, ҳам мардро санги зерини осиё бояд буду ҳам дар саргардонӣ санги зерин. Ва дар ин сахтиҳо устухони хеш орд мебояд карду хуни хеш об, то хамирмояи нони рӯзӣ сиришта шавад. Ба фармони маҳдум гармогарм дар конуни сӯзону танӯри тафсон даррафт, то нони чокарӣ пухта гардад, инчунин нон чаро ҳалол набошад?! Аммо ҳар гоҳ марди лашкарӣ аз маҳалли якаспаву дуаспаи кор бештар давонанд, беш ба сад улоғ андеша кард, пас ҳалол дар танӯр натавонад ёфт, байт:

*يا مَن غدوتَ بوَجهِ الحِلِّ فِى طَلَب بالكَسبِ تُدرِك لا بالحَيلِ و الجَمَلِ

Пухтани ҳалолу ҳаром кори сахткаше нест, ки ба захми тир сандонро ғарбел тавон кард, бал кори сахти касест, ки ба захми сӯзан хулқони ғарбелро руфӯ кунад. Ва ин андозаи бехтахӯроне нест, ки зарраи сабӯс меъдаи эшонро ғарбел гардонад. Котиб он чи бехта буд, пухта пеш овард, аммо дақоиқ аз дурушта холӣ нест, донам, ки бар нозукон нагуворад, шеър:

*هَنيّاً كمَن ذاق طعم الحَلال كَلَذَاتِ شَوكٍ بِفَكِّ الجمال(280)

Шерони меъдаи[377] найистони найзаву тир, ки ҳама умр аз силсилаи таклиф ғарданкаш будаанду аз қилодаи тақлиду таҳқиқи шаръ хабар надошта ва аз ваҳшати ҷаҳл дар бодияи *улоика ка-л-анъоми бал ҳум азал* забонгир карда, эшонро бо шарҳ кардани гӯшти хук, ки кор бошад, фарқ миёни гӯшти хуку оху чи донанд, ки бар оҳуи дигарон уштулум кунанд, то бар эшон хук шавад, илм дар ин маҳал ба кор ояд, байт:

Калби муаллам беҳ аз ин лашкарӣ,
К-оҳуи ӯ хук бувад[378] гоҳи хӯрд.

Касе, ки ба дастёрии қаламу теғ ду ҳарфе дарёфтаасту ду ҳарфе набишта, бояд, ки аммомаи тақвими фиқҳро ба тақвими кулоҳи коғазин бадал кунад, ки кулоҳ дар латҳои ту бар ту бисёр асту пайвандҳои мулаввасу олудагиҳои шубҳат низ фаровон. Бо он ки дастор низ печ-печ дораду аз татвили корди кунд сайд ҳаром низ шавад, аммо чун кисвати илм аст ба зоҳир пардарӯшии фасод тавонад кард, ба хилоф заҳи зарину абраи абрешимин, ки кори ҳурмат аз сар мегирад, байт:

З-ин панди манат агар шаке дар дил монд,
Ҳозони муҳаррамони барбояд хонд.

Дар зеҳу абраи кулоҳ саҳл зару абрешимест, аммо он намуна аст раҳнамуни фасод, зеро ки ҳар кӣ кунгураи кулоҳ баланд кард, аз расонидани сарҳо ба кулоҳи кунгур бок надорад, байт:

Шоҳин зи барои он кулаҳдор шудаст,
То афсари товус рабояд бо сар[379].

Боз бар абраи ҳама кулоҳҳо аз хаёли фасод доғбача намебояд ниҳод, зеро ки бисёр кулоҳи қубба сари вилоят асту ба китобаи *авлиёи таҳта қабои* мутарризи кулоҳи машоихи

---

[376] МИ: Байт: Теғи нозадзахм то сӯяш наёрад гоҳи зарб,
Тир натвонад бурид, аз бас наёмад дар кашиш.

[377] МИ: ин калимаро надорад.

[378] МИ: будӣ.

[379] МИ: Шаҳин аз барои он кулаҳдор шудааст, То афсари товус рабояд бо сар боз.

(281) осмони арзақ асту сӯфиёни сарбаланд торак ба осмун суда, ба масоба, ки мӯй бар сари эшон намонда. Агар кулоҳи лашкариёни пӯшидаҳол ба осмон нарасидааст, боре бо абрҳои раҳмат пайвастааст, ки бад-он абрҳо офтоби ҷамоли эшон пӯшида мондааст, шеър:

*لَو لاَ السَّتارَةُ تَستَنيرُ بِنوُرِهِم      عَينُ السَّما ءِ بنوُرِهِم متبرقع

Кулаҳпӯш, ки зери қабои гилемпӯш бувад, машъарест дар ғилофи атласу сӯфӣ, ки дар зери хирқа пӯстинпӯш бошад, сагест ба ҷувол даркашида. Он фарзанд хоҳ дунболаи дастор гирад, хоҳ гӯшаи кулоҳ дар ҳар ду либоси пӯшида кори Худой метавон кард. Ва чун чунин аст, байт:

Кордории Худой бошӣ беҳ,
Ё бувӣ кордори миру вазир.

Мақсуд аз чандон гуфтугӯй он, ки чун дар зулумоти дунё шебу фароз бисёр аст, ки қатъ мебояд кард, то ба дараҷоти уқбо расанд, чароғи мусалмониро аз зубдаи ихлос рӯған резаду дасти дуо боло кунад ва зайли инояти Яздон сӯйи хеш кашаду исмат пардаи он чароғ созад, ки бад-ин роҳ дами нафас танад. Боди шайтон дар камин аст, чандон ки аз уқуботи зулмонӣ ба саломат бигзарад, ки дар олами *Аллоҳу нуру-с-самовоти ва-л-арз* (282) мадхал ёбад. Ҳар гоҳ, ки он ҷо расид, рӯшан кунад, ки падари дилсӯз он шамъи синаро ба кадом рӯшноӣ раҳнамун будааст. Кӣ донад агар чунон афтад, ки он лавоеҳи анвор ъайн-ул-яқин гардаду дар ин маҳал падари маҳбубро фаромӯш нагардонаду пардавор карамро ёд диҳад, ки ҳиҷоби ҳирмон аз пеши дидаи умед як сӯ афканад, шеър:

*لَعَلَّ عِنايَةَ المَولَى تَرينى      تَجَلَّى رُؤيَةَ المَطلوُبِ فَضلاً

Ҳангоми тамом шудани нома, ки рамазон ба охири иззат[380] расида буд ва таърихи сол аз насиҳати носеҳ маълум хоҳад шуд, мисраъ: яъне, аз маҳ панҷу солаш ҳафту ҳафсад.

**Таслимот**. Аъиззаи он тараф салому таҳияте аз насиҳати падар судмандтар мутолаа кунанд. Дӯстони ин ҷониб хидмате аз панди модар меҳролудтар мерасонанд.

Ал-**Адъия**. ал-**Уламо**: афода мавоъизуҳу абадан; ваффақа би-т-тавбати-н-насуҳ мин-ал-маъоси ва ғаттаҳу мавт-ул-ъадо. Катаба: атоҳ-ул-ҳасиба ва мин-ал-ҳисоби яҳсибу таваққатаҳу. ***Ли-л-майит***. **Уламо**: хушира маъа-л-воъизин; ясиҳҳу ҳуббуҳу-р-раҳмата лаҳу. **Машоих**: ғуфира бинасоиҳиҳи фӣ тариқати ва ъато биҳи абадан. **Лашкарӣ**: ғуфира биқабули-л-мавоъизи; руҳима биистимоъи-н-насоиҳи. **Катаба**: дома рақамуҳу ва аъта-л-китоба; ваффақа таҷрира мавоъизиҳи.

Ал-**ъакс**. **Уламо**: ҷуъила носиҳан фӣ талбиси иблис; закараҳу-ш-шайтону ва-ш-шайтону закараҳу. (283) **Машоих**: ваъазаҳу шаҳҳ-ул-халли. **Лашкарӣ**: саҳмуҳу таблу-р-раҳил; ал-яқзу навбатуҳу-л-ғуруб. **Катаба**: ваъзуҳу мавт-ул-вузаро ва-л-куттоб. ***Ли-л-майит***. **Уламо**: нусира лисонуҳу ҳанийян биваъзиҳи. **Шуюх**: ясиҳҳу ҳирфат-ул-ёри лиқоматиҳи. **Лашкарӣ**: ъузиба бардан ва-н-насоих. **Катаба**: мо ҳаррара явма-л-ҳисоб насиҳат-ул-вузаро.

**Нома ба исми Яминуддин Муборак**, муштамил бар панҷ бино. **Унвон**. Бинои ин хонаи сухан ба исми фарзанди хуҷаста Яминуддини Муборак, ваффақаҳу-л-Лоҳу биъиморати абнийяти дин, карда омад.

**Таҳмид**. Ал-Ҳамду лимуҷиби-л-фароиз; наҳмаду лимазҳари-л-абният-ул-хамс, қитъа:

*حَيَّتْ قُرَّةُ عَينى زادَ لِى شَرَفاً      بما تَعَلَّمَهُ العَلامُ فِى الاَزَل
وَ الآنَ مِنهُ رَجاءِ اَن يَصِيرهُ      مِعماراً نَبِيتَهُ الاِسلامَ بِالعَمَل

То хонаи ислом ба панҷ биное муҳкам бувад у бинои панҷ намоз шаш рукни мустаҳкам, тавфиқи панҷ намозу чаҳор бинои дигар омири дини фарзанди солеҳ Яминуддини Муборак бод. Баракати панҷ намозаш шаш ҷиҳатро нур яке кардаву юмни шаш рукни фарзаш чаҳор арконро ба ягонагӯӣ дароварда, мисраъ: бад-он расул, ки ӯ фарз кард панҷ намоз. Падари муштоқ Хусрави китобхон, ки дар ҳаққи фарзандӣ навофили истиҳбобро воҷиб медонаду суннати ишфоқро фарз, таҳиёте, ки из қаъдаи ҳузур мужда расонаду саломе, ки намози назри мулоқот (284) тамом гардонад, бо камоли ниёзмандӣ адо мекунад. Маълуми хотири халафии ҳомили бадоеъи осмонӣ бод, мегардонад, ки ба вуфури мавоҳиби олим-ул-ғайб аз ин ҷониб корҳои комронию комҳои зиндагонӣ чун сунани мудаллал равону оянда асту асбоби фарҳату осори роҳат чун баҳси мудаққақ

[380] МИ: ъиз.

зояндаву физоянда ва кавокиби гарданда дар назми умур аз аимма дар иҷмоъ муттафиқтару бахту давлат дар ҷамъи сарвар аз соҳибия дар иттифоқ мувофиқтару дарёи равони сипеҳр аҳволро аз лавси номуродӣ асале ъала-л-вуҷуб додаву замонаи бадоеъангези маҳфилшикан масоили мушкили мақсуд кушода, байт:

Нохонда орзуҳо аз дар ҳаме дарояд,
Чун илми ман ладунӣ дар дил ба гайри хондан[381].

Бо чандин ҳусули ағроз орзуи лиқои куррат-ул-ъайн чандон аст, ки агар нуктае аз он дар шарҳ орам, аз ***захираи зиёдоту хизонаи муҳит*** бигзарад. Ва азбаски табъи мухайялаи котиб номи муборакн он нури дидаро пеши чароғи дили сӯхта ҳама шаб такрор мекунад, аз хӯрдани он дуди чароғ чандон дар сина истеъдоде ҳосил омадааст, ки даҳ китоб, чун "Фатовои Сироҷӣ"-ю "Масобиҳ-уд-дуҷо" дар баёни мурқату фурқат тавон нибишт. Қазои ъалим ба ҳақ, ки ҷомеъи сағиру кабир аст, (285) он саҳифаи амониро, ки ҷузвест аз аҷзои парокандаи котибу маҷмӯаи вуҷуд бе он ҷузви аслӣ чун ҷуздони мутааллимон бе шероза монда, ба шерозаи хун пайванди муттасил гардонод, шеър:

*فَأبقانا مَعَ الأحباب جَمعاً　　كَأكوار العَمامَة بِاتِّصال

Номаи фарзандӣ, ки фарши наводир дар вай мабсут бувад, расиду ба мутолиа пайваст ва ҳар вараке аз он китоби нофеъ мояи манофиъи ҳаёт гашту масаррате рӯй дод, ки мунозараи муҷодаларо аз илзоми фақеҳи комил ҳосил ояд, байт:

Нагунҷидам аз шодии он ба пӯст,
Чу авроқи бисёр дар ҷилди танг.

Ва аз ин хабар, ки исмати раббонӣ он зоти азизро аз ков-кови сипеҳри баҳҳос чун нуктаи мутааллими рашид аз дахли мутааммими палид солим берун мебарад, дили парешон монанди маҳфили қазо рӯзи ҷумъаю маҷмаъи қазо рӯзи ид ҷамъияти тамом ёфт. Ёд карда буд, ки лайлан ва наҳоран мустағриқи сияҳу сапед ба қалам мебошад, чунонки аз саводи шабу баёзи рӯз хабар надорад. Аз ин илм худ нақши фарҳате дар нуқтаи сувайдои котиб мусаввар гашт, ки ба саводи шаб бар баёзи рӯз таҳрир напазирад, шеър:

*عَلَّمَکَ اللهُ عُلومًا بِها　　يَضطَرِبُ الاَسوَدُ وَ الاَبيَضُ

Маълум шуд, ки он ҷони азиз вуҷуди моро баъд аз марг зиндаи ҷовид хоҳад гардонид. (286) Он низ ба дуои субҳ, ки дами рӯҳи илоҳист, сӯйи он тифли маҳдӣ медиҳам, то ъолим-ул-асрор илми Хизраш рӯзӣ кунод, шеър:

*وَ يَخلُدُ فِی الوَرَى رَوضُ المَعانِی　　بِهِ خَضراً وَ يَحيَى شَرعُ اَحمَد

Дигар, ёд карда буд, ки мехоҳад, то китоби "Қадурӣ" аз забони Мавлоно Зиё иқтибос кунад. Ин бад-он монад, ки касе дег бар забонаи чароғ пухтан хоҳад. Чун сироҷро ҳарораи забон бисёр асту пухтагии андак набояд, ки оқибат ба хомӣ кашад, шеър:

*مَن وَضَعَ القِدرَ عَلَى نارِ سِراج　　يَطبَخُ كَالقِدرِ عَلَى نارِ مُجاع

Рӯшан аст, ки сироҷ аз ғояти гармӣ тоби нафасе наёраду бештарӣ бар тоқ ниҳода бошад. Гӯӣ масъалаи меҳру дилсӯзӣ дар "Фатовои Сироҷӣ" нест. Аз нури субҳхезии худ чунон бегона аст, ки чун субҳ дамид, ӯро мурдан омад. Манори дигар пеш бояд гирифту аз анвори рӯшандиле дигар истинорат кард. Бувад, ки шамъи замири куррат-ул-ъайнӣ аз оташи табъи ӯ чароғи донише тавонад афрӯхт, мисраъ: лияқтабиса мин сироҷика охару. Ба рағми котиб аз он нест, ки ба хидмати Мавлоно Ҳисоми Фароизӣ раваду ҳисомӣ оғоз кунад. Моно, ки (187) аз забони ӯ ҳарфе рӯшан тавон кард.

**Дигар**, ёд карда буд, ки дар ин вақт чанд китоби фиқҳи таснифи Мавлоно Имомуддини Ҳофиз аз боло расидааст, ки дар мартаба аз ваҳйи муназзал ҳикоят мекунад ва халқе онро чун обе, ки аз боло ояду ба ҷома бистонанд, дар ҷалобати авроқ бардошта, то бад-он оби тоҳиру таҳур наҷосати саҳлро аз хеш бишӯянд. Хидмати фарзандӣ дар он кӯшад, ки нусхае бистонаду он латоифи Имомуддини Ҳофизро, ки чун имоми ҳофиз барои иқтидо мӯътабар аст, муқтадои аъмоли хеш созад. Агар бар сувайдои куррат-ул-ъайнӣ пӯшидааст, инак рӯшан кардам, ки саводи илми шаръ ба сурмаи биноӣ бошад, ки ҳам рӯшноии мардум асту ҳам зебоӣ, ки агар он мардуми дида хоҳад, ки бад-ин рӯшноию зебоӣ ороста гардад, дар ин сурмаи судманд галтад, шеър:

[381] Ҳудуди байт мушаххас нест.

*ضَرِيرٌ بِكُحلِ العِلمِ يُكَحِّلُ عَينَهُ     يَبصُرُ رأْءَ العَينِ ما فَوقَ الجِسمِ

Он чи тааллуқ ба кутубу тааллум дорад, агар кӯҳи коҳилӣ лангари диққати фарзандӣ нагардад, умед бошад, ки ҳаммоли маъодини маонӣ тавонад шуд, валекин дар он кӯшад, ки анбори илм баргирад, ки ба борҷои амал расонад, то ҳаммоле нашавад, *камасал-ил-ҳимори яҳмилу асфоран*, шеър:

Ё ба сони (288) хари козур таҳи бори ҷома,
Ё чу килке ба сиёҳат, ки биронад хома[382].

Чунончи садафи гӯшро пеши устоди абри файз хоҳад дошт, ки бороне аз табаххури хеш дар вай резад, то он табъи қобил ба уқдаи муҳкам гиреҳ бандад, мисраъ: дон[383] шавад дар садафат гавҳари пок. Қадре садафи гӯш пеши Бадри пир низ кушода дорад, то доруе, ки аз обгинаи сина аз шифохонаи *ва нуназзилу мин-ал-Қуръони мо ҳува шифоун ва раҳматун ли-л-муъминин* бехтаву ҳал карда. Шайхи ман, ки *аш-шайху ъолимун ва табибун ҳақиқиюн* дар шаъни ӯ ворид аст, мавҷуд дорам, ки дар он садафи гӯш ба ваҷҳе фурӯ резам, ки ба коми ҷони он тифл ширинии дӯст бе парҳез расад, шеър:

*لَعَلَّ اللهُ شافِى كُلَّ قلب     شفاکَ مُصَحِّحُ القَلبِ المَرِيض

Хулосаи ин иборат он, ки калимае чанд аз фиқҳ фақромез ба тариқе, ки расми тариқат аст, бар лавҳи замири фарзандӣ нигошта шавад ва агар ин рақами саодат бар дили он ҷигаргӯша чун нақш бар нигин муртасам монад ва агар чун хат бар обу нақш дар ҳаво омадурафту дар даруна ҷойгир нашавад, нақши ҳирмон бо як нуқтаи зоид ҳамвор мазарат кунаду матоъи хусравонаро харидор кам наёяд, шеър:

*نَثَرتُ عَلَيکَ نَقدَ الکِيسِ نَثراً     يَجوزُ ذو النُّهَى إن لَم يُخَسِّرهُ

Мисраъ: инак, ин фиқҳи тариқат ин аст. Қола-л-Лоҳу таборак ва таъоло: *ё айюҳа-н-нос уъбуду раббакуму-л-лазӣ халақакум.* Ин китобаи манзуми Қуръон бар манзари баланди одамият ба ҷиҳати он нигоштаанд, то ҳар кӣ бихоҳад, бидонад, ки сириштти обу гили мардум барои онрост, ки бинои иёдат бар қавоиди истиқомат устувор гардонад. Чун чунин аст, ки санги гарони худро бар имmorати *буния-л-исломy ъало хамсин* ба бунёде сарф мебояд кард, ки то замони харобӣ ба нияти обу гил халал напазирад ва тани гилинро, ки кулӯхи истинҷои иблис гаштааст, хурд мебояд шикасту аз шариат обе бар ӯ рехту ба қадами истиқомат поймолаш карду бад-он рахтҳо шайтонро масдуд гардонид, мисраъ: аё ман фиҳи динука мин нусусин. Ва чун истиҳкоми иморати ин панҷ бинои мусалмонӣ аз фароиз аст, суннати фуқаҳои расмӣ намебояд гирифт, ки саҳифаи тааллумро бозномаи аҳволи хеш созанду ҳам бад-он бунёди коғаз басанда кунанду ба мараммати биноҳои аслӣ напардозанд. Касе, ки дар илми шариат ҳам ба киноят̄у такрор монад, масали ӯ масали касест, ки, мисраъ: бисафинат-ил-қиртоси (290) яъбиру ва амо. Ва устоди илм ба муҳандиси иморат монад, ки нақши алвоне ба ҷиҳати намудор бар рӯйи сафҳа иртисом кунаду пеши муҳандисе ворид, то ӯ бо истеъдоди хеш дар асосу итмоми он ҷаҳд намояд, ки агар он муҳандис бунёди тоқу равоқ наниҳод, шеър:

Чу борон ояду хуршед тобад,
Таҳи сақфи касон мадхал наёбад.

**Ин аст бинои аввал аз панҷ**. Бидон, ки бинои аввал дар ислом адои калимаи улиёсту гуфтани шаҳодат. Аз "ло"-и шаҳодат мебояд омӯхт, ки ду забони кушода аз нестии ҷумла худоёну ҳастии Худои ҷумла сухан мегӯяд ва ҷумлагии Аллоҳро ло мезанаду дар олами таҳайюр даҳанбоз монда, чунонки даҳонаш ба ҳеч рӯй фароҳам наёяд, шеър:

*أُوَحِّدُ ذاتَهُ بالرّأسِ وَالعَين     كَما لا فِى الشَّهادَةِ بِاللِّسانَين

Ва "илло", ки нақши "ло" дорад, ба тариқе адо мебояд кард, ки дар адои *Ло илоҳа илло-л-Лоҳ* ҳосил ояд ва ташдиде, ки бар сари лои олост, сиррест аз сини сари он. Ташдидро ба сахтӣ мебояд гирифт, ки аз он ба сари ҳарфи *ал-инсон сиррӣ ва сирӣ* сифате битавон расид. Ва ташдиде, ки бо лои Аллоҳ аст, ҳикоят мекунад аз ҳарфе, ки дар Аллоҳ мудғам аст, ба иштидоди тамом (291) дар ҳуруфи калимаи Аллоҳ дармебояд овехт, мисраъ: бӯ, ки он ҳарф

---

[382] МИ: ҳудуди байт мушаххас нашудааст ва мисраи дуюм ба таври зайл омадааст: Ҷарри килке, ки бисотаст, наронад хома.

[383] МИ: в-он.

дартавонӣ ёфт. Ва "илло", ки шакли илои табния низ дорад, пас гӯӣ танбеҳ мекунад, ки ҳеч Худое нест ҷуз Худои барҳақ. Пас "илло" чунон мебояд гуфт, ки дилро аз таваҷҷӯҳи худоёни носазо ба танбеҳ боз орад, шеър:

*ألا مَن قال الا الله قولاً     وَ يَسجُدُ غيرَهُ مِن كافرينا

Ва он, ки дар калимаи шаҳодат миёни Аллоҳу Муҳаммад ҳеч ҳарфе дар миён наёмада, дар ин низ рамзест. Яъне, калимаи шаҳодат гувоҳӣ медиҳад, ки миёни Аллоҳу Муҳаммад ҳеч чиз дарнамегунҷад, мисраъ: то ба ҳадде, ки нақши ҳарфе ҳам. Ва он низ танбеҳест, яъне ҳар ҷо, ки номи Аллоҳ гиранд, муттасил номи Муҳаммад бояд гирифт, то бандаро қурби Худой таъоло ҳосил ояд, байт:

Чи шак гар ба ҳам гуфтани ин ду номат
Диҳад қурбати лӣ маъа-л-Лоҳи вақтан.

**Бубин, инак, бинои дувум ин аст**. Бинои дувум намоз аст, ки Расул, ъалайҳи-с-салоту ва-с-салом онро сутуни дин хондаанд. Яъне, ин сутунро ба устуворӣ насб мебояд кард, ки аз осмон бигзараду нардбоне шавад, ки пояи баланди *ас-салоту миъроҷу муъмини* ёбад ва либоси наҷаси ботинро ба нияти намоз аз собуне намозӣ мебояд кард, (292) шеър:

Нураи он зи нури қудс бувад
В-обаш аз ъайни иффату исмат.

Дигар он, ки[384] бонги намоз нидои осмонист, ки хуфтагони заминро ба бонги баланд бедор мегардонад. Ҳар кӣ бад-он овоз бедор нашуд, мисраъ: яҳсаб-ул-ҳайю мин-ал-амвоти. Он, ки муаззин ҳангоми азон калимаи Аллоҳро даруна кашиш медиҳад, гӯӣ танбеҳ мекунад, ки номи Худой ба кашиши даруна мебояд гуфт. Ва он, ки дар охир "акбар" баромадааст, дар он низ рамзест. Яъне, гуфтани "Аллоҳу акбар" дар ниҳоят бар диҳад. Ва калимаи "акбар" абрест, ки сари карам дорад, садафи гӯшро пеши он абр ба тааттуши тамом кушода мебояд дошт. Бӯ, ки қатраи раҳмате дар вай чаконад, ки аз он гавҳари маънӣ дар ақидаи пок мунъақид гардад, мисраъ: ва ҷанноту ъаднин яштарӣ бибаҳоиҳи.

**Дигар**, бидон, ки намозу ҳамагии аъмоли дигар мавқуф ба ният аст - *иннама-л-аъмол би-н-ниёти* - ва ният амали қалб. Пас амали қалб чунон мебояд, ки аъмоли сара аз он қалб нашавад. Яъне, муҳри риёву самъа бар сиккаи амал набояд ниҳод, ки ҳам ният қалб шаваду ҳам амал. Агарчи аз нияти қалб низ самарае тавон ёфт, аммо (293) нияте бошад аз талхи манзуд дур афканаду аз амали қалб низ рӯшноӣ тавон дид. Аммо ламъе бувад, ки аз забонаи оташ сухан гӯяд. Пас оинаи ниятро ба тасфия мебояд зудуд, то дар вай ҷуз ваҷҳ-ул-Лоҳ рӯй нанамояд, байт:

Ҳазор офарин бар чунин синае,
Ки з-ин сон дар ӯ бошад оинае.

Қола, ъалайҳи-с-салом: *ал-вузӯ силоҳ-ул-муъмини* - вузӯ теғест обдор барои ҷиҳоди акбар. Ва он, ки бар узве сегон бор об мерасонанд, гӯӣ ҷавшанест се ту, ки бар худ мепӯшанд, то шамшери забонаи оташ бар ин кор накунад. Пас чунончи муҷоҳидон дар ҷиҳод силоҳи хешро тартиб мекунанд, дар ҷиҳоди акбар ба тариқи уло, шеър:

*مَن لا يُرتّبُ درعَهُ لِجهادِهِ     أجزاءَهُ كَحُرُوفِ دَرع تفرقُ

Пас чун дар ҷиҳод аз силоҳ чора нест, дар салоҳи ҷиҳоди акбар вузӯ. Он фарзанд чунончи тартиби вузӯи шариат аз устоди муҳаққақ таълим кардааст, тартиби вузӯи тариқат низ аз падари мушфиқ он миқдор дар гӯш кунад, ки оби масҳ ба гӯш мерасонанд, то чун Масиҳ аз ҷумлаи зуҳҳоду ибод бар сар ояд, мисраъ: битавфиқи-л-муваффақ зи-л-ҷалоли.

Нахуст, ки дар вузӯи тариқат шурӯъ хоҳад кард, батонаро аз сақли дунё, ки наҷосати муғаллаза аст, сабук гардонад, (294) то маънии *наҷаа-л-мухаффифун ва ҳалака-л-мусаққилун* дарёбад. Ва чун барои истинҷо санге мебояд, ки: *лаҳу сулсату аҳруфин* санги сеҳарфӣ моли симу дирам аст, худро аз он пок кунад. Баъд аз он чун гоме чанд барои истибро гаштанист, гаште кунад, ки ду гоме ба мутобаати соҳибқадамони *хутутайн ва қад васала* тавонад рафт ва агар аз сустии қадам бад-он натавонад расид, байт:

---

[384] МИ: бидон, ки.

Кам аз он, к-андар ин нишемани хокӣ
Чанд гоме занӣ ба нияти покӣ.

Чун шароити истибро низ ба қадри имкон ба ҷой мебояд овард, таҳорати сабилайни маънӣ дар ин дарёбад.

Ҳангоми ғусли ядайн даст бар даст мемоланд. Дар он низ рамзест. Яъне, даст аз лавси зоҳир беш шуста намешавад, пас дар ғусли бадан ба татҳире иҷтиҳод намояд, ки даст аз палидиҳо бишӯяду об аз сари ангуштон бар соне дар тақотур орад, ки аз ҳар қатра гавҳари савобе дар хизонаи амал музаххар гардад. Ва дар тахлили ангуштон ба нерӯмандӣ панҷа дар панҷа гуморад, ки бад-он эътибору эътимод шайтони қавибозуро панҷа дарпечад. Миёни ҷуракҳои ангуштон чунон об расонад, ки кунҷидворӣ хушк намонад (295) ё оташи дӯзахро аз он кунҷид рӯған надиҳад. Мисвокро дар даҳан комронӣ фармояд, ки дандонҳои худ растагори кибрро зери чӯби адаб кашад. Ва он, ки аз рими хӯришҳои нописандида зардрӯй мондаанд, ба оби *ал-мисвок мутаҳҳиратун* пок бишӯянд. Агар дандонро ба мутаҳҳараи об бишӯянд, он сафо биёбанд, ки ба судани мисвок, зеро ки Расул, ъалайҳи-с-салом, фармуда: *ал-мисвок мутаҳҳиратун*, ки аз оби даҳони Расул сухан гӯяд. Мутаҳҳираи чармини пиҳолудро, мисраъ: дар пеши он бигӯ, ки чи оби даҳон бувад. Ҳар кӣ калиди чӯбини мисвокро дар дурҷи гавҳарини даҳон кор нафармояд, ҳароина, ки аз нафоиси суннати Расул маҳрум монад. Чун чунин аст, гавҳари дандонро бад-ин мисқала зудоише бояд намуд, ки аз ҳар гавҳаре оина бурун ояд, ки аз он садрӯя сафо рӯй намояд, балки агар гавҳар ба даври даруна бошад, яъне дандони кина дар шиками он низ бад-ин чӯб хурд бишканад, чунонки он дандон ба дуди сафо боқӣ монад. Чандин ғулӯ дар васияти мисвок ба ҷиҳати он аст, ки бештарии сунниён ба акбари син тарки чунин сунане саҳл мегиранд, ҷуз ҷамоаи мутасаввифа, ки онро аз ин дандон муроот менамоянд. *Лоҷарам*, гавҳари зоҳиру ботинашон сафо мепазирад. (296) Чун аз сари чӯбе хушк дандони хурд ба чунин самараи аслӣ дархурд мешавад, шеър:

*يا طالبُ الثّمراتِ مَن شُعبِ التّقى خُذها بجدٍ و اجتَهِد فيها تَجِد

Об дар даҳону бинӣ кунад, кй барои муколамати *ал-мусаллӣ юноҷӣ раббаҳу* оби даҳоне ба ҳосилояд. Об дар бинӣ ба наҳҷе боло кашад, ки ҳангоми доғ кардани *санасимуҳу ъала-л-хуртум* оташи азоб бад-он об кушта шавад. Биниро ба қуввате бифишорад, ки ҳамагии фузули димоғ аз сар фуруд резад. Ва ғусли рӯй ба ваҷҳе ба ҷо орад, ки бад-он об рӯйи сияҳрӯй *явма тасаввада вуҷуҳаҳум* ба баёзи *табяззу вуҷуҳаҳум* бадал гардад. Об то мӯйи пешонӣ ба ҳинҷоре расонад, ки дасти сахтгирони *явма юъхазу би-н-навоси* билағзад. Дар хилоли лиҳя аномилро шууре фармояд, ки ҳар ангуштеро ба ҳулияи маҳосине биёрояд. Обро бар соиду оринҷ селоб диҳад, ки ҷумлагии марофиқи худро дар об афканад. Дар масҳи сар ҷавонмардӣ андешад, ки сар дар роҳи Худой баркардан осонтар аз он намояд, ки масҳи сар кардан. Ва он, ки пойи ростро ҳангоми шустан об аз каъб болотар расонанд, дар он низ рамзест. Яъне, шариат дарёест, ки касе гаври он дарнаёбад, аммо мусаллиро аз каъб болотар рафтан нагузорад. Пас (297) ғусли қадам ба покӣ бояд кард, ки ҳама пой бар рӯйи об ниҳодан мумкин гардад, шеър:

*فَلَو كانَ يَمشِى عَلَى دَجلَةٍ عَلى كَعبَةِ الماءِ لا يَصعُدُ

Дар шона кардани маҳосин дасти ният ба шотҳо занад, ки аз тасбеҳи ҳар мӯй забонҳои шона низ ғулғули *субҳона ман зуййина-р-риҷола би-л-лиҳя* бардорад, шеър:

*اِذا تَمّ تَرتيبُ الوُضوءِ بِصِحَّتِهِ فَذاكَ سَلاحُ النَّصرِ جاهَدَ مَعَ العَداى

Ва агар сухан аз ғусли ҷинобат равад, масъалаи шариат бар он ҷумла аст, ки чун узви пинҳонӣ ба олоиши манӣ наҷас шуд, ҳама аъзо наҷас шавад, чунонки то ба об нашӯянд, пок нагардад. Аммо дар тариқати узви ниҳонӣ, ки даст ҳар гоҳ ба олоиши манӣ палид кардӣ, мисраъ: нашавӣ пок, магар аз оташ. Агар хоҳад, ки он оташ кушта шавад, сели дидаҳоро имрӯз равонӣ диҳад, ки мавҷи тундаш аз фардои қиёмат бигзараду бар дӯзах афтад, мисраъ: бад-он сифат, ки диҳад ғусл мардумонашро. Чунонки дар ҷинобати ҳалол ба оби чашмаҳо ғусл кунанд, ҷинобати дил ба оби чашмҳо ғусл бояд кард[385], байт:

[385] МИ: баъд аз нишонаи вергул то ин ҷо: дар ҷинобати ҷиноят ба оби чашмҳо ғусл бояд кард.

Ки олудагиҳои нафси палид
Нашӯяд магар чашмаҳои равон.

Ва агар он нуқтаи пок натавонад, ки лавси дилро ба оби поке (298) мутаҳҳар гардонад, боре зоҳири танро ба оби шариат пок дорад, мисраъ: *лиюзанна фика-л-хайра куллу-н-носи*. Агарчи аз таҳорати тан палидии дил пок нашавад, аммо мардро дар зоҳир тоҳир тавон гуфт, чунончи аз масҳи ҷабира узв шуста нашавад, мисраъ: *лекин ба ҳисоби шустан афтад маҳсуб*. Ва чун баъд аз итмоми вузӯ ба ҷиҳати иқомати намоз мақоми пок зарурист, чунонки ба ҷиҳати намоз колбуде заминӣ хоҳад ҷуст, ки ба офтобу ҳаво ҳукми покӣ гирифта бошад. Ба ҷиҳати намози дил низ замини тинатро ба нури тақвою ҳавои ҳувият пок гардонад, ки он замин ҷуз бад-ин офтобу ҳаво пок нашавад ва чун пок шуд, хосияти он замин дилро дар намоз орад, шеъր:

*فصلّی قلبک المعمورُ فیه     کما اقتدت الکرامُ به صلاحاً

Дар мақоме, ки қадам барои мусалло рост хоҳад кард, нахуст бар мусалло пойи рост бояд ниҳод ва дар он ишоратест. Яъне, ба қадами рост ба мусалло бояд омад. Ва мусалло худро ба поймол ба ҷиҳати он тан дардодааст, ки ҳаққи ӯ поймол накунад. Ҳаққи мусалло он аст, ки намоз барои Ҳақ бошад, на барои дақ. Ҳар киро намоз ба ҷиҳати Ҳақ аст, мусалло ба тавозуъ рӯй дар кафи пойи ӯ мемолад ва он, ки ба ҷиҳати дақ ракъатайн мезанад, байт:

Бечора (299) мусалло зи лагадкӯби чунон пой
Розист ба печидану овехтани хеш.

Чун азимати намоз хоҳад кард, рӯй сӯйи қибла чунон орад, ки бод қиблаи гулрухсорро ба башорати *вуҷуҳун явмаизин нозира* бишкуфонад. Ва дар таҳрима даст бар он сон барорад, ки пушти даст бар рӯйи худоёни носазо ба сахтӣ занад, ки ҳар ҳама дар қаъри ъайни адаму Рум фуруд раванд. Дар қиём бо диле биистад, ки дар ҳазрати Худой лоиқи истодан шавад. Дастро бар дасти чап ба ростӣ вазъ кунад, ки амали асҳоби шимол ғолиб ояд. Даст бар дил ба ниёзе дорад, ки аршро зери дастгоҳи қурби хеш бинад. Даст бар шикам ба қуввате ниҳад, ки шикамро зердаст кунад. Даст зери шикам ба қудрате орад, ки он чи аз он фуруд аст, забардастӣ накунад. Дар рукӯъ қоматро ба шикастагӣ лом созад, ки бо аввали ҳарфи Аллоҳ боз хонад. Аз рукӯъ ба ҳавое сар барорад, ки сар дар ҳаво намонад. Саҷдаи убудият ба хушӯъе ба ҷой орад, ки сар дар ҳаво намонад. Саҷдаи убудият ба хушӯъе ба ҷой орад, ки рақами *симоҳум фӣ вуҷуҳиҳим мин асари-с-суҷуд* аз хатти пешонии ӯ сӯйи лавҳи маҳфуз нусха баранд. Дар қаъда ба адабе зону занад, ки нақшро барои қуъуди муқаъади сидқ муаддаб гардонад. Саломи намоз ба ниёзмандӣ диҳад, ки аз (300) малоика ин ҷавоб шавад, ки, шеъր:

*عَلَیکَ سَلامُ اللهِ یا اَصلَحَ الوَرَی     بِاَعمالِ خَیرٍ وَجهِ رَبِّ الوَرَی تَرَی

Барои намози бомдод пагаҳхезӣ хӯй гирад, ки хуршедро хостан пагоҳ фавт шаваду ӯро нашавад. Ва дар истеъдоди намози пешин ба тақрибе ҳозир гардад, ки баъд аз завол сӯйи масҷиди Қудс хиромад. Дар намози дигар мулозамате намояд, ки то офтоби умр фурудтар раваду намози дигар қазо нашавад. Намози шомро ба ҳузуре гузорад, ки чароғи *Аллоҳу нур-ус-самовоти ва-л-арз*ро ба рой-ул-ъайн бубинад. Аз адои намози хуфтан нуре боло фиристад, ки нуқсони моҳро камол кунад. Шаб бар он гуна зинда дорад, ки ҳам дар зинда доштани шаб ҷони рӯз бурун ояд. Ва агар чунон афтад, ки замоне мардуми дидаро тапончаи хоб даргалтонад, хобе кунад, ки муҳибби ибодат дорад, на он, ки хобро маҳалли иёдат диҳад. Барои хоби охир бедорӣ варзад, ки чун чашм пеш кашад, ҷумла уқуботи уқбо чашм пеш карда бигзарад, шеъր:

*وَ لا یَفتَحُ العَینَ اِلّا اِلَی     لِقاءِ الکَریمِ الرَّحیمِ العَزیز

Боз чун аз ҳазрати рисолатпаноҳ[386] фармон бар ин ҷумла аст, ки *ло салота илло биҳузури-л-қалби*. Пас намози беҳузур гӯӣ сутунест аз миён холӣ, (301) ки сақфи динро муътамад алайҳи набошаду намози пурвасваса сутунест аз дарун кирмгирифта, ки дар биноҳои муҳкам насб кардан нашояд, шеъր:

---

[386] МИ: ҳазрати рисолат, сала-л-Лоҳи ъалайҳи ва салам.

Чу пӯшиши ту гарон аст, ту нишаста бартараш,
Сутуни хеш бикун устувор варна ту донӣ.

Ва он, ки дар шароити ҳузур *кааннака тароҳу* гуфтаанд, ду кофи *кааннака* гӯӣ ду сари кӯҳ аст пайваста ба қофи қурб. Пас маориҷи мусалло то маконе метобад, ки ба як уруҷ аз ҳар ду сари кӯҳ бигзараду ба сарчашмаи тарроҳ роҳ ёбад. Ва агар он мартаба муяссар нагардад, боре ҳам ба ду сари кунгури *кааннака* тааллуқ кунад. Магар аз он ҳар ду ба сари ҳарфи камоли кибриё тавонад расид ва агар он ҷо низ каманди идрок кӯтоҳ ояд, дар *ярока* чӣ шубҳа асту он ҳам, мисраъ: дар қалб бияндеш, ки коре дорад. Чун рӯшан аст, ки нури назари Худой таъоло бар ҳама метобад, бандаро ба намозе шурӯъ бояд намуд, ки мустаҳиққи *ъалайка ъайну-л-Лоҳ* гардад, на *ъалайка ъайнун ъуфрият*. Зиҳӣ, ъайни ғайн, ки, шеър:

*وَجَّهت وَجهَک لِرَّحمن طاعَةً وَ القَلبُ سافِر فِی البَغدادِ وَ الصّین

**Ин аст, инак биной савумин**[387]. Бинои савум рӯза доштан фарз аст. Чун нияти он хоҳад, ки нигини лабро (302) ба рақами *ас-савму лӣ* биёрояд, саҳар чунон хӯрад, ки пеш аз дамидани сапедабурию гурграбой занаби *занб-ус-сарҳони* фалак аз неъмати *абиту ъинда раббӣ ва ҳува юттъимуни ва юсқини* вазифаи ҳаррӯза ёбад. Ва дар миёни расанҳои дандон хилолеро маҳалли дархӯр диҳад, ки бақияи таомҳои ҳавас ба забони чӯбин аз буни дандон берун барад. Ва рӯза чунон дорад, ки чаҳор поси рӯза бо салоҳи вузӯ посбонии ҳаррӯзаи хеш кунад, то ҳарбаи шайтон дар сипари *ас-савму ҷуннатун мина-н-нор* рахна наяфканад, ки нафаси девмизоҷ аз роҳи ҷуннат дарояд ва дар хӯрдани якрӯза даҳонро наҳанг созад, то дар шасти ду моҳӣ гирифтор наёяд. Он гоҳ шасте, ки ҳар бор бигсалад, боз аз сар дуруст гардад, то надонад, ки рӯза ҳам ба захми гӯшту мушти таъом шиканад, он худ рӯзаи шикампарастон аст. Аммо бисёр рӯза нозукӣ дорад, ба осеби сахте шикаста шавад, камо қола ан-набӣ, ъалайҳи-с-салом: *ал-ғайбату юфаттиру соима*. Пас ғайбат агар ҳама сари сӯз нест, ду лабро бо ҳам бояд дӯхт, то хор-хори ғайбат дар домани рӯза чокҳои ошиқон наяфканад, назм:

Ошиқоне, ки нони даранд ба ишқ,
Ҳам бад-он сон, (303) ки ошиқони ҷома.

Боз ошиқони ғайбат, ки аз шаҳвати лисон бар сухани хеш ошиқ бошанд, байт:

Даранд рӯза, бар хештан фурӯ пӯшанд,
Ту он мадар, ки бимонӣ бараҳна дар маҳшар.

Ва чун насси Қуръон бар ин ҷумла хабар медиҳад, ки *ло ягтаб баъзукум баъзан а юҳиббу аҳадукум ан яъкула лаҳму ахиҳи майтан*, шикастани рӯза ба муҳолот чи нописандида аст, *факайфа бигизои ҳароми* ва он гоҳ ба гӯшти бародарон. Ҷое, ки дар шикастани рӯза ба маъкулоти тиб ду шахр пур аз ранҷи кафорат бувад, дар нақси савм ба лаззоти ношоист боистӣ, ки шиддати ду олам бар мусалмонон такфир будӣ, байт:

Валекин куҷо бар заифон Худой
Ниҳад бори таклифи мо ло юток.

Ва чун чашми мардуму мардуми чашм ба сурма сияҳрӯй аст, агар он қуррат-ул-ъайн ҳама вақт нухуфта чашми барно кушода доштааст, боре дар моҳи сиём бар дидаи ин дар накушояд, ки чун шикастани рӯза ба мубошарати ҳалол мубашшири азоби алим бошад. Дар ифторе, ки аз чашмҳои палид ба фурӯ бурдани луоби ҳасрат кунанд, чи мояи тира ҳосил ояд, байт:

Пас, аз наззора, ки берун зи ъайни шаръ бувад,
Ду дидаро ба мижа меҳдӯз бояд кард.

Боз бисёрон дар (304) рӯзҳои рамазон роҳати дастро ба ҳиссакории қимор пуробила гардонанду баъзе гӯшти ифтор аз устухони шатранҷ тарош кунанд ва баъзе ба каъбатайни чаҳордаҳбозӣ ваҷҳи ҳалолро дар шаш панҷи ҳаром афкананду баъзе муҳрҳои сирӯзаро ба сӣ муҳраи нард дар шашдари базаҳ андозанд ва аз ин ҳадис бехабар, ки: *ман лаъаба би-н-нарди факаа-н-намо гамиса ядаҳу фӣ дами-л-хинзир*. Хуш рӯза, ки ошоми он аз хуни хук набошад, то он фарзанд моҳу сиём ба нарду шатранҷ даст наёлояд, байт:

---

[387] МИ: дар бинои севум закот ва дар чаҳорум рӯза омадааст.

З-устухони палиди фили ҳаром
Гӯшти хук барканад, бихӯрад.

Ин насиҳати касонест, ки рӯзаи шикам доранд, аммо рӯзадорони дил дигаранд, ки дам аз рӯзаи *ад-дунё явмун ва лано фиҳи савмун* мезананд. Тариқи рӯзаи эшон аст, ки агар мо сӯйи Аллоҳ дар дили эшон бигзараду рӯза халал пазирад ва ҳамон нақши мо сӯйи Аллоҳ ба рамз кашфи ҳоли эшон мекунад. Бар ин ҷумла, ки лафзи "мо" пиндорӣ обест, ки аввали ифтор аз он асту синни вай рақами сию ду Аллоҳи савганд. Яъне, он чи ҷуз Худой аст, ҳам ба Худой савганд мехӯрем, ки моро аз он, мисраъ: савм фарз аст ҳамчу сӣ рӯза.

Алқисса, ин рӯзаи асҳоби балоғат аст, ки дар даҳони тифлони даҳонбаста нагунҷад, аммо чун аз рӯзаи (305) фарз гурез нест, боре рӯза дорад, ки пушаймонӣ хӯрда нашавад. Ҳангоми ифтор дар он кӯшад, ки шарбати обе дар чашмаи *инно аътайнока* биёбад, ки Кавсар фурудтар аз он аст ва нон аз моидаи *ва разақноҳум мина-т-тайиботи* ҷӯяд, мисраъ: к-он нон надиҳанд ҳар касеро. Дар иқомати дугонаи таровиҳ ба сидқе қиём намояд, ки ба мутобаати кавкабаи намози хуфтан нуҳгоназанон боло раваду бо ғулғули навбати панҷгона салоти хамсасанҷаш диҳанд, байт:

Моно, ки ба чарх табли тақво бизананд,
З-он гуна, ки табли иди рӯза ба замин.

**Ин аст бинои чорум**, инак. Бинои чорум закоти мол аст. Қола-л-Лоҳу таъоло: *ва оту-з-закота*. Бидон, ки закот аз дувист дирам панҷ аст. Ҳар кӣ ин панҷа аз остини хеш берун кард, бо ҷавонмардони роҳи Худо, мисраъ: тавон гуфт ҳамдасту ҳампанҷа низ. Ин баёне буд зоҳир, аммо дар ин маънӣ рамзе аз рақами таҳрир низ рӯшан шудааст. Бар ин ҷумла, ки дувист дар сиёқат мол дораду панҷ шакли сифри ҳандаса. Рамз ин аст, ки ҳар кӣ аз моли хеш сифре дар роҳи Худо диҳад, яқин аст, ки, мисраъ: дастури карам муҳаррири ӯ гардад. Рамзи дигар он аст, ки мими мол (306) шакли панҷи таҳрир дораду мол шакли дувист ва алифу лом бе мим шакли ҳазор. Пас агар мим шакли панҷ дорад, аз мол кам кунанд ва алифу лом, ки шакли ҳазор дорад, боқӣ монад.

Натиҷа аз ангехти аввал, боре латифаест аҷиб, ки чун панҷ аз дувист кам кунанд, ҳазор шавад, аммо хулосаи маънӣ он, ки ҳар панҷ аз дувист дар роҳи Ҳақ нафақа кунад, ҳар чӣ аз он дувист боқӣ монад, ҳазор шавад, байт:

В-ин нест аҷаб, ки аз Худованд
Гар панҷ диҳӣ, ҳазор ёбӣ.

Боз нақши мол аз *ъашру амсолиҳо* низ хабар диҳад, зеро ки дар мол мим шакли сифри ҳандаса дораду алиф шакли хат ва чун сифр бо хат зам гардад, даҳ шавад. Латифаи дигар он, ки чун ҳар чӣ аз мол дар таҳ дорад, мисраъ: ҳама пок кардӣ, ту мондию мо.

Ин баёни закоти соҳибони мол буваду толибони мол, аммо аз закоти асҳоби қулуб ин аст, ки сифр дар сари мол афтодаасту баъд аз он лои қалб, яъне молро сифр мебояд карду аз қалб ло зад. Ва рамзи дигар он аст, ки чун аз сари мол бигзаранд, алиф бувад, аввали ҳарфи Аллоҳ аст. Яъне, то аз сари ҳарфи мол нагзаранд, ба сари ҳарфи Аллоҳ нарасанд. Ин закот андозаи ҳар музде нест, зеро ки бисёр мард тифли роҳ аст, мисраъ: ва ло таҷиб(307)у-з-закоту ъала-с-сабиййи. Аммо чун ин дарвеш аз закоти хазоини дилҳо хурда чинад, ба гадоӣ ёфтааст, барои он фарзанд захира карда, шояд, ки[388] бад-ин сармояи ғанимат ҳосил кунад. Мурод аз ин ғанимат на сими сӯзандаву зари оташрангу лаъли оташину ёқути ноздона, ки доғи *фатукво биҳо ҷубобуҳум ва ҷунубуҳум* бар саҳифаи вуҷуд ниҳад, ло, бал ғано маънӣ аст, ки онро нақди дарвешон хонанд, мисраъ: ҳар ду олам закоти он нақд аст. Ҳар киро дарёбад, ки бад-ин нисоби комил мустағнӣ гаштааст, пардаи дилро домони ниёз созаду пеши ӯ даст бувад, ки[389] закоте аз мавҷуди хеш дар он доман афканад ва агар аз он ҷо, ки абвоби фатҳи *юътиҳи ман яшоъ* хосу ом кушодааст, ин ғано ба он гадо он чи рӯй орад, падари муфлисро фаромӯш нагардонад, байт:

Гарчи бе зар закот додан на равост,
Лекин бидиҳӣ ту нораво ҳам, ки гадост.

---

[388] МИ: шояд бувад, ки.

[389] МИ: ӯ дошт, бӯ-к.

**Бинои панҷум аст ин, бингар инак**. Бинои панҷум ҳаҷ асту тоъат, ки мавқуфи иститоат бувад, ин аст. Ва иститоат барои зоду роҳила мебояд, ки агар он халафзод аз Худой талаб кунад, ҳеҷ беҳ аз тавфиқ нест, *зода-л-Лоҳу тавфиқаҳу*. Ва агар аз падар хоҳад зоде, (308) ки котиб диҳад, ин дуост, ки *зода шавқака ила-л-Лоҳ*[390] ва агар роҳила ҷӯяд, ин, ки, шеър:

*مُداماً كُمَيْتُ الصِّفارِ أجلُه       سَقَى اللهُ مِن ذلِكَ الرّاحُ له

Баъд аз он ки мунъим ба ҳақ зоду роҳилаи суварию маънавӣ муҳайё гардонид, сафари роҳи қибла ба сидқ азимате кунад, ки аз дарёи манӣ ва ба поёни тинат бигзараду ба Марваи сафо расад. Чун расид, наъраи лаббайк ба тазарруъе барорад, ки башорати *қад самиъа-л-Лоҳу* аз гӯшҳои сар ба гӯшҳои дил фуруд орад. Ҷомаи иҳром ба либосе пӯшад, ки аз кисвати талбис бараҳна шаваду мӯйи сар ба қаъда кушояд, ки мӯй аз гиреҳ ва ҳеҷ таалluқ дар сар боқӣ нагузорад. Ва рӯзи тарвеҳ, ки шутуронро об диҳанд, чун шутур дар хоб фаришта бошад, шутури масти нафасро чунон дар хоб кунад, ки ба фарсанге сар барорад. Пас сифати малакиятро аз зовия об диҳад, ки ба як рӯъят то каъбаи рӯят саъй намояд. Рӯзи арафа фароизи ҳаҷу маносику машъар ба маърифате имомат кунад, ки аз арафоти *ман ъарафа нафсаҳу* ба ъаворифи *ъарафа Раббуҳу* расад. Фарқро ба шиоре ҳалқ фармояд, ки ҳар чӣ дар сар дорад, мӯй ба мӯй аз сар битарошаду сар аз тарош софӣ гардонад, то кори ҳалқи сар (309) чунон накунад, ки сар дар кори ҳалқ кунад. Дар Мино рамии ҷимор ба қуввате кунад, ки шайтони раҷим ба санг аз хеш биронад. Ба сӯйи кӯҳи Сафо бар намате гузарад, ки аз он ҷо сангею сафое бардорад. Чун мурда нақши мурда дорад, аз он низ ҳамон баҳра дархост кунад. Шароити умраро муроote намояд, ки савоби умрҳои абадӣ ёбад. Дар он ҳол, ки ба бандагӣ байт-ул-ъатиқ хоҳад, пайваст дар нақши таъаббуд ба мискинӣ пеш равад, ки аз тааҳҳуди нафас озод ояду ҳоҷиби қиболаи бандагӣ хоҳад, на қиболаи озодӣ, байт:

Ки нахоҳад зи чунон бандагӣ озодӣ кас,
Магар он кас, ки ҳақи бандагияш нашносад.

Дар Ҳарам ба қадаме дарояд, ки агар дар ҳарами дил нуқтаи сиёҳест, ки он ба ҷурм кашад, ба Замзами надомат пок бишӯяд. Тавофи Каъба ба сайре кунад, ки бо тоифаи малоик ҳамқадам гардад. Чун даруни Каъба муҳтарам дар хоҳад омад, медонад, ки ҳар санге аз он деворҳо кони амн аст: ва ман дахалаҳу кона оминан. Агар аз хизонаи он кон ҳам ба духули амн хурсанд гардад, саҳл даромаде ризо дода бошад, ба тезии ҳиммат мебояд ковид. Бувад, ки дасти умед бар ганҷинаи *кунту канзан махфийян* сояд, байт:

Эй давлати онон, ки бад-он ганҷ расанд,
Давлат бувад он ранҷ, к-аз он ганҷ расанд.

Рӯзи Иди азҳия, ки фарз хоҳад кард[391], беҳ аз он набошад, (310) ки нафси хабисро ба қурбони роҳи Худой таъоло наҷиб гардонаду забун кунад, зеро ки фармон бар ин ҷумла аст, ки *саминну заҳоёкум*. Ва медонам, ки он фарзанд нафсро гуруснаву ташна надоштаасту ба ғазоҳои нозу неъматаш фарбеҳ карда, мисраъ: фаҳаб азҳиятаҳу фиҳо саминаҳу. Об аз чоҳи Замзам ба селе баркашад, ки аз замзамаи чоҳ нидои *ва сақоҳум раббуҳум шаробан таҳуро* дар шишаи хонаи димоғ дуд кунад.

Ҳар гоҳ шароити ҳаҷ бар ин намат тамом шуд, мисраъ: ёфтӣ қурбу Рабб-ул-Каъбат - ки агар баъд аз адои фароизи ҳаҷу зиёрати мустаҳабби Пайғомбар ба ҳаққи *салли рабби-л-Каъбата ъалайҳи*, ки маҳалли фаризат дорад, бар хештан воҷиб гардонад, бояд, ки аз Каъбат-ул-ислом сӯйи Мадинат-ул-ислом ба тариқе роҳ қатъ кунад, ки бадавиёни харобаи вуҷудро қатъи роҳ муяссар нагардад. Ва дар Мадинаи он хусрави расул ба масканате[392] дарояд, ки хусрави Мадойин пеши ӯ мискинӣ намояд. Ва дида бар он остони мутаҳҳар ба иҷтиҳоде сояд, ки ҳама олудагиҳои чашм пок гардад. Сина бар хоки он дар ба ниёзмандӣ молад, ки ғубори тинат ба нури таййиб бадал гардад. Ҳоҷат аз расули Худой ин хоҳад, ки ҷуз аз Худову Расул ҳоҷате нахоҳад. Зиёрати ёрони хоси Муҳаммадӣ ба сидқе кунад, ки ба

---

[390] МИ: ин дуоро надорад.
[391] МИ: бувад.
[392] МИ: мискинӣ.

*طُيورُ فَرادِسٍ هَجَمَت عَلَيهِ     كَذُبّانٍ عَلَى عَسَلِ المُصَفّى

Чун ба хондани сӯзон гирой ёфтааст, ки оташ дар дилхо тавонад зад, бад-он ғурур ҳарорати забон кардан ҳоҷат нест. Агар мехоҳад, ки аз олами нур парвонаи рӯшноӣ ёбад, ҳар шаб забонро аз фарқи фурқонӣ муқтабас дорад. Арҷу, ки забонае аз он шамъи бе лаган рӯзии ӯ гардад, шеър:

Аз он нури ҷовид вақте магар
Чароғе фиристӣ ба гӯри падар[394].

Шукри ин мавҳибат ба кадом забон тавон гуфт, ки бахшандаи лаҳн он хонандаиояндаро овоз додаасту сӯйи худ хонда, он гоҳ тавфиқи хондани Нубо арзонӣ дошта. Чун хондаи ин неъмат шуда, мисраъ: бихон з-он гуна Қуръонро, ки Қуръон ҳам туро хонад. Ғулғули тиловатро ба ғояте баланд гардонад, ки ҳафазаи арш нидои *фастамиъу ванситу* дар даруни нуҳ ҳалқа дар диҳанду Рӯҳ-ул-Лоҳу Рӯҳ-ул-амин ҳирз бувад, хона[395] бар рӯйи он ҷони ягона барои дафъи ъайн-ул-камол дар диҳанд (315) ва каррубиён чун кабӯтарони ошиқ худро муаллақзанон, мисраъ: аз қубаи осмон фуруд андозанд. Дар халову мало ин хонданро чунон малака кунад, ки деви нафс фаришта гардаду нидои уштулуми шайтонӣ, мисраъ: ҷони нав дар олами дил дар диҳад. Ҳар кӣ аҷзои Китоби каримро дар шерозаи уруқи аъсоби хеш ҷомеъ гашт, муътақидонро воҷиб аст, ки ҳангоми судани дасти табаррук бар ҷилди вуҷуди ӯ таъзими *ло ямассуҳу илло-л-мутаҳҳарун* ба ҷой оранд. Аммо одамӣ бояд, ки аз пӯсти сурат чунон берун ояд, ки мусҳаф аз ғилоф, то мустаҳиққи ин таъзим гардад, ки агар дар ғилофи колбудии ҷисм маҳбус монад, ҳамҷинси мусҳаф мӯҷиби вубол асту ҳам бе вузӯ масони он вубол, шеър:

Дар пӯст туро гар набувад ҳурмати ҳоле,
Гар пӯст канандат, набувад ғайри вуболе.

Ва агар ҳарфе аз Қуръон бар кӯҳ фуруд ояд, дили кӯҳ пора-пора гардад, *лав анзални ҳоза-л-Қуръона ъало ҷабалин лараайтаҳу хошиъан мутасаддиъан мин хашяти-л-Лоҳ*. Аҷаб сангдиле бошад, ки ҳарбаи Қуръон дарунаш рахна накунад. Дили муъмин муъмин бувад ва бе иллат, ки аз тоби он нур дар гудоз ояд. Турфа сухрасое, ки инчунин баландсуханӣ дар гӯшҳош роҳ наёбад, шеър:

Он дил набувад чу рост пурсӣ,
К-ӯ санг бувад, (316) на, балки харсанг.

Ва пӯшида нест, ки чашми басирати инсонро аз ҳуққаи куҳлии сипеҳр тӯтиёе додаанд, ки назораи ҷилваҳои румузи осмонӣ ба биниш тамом тавонад кард. Ба эътимоди ин рӯшноӣ дар он кӯшад, ки ба дасти ниёз ниқоб аз ҷумали Қуръон барорад, шеър:

*وَيَغرقُ فِى بُحارِ النّورِ غرقاً     كما غرق الحَصَى فِى قعر بَحرِ

Аз онҳо нашавад, ки ҳар вароқи Мусҳафро ҳиҷоби вақти худ созаду аз ламъони он маҳҷуб гардад, мисраъ: кахаффошин бинури-л-ъайни аъмо. Ва авроқи Қуръон, ки ҳар як абри раҳмат аст, бар сари он киштаи бе абр борони лаънат борад, *рабби толии-л-Қуръона ва-л-Қуръону ялъанаҳу*, ки агар ба карами холиқи ҳафазаи калом то махлуқ рӯзӣ гардад, аиммаи қурроро атбоъе ба итқону иқон воҷиб бинаду тасғири тасйирро чун тақдири намоз таъзим дораду шеъри Кисоиро[396] чун машъари ҳаром ҳурмат ба ҷой ораду қироати Абӯумарро, ки аз он бӯйи умри ҷовид медиҳад, ҳамвора муроот кунад. Бӯ, ки далолати он ба вай сӯйи умроноти биҳишт роҳ намояд, шеър:

Боди биҳишт бар ту ба гулрез даррасад
В-андоми чун гули ту бирезад ба зери хок.

Ва агар тавонад, китоби "Ғоят"-и Ибни[397] Муҳронро, ки нуре бувад аз ду меҳр: якум меҳри мабнӣ[398] ва дувум меҳри маънӣ дар канор гирад, мисраъ: ҳамчу нуре, к-аз ду муҳраш парваранд - (317) яъне, меҳри модару меҳри падар. Ва тарафи Шотибия қасидаи

---

[394] МИ: байт: Аз он нури ҷовид вақте магар     Кунӣ рӯшан айвони ҷадду падар.

[395] МИ: ҳирзи ду ҷона.

[396] МИ: шиъори касосиро.

[397] МИ: омаи ин.

[398] МИ: яке меҳри Нубо.

Шотибиро, ки бар номустаъид гузаштани он аз гузориди қадам бар ҳарфи шини[399] маштаб душвортар аст, ба истиқомати тамом бигзарад, мисраъ: *камашйи-л-гидоа фавқа савбин маштабин.* Ва дигар кутуби қироат, ки овозҳои ҷумла хонандагон бар он баланд шудааст, таъвиз кардану тасбеҳ равон созад ва замзамаи ҳафт қироати аиммаи қурроро аз хоби абад бедор гардонад, байт:

Ба даҳ китоб нагунҷад маъсури ту, чунонки
Савоби сабъи масонӣ даруни сабъи шидод.

Боз чунонки аз зоҳири лафзи Қуръон ба зоҳир мустазҳар хоҳад гашт, ботинро бар он гуморад, ки дар батонаи алфоз низ чун маънӣ дар лафз мадхал кунаду аз хизонаи ҳар калимаи Қуръон дахле берун орад, ки ба сармояи таҳқиқ тунигар гардад, шеър:

*لیسَ الغَنِیُّ بخزائنِ الاَموال بَل بالمَعانِی عِندَ اهل کَمال

Чун он фарзанди матбӯъу мақбул табаияти қобилаву зоянда дорад, зинҳор пеши устоди мушфиқ, ки падари ҳақиқӣ аст, зону шикаста сабақи адаб то замоне дуруст кунад, ки дар қимоти ум-ул-маъонӣ, ки байти ризоии ум-ул-китоб аст, разеъ тавонад шуд. Ва ҳар гоҳ, ки дар он ҷома сари маҳал дар хаз ёфт, то ба балогати булағо нарасад, ба низом ризо надиҳад, шеър:

Ҳар кӣ то пирӣ зи пистони адаб шире нахӯрд,
Ширхора бошад аз худ, мӯйи (318) ӯ гардад чу шир.

Магар ба баракати иҷтиҳоди улом ба ҳақ забони он дилбандро дар баёни маонӣ аз фатҳбоби осмонӣ мифтоҳ-ул-улум гардонад, чунонки ҳам кашшофи “Тафсир”-и Замахшарӣ тавонад шуду ҳам дар асрори розӣ маҳрами роз тавонад гашт, шеър:

*لا عِزَّ مِمَّن اَنطقَ الصَّخرَ الاَصَم لَو یَجعَلُ الاُمِیُّ بتحریرِ النَّسَم

Ва агар лаззати касал, кӣ *аҳло мин-ал-ъасал* аст, дар мазоқи рағбат аз ҳаловати ниъами фурқонӣ ширинтар намуд, дасти ҳиммат ба нахлҳои баланди арабӣ нарасид ва чун тифлони бозидӯст ҳам ба малъабаи ҷавзбозӣ машғул монад, боре “Тафсир”-и Зоҳидро, ки ба ҳалвои софи сӯфиён монад, аз хашхоши донаҳои дақоиқу ҷавз мағзҳои мухи ҳақоиқи лубоб ба иштиҳои содиқ мутановил гардад, шеър:

*اَذاقکَ رَبُّکَ المَنّانُ مِنهُ حَلاوَةَ نِعمَةٍ شَکَرتُهُ روحٌ

Мутабаҳҳирон донанд, ҳар кӣ сарчашмаи *ва ло ратабун ва ло ёбисун илло фӣ китобин мубин* дарёфт, молики мамолики Бару Баҳрайн тавон хонд. Чун ҳол ин аст, он қатраи пок, ки аз салби халафи котиб бо салобати динӣ чакидааст, аз хушкии тинату тарии шаҳвату амони таназзуҳи мардона барчинаду аз хунуку тари ҷаҳон чун сафина аз саҳрову чуна аз дарё канора гирад. Ва агар ҳама хушкии хушку тарраи тар мутаазир бошад, самароти тар (319) ва авроқи хушки шаҷараи муборaки Қуръонро ғизои рӯҳ созад, то дар арсаи арасот, ки лабҳо хушк бошаду чашмҳо тар ташнаи бенӯшу гуруснаи бетӯш намонад, шеър:

К-он кас, ки аз ин ҷо набарад хушку тари хеш,
Ночор бувад хушклабу дидатар он ҷо.

**Дигар**, бидонад, ки ҳабл-ул-Лоҳ аз осмон ба ҷиҳати он фуруд омадааст, ки фурӯмондагонро аз барои тараққии *ас-салоту миъроҷ-ул-муъмини* ба корояд. Ин ришта, ки аз чарху ақл бартар асту аз зурваи лавҳи маҳфуз ба замин расидаанд, аз он чи нузул гардад, наздики хокиён расид, ҳанӯз баландтар аз он бувад, ки дасти фурӯдастон ба зайли он тавонад пайваст. Аз ҳуруфи силсила бад-ӯ пайвастанд, то муште фурӯдастро таълиқи он мумкин гардад. Акнун агар мехоҳад, ки даричаи *ло ятақарраб-ул-ъабду ила-л-Лоҳи илло битиловати-л-Қуръон* уруҷ ёбад, даст ба силсилаи ҳуруф чунон занад, ки он силсила гирифта боло равад, то ба ҳабл-ул-Лоҳ расад. Баъд аз он ки сарриштаи асл ба даст афтод, бад-он каманди қурб агар ба кунгураи синни *субҳона-л-лазӣ асро* бартавонад омад, мисраъ: к-андешаи ҳеч мардум он ҷо нарасад.

Боре, таноби шодирвони рифъат дар ҳалқҳои боргоҳи *фӣ мақъади сидқин ъинда маликин муқтадир* (320) дартавонад кашиду робитаи *наҳну ақрабу илайҳи мин ҳабли-л-варид*, ки автоди собитқадам аз шиканҷаи он расан дар гулӯ мондаанд ва аз саркӯби таҳрир мехоҳанд, ки ба замин фуруд раванд, дартавонад ёфт. Алқисса, ба тӯлҳо чун бад-ин таноб

---

[399] МИ: сайфи.

саропардаи осмонӣ ба панҷаи иътисом устувор кардааст, боистӣ ақида аз дасти он нагзарад, магар ба дараҷаи *ва рафаъноҳу маконан ъалийян* бартавонад омад, шеър:

*إن شاءَ مَن اعلى مَكانَ عِبادِهِ    حَتّى عَلى اعلَى المَدارِجِ يَرفَعُ

Ад-дуъо камо фи-л-аввал, шеър:
Қуръон дубора хон ба таърих,
Яъне, ки ду сол гирад ҳафсад.

**Таслимот**. Ҳалқаи асҳоби ин тараф, ки ба сидқи дили он хонандаи азизанд, таҳиёт ба адади ҳуруфи Қуръон мерасонанду дӯстони он ҷониб, ки хатми ихлос кардаанд, дуо хонанд.

Ал-**Адъия**т. **Уламо**[400]: ҷуъила оятан фӣ ъилми-д-дин ва бақия фӣ иттибоъи-л-Қуръон. **Катаба**: ҳаррара сахоифа маҷдиҳи биоёти-л-хайри; зуййина давруҳу би-с-савоби ва-с-салот. **Асҳоби лашкар**: ҳуфиза мин қавориъи-с-самоъ ва таҷалла асафуҳу бисурати-л-фатҳ. **Ли-л-майит**. **Уламо**: ҳафаза аҷзоа сандуқиҳи ъани-т-тафриқати ва утия китобуҳу бияминиҳи. **Катаба**: саҳҳала ъалайҳи-л-ҷомиъу явм-ул-ҳисоб. **Асҳоби лашкар**: баъасаҳ-ул-ҳафиз маъа-д-дин ва ъонақатҳу-р-раҳмату каҳамоилиҳи. **Ал-ъакс**: (321) шаттата-л-ҷомиъу шумулаҳу. **Қатабаро**: мо бақӣя-н-нассу бақия ъумруҳу. **Асҳоби лашкар**[401]: нуқиша ҷилдуҳу би-н-навм ъала-л-ҳасир; қараъаҳу-л-молику бииқавориъи-н-нийрон. **Ли-л-майит**. **Уламо**: утия китобаҳу бишимолиҳи ва ъуззиба биинкори-л-Қуръон. **Катаба**: табарра-ал-Қуръону мин таҳририҳи.

**Хатти панҷум** дар руқаоти муъҷаз, муштамил бар се ҳарф: **ҳарфи аввал** дар руқаот миёни муҳаддисону мунозирону асҳоби фароиз, **ҳарфи дувум** дар руқаоти таҳнияту маросим[402], аз истифтоҳ то ошуро, **ҳарфи савум** дар руқаоти мутафарриқа ба ҳар навъ[403].

**Ҳарфи аввал** дар руқаот миёни муҳаддисону мунозирону асҳоби фароиз, мисраъ: **руқъа дар ахбору нисбат ҳам ҳамон**.

Ҳамвора хабари хайри малик-ул-муҳаддисин чун ахбори мутавотир машҳур бод, ба ҳаққи аҳволи ан-Набӣ, ъалайҳи-с-салом. Доъии хос Наҷми муҳаддис хидмат таблиғ карду намуд, ки бандазода Шаҳоб ба баракати назари маҳдумӣ, ки мисбоҳ-уд-дуҷост, китоби ахбори наҷмро шаҳобвор росту рӯшан ва ба суръат гузашту чандон девони ҷоҳилиятро, ки бар он гузашта буд, пок бисӯхт. Дар ин вақт мехоҳад, ки аз Мавлоно Шамси Бадр ахбори найййирайн иқтибос кунад. Ба ъайни ъиноят сӯйи эшон аз ҳилоли абрӯ ишорат мебояд фармуд, то ба меҳри тамом ҳар рӯз ламъае аз он машориқ-ул-анвор мадюни зарра рӯшан кунад, (322) шафқате бар маҳал бошад. Ад-Дуъо камо сабақ.

Мисраъ: **дар фароиз руқъаву нисбат ҳамон**. Хидмату убудияти Мавлоно, ки аз фароиз аст, таблиғ афтоду намуда омад, ки дар ҳамсоягии доъӣ аврате ба ҷавори раҳмати ҳақ пайвасту ҳамсоягони бераҳмат бо вуҷуди писар тифли холи сияҳрӯйи он майитаро бар оғолидаанд, ки туро дар ваҷҳи ӯ тааллуқест муваҷҷаҳ ва он хол ин муваҷҷиҳи мурдаро ба рангомезии тасаввур чун гулгуна, ки ивази нон мурдаро кунанд, дар хаёли хеш тавҷиҳ карда. Ҳарчанд гуфтам, ки писар қуррат-ул-ъайн асту соҳиби хол ва асабаи дигар пушт дар пушт ҳастанду ту асаба нестию саҳме муайян намеафтад, пāёпай таассуб менамояду саҳме, ки аз кеши мусалмонӣ берун аст, дар шасти хеш рост гирифта. Мехоҳад, ки ҳамаро ба қуввати бозу харҷ кунаду дили он ҷигаргӯшаву асабаи дигарро чун матрука муайян дар қисмат афканад. Ба хидмати Мавлоно алам дода шуд. Тавқеъ он, ки замоне қадами карам ранҷа фармоянд, ин матрука ба ҳузури худовандӣ қисмат пазирад. Дар иқомати фароизу воҷибот доим-ул-бақо бод. Омин!

Мисраъ: **руқъа дар илми назар, нисбат низ**. Ба ҳазрати Мавлоно малик-ул-мунозирин, *салима зотуҳу канукотиҳи*. Дуогӯйи қадим Бурҳони олим, ки аз шумули адам ба мулозамати хос дар иштимоли (323) вуҷуд дохил шудааст, шарги хидмате бехилоф, ки

---

[400] МИ: донишмандонро; минбаъд: “катабаро” ва “асҳоби лашкарро”.
[401] МИ: ин дуо дар охир барои аҳли лашкар оварда шудааст.
[402] МИ: таҳнияти мавосим. Ин ҳарф ба ҷойи ҳарфи аввал омадааст ва дар мавриди баёни мундариҷа низ ин ду ҳарф пасу пеш омадаанд.
[403] МИ: баъд аз ин: фард: ин ду мисроъ ба сони зари ъайн    Баҳри фарқ аст миёни ҳарфайн.

шомили муҳаббату ихлос бошад, ба ҷо овардаву намуд, ки ба қисми мунозарона бар сабили ташбеҳ дар талфиқи ҷавонмардию карам бар хотир давра кардааст. Чунин ки ҳар ҷо, ки карам нест, яқин аст, ки бахшиш нест. Ҳар ҷо, ки абр нест, қатъист, ки борон нест ва ҳар ҷо, ки ҷавонмардест муфлис, шояд, ки бахшиш бошаду шояд, ки набошад. Ва ҳар ҷо, ки борон набошад, шояд, ки абр бошаду шояд, ки набошад. Ва дар ин муқаддимот ба карам қатри назар бояд фармуду шарти ислоҳ дареғ надошт. Дар ифодати беқиёс то даврони фалак боқист, бақо бод. Омин!

**Ҳарфи дувум** дар руқаоти таҳнияти мавосиму истифтоҳ, мисраъ: **дар истифтоҳу нисбат ҳам ҳамон аст**. Рӯзаи[404] Марям, ки нури он аз миёнаи моҳи Худой бармеояд, дарунаафрӯзи Хоҷа Солеҳ Аслаҳуддини Раҷаб бод. Ба тавқири шаҳр-ул-Лоҳ дуогӯйи хос Шаъбони Алавӣ, ки мубоҳест ба нисбати расул-ул-Лоҳ, салла-л-Лоҳу ъалайҳи ва саллам, баъди адои вазоифи адъия арз медорад, ки имрӯз ба ҳангоме, ки Шамси Нурониро аз минбари нуҳпояи фалаки замон фуруд омадан бошад, (324) дуогӯй ба азимати хондани дуои истифтоҳ худро аз баракоти минбари рисолат пояи ҳар чӣ баландтар хоҳад дод. Агар он зоти воло ҳозир шавад, гӯи осмон ба истиқболи дуои доъӣ омада бошад, шеър:

*فيُستجابُ دُعائی بيُمنِ مقدَمِکُم — کما دُعاءُ ذوی الانکِسارِ فی رَجَب

Ад-дуъо камо кутиба.

Мисраъ: **руқъаи шаби бароту нисбат ҳам аз он**. *Лайлаи* муборакӣ барот бар маҳдум муборак. Рӯзи қисмат муборакию баракот расоноду аҷсоди ҳуссод ба теғи қисмат мақсум, шеър[405]:

*بقَسّامِ ارزاقِ کُلِّ الوَرَی — و خَيرُ البَرايا ابی القاسِمِ

Банда Мисбоҳ, ки баротии[406] партави он анвор аст, саломоте чун намози шаби барот бисёру адъияи монанди дуруди моҳи шаъбон бешумор ирсол намуда, менамояд, ки имшаб бадри анҷуманорой саводи шаби баротро баёзе кардааст чунон рӯшан, ки нусхаи рӯзномаи офтоб тавон хонд. Ва тифлони биҳиштӣ, ки оташи дӯзах бар эшон ҳаром аст, бозии оташро бар худ ҳалол пиндоштаву ҳама шаҳр аз гулнори чароғ гулистони Халил гашта. Ҳар кас ба қадри рӯшноии ҳоли хеш чароғе чанд сӯйи масҷид мефиристад. Банда низ мехоҳад, ки аз нури намоз ҳам дар хонаи хеш чароғи рӯшноӣ афрӯзад, (325) чун дар дарунаи мани сиёҳнома зулматест, ки ба ҳеч навъ чароғе маҳв нашавад. Мултамис он, ки як имшаб аз нури ҳузури он чароғ қибла то хонаи банда бирасаду дуое, ки дар ин шаб омадааст, ҳамраҳи он нур ғардад, то он дуо ҳам дар пеши он чароғ хонда шавад. Инчунин шаберо, ки мурдадилон аз он хабар надоранд, ба мувофақати нури он ҷони азиз ба ҷони азиз зинда дошта омад[407]. Дуое, ки боло рафтааст, боло рафта бод. Омин!

Мисраъ: **руқъаи моҳи сиём асту ҳамон нисбат** дар ӯ. Бӯстони[408] сиём, ки дар вай ғунчаи мушкбӯйи даҳони мӯъмин гоҳи субҳ мебандаду ҳангоми шом мешукуфад, бар зоти маҳдумӣ чун рӯйи гул бар зоҳиду фосиқ муборак бод ва аъдо иблисвор мусалсалу мағлул. Ба баракати гузорандагони таровиҳ қомати хидмат ҳилол гардонида шуду намуда меомад, ки моҳи рамазон монанди гӯшаи залибои набот аз табақи осмон, ки намудор кардааст, табақаи миллати ҳошимиро бод додааст, ки дар ин айёми мутабаррик пеши аиззаву аҳиббо, ки аз сиҳҳати ширин фуқоъ кушоянд, гӯшаи залибое дар табақ мебояд ниҳоду дар он гӯша, ки салои мо ҳузурӣ муқтазои ҳоли эшон гардад, мисраъ: чунонки бонги муаззин мубашшири ифтор.

Бар он бино ин аризаи пурмалеҳ, ки лавзинаест хушку чун муҳр бар даҳон надорад, ба таҳрири чун мани банда хатте бо ҳазор гуна озодӣ (326) пеш оварду ба омадани маҳдум чун муждаи раҳмат бар соим дархост намуд. Умед, ки ин беғула дарвеш бад-он ҷамоли фархунда чун зовияи Исӣ ба моидаи осмонӣ ороста ғардад, мисраъ: ва яъти минка фӣ рамазона ъидун.

---

[404] МИ: дар рӯзаи.
[405] Дар нусхаи МИ ҳудуди байт муайян нашудааст.
[406] МИ: баротипӯши.
[407] МИ: зинда доштаанд ва дуое, ки.
[408] МИ: варди бӯстони.

Мисраъ: **руқъа дар шаби қадру нисбат ҳам ҳамон**. Саводи аъзами лайлат-ул-қадр, ки ба сабаби нузули рӯҳу малак беҳ аз ҳазор шаҳр аст, боргоҳи пӯшидаи хеш, ки осмону анҷумро суҷуд фармояд, бар пири вилоят Хоҷаи қоим-ул-лайли соим-уд-даҳр, бадр-ул-миллат рӯшан гардонод ва рӯзи ҳуссод аз шаби ялдо ториктар. Ба қадри ин шаб саломҳое, ки аз аввали мағриб то матлаъи фаҷр ба ҳила тамом шавад, ирсол афтод ва муборакбоди саводи мутабаррики ин шаб, ки нусхаи лайлаи мубораки барот тавон хонд, карда омад, байт:

Бодот ба некрӯзиву фирӯзӣ
З-ин гуна шаби қадр ҳазорат рӯзӣ.

Мисраъ: **руқъа дар иди фитру нисбат ҳам**. Ҳилоли ид, ки ба нӯги нохун муҳри номҳои рӯза кушодааст, сари ҳарфи номаи умри маҳдумӣ бод. Ва маҷлиси хоси маҷмаъи идгоҳ ба ҷамъияти фарҳату нишот ороставу душманони тиҳимиён чун табли нуҳгонаи ид кӯфта. Ба баракати дугонаи ид банда фалон, ки ҷузви мадоеҳи ширини худовандиро чун дастаи нону ҳалвои ид хона ба хона мефиристаду монанди (327) гулобдони ид хидматҳои паёпай мекунад ва ба тиби даруна ҳар чӣ дар дил дорад, фуруд мерезад. Он ҷумла, ки сӣ рӯз аст, то он дӯсти маймун талъати моҳ пӯшидааст у худро аз назарҳо мастур дошта. Намози шом мунтазири рӯяти муборак будаем, ки бахти тираи мо абри ҳирмон шуд. Ва имрӯз баъд аз ғуруб мунтазири тулӯъи он ғурраи фархундаем, ки агар талъати он моҳ ба муборакию фаррухӣ дар назар ояд, моҳи дурӯзаи ид бар мо моҳи духафта гардаду дар моҳтоби он ҷамол шароби шафақфом дар тоси ҳилоли рӯъят афканам, байт:

Ҷамоли дӯстону бодаи хуш,
Аз ин хуштар набошад ҳеч иде.

Шоми охири ид аз аввали бомдоди ид муборактар бод. Омин!

Мисраъ: **руқъа дар нисбати иди дувум аст**. Расидани иди фархундаи азҳо, ки чун ҷонҳои буднотро пайванди эъмори мӯъминон мекунад, ҳаётафзои худованд Рукнуддини Исмоил боду вазандагони аъдо аз рӯзаи ин ид кӯтоҳтар, ба ҳурмати байт-ул-атиқ. Бандаи босафо Ҳоҷӣ, ки муштоқи иҳроми бандагист, ҷониби он рукни каъбаи дин намози убудият мегузораду таҳиёт ба адади такбироти ин ид ирсол мекунаду менамояд, ки хидмати худовандӣ гӯспанде ба ҷиҳати қурбонӣ (328) талаб карда буд, ба дасти волиди Иброҳим фиристода шуд. Агар баҳо расаду нарасад, забони тақозо он ҷо корди Халил аст. Он гӯсфанд фидои он Исмоил карда шуд. Умедвор буда меомад, ки маҳалли қабул ёбад, *иншоа рабб-ул-Каъбати*. Ад-Дуъо камо ҷарат.

Мисраъ: **руқъаи ошуру нисбат ҳам ҳамон.** Моҳи боҳурмати муҳаррам, ки аввали сол асту ошур охирин мавсим[409] аввали умри Сайид-ус-содот бод, *бишаҳодати-л-Ҳусайн*. Дуое, ки ушри комил дар хондани он тамом шавад, арза афтоду намуда омад, ки кӯҳл-ул-ҷавоҳире аз сурмадони муҷраи хос дар коғаз карда, бад-ин мухлис расониданд, аз мардуми чашм қабул афтоду бар сиёҳии дида гузаронида шуд. Китоби "Мақтали Ҳусайн" талаб буд, ҳам ба хоки он шаҳид, ки кӯҳли дидаи биноии он мӯъминон аст, ки он китоб чунон пора-пора шудааст, ки гӯӣ дар мотами хонадони нубувват ҷома чок задаасту авроқаш ба ғояте абтар гашта, ки пиндорӣ дар саҳрои Карбало боде тунд бар ӯ вазидаст, ки агар бар сони дастаи нон дар рӯзи мавсим дуруст будӣ, фиристода шудӣ. Аммо чун монанди нони анбони захираи даҳрӯзаи гадоён реза-реза шудааст, лоиқи фиристодан набуд, нигоҳ дошта омад, бар тақсир ҳамл нашавад. Ад-Дуъо камо кутиба. (329).

**Ҳарфи савум** дар руқаоти мутафарриқа ба ҳар навъ, мисраъ: **руқъаи[410] гул зи пайи хондани аҳли ишрат**. Рубоӣ:

Гул омаду халқе ба чаманҳо бинишаст,
Ҳушёр мадон ҳар кӣ кунун набвад маст.
Дасте ба лабу рӯйи баён зан пайваст,
Яъне, зи гулу бода макун холӣ даст.

---

[409] МИ: ошур, ки охирин мавсим аст.

[410] Ин рукъа дар нусхаи МИ баъд аз рукъаи баъдӣ омадааст.

Адли ҳавои баҳор, ки рехтани хуни сурохӣ ҳалол медораду суҷуди ноҷоизи қуроба мустаҳаб, бар маҷлиси махдумӣ чун адли султон бар раоё сазовор бод. Ҷамъияти аъдо аз сарсари ҳаводис бар сони барг дар барг резу парешону пароканда, мисраъ: бад-он рӯ, ки суре дамад аз хеш. Банда Ҳакими муошир, байт:

К-он ҷо, ки фурӯ чакад зимистон араќе,

Он ҷо резад чу ҷуръа хуни худро. - бунафшавор сари хидмат ба тавозуъи тамом фуруд меораду бар ин савод, ки ҳар сатраш аз хатти сабза дилкушотар аст, фурӯхонд мекунад, ки ҷоми лолаву гули сурх аз шароби лаълу рухсори шоҳид ҳикоят[411] мекунаду расидани оташи хуршед ба барраи ширмаст бар табақи осмон аз кабоби мастон ёд медиҳад, байт:

*وَ انشدَ الطَیرُ کالشّادِی بلهو     وَ یرقُصُ تحتَ غُصنِ الورد ماءُ

Булбули сармасти сурудхоркун ба овози харошида месарояду тӯтӣ миёни сабза навое (330) сабз дар сабз мезанад. Дар чунин ҳавои хуррам агар он хуни шамоил чун боди сабо нарм-нарм бар ин ҷониб ҷунбиш намояд, хуш-хуш ба бӯйи ишрат чун ғунчаи гиреҳбаста бо хуну пайванде чанд гӯшаи боғе гирему ҳолӣ мавсими Наврӯзро ба шаробею гуле тоза дорем, байт:

Аз бода кунем сурх рухсори сапед

В-аз ҷуръаи гул сафедро лаъл кунем.

Бӯйи гул, ки раҳбари боғ аст, он ҷо низ ба тақозо расида бошад, ба суръат пеш аз сабо ин ҷо мебояд расиду наргиси боғро, ки ба умеди қудуми азизон чун дидаи дӯстон дар роҳ мондааст, интизор нафармуд. Гулшани ҳаёт ҳар рӯз хандону тару хандонтар бод. Омин!

Мисраъ: **руқъа андар анори хандонрӯй. Нисбати меваву руқъа сӯйи ёри ҷонӣ,** байт:

*انارَ اللهُ الخَلق بُستان غُمرِکُم     اِلَی ما نارَ الوَردُ مِن غُصنِ رمان

Ба хидмати рухсори гулнории махдум анорсон кулоҳи сарӣ бо сар нагун мекунаму монанди анори кафида ба хандонрӯии тамом гавҳари дарунаи худ бурун медиҳам. Бар он ҷумла, ки дар кулбаи танги банда, ки масофати он анорворӣ ба ҳила бошад, сурху сафеде чанд монанди донаҳои анори навруставу дандонҳои лаълкарда гирд омадаанд, ҳар ҳама ҳамтухму ҳамҳусну ҳамгавҳару ҳамдам, (331) аммо бар якдигар дандон доранд. Аз бурун софиҳолу дарун сахтдил ва баъзеро бо баъзе парда низ дар миён ҳаст. Бо чандон омезиш аз якдигар ҷудоанд, гармхунӣ надоранд, ки пайвастагии он ба иттиҳод кашад. Ҳар чӣ қадаре пухтатаранд, дар эшон ширинкористу ҳар чӣ хоманд, аз зифтиву туршӣ холӣ нестанд. Ҷумла дар хунобаи якдигар дар мондаанду ҳаҷари танги банда наздик аст, ки аз ҷамъияти эшон монанди анори пухта битарқад. Чунин менамояд, ки ҳама аз парда бурун хоҳанд афтод. Хидмати махдумро мебояд омаду тезӣ бар эшон ронду пӯст аз сари эшон боз карду аз пӯст эшон берун оварду пардаи эшон дарид ва ба дандони хурдашон сахт бихоиду беоб карду гузошт, чунонки аз он хунукию беобӣ беш бар оби худ наёянду сазои худрастагони дигар бошад. Ҳамеша аз норини умр бархӯрдор бод.

Мисраъ: **руқъа андар сабӯҳу нисбат ҳам.** Ҳамеша субҳи беҳрӯзӣ аз матлаъи ҷабҳаи маймуни худовандӣ Шамсӣ толеъу ломеъ боду аъдо аз субҳи нахустин камумртар ба нури аввал. Банда Зиё, ки бар он зоти анвар қоим аст, чун шуои офтоб рӯй бар замин меораду субҳвор ба сидқу сафо тамом боз менамояд, ки имрӯз (332) шаробе рӯшан, ки гӯй хуршеди маҳлул аст, аз ғайбат бар мо тофта ва он маҳлули хуршед осмони миноӣ вилояти худ карда. Агар партави маҷлиси Шамсӣ бар мо тобад, он хуршеди маҳлулро ҳам дар он осмондӯз фармоем, то вақти ғуруб фуруд барем, шеър:

Фурӯ дарад гавҳари рӯшани офтоб, ки ҳаст,

Ту боядам, ки бимонӣ, ки хуш баромадаӣ.

Ад-дуъо камо фӣ матлаъ.

Мисраъ: **руқъаи сӯфиёну нисбат ҳам.**

Ҳамеша шабҳои умри махдумӣ чун саводи ҷавонӣ нишотафзою монанди маҳтоби пирӣ хурматафзой бод, ба ҳурмати лайлат-ул-меъроч. Хидмате, ки ба саводи шаб бар

---

[411] МИ: ҳикояти тамом.

баёзи рӯз таҳрир натавон кард, ирсол афтоду намуд, ки имшаб сӯфие чанд нуронӣ кулбаи торики бандаро рӯшан кардаанд ва баробари эшон қавволе низ ҳаст, ки аз дами ҷонбахш дилҳои мурдаро зинда кунад. Агар он дӯсти ҷонӣ ба узрҳои колбудӣ машғул нагардаду ин колбуде чандро ба омадани хеш ҷони тоза бахшад, ба мувофақати он рӯҳониён шабе зинда дошта шавад, шеър:

*لعَلَّ اللهُ يوقِتنا جَميعاً    وَ يُحيِنا بأحيا ِالقلوب

Ад-дуъо камо суввида.

Мисраъ: **руқъаи лоғу нисбат дирам аст**. Хидматҳои бешумор дирамвор шумор карда шуду намуда омад, ки писаре аз дирами бемехр содатар расидасту сиккаи худро, ки (333) дирами дуруст асту тангаи сӯрохе ҳам тавон гуфт, ба зарб пеш оварда, дар кисаи банда донаке чанд пеши ӯ суруде дар пӯст мегӯянд. Бад-он арғануни бенавое пойи ӯ намехезад, як тангаи гилвом бахшиш фармояд, ки аз он булбули ганҷи бодовард забт кунаму боде дар шаҳнойе андозаму бизанам. Ҳар музде[412], ки аз он ҳосил ояд, мадхари маҷлиси хос бод. Омин!

Мисраъ: **руқъаи лоғу нисбати гов аст**. Хидмату ихлоси гов боре хидмате фиристода омаду намуд, ки гови бандаро аз ишқ як шикаму аз хасу хошок коҳи шикам баромадаасту коҳе бар пушташ борҳо баромаде аз он бияфтодӣ. Чун дар орзуи нашхоре ранҷи бисёр зад, аз ин ҳавас ҳасрати бисёр хӯрд. Ногоҳ киште сабз дид, фиреб хӯрду дар кишт афтод, аз кишоварз чӯб хӯрд. Аз он ҷо рам хӯрду пояш мавҷ хӯрд. Ногоҳ сутуре дигар бо ӯ дучор хӯрду аз ӯ лагад хӯрд ва дар он низ дарди бисёр хӯрд, он низ фуруд хӯрд. Акнун афтода, аз бекоҳӣ коҳиш мехӯрад. Аз чандин хӯриш сер омадаасту бар ин серӣ дар тасаввур гоҳ лаби дарунаи ӯ хор-хоре дорад. Агар як пуштвора коҳи сарволаи помоли сутурони хос бад-ӯ расад, ҷумла рахнаҳои рӯдаи ӯ ба сӯзанҳои бе ресмон дӯхта шавад, савоби он (334) мадхари сутурхонаи хос бод. Омин!

Мисраъ: **руқъа дар ҷорияю нисбат ҳам**. Хидмате монанди парасторони ҷорӯбзан ба ҷой овардаму намудам, ки ду осиёкаши тавоно, ки дар дастёрӣ[413] чун табақи осиё сангро орд кунанд, ба ваҷҳи пири муғон ба хидмат фиристода шуд. Умед он, ки дар осиёхонаи хос мӯяшон сапед шуд ва агар аз гарди сапеди рӯйи орд ба сапедарӯияшон дил кашаду аз ҷуфт шудани осиё ҳаваси ҷуфти эшон кунад, ҳамон дастаи осиё дастгирашон басандааст. Ва агар махдуми дақиқашинос он ҷуфте осиёкашро чун ҷуфт гардон фармояд, байт:

Осиё бо калиди некӯтар[414],
Ки чу набвад калид, бекор аст.

Ҳамеша аз тангбези осмони безанда рӯзӣ бисёр бод. Омин!

Мисраъ: **руқъа дар ғаллаву ҳамон нисбат**. Соли умри махдумӣ чун дона дар хирмани ғалла бешумор бод. Банда Муҳсини ғаллафурӯш чун палаи ғарони тарозу рӯй бар замин мениҳад, ба қуввати дастёрии махдум бар сони палаи санг сар ба осмон мебараду менамояд, ки бандаро ғумоштагони Хоҷаи раис чун мушти тарозу мӯйи сар гирифтаанду муаллақ карда мебаранд, то ғаллаи гандуми анбор дар палаи ман ниҳанд. Банда дар он таҳайюр парвонавор даҳанбоз монда. (335) Пеш аз он ки ин гандагӣ он гандумро, ки одамро ёд дорад, паймонаи банда пур кунад, мебояд расиду онро бар гардани ҳаммоли дигар ниҳоду бандаро чун ғаллаи мушти дуздон майда, пас даст карду анбозе савоб дар ғалладони қиёмат барои мизони уқбо мудхар гардонида. Ад-Дуъо камо фӣ-р-раъс[415].

Мисраъ: **руқъа дар тазкиру нисбат ҳам аз он**. Бисми-л-Лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Қола Расул-ул-Лоҳ, салла-л-Лоҳу ъалайҳи ва саллам: *ал-вард-ул-аҳмар мин ъарақӣ*. Хоҷа, ки абрӯи гули лаъл аз хайи пешонии ӯст, балки ҳар куҷо хайи ӯ чакида мо дар хок аз бас дӯстӣ пора-пора хуни ҷигар барандохтаву онро гули сурх ном карда. Ошное араки мутаҳҳари он

---

[412] МИ: ин ду калима ҳазф шудааст.

[413] МИ: ба дастҳо.

[414] МИ: авлотар.

[415] Дар ҳамин ҷо нусхаи МИ ба охир мерасад; дар охири нусха чунин омадааст: таммат би-л-хайр биъавниҳи Таъоло ва тавфикиҳи.

Ҳусайн ному овозаи худро ҳар дам ба тозагӣ об медиҳаду дар парда мегӯяд, ки ман хунеам аз он араќи пок, ки худро ба пардаи араќ барои сурхрӯии гулшани хок берун афкандаам. Аз ин сухан худ бӯйи хун меояд ва агарчи аз араќи Мустафо бӯйи мушк омадию гули мушкин ин дам сидќ ҳам бад-он бӯй мезанад, гуфтам: Бо ин ҳама, эй гули хунгирифта, туро дар ин даъвӣ чӣ заҳраи дам баровардан бувад, ҷое, ки гули сурхи офтоби гулистони сипеҳр аз он рӯй номӣ шудааст?! Не, не, худ чашмаи хуршед араќест аз гулбарги рӯйи ӯ, (336) ки аз тоби офтоби *аввалу мо халаќа-л-Лоҳу таъоло нурӣ* фуруд чакидааст, ки гулгунаи гули сурху ҳам гулшани хок аз таъсири ӯст. Булбули сияҳсари қалам нағмаи наъти он сурхрӯии ҳар ду олам бар он гуна месарояд, ғазал*:

Эй зи ранги тари рӯйи ту чакида гули *лаъл*,
В-аз хайи ҷабҳаи маймун-т дамида гули *лаъл*.
Гӯйӣ аз орзуи дидани рухсораи туст,
Он ки сад ҷо ҷигари хеш дарида гули *лаъл*.
Боғи ризвон набувад ҳирзи насими хирқат,
Саҳл бошад, агар аз бод бурида гули *лаъл*.
То шунидаст, ки ту ҷомасапедӣ ҳар субҳ,
Ҷомаи рангин дар об кашида гули *лаъл*.
Карда ҷуръат, ки хайи поки туам, з-он хиҷлат
Хуни худро ба замин рехта, дида гули *лаъл*.
Ҳам ба фирдавс гули *лаъл* дамида зи хаяш,
Чун Буроқи ту ба фирдавс чарида гули *лаъл*.
То бидида гуҳаре чанд ба наътат, Хусрав,
Аз карашма гуҳари абр бичида гули *лаъл*.

Рӯзе дар айёми баҳор, ба ҳангоме, ки гули *лаъли* офтоб аз сабзазори осмон баромад, он гули *лаъли* шаҷараи тайибаи *аслуҳо собит ва фаръуҳо фӣ-с-само* дар пояш сурхрӯӣ бор дода буду ёрони покдоман дар перомун бар сони баргҳои тозаву тар гирд бар гирди гули сурх гирд омада, баъзе ба дуруду баъзе ба вуруду баъзе ба шамоили навбат машғул. (337) Дар ин асно дар он равзаи ризвон боғбоне вуруд намуда, чанд гули *лаъли* оташранг бар каф карда, ҳар як гӯӣ туҳфаест, ки аз боғи Халил овардаанд ё шуълаест аз оташи Мӯсо хоста, ё пироҳани Юсуф аст, ки аз гургдариҳои ихвони рӯзгор дар хун кашида, ё дили Зулайхост, дар вай аз дилбастагии Юсуф хун баста, яркола паркола бар ҳам нишаставу дар зери ҷомаи тунук чун хуни Юсуф аз дарун пӯст берун намудаву хунолуда аз болои фарқи сари Закариёст чок-чок ба наштар дар хун ғарқ, дона фузуд.

Алғараз, қадами ҳазрат дар сабзҳо гаштаву аз сабзаи авсофаш баргузашта, борonияш аз хайи *лаъли* хилқат авотифи пайғомбарӣ хайтару тунук ва аз коргузории сунъ бар оби дигар чун араќи Мустафо ба оби лутфи худаш парварда. Ҷавоне навхез, нимаи боло *лаъл*у сапед, нимаи фуруд сабзаранг, ҷавонмарде дирамрези лутфаш бисёру зари пеш андаку баргаш тунук. Арӯсе сурхею сапеда карда, аммо ба покдоманӣ рӯй кушода, пешонӣ ду-се хӯрда зари тар кардаву дар миён ниҳода, бару андомаш сода, аммо реза. Мӯй дар соқаш бирустаи хун на, аммо дар бари шоҳону арӯсон дар хаз ҷаста, ҳангоми расидан гузараш бар хор буда (338) ва андоми нозанинаш аз ҳар мӯй шикофта. Лоларо хуну пайванд, арғувонро ҳамшираю ҳаммонанд, аз дасти гулфурӯш озурда, ки ба саҳл қиматаш мехараду он харидаи азизро дар бозорҳою хонаҳо мебарад. Аз ҷаври гулобӣ обу оташ шуда, ки ҳар дамашу зулфу тоб мекашад, чунонки хешро об мекунад, назм:

Эй Хоҷа Гулоб, гар чу ман з-они туам,
Гар сӯзе даркашӣ, ба фармони туам.
Аз хонаи хеш сурхрӯ омадаам,
Бе об макун, якшаба меҳмони туам.

Акнун суханро ба гунаи дигар ранг диҳем, чунонки сурху сапеди нозанинонаш пӯшонида будем. Акнун қабои хунолудаи ахбораш низ чуст барбандем, мисраъ: ки зебо ҳар чӣ дарпӯшад, бизебад. Гули сурх пурдилест, кафии хуни худ ҳар ҷо, ки расида, бар кафи даст ниҳода. Агар аз осмон ба ҷои қатароти об теғ борад, ба қабули он дилу синаро боз кушода, чизест *лаъл* аз дурбоши хорзодаи дӯстор чаҳор дар ё шаш бар ҳар ҷониб

афтода ё шукуфта пайкони сурист аз гирехи шох сар бар зада. Ҳангоми шукуфтани сарест лаълу аз пайкони ёқут берун ҷаста, синоне зумуррадин дар зери сар раста, сари лаълашро ҷавшанвор (339) айбҳои ту бар туву синони тирашро ғилофе, к-ӯ чок-чок аз ҳар сӯ наздики савсан. Гӯй пахлӯи теги обдор ҷомаи шаҳидест оҳори хун ёфтаву дар ришта ғунчаҳо, пиндорӣ, ҷигари диловарест ба сад пайкон шикофта. Агар аз зардии дараш бо сурхии берун бинӣ, гумон барӣ, ки Золи Зар аст, қабои даридаи хунолудаи Сиёвуш пӯшида. Чун барги бед дар миёнаш афтад, тасаввур кунӣ, ки дашнаи Рустам аст, шиками Сӯҳробро бардарида, байт:

Ё баҳмани сурх аст бируста ба замин,
Ё хуни Сиёвушон бурун ҷаста зи хок.

Аз сифат низ варақ нагардонидем ва бар варақи гул нақши дигар нигориш кунем. Ҷаридаи гули сурх низ фурӯ хондам, дафтарест дасте андак зиреши нақд сад ваҷҳи муваҷҷаҳ. Дигар, сафинаест аз авроқи сурх бо шерозаи сабз аз оби тар, на абтар. Сипораи хурди хурдсолон аст, ба сурху зард рангаш дода, хабару сурхи заркӯбон асту дар миён ҷузв ва ба ҷойи табақ чанд қурозаи зар ниҳода. Чун бишкуфад, ҷома дар он луъбатон аст кушода, дар вай ҳам ҳарирҳои норавонею ҷомҳои ту ба ту ношукуфта. Букчаи луъбатбозон аст, дар вай пари колаҳои лаъл таҳ бар таҳу ту бар ту. Як гули лаъл аст, ки навбаҳор аз савсан (340) хор дар айбаи ҷома кашидааст бе ришта ва як пироҳани нармаест, сад доман бар он аз сабзаи панҷи сура фурӯ ҳишта, шеър:

Сифатгӯёни исмирост з-ин авсоф дар бандон,
Ки гул дар васфашон бошад фурӯ сабзак забар хандон.

Се гуна сифати гулро ранг дода шуду, барге аз гулеву гуле аз боғе намудорӣ ёфт. Ин авсоф чун гулҳои гуногуни баҳор ниҳоят надорад, аммо табъ мебояд бар сони мавсими Наврӯз бадеъангез, ки ҳар гулистонеро ба ранге дигар биёрояд. Астағфир-ул-Лоҳ, астағфир-ул-Лоҳ, дар гулистони луъбат гулдастаи яд-ул-Лоҳ будаем, ки ногоҳ боди ғурур бар мо вазид, дар хористони пиндору худбинӣ андохт.

Акнун гули лаъли даҳонро аз хандидан баҳри бозӣ пардозему барои кафорати ин гуноҳ бар сари шамоили ахлоқи Муҳаммадӣ бозравем. Алқисса, чун боғбони умедвор расид, гулро пеши Хоҷа ниҳод. Он тоири ҳумой ҳавои ҳувияти гулӣ аз он бардошту бӯй кард, бар савсани забон гузошт: ал-вард-ул-аҳмар мин ъарақӣ. Саҳоба, ки гули сурхро аз он оби рӯй диданд, дари Мадинаи Расул-ул-Лоҳ, ъалайҳи-с-салом гулию шаҳрияш сохтанду дар атроф нашр гашт. То (341) дамидани субҳи қиёмат ҳар ҷо, ки ин гул бидамад, гулгунаи нав бар он боғ хоҳад буду бар шоҳу гадо дастгоҳи иззат хоҳад ёфту гуландомонро роҳати даст хоҳад шуд. Ва дар ҷайби арӯсони баҳор гули лаъли чакан хоҳад нишасту бузургонро динори сурхи даҳ-даҳӣ бар даст хоҳад ниҳоду тифлонро чун сари лаъл ҳино бар каф хоҳад буд. Ҳар кӣ диле зинда дораду аз ҷону дилаш азизтар хоҳад дошт, байт:

Дар кори касе, ки хай чаконад чу туе,
Аз ҷону ҷигар азизтар хун набувад.

Эй воҳибе, ки гули лаълро бад-он дастгоҳ ту расонида, ки ҳар варақи ӯ бо арқияи Мустафо боз хонад, ҳам ба арақи поки он гули боғи нубувват ба оби рӯйи беруншудагоне, ки бар остони иззати ту рӯй бар хок ниҳода, дар дили шаб аз сиёҳии дида нами ниёз мечаконанд. Чунонки аз хунобаи эшон бар рӯйи замин гули лаълу сафед мерӯяд ва балки аз он қатароти хунин гули сафед лаъл мешавад. Чун боғбони карамат моро бар сони гулу арғувон ба нозу ниъам парвардааст, гулобиёни иноятро бигузор, ки дар оташи дӯзах по нагузоранду оби моро бибаранд, ки тоби он надорем. Эй сониъе, ки гулро дар қолаби замин аз оби поки ту рехта (342) ва хуни покашро ҳар рӯз барои маслаҳате дар хок ту мерезӣ, дар он, ки хуну пӯсти мо зери хок чун барги гул дар рехтанояд, борони карами хеш бар мо борон, ки аз он гили тира гули биҳишт дамад, на хори дӯзах. Ва чун гули сурхи рӯйи мо дар офтоби қиёмат хушку сиёҳ гардад, обрӯи *мо арсалнока илло раҳматан ли-л-ъоламин*ро ба ёди алтоф бар сари мо расон, ки дар офтоб соябони вақти мо шаваду гулҳои пажмурдаи моро аз сар тоза гардонад. Ҳурони гули сурхро, ки пойи бараҳна бар гулҳои лаъли биҳишт хиромиш мекунанд, шеър:

*سَيَجمَعُ بَينَنا نَحسُ السَّماءِ     اِذا اجتَمَعَ الصَّباحِ مَعَ السَّماءِ

Таърихи ин маҷории ҳол дар соле, ки поёни ранҷ бувад, бар сари бадраг расиду ба миёнаи қафо фуруд омад. Ад-Дуъо камо ҷара, мисраъ: яъне, ки сана шаш саду ҳаштоду ду буд.

Тамом шуд[416].

[416] Дар охир чунин навишта шудааст: ба қалами аҳқар-ул-ъибод Сиёми Баҳорӣ, намакхӯри қадими матбаъи Авдаҳ ахбор.

## ТАВЗЕҲОТИ РИСОЛАИ ЧОРУМ

*Мин-ал-маънавиёт*: дар рисолаи чаҳоруми “Расоил-ул-иъҷоз” маънавиёт тибқи равиши мусанниф ва бо таваҷҷуҳ ба робитае, ки хоси худи котиб аст, тартиб баста шудааст, ки шомили муфрадот, мураккабот, муқаддамоти хурду бузург, амсила, мактуботи дарозу руқаоти кӯтоҳ мебошад. Муҳимтарин мухтассоти нигоштаҳои мазкур дар ба кор гирифтани “азамати сеҳркории маонӣ” таъйин мегардад.

Тафовути ин рисола аз рисолаи дуюм, ки ҳар ду шомили намунаи нигоштаҳо мебошанд, аз он зоҳир мегардад, ки дар рисолаи чаҳорум мусанниф, қабл аз ҳама, ба мақсади намоёнидани тарзи хоси хеш ва ба мақсади ибдоъ дуда бар сари қалам карда, сонӣ ба маънавиёт бештар таваҷҷуҳ кардааст.

و ليس: Ва нест ҳар соҳиби сурат аз мардум, магар касе, ки дар ӯст насиба аз илму ҳикмат.

الا انهم: Огоҳ бош, онҳо, ки марданду зинда мекунанд дини моро, пас хунукӣ пажмурдагонро, ки зинда месозанд шариати моро.

كما: чунонки тасаввур кард меъмор маконро аз аввал; ва ҳосил кард сангу гилро, пас таъмир месозад.

فامتحن: Пас озмоиш кун нафси худро, ё қуввати худро дар ибдоъ; дупора шавад душмани ту бо ҳама мардум.

حتى: То ки ҳайрон шаванд ҳар ду монанди ғукҳо, ки зиндагӣ карданд дар хушкӣ, пас дарёро интизор карданд.

يا من: Эй он, ки гузоштӣ таъомро барои як мӯ, савганд Худой таъоло, ки бимирӣ барои неъматҳо гурусна.

و من: Ва касе, ки даъвӣ мекунад монанди онро, шуд каззоб, монанди акси суратҳо дар миёни об.

له الحمد: Мар ӯрост ҳамд аз рӯйи ҳамд кардан, ки монанди дарё мавҷ зад ва он ҳамд барои ин ки пайдо кард моро аз мавлиди Одам.

واضحى: Рӯшан шуд дилҳои мо дар он ба хушӣ, монанди хушии мурғон дар ҳавои абр.

اذا واجه المراة: Ҳар гоҳ муқобил шуд оинаро офтоб, пас дида намешавад ба рӯшаниҳои офтоб дар оина, хаёл тасаввур карда шуд.

ان شاء: Агар хост нозилкунанда зиёдатии борон аз абрҳо, чунонки нозил мешавад борони фазл аз қалам.

اذا جاء: Ҳар гоҳ омад насим бӯйи гулоб мешавад мушки хок, ки омадааст дар он хок.

اسرج: Рӯшан кун чароғро аз чароғи ман дар торикӣ; нест мурувват агар чароғи маро бидуздӣ.

من الصف: Касеро, ки инсоф кард, дар он ҳамеша зист монанди ситора ва инкоркунанда дар теғ монанди мӯ дуним мешавад.

هذا الكلام: Ин сухан лофзании шоирон аст; ё Парвардигор, пас бахш ту далерии марову гуноҳи маро.

بالله: Савганд ба Худо, нагуфтам ин таънро барои фозилон аз рӯйи хоҳиш; лекин тасаллуфи соҳиби назм матбӯъ аст сӯйи ман.

*Пур кам бимонад*: яъне, беқувват бимонад.

بمحمد: Ба баракати Муҳаммад, ки чароғи осмон рӯшан аст ба сабаби ӯ; монанди бадр аз офтоб рӯшантар.

على: Бар ҳамин эҳсон барои Худо шукр аст то вақти маргу соати қиёмат.

على ذلك: Бар ҳамин фазл барои худо шукр аст; барои ӯ ҳар як мӯйи ман ҳамеша забон аст.

حمد: Шукр аст ба ҳамин сабаб барои Худо, агар таҳрир кунам ӯро; ҳароина, сиёҳ шавад дарё, то ки таъбир карда шавад сиёҳии ӯ.

يا من: Эй он кас, ки зиндагӣ мекунӣ ба ҳурмати молҳо, яъне ҳаром шудани молҳо; оё дар ҳурмати ту, яъне бузургии ту ҳурмати мол аст, яъне обрӯи мол.

ويل لدى: Азоб аст барои соҳиби зулм, ки ҷоҳилу торик аст; дар дарёи шеър ба мадҳҳо ғарқ мешавад.

كما للناس: Чунонки барои инсон ҳосил мешавад роҳат, вақте ки мутаҳаррик шавад бодбезан дар миёни кафи даст.

فآب: Пас бозгардид фавҷи табъ бо лаззот, чунонки мегардад аносир дар марказҳо.

يطيب: Хуш шавад монанди ташна, ки сероб карда шавад ба оби сард дар гармии тобистон.

ان شاء: Агарчи хоҳад Худои доно чашмаи атои ӯ ҷорӣ монад ба сӯйи чашмаи шариф ҳамеша.

حكم الحكيم: Ҳукми ҳакиму тарафи ақл дар ҳоле ки идроккунанда аст, аз куҷо дарёфт кунад ӯро фикрҳои тамомии халқ.

لا يستطيع: Иститоъат надорад андак шукр кардани ӯ гоҳе агар гардад ҳар масоми ӯ дар шукр кардани гардан.
كما من: Чунонки аз китобҳои он, дар ҳақиқат, хондем, зоҳир шуд ҳуруфи борик.
حتّى بياض: То ки сафедии чашмҳояшон ба сиёҳишон гардад, монанди мардуми чашми ҳурони сиёҳ.
و صخرته: Ва санги сахти сиёҳ ба ҳамин мис кардан сафед шуд, чунонки сафедии маҳак аз мис кардани нуқра.
و قد: Ва таҳқиқ, ки наздик шуд бар осмонҳо аз рӯйи бузургӣ ва нисор мекунанд бар ӯ фариштагон ситораҳоро.
و الدهر: Ва замона соя ёфт ба сабаби он монанди биҳишт бартару гулҳои он аз нуқраву зар.
و ترى: Ва бубинӣ ту халоиқро дар хунҳои ангуштҳои эшон, монанди ангуштҳои занон дар ҳино.
و يرقم: Ва рақам карда шавад ин хат, ки фараҳ орад кӯшиш ё насиби эшонро; монанди тифл, ки мешавад аз туҳфа фараҳнок.
حتى يقول: То он ки бигӯяд теғи моро офтоби чоштгоҳ, нест фарқ Шарқу Ғарб дар миёни мо.
كابناء: монанди авлод, ки истода мешавад барои ҳаққи вараса бар садр аз падарони худ, ки боқӣ мемонад.
و ضائت: Рӯшан шавад торикии шабҳо ба сабаби он, чунонки торикии он шаб аз бадри он шаб.
فانّ: Пас, таҳқиқ, ҳарими меҳрубонии ман ҳамеша аст барои аҳли гуноҳ хонаи Каъба.
بمشية: Аз хоҳиши худи он Худо, ки эҳсони ӯ ҷорӣ мекунад мақсудро ба сӯйи соҳиби ҳоҷатҳо.
الى: Тобон замоне, ки дар он замон осмон печида шавад; аз қазои Худо замин монанди печидани сиҷҷил, яъне номаи мураккаботи моро.
لاعز: Нест тааҷҷуб аз дастҳои кариму фазли ӯ, агар шавад, ки таъйид кунад маро ба ҳамин оринҷҳо.
الله متعنا: Худой таъоло фоида диҳад моро ба оростагии умурон; он шоҳзода ороста кардани, назм диҳад кори тамоми оламро.
لضبط: То ки забт кунад ин заминро аз рӯйи тоқату қудрат, чунонки дарозии дарё майдони заминро ба забти худ орад.
و السيف: Ва теғ мегӯяд аз бо ҳам задани кафи даст ба осоиши ин қалам ба ғайри задан ором ёбад.
فيعملون: Пас амал кунед ба ақли устувор амалро, ки он мулк ба ғайри шамшер фармон барад эшонро.
كما من: Чунонки аз раъаби ӯ ин замин зилзила мекунад, яъне меларзад аз рӯйи беқарорӣ монанди дарё.
نعنى: мурод медорам шамшерро, ки агар ишора кунад ба он сӯй қалъаи мазбут дар як дам фатҳ шавад.
فيلزم: Пас лозим аст дар синаи ӯ шарафи бузургие, монанди лозим шудани соя дар домани хайма.
و يفر: Ва бигрезад аз овози оҳубача шер, монанди оҳубача аз овози шер.
يد الدّهر: дасти замона қаламҳояшон қоим кунаду ҷорӣ кунад сабри халқ он чи навишта шавад.
انّ هذا: Таҳқиқ, ки ин аст ҷазои соҳибқалам, ки хиёнат кард дар мулк аз дудаи қалам.
فالنّاس: Пас тамоми мардум ба паноҳгоҳи ҳифзи мо бархурдор шаванд ба молу маноли худ.
و يمش: Равад шабравон дар роҳҳо бихуспанд дар он халқ ба рӯзи бад.
ليبيت: Шаббош шаванд мардум дар хушии тамом монанди рӯйидагӣ, ки соя меёбад дар абрҳо.
كما بالورد: Чунонки бо гулоби маҷлиси соҳибшугл ва ба вазифаҳои ҷойи ибодати соҳибсалоҳ.
ما احمر: Нест сурхранг рӯйи соҳибтахт ба тавоноӣ, магар вақте ки сурх шавад рӯйҳои шамшер.
خربت: Бияфтад қариб аст хонаи ӯ ҳамеша, агар набошад алифи дуъо сутуни он хона.
فمن: Пас ҳар кӣ гашт мими макрамат ба гардани ӯ монанди тавқе, ки ҳамеша бошад занҷир дар қайди бандагии он.
لانّ السيف: Барои ин ки ба таҳқиқ шамшери ҷавҳари ӯ тир мебошад ва ороста карда мешавад ба зар бинобар иззати шаъни ӯ.
لا تنس: Фаромӯш макун дар ҳар маслиҳат мунъимро, яъне Худоро, паноҳ меёбанд бандагон ба зикри Худо аз ҳалокӣ.
فالسّيف: Пас шамшер бадал хоҳад дод онҳорову пора-пора хоҳад кард онҳоро, чунончи пора паси пора реза шавад гӯшҳои он.
يضر: Тоза шаванд арбоби дин монанди гул ба тарӣ ва аз бех канда шаванд магар канандагон ба қаҳр монанди фиреб.
بمشيّة: Ба иродати подшоҳе, ки эҳсон ӯ дар кафи мо дод, то зимомҳои дунё.

و تجعلهما: Ва агар донем мо онҳоро таъвизҳои рӯзи ҷанг, то ки мадад кунад моро ба сабаби он фирӯзӣ фалак.
من عرضهن: Аз зоҳир шудани онҳо сиёҳии чашм рӯшан шуд, чунонки бинӣ ту аён дар чашм мардумакҳо.
كمثل: Монанди девҳо медаванд ба зуддию оҷиз мешаванд ситораҳои резанда дар ҳаво аз ёфтани қадами онҳо.
بمحمّد: Ба мадади пайғамбар, ки содир шудааст осмону замин, он осмон аз он пайғамбар ва равонӣ ёфт он ҳар ду дар синаи ӯ.
على البرا: Бар хушкӣ рондем киштиҳоро аз рӯйи зудӣ, чунончи расид онҳоро дар сабқат ҳавоҳо.
انّ فيها: Ҳароина, дар он шаҳр дида мешавад ва ба сабаби сахтию сармо занҷири об монанди зиреҳи оҳан.
فر السلامة: Гурехт офият аз тарафҳои ҷойҳои амн онҳо, монанди сабр аз дили ошиқон дар шӯриш.
فخرّب: Пас хароб шуд замини онҳо аз хуни куштагон монанди ақли мардумон аз нӯшидани шароб.
شفوف: Шаффофанд, ки дида мешавад баданҳо дар он ба сабаби рафт, монанди об, ки дида мешавад ҳар чӣ зери ӯст, аз сафои ӯ.
ظهير الملک: Эй пуштии малик, камол меёбад аз ту бузургӣ, чунонки пеш аз завол нури офтоб. Дароз кунад Худо умри туро то бартариҳо то рӯзи фардо, киояндаи дирӯз аст, яъне рӯзи қиёмат.
الفاظه: Алфози ӯ ба манзалаи ҷон асту хатти ӯ доми дилхост, монанди зулфи маъшуқони бокира.
الله يرزقنا: Худо рӯзӣ кунад морову ҳама соҳибдӯстеро он маъҷун дар девонагии муфорақат.
شكرنا: Шукр кардем бар ин неъмат неъматдиҳандаро, зиёда кунад ӯ ба шукри банда неъмати худро барои он банда.
قبول: Бод аст ба ранги гул, вақте ки бинӣ ӯро кавбо, ки насам аст, дар рӯз бозмегардад.
الله: Худо мадад кунад соҳиби кору мартабаро, ки ба ақл қайд кунад пилонрову аспонро.
ايا حافرا: Эй канда чоҳ дар замини бегона, барои ту хоку оби он чоҳ азиз мешавад.
حتّى راى: То ки бубинанд бинандагон чоҳро ба чашми худ, ивази ҷорӣ шудани об ҷорӣ шавад хун.
انّهم: Ҳароина, онҳо намешикананд аз он ҷанг ба он мавоъиз, монанди оҳан аз зарби пунба.
فذاک: Пас он хаймаҳои бузургеро соя кунад бар баландӣ, то замоне, ки осмонҳо бартар печида шаванд.
احيى: Дуъо мекунам саъиди Худоро, ки хонда мешавад ба номи Ҷаъфар, имоми соҳибони ҳукм аст ба илми зиёда.
بمحمّد: Ба мадади пайғамбар ҳар кӣ баргардид аз ӯ дар ҳоле ки баргарданда аст дар оби гуслайн, бадон инкор фурӯ хоҳад шуд.
و من: Ва аз суди ӯ пок шуд авқоти зиндагии ман монанди авқоти соҳибони доноӣ аз суд.
عليه: Бар ӯ чашми Худост, ки мебинад ба чашм бахшишҳои ҳама халқи замин ва ҳама аҳли осмонро.
و فى: Нигоҳ дошт нодироти китобҳои хотири онҳо ва фазли китоби “Ҳидоя” ва тақвимро шуд маҳвкунанда.
سنابله: Хӯшаҳои ӯ сӯйи фалак баланд шуд, монанди найзаҳо дар майдон.
و طاب: Пок шуд зиндагии онҳо аз муздурӣ касб кардани онҳо, монанди зиндагии соҳибпарҳез, ки лаззат меёбад аз кор.
راى من: Дид он муштариро, аз соқу санъати Худой таъоло ҳайрон шуду гуфт: чист он?
على الناس: Бар мардумон шукри неъматҳо воҷиб аст, монанди шукри дарёфт кардан ба соҳиби таҳсил. Ва ин боби дуюм аст аз “Футӯҳ”-и ман (номи китоб), пас, эй хизонаи илмҳо, бишнав шарҳҳои ман.
والله: Ва Худо салоҳдиҳандаи ҳар як соҳибфасод аст ва ба салоҳ додан тавфиқдиҳанда аст барои бандагон.
يلطمه: Тапонча занад ӯро замона ба сабаби пӯшидани ростӣ, чунонки тапонча занад мардум барои қатли паша.
قضا الله: Ҳукми Худо машгул кард моро аз ин, пас чигуна гурезем аз ҳукми Худо.
جد له: Кӯшиш аст ӯро дӯстии авлод ҳамеша, пас бар авлод монанди фароиз дӯстии ӯст. Ва аз авлод касе, ки мухолафат кунад ҷад ё падару модари худро, аз ӯ безор шавад.
اذ غرب: Ҳар гоҳ фурӯ шуд офтобу зоҳир шуд мағриб, ҳароина, зоҳир шуд шаб ба ин далел.
ابقى: Боқӣ дорад аз Худой таъоло вуҷуди офтобро рӯшан, то ки бимонад шоми торик пӯшида.
ادم الله: Ҳамеша дорад Худо соҳиби атою ҷудро, мерасонад насиб ҳар кас он чи ки мерасонад ӯро Худой.

و هذا: Ва ин аз донишмандии мо баъид аст, монанди нури бадр аз нури чароғ.
ليس: Нест доное он, ки бо илм аст, аз илми ӯ, ки дар чоҳ ронд киштиро.
الله يهد: Худо ҳидоят диҳад ӯро ба сӯйи он амале, ки ба сабаби ӯ розӣ шавад падари ӯ ва ӯ ба сабаби он наҷот ёбад.
بمشيّة: Ба хоҳиши Худои алими бахшанда бахшида шуд улуми он, ки меояд ба бахшишҳо.
جنانک: Ҷони ту аз ӯ фарҳат меорад дар сурур, пайдо мешавад дар падар, яқинан, хилоф. Баракат диҳад Рабби мо бартар аз фазли худ бар писаре, ки бузург шавад аз ӯ гузаштагон.
يا عين: Эй сардор, зоти ту болонишини тамоми мавридот аст, монанди офтоб, ки тулӯъ мешавад аз болои Аторуд. Рӯҳи ман тарафи туст, чунонки шавад ташнаи бисёр, дарҳол гармӣ ба сӯйи чашмаи зулоли сард.
ارجو: Умед медорам аз Худо масҳи мӯзаҳои ӯро, месояд чашми ман, балки ба ашки ман шустани ӯст.
و يتهجم: Ва ҳуҷум хоҳанд кард барои илм гирифтан соҳибони илм бар ту, чунонки ташнагон гирди чашма.
و يرجّى: Ва умед медорад ва агарчи ҳамеша бошад ғалла ба як дона ҷав, чунонки мурғон мобайни замину осмон.
لعلّ الله: Кошкӣ Худо наҷот диҳад онҳоро аз фазли худ аз аъмол, ки далолат кунад эшонро барои наҷот.
رغب: Рағбати ғанӣ ба сӯйи ақиқ ба сабаби ранги ӯст, то вақте ки нашиносад рӯшании забарҷадро.
قد اجتمعوا: Таҳқиқ, ки ҷамъ шудандпосбони қаср ҳама, чунонки навишта мешавад фавойид дар ҳошияҳо.
و من: Ва аз аҷоиб аст ба дуурстӣ, ки ӯ хомӯш бошад, ки дар гароиб ба ҳар ҳол нотиқ аст.
تبا الذى: Ҳалок бод барои соҳибилме, ки олуда кунад илми худро ба кинаву ҳасад, ки газанд расонад халқро.
فادلک: Пас бимол ба кафи пойи азизи худ пешонии ӯро, монанди замин зери мӯзаи наҷосат.
كذاک: Барои ин наҷм хоҳанд дид ҳама мардум, монанди сабзаи замин, ки хор карда шавад дар хок.
ايا: Оё ғамгин намекунад туро бузургии умр, ҳар гоҳ ки ҳавас мекунӣ дар он умр дандон баровардани лабҳо.
لو يرقد: Агар бихуспад дар хок, дар турбати ӯ нарӯяд магар дарахти дӯзах.
بلى: Оре, ҷило мекунад нодон вақти баҳс ба баландии овоз аз ҷаҳл пӯшида.
رب ضيف: Бисёр меҳмон, ки меҳрубонӣ карда мешавад бар неъматҳо ва ӯ ба он кор кофари неъмат мешавад.
سلام على: Салом бод бар он касе, ки файзёб шудааст аз фазли нутқи худ, маониро берун аз ҳадду баёну ҳаср. Рӯшанӣ ёфтааст ба анвои калом забони ӯ, ба рӯшании теғи ҳақ ба фатҳу ёрӣ.
الله: Худо рӯзӣ кунод моро дидани ӯ ба зуддӣ, монанди об барои ташнагон дар биёбон.
فالحمد: Пас сипос аст барои одили доно, ки ба фазли ӯ бар дод шуд замона, монанди оташи Халил-ул-Лоҳ.
من كان: Он кас, ки самоат кунад васфи овози қавли ман, сидқи ӯ собиқ шуд тасаввурро ба яқин.
عليک: Бар ту саломи Худо бод, эй афзали замона, то он ки ҳамеша монанд замона ба солу моҳ. Қалами ту аз баландӣ бар коғаз аз рӯйи некӣ, монанди айн бар улувву нун бар наҳр.
يصدّر: Баланд бод барои ӯ қасри ин фалак, ки аз кофу нун, ки дар "кун" пайдост.
نور آل: Нурест, ки боздошт аз Халил ин иллатро, дар ӯст дӯстиҳо, дида мешавад саҳеҳ қасами Худо.
على ذلک: Бар ман фазли ҳамд аст мар ӯро, ки иҳота кардааст осмонҳо дар нишони ӯ.
بلى: Дуруст аст, таҳқиқ, ки гуфтаанд аҳли илм, яқинан, ба сабаби дарси илм зоҳир мешавад, монанди дарси ҷаҳл.
و فى: Ва боқӣ намемонад пайвастагӣ, чунонки қодир намешавад мимро, вақте ки бигӯяд.
ابليده: Оё аҳмақ аст чашми ту, ки пайваста шудааст аз рақами уло, баланд хандид халқ, барои ин ки сурманок шуд чашми кӯр.
لستُ: Намебинам ман дар он, яъне дар ҷавф магар ҷав, агар бинӣ ту ҷавф ин ҷавро.
كما: Чунонки қатъ мекунанд подшоҳони замонаи адл ангуштони дуздон ба таъзири тезии шамшер.
و تلک: Ва ин муаммо хонда мешавад аз пушти ӯ, монанди навиштаи тарафи пушт, ки хонда мешавад рақамҳои ӯ.
انا نصير: Ман насирам насири ҳаққу динро, чунонки нусрат мекунад Ҳақк дар Арабу Чин.

ربّنا: Эй парвардигори ман, бигардон кисваташон бузургиро, ки иззати мӯъминон тамом аст.
الله: Худо дучанд кард дӯстии ӯ дар дили ман ва ҳамеша дорад ӯро бо хубӣ дар ҳуҷуми роҳи рост.
و ضاعف: Дучанд бод қуввати ӯ ба кӯшиши ӯ, пас ҳад кардаст сайфи ӯ ба шиддат.
نصر: Ёрӣ кард Худо соҳиби ғозиёнро, ҳамеша фатҳ бар фатҳ лозим аст феъли ӯро.
و لا ينفک: Ва ҷудо намешавад аз дӯши ӯ зиреҳ, монанди зиреҳи мавҷ аз сафҳаҳои дарё.
کلفظ: Чунонки лафзи мувоҷиб, ки маҳв кунанд аз ӯ мимро ва боқӣ монад воҷиб бо соқит шудани мим.
مات: Бимирад чун морон ба зери зарб он кас, ки дар роҳи газидан аст ва газида гузаранда аст.
الله ابقاه: Худо боқӣ дорад ӯро бар ин амал, то ки мустафид шаванд мардум аз ин давлат.
ليستر: Бояд, ки пӯшида монад дар ту ин ҳарфи роз, чунонки дар ройи сар ройи дигар аст пӯшида.
بها لا: Ба сабаби он магир маро, эй ганҷи фазилатҳо ва мекашӣ доманро ба шикастагии ҳоли ман.
صدر: Ин абёт мисроъ андар мисроъ ба тариқи муламмаъ омадааст:

Садри афзал улои дин туӣ,
Ҳастӣ ту дар бузургӣ айни дарё.
Номи ту сарнишини ҳар ном аст,
Монанди Алӣ, кӣ бартари ҳама исмҳост.

الله اجلسنا: Худо бинишонад моро наздики ту ба фазли худ, монанди исм зери лафзи Алӣ наздики таркиб.
طوبى: Хубӣ бод барои мавсуфе, ки рӯшан шавад васфи ӯ, бо ҷамоли донои ӯ хубии вуҷуди ӯ.
لا يرحم: Раҳм намекунад Худо бар касе, ки бадал кунандааст алифи саломатро бо каҷ шудани ҳарфи “ё”.
و ينحو: Ва ирода мекунанд ба ҷониби ӯ соҳибони фазл, чунонки лаззат меёбад аз намаки калому тир.
و الزمهم: Илзоми ваҳми эшонро ба кор истифода карда шуда, монанди соҳибтабъ, ки илзом диҳад кундзеҳнонро.
فانه: Пас таҳқиқ, ки ӯ талаби пуштӣ кард, фи-л-ҳол бо он ӯро, монанди лафз, ки дар таркиб аз таъкид пуштӣ меёбад.
جولان: ..., то ки мутааддӣ шавад ба сабаби Алӣ лафзи ракуб.
ان شاء: Агар хоҳад парвардигор иъроб диҳад, яъне илм бахшад инсонро ва маонӣ ато кунад инсонрову баён.
سلمت: Салом мерасонам бар Ғайсуддин, ки бирӯяд ба сабаби ӯ шохҳои ман, дар насиҳат барои ӯ қавли ман аст, мерӯёнад бо анбӯҳи гуноҳ.
اعطاک: Ато кунод туро рабби ту аз хизонаи меҳрубонии худ он чи будӣ ту, ки мехостӣ аз анвои бахшишҳо.
زلال: Оби ширин, ки рехта шуд дар гули макрӯҳ, асар пазируфт бадбӯйии ӯ дар он оби зулолу ранги ӯ.
عروق: Беххои соҳиби асолат ба маротиб баланд рӯшан мешаванд, монанди риштаҳои марворид.
اثنان: Ду чиз пӯшида намемонад: он чи дар чашма асту он чи дар мардум аст аз хулқи пок бояд.
حدود: Тезии мардум кунд мешавад ба таъаддӣ, чун кундии сӯзани калон ба буридани коғаз.
الا ان: Огоҳ бош, таҳқиқ, ки соҳиби ақл эътимод накарда бар обу бар оташ ва бар ҳукмкунанда, яъне подшоҳ.
و من: Ва ҳар кӣ парвариш намуд ба оби меҳрубонӣ дарахтро бархурдорӣ ёфт ба меваҳою сояҳо.
لا يعصم: Маҳфуз намедорад Худо чангули золимро, ки шикаст рӯйҳоро ба тапончаҳо дар пушти даст.
اذا مات: Вақте ки мурд дар зери меҳнат бардорандаи бори уҷрат, пас кадом кас харҷ хоҳад кард назди мавҷудро барои бархурдорӣ.
مرارا: Борҳо дидем абрро, ки нидо кард соҳибони умедро ба баланд кардани овоз барои сахо, пас имсок кард.
ضحک: Бихандад халоиқ аз ӯ, чунонки агар ҷоҳил тилло кунад бар карам саргини нопоки сандал.
انی رايت: Ба дурустӣ, ки дидам ҷодугарони Ҳиндро аз рӯйи тамаъ мегардонанд сари мор кафҳои худро.
صرفت: Гузаронидам зиндагонии худро дар сояи дурӯғ ва пеш омадан ба бенасибӣ аз ҷавоҳири сидқ.
من غاص: Касе, ки ғӯта зад дар ин дарёи замона ташна хоҳад мурд, чунонки бати сароб.
و لم: Ҳосил намешавад ганҷи зар, магар ба нақб ё ба газаб ё ба фисқ.

طوبى: Мужда бод барои соҳибкасбе, ки пок мекунад хуриши худро; пӯст кашида шудааст ангуштҳои ӯ ба риштаи чарм.
يسيل: Саялон мекунад девори гил, ки бӯса медиҳад замини худро ва ситораи дарё, яъне ҳубоб мазаррат намекунад кӯҳистонро.
فما فيه: Пас чизе, ки дар он гумон мекунӣ, некиро бигир онро ва он чи бар хилофи он гумон карда шавад, пас ихтор аст.
اذا صحت: Вақте ки овоз кунад чарог ба пурии рӯған, таҳқиқ, ки рӯшан шавад ва вақти шикастан рӯшан нашавад ва барои он ки ба сабаби он зоеъ шуд.
اذا انهم: Вақте ки борад борон барои кадомин чизе, бармедорӣ шиддат дар обпошии зироат.
و قد: Ва таҳқиқ, ки бигрезад аз фоқаи талх, чунонки бигрезад муш аз гурба.
يا من: Эй он, ки бомдод кардӣ ба ваҷҳи ҳалол дар талаб, ба касб тавонӣ ёфт, на ба аспу шутур.
هنيا: Гуворо бод барои касе, ки чашид таъоми ҳалолро, мисли лаззати хор дар даҳони шутурон.
لو لا: Агар парда набошад, ки рӯшан шавад нурашон, офтоби осмон аз нури эшон бурқаъ мепӯшад.
لعل: Шояд inояти Худо бинамояд маро таҷаллии дидани маъшуқ аз рӯйи фазл.
حيث: Дуо мекунам қурраи ъайнро, ки зиёда кард ӯ маро шараф ба он чизе, ки таълим кард Худо ӯро дар азал. Ва ҳоло аз ӯ умед уmaрост ин, ки гардонад ӯро меъмори биноҳои ислом ба амал.
فابقا: Пас боқӣ дорад маро бо ёрони тамом, монанди гӯшаҳои аммома, ки муттасил аст.
علمك: Таълим кунад туро Худо улумро, ки ба сабаби ӯ музтариб шавад асваду абяз.
و يخلد: Ҳамеша бошад дар халоиқ, боғи маонӣ бод сарсабзу зинда бошад шаръи Аҳмад.
من وضع: Ҳар кӣ ниҳод дегро бар оташи чароғ, пазад чун дег бар оташи гуруснагӣ.
ضرير: Нобиное, ки ба сурмаи илм сурманок кунад чашми худро, бинад ба дидани чашм чизе, ки болои сайёра аст.
لعل الله: Шояд, ки Худо шифодиҳандаи ҳар дил, шифо диҳад туро, ки сиҳҳатдиҳандаи дили бемор аст.
نثرت: Пароканда кардам бар ту нақди доной, ба пароканда кардан ҷоиз аст, ки соҳиби ақл бифканад онро.
أوحّدُ Тавҳид мекунам зоти ӯро ба сару чашм, чунонки дар шаҳодат ба ду забон.
الا من: Огоҳ бош, ҳар кӣ гуфт *ло илоҳа ила-л-Лоҳ* гуфтанӣ, ҳол он ки саҷда мекунад ғайри ӯро аз кофирон аст.
من لا: Ҳар кӣ тартиб намедиҳад зиреҳи худро барои ҷиҳод, худ аҷзои ӯ монанди ҳуруфи зиреҳ мутафарриқ аст.
يا طالب: Эй толибкунандаи самарҳо аз шохи парҳезгорӣ, бигир ӯро бо кӯшишу кӯшиш бикун дар ӯ, ки хоҳӣ ёфт.
فلو: Пас агар будӣ он мусаллӣ, ки рафтӣ бар Даҷла, бар каъби ӯ об суъуд накардӣ.
اذا تمّ: Вақте ки охир шуд тартиби вузӯ ба сиҳҳат, пас ин силоҳи фатҳ аст, ҷиҳод кун бо душманон.
صلّى: Пас намоз хонад дили ободи ту дар ӯ, чунонки иқтидои ӯ кунанд бузургон аз рӯйи некӣ.
عليك: Ба ту саломи Худо, эй нектарини халоиқ, ба амалҳои некӣ рӯйи Рабби халоиқ вомебинӣ.
و لا: Ва накушояд чашмро магар сӯйи лиқои карим раҳими азиз.
وجّهت: Мутаваҷҷеҳ кардӣ рӯйи худро барои раҳмат аз рӯйи бандагии ӯ, дар ҳоле ки дил сафар кард дар Багдоду Чин.
مداما: Ҳамеша бод кумайти сафо саворӣ, бинӯшонад Худо аз ин шароб ӯро.
كلّما: Ҳар гоҳе ки зиёрат кунӣ ба бузургӣ пайғамбарро ва авлоди ӯро, шукр кун Худоро ва ҳамд кун.
شفاك: Шифо диҳад туро Худои мо аз тамоми мараз ва аз марази дилҳо хусусан.
تجلى: Рӯшан кард тамоми канор ба некиҳо, монанди канори соҳибтиловат бо Қуръон.
طويت: Печидам бар китоби ту раги рухи худро, чунонки печида мешавад бар тӯмор ресмон.
طيور: Тайрҳои фирдавс ҳуҷум кардаанд бар ӯ, монанди магасҳо бар шаҳди соф.
و بغرق: Ва уруқ мешавад он кас дар дарёҳои нур яғрақ шудан, чунонки ғарқ мешавад сангрезаҳо дар хандақи дарё.
ليس: Нест тунигаре ба хизонаҳои молҳо, балки мабонист наздики аҳли камол.
لا عز: Аҷаб нест аз он, ки гӯё медод санги сахтро, агар бикунад беилмро донои мардум.
اذاقك: Бичашонад туро рабби муҳсини ту аз он, ширинии неъмат шукр кунад ӯро рӯҳ.
ان شاء: Агар хоҳад он кас, ки баланд кард макони бандагони худ, то ин ки баланд шавад бар дараҷаҳои баланд.

فیستجاب: Пас қабул карда шуда бод дуои ман ба баракати омади шумо, чунонки соҳиби аҷз дар моҳи раҷаб.

بقسام: Ба баракати қисматкунандаи ризқи тамоми халоиқ ва ба баракати нектарини халоиқ, ки Абелқосим аст.

و انشد: Ва шир меҳӯронанд мурғ монанди мутриб ба бозӣ ва рақс мекунанд зери шохи гул об.

انار الله: Шугуфта кунад Худои халқ боғи умри шумо то вақте ки шугуфта шавад гул аз шохи анор.

لعل الله: Шояд, ки Худо пайдо кунад мо ҳамаро ва зинда кунад моро ба зинда кардани дилҳо.

*Ғазал*: Ин ғазал комил буда, матни он қаблан дар ҳеҷ маҷмӯае чоп нашудааст: на дар таркиби девони комили Амир Хусрав ва на дар фасли ғазалҳои навёфтаи шоир.

یسجمع: Анқариб аст, ки ҷамъ шавад дар миёни мо нуҳусати осмон, вақте ки ҷамъ шавад субҳ бо шом.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБИ РИСОЛАИ ЧОРУМ

Ар-рисолат-ур-робиъа мин-ал-маънавиёт ....................248
Хатти аввал дар дебочаи ин қисм ва баёни кайфиёте, ки зарурат аст аз ташбеҳоту латоифи бадеъ, ки мулоими ин қисм аст. Ва дар ин қисм ҳуруфи тафсил хайр аст ....................248
Хатти дувум дар муфрадоти ин қисму ангехт дар он ....................256
Ҳарфи аввал дар зикри Борӣ таъоло ва зикри анбиёву руҳониёну машоиху уламо ва подшоҳону мулуку катабаи хосу авому обову авлоду ақориб .................... 256
Ҳарфи дувум дар зикри обои улвию уммаҳоти сифливу маволиди сулса ва он чи нисбат ба инҳо дорад ....................262
Ҳарфи савум дар муқаддамоти муфрад, ки дар мактубот ҳангоми таркиб дар ҳар маҳалле ба кор ояд, аз унвон то ба дуъои зайл ....................266
Хатти севум дар амсилаву мактуботи салотину мулук ....................274
Ҳарфи аввал дар ташбеҳоти амсила, ки аз ғараз тамом фурӯ бошад ....................274
Ҳарфи дувум дар амсила ....................277
Ҳарфи савум дар мактуботи салотину мулук ....................289
Хатти чаҳорум дар мактуботи илму ҳикмату фазлу адабу мавоизу насоеҳ ....................296
Ҳарфи аввал дар мактуботи илму ҳикмат ....................296
Ҳарфи дувум дар мактуботи фазлу адаб ....................314
Ҳарфи савум дар мактуботи вазъу насоеҳ ....................327
Хатти панчум дар руқаоти муъчаз ....................348
Ҳарфи аввал дар руқаот миёни муҳаддисону мунозирону асҳоби фароиз ....................348
Ҳарфи дувум дар руқаоти таҳнияту маросим, аз истифтоҳ то ошуро ....................349
Ҳарфи савум дар руқаоти мутафаррика ба ҳар навъ ....................350
Тавзеҳоти рисолаи чорум ....................356

# РИСОЛАИ ПАНҶУМИ “ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ”

Рисолаи хомисаи “Эъҷози хусравӣ”

Бисми-л-Лоҳи- р-Раҳмони-р-Раҳим

**Ар-Рисолат*-ул-хомисату фӣ-с-савобиқи мин-ал-муншаоти**, таштамилу ъало ситтати хутутин, мисроъ: **дар ин дебоча нисбат дар хур афтод**.

Дар ин рисола, ки аз қиллати такаллуф ба хони муфлисон монад, хомпурбоче кашида шудааст, ки пеши он пухта шиддати дакоиқ аз дуди хома ранғ ёфта буд. Чун дар ин айём давоти пуртаранҷабини котиб, ки он деги савод аст, ки ба ранҷ сӯхта, онро пухтакорон ба чошнии тамом ғизои рӯҳ месозанд, ин пухтаҳои қадим агарчи ба ранҷи шабона аст, ки касеро дар тановули он чандон дилгармӣ набошад, маъа ҳозо, пеши меҳмонони лаззатшинос доштем. Дархост он, ки (2) чунончи[417] матбӯхоти ҷадидро барои дили хеш дар дарунаи худ ҷой хоҳанд дод, ин матбухоти дерина*ро низ ба ҷиҳати дили ман, ки мизбони қадимам дарпазиранд. Ва агар баҳрае ба ишбоъ нагиранд, ки ғизо ноёб аст, чандон гуворо набошад. Боре, бояд, ки ба зудӣ низ сер наёянд[418], шеър:

Чошнӣ кун хоми ман, гарчи нашуд дархурди ком[419],
То наёрад хомиям он пухтани савдои хом.
Шеър: *أثابَ اللهُ شبعاناً كريماً بمَضيع كثيرة لِرضا المُضيفِ

**Хатти аввал** дар китобатҳое, ки нисбат ба ҳарфу қалами катаба ва изофат ба қаламу ҳарфи аслиҳа дорад, муштамил бар се ҳарф, **хатти дувум** дар нисбати танҷиму обои улвӣ, муштамил бар ду ҳарф, **хатти севум** дар тавқиъот, муштамил бар ду ҳарф, **хатти чаҳорум** дар китобати маразу ришта, муштамил бар ду ҳарф, **хатти панҷум** дар китобати ъазо, муштамил бар ду ҳарф, **хатти шашум** дар тибату ҳазл, муштамил бар чаҳор ҳарф, назм:

Аз ин шаш хат, ки шаш дарёст, з-он мавҷи гуҳар хезад,
Ки пурғавҳар кунад ҳар шаш ҷиҳатрову бурун резад.

**Хатти аввал** дар китобатҳое, ки нисбат ба ҳарфу қалами катаба ва изофат ба қаламу ҳарфи аслиҳа дорад, муштамил бар се ҳарф: **ҳарфи аввал** дар латоифи саҳоифе, ки аз равиши қалам бигзарад: **нест чун бар расми мо ин нақш, аз ӯ нисбат** (3) **маҷӯй**.

Маълуми доноён бод, ки тариқи мутарассилонро котиб камтар муроот намудааст ва ин аҳднома дар аҳди султони марҳум Ғиёсиддини Булбун дар фатҳи Лакҳнутӣ аввал имтиҳоне буд, ки қалами иншои худро кардам. Ба ҷиҳати истинкофи лоадрӣ дар ин тарассул сабт гардонидам. Аз арбоби хасофату асҳоби фасоҳат мутаваққеъ аст, ки бар қиллати бароату риккати иборат ҳусни ағмоз арзонӣ доранд, ки дар арсаи номазбут тасарруф беш аз ин натавон кард. Аммо ағар ҳамон ҷаҳди хеш дар ин намат масруф гардонида шудӣ, ғолиб он аст, ки бештарии[420] болиғони ин кор шармандагӣ наёвардӣ, аммо чаҳор чизе[421] монеъ шуд: аввал он, ки чун мутарассилонро тарзест қадиму котиб даъвии ибдоъу ихтироъ мекунад, ба итбоъ чӣ гуна ризо диҳад?! Дувум он, ки агарчи дил ба мутобаат таҳаммул кунад, чун соҳиби “Калила ва Димна” ва Баҳои Бағдодӣ доди ин тарз додаанд, чунонки расидан бад-он навъ душворӣ дорад, пас нуқсони хеш ба изҳор расонида бошам. Севум он, ки расидани[422] котиб на бинобар қусури табъу нуқсони фазл аст. Аммо хотир ба тарзи хеш, ки аз ангехти латифаву дақиқа холӣ натавонад буд, роғиб аст ва ҳеҷ рағбатеву майлоне бар он надорад. Ба сабаби қиллати рағбат дар муморасати он кӯшиш намуда, ки агар куллӣ онро[423] (4) шавад, муҳол аст, ки ба кам[424] аз он розӣ кард. Ва чаҳорум он, ки чун табъи котиб лаззати маонии матбӯъу диққати хаёлоти марғуб дарёфтааст у аз он наметавонад гузашту тарзи мутарассилон бештар мурооти лафз асту аз маонӣ ба лафз овехтани табъ чандон рухсат намедиҳад, пас ҳам ба малъабаи рангини хеш басанд кард, шеър:

---

[417] НЛ: чунонки.
[418] МИ: сер нашавад.
[419] МИ: чошнӣ хӯр коми ман, гарчи нашуд дархурди ком.
[420] НЛ: пеши.
[421] НЛ: чизам.
[422] НЛ: норасидани.
[423] МИ: онро боис.
[424] НЛ: кам кардан.

*يا من يذمّ نهيك ملعبُ صبوةٍ     أنظر اليه بأعيُن الصِّبيان

Шеър: Зи дониш мисолест ин фатҳнома,
Намудори иншои девони Хусрав.

Ин аст, бин, “**Фатҳномаи Лакҳнутӣ**”* **бар дасти султон Ғиёсиддини Булбуншоҳ**.

Ҳамде, ки ба сабаби башорати фатҳу нусрат бар ансори миллати ҳанафӣ фарз гардаду саное, ки ба мӯҷиби тавфиқи ғазову муҷоҳадот бар аъвони дини худо воҷиб ояд. Ҳазрати кибриёӣ фаттоҳи мутлақу подшоҳи ба ҳақро, *Таъоло ҷаддуҳу* ва тавобӣ зурруҳу, ки зоти фаррухсифоти моро барои таъйиди авомири Аҳмадию тақвияти шароеъи[425] Муҳаммадӣ ба мартабаи ҷаҳонбонию кишварситонӣ баркашидаву мақолиди фатҳу забти арсаи оламу [азиммаи ҳалу иқди табақаи банӣ Одам ба каффи кифояти][426] аномили иқтидори мо боз басту замири мулҳами моро дар итмоми муҳиммоти дин мухтору ҳадами мабонии кафараи нобакор ҳиммате восиқу рағбате содиқ бахшиду шамшери муонидфарсои (5) моро мисбоҳи маобиди исломy мифтоҳи мағолиқи ҳафт иқлим гардониду ройи маликорои моро дар тартиби муқаддамоти ақлу доду тамҳиди қавоиди газову ҷиҳод линаи тасовири савобу дебочаи тамосили салоҳ сохту кисвати тавфиқи исломорою нитоқи тавкиди куфрзудой бар қадди иқболу камари иҷлоли мо чусту дуруст карду китобати[427] насру фирӯзӣ саропои[428] фатҳу беҳрӯзиро дар кунфи алвияи мансураи мо маҳалли истизлол арзонӣ дошт, то ба эътимоди ин савобиқи ниъаму истизҳори ин лавоҳиқи карам дар ҳар ҷиҳат, ки фавҷе аз ҷайши нусратшиор номзад мефармоем, ҷамеъи умури мулкпарварию ҷумҳури муҳиммоти дингустарӣ бар ҳасби иродати хотири анвари мо интизому илтиём[429] пазирад. Ва қилоъу билоди мутамарридони саркашу муонидону мутаъанидони гардантоб, ки ҳеҷ гоҳ ғубори наъле аз ҷунуди ислом бар зурваи иртифоъи он нагзашта буваду садамаи тааррузе аз аҷниҳаи ҷуюши салотин[430] ба сиёъу буқоъи он мулҳақ нагашта. Бештари ҷаҳде, ки аз бандагони даргоҳи гетипаноҳ дар ҳайизи вуҷуд меояду қалили саъй, ки аз фиристодагони ҷаноби салотинмаоб ба ҳусул мепайвандаду калиди он муродот бо башорати футуҳот мустақбал, ба хизонаи иқболи мо таслим мешавад. Ва ба шукронаи тавотури ин мавоҳибу таволии ин (6) авориф ҳиммати подшоҳонаи мо бар он мақсур мебошад, ки арсаи миллати ҳудоро ҳар рӯз муттасиъ[431] гардонему осори буғию зулолро ҳар лаҳза мундаристару басити рубъи маскунро аз лавси ширку бутлон мутаҳҳар кунем. Ва ба ҳулияи шаръу адл музайяну ба ҷойи сунуфи уҳдаи асном суфуфи ибоди кироmро ҳусни иқомат диҳему абнияи муониди ботилро ба инҳидому индирос дар хоки тазалзул афканему иморати маҳорибу манобири ҳарби Мустафавиро ба қавоиди истиҳком таъсис фармоем. Ба иқтизои ин нияти содиқа, ки мустадъии карами илоҳию мустаҷлиби ниъами номутаноҳист, малики мулук-уш-Шарқ, ихтиёр-уд-давла ва-д-дин Қутлуғи Муборак Борик Бакарлабак, адома-*л-Лоҳу* макнатаҳуро, ки аз бандагони писандидаи хидмати даргоҳи мосту солҳо ба шарафи тақрибу тарҳиби мо ихтисос дошта ва аз таъсири офтоби ин давлат, ки бар ӯ тофтааст, ба ҷамоли фирӯзмандию камоли адӯбандию тартиби лашкаркашию тадбири кофаркушӣ саромадаи рӯзгору баромадаи номдор гашта, ба анвоъу алвони некӯбандагӣ ба изҳор расонида ва ба ҳар муҳим, ки номзад шуда, ба шамшери комёбу тадбири савоб бар намате иктифо карда, ки дар тасаввури файласуфи (7) ақлу муҳандиси хаёл нагунҷад, то тавре аз ҳашами мансур ба мутобаати даҳлези ҳумоюни мо, ки мизаллаи байзаи дину имону мазаллаи фирқаи багию туғён аст, *мутаваккилан ъала-л-Лоҳ*, ба забти диёри Ҷоҷангару Авдаҳ, ки дар ақсои рубъи маскун қариби дарёи шатти муҳит асту аз қадим-ул-айём ба сабаби буъди масофату касрати белу савору ҷамъияти пиёдаи бешумор аз тавоифи ҷиҳод масуну маъмун монда, номзад фармудему тавосӣ намуд, ки дар ҷавомиъи аҳволу масорифи аъмол сиёқи

---

[425] НЛ: шаръи шароеъ.

[426] Аз нусахи НЛ ва МИ оварда шуд.

[427] МИ: китобаи.

[428] НЛ: дар оёти.

[429] МИ: илтиёми марбут.

[430] НЛ: салотини муҷоҳид.

[431] НЛ: мутасиътар.

корронии моро дастури пардохти масолеҳу муктадои кифояти муҳиммот созаду тавоифи ғузотро, ки бар қазияи *фаззала-л-Лоҳу муҷоҳидина ъала-л-қоъидин* дарачаи ҳуқуқи муҷоҳадату ҷонсупорӣ бишносаду ҳангоми қалъи истисоли кафара васоёи нияти *язҳаруҳу ъала-д-дини куллиҳи*ро, ки ба иқдому иқомати он маъмурему дар итмоми он маъҷуз, пешвои маноҳиҷи умур созад. Чун бад-ин иршод соиби замири қобили ӯро муҳите гардонидем, фармон фармудем, ки мустаъидди ғазову ҷиҳод рӯй ба роҳ орад. Он бандаи мухлис бо чашме, ки номзади ӯ буд, бар самти он диёри дурдаст наҳзат намуду кӯч ба кӯч дар роҳи дароз ба қатъи шебу фароз молиши (8) анҷому анҷоду шавомиху атводи ҳашами айманкорию лашкаркаширо[432] бар наҳҷе риоят намуд, ки на ҳавофири марокибро мазаррате лоҳиқ мешуду на ихфофи мутийётро шаке зоҳир. Чун афвоҷи лашкарҳои мо дар он ҳудуд даромаданду тазалзул дар атрофу акнофи он диёр афтод, билоди явронаи шоҳинройи Ҷоҷангарӣ, ки яке аз заминдорони кибори он сарҳад аст, бо панҷоҳ занҷир пилу панҷ ҳазор савору даҳ ҳазор бояки теғзани тозанда ба азми дастозмоии ҷунуди мансура таҳосур намуд. Шерони лашкар, ки ташнаи хуни он махозил буданду он афвоҷи нахчирро ба орзуи тамом талаб мекарданд, дар ҳолу соат аз камини тасаввул берун ҷастанду (чун имдоди осмонӣ мумади ҳаққу мубталии бутлон бувад, ба як дастбурд бештаре аз эшонро зери теғи обдор гузарониданду аз он ҷо, ки иқболи нусратосори мо раммоти қодиршастро ба ҳусни тавсият муршид гардонида буд, ки ҳангоми муҳорабату мусорамат лашкарҳо дар таҳаффузи пилони Дакан ба ақсо-л-ғоят кӯшиш намоянд. Эшон то ҳадди имкон нисоли кӯҳшикофро кушоди мутлақ намедоданду сиёнати пилон аз куллиёти умур мепиндошт[433]. Чун (9) муҳаққақ карданд, ки дар тариқи муҳобот[434] чанд, ки хасму қусури ин ҷониб лозим меояд, ночор шасти[435] қодиронаро боз кушоданду ба як сатват чаҳор пили кӯҳпайкарро ба захми тир хорпушт сохтанду муболиғе, ки ҳанӯз[436] нобакор алафи шамшер гашт. Инҳизом дар он мадобир афтоду шаст занҷири пили кӯҳпайкар дар қайди салосили бандагони даргоҳ омад, мо яфтаҳу-л-Лоҳу-н-носа мин раҳматиҳи фало мумсика лаҳо. Баъд аз он ҷайши нусратшиор дар саводи Муҳонборс, ки мустақарри рою маставдаъи зарби залолат аст, нузул кард. Сарлашкари фирӯзманд, зода-л-Лоҳу ҳаққан ва саноан ъалайҳи, аз пиромуни ҳисори Асаркону, ки дар ғояти ҳасаноту ниҳояти матонат аст, дар истеъдоди ҳисордорӣ бар болои он аз мардони диловар дили фармони[437] номвару манҷаниқу арродаи беҳадду тиру зӯпини беъад мураттабу муҳайё гашта, ба азимати истихлос тавф намуду ба ишорати иқболи мо, ки малқини замири мунири ӯст, ҳашаму пиёдаи лашкарро ба иртифоъи он борои муниъ изн кард, то маконро баъзе [ба нардбону баъзе ба ҳабли устувору баъзе][438] ба майли дигар бар боло давиданду як бозуи ҳисор ба қаҳру ғалаба забт карданду хостанд, ки гарди ҳамбову мансур аз ниҳоди он қалъаи муртафиъа ба уюқ расонанд. Дар ин асно ройи бероҳати ман, ки ба фарти дироягу вуфури киёсат аз ағлаби ҳунуд мухтору мумтоз аст, чун қоидаи дастбурди диловарони лашкар[439] бар он (10) навъ мушоҳада карду худро бо тамомии асбоби заминдорӣ дар ҳайизи талафу заволу маърази қамъу никол дид. Тасаввур намуд, ки *лан тастатиъа маъӣ сабран* ба назари басиратро ба бас ниҳоди мабнӣ[440] гумошту салоҳи кори хешро дар истимону истиъфо донист. Тасаддие[441] чанд бо вуфури фасоҳату ниҳояти кордонӣ ба тартиби масолеҳу тадбири ислоҳи шафеъу туғёну тамарруди собиқ бар заминбӯси даҳлези сипеҳри рутбати мо беш фиристод. Бандагони даргоҳ чун он муониди дину пешвои кафараи лаъинро бо ҳама истеъдоди ҳисордорию истибъод аз оини мутовaату

---

[432] НЛ: тратиби сипаҳдориро.
[433] НЛ: мепиндоштанду.
[434] НЛ: муҷоҳидат.
[435] МИ: дурушти.
[436] НЛ: маблағе аз ҳануд.
[437] НЛ: дар автони.
[438] Аз НЛ оварда шуд.
[439] НЛ: лашкари мансур.
[440] НЛ ва МИ: ҳароина, пешбинӣ.
[441] НЛ: тане.

хироҷгузорӣ ба аҷзу маскуният муътариф диданду ба урваи вусқои ъафву авотифи мо мутамассик, ба ҳукми изну иршод, ки дар ҳаллу иқду қабзу басти маоҳиду маосир аз ройи соибу замири соқиби мо ёфтаанд, ба тазарруъу тахашшуъ ӯро бо ҳадоёе, ки пешкаш карда буд, дарпазируфтанду онҳоро ба навиди амну амон мустазҳару мавоъиди сукунату истиқомати мустабшар боз гардониданд, то он тоифаи баэътимод ин васиқату эътизод ин муоҳадат бо башорати халоси ҷону сиёнати арҷои аркон ҷониби рой шитофтанд. Ройро фарҳати ин ҳол (11) ва масаррати ин навол бар намате дар иҳтизор овард, ки пойи тамкин дар домани истиқрор намонд. Нахуст, ба ҷиҳати тамҳиди муқаддамоти тоатдорию таъйиди шароити фармонбардорӣ панҷоҳ занҷир пили кӯҳшукӯҳ, ки мадори бисоти вилоятдории ӯ[442] бувад, бо дафоину хазоину ҷавоҳиру нафоисе, ки аз қадим-ул-айём маврусу муктасаб дошт, мисраъ: мо лайса яҳиссуҳу ва лав яҳсал ҳасо - ба расми хидмат дар банди бандагии бандагони ҳазрати мо фиристод. Дувум, он рӯз дасти аҷз барҳам баста, иътисом ба ҳабл-ул-матини даҳлези ҳумоюни мо карду аз ҳарорати офтоб шамшер ба зайли саҳоби раҳмат истизлол намуд, то карами марҳаматфармои оҷизбахшои мо ҳовии аҳволу ҳомии авқоти он паноҳандаи мустаҳом гашту бандагони давлатро бар он дошт, ки бар аҷноси хидматии ӯ ҷоизаи қабул мабзул доштанду матолибу маомири ӯро ба анҷоҳу асъоф иттисол доданду ба муждаи ҷонбахшӣ, ки ҷасимтарин неъматҳосту азимтарин давлатҳо ҷайби раҷову зайли таманнои ӯро гаронбор гардониданд, то он мунқоди васиқ-ул-итоат ба фарҳати ин мабаррату талаззузи ин масаррат, ки аз талотуми амвоҷи балиёти соҳил халосу наҷоти пайваста (12) буду шаҷараи асолаташ аз вартаи қалъу иттисол ба қоидаи ашмори ахбор истиқрор ёфта, гардани таъаннудро ба тавқи таъаббуд тавшиҳ дод. Бар сӯхи мутовоату вусӯхи муоҳадат ҳомили заммаи шаръи Муҳаммадӣ ғашту шароите, ки барои мустаънафи айём[443] дар итоати авомиру навоҳии даргоҳ бар ӯ арз карданд, ба ризои комилу инқиёди тамом тақаббул намуд, назм:

Оре, он ҷо, ки бувад зарбати теғ,
Ҳар кӣ гардан наниҳад, сар биниҳад.

Чун ба авни вофири илоҳию осори карами номутаноҳӣ ҳамагии муҳиммоти он ҳудуд бар вифқи иродати авлиёи давлат ба кифоят пайваст, даҳлези осмонсойи мо дар кунфи исмати эзадӣ бар самти ҳазрати сипеҳррутбат, *ло золат маҳфузатан биъавотифи-р-Раҳмон ва макфуфатан ъан таворики-з-замон*, бо ҳусули мақосиду вусули маориб ба инфоқи муроҷаат таваҷҷӯҳ намуд. Ба таърихи панҷуми моҳи шаввол, санаи самонин ва ситту миат ороста, бо кавкабаи иқболу мартабаи иҷлол ба мастақари ҷалол вусул ёфту ҷайши мансур ба шарафи заминбӯси садаи мутеъи мо мушарраф гашт, шеър:

*فالحمدُ للهِ الّذى نصرَ الغزاةَ بعونه     حتّى غلى الاسلام أعلى من غلى

Бар кифояти ин муҳимми динию итмоми ин маорибй малакӣ саҷдаи шукри ҳазрати Иззат, ҷалла ва ъало, ки мӯҷиби тараққии дараҷоти ҷаҳонбонию мустаҷмаъи тавзифи атоёти Раббонӣ (13) аст, ба хулуси ақидат иқомат намудему истибшори ин башорат, ки муҳайиҷи қулуби аҳли имону мукаддири айши зумраи хазалон аст, бар хеш воҷибу лозим шинохту ба эъломи ин фатҳи боному эълони ин масаррати хосу ом дар ақосии диёру амсори мамолик мисолу автоди саканаи маъмураи фалон, ки рақами таваддуду ихлоси мо бар лавҳу замоири эшон ка-н-нақши ъала-л-ҳаҷар[444] мутамаккин асту муосири даъавоти солиҳаи эшон аз ин бобат самарҳо медиҳаду эҳсони заифпарвари моро дар тарфияи аҳволи эшон риояте ҳар чӣ қавитар менамояд, ба вусули ин фатҳнома мутабашшир гардонад. Аз наъими тарабу шодмонию раҳиқи нишоту комронӣ хатте комилу насибе шомил баргиранду дуои давлати қоҳираи мо, ки ҳомии байзаи ислому мусалмонию ҳориси ҳавзаи имонист, *оноа-л-лайли ва атрофа-н-наҳори* вирди вақту ҳирзи ҳоли худ созанд, то ба ҳусни ақоиди он дуогӯёни ғайбату мухлисони берайбат[445] ва баракоти даъавоти солиҳаи эшон дар сабоҳу масои ғароими ғазавот, ки дар мустақбали

---

[442] НЛ: бисоти корронию сари ӯ.
[443] МИ: имом.
[444] НЛ: ка-н-нақши ъала-л-физза.
[445] НЛ: ки мухлисони берайбанд.

айём ба нияти содиқаи иттисоъи ислому истисоли кафара ҳафт иқлим мусаммам хоҳад шуд, бо башорати фатҳу фирӯзӣ интифо пазирад, бимашийяти-л-Лоҳи ва ъавниҳи.

**Ин нома ба нисбати қалам** (14) хонад боз. **Унвон**. Инояти яздонию ҳадяи ҳидояти ҷовидонӣ мулозими сармояи зиндагонии бародари ҷонӣ, дебоҷат-ул-амонӣ, тоҷ-уд-давлат ва-д-дин, дуррат-ут-тоҷ-ул-маъонӣ бод. Ва саводи Ҳиндустон, ки бо хатти Бағдод боз мехонад, ба мадади мидоди ақломи ақолиморои ӯ мутаҷаллӣ, би-н-набий-ил-уммӣ[446].

Котиби ҳуруф Хусрави Лочини Султонӣ, ки сураи ихлоси он ояти раҳмати раҳмониро чун сабъи масонӣ бар суҳуфи мусҳафи замир нигоштааст, даври сандуқи сина бидошта, авроқи сано мехонаду ҳошияи дуо менависаду таманнои он ҷамоли бемисол, ки ба туғрои маҳосин мувашшаҳ аст, ба ғояте менамояд, ки агар номаи мушкин шаммае аз он ғаммозӣ кунад, килки оҳупойро забон чун пойи оҳу бишкофаду сари давот чун даҳани нофа боз шаваду муҳрҳо бар пушти коғаз хаста гардад, шеър:

Гар шарҳ диҳам ғами ту сад сол,
Як қисса нагӯям аз ҳазорон.[447]

Мақсуди қосиди хос, ки шодии дӯстон будаанд, назм:

Омад он шодии ҷон бар боде,
Шодӣ афзуд маро бар шодӣ.

Саводи сувайдонавози бародарӣ чун моҳи нав ангуштнамой, ки касро бар ҳарфи ӯ ангушт нарасад, дар ғурраи моҳи муваққари раҷаб аз шафақи шафқат рӯъят намуд. Мардуми дида, (15) ки ин муқла аст бар ҳар хатте, сурхӣ ниҳоду оби чашми наққош, ки андозаи мо нест, бар ҳеҷ ҳарфе намеистод, зикре дар нонабиштани нома набишта буд. Ба ҳаққи сонеъе, ки сарнабишти мардум аз қалам ба ҳикмати ӯсту сарнабишти қалам аз мардум ҳам ба ҳукумати ӯ, ки чандин бор номаи фироқ бо чандин бор номаи вифоқ фиристода наёмад, шеър:

*ارسلتُ کتاباً و بکَ الدّمعُ رَسولٌ بِالشّأن عَلی الدّمع و لَو بلغ اولٌ

Чун[448] дар ирсоли муросалот фармон буд, бар ҳукми он даст бар пойи қалам ниҳода шуд, валекин дастони иштиёқ чунон бепоён буд, ки на қаламро пой кор мекард, на котибро даст ва аз давоти устухонӣ синаи хуни сӯхта дар буни нохун меомаду аз забони қалам фурӯ мечакид, назм:

Нависам ба ту номаву муҳри онро
Зи хуни дили худ кунам, то бигирад.

Ғараз аз тартиби ин ҳуруфи мутабаррика он, ки тариқи мукотабот, ки дол аст бар даво ва доду тамкин[449] синаи мо кайфияте тамом аз солиф ва он чи акнун бошад, нахустину боз ба син маскук дорад, ки даҳони умед чун лому алиф боз аст. Ба лутфи амими ахавӣ посухе фиристаду ҳавову ҳаваси андешаи номухолиф он, ки аз фунуни латоифи (16) он зуфунун ҳавои муҳриқи ботин эътидол ёбад, назм:

Акнун, ки дил ба ёди ҳавои ту додаам,
Як нома деҳ ба бод, ки паррон ба мо расад.

Бад-ин хашве чанд, ки пой[450] аз риқонаи қиёс берун ниҳодаасту ба қалами ҷории мижгон иборати ибарот ба ваҷҳи хасарот таҳрир афтод, чун нозир шавад, вуқуф ёбад. Ба ҳурмати Хоҷа, ки мушрифи корхонаи ботин аст, ки таклифоти оризиро ҷоизаи ағмоз воҷиб бинад. Ад-Дуъо камо кутиб.

**Ҳарфи дувум** дар ду ҳарфи теғу қалам, ки хориҷанду[451] роҷиҳ бар якдигар ва ҳуҷҷати қотиъаи ҳар ду. Ин мақолат ба теғу қалам, ки аз хитоби хатт-ул-ҳарфайн фӣ хатти-т-тарафайн ҳулия дорад, мисраъ: **нисбаташ** ҳам **аз ду ҳарфи қаламу теғ** нигар:

*یا مَن حَرَبت حَضورُ کُلِّ کَواشِحِ سَماکَ سَیفُ الدِّین لِابطال الغزا

---

[446] МИ: биумию-л-уммӣ.

[447] МИ: дар поёни мисроъ вожаи “ҳол” омадааст, ки аз вазн зиёд аст; зоҳиран, котиб ин калимаро ба хотири қофия афзудааст, аммо саҳеҳ наменамояд.

[448] НЛ: Чун аввалан.

[449] НЛ: таскин.

[450] МИ: пойи қалам.

[451] НЛ: ҷориҳанду.

بالارتحال اذا کَتَبتُ ثَنا.کُم          فَقَبّلَ الاقلامَ الواحَ الثّنا.

Гавҳари зоти рӯшансифоти носир-ул-ғузот, сайф-уд-давла ва-д-дин, лисон-ул-мулук, ъайн-ус-салотин, ки баркашидаи яд-ул-Лоҳи барбастаи асобиъ-ур-Раҳмон аст, айяда-л-Лоҳу ядаҳу бимуъозадатиҳи,то инсироми даҳрҳои бешумор аз гардиши чархи (17) зангорӣ мусаффоюю рӯшан бод, ба ҳаққи *сураи ҳадид*, назм:

Аё палораки шоҳӣ, туӣ, ки дар ҳайҷо
Диловарону далерон зи ту ҷинон гиранд.
Агар буванд кунун зу-л-фиқор бо самсом,
Сафои гавҳари поки ту дар забон гиранд[452].

Банда Хусрав, ки оқиди таҳрир аст, қаламмисол дар мақоми хидмат бо қомати маросими заминбӯс сар бар ҳошияи бисоти инбисот ниҳаду шабу рӯз дар саводу баёз мидҳату маҳмадати худовандӣ, шабе ба рӯз меораду рӯзе ба шаб мерасонад. Ғараз аз ин мақолоту ғараз аз ин мақулот мабнӣ бар он, ки чун котибро бо асҳоби қалам бозхонде ҳасту аз аҳли теғ буриданӣ не, гоҳ аз ғоҳ миёни муште забоноварон, ки худро ба теғ нисбат мекунанду бурронии теғи худро ба забони худ шарҳ медиҳанд, [даст дар ҳамоил карда мешавад, ки теғро якборагӣ][453] бар чарх мебаранду тез мекунанду қаламро дар сарзаниш мекашанд ва агар сухан аз забони қалам гӯям, бе забони теғ сухан нагӯянд. Дина рӯз қалам дар даст карда, деги савдоангезӣ шӯронидаму[454] полудаҳои дудандуд бар хонҳои латиф мекашидам. Теғ дар камар доштам, забонаш берун меомаду мехост, ки онро ба забон баргирад. Қалам муҳарраф шуду биистод, ки инак, ин кафчалези пеши моро муште ҷоҳил панҷа дар вай ва (18) қуввати мурофиқ дастгирӣ мекунанду об медиҳанду маро, ки дуди чароғ хӯрдааму бар ҷумла кутуби улум гузаштаву ба чандин сӯхтагӣ моя ҳосил карда, ки аз ман чизҳо дар атроф расидааст, ба ҳеҷ ҷонам барнамегиранд. [Ба оҳан][455]пора чандон бурронӣ мефурӯшанд, ки ҳамон теғ аз эшон сар дар каш мемонад.

Теғ худ бар рони ман такя дошту бо оинаи зону хаёлбозӣ мекард. Аз он ҷинсе, ки қалам бинмуд, хаёле дар дилаш роҳ ёфту аз барои акс рӯй дар рӯйи ман карду гуфт, ки аз забони ман оби сияҳро[456] бигӯй, ки: эй дастмузди тарошгарони девон, сар фурӯ андохта дунболи чӯбакнависии худ мебошӣ ё на, чу ман ҷаҳонгирӣ. Нависандагӣ менамоӣ, ки сад ҳазор чун ту луъбати чӯбин ба як замон метарошам, гирди осеби ман мегардӣ:

Он кас, ки занад ба тег худро,
Донӣ, ки сазои ӯ чӣ бошад?!

Ончунон нест, ки ман дар ҳирфат дасте надорам, инак, тамоми сафҳаи ман нуқату ҳарф аст, байт:

Теғ худ нуқтаву ҳарф аст агараш нақш кунанд,
Ҳарфи он нақш ҳам аз нуқта набошад холӣ.

Ҳама донанд, ки агар аз оҳани худ қалам созам, дар ин сиёқат аз ту бориканге з(19)тар бошаму ҷуз бар лавҳи зар гузориш накунам, валекин маро кори ҷиҳоду ғазо мебояд кард. Аз ҳарф канора кардааму набиштанро дунболаи ту гузоштам. Ҳамчун ту девона наям, ки сар бар хатти нависандагон ниҳаму ба зердастии эшон сар фуруд орам, балки ҳамаро пеши ман сар фуруд ояд, рубоия:

Он теғ манам, ки сафдари майдонам,
Не чун ту қалам ҳилагари девонам.
Дар об фурӯ шудан ту натвонию ман
Онам, ки ба хун гарқ шудан битвонам.

Қалами савдоӣ, ки он саркашии теғ бидид, сар фурӯ афканду дар хат шуд. Ба замзамаи сарир гуфт, ки: эй бозубури нодошт, ки дар ҳар ҷангҷой бараҳна мешавию забоноварӣ мекунӣ ва агар осебе ба ту мерасад, чун барги бед бар худ меларзӣ, ки агар нагирандат чунон бияфтӣ, ки хоҳӣ дар замин фуруд равӣ. Ҷое, ки [ман ба фармонравоӣ

---

[452] НЛ: байти дувумро надорад.
[453] Аз НЛ оварда шуд.
[454] НЛ: деги савдоро ба кафгир мешӯронидаму.
[455] Аз НЛ оварда шуд.
[456] НЛ: он сияҳсарро.

мисол диҳаму туғрои мамлакат нависам, туро кӣ донад, ки][457] дар фармон зери рони саворе монда бошӣ ва ё зери бағали муфраде харидатар. Аз он даволакбозӣ ҳам бо даволи худ равад, ки ҳарчанд медавонӣ, меравад, на бо ман, ки корфармои туам. Медонам, ки ин ҳама тез шудани ту аз барои он аст, ки аз ман тароше кунӣ, валекин ман аз онҳо наям, ки агар:

Пеши ман кор кунӣ, ҳезуми деге бидиҳам
В-ар шавӣ кунд, тароше набарӣ аз гираҳам.

Бару бари касоне, (20) ки туро даст карда медоранд, забон дароз куну ҷамоате, ки мутааллиқи эшонӣ, худро ҳам бар эшон банд[458] ва оми тааллуқро бигсал, ки бияфтӣ. То вақте, ки маро ба ту ҳоҷати қатъӣ бошад, худ даст бигиранду пеши ман оранд. Кори ту бадон ҳад расид, ки маро қувват менамоию пеши ман оҳанро қалам мекунӣ. Намедонӣ, ки аз оҳани ту қалам борикангез шавад, аз килки ман сари мӯйе шикоф ояд, ки то теғзани ту биҷунбад, тири ман паррон дар дилаш дар рафта бошаду дилашро чунон аз ҷой бурда, ки туро ҳеч кор натавонад фармуд. Ман худ тир будам, ки аз баландпариҳои хеш лагад хӯрдаму бишкастаму қалам шудам ва он рӯз, ки тир будам, инак рӯю пушти пайконро ҳам рӯшан ҳаст, ки пайваста дар банди васл будамию чун ту дар ҷудоӣ накӯшидамӣ ва аз ростравӣ дар дарунаи дӯсту душман даррафтамию ҳар дуро яке кардамӣ. Ту хунхоре қонеъ, ки дар мушти худ ҳам пеша ҷуз буридан коре надонӣ. Аз дурӯӣ чунонӣ, ки ҳар ҷо, ки расӣ, як танро миёни хеш дуӣ андозию пайвандҳоро чунон аз ҳам бурӣ, ки пеш фароҳам овардан мумкин нагардад, рубоия:

Ман он қаламам, ки ҳар кӣ коре дорад,
Як дам натавонад, ки маро бигзорад.
Умре бояд, ки то ба ҷое, эй тег,
Хунрез шавад, к-аз ту касе ёд орад.

Моро теғи (21) хунуксози тӯтиранг, ки оина бо хеш дошт, дар сухан омаду қалами булбулзабонро гуфт, ки: эй казпояки думдарозаку дудхораки зоғнӯлак, ки чун мурғи зирак ба халқ гирифтор шуда, сарат дар пойи доме фурӯ монда, ки ҳарчанд зоғпоӣ занӣ, аз он дом натавонӣ ҷаст. Ин чиҳост, ки ҳама рӯзе бофию маро зернаълии муфрадону зеррикобии саворон мехонӣ, ки Эзад субҳонаҳу таъоло қатили маро дараҷаи эҳё додааст: *ва ло таҳсабанна-л-лазина қутилу фӣ сабили-л-Лоҳи амвотан бал аҳёун ъинда раббиҳим юрзақун.* Дар ин ҳол ҷумла шуҳадо гувоҳи ҳоли мананд: *ва кафо би-л-Лоҳи шаҳидан.* Ва ба мисқалаи *ва анзална-л-ҳадида* маро рӯшан гардонидаву ба теғзани *уқтулу-л-мушрикина коффатан* аз қувваи бозуи худ иътисом бахшида, ки ано бано би-с-сайф. Ва аз барои шустани лавси хунолудагон обам дода, ки[459] ас-сайф маҳҳоун ли-з-зунуби. Ту, эй найпораи хушк, ки гаҳе бар дари ҷулаҳ ба ҷиҳати танаста риштатобе танидаву гоҳе дар дукони дарзӣ қасаброро каз гардида, пеши ман омадаву худро фармонравое бартарошида:

Маро бо ту нишастан айб бошад,
Ки кас аз най насозад дастаи теғ.

Бо он, ки фармудаанд, ки сияҳу сапедии намакини туро бар фармон чи тасарруф, ба таклиф (22) дар дасти дабират кардаанд[460], то ба ишорати ангушт туро хидмат фармояд, ки агар як қатра сар аз хатти фармон берун ниҳӣ, бе об шавӣ, ҳазор бор ба бинӣ хат кашида, ҳанӯз аз дасти ӯ халос намеёбӣ. Бо чандин забардастӣ бо чун мане зердасте забонбозӣ мекунӣ, магар ду сар дорӣ, ки як сар пеши ман меоию сарзада аз пеши ман меравӣ. Он шикофӣ, ки миёни фарқи ту кардаам, сари ту хабар дорад, ки чиҳо сӯхтаву бар он тилло кардаи, он гоҳ фароҳам омадааст. Боз дар банди сар буронидани, охир рӯзе шикаставу гирифта[461] пеши ман хоҳанд овард. Он гоҳ донам, ки бар сарат чӣ мебояд кард, ки агар камаратро набураму банд аз банди ту ҷудо накунам, аз гавҳари пок набошам, рубоия:

---

[457] Аз НЛ оварда шуд.
[458] НЛ: барбанд.
[459] МИ: хунолудагон аташам хабар дода.
[460] НЛ: гирифтор кардаанд.
[461] НЛ: баста.

Ман теғаму корам ҳама шоҳӣ кардан,
Савдои ту, эй қалам, сиёҳӣ кардан.
З-ин сон, ки забон дароз кардӣ бо ман,
Гар сар бурамат, маро чӣ хоҳӣ кардан?!

Қалами борикмизоҷро он дурушҷтрӯйиҳои теғ сахт маҷрӯҳ гардонид, чунонки коғаз ба ҳам хаста шудаву миҳбараи дарундори сияҳдили худ, азбаски сина пурдуд шуда буд, дарунаи ӯ хушк мешуду об металабид, ду-се қатра об дар даҳонаш чакониданд. Он гоҳ бар оби худ омад. Қаламро дарун (23) хонду оби сияҳ бар сараш рехт[462], ки: эй хушкнӯлак, пеши ман меоию худро ратб-ул-лисон месозӣ. Чандин ба сар давидани ту дар иктисоби хатту лафзу истикбоби илму фазлу истикшофи рамзи ғайб ҳама ин буд, ки пеши тезии ҳариф гунгу сарзада мемонӣ, нотарошида наию лисонат кунд нест. Ҳанӯз туро орзуи теғ чӣ рӯй мебояд, чаро намехезию нафасе намеангезию ҳарфе, ки дорӣ [ба забон ҷорӣ намегузорӣ?][463].

Қаламро забон хушк шуда буд, аз мадади дили давот боз дар сухан омаду ин китобаи итоб бар сафҳаи шамшер бозронд, ки: эй обгирифтаи ҳиндустонӣ, чандин дурушҷтиҳо, ки аз чарх бар рӯйи ту расидааст, нарм намешавию пайваста дар банди куштану ҷастану фасла кардани халқӣ. Бихоҳӣ фармуд, то аз миёни тахта бандат кунанду берун накашанд, чандон ки дар он зиндони тунук хӯриши мӯрчагон шавӣ, баъд аз он берунат оранд. Он гоҳ тирагии ҳоли худат аз рӯшанкунандагон рӯшан шаваду ҳадди худ бидонӣ, ки ту ҷаллоде беш на ва аз он ҷо, ки ростист, назм:

Манам роятфарози подшоҳӣ,
Алам гашта сапедӣ то сиёҳӣ.

Туро кӣ фармон додааст, ки бар вараqи мо харош (24) меорию коғази моро хаста мегардонию мегӯӣ, ки банд аз банд ҷудо кунем? Ту ки аз буридани коғаз кунд шавию то сад бор бар сангат назананд, найро қалам натавонӣ кард, магар банд банди коғаз ҷудо кунӣ, назм:

Гирам, ки ба пӯлод баромад номат,
Якборагӣ инчунин алмос[464] машав.

Ман дар миёни ту медонам[465], ки аз худ буридан надонӣ, валекин маро ин ҳама аз касоне мебояд донист, ки туро аз барои буридан забон медиҳанд:

Аз бозуи дигарон намоӣ дасте
В-он гаҳ ба хештан кунӣ барбасте.

Ва агар шараф бар он мекунӣ, ки Худои азза ва ҷалла қатили туро маргабаи эҳё гардонидаасту шикофандаи сипари моҳи ано бана-сайфа бар забон ронад, ва-с-сайфу маҳҳоун ли-з-зунуб. Гуфт: сарнабишти ман дар лавҳи маҳфуз аз ин болотар аст, ки Худованди кофу нун ба ман савганд ёд кардааст, ки *нун ва-л-қалами ва мо ястурун*. Ва таълими илм бар ман набишта, ки *ъаллама би-л-қалами ъаллама-л-инсона мо лам яълам*. Туӣ, ки аз ҷумлаи илмҳот орӣ мебинам, чунонки ҳама ҷоҳилон туро кор тавонанд фармуд, валекин олиме бояд то ангушт бар ҳарфи ман ниҳад, тахтаи тавҳиҷ бо нақши ман боз нахонад: забонкирдор агарчи кард норе ту забон ҳаргиз, рубоия: (25)

Эй теғ, манам қалам ба гавҳарзоӣ,
Пеши чу мане макун забонороӣ,
К-он ҷой, ки дар ҳисоб гиранд маро,
Онӣ, ки дар ҳеҷ ҳисобе нойӣ.

Қалам ин моҷаро бар тахтаи теғ менигошту теғро гуна мегашту сияҳ мешуду аз ғояти тунукмизоҷӣ бар худ меларзид. Ниёми худ даҳон боз карда монда буду аз дилтангӣ ҳеҷ чизаш фуруд намерафту шикам бар пушт ҷӯшидаву тиҳигоҳ холӣ монда, мехост, ки теғро фуруд барад. Миёни хонаро холӣ кард, оҳиста теғро дарун талабиду пӯшидатаре дар ҷӯб кашиду ҳарфе, ки буд, дар миён биниҳод, ки: язиқу-с-садри ва ло янтиқу лисони. Эй

---

462 НЛ: биронд.
463 Аз НЛ оварда шуд.
464 НЛ ва МИ: ҳам алмос.
465 НЛ: накӯ медонам.

пуштрӯяк, саркашии ту ҳамин беш нест, ки боду гази забон бармеой[466] ва агар қатраи обе аз они ту мехӯрам, ба мушт аз ҳалқи ман бармекашию чун пеши қалам меравию рақам мебарорию тароше мегирию шиканҳои ӯро ба забон рост меорӣ. Агар имрӯз гулӯи қалам буридӣ, донам, ки бурронии аслӣ дорӣ ва агар намудори ту бозгуна шавад, пеши дари хонаи ман нагунҷӣ. То акнун оби туро нигоҳ доштам, акнун аз хонаи ман берун рав.

Теғ, ки тофтаву кӯфтаи путку сандон дар кӯҳи тунук зар харида буд[467], чун он берунронданҳо (26) бидид, бо чандон оби афсурдаву мунҷамид худро берун афканду ба ранге овоз баркашиду бо қалам гуфт: эй хомӯшнамои бисёргӯй, ҳарчанд ки забонатро бештар метарошам, лесиданат бештар аст, назм:

Магӯ, ки сахтии теғат[468] расиду нарм накард,
Касе надид, ки пӯлод гашт нармоҳан.
Ту ҳеч донӣ, то чарх чанд баргардад,
Ки то падид кунад дар ҷаҳон яке чун ман.

Маро, ки аз барои қатъ кардани душманон занҷир мебурам, тахтбанди зиндонам менамой. Хомӯш карда дар гӯшаи давлат деглесӣ мекунӣ, вагарна ҳалқи туро чунон бихоҳам бурид, ки нақши ту аз ҷумлаи дафтарҳо маҳв шавад. Туро он сар шуд, ки сухани илм бар забон меронию ба гирифтани ҷуҳҳолам муохаза мекунию маро аз либоси илм бараҳна мехонӣ. Охир, хатоҳои туро ман ҳақ мекунаму Ҳайдари каррор, *каррама-л-Лоҳу ваҷҳаҳу*, ки *ано мадинат-ул-илм ва Алӣ бобуҳо* дар боби ӯст, ҳеч медонӣ, ки дар шуҷоат чи илмҳои қатъӣ аз забони ман дар рӯйи куффор бигзарад[469], валекин айби ман ҳамин аст, [ки забон бо худ дораму бо чандин гавҳари маънӣ, ки мароcт, ҳаргиз касе сухане аз] забони ман нашнаваду ту аз тиҳимиёнӣ агар шабаҳ пеши худ бинӣ, ҳар ҷо, ки равӣ, забонат наистад, то онро фуруд нарезӣ [ва ҷое, ки нарасӣ, нома фиристӣ. Бирав, ки аз ғояти ҳақорат ба донаке наярзӣ,][470] сару пойи худ бубину бо чу мане бешбаҳое баробарӣ макун, рубоия: (27)

Ман теғаму қиматам ба ҷуз зар чӣ бувад,
Нархат саҳл аст, эй қалам, ҳар чӣ бувад.
Онон, ки маро, туро ба як ҷо бинанд,
Донанд, ки хас чӣ буд, гавҳар чӣ бувад!

Аз ин ҳарф дуд аз сари қалам бархосту гуфт: эй теғ, бисёр малоф, ки охир забонат бо чандон гуҳар[471] тарошачини ман аст. Ҳаки хатои ман бисёр бар сари забон меорӣ, валекин буридани ту аз ман на ба ихтиёри худ аст, балки туро касе тез кардаасту санги тирози ту бурда, ки бар ман чандин ҳиддат мекунӣ, ман, ки сарат бибуррам. Бар дили ту аз оина рӯшантар аст, ки ҳарчанд сари ман бештар буранд, сарфарозтар бошаму ҳунари ман бештар ҳувайдо шавад. Ва агар қитъа аз ту ҷудо кунанд, сақат шавӣ. Туро ба бозори сақатфурӯшон дуконгирӣ бояд кард, ки ҷойи ту дар миёни сақат аст. Гавҳари худро пеши ман об медиҳӣ, ки шабаҳи маро об беш аз гавҳари туст. Ту бо чандон гавҳардонӣ[472] агар бигӯянд, ки чизе аз он тар кун, магар, ки хун равад, он гоҳ тар кунӣ. Манам, ки агар дуди чароғе дорам, аз ҳама тар аст[473] ва аз як равиши ман муҳтоҷонро сад ҳазор дираму динор ба даст ояду ту ҳар ҷо, ки роҳ қатъ кунӣ, то куштану ҷустан дар миён наёрӣ, баширaт надиҳанду мардумонро ҷуз мушт бастан наёмӯзӣ (28) ва бо чандон, ки зар дар мушти туст, беҳтарин ҳунари ту он аст, ки агар дираме пеши ту андозанд, ба забон баргирӣ ва агар санге биёранд, ба забон билесӣ ва агар санги миқнотис бошад, худ рабудаи ӯ шавӣ. Бо ман ба мушт бармеоию намедонӣ, ки ҳар кӣ мушт бандад, аз ман ҳеч натавонад гирифт, ҳам аз ман метарошию ҳам маро сарзаниш мекунӣ. Чандон саркӯбҳои путку сандон аз дилат

---

[466] НЛ: бар сари ман бармеой.

[467] МИ: дар кӯраи танги оз хазида буд.

[468] НЛ: чархат.

[469] НЛ: куффор ба гузор мерасонад.

[470] Ҳарду матни дохили қулоб аз НЛ оварда шуд.

[471] НЛ: гуҳари маънӣ.

[472] НЛ: гавҳар, ки дорӣ. МИ: гавҳар тавонӣ.

[473] НЛ: он ҳам тар аст.

нарафт, ки *ал-ҳадиду би-л-ҳадиди юфлаху*[474] пеши тахтаи ту буду бо овози баланд пеши устод механдию ҳар борат кӯфта мекарданд, аз барои сарзаниш даст медоданду аз гармӣ дар об ғарқа мешудию аз об хушк гар мекарданду бозат месӯхтанд, рубой:

Эй теғ, агарчи нек бурронӣ ту,
Охир қалами маро кучо монӣ ту.
Мебишканӣ аз захм забонам, зеро-к
Парвардаи захми путку сандонӣ ту.

Теғро сарзаниши путку сандон нек сахт омаду аз он кӯфтагӣ дилаш нек танг шудан гирифт ва[475] чандон бурронӣ, сухан аз забонаш берун намеомад, манаш гирифта нигаҳ медоштам. Ногоҳ аз дасти ман бияфтоду овоз дод, ки: эй сарбурида, чандон, ки сари забонат мебуррам, сияҳзабонният бештар аст. Ман, ки мақтаъи қиссаи туам, маро [аз сарзаниши путку сандон мешиканию сӯхтагиҳои маро][476] бар рӯйи об меорӣ, магар ин қитъаи мувашшаҳ (29) нахондай, назм:

Зи захми путку сандон бишканад ҳар кас, ки ҳасту ман
Дуруст он гаҳ шудам, к-он захмҳои бекарон хӯрдам.

Ҳароина, захм хӯрдану дар обу дар оташ дар рафтан кори ман аст, ки аз қуввати зот оҳанинтанаму аз осеби рӯйинтанон рӯй натобам. Кӣ донад, то чанд гарму сард бар рӯйи ман расидааст, ки ин қадар шудаам. Чун ту наям, ки чун сияҳрӯию[477] хат меорию шохи навхез бар мо раста, бо чунон гиреҳи муҳкам, ки туpост, то набуранд, чизе аз вай накушояд. Пас мушт бар ман мебандӣ, ки ҳар чӣ ман ба зӯри бозу бигирам, ту ҳисоби он ба ҳила нигаҳ дорию ба чандин нақшбандӣ чизе аз он ба дасти дигарон бидуздию моро [ба дасти дигарон гиронию аз пайи сияҳкории ту дасти ҷумла нависандагон][478] бобати қалам шаваду бо чандин казрӯӣ худро дар назари мардумон рост менамоӣ. Рост ин аст, сар то пойи ту ҳама сувайдою сафрою нақшу хаёлангез асту маро ҷумла олам ҷавонмард хондааст. Ин масал маъруф аст, ки теғ ҷавонмард бошад, чунонки ҳар киро ман ба даст бошам, ӯро зар дар мушт бошаду ҳар ҷо, ки зарест, аз оҳани ман дар мушт ояд. Ту маҷҳул пеши ман омада, ҷавонмардии худро баён мекунию мегӯӣ, ки дуди чароғи худро ҳама тар мекунам. Ҳамон чароғро, ки гумоштагони (30) ту бисӯхта, рӯшан[479] кардааст, ки сияҳгӯйро бар он дошта, ки ӯро чарб дидаасту рӯғани чароғаш фурӯ намудаву сӯхтаву дуд аз ниҳоди ӯ баровард ва аз он савдо туро моя дода, то аз он сабаб сад бораш давот[480] сияҳкоса шудаву савдои сияҳкосагӣ дар сари ӯ фуруд рехта, чунонки агар бо забони хунукшуда пеши ӯ равию сар зеру по боло кунӣ, сари забонат ба ҳила аз об тар кунад, назм:

В-он гаҳе об чи тираву торик чунон
Не тавон хӯрдану не рӯй тавон шустану даст.

Бо чандин имсок аз равиш меҷунбию худро носихи таворихи мутақаддимону мутааххирон мехонӣ. Саргузашти аввал ёд кун, ки охир худрӯй буда, аввали рӯз аз он замине, ки нашъу намо ёфта, ту камаслро мутаасилу банд дар пой пеши ман оварданду ман бандат бикшодаму ҳам манат сартез ном ниҳодаму ҳар бор забони худ дар даҳанат медодам, то забонат рост шуду ба таҳриру хат аз захми забони ман расидӣ. Ҳанӯз ҳар бор бо забони шикаста пеши ман меоию забонро дуруст мекунию меравию савдоҳои бисёр дар сарат мегардад, ки забон дароз карда, ҳар чӣ дар забонат меояд, берун медиҳӣ (31) ва бо когаз, ки заҳру батне дорад, тариқи омаду шуд бар пой медорию ба ду забон сухан мегӯӣ. Ин байт тамом ҳасби ҳоли туст, рубой:

Ҳон, эй қалам, аз теғ рамида, ки туӣ
В-андар чаҳи торик хазида, ки туӣ.
Эй сарзада, бо кафчаи борику сиёҳ
Море дузабони думбурида, ки туӣ.

---

[474] МИ: ин калимаро надорад.
[475] НЛ: бо.
[476] Аз НЛ оварда шуд.
[477] НЛ: сияҳсарию.
[478] Аз НЛ оварда шуд.
[479] НЛ: сӯхтаанд, дудаш аз сари сӯхтагӣ пеши ман ба забони худ рӯшан.
[480] НЛ: дуди чароғ.

Қалам аз ин фусунгарӣ, ки мораш хонданд, аз худ газидатар шуд, сар дар сӯрохи давот дар кард. Ман, ки морафсои ӯям, бо фусун бурунаш овардаму пой[481] болои тегаш бирондам. Равонии дандон фуруд бурду оби даҳан фурӯ рехт, ки: эй дурӯй, [зангор дар сина, ки аз кофиру мусалмон ҳар кӣ туро дӯст дорад, аз они ӯ шавию оқибат дастгири худро пушт диҳию дурӯй][482] худ бошию дузабон. Маро метарошӣ, ки сифати ягонагии Аҳад бе дуӣ аз забон мезояд, ки ҳомили ваҳйи анбиёяму ҷумла улумро, ки ваҳшист, дар доми қайди худ меорам. Мегӯӣ, ки забонат ман рост мекунам. Забонам дар лавҳи маҳфуз рост шудааст, ки пайваста маҳрами асрори ғайб будаму ҷумла уламои оламро тахта ман бастааму[483] сабақи эшон ман рост кардаам. Вақте аз авқот бар нависандагони девон ҳам сари нохуне омадушуде дорам, ҳам бад-он қадар маъхузам, ки агар эшон ба сад ваҷҳ duздӣ кунанд, онро бар ман муваҷҷаҳ мекунию худро софдил сурат мебандию ин тасаввур дар дили ту наме(32)гузарад, ки бо саре тарошида шабу рӯз, субҳу шом дар қиёму суҷудаму Қуръону адъия тарф-ул-лисон дораму дар ҷумла сиёҳию сапедии олам бигаштааму пушти по зада, ва имма-л-ҳаққу ва имма-л-фарқу ҳар ду кардааму[484] дар зовияи қаламдони бодаву беху бор ҳасбу асли худ муқим шудаву аз шабхезӣ чунон гашта, ки чун ба муроқаба сар дар суф фурӯ мебурдам, асрори ғайб [ро ба кашф берун медиҳам. Айби][485] сияҳкосагӣ пеши ман менихӣ, ки ҷумҳури халоиқро бароти рӯзӣ аз девони ман аст. Фарқ аз атои ту то сахои ман он аст, ки ту хун мерезию ман мушк мерезам. Ту гавҳаре чанд сурате дорию он ҳам нигаҳ медорию ман сад ҳазор ҷавоҳири маънавӣ аз ғайб меораму бар сари ҷаҳониён меборам. Ту ҳама рӯз дар он ғавғой, ки аз асҳоби мағозӣ ҷон ситонию ман ҳама вақт дар он савдоам, ки арбоби маониро ҳаёти абад бахшам, назм:

Ҳеҷ донӣ, ки он сиёҳӣ чист?
Зуламот аст оби ҳайвонро.
Бӯстони саводи дасти қалам
Ҳамчу найсон саводи бӯстонро.
Инак, инак, саводи хеш нигар
Дуррфишонии абри найсонро.

Бо чандин дуррфишонӣ, ки абри найсонам, сияҳкосаам мехонию ҳастам, боре коса дорам. Чун ту наям, ки коса ҳам надорию агар ҳам дорӣ, (33) он худ асту бо косаи сари одамӣ, ки пайваста нагунсор бошад. Магар мардум, ки сар зеру по боло кунанд, то косаи ту бар замин рост нишинад, мисроъ: в-ин аҷабтар, ки аз он коса ту ҷуз хун нахӯрӣ. Худро мақтаъи қасабаи ман мегӯӣ, ки чандин саводи аъзамро ба давонидан аспи най гирифтааму туро ба сари тозиёна иқтоъ дода. Ту муқотаъадори амали ман беш на, ки агар ман ба ростӣ пеш меоям, нек аз таъни забони ман догат мерасаду дар банди буридан мебошию мехоҳӣ, ки тез шавию худро зери санг мезанӣ. Набояд, ки дар ин миён оташ хезад. Ман агар ҷӯби хушкаму агар наям, маро масӯзон, ки агар оташи ман иштиъол ёбад, тофта шавию обат биравад, пеши рӯйи касеро натавонӣ намуд, рубоия:

Эй теғ, машав тез зи бурронии хеш,
Охир қаламам, макун дилам з-ин сон реш.
Бар оби худӣ бибур хусумат з-он беш,
К-обат биравад, бурид натвонӣ беш.

Тег аз он сӯзок бесияҳу беоб шуду забонаш кунд гашт, ҳам аз забони қалам хала кардамаш. Овоз дод, ки: эй муздурак, дурӯям мехонӣ. Ин нахонда, ки дурӯии ман аз барои онрост, ки дар рӯйи масоф аз ҳеҷ рӯй пушти ман касе набинад. (34) Ту, ки аз пеши сарандозии ман мегурезию дар сиёҳхона мехезӣ, балки худро дар чаҳ меафканию дар оби сиёҳу гили тира фурӯ меравӣ ва агар аз он ҷиҳат бармекашанд, аз сияҳрӯӣ сар боло наметавонӣ карду тирагиҳои туро ман пок мегардонаму ҷуз тарошидани айбу рост овардани кор ту коре надорӣ. Нотарошида ҳам бувад, ки сари туро ман тарошидаму ҳалқу

---

481 НЛ ва МИ: ба бозӣ.
482 Аз нусхаи МИ оварда шуд.
483 МИ: тахта набиштааст.
484 НЛ: мутлақ кардааму.
485 Аз НЛ оварда шуд.

фарқ ҳар ду аз ман дорӣ ва ҳар бор сар дар суф мебарию ба нақш халқеро дар доми худ хондан мефармоию бо сари тарошида ба тазвир бар маншур ирсол мекунию ҷамоате бофандагон, ки бо ту шууре доранд, касараҳу-л-Лоҳу шаънаҳо, туро ҷаъд мекунанду ҳеҷ дар сари ту намепечад, ки агар мӯй бар сари ту барояд, ҳама нақши ту ботил шавад:

Сар тарошидаву ҷаъде дорӣ,
Бо яке пойи сабукрафторӣ.

Ман, ки оинаи[486] мардонам, биё, то туро ба ту намоям, ки чӯби хушкию он ҳам на. Бо чунон қомати заиф худро ба кашхиромӣ ангуштнамо кардаву вусмати Нил дар баногӯши хубон мехазию аз он ҷо ба дунболаи чашм мешавию аз нимчашми захм майл дорӣ, аз чашм болотар медавию вусма медавонӣ ва дар карашмаи абрӯ мелангию наздики лаб ба баҳонаи хол бӯса мезанию аз кори ту (35) доғ ҳам мемонад.

Теғ дар ин хаёлбозӣ буд, ки ногоҳ музайине даромаду оина ба дасти ман дод. Тег гуфт: инак, саргузашти ту сурат кардаву оинаи ҷавоҳири маро рӯшан гардонидаасту маро низ чизе рӯшан аст. Оина рӯй бигардониду фақри қафо бинмуду намоише, ки дар дил дошт, бар тариқи дигар[487] берун дод, ки ҳама рӯй дар рӯйи ман оранду хаёлбинӣ мекунанд. Сурати ҳоле, ки маро рӯшан аст, аз они ӯ ва аз они ҳар кӣ ҳаст, бинамоям, маснавӣ:

Ман оинаам, ростиро паноҳ,
Ки рӯйи касеро надорам нигоҳ.
Яке моҷаро гӯям, ар бишнавӣ,
Зи ҳоли қалам, сӯфии маънавӣ.
Тарошидасар сӯфиро бубин,
Ниҳон ончунон, ошкоро чунин.

Қалам аз оина чун тасвири худ он чи буд, боз ёфт, гуфт, ки: эй оина, ман агар кардааму гар на, ту боре надидаву нашнида аз хеш нақше ангехтаву мардумонро дар хаёл афканда, валекин туро айб нест, ки айб ҷӯию пеши дигару паси дигар ба зоҳир бо сафвате тамом рӯй менамоию дар ботин сахт тирадилӣ. Ҳар ҷо, ки рӯй аз эшон мешунавию ҷуз нақши эшон бар эшон наменамоӣ. Чун аз он ҷо берун меоӣ, боз баръакс мешавию сурати биноёнро ба ҳиялу макр пеш меорӣ. Оре, ин ҳама маъруфиҳои ту (36) пуште[488] зар аст. Агар туву теғ бо ҳама инҳои худ якҷо шавед, тасаввур надоранд, ки он ҳол пеши мардумон дар рӯйи ман тавҷиҳ тавонед кард, хоҳ аз барои акс ҳама якҷо шавед.

Оина гуфт: эй қалам, ҳамаро ба як чӯб марон, ту донию он дувум фариқ. Агар он ҳол хоҳанд, ки аз ман рӯшан шавад, он ҷо, ки ҷойгоҳи он намудор бошад, бинамоям. Ва ин чи, ки моро пеши дигару паси дигар мегӯию тирадил мехонӣ, агар маро бими оҳ набошад, бинамоям он чи намуде бошад. Дар ин тасаввуру тасдиқ будам, ки музайян оинаро бозгардонид, ки ту бар ту дар гӯша намадхӯд кард, бинишин, то боз нагӯянд, ки ту пушт бар зар дорӣ.

Ҳоле, ки оина пушт бигардонид, қалам бар рӯйи теғ ронд, ки хоҳархондаро аз кучо пайдо кардӣ, ки гувоҳии нодида медиҳад. Теғ гуфт, ки ҳама дар пеши ӯ гузаштаасту халқ ҳама нақшҳои ту фурӯ[489] хондаанд, балки тифлони мактаб низ бар ҳарфи ту ангушт мениҳанд, ки бо сияҳдилӣ фурӯ шудаву мардумон ҳазор борат бигрифтаанду сарат сияҳ шудаву худро миёни ангуштон берун бурда. Манам, ки ҳеҷ кас ангушт бар ҳарфи ман нанихад. Агар бинихад, ангушташ бурам, ки аз сафо рӯй дар меҳроб дораму дар ростои ғозиён ба забардастӣ менишинаму пайваста бо санги худ мебошам. Лоҷарам, ҳар бор, ки пеши ман меоӣ, сарзада боз меравӣ, рубоия:

Теғам, ки зи хуни душманам (37) хай бошад,
Ранҷам ба ту, эй қалам, паёпай бошад.
То оҳани ман коргари най бошад,
Аз сарзаниши манат амон кай бошад?

---

[486] НЛ: оинаи рӯйи.
[487] НЛ: беҳтар.
[488] НЛ: аз пушт.
[489] НЛ: неку фурӯ.

Қалам аз ин сарзаниши забонӣ, ки теғ бар сараш карда пора, дар савдо фурӯ шуду аз сари хушкӣ ҳарфе дудандуд[490] берун дод, ки: эй ҳиндуи қарочулӣ, ки бозичаи дастгирони ҳиндию чун бараҳманон дар бед фурӯ шудаву миёни ниёми бедин хуфта. Чун бутпарастони Банорас хокистар бар андом мемолию сафои худ аз он тасаввур мекунӣ. Худро меҳробе мехонию номи савфу сар тарошидани ман мегирӣ. Агар ҷарроҳе сари аҳли тасаввуф битарошад, муқтадои эшон шавад. Охир бар хонақоҳи *аввалу мо халақа-л-Лоҳу-л-қалама* манаму ҳам аз аввал барои савфам офаридаанд. Ва он, ки мегӯӣ, ки кӯдакон бар ҳарфи ман ангушт биниҳанд, аз он аст, ки муаллим аз сабаби ман ба захми чӯб гарданашон харита кардаасту агар бо давот, ки ҷуфти манаш сохтаанд, фурӯ шудаам, зарби таъни ҳоҷибоин, ки қози-юл-ҳоҷот икди ман баставу ман аз шиками ӯ чандин дуда рӯшан дода ва он ҳар ҳама, байт:

Сурмаи чашми ҳама донандагон,
Хонда шуда бар ҳама хонандагон.

Агар ту сад бор он икд бикушоӣ, миёни мо ҷудоӣ наяфтад, валекин таъни маро ҳуш дор, (38) найзаи хатими туро кӣ гирифтааст, ки бо дастаке рӯйи дароз дорӣ. Чӯби хушке сари яке кардаву то ҳалқ фурӯ рафтаву аз миён фурӯ шуда, ки то намегирандат, берун намеоӣ[491]. Чандин бор аз хонаи ӯ гарданат мегиранду берун мекашанд, боз дарун мехезию ҳар чӣ дар ҷавби хонаи ӯ бувад, пеш аз он тарошидаву печидаву дар гӯша карда, ки агар туро барҳам[492] мекунанд, ба куштан бармеоию хунуку кабуд мешавӣ, рубоия:

Эй тег, тавонӣ ар даме бо ман буд,
Андар сари ман низ намонад ин дуд.
Бе тирагӣ нест дилат, медонам
В-он аст, ки гаштаӣ чунин хушку кабуд.

Теғи забонкашида афтода буду забонаш аз лесидан бимонд. Бигрифтаму биҷунбонидамаш, дар ростои қалам омаду забон биҷунбониду гуфт, ки: эй анги охурак[493], маро хунуку кабуд мехонӣ, ки палораки кабуди ман дар сурхрӯӣ қаттоли душманро мавти аҳмар асту адӯ азрақ бидуни арзақ. Ду-се ҳарф, ки ту ранг орию бар тахтаи ман сурат кунӣ, ман боре ранг наёраму гуна нагардонам. Он гоҳ ранг ораму гуна гардонам, ки дар хуни душманон ғалтам, валекин чун ту наям, ки пеши ҷумла халқ худро якранг менамоию мегӯӣ:

На ранг аст беш аз сиёҳӣ (39) дигар,
На баъд аз сиёҳӣ дигар ҳаст ранг[494].

Ва агар дар дасти наққоше гирифтор мешавӣ, дар соате сад найранг меорию даҳ бор гуна мегардонӣ. Пеши ҷумла халқ худро сартарошида менамоию агар дар сари ту рангомезе нест, чун меафтӣ[495], мӯйе бар сарат аз куҷо пайдо мешавад? Маълум шуд, ҳар ҷо, ки ҳастӣ, бе талвину тазвире на. Дастафзори ҷумла сияҳгарон туӣ. Бозичаи дастгирони Ҳинд маро мехонӣ, охир ҳамон тахта туро нахонанд. Чун илми ботини эшон, ки куфри мутлақ аст, муқайяд мекунию хатҳои бозгунаи эшон ба сар давон менависию дар баногӯши эшон хазида мебошию маро бо кӯдаке хокистар молиш медиҳӣ ва ин замон, ки хок бар хатти ту мерезанд, хушк меорӣ тунду бо худрӯйе чанд дар пӯсти қаламдон афтодаву худро ҷой ниҳода. Ва овози шумо бо халқ бад аст, балки дупӯст шуда, ки агар касе қаламдонро биҷунбонад, аз он ҷо, ки кордонони ту ба даволакбозӣ пӯзбандаш кардаанд, сар фуруд андохта бимонаду ҳеҷ натавонад, ки берун диҳад, валекин шумо аз сабукии худ даруни шиками ӯ овоз диҳед. Ва агар касе пӯзбандаш бикушояд, хоҳад, ки аз вай чизе ба ростӣ берун кашад, ҳама як бор аз (40) пӯст берун оянду дугони забон кашида, ба як забон бароянд. Манам, ки аз ҳар ҷо, ки маро биҷунбонад, аз қуввати зоту гаронии худ ҳеҷ овоз надиҳам ва агар хоҳанд, ки аз хобгоҳи ниём берун оям, магар он, ки дасти рост дар миён

---

[490] НЛ: сӯхтагӣ дар сувайдои ӯ чун най дудангез.

[491] НЛ: наметавонӣ омад.

[492] НЛ: бараҳна.

[493] НЛ: рангомезак.

[494] МИ: ин байтро надорад.

[495] НЛ: пеши наққошон меафтӣ.

оранд, ки туро бар сар хоҳам кашиду забардасти ҳама хоҳам нишонид. Он ғоҳ пой берун ниҳам, вақте бошад, ки зӯр кунам, ҳеҷ берун наёям. Ту шикаставу бастаро[496] бо ман чи нисбат барад. Ҳам дар найистони худ растахезе бикун, то рӯзи ҳисоб ояду бар ман, ки асҳоби яминам, чизе менавис, рубоӣ:

Ман теғаму ҳар сӯ, ки бароям, фароҳам
В-андар ҳама маънӣ, эй қалам, аз ту беҳам.
З-ин сон, ки ба дасти рост қувват дорам,
Дар пеши худат рост ситодан надиҳам.

Ҳоле, ки теғ биёромид, чун дар миён чизе набуд, забон дар кашид. Қаламро дар гирифт кардаму гуфтам, ки: эй дерхазаку[497] шабравак, ҳар чӣ теғ бар сари ту метарошад, ҳама аз ростӣ сар бармезанад. Агар асҳоби теғ зӯр оваранд, туро бишкананд. Ман агарчи ҷониби туам, қуввати он надорам, ки теғро бишканам. Қалам, ки бар тахтаи теғ ба ду ҳарфии муқаттаот машғул мебуд, агарчи аз ронданҳои ман шикастагӣ дошт, маъа ҳозо, аксар худро ба нақше берун мебурд. Дар зери ҳар ҳарфе ҷарре мекарду дар ҳаракати ҷарр ташдиде (41) меронд, ҳам дар ташдид бихандиду дандонҳо бинмуд. Ба сӯйи худ фурӯ медиду маро мегуфт, ки: Хусрав, кори маро бо он рими оҳан қиёс мекунӣ, ки дар ифшои кунузи ғайб бо малик сухан мегӯям, *ло туқосу-л-малоикату би-л-ҳадиди*. Бар ту мебояд, ки даст аз сари ман нагирӣ. Ҷавоби теғ бар сари ман навис, сари ман бубин чи ҳамлаҳо мекунам. Чун аз қалам ин қадар истод дидам, бар сари теғаш бурдам. Бар калимаш, ки теғ ин доғбача биниҳад, гуфт: эй беҳунар, маро ба санъати наққошӣ гуна-гуна айб мекунӣ, ки аз ночизе сурати ҷонваре мекунаму худ, ки сурати ҷонвареро ночиз мекунию онро ҳунар мешиндорӣ, назм:

Ман ар шингарф бандам[498] нақши мардум, муҷримам хонӣ,
Ту хун аз нақши мардум баркушоию ҳунар донӣ.

Ту, боре, чи мегӯӣ, ки сад раҳ аз ҷониби ғирону раҳзанон бармеоию роҳи мусалмонон қатъ мекунию халқеро маҷрӯҳ мегардонӣ ва ман, ки барои маслаҳате бар қиссаи гирон[499] воқиф мешаваму нақши эшонро фурӯ боло мекунам, рақами куфр бар носияи ман мекашӣ. Агар ман хатти гирон менависам, барои онрост, ки бар илми эшонам вуқуфе бошаду ҳуҷҷатҳои қатъӣ аз тарафи ислом ба пардохт расонам, ки агар ман бар он илм воқиф набошам, хатти дуруст бар вароқи эшон натавонам кашиду туро бар сари эшон натавонам гумошт, (42) ки бурҳони қотеънамои эшонро ҷарҳ кунӣ. Ва агар дар қаламдон миёни растаи ростон, ки гиреҳ баста якҷо шудаанд даргунҷидаам, туро он ҷо чи гунҷоиши забон, ки дар ман гармӣ бошад. Ҳар ғаҳ дар дарунаи ӯ чунон гунҷам, ки дар шикамаш дарраваму пой дароз кунаму маро бо достоне, ки даруни дили ӯянд, маҳалли пойдарозӣ бошад, валекин ту дар миёни худ фурӯ раву бубин, ки бо худ ҳам кажию дар хонаи худ ҳам каж дармеравӣ ва ин масал рост аст, ки гуфтаанд, мисраъ: теғи кажро ниёми каж бояд сохт, рубоия:

Эй теғ, к-ат аз кажӣ сар афрохтаанд,
Бо ростии манат дарандохтаанд.
Ман каж нашавам, ки рост рустам дар асл,
Ту рост нагардӣ, ки кажат сохтаанд.

Бад-ин сиёқ қалам дар сари шарҳ буду теғ дар банди ҷарҳу ҳар чӣ қалам соил мешуд, теғ ҷавоб медод. Ногоҳ қалам сар сӯйи давот бурд, теғ фурсат ёфт. Рӯй ба ман кард, ки: Хусрав, охир ту туркию гавҳари сайфӣ, маро дастгирӣ кун, ки қуввати ман аз бозуи [атрок аст. Ҷавобаш додам: ман, ки турк][500] ҳастам, валекин сурате беш наям, ки кори ман ҷуз бо қалам сурат набандад. Қалам маро ба даст аст, чунонки то ман даст бар пушташ назанам, омадушуде намекунад, аммо бар ту ҳеҷ дасте надорам, (43) валекин махдуме дорам, ки ҳам сайфисту ҳам қаламӣ, назм:

---

[496] НЛ: ва баста найи безӯрро.
[497] НЛ: дурраи хараку.
[498] НЛ: созам; ва дар мисраи дуюм ба ҷойи калимаи "ҳунар" вожаи "ғазо" омадааст.
[499] МИ: габрон.
[500] Аз НЛ оварда шуд.

Мар ӯрост дар разм дасте тамом,
Бад-он оҳанинтан ғалат нест ном.

Сайфӣ ба ҳаддест, ки ба захми теғ кӯҳро қалам кунаду гуҳараш барад ва қалам ба масобате, ки аз нӯги қалам мӯй бишкофад. Туро бахри чи гӯй ба хидмати эшон даст дар мешавад, ки ӯ сайф асту ман таҳамтани мулк[501]. Мулки ӯ дар мушти ман асту онҷунон нест, ки шумо ҳам намедонеду бар он ҳар ду ягона дасте тамом надоред. Агар ҳар ду мухолиф муттафиқ шавед, ман, ки мисқалаи поки гавҳаронам, аз рӯйи сафо он сайфро рӯшан кунам, то сурати инъикоси шуморо ба ваҷҳи сидқ ҷунон бинмояд, ки беҳ аз он сурат натавонад кард. Теғ аз он ҷо, ки сафои ӯст, ин хаёлро дар дил нақш баст, валекин аз тарафи қалам ҳанӯз муҳаққақ набуд, гулӯгираш кардам, то сар даровард.

Алқисса, ҷун ин арзадошт бар он сайфи соҳибқалам расид, он ҳар ду ҳарифро пеши худ талаб карду ҳар ду ҳарфе доранд, ки бо якдигар бознамехонанд, пеш хоҳанд овард. Ҳарфи теғ некӯ рӯшан кардан фармояду зангори ӯро ба сайқали сафо зад, дӯстӣ дар кори ӯ кард, то забон бар худ нигоҳ дораду хидмати қалам ба хинҷор кунаду нақши қалам низ сар то пой фурӯ хонаду забони олудаи ӯро ҳам пок гардонад, то ҳарфе ба ғайри маҳал берун надиҳаду (44) номаи худ сиёҳ накунад. Донам, ки миёни он ҳар ду бузург ба забони гавҳарин ба қатъ хоҳад расонид. Хатҳое, ки дар ин ариза[502] аз лагзиши қалам рафта бошад, ҳам худ ҳак фармуд. Дуъо-ал-мақтаъ камо ястур:

*دامَ الثّناءُ عَلَیکَ مِن قلَمِ الوری    ما دامَ جابَ السَّیفُ اَعناقَ اعدی

Ҳамвора дар миёни асҳоби илму алам соҳиб-ус-сайф ва-л-қалам бод[503]. Омин!

**Ҳарфи севум** дар барбастҳое, ки тааллуқ ба аслиҳа дорад: **руқъа дар камону нисбат ҳам аз он**. То камони чарх дар қабзаи муштариёни бобаҳосту муштарии чархро дар хона камони нобаҳо, камони тамкину зеҳи таҳсин барбастаи мушти машияти он дастгоҳ баланд бод. Мухлиси хос Хусрави камонқоматро бо қомати хидмат, бо кашиши дарунӣ хам медиду ба гӯшҳои муборак мерасонид, ки пеш аз ин чандин ба ҷиҳати кашидани камон ба хидмат лозим доштааму ваъда, ки лозими камон бувад, бурида кардаву онро дар мушти хеш пиндошта, валекин ба кашмакаши ишва дар кашокаши интизори меҳнат дароз мекашад. Ман, ки дар пешаи забоноварӣ тешаи тезам, ҳеҷ тарош наметавонам карду сӯҳони кор ба ман дар намегирад. Сухан ба ман аст, теғи забонам аз дандонҳо арра шавад. Маъа ҳозо, буридан дар миён нест. Ман, ки дар пайи (45) кашидани камони наям, валекин дилам кашад[504]. Зиҳӣ, камон, ки нодида зеҳаш мекашаму нодидавор дидамӣ[505] менамоям. Зиҳӣ, дида, ки камон наменамояду зеҳи дида мешавад. Агар сифати ин зеҳи дидаву камони нодидаро гиреҳ бозкушоям, сухан шох дар шох равад. Камоне, ки надодаи дастгират гардон:

Гуфтӣ, ба ёдгор камоне диҳам туро,
Нододани камони туам ёдгор монд.

Алғараз, худро аз барои он камон қурбон кардааму овехта мондаву таркаш наметавонам гирифт. Тавқиъ он, ки камони ваъдаро ба ҷошнии сидқ пешкаш кунаду паскаш надиҳад. Агарчи муштарии камони пешкаш паскаш бошад, камон ҳар чӣ нек аст[506], бифиристаду хушк орад. Бо он ки аз ҷинси ёдгор хоҳад дод, ҷунон надиҳад, ки ёдгор бимонад. Камоне мебояд, ки устоди расанда бо чандон илм дар дасторагӣ аз сар биниҳад. Ин маънӣ гӯша нани҇ҳаду зоғпо назанаду бад-ин кушоде чанд, ки барбаст карда шуд, карамро атобаки чашм созаду ҳамвора камони мавлавӣ дар қоби қавсайн хонагир бод. Омин!

**Руқъа дар тиру ҳамон нисбати тир** бубин. То тири номакаш дар равиш яксар пойи пайкон дораду пайкон, ки яксар тир дар гардани ӯст, (46) дасти неки Худованду бародар тоҷ-уд-давла ва-д-дин Исмоил, ки душмани қурбон камони ӯсту ду ангушташ дар

---

[501] НЛ: ва ман килк.
[502] НЛ: арзадошт.
[503] МИ: сафо.
[504] НЛ: мекашад.
[505] НЛ: нодида аз зеҳи дидагӣ.
[506] НЛ: ҳар чӣ сабуктар.

ҳунар асту бар сари ҳар ангуште шаш ҳазор саҳм-ул-ғайби футӯҳ кушода боду душманонро саҳми ғайб дар дил ба ростию дурустӣ Саъди Ваққос. Банда Хусрав, ки тири чарх асту аз қувваи бозуи он рустамваш мепараду аз ғояти кашиш дар ҳавои ҳавохоҳӣ беқарор монда, аз дур чун тир аз ҳавое сар бар замин мениҳад. Ғараз он, ки хидматгорро бартар ба резхонаи маликзодаи росттабъ Тоҷуддини Чаҳҷуткинтош[507], айяда-л-Лоҳу ядаҳу бисаҳми-с-саъодати, ки бурҷи қавс тиркаши хонаи ӯст, гузаронаи гузар афтода, ба кашишу ба кӯшиш тири рост истода буду бо ҳамнишинон кушоде мекарду ҳар чӣ, ки тир дар шаст мекашид, аз даҳони суфора зеҳ дар гӯшҳош мерасад: зиҳӣ тиру, зиҳӣ шасту зиҳӣ зеҳ. Дар вақти кушоди худ суфор даҳонбоз мемонаду тир аз даст мешуду ҷаҳон[508] мегирифту аз назар гоиб мегашт, чунонки чашм бад-ӯ намерасиду ман мегуфтам, назм:

З-он чашм намерасад ба тират, ки Худой
Аз чашм расиданаш нигаҳ медорад.

Агар партоб аз он шасти (47) саҳмнок мекушод, гираҳи тираш пардаи атласи малик-ул-куфр мекарду[509] нишонаро аз он атлас пайванде медоду ба вақташ аз тангаи офтоб динор сар мешуд ва ҳангоми он, ки чун тири бодпой бар замин мениҳод, гунбад мекард, балки гард аз замин бармеовард. Агар тиркирдор аз он бозуи бозукашаш дароз медод, аз кулоҳ ҳадаф тири [раҳ месохт. Некӯ тире, ки чун бикшояд, аз ҳар сӯ зеҳ хезад. Оре,][510] он тир ба бозуи кас нест, балки бахшиши ғайб асту аз яди қудрат кушод ёфта, ва мо рамайту из рамайту ва локинна-л-Лоҳа рамо. Дар ин миён мани банда худро ба чошнӣ ниҳодаму беш рафту ин ҳар ду байтро бар коғази ғараз арз кард, ки, рубоӣ:

Чун тир дарорӣ ба камон ҳар най ғарқ,
Обест камон, ки най кунӣ дар вай ғарқ.
Ту соҳирӣ андар кашиши тир, оре,
К-аз сеҳр бувад дар об кардан най ғарқ.

Аз гӯшаи чашм, чунонки аз тир каз бинанд, рост дид[511]. Худро чун тир хидмате пешкаш кардаму тири қоматро хам додам:

Танам аз он хами хидмат бузурге шуд рост[512],
Чу тири каж, ки агар хам диҳӣ, рост шавад.

Латифа дар миён андохт, ки дар кеши шумо тир (48) наяндозанд. Ман низ пеш хазидаму чобукӣ якандоз кардам, байт:

Камон гирифтани ман пеши гунбади тират
Ҳадиси рости камонпою гунбади тир аст[513].

Ман дар аснои ин сано будам, ки як даст тири чӯбин бар намунаи кофар, валекин ба бедин аз кеши кофар берун оварду ба дасти хеш бигардонид. Аз он ҷо ки ростирост, аз амали дасти ӯ сари он ангушт сари он тир кардам. Мехостам, ки ҳама тан сар гардаму сари он тир гардам. Ҳолӣ дар саргардонии ин тир байт гуфтам, рубоия:

Мегардонӣ чунон тани лоғари тир,
К-аз гардиши чарх мебирезад пари тир.
Он тир надонӣ, ки ту мегардонӣ,
К-аз ҳайрати даст мебигардад сари тир.

Ба нӯки мижа ишорат кард, ки ин тир қабул меафтад. Гуфтам: ба дида. Ба дасти ман дод, ки ин тарошидаи ман асту тароши ту бошад, магар аз ҷиҳати ғазои ислому газои куффор дастгирӣ тавонад карду аз ин бегона[514] бегонагонро ба ягонагӣ қарор диҳию ба дугона дарорӣ. Бистудаму ба дида ниҳодам, мехостам, ки аз дида ҳам бигузаронам, дастам

---

[507] МИ: Чаҳҷуткинтош Ойдаш.
[508] НЛ: ҷони ҷаҳон.
[509] НЛ: атласи фалакро каз мекарду.
[510] Аз НЛ ва МИ оварда шуд.
[511] НЛ: рост дар ман дид.
[512] НЛ: танам аз он қади хидмат ба бандагӣ шуд рост.
[513] НЛ: Камон гирифтани ман пеши гунбади тират Ҳадиси рости камон бо адӯ кунад сират.
[514] НЛ: сагонаи бегонагон.

бигирифту гуфт: ҳай, ҳай. Гуфтам: борҳо ин тир дар дили ман бигзаштаасту ҳам дар *дил*[515] нигоҳ доштаам, роз (49) берун надодаву ман куштаву мурдаи ин тираму гуфти ту ҳам гувоҳи шаҳидии ман аст, *ва кафо би-л-Лоҳи шаҳидан*. Акнун фармон чист: дар дил-ш нигоҳ дорам ё дар дида? Ҷавоб гуфт:

Эй дӯст, зи дидаву дили худ бигузар,
К-ин аз дилу зи дидаи душман гузарад.

Аҳсант, эй тири рост, чун море, ки аз казаш сохтаанду пайконаш гӯӣ аз даҳони мор берун омадааст:

Не, не, ғалатам, ки шакли пайкони зараш
Чун шуълаи оташин буд андар сари чӯб.

Ҳама чӯбаш рагдору рагаш аз онҳо, ки ҷуз ба хуни душман пур нашаваду андомаш ҳама аз забони корд лесида шудаву он ҳама лесидагӣ мояи ширин не. Субҳона-л-Лоҳ, чӯб буд ё набот, ё худ чӯби наботи ширин. Наботе, ки аз шиша берун ояд, валекин ба қандил дарун равад. Бингар, ки дар тароши ӯ чи печиданиҳо буда бошад: суфораш пиндорӣ, ки даҳон боз карда, роҳи фатҳ металабад. Нақши он айни дол, балки ҳам айну ҳам дол. Айнаш тамом сари адӯро би-л-айн қатъ кардаву долаш низ дили душман дар қалам оварда, байт:

Шод бош, эй даҳони он сӯфор,
Ки набуд дар даҳонаш ҷойи сухан.

Ва пайванд бар сараш (50) бар чӯб чун васли аслӣ бар пари бозуи каргас, валекин ончунон пар бар бозуи каргас ҳам натавонад буд. Дар латофати он пар чун назар кардаму гумон бурдам, ки бихоҳад париду дар чашм дар хоҳад рафт, назм:

Ҳамчунин гӯянд каргасро бувад бисёрумр
В-он пари каргас, ки кас дар тир восил мекунад.
Меситонад умри халқ он бурмаву донӣ, ки чист?
Баъди мурдан тир, яъне умр ҳосил мекунад.

Чашми маро ҳеҷ тире боре чунон дида нашудааст, магар тири хастаи хурмо, ки санъати пухтаи дасти бароварӣ онро бароварда буд. Тир аз барои он созанд, ки касеро хаста кунанд. Он ширин дасти чандин хастаро якҷо карда буду тире сохта: турфа нахле буд он, к-аз мум натвон сохтан.

Илтимос[516] он, ки ҳамдасти ягона рост карда, ки ҳар панҷаи хеш, ки Миррих дар ҳунар бикшоянд, агарчи панҷ ангушт дар ҳунар яксон набошанд, бифиристанд, то ҷуфти он тоқ шавад. Чунон мебояд кард, ки дар ширинӣ бичарбад. Бад-ин кушод остини сарпӯшида ҳама[517] дар маъракаи амонат бастан шаст кушодани тири қодирдаст бод. Омин!

**Дар корд ин аризаву ҳам з-он ҳудуд нисбат**. (51) Ҳамвора Зулфиқори зоти он гавҳари *ано бана-с-сайфа*ро аз дастаи *яд-ул-Лоҳ*у қабзаи *асобиъ-ур-Раҳмон* эътизод бод. Банда Хусрав, ки дар маноқиби хос аз ҳиддати табъ қитъаҳои беҳад сохтааст, магар бандагӣ дар миён устувор мебандаду рӯйи заминро ба теғи бинӣ тақтеъ мекунаду барбасти аризаро ба дастёрии дастуре боз мекушояд, ки дина рӯз Мавлоно Ҳисомуддин омаду аз он кафи гавҳармавҷ, ки дарёест кизликӣ чун қатраи об оварду ба соили он дарё равон кард. Зиҳӣ, қатраи обе, ки аз ғояти латофат гӯи бихоҳад чакид, назм:

З-ӯ нашӯям то тавонам дастро,
З-он ки обе қатра з-абри дасти туст[518].

Дар[519] ниём буду гавҳараш дар миён, ниёмаш музаҳҳабу миёнаш муҳаззаб, берунаш мутаҷалливу дарунаш мунҷалӣ, назм:

Бе ҳиҷобе оби ӯ бинмуд аз зери ниём,
Чун майи рӯшан, ки андар шишаи софе бувад.

---

[515] НЛ: дарун.
[516] НЛ: агарчи илтимос.
[517] НЛ: ҳамвора.
[518] НЛ: ин байт ба сурати зерин омадааст:
З-ӯ нашӯям то тавонам даст, з-онк Қатраи обе зи абри дасти туст.
[519] НЛ: зараш дар.

Ҳоле, ки аз курбати қуробаш холӣ кардам, пиндоштам, ки забонаи оташ аз даҳонаи чӯб шуъла берун дод ва ё барги бед аз миёни бед забон кашид. Сифати сафвати он оби софӣ ба масобате дувад, ки:

Гавҳар дар ӯ намуда шуд аз ғояти сафо,
Чун сангреза дар таҳи об аз сафои об.

(52) Алҳақ, обаш гӯӣ бирехтаанд, валекин на он обе, ки бирезад, байт:

Нишони лутф набошад дар оби рехтагӣ,
Ала-л-хусус дар обе, ки он ба теғ бувад.

Чун[520] офтоб мерафт, гуфтам: магар аз чархаш фуруд овардаанд. Хостам, то ангушт бар ҳарфи ӯ ниҳам, бим буд, ки дастам қалам шавад, назм:

Гуфт: зиҳӣ, як сифат аз тезияш,
Гашт тарошида забонам аз ӯ.
Корд бувад баҳри буридан, валек
Ман набурам, то битавонам аз ӯ.

Гоҳ[521] дар банди чунин казлике будаму ҳар кас ваъдаи қатъӣ карданду ҳеҷ барнабастаму тиреғбар санг назадам, балки дар сероби хиссат[522] задам, то аз ёдгорхонаи маҳдумӣ фиристода бар он расиду он қитъаи алмосро бад-ин сартез расонида, ҳабл-ул-матини эътиқод бар нитоқи истизҳораш таълиқ кардаму тарфи мутарраф[523] гардонидам. Боре, килки нотарошидаи котиброр тароше ба даст афтод:

Аз вай ба қалам дароварам гоҳи тарош
Чандон гавҳар, ки дар қалам дар н-ояд.

Хитобе чанд[524] бар сафҳаи инбисот сабт афтод, ба сакини суфаҳ ҳак кардан фармояд. Санои бемақтаъу бақои номунқатиъ бод. Омин!

**Хатти дувум** дар нисбати танҷиму обои улвӣ, муштамил бар (53) ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар тақвими дақоиқи нуҷум, **ҳарфи дувум** дар баёни обои улвӣ, мисраъ: мисроъ барои фарқ некӯ.

**Ҳарфи аввал** дар тақвими дақоиқи нуҷум. **Нома сӯйи Наҷму нисбат аз нуҷум**. То анҷумани анҷум дар шумори тақвими афлоку кавкабаи кавокиб дар ҳисоби тахтаи хок бошад, анҷуми кавкабаи суъуду анҷумани кавокиби масъуд аз матолеъи ҷабҳаи маймуну таволеъи талъати ҳумоюни худованду бародарам ашраф-ул-аном, комил-ул-айём, наҷм-ул-миллат ва-д-дин, шамси дараҷат-уд-дақоиқ, бадри манозил-ул-камол, нури ҳадиқат-ул-хилофат, сироҷи муқлат-ул-мақол фи-л-ғудуд-ил-исол толеъу ломеъ бод. Аз ҳазизи вуболу кусуфи заволи буруҷ мунқалибу сипеҳри сиқол дар исмати Зу-л-ҷалол, *би-н-набийи-л-маъсум ва асҳобиҳи ка-н-нуҷум*.

Дӯстдори ягона Хусрави Султонӣ, ки девонаи он ҳилоли арабиззат асту ғурраи ишраи муборак чун шуъои меҳр рӯйи сано бар замини тавозӯъ месояду чун сайёроти сипеҳр чашми дуо дар осмони тазарруъ мекушояд. Ва он ройи анварро, ки ба амароти зангории самовот рӯёрӯй баробарӣ мекунад, мусаввар мегардонад, ки аз ин тараф партави инояти ло язолию маёмини ҳиммати олии он бирҷиси маолӣ анвори рутбат аз уфуқи тафаввуқ муталаълӣ ва осори зинат дар ҷабҳаи баҳҷат мутаволӣ асту худованди малики мулук-уш-шарқ, аркон[525]-(54)ул-мамолик, ихтиёр-ул-ҳақ ва-д-дин, маликсимо, сумувкайвон, улубаҳром, кини меҳри тамкин, моҳлиқо, муштарибаҳо, зуҳразамир, тиртадбир Алибеки Султониро, Аллоҳу юдарриҷуҳу-с-суъуд ва шаррафаҳу ъало мадориҷи-с-суъуд, аз авҷи иртифоъ ба чашми саодат дар кори банда нозир, валекин дили банда, ки аз тофтагии офтоби фироқ аз ҳавои дӯстон зара-зара шудааст: на дар осмон асту не дар замин:

Зи офтоби ҳавои ту зарра-зарра шудам,
На дар заминаму не дар осмон, чӣ кунам?

---

[520] НЛ: азбаски чун.
[521] НЛ: чандин гоҳ.
[522] НЛ: зери об хишт.
[523] НЛ: бад-ин турфа.
[524] НЛ: ки даршояд.
[525] НЛ: ва қутби аркони.

Ва дар тасаввури он муҳовараи рӯҳомезу ба хаёли он муҳовараи рӯҳангез ҳар шаб бар дида моҳе гузараду ҳар рӯз бар дил умре, назм:

То дар дили ман хаёли обат[526] бигузашт,
Ҳар рӯз маҳе мегузарад бар дили ман.

Мунаввари нуру нору муқаддари савобиту сайёр ин қирони саодатро муқорини мусоадат гардонод, *ва аннаҳу муҷибу-д-даъавот ва муфаттиҳу абвоба-с-само*. Ҳозо боб, муқрии замири[527] мунир гардад, ки андар он чи султони Машриқ Носир-уд-дин ва-д-дунё, насараҳу-л-Лоҳу фӣ-д-дини ва-д-дунё, аз мақоми маҳмуд чун Наййири аъзам бар замми кишваркушой теғзанон роҳ қатъ карду ба иқтоъи Авдаҳ даррасиду ҳилолро беш дар оби сард чун моҳ аз бурҷи саратон рӯй намуд, маснавӣ: (55)

Пуршаҳоб аз найза шуд чархи барин,
Пурсамоки ромиҳ атрофи замин.
Моҳи нав, к-аз ҳар алам гашт ошкор,
То ҳаде сирӯза н-ояд дар шумор.

Ва аз ин ҷониб сояи инояти парвардигори ҷаҳонгири Машриқу Мағриб муъизз-уд-дунё ва-д-дин, Кайқубоди гардуни рахш, Фаридуни иклилбахше, ки *азҳар мин-аш-шамс* аст, *ҳаддада-л-Лоҳу ҳаддаҳу ва айяда биаёдиҳи ядаҳу* чатри хуршедтоби зилли илоҳиро ҳам бар лаби оби мазкур чун офтоб дар хона моҳе мустақим гардонид:

Он чи лашкар бувад, к-аз ҷунбиданаш
Зилзила дар чор аркон дар гирифт.
[Ларзаи байрақ зи банди найзаҳо
Гӯй оташ дар найистон дар гирифт.][528]
Пой дар гил монд хунук осмон
Гард, к-андар чархи гардон дар гирифт.

Рӯзи аввал ин баҳри зохир ба ваҷҳи таваҷҷуҳ агарчи оинаи об дар миён буд, мувоҷеҳ намуданд, *мараҷа-л-баҳрайни ялтақиён байнаҳумо барзахун ло ябғиён*. Рӯзи дигар қирони саъдайну иҷтимоъи наййирайн гардиши давронро арзонӣ доштанду бурҳони ҷамъ-уш-шамс ва-л-қамар бар оламиён мубарҳану мубайян гардониданд. Шубҳа нест, ки ба воситаи мубоянати байнаҳумо дидор қиёмате афтода буду қиёмат ин буд, ки рӯъяти охират ҳам билақияти уло дар ҳисоб омад. Магар явм-ун-нушур буд, ки он ду осмони рифъат ояти *иза-л-кавокибунтасарат* ба ақломи ҷорияи мушрикон (56) бар сафаҳоту ҷинот менигоштанду ҷумҳури халоиқ бад-ин боиса дар он маҳшар ҳашр карда, дар он арасот мегаштанд. Ногоҳ зоти мунаввари Шамсуддини дабир, наввара-л-Лоҳу ило явми-д-дин, чун офтоби қиёмат бар сари ин зарра омад: талаъати-ш-Шамсу кашамси-т-талъат. Аз гармии он меҳр бисӯхтаму[529] хунам аз ҳарорати дарунӣ берун ҷӯшид. Аз ғояти иҳтироқ тоқати он надоштам, ки сӯйи ӯ бинам[530], маъа ҳозо чашм ба ҷамолаш тез кардаму об дар чашми ман бигашт, назм:

Об дар чашм бигардад чун бубинӣ хуршед,
Хоса хуршеде, к-аш хона бувад андар чашм.

Дидам, ки аз уфунати ҳавои Ҳиндустон он чашмҳо бар оби[531] худ намонда буд, балки офтоби зарде монда. Маро бидиду аз ҷойи худ бирафт, ба ҳилаи бисёр ба ҷояш овардам. Лахте ба шикоят аз даврони рӯзгор дар миён овард, ки шеваи обои улвию уммаҳоти суфлӣ он аст, ки абнои ҷинсу ихвони инсро чун баноти наъш аз ҳамдигар мутафарриқу мутағарриқ медорад. Қадре аз қадри иқтидори хеш ба забони ҳолро ба лисон-ул-мақол ба либосе ҳар чӣ пӯшидатар кашф мекард, ки дараҷа аз он чи буд, ҳолитар шуда буду аз баромади давлати хеш аш-шамсу (57) ло яхфӣ фӣ кулли макон гашта, рафаъаҳу-л-Лоҳу фӣ

---

[526] НЛ: он маҳ.
[527] НЛ: ва он замир.
[528] Ин байт аз НЛ ва МИ оварда шуд.
[529] НЛ: бар худ бисӯхтаму.
[530] НЛ: тавонам дид.
[531] МИ: ҳавои.

машориқи-л-арзи ва мағорибиҳо ҳар як аз асҳобро ёдкарде ала-л-умум мекард, ала-л-хусус он наҷми соқибро:

Ба гиря гуфт, ки омад басе ситора ба чашм,
Басе сайёра, ки маро бояд, он ба чашм наёмад[532].

Он рӯз ба вақти ғуруб ба мақоми хеш бозгашт. Рӯзи дигар ба ҳавои Асируддин Муҳаммад, ҳамида осоруҳу, азбаски асири ҳиркат дар ботини ин сӯхта зоҳир шуда буд, хештанро дар об задаму гузаронаи азми гузаро кардам. Ҳоле, ки ин хокӣ аз об бигзашту саросемавор дар ҳавои асири муаллақ байна-с-самои ва-л-арз мерафт, то ба асир расид. Чун бад-он муҳит оташ гарм гашт, ҳангоми намози хуфтан буд, ба тааҷҷуб мегуфт, назм:

Ин тӯй ё ба хоб мебинам,
Ки ба шаб офтоб мебинам.

Шаборӯзӣ ба дидори он азиз шабро ба рӯзу рӯзро ба шаб оварда шуд:

Хуҷаста рӯзе, к-ояд ба шаб бар вай азизон,
Пас аз ҳазор шабу сад ҳазор рӯзи ҷудоӣ.

Алгараз, рӯзи савум ҳам аз бомдод малик-ул-офоқ Шамсуддин азимати киштӣ карду банда Хусрав, ки қоиммақоми тир аст, дар он киштӣ бо қомати бандагӣ рост биистод, назм:

Кард бар чашмам хаёли ёри ман киштӣ равон,
Офтобе буд, к-он бар рӯйи дарё мегузашт.

(58) Шак нест, ки он зоти ҷайҳунмавҷ аз баҳр болотар буд ва балки аз баҳр мегузашту баҳрро, ки хироҷгузори худи ӯст, аз вуҷуди ӯ ибра ба ҳосил меомад. Фи-л-ҳосил, наздики Ҷавтараи тобишӣ, ки дар рифъат сар ба фулки фалак мерасонад, бирасиду пурсид, то киштиро бар он об бар канори умеди ошноён биистонид, то магар ошное бар рӯйи об ояд, ки ошноии гузашта бар оби хеш боз орад. Бештарӣ рондани киштӣ аз барои он наҷми уло буд. Чун замоне баромаду баъд аз замоне чун ситораи мақсуд барнаёмад, мегуфт:

Чигуна ронам киштӣ, ситора пайдо нест,
Магар ситора ниҳон шуд дар абри дидаи ман.

Аз ҳангоми тулӯъи офтоб то заволи наҳор бар каронаи наҳр он мардуми дидаро чашм медошту аз кавокиби мурод аксе ҳам дар об намедид, мисроъ: оре, натавон ситора дидан дар рӯз. Бар рӯйи ман борика аз меҳр бо риққати тамом рӯшан мекарду дар муоянаи ин суруд муғанния мегуфт, назм:

Ман, ки шамсам, ҳама тан меҳр шудам аз сари сӯз
В-аз ман он дӯст ниҳон монда чу сайёра зи меҳр.

Баъд аз интизори бисёр бандаро видоъ карду оят-ал-ауди хайр бархонду девони хос, ки назмаш аз насруҳу ва Шиъро (59) сухан мегӯяд, ёдгор ба котиб супурду худ ба мақарри давлат хиромиду нодидани он ғарибро[533] бар тақдири ъалим[534] ҳавола кард *ва-ш-шамсу таҷрӣ лимустақарри-л-лаҳо золика тақдир-ул-ъазиз-ил-ъалим*.. Банда бо қалби таскину қалби бе сукун аз он мисоқ ба висоқ омад[535]:

Ас-сабру* фало ядуму локин,
Фӣ-л-қалби мавaддатун...

Тамомати рӯз дар ин таҳайюр мебудам, ки: ё Раб, агар дар маҷлиси шамсӣ он наҷми уло ба чашм омадӣ, нуран ало нур будӣ. Рӯзи дигар бадри мунир мамлакатро аз ҳазизи Машриқ ба авҷи иртифоъ риҷъат афтодаву моҳи иъломи аъло бар симати дор-ул-мулк ҷалоли манзалат ба манзил бар тариқе сариъ-ус-сайр гашт, ки дар ҳеч манзил бо он наҷм муқобалаи саодат муяссар нагашт, ки сӯхтагии шамсу асири дида бар рӯйи об овардӣ, назм:

Сӯзе, ки ба сина дорам, охир рӯзе
Дар хидмати ту ба рӯйи об орад чашм.

---

[532] Ҳудуди байт дар МИ ва ДТ муайян нашудааст.
[533] НЛ: азизро.
[534] НЛ: Худои ъалим.
[535] НЛ: шеър: Ас-сабру фало ядуму локин,  Фӣ-л-қалби видодуҳу тадуму.

Ҳам дар аснои роҳи маҳдум банда ба манзалати иқтоъи Авдаҳ шарафи дастбӯсӣ ёфт. Банда, ки чун Уторид дар шуои ин офтоб аст, натавонист, ки ба хонаи хеш роҷиъ шавад, зарурат ба истиқомати он тараф ризо дод. Малики бемисол ба[536] мувофақати рикоби фарқадфарсои аъло минтақаи Ҷавзо бар миён басту дар зилли залили ҳумои ҳумоюнчатр, ки насри (60) тоир соянишини ӯст, таярон намуду бандаро, ки[537] ҳадиқаи ҳадоқат аст, бозгардонид. Ишоратро ройи мухтори ихтиёрӣ аз иттисолоти кавкабаи асҳоби лашкар нақли зарурӣ ихтиёре афтоду ба зулмати Ҳиндустон, ки иқлими Зуҳал аст, ҳубут карда шуд. Мавсими борон буду чашмаи хуршед бо саратон ба ошноӣ даромаду саратони мунқалиб обӣ гашта, дар ъайни борону борони ъайн чун оби сар ба ҷониби Авдаҳ равон карда омад:

Абр мебораду ман мешавам аз ёр ҷудо,
Чун кунам, дил ба чунин вақт зи диллор ҷудо?!
Абри борону ману ёр ситода ба видоъ,
Ман ҷудо гирякунон, абр ҷудо, ёр ҷудо.

Борон ояти *ва анзално мина-с-самои моан* ба бонги баланд мехонаду бод возеҳ *фиҳо ъайнун ҷория* бар саҳифаи сафҳаи оби мусалсали равон равон нақш мекарду сабза ба хатти хеш[538] тафсири *лияхруҷа биҳи ҳаббан ва наботан* бар тахтаи хок сабт мефармуду об перомуни хатти мусалсали сабза ҷадвали *таҷрӣ мин таҳтиҳа-л-анҳор* мекашид, назм:

Бо чандон об дар саводи бустон
Тар гашт хатти сабза, вале пок нашуд[539].

Мардуми чашм аз шарҳи фироқи дӯстон рашҳе таровиду абр чун ҳавохоҳон мегирист, пойи маркабам дар оби чашмҳо мелағзид(61)у барқ чун масхарагон механдид, назм:

Чигуна барқ нахандида, з-эй[540] сангандоз,
Ҳубоби шишагариро кушода карда дукон.

Тақотури қатарот аз ибороти ман иборате менамуду бурқаи барқ аз иҳтироқи ман ҳиркате, шеър[541]:

*العَينُ غَيَّرَ حَالَ عَينِى بِالحَيا فَدَ عَمتُ عَيناً خَفّنَ عَينِى بِالنَّدا
وَ البَرقُ مُحتَرِقٌ مِن قَلبِى حَكَا اَحرَقَتْ بَينَ المَاءِ حَرقاً مِن بَكَا

То бад-ин тариқ ин хароб ба маъмураи Авдаҳ омад, то ин қиссаи ғуссаро бад-он ҷониби рафиъ рафъ кард, ва фи-л-ғуррати мин шаҳри раҷаби-л-мураҷҷаб, ъаззама-л-Лоҳу тарҳибаҳу. Санату сабъа ва самонина ва ситтумиа.

Интизори қатраи давоири[542] давон он, ки қалами шаҳобсайрро ба маҷории аҳвол ҷорӣ дораду ахбори мутавотирро, ки муҷиби илми қатъист, чун китобе, ки аз бод[543] ояд, фуруд фиристаду аз дараҷаи муҳаббат дақиқа фурӯ нагузорад. Мадориҷи иртифоъ ба атабаи улё мундариҷ бод. Омин!

**Таслимот**. Маҳдумону бародарон, ки аҳлаи ҳолаи аҳлияту дарозии даври дироятанд, наҷм-ул-ихвон, из-уд-дин ва из-ул-ансор Насируддин маъа абноиҳим, насараҳуму-л-Лоҳу биғурабоиҳим ва ъало ҷаддиҳим, саломе хидмату хидмате салом ба хизонаи қабул мақбул гардонанд. Хусусан, Хоҷа Азизуддин, ки нури (62) анҷумани наҷмист, бо аъиззаи дигар, аъаззаҳуму-л-Лоҳу, дуои банда Хусрав мутолеъ фармоянд, ба ъиззи иҷобат мақрун бод, иншоа-л-Лоҳу-л-азиз.

**Ад-Дуъо**. То нуҷуми осмон аз анвор мутаҷаллӣ бошаду анвори замин аз нуҷум мутаҳаллӣ моҳи камоли комил-ул-айём, наҷм-уд-давла, шамс-ул-ислом аз нуқсони айн-ул-

---

[536] НЛ: ба талаби мисоли вилоят бар.
[537] НЛ: ки булбули.
[538] НЛ: тар.
[539] НЛ: танҳо мисраи дуюм ҳамчун як мисроъ мушаххас шудааст; МИ: умуман, ҳудуде ҷудо нашудааст.
[540] НЛ: жола.
[541] НЛ: рубоӣ.
[542] НЛ: аз он давоир.
[543] МИ: ёд; НЛ: боло.

камол маҳрусу маҳфуз бод, аз хусуфи ҳаводису аҳволи навоиб дур, би-н-Набийи *мисбоҳу-д-дуҷо*. Омин!

**Ҳарфи дувум** дар баёни обои улвӣ. **Бубин ба тӯфон нома, нисбат зи абру барқ**:

*يا فلکَ الله وَ غيمُ الحيا          خاطبَکَ الجودُ ببحرِ النُدى

شديدُ الدّهر قصورُ العُلى          فانهدمَ اليومُ بناءُ العُدى

Иморати умри бародар тоҷ-уд-давлат ва-д-дин Зоҳид аз борони ҳаводиси осмонӣ маҳфуз боду дар зилли залили ғамоми *ва заллално ъалайҳим-ул-гамома ва анзално ъалайҳим-ул-манна ва-с-салво* аз карам муназзаҳ, чун биҳишти нараҳ ба ҳаққи набиййиҳи ва аҳли байтиҳи. Банда Хусрав, ки абрвор дар ҳавохоҳии он ба мунири ямин пайваста бар оби худ аст, чун қатароти матарот сар бар замин мениҳаду утбаи олияро аз уруқи ҷабин обрӯй медиҳаду моҷарои оби рехтагӣ, (63) ки меравад, бар рӯйи об меорад. Бар он ҷумла, ки рӯзи панҷшанбеи бисту дувуми моҳи шаъбон ин ҳавохоҳ хост, ки аз сабаби ҳавои хуш сӯйи он мутабаҳҳир роҳ ҷӯяд. Ҳар бор, ки аз хона берун меомад, борон сахттар мегирифт, назм:

Хостам, к-оям ба кӯйи дӯсте доманкашон,
Лекинам борон гирифту сел домангир шуд.

Зарурат дар мавқифи узлат таваққуф афтод, кори тавотури тақотур ба ҷойе сироят кард, ки аҳволи замин ба авҳал бадал гашт. Сақф аз чакидан чунон шуд, ки об дар ғарбел резанду дар пӯшиш сӯроххо падид омад. Тасаввур чунон кардам, магар абр ҳамин[544] пӯшиши ман аст, назм:

Чун бар сари худ нигоҳ кардам,
Дидам, ки гузашт бар сарам об.

Ҷараёни об дар тахтаҳои абвоб ба ақломи ҷория бар сабили киноя мекард[545], ки *вузиъа-ал-фулка биаъюнино*. Ногоҳ дидам, ки суфаи тоқ ҳавзхона [шуд. Аз суфаи тоқ шудаму сӯйи ҳавзхона гурехтам. Ҳавзхона][546] хуб обхона гашт. Аз он ҷо низ гӯша кардаму ба суфаи бузург даромадам. Он ҳам наздик буд, ки хурд шавад, худро ба даҳлези дар задам. Дари даҳлез худ ба сабаби рахнаҳо аз ҳар ҷонибе фатҳёбе пайдо шуд. Бар бом баромадам, бом худ майдони саворони об гирифта[547] буд (64) ва бар оби равон ҳалқабозӣ мекард. Гуфтам: субҳона-л-Лоҳ, боми ман тоқати чандин савор чигуна меорад:

Бар рӯйи об ҳар он қатра, к-аз ҳаво афтод,
Зи бим ҳалқа зад аз баҳри гӯш моҳиро.

Пештар шудам то бомгоҳу онро нигоҳ кардам, то пой дарун ниҳам, сар бар замин ниҳод, аз ҳавл поям билагзид, бияфтодам. Афтод то бархостаму хостано афтону хезон[548] аз боло фуруд омадам: донӣ, ки дар ин нест фурӯ болоӣ. Чун ба саҳн расидам, деворҳоро харсангандоз кардан гирифт. Гуфтам: оре, мавсими сангандоз асту деворҳо аз косахона маст шудаву рӯй ба харобӣ оварда, назм:

Ман накардам ҳеҷ сангандоз лек аз хонаам
Бому дар карданд [сангандоз, шуд хона хароб.

Дар ин будам, ки он девори пурнам саргардону][549] хароб шуду фурӯ хуфт: к-андар гили тар наме басанд аст. Агар пеши худ девор бармеорам[550], чун хона хишт-хишт дидам, обу гил дар қолаби ман бигудохт. Бо абр хитоб кардам, ки: эй обӣ, агар набот аз ту боге шудааст, раҳме, боре, ки дар ҳаққи мардуми хокӣ ба милок боде мешавӣ. Жола аз он ҷо, ки дар ҳубубот санг задан шеваи ӯст, бихурӯшид[551], раъд нидои *фаамтарно ъалайҳим ҳиҷоратан мин тин* дар сари ман фуруд рехт, бар худ (65) фуруд хӯрдаму аз гурез гурез надидам. Ва асбоб[552] чун киштии дарё ба об мехдӯз монда буданду пушташон тахта гаштаву об аз даҳон бар рахна метаровида, ки *иркабу фиҳо бисми-л-Лоҳи маҷроҳо ва мурсоҳо инна раббӣ лагафурун*

---

[544] МИ: абри симин.
[545] НЛ: кинояти китобат.
[546] Аз НЛ оварда шуд.
[547] НЛ: гашта.
[548] НЛ: бархостаму хостону афтон аз.
[549] Аз НЛ оварда шуд.
[550] НЛ: меоварам.
[551] НЛ: ба хурӯш.
[552] НЛ: аспон.

*раҳим.* Дасту по гум кардаму чун бас дасту поёни худро бар об афгандаму аз хона кӯча ҷастаму инон ба маркаб супурдаму борон тундтар омад, чунинки гуфтам, магар аспи ман дар фурӯ шудан бо гови замин ошно хост шуд: ва инна-л-моа ағрақано ҷамиъан. Чун дар роҳ омадам, сабил набуд[553], магар тан ба об додан. Гуфтам: ҷон ба бод диҳам. Ҳотифи ғайб овоз дод, ки *ва арсално ъалайҳим-ут-туфона.* Кӯча нек танг буду деворҳо сахт баланд, дар маҳал коғазиёну хонаҳо коғазин. Борон худ он коғаз рост[554] карда буду дар ин балияи беҳисоб ҳар бор сар боло мекардам, набояд, ки хиште бар колбади чӯбини ман занад. Чун ба сари кӯча расидам, назар бар манзаре баланд афтод, то паст шуд, пештар омадам равоқи муҳри шаробдор чун мастон даргалтид. Маро ҳам дар он ҷивори хона, ки хидматгори мустағил мебуд, халал овард *фахарра ъалайҳиму-с-сақфу* ва чаҳор боло[555] дар хок яке шуданд. Гурезон сӯйи хонаи (66) сипаҳсолор Ифтихоруддин, ки холи ман аст, рӯй овардаму аз хурӯши афтодани хонаҳо оби ман, ки чун хона аз ҷой биҷунбидӣ, хона-хона меҷуст. Мани шоиру ду радиф дар он баҳру сафинаи абтар дар [об равон карда ва он сафина дар он баҳри басит рӯй карда шуд ва ҳия таҷрӣ лаҳум фӣ мавҷин ка-л-ҷиболи[556]. Дар чунон ҳол хонаи хол мерафтам. Гӯй ба хонаи хол мераваму ҳар ҷо, ки савдое дар хаёли ман гирд омада буд, чунонки ҳар ду дар чашми ман ҳол ҳаме намуд, то ба хол расидам, шеър:

*خالی کَمِثلِ الخال یَمطرُ کَفَّهِ          وَ الخُلقُ اَصداف رَجَون نواله

Иморот аз имронот низ эҳтирозе менамуду ба тавозуъи тамом рӯй бар хок мениҳод. Худованди хона зери чизе нишаста буду ин воқеаро бар хеш хаспӯш мекарду аз боло ҳама коҳаш мечакиду мо дар таги он обаки рез, ки мустағриқи ҳалок монда будем, пурсид, ки ҳоли хонаву хонагиён чист? Гуфтам: ҳола байнаҳум-ал-мавҷу *факона мин-ал-муграқин.* Дар ин асно бисоти шатранҷ пеш овардаму бим буд, ки хонаҳои бисот низ дар тазалзул афтад. Гуфтам: имрӯз дар бисоти ҳар хона муҳраи бозор аз устухони пилтанон шатранҷбозӣ мекунад, моро чи ҷойи он аст, ки бад-ин бозича машғул шавем. Маъзур надошт, зарурат як лаҳза иштиголи мо ло яънӣ карда шуд. Ҳар бор, ки дар хонаҳои [бисот назар меафтод, хонаҳои][557] мардумон, (67) ки чун хонаҳои бисот ҳамвору паст [шуда буду об гирд омада, дар замир меомаду бозӣ ғалат][558] мешуд. Чун аз он фориғ шудам, фиристодам, то хайма биёранду дар саҳн насб кунанд. Саҳн[559] худ, ки ҳавзе шуда буд, зарруратан чун ҳубоб хайма бар об задам, назм:

Бод ҳар бор, ки барканад зи ҷо хаймаи ман,
Қувват аз ҳабли матин хостаму аз автод.

Аз ду тараф девори кӯҳна буд, ламҳа[560] пеш афтод, навро мужда медод, онро пас афкандам, ҳар рӯзу шаб он ҷо гузаронидам. Ҳар бор, ки дар хоб мешудам, хурӯши афтодани деворҳо мешунидам[561], чун барқ аз хобгоҳ бармеҷастам, назм:

Гар одамӣ бихурӯшад ба хоб, нест аҷаб,
Ҷамод гар бихурӯшад ба хоб, ин аҷаб аст.

Ҳама шаб бар баст афтод, ки чандин воқиа дар воқиа медидаму аз бими он, ки обам бирабояд, хобам намерабуд ва агар ногоҳ хоб мерабуд, хуфтани деворҳо ба бонги баланд бедор мекард, шеър:

Хонаҳоро хуфтанӣ бас турфа буд,
К-аз чунон хуфтан ба хона кас нахуфт[562].

---

553 НЛ: аз сел сабил набуд.
554 НЛ: коғазро ба баҳре.
555 НЛ: сарви боло.
556 Аз НЛ оварда шуд.
557 Аз НЛ оварда шуд.
558 Аз НЛ оварда шуд; МИ: ҳамвору паст мешуд, дар замир меомаду бозӣ ғалат шуд.
559 НЛ: саҳни хона.
560 НЛ: ки ҳар ламҳа.
561 НЛ: дар гӯш мешунидаму аз сӯхтагӣ.
562 МИ: ин байтро надорад, ба ивази он ҷумлаи пас аз байт меомада ба сурати зайл ба тариқи шеър оварда шудааст, ки сохта буданаш худ аз худ маълум аст: ман аз як байни шикаста дар мизони табиат / бесанг шудамӣ чандон байт.

Ман, ки аз як байти шикаста дар мизони табиат бесанг шудамӣ, чандон байти бетақтеъ, ки ҳар яке дар баҳре бувaду аз ҳеҷ боб мисрае дуруст намонда медидаму забонам ба ҳеч боб кор намекард, назм:

Ҳар байт, ки созам андар ин боб,
Ҳар мисроъам бувад чу баҳре.

Бомдод, ки ин чашмаи хуршед (68) аз гирдоби фалак бар кӯҳ равон шуд, висоқи бародар Алишоҳ рафтаанду хокиёнро, ки аз таваккули наҷот ғулғули *ва аграқноҳум фӣ-л-ямми* дар гӯши ибрат мешуниданд, пеш аз он ки нақд кунад, он ҷо нақли гардон рубъи маскунро низ оби муҳит шуда буд. Рӯзи шанбе дар он хонаи обгир, ки чун доми моҳӣ пури сӯрох буд, гирифтор мондем, конат ҳозират-ал-баҳр изо буъида ва ман фӣ-с-сабти ъало шотин. Ҳикояти хонаи бародариро чун афтода буд, бинобар роз бунёд ниҳод, ки тир дар сақфи он боргоҳ шикастааст. Шамма ба тиб гуфта шуд, ки аз ростии табъи эшон агар тир дар хона шиканад, рост бошад, назм:

Дар хонаи хеш тирро бишкастӣ,
Худ бишканад аз ту тирхонаи хеш[563].

Алмақсуд, чандин каррат қасди хидмати он мақсади омол карда шуд ва қоъидун ядаҳу муъало маъа ило. Он дам шарафи муҷоласати ахавӣ муяссар нагашт, ки ҳикояти *адракаҳ-ул-гарқ*ро резаву пилпиле дода шудӣ. Он чи бад-ин тариқ талотуми бало гузошт, било кизб бар ройи шумо саму само гузаронида омад. Интизор он, ки аз маҷории аҳволи он саҳоби сахову саломати азизони ҳол рашҳе дар шарҳ ояд. Бошад, ки мӯҷиби сукуни дарунаи ин беруншуда тавонад буд, иншоа-л-Лоҳа мулҷию-л-гарқӣ. (69) Фа-д-дуъо камо ҷаро.

**Хатти севум** дар тавқеъот, муштамил бар ду ҳарф: баҳри фарқ аст, инак ин мисроъ. **Ҳарфи аввал** дар тавқеъи кулоҳ. [Ъ: **аризаи кулаҳу мӯ ба мӯ ҳамон нисбат**.][564], рубоия:

Шоҳо, кулаҳат сар ба фалак месояд,
З-иклили фалак туро кулаҳ мебояд.
Не, худ гар аз офтоб созанд кулоҳ,
Ҳаргиз сари ту бад-он кулаҳ дар н-ояд.

Ҳамеша кулоҳи султонӣ, ки тукмаи баландаш ба абрҳои сиёҳ пайвастааст, ба фарқи фарқадсой то даври олам боду аз осеби тундбоди замон дар амон, ба ҳаққи доди сарию ҳирзи қалансуҳ. Банда Хусрав, ки саромадаи кулоҳварони сухан асту ҳудҳуди тоҷдори ҳазрати Сулаймонӣ, бозменамояд, ки дар чунин боргоҳи рафеъ, ки фалаки соҳибиклилро дар дидани он кулоҳ аз сар меафтаду кулоҳдорони олам аз ҷиҳати сар ниҳодан бар ин остон кулаҳ меандозанд, бандаи камтар, ки пайваста ба зеҳи таҳсину кулоҳи эҳсон сарфароз будааст, дар ин вақт букчавор, ки аз дасташ кулоҳ бар замин хоҳад зад, узрҳои колбудӣ пеш мeoраду ба кулоҳи камина сари бандаро сиёҳ мекунад. Агар мегӯям, ба дафтар руҷӯъ кун, ҷавоб мегӯяд, ки дафтари тақвим куҳан[565] асту ҳукми он бар қалами фармон мансух шуда ва ҳарчанд дар сараш фуруд мехонам, ки:

Бо он, ки шавад дафтари тақвим куҳан,

Охир зи пайи кулоҳро кор ояд. - (70) ӯ ҳамчунон бар сари колбудиҳои худ аст. Чун банда ҳамвора кулоҳи хоси бузургӣ[566] карда асту он савод дар сар ҷой гирифта, наметавонад, ки ба кулоҳи дигар сар дар орад. Умед аз тоҷбахши хусравон он, ки бандаро аз сари карам ба кулоҳи хос мутаваҷҷеҳ гардонанд, назм:

Ҳаст таъвизи кулоҳи банда мадҳи подшоҳ
В-ин чунин таъвиз натвон бастан андар ҳар кулоҳ.
Ҳамеша дар сарварӣ кулаҳдор бод. Омин!

---

[563] НЛ: худ бишканад аз ту тир дар хонаи хеш.
[564] Аз НЛ оварда шуд.
[565] НЛ: порина шуда.
[566] НЛ: аз кулоҳи хос сари бузургӣ.

**Ҳарфи дувум** дар тавқеъи ғалла: **руқъаи ғаллаву нисбат ҳам аз он**, рубоӣ:

Садро сазадам гар алафам ту бидиҳӣ,
Ё куҳначаве ба аспи Хусрав бидиҳӣ.
Ҷав-ҷав кардам шаҳру ҷаве ҳосил нест[567],
Ҷавдон ба замин ниҳам гарам ҷав бидиҳӣ[568].

То киштзори Уториду Ҷавзову Сунбула кор асту моҳе бе ҷуфти хирман ба бору хӯшаи парвин донавор мазраъаи ҳаёти худовандӣ, *камасали ҳаббатин анбатат сабъа санобила фӣ кулли сунбулатин миату ҳабба* ҳар рӯз тартару бартару пурбод бод. Қатароти назраи ғайб мутавотиру матароти ғайби нусрат мутақотир, ба ҳаққи *ва анзално мина-с-самои моан линухриҷа биҳи ҳаббан ва наботан*. Банда Хусрав, ки музореъи муҳаббат асту аз худрастагӣ доназад монда ҳабби ҳуб дар мавозеъи тавозуъ мекораду чун хӯшаи пурбор дар он борҷо рӯйи (71) тазарруъ бар замин меораду ҳар чӣ дар сар дорад ва аз сарире[569] фуруд мерезад, ки имрӯз қариб моҳест, ки асбони даҳонбастаи котиб аз хӯрдани ҷав даҳон барбастаанду хушкӣ мондаву мушке ҳам намондаву ҷав дар хӯрдаи хеш меҷӯянду дар хӯрди хеш намеёбанд, балки дар хӯрдаи хеш ҳам ҷаве намебинанд, назм:

Ҷави саргин ба сад ниёз хӯранд,
Балки саргини хеш боз хӯранд.

Муште ҷави аз деҳ бируста расида буд, хӯрда шуд. Акнун дар бозорҳо ҷав ёфт несту мушт хӯрда мешаваду мардумон бар сари як ҷав чунон дармеафтанд, ки ҷойи кунҷид ниҳодан намебошад. Ҷойи он бошад, ки мардум кирми ғалла аст, балки казои раббонӣ чунон рафтааст, ки мурғон дар ҳаво барои ҷаве мусаххар мешаванд, *алам ярав ила-т-тайри мусаххаротин фӣ ҷавви-с-самои*. Ҳар ҷо, ки анбордорест, ғалла дар чоҳ кардаасту муштаку машинаву мош дар намеғирад. Касе нест, ки эшонро ба ҷойи ғалла дар чоҳ кунад. Ғуломонро дар шаҳри мусалмонон тухми ҷуҳуд кардаам, балки дар киштҳо тухм карда сила ҳам намеёбанду чун ғандумхӯрдагоншон тухми душохаи *ло тақрабо ҳозиҳи-ш-шаҷарата* пеши чашм медоранд ва агар бар каримон меравам, бар ғалладони қиёматам ҳавола мекунанд. Нони гандумин нест, (72) забони гандумин ҳам дареғ медоранд ва агар дар хона меоям, хона муштағилу ман масти ғалла. Ғалла хона намерасаду хонаи киёнро ғалла мебояд расонид. Сад бор кандурӣ[570] канда шуд, як ҷави ганда, ки аз каҳи гил ҳам ба даст наёмаду аз барои асп ба коҳаш дармондаам. Оре, оре ҷаве аз ризқ зиёда нашавад ва қад язиду ҷаволӣ ва мо раайту ҷаводан. Арзан арзон аст, валекин асп гунҷишк нест, ки онро фурӯгол кунад. Ба шолии нимкӯб билолбандӣ* карда мешавад, он ҳам ба кӯфтагии тамом ҳосил меояд. [Ҷаве дар тӯбра чандон нест, ки сабӯси шолӣ дар даҳони он безабонон. Шолӣ як][571] мӯй дорад, валекин аз он мӯй дар коми эшон чандон аст, ки тӯбра пеш ёфта шавад. Мардумонро мебинам, ки ришҳо чун тӯбра пеш гирифта, кӯча ба кӯча ба талаби ҷав мепӯянд. На, худ чун наҳудиён тӯбраҳо бар сар ғирифта, ҷави кӯҳна меҷӯянду ҷаве ҳосил нametавонанд кард. Ҳосил, аз он ҷо, ки анбори хос ба исори ом махсус аст, шоиреро ба шаъре харидорӣ кунанд. Охирати дунё мазраъаест, ки *ад-дунё мазраъат-ул-охират*. Ҳамвора дар равзаи ризои ёрӣ[572] бод.

**Хатти чаҳорум** дар сифати мараз, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар китобате, ки ба сарриштаи назм барбаста бошад, **ҳарфи дувум** дар насре аз хизонаи ғайб, риштаи тобе дар вай набошад: бин зи баҳри фарқ ин мисроъи нав. **Ҳарфи аввал** дар сифати ришта[573], ба сабили итноб: то рӯзнома ба ҳамон ришта нисбат[574], шеър:

*ابانَ الدّهرُ لی داءٌ كذاکَ الدّهرُ غدّارٌ وَصَلتْ مُهجَتی الحُمی وَ عَرَضْ احرفَت نارٌ
(73) نُصرتْ ذَنبَ لی جسمی وَ بالی منهُ مزمارٌ بلا أعصابَ حوٌ مالی كَما فی الصَّبح اَوتارٌ

---

[567] НЛ: Ҷав-ҷав гардам ба шаҳр ҷав ҳосил нест.
[568] НЛ: Ҷав-ҷав кардам ба шаҳр, ҷаве ҳосил нест / Ҷавдон ба забон ниҳам гарам ҷав бидиҳӣ.
[569] НЛ: аз сари нармӣ.
[570] НЛ: кандуи хона.
[571] Аз НЛ оварда шуд.
[572] НЛ: Борӣ ҷалу ъало.
[573] НЛ: дар китобате, ки ба сарриштаи назм барбаста бошад.
[574] НЛ: номаи нору ба ҳамон сарришта нисбат.

Қитъа:

На аз поям равад лангӣ, на аз лангӣ равад поям,
Ки ҳар банде ба поям баста гашт аз риштаи нору.
Чунон ин ранҷро ришта дароз омад, ки кам н-ояд,
Агар сад пай бибандам ҳам бад-ин ришта, барад дору.

То риштаи субҳ ҳар шаб аз гардиши чарх тофта гардаду ҷомаи шом ҳар рӯз аз шаби тор бофта, риштаи ҳаёти худовандӣ аз тофтагии чархи гардон кашидаву ҷомаи иқболи маҳдумӣ дар коргоҳи давлат кушода [бод. Дӯстон аз кашокаши ришта раставу душманон дар ришта ба хок нишаста][575], ба араҷи поки Расули Маданӣ[576], назм:

Мабодат ҳеҷ гоҳ аз ришта тобе,
Адӯ печон зи баҳри рииштаттобе.

Банда Хусрав, ки дар силки вафо гавҳари босафост, чун сӯзани хайёт яксар хидматҳо паёпай мекунаду [қомати хидматро ба шарти тавозуъ чун риштаи сӯзан дутоҳ мегардонаду] сарриштаи заҳмати пойгири хеш аз пӯст берун медиҳад, ки чанд рӯз аст, то камтарони хидматгорон так дар он бимондаасту аз ришта гиреҳ бар гиреҳ дар таб, назм:

Зи баҳри бастани таб гар гиреҳ бар ришта зананд,
Чаро зи сар гираҳи ришта таб кушод маро.

Поям дӯк гаштаасту устухонам пунба шудаасту чарх аз он пунба ришта тофта. Аҷаб ришта, ки сӯзанвор дарун мехаладу сари сӯзане берун намеояд ва агар бар сари ришта ангушт мениҳам, мӯй бар андом сӯзан мешавад. Соқ чун найи пунба(74)гарон борик гаштаасту он найро шикоф афтодаву таҳи пой аз омос гил шуда, аммо найи хаста аз он пой рост тавонад сигод, валекин маро чунон пой дар гил мондааст, ки ростӣ бо ман истоде надорад. Ва ман, ки аз пайи риштатобе бар дари ҷулаҳе танаста кардамӣ, дар ин риштаи бепоён пойбаста мондаам:

Поям найи ҷулоҳа аст гӯӣ,
Як ришта бар ӯ дароз баста.

Ҷулаҳ чаҳ дар замин メковад, ин ришта бар рони ман чанд ҷо чаҳ кардаасту коргоҳи ҷулаҳ бар сари он бозкашида. Ҳар кӣ ин ришта дармеёбад, бар мизоҷи ҷулаҳам мехонаду ман аз шарм то камар дар замин фурӯ меравам. Рони ман гӯӣ хайётест, ки ришта ба по метобад, валекин никанҳои канда мезанаду дар шаърҳои соқ, ки аз римоба шакарранг* шудаасту шабранг задаву бахя-бахя сардӯз карда, назм:

Ҳар лаҳза зи тобу печиши ин ришта
Чун риштаи тофта бупечам бар хеш.

Гӯӣ[577] моҳиам, ки ба шасти дароз дар топок афтад ё кабӯтаре, ки ба шарт баста доранд ва ё булбуле, ки ба тори афрешим кӯдакон муқайяд кунанд, ё дафтари куттоб, ки ба ресмонаш даркашанд, ё мистари куттоб, ки ба риштааш бардӯзанд, назм:

Ё пила, ки ҳам ба риштаи хеш
Сад бор танад ба гирди худ тор.

Шарт аст, ки чун таъвизро мулк пӯшанд, аввал ба ресмонаш бупечанд. Ман ҳам бар ин ришта печидам, ҳанӯз печ-печ ба поёнаш боқист. Ва дар ҷумла гӯрҳои шуҳадоро аз барои дафъи ин ришта ҳам аз ин ришта, ки пора-пора берун меояд, бишустам, ҳанӯзаш гусаст нест. Риштаи Хоҷа Имоди Хилҷ дар пой бастам, як ришта, ки буд, ду шуд. Наъӯзу би-л-Лоҳ минҳо, ки риштаи ӯро ба сустии эътиқоде ангушт панҷ кунам. Он як ришта ба сиҳҳат сиришта аст, валекин араҷи бади маро ҳанӯз сарриштаи раҳмат боқист, назм:

Ҷон бурун омадам андар кашиши ин ришта
Ё раги ҷон аст магар, ё раг бар ҷон дорад.

---

[575] Ин ва матни дохили қулоби баъдӣ ҳам аз НЛ оварда шуд.

[576] НЛ: пас аз ин: дар риштаи Маряму сӯзани Исо.

[577] НЛ: пеш аз ин: ки агар ин риштаи дарозро тамом бикашанд, як фундуқи тифлон битавон бипечиду як луъбати шаби баротро ришта битавон сохту як карбоси ҳазоргазӣ тавон бофт. Бо ман гӯӣ магасеам, ки танастаи анкабут баргам шавад ё.

Зиҳӣ, пухтагии ин ришта, ки чун ресмони хом мегусалад. Аввал, ки ин ришта хом буд, ногоҳ даркашиданд, бигусаст. Оре, риштаи хом агар даркашанд, бигусалад. Акнун, ки пухта шудааст, тофтагиро гусаст нест. Масали ҷома, ки бар ҷароҳат мебандам, аз ҳар тори он хаёли ришта дар ман печид. Аввал, ки заҳмат медод, метавонистам, ки бикашам, акнун, ки аз кашидан низ бигузашт, чӣ гӯям, чӣ мекунам, чӣ бигзарад, назм:

Сад ранҷ маро ҳаме расад з-ин ришта,
Ноком кашиданист, чӣ тавонам кард?

Пеш аз ин ки ҳанӯз дар пӯст осеби тарбахшӣ набуду ба тезӣ буд, музайянро бихондам, (76) ки моҷарои хунобаи хеш берун тароваму ин бадрагро бикушоям. Ҳаҷҷом даррасиду сиблат чун наштар тез карда, гӯӣ аз сари сиблаташ хун хоҳад чакид. Ҳоле, ки даст бар пойи ман ниҳод, ман дасту пой гум кардам. Ӯ ришта меҷусту ман аз беқарорӣ чарх мезадам. Гуфтам: ранҷи ришта дароз мекашам. Гуфт: бибояд кашид. Гуфтам: поям камон шуду бе он ки хубра кунад, бишкастааст. Гуфт: бибояд кашид. Гуфтам: хуни фосид бисёр ҷамъ омадааст. Гуфт: набояд кашид. Ман ҳарчанд аз ин кашокаш пойи худ кашида медоштам, ӯ ҳам бар он сарриштаи худ буд, ки бибояд кашид, назм:

Гуфтам ба музайян, ки нигаҳ дор нафас
В-охир зи балои ришта фарёдам[578] рас.
Он лаҳза, ки пеш омаду оина намуд,
Худро ба хаёли ришта дидаму бас.
Боз баъзе мегӯянд, ки девча бияндоз, назм:
Гуфтам, ки зи девча куҷо беҳ гардад,
Ин ришта, к-аз ӯ девчаҳо хун хӯрдаст.

Ҳосил, аз заҳмати нору кӯр шудааму раги зиёдати кӯрии ман ҳамин норуст, ки маро чун кӯрон асо гиронидааст ё худ ин нору кӯр аст, ки пойи маро асо сохтааст. Мехоҳам, ки кӯрокӯраш бикушоям, валекин дар ҳар рӯй чашмҳо пайдо шудааст. Он, ки чашмҳое, ки аз он дидҳои мардум берун меояду чашмҳо дарун (77) меравад, байт:

Зи дарди нору агар дидаҳо бурун ояд,
Маро зи наҳр чаро дидаҳо дарун рафтаст.

Масал, ки гӯянд нору ҳазор дору ва агар ҳазор дору мебандам[579] гандатар мешавад. Маҷоли ба даст кардан несту чанд рӯз аст, ки бенамоз мондааму аз рафтани хун узр зоҳир аст. Рони ман миёни ду пой иситиҳозаро монад. Кай бошад, ки ин айём бигзараду чун мардони собитқадам рост битавонам истод, ки дар ин арақ-ун-нисо пойбаста мондаам, ки лаънат бар ин арақи палид бод, назм:

Тири ғам[580] мекашад ин арақ моно-к
Масал ин ҷост он, ки ал-ъарақ назаъа.

Ҳанӯз ин бадраги хунин аз дарун фасод бисёр дорад, ки андак-андак дар пӯст метароваду ҳеҷ аз пӯст берун намеояд. Куҷо дар пӯсти ман афтод, ки чандин бе пӯст рӯй мекунад. Дар ин бемории мурдаи ногӯркарда шудааму мунтазир мебошам, ки пурсиш аз кадом сӯй хоҳад омад, рубоӣ:

З-он гуна зи ришта дар фиғонам, ки мапурс,
Рафтаст чунон тобу тавонам, ки мапурс.
Гуфтӣ, ки ба пурсидани ту омадаам,
Эй дӯст, чӣ пурсиям? Чунонам, ки мапурс!

Дӯстон аз ман дард мепурсанду ман аз эшон дору, ки ҷумлагии дардҳои олам пурсон-пурсон сӯйи ман меояд, дар рагу пӯсти ман (78) дар меравад. Худро ба ришта бар ман мебинаду пӯст аз сару пойи ман боз мекунаду ман аз сабаби пухтагии обила пуроб мондаам, ки агар қатра берун таровам, хуноба [барои худ пайдо карда бошам. Намедонам то чандин мустағриқи ин хуноба][581] хоҳам буд. Гахе хоҳад буд, ки беҳӣ рӯй ба ман ораду ман рӯйи беҳӣ бинам, байт:

---

[578] НЛ: ба фарёдам.
[579] НЛ: дору мебандам.
[580] НЛ: ба назъам.
[581] Аз НЛ оварда шуд.

То чанд тан аз беҳӣ тиҳӣ хоҳам дид,
Ё Раб, ки гаҳе рӯйи беҳӣ хоҳам дид.

Чунон хун дар рони ман мавҷ мезанад, ки агар рон бараҳна кунам, гӯӣ, ки ронайн пӯшидаам, ки ранги лаъл аз дарун дораду мавҷи дарё аз бурун. Магар ин ронайнро дар кашидани ришта дарун мондааст:

Ришта ҳар ҳама дар поначаи шалвор писанд,
Мар маро ришта ба ронайн аҷоиб кор аст.

Ва чунон то камар дар хун нишастаам, гӯӣ, ки изори кашида пӯшидааму изори пӯшида кашида, хунобаи худро[582] чи бар рӯйи об орам, касе рони худро бараҳна накунад, шеър:

*قرالدا: ككلب فخذى    و غد يقح فقلت الريم

Омоси такрори яхастин низ[583] сироят кардаасту дуогӯйро чун пирон аз борониёну асо мунҷанӣ гардонидаву ҳар дуд ба худ дар пӯст намегунҷад, рубоӣ:

Эй кулли калон, ки фитнаҳо ангезад
В-аз пеш бихезад, сӯйи пас бигрезад.
Азбаски чу фараҳ фарҷа дид ба рон,
Ҳар бор зи хоб меҷаҳаду мехезад.

(79) Полудагиҳое, ки аз рони ман варам-варам меафтаду дар кураи каъб баста мешавад, бо соқи ман бар хиштаки изор шитолингбозӣ мекунад. Соқ ҳар моя, ки дошт, бирехту боре-боре чунон бимонд, ки пеши ҳеч рӯшанӣ наметавонад кард. Дареғо, агар соқи маро дар даст будӣ, пойшикаста дар гӯша намондамӣ. Пеш аз ин оҳу аз ман юз кардан натавонистию акнун бо кӯтаҳпоӣ пой[584] дароз наметавонам кард. Ҳама рӯз рӯ дар оинаи зону ниҳода оҳ мекунаму дами таслим мезанам. Агар як бор поям аз ин заҳмат биҷаҳаду тути ҷустанӣ дар пойи ман истод ёбад, он ҷо наистаму биҷаҳаму аз ин замин нишеб монда, сӯйи боло пой баланд кунам. Сад бор аз ин заҳмати пойгир сари хеш мегираму ҷое биравам, валекин лангидани ман аз ин боб аст, ки хунро [фуруд меронаду омосро то боло медавонаду худ на фуруд][585] метавонад рафту на боло метавонад давид, шеър:

Ин хуни даволдор, к-аз пой давид,
Бингар, ки чӣ сон даволпой кард маро?

Чанд гоҳ он буд, ки поям ба замин набуду дастам бар осмон буду ин дуо мехондам, ки *Аллоҳумма саббит қадами ъало сиротин мустақим* ва бо худ ба сад дуруд мегуфтам, назм:

Рӯзе ар пой бар замин биниҳам,
Аз тараб пой бар замин наниҳам.

(80) Пеш аз ин ҳар ҷо, ки биншастамӣ, поям нахуфтию ҳар гоҳ, ки бихостамӣ, бихостӣ. Дар ин вақт чунон мехусбад, ки хостанро ба хоб набинад, шеър:

Дорам аз нола басе савту самоъ,
Лек поям менахезад, чун кунам?

Рӯзе бихоридам, заҳри нохун кор мекард, ки агар маро шакарпо гардонид, оре, заҳр сари нохуне бас бошад, назм:

Ин шакарпое, ки ман дорам,
Беҳ нагардад ба ҳеч позаҳре.

Кори лангӣ бағоятест, ки агар рӯзи шанбе аз хона биҷунбам, якшанбе душанбекунон ҳафта бояд, то ба намози ҷумъа бирасаму то аз дари масҷид даруннтар биравам, он намоз қазо шуда бошаду намози дигар ҳам. Чанд рӯз аст, ки намоз нишаста метавонам карду обдаст хуфта мекунаму пойи чун найи ман, ки бобати қалам кардан асту ба хуни ман фатво дода, фатво медиҳад, ки аз хуну рим вузӯ сохтан раво бошад, назм:

Хуни ман об шуд, чунонки агар
З-он вузӯ мекунам, раво бошад.

---

[582] НЛ: риштаро.
[583] НЛ: ном.
[584] НЛ: даст.
[585] Аз НЛ оварда шуд.

Баъд аз даҳ рӯзе лангон-лангон пой аз хона берун мениҳам. Кӯдакони маҳалла кабкрафторам мехонанду ман зоғпой мезанаму лангиро бар ҳаворӣ берун мебараму дар шикам пойи магас аз пой меронам. Оқибат гирд бар гирди ман чун анкабут метананду бармебофанд, (81) ки пеш аз ин пойҳо чун дук[586] чарх мезадӣ, дар ин вақт чаро борик мересӣ? Ҳарчанд мегӯям, тори пуди ман гусастааст, ғалабаи бозори ресмон[587] фурӯхтаанд. Ё Раб, эшонро пунба гардону риштаи эшон пайдо кун, то паси дуку пунбаи хеш шинанд:

Эй он, ки ба лоғ кашхиромам хонанд,
Ин пойи шикастаро чӣ меранҷонед?
Гуфтанд, ки чист хидматат дар ҳар корам[588],
Ман мелангам, шумо чунон медонед.

Ва пойи ман асои лангии ман аст, валекин асо ҳам мелангад. Гӯӣ, Сайфи Аъзам бо камоли кӯтахпоӣ бо Адиб Собир, ки мардумон дар лангии ман қитъаҳо равон мекунанд, Рашиди Ватвот қитъа дар сифати пойи Адиб шакаррез кардааст. Агарчи орият овардан равиши ман нест, лекин чун равону оянда[589] бувад, оварда шуд ва он ин аст, қитъа:

Эй каж ба дасту пой, ба дил ҳамчу пову даст,
Эзад зи офариниши ту қуртубон чӣ хост?
Он дам, ки кашхиром шавӣ дар миёни роҳ,
Аз рост сӯйи чап шавӣ, аз чап ба сӯйи рост.
Эй носабур Собир, эй беадаб Адиб,
Охир на як танӣ, ба се сӯ рафтанат чарост?

Баъд аз арзи ин заҳмати пойдор, ки дарди саре гарон аст, истода ба пойи хидмат арза медорад, ки агар бад-он Каъбаи ҳоҷат ҳаҷ пиёда наметавонам гузориду пойи муборак, (82) ки сутуни Каъбаи ман аст, наметавонам бӯсид ва бад-он аркони давлат тавоф муяссар намешаваду ихроми бандагӣ наметавонам гирифт, маъзур дорад, ки бар аъраҷи чарх нест. Агарчи моҳи шаъбон асту айёми ҳаҷ на, вале мавсими сангандози ташнаям, ки аз замзами лутф тарвия ёбам, то иди азҳо агар бад-он кӯҳи Сафо расам, хешро қурбон кунам. Донам, ки то пойи ман бар он остон нарасад, аз ранҷ эмин нашавам, ки *ва ман дахалаҳу кона оминан*. Тавқеъ он, ки агарчи дафтари иборатро ришта дароз дода шудааст, ангушт панҷ накунад, сухан кӯтаҳ шуд.

**Ҳарфи дувум** дар сифати риштаи дурри насре, ки аз хизонаи шикам ранҷи риштатобе дар вай набошад, бар сабили эҷоз. **Руқъаи риштаву барбаст ҳамон аст**. Гавҳари волонаҷми уло ала-д-давом аз кашокаши ришта раста бод, ба ҳаққи риштаи Маряму сӯзани Исо. Банда Хусрав, ки дилаш аз раги ҷон овехта, ҳавохоҳест, қомати хидматро чун риштаи сӯзан ба шарти тавозуъ дуто мегардонаду рашҳе аз моҷарои хеш[590] берун метаровад, ки даври он арақи пок чанд рӯзе ҳаст, ки дар бечоки ришта мондааму[591] худро бараҳна наметавонам кард, ки ҷойи (83) шарм аст. Хурмои тухмии ин хом аз берун пухта шудаасту аз дарун хаставу обӣ гашта, чунонки аз пухтагӣ наздик аст, ки бичакад. Худо беҳ кунад, шифоун ли-л-алил. Он худ хастаи хурмо бувад, ки аз туранҷидан[592] ба ҳосил ояду агар сарриштаи иборат тафаҳҳус кунанд, то ангушт панҷ накунанд, ки аз тофтагии ришта сӯзане шудаам. Азбаски он нойира қатра-қатра дар тарашшуҳ мебошад, наздик аст, ки даст аз ӯ бишӯям.

Наздики суннату ҷамоат зикри мардро аврат мегиранд, аммо аз он то ин замон аврат шуд, ки ба иллати арақ-ун-нисо маъхуз гашт[593]. Дар ин воқиа устод Давлатшоҳи Қоим боистӣ, закараҳу-л-Лоҳу би-л-хайри, то иқомати хайр кардию дасте ба шафқат бар сари ин мурда фуруд овардӣ, ки ӯро даст дар ин кор ба ғоятест, ки мурдаро зинда

---

[586] НЛ: бо ин пойҳое, ки чун дук.

[587] НЛ: Баъд аз ин: ро дар печидани тансата аз гӯш меканад, ки аз они мо ку? Гӯӣ, ресмони борик.

[588] НЛ: дар ҳар гом.

[589] НЛ: нек равони оянда.

[590] НЛ: ҷароҳати хеш.

[591] НЛ: дармондааму.

[592] МИ: баъд аз ин: сабз гаштааст. Зиҳӣ, аломати тазкир, ки ҳам ба дидани онам ибрате.

[593] НЛ: баъд аз ин: ва ба иснайн яке шуда.

Баъд аз дах рӯзе лангон-лангон пой аз хона берун мениҳам. Кӯдакони маҳалла кабкрафторам мехонанду ман зоғпой мезанаму лангиро бар ҳаворӣ берун мебараму дар шикам пойи магас аз пой меронам. Оқибат гирд бар гирди ман чун анкабут метананду бармебофанд, (81) ки пеш аз ин пойҳо чун дук[586] чарх мезадӣ, дар ин вақт чаро борик мересӣ? Ҳарчанд мегӯям, тори пуди ман гусастааст, ғалабаи бозори ресмон[587] фурӯхтаанд. Ё Раб, эшонро пунба гардону риштаи эшон пайдо кун, то паси дуку пунбаи хеш шинанд:

Эй он, ки ба лоғ кашхиромам хонанд,
Ин пойи шикастаро чӣ меранҷонед?
Гуфтанд, ки чист хидматат дар ҳар корам[588],
Ман мелангам, шумо чунон медонед.

Ва пойи ман асои лангии ман аст, валекин асо ҳам мелангад. Гӯӣ, Сайфи Аъзам бо камоли кӯтаҳпоӣ бо Адиб Собир, ки мардумон дар лангии ман қитъаҳо равон мекунанд, Рашиди Ватвот қитъа дар сифати пойи Адиб шакаррез кардааст. Агарчи орият овардан равиши ман нест, лекин чун равону оянда[589] бувад, оварда шуд ва он ин аст, қитъа:

Эй каж ба дасту пой, ба дил ҳамчу пову даст,
Эзад зи офариниши ту қуртубон чӣ хост?
Он дам, ки кашхиром шавӣ дар миёни роҳ,
Аз рост сӯйи чап шавӣ, аз чап ба сӯйи рост.
Эй носабур Собир, эй беадаб Адиб,
Охир на як танӣ, ба се сӯ рафтанат чарост?

Баъд аз арзи ин заҳмати пойдор, ки дарди саре гарон аст, истода ба пойи хидмат арза медорад, ки агар бад-он Каъбаи ҳоҷат ҳаҷ пиёда наметавонам гузориду пойи муборак, (82) ки сутуни Каъбаи ман аст, наметавонам бӯсид ва бад-он аркони давлат тавоф муяссар намешаваду иҳроми бандагӣ наметавонам гирифт, маъзур дорад, ки бар аъраҷи чарх нест. Агарчи моҳи шаъбон асту айёми ҳаҷ на, вале мавсими сангандози ташнаям, ки аз замзами лутф тарвия ёбам, то иди азҳо агар бад-он кӯҳи Сафо расам, хешро қурбон кунам. Донам, ки то пойи ман бар он остон нарасад, аз ранҷ эмин нашавам, ки *ва ман дахалаҳу кона оминан*. Тавқеъ он, ки агарчи дафтари иборатро ришта дароз дода шудааст, ангушт панҷ накунад, сухан кӯтаҳ шуд.

**Ҳарфи дувум** дар сифати риштаи дурри насре, ки аз хизонаи шикам ранҷи риштатобе дар вай набошад, бар сабили эҷоз. **Руқъаи риштаву барбаст ҳамон аст**. Гавҳари волонаҷми уло ала-д-давом аз кашокаши ришта раста бод, ба ҳаққи риштаи Маряму сӯзани Исо. Банда Хусрав, ки дилаш аз раги ҷон овехта, ҳавохоҳест, қомати хидматро чун риштаи сӯзан ба шарти тавозуъ дуто мегардонаду рашҳе аз моҷарои хеш[590] берун метаровад, ки даври он арақи пок чанд рӯзе ҳаст, ки дар бечоки ришта мондааму[591] худро бараҳна наметавонам кард, ки ҷойи (83) шарм аст. Хурмои тухмии ин хом аз берун пухта шудаасту аз дарун хаставу обӣ гашта, чунонки аз пухтагӣ наздик аст, ки бичакад. Худо беҳ кунад, шифоун ли-л-алил. Он худ хастаи хурмо бувад, ки аз туранҷидан[592] ба ҳосил ояду агар сарриштаи иборат тафаҳҳус кунанд, то ангушт панҷ накунанд, ки аз тофтагии ришта сӯзане шудаам. Азбаски он нойира қатра-қатра дар тарашшуҳ мебошад, наздик аст, ки даст аз ӯ бишӯям.

Наздики суннату ҷамоат зикри мардро аврат мегиранд, аммо аз он то ин замон аврат шуд, ки ба иллати арақ-ун-нисо маъхуз гашт[593]. Дар ин воқиа устод Давлатшоҳи Қоим боистӣ, *закараҳу-л-Лоҳу би-л-хайри*, то иқомати хайр кардию дасте ба шафқат бар сари ин мурда фуруд овардӣ, ки ӯро даст дар ин кор ба ғоятест, ки мурдаро зинда

---

[586] НЛ: бо ин пойҳое, ки чун дук.

[587] НЛ: Баъд аз ин: ро дар печидани тансата аз гӯш меканад, ки аз они мо ку? Гӯӣ, ресмони борик.

[588] НЛ: дар ҳар гом.

[589] НЛ: нек равони оянда.

[590] НЛ: ҷароҳати хеш.

[591] НЛ: дармондааму.

[592] МИ: баъд аз ин: сабз гаштааст. Зиҳӣ, аломати тазкир, ки ҳам ба дидани онам ибрате.

[593] НЛ: баъд аз ин: ва ба иснайн яке шуда.

гардонад. Чун хидмати Хоҷа Давлатшоҳ, ки Худояш қоим дорад, ҳозир набуд, зарурат ин иллат[594] ба Яминии табиб намуда шуд. Даст бар набзи ин афкона суду далел низ муояна кард, гуфт: ин иллатро дар араб араки баданӣ хонанд. Ва табиби Яминӣ, бисми-л-Лоҳи, илоҷ бикун. Гуфт: илоҷуҳо ихроҷуҳо. Гуфтам, ки маълули моро дору илоҷ бисозу буъс аз он ихроҷ фармой. Гуфт: нору ҳазор дору. Ҳолӣ, ки ин сухан дар гӯши ин мурдаи кафан(84)печида расид, раги ҳаёт бар танаш биҷунбид. Табибро гуфтам, ки охир, аз он ҳазор доруи ту шамма бад-ин мурдаи мурдарег хоҳад расид? Зуд бар сари ин ҳарф шуд, барҷасту биншаст. Гуфтам, ки ҳанӯз аз ту ин тинатҳои ганда намераваду ин ҳама мутояба бувад. Аммо тинати хидматкор ҳама бӯйи инкизаву зирк аст, сангҳо аз судани дору суда шуду зарра суд набуду дар ин вақт худ, албатта, чун санг бар ахир асту лангари сангини ман бесанг шуда, чунонки маҷоли ҷунбидан несту чунон аз бисёрии сукун асари ҳаракат аз ман бирафтааст, ки агар мехоҳам ғазал хонам, газал меояду аз тоби ришта рӯз чунон дар чашми ман шаб шудааст, ки аз ҳайзи абяз то хайти асвад сари сӯзане фарқ наметавонам кард. Вақте бошад, ки ин ришта пунба шаваду ман чарх тавонам зад.

Мурод аз ин чандин борик риштан он, ки ҳоли бараҳнагии ин шармсор ба либосе ҳар чи пӯшидатар саттори айбпӯши даҳлези хос бознамояд, то ба сабаби ришта ин бетобро тофта накунаду ин хуноба, ки бандаро[595] шарманда гардонидааст, узр бидонанд ва бар номардӣ ҳамл нафармоянд, ки агар як бор бе ман аз ин ришта халос ёбанд, рӯзу шаб[596] дар он (85) саҳро битанам. Биҷ-биҷ аз ин тори биҷ бисёр шуду борикиҳо дарҳаму пургиреҳ гашт. Умед аст, ки гусаставу баста моро дар зайл ситураду зуд ин маълули риштаро, ки аз сӯзи пухтагӣ маҳрурмизоҷ гаштааст, ҷавоби шофӣ фиристад, то шифо ҳосил шавад, иншоа-л-Лоҳу-ш-шофӣ.

**Хатти панҷум** дар китобати азо, муштамил бар ду ҳарф: **ҳарфи аввал** дар азонома аз забони ғайр, бар сабили иҷоз, **ҳарфи дувум** дар таъзиятнома аз забони Хусрав сӯйи Латифуддини мукрӣ.

**Ҳарфи аввал** дар азонома аз забони ғайр: **азонома ба нисбат мухталиф**. Неъмати ҳаёти худовандӣ махдуми малики мулук-ул-фузало ва-л-кубаро, кабир-уд-давлат ва-д-дин, афзал-ул-акомил, акмал-ул-афозил, лабиб-ул-офоқ, мисбоҳ-уш-Шом ва-л-Ироқ фӣ аҳёи сунани санияи Муҳаммадӣ ило явм-ид-дин боқӣ бод, *би Муҳаммадин ва олиҳи*. Хидматгорони мухлис Аҳмаду Авҳад ҳомаи бе тоҷ бар хоки тазаллул мениҳанду мустаъташвор рашҳе аз хунобаи дил ба оби дида берун метарованд. Ва бар он ҷумла, ки дар шаби панҷшанбеи дувуми моҳи зу-л-ҳиҷа худованди ҷад[597] мусофири Каъбаи сафо шуду иҳроми бандагии байт-ул-ъатиқ *ъитқун мин-ан-нор* гирифту каъси мусаффои *шаробан таҳуро* нӯш кард, мисраъ: ҳанийян лаҳу мо сақоҳу-л-ғафур. Он чи шаб буд, ки ҷадди шабхез бо чандин бедорӣ дар хоб рафт. Фарёдҳо кардем, дам барнаёварду бихуфт: хуфта аз фарёди мо берун нашуд, (86) назм:

Дар хоб шуду зи мо баромад фарёд,
Фарёд шуниду ҳеҷ овоз надод.

Агарчи[598] бандагонро бо ройи махдумӣ ёрои насиҳат набошад, аммо аз бими андешамандӣ замири мунир андешаманд буда меояд. Чун аз ҳоли ҳиддат теғи қатъии тақдиру ҷараёни таслими ҳикамии Бирҷису Тир он соҳиби теғу қаламро беҳтар равиш[599] аст, дил бар фазли илоҳӣ мебояд ниҳод *ва-л-Лоҳу юҳиббу-с-собирин*. Ҳамвора он бузургавҳар бар сари аиззаву хадам дар сарварӣ қоиммақоми тоҷ бод. Омин!

---

594 НЛ: ин узрро.
595 НЛ: банда Хусравро.
596 НЛ: баъд аз ин: бе ришати ҷон.
597 НЛ: ҷади бузурги волид.
598 НЛ: қабл аз ин ҷумлаи зайл омадааст: агар давлат ҷад аз мо фавт шуд, ал-ҳамду ли-л-Лоҳ, ки таваҷҷуҳи мо ба ҳол аст, ки, мисраъ: аз ӯ рӯйи иқбол холӣ мабод.
599 НЛ: илм.

**Ҳарфи дувум** дар таъзиятнома, ки аз забони котиб сӯйи *Латифуддини* муқрист. **Мактуби ъазо**, бар сабили итноб. **Нисбати ин аз тиловату қорӣ**. [ал-ҳамду *ли-л-Лоҳ-ил-ҳамид-ул-латиф*, рубоӣ:][600]

Ҷон гарчи ки нохонда кунад бар ту хиром,
Ҳам гӯш ба хондани ту дорад ба давом.
Рӯзе бошад, ки остонат бӯсам
В-аз ту шунавам, ки *удхулуҳо би-с-салом*.

Оёти раҳмати Худованди ҳамиду латиф, ҷомиъи авқоти маҷолиси мавлоно молики мулуки ақсар[601], латиф-ул-миллати ва-д-дин бод. Ваҳйи муназзаҳ, ки ваҳйи мунзал аст, аз қавориъи давр ҳофиз, *фа-л-Лоҳу хайрун ҳофизо*. Котиби саҳифа банда Хусрави китоб хондан[602], ки ҳалқаи ихлоси ҷон дар гӯшҳои ҷон дорад, ояти сано (87) мехонаду саҷдаи воҷиб ба ҷо меораду таманнои бӯсидани он даст, ки дар ҳар хатте аз каффи мутаҳҳари ӯ тафсири *ло ямассуҳу илла-л-мутаҳҳарун* возеҳ аст, бағоятест, ки дар баёни маонӣ нагунҷад. Ҳусул, он дасттоҳ, ки фуруддасти тақбили мусҳаф аст, ҳар чӣ зудтар даст диҳод, яду-л-Лоҳи мабсутатун би-л-аёди, назм:

Расидан бар латифам гарчи дур аст,
Расонанда латифи би-л-ибод аст[603].

Китобати ин сураи *алиф лом мим* дар маънии он, ки ин ҷо шунавида шуд, ки нидои ва ҳудан ило сирати-л-ҳамид ба фармони қазо дар гӯши малик-ул-қурро, марҳум Ҳамидуддин расониданду овозаи мақсураи дунё, ки маҷлиси ваъз аст, оҳанги тахти *ъала-л-ароики янзурун* карду ояти *куллу нафсин зоиқат-ул-мавт* бархонд. Ҳар ҷамъеро аз он истимоъ селоби дида бар сафаҳоту ҷинот равон шуд, байт:

Рафт он, ки ба хондан гуҳару марҷон рехт,
Не, не, ки ҳама ҷавоҳири Қуръон рехт.

Масҷиди ҷомеъро некӯ ҷори илоҳӣ аз ҷивор рафт, қомати манора фуруд шуд. Муаззинонро дар фарёд кардан аз болои манора овоз бияфтоду ҷумлагӣ хӯрдҳои эшон хурд бишкаст. Аз дигарон бонги намоз чигуна дар гӯш тавон кард, ки ҳангоми азон худ ангушт дар азони худ мекунанд:

Дар хулди барин расид, меҷуст Билол,
Худ (88) гуфт бад-ӯ Аҳади мурсал, ки таъол.

Хонандагон ҳама ба тахта ёд гиранд. Бубин, ки ин тахтаи хок чанд хонанда ёд дорад, чунонки имсол ҳама хонандагон дар ин тахта фурӯ шуда, ҳадяи лам якунро ба лавҳи маҳфуз равон кард, назм:

Дареғо, к-он чунон хонандаи пок,
Фурӯ шуд ногаҳон дар тахтаи хок.

Маълум шуд, ки Қуръон бар осмон хоҳад рафт[604], чун беҳтарини қурроро пеш аз ин боло бурданд. Беш аз ин агарчи аз овози ӯ ҳар бор Қуръон бар осмон мерафт, аммо[605] ҳам аз он пасу пеш чун хонанда рафт, аҷаб ҳоле, ки як шаҳри рамазон он бувад, ки Қуръон аз осмон фуруд омад, *шаҳру рамазон-ал-лазӣ унзила фиҳи-л-Қуръон*. Ва як рамазон, инак, қорӣ аз шаҳр бар осмон рафт, назм:

Маъзул кунед қорӣ аз наъш,
Чун қории мо ба наъш пайваст.

Субҳона-*л-Лоҳ*, ин чи хондани тасмия бувад, ки дар ҳар маҷлисе, ки бад-ӯ мегуфтанд, *иқраъ бисми*, ҳар кӣ хонданаш тамом бишнид, саҷда кард ва балки дар хондани ӯ ҷамъи қурроро дар ҳама Қуръон ояти саҷда бувад, азбаски ӯ мехонду эшон саҷда мекарданд. Зиҳӣ, ҳамид, ки дар тасмияи ӯ ҳам *ҳо мим* бувbooду ҳам дар аввали тасмия *ҳо мим* ва дар охири миёна *моида*, назм:

---

600 Аз НЛ оварда шуд.
601 МИ: мулук-ул-қуро(ъ); НЛ: мулук-ул-фуқаро.
602 НЛ ва МИ: котиби саҳифа Хусрави китобхон.
603 НЛ: танҳо мисраи аввал ҳамчун як мисроъ мушаххас шудааст.
604 МИ: бар осмон хонад.
605 НЛ: баъд аз ин: ба хондани ӯ боз дар дилхое фуруд меомад, ки фуруд ояд.

Номаш гирам, дуд барояд зи дилам,
*Ҳо мими духон* аст магар дар номаш.

(89) Он чи лаҳни босавоб буд, ки дар Қуръон[606] танзили ман ҳакими ҳамид ваҳӣ мегузораду он чи ғулғули рӯҳафзой, ки замзамаи *инно нуҳйи-л-мавто* дар мазоқи ҷон мерасонад, назм:

Ҳар дам, ки рафт замзамаи ӯ ба гӯши ман,
Ҷонро зи сина гӯш гирифта, бурун кашид.

Ҳазор нонаш аз он тезиҳое хурӯшидаву гулӯҳое харошида, ки аҳли завқро роҳат буду замзамаи шавқро ҷароҳат, мӯъминдилонро шифои нӯшу кофирдилонро[607] гаронии гӯш, *ҳува ли-л-лазина оману ҳудан ва шифоан ва-л-лазина ло юъминуна фӣ озониҳим вақрун.* Афсӯс, ки он толӣ сафи[608] *ал-лазина ятлуна китоба-л-Лоҳи* раҳл барбаст. Агарчи дар хондани Қуръон хатм кард, аммо хонданаш бар *ё син* хатм шуду хатм ин буд, аммо хонданаш дар *каҳфи рифъат*, назм:

Сӯйи *Кавсар* шуду гашт аз *духон* дур,
Тариқи анбиё бардошт аз нур.

Расуле, ки хабари ин воқиа аз тағобуни сувар расонид, расид, то дар гӯшҳо фуруд хонд, *ва изо самиъу мо унзила ила-р-расули таро аъюнаҳум мутафаййизун мина-д-дамъ*, назм:

Ҳарфе аз ин ҳикояти гардун бихонд шабро,
Моҳ пора кард бар худ пироҳани қасабро.
Дар сина гуфт: ҷонам, ҳозо фироқ бинӣ,
Дил гуфт: сабр. Гуфтам: *лан тастатиъ сабран.*

Аз ин тараф аиммаи ҳанафию ҳанифиро аз илми ин ҳодиса (90) таассуфи ин масъуд нав гашту асҳоби қавлу арбоби самоъ[609] даст бар ҳам заданд, байт:

Ҳам дидаҳо зи ё асафо, мавҷи хун кушод,
Ҳам синаҳо зи шуълаи ё ҳасрато, бисӯхт.

Агарчи аз ёди он ҳофизи мағфур ҷойи он аст, ки дар сандуқи хонандагон шерозаи аҷзо аз ҷилд пароканда гардад ва аммо чун дидори қиёматӣ афтоду ӯро ин соат ҳангоми *явма яфирр-ул-маръу мин ахиҳи ва уммиҳи ва абиҳи* пеш омад, *ман мота фақад қома қиёматан* мебояд, ки[610] маҷлиси шарифу унсури латифи Мавлоно Нозир *[Рабби иғфирлӣ ва-л-ахӣ*ро вирди ҷамъияти вақт созаду истимсоки *биъурвати-л-вусқо фасбир сабран ҷамило* гираду истироби башариятро ба башорати *фабашшири-с-собирин* таскин доду силаи *ал-лазина изо асобатҳум мусибатун*ро ба ризо дарпазирифту ба марҷаъи *инно ли-л-Лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун* руҷӯъ намуд, то самараи *иннамо юваффй-с-собируна аҷраҳум бигайри ҳисоб* даруни домани мурод даррасид, иншоа-л-Лоҳа-с-сабур. Доғ кардани ин вараҷи иҳтизози саводи ҷузв дар нисфи аввали шаввол, санату исно ва сабъамиат буд.

**Таслимот**. Фарзанди масъуд Мавлоно Ҳамид, *асъадаҳу-л-Лоҳ*, дуо хонду ба таъмияи][611] *рабби иғфир лӣ ва ливолидайя* рӯҳи волидро ёрӣ диҳад, то дар иқомати ӯ чунон қиём намояд, ки дар қавоими *ас-салоту ъимоду-д-дин фаман ақомаҳу фақад ақома-д-дин* қоиммақоми ӯ гардаду ба сурати *мин аҳсани қавлин мимман даъо ила-л-Лоҳ* сӯфиёни малаи аълоро дар чарх оварад. Агар аз шарафи меҳробу шурфи манора дараҷаи уруҷ бартар талабад, иътисом ба *ҳаблу-л-Лоҳи-л-матин* намояд. Чун медонад, ки сарриштаи тақдирро гусаст мумкин нест, рақабаи бандагиро ба рабақаи маҳкам ҳукми таслим кунад, *фасбир лиҳукми раббика* ва дар фироқи бадру-н-наҷо ба Умм-ул-китоб кард[612]. Худовандону маҳдумон, ал-аиммон, ал-олимони-л-мутабаҳҳирони-т-таҳрирон, шиҳоб-ул-миллати ва сироҷ-ул-умматӣ, ки аз он ҳар ду ҷомиъи Қуръону ъалами номи зу-н-нурайн рӯшан

---

[606] НЛ: қироати Қуръон.

[607] НЛ: кофирмизоҷонро.

[608] НЛ: толисифат.

[609] НЛ: ба ҷойи ин калима чунин омадааст: усул аз истимоъи ин ҳол.

[610] МИ: мебояд кард.

[611] Аз НЛ оварда шуд.

[612] НЛ: гирад.

гашта(91)аст, наввараҳумо-*л*-*Лоҳ*. Ва дигар *Лашиби* офоқ[613], дуррат-ут-тоҷ-ул-Ироқ, кабир-ул-миллат ва-д-дин, бориъ-уз-замон, аломаи ҳамадон, ки камоли бароату ҷамоли иборати ӯ мӯъминонро башорати *ва башшир-ил-муъминина бианна лаҳум мина-л-Лоҳи фазлан кабиро* расонидааст, ҳайёҳу-*л*-*Лоҳу* фӣ аҳёи-*л*-маъонӣ. Ва дигар Амири мансаб, таъсир-ул-адл ва-*л*-иҳсон, сипаҳсолори олами одил, тоҷ-уд-давлат ва-д-дин, зоҳиди маҷмаъ-ул-адл ва-*л*-фазл, юзоъифуҳу-*л*-*Лоҳу* тавфиқа алайҳи. Ҳар як аз ин бузургон ба қироати[614] *саломун алайкум тибтум* махсусанд. Ва дигар бародари алтафу бародарони ӯ хусусан, девонаи соҳибнеъмат, ки моидаи *мо анта биниъмати Раббика бимаҷнун* инъоми ӯст, зода-*л*-*Лоҳу* латоифа биҳим, дуруду таҳиёт мутолиа фармоянд, *улоика алайҳим салавотун мин Раббиҳим*. Аз ҷумҳури хонандагони салом[615] умедвори ҷавоби салом буда меояд, *ва изо ҳайайтум битаҳиййятин таҳийю биаҳсани минҳо авродаҳо*. Ёрони ин тараф таслимоти вофира ирсол намуданд, *фасаломун лака мин асҳоби-л-ямин*. Ва-с-салом.

**Хатти шашум** дар тибату ҳазл, муштамил бар чаҳор ҳарф: **ҳарфи аввал** дар тибати ҷид бо ҳазл, **ҳарфи дувум** дар тазкири бар пой доштани суннати тахнис ва ин номаро ном "Идбор-ул-идбор" шуд, **ҳарфи севум** дар баёни аҳлияти ноаҳлон ва номи ин "Сеҳр-ус-саҳр" аст, **ҳарфи чаҳорум** дар бароату қабзи саҳр.

**Ҳарфи аввал** дар ҷид бо ҳазл: **аввалаш нисбати хона**, пас аз он **нисбати хона ҳамчунон нома**, назм:

*وَ دارُکَ یا وَدیدی مثلَ خُلدِ　　وَ لیسَ کَمثلها کُلُّ البلادِ
تَرَقّی الجَوَّ ضعفتها عَلاءً　　وَ ثُبِتَت کَالسَّماءِ بلا عِمادی

Зи баҳри нокасе (92) бе ҷурм аз ин ҷо
Раҳеро рахт дар доман ниҳодӣ.
Зи Одам бистудӣ з-ин сон биҳиште,
Калидаш дар кафи иблис додӣ.
Дар ин хона, ки ҷойи шодмонист,
Мабодӣ бе ғаму ҳаргиз мабодӣ.

То шишаи хонаи чарх бо рӯшандони офтобу тири Ҷавзову тиркаши Қавс гардону гардон[616] бошад, тинати зоту банияти ҳаёти худованду бародарам аъаззи амҷад, маҷд-уд-давлат ва-д-дин, муҷаддади иморати маҷду маолӣ ва маъмураи аълою аъолӣ, муассиси шурфи шараф, бонии мутаррафи тараф, мабонии табоюдро аз хонаи ғайбу таъйиди устонаи лорайб маҳкаму мустаҳкам бод. Ва зилли осмонию тазалзули заминию замонӣ дар ҳама абвоб аз наздикон дар дур, ба ҳаққи байт-ул-маъмур. Ва ҳаёти қусури банда Хусрав, ки иморати байту аркони он дар обу гили ӯ бунёдесту худро дар ин боб асосе ниҳодӣ, замини ниҳод сар бар устони осмонсой ниҳоду иштиёқи он мардуми дида, ки хонаи мардумӣ бад-ӯ рӯшан аст, чандон намуд, ки дар хонаи даруну даруни хона нагунҷад:

Рӯзе бошад, ки ой, эй дидаи ман,
Дар хонаи чашму чашм рӯшан гардад.

Бунёди ин роз бинобар он ки муддати дуним моҳ аст, ки ин Уторид дар шарафи хонаи худовандӣ, ки: кайвони сипеҳри ҳафтуминаш гӯянд, (93) манзил гирифтаву мустақим шуда, валекин Муштарӣ нест, ба муштағил[617] нишастаасту семоҳа аз зар дода, ки яқ ҳаббаву як ҷав боқӣ намонда. Аввали рӯз, ки пой дар ӯ бинҳодам, сар бинҳодам. Азбаски бӯстоне дар назар омад, ки биҳиштам дар назар наёмад, *Раббӣ анзилнӣ мунзалан муборакан*, мехостам, ки бихонам, *лам яхлуқ мислуҳо фӣ-л-билод* бар забон мегузашт. Суфа бар рӯйи замин тоқу аз баландӣ ба осмон ҷуфти дувоздаҳ бурҷи фалак даруни он сокин гашта, валекин ба буруҷи фалак, ки баъзе мунқалиб асту дар вай собит аз ӯ бурда[618], ҳавзхона, ки дар ӯ қасри Шаддод гум шуда, ҳавзе, ки Кавсар об аз ӯ бурда, балки он ҳавз об аз Кавсар бурда, китобхонаҳош ба китобаи *фаинна-л-ҷанната ҳия-л-маъво* мунаққашу тахтаҳои

---

[613] МИ: ва дигар нисбати дуррат-ут-тоҷ.
[614] МИ: Қуръон.
[615] МИ: ислом.
[616] НЛ: гузарон; МИ: гардош.
[617] НЛ: бе шуғл; МИ: ба мустақбал.
[618] НЛ: собит монда.

китобхона бо лавҳи маҳфуз бозхондаву сутунҳо чун алиф *ирама зота-л-ъимоди-л-латӣ* дар маҳалли рафъу насбу дарҳо мабнӣ бар фатҳу тахтаҳои дар, ки ба осмонхона пайвастааст, ба овози сарир *ва футиҳати-с-самоу факонат абвобуҳо* баланд карда. Ҳолӣ, ки бар бомаш бароймадам, сарам дар чарх шуду ғулғулаи фариштагон мешунидам, ки сӯйи он бом медавиданду бар рӯйи ман мегуфтанд[619], назм:

Зиҳӣ манзар, ки чун боми биҳишт аст,
Ки аз Хусрав даме холӣ мабодо.
Қазо дар ҳафт сақфаш диду бархонд:
*Банайно фавқакум сабъан шидодо.*

(94) Чун дуртаре[620] нигаристам, аз серӣ то об хун дар назар омад, гуруснагию ташнагӣ аз ман бирафт: бод мерафту ҷавоб меомад. Бод ин сӯ буду ҷавоб он сӯ. Ҳама шаб дар он таносонӣ тан ба осонӣ додам, чунонки, мисроъ: душвор бувад хостан аз хоб ба чошт.

Рӯзи дигар аз дувоздаҳмоҳагарӣ як соле ба канизаки хос медодам, ки нигаҳбони он хона аст, наситуд. Ҷавоб дод, ки агар Хоҷа фармон диҳад, биситонам. Чанд рӯзе бигузашт, мизоҷи сӯфиёнаи ман бидиданд, муште девонагон бунёд ниҳод, ки дар ин хона пеш аз ин писари Тумархон буд, ки як рӯз бе шоҳиду шароб набудию ман шоҳиди ҳоли ӯ будам. То вақти шаҳодат ангушт бароварда, ҳамин калима хоҳам гуфт. Аз ин сангандозиҳо мекарду ман пеши худ девор бармеовардаму як гӯш дару яке девор карда[621]. Чун аз ҳар даре, ки омад, бо манаш дарнагирифт. Ҳамсоягонро, ки ӯ бошанду ҳама бо ӯ мебошанд, ба ангехт, ки аз барои коҳидани ман хаскашӣ кунанд, ки эшон хаскашӣ мекарданд, ман хаспӯшӣ мекардам. Муште хасису хаси бозорӣ, ки бо ҷави манӣ суханфурӯшӣ кунанду ҷангро ба баҳона харанду бар сари дукончаи сангин чун каргасон бар сари кӯҳ қатор нишаста, бар яке (95) шорик даҳон боз кардаву чун мокиёни шумовоз, ки аз раҳи кун бонги хурӯш кунанд, то ҳариф бонги зоғ накунад, нагузоранд. Ҳар киро ҳаст[622], дар банди пеши по гирифтану пеши пой додан бошанд, ки агар сарашон бияндозӣ, пой пас наёранду агар ангушташон[623] канӣ, сар пас фикананд. Дар ҷанг ба ангушти пой пеш бираванду ҳар ангушти дастро ба сад барона пой кӯбонанд. Гузариёнро ба санг даргузоранду ҳар кӣ кулӯхи амрудашон дидааст, кулӯхашон чун амруд фуруд хӯраду ба беобӣ бигзарад. Агар осебе бад-эшон расонад, амарот бошад, ки то сухан кунӣ, хома худ шох-шох мебинӣ. Ҷаҳоне аз забони ман тарсаду ман аз забони эшон:

Лӯлиёни табаву ёвазанони сахра,
К-аз даҳон шатра зананд, аз раҳи бинӣ нахра.

Ҳар гоҳ, ки аз буруни хона дарун мерафтам, дари хусумат мезаданду ман ҷониби худ роҳ намедодам. Буруни дар ҳамсоягон балову даруни хона ҳамҷона бало, ба:

Золе[624], ки ба сони Рустам аст аз Дастон,
Рудоба даруни чоҳ Бежан дорад.

Қофе симургро бигзораду[625] худро зоғнӯл созад. Дарозгӯше модафасод, ки гӯши дарозаш бо рахнаи фарох ба фароғи[626] астар монад, ки ҳалқаҳо дар ӯ карда бошанд. Ончунон дарозгӯше моро лӯки хар мегираду саргини ғорат[627] (96) ва дар ҷанг гӯш беҷунбонаду чун бел сарҷунбон ҷумла ҳамла бар ман меораду дандон мезанад. Ман чун гуздон дар пойи ӯ меғалтам, аз дасти ӯ нек бишкастаам. Ногоҳ дасташ нахоҳам шикаст, то ҳам аз гӯши дарози хеш дастовез созад, назм[628]:

---

[619] НЛ: бар рӯйи ман ба ростӣ мехонданд.
[620] НЛ ва МИ: чун ба замин.
[621] НЛ: баъд аз ин: яъне, истироқи самъ нанамуда.
[622] НЛ: ҳар кӣ воқиф аст.
[623] МИ: инон.
[624] ДТ ва МИ: ҳудуди байт муайян нест, мисли ҷумлаи насрӣ оварда шудааст.
[625] НЛ: Золе, ки дар Дастон кӯҳи Қоф аст, Қофе, ки симурғро бидуздад.
[626] МИ: сӯроху..
[627] НЛ: мекунад.
[628] НЛ: китъа.

Аз ҳар ду гӯшпора барбаста дор бехе,
Пас зери кун кашида онро зи бас дарозӣ.
Аз баҳри он ки оянд аз кӯча чанд *лӯлӣ*,
Ҳар рӯз сӯйи гӯшаш дар во зи панҷи бозӣ.

Қулоше, ки ба ду гуна чандин харзаро ҷуфта ниҳодаасту дар фарохкомӣ бо муфрадон пойи чапу рост истода, ҳама фардон ҷуфт гирифтаасту моро бе ҷуфт мебинаду гов мегирад. *Илоҳӣ*[629], *камо тазраъ, таҳсуд* [моро намехоҳад, касеро мехоҳад, ки ӯро бихоҳад. Касеро дар ин хона][630] меорад, ки дар хонаи дигар аст. Касеро ба карӣ менишонад, ки бе карӣ ӯро нишонад, маро аз карӣ намекунад, назм:

Баҳои харзаи ман карда ҳазор дирам,
Бирав, ки харза ба байъу шарӣ нахоҳам дод.
Ту хоҳ хона киро деҳ марову хоҳ мадеҳ,
Ман ин сутун ба ту боригарӣ нахоҳам дод[631].

Ҳуҷраҳои хона устувор кардаасту муҳри *гуллиқати-л-абвоб* бар он ниҳодаву ҳар ҷо, ки аз барои рахт ҷой металабам, ҳама дарҳои баста менамояду ҳарчанд, ки даркӯбӣ мекунам, ки як дар бикшой, мегӯяд, ки ман ин дар накшоям. Намедонам, ки бо ӯ ба кадом дар дароям, рубоӣ:

Ҳамхонаи ман он зангии (97) шумихарак
В-аз хоҷаи худ ба ҳар даре хонапарак.
Бикшод ба ман як дари худрову бар ӯ,
Ё Раб, ту кушода дор ҳар ҳафт дарак.

Канносро ба ҳукми *ал-қозӣ ло юҳиббу-л-қозӣ ва-н-носу ка-н-носи* хона даромадан намедиҳаду палидии он хона худ пок мекунаду ҳар бор каннос ба хусумат гуҳ дар даҳанаш мекунад, оқибат бошад мар[632] даҳани ганда гирд намеорад. Шак нест, ки сафоли Деҳлист, ки ба сад санг нашканад, валекин ба дасти каннос дармондааст. Мехоҳад, ки аз дасти ӯ дар чаҳ афтад ва бе дараҷаи таштхона, назм:

Ки басе хӯрд мар он палиддаҳон[633],
Бикашам рӯзе охир аз шикамаш.

Ва аз барои саргин дар ҳазор хона бӯйкунон мегузараду чандон гирд кардааст, ки ҳар рӯз ғуломони ман саргини ӯ мекашанду кам намешавад ва ҳар рӯз ду вақт нонаш медиҳанд. Маъа ҳозо, аз он ҷо, ки ҷуъи калбӣ дар ботини ӯ мутамаккин аст, бар рӯйи мо сагӣ мекунад, ки бар рӯйи нон наҳйи саг бихӯрад. Ва худро сангдонаи харос сохтаасту моро бад гирифта, гургоштӣ ҳам намекунад. Ва агар як соат нонаш намедиҳам, он моҳ мебараду[634] моро косаи ношуста мекунад, назм:

Бисёр санги хеш нигаҳ доштам, кунун
Камкосагиям нашканад[635] аз косаи сараш.

(98) Оташхоре, ки дарунаш сӯхтаи қадҳ аст, моро, ки ба сони номи қадҳ оташ дар мегираду аз ин сӯзок меҷӯшам, ки ин золи ғуломпoраро асои пирон мебояду ҳар ҷо, ки амраде мебинад, хун мехӯраду об раҳо мекунад. Гӯй, ум-ус-сибён аст, ки бар сари[636] кӯдаке шир фуруд меорад. Булаҷаб ифрияте, ки ҳар рӯз ҳазор девро бозӣ диҳад, вале ҳар шабаш иблисе бозӣ медиҳад. Аз кардаи ӯ фаришта дар ин хона фуруд намеояду касе ҳам нест, ки девашро фуруд ораду ҳама ҳамсоягон аз шайтанати ӯ дар лоҳавл мондаанд, назм:

Он сояи бад намешавад дур аз ман,
*Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ.*

---

[629] НЛ: оре.
[630] Аз НЛ оварда шуд.
[631] МИ: мисроъҳои дуюму севумро надорад.
[632] НЛ: оқибат пошнаи даҳани.
[633] НЛ: забон.
[634] НЛ: оби мо мебараду.
[635] НЛ: нашканам.
[636] МИ: ҳар.

Аз ҳар ду гӯшпора барбаста дор бехе,
Пас зери кун кашида онро зи бас дарозӣ.
Аз баҳри он ки оянд аз кӯча чанд *лӯлӣ*,
Ҳар рӯз сӯйи гӯшаш дар во зи панҷи бозӣ.

Қулоше, ки ба ду гуна чандин харзаро ҷуфта ниҳодаасту дар фарохкомӣ бо муфрадон пойи чапу рост истода, ҳама фардон ҷуфт гирифтаасту моро бе ҷуфт мебинаду гов мегирад. Илоҳӣ[629], *камо тазраъ, таҳсуд* [моро намехоҳад, касеро мехоҳад, ки ӯро бихоҳад. Касеро дар ин хона][630] меорад, ки дар хонаи дигар аст. Касеро ба карӣ менишонад, ки бе карӣ ӯро нишонад, маро аз карӣ намекунад, назм:

Баҳои харзаи ман карда ҳазор дирам,
Бирав, ки харза ба байъу шарӣ нахоҳам дод.
Ту хоҳ хона киро деҳ марову хоҳ мадеҳ,
Ман ин сутун ба ту боригарӣ нахоҳам дод[631].

Ҳуҷраҳои хона устувор кардаасту муҳри *ғуллиқати-л-абвоб* бар он ниҳодаву ҳар ҷо, ки аз барои рахт ҷой металабам, ҳама дарҳои баста менамояду ҳарчанд, ки даркӯбӣ мекунам, ки як дар бикшой, мегӯяд, ки ман ин дар накшоям. Намедонам, ки бо ӯ ба кадом дар дароям, рубоӣ:

Ҳамхонаи ман он зангии (97) шумихарак
В-аз хоҷаи худ ба ҳар даре хонапарак.
Бикшод ба ман як дари худрову бар ӯ,
Ё Раб, ту кушода дор ҳар ҳафт дарак.

Канносро ба ҳукми *ал-қозӣ ло юҳиббу-л-қозӣ ва-н-носу ка-н-носи* хона даромадан намедиҳаду палидии он хона худ пок мекунаду ҳар бор каннос ба хусумат гуҳ дар даҳанаш мекунад, оқибат бошад мар[632] даҳани ганда гирд намеорад. Шак нест, ки сафоли Деҳлист, ки ба сад санг нашканад, валекин ба дасти каннос дармондааст. Мехоҳад, ки аз дасти ӯ дар чаҳ афтад ва бе дараҷаи таштхона, назм:

Ки басе хӯрд мар он палиддаҳон[633],
Бикашам рӯзе охир аз шикамаш.

Ва аз барои саргин дар ҳазор хона бӯйкунон мегузараду чандон гирд кардааст, ки ҳар рӯз ғуломони ман саргини ӯ мекашанду кам намешавад ва ҳар рӯз ду вақт нонаш медиҳанд. Маъа ҳозо, аз он ҷо, ки ҷуъи калбӣ дар ботини ӯ мутамаккин аст, бар рӯйи мо сагӣ мекунад, ки бар рӯйи нон наҳйи саг бихӯрад. Ва худро сангдонаи харос сохтаасту моро бад гирифта, гургоштӣ ҳам намекунад. Ва агар як соат нонаш намедиҳам, он моҳ мебараду[634] моро косаи ношуста мекунад, назм:

Бисёр санги хеш нигаҳ доштам, кунун
Камкосагиям нашканад[635] аз косаи сараш.

(98) Оташхоре, ки дарунаш сӯхтаи қадҳ аст, моро, ки ба сони номи қадҳ оташ дар мегираду аз ин сӯзок меҷӯшам, ки ин золи ғуломпораро асои пирон мебояду ҳар ҷо, ки амраде мебинад, хун мехӯраду об раҳо мекунад. Гӯӣ, ум-ус-сибён аст, ки бар сари[636] кӯдаке шир фуруд меорад. Булаҷаб ифрияте, ки ҳар рӯз ҳазор девро бозӣ диҳад, вале ҳар шабаш иблисе бозӣ медиҳад. Аз кардаи ӯ фаришта дар ин хона фуруд намеояду касе ҳам нест, ки девашро фуруд ораду ҳама ҳамсоягон аз шайтанати ӯ дар *лоҳавл* мондаанд, назм:

Он сояи бад намешавад дур аз ман,
*Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ.*

---

[629] НЛ: оре.
[630] Аз НЛ оварда шуд.
[631] МИ: мисроъҳои дуюму севумро надорад.
[632] НЛ: оқибат пошнаи даҳани.
[633] НЛ: забон.
[634] НЛ: оби мо мебараду.
[635] НЛ: нашканам.
[636] МИ: ҳар.

Маблаға шолӣ дар офтоб андохта будем, он сояи хонагӣ бидуздиду аз даҳи ман чаҳор мани хушку[637] тар бибурдаву бо лавлингон барорад. Шолӣ ҳам аз дасти ӯ кӯфта мешаваду хона ба хона ҷувоздаста пеш гирифтааст. Дар талаби ҷувоздаста мегираду ба як захм мехоҳад, ҳама шолӣ биринҷ кунад. Кунҷишк ҳавсалаи он надорад, ки як дона шолии ӯро бихӯрад, ки мӯй дар куни шолӣ ягон ягон мешумарад. Ман бар куни ӯ он хоҳам кард, ки ҷувоздаста бар рӯйи шолӣ, балки чун балокаш нахоҳам кӯфт[638], ки шолии маро бурдаасту кӯфта карда, назм:

Эй саг, бидеҳ он шолии ман варна туро
Чун бӯзина[639] ба ранҷи по кӯбонам.

Канизак бача дорад хурдсоло, сахтҷоне, ки паркола аст аз санг, гӯӣ, ки санг бишкофтаасту берун омада, тез мезанад, ки санг битарқаду санг тез битарқад, ки оруғ бизанад. Сангро чун набот бихояд, ки сангреза зери дандонаш напояд. Гурдат муҳра чун санге, ки кӯдакон аз барои лак бохтан гирд кунанд. Он гаруҳаи сангинро ҳар ҷо, ки партоб мекунад, чун фундуқи ресмон бозмегардад. Наздики осиё нопайдо, гӯӣ, сангреза аст, ки ҳам аз он санг ҷудо шуда ё арзане аз гулӯгоҳи осиё берун афтода, *ло бал ка-н-намли ъала-р-раҳо*, назм:

Ҷое, ки гандум ос шавад, кирм ҳам шавад,
Кирме, ки гандум ос кунад, ин аҷаб бувад.

Овози осиё меҷунбаду осиё аз ӯ диданро миёни ду санг орд мебояду[640] ҷав-ҷав дар кашидани осиё дақиқаҳо берун меорад, ки аз он бориктар набошаду он санг аз дасти ӯ гаронсанг монда, балки саргардон шудаву аз сахтии кашидани ӯ сари осиё мегардаду ӯ бо аҳиббо[641] мегӯяду диданаш чарх мезанад, назм:

Хушо суруди канизон ба гоҳи кардани ос,
Ки осиё бар силӣ бурун кашад овоз.

Бӯзинаи хидматтор бар он сияҳсар чашм сурх кардаасту ҳар бор, ки ӯро мебинад, занҷир мегусалад, ки агар он бӯзинаро ҷома (100) будӣ, ҳазор бора пора кардӣ. Халқеро аз буни дандон газанде мерасонад, ки ин росукро пеши ӯ баранд, бар ӯ ба бозӣ меҷаҳаду дандон сапед кардани ӯро устувор намедораду як бор ба чанги ӯ афтодаасту газида шуда. Ҳарчанд ин бӯзинаро ба сутун бармебандаму дар чӯб мекашам, оқибат назар сӯйи ӯ медораду механдаду бӯса мехоҳад. Ғуломе дорам чуғд[642], Солеҳ ном, ки сагонро хассӣ мекунад. Ӯро ба хассӣ кардани ин бӯзина тез кардаам, ки мардум аз он модаи фасод бираҳанд. Ва Нағзаки Сақо бӯзинаро ба гашт бурду ба деҳ расониду боз омад, бӯзина биҷасту Сақо гирифтор шуд. Ҳар рӯз дар хуми[643] он зол мушаке об аз пушт мерезаду ҷинояти ӯ шуста намешавад. Бечораро дар об рехтан пушт дуто шуда, балки об аз пушташ намондаву аз бетоқатӣ гоҳ-гоҳ ба сутуни пойгоҳ такя мекунаду гаҳе ба досаи охир, *ал-ғариқу юғрақу бикулли ҳашишин*. Инчунин золе, ки дар ин вақт сиблат сабз мекунаду бар сурхришии ман намебахшояду механдад. Ба ҳаққи сияҳришии шумо, ки мӯй ба мӯй ҳама маҳосин аст, ки беришони худро сари мӯйе ишорат хоҳам кард, то ягон-ягон тайи мӯйи ӯ бикунанду ҳам дар занахи ӯ ниҳол кунанд. Бошад, ки ӯро аз риши фурӯзини хеш шарм (101) ояд ва ё бихоҳам гуфт, то мӯйи бағалаш бигиранду дар хона мӯйтобаш бибуранду анбоне пашм аз бағалаш берун оранду чандон бар сараш зананд, ки сипуш дар сараш бимурад, назм:

Тавонамаш, ки агар мӯ бигираму бикушам,
Диле ба даст чӣ ояд ба куштани сипушам?

Мани банда, ки Хусравам, дар ин кӯҳи бесутун Фарҳод шудааму ба ҳар мансуба, ки ҳаст, бо ӯ назди канизакон меборам, хонагир муяссар намешавад. Чанд рӯзе шуд, дурӯғе

---

637 НЛ: чире хушк.
638 НЛ: чун боди шикамаш хоҳам гирифт.
639 НЛ: мӯрча.
640 НЛ: ва осиё аз ӯ ватадеро миёни ду санги орд месояду.
641 МИ ва НЛ: осиё.
642 НЛ: муфсид; МИ: сапед.
643 НЛ: захми.

рост кардааст, ки хоҷа дар ин хона хоҳад омад, иншоа-л-Лоҳу таъоло. Зудтар нақл кунад, то ин хона мулки ту гардаду ман қитъаро, ки асрор аст, дар гӯши ӯ шикоф кардаам[644]:

Ба берун карданам[645] з-ин хона, эй зол,
Ба лаб чун маст дар қиморхона.
Ки оҷиз мондам аз чун ту ҳарифе,
Чу якто муҳра дар мурдорхона.
Зи бас, к-аз дасти ту девона гаштам,
Маро ин хона шуд беморхона.
Туро ҳамхонае чун ман набошад,
Маро з-ин сон бувад бисёр хона.
Қалам ҳасту давоту қуввати табъ,
Макун дасти бало дар морхона.
Хамуш кун, варна мадҳи хоҷаи ту
Диҳам дар дафтари ҳар корхона.
Яке хона пур аз дашном бахшам,
Ҳама дашномҳои чорхона.

Агар мегӯям, ки чун хоҷаи ту биёяд ман биравам, мегӯяд, ин ҳадс ман (102) задаам тез дар риши хоҷа. Ва агар мегӯям, сими карӣ ҳам ту биситон, мегӯяд, к.ре даҳ кирояи хоҷаи ман аст. Ҷамоатҳо аштот медиҳад ва агар манъаш мекунам, мегӯяд, аз хоҷа иҷозатнома дорам ба хатти ӯ. Он гандалиҳоф гоҳ-гоҳ аз гӯши ман пунба мекашад, ки ман ҳар рӯз дар пашми огандаи хоҷа ганд кардамӣ. Ончунон фармондеҳе чунон фармонбардори ман буда, ки ба муште риш пок кунад. Гуфт: мизоҷи хоҷаи ман беҳ аз ман надонӣ, бағоят сустсиблат аст. Ҳама шаб риш пеш доштӣ ва агар даҳан фароз кардӣ, мегуфтам, ки ӯ марде бузург аст, боде дар бурут дорад. Канизаки гумраҳро чунон бар сар бизад, ки бар торакашу сиблаташ тези канизакон ҳама шаб бӯй кунаду бомдод пурбод карда, дар девон равад:

Гуфтамаш, эй тезбӯ[646], ту дар риши з-ин сон хоҷа
К-аш гаҳе сиблат занӣ, ки тез дар сиблат занӣ.

Рӯзе он кафторро шергир дидам, ба нармӣ тафтиш кардаму гуфтам: ҳар гоҳ хоҷаи ту дар ин хона ояд, ту чӣ кор кунӣ? Гуфт: ҳар чоштгоҳ таштхонаро ҷорӯб занам. Чун аз он фориғ шавам, дар миёнаи рӯз хоҷаро сиблат занам, то хобаш мебарад. Як рӯз ҷорӯби таштхонаро дидам, ба мӯйи тофта баста буд. Гуфтам: бар мӯят (103) ин чист? Гуфт: мӯйи сиблати [хоҷа аст. Гуфтам: ба ресмон чаро намебандӣ? Гуфт: ба ҷиҳати][647] ресмони ҷайтал чарх мебояд кард. Гуфтам: таштхонаро нек пок карда медорӣ, сабаб чист? Гуфт: хоҷа он ҷо мераваду чизе тановул мефармояд. Гуфтам: дар ҳавзхона чаро тановул намекунад? Гуфт: хоҷаи ман марде девондор асту ҳоҷатмандонро ба риши ӯ ҳоҷат, шикамгирифта бари ӯ меоянд, то шикам холӣ кунанду биравонд. Агар ӯ нон дар ҳавзхона хӯрад, худро мусодара карда бошад, байт:

Аз сурфа ҳар он чи мерияд, мебихӯрад,
То пухтани нон ба хона ҳоҷат набувад.

Рӯзе дар дасти он канизак нигоҳ кардам, ангушти миёнаро нохун надидам. Гуфтам: магар касе дуоят кардааст, ки нохуна мабод, то сар нахорӣ?

Гуфт: ончунон нест, валекин ангушт дар куни хоҷа кардам, ки кадудонаҳо бикашам, то ҳам ба ҷиҳати ӯ қалия созам. Ҳолӣ, ки ангушт дар кун рафт, нохун намонд, назм:

Бигуфтамаш, ки чу дар кун мекунанд ангушт,
Зи баҳри чист, ки нохун нигоҳ медорад.
Ҷавоб дод, ки хораш бурун зи андоза аст,
Дарун дарунаш аз он нохуне намехорад[648].

---

[644] НЛ: ва ман ин қитъаро, ки асрор аст, дар гӯши ӯ ошкоро кардам.
[645] НЛ: Ту берун кардиям.
[646] НЛ: тез.
[647] Аз НЛ оварда шуд.
[648] НЛ: даруни ӯ ҳама з-он нохунон ҳаме хорад.

Гуфтам: ту обхона тез пок кардан аз куҷо ихтиёр кардӣ? Гуфт: он гоҳ, ки маро мӯйи бағал бар кандан фармудӣ. Гуфтам: ё маро бифурӯш, ё таштхона пок кардан фармой? Чун (104) нафурӯхт, худро дар таштхона афкандам, он гоҳ аз он гандагӣ халос ёфтам, назм:

Гуфтамаш: мӯре мабар, зи чӣ сабаб мешӯй?
Посухам дод, ки обаш[649] зи пайи хоҷа марост.
Гуфтамаш: тоқати он бӯй чӣ сон меорӣ?
Гуфт: биниям зи бӯйи бағали хоҷа пур аст.

Гуфтам: чаро оби даҳан надорӣ? Гуфт: дар ҳолате, ки мӯйи бағали хоҷа мекандам, аз гандагии он чандон хай дар риши хоҷа афгандам, ки ҳеҷ обе намонд[650], назм:

Кунаш баррафта то бағал в-он гоҳ
Мояи кунаш дар бағал чизе.
Аз бағал тез мезанад, ки ба кун
Набувад гандатар аз он тезӣ.

Гуфтам: дар зимистону тобистон хоҷаи туро парваришу маишат аз чӣ бошад? Гуфт, ки дар зимистон пойчаҳои канизаконро бишапладу бад-он рӯғанҳои пойча нон чарб кунаду бихӯрад ва дар тобистонҳо ҳар рӯз як сер рими дандон фуруд ояду ба ҷойи сандал дар гулӯ моладу бад-он бӯй димоғ ганда кунад, назм:

Бигуфтамаш, ки на дандон, сафоли гулхандон,
Зи[651] ҳеҷ ки аз наҷосат, к-аш набинад пок.
Ба ханда гуфт, ки мисвок кард як рӯзе,
Нарафт гандагиву суда шуд ҳама мисвок.

Гуфтам: аҷаб тақтеъе дорад, ки дар рафтори кабк ҷилваи товус менамояд. Гуфт: чӣ тавон кард? Гуфт: он бати батию-с-сайрро, ки дар ҳар обгаҳе ғӯта бозгуна (105) задааст, гӯй, малики дод бикунигар аст, ки аз Мултон ғалтон-ғалтон ин ҷо расидааст ё сабӯи баканӣ аст, ки дар ҷавоб каф аз даҳанаш берун меояд, ё хуми шароб аст, ки ҳар ҷо муфсиде аз ӯ соил аст. Чун мастон хуспад, донад, ки гунбади хатира ба сар шудааст ва агар нагун афтад, пиндорӣ, ки гӯрхар баста баромадааст. Гоҳе, ки чаҳормех шавад, гумон равад, ки говпушт аст, шоҳидонро заминдӯз кардааст. Чун хештанро гирд гирад, сурати куне ҷуз, ки кофирон, то камар дар замин фуруд шудааст. Чун бидавад, донӣ, ки дабаи куҳанро ғалтонидаанд ва агар дар гирди[652] мақъади ӯ назар афтад, чунон намояд, ки кулӯхи истинҷо аз ғояти кун пок кардан гирд шудааст. Ба моидаи рӯзӣ аз хонаи дӯсте масту ғалтон ду ғуломи сиёҳаш гирифта меоварданд. Гуфтам: магар канносон сабади гуҳро меғалтонанд. Чун ин сухан аз он зол бишнидам, маро худ лоғ мебоист, ин байт иншод кардам, рубоӣ:

Эй зол, чи ганданамаку гуҳхорӣ,
К-он чи аз даҳан оядат, фурӯ меборӣ.
Аз хоҷаи худ қавӣ диле бардорӣ,
К-ин саргинро бар сари вай меорӣ[653].

Ҳар чӣ пурсидам аз ин золи хабис, чун даруна пур дошт, ҳама бурун метаровид. Гуфтам: шиками хоҷаи ту чаро бузург аст? (106) Гуфт: ҳама рӯз ғамбода бо ӯ суҳбат мекунад, агарчи бар фасод ҳамл шавад, он шикам аз ӯст:

Гуфтам, ки чигуна хурд гардад шикамаш?
Гуфто, ки агар раҳо шавад бод аз ӯ.

Гуфтам: хоҷаи ту шикам дорад, валекин кун надорад. Гуфт: кун додааст, шикам аз он ҷо ситудааст. Гуфтам: бағоят пухтакун аст. Гуфт: дар он ҳисобҳо рафтааст, ки ӯ то қиёмат сар боло натавонад кард, назм:

Гуфтам, ки нависанда чунин мебояд?!
Гуфто: ҳашуш ба ҳеҷ бориз н-ояд.

---

[649] МИ: обе.

[650] НЛ: ба даҳан намонд.

[651] МИ: ки.

[652] НЛ: Ин калимаро надорад.

[653] Аз сархатти "Гуфтам: аҷаб тақтеъе" то ба ин ҷо дар нусхаи МИ ҳазф шудааст.

Гуфтам: охир, хоҷаи туст, чандин лоғ макун, охир бигӯ чаро кун надорад? Савганд ёд кард, ки чандон бар хараш нишондаанду гардонида, ки дар кунҳош суда шудааст[654]. Гуфтам: дар сар мӯй ҳам надорад. Гуфт: баротдорон чандон сабади гуҳ бар сараш додаанд, ки мӯйе дар сараш нест, назм:

Гуфтам, ки ҳанӯзаш сари шуғле бошад[655],
Гуфто, наравад инҳо ҳаргиз зи сараш.

Сақои ман ин ҳолат, ки дар он зол қаламҳо тартиб мекард, дар нишастгоҳаш гиреҳҳои баста дид, пурсид, ки ин чист? Гуфт: борҳо маро бар гардани хоҷа нишонда, гардонида. Ин гиреҳҳо аз он ҷо ҳанӯз ришта дароз бастааст, назм:

Гуфтам: гираҳ баст шарми худро кирдор[656],
К-аз омаду шуд к.ри ғуломам гираҳ баст.

Боз пурсидам, ки чун[657] сурияти хоҷа будай, ҳама рӯз лаб бар лабу даҳан (107) бар даҳан чаро аз огӯши ӯ канора гирифтию аз бӯси ӯ рӯй тофтӣ? Гуфт, ки тоқати гандагии даҳонаш надоштам. Гуфтам, ки дар сурияти хоҷа бисёр рашк кашида бошӣ? Гуфт: оре, рашк мекашидам, валекин дар мӯйи бинии хоҷа. Гуфтам: рашки ин ғуломбачагон чаро мекашӣ? Гуфт: инҳо ҳама мӯйи бинии хоҷаанд, назм:

Бигуфтамаш, ки ту ҳам мӯйи бинияш будӣ?
Ҷавоб дод, ки будам, вале ҳам ӯ кандаст.

Гуфтам: фарзанде дорад? Гуфт: як думе дорад ҳамчун хилм, гӯӣ, аз бинии ӯ чакидаанд, назм:

Гуфтам, ки қавӣ гандадимоғ аст он мард,
К-аз бинии ӯ чакад чунин гандагӣ.

Гуфтам, ки марде ҷавон асту сияҳриш. Гуфт: ришсапед шудааст, валекин ягсон ридаанду сияҳ кардаву сиблаташ аз бӯйи тез дудранг шуда, назм:

Гуфтам: ба даҳонаш риданам кард ҳавас,
З-ӯ даст ба риш, к-ин бикунаму бас[658].
Гуфтам, ки чӣ мезанӣ ту? Гуфто, ки занах.
Гуфтам, ки чӣ мекушӣ ту? Гуфто, ки магас.

Гуфтам, ки хонаи дигар надорад, ки ин хонаро саргиндон мекунад? Гуфт: батонаи ӯро медонам, ҳазор хона дорад, ки хӯриши ӯ аз он ҷо берун меояд[659], назм:

Он шикаста набувад ҳеҷ касеро, ки дар ӯ
Нуҳ мани мош кунад пухтаву ҳам худ бихӯрад.

Гуфтам: ҳоли мардумию фарохчашмии ӯ чигуна аст? Гуфт, ки дар[660] остин кунаду (108) нон хӯрад, ки ҳаргиз сар аз гиребон берун наёрад. Гуфтам: ҳаргиз аз хони наволаш навола ёфтай? Гуфт, ки ба ҳаққи хоҷаи косалес, ки на. Гуфтам, ки чаро? Гуфт, ки ӯ косаро чунон мелесад, ки нақши коса ҳам сапед мешавад. Гуфтам: охир, ба ҳила нонаш тавон хӯрд? Гуфт: то суфрааш пора накунӣ, аз ӯ чизе берун натавон кашид. Гуфтам, ки ин гуҳ хӯрдан бошад, назм:

Эй, ки гуфтӣ суфраи ӯ то надорад матбахе,
Аз пайи ороиши хонаш набошад ваҷҳи чошт.
Инчунин касро набояд хонд меҳмон, он гаҳе
Суфраи ӯро дариду ҳам бад-ӯ бояд гузошт[661].

Гуфтам: дар ин вақт бо ту чигуна аст? Гуфт: ҳама рӯз бинӣ бар тоқ. Гуфтам: он гаҳе бинияш фуруд наёрӣ? Гуфт: карсаги[662] димоғи гандаи ӯ менаёрам, ки ба гирдаш гардам,

---

[654] НЛ: баъд аз ин: ин худ яке буд.
[655] НЛ: дорад. ВА мисраи дуюм: Гуфто: наравад ҳаргиз аз инҳо зи сараш.
[656] НЛ: Гуфтам: гираҳ баста шудам, худро гирд ор.
[657] НЛ: чун ту.
[658] НЛ: з-ӯ даст ба риш, к-ин замон пешаму бас.
[659] НЛ: баъд аз ин: ки сад ҷӯъ хайли хонаи ӯро мебошад.
[660] НЛ: сар дар.
[661] НЛ: ҳам бад-ӯ меҳмон-ш дошт.
[662] НЛ: аз рашки.

ҳеч вақт гиреҳ аз пешонӣ кушода нашавад. Гуфтам: ин хурдаро пеши он бузург чун ҳасби ҳол иншо бояд кард ба назм?

Масале ҳаст, ки афтод чу дар гух гираҳе,
Не ба дандон-ш кушодан битавон, не аз даст.

Гуфтам: маъруфии он маҷҳул дар қасабаи Мират аз чист? Гуфт: ҳар фармондеҳе, ки дар Мират бираваду дар аввали ҳол муфлис бувад, чунонки дар кунаш гуҳ набошад, чун хоҷаи мо марде дар хаз аст, равонӣ дар куни ӯ дар хазаду дар батона аз ҳар ҷонибе ба ҷиҳати ӯ шикамдарде ҳосил кунад, кори итлоқи додро роз пасу пеш оварад, он ҳосил шавад[663]. Ҳар чӣ аз он ҳосил ояд, чандон, ки метавонад, (109) худ мутаайид фурӯ барад. Боқӣ он чи дар таҳ бимонад, ба риши фармондеҳон бигзорад. То бар сари шуғл аст, ояти *бароатун мин-ал-Лоҳ* нишони ӯсту ҳар гоҳ, ки маъзул гардад ва *хузуҳу фағулуҳ, сумма-л-ҷаҳима саллуҳ, сумма фӣ силсилатин заръуҳо сабъуна зироъан фаслукуҳ* дар шаъни ӯст, фард:

Гаҳ-гаҳ зи сари шиканҷаи гулӯгир
Ғул-ғул кунад аз гулӯш занҷир.

Гуфтам, ки пеш аз ин, ки маъруф набуд, чӣ кор кардӣ? Гуфт: дар хурдакӣ ба кӯчаҳо сабӯсу пунбадона дар сар карда фурӯхтӣ, акнун, ки сараш пунба шудааст, ҳанӯз сабӯса дар сар дорад, ки нишони он рӯз аст. Баъд аз он ки сияҳу сапедӣ аз сияҳкорони Мират биёмӯхт, ҳама рӯз дунболи тааллуқею таълиқе харита дар гардан карда бигаштӣ, кошкӣ, ҳам дар он рӯзҳо гарданаш харита шудӣ, назм:

Аҳли девон дуо кунанд, ки кош,
Коғазин гарданаш харита шавад.
Говбодест[664] ишкамаш, ки ба кӯч
Говпушти маро шарита шавад.

Гуфтам, ки дар ин қасабаи Мират амале дорад? Гуфт, ки дорад, амали разеъ[665], ки пеш аз ин муханнасон доштаанд. Ба ситам зери кун гирифтааст, ки агар дар ин амал сари нохуне шикаст хоҳад омад, ҳам аз куни гандаи ӯ хоҳанд кашид, байт:

Бигуфтам, ки дахлаш аз ин шуғл чист?
Нарангушт бинмуд, гуфто, ки ин.

Гуфтам, ки дар нависандагӣ (110) чизе донад? Гуфт: чунон аст, ки аз рег рӯған берун кашаду аз хок зар берун орад, валекин ҳама вақт хок бар сар андохта бошад. Гуфтам: хок бар сари ӯ, чаро чунин мебошад? Байт:

Гуфто: чу тӯдае, ки омад тани ӯ
Он беҳ, ки ба зери хок пӯшида шавад.

Ҳамчун нависандагони дигар хоки бозор нест, балки эшон дар ғуборанд, бисёр бехтам, ба гарди ӯ нарасид. Гуфтам: агар чунин аст, хошоки мундаи Деҳлиро муқотаъа кун, гӯ, боре, агар хок бар сар кунад, аз тӯдаи бузурги мо, мутааллиқон, бар сари ӯ бидоранд, хокшӯрӣ кунанд, назм:

Гуфто, ки дар ин ҳавас ҳама хок хӯрад,
То он рӯзе, ки сер гардад аз хок.

Гуфтам: дигар маноқиби хоҷаи худ, ки мушрифи девони лаънат аст, тақрир фармой? Гуфт: лаънаташ кун, ки иблис аст. Чун маро тоқати шунидани ин гуфтанҳо набуд, гуфтам: ин хавила бар хоҷаи худ намебахшояду аз инҳо мебахшад? Маро аз вай чӣ тамаъ бошад, агарчи хона беҳ аз ин нест, валекин беҳ аз он нест, ки аз ин хона кӯч кунаму аз ин бунгаи лӯлиён. Авҷи[666] ин иморати маҳрусаро, ло золат маҳрусатуҳу, масун гардон. Сазад, ки он шарафи хонадон бар ин золи номаҳрусаи забония, ки бар дарак нишаста, ба забони оташини ман биҳиштеро месӯзад, пайғоме мефиристад, (111) ки иблиси ҳоли ман нашаваду маро дар ин биҳишт чандоне бигузорад, ки гандум бихӯраму *Раббано заламно* гӯён берун биравам. Умед он, ки дар иҷобат набандаду ин колбуди тане чанд, ки аз хишти

---

[663] МИ: пасу пеши ӯ равон шавад.
[664] НЛ: коруборест.
[665] НЛ: асбаъ.
[666] НЛ: ё Раб, авҷи.

хом бебунёдтар асту аз об [у гили ман хоке бинобар роз баромадааст, чун ба гӯшҳои муборак][667] ҷой ёбад, халалҳоро ба карам пӯшиш кунанд ва ин мисроъе чанд, ки аз боби кушод барбаст карда шуд, пеши касе накушояд, пайваста қоидаи муҳаббату маваддат устувор дорад. Ҳамеша манзари олӣ аз қусур холӣ бод. Омин!

**Ҳарфи дувум** дар тазкири барпой доштани суннати тахнис ва номи ин нома "Идбор-ул-идбор", яъне ҳиннатнома, мисроъ: **нисбати дархӯри тезу хӯриши суфраи хайр**, шеър:

لقد قام زنی لتعظیمه　　　*وديدى اباهي بتسليمه　　Назм:

Ҷалаби шатӣ туӣ, аз[668] фахри ҳезон,
Ки кун з-оби даҳони халқ шӯӣ.
Зи мардиҳои гуногун, ки дар туст,
Фурӯ гирӣ ҳар он харза, ки ҷӯӣ.
Ту аз куни сурхрӯ, боре, чу к.рӣ,
Ки ёбад аз бакорат сурхрӯӣ.

То к.. дар ҳазрати к.. бо ҳама сарбузургӣ қиём намояду хо.. бар дари к.. бо чандон кибру манӣ ба тавозуъ дарояд, суфраи меҳмони ту аз кадбонуи азизи зарифаи латифаи мақбулаи маҷмӯаи ҷалаби сатӣ, зода қурбонуҳу, дар маҷомеъи мардону маҷолиси фардон ба тариқи мардӣ (112) ва салои ҷавонмардӣ кушодаву омода бод. Наволаҳои айб дам ба даму соҳибгарони навола пушт бар пушт ба хидмати аб-ул-валади қоим-ул-лайли субҳхез, хоҳараки муштоқ Мавзунахотун, ки ҷуз ҳаққи суҳбати бисёр пасафтоде надорад, саломе чаҳорпояву хидмате чаҳорхона нишаста, дар мақоми фаъъол бо камоли балоғат инзол мекунаду аз рӯйи наздики асҳоб чандон менамояд, ки дар роҳи бӯқи турке нагунҷад. Ҳусули ин иҷтимоъ анқариб муяссар бод, назм:

Ҳамеша дар миёни лӯтиёни муштаҳӣ бо вай,
Чунон-к афтад зане муштоқ дар гармобаи мардон.

Байт: و آتاهُ من ابليس رزق مُشبَعٌ　　　*لا زال مقعدك المُعظم ضيّقاً

Кушодани шалвори ғараз бинобар он ки аз ин ҷониб низ, ки ҳезонро касе намегандонад, азбаски к.нҳо дар шаҳр бағоят фарох шуда. Турфа к.нҳое, ки арсаи ҳар як ду гази мазруб бошад. К.. сад борашон ба газ, пиндорӣ, паймудаасту газ дар газ зарб кардаву бишнохта. Ҷамоати муханнасон бар он шудаанд, ки аз дасти муште ғуломбачагон пеши муҳтасиб хашак пора кунанд, ки зарибаи мо баъди эшон бишкастаасту[669] музораба дар дукони дугонаи мо намеравbooду порафурӯше чанд аз атроф расидаанду ҳар ҷо, ки марде сарини гандааст, дар ин ҷӯйи эшон доман ба дандон гирифтаасту гираҳи (113) нару мода изорбанд суст карда[670], гирдогирди букчаҳои эшон бармеоянду матоъи Чину Мочину Гургонаву Гӯрканду бочи Канду Кандибодомро пеш ниҳода, тамом гирд меоранд, назм:

Бозори қумошашон чунон гарм шудаст,
К-аз тези нару мода шавад пашмоганд.

Кун, ки чинисту к.., ки нисоисту тез, ки бухорист, ҳама донанд, ки мири вилояти инҳо ҳама к.р аст, ки ҷамоате аз ҷамоъиёни ҳиравимизоҷ аз қоидаи мақъади хеш зинате гирифтаанду ҳезони мискинро аз чунон пояи рифъат фуруд афкандаву аз чунон обхӯрде даҳони к.н нопок карда, обҳои гарм, ки ҳар субҳдаме аз к.ни дилтанги мо меҷаҳад, самумест, ки ба як садама ҳазор ғуломи порaро сиблат бисӯзад:

Гуфти[671] эшон, ки ҳаст тар шабу рӯз,
Хушк гардад зи оҳи мо рӯзе.

Коён беришон диҳанду бадномӣ бар гесӯи ҳезон бананд. Мо худ аз к.ри худ навмед шудаем, аз к.ри мардумон ҳам моро навмед мегардонанд. Аз фоқаи к.н бо ҳам наметарсанд, ки ба қаҳти к.р гирифтор хоҳанд шуд, ба ҳаққи бузургии хо.и чапи иблис, назм:

---

667 Аз НЛ оварда шуд.
668 НЛ: эй.
669 НЛ: бағоят бишкастаасту.
670 НЛ: изорбандро банду баст карда.
671 НЛ: к.ни.

Тозон ба к.р хӯрдану ҳирмон қазиби ҳез,
Бечора ин уқубати душвор чун кашад?!
Бошад касе, ки асбаи ҳирмони куни мо
Як раҳ зи куни гандаи эшон бурун кашад.

Пеш аз ин моро кун набуд, балки дор-уз-зарбе (114) буд, ки ҳар кас меомад, дар мезаду симе мерехт. Акнун ҳар ҷо, ки мардест, ба нақши дирам бозгуна мешавад, балки то ҷаҳон бувад, қалбро ҳамин бувад, шеър:

*عَجبتُ مِن الاَماردِ کَیفَ لِیُطت          وَ مِن رَجُلِ یُجرُ النَفعَ قَلبَ

Ҳама олам аз ин сиккаи қалб пур аз тангаи сӯрохе шуд, чунонки дар Мағриб ҳам дуруст ноёб шуд[672], назм:

К-ӯ зи Мағриб расад ин шӯйи дурусте ногоҳ,
Чун дирам дар кафи салроф шавад зеру забар.

Гурӯҳе гуҳхор, ки дар куни ғуломон фурӯ шудаанд, аз ҳунари ҳезон чӣ хабар доранд, ки дар дасттирии Темур ҳарифон чӣ дастёрию поймардиҳо намудаанду дар иҷмоъи муханнасон чӣ ранҷҳо кашида, дар Ҳиндустон худ дуруст набошад, назм:

Туӣ, ки аз ин[673] тозон димоғ ганда кунӣ,
Бубин таҳорати ҳезон, то бӯяшон накашӣ.

Шеър: *دَع الاَنجاسَ یا لَواطُ ولدان          الی حَجَرِ یُطَهِّرُ بالمُسَیَّی

Хок бар устодони пасинаи мозию сапедаву сурма бод, ки моро дар фиқҳи *мо яхруҷу мина-с-сабилайн* он қадар омӯхтанд, ки чун пеши мардон нишинам, он ҷо, ки ҷойи шарм аст, шарманда намонам, назм:

Илми ҳиравӣ, ки хонам, аз бар шумарам,
Аз мӯйи зиҳори Ғуриён беш бувад.

Шеър: *فِقهُ النّافی عقدُ مقعدِنا فَانَّ          فَهمُ الفَقیهِ لِیُطلِق زوجَهُ

Ман худ (115) китоби “Алфия”-ву “Шалфия” пеши устоди муханнасон Сабурахотун, ъалайҳо-ш-шаҳвату ва-л-ҳамдон, гузаштаам, ки нахуст ангушт дар куни худ кардию шарти истихора ба ҷо овардӣ. Баъд аз он ҷимоъи сағиру кабирро сабақи мутлақ гуфтӣ. Дар маҷмаъе, ки ҷамоати фуҳул бо ӯ ҷамъ омаданӣ, аз мабҳаси ӯ бахшҳо берун кашиданӣ, ки баҳри дақоиқ будӣ, назм:

Ҳарза дар ҷамъи ҳиддати коҳиши ӯ
Дахлҳо карда дар ҳудуси ҷаҳон.

Дар забони муханнасон фасоҳате дошт, ки оби даҳони болиғон олоиши куни ӯ будӣ. Дар илали тозӣ маҷмуъе буд, тариқи нек нек шинохтию умр дар зарби язруб сарф карда ва ӯ мафъули мутлақ буду чандин мафъули мо лам ясам фоъилуҳу дар сӯҳбати ӯ мафъул маъаҳу шуда[674], назм:

Мегуфтандаш, назар зи шаш[675] мафъул аст
В-аз чандин мафъули ту мафъул биҳи.

Ӯро ду қоф дар қурбону қиёдат сар омадаву қоф то қоф бар сари ҳарфи к.ру кун кофе шуда, ҳар рӯз тахтапушти ӯро пеши хонандагон доштӣ, ки агар ду рӯз тахтаи ӯ хонда нашудӣ, к.р, ки ду зер дорад, дарҳолаш гуфтандӣ, ки алиф чизе надорад. Пас моро алифе мебоист мутаҳаррик, чун ҳамза, ки ба зоти хеш қоим шудӣ, на алифи бе харакат то ҳез, назм:

Ҳаст ночиз (116) алифи ҳарзаи ҳез,
К-аз масосаш дигаре гардад ҳез.

Ҳамаро к.р пеши хоя бошаду ҳезро паси хоя, шеър:

*قامَ فِی تحتِهِمُ الزُّبُّ کَما          تَحتَ بَیتِ اَلفُ الاَشباع

Дар маҷомеъ нарафтӣ, магар дар гирифтани манораи ҷамоатон, ки агар манора гирифтан наёфтӣ, минбар гирифтӣ, назм:

---

[672] НЛ: баъд аз ин: дар Ҳиндустон худ дуруст набошад.
[673] МИ: тани.
[674] НЛ: дар сӯҳбати ӯ мафъул лаҳу ва мафъул маъаҳу бувад.
[675] НЛ: мегуфтандаш ба сарфи шаш.

Чу к.нашро ҳавас кардӣ ба тазкир,
Шудӣ хо.. музаккири к.. дарҳол.

Азбаски ишканҳои шаҳват ангез дошт, аз шаҳватангезии ӯ мардон аз тариқи мардӣ шир фуруд овардандию занонро пистон афтода, дар алфоз омадӣ:

Чунин овардӣ, чун турш кардӣ[676],
Даҳани к.. пур зи об шудӣ[677].

Шеър: *وَ عِندَ الجَمعِ اقبالٌ لِذُبرِه      ايور الناس او ذَكرته تبكي

Ду кун дошт чун пунба зада, ки занандагонаш ба муштҳои гарон зада буданд, байт:

Ҳар шаб аз хоб муштаҳӣ мехост,
Муштаҳивор муштҳо мехост.

То замони пирӣ, ки пунбадаҳон шуда буду дандонаш пунбадона гашта, борик сириштани худро пӯшида медошт. Агар овози муштаи наддоф бишнидӣ, аз ғояти ҳавас чарх задан оғоз кардӣ:

Ҳар дам гаштӣ гирди сари к.р ба ишқ,
Чун чархзанон, ки гашта бар дастаи чӯб.

Пайваста пойчаи фарох пӯшидӣ, то ҳарифро дар (117) кушодани изор дер нашаваду абрешимкоронро бихондӣ, то дар хиштаки ӯ алам андохтию алами бузург дӯст доштандию андохта кашидан надодӣ:

Халқе ба аламхонааш андохта алам,
Танҳо на алам, ки аблаҳе тир[678] андохт.

Меҳтариҳои ӯро худ касе чи сифат кунад, ки сад фаррош тангаи ӯ мезаду амуди ҳездаҳгазӣ аз бодрешаи ӯ ҳеҷ ҷоиз наёмадӣ. Ҳар рӯз бар будии[679] фуҳул барнишастию то к.н кӯфт накардӣ, фуруд нанишастӣ. Лутиёнро аз пуштии пушти ӯ пешниҳодҳо гарон буд, назм:

Захираҳо, ки пас андохт ӯ зи баҳри касон,
Агарчи хӯрад дигар кас, ба рӯҳи ӯ бирасон.

[Дари хазина бас тангӣ дошт бағоят фарох, ки содиру воридро][680] дар ӯ музоиқат набудӣ, то акнун, ки дар к.н надошт, оқибат итлоқе ба вазифахӯрон равон кардӣ, шеър[681]:

*فَمِن اِطلاقِ مَقعَدِهِ دَواماً      اِلیَ ذَهَبَ امیرُ المُطربینا

Охири вақт, ки дар марази мавт дар бистари истироҳат пой дароз карда [буду ҳозиронро васият мефармуд, ки чун ман аз қазои шиҳат ба қазои риҳлат маъхуз кардам, гуноҳи бисёр карда][682]ам, бояд, ки маро бисӯзеду хокистар кунед. Ҳама хоҳаракон аз он сӯз чун к.с хун гиристанду чун к.н рӯй пурчин карданду гӯш доштанд, ки васият тамом кунад. Гуфт: чун маро сӯхта бошанд, ба ҳаҷҷомон диҳанд, то он хокистарро ба рахтҳо бипарокананд, то баъд аз мурдан низ, аз назди яке ҳамсуҳбатон дур набошам, назм:

Якрони ҳазорк.ра чун (118) бишниданд,
Аз дард гиребони кафан бидриданд.

Шеър: كَأَنَّهُم مَن مَرقوا مَقاعِدَهُم      كَالمَرءِ يمرقُ فيهِ أموُما

Гуфтанд, ки матоъи шумо дар ин хона беш аз он аст, ки дар дашноми чаҳорхона гунҷаду бачагони к.нзод, ки аз шиками шумо берун омаданд, асири хок шуданд, ворисе дигар намонд, матрукаро фармон чист? Лахте дами сарди ҳасрат чун ҳадаси ҳоқун дар худ фурӯ бурду оҳиста тире берун дод, ки ҳама рахту ҷиҳози ман ба лутиёни пиру муханнасони ҳарису қавводагони к.ранфус садақа кунед, ки мӯниси кӯру ришвати Мункару Накир бошад. Магар як талаби бузург, ки ниҳоду бардошти чандинсолаи ман дар он аст, ба ҷиҳат соҳибтар, ки нигоҳ доранд, назм:

---

676 НЛ: Рӯйи ӯ чин чун турш кардӣ,      Даҳани к.. пур аз об шудӣ.

677 МИ: ин мисроъро надорад ва мисраи аввал ҳамчун давоми ҷумлаи болоӣ омадааст.

678 НЛ: ки обаке тез.

679 НЛ: ливои.

680 Аз НЛ оварда шуд.

681 НЛ: қабл аз ин шеър байти зерин омадааст:
Борҳо итлоқи зеринаш амири мутрибон / Хост дарди ишкамеву ёфт итлоке аз он.

682 Аз МИ ва НЛ оварда шуд.

Кӯ низ ба инсоф бидонад, боре,
Андозаи чандин к.си кадбону наям[683].

Ҳолӣ, ки лати ҷони араб дар садри ҷахим хиромид, соҳибони ъайни ъамуд чашм кушод[684], шеър:

*تحفةٌ روحِه نطقاً اِذا قوا    كان يسقوهٌ من عينِ الحياتِ

Дар айни ҷазаъу фазаъ соҳибтар, ки бо заноне чанд забон-забон зиён кашида, ба тафаҳҳуси матрукот аз дар даромад. Ҳама хонаро таҷассус кард, халиле надид, ки буни дандон бихорад, хораш дар пеш афтод. Калид аз изорбанди ғулом бистуду дари ҳуҷраро боз кард, таблаи гарон дид, тамаъи хом дарбасту қуфлаш бикушод. (119) Дурҷаке ёфт, сараш боз шуд, сар дар ҷак боз кард, ба ҳарисӣ даст дар андохт, то чаҳ берун ояд. Собура дар дасташ афтод, махруту дурушт, ки дилашро ҳазор ҳила хуш ояд, бар сари он набишта, шеър:

Байт:هذا متاعُ حياتنا خُذ ما تجد    * كُنا لصوصاً للعمودِ زمانيا

Эй, к-аз пайи матрука кунӣ сад дастон,
Чун чизи дигар наёфтӣ, ин биситон.
Дар ин вақт чунин латифа дар дил гузарад, назм:
Ин зарофат нашнидӣ дигареро дар дил,
Ҳам ӯ бояд, то бар сари ин дона шуд[685].

Он дӯст бидонад, ки шиносандагони ту дар ин ҳол чун к.р дар к.н фурӯ рафтанду навхезон ин вақт мегӯянд, ки мо то нагойем, нашносем. Агар ҳукм ин аст, аз пуштии дубари хеш он маъруфа рӯйшиноси ҳама олам аст, дар он ғурбатиён бо ҷамоате ношинохт чӣ мекунад? Ҳар маслиҳате дорад, ки бигзораду бибояд, ки ин ҷо доранд[686], маслиҳат бисёранд, шеър:

Боре, ба додани к.н дар ҷамъи сахтк.рон,
Номи Сабурахотун аз сар кунем зинда.

Чунон шунавида шуд, ки он тараф аз шумии порсоён дуои косирон мустаҷоб намешаваду к.р аз осмон намебораду он хоҳар к.нро аз рӯза лоғар мекунаду таҳоратро ба дониш фармудаву кулӯхи истинҷоро мадхале тамом дода. Чун ин ҷо бирасад, пеши ту лангону лангон (120) ба кадом пушт рӯй хоҳад намуд, байт:

Бурда хӯриши ҷуфта, ки лоғар нашавад,
То толиби ҷуфта ҷойи дигар нашавад.

Аз ин тараф занонанда чанд, ки бар к.р меринаду аз ридаи худ барнаметавонанд хост, мансаби баландпояи Сабурахотунро ба даъвии мардӣ зери к.н гирифтаанду мани к.рхора аз фурӯ хӯрдани бисёр обистан шуда, шеър:

*فی حملنا لِما لو ترضِعهُم    مِن حجرنا سقط النجاسة يسقُطُ

Зинҳор, ҳазор зинҳор, ки он хоҳар ҳар чӣ зудтар бар пой баргираду ба фарохгомӣ бад-ин тараф хиромад, то он к.ниёнро, ки ҳама ба як к.н меринанд, пеши муҳтасиб барем, ки ҳар якро ба захми дурра ҷудо-ҷудо бириёнад. Мо ҳам дар миён бархезему аз к.ни пурмӯйи эшон ришкҳои чандингоҳа бикушем, то бори дигар ҳеҷ кас кӯбии[687] рашк нанамояду дар хиштак нохунҳо занем, ки шипуш дар нифаи эшон бимирад, шеър:

*اِن خاف اِن جمعت جيوشُ فما لهم    و كفت بها ظفرُ على اظفارنا

Ин абноғонро бар мо кӣ гумошт, ки меоянду ҳарифонро мӯйи зуҳор гирифта, аз мо мебаранд, байт[688]:

Риндон амали муханнас аз дар ёбанд,
Дидан надиҳанд мӯйи к.р эшонро.

Мо медонем, ки аз лӯтиён чиҳо фурӯ хӯрдаем, ки ба хӯрандагӣ маъруф шудаем. Ин ройгонхорагон (121) чӣ хӯранд, то ба мо монанд. Балоғати мардон аз об асту балоғати

---

683 МИ: андозаи чандин кас, ки бо нунам.

684 НЛ: соҳибони ӯро аз ъайни ъамуди гиря чашм кушод.

685 НЛ: Ҳам хамун донад, то бар сароям во расад; МИ: ин байт ва матни болоии онро надорад.

686 НЛ: нигоҳ доранд.

687 МИ: ин калимаро надорад.

688 ДТ: ҳудуди байт ҷудо нашудааст, аз НЛ оварда шуд.

занон аз хун. Ҳосили ҳар ду хунобаесту бас. Аммо кор ҳезон доранд, ки аз иқболу бар лаззати к.р болиған мо балағ мегиранду аз заҳмати зодан фориғ, назм:

Ин бар чи шавад ҳамл, ки эшон зи раҳи тез
Афғон зоянд, балки афғонбача низ.

Дареғо, ки ҳунаршиносон рафтанду гухшиносон монданд. Моро ба зарурат аз ғуссаи ин парҳезкорон зарурӣ, ки к.ри эшон аз саҷдаи ҷоиза сар бар намекашад. Танг ҷамоатиён[689] мебояд кашиду мобаъдро аз оби даҳони туркон ғусли ҷинобат доду ба оби манӣ гаргара аз он ба ҷой оварду хиштакро мусалои хиштакии хаёми хирзҳову сиёми дарзҳо сохт. Магар ин аврати рӯй бишӯйидаро аз фарохрӯӣ тавбаи нусуҳ хоҳем дод, байт:

Валекин ин масал андар замона машҳур аст,
Ки ҳез тавба кунад к.н-ш гар диҳад ёрӣ.

Мардуми шаҳр ҳам ҳезуму ҳам гардун шудаанду мо, ки пайваста кундаи дӯзах будаем, касе дар мо хай намеандозаду ду-се қатра обе ҳам шафқат намекунад, ки бад-он миқдор қадре оташи мо кушта шавад. Саҳл бошад, ки ба сурати чӯбин чанд сабр тавон кард, байт[690]:

Он, ки мегӯянд халқе чӯб хояд гурсуна,

Гӯиё (122) дар ҳаққи к.ни мост зарби ин масал. - ки аз ҳар кӣ амали исбаъе тамаъ медорем, нарангушт менамоянду аз ангушт шикастани мо ҳам наметарсанд. Охир, вақте ибҳоме дар ангуштон ва ё хунсаре дар ангуштарӣ кардааст, шеър:

*مَن یولَج فی خاتمنا وُسطاه     فی خنصرهِ خاتمٌ جدٌ ابداً

Агар масбаҳаи худро зоҳидон хушк сохтанд[691], базри худро пайваста дар ҳама корҳо чун к.ри ҳезон маътал будааст. Боре, васатеро воситаи аъмоли мо созанд, ки бад-он тавассут мо, ки бад-ин шева ангуштнамой шудаем, сари ангуште таскин ёбем:

Шодем ба лутфе, ки кунад ҷой бар ин пушт,
Ҳамчун шашум ангушт ба болои нарангушт.

Ҳоли лӯтиёни ин шаҳр, ки чун шаҳри Лут зеру забар бод, худ чунин шуд ва агар он хоҳарро он ҷо касе ҳаст, ки бар пой тавонад ниҳоду дупой тавонад дошт, худро ғанимат дорад. Агар худ музди гармоба аз даст мебояд дод, гунбади худро қойим надорад, ҳар рӯз даҳ қойиму дурушту тавона нагирад, назм:

Вале қоимоне, ки дар гунбади ту
Бирезанд оби нӯшонро ба моле.

Ҳозо боб, писари бузурги дарбон мегуфт, ки маҷлиси васеъро дар он қалъаи фатҳбоб аз калидҳои гарон кушоде ҳаст, ин фатҳ диққати худ пиндорад[692], назм:

Магузор он калидҳо аз даст,
Ки калидона доданӣ бошад.

Агар вақте вилояти шумо сари тозиёна, ки даҳ бар даҳ аст, бе тухм хароб шавад, ҷуфтронони худро бифармояд, то истимола кунанд, назм:

Дар он кишт хуни ҷуфтронон чакад,
Ки то ҷуфт ронанду тухм афкананд.

Шеър: *یا صاحَ لِمَن تَدرَع فی اَرضِک بَذراً     اِضرب مَثَلاً شاعَ کَما تزرَع تحسُد

Мо, боре, ин ҷо чун болиғони мактаби марфуъ-ул-қалам шудаем, ки касе тахтаи мо намехонад. Он нохонанда, ки танҳо-танҳо навхатони ҷориқаламро бар тахтаи пушт таълими кофу лом мефармояду сина бар замин ниҳода, кил-кил мекунад, бар пушти мо менависад:

*اَلا کُلُّ حینٍ یُدخلُ فی اُستهِ     فی الحلقِ یُطلعُ هذهِ من کلِ کل

Байт:

Бо ин ҳама аз пуштии ту мехоҳам,
К-он ҷумал биҳиштиён сияҳнома шаванд.

---

[689] МИ: ҷамоъатиёни масҷид.
[690] ДТ ва МИ ҳудуди байт муайян нест; Аз НЛ оварда шуд.
[691] МИ: хорҳо сохтанд.
[692] НЛ: ин фатҳбобро футӯҳи диққати худ пиндорад; МИ: ҳамин матн ҳамчун фард, яъне як мисроъ омадааст.

Азбаски силихор аст, ба даст намерасад. Дар шаҳри зиндон кардании тез дар ин даъвӣ гардан афрохтаанд, чунонки ғулғули тароқӣ ба уюқ мерасад. Ҳар кӣ ҳаст, фарохдастиро гардан боло карда металабад, то қафо пеши ӯ дораду роҳате ҳосил кунад ва аз ин хӯриш аглаб гарданҳо ситабр карда:

Масал зад қафохора з-омоси гардан,
Ҳам аз хӯрданастӣ, ки бар гарданастӣ.

Номаи он маҳини қартабонон, ки дебочаи мазоҳик бувад, аз диёру бар[698] бад-ин ҷониб расид, шеър:

*قرأتْ كِتابَهُ وَ آعادَ رَوْحي      وَ حاكي فيهِ مِن مَحيا السَّوادِ

Аз хондани он даҳони дӯстон чун кафши пора хандон шуду дили душманон чун наълайни нав нолон гашт, назм:

Дилам аз пӯст берун омад аз шодии он нома,
Ба сони суфраи бе ту нон[699], к-аз кун бурун ояд.

Байт: *اِستبحَرَ بالخَيرَةِ مُن حال رُفاقي      بالضَّحکِ حکَى القاصِدُ يَبکى وَ يُنافى

Зикре дар хоя[700] гирифтани Бадри кулангию мардӣ намудани Шуҷоъи масхара рафта буд. Ман бо эшон чигуна ранҷ тавонам зад, ки эшонро ҳам мулук сиблат мезананд, назм: (127)

Забон кашанд чу к.с гар даме занам чун к.н,
Ки ҳамчу пойча бар хун обрӯ доранд.

Ҳар як дар офтоба уд месӯзанду нӯл дар к.н мегиранд, то дар маҷлиси бузургон тири эшон муаттар бурун ояд. Бо ин ҳама, назм:

Он чи ман медонам андар сухра гар берун диҳам,
Гов гирам ҳар якеро гар ҳама анбар риянд.

Пеш аз ин ҳарчанд, ки бар рӯйи эшон чун фараҷи модиён камизи ханда дамодам менамудам ё монанди куште, ки камиз бӯй кунад, дандон сапед мекардам, чун к.ри хари хуфта аз пӯст берун намеомаданд. Ва гоҳ чун [фараҷи навбардагон забоноварӣ менамуданду гоҳ чун][701] хастаи суниён бе пӯст рӯй мекарданду моро аз дасти эшон чун намуди гиреҳ[702] дар пӯст мебоист кард, назм:

Ҳаме фусурдам аз сардмехрии эшон
Чу хоя, к-аз сари сармо бияфсурад бар хеш.

Аз ҷимоъ-ул-аввали ъишрин то ҷимоъ-ул-охири тисъин дар суҳбати он ҷамоаи к.рхораи занон будаму тарфе мекардам, ки аз ҷӯши даруна мепариданд. Ман низ меридам[703], вале бар сари эшон меандохтам, шеър:

*وَ قَد اَو قَنتُ فى فيهِم بَرازى      كَلَحمِ البَطِ فى حَلقومِ بازى

То оқибат ҳунари масхарагии бистсола, ки дар дег дидаму дар кафчалези к.н пок кардам ва аз он ҷо, ки камоли харкандагист, ки, назм:

Ба бетангӣ бар эшон ном бурдам з-он ҳавастозон,
Ки аз ман муфтахар гаштанд бузбозону харбозон.

Ва ҳоли тараққии ин дараҷат (128) чунон буд, ки рӯзе набераи Хоҷа Бадруддини Кулангӣ ҷаддаро хатна фармуда буду низ зане чандро аз барои қатъи ҷангул муқотаъа гирифтаву ҷашне ом сохтаву шароби кухлаи холис бобати даҳони меҳтари бӯзинабозон, ки доруи он гирифтагону шарбати хуни гирифтагон тавон гуфт, дар бурёи кӯҳна бехтаву соф карда, назм:

Бодае, к-аз бас гуворою латиф андар замон,
Дар равад дар кому берун ояд аз роҳи закар.
Дар шикам то ӯ фитода, гуҳ шавад андар даҳан,
Гарчи к.ни гандатар бояд, даҳан чоҳи дигар.

---

[698] НЛ: аз боди парпарона.
[699] НЛ: суфраи бедавлатон.
[700] МИ: хона.
[701] Аз НЛ оварда шуд.
[702] НЛ: чун темургирон гиря.
[703] МИ: мебуриданду тез медидам.

Соқии маҷлис деви сияҳи наълайндӯзи аз дев сияҳтар рише сафед аз ноф гузошта, ду бари пойча марғул карда, ба тағори шикаста давр мегардонид:

Зи раънойиш мастон рафта аз даст
В-аз он чустиву чолокӣ шуда маст.

Нуқле бағоят хушхораи хубтабъони[704] ғадудгулӯву мағзпушти мозаву бепошна ва шаҳраги гардану пӯсти масонаву байзаи хояву ҳашфаи нарраву фалҳами к.су суфраи к.н, назм:

Пиройиши пӯсткола чун хилму луоб,
К-аз вай бираманд гурбагони қассоб.

Шеър: *وَ كذى كَباب مَن يَحميه خشفهَ سالَت اَمالجُ كَفيج الرَّمل

Дар пешғоҳи[705] тангӣ моида фаррох кушода, пур аз хӯришҳои гуногун. Ҳар чӣ касеро мебоист, мехӯрданд: зиракон (129) аз он моидаам мехӯрданду тозон хамр мехӯрданд[у аҳмақон надам мехӯрданду нодонон хам мехӯрданду разилакон ҳам мехӯрданду қавводагон ғам мехӯрданд]у оқилон кам мехӯрданду ҳама аз ин хӯриш то лаб расида буданду шиками холии ҳар меҳмоне наҳории рӯза, шеър:

*فتح الفنک مِثل تِمساح اَكَل الرّيح مِثل حُبّاتِ

Куфрони неъмат натавон кард, бағоят сер шуда буданд, вале аз ҷони хеш ва бар сари серӣ бар сабили оби хунук қадре афсӯсу ҳасрату рашку дарду дареғу пушаймонӣ мехӯрданд, назм:

Онро, ки дарду ҳасрату афсӯс шуд хуриш,
Оруғи ин хуриш чӣ бувад? Оҳи дуднок.
Валгир[706] луқмаест ғаму он касе, ки хӯрд,
Дар дил гирифту аз ҳулаки мард шуд ҳалок.

Мутрибон худ чи тавон гуфт, ҳама навхостагони нахос гашта, [аз ғояти идбори гунаҳ][707] дар нифаи эшон байза ниҳодаву анкабут дар бағали эшон танидаву фароштак дар риши эшон хона карда, шеър[708]:

*وَ مِن اِظهارهِم حُملَت عَليهم جُيوشُ القَمل تُطعِن بالسّنان

Асили бе вусулу[709] қабулаки номақбулу малеҳаки малулу азизаки суфра маълули чангиро ҳеҷ торе дар чанг на, магар тори болои қарнойро ҳеҷ даме дар шикам на, магар даме фуруду дафферо ҳеҷ тапонча бар даф на, магар бар қафои хеш ва рубобиро ҳеҷ гӯшмоле дар рубоб на, магар дар гӯшҳои хеш аз сари завқ ин тарона дода буданд, рубоия:

Чун чангии мо навои най соз (130) занад,
Ҷуз лоф зи зебоии овоз занад.
Кӯҳ ар шунавад, сало барорад з-ин савт,
Бо санг ба ҳам ба рӯйи мо боз занад.

Самоъ багоят гарм шуда буду латифаки шал даст мезаду шоҳаки ланг по мекӯфт, то кори ҳолати ӯ ба ҷойе кашид, ки хост изор бикшояду дар мутриб андозад. Як ҷониб изорпойча надошт, берун омаду дувум ҷониб, ки пойча танг буд, берун наёмаду ӯ ҳамчунон пойча мекашиду ба пойи ланг рақс мекард. Азбаски завқи ӯ дар ҳарифон асар кард, назм:

Аз баҳри качул ҷуфтҳо шуд дар ҳайз,
Чун ҷӯли ғуломпора бар бӯйи качул.

Маҷлисе оростатар аз ҳаҷгомаи бу-л-ъаҷаб. Ҳарифон чунон мавзун, ки ба як илҳони тез даҳ байти тозӣ бихонанду ба як занахи дароз бист латифаи балхӣ бинависанд, шеър:

Он қавми жожхой чунон дар занах задан,
Гӯӣ, ки говмешон нашхор мекунанд[710].

---

[704] НЛ: лойиқи хубтабъони.

[705] НЛ: дар пешгоҳи маҷлис монда.

[706] НЛ: ва-л-кибр.

[707] Аз НЛ оварда шуд; ва давомаш: дар нифаи эшон хона кардаву.

[708] МИ: мисраи дуюм ҳазф шуда ва бахше аз ҷумлаи баъдӣ ба ҷойи мисроъ омадааст, ки саҳв мебошад.

[709] НЛ: асилаки бе усулу.

[710] ДТ ва МИ ҳудуди байт таъйин нашудааст; аз НЛ оварда шуд.

Мавлоно Аҷули Бохарзӣ дар садри таъзим нишаста, шамлаи лом алиф бар ду шох кардаву як китф аз гиребон берун омада, аз шарм остин мехоянду тафсири алиф дар ин биравад, ба забар ронад, ба иборати тифлони талу боҳафсони маътал мегуфт, назм:

Чӯби сазо бар сару пояш дугон,
Чун ду забар бар алифу ё ду зер.

(131) Баҳулаки Хазроӣ чашм пеш карда, пеши Абулфазли Калғинд баёни маишате мекарду ӯ аз ҳайрати он фасоҳат даҳан боз карда, ногаҳ магасе дар бинии он Хазро дар рафту ӯро атса омад, хилме биҷасту дуруст дар коми Абулфазли Калғиндӣ зад. Ба лаззати тамомаш имтилоъ мефармуду ин байт ба рағбати тамом мегуфт, қитъа:

Эй, ки аз фазл пурӣ то бинӣ,
Ман зи фазли ту расидам то ҳалқ.
Дар баён каф ба даҳонат чӣ хуш аст?
Чун луобе ба каф андар гаҳи ҳалқ!

Афифаки бедандон бар тариқи ваъз афоафӣ мезаду дар афву офият чунон ба афафа даромада буд, ки гӯӣ, сағи аслии ҳиндуи камаслро дидааст, байт:

З-он афафа риши гов дум меҷунбад,
Чун гови магасхӯрда, ки дум ҷунбонад[711].

Фасиҳаки пунбадаҳан аз қавбахи фаҳвои калом дар фаҳ-фаҳ омада, аз ғояти беобӣ даҳан луоби хушк чун орд аз дандони осиёш берун мебаранд. Гӯӣ, дузди хонаро ба ранҷ додаанд ё ташнаи биёбонро; пушти пас лоло алкану ло лав абкам, ки дар ҳаққи фасоҳати ӯву фазиҳати хеш укда маҳкам доштанд, ғубори сина берун мерехту гард аз забони хеш бар[712]меоварду худ хок дар даҳани хеш мекарду мегуфт, (132) назм:

Баски оташ дар дилам зад шуълаи ин ончунон
Дар даҳони ман иборат хоки хокистар шудаст.
Лӣ намеафтад касе лафзе фасеҳе чун мане,
Лоҷарам, лабҳо зи ҷарикҳои нозуктар шудаст[713].

Ҷамоли бинибуридаро дидам, аз сари димоғ бинӣ бар тоқ ниҳодаву Зуҳоки дандониро аз ин тааҷҷуб ханда даруни лаб намегунҷаду мехост, ки аз дарозии дандон занахи худро кор гирад. Чунон механдид, ки ҳама маҷлисро бар хандаи ӯ ханда меомад. Халқе аз хандаи ӯ бехабару ӯ аз хандаи худ бехабартар, шеър:

*وَ اَسنانٌ کَما اَسنانِ مَشطٍ          کُسِیرَ بَعضُهُ و بَعضٌ صَحیحٌ

Растаи дандони дарозу кӯтаҳаш гӯӣ[714],
Хоки золон буд, к-аз ангушт бар ҷояш кунанд.

Ҷарбеки рӯғангар пироҳани рӯғанхӯрдаро пас аз соле бе собун аз тан кашидаву ҷо ба ҷо хонаҳо бар рӯған барои зеб ниҳодаву пойчаи изор аз болои шитолинг то фуруди доман сапед карда, назм:

Ҷойи танбӯл ҳамехӯрдӣ кунҷораи тар,
Пур зи кунҷора даҳонаш чу чароғи рӯған.

Ҷираки паҳлавон бар риши мо юстаҳон ба сари покӣ[715] баромада буду аз ғояти хашм наъра мезад, ки зарте аз таҳ меҷасту Ришоил чунон тафт шуда мегуфт, ки хайе меандохту бар ришаш меафтод:

Ғозӣ зи тундӣ гуфт аз раҳмият дар рухаш[716],
Туф ба риши қартабоне, к-инчунин тафте кунад[717].

---

[711] ДТ ва МИ ҳудуди байт таъйин нашудааст; аз НЛ оварда шуд.
[712] НЛ: берун.
[713] МИ: Назм:
Баски оташ дар дилам зад шуълаи ин ҳинон / Дар даҳони ман иборат хок хок аз сар шудаст.
Лӣ намеафтад басе лафзе фасеҳеро чу ман, / Лоҷарам, лабҳо зи ҷарикҳо нозуктар шудаст.
[714] НЛ: Риштаи дандони кӯтоҳу дарозаш гӯиё.
[715] МИ: ба ресмони пашмин ба сар то куҷо.
[716] НЛ: Ғозии Занбил мегуфт аз ҳамият дар рухаш.
[717] МИ: ҳудуди байт мушаххас нашудааст.

(133) Кухолаи кӯр даст даруни изор карда, сипуш аз бар мекашиду Абулъайно чунончи сӯйи Айнуддини Аъвар чашмак мезад, назм:

Аъвари шӯх чу ғамза задани Чинаҳ бидид,
Гуфт: чашми бад аз он наргиси раънои ту дур.
Шеър: *لو خاطَبَنی اکمه یَنظرُ وَجهَهُ     مِن عَینِها الشُّهداء یرجعُ حاربا

Абтегини Фаранҳак болое аз шашум ангушт хурдтар панҷа бадастеро остин бармолида, сиблати хеш аз боди харкура рехтаву лаби зерин аз мушт ба дастон омос гирифта, байт:

Дартуранҷида ба шада гӯӣ,
Хастахотун дар алфоз омада.

Сиблати ту паша ба бӯйи лавотат сиблатонро ба ҳайбати тамом молида буду ҳар торе, ки аз он сиблат медид, бар мекарду[718] ғулӯлаҳо, ки гирд бар гирди маҳосини оростаи ӯ овезон: ҳамчу пуштаки гӯспанд аз пашми к.ни гӯспанд. Абулҳимори Мисрӣ нахра мезад, ки Турбаки Бӯқӣ аз ҷой меҷаст, байт:

Гуфто, ки чу ман хар-хара дар хоб барорам,
Сад хуфта, ки гардад аз он хар-хара бедор.

Асвади зангӣ саре пухтаву мӯйҳои хурду марғулу сапед, гӯӣ бар ҷароҳат панба сахт кардаанду қафош гӯӣ пошнои аспи арҷал аст бар ҷаъди дароз, ба сари Ҷамоли Хутанӣ механдиду мегуфт:

Зебоиро карашма бояду[719] ноз,
Ман он дорам, чи ҳоҷатманд хури дароз[720].

(134) Сунбули Хассӣ рӯйи чун наълчаи хитоию занахе чун пошнои кафши сипоҳонӣ, саре чун қуроти хони шукрадорону болое чун халаи гунҷишкгирону дастхое чун новадони гадоёну пойҳо чун найи мутанастагарон ба эътиқоди ҳақ хайе, ки дар ҳаққи хеш дошт, к.нчаи мукрадро таҳур медоду он муфради сутӯҳ омада хай меандохту мегуфт, назм:

Туро, ки кун чу тахта асту тахта чӯбин аст,
Бирав, бисӯз, ки он тахта соқит-ул-қалам аст.

Фузулаки Арус пеши мутрибон лофи мардию диловарии хеш мезаду Шакараки ҳез тасдиқ намефармуд. Фузулак аз ғуссаи ӯ тафт шуда, чунон бармеҷаст, гӯё, ки к.нча дар к.ни бӯзина молидаанд ё девро ҷудоӣ хушнуд омадааст, ё гови навборро полон зери шикам овехта шудааст, назм:

Бо хор ниҳодаанд, гӯӣ,
Зери думи уштури раманда[721].

Мухтараки ҷавонмард пеши Деҳқонаки қаҳтӣ дар ғами дил омада буд, ки покбозиро ҳам андозае аст. Ман худ исрофро мурувват ном карда, хона бар хӯранда бисёр дорам, ҷуз одамӣ дигар ҳама кас ҳаст. Аз мӯрчаву анкабуту карафшу мушу гунҷишку фароштуку кирми саргину паша гиранду ҳар рӯз мекунанду мекованду мехӯранду маро мусодараи маънавӣ мекунанд. Ба ҷуз магасон, ки аз хонаҳои (135) дигарон меоянду чун бар рӯйи нони ман маҷоли бустохӣ намеёбанд, аз но ҷо, ки баландзабонии эшон аст, паси пушти касе мехӯранду бозмегарданд.

Деҳқонаки қаҳтӣ ба тариқи насиҳат огоз кард, ки омадаро аз пеш набояд ронд, ки дар ҳар мазаррате манфиате ҳасту шуморо харҷи бисёру магасонро хосиятест, ки дар косаи пур нахӯранду дар косаи холӣ бирианд. Чун аз косаҳои дигарон бо дарунҳои пур меоянду шумо эшонро ба косаи навмедӣ пеш меоед, бибояд гузошт, ки дар он коса агар хӯрданӣ нест, боре, ридагӣ бикашад, ки чизе аз рафтаҳо боз ояд, назм:

Бубин, чи лутф бувад, к-аз наволаи дигарон
Зи бахри косаи ту дар шикам захира кунанд.

---

[718] НЛ: мериду.

[719] НЛ: мебояду.

[720] НЛ: Ман он дорам, чӣ ҳоҷатам ҷаъди дароз?!

[721] МИ: ҳудуди байт мушаххас нашудаасту мисраи дуюм ҳамчун бахши ҷумла чунин омадааст: зери доми уштуре раманда.

Ҷамоати хушинон алоҳида сафе анбӯхтар аз мӯйи к.ни хирсаки урён ороста, байт:

Ҳар як ба карашма иззати говмешон,<br>
К-иблис ба лоҳавл гурезад з-эшон.

Ҳар ҳама бузургзодагон ба сина пурию озодагон ба симбарӣ, ки бузургии эшонро аз дарвоза бо илм бишносанд, дарвозаи ҷуд худ пеши эшон асту дарвозаи мӯре паси пушт. Аз барои нангу номи худу муставрии хеш ба намози шом саф зада, бар бадан бурун меоянду бо якдигар ғами дил гӯянду ҳар чӣ дар бутона доранд, берун резанд. Назоде дар ғояти (136) назоҳат, ки даст дар кун бурдан дар хонаводаи эшон коре бузург бошаду ҳар кӣ аз эшон истинҷои ҳиндуӣ надонад, ӯро ба кун шустан адаб кунанд, шеър:

*تلک العقائقُ حولَ اکبرها کانت هُجمَت دَجاجاتُ علی تلِّ الخری

Сифати шамоили маршими[722] эшон чандон аст, ки дар раҳи таголаи кавн дар карону масти охути сахтиён шӯёну панҷоҳ ҳавзи гармобаву сад чоҳи мустароҳ нагунҷад, аммо аз сад ситоиш якеву аз бисёр шамоил андаке дар баён орам, то қартабонро обрӯйи тамом ҳосил ояд, назм:

Асҳоб ҷамъ кунӣ, сифати ҳусн бишнаванд,<br>
Оҳе зананд гарм, валек аз даҳони зер.

Дар пешгаҳи[723] Арғувонхотун, ки к.с ба тариқи муаррифӣ ломаки пишакҳо ба шаклҳои парешоне дӯхтаву аз барги сук пистони танбӯл хӯрдаву аз пишакҳои гурбаи мушкин дар гови анбарин овехта, бо кафшдӯзаки гандадаҳан бӯсабозӣ мекард:

Кандиву гуҳӣ ҷӯйи[724] якдигар бувад,<br>
Гандадаҳанӣ ба гуҳ кашӣ, дархур бувад.

Ҷамошаки лоғарӣ худ дар миёнаи хонаву к.наш беруни дарвозаву мардумон аз пасу пеш нақбро дар ҳама дода, ки к.нашро даруни шаҳр нагузоранд, ки арса бар шаҳриён танг шаваду гурги[725] дам на дар паси дукунаи ӯ чун фозакашони хоболуд даҳон боз мекард, (137) назм:

Оруғи турш чунон фурӯ мехӯрданд,<br>
К-аз бинишон атсаи хунин меҷаст.

Сандалхотуни гандабағал пироҳан як остин гирди багал мекунониду атторро хонда буд, ки ғолия бихӯрад. Аттор ҳар бор мехост мурочаат кунад, ба ҳила нигоҳаш медошт, назм:

То оқибат гузошт ҳамон ҷо чуволи атр<br>
В-он гаҳ ба иттифоқи тароҷиъ бурун давид.

Мушаббихотуни камхора сер нахӯрд[726], бирён дар доман карда, андак-андак мехӯрд, ба сад нозу карашма[727]. Канизакони истода бинандагонро дур мекарданд, то касе чашми захмаш накунад, назм:

Ҳаме фиғанд ба лаб мушт-мушт мехоянд,<br>
Чунон к-аз даҳанаш бонги осиё мехост.

Буқмуҷихотуни торикчашм магаси хӯрдаву омосида чун пушти пойи қаҳтзадагону бинии яклахта чун шиками серхӯрдагон даҳанашро боди луқва ҷониби чап бурда. Гӯӣ, дар гӯши хеш роз хоҳад гуфту як дандонаш ба дарозӣ аз пошнои лаб берун омада. Пиндорӣ, аз куни саг кирм овезон шуда, бо чунин таносуби аъзо, назм:

Шефтаи сурати зебои хеш,<br>
З-оина мекард тамошои хеш.

Ғарорахотуни фартут доман боло карда, андоме пур аз сад ҳазор чин, гӯӣ (138) пироҳани молида пӯшидаасту атроф менамуду туркбачаи амрадро мехост, ки бад-он агар

---

[722] МИ ва НЛ: сифати шамомаи шамими.

[723] НЛ: дар пешгаҳи маҷлиси.

[724] НЛ: ба бӯйи.

[725] НЛ: канизаки.

[726] НЛ: даҳ сер нахӯд.

[727] НЛ: баъд аз ин: нақл мефармуд. Ин таркиб ба ҷойи "мехӯрад" омадааст.

ришта дар гулӯ кунад, аз ҷониби хеш ишқбозӣ мекарду туркбачаи хаждаҳсола аз ҳайбати он навадсола бими он буд, ки садсола шавад, назм:

Ҳаросон бурун мешуд он кӯдак аз вай,
Чу тифл аз зиғтии умми сибён.

Ғарчахотуни кӯтаҳгардан ду шона аз фарқ гузашта буду ду пистон оинаҳои зонуро дар ғилофи комиш пӯшидаву ғуре зери ғабғаб овезон. Гӯй, ки ба балоғати сонӣ пистони шумаш аз ҳалқ берун омадааст. Шикаме чун куни тағор баланд баромада, к.не пушти ташт пушт нишаста, бо чунин шакли мавзун пироҳани чуст пӯшида, бар сиккаи болои хеш афсӯс мехӯрд:

Чи суд аз ин чустиву чолокӣ нек,
Чун нест зарифе, ки ба бар гирад танг.

Дидӣ, мискин девгире, ки аз сояи ӯ мардумро дев мегирад, рӯйи сиёҳ сапед карда, аз осиёхона берун омадаасту бо девори матбах сапед кардаанд, шеър:

*نورٌ علی وُجوهِهِم مِن نورِهِ    مِثلُ البَیاض عَلی الجدارِ الاَسوَدِ

Сӯйи хуршеди Нимрӯз аз тариқи қубҳу ҷаммошӣ ба гӯшаи чашм нигоҳ мекарду назар мегуфт: (139)

Эй, к-аз намаки сиёҳи ман дар ҷигарӣ,
Месӯз, ки дарди шикамат бе дармон аст.

Учҳолидии Ноякаи ёдгори ноякони Ҳинд, мисраъ[728]: ъаҷузун ҳия ноика фӣ фатаззакури - гӯше чун дӯлоби чоҳ фуруд ҳиштаву лабе чун пилвони ҳавз баромада, аз як парраи бинӣ марворид даровехт, назм:

Қатраи хилми ғазнавӣ, гӯӣ,
Кушта аз сардии ҳаво баста.

Аз пардаи дувуми бинӣ қатраи хилм муаллақ шуда, ки бад-он марворид даъвии обдорию бузургӣ мефурӯхт. Он нояк бад-ин ду алоқаи латофат маъруф шудаву рағм-ул-алифи хубонро сӯйи бинии худ медиду худбинӣ мекард, шеър:

*وَ بالضَّحکِ قُلنا اَراکَ المَخاطُ    کَذی دُرُّ اَلفُ عَلی الاَنف دَرٌّ

Кабкхотуни кӯтаҳпой якшанбе душанбекунон кашхиромӣ менамуду хатибаки меҳроб кӯби ангушт дар мақъадаш мекард, ки ҷумъа ин ҷост. Хотун дасти хатибакро аз мобаъд ба моқабл бурду зарфи замоне равон дошт, ки, байт:

Дар ҷумъаи пас чанд кунӣ моя ҳама сарф,
Чизе зи пайи ҷумъаи пешина нигаҳ дор[729].

Воҷиб кунад, ки чунин маҷмӯаи ом бо эҳтироми фарҷади иблис, ки дар аҳди хон ибни хон мурда буд, дар хоб надида бошад. Ҳар зарфе ба ҷойи уд ҳезуми гармоба меафрӯхту маҷлисро ба кӯз чунон гарм карда, ки димоғи Райҳонаки гулхантоб месӯхт. (140) Хоҷа Шуҷоуддин гирд бар гирди ҳар мобаъдӣ мегашт, ки остину доманро бад-он дуди уд муаттар мекард. Хоҷа Бадруддини Кулангӣ чунон шатра[730] мезад, ки гӯӣ ба толибон овоз мекунаду ҳам ба ибодат шатра мегуфт, назм:

Даҳ мурғи ҳаво кушам ба як садмаи тез,
Сад хояи бат пазам ба як кирми канад.

Ман низ дар ин миён зарофате бунёд ниҳодаму тезӣ аз бағал чунон мураввақу хазрин[731] равон доштам, ки ҳама орифон аз завқи он дар хоб шуданд. Ба амали исбаъашон бедор кардаму аз дидаи соилу табиати муҷиб латоифе фуруд рехтам, ки аз ғояти ҳайрат сари суфраи эшон боз шуд. Дар ҳаққи ман ним эътиқоде карданду забқале чанд ним кала дар ваҷҳи ман ниҳоданд. Бар ман низ воҷиб буд, ки ба силие чанд гардани эшонро гаронбор кунаму ин бар эшон ниҳам, аммо шармандагии карами эшон дасти маро барбаст. Ё Раб, дасте деҳ, ки ин вом аз гардани худ фурӯ орам ба гардани эшон бигзорам:

Ноӣ наям, кила аз зайқал*е гаштам, вой,
Ки накардам ба қазо ҳар ҳамаро дафи тамом.

---

[728] ДТ ва МИ: ҳудуди мисроъ мешаххас нест; Аз НЛ оварда шуд.
[729] ДТ ва МИ: ҳудуди мисроъ мешаххас нест; Аз НЛ оварда шуд.
[730] НЛ: шатраи таҳният.
[731] НЛ: хартан.

Аммо таъзиме арзонӣ доштанд, ки бараҳман гову килоли хурдро[732] кунад, назм:

Сари тавозуъ суданд пеши ман ба замин,
Чунонки хинду дар пеши тӯдаи саргин.

Умед аст, ки кори идбор баъд аз ин пеш равад, ки сарриштаи ҳадир[733]: (141)

Шогирди расантоб агар дарёбад,
Аз бас ғайрат ба пойи пас бигрезад.

Овозаи ман пеши малики масхара дӯш расидаасту чунон расида, ки ҳазор сиркаи баёнро дар раҳи бинӣ бихӯрад, ки рӯй турш накунад. Масхарагони дигарро ҳам ба шунидан дандон кунд шуд, назм:

Ҳамаро кунд кардаам дандон,
То нахоянд жож бо чу мане.

Чун рӯзи аввал сиккаи иёри хеш дар дарунаи қалби эшон нишонда будам, рӯзи дигарам талаб карданд, то ба тариқи тағйири рӯй ҳамвора маро бар санг зананду чун саррофони қаллоб дирами сараамро зеру забар кунанд, байт:

Рост карданд қалбҳо аз бим,
Ту ба ту чун харитаи сарроф.

Ман низ аз саройиши кори хеш ҳайати мавзуни худро ҳила додам, ки ҳеҷ наққоше сурат натавонад баст. Аввал пешониро дар Чин фиристодаму рухсораро дар Ҳабашу даҳанро арсаи Дарвоз додаму дандонро дар вилояти Зангу сиблатро хироҷи Кӯзкона бахшидаму ришро ибраи Истох. Баъд аз он абрӯро аз ҳоҷибе чашмтарошӣ расонидаму дафъ кардаму лабро аз пардадории [дандон ба захми мушт дур афкандаму саводи дидаро] [734] ба мижаи боло дӯхтаму оби биниро бо чоҳи занах ошноӣ додам, шеър:

*خُلّیَت تِمثالی کَما فی مَنزِلی ما حلّ (142) شیطانٌ فکیفَ بذالک

Бо чунин ҷамоле бакамол хандон берун омадам, то аз пайи сипари хеш, ки баҳори сарсабзии ғассолону гулнори сурхрӯии набохот аст, дар хористони маҷлиси эшон, байт:

Ки обаш сиёҳ асту гулҳош тира,
Забонам гили гӯр, хотир[735] хатира.

Ҳолӣ, ки дар ҷамъи он парешонон сар дар кардам, ҳар ҳама назари фаросат дар рӯйи ман доштанд. Азбаски осори қубҳу шақоват дар талъати номасъуди ман рӯшантар аз рақами лаънат бар пешонии муаллими малакут муояна карданд, ба тааҷҷуби тамом бо якдигар гуфтанд, ки охир камон кашидани он тири қуббаи раис на ба андозаи бозуи мост. Он чи манзараи хубу масхараи марғуб аст, магар Ҷуҳо, назм:

Аз дӯзах сару по сӯхта берун давидааст,
Ки аз хартҳо рақсангез Абӯбакри забонӣ[736].

Дар даргаҳи асфал пой[737] мекӯбаду дилтанг дар гӯр кафани сесадсола пора мекунад:

*لو اَنّ فی الغَلَوات یَسخَرُ مُضحِکاً فالذّئبُ یُضحِکُ و القِرَةَ بِقَهقَهه

Ҳосил, чун дақоиқи таҳсили ман ба ғарбели фикрат бибехтанд, ба таҳқиқ нашнохтанд[738], ки пойи кафшрову наълайни дирафшро[739] (143) рағбате дар рӯдаву рӯдаконии эшон роҳ ёфт, ки хиштакро хишти мутавозӣ карданд.

Чун шарти обдаст ба ҷой оварда буданд, бо ончунон таҳорати комила дасти ростамро[740], ки кун бад-он мешӯям, бӯса доданду ба ҷасорати ҷуръат аз муҳсади бузургиям тафтиш карданд. Аз он ҷо, ки ниёзмандии эшон ба сидқ дида шуд, нахостам, ки ташрифи

---

[732] НЛ: харро.

[733] НЛ: Умед аст, ки баъд аз ин кори идбори хона пеш равад, Ки сарриштаи манн ба дасти.

[734] Аз НЛ оварда шуд.

[735] НЛ: хори.

[736] НЛ: кулли матн ба сурати мансур омадааст; МИ: ҳудуди байт ба гаври зайл аст: Байт:
Он чи манзури хубу масхараву марғуб аст, магар / Аз дӯзах сару по сӯхта бурун давидааст. Ба ҷойи калимаи "забоне" вожаи "замоне" омадааст.

[737] НЛ: бар оташ пой.

[738] МИ: бишнохтанд.

[739] НЛ: дарвешро.

[740] НЛ: дасти чапамро; МИ: дасти ростамро, ки кафан бад-он мешӯям.

ҷавоб дар букча дар кунаи маҷус дорам. Бо сад ҳазор[741] узромез фуруд рехтаму гуфтам, назм:

Расвои ҳоли хештан коре нест,
Чун гавҳари покро харидоре нест.

Гуфтанд, ки худ тиби ахлоқи хеш дар тинати пок мебӯсӣ, аммо тӯдаи г.хро ба хок пӯшида[742], оқибат аз ғаммозии бӯй нашр шавад:

Чун ман бидидам, ниҳон намонад ин бӯй,
Кардам ҳадасе ба рӯяшон рӯёрӯй.

Гуфтам: ҷадди падарам наҷосат-ун-нисои бу-л-фараҷи порсо буд, авратро аз балъами Боъур, ки дар ду ракаъат намоз ҳафт саҷда назр диди[743] ва ба вақти хӯрдани сафъа аз ғояти тадаббун гардани падар дидию бигуфтӣ, назм:

Ман, ки дорам диёнате ба камол,
Чун кунам ин вубол дар гардан?

(144) Ва ҷаддаи модариям[744] ъузруҳ-ун-нос нафсаҳу ка-н-нос, ки аз ҳангоми кӯдакӣ дар мустароҳи бузургон риш баровварда буд, акнун, ки сарф шудаву дар ин кор истиғроқе дошт, ки магасон гулхан рида буданду риши сафедро сияҳ карда, дод бад-ин хизоб миёни аҳдоси даъвӣ ҳаволӣ кардӣ, назм:

Магас ба ришаш ғоҳи ҷавонию пирӣ
Сафед кард сиёҳу сиёҳ кард сафед.

Ҳолӣ, ки Хоҷа Бадри Кулангӣ шарафи нисбати ман бишнид, хост аз рақами домодӣ доғи хусурон бар ҷабҳаи эҳтиром мениҳад, ба меҳрубонии тамом бар тариқи тифлонам бар гардан нишонд. Ман низ аз роҳи беадабӣ биҷастаму охураки гардани ӯро обхӯри харон кардам. Афсӯс мехӯрду мегуфт: эй, гулхани ту бар охураки ман ба бӯйи модиён баромада, назм:

Гарчи хуш мастӣ, валекин риданат хуштар будӣ,
З-он ки аз саргин ҳама кас шикан гиранд бар камир[745].

Чун лахте аз ин таассуф пироя[746] боз омад, маслаҳати насиҳати кори хайр дар миён ниҳод, ки моро аз барои аҷузаи хеш пешниҳоде иттифоқ мебошаду оби харзаи шумо нахезад[747], байт:

Агарчи ҳаст туро гавҳаре ба санг бузург,
Зи силки суҳбати мо харзае дареғ мадор.

(145) Агарчи бу-л-фузулии ӯ бо ман мисли халифаву ҳаҷҷом буд, аммо чун ғариб будаму рӯй дар пеш бурдани коре доштам, пушт бар нангу ном кардаму эҷоби ӯро гӯши қабул фурӯ ҳиштам. Бадри Кулангӣ, ки бад-ин шарафу саодат умедвор шуд, назм:

Равон гашт буғлакзанон сӯйи хона,
Чу харҷоли пиру куланги лабона.
Давидам[748] пеши ҷаве ҷуфт бо ҳам,
Чу ҷавза паси ҷӯйи обхона.

Золе чандро, ки хуни сиёвушону баҳман фурӯшанд, зар дораму Золи Зари шона сохтам. Ҳар як Қофе, ки симурғи Шомро бо каргаси Кайковус ҷуфт кунад, талаб кардаму сӯйи он Рудоба фиристодам, то хабари чоҳи Бежан биёранд. Эшон худ дар талаби чоҳи Бежан рафтанду ғори Кайхусрав ёфтанд. Аз фарохии толеъи он лабанги сақо, ки мушки об дар пушт дорад, ба танҷим Ҷомоспи ҳакимро таҳсинҳо карданд. Баъд аз он кайфияти кинаи он ёдгори каён, ки нишони ҳеҷ ки базрҳо дорад, дар ҳафт хонаи ояндагон тафаҳҳус карданд, шеър:

---

[741] НЛ: посухе бо сад ҳазор.

[742] МИ: аммо тӯдаи гуҳ дар он хок пӯшида.

[743] МИ: саҷда биларзидӣ.

[744] НЛ: ва ҷадаи модарам.

[745] НЛ: З-он ки аз саргин шикан гирад ҳама кас бар камир.

[746] МИ: таассуфи пирона.

[747] НЛ: ва он хабар аз шумо нахезад.

[748] НЛ: Давидам бубин ҷӯй ҷуфти ҳам / Чу ҷӯза бубин, ҷӯй обхона.

В-он гаҳе з-он ҳафт хони Рустаму Исфандиёр
Кайду дастон дар бас овараданд, нак, шаҳномавор[749].

Сифати духтар оғоз карданд, ки ҷамоли он ҷамиларо чӣ тавон гуфт: андоме латифу тунуктар аз хилми зуком, гӯй, ки аз бинии Бадри ҷалаб чакидааст. (146) Сари аслаъу холӣ чун ҳайири[750] дӯк бар пешонии ӯ ҷаъде чун думи каждум дар қафову рубоъе дандоншикаставу мисроъи лаби номавзуни понздаҳ рух бар руху шонздаҳ суълул бар бинӣ, чашмҳое чиху мижаҳо рехтаву дидаҳо азраку пистоне чун хояи пирон дар тамузу қомате чун камон лозими бенур, мавзуни сикаи туро аз хирмани омосида, хандонрӯтар аз бӯзинаи ҳаросида:

Ҳар кас, ки дида буд ба рӯз он ҷамолу ҳусн,
Ҷуз хирсу хук хоб набинад тамоми шаб.

Худро ба гулгуна ороста, ки арӯсони дигарро ҳам ба шунидан чеҳра бадал шавад, сурма бар рӯй[751], сапеда дар чашм, катиро дар мижа, навшодир дар пилк, ҳино ба зарҳо, ашхор дар суфраи мурдор, санг дар багал, зарних дар мӯй, хишти суда бар фарқи хокистар тар карда, назм:

Бар чунин сар абир бошад хок,
Хок бар фарқи ӯ ба ҷойи абир.

Табиату одату мизоҷи ӯро худ чи сифат тавон кард: таҳури сарҳангон дар табъ, наъраи боҳафсон дар ҳалқ, арбадаи лӯлиён дар забон, лесидани ҳангомагирон дар даҳан, иштиҳои мутрибон дар шикам, хориши харон дар к.н, исрофи муқомирон дар к.с, хиссати қаҳтиён дар табъ, бадхӯии мунҳиён дар назар, чоплусии қавводагон дар сухан, бедидагии (147) косирон дар чашм, шеър:

- *عَينُها بالفاحِ قَحطِ أست        غمصُ العَينِ وَسّتُهُ الجَذَر

тарсондил, таррори кафандузд, мубораккадамтар аз гӯркан, шармгинтар аз нодошт, меҳрубонмизоҷтар аз ҷаллод, хушхӯйтар аз аъвон, камхиёнаттар аз заргар аст. Гӯй, тирози омил ҳалолхортар аз бозиён, пардапӯштар аз ғамоз, назм:

Зи маллоҳони ҳинду содапистар,
Зи ҷосусони кофар хилагустар.

Пешбинтар аз гови харош, зирактар аз хари харун, ҳушёртар аз харгӯши хуфта, меҳмонтар [аз саги ноҳор, олиҳимматтар аз шағоли хандақ, кадбонутар][752] аз гурбаи рӯзадор, кадхудохоҳтар аз муши кишт, беҳнишинтар аз гурги ваҳлгирифта, сабуртар аз юзи косадида, даҳанбастатар аз сияҳгӯши бисёрдавида, бурдбортар аз хуки захмхӯрда, мардумсортар аз паланги думбурида:

Зи кафтори ваҳшӣ вафодортар,
Зи гурги гурусна камозортар[753].

Аз истимоъи ин авсофи ҳамидаву ахлоқи писандида чунон мутааҷҷиб шудам, ки гӯшҳо бастам, кушода шуд. Ғаммози ин шамомаи шиямро гуфтам, ки тиби хулқи ин зобити замону фосияи ҳадасон чун дониста шуд, ки беш аз он аст, ки самум дар бодияи дӯзаху сарсар дар арасоти қиёмат. Афсӯс бошад, ки мо аз он пойча бар почак ба дуде басанда кунем. Ботин тақозо мекунад, (148) ки ҳанӯз аз табиати ӯ шаммае дар ҳадис орӣ, то мо, ки ба вай домодӣ дорем, бе ҳурон ба ҷуз димоғи такаббур ганда кунем, назм:

Пеш аз ин бинии худро з-ин равоиҳ бар кунам,
То зи ту ранҷе набошад чун гаҳаш берун кашам[754].

Даллоле, ки рағбати ман содиқтар аз лаҷоҷ дар фурӯхти даллолону дар кӯби харидорон дид, гуфт, ки аз ҳусни адабу ҳаёи ӯ ҳам қадре пеши он хотиби козиб такрир кунам, назм:

---

[749] ДТ ва МИ ҳудуди байт мушаххас нест; аз НЛ оварда шуд.
[750] НЛ: чун сари чанбар.
[751] НЛ: сурма бар рӯй карда.
[752] Аз НЛ оварда шуд.
[753] НЛ: камоpомтар.
[754] МИ: ҳудуди байт мушаххас нест.

То бидонад, як[755] аз адаб намуна бувад,
Ки духтаронро шарму адаб чигуна бувад.[756]

Ҳусни адаби[757] ин духтар ба ҷоест, ки чун миёни бозор ридан нишинад, аввал аз ғояти шарм рӯй бипӯшаду пас к.н бараҳна кунад. Инчунин рӯйи пӯшида зарар бошад хабар, ва-л-Лоҳу аълам:

Дар пардаи исмати ту зебад,
То исмати ӯ туро фиребад.

Ва аз бузургии шикам даст ба к.н нарасаду канизаконро нагузорад, ки к.нашро олуда кунанд. Лобуд, к.н аз ғуломон шӯёнаду дар ҳолати шустан чашми эшонро бибандонад, то назари номаҳрамон бар шармҷойи ӯ наяфтаду аз ғояти покизакорӣ ҳар рӯз ду ҳаҷҷоми пирро биншонанд, то дар мӯйи к.нуш ранг[758] шона кунанду сипушонро чунон ба захми нохун зананд, (149) ки аз овози он духтари нозпарварда дар хоб равад:

Чун ту дар хобгоҳи ӯ ғунавӣ,
Худ бубинӣ ҳар он чи мешунавӣ.

Он чи фазлили нисбатҳои ӯ буд, рашҳе дар шарҳ омад, аммо муншаоти пешина чандон, ки[759] дар даҳ девони Абӯнувос нагунҷад. Зеро ки қофия фароху фарҷи ӯ байт-ул-иншои фасод аст, ба тариқи ратб-ул-лисоне пеши радифи мо баъд метаровад, ки ман дар ашъори зу-р-рамаму кибар, ки Имр-ул-қайс аст, бад-он баҳри муҳит-уд-даҳр аз сари қиёму тавозуъ мегӯяд, ки, шеър:

*يا بال عَلَيكَ مَنهاَ: الماء يَكُب      كَانَّهُ من كُل مُقرب مَشربُ

Ва ҳар мӯйи он бомҷай сӯзанест ҳазоргиреҳ, ки чандин ғаммозӣ дар он гузари қофия рӯй гардонидааст, шеър:

* لَو يَمدَحِ البُلَغا: فَرحَةً فَرجَهُ      كَالبَحر قَد وُسعَت قَوافِ صَيغَهُ

Боз аз шунидани авсофи фазлу фазилат ин фосила бинӣ кулоб агарчи мутаҳарриктар аз ҳамза будам, чун алифи бе пайванда аз хеш гум шудам, чунонки аз куна, ки маътали ъайн аст, то к.с, ки ба идғоми чизе музоъаф аст, фарқ надонистам, шеър:

*هذه فاصلَةٌ اَضمَر فيها الذُكَرُ      جَوفُهاَ الاجوَفُ اَصحابُ جماعِ ذَكرو!

Бо хеш андешидам, ки чандин гоҳ дар талаби кану мегаштам, то оқибат бахти мардумшинос чун ман аслеро завҷе асилу ҳалолзода аз ман рӯзӣ (150) кард. Чунонки аз турби адаби зоту ҳусни сифот аслан ҷойи шармандагӣ нест, аммо масали маъруф аст, ки чун аз ишқ фуруд ой, нон бояд. Арӯси бечиҳоз камизи бекӯзу гирям бесӯзро монад. Боястӣ, ки андозаи матоъи ҷавозу ашёи ӯ маълум шудӣ, то дили чун санги зерини осиё биёсудию к.ри чун дастаи забарини дастаи осиё биистодиву чун дастаи сало ба фуруд биғалтидӣ. Пухтакорон, ки дақоиқи арӯсиро месириштанд ба захми мушт, то[760] нони эшон пухта нашавад, назм:

Чун занон гирда бастан бувад дар танӯри гарм,
Мӯй дар мӯй пухтан оғоз карданд аз ду даст.

Гуфтанд: магар туро тарроре бозӣ додаасту бадал аз нуқраву бадал аз гавҳар санг расонида, ки чунин ноустуворӣ дар ту роҳ ёфтааст. Ҷиҳози ин духтар чандон аст, ки даҳ харро биронаду сад шутурро зери бор бирамонад, назм:

Муҳол донӣ агар боз гӯямат ҳама чиз,
Кунам хулоса зи даҳ хирман ба ҳалли як тез.

---

[755] НЛ: он, ки.

[756] НЛ: баъд аз шеър: ин духтар, ки бад-ин сабаб ба завки мазоқ ӯро хуш кардам, бардоштаму даруни пардаи зуфофаш бурдам, то сатр аз ӯ баргирам, анбӯҳе назорагӣ чунон буд, ки гӯӣ, бозори порафурӯшон аст, байт: Гуфтам: аз баҳри хобгоҳи ту шаҳ / Беҳ аз ин хилвате саҳиҳа набошад.
Хостам, ки ба сӯзани борик порадӯзӣ бикунам, чун ду пояш алам кардам, аз фуруд бонги табл баромад, сар баровардам, қомати худро дидам. Баъд аз он ба ҳолест, ки чун дар миёни бозор...

[757] МИ: матни байни ду “ҳусни адаб” ҳазф шудааст.

[758] НЛ: ришк.

[759] НЛ: муншаоти пешинаи ӯ чандон аст, ки.

[760] НЛ: муяссар шуданд, то.

Ҳануз истеъдодам тамом нашудааст, зеро ки ба ҷиҳати ҷома пунба нагаштаанду зар дар санг мавҷуд нашудаасту дурри ятим дар шиками садаф ақими маъдум мондаву абрешимина [аз барги тут берун наёмадаасту пашмина][761] бар пушти меш нодамидаву оҷ дар даҳони пил наруставу чӯб аз танаи дарахт бинолида, назм:

Тухми катон нарафта ба зери замин ҳанӯз,
Рангин (151) зи офтоб нагашта нигин ҳанӯз.
Не, не, ки худ нагашта зи асбоб ҳеҷ чиз,
Аз сад матоъ ҳеҷ бо макон қарин ҳанӯз[762].

Аммо он чи муҳайёву мураттаб аст, он миқдор тавон гуфт, ки агар бихӯрӣ, то қиёмат басанда бошад. Ним курсии якпояву як гаҳосати сепояву ду канизаки чаҳорпояву шаш чизи панҷпояву ҳафт дастаи осиёву нуҳ ҷанбари ғарбелу[763] сездаҳ ҷавози бе буну панҷ кафчалези бе сару ёздаҳ гулӯлаву як гилину шонздаҳ сафоли нон пухтану ҳафт ҷорӯби бериштаву ҳаждаҳ кандуи шикаста, ва-л-Лоҳу аълам, назм:

Аҷабе нест, ки аз бахти чунин кадбону
Руфта хона расад аз баркати ӯ то зону.

Аммо бистари хобро ҳеҷ айб натавон кард, ки бағоят меҳтарона асту ду парколаи даҳлези сипаҳсолор кандуи афғону чаҳор домани аспаки малик катани харбонию се навори шукронаки магасакгирифта[764] аз пашшахонаи Абӯбакр, насибе нимшатранҷӣ аз он мири канколон, панҷ далқи дурушт аз он меҳтари гадоён, як шарита ноиби меҳтарони фаррошон, ҳафт ҷуволи бепайванд, ду нимагилеми пора бо пайванди нав бо оштӣ, ки аз он сари мардум бигардад, назм:

Намадзине зи пушти аспи бемор,
Нахӯрда чизе аз парҳези бисёр.

Аммо либоси талбис аз гояти кӯҳнагӣ пардаи худ ҳам худ дарида, аз он чи аз ҷинси (152) ҷомаи нодӯхта тартиб ёфтааст, ду хиштаки изору сари ҷайби пироҳани чаҳор пайванди доманию печи раҳи боронӣ, ним манҷуқ қартаву дуним газ астари тапонча, сеяке аз фуруди нифа, чаҳоряке аз наздики изорбанд, аммо аз шаъри мо ҷуфта пора шуда, кандаву буда ҳам якпора, назм:

Хез, эй домод, к..и хуфтаро бедор кун,
К-аз пайи ин шаъри хуфта он, гаҳи[765]
бедорияст.

Боз он чи дӯхтаанду нодӯхта ва нопӯшидаи пӯшида, баъзе бо тақтеъу баъзе бе тақтеъ, як шиканҷе хораву як доман санге пораву дастораки қасаб чизею як дасторча коғази ҳаририю як ҷомапою ним кашидаву як пироҳани ниммолидаю як дуроъаи рехтаву як миқнаъаи гусехтаву як ширинбоф бо сад талхию як чодар бо ҳазор балхию як боронии дувист иду як баҳорӣ, ки сесад Наврӯз дида, назм:

Як роҳили ёдгори бисёр касон,
Чун пардаи анкабуту доми магасон.

Пирояи худ чизҳое, ки дар таблаи асалӣ чеҳраи боз натавон ёфт, било дараҷатиҳи ҳамоилу ба гӯшвор аз зер марворид, кашнизи рикобак молиш карда, рӯйи хашанҳош гулӯбанди хоми динори хоми моҳаки сафол, маҳи гиребон даволи бӯрёбонӣ аз алифи алами бозу аз бӯрёбофӣ латиф, ангуштаринҳо аз оҳан (153) то ба нигинҳо дар санг, гармобаи даствона ба ранҷу даст дар бахани гандум, дар он чи тавқи куланг дар лангари пайкар бо харбак дар шитолинг, шеър:

بكرٌ تَحلّت بالحلى كأنّها     كلبٌ عقورٌ بالحديد مُسلسَلُ     *

Ман, ки овозҳои чандин зевару халхол бишнидам, аз он ҷо, ки тамъи музаввари як одамист, хоки хиштро тӯтиёи ҳиммат сохтаму ба вақоҳати ғайримаъҳуд тақозои тазвиҷ кардам. Хоҷа Хуррам марде сахист, аз шарм дар замин медиду мегуфт, моро кори

---

[761] Аз НЛ оварда шуд.
[762] МИ: мисраи севум ҳазф шудааст.
[763] НЛ: нуҳ хар ғарбелу.
[764] НЛ: ридаву магасакгирифта.
[765] НЛ: магар; МИ: гар.

хирмане[766] ҷуфт пеш омадааст. Чун аз он пардозем, пардохти шумо[767] он гоҳ хоҳад буд, назм:

Аввал кунам асбоби аҷузаи к.с пора,
Пас баҳри аҷуза тахти[768] дубора.

Хусурпураро гуфтам, ки хайр ҳаст? Оғоз кард, ки аз он ҷо, ки ҳалолзодагии падари ман аст, ҳаром раво надорад. Чандин гоҳ аст, ки модари маъсумаи мо ба сабабе мутлақаи салоса шудаасту падари парҳезгор тарки ӯ гуфтаву ӯ ба ҳалқи хиёр руҳи адовати Аламут зинда медорад. Ҳам аз ин баракат дарҳои бахшиш кушодаву падарам бар он шуда, ки даъвате ом созаду ин мутлақаи муталлақаро ҳалола фармояд. Кӯре чандро пеш аз он, ки базаи бемазза карда нашавад, дар хона овард. Ҳамоно, ки алфози эшон на бар мазоқи бинӣ буд. Бомдод бархост, бар (154) таҳримаи намоз пайваст. Хоҷа пурсид, ки ғусле боистӣ? Ҷавоб дод, ки аз ин ҷимоъҳо обдаст менашиканад, то Хоҷа бад-ин сабаб музди кӯрон маблаге кам кард, байт:

Кӯрон ҳама рафтанд чунон нохушнуд,
К-аз харзаи сусти бинии сахти ҷимоъ[769].

Ногоҳ аз бахти бибӣ харбандаи дарозрикоб ҳосил шуда, ки ба як нишаст ду манзил яке кунад. Ӯро баъд аз имтиҳони бисёр бибӣ хуш кард, шеър:

*كَانَ عَبدُ الحِمارِ ذٰلِکَ وَ لكِن    عَبدُهُ صارَ بالجماعِ حِمارُ

Хоҷа ба дасти худ бар сари ӯ гил баставу вилояти бибиро бо тавобеъу музофот аз маҳлули худ ба иқди саҳеҳ бар сари тозиёна дар ваҷҳи идрори он мустаҳиқ ниҳоду гуфт: ман марде ноустуворам тариқи ҳалолу ҳаромро дар диёнат эҳтиёт шарт. Ба ҳузури худ ғайбати хушфа фармуд. Он гоҳ дилаш қарор гирифту зери кахти чорҷой чаҳор поя шуду ба шумори зарби ишрину тисъин машғул гашт. Агарчи буд кӯр, харбанда чунон тунд меҷаст, аз[770] модиён ба ҷойи камиз саргин меандохт. Маъа ҳозо, ҳазаҳу фарёд мекард, ки ман аврате милобиям, ба илтиқои хаттотин мулаввас нашавам; охир, мусалмонест ҳалол он гаҳ шавад, ки завқи усайлаи якдигар ба чашм, байт:

То завқи усайла ҳосил ояд занро,
Афсори харон бояду бо иқди сагон[771].

Баъд аз он ки фусориши (155) харбанда дар ҷӯш[772], ки бибӣ сахт хуш омаду дилаш аз Хоҷа чунон сард гашт, ки Хоҷаро ҳамчу хар ба ранҷ бигзошту ба ҷону дил бандаи харбанда шуд, назм:

Бибӣ аз хазраи харбанда шуда зинда зи сар,
Хоҷа дилтанг, к-аз он хазра бимирад бибӣ.

Рӯзи дигар, ки к.рҳои субҳхез аз хоб сар баровард, Хоҷа харзаро[773] аз барои заҳмати шабона ба маъзарат пеш омаду тавқеъи талоқи зан кард. Бибӣ нифаи харбанда маҳкам баргирифту гуфт, ки Хоҷа гуҳ бисёр мехӯрад. Гуфт: ягонаи ман шавӣ, худро ҳаргиз талоқ мегӯям. Ҳарчанд, ки Хоҷа лаҷоҷ пеш намуд, иштиҳои бибӣ афзунтар мешуд, то мардумони муътабар дар миён омаданду баъд аз гуфтушунуди бисёр бар он қарор афтод, ки хар ду ба ширкат шӯйи бибӣ бошанд, аммо нафақа Хоҷа диҳаду нафс харбанда расонад, ки, назм:

Шуда бибӣ аз нафақаву нафс шод,
Ки нон Хоҷа, таҷнис харбанда дод.
Дил азбаски бар захм сахтӣ ниҳод,
Наёмад зи нонаш ҳама умр ёд.

Хоҷа чун аз арӯсии зан фориғ шуд, оғози кори хайри духтар бунёд ниҳод, шеър:

*أَكلُ الوَليمَةِ مِن مُجَلّدِ زَوجِهِ    يَدعوْ الرِّجالَ عَلى عيلِهِ مِنها - ихтиёр карданд.

---

[766] НЛ: кори хайре.
[767] НЛ: байти мо.
[768] НЛ: талабу тахти.
[769] ДТ ва МИ: ҳудуди байт мушаххас нест; аз НЛ оварда шуд.
[770] НЛ: ки.
[771] ДТ ва МИ: ҳудуди байт мушаххас нест; аз НЛ оварда шуд.
[772] НЛ: дарҷӯшид, бибӣ.
[773] МИ ва НЛ: харбандаро.

Толиъи вақт Ҷадии мунқалибу Қамар дар он бурҷи хокӣ хоксори нахуст шудаву Занаб ҳамон ҷо худро дам бар сохтаву Қамари манҳусро сиёҳ(156)рӯйии инҳоф гирифтории тамом арзонӣ доштаву Далв аз чашма дур афтодаву Ҳут дар дарунаи дарё аз беобӣ хушк шудаву Ҳамал низ аз ҳисоби анҷум сифр мондаву Саврро ҳам дарахтони[774] сабздори осмон тиҳигоҳ тиҳию Муштарӣ аз Ҷавзое боде дар чашм раҳ ёфтаву назарашро фурӯ пӯшидаву Саратон, ки хонаи ҳафтум асту байт-уз-завҷи Миррих, ба он тахти панҷпоя ба ҷилваи вубол баромадаву Зуҳал ҳамон ҷо бар курсии ҳабут нишаставу ҳар ду занон[775] қирони наҳсайнро иқди маҳкам баставу машшотаи Хуршед ҳам дар он ҷумла рӯйи ҳар ду наҷасро ба дуди иҳтироқ гулгунаи хокистар кардаву Раъсро ҳам шумии суҳбати ӯ бадҳол гардонидаву Асад, ки хонаи ҳаштум аст, дар камингоҳи хавфу хатар даҳонбоз нишаставу Зуҳраву Уторид, ки аз Харчанг бигрехта, таҳт-уш-шуъоъи Хуршед маҳҷуби анзор гаштаву кӯрокӯр дар коми Асад афтодаву сақат шуда. Чун аз он бигзарӣ, ҳӯшаи холию тарозуи бесангу фусунгари Ақраб ба иллати Саратон маҷрӯҳ гаштаву фусунгарони дигар низ аз Ақраб газида шудаву Қавси беқиммат аз Муштарӣ ҷудо мондаву тири чархро бо пайкони тези ӯ аз хеш партоб кардаву дур андохта:

Зиҳӣ толеъи сабз, к-аз ихтиёрӣ
Диҳад ҷуфтаро ҷовидон созворӣ.

Шеър: *وَ لو ذَاالاختیار بفرقدین    فقدها کبُعد المشرقین

Ва баъд аз он мани занталоқро ба лутфи тамом талаб карданду аз он ҷо, ки таъзими домод бошад, ниме сару ниме риш тарошиданду бар дастаи нотарошидаи курсиям биншониданд. Чун ҷойи ростӣ буд, гуфтам: ман занонро таълиқи абад кардаам. Духтар гуфт: ман, ки хотуни бинти падари каликанам, фузулии худ ҳам худ шудааму худро ба ҳазор дирами қалбу як дирсати сӯрохе, чунонки шарти аиммаи аболисаву шарти аҷиллаи алоҳида аст, агар хоҳию агар нахоҳӣ, ба тиргаҳи мӯсии ъонатарошӣ бар сабили зино ба зане додам. Чун шармнокии арӯс бад-ин ҳад муоина шуд, ман, ки дар талаби аҳлу ҷинс мегаштам, заруратан бад-ин тазвиҷро ба ҷавзи номашрӯъ қабулаш кардам, шеър:

*عروسٌ کذئب و بغلٌ کوعل    عفا الکلبُ تزویج تلک العفیفه

Ва нисоре, чунонки аз хондани ҷадду падар дида будем, қадре ғулӯлаҳои саргини аспони хоси мулук, ки аз донаи бсиёри бохираи одамӣ баробар бошад, дар остини кароmat муҳайё доштам, бар сараш фуруд рехтам. Канизакбачагони сиёҳу ҷарда чун хубзи дугон[776] ба шикол дарафтоданду он ҳам табаррук барчиданд. Бим буд, ки саргини арӯс (158) низ ғорат кунанд. Арӯс чун торочи ин матоъи нафис бидид, сабраш намонд, пардаи исмат аз пеш бардошту фарёд кардан гирифт, ки чу саргин некӯ нигоҳ доред, то шӯйи ту бадэътиқод нашавад, ки зан тариқи кадбонуӣ намедонад:

Ноне пазам аз ин ҷуди саргин зи баҳри шӯй,
Беҳ з-ин чи луқма рӯзи арӯсӣ зи баҳри шоҳ.

Чун зангии шаб, ки тангаҳои зар бар рӯйи сиёҳ ниҳоду Парвин[777] хандидан гирифт, арӯс аз паси ҷомхона бода дар ҷилва[778], пироҳани гиребон бар китф аз шитобзадагӣ бозгуна пӯшидаву доман бар сар андохтаву остини рост аз хилм гулранг шудаву остини чап аз дар афтодаву хусумат то оринҷ рафта, изори бе изорбандро бар сарҳо[779] печидаву гиреҳ зада. Дар ҷилва пойро занбӯр бигазиду качули ғозӣ бачагон мекарду маро, ки шавҳари ӯям, мегуфт: биситон, биситон. Бо худ гуфтам, ки ин арӯс бағоят к.схиҷил аст, миёни мо чигуна зиндагонӣ хоҳад кард?! Дар ин андеша будам, ногоҳ гиреҳи изори арӯс боз шуду бияфтоду ӯ чунон машғули ҷилваи худ буд, ки аз куни худ хабар надошт. Мутрибони гулчеҳра бозон мезаданду мегуфтанд, назм:

Хотунаки к.нбараҳна дар ҷилваи ноз,
Ӯ бехабар аз к.ни худу к.нуш боз.

---

[774] НЛ: дар он аҳён.
[775] НЛ: ва зуҳраб ба он.
[776] НЛ: саргинхорагон.
[777] НЛ: ва ба рӯзи рӯшан.
[778] НЛ: пора карда, дар ҷилва омад.
[779] НЛ: сари зиҳор.

Машшота, яке пой ба к.наш андоз,
К-он хавила зи к.ни худ (159) хабар ёбад боз.

Дар ин асно арӯсро, ки нони меҳмонӣ бархӯрда буду андозаи шикам надошт, риданӣ сахт гирифт, фурсати[780] рафтани мабраз набуд. Кӯрии мутабаҳҳир ба тариқи мутояба бигзошту гуфт, ки як даст ҷилвае ҳанӯз боқист. Аввал бача чанд, ки дар шикам дорам, исқот кунам, он гоҳ ба ҷилваи боқӣ пардозам. Ман, ки шаҳи навам, аз ду пӯстакии ҳомилаи кӯҳна дар пӯст нагунҷидам. Гуфтам: зиҳӣ, нозук зоте, ки ба муҷарради назари ман обистан шудааст. Инчунин нозанине агар то таштхона равад, бим бошад, ки ҳам дар раҳ бача бияндозад. Коре бад накардааст, ҷойи шарм бошад, бачаи ман дар канори ман, *авла-л-валад-ил-фирош*. Ҳолӣ, ки дар канораш нишондам, то ба як бор сад бача биёвард, ҳама монанди ман. К..хора зане, ҳолӣ ба доягии эшон дармондам, то Хоҷаи хусур бозпас чун шер фуруд давид[781], бидавиду аз ғояти шафқат шир бар эшон фуруд оварду ҳам дар он ҷомаи шол[782] бардошту бигуфт, назм:

Бирафт духтару к.нзодагон дусад бигузошт,
Наберағонро дар пасу пеши ҷад бигузошт.

Арӯсро ҳангоми ҷилва сард мешуд, аз бас таъҷил таҳорат нокарда бар тахт рафту ба ҷилва мегашту модараш ҳарораи забон мекарду мегуфт, назм:

Хотунаки мода бача аз к.н овард,
Бингар, ки чи насли пок берун овард. (160)
Як шодии дигар ар хӯрад нон ба мурод,
З-ин бача ҳазор хоҳад афзун овард.

Ман низ он ҳарора гармтар кардаму хушнудии худро, *аҳма-л-ҳабойини би-л-ҳаён*:

*قد زاد اولاد زوجی صهرنی   تلک النوافل ترضعین تطوعاً

Чун аз он ҷилва, ки олудаи фароғат ҳосил омаду к.нишӯи шарбати арӯс *ъала-л-итлоқ* ман, ки домодаму ҷумла ҳозирони маҷлис дур аз ҳозирон дамодам бихӯранд, назм:

Он шарбат бас, ки бо ҳавас мехӯрданд,
З-он хӯрданам об дар даҳон меояд.

Дар он ҳолат хотири арӯсро муроотe тамом менамудаму мегуфтам, ки, шеър:

الی استک کان بامرآتی رکوبی   سکونک تحت ربی ان سکونی

Баъд аз он ки бад-ин байти музаввиқ мазоқи ӯро хуш кардам, бардоштаму даруни пардаи зуфофаш бурдам, то сатр аз ӯ баргирам. Анбӯҳе назорагӣ чунон буд, гӯӣ, бозори порафурӯшон аст, назм:

Гуфтам: аз бахри хоби ду нӯша
Беҳ аз ин хилвати саҳеҳ набошад.

Хостам, ки ба сӯзани борик порадӯзӣ кунам. Чун ду пояш алам кардам, аз фуруд бонги табл баромад. Сар баровардам, қомати худро дидам. Баъд аз он дар миёни ду линги ӯ ка-н-нун байн-ан-номиён он ду сутун ҳавзхона ёфтам, ки дар об хона мекард[783]. По боло кардам, дар он бом тафарруҷкунон (161) мегаштам, ки ногоҳ дар ҳавзи гармоба афтодам. Ғута мехӯрдаму касе набуд, ки мӯйи ман гираду баркашад, то дастам дар мӯйи зиҳор афтоду ҳамон дастовез шудам, *ал-ғариқу ятаъаллақу бикулли ҳашишин*:

Дар қаър фуруд рафта будам то фарқ,
Гар мӯйи зиҳор дастгирам нашудӣ.

Ҳосил, аз фуруд боло мекардам, то офтоби замини дида аз ғори анкабуте хок сӯйе бурда, забонии фалак мурочаат карду арӯси зангии ҳайати ман ҷӯшонтар аз тарки қай аз хоб даромад. Рӯй гулӯгиртар аз нони шабона дар ман чунон гирифту гирифтаро агар магас бар ӯ нишинад, истифроғ кунад, шеър[784]:

---

[780] НЛ: чунонки фурсати.

[781] НЛ: Хоҷаи хусур бо риши чун шерози сина фуруд давида.

[782] НЛ: сарашон.

[783] НЛ: ки даҳан дар он хона мекард.

[784] ДТ: баъд аз ин байт охирин шеъри арабии саҳифаи 160 ва матни зайли он то шеъри навбатӣ такрор шудааст, бинобар ҳамин дар ин ҷо оварда нашуд.

لَبَنُ الرَّضاعِ مَعَ الحُرى يَستَفرغُ          *كادَ الطَّبيعةُ من كَراهَةِ وَجهه - бархосту ҳам аз камизи худ ғусли ҷинобат ҳам дод. Бомдодон бо чунон покию покизагӣ бархостаму ҳам аз камизи тар ҷаъд барбофта, ба саломи хусури муттақӣ рафтам. Аз он ҷо, ки ҳиммати падарона бошад[785], гуфт: харидори духтари ман бисёранду духтари ман низ бар эшон бисёр буда[786]. Маслаҳат дар он аст, (162) ки бар хар биншонию гирди шаҳр бигардонӣ, то ҳар киро даъвӣ бошад, хари ӯро гираду туро хар нагирад. Агар на, набояд, ки харк..они шаҳр туро хар гиранду банда кунанду[787] занро бар гардани ту нишонанду бигардонанд. Охир, зани ту бар пушт нишинад, беҳ аз он, ки бар гардани ту, назм:

Барор хуфта занро ба пушти хар з-он пеш,
Ки хар баромада бинӣ ба хуфтаи зани хеш.
Зиҳӣ, мувоъазати он ҳакими дурандеш,
Ба хун гиристан омад чу к.ни хар аз риш.

Ночор занро[788] бурдаму риш полон карда бар хар нишондаму дар ҳама шаҳр ташҳир кардаму ин нидо дармедодам, рубоӣ:

Ин хавилаи ғоибона аз хонаи кист,
Ҳон, зуд бигӯед, ки ғайбонаи кист?
Девонаи к.. аст, накӯ медонам,
Лекин он к.. к..и девонаи кист?

Ҳарчанд, ки кӯча ба кӯча хартозӣ мекардам, ҳама ёвазанам мегуфтанду ҳеҷ кас намегуфт, ин зани бора аз они кист. Гуфтам, ки аз ғояти иззат набояд, ки ъайн-ул-камол дар ҷамол бо камоли ӯ роҳ ёбад, мушти бизадаму дар баноғӯшаш ниле пайдо кардам. Хандон-хандон ҷавобам дод, ки лаънат бар ту бод, ки ин бодии нилак аз ту нарафт, назм:

Чунин нозук нигорине, кӣ дорад,
Ки ниле[789] муштро нилак шуморад.
Чунин донам, чунон гардад ду-се сол,
Ки гар ғазбон занандаш, сар нахорад.

Баъд аз он ки ҳамчунон харсавора сӯйи хиргаҳи мири додаш (163) бурдам, то ҳадди зинову занона бизанонам, он[790] фуруд оварданду бар харкуш нишониданд:

Карданд ба дурра к.нашро чок,
То зеру раҳ буриду шуд пок.

Боз ҳам бар он маркаби давлаташ нишонда, ҷое, ки бунгаҳи он, балки куни бараҳна зада бувад, бар зада шуд, то акнун ҳама покию порсоӣ бувад. Баъд аз ин бо як шӯй намедонам, чигуна қаноат хоҳад кард:

Даҳмарда зане дораму ман танҳо бисёр,
Ҳон, эй ҳама ёрону ғуломон, боре.

Маълуми ройи заҳикат-уз-замон бод, ки дар шаҳри ғурбат ин қадар кор пеш рафтаасту ҳиммати сифланавози шумо асаре тамом намуда, дар ақиби мактуб омада мешавад. Бо кавкабаи анбӯҳтар аз хунбаки ҷойи куштигирон ду хусри сухраву чаҳор хусри бардами асхараву шаш нури Бадри муштзану шонздаҳ холи хусурдонаву нуздаҳ ъамми хусри қавода, шеър:

أضحى طلالَ اللّيلِ فيها سَرمَداً          *رَهطٌ اذا باتوا نَواحي بَلدَةٍ

Бояд, ки хонаи мастуртаре дар маҳаллаи нодошнон бигиранду маблағе канкони арабу кулангони беадабро ҷамъ кунанду яксола карии к.. муқаррар фармоянду забунӣ бар бидиҳанд, то омадаи номурувватну мардии аслофу аҷдоди[791] хеши арӯси навро намуда ояд ва ин кобилаи комилаи модарзодро дар хусрони атрок бар қоимаи (164) ҳаром бо қоидаи

[785] НЛ: хусур аз он ҷо, ки ҷамъияти хусурон бошад.
[786] НЛ: ва духтари ман низ муштарии эшон буда.
[787] МИ: ва ташҳир кунанду.
[788] НЛ: биитаппаро.
[789] НЛ: захми.
[790] НЛ: аз хар.
[791] НЛ: авлоду аҷдоди.

тамом[792] иҷлос фармуда шавад. Аммо баъд аз он ки мобаъди ӯ аз сафи ниъол масдар гашт, ҳам худ камари қиёдат баставу пеши харкоён дар сафи ниъол ниҳода ояду содиру воридро салои ом дар сабил дар дод, то яксола нақш дар[793] як шаб мадхар ғардаду айёми шаҳват ғолибаи ӯ сайид-ур-Раб мубайино бино ниҳода карда шаваду он чи нақши зиёдат аз як сол восил гардад, бадали нафақа вазъ афтад, назм:

Гар нафақа расад в-ар нарасад ҳам боре,
Аз ҷониби нақш шармсорӣ набувад.

Хусуру қартабонро видоъ кардаму ӯ духтари хавиламизоҷро дар пеш бар задану пас боз додан бандҳои бадрона фармуду духтар низ ин моя дар тазкир дар гӯшҳои к.с ҷой дод, шеър:

* وَ اَوصاها ابوُها فی وِداع      آلا یا بنتُ فی أُستِ البَعیل کوُنی

Бояд, ки аз расидани мо мунтазиронро хабар кунанд, то душманони сохта мизбонию дӯстони сӯхта тирбонӣ шаванд. Ҷавоби ин нома ба дасти қосиде чунон таъҷил фиристанд, ки гӯӣ, ридан нафас гирифтааст, ки хотуни наварӯс даҳан боз карда, раҳ металабад:

Гӯ ба қосид, ки ба раҳ то накунӣ ридан сер,
К-он даҳанбаста боз намонад то дер.

Пайваста моро ба дуои лохайр ёд доранд[794], то бақои шуму хилъати майшуми шумо бо саръи оқоту аҳвали (165) махофот рӯзӣ ғардад, *иншоа Зуҳал ав Миррих*, шеър:

*سیجمع بیننا نحسُ السّماء      اذا اجتمع الصّباحُ مع المساء

Таърихи ин маҷории ҳол дар соле, ки поёни бузург бар сар расиду ба миёнаи қоф[795] фуруд омад, мисраъ: яъне, ки сана шашсаду ҳаштоду ду буд. [Ад-Дуъо камо ҷаро ва-д-дуъо камо ҷаро][796]

**Ҳарфи чаҳорум** дар бароату қабзи сухр, мисраъ: **инак, инак бароти сухр бубин**. Итлоқ кунанд мутасаррифи муомалаи пасинаи Бибӣ аз ҷамъ, ки дар ҷамъ омадааст, дар ваҷҳи ав рао наҷосата-д-дини мусаххараҳу бола шайтону ъало шорибиҳи ва боза-л-иблису фӣ риши заҳаниҳи. Ашёе, ки боризӣ ояд, гандум даҳ хирвор, кӯзи ҳиндӣ бист хирвор, кӯзи порсӣ бист[797] хирвор, нахӯд ҳаштод хирвору эътимод бар аломоти иблис, ъалайҳи-л-лаънат кунанд. Ат-Торих камо зикр-ул-ъишрин фи-т-тисъин[798].

**Қабзи сухр**: инак, **нигар қиболаи сухр**. Бистуду қабз кард соҳиби аҷал Абӯяҳё Сом аз ҷамоате парешонкори бар озори бадкирдори соқит-ул-ъадолат, мардуд-уш-шаҳодат, ҳусоми қассоб, қилиҷи хунӣ, сиддиқи каззоб, сироҷи сӯзанда, авотаки Хуросон, шодии ғаммоз, мавдуди сияҳкор, шиноъаки чорводаҳан. Ҳар як дар ҳоли сиҳҳати нафсу суботи ақл тойиъу роғиб, лоиҷбор, бе икроҳ азвоҷи (166) хасиса[799] ба сиккаи қалби мазруб дор-уз-зарби мусодараву шиканҷа аст. Қитъа, ки[800] ҳар ҳаштро ду нима карданд, шонздаҳ дар шумор омад. Бар он қарор, ки баъд аз инқизои муддати олам ба ҳукми қузоте тақозое ба молик расонаду бо вакилони азоб ба узру дафъ тамассук насозад, ило он, ки дар адои тоифаи мазкура кӯшад ҳам, бар ин ҷумла пазируфту қабул карду ин хатти иқрор худ набиштан фармуд. Бошҳову шуҳадои майшум муаккад гардонид, то мазлумони ситамдидаро ба вақти ҳоҷат ҳуҷҷат бошад. Таърих дар салхи шаъбон баротвор буд. Аслаҳи ҳумол гувоҳи мутатаҳҳири ғассоли шуҳадост, баъдаҳу ҳалол маст шудааст, Бӯмасъуд ҳаққо мин-аш-шуҳуд.

---

[792] МИ: бар қоидаи ҳурову бо ақидаи тамом.
[793] НЛ: зиёдат дар.
[794] НЛ: ёд оранд.
[795] НЛ: қафо.
[796] Аз НЛ оварда шуд.
[797] НЛ: панҷоҳ; МИ: ҳаштод.
[798] НЛ: ат-торих камо зикруно фи-л-ъишрайн баъда-т-тисъайн.
[799] НЛ: хабиса.
[800] НЛ: шиканҷа.

**Зикри итмоми панҷ рисола**[801]. Ба фазли беҳади Аҳади бесонӣ тамом гашт ин панҷ рисолаи муъҷиза[802], ки ҳар як дебочаи корест барои иншои ҳар девону дебоҷи нигорест барои иншои ҳар девон, дастурест ба ҷиҳати дасти дабирон, балки дасте ба ҷиҳати дастгоҳи вазирон. Қалам[803] бисёр дар саводҳои гуногун фуруд рафту саргашта шуд, то аз ин савдое[804] маонии беҳисоб сар боло тавонист карду давот дар дег ба ранҷи беандоза ба ранҷ сӯхт, то неъмате пухта табақаи[805] (167) чошнигирон кашид, шеър:

*أكلتُ دُخانَ السِّراجِ بالتلذذ      كما احترق الفؤادُ و تمّ هذى

Чун дар ифтитоҳи ин иншо қалами ҳиммат дарбастаму дари ҳиммат бозкушодам, гоҳ ба калиди қалам фатҳбоби хазоини ғайб мекардаму гавҳаре аз дари ин шаҳр берун меовардам, то дуррат-ут-тоҷи сарварони суханварон гардонаму гоҳ ба забардастии фикрат ангушт дар ҷайби фалак меафкандаму нақде дуруст чун динори хуршед бармекашидам, то рӯзи бозор оламро бад-он гарм дорам. Чароғҳои анҷум дар ин савдо месӯхтанд, ки дудаи чизе ба хома тавонанд расонид. Зуҳал, ки ҳиндуест гармсухан, гӯш медошт, ки аз он иборат забон рост кунад ва Бирҷис, ки қозии сипеҳр аст, зону шикаста, сабақи адаб дуруст мекарду Миррихи сурхчеҳра аз гармии ин ҳавас мегудохт, ки барои[806] китобаи ин китоб худро дар садафи нилӣ шигарф созаду Асади оташин мехост, ки[807] офтобро ҳал кунаду пеши хомаи котиб дорад, то латоифи ин саҳоиф бад-он оби зар таълиқ кунам. Ва Зуҳра аз сарири килкам ба масобате маст мегашт, ки ҳар бор усулаш ғалат мешуду даст бар даст мезаду оташи табъам дар Уторид забон мекашиду Уторид худро бар сари он оташ сипанд месохту Моҳ, ки дар нимаи шаҳраш (168) пеш комил намегиранд, гирд бар гирди ин дақоиқ бармеомаду мехост, ки чандон нур ҳосил кунад, ки дар тамомии шаҳр ба камоли бенуқсон рӯшан шаваду осмони кабуд пеши ъайн-ул-камоли Қамар пардаи нилӣ шуда буду ин сухан бо ман дар парда мегуфт, назм:

Тақдир расонид чу дар айни камолат,
Даврони фалак айни камолият марасонод.

Дар ин боб панҷ ҷоми ҷони ширин аср кардааму барои мазоқи аҳли аср шарбате ҳоле[808] берун оварда, ки агар аз маҳлули[809] оби ҳаёт иқтоъи ҷонаш диҳанд, маҳалли он дорад. Мусанниф аз хӯрдани ин шарбати зиндагонӣ зиндаи мудом хоҳад шуду ҳосид бихоҳад мурд, шеър:

*من مات من ماءِ الحيوة فباقى      فى فيه بل حتّى يعيش بذوقه

Он чи биноён дар ин намуна намоиш хоҳанд кард, ман худ боз намоям. Намуда меояд, ки савдое андак дар ъайни маънӣ ба сурма монад, ки чашмро рӯшноӣ бахшад ва агар кас савдои худро рӯшану нозук гирд тавонад овард, аҳли басират онро сиёҳии дида созанд ва агар ҳама як нуқта бар ваҷҳ бошад, чун холи хубон рӯйи суханро биёрояду дар дида чун мардуму дар дил монанди сувайдо ҷой гиронаду савдои бисёр бар рӯйи сафҳа ҳам сафҳаро сияҳрӯй гардонаду ҳам нома сиёҳ кунад, шеър:

*إذا طال سَقرٌ مثلُ صَدغِ خرايد      (169) لا بُدّ من أخذ و تشوّش له

Бидон, ки килки котиб тирест тездав, ки ҳафтодсола шуд, ҳанӯз ду дандонасту сиёҳии дандонаш ҳар рӯз тозатар ва банда, ки ин тозӣ так дароз медиҳад[810], ду сабаб аст: аввал он, ки чун табъи фуҳули котиб модаи фикратро дар кор меорад, модӣ ба ҳадде зоянда мегардад, ки нитоҷаш дар маробити якбанду дубанд намегунҷад, ночор ришта дарозаш дода мешавад, то мезояд. Аҷаб мода, ки ҳарчанд зодаш бармеоянд, зояндатар мегардад. Ва чун кори зодан ба ҳадде расида, ки дар як робитаи мактуб бист-сӣ саҳроӣ

---

[801] МИ: рисолаи мӯъҷиза.

[802] НЛ: муъҷизаи исавии китоби "Расоил-ул-эъҷоз".

[803] НЛ: қаламам.

[804] НЛ: саводҳои.

[805] НЛ: пеши табақаи чошнигирони дақоиқ кашид.

[806] НЛ: барои ҷадвали.

[807] НЛ: ки нури.

[808] НЛ: шарбате ҷонӣ.

[809] МИ: мамлуки.

[810] НЛ: банда, ки ин тезиро таку тоз медиҳад.

саҳифаро бар озод ҳамон назод кард. Шармам мехезад, ки фуҳули маонӣ, закараҳуму-л-Лоҳ, бар фазл ҳамл хоҳанд кард[811]. Ба зарурат инони қалам, ки мояи сад тазкир пеш дорад, кашида мешавад, то дар батни коғаз қатра бичаконад. Агар ҳамчунон ба таволуду таносул гузошта ояд, назм:

Гуҳар чандон тавила бар тавила дар назар орад,
Ки охир бишканад бар гардан он касро, ки бардорад.

Сабаби дувум он, ки дар ин сабти ҳар нома[812] агар арсаи нисбат танг ва агар васеъ бошад, ба абрешими борики дақоиқ бар кафчаки сапеди коғаз бахяи сиёҳ мезанаму ба шириниҳои беширанг олоиш мекунам, чандон, ки санъатҳои ин нисбат он чи дар зери ғошияи_ихтифо пӯшида мондааст, бештарӣ[813] бурун афтад: (170)

То шоҳсаворони сухан дар пардохт
Гиранд намунаҳои нав-нав з-ин сохт[814].

Замири банда ҳангоми фикр пиндорӣ, даъвати ом аст, ки дар вай маонии ҷаставу ноҷаста аз олами ғайб монанди меҳмонони хондаву нохонда ба як бор дармерасад. Чизеро, ки метавонам, дар байти назм ва ё дар хонаи наср дармеораму дар садри таъзим менишонаму чун ба тартиби мобақо намепардозам, гирд бар гирди абвоби насру мисроот[815] бармеояндy мункасири[816] ҳол бозмераванд. Бад-он сабаб, ки рақибони ҳофиза бағоят безабт афтодаанд, наметавонанд, ки мурооти меҳмони азиз кунанд, то ҳамаро ба қадри имкон дар маҳалле ҳар чӣ олитар нишонда шавад. Ба ҳаққи неъмате, ки дар зиёфати бузургон хӯрдаам, ки агар ҷумлагии азёфи маъонӣ, ки дар дил[817] расидаанду аз нуқсони ҳифз сӯйи олами ғайб боз рафта, дар мақомоти тасниф мадхал ёфтандӣ, найшакарзори ақлом натавонистӣ, ки шарбати эшон муҳайё гардонад. Ин ҳама ояндагон, ки дар ҷамъҳои котиб гунҷидаанд, назм:

З-онон, ки хонда будаму нохондае, ки рафт,
Гӯӣ, ки аз ҳазор яке ҳозир омадаст.

Маълуми уламои ин фиқҳ бод, такрори маонию хаёлот, ки ҷой ба ҷой дар ин китоб дар ҳар тасн‌ифи котиб шудааст, аз нуқсони ҳифз аст, на аз қусури табъ. Аз он ваҷҳ, ки чун банда дар (171) тартиби мусаннафоти манзумаю мансура хавз мекунад, агарчи ҳама бадеъу ҷадид мезояд, аммо баъзе қадим, ки пеш аз он гуфта шудааст, он низ дар хотир меояду он замон дар замир намегузарад, ки аз ин нукта ҷойе таълил ёфтааст. Мағар он, ки ҳангоми мутолаъа маълум мешавад, ки ин маънӣ ба такрор маълул ғаштааст. Ва чун дар маҳалле рабт ёфт, ки агар бикушоянд, муқаддамоти дигар мухтал гардаду табъ дар исқоти он рухсат намедиҳад, ба зарурат рақами ҷавоз бар ӯ мекашаму ин ҳол низ бисёр ҳол барои таъкид мукаррар намекунам, ки ҳамаро муқаррар монад, ки агар ин моҷаро касеро дурӯғ намояд, ӯро дар ҷавоб бояд гуфт, ки чун банда дар ин фукоҳат ба маҳалли иҷтиҳод расидаасту ҷомеъи чандин муҷаллади сагиру кабир ғаштаву ба иттифоқу иҷмоъи қавл ҳасан шуда[818], чи муҳтоҷ аст, ки он чи рақами сабақ дорад, ба расми мубтадиёнаш такрор кунам. Аз он ҷо, ки қариҳаи банда, *ка-л-анҳори-л-ҷорияти* аст, агар гузарҳои ҳифз бе халал бошад, ҳаргиз бар мазоҳиби[819] имом Зуфронӣ, ки як бор мустаъмал шудааст, дубора истеъмол наёбад, назм:

Бе хост задам дар оби мустаъмал даст,
Меҳмони зафар шудам, ки он низ ҳақ аст.

Бар оинаи табъи рӯшандилон пӯшида нест, ки андар он чи оина дар даври хеш рӯшан набуд, ҳанӯз дар табъ[820] ба қуввати мунтабиъу феъли сонеъ бад-ӯ напайваста. (172)

---

[811] НЛ: фармуд.
[812] НЛ: дар зинати ҳар нома.
[813] НЛ: бештарии ҳунаре.
[814] НЛ: гиранд намунаҳои нав з-ин навсохт.
[815] НЛ: мисроъоти назм.
[816] МИ: мункари.
[817] НЛ: ки бар дар дил.
[818] НЛ: ва асҳоби қавл машҳур шуда.
[819] НЛ: мазҳаби саҳеҳи.
[820] НЛ: табъи оҳан.

Ҳакиме, ки сохтани оина аввал дар табъи ӯ мусаввар гашт, агар пеши кӯрону кӯрдилон дар баён овардӣ, эшонро он намоиш чун хаёли оина сурате намудӣ. Ҳақиқат, акнун он чи бандаро дар зеҳн сурате бастааст, беш аз онаш сифат кардан ҳам бад-он оина монад. Бош, то ин оинаи маънӣ, ки аз сайқалхонаи табъи банда берун омадааст, биноёнро муояна гардад, он гоҳ тавҷеҳи сайқал кардани ман дар ин ҳудуд рӯшан шавад, ки банда дар ин даъва[821] чун оинаи каж дурӯғзан нест, балки ин намунаест[822], ки даҳанҳои каж рост кунад[823], чунонки оинаи хаёл даҳанҳоро, ки каж бошад. Ҳар нома ва ё руқъа ва ё муқаддимаи сухане, ки котиб ба илтизоми нисбате навиштааст, таълим аст барои пешниҳоди ин тарзи номутобеъ. Ин тасаввур накунад, ки маънӣ бар нисбат ҳамин миқдор бувад, ки дар ин муқаддимоти калом мактуб шудаасту гайри он ангехтан натавон. Ва дар ин галат фикри коҳили худро аз ков-кови ангехт кунд кунаду ҳамин лаълу ёқутро[824] ҷигаргӯшаи хеш ном ниҳад. Балки ҳар нисбатеро, ки бардорад, агар табъ қодир бошад, чандон маонии муносиб фароҳам орад, ки китобе битавон набишт.

Бандаро аз фазли Борӣ он қиёсу қувват бувад, ки дар ҳар нисбат ва ё санъат китобе бинависад (173) бузургтар аз ин тарассул, ки ҳеҷ маънӣ мукаррар нагардад, аммо се чиз монеъ шуд: аввал он, ки чун дар як нисбату санъат[825] мустағриқ монам, ба муносаботу сифоти дигар кай расам. Дувум он, ки аз ҷумлагии латоифи[826] дигар боз монаму дар ниҳоят вассофе бо нисбатгӯй бошаму бас. Севум он, ки тарки неъмату[827] тавҳиди илоҳӣ карда, ки куллист. Бад-ин хурофоти музахраф пардохтан изоати умр бошад. Ман худ дар ҳар таснифе шаммае рӯзгор зоеъ кардаам, назм:

Дигар ҳанӯз дар ин муҳрика чи хавз кунам,
Ки шод гардам чун аблаҳон ба таҳсине.

Тоифае, ки дар ин китоб сухан хоҳад гуфт, аз чаҳор қисм берун наянд: ё аҳли лафзанд, ё аҳли маънӣ ё аҳли лафзу маънӣ ва ё ноаҳли белафзу бемаънӣ. Ва он, ки назараш бар лафз аст, ӯ аз ҷумлаи лавҳи иборат сиёҳӣ[828] асту бас. Ӯро ангушт бар ҳарф намебояд ниҳод, на бар маънӣ. Ва он, ки сабқати маънӣ дорад, ӯ худ дар ғавзи латоиф чунон фуруд равад, ки ҳеҷ ба хасу хошоки лафзӣ напардозад. Ва он, ки таҳти лафзу маънияш ҳарф-ул-лисон аст, ӯ бояд, ки бар сари инсоф чун алиф рост биистаду фурӯ бинандагӣ[829] софтар аз ин маънию гуворотар аз ин лафз овардан (174) имкон дорад, ки агар мумкин аст, ҳарфи моро ба ҳиҷои ангушти шаҳодат чи ҳоҷат. Алвоҳи маонӣ пеши ӯст, ки барои хеш алоҳида китобе ба тасниф бояд расонид, то ҳамон иншои ӯ носихи нусхаи дигарон гардаду он мансухи мамсухро дар насхи дигарон забон ранҷа набояд кард. Ва он, ки на лафз дораду на маънӣ, назм:

Ӯ худ накунад китоби моро такрор
В-ар тез кунад, гӯш макун бонги ҳимор.

Муште чӯбшиканону чӯбакнависон, ки баъзе хешро бар сари чӯб карда, алам месозанду баъзе қалами хешро кисвати аламият пӯшонида, нишона мекунанду чун муқаррабони беҳосил, тахтнишинони бепояву монанди алами мунагғасе[830] доманнишинони бесоя бар сони табли фазоиле наъразанони тиҳимояанд, назм:

Овозашон ҳаст чу овози духул[831]:
Сар дар даҳону дил фиреби тифлон.

---

[821] НЛ: даъвӣ.

[822] НЛ: намунаи оинаест.

[823] НЛ: баъд аз ин: мисраъ: чунон к-оинаи чинӣ даҳанҳоро, ки каж бошад.

[824] НЛ: ёқути маро.

[825] НЛ: ё санъат.

[826] НЛ: латоифи шеъру ғазалу нағзу ваъзу санъату ғайри он.

[827] НЛ: тарки наъти Расул (с).

[828] НЛ: сиёҳӣ дидаасту бас. Ӯро ангушт бар ҳарфи таҳаҷҷӣ бояд ниҳод, на бар маънавӣ.

[829] НЛ: бинад, ки.

[830] НЛ: мунҳанӣ; МИ: мутаманӣ.

[831] МИ: танҳо ҳамин мисроъ ҳамчун як мисроъ мушаххас шудааст.

Дар ниҳон авроқи котибро бар он намат, ки пеш аз ин кардаанд, ба табъи калил чун саҳифа, ки ба корди кундаш ҳак кунанду рахна гардад, рахна хоҳанд кард, балки ҷузв-ҷузв бихоҳанд буриду ба дақиқаҳои хоми хеш, ки агарчи пухта шавад ҳам номи хомӣ аз он наравад, бо саводоти маъшуқ[832] пайванд хоҳанд карду[833] ошкоро аз он матбуъоти номаҳдуд забони худро теғи обдор хоҳанд (175) сохту худро тири чарх бархоҳанд тарошиду касе нахоҳад донист, ки эшон тарошачини килки Хусраванд, [- пеши ӯст, ки барои хеш алоҳида ба тасниф бояд расонид, то ҳамон -][834] балки хоҳанд пиндошт, ки Хусрав тарошачини килки эшонро нашояд. Ман чаро он тарошандагонро ба нӯги килки худ беш аз он харош кунам[835], ки, байт:

Тарошаи қаламам ҳар кӣ поймол кунад,
Худош аз базаҳи помол сад вубол кунад.

Ва он чи аз хизонаи беҳисоби ман дахл хоҳанд кард, харҷ кардан ҳам нахоҳанд донист. Ҷое, ки килки алифваши эшон ба хат хоҳанд пайваст, ҷуз нақши хато нахоҳанд намуду ҳамон қалами хатодори[836] эшон аз забони асҳоби китобат сарзанишҳо хоҳад кашид, ки он сари буридаро сар сиёҳ хоҳад шуду нахоҳад донист, ки аз он сиёҳрӯӣ сар боло кунад.

Турфа он аст, ки бо чандин ихтироъу ибдоъ, ки ман дорам, доғи таҷаду[837] лаҳни бозгуна бар авроқи ман хоҳанд кард [ва банда барои қатъи хусумат тезе шавад, эшон қабул хоҳад кард][838] ва сагини ҳар як забонро дар ниёми коми худ дар хоҳад кашиду китобаи *самма наҷо ва саката салима* бад-ин казлики обдори забон нигошт, то биноён ҳангоми дидани ин нақш забони таҳсин тез кунанд. Аммо бар мусаннифони ҳол(176)у истиқбол он миқдор эътимод ҳаст, ки дараҷоти котиб баъди инсироми эшонро ба ҳуҷҷати қатъӣ ҷарҳ кунанд. Банда маҷрӯҳи алсинаи эшон аст, забонро ҷуз бад-ин дуо дар ҳаққи он забониён ранҷа надорад, шеър:

* مَن كانَ يَخرُجُ قلبُنا مُتَعدِياً فَاللهُ بِالِانصافِ يَخرُجُ قلبَهُ

Ин ҳар панҷ саҳифа, ки ҳар як дарёест пураҷоиб аз ҷаридаи тинати котиб берун омада, чандин[839] пеши мутааллимони мутааммиқ гузаштааст, хоса пеши устоде, ки сонии муаллими аввал аст, аъни хидмати Мавлоно баҳр-ул-бадоеъ, муҳит-уш-шароеъ, шаҳоб-ул-ҳақ ва-д-дин, файёз-ул-мутабаҳҳирин, дарёи файзе, ки ҳар кӣ оби даҳане дорад, намешояд, ки эшонро ба табаҳҳур васф кунад, зеро баҳрро мутабаҳҳир хондан бе об гардонидани баҳр бувад, шеър:

*يُباهِي كُلُّ ذاماءِ المَعانی به ما دام في الدّاماء ماء

Ҷое, ки иборати обдораш аз ъайни шариъат соил гардад, мутааллимони комилро чандин муҳити илм захира шаваду аз мақоме, ки балоғати сипеҳри мавҷаш ақломи ҷорияро ҷараён диҳад, назм:

Мутабаҳҳиронро чандин ниҳонӣ анфос[840]
Равон бар рӯйи об ояд пур аз дурр.

Ин шаҳоби соқиб аз ин осмонҳои баланд, аъне рисолоти ин китоб (177) девони хаторо ба куллӣ берун рондааст, то шаётини оташро маҳал гирифтию осебе намонда. Бад-он намат, ки азимати шаҳобӣ дар раҷми афорити ағлот ҷазм будааст. Лоҳавл, ки дар ин арса ҳеҷ ғули муохаза боқӣ намондааст, магар он, ки банда ба исрори девонагон аз табаияти амри Мавлоно чун деве, ки аз фусун пой берун ниҳад, таҷовуз кардаасту ҷой ба ҷой шаётинеро ба рағми худ мардум ангошта, яъне хаторо савоб пиндоштаву нагзошта, ки[841] сояи хонагӣ аз хонҳои сухан берун равад. Пас дар ин сурат хоне шудааст, ки барои ҷони хеш аҳриманеро ҷоне тасаввур намудаасту дар ҳаққи он шайтони ботил, ки табдили

---

[832] НЛ: маъшуқи худ.
[833] МИ: матни байни ду "хоҳанд кард" ҳазф шудааст.
[834] Аз МИ ва НЛ оварда шуд.
[835] МИ: накунад.
[836] НЛ: қалами хатокори эшон аз кизлики забон.
[837] НЛ: наҳли.
[838] Аз МИ ва НЛ оварда шуд.
[839] НЛ: чандин бор.
[840] НЛ: чандин бор.
[841] НЛ: ки он.

сурат кардааст, ба ғалат ҳусни таҳқиқе ба ҷой наёвардаву он махдуми ҷониро дар ин ҳол ҷинояте нест[842], назм:

Гар соядор з-афсун фармон ба ҷо наёрад,
Афсунгарон худ гирад, ӯро гунаҳ набошад[843].

Чун он шиҳоби воло хатоҳои котибро аз таркиби калом монанди арвоҳи хабиса, ки ба афсун аз колбуди соядорон дур кунад, дур кардааст(178)у суфуфи фариштагони маониро, ки ҳар як Ҷибрилест, руҳон аз мадхали хато[844] холӣ гардонида, аз он фариштаваш Худо хушнуд бод. Тамма би-л-хайри[845].

Бо он ки он борикбин назари бинишро дар хурдкориҳои ин саҳоиф ба диққати тамом хавз додаасту хӯрдҳои хаторо, ки зарра-зарранд, аз арсаҳои бадоеъ чун хори борик аз кафи пою ришки торак аз мӯйи сар берун овардаву банда низ резачини мавоиди фавоиди эшон аст, дақоиқи ин китобро аввал ба пардаи дил тунукбез кардаву баъд аз он дар парниёни коғаз дубора бехтаву сабӯсаву дурушта, ки буд, ба қадри имкон ҷудо карда. Маъа ҳозо, дар башарият эҳтимоле дорад, ки пиле аз назар мастур монаду пила манзур гардад, зеро ки хато бар Худо раво нест. Мардумӣ набошад, ки асҳоби басират аз дурҷе пур аз сад ҳазор гуна ҷавоҳир дар лаълу ёқут чашм сурх накунанду бисуди сурхро нуқтаи таън ниҳанд, ки ҳабба асту ҳар ҷо, ки хасмуҳраву ё каҳрабое бинанд, хаскашӣ оғоз кунанду зари сомити нуткро аз “ло” кор ниҳанду гирифт оранд, ҷавоби гирифти эшон ин аст, қитъа:

К-эй дар гирифт нусхаи халқе, ту ҳам биёр
Як нома бе гирифт, ки бинем ҳоли ӯ.
Гуфтори одамӣ набувад холӣ аз хато,
Илло, ки гуфтаи малики Зу-л-ҷалоли ӯ.
Пас чун чунин-ст, баҳри чӣ мерезад оби гайр
Он кас, ки ҳаст хору хасе аз зулоли ӯ?
Ноқис, ки таъна дар ҳақи комил ҳаме занад,
Ҳаст он гувоҳие ба суботи камоли ӯ.
Зангӣ, ки холи айб ниҳад бар рухи сапед,
Он хол зеби рӯ нашавад бар ҷамоли ӯ.

Фи-л-ҳосил, ин китоб, ки таърихи рӯзгору таърихи маонии бешумор асту аснофи тасниф рисолотро барои таълим аз таърих дар ҳуҷаҷи боистатару асҳоби таҳрир муросалотро аз зич дар адад шоистатар, чун ҳар дафтар ба сиёқате марқум гардонидам, ки ило явм-ул-ҳисоб маҳсуб монад. Дар поёни зайлаш таърихе нигоштам, ки аз он таърих зебе дар тарассул омад, мисраъ: яъне, ки шумор ҳафтсаду нуздаҳ сол.

Чун банда Хусрав, ки дар ин коргоҳи зардӯзӣ ба шогирдии мавҳибати илоҳӣ устоде гашт, ки аз тезтабъи ӯ тори дарози андеша бар чархи атлас нақш ба хам тавонад дӯхт, ҳар кӣ дар ин тарз, ки тирози алами офтоби сард монанди риштаи дунболаи сӯзан аз мутобаати ман ор надораду ба шогирдии хешу устодии ман муътариф гардаду зикри маро дар тирози тарзи хеш чун номи зардӯз аз зардӯзию хитоби насиҷи бофт дар насиҷи киноя алами аламият созад, эҳтимол дорад, ки чун ман дар ин дардӯхт аз сарриштаи инсоф дар нагзарад, мисраъ: насиҷи ваҳд гардонад Худояш. Ва ҳар қаллобе, ки аз қалбаи дили хеш тори баранҷе, ки ҷаве наярзад, ба ҳила тавонад тофту торҳову зарамро бидуздаду дар он дардӯз кунад, ба вақоҳат аз он дуздида чунон дарравад, ки ресмон дар чашми сӯзан, байт:

Зи сонеъ хостам, то сӯзаду хокистараш созад,
Чу зардӯзи хаётат кор бо зардӯзии куҳна.

Ман, ки дар нисбати латоиф даъвии балоғат мекунам, ман ҳам медонам, ки монанди чунин раҳм дар батни ин коғаз чандин гоҳ дамидам, чи хунҳо хӯрдам, то ин атфоли болиғро аз машямаи замир берун овардааму дар қимоти ҳаририи коғаз печидаву пеши бузургон дошта ва эшон фотиҳаи ихлос бар ин биҳиштиён дамида, ки қуррат-ул-айни

---

[842] НЛ: дар ин хаёл хабосате нест.
[843] НЛ: афсунгарони худро гирад, гунаҳ набошад.
[844] НЛ: девони хато.
[845] Дар ҳамин ҷо матни нусхаҳои ДТ ва МИ ба охир мерасад. Матни баъдӣ аз НЛ оварда мешавад. Маълум мешавад, ки ҳангоми таҳияи НЛ якчанд нусха мавриди назар будааст.

аъёни маонӣ гарданд. Рой-ул-ъайн рӯшан кардаам, ки ба партави назари эшон дидаи бад аз инҳо макфуф хоҳад монд. Маъа ҳозо, аз мубассирони болиғназар хоҳиш мекунам, ки чун дар ин ҷавонони шонздаҳсола, ки дар авҷи ҳусн расидаанду хат пайдо карда, назар фармоянд, ба ҳар ваҷҳе, ки ҳаст, чашм бар маҳосин гузоранд ва агар мӯйе каж бинанд, аз он ҷо, ки шиори лутфро шаънҳо бисёр аст, дар ороиш кӯшанд. Дидаи ростбинро амдан аҳвал насозанд, ки ба дурбинӣ ростиро дурӯғ ёр кунанду бо дурӯғу ростро ба як назар бинанд. Гулфурӯш шаванд, ки миёни сад хор як гул барчинанд, хоркаш нагарданд, мисраъ: ки дар бӯстони пургул хор ҷӯянд.

Доноён донанд, ки қиёсоти назму насри шуаро муқаддимоти хаёлист, ки каҷро ба ҳила аз оташи табъ тоб тавон бикашиду ростро низ ба ангушти тахтия каж тавон кард. Баръакси қавонини илму ҳикмат, ки он авзоъи ақл аст, ки аз қолаби ҳақиқӣ инқилоб напазираду чун ин ҳар ду навъ муҳаққақ гашт, пас хаёлоти бандаро, ки тасаввуроти зеҳнисту қобили ислоҳу ибтол, агар фосидро ислоҳ нафармоянд, боре, солеҳро дар фасод накӯшанд. Ва он, ки солиҳро фосид гардонад, байт:

Дуои ман ин аст, инак, ба сидқ:
Лаҳу аслаҳа-л-Лоҳу аъмолаҳу.

Ба ширинкории шакаррезони латоиф аз чошнигирони талху шерингуфтор, ҳолӣ ин дархостро мукаррар мегардонам, ки чун ин асали бенахлро чошнӣ кунанд, агар дар вай рақами хатое чун мӯй дар ҷулоб ё нуқтаи ғалате чун сари магас дар шаҳд афтода бинанд, ба мазҳаби Нуъмон онро макрӯҳ надоранд. Равиши Шофиъӣ гиранд, ки ба афтодани магасе даст аз коса бидоранд, байт:

Ки монад бо магас пур гуфта дар даҳр,
Ки тарёк аст як пар, дувумаш заҳр.

Агарчи айни иборати котиб ба рағми ноқидони нутқ аз зари сомит нотиқ аст, аммо чун рӯйи банда дар сифри нуқраву сифри сарф асту бад-ин рӯй аз фикраҳои ниҳонии *кунту канзан махфийян* маҳруму муфлис мондаам, ҳар рӯз ҳазор бор рӯйи зарди худро чун зари носохта мекӯбаму ба симоби ғайр оташпарастӣ мекунам, ба зайбақ мекашам, ки чаро дар ин сикка қалби худро сара пиндоштам, шеър:

Чун умр гузашту сиккаи сидқ набуд,
Пурчин кунам аз чеҳра дирамвор чӣ суд?

Баъзе кӯтаҳчашмони дарозамал ҳангоми назар кардан дар ин ҷароиди аблаҳфиреб чунон хоҳанд пиндошт, ки ҳамоно новахори ин бизоат мустазҳар аст, ин савдо аз сар мебояд тарошид. Коло ва ҳошо, ки котиб дар ин бодпаймоиҳо худро Сулаймони мулки сухан донад, шеър:

*مَن كانَ مُدخَرُ الرِّياحِ لِقُربِهِ فاذا تَعطَّشَ في المَغارةِ يَعلَمُ

Ҳама умр дар чаҳорбозори илм ба савдоҳои гуногун гузашту аз ин тиҷорати бетаҷориб ба ҷуз зиёни умр суде накардам. Доноён донанд, ки ноқиди басири нақди ҳаёт дари сандуқи мунаққаши одамият барои он ниҳодааст, ки онро сарф кунанду нафоиси муҳаббату ризои худованду дӯстонанду ҳар рӯз аз ин матоъ ғанитар гарданд, *ман иштараҳа явман, фаҳува мағбунун мин амалиҳи мағбун* Инчунин нақде азизро фурӯхтааму ҷавоҳири дурӯғини манзуму мансур харида, шак нест, байт:

Чу назди тифл з-оби норавон биҳтар,
Диҳад ёқути румонӣ, ситонад донаи румон.

Тахайюли мардум сармояест, ки агар дар дукони мадҳу заммаш нақш кунанд, суди он набошад. Магар камолест дар кизб ва агар ҳамин сармоя дар зикру фикри Борӣ таъоло харҷ шавад, нафъи он натавонад буд, магар висол ила-л-Лоҳ. Акнун тасаввур бояд кард, ки фарқи миёни ду амал то чи ғоят аст: куҷо камол дар кизбу куҷо висол ила-л-Лоҳ?! Ҳайҳот, ҳайҳот, зиҳӣ ғабани фоҳиш, байт:

Мурда биҳ аз ман аст чу бинам шумори хеш,
Бар ман сазост таъзияти рӯзгори хеш.

Афсӯс, ҳазор афсӯсу фарёд ҳазор фарёд, ки роҳбаре роҳмадеҳу ба мақом даррасида дарёфтаму ҳамроҳони мувофиқ низ, аммо ғули нақш ба ташйиди марқи шеърам бифирефту дар биёбони *иннаҳум фӣ кулли водин яҳимун* ба ҳадде гумроҳ гардонид, ки ҳам

# ТАВЗЕҲОТИ РИСОЛАИ ПАНҶУМ

*Ар-Рисолат*: рисолаи панҷум дар пешин аз иншоҳо, шомил аст бар шаш хат.

*Матбухоти дерина*: Амир Хусрав дар рисолаи панҷум нигоштаҳои собиқи хешро фароҳам оварда, аз хонанда дархост менамояд, ки ба онҳо низ таваҷҷуҳ намояд. Манзур аз нигоштаҳои собиқ он навиштаҳое мебошанд, ки мусанниф дар оғози кори нависандагӣ, қабл аз ба даъвии ихтироъу ибдоъу пешниҳоди тарзи хос қалам ба даст гирифтан, тасниф кардааст.

اثاب الله: Савоб диҳад Худой таъоло он сершикамонро, ки кариманд, ба хоидани пораи нон ба хушнудии меҳмондор.

يا من يَذمّ: Эй касе, ки мазаммат мекунад ақли ту бозии тифлонаро, бубин тарафи ӯ ба чашмҳои тифлон.

*Фатҳномаи Лакҳнутӣ*: Манзур "Фатҳномаи Лакҳнутӣ ба дасти султон Ғиёсуддини Булбуншоҳ" мебошад, ки ин фатҳнома дар аҳди султони мазкур навишта шуда ва нахустин имтиҳоне будааст, ки мусанниф қалами хешро дар нависандагӣ санҷидааст. Аз ин ҷост, ки Амир Хусрав ба "қиллати бароату риккати иборат" ишора намуда, таъкид мекунад, ки онро ба ҷиҳати "истинкофи лоадрӣ" дар ин тарассул сабт гардонидааст.

فالحمد: Пас ҷамеъи ҳамд барои касест, ки мададгорӣ дод ғозиёнро ба мадади худ, то он ки баланд шуд ислом дар ҳоле ки он ислом баландтар аст, аз ҷамиъи маротиб баландтар.

ارسلت: Фиристодам китобро дар ҳоле ки ашк қосид буд; нест баъид бар ашк агар бирасонад он ашк аввал, яъне пеш аз қосид.

يا من: Эй он касе, ки ҳарб кардӣ ту рӯ ба рӯи ҷумла шамшерҳо, ном кард туро шамшери дин барои диловарони ҷанги куффор. Ба зудӣ, вақте ки бинавиштам ман санои шуморо, пас бӯса дод хонаҳо тахтаҳои саноро.

دام الثناء: Ҳамеша бод сано бар ту аз қалами халоиқ, то ки бибуррад шамшер гарданҳои душманон.

الغين غيّر: Абр тағйир дод ҳоли чашми маро ё зоти маро ба қатраи борон, пас мумкин кардам абри поки чашми дудро ба сабаби намӣ. Ва барқ сӯзанда буд, дар ҳоле ки аз дили ман ҳикоят мекард; сӯхтам ман дар миёни об ба сӯзиш аз гиря.

يا فلك: Эй осмони Худо ва эй абри ҳаё, хитоб кард туро ҷуд ба дарёи саховат. Сахт кард замона маҳалҳои баландӣ, пас дарафтод имрӯз иморати душманони ту.

خالى: Холи ман монанди абр бувад, ки меборад кафи ӯ ва хулқ саропо садаф бувад, умед медоштанд бахшиши ӯро.

*Билолбандӣ*: Билол номи шахсе, ки аспи худро шолии нимкӯб медодааст.

ابان الدهر: Зоҳир кард маро даҳр маразе, ҳамчунин аст даҳри ғаддор, яъне хилофи аҳди девест ба ҷони ман табро ва ҳоли ман ин аст, ки месӯзад оташ бо бемории нору. Пас шуд, ки гудохта шуд мар ҷисми ману ҳоли ман аз ҳирз монанди наям бидуни пайҳо, ҷисми ман дар чанги рӯдаҳост.

*Шакарранг*: навъе аз ранги сурх, ки ҷулоҳагон истифода мекардаанд.

*Ас-Сабру*: Тарҷумаи байт бо таваҷҷуҳ ба матни комили НЛ, ки дар поварақ омадааст, чунин аст: Сабр доим намемонад, лекин дӯстии ӯ доим аст.

عقر الدّاءُ: Газид беморӣ ҳамчун саг рони маро ва муҳайё кард римро, пас гуфтам ман, ки рим аст.

وَ دارُكَ: Ва ҳавлии ту, эй дӯстам, мухаллад аст ва ҳеҷ кишваре монанди он нест. Ҳавоаш фораму олист, чунонки осмони бесутун фуруд мерезонад.

و ويدى: Эй дӯсти ҳақири ман, ҷоиз медорам ба таслими ӯ, ҳароина, таҳқиқ, ки истода шуд к.ри ман барои таъзими ӯ.

لا زال: Ҳамеша мақъади ту, ки муаззам аст, танг бод ва бибояд онро аз ҷониби иблис рӯзии серкунанда.

عجبت: Тааҷҷуб кунам аз амрадҳое, ки чигуна иғлом карда мешаванд ва аз он марде, ки мекушад нафъро баръакс.

دع الانجاس: Бигузор наҷосатҳоро, эй лавотаткунандаи бачагон, тарафи сӯрох, ки поккарданист барои масоскунанда.

فقه النافى: Фиқҳи мо дар масъалаи мақъади мост, пас таҳқиқ, ки он ҳам гуфтаем бо ин ки талоқ медиҳад бар он фақеҳ завҷаи худро.

قام فى: Қоим шуд дар зери онҳо к.р, чунонки зерест алифи ишбоъ қоим мешавад.

و عند: Наздики ҷамоат пеш омадан барои ӯ мардтарини мардумон аст, вақте ки зикр кунӣ ту ӯро ба шитоби задан.
فمن اطلاق: Пас аз равон шудани мақъади ӯ ҳамеша кучо раванда аст, эй амири мутрибон.
تحفة: Барои тухфаи ҷони ӯ манаҳеро чашониданд, гӯё ки сероб карданд ӯро аз оби ҳаёт.
كنا لصوصا: Будем мо дузд барои к.р як муддат, ин мояи зиндагии мост, ба к.р он чи ёбӣ.
فى حملنا: Дар бори мо, ҳароина, орзуҳост, ҳароина, шир хоҳӣ дод онҳоро, аз канори мо пораи наҷосат меафтад.
ان خاف: Агар тарсид аз он ки фароҳам шуд фавҷҳо, пас нест онҳоро ва кифояти онҳоро нохун бар ҷоҳои нохун.
من يولج: Кадом кас аст, ки дохил кунад дар ҳалқаи ангуштарии мо ангушти миёнаи худро дар хунсар ва ангуштарии бахт ҳамеша бод.
يا صاح: Эй соҳиб, барои он кас, ки кишт дар замини ту тухмро бизан ҷуфтро, чунонки хоҳӣ кишту хоҳӣ дуруд.
الا كل: Огоҳ бош дар ҳар вақте дохил мекунад дар миёни сурайни ӯ дар ҳалқ бармеояд он узв аз килкил.
الا ما: Огоҳ бош то вақте ки ёд мекунанд некон Лут пайғамбарро, пас шав ту аз шарирони Лут, шав лавотаткунанда.
ايا وجه الفساد: Эй рӯйи фасоду зоти маломат, рехта мекунанд зот, яъне сахтиҳои оҳанро, ҳароина, таҳқиқ, ки ҳайрон шуд халоиқ дар ту, нест шақиқаи санги сахт ба кӯзи сахт.
دام البراز: Ҳамеша бод буроз ба риши ту, чунон риш, ки рӯида шуд бар наҷас монанди сабзаи ҷангал.
قرأت كتابه: Хондам номаи ӯро ва бозгашти он нома рӯҳ бар ӯ ҳикоят кард он дар худ аз чеҳраи сиёҳ.
أستبخر: Талаби хайр мекунам ба некӣ аз ҳоли дӯстон, ба ханда ҳикоят кард қосид, гиристем то ба хайр.
و قد: Ва таҳқиқ андохтам дар даҳонашон гӯҳи худ, монанди гӯшти бат дар гулӯи боз.
و كذى: Ва мисли ин кабоб, кабоб аз гӯшти ҳашфа, ки селоб мекард намакҳо монанди рими рег.
فتح: Кушодани зери ҷома монанди наҳанг хӯрдан бод, мисли морҳо.
و من اظفارهم: Ва аз чодарҳои онҳо ҳамла мекард бар онҳо фавҷҳои хун, ки таъна мезад бар найза.
و اسنان: Ду дандон монанди дандонҳои шона буданд, шикаста буданд баъзе дандон ва баъзе дигар саҳеҳ буданд.
لو خاطبى: Агар хитоб кунад маро бо инҳо, ки мебинад рӯйи худро ва аз чашми худ, ки бедор аст бозмегардад, чунонки ҷангкунанда аст.
تلك العفائف: Ин поконанд, ки гирди хояҳои эшон гӯё ки ҳуҷум кард мурғиён бар пуштаи саргин.
نور على: Рӯшанӣ бар рухсорҳояшон аз нур, монанди баёз бар девори сиёҳ.
و بالضحك: Ба ханда гуфтам бар он оби бинӣ, чунончи марвориди бинӣ бар бинӣ аст.
*Зайқал*: Дар НЛ "зайқал" омадааст - калимае, ки дар маҳалли дашному қадҳ истеъмол мекардаанд.
حليت تمثالى: Ороста кардам сурати худро, чунончи дар манзил фуруд ояд шайтон, пас чигуна дарёбад.
لو ان: Агар, ҳароина, дар биёбонҳо тамасхур мекард дар ҳоле ки хандонидааст, пас хараш механдиду бӯзина қаҳқаҳа мекард.
عينُها: Чашмҳои онон барои кушодани миёни изор қаҳти сурин аст, равоншудаи чирки чашми санги девор аст.
يا بال: Ба мухотаб ишора шудааст, ки: боздоштани обе, ки сайлон мекунад, гӯё аз ҳар наздикие сарчашма дорад.
لو يَمدَح: Мадҳ намекунанд балиғон кушодагии фарҷро монанди дарё, таҳқиқ, васеъ аст фозаи овоз кардани шутури мода шутури нарро.
هذِهِ: Ин аст фозилаи пӯшида, дар ӯ шиками холӣ, он закар аст; дар миёни он холигист.
بكرٌ: Бикр аст, ки зевар пӯшид, зеваре, ки гӯё он бикр монанди саги девона аст ба оҳани мусалсал.
كَانَ عبدُ : Буд хари банда ҷавонмард, лекин наздики ӯ шуд дар ҷимоъ хар, зеро ки хар касиру-ш-шаҳват аст.
اكلُ : Хӯрдани таоми арӯсӣ аз чизе, ки дар пӯсти зани ӯ буд ва талаб кард мард онро сӯйи оби бинии он зан.
و َلو : Ва агар мебуд ин ихтиёр ба Фарқадайн, пас, ҳароина, ҷудо мешуданд он ҳар ду ситора ба дурии Машриқу Мағриб.
عَرُوسٌ: Зан монанди гургу шавҳар монанди бузи кӯҳӣ, ъафв кард саг завҷа кардани он покро.

قد زادَ: Ҳароина, зиёда шуд авлоди зани ман, эй хушдоманам, ин наберагонанд, шир бидеҳ аз рӯйи рағбат.
إلى إستُک: Тарафи сурини ту шуд, эй зан, майли ману ороми ту зери олат нест, агар бошӣ ту зеби олат маро.
رَهَط: Гурӯҳеанд, ки ҳар гоҳ шаббош шаванд дар гирди навоҳии шаҳр, шавад миёнаи шаб дар он шаҳр ҳамеша.
وَ أوصاها: Ва васиятҳо кард падарони ту дар вақти рухсат, огоҳ бош, ҷудо шавӣ ту дар куни шавҳар бошӣ.
سَيَجمع: Зуд аст, ки фароҳам шавад миёни мо нуҳусати осмон, ҳар гоҳ фароҳам шавад субҳу шом, ки ин имкон надорад.
اكلتُ: Хӯрдам дуди чароғҳо бо лаззат, чунончи сӯхт дил, пас тамом шуд ин рисола.
مَن ماتَ: Касе, ки мирад аз оби ҳаёт, пас, эй ҷавон, дар даҳани ӯ бавл бикун.
إذا طالَ: Ҳар гоҳ дароз шавад нома, монанди мӯйи занони шармгин, зарур аст, ки онро бигирию пароканда кунӣ.
مَن: Ҳар кас, ки баровapад қалби моро, яъне каломи тозаи моро, аз рӯйи тааддӣ, пас Худо ба инсоф баровapад дили ӯро.
يُباهِی: Мубоҳот кунад дарёи маонӣ ба ӯ то вақте ки дар дарё об бошад.
مَن كانَ: Ҳар кӣ шуд захираниҳандаи ҳавоҳо дар мушк, ҳар гоҳ, ки ташна шуд дар саҳроҳо, медонад.
وَ لا تَجعَل: Ва магардон дарахтҳои маро монанди давҳе (дарахти бузурги пуршоха), ки рехт аз он давҳа марворид, ки буд қимматкардашуда.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБИ РИСОЛАИ ПАНҶУМ


Ар-Рисолат-ул-хомисату фӣ-с-савобиқи мин-ал-муншаоти ....366
Хатти аввал дар китобатҳое, ки нисбат ба ҳарфу қалами катаба ва изофат ба қаламу ҳарфи аслиҳа дорад ....366
Ҳарфи аввал дар латоифи саҳоифе, ки аз равиши қалам бигзарад ....366
Ҳарфи дувум дар ду ҳарфи теғу қалам, ки хориҷанду роҷиҳ бар якдигар ва ҳуҷҷати қотиъаи ҳар ду ....370
Ҳарфи севум дар барбастҳое, ки тааллуқ ба аслиҳа дорад ....380
Хатти дувум дар нисбати танҷиму обои улвӣ ....383
Ҳарфи аввал дар тақвими дақоиқи нуҷум ....383
Ҳарфи дувум дар баёни обои улвӣ ....387
Хатти севум дар тавқеъот ....389
Ҳарфи аввал дар тавқеъи кулоҳ ....389
Ҳарфи дувум дар тавқеъи ғалла ....390
Хатти чаҳорум дар сифати мараз ....390
Ҳарфи аввал дар китобате, ки ба сарриштаи назм барбаста бошад ....390
Ҳарфи дувум дар насре аз хизонаи ғайб, риштаи тобе дар вай набошад ....394
Хатти панҷум дар китобати азо ....395
Ҳарфи аввал дар азонома аз забони ғайр, бар сабили иҷоз ....395
Ҳарфи дувум дар таъзиятнома аз забони Хусрав сӯйи Латифуддини муқрӣ ....396
Хатти шашум дар тибату ҳазл ....398
Ҳарфи аввал дар тибати ҷид бо ҳазл ....398
Ҳарфи дувум дар тазкири бар пой доштани суннати тахнис ....406
Ҳарфи севум дар баёни аҳлияти ноаҳлон ....411
Ҳарфи чаҳорум дар бароату қабзи сахр ....427
Тавзеҳоти рисолаи панҷум ....435

# ТАЪЛИҚОТ

## ЛУҒОТУ ТАРКИБОТ

**А**

Абния: ҷамъи “бино”, ба маънии бунёдҳо.

Абара: убур кардан.

Абраш: асбе, ки бар ӯ нуқтаҳои сиёҳу сафед бошад.

Авбиён: наҳвиён.

Аввон: сахтгиранда, золим.

Авиддо: дӯстдорандагон.

Авлод: писарон.

Авн: ёрӣ кардан, кӯмак кардан; мададгорӣ.

Авоиқ: боздорандаҳо, мавонеъ, осебҳо, офатҳо, монеаҳо.

Авон: он, ки на пиру на ҷавон бошад; миёнасол; миёнаи ҳар чизе.

Автод: ҷамъи ватад, ба маънии меххои хайма.

Автор: зеҳҳои камон, тоқҳои иморат.

Авҳол: ҷамъи ваҳал, ба маънии гилу лой.

Ағша: шабкӯр.

Адаб: андоза ва ҳадди ҳар чизеро нигоҳ доштан.

Адо: расонидан, гузоридан, иҷро ё баён кардани чизе, чун ҳикояту фикра.

Адъия: ҷамъи “дуо”- хондан ва он чи дар вақти ҳоҷат Худоро ба он мехонанд.

Аёдӣ: ҷамъи “айдӣ” ба маънии неъматҳо. Ва лафзи “айдӣ”: ҷамъи “яд”, ба маънии даст ҳам омада.

Аздар: ба маънии лоиқ; номи паҳлавоне ҳам буда, ки Иброҳим ибни Аздар ба ӯ нисбат дорад.

Азёл: доманҳо ва он ҷамъи *зайл*, ки ба маънии дум, дунбола, доман ва доман бар замин кашидан, хиромидан аст; ба маънии номаҳо ва мактубҳо ҳам омадааст.

Азо: соли сахту танг; сабр кардан бар мусибат.

Азира: саргини сутур, палидии мардум.

Азл-ул-лисон: бе кор мондани забон.

Азоим (عزائم): ҷамъи ъазима, ба маънии қасд, ният, ирода; нияти содиқ; ба балоғат расидан.

Азоим (عزایم): афсунҳо; дуъоҳо ва оятҳое, ки бар бемор хонанд, то ба баракати он шифо ёбад, зиёфатҳо.

Азҳор: шукуфаҳо, гулҳо.

Аимма: ҷамъи “имом”, ба маънии пешво, имомон.

Айба: ҷомадон, корхона, коргоҳ.

Айяба (ъайба): айб кардан, маъюб шудан; ба маънии коргоҳу корхона ва ҷомадон ҳам меояд.

Айби ғабан: ниҳояти нуқсон.

Айн-ул-ҳирра: чашми гурба.

Акбод: ҷамъи “кабид”, ба маънии ҷигар.

Акмаҳ: нобинои модарзод.

Ақаба: роҳи душвор дар кӯҳ, ағба, гардана; амре (коре) сахту душвор, ки пеш ояд.

Ақим: нозо, нозоянда, бефарзанд, безуриёт.

Ақосӣ: ҷамъи “ақсӣ”, ба маънии атроф, дуриҳо.

Ақосию адонӣ: бузургону хурдон, дуриҳо ва наздикиҳо, дуру наздик.

Алам: нишон, парчам, дирафш...; ба маънии ҷомаи мунаққаш истифода шудааст.

Алами дохул: = алами дохил - аламе бошад, ки хосону азизони подшоҳ зери он меистоданд.

Ало: бузургвор шудан дар шараф, баландӣ; бузургӣ, шараф, рифъат, бартарӣ. *Маъолӣ* ва *аъолӣ* аз нигоҳи маънӣ ҳамгунанд.

Аломати тазкир: узви таносулро гӯянд.

Алсина: ҷамъи лисон, ба маънии забон, забонҳо.
Алфатахта (алфохтан): ба ҳам расонидан ҷамъ кардан, андӯхтан.
Амал: умед, орзу. Дар ҳошия ба маънии "ҳирс" ҳам шарҳ дода шудааст.
Аморид: ҷамъи "амрад", ба маънии беришон.
Амсила: ҷамъи мисол; ба маънии фармон ҳам меояд.
Амсол: ҷамъи "масал", мурод аз зарб-ул-масал.
Амсор: ҷамъи миср, ба маънии шаҳрҳо.
Анат: ба амре сахт дучор шудан, ба машаққат афтодан; табоҳӣ, нестӣ, ҳалокат; меҳнат.
Ангехт: пайдо кард, иншо кард; ба маънии *пайдо кардан*, *иншо кардан* истифода шудааст.
Ано: ранҷ.
Аномил: ҷамъи "анмула", ба маънии сари ангуштон.
Ансор: ҷамъи "насир", ба маънии ёрикунандагон, мададгор, ёварон.
Анфанҷанд: фароҳам кардан.
Анфахта: бар вазни барҷаста, ба маънии андӯхтаву ҷамъ карда.
Анҷод: ҷамъи "наҷд", ба маънии замини баланд, баландиҳо.
Арақчин: навъе аз кулоҳ аст, ки онро тӯпӣ ё тоқӣ, ё тоқия ҳам гӯянд; ҳар чизе, ки бад-он арақ пок кунанд.
Арқам: мори газанда.
Арқоми ҷумал: ҳисоби абҷад.
Арҷо(ъ): ҷамъи "риҷо(ъ)", ба маънии канораҳо, каронаҳо, тарафҳо, гӯшаҳо.
Арҷу: ба маънии *умед медорам, ки..., хоҳишмандам...*
Асам(м): кар.
Асида: як навъи ҳалво.
Асирра: хутути пешонӣ.
Аслиҳа: ҷамъи силоҳ.
Асомӣ: ҷамъи исм аст, ба ин тартиб, ки: "асомӣ" ҷамъи "асмо(ъ)" асту "асмо(ъ)" ҷамъи исм аст.
Аср кардан: фишурдан.
Асфиё: баргузидагон, покон, софдилон.
Атаба: остонаи дар, чӯби пойини дар, ки пой бар он ниҳанд.
Аташ: ташна шудан, ташнагӣ.
Атбоқ: ҷамъи табақ.
Атвод: ҷамъи "тавд", ба маънии кӯҳҳо.
Атийя: бахшиш, бахшиданӣ; чизе, ки ба касе ато кунанд.
Атобак: нигоҳдоранда, адабомӯзанда, парастор.
Ахлоф: ҷамъи "халаф", ба маънии фарзанд, пасомадон.
Аҳвал: дубин, касеро гӯянд, ки якеро ду бинад, олус, кажчашм.
Аҳрор: озодагон.
Аҷҳу: зард кардашуда, яъне ашрафӣ.
Аҷниҳа: ҷамъи "ҷиноҳ", ба маънии бозу, қанот.
Ашфоқ: шавқат; ишфоқ - меҳрубонӣ кардан, меҳрубонӣ.
Аъвон: ёрону ёварон.
Аъмаш: касе, ки об аз чашми ӯ мерезад.
Аъноқ: бузургони қавм; гарданҳо.
Аъраҷ: ланг.

**Б**

Баворик: ҷамъи борик, ба маънии барқҳо, дурахш, дурахшанда, тобон; абре, ки аз ӯ барқ берун ҷаҳад.
Бадиъ: навпайдо шуда, навоварӣ, тозакорӣ.
Байина: гувоҳи рӯшан, ҳуҷҷати ошкоро.

Байлак: навъе аз тир, ки пайкони он ду шоху... доштааст.
Базл: бахшиш кардан, ҷидду ҷаҳд кардан.
Балодар: зарина, ки бар сар банданд; пирояи занон.
Барбаст: тарз, қоида.
Барбаста: вобаста. Масалан, “барбастаи он аст”, яъне вобастаи он аст.
Барид: пайки тезрав; расуле, ки шитоб ба ҷойе равад, фиристода.
Бароат: наҷот.
Бароё: ҷамъи барийя, ба маънии халоиқ.
Барот: коғази танхоҳ; санад.
Бароъат: ба камол расидан дар фазл; бартарӣ; дар каломи Амир Хусрав ба маънии балоғат ҳам омадааст.
Бар(р): биёбон, хушкӣ.
Барҷос: ҳадаф ва нишони тир.
Бас(с): андӯҳи сахт.
Басти даст: киноя аз ҷавонмардӣ.
Батрака: чӯбе, ки дар сақф ниҳанду тахтаҳоро бад-он ороянд.
Бахила: ба маънии фарзанд.
Баҳимият: баҳоим шудан, ҳайвони ваҳшӣ шудан, ҳайвоният.
Баҳри муҳит: номи дарёест, ки ниҳоят надорад; уқёнус; фалакро низ гӯянд.
Баҳҳосон: баҳскунандагон, ҷӯяндагон.
Баҳҷат: хубӣ, шодмонӣ, хурсандӣ, хушнудӣ.
Башир: башоратдиҳанда.
Баъир: шутур, уштур.
Биқоъ: ҷамъи буқъа, ба маънии пораҳои замин; хонаҳо, саройҳо.
Битона: дӯсти холис, розн ниҳон; астари ҷома ва ё чизе дигар, андаруни шикаму сина; маҷозан ба маънии иродаи ботин.
Бишапонад: бияфшурад.
Бияндояд: часпонад.
Бориз: ошкоро; берун омадан, намоён, намудор.
Боҳафс: муаллиму охунро гӯянд; муаллими сибён, омӯзгор.
Бурок: аспи биҳиштӣ, ки ҳазрати Расул (с) ба вақти меъроҷ бар он савор то масҷиди Ақсо рафта буданд.
Буъра: пушак, яъне хум, хумча; ин калима - бо таваҷҷӯҳ ба талаффузи мовароуннаҳрӣ (форсии Мовароуннаҳр), ки амир Хусрав бештар ба ҳамин лаҳҷа такя дорад - ба маънии пишак (гурба) ҳам буда метавонад.
Бӯ: ба маънии орзую умед; мухаффафи “будаст”, ба маънии бошад, бувад.
Бӯқ: нойи бузург.

**В**

Вазъ: эҷод кардан; чизеро дар ҷойе ниҳодан.
Ваквок: номи дарахтест, ки мушобиҳи самари он одамӣ мутаваллид мешавад.
Ваққод: тезхотир, фурӯзон; фурӯзанда, бисёр афрӯхташаванда.
Вақоҳат: беҳаё (бешарм) будан, беҳаёӣ, бешармӣ.
Вало(ъ): муҳаббат, садоқат; шавқманд; наздикӣ, хешовандӣ.
Вахомат: бадфарҷомӣ, бадоқибат будан.
Видоҷ: раги гардан.
Видоҷон: ду раги гардан; дураг, дуҷон.
Витр: фард, танҳо, тоқ; муқобили ҷуфт.
Вишоҳ: гулӯбанди занон, ки аз марвориду дигар ҷавоҳири қиматбаҳо рост кунанд; ба маънии ҷамил ҳам меояд.
Восиқ (واثق): итминонкунанда, мутмаин; устувор, боваркунанда.

Вубол: гуноҳ, зарар, зиён; сахтӣ, азоб, гаронӣ.

**Г**

Ғилемина: мансуб ба гилем.

**Ғ**

Ғадир: обгире, ки оби борону сел дар он ҷамъ шаваду бимонад; порае аз оби сел дар сари биёбон; ҳавзе аз оби борон дар дашт.
Ғавомиз: пӯшидағиҳои калом, маонии борик.
Ғавоят: гумроҳӣ, навмедӣ.
Ғай: гумроҳӣ; агар бо тащдид, номи мавзеъе дар дӯзах, ки онро водии ғайй гӯянд.
Ғайс: борон; боридан, боронидан.
Ғаз: борони меҳнат, арз.
Ғазо: ҷанг кардан бо душмани дин.
Ғазуб: хашмгин, хашмнок; мори бузург, ғазабнок.
Ғарас: ниҳол; дарахт нишонидан, қалама кардан, қалама задан.
Ғарул (ғурул): номард.
Ғасс: лоғар шудан, фосид шудани хун; каломи нодуруст.
Ғилмон: ҷамъи ғулом, писарбачаҳо.
Ғолия: бӯйи хушест мураккаб аз мушку анбару ҷуз он ба ранги сиёҳ, ки мӯйро бад-он хизоб кунанд.
Ғошия: рӯзи қиёмат, растохез; беҳушкунанда; зинпӯш.

**Д**

Дабба: зарфе ё ованде, ки аз чарми хом бошад, ки аксар дар он рӯған нигоҳ медоштанд.
Даволак: тасмае, ки бад-он қимор бозанд; қиморбозӣ, фиреббозӣ.
Дам: хун.
Дама: сармо, боду барфи ба ҳам омехта, тӯфон; бухор.
Дамома: нақора.
Даноат: пастӣ, пастфитратӣ; нокасу забун шудан.
Дармана: гиёҳе, ки аспонро чаронанд; навъе аз райҳонро низ гӯянд.
Дарнаранҷонида: шикандода.
Даъавот: ҷамъи даъват; дуъоҳо.
Дол: ҳодӣ, далел, роҳнамо.
Думуъ: ҷамъи дамъ, ба маънии ашки чашм, сиришк.
Дупӯста: хурмое бошад фарбеҳу қавӣ, ки лаззати бисёр бахшад.
Дурбош: найзаеро гӯянд, ки синонаш душоха бувад; найзаи душохаи дорои чӯбе мурассаъ, ки дар қадим пешопеши шоҳон мебурдаанд, то мардум бидонанд, ки подшоҳ меояду худро ба канор кашанд.
Дурроъа: як навъ ҷома; ҷавшан, аксар ҷомаи суфро мегӯянд.
Ду ҳарф: киноя аз ҳарфҳои "коф"-у "нун"; мурод аз лафзи "кун", ба маънии "шав".
Дуҷо: торикӣ.

**Ё**

Ёва: беҳуда, бемаънӣ; раҳо; бесарпараст.

**З (ӡ)**

Завб (зувб): гудохтан, гудохта шудан, об шудан; воҷибу собит шудани ҳақ.
Заҳру батн: пушту шикам, пасу дарун.
Зилол: он чи бар шахсе ё чизе соя афканад, соябон.
Зилом: ҷамъи "зулмат", ба маънии торикӣ.
Зиммиён: мансуб ба зимма, ба маънии аҳду паймон; аҳли китобе, ки
зинҳорӣ бошанд, яъне аҳли китоб аз зардуштиён, ҷуҳудон ва тарсоён, ки бо шурути зимма (қабул кардани ҷизя) дар сарзамини мусалмонон зиндагӣ кунанд.
Зиҳоб: боронҳои бисёр, боронҳои реза.

Зу-л-ваҷҳайн: дуваҷҳа, яъне бар ду сурату ду шакл; дурӯя.
Зуфунун: соҳиби фанҳо, соҳиби илмҳо ва фазилатҳои бисёр.
**З (ذ)**
Зайлуқ: калимае, ки дар маҳалли дашному қадҳ истеъмол мешудааст.
Заман: замона, вақт.
Замҳарир: сармои бисёр сахт, боди сард.
Заҳра: талха, қуввату қудрат.
Зилат: лағзиш.
Зилли мамдуд: сояи дароз, ки дар вақти будани офтоб гирди дарахт меафтад.
Зилол: он чи бар шахсе ё чизе соя афканад.
Зилом: ҷамъи "зулмат", ба маънии торикӣ.
Зоичаи авн: яке аз истилоҳоти мунаҷҷимон; бознома.
Зубда: хулосаи ҳар чизе, пешво; рӯғани тоза ва маска.
Зубдаи латофат: хулосаҳои борику покиза.
**З (ض)**
Завъ: нур, равшанӣ; бӯйи хуш.
Зайғам: шери даранда, шери беша.
Замир: рози пинҳон, даруни дил, хотир, дар дил гирифта.
Зимом: қабул кардан, пазируфтан, кафил шудан.
**З(ظ)**
Зилли мамдуд: сояи дарози офтоб.
Зилл-ул-Лоҳ: сояи Худо, мурод аз подшоҳ, ки ӯро сояи Яздон дар рӯйи замин мегуфтанд.
**И**
Ибдоъ: пайдо кардани чизе, ки тозаву нав бошад: нав овардан, шеъри нав гуфтан.
Ибногон: лафзи ҳиндӣ, ба маънии каргас.
Иборат: таъбир кардан, шарҳ додан; баён кардан.
Ибра: сӯзан, неши каждум ва ҳар неше, ки бошад.
Ибтилоъ: хӯрдан, ба гулӯ фурӯ бурдан.
Иғро(ъ): барангехтан.
Иддати маъорик: созу сомони маъракаҳо, яъне ҳарбгоҳ, размгоҳ.
Идрок: дарёфтан.
Идрор: инъом, нафақа.
Из: арҷмандӣ (хилофи зил).
Изоат: рӯшан кардан, рӯшан шудан, рӯшноӣ бахшидан.
Изом: бузургон; устухонҳо.
Иклил: тоҷ; чанбар; номи манзиле аз манозили Қамар.
Иқдом: пеш даромадан, шуҷоат намудан, ба пеш қадам мондан.
Иқон: ба яқин донистан.
Иқтоъот: ҷамъи "қитъ" - торикии охири шаб; қитъаҳои замин; гилеми хурд, ки бар пушти шутур андозанд; ба маънии ҷогирҳои муносиб.
Илтиёъ: сӯзиши дил аз ишқи касе, орзуманд шудан.
Илтизоз: лаззату мазза ёфтан, лаззат бурдан.
Имсок: боз истодан, нигаҳ доштан.
Имтихох: мух (мағз) баровардани устухон.
Инаб: ангур.
Инбисот: ба маънии хушбахтӣ, қаноатмандӣ, дилкушодӣ.
Инкисор: шикаста шудан, шикастагӣ.
Инқиёд: фармонбардорӣ, фурӯтанӣ, фурӯтанӣ кардан; кашида шудан, ром шудан.
Интиёл: мурдан, куштан, ба як бор шитоб бардоштан чизеро, хок аз чоҳ баровардани шутурон.

Интисох: нусха гирифтан, нассохӣ кардан.
Инҳизом: гурехтан, мағлуб шудан.
Иншо: пайдо кардан, сохтан, ба вуҷуд овардан, иншо намудан.
Истибъод: дур шудан, дурӣ ҷустан, дур шуморидан, баъид донистан.
Истиғроқ: ҳамаро фаро гирифтан.
Истигфор: омурзиш хостан аз кори нек ва тавба кардан аз кори бад.
Истизлол: паноҳ ҷустан ба соя.
Истизҳор: ёрӣ хостан, ёрӣ кардан, пушт қавӣ кардан.
Истикол: моли касеро ситондану хӯрдан.
Истимон: зинҳор хостан, амон талабидан.
Истинкоф: нагу ор доштан аз чизе.
Истинод: пушт ба чизе боз додан, паноҳ ба касе бурдан, такя ба чизе кардан.
Итқон: мувофиқат кардан ва ба маънии воқеъ шудани коре бе сабаб, кореро ба хубӣ донистан ва анҷом додан.
Ифтироъ: бе андеша сухан гуфтан, хостани чизе бидуни тааммулу фикр, дурӯғгӯӣ, буҳтонзанӣ, туҳмат кардан.
Ихтироъ: шикофтан, чизе нав берун овардан, офаридан, аз худ иншо кардан.
Ихтифо: пинҳон шудан, берун шудан, паноҳ бурдан.
Ихфоф: ҷамъи "хаф", ба маънии музд, кореро сабуку осон кардан. Ин маънӣ дар фарҳангҳои мӯътабари порсӣ пайдо нашуд.
Иҳсо(ъ): шумурдан, шумор.
Иҳтисоб: ба маънии наҳй аз мункар намудан, муҳтасиб.
Иҷоз: кӯтоҳ кардани сухан, ихтисор намудан.
Ишоиён: хонандагони намози шом.
Иштинора: машъалхона.
Иштот: пароканда, пароканда кардан, парешон сохтан.
Ишфоқ: ҷамъи шафқат, меҳрубонӣ кардан, ғамхор будан.
Иъонат: ёрӣ кардан, кӯмакрасонӣ, мададгорӣ.
Иъроб: баён кардан.
Иътизод: чизеро дар бозуи худ кардан, ёрӣ гирифтан аз касе.
Иътилол: бемор шудан, баҳона овардан, боз доштан, сабабгор будан.
Иътисом: чанг задан дар чизе, паноҳ ҷустан, аз рӯйи чизе амал кардан.
Иътисо(ъ): ба шиддат нофармонӣ кардан, сахт шудан; такя бар асо намудан.

**К**

Кайҳаргаҳ: ҷойи шикори подшоҳон.
Калл: гаронӣ, сангинӣ; сахтӣ, мусибат; канак, хастагӣ.
Килоб: ҷамъи калб, ба маънии саг; дар форсӣ ба маънии гирд бар гирди даҳону минқори мурғон. Ҳиндиён як шабонарӯзи бараҳманиро калуб мегуфтаанд, ки баробар ба ҳазор сол бошад.
Канак: гирдуе (чормағз), ки мағзи он ба сахтӣ барояд.
Канаф: ҳимоя, паноҳ, нигаҳдорӣ; бозӣ кардан, бар гардидан.
Карам: мурувват, саховат; азизӣ, бузургворӣ, ҳиммат, саховат.
Катаба: ҷамъи котиб, ба маънии муншӣ.
Кашф: бардоштани парда аз рӯйи чизе, кушода, бараҳна кардан.
Кизлик: корди хурди нӯлкажи дастадор; навъе аз қаламтарош, ки нӯки он каҷ бошад; нӯги теғу дашнаи каҷ.
К-ит: ки туро.
Китмон: пинҳон шудан; пинҳон кардан, махфӣ доштан.
Коз: миқроз, ки зару нуқра бар он бибуранд; миқроз.
Комилиёр: беайб.

Конун: оташдони рӯин ё оҳанин.
Коффа: ҳама; бздоранда, тамоми..., ҳамаи...
Кумайт: аспи сиёҳдум; шароби сурхранг.
Кунияτ: номе, ки аввали ӯ "абу" бошад ва ё "ум", ба монанди Абулқосим, Умми Кулсум.
Куҳл: сурма.

**Қ**

Қабз: танг гирифтан, танг кардан; гирифтан ба панҷа, қапидан.
Қавс: камон; ҷамъаш ақвос.
Қалъ: баркандан.
Қаллош (қаллоша): мардуми беному нанг; муфлис, тиҳидаст; бехабар; муҷаррад; маккор, майхора.
Қалош: кӯчак, паст, туранҷида; пастаки туранҷида.
Қатам: шамшод; сиёҳранг, яъне фулус.
Қасаботиён: деҳотиён.
Қийқ: кӯҳи муҳит ба дунё, яъне кӯҳи Қоф; дар туркӣ наъра ба овози баландро гӯянд.
Қимот: порчае, ки дар он навзодро печанд; гаҳворабанд (он чи, ки кӯдакро ба он дар гаҳвора банданд).
Қиртос: коғаз.
Қоба қавсайн: андозаи ду камон ва ин иборат аз қурби сахт аст, ки иборат аз қурби шаби меъроҷ аст.
Қубла: бӯса.
Қулба: тапонча.
Қумош: рахт, порча, матоъ, асбоб, ҷомаи абрешимӣ, матоъи хона.

***Л***

*Лавомиъ*: ҷамъи ломиъа, ба маънии рӯшанӣ, дурахшон.
*Лавс*: олудагӣ, ифлосӣ, нопокӣ, палидӣ, чирк.
*Ладуннӣ*: он чи касеро бидуни саъйи ӯ ва кӯшиши ғайр, маҳз ба фазли хеш, аз назди худи Ҳаққ таъоло ато фармуда бошад.
*Лаолӣ*: марворидҳои бузург; ба маънии дуррҳо ҳам омадааст. Дар ҳошия омадааст, ки ин калима ҷамъи "луълу" аст ва ба замми аввал, чунонки машҳур шуд, хатост.
*Латоиф*: ҷамъи латифа, ба маънии накӯӣ, чизи нек, нозук.
*Латофат*: борик, тунук, нозук, назокат.
*Лафит*: тифле, ки ӯро аз ҷой бардоранд.
*Ло адрӣ*: намедонам.
*Лобудд*: ночор, ногузир, ноилоҷ.
*Ло ва лан*: ҳар ду калимаи нафй.
*Лоғ*: ҳазл, зарофат, шӯхӣ; хуштабъӣ, нишот; фиреб, масхарагӣ.
*Лоиҳу возиҳ*: зоҳиру рӯшан.
*Ломиъ*: дурахшанда.
*Лоҳ*: рӯшан.
*Лоҳут*: мартабаи зотро лоҳут гӯянд, мартабаи сифотро ҷабарут хонанд.
*Лочин*: дар туркӣ шоҳини шикорӣ бошад; номе аз номҳои мардон.
*Лиҳя*: ришро гӯянд.

**М**

Мабаррат: некӣ кардан; амали хайр, некӣ; накӯӣ.
Мабаррот: некиҳо, аъмоли хайр; некӣ талабидан.
Мавкиб: гурӯҳи савора; гурӯҳи савору пиёда, ки дар илтизоми рикоби подшоҳ бошанд, ҳошияи мансабдорону амалдорон.
Мавзӯъ: гузоридашуда, ниҳодашуда; зоидашуда; чизе, ки дар бораи он гуфтугӯ кунанд.
Мавоид: ҷамъи моида, ба маънии хоне, ки бар он таъом ниҳанд.

Мавоҳиб: бахшишҳо, истеъдодҳо, атоҳои ғайринақдӣ, монанди замину мулк...
Мавошӣ: ҷамъи мошия, чорпоён, ба маънии сутури бисёрроҳраванда.
Мадқуқ: кӯфташуда, лоғару борик; он, ки марази диқ дорад.
Мадқуқи хунук: давоҳои сард, ки барои дафъи диқ диҳанд.
Мадхал: даромадгоҳ, ҷойи духул.
Мазиёт: муродот, хусусиятҳо.
Мазҳаб: равиш, тариқа, ҷойи рафтан; роҳу равиш.
Мазҳар: ҷойи ошкор шудан, маҳалли зуҳур; тамошогоҳ, ҷилвагоҳ, таҷаллигоҳ, намуди зоҳирӣ, беруна.
Мақобиҳ: ҷамъи қубҳ, ба маънии зиштиҳо, зишту нописанд.
Макрун: наздикшуда, ба ҳам пайваста; вобаста, пайваста.
Малоъин: ҷамъи малъун, ба маънии лаънатшудагон, лаънатиҳо.
Мамдуд: кашидашуда, дароз кардашуда, тамдидёфта.
Мамзуҷ: омехта, махлут, шароби омехта бо об; мизоҷи омехта, табиату сиришт.
Мандиқ: нодор.
Манҷаниқ: олате мураккаб аз фалохунмонанде бузург, ки дар ҷангҳои қадим ба воситаи он сангу оташ ба тарафи қалъаи душман партоб мекарданд.
Манхулгар: шахсеро гӯянд, ки алфози сохтаи дигареро ба худ мансуб созад.
Манҷуқ: моҳчаи аламро мегуфтаанд; ба маънии чатр ҳам омадааст.
Манҷуъ (мунҷуқ): гӯй ва қуббае, ки бар сари парчам насб мекарданд; парчам, алам, дирафш.
Маншур: кушоднома, фармони подшоҳ.
Маориф: маърифатҳо, донишҳо, улум; шиносоӣ, ҷойҳои шинохтан, ошноёни аҳли илму фазл, номварон.
Маосир: ҷамъи маъсара (مأثره), ба маънии кори нек, накӯиҳо.
Марақ: шӯрбо; шӯрбо дар дег кардан.
Мардумгиёҳ (меҳргиёҳ): гиёҳест дорои решаи ғафс, ки аксар ду шоха дораду шакли зоҳирии реша (танаву ду по) ба ҳайкали одамӣ шабоҳат дорад.
Марқ: найза задан; кандани пашм аз пӯст, пашму пӯсти бӯйгирифта.
Марога: ба хок ғалтидан.
Мароъӣ: ҷамъи маръӣ, ба маънии чарогоҳ.
Мартаъ: чарогоҳ; чарогоҳе, ки обу алаф дар он бисёр бошаду баҳоим дар он бичаранд.
Масқул: сайқал карда шуда, ҷило дода шуда (оина, шамшер...).
Маслул: баркашидашуда, баровардашуда; касе, ки ба бемории сил гирифтор бошад.
Масх: баргардонидани сурате ба сурати зишттар; аз сурати мардум ба сурати дигар баргардонидан; бад кардан.
Матбӯъ: хушояндаву марғуби табъ; марғуб, писандида; табъ шуда, чоп шуда.
Матвиёт: ҷамъи матвӣ, ба маънии дар ҳам печида, печидашуда, пӯшида, печидагиҳо, дарнавардида.
Мафтул: бофташуда.
Махрут: харошидашуда.
Муҳаввис: кимёгар
Маҳомид: ҷамъи маҳмадат, ба маънии хислатҳои нек; касеро ситудан, шукр кардан, адои ҳаққи касе кардан; ситоиш.
Маҳҷуб: дар парда кардашуда, дар ҳиҷоб дошта; он, ки аз дарки ҳақоиқ боздошта шуда; нобино; он, ки ба сабаби ворисони дигар мумтанеъ аз мерос бошад; пардапӯш, зери ҳиҷоббуда.
Маҷбул: ба маънии махлуқ; офаридашуда, фитрӣ қарор додашуда.
Машкбӯй: хилватхона.
Машоъил: ҷамъи машъал; ба маънии чарогдонҳои бузурги махсус ҳам фаҳмида мешавад.

Маъан-маъан: ба иттифоқи якдигар, ҳамроҳ.
Маъин: равон, ҷорӣ.
Маъмун: амн кардашуда.
Маъсум: бегуноҳ; нигоҳ дошта шуда, боздошта шуда аз гуноҳ.
Маъҷун: сиришта шуда, хамир кардашуда; доруе мураккаб аз чанд даво, ки бо ҳам махлут карда бошанд ва барои қувват хӯранд.
Меҳӣ: бузургӣ, азамат; сардорӣ, меҳтарӣ.
Мизмор: майдони аспдавонӣ, ҷойи риёзату тамрин додани асп; ҷойе, ки ҳайвонро дар он ҷо доранду фарбеҳ кунанд
Милк: ба тасарруф даровардан, он чи дар тасарруфи шахс бошад; он чи ҳаққи шахсе бошад; дар матн ба маънии роҳи рост ҳам омадааст.
Милъаба: он чи, ки бо он бозӣ кунанд; олати бозӣ.
Мисоқ: аҳд, паймон.
Мирваҳа: бодкаш, бодзан, шамолдеҳ.
Миҳан: ҷамъи меҳнат, ба маънии озмоиш, ранҷҳо.
Миҷмар: оташдон.
Миъвал: асбобе оҳанин, ки бо он сангро мешикофанд.
Моно: ҳамоно, гӯӣ, пиндорӣ.
Мосура: найи кӯчаке, ки ҷулоҳагон аз барои бофтан ресмон бар он печанд.
Мо сиво-л-Лоҳ: он чи гайр аз Худост.
Мо-ул-усул: номи давоест мураккаб.
Мо ҳазар: таъом, он чи ҳозир бошад.
Моҳий: маҳвкунанда.
Мошиён: равандагон, пиёдагон.
Мошура: ресмони хом, ки бар дӯк ресанд; найи кӯчакеро гӯянд, ки ҷулоҳагон ресмон бар он печанд аз барои бофтан.
Мубайян: баён кардашуда, рӯшан, возеҳ.
Мубайин: ошкоркунанда; баёнгар.
Мубин: зоҳир, ошкор, возеҳ, ҳувайдо.
Муборот: некӣ талабидан.
Муборот: безор гардидан аз ҳам.
Муваҷҷаҳ: соҳиби ҷоҳу мақом, писандида; хубу писандида, он чи ба сӯйи ӯ рӯ карда шавад.
Мувашшаҳ: ҳамоил ба гардан афканда, оросташуда.
Мувозана: ҳамвазн кардан, санҷидани ду чиз, муқоиса кардан, ҳамвазнӣ.
Мудаббир: тадбиркунанда, соҳиби рой, соҳиби андеша; пешкор, мушовир.
Мудаққиқ: ҷӯянда, дақиқкор, нуктаҳои дақиқ пайдокунанда.
Мудбар: пуштдода, касе, ки дунё аз ӯ баргашта, бадбахт.
Мудбир: пуштдиҳанда, ақибраванда, нофармоникунанда, осӣ.
Мудғам: ба маънии чизе, ки дар чизе даровarда шудааст.
Мудхил: бахил, лаъим, фурӯмоя, нокас.
Музаввар: сохтагӣ, маснӯъ, фиребанда; таъоми нарме, ки беморро диҳанд ё барои тасаллии бемор пазанд.
Музаккир: ёддиҳанда, ба ёд оваранда, ваъзкунанда, воъиз.
Музакко: пок карда шуда, закоти додашуда; пок.
Музаҳҳаб: зарандуд, тиллокоришуда; зарбофт карда шуда, заркӯб.
Музаҳҳар: зоҳир кардашуда, намоён.
Музлақ: лагзонанда, лағзиш дода шуда.
Музлам: ҷойи торик.
Музлиқ: лағзонанда, лагзишдиҳанда.
Музлим: торикшаванда, торик.

Музмам: пӯшида.
Музоъаф: дучандон, ду баробар.
Мукаббир: такбиргӯянда дар намози ҷамоат, бузург нишондиҳанда.
Мукаббирон: такбирхонон, бузург нишондиҳандагон.
Мукаллал: тоҷ бар сар гузошта, зевардода, чанбарпӯш.
Макнун: пинҳон, он чи дар замир доранд; пӯшида.
Мукаррамоти зоида: карамҳои фаровон.
Муқбал: пеш омада, хушбахт, некбахт.
Муқбил: пешрав, рӯй ба пеш оваранда, соҳиби иқболу давлат, хушбахт.
Муқаввам: рост карда шуда, қимат карда шуда, арзёбӣ гардида, пойдоршуда.
Муқаввим: росткунанда, қоимкунанда, тақвимнависанда.
Муқирр: иқроршаванда, қарор содиркунанда.
Муқла: курраи чашм, ки қисми аслии узви ҳисси босира аст; сиёҳию сафедии чашм. Ибни Муқла - хаттоти машҳур.
Мул: шароби ангурӣ, май.
Мулаввас: олуда, ифлосшуда, чиркин.
Мулаққин: талқинкунанда, адабдиҳанда.
Мулаъ: ҳарис, озманд; шавқманд.
Мулоим: мувофиқ, муносиб; созгор; оҳиста, ором; нарм, фароҳам оянда.
Мулоъиб: бозикунанда, бозигар, марди шӯхикунанда бо зан.
Мулҳам: касе, ки матлабе ба ӯ илхому илқо шуда, илҳомёфта.
Мулҳим: илҳомбахш, талқинкунанда; Худованди бузург.
Мумаввах: зарандуда, оби зар дода; хушзоҳиру бадботин, дурӯғи ростнамо; ороста ба талбис.
Мумайййз: тамйиздиҳанда, фарққунанда, ҷудокунандаи хуб аз бад; он, ки нек аз бад ҷудо кунад.
Мумид: мададдиҳанда, ёрикунанда, мададгор, кӯмакрасон.
Мумкинот: мумкинҳо, яъне кулли мавҷудоти олам, ки аз адам ба вуҷуд омадаву боз ба адам хоҳад шуд.
Муморасат: тамрини доимӣ, машқ кардан.
Мумтаниъот: ҷамъи мумтаниъа, амрҳое, ки иҷрои онҳо манъ аст, номумкин аст.
Мунаввам: хоборанда; номи суруд; хобовар, оромбахш.
Мунаввим: хобонанда, хобкунанда; модае, ки хӯрдани он хоб оварад.
Мунаққах: пок кардашуда, ислохшуда.
Мунсиф: боинсоф, доддиҳанда; инсофкунанда.
Мунҳанӣ: хамида, кач, хамидақомат.
Мунҳӣ: хабардиҳанда, огоҳкунанда; ақл, огоҳӣ.
Муохаза: касеро ба гуноҳ гирифтан, танбеҳ додан, сарзаниш кардан.
Мурассаъ: ороста; он чи, ки дар он ҷавоҳир нишонда бошанд.
Мурзиъот: ҷамъи мурзиъа, ба маънии зане, ки бачаи ширхора дорад, дояҳо.
Муртаъиш: ларзанда, ларзон; номи иллатест, ки дар он дасту по меларзад.
Муставдаъ: ба амонат гузошта шуда, маҳалли ҳифзи амонат...; он чи, ки дар китобу рисолае нақл кунанд.
Мустаҷлиб: ҷалбкунанда, кашонанда, ҷолиб.
Мутааммим: амомапӯш, саллапӯш.
Мутақаввим: қоим кардашуда, ростшаванда; қиматӣ, гаронбаҳо.
Мутанаббӣ: касе, ки ба ғалат худро набию пайғамбар гӯяд.
Мутароким: бар ҳамнишаста, рӯйи ҳам ҷамъшуда, гирдоянда.
Мутатумоҷ: таъоми маъруф, ки мо онро шӯрбо мегӯем.
Мутаҳойӣ: ороста.

Мутаҷаллӣ: зоҳиршаванда, ҷилобахш.
Муфлиқ: ибдоъкунанда, шоире, ки шеърҳои нағзу турфа сарояд; шикофанда.
Муфсид: фасодкунанда, табоҳкунанда, бадкор.
Мухаддара: зани парданишин; маъхуз аз хизр (خدر), ки ба маънии парда аст.
Мухаддарот: ҷамъи мухаддар, ба маънии беҳису суст карда шуда; дар парда нишонида; парданишин, пардапӯш.
Мухайяр: ихтиёр дода шуда, дорои ихтиёр; ихтиёр карда шуда.
Мухи латоиф: мағзи латифаҳо.
Мухталл: халал ёфта, сусту табоҳ, ошуфта, парешон; халалпазир.
Мухх: мағзи устухон; маҷозан хулосаи ҳар чизеро гӯянд.
Муҳаввас: соҳибҳавас, ҳаваскор, орзую ҳавас дошта ба чизе, моил.
Муҳанно: гуворошуда; дур аз ранҷу заҳмат; муборакбод кардашуда.
Муҳаррам: ҳаром гардонида; нахустин моҳ аз моҳҳои дувоздаҳгонаи қамарии араб, ки сари соли таърихи ҳиҷрат аст.
Муҳит: иҳотакунанда, дар бар гиранда.
Муҳйӣ: зиндакунанда, эҳёкунанда.
Муҳозот: баробари ҳам воқеъ шудан; баробари чизе қарор гирифтан.
Муҳтакирон: анборкунандагони коло; анбордорон.
Муҳтарифа: зане, ки пешавар бошад, гурӯҳи пешаварон; пеша; пешаварон, санъатгарон.
Муҷониб: дуршаванда, дурикунанда; аз чизе канорагирон.
Муҷтанӣ: мевачин, ҷамъовари ҳосил.
Муштакӣ: шикояткунанда, гилакунанда; ва бино ба қавли ҳошияи нусхае, ки дар даст дорем, муштакӣ тоифае ҳастанд, ки гардан фурӯ медоранд, то мардум мушт бар он мезананду чизе меситонанд.
Муштақ: шикофта шуда, чизе,ки аз чизи дигар ҷудо шуда, гирифта шуда.
Муштоқ: орзуманди ва шавқманди касе ё чизе будан.
Мушаъбид: шӯъбадабоз, ҳуққабоз; бозигар.
Муъарбид: он, ки бадмастӣ кунаду арбада кашад; бадхӯӣ, ҷангҷӯӣ.
Муъваҷ: кач, хамида, норост; дорои салиқае качу ғайри мустақим.
Муъин: ёрикунанда, ёридиҳанда, мададгор.
Муъодот: душманӣ, хусумат бо якдигар (бо касе), душманӣ, адоват; бозпас шудан.
Муъораза: муқобала кардани ду хасм ва ду ҳариф бо якдигар, ситеза кардан, шикастани каломи касе; бо касе баробарӣ кардан.
Муътазилӣ: мансуб ба муътазила; он, ки Худоро ду бинад.
Муътакиф: касе, ки барои ибодат дар масҷид, хонақоҳ ва ҷуз онҳо таваққуф кунад, гӯшанишин, гӯшагир.

**Н**

Найир: рӯшанкунанда.
Навбова: меваи тозаву наврасида; кӯдак, тифл; ҳар чизи нав даромада.
Наввоб: бисёр ниёбаткунанда; ҷойнишин; унвоне, ки дар Ҳиндустон ба амирону роҷаҳо итлоқ мегардида.
Навол: баҳра, насиб; ато, бахшиш.
Назиҳ: аз назоҳат - поку покиза, хушу хуррам; тоза.
Намат: равиш, тариқа; навъ, гунае аз чизе, гурӯҳи одамӣ, ки бар як кор бошанд.
Насам: мардум, халқ.
Насиҷ: бофта, порчаи абрешимии зардӯзишуда; ҷомаи бофташуда; беназир.
Натан: бӯйи нохуш, чизи бадбӯ, ганда шудан.
Натин: бадбӯӣ, ганда.
Наҳв: роҳ, тарз, шева, услуб, қонуни иъроби каломи арабӣ.
Наҳҷ: роҳи ошкору рӯшан; роҳи росту пайдо, кушода.

Никнад: ҷомаи пунбадор, ки очида кунанд.
Нисоб: қадре аз мол, ки барои закот воҷиб шавад; закот.
Нисол: пайконҳо.
Нитоқ: камарбанд, миёнбанд; ҷомаест, ки занон пӯшанд ва он монанди изор аст, ки дар он изорбанд мекунанд.
Нитоҷ: насл, нажод; ба маънии натиҷаҳо ва маҳсул ҳам фаҳмида мешавад.
Ниъол: ҷамъи наъл - кафш, поафзор, кафшакҳои сутурон.
Ноқид: саракунандаи дираму динор, он, ки сухани дурустро аз нодуруст тамйиз диҳад, сухансанҷ.
Номаръӣ: нодиданӣ, ғайри қобили руъят; ривоят карда нашуда, яъне диданашуда.
Номия: боланда, нумӯкунанда; дар ҳошия ба маънии токи раз, яъне токи ангур шарҳ дода шудааст.
Носия: мӯйи пешонӣ.
Нубӣ (Нубо): Қуръони маҷид; навишта.
Нуҳ паргори даври даввор: фалаки тисъа, нуҳгона.
Нуҳо: ақлҳо, хирадҳо.

**О**

Обо: падарон, аҷдод.
Обо: ҷамъи “убо”, ба маънии нон, хуриш.
Обои улвӣ: кавокиби сабъа.
Огӯш: бар вазн ва маънии оғӯш аст, ки бару бағал бошад.
Ойил: дарвеш, ниёзманд.
Ом: ба маънии сол; *таърихи ъом*, яъне таърихи сол.
Омин: чунин бод ва қабул шавад.
Омол: ҷамъи “амал”, ба маънии умедҳо.
Оҷом: найистонҳо.

**П**

Падма: бахра ҳисса; сафедранг.
Пойи шаръ: ҳарфи охири калимаи “шаръ”, ки ъайн аст.
Палорук: ҷинсест аз оҳани пӯлоди ҳиндӣ, ки гавҳар дорад; теғ, гавҳари теғ; шамшер, теғи ҷавҳардор, паранд.
Парвона: ҳукмнома.
Поркин: хандақе, ки наздики матбах месохтанду оби наҷас дар он меандозанд.
Посанг: он чи дар як кафаи тарозу ниҳанд ба ҷиҳати баробар кардани кафаи дигар.

**Р**

Рабун: пешмузд (аванс); паймона.
Равийят: андеша дар умур, фикр, тааммул; бо тафаккурур тааммул шеър гуфтан.
Равоҳ: вақте, ки миёни асру мағриб бошад; аз завол то шаб.
Ракуб: марди бисёр саворикунанда.
Рақиб: посбон, нигоҳдорандаи чизе.
Расм: ба маънии тариқаву нақш.
Раҳб: фарох, кушода; замини фарох.
Раҳиқ: шароби холису соф.
Раъб: тарсу ваҳм.
Раъфат (рофат): меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, раҳмдилӣ.
Рибқа: ришта, банд, риштаи ғиреҳдор; як гӯша аз расан, ки дар гардани сутур бананд; гарданбанди занон.
Рибҳ: фоида, бахра, суд; он чи, ки дар тиҷорат касб шавад.
Рикоб: шутурони саворӣ, узангу.

Риқоб: ҷамъи рақаба, ба маънии гардан, банда ғулом, замине, ки барои истифодаи ҳамешагӣ ба касе дода шавад.
Римоят: масдар аст, ба маънии тир андохтан.
Рисолат: пайғомгузорӣ.
Рифъат: бузургӣ, қадр, баландӣ.
Розиён: роздорон; сокинони шаҳри Рай.
Роён: ҷамъи рой, ба маънии султону ҳокими бузурги Ҳиндустон.
Ройак: ҷамъи ройика, ба маънии тахт.
Ростор: ростбаро.
Роҳ: шароб.
Роҳ дар задан: роҳзанӣ кардан.
Роҷиҳу марҷуҳ: афзуну афзункардашуда.
Роҷиъ: бозгарданда.
Роят: алам, дирафш, байрақ, ахтар, ливо; ва ба маънии нишон: дар матн ба маънии найза низ омадааст.
Рубоъӣ: чаҳор дандони пешин, ки бузург мебошанд; шакли шеър “рубоӣ”.
Рубъи маскун: чаҳор ҳиссаи замин, ки обод аст.
Руқъавор: монанди пораи чизе.
Руқя: дуъо, таъвиз; афсун, сеҳр.
Румҳ: найза.
Рӯспӣ (рӯсабӣ): зани фоҳишаву бадкора, зани сабукпо.

**С(ث)**

Сиқа: устувор шудан; эътиқод пайдо кардан, боварибахш.
Соқиб: афрӯхта, дурахшида; ситораи рӯшан.
Суъбон: аждаҳои калон, ки асои ҳазрати Мӯсо (ъ) ба шакли он гардида буд; мурод аз килки худи Амир Хусрав ҳам ҳаст.

**С (س)**

Сабика: нуқраву зари гудохта.
Садд: банду девори устувор.
Садид: маҳкаму устувор, дурусту рост.
Сайид-ус-содот: сардори сайидон.
Салб: кандан, ҷудо кардан чизеро аз чизе; рабудан; рафтори сабуку шитоб.
Салх: пӯст кандан, пӯст боз кардан.
ҳамвор.
Самин: фарбеҳ; сухани олӣ, гаронмоя, пурқимат.
Сармад: ҷовид, пайваста, ҳамеша.
Сари ҳарфи аҳмадӣ: киноя аз алифи Аҳмад.
Сароир: пӯшидагиҳои мазмун; дар зимн кардашуда.
Сатват: қаҳр, сахт гирифтан.
Саҳл: осон, нодушвор; замини нарм.
Саҳм: ҳиссаву насиб; ва ҳам ба маънии тир.
Саҳоб: абр, бари баҳор.
Сеҳр: ҷоду кардан, ҷодугарӣ, афсунгарӣ; фирефтан, фиреб додан, донистан; кори бағоят нозуку борику бузург.
Сиёқат: равон кардан, рондани чизе, масалан чорпоён; рондани калом, хондану баён кардани ҳадис.
Сикбо: оше, ки аз сиркаву гӯшту булғуру меваи хушк пазанд.
Симот: дастурхони калоне, ки бо неъматҳои гуногун зинат дода шудааст, дастурхони умумӣ; саф, қатор.
Ситуқ (ситу): зару сими қалб; фулусе бошад, ки қурси сим ба ҳар ду тараф часпонанд.

Сичғунна: ҷонварест шикорӣ, ки онро боша мегӯянд.
Сиъоят: ғаммозӣ кардан, суханчинӣ ва хабаркашӣ.
Содот: ҷамъи сайид, ба маънии сардор, бузурғон, фарзандон ва хешовандони Русул (с).
Соғӣ: бадикунанда.
Соса: ба маънии нигаҳбонӣ.
Сома: сари баромада аз чизе.
Соъӣ: саъйкунанда, суханчин, ғаммоз; кӯшандаву даванда; бадгӯй.
Субоъӣ: мансуб ба сабъа, ҳафттоӣ; шахси тамомхилқат.
Сувайдо: нуқтаи сиёҳ, ки бар дил аст.
Суъот: ҷамъи соъӣ, яъне суханчину хабаркаш.
Сӯфор: сӯрох, сӯрохи сӯзан; даҳонаи тирро мегуфтанд, ки бар шакли зоғ бошад.
**С (ص)**
Садро: садрнишин, сад касро.
Савғ: офаридан, заргарӣ кардан.
Савлаҷон: чавгон; асо, асои шоҳӣ.
Саворим: ҷамъи *сорим*, ба маънии буранда, қатъкунанда; аз ин ҷиҳат шамшерро сорим гуфтаанд.
Савъ: офаридан, омода кардан чизеро.
Сарир: овози қалам, ки дар вақти навиштан барояд.
Самсом: теғи бурранда, шамшере, ки хам нагардад.
Санодид: ҷамъи *сандид*, ба маънии меҳтарону бузургон.
Сафҳ: ба касе ҷурм гузоштан.
Саҳифаи ғайб: мурод аз лавҳи маҳфуз, яъне Қуръони шариф.
Син: муарраби Чин.
Соиб: расида, рост, миёнараванда, ҳақу дуруст, фурудоянда.
Субҳи нушур: қиёмат.
Судоъ: дарди сар.
**Т**
Тааббуд: ибодат кардан, бандагӣ кардан.
Таассур: асар пазируфтан (бо "с"-и мусалласа).
Тааттуш: масдар аст, ба маънии ташнагӣ.
Таблиғ: расонидан.
Табоҳӣ: мубоҳот кардан.
Табошир: авоили субҳ, авоили ҳар чизе, бӯр.
Табоъуд: аз якдигар дур шудан, дурӣ ҷустан; дур кардан.
Таваддуд: изҳори дӯстӣ кардан; дӯстӣ, бародарӣ.
Тавқеъ: нишонӣ кардан мактубро.
Тавҷеҳ: ба сӯйи чизе гардонидан, нек баён кардан; номи ҳаракати моқабли равии сокин.
Тадорук: фароҳам сохтан, омода кардан; дарёфтан, ба даст овардан.
Тазаллул: хорӣ намудан, фурӯтанӣ кардан, зорӣ кардан.
Тазбир: зинат додан, биёростан; сиёҳӣ дар давот андохтан.
Такаллуф: ранҷи чизе кашидан; аз худ чизе намудан, ки он набошад.
Такбир: Худои ъазза ва ҷалларо ба бузургӣ ёд кардан.
Такҳил: сурма дар чашм кардан.
Тақбил: бӯса задан, бӯса додан.
Тақвим: рост кардан, қимат кардан чизеро.
Тақриб: наздик, наздик ғардонидан; қурбон кардан.
Тақтеъ: ба маънии миқдор гирифтан.
Талаззуз: маза гирифтан.
Таламмуз: омӯхтан, шогирдӣ.

Талвин: ранг кардан.
Талҳ - дарахтони бузург дар регистон.
Талхи манзуд: дарахтони бо ҳам печидаву дар хам шуда.
Тамвиҳ: обдор кардан, биёростан; зарандуд кардан, оби тило задан.
Тамҳид: густаронидан, ҳамвор кардан; некӯ кардани кор.
Танвир: рӯшан кардан.
Танаста: бофтаи анкабут; тору пуд.
Танг: зиди фарох; шикамбанди аспу шутуру сутур.
Танҷим: ҷузв-ҷузв кардан чизеро; илми нуҷум, ситорашиносӣ.
Тарассул: номаро аз худ иншо кардан, рисоланависӣ.
Тарвия: сероб кардан; қурбон кардани шутур.
Тарфия: баланд гардонидан, бар боло бурдан.
Тасалсул: пайваста шудан, равон шудан, равонии об, силсиламонанд.
Тасарруф: ба даст овардан, ситонидан: шурӯъ кардан дар коре: ҳила намудан.
Тасвил: ҳамла кардан.
Тасаввул: талабидан, гадоӣ кардан.
Тасофуқ: як бор даст бар даст задан.
Тасоъуд: боло рафтан, душвор омадан.
Тасриф: баргардонидан; сахт гардонидан.
Тасфия: соф кардан, пок намудан.
Тасҳеҳ: росту дуруст кардан.
Тасҳиф: хато набиштан дар саҳифа, саҳифабандӣ.
Таторуқ: дар пайи якдигар рафтан.
Татҳир: пок кардан, покӣ; дар матн ба маънии хатна кардан ҳам омадааст.
Тафаввуқ: бартарӣ ёфтан, бартарӣ; болонишин ҷустан бар касе.
Тафт: гарм, сӯхта, ғазабнок; маҷозан ба маънии муфлис, сабаде, ки барои ниҳодани гулу мева созанд.
Тахашшуъ: фурӯтанӣ кардан, афтодагӣ кардан; хавф намудан.
Тахмир: сириштан, пӯшонидан; турш кардан.
Таҳаввур: хароб шудан, шикаста шудан.
Таҳбир: зинат додан, сиёҳӣ дар давот андохтан, навишторӣ кардан.
Таҳқиқ: дуруст кардан, баррасидан; ҳақиқат кардан, ҳақиқат донистан, ҳақиқатро ошкор намудан.
Таҳмид: нек ситудан.
Таҷоҳул: нодонӣ намудан.
Ташаббус: чанг дар задан ба чизе, васила қарор додан касе ё чизеро; чангул задан.
Ташбиб: ғазал гуфтан дар миёни ишқ; қисми аввали қасида.
Ташдид: устувор кардан, бар касе сахтӣ ниҳодан, ҳарфро мушаддад кардан.
Таъвил: аз сухане сухане дигар пайдо кардан; шарҳу тафсир намудани чизе.
Таъриз: сухани сарбаста (гуфтан).
Таътир: хушбӯ кардан, атр задан.
Таяссур: муяссар гаштан, осон шудан (бо ҳарфи син).
Темур: дар туркӣ оҳанро гӯянд.
Тонақӣ: некӯ нигаристан.
Топок: тапидану изтироб.
Тунг: ҷувол.
Тутмоҷ: навъе аз нон, ки дар сих мепухтаанд; навъе аз оташ.
Тутуқ: чодар, пардаи бузург; он чи пеши тахти арӯс вақти ҷилва бошад.
Т(ط)
Табарзад: ширинӣ, навъе аз шакар ва ё қанд.

Тавориқ: ҳодиса ё балоҳое, ки ба шаб расад; ҳаводиси замона.
Тайласон: фӯта, ки бар дӯш андозанд; чодаре, ки хатиб ва аҳли араб бар сар кашанд.
Талҳи манзуд: дарахтони бо ҳам печида ва дар ҳам шуда.
Таҳн: орд кардан.
Тироз: нақшу ниғор, номи шаҳре.
Тирс: коғаз.
Тин: гил, хок.
Тоъинон: таъназанон.
Туғро: алқобе, ки ба таври махсус бар сари фармонҳо аз тило ё шанҷарф (сурх ё қаҳваӣ) нависанд; дар қадим хате буда мунҳанӣ (хамида, кач), ки бар сари фаромин мекашиданд.

**У**

Уддат: созу сомон.
Умё: кӯрӣ, пӯшидагӣ; аз рӯйи нодонӣ ва кӯрӣ.
Ум-ус-сибён: номи маразест, ки тифлонро ҳалок месозад.
Унфувон: аввали ҳар чиз; оғози ҷавонӣ
Уҷоҷ: аспи баландовоза, ҳавое, ки овози сахт диҳад.

**Ф**

Фам-ул-асад: “Даҳони шер” - номи ситора.
Фатин: зирак, боҳуш, доно, ҳушёр, фитна.
Фароид: ҷамъи фарид, ба маънии дурдонаи ягона.
Фаръ: он чи, ки аз асле ҷудо шавад; шохи дарахт.
Фожа: хамёза, ки дар мақоми таҳайюр бештар меояд.
Форис: савори асп, ҷанговари далер.
Фурҷа: рахна, шикоф; аз тангӣ, душвор берун шудан.

**Х**

Хабибат: ба маънии пӯя, давидан.
Хавз: фурӯ рафтан дар об, фурӯ рафтан дар фикр, жарф андешидан; ба сухан даромадан, шурӯъ кардан дар коре.
Хаёл: пиндор, сурате, ки дар хоб бинад ё дар бедорӣ тасаввур карда шавад; ва ба маънии *сурате, ки дар обу оина менамояд* истифода шудааст. Ин вожа дар “Фарҳанги форсӣ”-и дуктур Муъин ба ду сурат омадааст: *хаёл / хиёл*, аммо дар ҳошия бо гузоштани ҳаракат касра сурати **хиёл** чунин шарҳ дода шудааст: пиндору гумон; маҳалле аз димоғ, ки мақоми қуввати хаёл (хиёл) аст.
Хайт (хийт): ришта; риштае, ки аз торҳо бофта бошанд; ва ба маънии тори воҳид ҳам ба кор рафтааст.
Халоб: гилу лойи ба ҳам омехта, замини ботлоқе, ки пойи одамию чорпо дар он бимонад; дар матн мурод аз рӯшноӣ ҳам ҳаст.
Халис: ҳар ду мӯйи ҳаром; гиёҳи хушку тари омехта.
Халиш: гилу лойи дар ҳам омехтаи часпанда.
Халҷ: кашидан, рабудан, бурдан, машғул кардан; ба чашму абрӯ ишора кардан.
Харида: духтари норасида, бикр, зани шармгин; дурри носуфта.
Харита: зарфест аз пӯсту гайри он, ки дар ӯ чизе ниҳанд.
Хариф: сахт пире, ки тағйир дар ҳавосаш роҳ ёфта бошад.
Хаҳ (хаҳӣ): калимаи таҳсин, ба маънии хуш, хушо, зиҳ, зиҳӣ, офарин.
Хашин: дурушт, харошида.
Хийзарон: номи гулест, ки шабеҳи думи асп бошад.
Хийт: галаи шутурмурғ.
Хузъабилот: ҷамъи хузъабил, ба маънии сухани ботил, корҳои ботил. Амир Хусрав ин таркибро ба маънии суханони аҷибу ороиши сухан ҳам ба кор бурдааст.
Хуллон: ҷамъи халил, ба маънии дӯстон.

Хунсар: ангушти хурд, килик.
Хуҷаста: муборак, маймун; гуле зардранге миёни он сиёҳ.
Хуюл: аспон.

**Ҳ (ح)**

Ҳабл: расан, полҳанг, раг, ресмон.
Ҳабр: донишманд.
Ҳавл (ҳувл): қувват, тавоноӣ; гирдогирди чизе, сол, гузаштан, ҷудоӣ афкандан, боз доштан.
Ҳазиз: тарафи пастии чизе: замини нишеби домани кӯҳ, фуруд.
Ҳарас: ҷамъи ҳорис, ба маънии посбонон, нигаҳбонон; посбонӣ кардан, нигаҳбонӣ кардан.
Ҳарис: посбон, нигаҳбон.
Ҳариф: ҳампеша, ҳамкор; ҳамсуҳбат, муомила ва ҳамеша.
Ҳарас:
Ҳаромонафурӯш: майфурӯш.
Ҳарора: рақс кардан, тоб додан дилро аз оташ.
Ҳарун: саркаш.
Ҳарф: ин вожа, илова бар маънои аслиаш, дар каломи Амир Хусрав бештар ба маънии тезии шамшер истифода шудааст.
Ҳасад: кинаву бадхоҳӣ.
Ҳасин: маҳкаму устувор.
Ҳасс: барангехтан, ташвиқ кардан; рағбат, шитоб намудан.
Ҳафад: ҷамъи ҳофид, ба маънии хидматгор, ёрону дӯстон; ба хидмат шитоб намудан.
Ҳафт файласуфи чарх: киноя аз сабъаи сайёра.
Ҳибол: ҷамъи ҳабл, ба маънии расан, ришта, ресмон.
Ҳибр: сиёҳии давот.
Ҳирз (حرز): ҷойи устувор, паноҳгоҳ; насиб; бозубанд.
Ҳирриф: тезмазза, газидани забон.
Ҳозиқ: зирак, устоди буранда.
Ҳорис: посбон.
Ҳубо: бахшиш.
Ҳуруфи табақа: чаҳор ҳуруфро гӯянд, ки инҳоянд: соду зоду тову зо.

**Ҳ (ه)**

Ҳадм: хароб кардан, вайрон кардан, харобӣ, вайронӣ; ботил.
Ҳайат: шакл, пайкар, сурат; вазъ, тарз, сурати зоҳир.
Ҳамсар: ҳамқаду қомат; ҳамшаън; назир, қарин.
Ҳинҷор: роҳ, тариқ, ҷода; тарз, қоида, қонун.
Ҳиҷо: касеро ҳаҷв кардан, накӯҳидан.
Ҳома: сари ҳайвон ё инсон; сари ҳар чиз; косаи сар; болои пешонӣ, пешонӣ, фарқи сар, торак.
Ҳон: калимаи танбеҳ - дон, огоҳ бош.
Ҳубут: фуруд омадан аз боло, нозил шудан; хор шудан, аз ҷойе ба ҷойе дигар мунтақил шудан; нуқсон шудан.
Ҳулв: ширин, лазиз; муқобили мурр, ки талх аст.

**Ч**

Чақмор: ба маънии думи хар.
Чикин: бар вазни нигин, ба маънии чакан, ки навъе аз кашидадӯзӣ ва бахядӯзӣ бувад.
Чоксу: донаи сиёҳ.

**Ҷ**

Ҷабарут: бузургӣ, азамат.
Ҷавзо: номи зане, гӯспанде, сапедмиён ва бурҷест аз буруҷи осмон.
Ҷавоз: раво доштан, иҷоза додан; равоӣ.

Ҷазм: буридану сокин кардан ҳарфро; ғаре, ки аз он барнагардад; ба маънии яқин ҳам корбаст шудааст.
Ҷалис: ҳамнишин.
Ҷам: ин вожа ҳамчун мафҳум ба маонии зиёде далолат мекунад, аз ҷумла: агар бо хотаму нигину Билқису моҳию амсоли он мазкур бувад, меҳтар Сулаймон мурод бошад; ва агар ба муқобалаи оинаву садду амсоли он афтад, султон Сикандар мурод бувад; ва он, ки пиёлаву шароб дар он байт марқум бошад, Ҷамшед муайян бувад. Чун аз инҳо чизе набувад, ҳар чӣ муқтазои маҳал бошад, ҳамон мурод доранд.
Ҷамох: чизе, ки ба таври инъом ба дилхушӣ ба хидматторону бандагон диҳанд.
Ҷамоҳир: ҷамъи ҷумҳур, ба маънии гурӯҳҳои мардум.
Ҷаноҳ: боли мурғ, муқаддимаи лашкари низомӣ, қанот.
Ҷаридаи лорайб: киноя аз Қуръони маҷид.
Ҷаҳах: фахр кардан; такаббур кардан.
Ҷибол: кӯҳҳо; ва бояд донист, ки кӯҳро Худованди алим мехи замин хондааст.
Ҷифа: мурдор, мурдори бӯгирифта; ҳар чизи пасти нопойдор.
Ҷондор: муҳофиз, нигаҳбон.
Ҷоеъ: ба маънии гурусна.
Ҷулаҳ: мухаффафи ҷулоҳ, ба маънии бофанда, нассоҷ; анкабут.
Ҷуллоб: шираи шакару қанд.
Ҷуннат: ба маънии сипар аст.
Ҷуно: гунох.
Ҷуъал: ҷонварест сиёҳ, ки ҳамеша дар саргин бошад.
**Ш**
Шабоб: ҷамъи шоб, ба маънии ҷавон, ҷавонӣ.
Шавоиб: ҷамъи шойиба, ба маънии чиркҳо, мурдобҳо.
Шавомих: ҷамъи шомиха, ба маънии чизҳои баланд, баландӣ.
Шайн: зиштӣ, айб.
Шакарпой: сустпой, яъне ланг.
Шакк: чок, шикоф; шикофи чизе, шикофтан.
Шамомот: хушбӯҳо.
Шамотат: шод шудан ба ғами душман; сарзаниш кардан; душманкомӣ: сарзаниш, маломат.
Шаплидан: афшурдан.
Шаранг: заҳр, ҳар чизи талх; ҳанзал.
Шарият: ҳирс.
Шат: канораи рӯд, канораи ҷӯй, каронаи кӯҳони шутур.
Шаҷҷоҷ: фурӯрезанда, равоншаванда.
Шикара: парандаи шикорие, ки мо онро боз мегӯем.
Шикарадор: нигаҳбону мураббии мурғони шикорӣ; сайёд.
Шима: табиат, хулқ, хӯй, одат.
Шарр: бадӣ, бад шудан.
Шомих: баланд, чизи баланд; мутакаббир, бошукӯҳ.
Шуъба: шоха, шохи хурди дарахт; фирқа, даста.
**Ю**
Юз: ҷустан, тафаҳҳус кардан; юзпаланг (навъе аз паланг).
**Я**
Ялфанҷад: фароҳам кунад.
Явоқит: ҷамъи ёқут.
Явоқити манзуми ағёр: каломи манзуми дигарон.

## Ибора, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ

А

Абада-л-Лоҳу садраҳу ва заҳраҳу: ҳамеша дорад Худо синаи ӯро ва пушти ӯро.

Абқоҳу-л-Лоҳ: зинда (боқӣ) бидорад ӯро Худо.

Абқоҳу-л-Лоҳ биҷудиҳи: боқӣ дорад Худо ба файзи худ.

Абқоҳу-л-Лоҳу фӣ ҳазри-л-исмати маъа сиҳҳатин комилатин: боқӣ дорад Худо ӯро дар пардаи покдоманӣ бо сиҳҳати комил.

Абиту ъинда Раббӣ ва ҳува ютъимунӣ ва юсқинӣ: шаббошӣ мекунам наздики Рабби худ ва ӯ таом даҳад маро ва об бинӯшонад маро.

Авлодуно акбодуно: писаронамон ҷигарҳои моянд.

Адома-л-Лоҳу ъулувуҳу: ҳамеша Худо ӯро баланд дорад; Худой баландии (бартарии) ӯро пайваста кунод.

Ад-дунё ҳазратун ва назратун: дунё сабзазор аст ва тозарӯй.

Ад-дунё явмун ва лано фиҳи савмун: дунё як рӯзест ва моро дар он рӯза бояд.

Ад-дуоу камо ҷарат: дуост , чунонки ҷорӣ шуд.

Адл-ал-аҷниҳати: соҳибони бозуҳо.

Адонӣ ва ақосӣ: наздикиҳо ва дуриҳо.

Айяда Аллоҳу ядаҳу: қувват диҳад Худо дасти ӯро.

Айядаҳу-л-Лоҳу: қувват диҳад Худо ӯро.

Азоқаҳу-л-Борӣ ва ҳаловатан мин лаззата-т-танбули: чашонад Худо ӯро аз ширинии танбул.

Акрамаҳу акрам-ал-акрамин: Бузург кунад ӯро Худои бузург.

ал-Авду хайрун: руҷӯъ беҳтар аст (Ин масали араб аст).

Ало лаҳу-л-халқу ва-л-амру: огоҳ бош, ки офаринишу амр мар ӯрост.

ал-Айнони тазниёни: ду чашм зино мекунад.

ал-Ғариқу ятааллаqу ликулли ҳашишин: ғарқшаванда ба ҳар хасу хошок мечаспад.

ал-Кизбу ҳайз-ур-риҷоли: дурӯғ ҳайзи (нопокии) мардон аст.

ал-Косибу ҳабиб-ул-Лоҳи: косиб дӯсти Худост.

ал-Қаноату мамлакатун: қаноат подшоҳист.

ал-Қодиру яфъалу мо яшоу: Худои тавоно мекунад он чӣ мехоҳад.

Аллоҳу мунаввиру-л-қамарайни ҳува музи-юл-музаййини: Худо равшан кунад Офтобу Моҳтоб ва ӯст равшанидиҳандаи Меҳру Моҳ.

ал-Фақру фахри: фақру нодорӣ фахри ман аст.

ал-Ҳадиду юслаҳу бил-ҳадиди: оҳан ба оҳан ислоҳ мепазирад.

ал-Ҳакима-л-ҳамид ҳакам ва ал-ъадла-л-латифа-ш-шаҳид, лаҳу-л- ҳукму лаҳу-л-қазо: доно ва сутудаву ҳоким ва одилу покиза гувоҳи номҳои Аллоҳ барои ӯст, ҳукм ва қазо ӯрост.

Амиру-ул-куттоб: сардори котибон.

Анбата сабъа санобила фӣ кулли сунбулатин миату ҳаббатин: рӯёнад ҳафт хӯша, ки дар ҳар хӯша сад дона аст.

Ано набий-ус-сайфӣ: манам пайғамбари шамшер.

Арқоми ҷумал: ҳисоби абҷад.

Армӣ ва нармӣ: тирандозӣ мекунам ман, тирандозӣ мекунем мо.

Асирун муаллақун байн-ас-самои ва-л-арз: кураи оташ, ки муаллақ аст дар миёни осмону замин.

Аслаҳа-л-Лоҳу шаънаҳо: нек кунад Худо ҳолати ӯро.

Асобиъ-ур-Раҳмон: ангуштони Худо.

ат-Тайру ятиру биҷаноҳайҳи: мурғ парвоз мекунад ба ду боли худ.

ат-Тоибу мин-аз-занби каман ло занба лаҳу: тавбакунанда аз гуноҳ гӯё ки бегуноҳ шуд.

Афсаҳ-ул-араби ва-л-ъаҷам: Ишора ба пайғамбар (с), фасеҳтарини арабу аҷам.

Аҳло мин-ал-асали: ширинтар аз шаҳд.

Ахма-л-хатану бил-хитони: ҳимоят кунад ӯро домод ба домодҳо.
аш-Шамсу ло яхфо фӣ кулли маконин: офтоб пӯшида намешавад дар ҳеҷ макон.
Аҷра-л-Лоҳу ъало ъуюнӣ ҷараҳу: ҷорӣ кунад Худо бар чашмаҳои ман ҷароҳат бахшид.
Аҷҷалаҳу-л-Лоҳу: бузургӣ диҳад ӯро Худо.
Аъдоуҳу ҳомун ва амволуҳу сомун: душманони ӯ ҳайрон буванд ва моли ӯ ҳалок бод.
Аъла лаҳу-л-Лоҳу: баланд кунад Худо дараҷаҳои ӯро.
Аъла-л-Лоҳу явм- ал-ҳашри узнайҳи: баланд дорад Худо рӯзи қиёмат ҳар ду гӯши ӯро.
Аълам-ул-уламо:олимтарини олимон.

Б

Байяза-л-Лоҳу ҷабина салоҳиҳо: равшан кунад Худо пешонии некӯии ӯро.
Байт-ут-тазвиҷ: хонаи никоҳ; ЗАГС.
Балаға мо балаға: расидааст то ҷое, ки расид.
Бароатун мин-ал-Лоҳи: безорӣ аз ҷониби Худо.
Байт-ут-тариқ: саройи роҳ.
Биманниҳи ва фазлиҳи ва ъавниҳи: ба эҳсони ӯ, ба фазли ӯ, ба мадади ӯ.
Бимашийяти-р-Рабб-ил-барри: ба хоҳиши Худои некӯкор.
Би-н-набийи мисбоҳи-д-дуҷо: ба баракати Набӣ, ки чароғи торикиҳост.
Бинт-ул-карим: шароби ангур, духтари раз.
Биҳаққи саййидино хотами Фуркона ва зурриятиҳи: ба баракоти Пайғамбари мо (с), ки муҳри Қуръон аст ва авлоди он Пайғамбар (с)
Бола-ш-шайтону ъало шорибиҳи ва боза-л-иблису фӣ зуқуниҳи: бавл кунад шайтон бар нӯшандаи шароби ӯ ва байза ниҳад шайтон бар риши ӯ.
Буния-л-ислому ъало хамсин: бино карда шудааст ислом бар панҷ рукн.

В

Вазкур-ул-Лоҳа зикран касиран: ва ёд кунад Худоро ба зикри бисёр.
Вазиъун ва шарифун: хурду бузург.
Ва кафо бил-Лоҳи шаҳидан: кофист Худо гувоҳиро.
Ва кафо бӣ шаҳидан: кофист Худо дар ҳоле, ки гувоҳ аст.
Васл-ул-ҳарфайн: пайванд кардани ду ҳарф бо ҳам.
Ваффақаҳу-л-Лоҳу биимороти абнияти-д-дин: тавфиқ диҳад ӯро Худо ба имороти биноҳои дин.

Ғ

Ғулиқат-ил-абвоб: баста шуд дарҳо.
Ғуроб-ул-байн: зоғи фироқ.

Д

Дақоиқ-ут-таҳин: ордбезаҳо (яъне, нигоштан).
Дома қайдуҳу: ҳамеша дар қайд ҳаёт бод.
Дома имзоҳу: ҳамеша бод равонии ҳукми ӯ.
Дома ниъматуҳу: ҳамеша бод неъмати ӯ.
Дома саъодатуҳу: ҳамеша бод саъодати ӯ.
Дома ъулуввуҳу: ҳамеша бод бартарии ӯ.

З

Зайяқ-ад-даҳру ҳубба ъумриҳи: танг кунад замона гиребони умри ӯро.
Зайяна-л-алҳона биҳусни-с-савти: ороста кунад Худо ба хубии овоз гулӯи ӯро.
Зайяна-л-Лоҳу байта ъулуввиҳи: зинат диҳад Худо хонаи баланди ӯро.
Зоҳибан ло роҷиъан: раванда ва на баргарданда.
Зиллу-л-Лоҳи фи-л-ъоламин, ало-уд-дунё ва-д-дин, шамсу муҳйи залам-ал-куфра анвора тулуъиҳи ва фалакун ҳамо басит-ад-даҳри ав би-л-абсатиҳи: сояи Худо дар олам, Алоуддин номи офтобест, ки маҳв кард торикиҳои куфрро бо нурҳои талъати худ ва фалакест, ки ҳимоят кард замонаро дар домани кушодагии ӯ.

Зиллун мамдудун: сояи дури дароз, серсоя; сояи ғафс.
Зимн-ул-лафз: лафзро дар миёни лафз овардан.
Зу-л-ямин: соҳиби қувват ва тоқат ва соҳиби дасти рост.
Зода авлодуҳу: зиёда бод авлод ӯро.
Зода-л-Лоҳу тавфиқаҳу: зиёда кунад Худо тавфиқи ӯро.
Зода-л-Лоҳу ҳаққан ва саноан ъалайҳи: зиёд кунад Худо ҳақ ва саноро бар ӯ.
Зода шавқука ила-л-Лоҳи: зиёда шавад шавқи ту тарафи Худо.
Зодаҳумо ал-ъилма: зиёд кунад Худо илми ҳар дуи онҳоро.

И

Иннаҳу муҷиб-уд-даъвоти ва муфтиҳу абвоба-с-самои: ба таҳқиқ, ки қабулкунандаи дуост ва кушояндаи дарҳои осмон.
Иннӣ ана-л-Лоҳ: ба таҳқиқ ва ростӣ, манам Худое, ки....
Инно ваҷадно мин обоино: ин тариқаро мо аз падарони худ ёфтем.
Ин тукримно намдаҳука: агар иззату икром кардӣ моро, мадҳи ту хоҳем кард.
Ин шоа-л-басир: агар хоҳад Худои бино.
Ин шоа-л-Лоҳу ваҳдаҳу: агар хост Худои якто.
Ин шоа-л-Лоҳ-ус-сониъу: агар хоҳад Худои офаридгор.
Ин шоа-л-ъалиму: агар хоҳад Худои доно.
Ин шоа Рабб-ул-Каъба: агар хоҳад Худои Каъба.
Ин шоа холиқ-ун-нури ва-н-нори: агар хоҳад холиқи равшанӣ ва оташ.
Ирсол-ул-русул: фиристодани паёмбарон; равон кардани қосидон.
Иттисол-ул-ҳуруф: васл кардани ҳарфҳо.

К

Каамсол-ил-луълуъ-ил-макнун: монанди марвориди пинҳон.
Кааннака тароҳу: гӯё ту мебинӣ ӯро.
Ка-л-анҳори ҷориятун: монанди наҳрҳои равон.
Камасал-ил-ҳимори яҳмилу асфоран: монанди харе, ки китобҳоеро бар пушт дорад.
Камо сабъ-ул-масони фӣ-с-салоти: чунонки хондани сураи “Фотиҳа” дар намоз.
Камо қола-л-ҳакиму: ло-л-фитану лаъоша-н-носу касиран: чунонки гуфтааст ҳаким: агар фитна намебуд, мардум умри дароз медиданд.
Камо тазраъу таҳсуду: ҳар он чи бикорӣ, ҳамон бидравӣ.
Ка-н-нақши ъала-л-физзати: монанди нақш бар нуқра.
Ка-н-нақши ъала-л-ҳаҷари: монанди нақш бар санг.
Кааннаҳуна-л-ёқуту ва-л-марҷон: гӯё ки онҳо ёқуту марҷонанд.
Каррама-л-Лоҳу ваҷҳаҳу: бузург кунад Худо зоти ӯро. Дар ин ҷо ҳазрати Алӣ (а) дар назар аст.
Кассара-л-Лоҳу фуруъа ақломиҳим фӣ усул-ил-ҳидояти: бисёр кунад Худо шохаҳои қаламҳои эшонро дар усули ҳидоят.
Кассара-л-Лоҳу ҷамъаҳум: шикаста кунад Худо гурӯҳи эшонро.
Ка ҳаблин мин ёқутин, ав баҳрин мин зайбақин: монанди расан аз ёқут ё дарё аз симоб.
Кироман котибин: нависандагони бисёр бузургу боҳурмат.
Кулламо конати-ш-Шамсу толиъатан фа-н-наҳору мавҷудун: ҳар гоҳ ки офтоб барояд, пас рӯз мешавад.
Кунту набийян ва Одаму байна-л-мои ва-т-тин: ман набӣ будам, ҳол он ки одам дар миёни обу гил буд; яъне, ҳоло тахмири ҷасади инсон ба охир нарасида буд.
Куҳл-ул-ҷавоҳири: сурмае, ки дар он марвориди носуфта ва дигар ҷавоҳирот месоянд, барои равшании чашм.

Қ

Қад қомат: ба таҳқиқ рост шуд, барпо гардид.

Қад самиъа-л-Лоҳ: ба таҳқиқ, шунид Худо.
Қиблатуҳум нисоуҳум: қиблаи эшон занонашонанд.
Қуррат-ул-ъайн: мардумаки чашм.
Қасри ин роз: ихтисори ин калом.

Л

Лав лока ламо халақту-л-афлока: агар набудӣ ту, пайдо накардамӣ афлокро.
Лавҳ-ул-ҳадийяти: тахтаи туҳфа.
Лан таронӣ: ҳаргиз набинӣ ту маро.
Лан тастатиъа маъӣ сабран: ҳамроҳи ман сабр карда наметавонӣ.
Ли-л-Лоҳи дарруҳо: мар Худойрост некӯиҳо.
Ли-л-Лоҳ-ил- ҳукм: соҳиби ҳукм танҳо Худост.
Лисон-ул-уқул: забони ақлҳо.
Ло валада: он ки авлод надошта бошад.
Ло зола: ба маънии ҳамеша, ҳанӯз, ҳамоно.
Ло зола ғолибан: ҳамеша ғолиб бод.
Ло золат маҳрусатан: ҳамеша бод маҳфуз.
Ло лаҳу: нест ӯро.
Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ: нест қуввату тавоноӣ касеро, магар Худоро.
Ло яънӣ: ниёз надорам, яъне бефоида.
Ло ятаҳарраку аҳаду тарафайҳи, ятаҳарраку-т-тарафу-л-охар: намеҷунбид яке аз ду тарафи ӯ ба ҷунбиши тарафи дигар.
Ло яҷузу маҷоъатаҳу бисадақати фитри ағниёи: ҷоиз нест, ки рӯзаи ҳаррӯза бидуни ифтор дорад, яъне садақа додани ағниё рӯзи иди фитр.

М

Макканаҳ-ул-Лоҳу: ҷо диҳад ӯро Худо.
Ман сакана фӣ таҳт-ил-афлоки: ҳар ки сокин шудааст дар зери осмон.
Ман самата наҷо ва саката салима: ҳар кӣ хамӯшид, вораст ва ҳар кӣ сокит монд, саломат ёфт.
Маттаъаҳу-л-Лоҳу бифавокиҳ-ил-бадоиъи: бархурдор кунад ӯро Худо аз меваҳои тару тоза.
Маъа-д-дуъои-с-солиҳи: бо дуои нек.
Маъоз-ал-Лоҳ: ба Худо паноҳ металабам.
Мирот-ул-ъакси: ойинаеаст, ки акси рӯ намояд.
Мо ло яънӣ: чизе, ки фоида надорад.
Мо ҷаро мин асмоъ-ил-ъибод: он чи дар саної номҳои бандагон гуфта шавад.
Мо ҳува-л-ҳаққ: он чи ҳаққ (дуруст) аст.
Мубоҳ-уд-дам: хуни ҳалол.
Мудда давотуҳу бимидод-ил-фазли: бардавом бод сиёҳидони ӯ ба сиёҳии фазлу дониш. Яъне, аз нӯки қалами ӯ суханони бофазлу пурҳикмат бардавом ҷорӣ бошад.
Мутаваққиъ-ут-таваққуъ: умедвори умед (ин сухан дар мақоми маҳомид, яъне ҳамд навишта мешавад ва умедвории чизе буданро ифода мекунад).
Мустанбиту Рабб-ул-маъонӣ: барорандаи ширaи маънӣ ба фишурдан.
Мутобақат-ул-асомӣ: мутобақати номҳо бо маънӣ.
Муътазид би-л-Лоҳ: қувватёфта ба мадади Худо ва низ номи яке аз хулафои Аббосия.

Н

Наввара-л-Лоҳу ило явми-д-дини: равшан дорад Худо ӯро то рӯзи ҷазо.
Наввараҳу ан-Нуру абадан: равшан дорад ӯро Нур ҳамеша (Нур дар ин ҷо ба маънии Худо омадааст.)
Насиҷа ваҳдаҳу: дар каломи араб шахсеро гӯянд, ки дар ҳунаре беназир бошад.
Наҳмадуҳу мунъиман сумма нашкуру ъала ниъматин: ҳамд мегӯям ӯро, дар ҳоле ки неъматдиҳанда аст, баъд шукр мекунам бар неъматҳои ӯ.

Нaҷзи ман шакара: муҷозот хоҳем дод, онро, ки шукр кард.
Наъузу бил-Лоҳи минҳо: паноҳ мебарам ба Худо аз ӯ.

Р

Раайту азизан ҷибиллуҳу ҷабалун қомат:дидам ман азизеро, ки ҷисми ӯ кӯҳе аст қоим.
Рабби ашъаса ағбара зӣ тамрайни лав ақсама ъала-л-Лоҳи ло барраҳу: бисёр парешонмӯй ва гардолуд ва соҳиби ду чодари кухна, агар қасам дода шавад бар Худо, рост гардонад қасами ӯро.
Раббано заламно: Парвардигоро, мо зулм кардем.
Раво акобируно ъан ал-акобири: ривоят кардаанд бузургони мо аз бузургон.
Равзат-ул-ғилмон: боғи биҳишт, дабистон.
Равоҳу-л-Лоҳу бисаф-ил-асфиё: Худованд ӯро дар сафи баргузидагон ҷой диҳад.
Равҳу-р-рӯҳ: хушии рӯҳ.
Рағм-ал-анф: судани бинӣ ба хок ва киноя аз сухани сахт.
Раъоят-ул-ғанам: дар зикри нигоҳбонии гӯсфанд.
Рафаъаҳу-л-Лоҳу фӣ машориқ-ил-арзи ва мағорибиҳо: баланд кунад Худо шаъни ӯро дар машриқҳои замин ва мағрибҳои он.
Руъят-ул-ъайни бинур-ил-ъайни: дидани чашм ба сабаби дидани офтоб.

С

Савқа-с-самоияти ъало рууси-л-суқи: рондани ҳукумат бар сардорон бозорест.
Саййид-ус-содот: пешвоёни саййидон.
Саъида-л-аному мин саъодати айёмиҳи: некбахт шуданд мардумон аз некии замонаи ӯ.
Самарату фуоду-с-судури: самари дили сардорон ва бузургон.
Сарафа духхону сироҷиҳи ъан инорат-ил-ъилм: харҷ карда шавад чароғи ӯ дар равшан кардани илм.
Сарафа-д-дуъо биаввал-ил-мактубот: сарфи дуост бар аввали мактубҳо.
Сафинатун ҷориятун фӣ-л-ъайн-ил-ъорияти: киштӣ когазест, ки дар чашмаи мадҳу зам орият ронда мешавад.
Саҳм-ул-ғарази: тири мақсуд.
Сидрат-ул-мунтаҳо: номи дарахтест, дар осмони ҳафтум, ошёнаи Ҷабраил алайҳи-с-салом. Яъне, Ҷабраил (а) аз ин мақом боло рафта натавонад.
Субҳона-л-Лоҳи: пок аст Худо.

Т

Таборака-л-Лоҳ: бузург аст Худо.
Тайяба-л-Лоҳу ъайшаҳу: пок кунад Худо зиндагии ӯро.
Талаъати-ш-Шамсу кашамси-т-талъати: намоён шуд Шамс монанди офтобе, ки тулӯъ кунад.
Таҳийят: салом гуфтан ва таҳнияти подшоҳӣ.
Таҳмид-ул-ҳамди лимунаввири-ш-Шамси: ҷамиъи ҳамд собит аст бар равшанкунандаи офтоб.

У

Уқтул-ул-кофирина: қатл кунед кофиронро.
Улоика ка-л-анъоми бал ҳум азаллу: онон монанди чорпоянд, балки аз онон ҳам гумроҳтар.
Усаббиҳ Аллоҳа: тасбеҳ мегӯм Худоро; Субҳона-л-Лоҳ мегӯям Худоро.
Уҳриқ-ил-куффора билаҳаби-с-сайфи: бисӯзон кофиронро ба шуълаи теғ.

Ф

Фаззала-л-Лоҳ-ул-муҷоҳидина ъала-л-қоъидин: Худои таъоло ҷиҳодкунандагонро бар хонанишинон аз рӯйи дараҷа афзалтар донистааст.
Фасл-ул-ҳубуби: ҷудо кардани донаҳо.
Фаъъолун лимо юрид: ҳар коре хоҳад, мекунад.

Футиҳат абвоб-ул-ъилми ъалайҳим: дарвозаҳои илм бар рӯйи эшон боз гардид.
Х
Хайр-ул-хафиди ман яхфад-ул-ҷаддаҳу: беҳтарин набиса (набера) он аст, ки хидмат кунад ҷадро (боборо).
Хотам-ун-набийийин: мурод аз пайғамбари мо, мусалмонон, ҳазрати Муҳаммад (с).
Хузуҳу фағуллуҳу сумм-ал-ҷаҳима саллуҳ: бигред ӯро, тавқ бар гардан афканед ӯро, сипас ба дӯзах андозед ӯро.
Ҳ
Ҳаддада-л-Лоҳу ҳаддаҳу ва айяда биаёдиҳи ядаҳу: тез кунад Худо тезии шамшери ӯро ва қувват диҳад Худо бо неъматҳои худ дасти ӯро.
Ҳабл-ул-варид: раги гардан.
Ҳабл-ул-матин: расани матин ва устувор.
Ҳаққ-ул-яқин: мартабае аз се маротиби илму маърифат, чунонки ъилм-ул-яқин, ҳаққ-ул-яқин, ъайн-ул-яқин.
Ҳамоҳу-л-Лоҳу ъаммо кариҳа: нигоҳ дорад Худой ӯро аз чизе, ки написандад.
Ҳасбия-л-Лоҳу: кифоят аст барои ман Худо.
Ҳомию-л-исломи: ҳимояткунандаи ислом, яъне подшоҳ; пуштибони ислом.
Ҳаббат-ул-қалби: донаи дил.
Ҳаббат-ул-миски: донаи мушк.
Ҳува-л-басиру: ӯст бино.
Ҳува таввоб-ул-ъибоди: ӯст тавбапазирандаи бандагон.
Ҳудан ли-л-муттақин: ҳидояткунандаи парҳезгорон, роҳнамои тақводорон.
Ҷ
Ҷавлон-ул-ҷаводи: давидани хома аст дар майдони тавсифи аспон.
Ҷиҳату-с-суи: ҷониби бадӣ, мазаммат.
Ш
Шаробан таҳуран: шароби пок.
Шифоун ли-л-ъилали биҳи: шифои беморон аз ӯст.
Ъ
Ъабд-ул-ъибод: бандаи ибодатунанда.
Ъайну-л-Лоҳи ъалайҳи: чашми Худо бар ӯст.
Ъайн-ул-ъуло ъалайҳи: чашми марҳамати Худо бар вай.
Ъазума байтуҳу мисла-л-ъарузи: бузург бод байти ӯ монанди Каъба.
Ъазума ҳурматуҳу: бузург бод ҳурмати ӯ.
Ъазума шариъатуҳу бимутобиъатиҳи: бузург бод шариати ӯ ба сабаби итоати ӯ.
Ъаломат-ул-аноми фӣ-л-айёми: нишонаи мардум дар рӯзгорашон аст.
Ъалима-л-ъалиму мин ладунҳи ъилман: илм диҳад ӯро Худои доно аз назди худ.
Ъаммара тинатуҳу абадан: сиришти ӯ ҳамеша ободбод.
Ъасимаҳу-л-Лоҳу ноибот ал-қазо: нигоҳ дорад Худо ӯро аз қазову қадар.
Ъатиқу-л-Лоҳи: озодкардаи Худо; лақаби Абӯбакри Сиддиқ (р).
Ъаттара-д-даҳру битиби ахлоқиҳи: муаттар шавад дунё ба хушбӯии ахлоқи ӯ.
Ъафа-л-Лоҳу лаҳнаҳу фӣ-л-Қуръони: бубахшад Худои карим лаҳни ӯро дар Қуръон
Ъиёзан би-л-Лоҳи: паноҳ металабам ба Худо.
Ъинда-л-ъиноди: наздики душман.
Ъаммараҳу-л-Лоҳ: обод дорад ӯро Худо.
Ъашру амсолиҳо: даҳто монанди он.
Я
Яду-л-Лоҳи: дасти Худо.
Явм-ус-соъат: рӯзи қиёмат.
Язиқу садрӣ ва ло янтиқу лисони: танг мешавад синаам ва гӯё намешавад забони ман.
Яҷузу ли-с-султони мо ло яҷузу лигайриҳи: ҷоиз аст барои подшоҳ он коре, ки ҷоиз нест барои дигарон.

*Ба матбаа супорида шуд 15.03.2013*
*Барои нашр имзо шуд 18.03.2013*
*Чопи офсетӣ. Андоза 60х84 1/16*
*Супориши №85 Адади нашр 500* нусха

**Чопхонаи Арт-крафт**
**ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 56**

خط دوم :در صنعت‌های جدید، که بعضی وضع خسرو است و بعضی مشترک» عنوان داشته و مشتمل بر پانزده حرف است، حرف اول: در صنعت دو رو بینی، حرف دوم: در صنعت ذوالرویتین، حرف سوم: در صنعت قلب اللسانین، حرف چهارم: در صنعت فارس العرب، حرف پنجم: در صنعت مبادلت الرأسین، حرف ششم: در صنعت قطع الحروف، حرف هفتم: در صنعت وصل الحرفین، حرف هشتم: در صنعت اتصال الحروف، حرف نهم: در صنعت اربعة الاحروف، حرف دهم: در صنعت خمسه‌ی مفرده، حرف یازدهم: در صنعت معجزة السینه والشفاة، حرف دوازدهم: در صنعت عزل اللسان، حرف سیزدهم: در صنعت ترجمة اللفظ، حرف چهاردهم: در صنعت ضمن اللفظ، حرف پانزدهم: در معمّیات.

رساله‌ی چهارم «در بدایع از معنویات» و شامل بر پنج خط است.

خط اول رساله‌ی چهارم «در دیباچه‌ی این قسم و بیان کیفیاتی، که ضروری‌ست از تشبیهات و لطایف بدیع، که ملایم این قسم است» و در این قسم، حروف تفصیل خیر است.

خط دوم «در مفردات این قسم و انگیخت در آن» عنوان داشته و مشتمل بر سه حرف است، حرف اول: در ذکر باری تعالی و ذکر انبیاء و روحانیان و مشایخ و علماء و پادشاهان و ملوک و کتبه‌ی خاص و عوام و آبا و اولاد و اقارب، حرف دوم: در آبای علوی و امّهات سفلی و موالید ثلثه و آن چه نسبت به اینها دارد، حرف سوم: در مقدمات مفرد، که در مکتوبات هنگام ترکیب در محلی به کار آید، از عنوان تا به دعای ذیل.

خط سوم «در امثیله و مکتوبات سلاطین و ملوک» عنوان داشته و مشتمل بر سه حرف است، حرف اول: در تشبّهات امثیله، که از غرض تمام فرو باشد، حرف دوم: در امثیله، حرف سوم: در مکتوبات سلاطین و ملوک.

خط چهارم «در مکتوبات علم و حکمت و فضل و ادب و مواعظ و نصایح» عنوان داشته و از سه حرف عبارت است، حرف اول: در مکتوبات علم و حکمت، مشتمل بر سه مکتوب: نامه در فقه، نامه در اصطلاح فقه و نظر ممزوج، نامه در اصطلاح منطق، حرف دوم: در مکتوبات فضل و ادب، مشتمل بر دو مکتوب: نامه در صنعت تصریف، نامه در نحو و لطایف، حرف سوم: در مکتوبات وضع و نصایح، مشتمل بر سه مکتوب: نامه به اسم فرزند خود عین‌الدین احمد، نامه به اسم یمین‌الدین مبارک، مشتمل بر پنج بنا، نامه به لوازم نور و قرآن به اسم نورالدین.

خط پنجم «در رقعات معجز» عنوان داشته و مشتمل بر سه حرف است، حرف اول: در رقعات میان محدثان و مناظران و اصحاب فرایض، حرف دوم: در رقعات تهنیت و مراسم، از استفتاح تا عاشورا، حرف سوم: در رقعات متفرقه به هر نوع.

رساله‌ی پنجم «در پیشین از انشا.ها» عنوان داشته، شامل است بر شش خط.

خط اول رساله‌ی آخر «در کتابت‌هایی، که نسبت به حرف و قلم و کتبه و اضافت به قلم و حرف اسلحه دارد» عنوان داشته و مشتمل بر سه حرف است: حرف اول: در لطایف صحایفی، که از روش قلم بگذرد، حرف دوم: در دو حرف تیغ و قلم، که جارح و راجحند به یکدیگر و حجّت قاطعه‌ی هر دو، حرف سوم: در بربست‌هایی، که تعلق به اسلحه دارد.

خط دوم «در نسبت تنجیم و آبای علوی» مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در تقویم دقایق نجوم، حرف دوم: در بیان آبای علوی.

خط سوم «در توقیعات» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است: حرف اول: در التماس کلاه، حرف دوم: در توقیع غلّه.

خط چهارم «در مرض رشته» مشتمل بر دو حرف است: حرف اول: در کتابتی، که به سررشته‌ی نظم بربسته باشد حرف دوم: در نثری از خزانه‌ی غیب، که رشته‌تابی در وی نباشد.

خط پنجم «در کتابت ازا» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در ازانامه از زبان غیر بر سبیل ایجاز، حرف دوم: در تعزیت‌نامه از زبان خسرو سوی لطیف‌الدین موقری.

خط ششم «در طیبت و هزل» عنوان داشته و مشتمل بر چهار حرف است، حرف اول: در طیبت جدّ با هزل، حرف دوم: در تذکر بر پای داشتن سنّت نخیس و این نامه را نام «ادبار الادبار» شد، حرف سوم: در بیان اهلیّت نااهلان و نام این «سحر الصخر» است، حرف چهارم: در براعت و قبض صخر.

خاتمه‌ی کتاب با عنوان «ذکر اتمام به پنج رساله» مسئله‌های شناخت روش کاتب و معرفت صحیح اثر را شامل می‌باشد.

متن «اعجاز خسروی» با اسلوبی آمیخته میان زبان فارسی تاجیکی و عربی نگاشته شده است، علاوه بر این، مصنف عرصه‌ی پارسی و عربی را چنان به هم آمیزش داده است، که برای معرفت درست کلام او به اعتبار گرفتن امکانات معنی سازی کلمه‌های هر دو زبان مهم می‌باشد. بنا بر این هنگام تهیه‌ی متن، با توجه به جهت مذکور، در استفاده‌ی بعضی حرف‌های مخصوص زبان عربی، بخصوص حرف «عین»، از نشانداد املای جاری عبور شده است. در عکس حال، در صورت حذف حرف مذکور در اکثر کلمه‌ها معنی مطلوب به دست نمی‌آید. نشانه‌ی ستارچه (*)، که پس از بعضی کلمات و عبارات و ترکیبات گذاشته شده است، چنین معنی دارد، که همان کلمات و عبارات و ترکیبات و یا اگر در آغاز پارچه‌های منظوم آمده باشد، همان ابیات در بخش «توضیحات» شرح داده شده است، یا خود ترجمه‌ی آنها آورده شده است.

لازم به ذکر است که نگارنده ی این سطور، در زمینه ی پژوهش های که در اطراف آماده کردن متن علمی «اعجاز خسروی» انجام داده است، یک رساله ی تحقیقی مسوّده کرده است که در نظر است، به شکل رساله ای جداگانه تحت عنوان "کلید اعجاز" («اعجاز خسروی» ی امیر خسرو دهلوی و مسئله ی روش های نویسندگی) منتشر گردد، انشا.الله.

چاپ متن علمی «اعجاز خسروی» با مشورت و مصلحت استادان خدایی شریف اف، علی محمدی خراسانی، تحریر تاج‌الدین مرداتی (ویراستار کتاب) و یاری و مساعدت شادی‌محمد صوفی‌زاده انجام یافته است. از همّت و همکاری آستادان منت دارم. بازخوانی پاره های عربی کتاب با مدد برادر دانشمند امان‌الله‌اف بیک‌مراد انجام یافت که از ایشان نیز سپاسگزارم.

مصباح‌الدین محمودزاده نذری‌قل،
دکترای علوم فلولوژی، پروفسور دانشگاه ملی تاجیکستان

چهارم: در صرف الفاظ پراکنده‌ی پارسی، حرف پنجم: در کلمات جمع، حرف ششم: در الفاظ تشبیه، حرف هفتم: در کلمات معذرت، حرف هشتم: در انشاءالله، حرف نهم: در ادعیه، که در آخر نامه آید.

خط ششم «در مناسبت ترکیب الفاظ و القاب و اسامی و کنایتی، که از اول نامه تا آغاز غرض آید» عنوان داشته، از سه حرف عبارت است، حرف اول: در ترکیب الفاظ به مناسبت یکدیگر، حرف دوم: در نسبت القاب و اسامی، حرف سوم: در بیان مقدماتی که در مکتوب از محل تسلیمات تا آغاز غرض آید.

خط هفتم «در آغاز مضمونات و اغراض مکنونات» عنوان داشته و مشتمل بر شش حرف است: حرف اول: در تفصیل مقدماتی که در کیفیات و احوال سلاطین و ملوک و حشم و اصحاب سفر بود، حرف دوم: در انگیخت لطایف از اوصاف و اخلاق و احوال و اعمال و اصحاب و اقارب و القاب و اسامی خلایق به طرز مدح و ذم، حرف سوم: در بیان معانی، که از اوصاف و اعمال و القاب و اسامی بندگان ترک و هند خیزد، حرف چهارم: در خیالات که از اوصاف حیوانات خیزد، حرف پنجم: در مقدمات متفرقه از کیفیات مختلفه، حرف ششم: در ارسال مکتوبات و قاصدان و هدایا و توقیعات و اعطیات و مستعارات و ودیعات و احوال متفرقه‌ی دیگر.

خط هشتم «در ادعیه‌ی قدیم و جدید، بربست حکایات» عنوان داشته، از سه حرف عبارت است: حرف اول: در استعمال کلمات قدیم و ادعیه به رسم جدید، حرف دوم: در ادعیه‌ی رجال به رسم جدید، حرف سوم: در ادعیه‌ی مستورات زنده و گذشته به رسم جدید علل اجمال و الاسامی.

خط نهم «در تاریخ» عنوان داشته، مشتمل بر هفت حرف است: حرف اول: در تاریخ اتفاقی لطیفه‌آمیز، حرف دوم: در تاریخ هفته با نسبت کواکب، حرف سوم: در تاریخ دوازده ماه، متضمن لطایفی که از نام‌های ماه و مواسم به طریق نسبت و جمل خیزد، حرف چهارم: در تاریخ سی‌روزه‌ی ماه به حساب جمل، که سیر ماه در بروج و منازل نیز ضمناً بیاید، به طریق معمّا و ایهام، حرف پنجم: در تاریخ مجرد ماه به حساب جمل، موشح به خیالات بی‌حساب، حرف ششم: در تاریخ سال به حساب جمل، حرف هفتم: در لطایفی که از هندسه و جمل خیزد.

خط دهم «در شرایط نسبت» عنوان داشته، از هشت حرف عبارت است، حرف اول: در نسبت مکتوب از اول تا به آخر، حرف دوم: در نسبت القاب کمنتاج، حرف سوم: در رخصت، گسستن سلک نسبت، حرف چهارم: در هنجار تنیدن تار و پود نسبت کتاب و مکتوب، حرف پنجم: در جواز و لاجواز نسبت، حرف ششم: در اوراق نظم هنگام تمام شدن نسبت کتاب، حرف هفتم: در پیوند کردن اجنحه‌ی نسبت هنگام پر کم شدن، حرف هشتم: در انتظام دو و سی و چهار نسبت قریب و بعید.

رساله‌ی دوم «در مرتبات از مکتوبات» عنوان داشته و نیز از ده خط فراهم آمده است.

خط اول رساله‌ی دوم «در امثیله و پروانه و مکتوبات قضات و مشایخ و سادات» عنوان داشته و عبارت از دو حرف است، حرف اول: در امثیله و پروانه، حرف دوم: در مکتوبات قضات و مشایخ و سادات.

خط دوم «در مکتوبات اصحاب مناسب دیوان و کتبه و دیگر اصحاب اشغال» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در مکتوبات اصحاب مناسب دیوان و کتبه، حرف دوم: در مکتوبات اصحاب شغل.

خط سوم «در مکتوباتی که از نسبت تنجیم و علویات تقویم باید» عنوان داشته و مرکب از سه حرف است، حرف اول: در کتابت‌های ملقب، به شمس خاص و سر نامه‌های معجز به سوی شمس و قمر، حرف دوم: در کتابت به سوی قمر و بدر، حرف سوم: در کتابت‌های لقب نَجم.

خط چهارم «در مکتوبات متفرقه در آب و جواهر و اسلحه و لقب کَمنتاج» عنوان داشته و مشتمل بر چهار حرف است، حرف اول: در بیان لطایف لقب عین و تعمّق نمودن در غورهای آب، حرف دوم: در لطایف لقب تاج و ترصیع سخن از جواهر بیشبها ست، حرف سوم: در بربست‌های محکم اسلحه و روشن کردن آثار تیغ و پیکان همچنین، حرف چهارم: در لقب کَمنتاج و نمودار انگیخت بر وی به حیله.

خط پنجم «در کتابت سوی آبا و امّهات و اولاد» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در نمودار کتابتی، که پدر سوی فرزند کند، حرف دوم: در کتابتی که ولد سوی والد کند.

خط ششم «در کتابت‌های عربی و فارسی» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در کتابت‌های عربی صرف، حرف دوم: در نبشته‌های پارسی که بی آمیزش عربی است.

خط هفتم «در امثال عربی و فارسی» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در امثال عربی، حرف دوم: در امثال فارسی.

خط هشتم «در مکتوبات و بیان خزعبلات عاشقان» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: در معاشقه که میان خوبان مستور و مشتاقان ناصبور بود، حرف دوم: در مکاتبه که میان قباپوشان پاکدامن و پاک‌نظران ترچشم بود.

خط نهم «در اسباب مجلس و رقعات متفرق» عنوان داشته و مشتمل بر چهار حرف است، حرف اول: در لطایف گل و میوه‌های گوناگون، حرف دوم: در مجاری احوال مستان و اوصاف شراب و لطایف آن، حرف سوم: در انشعاب اصول و فروع موسیقی، حرف چهارم: در انگیزش منسوبات نرد و شطرنج.

خط دهم «در رقعات و کتابت‌های متفرق» عنوان داشته و مشتمل بر دو حرف است، حرف اول: ده رقعه در بیان احوال معیشت با خلق، حرف دوم: در کتابت‌های مختلف و پراکنده.

رساله‌ی سوم «در لطیفه‌هایی از مصنوعات» و شامل است بر دو خط.

خط اول رساله‌ی سوم «در صنعت‌های قدیم و تصرف در آنها به رسم جدید» عنوان داشته، از دوازده حرف عبارت است، حرف اول: در ایهام، حرف دوم: در صنعت تجنیس، حرف سوم: در صنعت تصحیف، حرف چهارم: در صنعت قلب، حرف پنجم: در صنعت‌های نقطه، حرف ششم: در صنعت ترصیع، حرف هفتم: در صنعت تلمیح، حرف هشتم: در صنعت اشتقاق، حرف نهم: در صنعت نظم النثر، حرف دهم: در صنعت مسمّط، حرف یازدهم: در سجع، حرف دوازدهم: در صنعت معمّا.

ا) متن‌های عربی با هدف انشا، نامه‌ی عربی تصنیف‌شده را در صورت اصل آوردیم؛

ب) برای معرفت درست کلمه و ترکیبات فارسی و عربی، در پایان متن بخش‌های لغات و عبارات و ترکیبات تهیه گردید. در درست خواندن بخش‌های مذکور از فرهنگ و لغتنامه‌های معتبر و حاشیه متن چاپی کتاب (نسخه ی لاهور) استفاده شد؛

ت) بیت‌های عربی در متن، عیناً ذکر شده‌اند، اما ترجمه‌های تاجیکی آنها در بخش توضیحات جای داده شده است.

ساختار و ترکیب «اعجاز خسروی». کتاب «رسائل‌الاعجاز» امیر خسرو دهلوی از نگاه ساختار و ترکیب در قیاس با دیگر آثار همنوع خود، تفاوت دارد. آن از مقدمه، که فراگیر حمد و نعت خداوند و رسول اکرم می‌باشد، دیباچه و پنج رساله و خاتمه، که دارای بند و بست خاص می‌باشند، عبارت است. در مجموع، هر پنج رساله از سی و سه باب، که «خط» نامیده شده است، یک صد و سی و نه فصل، که «حرف» نامیده شده است، ترکیب یافته است.

بخش مقدماتی کتاب با حمد و ثنا، و نعت آغاز می‌شود، که آن حرف اول کتاب بوده، از قلم نسبت یافته است. بعد از آن نعت رسول (ص) می‌آید، که نسبت، از کتابت دارد. یعنی، این بخش به قلم و کتابت بستگی داشته، نمودار غرض اصلی رسایل پنجگانه می‌باشد. این مرتبه‌ی اول است. در مرتبه‌ی دوم از چهار یار: ابوبکر و عمر و عثمان و حیدر، صحابه‌ی دیگر، ازواج معصومه‌ی رسول اکرم (ص) و آل و اتباع او با احترام و ذکر صفات خیر، یاد گردیده است. در مرتبه‌ی سوم، ستایش شیخ شیوخ‌العالم نظام‌الحق و التحقیق و الشرع و الدین که پیر امیر خسرو است، اینچنین مدح پادشاه ابوالمظفر محمدشاه و تاجدار عهد ابوالمظفر مبارکشاه می‌آید. این شاه پسر ابوالمظفر محمدشاه است، که خلافت و سلطنت او بعد از پدر بوده است. امیر خسرو پادشاهی او را پس از پدر، مانند به خلافت ابوبکر بعد از حضرت محمد (ص) می‌داند.

مدح پادشاه طولانی‌ترین بخش از بخش‌های مذکور بوده، تا به این جا قسمت مقدماتی به آخر می‌رسد و دیباچه‌ی کتاب آغاز می‌شود.

دیباچه‌ی «اعجاز خسروی» با نسبت تَلَمُّذ آغاز می‌شود و آن حاوی مطالبی است در خصوص مراد از آفرینش انسان کبیر، دیوان انشا، نظم و نثر، کتابت و قلم، سبب، در قالب نثر و نسبت‌های گوناگون انشا، گردیدن اثر مزبور.

آغاز کتاب از انشا، و تصنیف نسبت یافته و فراگیر مسائل ذیل می‌باشد: آغاز ترتیب ترسل، جاویدانی کلام مصنَّف، نه طریق عبارات پارسی یا فهرست عبارات پارسی، که میان اکثر خلایق مصطلح است، مشتمل بر نه طریق: طریقه‌ی اول: سلوک مشایخ، طریقه‌ی دوم: علمای محقق، طریقه‌ی سوم: مترسلان، طریقه‌ی چهارم: حکمای حاذق، طریقه‌ی پنجم: مذکّران، طریقه‌ی ششم: باحفصان، طریقه‌ی هفتم: عوام، طریقه‌ی هشتم: اصحاب عمل و شغل و حرفت، طریقه‌ی نهم: اصحاب مذاهب و طریقه‌ی دهم، که خاص خود امیر خسرو است؛ بیان مختصات هر یک طریقه‌ی نه‌گانه و ترتیب، کتاب به رساله، خط، حرف و فهرست آنها، به طور زیرین، که به زبان عربی آمده است:

الرسالة الاولی فی المفردات و المرکبات، تشتمل علی عشرة خطوط. الرسالة الثانیة فی المرتبات من المکتوبات، تشتمل علی عشرة خطوط. الرسالة الثالثة فی اللطائف من المصنوعات، تشتمل علی خطین. الرسالة الرابعة فی البدائع من المعنویات، تشتمل علی خمسة خطوط. الرسالة الخامسة فی السوابق من المنشآت، تشتمل علی ستة خطوط.

فهرست رساله‌ها و مندرجه‌ی کتاب. رساله‌ی اول «در مفردات و مرکبات» عنوان داشته و از ده خط فراهم آمده است و هر خط، به نوبه خود، به حرف‌ها جدا شده است، که چنین ترتیب در هر پنج رساله رعایت گردیده است. در یکی از موارد در خط اول رساله‌ی چهارم حروف تفصیل نیامده است، برای آن که این خط برای همین رساله خصوصیت مقدماتی داشته، همچون دیباچه آمده است.

خط اول رساله‌ی اول «در کیفیّت چند مختلف، که نمودار آن ضروری‌ست» عنوان داشته و از هفت حرف عبارت است: حرف اول: در ماجرای شرایع مترسلان قدیم و روش جدید، که از عین طبع متبحران هند موج زده، حرف دوم: در باعثه‌ی ابداع طرز، حرف سوم: در صفت طریق پخته‌ی مترسلان و بیان خامه راندن جدید کاتب، حرف چهارم: در گسستن حمایل تضمین از این مخدّره و هم از سلک نظم ملکش سوار پوشانیدن، حرف پنجم: در معذرت شعر عربی خویش، حرف ششم: در ترک پیرایه‌های لفظی، حرف هفتم: در التماس تصحیح و اتقان کتابت این کتاب.

چنان که از مندرجه‌ی حروف خطّ مذکور برمی‌آید، آن مقدّمات ویژه‌ای است برای آشنایی و معرفت کلّ رساله‌های اثر مورد نظر. نکات بیان‌شده همگی دارای اهمیت مقدماتی و ورودی به مباحث بعدی می‌باشند.

خط دوم «در مفردات» عنوان داشته و مشتمل بر پنج حرف است: حرف اول: در استعمال الفاظ کثیر المعنی به طریقی که هیچ معنی لفظ ضایع نشود و در الفاظ عاریت عربی اشتراکی به حاصل آید، حرف دوم: در نمودار طریق انگیخت از الفاظ پارسی صرف، حرف سوم: در تراشیدن الفاظ مضلق از این لوح و استعمال الفاظ مصطلح و لطیف، حرف چهارم: در الفاظی، که از آن لطایف بسیار خیزد، حرف پنجم: در معذرت تکرار لفظ.

خط سوم «در لطایف الفاظ نحو و تصریف و ادوات و حروف تهجّی و آن چه بدین مناسب است و نمودار انگیخت در اینها» عنوان داشته و مشتمل بر هشت حرف است، حرف اول: در الفاظی که معنی و صرف آن در محلی که زاینده گردد و امثال و نظایر آن از نحو و تصریف، حرف دوم: در لطایف ادوات، حرف سوم: در لطایفی که از حروف تهجّی خیزد، حرف چهارم: در لطایفی که از حروف تهجّی به پارسی توان انگیخت، حرف پنجم: در لطایف همزه، حرف ششم: در ترکیب حروف به پارسی، حرف هفتم: در معانی که از مخارج حروف زاید، حرف هشتم: در نتایجی که از الفاظ زاید.

خط چهارم «در نوادری که از الفاظ و اصطلاحات علوم خیزد» عنوان داشته و از چهار حرف عبارت است: حرف اول: در استعمال الفاظ و اصطلاحات فقه، حرف دوم: در استعمال الفاظ منطق، حرف سوم: در مقولات عشره، حرف چهارم: در الفاظ و اصطلاح علم نظر.

خط پنجم «در الفاظ مصطلح ترسلات قدیم و نمودار استعمال به رسم جدید» عنوان داشته و مشتمل بر نه حرف است، حرف اول: در نمودار استعمال الفاظ و محل نسبت، حرف دوم: در الفاظ امثیله و اشغال، حرف سوم: در الفاظ متفرقه‌ی مکتوبات، حرف

سنگ پس گران را پیش گرفته و به سودن چاکسو و توتیا مانده است، شغل نظر را چه لایق باشد. و بنده که به هنگام حرزِ مزروعات از تیزی نظر، بیت:

مو در سر خوشه‌های پُر بشکافد، تا رشتـه نگشتـه پنبه را برباقد-

چرا مستوجب اَزَل گردد؟ آن مکفوف را هنوز چه جای کفایت مانده است، که...».

چنانچه مصراعی در چنین شکل آمده باشد، بی‌واسطه بعد از خطّ فاصله ادامه جمله می‌آید.

۶. عنوان و نسبت‌هایی، که در قالب بیت بدون ذکر کلمه‌ی مشخص کننده می‌آیند، در سرخط نو آورده شده است.

۷. عنوان‌هایی، که در قالب مصراع با نشانه‌ی «مصراع» می‌آیند، در سرخط بدون حذف همان نشانه آمده‌اند، به طور ذیل:

مصراع: پرسش بیمار و نسبت هم همان.

چنانچه در چنین موارد نشانه‌ی اشارتی «ع» آمده باشد، در این صورت نشانه حذف گردیده، سرلوحه نگاه داشته شد، به طور ذیل:

رقعه در تهنیّت شغل دادبیگی- «ع: رقعه در تهنیت شغل داد بیکی».

۸. در صورت پی در پی آمدن یک مصراع و یک بیت، به خاطر تعیین حدود مصراع و بیت، پیش از مصراع نشانه‌ی دو نقطه و پس از آن نشانه‌ی خطّ فاصله گذاشته شد، مثل نمونه‌ی زیرین:

«...ادعیه‌ی وافره به عدد ذرّات خاک رفع می‌کنند و از حدبه‌ی آفتاب انور: نه در آسمان است و نه در زمین-

انا ذرة سیماء شمس تعشق و من الهوی بین الهواء تعلق».

در صورت پس از بیت آمدن مصراع بعد از بیت، نشانه‌ی فاصله گذاشته، مصراع در سطر نو آورده شد.

ضمناً، به خاطر اجتناب از اشتباه و غلط‌نویسی، بیت‌های عربی داخل متن‌های کلیه‌ی رساله‌ها به شکل اصل، یعنی حروف الفبای عربی‌اساس آورده شده، ترجمه‌ی آنها با استفاده از ترجمه‌ی حاشیه‌ای متن چاپ سنگی نسخه ی لاهور در بخش توضیحات جای داده شد.

۹. نشانه‌ی دو نقطه و خطّ فاصله که پس از واژه‌ی «مصراع» آورده شد، دال بر آن است، که پس از همان مصراع با نشانه‌ی قراردادی «ع» مصراع دیگری آمده است، که ادامه فکر مصراع اول است، اما میان این دو مصراع پیوند وزنی وجود ندارد، به طور زیر:

«هیچ میوه در لذّت و حلاوت محتاج میوه‌ی دیگر نیست، مصراع: سرخرویی او از ایشان است:- بی ایشان پی است سبزی‌زار».

۱۰. اگر دو مصراع پس و پیش می‌آمده با ابداعات و اختراعات بستگی داشته باشند، در این صورت پس از مصراع اول به جای نشانه‌ی قراردادی «ع» خطّ فاصله آورده شد. مثلاً، در مورد ذیل، که برای صنعت دوروبینی ذکر شده است و این صنعت از جمله‌ی اختراعات خود امیر خسرو می‌باشد:

«مصراع: تَری ز او رها کن، مداری ببینی- ترازو رها کن مداری ببینی».

در رساله‌ی سوّم، که مخصوص ابداعات و اختراعات امیر خسرو است، برای نمایانیدن صنعت‌های جدید صورت‌های نوشتاری متن عربی به صورت اساسی و متن فارسی به خطّ سیریلیک تاجیکی نگاشته شد.

اهمیت مشخصات مزبور، صرفاً در ارزش متن‌شناسی آن نیست، بلکه نمایانگر ساختار جمله‌هایی است، که در آنها بخشی از اندیشه در قالب نثر و بخشی در چهارچوب نظم ارائه گردیده است.

امیر خسرو خود در حرف هفتم خطّ اول رساله، که «در التماس تصحیح و اتقان کتابت این کتاب» نام دارد، به طور زیر دستور کتابت کتابش را پیشنهاد کرده است، که ذکر آن در این جایگاه مهم می‌نماید: «اگر مُهوّسان حرفشناس را اتّفاق آن باشد، که قلم آسوده‌ی خود را در این عرصه‌ی سهل و ناهموار رنجه کنند و خُردهای کتاب را به انتساخی بزرگ گردانند، درخواست آن است، که در کتابت این جریده طریق تصحیح و اتقان تا حدّ امکان واجب دارند. و کاتبی را به وجه کتابت سیم دهند، که روی سیم نبینند و روی سیمین کاغذ را از جواهر صحّت ترصیع دهند، نه از شبح سیَه سهو تسوید کنند و سه بار مقابله فرمایند. یعنی، چون مقابله به سعادت تثلیث رسد، نخست، خطا را از این تقویم به کلّی بیرون بَرَد، کرام کتّاب این نام‌ها را به شین خطا سیه‌روی نکنند. از خالق قلم به دعا می‌خواهم، که کراماً کاتبین را نگذارد، که نام‌های ایشان به نبشتن خطایا سیه‌روی گردانند...

و کتابت این هدیه‌ی کودک‌فریب، بعد از سواد، که رنگ اصل است، از دو رنگ دیگر هیچ گونه خالی نمی‌باید داشت: یکی رنگ سرخ، که جملگی رسالات و خطوط و حروف و ارقام جُمل در تاریخ و معمّیات بدان مُبیّن و مُمیّز شود و بی آن جملگی روابط مُختل گردد. و رنگ دوم در وسط کتابت و نمطهای نسبت، و اسامی مقدّمات خواهد بود و بر بعضی الفاظ به جهت آن، که بینایان چون بر سر آن لفظ رنگین برسند، دانند، که در این زیر نقشبندی ای هست. و در عربی و پارسی اعراب و نقط را فروگذاشت نمی‌باید کرد، که بسیار لطائف و دقایق، بربسته‌ی آن است و در ترکیبات عربی بعضی جای که مشکل است، واضح نیز بر کار می‌باید داشت، تا از بیان معانی آیات سحر مبیّن گردد».

همین طور، طبق دستور مذکور و با استفاده از امکانات نوشتاری رایج در خطّ سیریلیک تاجیکی و رسم‌الخطّ عربی‌اساس پیشنهادات مصنّف به صورت زیر به اعتبار گرفته شد:

۱. به جای رنگ سرخ پیشنهادی "جُملگی رسالات و خطوط و حروف و ارقام جمل در تاریخ و معمّیات" به خطّ درشت مشخص شده‌اند. نمطهای نسبت و اسامی مقدّمات، که در وسط کتابت آمده‌اند، نیز با خطّ درشت نوشته شدند.

۲. برای مُختل نگردیدن جملگی روابط از علامت‌های کتابتی رایج در رسم‌الخط سیریلیک تاجیکی استفاده گردید.

۳. به جای رنگ دوم، که مصنّف در نظر دارد، *خطّ مایل* (ایتالیک) انتخاب شد. یعنی، هر جا، که چنین شکل پدیدار می‌گردد «بر بعضی الفاظ، به جهت آن، که بینایان چون بر سر آن لفظ رنگین برسند، دانند، که در این زیر نقشبندی هست». در این مورد به ابداعات و اختراعات امیر خسرو توجه می‌باید، تا دُرّ مقصودی، که مصنف در نظر دارد، به طور درست شناخته شود.

۴. در مورد پیشنهاد دیگر، که طبق آن «در عربی و پارسی اعراب و نقط را فروگذاشت نمی‌باید کرد، که بسیار لطایف و دقایق بربسته‌ی آن است و در ترکیبات عربی بعضی جای، که مشکل است، واضح نیز بر کار می‌باید داشت، تا از بیان معانی آیات سحر مبیّن گردد»، ما روش‌های زیرین را پیش گرفتیم:

این نسخه شامل رساله‌ی اول «اعجاز خسروی» بوده، با کتابت زیبا و خط خوانا از سایر نسخ امتیاز دارد. هنگام تهیه‌ی متن و موارد لازمه با نشانه‌ی قراردادی KM یاد می‌شود.

۶. احمد منزوی در «فهرست نسخه‌های خطی کتابخانه‌ی گنجبخش» یک نسخه‌ی اثر را با عنوان «رسایل الاعجاز» به طور ذیل معرفی نموده است: «رسایل الاعجاز»: «اعجاز خسروی»، از امیر خسرو دهلوی (۷۲۵ هـ / ۱۳۲۵ م)، در پنج رساله و هر رساله در چند خط و هر خطی در چند حرف، رساله‌های پنجگانه‌ی آن هر یک در پنج مجلد چاپ شده است... ۳۰۳۰-۴۲۰۶: نستعلیق پخته، سده‌ی ۱۲ هـ ق، انجام افتاده است...». این نسخه شامل رساله‌ی یکم بوده، از ۱۱۶ صفحه ترکیب یافته است.

۷. در «فهرست مشترک نسخه‌های خطی فارسی پاکستان»، که آن هم به قلم احمد منزوی متعلّق است، چند نسخه از «اعجاز خسروی» معرفی گردیده است، که بنا بر عدم دسترسی به نسخه‌ها، متأسفانه، ما از کیفیّت آنها اطّلاع نداریم.

۸. کتاب مورد نظر با نام «اعجاز خسروی» در سال ۱۸۷۲ و ۱۸۷۶ میلادی با تحشیه‌ی مولوی غلامحسین در لکهنو، در دو جلد زیور طبع به بر کرده است. ضمن به چاپ آماده نمودن اثر از این چاپ سنگی نیز استفاده گردیده، متن نسخه‌ی مزبور با نشانه‌ی قراردادی HJI اشاره شد.

جلد اول کتاب شامل رساله‌های یکم و دوم بوده، تحت شماره‌ی ۳۹۹۰ در کتابخانه‌ی انستیتوت زبان، ادبیات، شرق‌شناسی و میراث خطی آکادمی علوم جمهوری تاجیکستان و جلد دوم آن فراگیر رساله‌های سوم و چهارم و پنجم بوده، تحت رقم ۳۰۲۶ در شعبه‌ی دستخط‌های کتابخانه‌ی ملی جمهوری تاجیکستان محفوظ است. در شعبه‌ی مذکور یک نسخه‌ی دیگر هم تحت رقم ۵۸۰۸ موجود است، که شامل رساله‌های سوم و چهارم «اعجاز خسروی» می‌باشد.

بنا به اطلاعات محمد وفا بقایوف، «اعجاز خسروی» بار دوم در سال ۱۳۰۳ قمری/۱۸۸۶ میلادی در لکهنو نشر شده است، ولی جای تأسف است، که از این نشر نشانی پیدا نکردیم. خوشبختانه، سه جلد فوق الذکر به جز هشت صفحه از رساله‌ی پنجم، تا به امروز در شکل کامل باقی بوده، با خط خوانا، صفحه‌های کامل، حاشیه‌هایی مفصل بر هر صفحه، بر سایر نسخ برتری دارند. فرصت تکمیل هشت صفحه‌ی رساله‌ی پنجم این نسخه که در اختیار نداشتیم، از روی نسخه‌ی همگون موجود در کتابخانه‌ی مرکزی دانشگاه تهران فراهم آمد.

ضمن تهیه‌ی متن کامل «اعجاز خسروی» از چهار نسخه استفاده گردید که مشخصات هر کدام تا به این جا معلوم شد. به عنوان متن اصلی در رساله‌ی اول نسخه‌ی کتابخانه‌ی ملی جمهوری اسلامی ایران، در رساله‌های سوم و پنجم نسخه‌ی کتابخانه‌ی مرکزی دانشگاه تهران برگزیده شد. متن رساله ی چهارم در اساس نسخه ی لاهور و در قیاس به نسخه ی کتابخانه ی مجلس شورای اسلامی جمهوری اسلامی ایران تصحیح شد. در هیچ کدام از نسخ خطی دسترس متن رساله‌ی دوم ضبط نگردیده است، از این جهت، این بخش اثر از روی متن چاپ سنگی لاهور آماده گردید. صفحه‌های نسخه‌های اصلی در خلال متن رساله‌ها در داخل پرانتز آورده شده است.

طبق قاعده ی تنظیم متن علمی، در پاورق تفاوت نسخ و سایر اندیشه های مربوط به صحّت متن داده شده است. مشخصات رسم‌الخطی نسخه‌ها به طور ذیل است:

۱. به جای حرف «گاف» «کاف» آمده است، مانند «کمراه» و «برک» به جای «گمراه» و «برگ» (کمراه = گمراه، برک = برگ). در متن به خاطر درک صحیح ابداع و اختراع مصنّف، حرف «گاف» برقرار شده است.

۲. دیگر حروف خاص الفبای عربی‌اساس فارسی تاجیکی، امثال «پ، ژ، چ» نیز در شکل معرب آورده شده است، مانند «دیباجه، بدید، بیزن» به جایی «دیباچه، پدید، بیژن» («دیباجه، بدید، بیزن» =«دیباچه، پدید، بیژن») و غیره.

۳. در نسخه ی لاهور «ی» وحدت در کلمه‌هایی که با «ه» هوز («ه» غیر ملفوظ) ختم شده‌اند، به صورت همزه نوشته شده‌اند، به مانند «کلمه‌ی ، رقمه‌ی ، نقطی» (کلمهٔ، رقمهٔ، نقطهٔ) به جایی «کلمه‌ای، رقمه‌ای، نقطه ای».

۴. بندک اضافی در کلمه‌هایی که با «الف» ختم گردیده‌اند، در شکل «همزه» (ء) که در رسم‌الخط سیریلیک با حرف «ع» افاده می‌شود، نوشته شده است، مانند «انشاء لاء، طغراء به جای «انشای، لای، طغرای») و موارد زیاد دیگر.

۵. پیشوندهای «نه» و «به» از کلمه جدا نوشته شده است، مانند «نه تند، به بین، به بیختند» به جای «نتند، ببین، ببیختند»... در متن شکل آخر برگزیده شده است.

۶. بندک خبری شخص سوم تنها - «است» با کلمه‌ها پیوست آمده است، مانند «ویست، بارست، نارست» به جای «وی است، بار است، نار است». در متن صورت آخر اختیار شده است.

۷. کلمه و ترکیباتی امثال «آغوش، از او، بلکه، پایدار، کاروانی، ویران» به صورت‌های «آکوش، ازو، بلک، پاندار، کاربانی، بیران» نوشته شده اند. در متن، صورت‌های صحیح آورده شده است.

هنگام تهیه‌ی متن کامل کتاب «اعجاز خسروی» برای آسان گردیدن حصول اصل معنی و هدف مؤلف در تهیه ی پاره های منظوم خلال گفتارها - که آنها گاهی مستقل و از روش گفتار جدا و گاهی دوام فکر اند - مشخصات و نشانه‌های ذیل را به اعتبار گرفته‌ایم، که هنگام مطالعه توجه به آنها مهم است:

۱. جایی، که واژه‌ی «نظم» می‌آید و پاره ی منظوم بعد از آن فکر را جمعبست می کند، همان روش بدون تغییر نگاه داشته شد.

۲. بعضا عنوان گفتار نوبتی به شکل منظوم آورده می‌شود و قبل از آن می‌آید. در این صورت واژه‌ی «نظم» یا «مصراع» ذکر گردیده. آن پیش از بیت یا مصراع در سرخط آورده شد.

۳. گاهی اوقات در پایان جمله‌ای با نشانه‌های اشارتی «ع» و «م» یک مصراع آورده می‌شود به جایی نشانه‌های اشارتی مذکور علامت دو نقطه، یا خود نشانه‌ی بیان (:) گذاشته شد؛ در حالاتی، که مصراع مزبور ادامه منطقی همان جمله به حساب می‌آید، نیز همین روش رعایت گردید.

۴. بدل ابیاتی، که پس از جمله‌ها با نشانه‌های اشارتی می‌آیند، نیز نشانه‌ی دو نقطه (:) آورده شد.

۵. در حالات میان جمله‌های طولانی آورده شدن پاره‌های منظوم، که با کلمه‌های «نظم»، «شعر»، «قطعه»، «رباعی»، «مصراع» مشخص شده‌اند، بعد از آنها نشانه‌ی خط فاصله (-) گذاشته و در ادامه جمله آورده شد، به طور ذیل: «ناظری، که از پیری و تفاوت نظر

# مقدمه

امیر خسرو دهلوی (۱۲۵۲-۱۳۲۵) در تاریخ ادبیات فارسی تاجیکی از جملهی بزرگترین ادیبانی محسوب میشود، که از خود میراث ادبی غنی منظوم و منثور باقی گذاشته اند. در میان آثار متعدد وی کتاب «رسایل الاعجاز»، که تحت عنوان «اعجاز خسروی» بیشتر مشهور است، جایگاهی ویژه داشته، از نگاه تاریخ نظریه ی نویسندگی، بلاغت و فصاحت ارزش ادبی و علمی بزرگی دارد

کل دانشمندان وطنی و خارجی، که تا کنون پیرامون محتوای «اعجاز خسروی» سخن به میان آورده و ابراز عقیده نمودهاند، نسخهی چاپ سنگی کتاب را، که در شهر لکهنو کشور هند به زیور طبع آراسته گردیده است، در نظر داشتهاند. کسی از آنها در بارهی موجودیت نسخهی خطی اثر مزبور اطلاع ندادهاست. راقم این سطور سالهای زیادیست که به تحقیق و به چاپ آماده کردن متن علمی «اعجاز خسروی» مشغول می باشد و متن علمی- انتقادی آن را بر اساس چهار نسخه آماده نموده است.

نسخههای دستنویس و چاپی «اعجاز خسروی». در فهرستهای نسخ خطی نسخههایی قابل مشاهده است، که از نگاه کیفیت، با هم همگون نیستند. بنا بر اهمیت تخصصی مبحث نسخهشناسی کتاب مورد نظر، تصویر نسخهها را با توجه به اطلاعات مندرج در فهرستهای مورد نظر آورده و توضیحاتی بر آنها افزودهایم. ضمن شرح نسخهها به شیوههای برخورد و سایر مشخصات نیز اشاره میگردد:

۱. در «فهرست نسخههای خطی فارسی» احمد منزوی، پس از آوردن مختصری از اطلاعات در بارهی اثر، از سه نسخهی زیر یاد شده است:

۱. ۲۰۲۳۵- نسخهی محفوظ در کتابخانهی ملک، تحت شمارهی ۶۱۸۰/۲؛ سدهی ۱۲، نستعلیق هندی. آغاز متن، افتادگی دارد.

۲. ۲۰۲۳۶- نسخهی موجود در لاهور، که تاریخ کتابتش ذکر نگردیده است. در فهرست پروفسور شیرانی تحت شمارهی ۴۸۶۴/۱۸۴۴/۹ تحت عنوان «منشآت» یاد شده است.

۳. ۲۰۲۳۷- نیز نسخهی لاهور، که بدون تاریخ و مذکور در فهرست پروفسور شیرانی تحت رقم ۶۳۶-۰/۵ که حاوی سرودهایی به اردو نیز میباشد.

۲. در کتاب «فهرست نسخههای خطی کتابخانهی ملی ملک» از یک نسخهی این کتاب یاد شده است، که تحت شمارهی ۶۱۸۰ در مخزن همان کتابخانه نگهداری میشود. کتاب مزبور تحت عنوانهای «رسایل الاعجاز» و «اعجاز خسروی» معرفی و تأکید بر نوع ترسل داشتن آن گردیده است. آغاز نسخه افتادگی دارد.

این نسخه تنها رسالهی اول «رسایل الاعجاز» را شامل میباشد.

میکروفیلم همین نسخه در کتابخانهی مرکزی آستان قدس رضوی، در مشهد محفوظ است.

۳. نسخههای خطی محفوظ در کتابخانهی مرکزی دانشگاه تهران اینهایند:

۳,۱. میکروفیلم شمارهی ف-۱۵۸۳ از نسخهی خطی ش ۳۲۸۹ شامل امثالی است که از «اعجاز خسروی» نقل شده است. آغازش چنین است: چشم از روی دوستان روشن شود، نه از باغ و بوستان...

این میکروفیلم از پنج صفحه عبارت است، صفحههای چهارم و پنجم شمارهگذاری شده است و از آن بالا تنها دو صحیفهی دیگر هست. نسخهی اصل تنها از چهار صفحه عبارت است.

۳,۲. نسخهی خطی شماره ی ۲۲۸۹ اصل از میکروفیلم بالا بوده، شامل مثلهای برگزیده از «مجمع الامثال» اثر محمد علی حبلرودی، بیتهایی از «دیوان» صائب، «فرهنگ رشیدی» و «اعجاز خسروی» میباشد. آغاز امثالی، که برگزیدهای از «اعجاز خسروی» است، مانند به آغاز میکروفیلم و انجامش چنین است: جوهری، که آب مروارید از چشمش فرود آمده باشد، آب مروارید کی بیند؟!

۳,۳. فتکپی مجموعهی «رسایل الاعجاز» که ظاهراً از روی نسخهی پاریس (S.P.II 89) عکّاسی شده است. بعضی از صفحهها روشن و خوانا و بعضی دیگر، بویژه صفحهی اول، ناخوانا است. قسمت یکم صفحات ۱-۸۴، قسمت دوم صفحات ۸۵-۱۶۵ و قسمت سوم صفحات ۱۶۶-۲۴۵ را در بر میگیرد.

این فتکپی در کتابخانهی مرکزی دانشگاه تهران محفوظ بوده، ما نیز از روی آن نسخهای را در دست داریم، که آن شامل رسالههای یکم و سوم و پنجم میباشد: رسالهی یکم از ۸۹ ورق عبارت بوده، به نسخهی کتابخانهی ملی جمهوری اسلامی ایران که بعداً از آن نیز یاد خواهیم کرد، خیلی شباهت دارد؛ رسالهی سوم از ۵۴ ورق و نصف ورق ۵۵ ترکیب یافته است؛ رسالهی پنجم از نصف دوم ورق آخر رسالهی سوم آغاز گردیده و در ۸۹ ورق دیگر ادامه یافته است. متن هر سه رساله کامل میباشد. هنگام تهیهی متن، این نسخه، بنا بر موجود بودن در کتابخانهی مرکزی دانشگاه تهران، با نشانهی قراردادی ДТ اشاره گردیده است.

۴. نسخهی کتابخانهی مجلس شورای اسلامی، تحت شمارهی ۱۳۸۰۲، به گونه ذیل معرفی شده است: «رسایل. «اعجاز خسروی»» از امیر خسرو دهلوی (۷۲۵-۷۲۸ ق.)، پنج رساله است در نامهنگاری و دستورات و آداب آن و هر یک در چند فصل با عنوان «خط»، اسامی رسایل چنین است... نسخهی حاضر رسالهی سوم را شامل است، مشتمل در دو خط...». آغاز و انجام نسخه هم ذکر شده است. تاریخ کتابت نسخه معلوم نیست.

این نسخه را ما در دست داریم، آن تنها شامل رسالهی سوم نبوده، بلکه فراگیر رسالههای سوم و چهارم و پنجم هم میباشد: از ورق ۱ تا نصف ۸، یعنی در ۳۱ صفحه رسالهی سوّم آمده است، که کامل نمیباشد؛ از نصف، ورق ۸ تا ۱۰۶ رسالهی چهارم آمده است، که آغاز آن از آخر خط اول رساله شروع میشود؛ از ورق ۱۰۶ تا ۱۶۱ رسالهی پنجم ثبت گردیده است، که کامل میباشد.

در تهیهی متن این نسخه با نشانهی قراردادی МИ اشاره شده است.

۵. یک نسخه از «اعجاز خسروی» در کتابخانهی ملی ایران تحت شمارهی ۴۶۴۸ نگهداری میشود. مشخصات این نسخه به طور ذیل است: ۹۰ ورق، ۱۵ سطر، اندازهی سطرها ۱۹×۸۵، قطع ۲۶×۱۶۰، نوع کاغذ: اصفهانی نخودی، با خط نستعلیق، دو صفحهی اول زرحلکاری، عنوانها با رنگ سرخ مشخص شدهاند.

امیر خسرو دهلوی

# رسایل الاعجاز

معروف به

# اعجاز خسروی

بر اساس چهار نسخه

با مقدمه، تصحیح متن و شرح لغات و ترکیبات

پروفسور مصباح‌الدین نذری‌قل

زیر نظر

اکدیمک ممدشا الالاف

پروفسور خدایی شریف‌زاده

دوشنبه

۲۰۱۳

امیر خسرو دهلوی

# رسایل الاعجاز